# ХУТБАҲОИ ҶУМЪА

Чопи аввал
1428 ҳиҷрӣ

## Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

# Пешгуфтор

Ҳамд барои Худованд, танҳо ӯро ҳамд мегӯем ва аз ӯ ёрию ҳидоят металабем, аз бадиҳои нафси худ ва корҳои бади худ ба ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Худованд ҳидоят карда бошад, ӯро дигар касе гумроҳ карда наметавонад ва ҳар киро гумроҳ карда бошад, ҳиҷ кас ҳидояташ натавон кард. Ман гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуде ҷуз Худованд нест, ӯст танҳои бешарик ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Худованд ӯро дар охири замон фиристод, то бандагонро мужда ва тарс бидиҳад, тибқи дастури Худо даъват намояд ва дар роҳи ҳидоят чун чароғи равшан бошад. Вай рисолаташро анҷом дод, амонатро расонид, умматонро насиҳатҳо намуд ва дар роҳи Худо то охирин лаҳзаи ҳаёташ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дод. Дуруд бар оли поку тоҳир, асҳобаш ва ба он касоне, ки бо роҳи онҳо рафтанду даъваташонро то рӯзи қиёмат идома доданд.

Аммо баъд, масҷид хонаи Худо аст, дар он номи Худоро ёд мекунанду ӯро мепарастанд. Масҷидҳо беҳтарин пораи замин буда, манораи ҳидоят ва парчами баланди динанд. Маҷлиси панд, меҳроби ибодат, манораи илму маърифт ва омӯзиши қавоиди шариатанд масҷидҳо. Метавон масҷидро аввалин муассисае хонд, ки партави илму маърифти Ислом аз онҷо сар афрохтааст. Дар фазилату мартабаи масҷид оёт ва аҳодиси зиёде ворид шуда. Аз ҷумла, омада:

وَأَنَّ ٱلْمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُوا۟ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدًا ﴿١٨﴾

**«Ҳамоно ки масоҷид барои Худованд аст, пас шумо бо ӯ касеро ибодат накунед»** (*Ҷин 18*).

Худованди таоло агарчи молики ҳама чиз аст, вале маҳз масҷидро ба худ нисбат дода, бо ин васила манзалати онро баланд намудаю онро азони худ ҳисобидааст. Пас масҷид моли касе ғайри Худованд нест, чунон ки Худованд моро ба иҷрои ибодат муваззаф сохтааст, набояд онро ба каси дигаре ғайри зоти ӯ равона намоем.

## Фазилати масҷидҳо

Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Намехоҳед шуморо аз чизе огоҳ намоям, ки тавассути он хатоҳои шумо маҳв гашта дараҷоти шумо боло равад?*** *Гуфтанд: бале, эй Расули Худо.* ***Фармуданд: таҳорат намудан бо ҳама сахтиҳо, бисёр қадам задан ба тарафи масҷидҳо ва баъди анҷоми намоз намози дигарро интизор шудан ин аст рибот, ин аст рибот, ин аст рибот»*** (*ривояти имом Муслим*).

Аз ҷумлаи чунин фазилатҳо он ваъдаест, ки Худованд фармудааст: «**Ҳар ки барои Худованд хонае дар дунё бисозад, Худованд барояш хонае дар Ҷаннат хоҳад сохт» (------------)**.

Ҳазрати Усмон разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Ҳарки барои Худо масҷиде бисозад, Худованд барояш дар биҳишт монанди он хонае месозад»*** *(ривояти Тирмизӣ, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

Ҳасани Басрӣ мегӯяд: *«Эй мӯъмин, масҷид аз яке аз ин панҷ фоида холӣ нест. Якум, Худованд гуноҳҳои гузаштаро кафорат мекунад. Дуввум, дар масҷид метавонӣ марди солиҳеро пайдо намоӣ, ки аз барои Худо байни шумо дустӣ ҳосил шавад. Сеюм, бо ҳамсоягон аз наздик шинос шуда, аз аҳволи онҳо ва дигар бечорагону беморон бохабар мешавӣ. Чорум, чашму гӯшат лаҳзае ҳам бошад аз ҳаром дур мешаванд. Панҷум, оятеро мешунавӣ, ки роҳнамоят хоҳад шуд»*

Аҳамият ва фазилати бузург доштани масҷид ин аст, ки чун Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ба Мадина омаданд, корро аввал аз бинои масҷид оғоз намуданд. Ин далели равшан бар он аст, ки ҷамъияти мусалмонон бояд

масҷид дошта бошанд ва ҷойгоҳи баланди масҷид низ аз ин сабаб аст.

Дар ҷомеаҳои мусалмонон масҷид хусусияти умда дорад. Он сарчашмаи нахустин пешрафт барои мусалмонон буд, ки аз он даъвати Ислом оғоз ёфту ҳидояти рабонӣ шурӯъ шуд. Дар манораҳои масҷидҳо садои даъват ба сӯйи имон ва амали солиҳ баланд мешавад, дар минбарҳои он имону амали солиҳ омӯзонда мешавад ва дар замини покаш корҳои накӯ ба анҷом мерасанд. Масҷид меҳварест, ки атрофаш афкору тасаввурот давр мезананд, адабгоҳест, ки дар партави он бузургону родмардоне тарбият меёбанд, ки шамъҳои нуру ҳидоятро бардошта дар шаҳрҳо давр зада, сифати масҷид, таҳорат ва насимашро ба машомҳо мерасонанд. Родмардони аввал, ки парчамдор буда, ҳамеша даъвтаро ба сӯйи бузургӣ лаббайк мегуфтанд, маҳз ҳамонҳо ободкунандагони хонаҳои Худо буданд. Олимону фақиҳону балиғон ва бузургон ҳама хатмкунандагони ҳамин даргоҳанд.

Шайхулислом Аҳмад Бини Абдусалом (раҳ) чунин мегӯяд: *«Масҷидҳо макони ҷамъиятии уммат ва ҷойгоҳи имомон буданд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам масҷиди худро бар асоси тақво бино намуда, ҳамчунин дар он намоз, қироат, зикр, омӯзиши илм, сиёсат, парчамбандӣ, аламбарорӣ таъйини амирон ва шиносондани орифон низ суханрониҳо сурат мегирифт. Мусалмононро ҳар мушкилоти динӣ ё дунявӣ пеш меомад, албатта, дар масҷид ҷамъ меомаданд».*

Аз ин рӯй, метавон хулоса баровард, ки масҷид вазифаҳои зиёдеро бар душ дорад, ки муҳимтарини онҳоро инҷо ёдовар мешавем:

1.Масҷид мадрасаест, ки нафсҳоро тарбияи руҳӣ намуда, бо роҳи истодан дар пешорӯйи Худованд алоқаи бандаро бо офаридагораш мустаҳкам менамояд.

2.Масҷид мадрасаест, ки мусалмонон дар он бо умури динияшон ошноӣ пайдо менамоянд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам асҳоби худро дар масҷид ҳам ислом ва ҳам тамоми чизеро, ки дину дунёи онҳоро дуруст мекард меомӯзонид.

3.Масҷид хонаи маҳкама, фатво, даъват, роҳнамоӣ ва таълими мусалмонон буд.

4.Масҷид хонаи машваратие буд, ки дар он корҳои уммат тибқи таълимоти Қуръон ва суннат ҳаллу фасл мешуд.

## Ҳуқуқи масҷидҳо

Дар ин ҷо барои мо бисёр ба маврид аст, то баъзе аз ҳуқуқҳои масҷидҳоро ёдрас шавем:

1.Масҷиҳо бояд покиза ва хушбӯй бошанд.

2.Танҳо мардуми тоҳир вориди он гарданд.

3.Садо баланд нагардад, то ба намозхонону қориён халал нарасад.

4.Хариду фурӯш дар он ҷой надошта бошад.

5.Масҷид танҳо барои ибодат истифода шавад.

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Чун касеро шунидед, ки дар масҷид мехарад ё мефурӯшад, барояш бигӯед, ки Худованд дар савдоят фоида надиҳад»*** *(ривояти Тирмизӣ, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

6. Дар масҷид ҷустуҷӯи гумшуда ҳаром аст. Дар саҳиҳи Муслим омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудааст: ***«Ҳар киро, ки шунидед дар масҷид гумшудаашро меҷӯяд, ба ӯ бигӯед, ки Худо онро ба ту барнагардонад. Масҷид на барои ин сохта шудааст».***

7.Ҳадҳои шариат дар онҷо анҷом нагирад. Дар масҷид на арақхӯреро, на зониеро дурра мезананд ва на дасти дузде бурида мешавад.

7.Дар зебу зиннат додани он набояд муболаға намуд, балки зиннат додани он бояд бо тариқаи зинда намудани намозхонӣ ва зикру хушӯъ сурат гирад.

8.Ду ракаъат намози таҳияи масҷид ҳамеша хонад шавад, зеро Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Чун яке аз Шумоён вориди масҷид шудед, дар ҷой нашинед, то он ки ду ракаъат таҳияи масҷидро хонед»*** *(ривояти Бухорӣ ва Муслим).*

Чун чанд хутбаи ҷумъа шомили ин китоб аст, муносиб дидем, ки барои мардум ҳукми намози ҷумъа, фазилату хусусиятҳои он ва баъзе одоберо, ки бояд ҳатмӣ риоя шаванд, шарҳ дода, муҳимтарин сифоти хатибро низ баён

намоем ва дар зимни он аҳдоферо, ки бояд хатиб дар пайи ба даст оварданаш бошад, гуфта гузарем.

## Ҳукми намози ҷумъа

Намози ҷумъа воҷиб, балки он аз муҳимтарин фароизи Ислом аст. Фарзияти он бо китобу суннату иҷмоъ собит шудааст. Далелҳои қуръонӣ:

Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَوٰةِ مِن يَوۡمِ ٱلۡجُمُعَةِ فَٱسۡعَوۡاْ إِلَىٰ ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ ٱلۡبَيۡعَۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٩

**«Эй касоне, ки имон овардаед, чун рӯзи ҷумъа ба намоз даъват намоянд, ба сӯйи зикри Худо шитобед ва савдои хешро қатъ намоед, ин барои шумо беҳтар аст агар бидонед (*Ҷумъа 9*).**

Қуртубӣ мегӯяд: *Худованд ҷумъаро барои ҳамаи мусалмонон фарз гардонидааст.* Вай бо ин суханаш ононеро, ки мегӯянд «ҷумъа фарзи кифоя аст», рад мекунад. Ҷумҳури уммат бо далели қавли Худованд бар ин раъянд, ки ҷумъа фарзи айн аст: **«Эй касоне, ки имон овардаед, чун рӯзи ҷумъа ба намоз даъват намоянд, ба сӯйи зикри Худо шитобед»** (---------------).

Далел аз суннат:

Сухани Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам аст, ки фармуданд: ***«Ҷумъа рафтан барои ҳар мусалмони болиғ фарз аст»*** *(ривояти Тирмизӣ, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст)* Боз фармуданд: ***«Мардум аз тарк кардани ҷумъа боз меистанд, ё ин ки Худованд бар дили онҳо мӯҳр мезанад ва бо ҳамин онон аз ҷумлаи ғофилон мешаванд»*** (ривояти Имом Муслим). Имом Нававӣ дар бораи ин ҳадис мегӯяд: *Дар он далел бар он аст, ки ҷумъа фарзи айн аст.* Паёмбар фармудаанд: ***«Ҳар касе, ки се маротиба беузр ҷумъаро тарк намояд, Худованд дар дили ӯ мӯҳр мезанад»*** *(ривояти Нассоӣ, Ибни Моҷа ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

Ба ривояти Ибни Мунзир иҷмоъи уммат бар он аст, ки хондани намози Ҷумъа фарзи айн аст.

## Фазилати рӯзи ҷумъа

Олимон байни худ дар хусуси он ки рӯзи ҷумъа беҳтарин рӯзҳои ҳафта ва рӯзе аст, ки офтоб бар он тофтааст, ихтилофе надоранд. Абуҳарайра разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Худованд рӯзи ҷумъаро аз умматони пешин пинҳон намуда, барои яҳуд рӯзи шанбе ва барои насрониҳо рӯзи якшанберо баргузида буд. Пас Худованд моро овард ва ба рӯзи ҷумъа ҳидоятамон намуд, ки бо ҳамин се рӯз шуданд, яъне ҷумъа, шанбе ва якшанбе. Мо дар дунё охир омада будем, вале дар рӯзи қиёмат аввалин мешавем ва ҳукми мо пеш аз дигарон содир мегардад»*** *(ривояти имом Муслим)*.

## Фазилати касе, ки ба намози ҷумъа меравад

Имом Бухорӣ дар Саҳиҳи худ аз Салмон разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Марде нест, ки рӯзи ҷумъа ғусл намуда, худро ба андозаи иститоаташ пок созад, равғанҳо молад, аз хушбӯйиҳои дар хонааш буда истифода барад, пас баромада байни ду ҷумъа ҷудо накунад ва ба масҷид рафта, он миқдор, ки барояш насиб буд, намоз хонад, пас чун имом ба хутба шурӯъ кард, хомӯш нишаста гӯш диҳад, магар ин ки Худованд гуноҳони ӯро, ки байни ду ҷумъа буданд, мағфират мекунад»***

Авс бини Авси Сақафӣ меғуяд, ки аз Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки мегуфт: ***«Ҳар ки рӯзи ҷумъа худро пок намуда ғусл намояд, барвақт хезад, бармаҳал ба масҷид равад, пиёда рафта савор нашавад, ба имом наздик нишаста гӯш намояд ва ҳеҷ сухан нагӯяд, барои ӯ ба ҳар қадамаш амали яксолаи ӯ бо рӯзаҳои гирифта ва шабзиндадориҳояш навишта мешавад»*** *(ривояти имом Аҳмад, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст)*.

Аз Абуҳурайра разияллоҳу анҳу омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Марде нест, ки рӯзи ҷумъа ғусл намуда худро он миқдор, ки тавонад пок созад ва равғанҳо молида ё аз хушбӯйиҳои хонааш истифода барад,***

***пас баромада байни ду ҷумъа ҷудо накунад, пас он миқдор, ки барояш насиб бошад, намоз хонад, пас чун имом хутба хонад, хомӯш нишинад магар ин ки Худованд гуноҳони ӯро ки байни ду ҷумъа буд, мағфират менамояд»*** *(ривояти имом Аҳмад, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

## Хусусиятҳои рӯзи ҷумъа

Бояд дар назар дошта бошем, ки ин рӯз дорои фазилатҳои зиёде аст, ки бояд мусалмон ба он мутаваҷҷеҳ бошад ва беаҳамиятиро раво набинанд. Аз ҷумлаи чунин хусисиятҳо ин аст:

1.Ин рӯз дорои соатест, ки дар он дуо иҷобат мегардад. Он соатест, ки бандаи мусалмон аз Худованд ҳарчи пурсад, барояш онро медиҳад. Дар саҳиҳайн аз Абуҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Дар рӯзи ҷумъа соатест, ки бандаи мусалмон дар он вақт рост истода намоз хонад ва аз Худованд чизе талаб кунад, барояш онро медиҳад. <u>Ва гуфт бо дасташ онро андак нишон медод</u>»***

2. Хондани сураҳои <u>«Алиф Ломи Танзил»</u> ва «Ҳал ато алал инсон» дар намози бомдод. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ин корро мекард.

Баъзе олимон дар тавзеҳи ин ҳадис чунин гуфтанд: Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам барои он ин ду сураро ҳар рӯзи ҷумъа мехонд, ки ин ду сура воқеаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар ин рӯз рух дода ва ё рух медиҳанд. Ин ду сура дар бораи офариниши Одам, ёди қиёмат, рӯзи ҳашри бандагон қисса мекунанд, ки ин ҳама дар рӯзи ҷумъа сурат мегирад. Дар хондани ин ду сура уммат ҳодисаҳои дар ин рӯз шуда ва ё мешударо ба ёд меорад.

3. Мустаҳаб аст, ки дар рӯзи ҷумъа ҳар чи бештар ба Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам салавот бифиристем. Аз **<u>Авс Бини Авс</u>** ривоят шудааст, ки Паёмбар фармудаанд: ***«Беҳтарин рӯзҳои шумо рӯзи ҷумъа аст, дар ин рӯз Одам офарида шуд ва дар ин рӯз ҷонашро гирифтанд. Дар ин рӯз сӯр дамида мешавад ва соъиқа сурат мегирад. Пас салавотро барои ман бештар фиристед, зеро салаваоти шумо ба ман***

***расонида мешаванд».*** Ҳуззор гуфтанд: «Эй Расули Худо чигуна салавоти мо ба ту расонида мешаванд, дар сурате ки ту пусида шавӣ». Гуфт: ***«Худованди азза ва ҷалла барои замин ҳаром гардонидааст, ки ҷасади паёмбаронро бихӯрад»*** *(ривояти Абудовуд, Насоӣ, Ибни Моҷа, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

Имом Шмсуддин Муҳаммад Бини Абӯбакр мегӯяд: *Расули худо саллалоҳу алайҳи ва саллам сайиди башарият аст, рӯзи ҷумъа сайиди рӯзҳост, дар ин рӯз ба ӯ салавот фиристодан на монанди дигар рӯзҳост.* Боз як ҳикмати дигар дар он аст, ки ҳар баракатеро, ки умматонаш дар дунё ва охират ба даст овардаанд, ин бо заҳмати ӯ саллалоҳу алайҳи ва саллам мебошад. Худованд барои умматони ӯ баракати дунё ва охиратро насиб гардонидааст. Беҳтарин кароматеро, ки онҳо ба даст меоранд, дар ин рӯз сурат мегирад. Маҳз дар ҳамин рӯз аст растохези онҳо. Рӯзи орзу ва умедҳост ҳангоми ба сӯйи қасрҳои Ҷаннат рафтанашон. Ҷумъа иди онҳост дар дунё ва дар ин рӯз Парвардигор дуои онҳоро иҷобат намуда, ҳоҷатҳои онҳоро бароварда мекунад. Дуоҳои онҳо пас гардонида намешаванд. Ин ҳамаро онҳо тавассути он ҳазрат саллалоҳу алайҳи ва саллам шинохтанду ин ҳама неъматҳо ба сабаби ӯ барояшон муяссар шуд. Пас, анҷоми сипосгузорӣ ва адои шукри ӯ саллалоҳу алайҳи ва саллам он аст, ки камтарин ҳаққашро адо намуда, дар ин рӯз ба ӯ бештар салавот фиристем.

Хуб аст агар сураи «Каҳф»-ро дар рӯз ё шаби ҷумъа тиловат намоем. Аз Абусаъди Худрӣ омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Ҳар ки рӯзи ҷумъа сураи «Каҳф»-ро тиловат намояд, Худованд барояш нуреро дар байни ду ҷумъа мебахшад»*** *(Имом Саютӣ онро дар Ҷомиъаш овардааст ва Албонӣ тасҳеҳ гуфтааст).*

## Одоби рӯзи ҷумъа

Баъзе одобҳо ҳастанд, ки бояд риоя шаванд ва ҳамеша иҷро гарданд:

**1.Покизагӣ.** Покиза намудан корест илова бар ғусл. Он дур намудани ҳар чизест, ки дар бадан бӯйи бад дорад ва ё

муҷиби ба бор овардани бӯйи бад аст. Масалан, он мӯйҳое, ки шариат канданашонро амр намудааст. Суннат аст, ки мӯйҳои зери ноф ва зери бағал дур карда шуда, муйлабҳо паст ва нохунҳо кӯтоҳ карда шаванд. Албатта, ин корро лозим нест, ки ҳар ҷумъа анҷом диҳад, балки лозим он аст, ки рӯзи ҷумъа аз назар гузаронад ва бинад чун баланданд, албатта, ислоҳ кунад. Паёмбар аз барчидани мӯй то барчидани дигар то чиҳил рӯз фосила муайян намудааст.

**2.Истифодаи атру равғанӣ.** Истифодаи хушӯбӯйиҳо, агар бошанд, суннат аст. Абдураҳмон Бини Абӯсаиди Худрӣ аз падараш овардааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Бояд ҳар болиғ рӯзи ҷумъа ғусл намуда, дандонҳоро мисвок кунад ва миқдори тавоноияш хушбӯйӣ намояд»*** *(ривояти Имом Муслим).*

Имом Нававӣ мегӯяд: *«Мисвок намудан ва равған молидан суннат аст»*

**3.Истифодаи мисвок.** Ҳадисҳои зиёде ба он далолат мекунанд, ки мисвок намудан дар рӯзи ҷумъа суннат аст. Ҳадиси Абӯсаид, ки дар боло гузашт, ба ҳамин далолат мекунад. Далели дигар ин ҳадисҳои зиёде ҳастанд, ки истифодаи мисвокро барои ҳар як намоз мустаҳаб медонанд.

**4.Ба намози ҷумъа барвақт рафтан.** Барвақтар рафтан ба ҷумъа мустаҳаб аст, зеро Абуҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Ҳар ки рӯзи ҷумъа ба мисли ғусли ҷанобат ғусул намуда ба масҷид равад, гӯё шутуреро қурбонӣ намудааст. Ва ҳар ки дар соати дуюм равад, гӯё говеро қурбонӣ намудааст ва ҳар ки дар соати саввум равад, гӯё гӯсфанде қурбонӣ намудааст ва ҳар ки дар соати чорум равад, гӯё мургеро қурбонӣ намудааст ва ҳар ки дар соати панҷум равад, гӯё тухмеро садақа намудааст, зеро чун имом ҳозир шуд, дигар малоикаҳо нишаста гӯш мекунанд»*** *(ривояти Имом Бухорӣ ва Муслим).*

**5.Пиёда рафтан.** Имом Нававӣ дар шарҳи «Муҳаззаб» гуфтааст: *«Шофиъӣ ва асҳобаш иттифоқ бар онанд, ки оромона ва бо виқору пиёда ба ҷумъа рафтан суннат аст».* Ҷумҳури уламо аз саҳобагону тобиъини баъди онҳобуда бар ин раъянд. Ҳасан мегӯяд: *«Валлоҳ, мақсад пиёда рафтан*

*нест, балки мақсад он аст, ки онҳо ба намоз бояд оромона, бо виқор, бо дили орому нияти пок ва хушӯъи тамом раванд».* Қатода мегӯяд: «*Пиёда рафтан, яъне бо дилу амал аст».*

## Аҳамияти хутбаи ҷумъа

То кунун хутба фаъолтарин василаи интишори даъвати мардум мебошад ва дар расонидани рисолати Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам дар дини Ислом ҷойгоҳи хуберо соҳиб гаштааст. Сирри он дар он аст, ки хутба ба фаҳми мардуми омма мусоидтар аст, ба ҷамъият таъсири назаррасе дорад ва барои дар фикри мардум ҷой намудани фикре натиҷаи мустақим ва фаврӣ медиҳад.

Барои ҳамин бояд тавассути хондани хутбаи ҷумъа барои ба даст овардани ҳадафҳои зерин кӯшиш шавад.

1.Ваъз гуфтан ва насиҳат намудани инсонҳо, то бошад, ки Худо ва рӯзи охиратро бештар ба ёд оваранд. Дар хондани хутба услубе истифода шавад, ки дилҳоро зинда намуда, ба накӯйӣ даъват намояд ва амри маъруфу наҳйи мункар сурат гирад.

2.Мардумро бо таълимоти динашон аз рӯйи китоби Худо ва суннати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ошно намуда, бо иҳтимом ба солим намудани ақида аз ҳама намуд хурофот ва пок сохтани ибодатҳо аз ҳама гуна бидъатҳо ва тоза кардани ахлоқу одоб аз ҳар намуд хурофот ва инҳирофот саъй шавад.

3.Дур кардани ҳама гуна мафҳумҳои нодуруст ва аз байн бурдани шакку нодурустиҳое, ки душманон барои ташвиши зеҳнҳо онҳоро дастак мекунанд. Ин ҳама бо як услуби ҳакимона, қаноатбахш ва орӣ аз ҳама гуна бадгӯйиҳо, дашномҳо ва тасодуми афкори вайронкунанда бо пешниҳоди Исломи ноб сурат гирад.

4.Хутба бояд бо ҳаёт ва воқеияте, ки мардум доранд, иртибот дошта, бемориҳои муҷтамаъеро муолиҷа ва роҳҳои ҳали онҳоро дар партави шариати Исломи соф пешниҳод намояд.

5.Хутба муносибатҳои исломиро монанди Моҳи Рамазон, ҳаҷ, воқеаҳои таърихӣ ва дигар ҳаводиси рӯзмарра

дар мадди назар гирад, то шавқи мардуро бештар ҷалб намуда, барои онҳо роҳро равшан намояд.

6.Мафҳуми бародарӣ ва якпорчагии уммати бузургро мустаҳкам намояд, бар зидди кашмокашӣ, маҳалгароӣ, мазҳабгароиҳо ва дигар чизҳое, ки ба якпорчагии миллат халал мерасонад, мубориза барад ва он чизҳоеро, ки ба фикр ва шуури бародарони мусалмон халал ворид мекунанд, нодида нагирад.

7.Хутба бояд барои тарғиби ҳадафи шахсӣ ва ё таънаи дигарон набошад, балки холис барои Худо, дини ӯ ва эъломи калимаи ӯ бошад. Худованд фармудааст:

وَأَنَّ ٱلۡمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدۡعُواْ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدٗا ﴿١٨﴾

**«Ҳамоно ки масоҷид барои Худованд аст, пас шумо бо ӯ касеро ибодат накунед»** *(Ҷин 18).*

## Сифатҳои хатиби ҷумъа

Дар инҷо чанд сифат оварда шуд, ки бояд дар хатиб дида шаванд. Аз ҷумла:

<u>Ихлос.</u> Хатиб бояд бо хутбаи худ танҳо ризои Парвардигарашро талабгор бошад на мартабаю обрӯю шӯҳратро. Хутбахонӣ ва даъват на танҳо ибодат аст, балки беҳтарин амалест, ки бандаро ба Худованди азза ва ҷалла наздик месозад. Барои ҳамин бояд ду рукни қабул, яъне ихлос ва давомнокӣ дар он дида шавад. Чунончи аз истифодаи калима ва иборaҳое, ки на ба касе таъсир доранд ва на хоберо бедор мекунанду сокинеро ба ҳаракат медароранд, худдорӣ намояд.

<u>Намуна будан.</u> Гуфтаҳои доъӣ агар аз амал холӣ бошанд, барои шунаванда сухани хушку холӣ хоҳанд буд. Чӣ тавр мехоҳем соя рост бошад, дар ҳоле, ки чӯб рост набошад. Он кас, ки худ нур надорад, чӣ гуна метавонад ба дигарон рӯшноӣ бахшад? Аз сабаби он ки нутқи амал аз нутқи забон ҳам таъсирноктар аст, Молик бини Динор фармудааст: *«Чун олим ба илми худ амал накунад, мавъизаи*

*он аз дилҳо мелағжад, ҳамчуноне ки қатра аз болои шиша мелағжад»*.

Илму иттилоъ. Аввалин ва муҳимтарин сифоти хатиб ин доштани илм ва иттилоот аст. Парвардигор илмро пеш аз амал овардааст:

فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لِذَنۢبِكَ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۗ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مُتَقَلَّبَكُمۡ وَمَثۡوَىٰكُمۡ ﴿١٩﴾

**«Пас даниста бош, ки ҳеҷ маъбуде ғайри Худованд нест ва барои гуноҳони хеш (аз ӯ) омӯрзиш бихоҳ»** *(Муҳаммад 19)*.

Дар ҷои дигар илмро басират хонда, онро барои пайравӣ намудани роҳи Паёмбараш шарт гардонидааст: **«Бигӯ ин роҳи ман аст ба сӯйи Парвардигор, бо маърифат даъват мекунам ман ҳар ки маро пайравӣ намудааст»** *(Юсуф 108)*

Хатиб мураббӣ, муаллим ва ҳам роҳнамост. Агар дорои илму иттилоот набошад, зарари он аз фоидааш бештар аст, балки метавон гуфт, ки аз ӯ фоидае нест.

Расогии ақл. Ин сифат барои хатибон хело зарур аст. Тавассути он метавонад баҳсҳои мураказу мулоҳизаҳои дақиқ ва натиҷагирии дуруст дошта, санҷиши байни ашёро даниста, бо табиати чизҳо, шахсҳо ва ҳодисаҳо ошноӣ ҳосил намояд.

Баландҳимматӣ. Хатиб бояд ҳиммати хело баланд дошта ба ҳама корҳои пасту ночиз эътибор надиҳад ва ба ғайр аз он ҳадафи олие, ки қасд намудааст, дигар ҳама чиз дар назараш ночиз намоён бошад.

Боэҳсос будан. Чун хатиб отифадори зиндаи эҳсоси нармдилӣ ва дилсӯзӣ набошад, калимаҳои мурдаи беруҳу беҷони аз даҳонаш баромада ба садои нолагари кироӣ монанд аст. Эҳсос барои хатиб монанди ҷон барои тан аст. Вале бояд эҳсос ҳам аз рӯи ақли расо ва маслиҳати дуруст сурат гирифта бо аҳкоми шариати зебо мувофиқ бошад.

Кушодазабонӣ. Забон барои ҳар хатиб силоҳи аввалиндараҷа аст ва кушодагии он сифати асосӣ ва муассири он буда, ба он эҳтиёҷи зиёд дорад.

Худэътимодӣ. Хатиб бояд ҳамеша нафсияти ором ва ба худ эътимод дошта безобита нагардад. Зеро агар шунавандагон нотавонӣ ва нобоварияшро эҳсос намоянд, дар назари онҳо кӯчак намудор шуда суханони ӯро нодида мегиранд.

Баландовозию хушовозӣ. Ин сифта барои хатиб хеле зарур аст, то имкон ёбад шунавандагонро зери назорат гирифта эҳтимоми онҳоро ба худ ҷалб намояд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам чун хутба меронд чашмонаш сурх мегашт ва садояш баланд шуда чунон бо ғазаб меомад, ки гӯё лашкареро тарс медиҳад, ки субҳ ё бегоҳ ирдаи ҳуҷум кардан дорад.

Хушандомӣ. Хатиб ҳамеша дар чашми мардум намоён аст ва манзар ҳам монади сухан дар дилҳо таъсир мерасонад. Бояд хатиб пеш аз хутба омодагии худро бинад, худро поку покиза намуда равғану хушбӯйӣ карда сару либосашро аҳамият диҳад. Ин ҳама тибқи дастуроти Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам аст.

**Илмҳое, ки барои ҳар хатиб зарур ва муҳим аст иборатанд аз:**

Қуръон. Қуръон сарчашмаи даромад ва раъсулмоли хатиб ба шумор меравад. Хатиб доъӣ ба сӯйи Худованд аст ва имкон надорад, ки мардумро берун аз китобу суннат ҳидоят намояд, омӯзонад ва роҳнамоӣ кунад. Он касе, ки Қуръонро пурра ҳифз намудааст, барои мавзӯи баррасишаванда аз он пайдо намудани далелҳо барояш осон даст медиҳад. Инчунин бояд сухани олимонро дар тафсири оятҳои Қуръон дониста бошад ва қавли саҳиҳ ва фосидро аз ҳам ҷудо намояд, аз исроилиёту ғайри исроилиёт бохабар бошад. Хатиб бояд эҳтиёт намояд, ки мабодо оятеро дар ғайри макеаш истифода намояд ё ба назарияҳои илмӣ ва иктишофоти замонавӣ ё ба воқеаҳои замонӣ ва маконие пайравӣ намояд, ки онҳо ба дини Худо мухолифат намоянд.

Ҳадис. Суннат ва ё ҳадис ин гуфтаҳо, кардаҳо, муқарарот, авсоф ва сирати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва

салламро гӯянд. Бояд бар он аҳамият диҳем, ки хутба аз ҳадисҳои заиф ва мавзӯъ холӣ бошад. Зеро ҳадисҳои саҳиҳ хело зиёд буда, ба аҳодиси заъиф ҳеҷ эҳтиёҷе нест.

Ақида. Мақсад он аст, ки хатиб бо ақидаи дурусти салафи солиҳ ва аҳли суннат ва ҷамоат ошно бошад. Вақто хатиб бо ин ошноӣ надошта бошад, имкон дорад бо шуҷоати бемаънии худ ва бо ҳамосаи кӯркӯронааш ботилро ёрӣ дода, қадри онро баланд намояд дар ҳоле, ки гумон мекунад ӯ кори хубе карда истодаат.

Маҳорат. Мақсад аз он илмест, ки аз Қуръону ҳадис гуфтору кирдори салафи солиҳ сарчашма гирифта, аз хатоҳо ва роҳҳои баъзе фирқаҳои мунҳарифшуда дур бошад. Хатиб ҳамеша эҳтиёҷ ба чизе дорад, ки шуури мардумро дар ҳаракат дароварда, эҳсости ононро дар ҳаяҷон гузорад, зеро ӯ бо ин амал метавонад мардумро ба амал кардан тавҷеҳ намуда, дарди ононро даво бахшида, аз бало раҳояшон созад.

Таърих. Омӯхтани таърих чашми хатибро боз менамояд ва ба аҳволи умматҳои собиқ ва рафтори мардони он даврон ошно месозад.Тавассути таърих ӯ бо суннатҳои Худованд дар ҷаҳони мозӣ ошно гардида, аз оқибати ҳоли уммат, ҷамъият ва маданиятҳои гузашта бохабар гардида, сабабҳои пирузӣ ё шикасти даъватҳоро меомӯзад. Таърих оинаи равшанест, ки дар он оқибати имону тақво ва ниҳояти куфру фуҷур инъикос меёбад. Таърих аст шоҳиди ҳақиқӣ бар даъвати паёмбарону пайравонашон. Хатибону доиён чун таърихро хуб омӯхта аз он истифода баранд, ин барои собит сохтани маъно ва арзишҳои динӣ кӯмак мерасонад, ба хоса, дар ҳоле, ки дар шароити ҳаммонандӣ қарор гирифта бошад.

Равияҳо. Ошноӣ бо воқеияти динҳои муосир, равияҳои гуногун ва аз инҳирофоту хатоҳои онон бохабар будан корест басо муҳим. Бидуни шак, ин кор барои ҳифзи уммат ва дур кардани шубаҳаҳои барангехтаи дигар қавм ва пайкони ҳавододаашонро бар сари худи онҳо задан кори басо муҳим аст.

## Омили асосии таълифи ин китоб

Тавҷеҳи ин китоб асосан барои кишварҳоест, ки мусалмонон дар он ақаллиятанд ва забонашон арабӣ нест. Бинобар ин, зарурат пеш омад, то он ба чандин забонҳо тарҷума гардад.

Хутбахонии ин мардум монанди хутбахонии мусалмонони дигар кишварҳо нест. Бисёре аз инҳо танҳо бо ном Исломро мешиносанд. Барои ҳамин зарур аст ин ҳолатро ба назар гирифта, барояшон корҳои муҳим ва заруроти дин пешкаш гардад. Бар ақида, одобҳои исломӣ ва дигар хусусиятҳои ин дин эҳтимом дода, онҳоро фаҳмонид, ки чи гуна ин дин соддаю осон буда, дар аксари аҳкому аркони он миёнаравӣ ва осонӣ пеш гирифта шудааст. Инчунин бояд барояшон аркон, воҷибот ва шурути ибодатҳо бидуни фурӯ рафтан дар масоили ихтилофотӣ омӯзонида шавад. Дар ин самт пайравӣ аз далоили роҷеҳ намуда, ин ҳамаро бо ҳикмат ва мавъизаи ҳасана барояшон баён намоем. Зеро баъзе мардум дар маданиятҳои капиталистии ғарб ва ё сотсиалистии комунистон чунон фурӯ рафтаанд, ки чун аз маданият ва низоми исломӣ барояшон ҳарф занем, онро мавриди назарсанҷиҳо ва интиқодот қарор медиҳанд. Ин кор ҳам боиси он мегардад, ки ҳарчи бештар бо илму ҳикмат, маданияту пӯхтагӣ, боақлона тадбир намуда, маслиҳатҳои муфид барояшон ироа шавад, **<u>авлавиёт</u>** дар назар гирифта шуда, аз ҳама ихтилофоту парокандагӣ дуррӣ биҷӯем.

Аз сабаби он ки муассисаи «**Вақф**» боварии комил дорад, ки бояд вазифаи масҷидҳо аз нав ба роҳ монда шаванд ва масҷидаст, ки рисолати тарбияи насли миллатпарварро бар душ дорад, қадри он баланд бардошта шавад. Фаъолияти онро барои миллат мувофиқи нишондоди Худованд ва роҳи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ба роҳ монем. Аз сабаби он ки мо имони комил дорем, ки пирузӣ ва комёбӣ дар ҳама самтҳо ва тамоми мартабаҳо танҳо бо бозгашт ба ин дини ҳаниф ва миллати наҷиб тибқи дастуроти Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам сурат мегирад, «**Вақф**» маҷмӯи хутбаҳоеро омода сохтааст, ки он муҳимтарин улуми зарурия, услубҳои

ибодатӣ ва муомилоти дурустро барои ҳар фарди мусалмон дар бар мегирад .

## Равиши ҷамъоварӣ ва нақшаи корӣ

Хутбаҳоро аз китобҳои дар поён зикршуда фароҳам овардем. Баъди фароҳамоварӣ мо аз байни онҳо чанд хутбаро ихтиёр намудем, ки барои мусалмонон муносиб бошанд ва ҳадафҳои умумии гузаштаю имрӯзро дар бар гиранд. Барои ҳамин, баъзе фақраҳоро ҳазф кардем зеро он ё муносиби табиати иҷтимоӣ ва зиндаги кунунӣ набуд ва ё дар дигар хутба аллакай зикр ёфта буд.

1. Хутбаҳои шайхи бузургвор марҳум Муҳаммад Бини Солиҳи Усаймин.
2. Хутбаҳои шайхи бузургвор марҳум Абдуллоҳ Бини Абдуллоҳ Бини Ҳумайд.
3. Хутбаҳои шайхи бузургвор марҳум Абдуллоҳ Бини Қуъуд.
4. Хутбаҳои шайхи бузургвор марҳум Абдулғанӣ Хайёт.
5. Хутбаҳои шайхи бузургвор Солиҳ Бини Абдуллоҳ Бини Ҳумайд
6. Хутбаҳои шайхи бузургвор Солиҳ Бини Фазон Алфавзон.
7. Хутбаҳои шайхи бузургвор Абдуллоҳ Бини Солиҳ Алқусайр.
8. Хутбаҳои шайхи бузургвор Сулаймон Бини Ҳамад ал Авда.
9. Хутбаҳои шайхи бузургвор Носир Бини Муҳаммад Алғомидӣ.
10. Хутбаҳои шайхи бузургвор Абдуллоҳ Бини Сулаймон Алмарзуқ.

Даро баъзе ҳолатҳо ба сабаби кӯтоҳ будан ва ё мавзӯъро пурра бозгӯ нанамудан мо ду хутбаро якто ва муфассал кардем. Баъзе фақраҳо ҳастанд, ки аз тарафи комиссияи илмии чопи ин китоб илова шуданд, то мавзӯъ пурра ва

комил гардад. Ин комиссия инчунин ҳадисҳоро ихроҷ намуд ва ҳукми аҳли илмро дар бораи ин аҳодис баён кард. Дар ин китоб ҳеҷ ҳадисе наоварда шудааст, ки он ба заиф ё мавзӯӣ ва ё **накира** будан маҳкум шуда бошад. Барои ҳамин, баъзе ҳадисҳои дар хутбаҳо омадаро, ки назди олимон заиф буданд, ба дигар ҳадиси саҳиҳ ё ҳасан, ки мақсадро ҳосил менамоянд, табдил додем. Илова бар ин, сухани баъзе олимону мафассирону муҳаддисон низ оварда шудааст. Мақсад аз ин кор фоидаи моддӣ набуда, ҳадаф танҳо барои хатибон фаровон сохтани мавод аст, то онҳо дар адои вазифаашон аз он истифода баранд.

Ин аст ончи барои мо дар гирдовардани ин китоб муяссар гашт. Агар дар он ҳақ ва дурустие бошад, танҳо аз ҷониби Худованд аст ва агар каҷӣ ва хатогие бошад, албатта, қасдан сурат нагирифтааст ва бинобар ин аз Худованд омурзиш талаб менамоям.

# ПАЙРАВ БОШЕД, НА БИДЪАТКОР

## Хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд. Динро барои мо комил ва неъматҳояшро бартамом намуд. Бароямон Исломро дод. Ӯро ба покӣ ёдовар шуда ҳамду шукр мегӯям. Қуръонро чун нури равшан нозил карда, тавассути он ҳар киро бихоҳад, ба роҳи рост ҳидоят намуда аз тирагӣ ба рушноӣ мебарад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди танҳо ва бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Бо ҳидояту дини ҳақ ӯро барои мо фиристод. Ӯ рисолаташро анҷом дода, амонаташро ба умматаш расонида, ӯро насиҳат намуд ва моро бо далели қотиъу бурҳоне гузошт, ки шабаш чун рӯз аст ва аз он роҳ танҳо ҳалокёфтагон дуррӣ меҷӯянд. Салавоту саломи Худованд бар ӯ ва олу асҳобаш то рӯзи қиёмат ва ҳамчунин бар тамоми ононе, ки ба накуӣ пайравияш карда, бо роҳи ӯ рафтанд ва суннаташро пайравӣ намуданд.

Аммо баъд, эй мӯъминон, шумо тарси Худоро дар дил дошта бошед ва ба Ислом сахт чанг занед, суннати Паёмбаратонро маҳкам доред ва худро аз корҳои навпайдошуда дур намоед. Ҳар кори нав бидъату залолат аст ва ҳар пайрави залолат дар оташ аст.

Эй мӯъминон, Худованд ин динашро комил сохтааст ва онро мавриди ризои худ қарор дода, пурраю комилаш намудааст. Ҳамчунин китоби худ ва суннати Паёмбарашро низ комил сохтаат. Дар роҳи ҳидоят на суханеро тарк намудааст ва на роҳеро. Ҳар ки ба ин ду чанг занад, гӯё ба чизи мустаҳкаме чанг зада аст, ки ҳам дар дунё ва ҳам дар охират комёбаш хоҳад кард. Худованди мутаъол фармудааст: «**Имрӯз бароятон динатонро пурра гардонида, неъматамро бар шумо бартамом намуда, бароятон Исломро чун дин пазируфтам**» *(Моида 3)*.

Боз Худованд фармудааст:

وَأَنَّ هَٰذَا صِرَٰطِي مُسْتَقِيمًا فَٱتَّبِعُوهُ ۖ وَلَا تَتَّبِعُواْ ٱلسُّبُلَ فَتَفَرَّقَ بِكُمْ عَن سَبِيلِهِۦ ۚ ذَٰلِكُمْ وَصَّىٰكُم بِهِۦ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿١٥٣﴾

«**Ва дар ҳақиқат, ин роҳи рости ман аст пас шумо аз он пайравӣ намоед ва дигар роҳҳоро пайравӣ накунед, ки аз роҳи Худо дур мешавед. Ин аст ончи Худованд шуморо ба он ваисят мекунад, шояд шумо парҳезгор шавед**» *(Анъом 153)*.

Табаронӣ бо исноди саҳиҳаш ривоят мекунад, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Ман тарк накардаам чизеро, ки шуморо ба Худо наздик мекунад магар шуморо ба караданаш амр намудаам ва нагузоштам чизеро ки шуморо аз Худо дур месозад магар шуморо аз он наҳӣ кардаам»***.

Тамоми ибодати обидон бояд дар амру наҳӣ зери ҳукми шариат буда, бо равиши он равону бо роҳаш мувофиқ бошад ва ғайри ин ҳама аз соҳиби он номақбул аст. Паёмбари Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: ***«Ҳар ки кореро анҷом диҳад, ки дастури мо бар он наомада бошад, он мардуд аст ва он ки дар дастуроти мо чизеро илова намояд, ки аз он нест, ӯ мардуд аст»***. Бо ин услуб хабари саҳиҳ аз содиқи масдуқ саллалоҳу алайҳи ва саллам омадааст.

Умар Бини Абдулазиз (раҳ) дар Сунани Рошидия гуфтааст: «*Расули Худо ва* ***улуламрони*** *баъдии ӯ суннатҳоеро гуфтаанд, ки қабули он тасдиқи Қуръон, риояи тоати Худо ва қуввати дини илоҳӣ буда, касе ҳаққи тағйири он ва ё гирфтани фикри мухолифи онро надорад. Касе онро қабул намояд, роҳёфта ва он, ки ба он мухолифат варзад, ғайри роҳи мӯъминонро ҷӯстааст. Худованд ӯро сарсон намуда, вориди ҷаҳаннам менамояд, ки бад ҷоест онҷо*»

Эй мӯъминон, дар роҳи ғайри мӯъминон кашмакашиҳою ҳавасҳои дур аз ҳақиқат, пора кардани асои тоат ва дурӣ аз ҷамоат аст. Худованд фармудааст: «**Ҳар ки ғайри роҳи мӯъминонро пеша гирад, аз ӯ рӯй мегардонем, то он замоне, ки ӯ рӯй мегардонад (аз он) ва ӯро дохили ҷаҳаннам мекунам ва чи бад ҷоест (он)**» *(Нисо 115)*.

Шариат барои ибодатҳо ва таклифоташ иборат аз замону макон, чигунагӣ ва адад, фармону наҳӣ, мутлақу муқаяд, ваъда ва ваъид роҳҳои махсус ва услуби хосаеро

муайян намудааст. Ҳамчунин хабар додаст, ки хайр маҳз дар он аст ва шар дар таҷовузи он. Худованд фармудааст: «**Набард бароятон фарз шудааст дар ҳоле, ки онро бад мебинед. Шояд шумо чизеро бад бинед, ки он бароятон беҳтар бошад. Ва шояд чизеро нағз бинед, дар ҳоле ки бароятон он бад бошад. Худованд медонад, шумо намедонед**» *(Бақара 216).*

Расулон бо раҳмати Худованд ба сӯйи мардум фиристода шудаанд. Онҳо аз ҷониби Парвардигор расонандаю барои шариати ӯ намояндаанд ва онҳо дар роҳи ростанд. Ҳар касе гумон дошта бошад, ки роҳи дигаре низ ҳаст, ки ба Худо мерасонад ва ё Худовандро бо таври ақли худ парастад, гуё дар комил будани ин дин шак карда бошад ва ба ончи Муҳаммади Мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам овардааст, мухолафат намудааст. Чунин намояд, ки гуё ӯ камбудиҳои шариатро ислоҳ карда бошад, дар ҳоле ки Худованд фармудааст:

وَمَا نُرْسِلُ ٱلْمُرْسَلِينَ إِلَّا مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ ۖ فَمَنْ ءَامَنَ وَأَصْلَحَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٤٨﴾

«**Мо дар ин дин чизеро тарк накардем**» *(Анъом 48).*

Ибни Моҷа мегӯяд: *Ман аз Молик (раҳ.) шунидам, ки ҳар касе дар дини Ислом бидъатеро эҷод намояд ва гумон барад, ки он ҳасана аст, гӯё ақида дорад, ки Муҳаммад дар адои рисолаташ хиёнат карда аст,* зеро Худованд фармуда: «**Имрӯз барои шумо динатонро комил намудам**» *(Моида 2).*

Он чизе, ки он рӯз аз дин набуд, имрӯз ҳам аз дин нест. Навоварӣ дар дин ва ҷустуҷӯи тариқаҳои мухолиф ва зидди он маҳз пайравии ҳаво аст. Дар инҷо танҳо ду роҳ вуҷуд дорад: яке роҳи шариат дигаре роҳи бидъат. Худованди азза ва ҷалла фамудааст: «**Агар онҳо туро қабул надоранд, дониста бош ки онҳо пайрави ҳавои худанд. Кист гумроҳтар аз оне, ки бидуни ҳидояти Худованд пайравӣ аз ҳавои худ намудааст. Албатта, Худованд қавми золимро ҳидоят нахоҳад кард**» *(Қасас 50).*

Ин ояти карима ҳукмро дар ду чиз <u>ҳаср</u> намудааст, ки сеюм надорад: ё Мустафоро пайравӣ мекунӣ ва ё ҳаворо.

Ҳарҷо ки бадъатест, албатта, онҷо ҳаво рахна кардааст. Зеро бидъат аз хоҳишоту сохтаи мухтариъи фард буда, бо ҳавою хоҳишоти нафсаш равон аст. Ва ҳаргиз пайравӣ аз шариату аҳком ва ҳуҷҷатҳои он нест. Аз ин рӯй, гоҳо соҳиби бидъат чунон менамояд, ки гуё дар амалу ибодатҳояш хело мекӯшад, вале ин танҳо барои он аст, ки он шахс дар чунин амалу ибодот ё осониро ва ё оромии хотирро ҳис мекунад, зеро ин бо ҳаво ва ҳавасаш мутобиқ аст. Роҳибони насронӣ низ ноҳаққона дар дайру ибодатхонаҳо замони зиёдеро мегузаронанд. Худованди мутаол фармудааст: <u>**«Рӯйҳое дар он рӯз тарсида аст ва сер амалу рост истодаанд»**</u> *(Ғошия 2-3).*

Дар ҷои дигар фармудааст: «**Бигӯ, оё шуморо огоҳ созам ба ҳоли касоне, ки аз рӯйи амал зиёндидатаранд? Ононе, ки кӯшишашон дар ҳаёти дунё бекор шудааст, дар ҳоле ки онон гумон мекунанд, ки кори накӯе карда бошанд**» *(Каҳф 103-104).*

Боз фармудааст:

أَفَمَن زُيِّنَ لَهُۥ سُوٓءُ عَمَلِهِۦ فَرَءَاهُ حَسَنًاۖ فَإِنَّ ٱللَّهَ يُضِلُّ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِي مَن يَشَآءُۖ فَلَا تَذۡهَبۡ نَفۡسُكَ عَلَيۡهِمۡ حَسَرَٰتٍۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمُۢ بِمَا يَصۡنَعُونَ ﴿٨﴾

<u>**«Оё он касе, ки барояш аъмоли ӯ зиннат дода шудааст ва онро хуб мепиндорад, пас Худованд ҳаркиро ки хоҳад гумроҳ месозад ва ҳаркиро хоҳад ҳидоят менамояд. Пас ту худ ба ҳоли онҳо ҳасрат нахӯр, албатта, Худованд ба ончи мекунед доност»**</u> *(Фотир 8).*

Дар суннат миёнравӣ аз кӯшиши зиёде дар бидъат будан беҳтар аст.

Эй мӯъминон, бо сабаби бидъату бидъаткорон муноқишаҳои ноҳақу нохуб сурат мегирад ва ин боиси хусмат дар дин мешавад. Худованд фармудааст: «**Ва шумо монанди ононе набошед, ки пароканда шуда ихтилоф**

**варзиданд баъди он ки барояшон ҳуҷҷатҳо омад ва онҳоянд барояшон азоби бузург»** *(Оли Имрон 105).* Қатода разияллоҳу анҳу мегӯяд мурод аз онҳо аҳли бидъат аст.

Баъзе олимон гуфтаанд: *Ҳарчизе, ки дар Ислом нав пайдо шавад ва мардум дар он ихтилоф дошта бошанд, вале ин ихтилоф сабаби душманӣ, кинаварзӣ ва ҷудоӣ нагардад, он аз масоили Ислом аст. Ва ҳар масъала ки пайдо шаваду сабаби адовату бугзу кинаву ҷудоӣ гардад, ҳаргиз аз умумри дин нест.*

Бидъаткорон пайрави оёти муташобиҳ шуда, дар таъвили он заҳматҳо мекашанд. Ҳатто баъзе муфассирон дар бораи ояти «**Пас, аммо касоне, ки дар дили онҳо сиёҳист, пайравӣ мекунанд он оётеро, ки муташобиҳ аст**» *(Оли Имрон 7),* гуфтаанд, ки аҳли бидъат дар назар аст.

Вақто аҳли таҳким ба ҳазрати Алӣ разияллоҳу анҳу гуфтанд:

قُلْ إِنِّى عَلَىٰ بَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّى وَكَذَّبْتُم بِهِۦ ۚ مَا عِندِى مَا تَسْتَعْجِلُونَ بِهِۦٓ ۚ إِنِ ٱلْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ ۖ يَقُصُّ ٱلْحَقَّ ۖ وَهُوَ خَيْرُ ٱلْفَٰصِلِينَ ﴿٥٧﴾

«**Танҳо ҳукм барои Худованд аст**» *(Анъом 57),* гуфт, ки каломи ҳақ аст, вале мақсад ботил аст.

Дар асар омадааст, ки ҳарҷо бидъат зинда шавад, онҷо суннате мемирад.

Эй мӯъмион, шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки дар зуҳури бидъат ҳалоки суннат аст. Некбахт касест, ки суннатро мустаҳкам мегирад ва онро зинда намуда мардумро ба сӯйи он мехонаду худ ба он сабр варзида, ҳудуди муайянкардаи Худоро таҷовуз намекунад, ба ворид кардани ончи Худованд нафармуда ва Паёмбараш наёварда аст ва ҳамчунин дар суннати хулафои рошидин низ он дида нашудааст, саъй намекунад.

Умар бини Абдулазиз ба Адӣ Бини Артот дар хусуси баъзе қадарияҳо номае ба ин мазмун нвишт: «*Туро ба тарси*

*Худо ва миёнаравӣ дар корҳо ва пайравӣ аз суннати Паёмбараш ва тарки ончи навоварон ба ҷои суннат эҷод крадаанд, васият мекунам. Ҳамеша суннатро ба худ лозим бигир. Суннатро касе эҷод намудааст, ки медонад ки он бар хилофи хатогӣ, аҳмақӣ, лагжиш ва иштибоҳ аст. Пас барои худ қабул намо ончиро ки мардум барои Худо ба худ раво дидаанд. Зеро онҳо бо фазли Худо дар ин кор бештар санҷишҳо намудаанд, онҳоянд* *<u>собиқин.</u>* *Суханоне гуфтаанд басанда ва васфҳое намуданд шифобахш. Камтар шудан аз онҳо муқассир аст ва бештар шудан гирифтори ҳасрат. Дигарон тақсир намуданду дар чоҳ афтиданд ва дигароне бештар карданду дар ифрот рафтанд, вале онҳо миёнаравӣ намуда роҳи ростро дарёфтанд*»

Паноҳ мебарам ба Худованд аз шарри шайтони раҷим.

۞ وَمَن يَقْنُتْ مِنكُنَّ لِلَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتَعْمَلْ صَٰلِحًا نُّؤْتِهَآ أَجْرَهَا مَرَّتَيْنِ وَأَعْتَدْنَا لَهَا رِزْقًا كَرِيمًا ﴿٣١﴾

**«Ҳеҷ мард ё зани мӯъмине ҳақ надорад чун Худо ва Расули ӯ кореро дастур доданд ихтиёре дошта бошад. Он ки Худо ва расули ӯро исён мекунад, ошкоро ба гумроҳӣ рафтааст»** *(Аҳзоб 31).*

Ончиро шунидед ман гуфтам ва аз Худованд омурзиш мехоҳам шумо низ аз ӯ омурзиш бихоҳед, зеро ӯст омурзандаи меҳрубон.

# ПАЙРАВ БОШЕД НА БИДЪАТКОР

## Хутбаи дуввум

Ҳамд барои Худованд. Дар оғозу анҷом ҳамд мар ӯрост. Дар баробари неъматҳои ошкору ниҳонаш ӯро ҳумду шукр мегӯям. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди танҳои бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Бо иҷозати Парвардигораш дилҳои ҳайронро роҳнамоӣ намуд. Салаватоу салому баракоти Худо бар ӯ ва олу асҳобаш, ситорагони шабу моҳи дурахшон. Ва бар ононе, ки то рӯзи қиёмат бо накуӣ пайравӣ аз ӯ менамоянд.

Аммо баъд, эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки беҳтарин сухан каломи Худост ва беҳтарин ҳидоят ҳидояти Муҳаммад аст. Бадтарини корҳо навпайдошудааст ва ҳар навпайдо бидъат аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ ва ҳар гумроҳ дар оташ аст. Шуморо Худованд раҳмат намояд, пайрав бошед на мубтадиъ, ин бароятон кофист. Ҳузайфа разияллоҳу анҳу фармудааст: «*Ҳар ибодат ки асҳоби Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам накарда бошанд, шумо низ накунед, зеро аввалин барои охирин* ***мақоле*** *намондааст*».

Доримӣ ба санади саҳиҳ овардааст, ки Абумӯсои Ашъарӣ барои Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: *«Ман дар масҷид гурӯҳеро дидам, ки ҳалқа зада дар интизори намоз нишастаанд. Дар ҳар ҳалқа мардест дар дасташ сангчаҳо ва мегӯяд сад бор такбир гӯед, мардум сад бор такбир мегӯянд. Боз мегӯяд, ки сад бор Ло илоҳа иллалоҳ гӯед, мардум мегӯянд. Боз мефармояд, ки сад бор субҳоналлоҳ гӯед, мардум сад бор тасбиҳ мегӯянд. Масъуд разияллоҳу анҳу фармуданд, ки оё бароящон нагуфтӣ, то гуноҳҳои худро бишуморанд. Ман кафолат медиҳам, ки агар ин корро кунанд, савобашон кам намешавад. Пас худ бархоста, ба назди он ҳалқаҳо омада, болои сарашон истод ва пурсид, ки ин чи корест шумо мекунед? Гуфтанд: Эй Абӯабдураҳмон, бо ин сангчаҳо такбиру тасбиҳу таҳмиду таҳлилро мешуморем. Гуфт: Шумо беҳтар гуноҳҳои худро бишморед, ман кафолат*

*медиҳам, ки савобатон кам намешавад. Марг ба шумо эй уммати Муҳаммад. Шумо зуд ба ҳалокат рӯй овардед. Ҳоло асҳоби ӯ хело зиёданд ва ҳоло ки либосҳояш надаридаанд. Қасам ба зоте, ки ҷонам ба яди ӯст, ё шумо бар дине ҳастед, ки аз дини Муҳаммад беҳтар аст ва ё шумо дарвозаи гумроҳиро кушодаед. Гуфтанд: Эй Абӯабдураҳмон, мо танҳо накӯиро хоҳонем. Гуфт: Бисёр хайрхоҳ аст, ки ба хайр нарасидааст»*

Ба ин ҳидояти бузург назар афканед ва ин намуд тарбияи Муҳаммадиро бингаред. Чи тавр Ибини Масъуд кори кардаи қавми дар ҳалқа нишастаро бад намуд, агарчи зоҳири он хуб менамуд. Тасбиҳ, такбири тамҳид буд,вале чун берун аз нишондоди Паёмбару асҳобаш рафтанд, кори эшон аз дин набуда, ин навоварияшон бо накӯие, ки мехостанд муваффақ нагардид. Оре, эй бандагони Худо бисёр хайрхоҳ аст, ки ба хайр намерасад.

Ривоят мекунанд, ки марде ба Молик бини Анас гуфт: *«Аз куҷо иҳромро огоз намоям? Гуфт: аз онҷое, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам иҳром баста буд. Он мард гуфт: Агар аз онҷо дуртар иҳром бандам, чӣ мешавад? Гуфт: Ин корро накун, ки ман барои ту аз фитна метарсам. Гуфт: Дар хайрро бештар анҷом додан кадом фитна аст?* Молик гуфт: Худованд фармудааст:

لَّا تَجۡعَلُواْ دُعَآءَ ٱلرَّسُولِ بَيۡنَكُمۡ كَدُعَآءِ بَعۡضِكُم بَعۡضٗاۚ قَدۡ يَعۡلَمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ يَتَسَلَّلُونَ مِنكُمۡ لِوَاذٗاۚ فَلۡيَحۡذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنۡ أَمۡرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمۡ فِتۡنَةٌ أَوۡ يُصِيبَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٦٣﴾

**«Шумо дуои Паёмбарро дар байни худ чун дуои худ барои якдигар маҳисобед. Албатта, Худованд медонад ононеро, ки аз шумоён пинҳонан берун мешаванд. Бояд аз ононе, ки аз амри ӯ мухолифат менамоянд, боҳазар бошанд, ки бар сари онҳо фитнае ояд ва ё онҳоро азоби дардноке расад»** *(Нур 63).*

Кадом фитна болтар аз он аст, ки ту даъво намоӣ, ки дорои фазилате ҳастӣ, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам аз он маҳрум буд.

Пас Шумо бояд аз Худо битарсед. Худованд раҳмататон намояд, манҳаҷи аввалинро бигиред, пайравӣ аз он намоед ва аз бидъат дурӣ биҷӯед.

Шумо ҳамагон бар раҳмати роҳнамоии паёмбаратон - Муҳаммад писари Абдуллоҳ бирасед, ба ончи оварда буд, маҳкам чанг занед ва бо дандонҳо онро муҳофизат намоед. Қасам ба номи Худо, ӯ бештар раҳми ин умматро мехӯрд. Ҳеҷ кори хайреро нагузошт, магар моро ба он роҳнамоӣ намуда бошад ва ҳеҷ бадиеро нагузошт, магар моро аз он боз дошт. Ҳидоят ҳидояти ӯст ва ибодат ибодати ӯ, ончиро ки шариат хонд, таҳо он шариат аст.

Худоё, салавоту салому баракатро бар банда ва Паёмбарат Муҳаммад ва бар олу асҳобу азвоҷаш ва бар ҳамаи ононе, ки пайрви ӯянд, бифирист.

Худоё, Ислом ва муслиминро пирӯз бигардон ва онеро ки динро хор намуд, хораш намо. Худоё, ба мо ҳақро бинмо, моро пайравии онро рӯзӣ деҳ, ботилро бароямон ботил бинмо ва рузии дурӣ аз онро бароямон насиб гардон. Худоё, барои мо суннати Паёмбаратро дар рафтору кирдору гуфтор дуруст гардон. Худоё, моро аз ҷумлаи онон магардон ки аз ҳавзаш дурашон месозанду ба ӯ (с) мегуянд: Ту намедонӣ, ки инҳо баъди ту чӣ навовариҳо намуданд.

Худоё, тамоми мурда ва зиндаҳои мӯъминро раҳм намо. Худоё, ба ҳоли мо раҳм кун, ки ту ба мо ғамхорӣ ва моро азоб мадеҳ, дар ҳоле ки тавони онро дорӣ.

Худоё, ба мо аз тарси худ он миқдор насиб деҳ, ки байни мо ва гуноҳон монеа шавад ва аз тоати худ он миқдор рӯзӣ деҳ, ки моро ба ҷаннатат дохил намояд.

Ва охири даъвои мо ҳамдаст барои Парвардигори оламиён.

# СОДАГИИ ИСЛОМ

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованде, ки барои мо Исломро чун дин пазируфту онро дини осону сода намуд. Худованд фармудааст: «**Ӯ шуморо интихоб намуд ва барои шумо дар ин дин ҳеҷ <u>ҳараҷ</u> нагардондааст**» *(Ҳаҷ 78).* Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ба ғайр аз Аллоҳи ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст.

«**Ӯро байни ду чиз ихтиёр намегузоштанд, магар ин ки осонтарини он дуро ихтиёр менамуд, модоме ки гуноҳ набошад**». Худованд бар ӯю асҳобаш ва ҳама касоне, ки то рӯзи қиёмат суннаташро пайравӣ менамоянд, салавот фиристад.

Аммо баъд, эй мусалмонон, аз Худо битарсед ва аз сабаби он, ки шуморо бо ин дин хос гардонидааст ва инчунин Паёмбарро фиристодааст, ӯро сипосгузор бошед. «**Худованд миннат гузоштааст болои мӯъминон бо ин ки дар байни онҳо расуле аз худашон фиристодааст, ки барои онҳо оятҳои Қуръонро тиловат намуда покашон месозад ва онҳоро китобу ҳикмат меомӯзонад, агар чи онон пеш аз ин дар гумроҳии ошкор буданд**» *(Оли Имрон 164).*

Ин динеро ки Паёмбари мо саллалоҳу алайҳи ва саллам аз назди Худованд овардааст, дини раҳмату хайру саодати башарият аст, ки олам динеро комилтару шомилтар аз он надида. Он динест, ки Худованд моро васият намудааст, то дами марг онро ҳифз намоем. Худованд фармудааст: «**Эй касоне ки имон овардаед, аз Худо битарсед он миқдор ки ӯ лоиқ аст ва шумо намиред магар дар ҳоле ки шумо мусалмон набошед**» *(Оли Имрон 102).*

Ҳазрати Иброҳим ҳамроҳи писараш барои худу наслиояндаи худ чунин дуо намуд: «**Парврдигорамон, мо ҳардуро барои худ мусалмон намо ва аз насли мо уммати мусалмон биёвар**» *(Бақара 128).* Боз фармуд: <u>«**Ва Иброҳим фарзандони худро ба ин дин васият намуда ва Яъқуб, ки эй фарзандаки ман дар ҳақиқат Худованд бароятон ин динро баргузидааст**</u>

**<u>пас шумо намиред магар дар ҳоле ки шумо мусалмон бошед»</u>** *(Бақара 132).*

Пас, Ислом ин ба ягонагии Худо таслим шудан, сар фурӯ мондан ба тоати ӯ ва пок донистани ӯ аз ширк аст. Ислом дини тамоми паёмбарон аст. Нуҳ фармуд: «**Ман маъмур гаштам, то мусалмон бошам**» *(Юнус 72).* «**Ва Мусо гуфт: эй қавми ман, агар шумо ба Худо имон оварда бошед, пас таваккал бар ӯ намоед, агар мусалмон бошед**» *(Юнус 84).*

Ислом ба маънои умум дар худ тамоми он шариатҳоеро, ки Худованд ба паёмбарон фиристода буд, дар бар мегирад. Калимаи мусалмонон бошад фарогири тамоми миллатҳоест, ки пеш аз биъсати хотами паёмбарон саллалоҳу алайҳи ва саллам паёмбари дигареро пайравӣ мекарданд. Биъсати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам тамоми динҳои осмониро бо ҳам оварда, шариаташ тамоми оламиёнро аз инсу ҷин фаро гирифта, то охири дунё имтидод меёбад ва ҳаргиз табдил нагаштаю то қиёмат мансух нахоҳад шуд. Худованд тоат ва пайравии ӯро бар ҳама халқ воҷиб гардонидааст. Худованди таоло фармудааст:

وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ﴿٨٥﴾

“**Ва ҳар ки ғайри Исломро чун дин пайравӣ намояд, аз ӯ қабул карда намешавад ва ӯ дар охират аз ҷумлаи зиёнкорон бошад**” *(Оли Имрон 85).*

Худованд тавассути ин дин аз болои онҳое, ки имон овардаю аз он пайравӣ намуданд, ҳамагуна гуноҳ ва гиреҳҳоро мебардорад. Худованд фармудааст: «**Ононе, ки расули уммиеро пайравӣ менамоянд, ки номи ӯро назди худ дар Тавроту Инҷил навишта ёфтанд, ӯ онҳоро ба накӯӣ амр намуда, аз бадиҳо бозашон медорад ва барои эшон покҳоро ҳалолу нопокиҳоро ҳаром мегардонад ва аз эшон мушкилоту сахтиҳоеро, ки бар сарашон буд, мебардорад. Пас касоне, ки ба ӯ имон оварда аз ӯ пуштибонӣ намуда ёрияш медиҳанд ва нуреро, ки ба ӯ нозил шуд, пайравӣ мекунанд, инҳоянд комёбшудагон**” *(Аъроф 157).*

Омили осону сода ва сабаби асосие, ки тавассути онҳо аз болои бандагон машаққату мушкилот бардошта мешавад, ин аз Расули акрам ва набии меҳрубоне, ки муҳимтарин сифаташ меҳрубонӣ ба халқи Худо буд, пайравӣ кардан аст. Шариати ӯ осону дархури инсон буда, дар он ҳеҷ машаққате дида намешавад. Ҳар сахтие, ки дар он дида шавад, албатта, тавассути осоние бардошта хоҳад шуд. “**Албатта, бо ҳар машаққате осонист**” *(шарҳ 6)*.

Ва аз ҷумлаи сифатҳои дигари ӯ зебоист. Ҳар чизе аз зебо сар занад, он зебост. Ҳама дастуроташ зебост. Амри маъруф ва наҳйе аз мункараш кори накӯст. Хушиҳоро ҳалол намудан ва бадиҳоро ҳаром намуданаш зебост. Ва дар нафси вақт содда ва осон аст. Бисёр корҳои зебо ва накӯе буданд, ки бар умматони пешин ҳаром буданд, вале барои мо мубоҳу ҳалол гардонида шуданд. “**Пас ба сабаби зулме, ки аз аҳли китоб сар зад ва ба сабаби аз роҳи Худо бисёр боз гаштанашон барои онҳо бисёр хушиҳоро ҳаром гардонидем, ки барояшон ҳалол буд**” *(Нисо 160)*.

Пас оё содатар аз ин мешавад? Ва баъди ин осонӣ дигар осоние ҳаст? Худованд фармудааст:

شَهۡرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلۡقُرۡءَانُ هُدٗى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَٰتٖ مِّنَ ٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡفُرۡقَانِۚ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ وَلِتُكۡمِلُواْ ٱلۡعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُواْ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمۡ وَلَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ﴿١٨٥﴾

“**Худованд барои шумо осонӣ мехоҳад ва бароятон мушкилиро намехоҳад**” *(Бақара 185)*.

Боз фармудааст: “**Ва барои шумо дар ин дин ҳеҷ таклиф нагардонидааст**” *(Ҳаҷ 78)*. “**Худованд ҳеҷ касро таклифе**

**намедиҳад магар ба андозаи тоқаташ**" *(Бақара 281).* Боз фармуд: "**Шумо аз Худо битарсед ба андозаи тавонатон**" *(Тағобун 16).* Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудааст: ***"Агар ман шуморо барои кардани коре фармон диҳам, шумо миқдори тавонатон онро анҷом диҳед"*** *(ривояти Бухорӣ ва Муслим).*

Худованди мутаъол дар ин дини бузург барои меҳрубонӣ ва ғамхории бандагонаш аҳволи ононро риоя намуда барои ҳар як ҳолати мардум муносиби он қонунгузорӣ кардааст. Барои мусофирон дар рамазон ифтор намудан ва қазои онро баъдтар гирифтанро рухсат додааст, то рӯзааш барояш осонтар бошад. Ҳамчунин барои осонӣ ба мусофир рухсат додааст, то намозҳоро қаср гузорад, яъне намозҳои чорракаатаро дуракаатӣ хонад ва дар ҳолатҳои изтирорӣ ду намозро ҷамъ намояд. Барои дар тарсбудагон иҷозат додааст, то намозашонро бо ҳар ҳоле, ки муносиб мебинанд бихонанд, хоҳ савора ва хоҳ пиёда, рӯй тарафи қибла ва ё ба дигар тараф. Худованд фармудааст:

فَإِنۡ خِفۡتُمۡ فَرِجَالًا أَوۡ رُكۡبَانٗاۖ فَإِذَآ أَمِنتُمۡ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَمَا عَلَّمَكُم مَّا لَمۡ تَكُونُواْ تَعۡلَمُونَ ٢٣٩

"**Пас агар шумо хавфе дошта бошед, пас намозро савора ва ё пиёда бихонед**" *(Бақара 239).*

Барои мариз иҷозат додааст ки намозашро ба қадри иститоаташ рост ва ё нишаста ва ё бар паҳлӯ бихонад. Худованди пок аз болои ин уммат ҷазои тамоми корҳои бо хато, фаромушӣ ва маҷбур содиршударо бардоштааст. "**Парвардгорамон, моро муохаза макун агар фаромуш кардем ва ё хатое намудем**" *(Бақара 286).*

Табаронӣ ва Ибни Моҷа бо тасҳиҳи Албонӣ аз Ибни Аббос ривоят менамоянд, ки Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудааст: ***"Дар ҳақиқат, Худованд аз болои умматони ман хатокорӣ, фаромушӣ ва корҳои маҷбуран кардаашонро бардоштааст"***. Боз ӯ фармуда: ***"Ҳар ки дар вақти рӯзадорияш фаромушона бихӯрад ё бинӯшад, пас бояд***

***рӯзаашро идома диҳад. Дар ҳақиқат, Худованд ӯро хӯронд ва нӯшонд*** ” *(Ривояти Муслим).*

Худованди пок барои ҳолатҳои зарурӣ қавонине гузоштааст, ки ба он муносиб бошад. Аз ҷумла, барои ночормонда чизеро иҷозат додааст, ки дар ғайри зарурат ҳаром ба ҳисоб мерафт ба монанди хурдани гӯшти худмурда . Худованд фармудааст: “**Дар ҳақиқат барои шумо хӯрдани худмурда, хун, гӯшти хук ва ҳарчи барои ғайри Худо кушта шуда бошад, ҳаром гардидааст. Ва ҳар кас, ки маҷбур шуд, дар ҳоле, ки на боғӣ бошад, на саркаш ҳеҷ боке надорад, албатта, Худованд бахшандаи меҳрубон аст**” *(Бақара 173).* Боз фармудааст:

حُرِّمَتۡ عَلَيۡكُمُ ٱلۡمَيۡتَةُ وَٱلدَّمُ وَلَحۡمُ ٱلۡخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيۡرِ ٱللَّهِ
بِهِۦ وَٱلۡمُنۡخَنِقَةُ وَٱلۡمَوۡقُوذَةُ وَٱلۡمُتَرَدِّيَةُ وَٱلنَّطِيحَةُ وَمَآ أَكَلَ ٱلسَّبُعُ
إِلَّا مَا ذَكَّيۡتُمۡ وَمَا ذُبِحَ عَلَى ٱلنُّصُبِ وَأَن تَسۡتَقۡسِمُواْ بِٱلۡأَزۡلَٰمِۚ
ذَٰلِكُمۡ فِسۡقٌۗ ٱلۡيَوۡمَ يَئِسَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن دِينِكُمۡ فَلَا تَخۡشَوۡهُمۡ
وَٱخۡشَوۡنِۚ ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي
وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ فَمَنِ ٱضۡطُرَّ فِي مَخۡمَصَةٍ غَيۡرَ مُتَجَانِفٖ
لِّإِثۡمٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣

“**Ҳар ки маҷбур шуда дар гуруснагӣ хӯрад, дар ҳоле, ки майле ба тарафи гуноҳ надорад, пас Худованд бахшандаи меҳрубон аст**” *(Моида 3).*

Шариат барои мусалмон иҷозат додааст, ки агар обро пайдо накунад ва ё аз истиъмоли об зарар бинад, ба ҷои таҳорат таямум намуда дасту рӯяшро бо хок масҳ кашад. Худованд фармудааст: “**Ва агар шумо бемор бошед ва ё дар**

**сафар ва ё яке аз шумоён ҳоҷат шикастед ва ё бо зан ҳамбистар шудеду обро пайдо накардед, пас бо хоки пок таяммум намуда рӯй ва дастони худро масҳ кашед. Худованд намехоҳад то бароятон дар динаш таклиф диҳад, вале мехоҳад шуморо пок сохта, неъматҳояшро бар шумо пурра диҳад, то шояд шумо сипосгузорӣ намоед**" *(Моида 6).*

Вақто ки Худованди пок ҷиҳоди бо ҷону молро дар роҳаш фарз гардонид, аҳволи касонеро, ки ин тавонро надоранд, риоя намуда ба онҳо осонӣ оварда, онро аз ин маъзур донист. Чунончи фармудааст:

لَّيْسَ عَلَى ٱلضُّعَفَآءِ وَلَا عَلَى ٱلْمَرْضَىٰ وَلَا عَلَى ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ مَا يُنفِقُونَ حَرَجٌ إِذَا نَصَحُوا۟ لِلَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۚ مَا عَلَى ٱلْمُحْسِنِينَ مِن سَبِيلٍ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٩١﴾

"**Бар заифону беморон ва он касоне, ки чизе надоранд то сарф намоянд, ҳеҷ таклифе нест, вақто насиҳатро барои Худо ва Паёмбараш намоянд ва бар накӯкорон роҳи итобе нест ва Худованд бахшандаи меҳрубон аст**" *(Тавба 91).* Боз фармудааст: "**Барои кӯрон ва маҷруҳон ва беморон ҳеҷ ҳараҷ нест**" *(Нур 61).*

Боз чандин мисолҳои дигаре ҳаст, ки бар осонӣ ва содагии Ислом далолат мекунанд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ҳатто дар ибодат худро азоб доданро манъ намуда, ҳамеша ба миёнаравӣ васият намудааст. Имом Муслим аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: ***"Ҳалок шаванд мутанатиъун (сахтгиронанд)".*** Бухорӣ (р) ривоят мекунад, ки *"Се тоифа ба хонаи ҳамсарони Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада аз ибодатҳои Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам пурсон шуданд. Вақто ки дар бораи онҳо хабар доданд, гӯё онро кам ҳисобиданд ва гуфтанд мо куҷо ва Паёмбари худо куҷо ки Худованд гуноҳҳои гузашта ваояндаи ӯро бахшидааст. Пас яке аз онҳо гуфт: Ман аз ин баъд тамоми шаб намоз мехонам. Дигаре гуфт: Ман ҳама рӯз рӯза*

*мегирам. Саввумаш гуфт: Ман аз занҳо дурӣ ҷуста, ҳаргиз издивоҷ нахоҳам кард. Дар ин ҳол Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада аз онҳо пурсид: Шумоед, ки чунину чунон гуфтед? Дониста бошед, ки ман аз ҳамаи шумо дида аз Худо бештар метарсам ва парҳезгортарам, вале рӯза мегирам ва ифтор мекунам, шаб намоз мехонам ва мехобам, зан ҳам мегирам. Ҳар кас, ки аз ин суннати ман рӯй гардонад аз ман нест".* Чунин буд суннати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам, яъне ҳамеша дар байни ифроту тафрит буд. На сахтгир буду на бепарво, балки ҳамеша кори хайр мекард бидуни он ки ҷонашро дар азоб қарор диҳад.

Худо бо Қуръон ва суннат, бо он оятҳо ва ҳикматҳое, ки дар ин ду ҳаст, ба мову шумо баракат диҳад. Албатта, ӯ шунаво ва иҷобаткунандаи дуо аст.

# СОДАГИИ ИСЛОМ

## хутбаи дуюм

Ҳамд мегӯям Худовандеро, ки барои мо Исломро чун дини устувор баргузида, барои мо онро чун ҷода ва роҳи рост писандид. Ва салоту салом бар Муҳаммад бини Абдуллоҳ, он ки бо дини сода, осон ва рост ба мо фиристода шуд, то ҳодӣ ва муждарасон бошад. Ӯро байни ду чиз ихтиёр мегузоштанд ва осонтарини онҳоро мепазируфт агар гуноҳ набошад.

Аммо баъд, эй мусалмонон, баъзе мардум мехоҳанд аз ин содагии Ислом истифодаи бад баранд. Аз ин рӯй барои худ кардани корҳои ҳаром ва накардани воҷиботро иҷозат медиҳанд. Онҳо мегӯянд дин осонист. Бале, дин осон аст ва ин ибора ҳаққу дуруст аст, вале аз тарафи касоне, ки на илм доранд ва на хавфу тарси Худо ин нукта ноҷо истифода мешавад. Осон будани ин дин маънои онро надорад, ки воҷиботро тарк намуда ба корҳои ҳаром даст занем. Балки маънои онро дорад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ монанди тарс, беморӣ, ночорӣ ва амсоли он бандаро роиҷ аст аз ибодатҳои машаққатовар ба ибодатҳои осон рӯ биёрад. Монанди рӯ овардани мусофир аз намози чорракаатӣ ба дуракаатӣ, интиқоли рӯзаи мусофир ба дигар рӯз, ба ҷои таҳорат таяммум кардан ва соқит шудани воҷиб аз болои касе, ки нияти онро дораду тавонашро надорад. Ин ҳама сабӯкиҳо дар сурати зарурат сурат мегирад на ин ки инсон аз рӯи эътироз ё бад дидан вазифаҳояшро тарк намояд. Ҳар ки воҷиберо ба хотири оҷиз буданаш тарк намояд, вале дар нияташ бошад, ки агар оҷиз намебуд, албатта, онро пурра анҷом медод, барояш савоберо навишта мешавад, ки гӯё онро таври комил анҷом дода аст. Дар ҳадиси Анас омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта, дар Мадина гурӯҳест, ки ҳар водиеро гузар накардед ва ё роҳеро нарафтед, магар инки бо шумо буданд. Гуфтанд: Бо вуҷуди он ки онҳо дар Мадина ҳастанд? Гуфт: Бале онҳоро узр боз дошта буд"***. Ва аз Ҷобир омадааст, ки Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

***“Шумо дар Мадина мардумеро гузоштед, ки аз водие гузар накардед ва ё роҳеро напаймудед магар ин ки дар савоб бо шумо шарик буданд, онҳоро нотавонӣ боз дошта буд”*** *(ривояти Абудовуд ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст)*

Осонии дин маънои онро надорад, ки воҷиботро тарк намуда даст ба корҳои ҳаром занед, балки касе чунин мекунад, сазовори азоби дунё ва охират мегардад. Ҷазо ва ҳудуди шариат низ барои ҳамин машруъ шудааст, то инҳоро боз дошта барои иҷрои шариат маҷбурашон намояд. Инсонҳое ҳасатанд, ки гуноҳе мекунанд ва агар аз он бозашон дорӣ, мегӯянд дин ба зоҳир нест, балки он дар дил аст. Онҳо аз забони Паёмбарро далел меранд, ки гуфта буд: ***“Устуворӣ инҷост (ва ба дилаш ишора намуд)”*** *(ривояти Муслим).* Чунин ҳуҷҷатронӣ ботил аст. Зеро он кас, ки дар дилаш тарси Худост, албатта, гуноҳро бад дида аз он парҳез мекунад, аммо оне, ки тарси Худованд дар дилаш камтар бошад, на парвои гуноҳ дорад ва на аз он парҳез менамояд. Худованд фармудааст:

ذَٰلِكَ وَمَن يُعَظِّمۡ شَعَٰٓئِرَ ٱللَّهِ فَإِنَّهَا مِن تَقۡوَى ٱلۡقُلُوبِ ٣٢

“**Ин аст дастури Худо ва ҳар ки қадри қонунҳои Худоро бидонад, албатта, ин далели тақвои дил аст**” *(Ҳаҷ 32).*

Фасоди зоҳир далолат ба фасоди ботин мекунад ва асари салоҳи ботин дар зоҳир ҳам ҳувайдост. Асли тақво дар дил аст. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***“Ҳамон ки дар бадан гӯштпораест, ки агар накӯ бошад, тамоми бадан накӯ мешавад ва агар вайрон бошад тамоми бадан вайрон мешавад”*** *(Бухорӣ).*

Худовандо, дилҳои моро салоҳ намо ва дар роҳи ҳақ собит соз. “**Худовандо, дилҳои моро каҷ макун баъди он ки ҳидоятамон намудӣ ва барои мо аз назди худ раҳмат бифрист, албатта, ту атокунандаӣ**” *(Оли Имрон 8).*

Худоё, салавоту салому инъоматро бар банда ва расулат Муҳаммад дареғ мадор ва дигар саҳобагону аҳли хонадону моро низ ҳамроҳи эшон қарор бидеҳ.

Худоё, корҳои моро осон намо, дилҳоямонро кушода кун ва Қуръонро баҳори дилҳою нури чашму рӯшноии ғами мо бигардон. Худоё, барои мо дар ин мақом гуноҳеро

бемағфират ва андӯҳеро бе кушодагӣ магзор. Худоё, Исолом ва муслиминро пирӯз намо. Худоё, сафи онҳоро ягона намуда, каломи эшонро як бигардон, бар он тарз ки худ розӣ шудаю дӯсташ медорӣ. Худоё, душманони ту ва душманони динатро ба ту месупорем. Худоё, барои онҳо дар дунё парчамеро баланд макун ва онҳоро барои баъдиниён мояи ибрат гардон.

Худоё, мусалмононро ба суйи динашон ба накӯйӣ боз гардон. Худоё, ҷавонон ва занони моро аз ҳама офат ва газанд муҳофизат намо. Худоё, онҳоро аз шубҳа ва шаҳват нигоҳ дор. Албатта, ту эй Худо, шунавандаи наздик ва қабулкунандаи дуо ҳастӣ.

Ва охири даъвои мо ҳамдаст барои Парвардигори оламиён.

# ПУРРАГӢ ВА ОСОНИИ ИСЛОМ

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худост, ӯро ҳамд мегӯем ва аз ӯ ёрӣ хоста омурзиш талаб менамоем, аз бадии нафс ва бадии корҳои худ ба ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касро, ки Худованд ҳидоят намуд, касе ӯро гумроҳ намекунад ва ҳар киро ки гумроҳ сохт, ҳеҷ кас тавони ҳидояташро надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст, ки бо ҳидоят ва дини ҳақ ба сӯйи мо фиристода шуд. Бо дини Ислом, дини раҳмат, дини адолат ва дини ибодату муомала фиристода шудааст ӯ. Худованд тавассути вай қавмеро ҳидоят намуд ва қавмеро аз роҳи худ гумроҳ сохт. Салавоти Худо бар ӯ ва олу асҳобаш ва ҳар ки пайравии ӯро бо накӯйии тамом то рӯзи қиёмат давом додааст.

Аммо баъд, беҳтарини сухан каломи Худост ва беҳтарин ҳидоят роҳнамоии паёмбар Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам аст ва бадтарин корҳо корҳои бидъату навин аст. Ҳар навин бидъат аст ва ҳар бидъат гумроҳист. Беҳтарин сухан каломи Худост, зеро инсонро ба беҳтарин чиз ҳидоят менамояд ва беҳтарин ҳидоят роҳнамоии паёмбар Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам аст, зеро он ягона роҳест, ки моро ба Худо, ба некбахтии дунё ва қиёмат мепайвандад.

Эй мусалмонон, дин дар назди Худованд Ислом аст ва ҳар ки ғайри Исломро чун дин пайравӣ намояд, аз он қабул карда нашавад. Ислом маънои таслим шудани зоҳир ва ботинро дорад, таслим шудан бидуни танбалӣ, сустӣ, каҷӣ ва беаҳамиятӣ. Ислом ин тоати Худованд дар ошкору ниҳон, иҷро кардани ончи фармуда ва дурӣ ҷустан аз ончи боз доштааст мебошад.

Эй мусалмонон, шайтон бо он душмание ки бо шумо дорад, дар ба ҷо овардани вазоифи динӣ иродаи шуморо сӯст менамояд, шуморо ба танбалию беаҳамиятӣ таҳрик медиҳад ва ба мухолафат варзидану маъсият намудан даъват мекунад. Ӯ динро барои шумо ҳамчун монеаи озодӣ,

танг кардани (тафаккури) одам, мондаю хаста кардани он ва дар мавқеи муқобили манофеаш намудор мекунад. Онро бароятон бо бадтарин сурат нишон медиҳад, то аз он дурӣ биҷӯед. Бароятон тавре намудораш мекунад, ки шумо низ чун гузаштагон ҳалок гардед. Худованд фармудааст:

إِنَّ ٱلشَّيۡطَٰنَ لَكُمۡ عَدُوٌّ فَٱتَّخِذُوهُ عَدُوًّاۚ إِنَّمَا يَدۡعُواْ حِزۡبَهُۥ لِيَكُونُواْ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ۝٦

**«Шайтон барои шумо душман аст, пас шумо низ ӯро душман гиред. Ӯ тарафдоронашро дар ҳақиқат даъват менамояд, то аз дӯзахиён бошанд»** *(Фотир 6)*.

Шайтон онро барои шумо бо андохтани дар дилатон ва дили дӯстони одамияш тасвир менамояд.

Эй мусалмонон, дини Ислом аз он сифатҳое, ки душмонон ба он мебанданд, пок аст. Он дини ҳақ, одил ва озодии комил аст. Дини осон, сода ва саодату пешравист. Шумо усули қавонини онро пайдо намоед, то фуруашро ба он қиёс намоед.

Ислом аз панҷ рукн бино шудааст: 1. Гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуде ғайри Худованд ва Муҳаммад фиристодаи Худост. 2. Барпо доштани намоз. 3. Рӯза доштани моҳи Рамазон. 4. Ҳаҷи хонаи худо кардан барои ҳар касе, ки тавон ва қудрати адои онро дорад. Ин рукнҳо ҳама осону саҳлу пурманфиат ва барои таҳзибанд.

## Дар боби тасдиқи ягонагии Аллоҳ

Шаҳодат додан ба ин ки нест маъбуде ғайри Худованд, тавҳиди Худост ва холӣ кардани сина аст аз худогӯйӣ ва парастории ғайри Худованд ва Парвардигори оламиёнро ибодат намудан аст. Оне, ки туро офариду дурустат намуд, бо анвои ғизо инъомат карду тарбиятат намуд, ту дар баробари ӯ бандае аз бандагонаш ҳастӣ, вале дар баробари дигарон озодӣ. Ин аз камоли аҳмақист, ки аз бандагии Парвардигорат ки ҳақ аст, худро раҳо намуда пойбанди бандагии ҳавою мол ва ё дигару дигар гардӣ. Бисёре аз

мардум чун машғули ибодати Худованд мешаванд, гӯё дар даст оташпораеро гирифтаанд ва худро ноорому дилтанг ҳис мекунанд, вале чун машғули корҳои дунё мегарданд, бо хушҳолию оромӣ ва аз дилу ҷон онро иҷро менамояд. Чунин инсонҳо дар ибодати дунё комил ва дар ибодати Худо ноқис мебошанд.

Аммо шаҳодат додан бар ин ки Муҳаммад фиристодаи Худост, ин раҳо сохтани худ аст аз пайравии тамоми махлуқот ғайр аз Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам. Ӯ расули Парвардигорат аст, ки вазифадор шудааст, то рисолаташро анҷом диҳад ва ту вазифадор шудаӣ то аз ӯ пайравӣ намоӣ. Ӯро аз расонидан ва туро аз пайравии вай намудан мепурсанд. Худованд фармудааст:

فَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلَّذِينَ أُرْسِلَ إِلَيْهِمْ وَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٦﴾

**«Пас, албатта, мо касонеро, ки ба сӯйи онҳо Паёмбар фиристодем, мепурсем ва албатта, аз расулон ҳам мепурсем»** *(Аъроф 6)*.

Ҳар инсон бо нақшаи кашида ва роҳи интихобкардааш аз пайи кори худ меравад. Ин роҳ ё роҳи паёмбарон аст ва ё роҳи гумроҳону дурӯғгӯён. Ҷуз ҳақ ғайри гумроҳӣ чизи дигаре нест. Пас худ андеша намо, ки кадом роҳ росттар ва дурусттар аст.

Осонӣ дар ин самт дар ду ҷанба дида мешавад. Яке ин ки Худоро парастида ягон банда, авлиё, паёмбар, санг ва ё дарахтеро ба ӯ шарик наёварем. Ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу вақто ки ҳаҷаруласвадро бӯсиданд чунин гуфт: *«Ман медонам, ки ту санг ҳастӣ, аз ту на фоидаест ва на зарар, агар ман Паёмбарро намедидам, ки туро бӯса мекард, ҳаргиз туро намебӯсидам»*. Дигараш ин ки корҳоят мувофиқи суннати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегардад. Худованд фармудааст:**«Пас, ҳар ки умеди дидори Парвардигорашро карда бошад, бояд корҳои солеҳро анҷом дода ба ибодати Парвардигораш касеро шарик наёварад»** *(Каҳф 110)*.

Олимон дар бораи ин сухани Худованд, ки: «**То шуморо мавриди санҷиш қарор диҳад, ки кадоматон амали хубтар мекунад ва Ӯ ғолибу омурзандааст**» фармудааст, мегӯянд, ки

мурод холистар ва дурусттар кардани амал аст. Маънои ихлос корро танҳо барои Худованд кардан ва касеро ба ӯ шарик надонистан аст. Дурусттар он аст, ки ба нишондоди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мувофиқ бошад.

## Дар бобби барпо доштани намоз

Намоз ҳам хело осон ва сода аст. Он манфиатҳои зиёде барои дилу бадан ва фарду ҷомеа дорад. Намоз василаи робитаи ту бо Парвардигорат аст. Ту намозатро дар ҳолати покизагии зоҳир ва ботин анҷом медиҳӣ. Ту дар пешгоҳи Худованд дар ҳолати хушӯъ ва хузӯъ қарор гирфта, бо тамоми арконаш монанди зикр, қироат, рукӯъ, суҷуд, қиём ва қуъуд ба ӯ наздиктар шуда, барои манофеи дунявӣ ва ухравият аз ӯ дархостҳо менамоӣ. Намоз динро мустаҳкам ва гуноҳҳоро маҳв намуда, касро бо накӯкорон мепайвандад ва тавассути он ба корҳои дунявию ухравӣ мадад талабида, аз маъсият дур менамояд. Худованд фармудааст:

وَٱسۡتَعِينُواْ بِٱلصَّبۡرِ وَٱلصَّلَوٰةِۚ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلَّا عَلَى ٱلۡخَٰشِعِينَ ﴿٤٥﴾

«**Ва шумо бо сабр ва бо намоз ёрӣ талаб намоед. Албатта, ин намоз хело гарон аст, магар барои хушӯъкорон**» *(Бақара 45).*

Вақто ки ин ибодат аз бузургтарин ибодатҳои Ислом ба ҳисоб меравад, дар он осониҳои зиёде ворид шудааст, ки дар дигар ибодатҳо монандаш дида намешавад. Дар шартҳои он, яъне ҳам дар аркон ва ҳам дар адади ракаатҳояш осонӣ дида мешавад. Ҳар ки обро дарёфт накунад ва ё аз истифодаи он зарар бошад, таямум намуда намозро хонад ҷоиз аст. Барои анҷоми намоз макони муайяне шарт нест, аммо барои умматони собиқ ин шарт буд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***“Барои ман тамоми замин масҷид ва пок гардонда шуд”*** *(ривояти Имом Бухорӣ).*

Осонӣ ва сабукӣ дар шумораи вақтҳои намоз ва боқӣ мондани савобаш дида мешавад, яъне хондани намозҳо дар панҷ вақт фарз гардонида шудааст, вале савоби барпо доштани панҷоҳ вақт намоз ба намозгузор дода мешвад.

Осонӣ дар кам кардани ракаатҳо, дар як вақт хондани ду намоз ва тарзи адои он бармало зоҳир аст. Паёмбари Худо фармуд: ***«Намозро росто бихон ва агар тавон надошта бошӣ, пас нишаста ва агар тавони онро (нишастанро) надошта бошӣ, пас бо паҳлӯ (такязада бихон)»*** *(ривояти Имом Бухорӣ).*

## Дар боби адои закот

Аммо закот як қисми ночизест аз моликияти шахсӣ, ки соҳибмол барои бартараф намудани эҳтиёҷоти бародарон ва ислоҳи ҷомеа ҷудо менамояд. Додани закот молҳоро пок, нафсро аз бухлу хасм тоҳир ва дилҳоро аз тамоми бадиҳо ва гуноҳҳо тоза мегардонад. Садақа хатоҳоро хомӯш мегардонад, чуноне ки об оташро. Худованд фармудааст:

خُذْ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِم بِهَا وَصَلِّ عَلَيْهِمْ إِنَّ صَلَوٰتَكَ سَكَنٌ لَّهُمْ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿١٠٣﴾

**«Ту аз амволи эшон садақа бигир, ки бо он эшонро тоҳиру пок месозӣ»** *(Тавба 103).*

Барои бисёре аз мардум сарфи амволи зиёдашон дар роҳи хоҳишоти нафсонӣ, ки барои онҳо зарароварвар ва орӣ аз манфиат аст, хеле осон буда вале сарфи он дар кори хайру савоб ба мисли додани садақа басо гарон менамояд. Гӯё ӯ ба ваъдаи додаи Худованд, ки ба зудӣ онро мегардонад, бовар надорад ва ваъиди Худовандро барои монеони закот тасдиқ намекунад.

Эй бандагони Худо, аз ҷумлаи осонӣ дар ибодати закот он аст, ки он дар як сол як маротиб фарз шудааст. Он дар ҳамаи мол воҷиб нашуда, балки барои моли муайян ва бо миқдори муайян фарз гардидааст. Дар ҳоҷатҳои зарурии шахс монанди хона, мошин агарчи қиммат ҳам бошанд, закот фарз нест. Моле, ки додани закот барои он воҷиб шудааст, қисми зиёди онро дарбар намегирад, балки дар ҳаҷми 2,5 % аз ҳисоби умумии мол муқарар гардида, он ҳам на барои ҳар кас, балки барои он фарде ки молаш ба нисоб

расидаю як соли пурра ба ин ҳол монда аст, фарз ҳукм шуда. Ин нисоб бояд аз ҳоҷати шахс ва парасторонаш берун бошад.

Аз ҷумлаи осонии дигари ин ибодат он аст, ки ҳар касе закот медиҳад, медонад ки он ба кадом камбағал ва ё муҳтоҷу ниёзманд мерасад ва ҳамчунин медонад, ки он ҳаққи Худованд аст. Агар инсон инро донад, барояш баровардану додани закот хело осон гашта, барояш сабукӣ ва хушҳолӣ меорад.

## Дар боби рӯзадорӣ

Рӯза дар як сол як моҳ муқаррар аст. Он моҳест, ки ба хотири банда бузургтарин инъоми Худованд, яъне нузули Қуръон ба вуқӯъ омадааст. Дар моҳи Рамазон танҳо дар рӯзҳояш фарди рӯзадор аз ҳама хоҳишоти нафсонӣ, таому шароб ва ҷимоъ худро боз медорад. Бо ин роҳ инсон наздик шудан ба Худо ва дарёфти ризои ӯро аз талаботи нафси хеш боло меҳисобад. Илова бар ин, рӯза гирифтан аз дарёфти фоидаҳои динӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ холӣ нест.

Дар ин рукн ҳам монанди дигар аркон осониҳои зиёде вуҷуд дорад. Худованд фармудааст:

شَهۡرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلۡقُرۡءَانُ هُدٗى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَٰتٖ مِّنَ ٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡفُرۡقَانِۚ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ وَلِتُكۡمِلُواْ ٱلۡعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُواْ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمۡ وَلَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٨٥

**«Пас агар кадоме аз шумоён ин моҳро дарёфт бояд онро рӯза бигирад. Ва ҳарки аз шумоён бемор бошад ва ё дар сафар (бошад) пас чанд рӯзи дигарро (рӯза) бигирад»** *(Бақара 1850)*. Яъне ҳар ки саломатияш хуб бошад ва ӯ ҳамроҳи хонаводаи худ дар ватанаш бошад, бояд ҳатман рӯза бигирад. Аммо касе, ки ҷисман бемор аст ё сафар дорад ва рӯза гирифтан барояш мушкилӣ меорад, метавонад рӯзаро хӯрад ва баъдтар қазои онро дорад. Аммо касе, ки оҷизию заифияш доимист, ӯ рӯзаро мехӯрад ва дар баробари ҳар як рӯзи он мискинеро таом медиҳад. Дар рӯза саҳар хестан машруъ аст. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Шумо саҳар бархезед, зеро дар он баракат аст"*** *(ривояти Имом Муслим)*. Ин ҳам барои осонист, то банда дар тӯли рӯз гурусна нашавад ва худро азоб надиҳад. Дар рамазон худро гирифтори машаққат намудан ва ё худро ба ҳалокат расониданро Ислом манъ намудааст. ***"Рӯза гирифтан дар вақти сафар хуб нест"*** *(ривояти Имом Муслим)*.

## Дар боби Ҳаҷ

Ҳаҷ ин ба мақсади барпо намудани ибодат ва таъзими ҳурматҳо зиёрат намудани хонаи Худост. Ҳаҷ танҳо як маротиба дар тули ҳаёт барои касоне, ки қудрати онро доранд, воҷиб гаштааст. Тавассути ҳаҷ инсон гуноҳҳо ва хатоҳои худро мешӯяд. Мукофоти ҳаҷи мабрур танҳо биҳишт аст. Дар баробари ин инсон бо мусалмонони атрофу акнофи олам якҷо шуда ошноӣ пайдо мекунад ва аз аҳволи ҳамдигар огоҳ гашта якдигарро таълиму иршод мекунанд.

Осониҳоеро, ки дар ин ибодат ҷой доранд, агар фароҳам биёрем, вақти зиёде тақозо мекунад, вале мо ин инҷо бо овардани чанд мисол иктифо намудем. Аз ҷумлаи осонии ин ибодат, ҳосил намудани савоби бузургу мукофоти гаронест, ки барои ҳоҷиён ваъда шудааст. Шунидани он тамоми мушкилоти онро осон менамояд. Инсон мунтазири он аҷру савоб гашта, ҳама чиз барояш осон менамояд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Мукофтоти ҳаҷи мабрур танҳо биҳишт аст"*** *(Бухорӣ)*. Боз фармуд: ***"Ҳар ки ҳаҷ кунад ва каломи фисқ ва дашном накунад, боз мегардад, ҳамон тавр ки гӯё аз модар зода шудааст"*** *(Бухорӣ)*.

Эй бандагони худо, аз осониҳои ин ибодат боз он аст, ки ҳаҷ танҳо як маротиба дар тамоми умр барои ҳар касе, ки ба балоғат расидаю оқил бошад ва роҳкирою тӯшаи роҳро дошта бошад, фарз шудааст. Ин ҳама танҳо баъди таъмини пурраи эҳтиёҷоти хонаводааш бояд сурат бигирад. Ҳамчунин ҳаҷкунанда бояд аз хатари роҳ низ эмин бошад.

Адои аркони он: иҳром бастан, ҳафт маротиба тавоф кардани хона, истодан дар Арафот ва ҳафт бор рафтан байни Сафо ва Марва, ки хело осонанд, албатта, барои касе, ки Худованд барояш осон гардонад. Ҳамчунин дигар воҷиботи он монанди истодан дар Мино, санг партофтан, қурбонӣ (барои ҳар касе дорад ва ҳар ки надорад метавонад се рӯз дар ҳаҷ ва ҳафт рӯз баъди ба ватан бозгаштанаш рӯза бигирад) гаронӣ надорад. Оё аз ин ҳам дида, дигар осонтар мешавад, эй бандагони Худо?

Суханамро дар инҷо ба поён мерасонам ва аз Худо омурзиш мехоҳам. Аз ӯ омурзиш бихоҳед, ки ӯ бахшандаи меҳрубон аст

# ПУРРАГӢ ВА ОСОНИИ ИСЛОМ

## хутбаи дуюм

Ҳамд танҳо барои Худованд аст ва салавот бар оне, ки баъдаш паёмбаре нест.

Аммо баъд, ин аст шариати мо ва ин аст дини мо ва ин аст меҳрубонии Ислом ба аҳл ва пайравонаш, осонӣ ва ҳикмат, саҳл ва адолат. Чаро не? Охир он аз назди ҳакими сутудашуда омадааст.

أَلَا يَعْلَمُ مَنْ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلْخَبِيرُ ﴿١٤﴾

"**Оё намедонад он кас ки офаридааст ва ӯ латиф ва бо хабар аст**" *(Мулк 14)*

Он зот, ки моро офарида аст, ба ҳоли мо огоҳ аст ва медонад, ки ба чи товон дорем ва ба чи тавон надорем. Ӯст зоте, ки ин аҳкомро барои мо фармуда. Аз ин ҷиҳат дар он ҳеҷ таҳрифу табдил, камбудию дигаргунӣ ва таорузу таноқуз дида намешавад. Аҳкоми он барои ҳама осон, барои ҳама беистисно аст ва ҳама мукаллафон дар он баробаранд, хоҳ ҳоким бошанд ва хоҳ раъият.

الٓر ۚ كِتَٰبٌ أُحْكِمَتْ ءَايَٰتُهُۥ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِن لَّدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ﴿١﴾

"**Китобест, ки оёташ маҳкаманд, пас муфассал омадааст аз назди ҳакими хабир** " *(Ҳуд 1).*

Эй бандагони Худо, Ислом фахр аст барои аҳли он ва иззату каромат аст дар дунё ва охират. Пешрафти ҳиссӣ ва маънавӣ дорад он. Ҳар кас, ки дар ин шак дошта бошад, метавонад ба таърихи бидояти Ислом назар афканад. Он замоне, ки мусалмонон мусалмонони зоҳирӣ ва ботинӣ буданду фирефтаи дунё нашуда буданд, чизе наметавонист дар роҳи Худо мағрурашон намояд.

Эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва дар зоҳиру ботин, ошкору ниҳон ба динатон чанг занед, пеш аз он ки онро аз даст диҳеду бисёр гумроҳ шавед ва аз ин ки бар саратон ин сухани Худо рост ояд, дар ҳазар бошед. Фармудааст: "**Пас вақто ки он пандеро ба онҳо дода шуда**

**буд фаромуш карданд, бар рӯйи онҳо дари ҳама чизро боз намудем, то ин ки онҳо ба ончи дода шуданд, хурсанд гаштанд, ногаҳон онҳоро гирифтем пас онҳо ноумед гаштанд. Пас бехи он қавме ки зулм карданд, бурида шуд ва сипос мар Худовандро ки парвардгори оламиён аст**” *(Анъом 44-45)*.

Худоё, моро дар Ислом ва тавҳид устувор намо. Ва анҷоми кори моро бо накӯйиию некбахтӣ ва хайр анҷом деҳ.

Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаӣ. Зеро ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз ту ҳидоят, тақво, эмон ва саломатӣ мехоҳем.

Худоё, барои мо ҳар чизеро, ки дар он хайри дунё ва қиёмати мост муяссар намо.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҷо гуноҳеро магузор, магар он ки мағфират намуда бошӣ ва на ғамеро бимон, магар онро дур карда бошӣ.

Худоё, барои ту ҳамд мегӯем, то ин ки рози шавӣ ва барои туст ҳамд чун розӣ шавӣ ва барои туст ҳамд баъди он ки розӣ шудӣ.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ намо ва корҳои моро мувофиқи ризои худ бигардон.

Худоё, тамоми занон ва мардони мусалмонро раҳм намо. Худоё, мурда ва зиндаҳои моро мағфират кун. Худоё, кори ин умматро чунон дуруст намо, ки аҳли тоатат дар он боиззат гарданд ва аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, барои мо Қуръонро маҳбуб гардон ва онро дар дилҳои мо музайян соз. Худоё, моро қориёни Қуръон ва омилу ба ҳидояту одобаш муваффақ соз.

Ва охири даъвои мо ҳамдаст барои Парваригори оламиён.

# АҚИДАИ ДУРУСТ ВА ВАЙРОНКУНАНДАИ ОН

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд, Парвардигори оламиён, ки ҷаҳонро офарид ва дуруст намуд. Барои ӯст ҳамд дар оғозу анҷом. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде магар Аллоҳи ягонаи бешарик, ҳар чи хоҳад анҷом медиҳад, баланд мебарораду поён мефарорад, мегираду медиҳад, ҳеҷ чиз дар замину осмон барояш пӯшида нест. Ӯст ба тамоми корҳои замину осмон ҳакиму бохабар.

Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда, фиристода ва беҳтарин халқи ӯст, ки бар ваҳйи ӯ амину барои ризояш ба навишта ва тақдираш олитарин намуна буд.

Худоё, бар ӯ ва дигар паёмбарон салавот фирист. Худоё, аз тамоми саҳоба ва тобиин ва ононе, ки ба накӯйӣ то рӯзи қиёмат дунболи эшон рафтанд, розӣ бош.

Аммо баъд, ман шумо ва худро ба тарси ҳамешагии аз Худо васият менамоям "**Ва дар ҳақиқат мо ононеро, ки пеш аз шумо барояшон китоб дода шуда буданд ва шумоёнро васият мекунем, ки аз Худо битарсед**" *(Нисо 131).*

**«Эй мардум, шумо аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силлаи раҳм <u>(барҳазар бошед),</u> ҳамоно, ки Худованд дар муроқабаи шумост»** *(Нисо 1).*

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ ۝١٠٢

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, он миқдор ки ӯ лоиқ аст ва шумо номусалмон намиред»** *(Оли Имрон 102).*

Эй мусалмонон, оқилон инро яқин намудаанд, ки Худованд ин оламро барои ҳикмати бузурге офаридааст. Ҳар неку баде, ки дар он сурат мегирад, аз лиҳози пайдоиш,

қадар, шариат ва дин бо хоҳиш ва иродаи ӯст. Маънои тавҳид низ назди олимон муқаррар гардидааст ки он «Шаҳодат додан аст ба қоим будани Парвардигор болои Арши хеш ва ин ки корҳои бандагонашро танҳо ӯ тадбир мекунад, ҳеҷ холиқ, розиқ, диҳанда, боздоранда, миронанда, зиндакунанда ва мудаббири ошкорӣ ва ниҳоние ғайри ӯ нест. Ҳарчи хост пайдо мешавад ва ҳарчи нахост он намешавад. Ҳеҷ заррае бе иҷозаташ ҳаракат намекунад ва ҳеҷ ҳодисае бемашияташ рух намедиҳад. Барге намеафтад магар бо илми ӯ ва ҳеҷ заррае дар осмонҳо ва ё дар замин ва на камтар аз ону бузургтар аз он аз ӯ пушида нест, магар ин ки онро шуморида қудраташ онро иҳота намудааст ва машияташ дар он гузаросту ҳикматаш онро хостааст»

Эй бандагони Худо, тавҳид ин Худоро танҳо ибодат кардан ва аз ширк тоза донистан аст.

Эй мардум, албатта, агар дил аз ин ҳақиқат пур бошд, дигар соҳибдилро ба танбалӣ, мондагӣ, сустӣ, кутоҳӣ намудан дар адои тоату ибодат намехонад. Тавҳиди ҳақиқӣ бар бандагии пурра ки шомили итоат ва таслим шудан аст ва ба иҷро намудан ҳуқуқҳои холиқ монанди муҳаббату таъзим ва дар улуҳияту ибодат холис донистани ӯст даъват менамояд. Ҳамчунин кушода гирифтани сина барои иҷрои маъмурот ва дурӣ аз маҳзурот низ.

Тавҳиди ҳақиқӣ сутуни имон ва имони ҳақиқӣ сухани дилу забон ва амали дилу забону боқии аъзо аст.

Мӯъмин бо имону тавҳид пеш аз он ки ба саодати бузург, яъне ба лиқои Худованд мушарраф мегардад, комёб мешавад ва саодати дунёро эҳсос менамояд. Мусалмон тамоми кӯшиши худро дар роҳи хайр сарф менамояд, агарчи тамоми корҳо дар тақдири Худованд кашида шуда бошанд ҳам. Ӯ аз тақдири Худованд огоҳӣ надорад ин аз як тараф ва аз тарафи дигар ба васияти Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам амал менамояд, ки фармуд: ***«Кор кунед, (ба) ҳар як кас ба андозаи тақдираш муяссар мегардад»*** *(Бухорӣ)*.

Ӯ китоби Парвардигорашро мехонад, ки дар он навишта шудааст: **«Пас аммо он кас, ки чизе бахшад ва тақворо пеша намояд ва ба накӯиҳо тасдиқ кунад, ӯро ба осониҳо муяссар мегардонем ва аммо он, ки бахилӣ намуда,**

**истиғно варзад ва ба накӯиҳо таксиб намояд, ӯро ба мушкилот рӯбарӯ мегардонем**» *(Лайл 5|10).*

Эй бандагони Худо, дар инҷо як намуд имон аст, ки аҳком болояш ҷорӣ мешавад, меросро тақсим мекунанд, вале соҳибаш бо ин на саодати дунявиро ноил мешавад ва на саодати ухравиро. Ин эмони мунофиқон ва худнамоҳост, ки барои мардум зоҳиран хилофи ботини худ амал мекунанд.

Аммо эмоне, ки ба соҳибаш дар дунё саодату дар охират комёбӣ мебахшад, ин ҳамон эмонест, ки зоҳиру ботинаш як аст. Ва илми он дар назди он зотест, ки ғайбро доност. Сафёни Сурӣ ва Ибни Муборак разияллоҳу анҳу, мегӯянд: *«Мардум дар назди мо дар умури мерос ва дигар аҳком мӯъмин ба шумор мераванд, вале намедонем онон назди Худованди азза ва ҷалла чӣ гуна бошанд».*

Пас ҳазар кун эй бандаи Худо аз он ки мағрур шавӣ ба ин ки Худованд гуноҳони туро пушида нигоҳ медорад. Ва дар ҳазар бош аз он, ки ғофил будани мардум аз ҳақиқати ҳолат туро ба саркашӣ ва фиребу нифоқу бо роҳи гумроҳӣ барад

Бародарони Ислом, дар ҳолати ғарибии Ислом мафҳумҳо ҳам тағйир меёбанд ва мувозанат халалдор мегардад. Гурӯҳе аз мардум гумон мекунанд, ки ҳатто агар дил пур аз шаку вайронӣ бошаду ҳатто агар аъзо дар фасод фурӯ рафта бошад ва агар воҷибот зоеъу муҳарамот шикаста шаванд, танҳо тасдиқи ба забон кофист то мусалмон шавӣ. Ин фикри ирҷоист ва ақидаи марҷиат, ки гуноҳ барои эмон зараре надорад ва баракси инҳо фирқаи хавориҷ иддао доранд, ки инсон бо гуноҳи кабира кофир мешавад. Аммо аҳли суннат ва ҷамоат ҳукми байнро ки на тафрит асту на ифрот қабул намудааст. Онҳо мегӯянд: *имон амали бадан аст, ҳамчуноне ки барои мардум воҷиб аст, то хабарҳои додаи паёмбаронро тасдиқ намоянд, ҳамчунон барояшон воҷиб аст, то онҳоро дар хабарҳояшон низ тасдиқ кунанд ва ба фармудаҳояш итоат намоянд. Эмони ба расул дуруст намеояд агар аз итоати ӯ сарпечӣ карда шавад.*

Худованд фармудааст:

وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن رَّسُولٍ إِلَّا لِيُطَاعَ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ وَلَوۡ أَنَّهُمۡ إِذ ظَّلَمُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ جَآءُوكَ فَٱسۡتَغۡفَرُواْ ٱللَّهَ وَٱسۡتَغۡفَرَ لَهُمُ ٱلرَّسُولُ لَوَجَدُواْ ٱللَّهَ تَوَّابٗا رَّحِيمٗا ﴿٦٤﴾

«**Ва мо паёмбаре нафиристодем магар барои он, ки бо дастури Худо итоаташ намоянд**» *(Нисо 64)*.

Мегӯянд амалҳои бадан тобеи амалҳои дил ва лозими он аст. Агар дил дорои маърифат ва ирода бошад, он дар аъзои бадан, албатта, ҳувайдо мегардад. Ҳеҷ имкон надорад, ки бадан аз иродаи дил берун бошад. Чунончи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Ҳамон ки дар бадан гӯштпораест, ки агар накӯ бошад, тамоми бадан накӯ мешавад ва агар вайрон бошад, тамоми бадан вайрон мешавад"*** *(Бухорӣ)*.

Имони ҳақиқӣ дар дил тарсро эҷод менамояд, ки дар бадан намоён мегардад ва онро дуруст намуда барои иҷрои амали солеҳ нишоташ мебахшад ва ба қадри иститоат аз ҳаромҳо парҳез менамояд. Агар ба заифӣ роҳ дода кори нодурустеро анҷом диҳад, пушаймон гашта аз соҳиби дил омурзиш металабад. «**Ва ҳар ки амали бадеро анҷом дод ва ё худро ситам намуд, пас аз Худо омурзиш бихоҳад, Худовандро омурзандаи меҳрубон хоҳад ёфт**» *(Нисо 110)*. Ё корҳои некро зиёдтар анҷом медиҳад:

وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ طَرَفَيِ ٱلنَّهَارِ وَزُلَفٗا مِّنَ ٱلَّيۡلِۚ إِنَّ ٱلۡحَسَنَٰتِ يُذۡهِبۡنَ ٱلسَّيِّـَٔاتِۚ ذَٰلِكَ ذِكۡرَىٰ لِلذَّٰكِرِينَ ﴿١١٤﴾

«**Албатта, ки накӯиҳо корҳои бадро дур месозанд**» *(Ҳуд 114)*.

Вақто ки имон дуруст бошад ва дил зинда бошад, банда ба Худои худ алоқаашро хело мустаҳкам мекунад, монанди алоқаи ночори музтармонда ва мискини шикаста. Эмон дар

чунин шахс чунон таасуроте мерасонад, ки оқибати ӯро зуд ё дер хуб месозад.

Имом Шамсуддин Абуабдуллоҳ Муҳаммад Бини Абубакр (раҳ.) фармуданд: *«Дили солим соҳибашро дар изтироб нигоҳ медорад, то ин ки ба Худояш рӯй оварад ва ба ӯ такя намояд ва алоқаашро ба ӯ чун музтар бигардонад, ки на ҳаёт, на наҷот, на комёбӣ, на хушӣ ва на хуррамӣ дорад, магар бо ризо ва наздикии ӯ ва унс гирифтан бо ӯ ва дарёфти оромӣ бо ӯ. Танҳо бо ӯст хурсандияш ва бар ӯст таваккалаш, вақто ки чунин шуд, дар он ҳолат ором гашта ҳама изтиробаш дур мешавад ва эҳтиёҷаш бартараф мегардад. Дар дил гуруснагиест, ки онро ғайри Худо чизе сераш намекунад ва норасоиест, ки ғайри рӯй овардани ба ӯ пурра нашавад ва бемориест, ки танҳо ихлос шифои он аст. Дар чунин ҳолат руҳи ҳаёт корашро оғоз медиҳад ва агар дил ба Худо майлон кунад, дигар аз ҳама чиз мустағнӣ мегардад. Аз махлуқот мустағнӣ гашта, танҳо Худоро таъзим менамояд»*

Бародари эмонӣ, агар бихоҳӣ дили худро биозмоӣ, ки он солим аст ё бемор пас ба андозаи таъзимат ба холиқат ва қадрдонията ба Худованд назар афкан. Худованд фармудааст: «**Ва Худовандро ба андозаи қадраш қадрдонӣ накарданд, дар ҳоле ки ҳамаи замин рӯзи қиёмат дар қабзаи ӯст ва осмонҳо печида дар дасти ӯст. Ӯ пок ва бартар аз он аст, ки ба ӯ ширк меоваранд»** *(Зумар 67)*.

Дар хушӯъи худ дар намоз андеша намо, ки он аз нишонаҳои эмон аст.

قَدۡ أَفۡلَحَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ۝١ ٱلَّذِينَ هُمۡ فِي صَلَاتِهِمۡ خَٰشِعُونَ ۝٢

«**Ҳамоно ки мӯъминон наҷот ёфтаанд. Ононе, ки дар намозҳояшон хушуъ меварзанд»** *(Мӯъминун 1-2)*.

Орифон мегӯянд: *Эй намозхон! Вақто такбир мегӯӣ, бояд дилат забонатро такзиб накунад. Зеро агар дар дилат андак чизе бошад, ки аз Худо болотараш ҳисобӣ, пас ту дурӯғ гуфтаӣ. Аз он ҳазар намо, ки ҳавоят назди ту бузургтар бошад, ба далели он ки мувофақати онро аз тоати Худо болотар қарор додаӣ. Вақто "Аъузу биллоҳ"-ро мехонӣ, дониста бош, ки маъноят худро дар ҳимояи Худо қарор додан аст. Вақто бо дили худ ба Худо паноҳ набурдӣ, каломат*

*беҳудааст. Вақто рукуъ мекунӣ, тавозуъро ҳис намо. Вақто саҷда мекунӣ, хориятро дар баробари худо эҳсос кун. Зеро ту ҷони худро онҷо ниҳодаӣ ва бо саҷда кардан дар хоке, ки аз он офарида шудаӣ, фаръро ба асли худ бозгардондӣ. Дониста бош, ки намозро бо ин кайфият хондан барои сафои дил аз зангҳо василаи асосист.*

Худо ман ва шуморо баракат диҳад ва ба роҳи рост ҳидоят намояд. Ӯст ҳакими маҷид

# АҚИДАИ ДУРУСТ ВА ВАЙРОНКУНАНДАИ ОН

## хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд - Парвардигори оламиён аст, ҳамд мегӯям барои ӯ монанди ҳамди шокирону зокирон ва ба сӯйи ӯ тавба намуда аз ӯ омурзиш мехоҳам ва аз ӯ фазилатҳои бештареро хоҳонам. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягона, ки дар рабубияту улуҳият ва номҳою сифот шарике надорад. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст. Худовандо, салавоту салом фирист бар ӯ ва дигар паёмбарон.

Гиромидошт ва муҳаббати Расул саллалоҳу алайҳи ва саллам бо иҷро кардани он чи фармудааст, ва дурӣ варзидан аз он чи манъ намудааст, ва ин ки Худоро танҳо тибқи дастуроташ ибодат намояд, сурат мегирад.

Бояд Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам барои ҳар мусалмон аз ҷон, ҳамсар, мол, фарзанд ва тамоми мардум маҳбубтар бошад.

قُلْ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمْ وَأَبْنَآؤُكُمْ وَإِخْوَٰنُكُمْ وَأَزْوَٰجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَٰلٌ ٱقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَٰرَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَٰكِنُ تَرْضَوْنَهَآ أَحَبَّ إِلَيْكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٍ فِى سَبِيلِهِۦ فَتَرَبَّصُوا۟ حَتَّىٰ يَأْتِىَ ٱللَّهُ بِأَمْرِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْفَٰسِقِينَ ﴿٢٤﴾

**«Бигӯ агар падарон, бародарон, ҳамсарон, хешовандони шумо, молҳои ба даст овардаатон, тиҷорате, ки аз касоди он бим доред, хонаҳои дилхоҳатон барои шумо аз Худо, Паёмбараш ва ҷиҳоди дар роҳи ӯ маҳбубтар бошанд, пас**

**шумо мунтазир бошед, то Худо дастури хешро оварад. Ва Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад»** *(Тавба 24)*.

Ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу дар "Саҳиҳайн" омадааст, ки Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Яке аз шумоён эмон намеорад, магар ин ки ман барои ӯ аз фарзанду падар ва тамоми мардум маҳбубтар набошам»***

Вале ин муҳаббат бояд дар чорчӯбаи шариат буда, набояд аз ҳудуди илоҳӣ таҷовуз намояд. Ҳеҷ навъи ибодатро набояд ба сӯи Паёмбар равона намуд, монанди дуо, талаби мадад, назр, таваккал ва ғ.

Маддоҳони Паёмбар аҳёнан аз ҳади шаръ ва ақл мегузаранд. Инҳо ҳама бидаътҳои сохташудаанд, ки тоифае аз мусалмонон бозори худро гарм мекунанд. Баъзеҳо онро ибодат ва қурбат ҳам меноманд, ки дар асл корҳои мункар ва ширкҳои сохтаанд. Аҷибтараш дар он аст, ки чунин маддоҳон ва соҳибони идҳои сохта, Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва салламро танҳо барои ҳамин муносибатҳо мешиносанд, вале дар воқеъ дуртарин мардум аз суннати Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ва сарпечидатарин аз ҳидояти ӯ мебошанд. Насиби онҳо бо вуҷуди исёнашон дар фармудаҳо ва наҳйи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам бо шеъру қасидахониҳои ифротона танҳо мадҳи вай аст.Ин як навъ бозии шайтон аст бо инсон. Аз Худованд мехоҳем то мо ва бародарони мусалмони моро сиҳату саломат нигоҳ дорад.

Эй мусалмонон, Мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам сарҳади тавҳидро ҳифз намуд ва роҳҳои ширкро баст. Ӯст касе, ки барои он ҳайате, ки наздаш омада гуфтанд: *"Ту сайиди мо ҳастӣ"*. Паёмбар барояшон гуфт: ***«Сайид худованди таборак ва таолост»***. Гуфтанд: *"Дар фазл аз мо болотар ва дар бузургӣ аз мо бузургтарӣ". Гуфт*: ***«Монанди ин бигӯед ё камтар аз ин ва шайтон шуморо фиреб накунад»*** (*Ривояти Абудовуд аст ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта)*.

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам пеш аз маргаш умматони хешро васият кард, ки аз ҳад зиёд дар шаънаш суханҳо нагӯянд: *«Шумо манро беҳуда баланд набардоред, монади он ки насрониҳо бо Ибин Марям карданд. Ман бандаи Худо ҳастам ва шумо низ бигӯед банда ва фиристодаи Худо» (Бухорӣ)*.

Олимон ба ин қарор гирифтанд, ки агар инсон талаби мададро аз ғайри Худо хоҳад ва ё дуоро ба дигаре намояд, ин ширки маҳз аст. Худованд фармудааст:

وَإِن نَّكَثُوٓاْ أَيۡمَٰنَهُم مِّنۢ بَعۡدِ عَهۡدِهِمۡ وَطَعَنُواْ فِي دِينِكُمۡ فَقَٰتِلُوٓاْ أَئِمَّةَ ٱلۡكُفۡرِ إِنَّهُمۡ لَآ أَيۡمَٰنَ لَهُمۡ لَعَلَّهُمۡ يَنتَهُونَ ١٢

**«Дуои ҳаққонӣ мар ӯрост ва касоне, ки ғайри ӯро мехонанд, барои онҳо ҳеҷ ҷавобе намедиҳанд, монанди оне ки кафи дастро ба сӯйи об дароз мекунӣ, то об гирифта ба даҳон barӣ, вале дастҳо ба он намерасанд ва дуоҳои кофирон танҳо дар гумроҳист»** *(Тавба 12).*

Боз Худованд фармудааст: **«Ва ғайри Худованд нахон он касеро, ки на фоидаат медиҳад ва на зарарат. Агар ин корро анҷом додӣ, аз зумраи золимон хоҳӣ шуд. Агар Худованд туро гирифтори зараре намояд, касе онро ғайри ӯ бардошта наметавонад. Ва агар бароят хайреро ирода намояд, касе онро бартараф карда наметавонад. Ҳар бандаеро, ки бихоҳад, хайраш медиҳад ва ӯст омурзандаи меҳрубон»** *(Юнус 106-107).*

Абулаббос Аҳмад Бини Абдусалом фармудааст:: *"Ҳарки байни худ ва Парвардигор воситаеро қарор диҳад ва ба он такя намояд ва онҳоро дуо намуда аз онҳо кӯмак талаб намояд, бо иҷмоъ кофар мегардад. "* Ин ривоятро аз эшон чандин олимон ривоят карданд, ки ӯро хуб мешинохтанд.

Имом Абуабдуллоҳ Муҳаммад Бини Абӯбакр гуфтааст: *"Аз намудҳои ширк ин дархости ҳоҷатҳо ва кӯмакталабӣ аз амвот ва ба онҳо таваҷҷӯҳ доштан аст. Асоси ширки олам ҳам дар ҳамин аст. Мурдаро тамоми амалаш қатъ гардидааст, дигар ӯ ҳатто барои худ фоида ва зараре оварда наметавонад, куҷост фоида ва зарар овардан барои дигарон? Ҳамчунин аз мурда хостан, ки шафиъ дар назди Худо бошад, ин ҳам надонистани шафоат ва нашинохтани шофеъ ва машфуъ аст. Назди Худованд касе бидуни изнаш наметавонад шафеъ бошад ва Худованд аз дигар кас пурсиданро сабаби иҷозаташ нагардондааст, баръак сабаби асосӣ ин камоли тавҳид аст."*

Эй бандагони Худо, барои мағфират ёфтан ва духули ҷаннат гардидан дуруст будани ақида шарти асосӣ аст. **«Худованд намебахшад агар ба ӯ шарик оварда шавад ва ғайри инро барои ҳар ки бихоҳад мебахшад»** *(Нисо 48)*.

**«Бигӯ ман низ монанди шумо инсонам, ба ман ваҳйе дода шудааст, ки маъбуди шумо Худои ягона аст. Ҳар ки умеди дидори Парвардигорро дошта бошад, бояд амали солиҳ намуда ба ибодати Парвардигораш касеро шарик наорад»** *(Каҳф 11)*.

Ақидаҳои фосид ва паҳн гаштани бидъатҳо омили асосии боз мондани пешрафти мусалмонҳост. Мусалмонҳо асбоби пирӯзиро ҳосил намекунанд магар баъди пок намудани ақоиди худ ва содиқ будан дар ибодатҳои худ, ки холис барои Худои бешарик бошанд. Ин буд хулосаи даъвати тамоми паёмбарон ва хулосаи тамои ваҳйи илоҳӣ.

وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ ﴿٢٥﴾

**«Ва пеш аз ту паёмбаронро нафиристодем магар ин ки барояшон ваҳе намудем, ки нест меаъбуде ғайри ман пас маро ибодат намоед»** *(Анбиё 25)*.

Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, тамоми мардон ва занон, зиндаҳо ва мурдагони мӯъминонро омурзиш намо.

Худоё, мо аз ту устувориро дар Ислом ва анҷоми некро мехоҳем.

Худоё, мо аз ту пайравӣ намудани накӯро талаб намуда аз бадии бидъат паноҳ металабем.

Худоё, Ислом ва муслиминро пирӯз гардон ва ҳар ки ин динро хор намояд, хораш намо. Худоё, бародарони муваҳҳиди моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон. Худоё, бо ёрият

кӯмакашон намо. Худоё, эй илоҳи ҳақ, бар сари эшон ризо ва раҳмати хешро бибор.

Худоё, мо аз ту илми нофеъ ва амали накӯро хоҳонем. Худоё, мо аз ту ҳидоят, тақво, саломатӣ ва боигарӣ металабем.

Худоё, барои падарону furbobоҳои мо ва барои ҳар ки болои мо ҳақ дорад ва ҳамчунин бар имомон ва оммаи мусалмонон омурзиш намо.

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# НИШОНАҲОИ ХУДОВАНД ДАЛЕЛИ ҚУДРАТИ ӮСТ

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованде, ки мар ӯрост ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст ва барои ӯст ҳамд дар анҷом. Ва ӯст ҳакиму доно. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яктои бешарик, ӯрост мулк ва ӯрост ҳамд ва бар ҳама чиз тавоност. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст, баширу назир ва чароғи равшану даъваткунандаи бандагон ба сӯйи Худованд аст бо дастури худи ӯ. Салавот ва саломи беандозаи Худо бар ӯ, хонадон, асҳобаш ва ҳар ки то рӯзи қиёмат бо накӯӣ аз эшон пайравӣ намояд.

Аммо баъд, эй мусалмонон, аз Худованди мутаъол битарсед ва ба нишонаҳое, ки ба камоли қудраташ далолат мекунанд бингаред, то гиромидошт ва таъзиматон барои Худо бештар гардад. Худованд осмонҳо, замин ва ончи дар байни онҳост бо шумули офтоб, моҳ, ситорагон, кӯҳ, дарахт, ҳайвонот, баҳр ва дарёҳоро офарид. Ин ҳамаро дар шаш рӯз бо комилтарин ваҷҳ ва пурратарин низом халқ кард. Агар ӯ мехост ин ҳамаро дар як лаҳза меофарид. Худованд фармудааст:

«**Ҳамоно ки дастури мо барои ҳар чиз чун онро бихоҳем он аст, ки барояш мегӯем бош, пас пайдо мешавад**» *(Наҳл 40)*.

إِنَّمَا قَوۡلُنَا لِشَيۡءٍ إِذَآ أَرَدۡنَٰهُ أَن نَّقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٤٠﴾

Боз фармудааст: «**Ва дастури мо нест магар як монанди мижа задан**» *(Қамар 50)*. Вале ин ҳамаро дар шаш рӯз офариданаш барои ҳикматест, ки тақозои онро мекунад. «**Ва Парвардигори ту меофарад ҳар чиро, ки бихоҳад ва ихтиёр намояд. Барои онҳо ихтиёр нест. Пок ва бартар аст Худованди таъоло аз он чи ширк меварзанд**» (Қассас 67).

Дар ҳақиқат, Худованд инсонро аз сулолаи гил офарид. Аз он Одамро ва сипас насли ӯро аз оби ночиз офарид, обе,

ки аз байни пушти мард ва зан меояд. Пас дар қароргоҳи ороме ҷойгир мешавад, ки на офтоб ба он мерасад на ҳаво, на гармо ва на сармо. Худованд онро дар дохили се торикӣ ба суратҳои гуногун мубаддал менамояд. Торикии шикам, торикии бачадон ва торикии парда. Чил рӯз нутфа мемонад, пас ин хуни овезон гӯштпора мегардад. Вақто ки ин муддат пурра шуд, яъне чормоҳ гузашт, Худованд малоикаи ба ин кор вобастаро мефиристад ва дар ӯ рӯҳро медамад. Баъди ин ончи ҷимод буд ба инсон мубаддал мешавад. Бисёр бобаракат аст Худованд, ки беҳтарини офарандагон аст.

Худованд барои бандагонаш баъзе аз нишонаҳои қудраташро намоён кардааст, то нишона барои яқинкунандагон ва ибрат барои аҳли ибрат бошад. Худованд Исо писари Марямро аз модар ва бе падар офарида ӯро дар гаҳвора гӯё намуд, ки аз ҳама мардум фасиҳтар ва равшантар сухан мегуфт Худованд фармудааст: **«Гуфт ман бандаи Худоям, бароям китоб додааст ва манро паёмбар намудааст. Ва ҳарҷо ки бошам маро муборак намуда манро ба намоз хондан ва закот додан васият намудааст, то он дам ки ҳаёт дорам. Ва накӯкор бо модарам ва манро золими бадбахт нагардонда аст. Ва салом бар ман, он рӯз ки зода шудаам ва рӯзе, ки мемирам ва рӯзе, ки дубора зинда хоҳам шуд»** *(Марям 32-33).* Чӣ сухани балиғ ва каломи фасиҳаст ин! Дар ҳақиқат, ин мӯъҷизаест, ки бар қудрат ва азамати Худованд далолат мекунад.

Худованд дар бораи Исо хабар додааст, ки ӯ аз гил бо дастури Худо ба сурат паранда офарида дар он медамид ва он бо дастури Худо парвоз мекард. Ва хабар додааст, ки ӯ кӯрони модарзод ва песонро бо дастури Худо шифо мебахшид. Ва хабар додааст, ки ӯ бо дастури Худо мурдаҳоро зинда мекард.

Худованд барои мо дар сураи *“Бақара”* панҷ ҳодисаро ёдрас кардааст, ки зинда намудани мурдаро дар ин дунё дар бар мегиранд.

<u>Аввал қиссаи Бани Исроил.</u> Вақто ки Бани Исроил ба паёмбарашон гуфтанд:

وَإِذۡ قُلۡتُمۡ يَٰمُوسَىٰ لَن نُّؤۡمِنَ لَكَ حَتَّىٰ نَرَى ٱللَّهَ جَهۡرَةً فَأَخَذَتۡكُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ وَأَنتُمۡ تَنظُرُونَ ٥٥

«**Мо ба ту имон намеорем то ин, ки Худоро ошкоро бинем**» *(Бақара 55),* пас Худованд онҳоро ҷазо дод, оташаке онҳоро гирифт ва ҳамагон мурданд. Сипас, Худованд онҳоро баъди маргашон дубора зинда сохт ва дар ин боб Худованд ба Бани Исроил хитоб намуда гӯфт: «**Ва ҳангоме, ки шумо гӯфтед эй Мусо, мо ба ту имон намеорем, то ин ки Худоро ошкоро бинем, пас оташпорае шуморо гирифт дар ҳоле, ки шумо назар мекардед. Пас шуморо баъди маргатон зинда намудем, шояд ки шумо сипосгузор бошед**» *(Бақара 55-56).*

Дуюм қиссаи мурдае аз Бани Исроил. Марде буд, ки ӯро писарамакаш ба қатл расонид, вале ангушти иттиҳом ба сӯйи қабилаи дигар, ки бо онҳо душманӣ дошт, нишон дод. Мусо тавасути ваҳйи илоҳӣ онҳоро фармуд, то говеро кушанд ва бо порае аз он мурдаро зананд. Баъди мубоҳаса ва кашмакашиҳои зиёде, ки наздик буд аз куштани гов даст кашанд, билохира онро куштанд ва мурдаро бо порае аз он заданд. Худованд майитро зинда намуд ва ӯ дар бораи қотили худ хабар дод. Дар ин хусус Худованд фармудааст: «**Вақто ки шумо куштед нафсеро ва хостед иттиҳомро аз худ дур намоед, дар ҳоле ки Худованд медонад он чизеро, ки шумо пинҳон мекунед, пас гуфтем онро бо порае аз он (гов) занед. Худованд мурдагонро чунин зинда месозад ва барои шумо мӯъҷизаҳояшро нишон медиҳад, шояд ки шумо ақл намоед**» *(Бақара 72-73).*

Сеюм қиссаи вабо ва як қавм. Дар замони гузашта қавме буд, ки диёрашон мубтало ба вабо гардида буд. Аҳли диёр аз бими марг гурӯҳ-гурӯҳ ҷилои ватанашон менамуданд. Пас Худованд барояшон нишон дод, ки аз тақдири муқарраркардаи Худованд раҳоӣ нест. Онҳоро миронд, то ба бандагонаш андозаи қудрат ва танфизи авомирашро нишон диҳад. Боз онҳоро дубора зинда намуд, то ҳаёти

хешро идома диҳанд. Дар ин боб Худованди азз ва ҷалл фармудааст:

﴿ أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ خَرَجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَهُمۡ أُلُوفٌ حَذَرَ ٱلۡمَوۡتِ فَقَالَ لَهُمُ ٱللَّهُ مُوتُواْ ثُمَّ أَحۡيَٰهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشۡكُرُونَ ٢٤٣ ﴾

**«Оё надидаӣ ононеро, ки аз тарси марг аз диёрашон берун шуданд. дар ҳоле ки ҳазорон буданд. Пас Худованд барояшон гуфт бимиред, пас дубора зидаашон намуд. Ҳамоно ки Худованд соҳиби фазл аст бар болои мардум, вале аксари мардум сипосгузор нестанд»** *(Бақара 243).*

Чорум қиссаи мард ва шаҳри вайрона. Марде бар қарияе гузар дошт, ки он холӣ ва сарозер гардида буд. Хонаҳояш вайрон, дарахтон хушкида ва андешаи “ҳама мисли пештара боз обод мегардад”-ро аз имкон берун ҳисобид. Худованд дар мисоли худаш нишон дод, ки он ба қудрати беинтиҳои илоҳӣ далолат мекунад, яъне ӯро сад сол миронд, ки ҳамроҳаш маркаб ва каме хӯроку шароб ҳам буд. Пас маркабаш низ мурду гӯшту устухонаш хок гашт, вале таому шаробаш тӯли ин муддат бетағйир монд. Пас Худованд ӯро аз нав зинда кард ва барояш маркабашро дар ҳоле нишон дод, ки устухонҳои парокандааш бо ҳам ҷамъ гашта пайваст мешаванд ва болояшонро гӯшт иҳота мекунад. Дар боби ин қисса Худованд фармудааст: «**Ё монанди он касе, ки бар қарияе гузар дошт, ки он холӣ ва сарозер буд. Гуфт чӣ гуна ин ҳамаро Худованд баъди марг зинда мекунад? Пас худованд ӯро сад сол миронид, сипас дубора зиндаяш намуд. Гуфт: Чӣ миқдор истода будӣ? Гуфт: Як рӯз ва ё камтар аз як рӯз. Гуфт: Балки сад сол истода будӣ, бингар ба таому шаробат, ки тағйир наёфтааст. Ва ба харат бингар ва то туро муъҷизае барои мардум қарор диҳам. Ва ба устухонҳо назар афкан, ки чӣ гуна ҷамъашон менамоем, пас онҳоро бо гӯшт мепӯшонем. Вақто ки ин ҳама**

**барояш равшан гардид, гуфт медонам, ки Худованд бар ҳама чиз тавоност»** *(Бақара 259).*

Панҷум қиссаи Иброҳим ва парандаҳо. Ҳазрати Иброҳим (а) вақто ки аз Худованд дархост намуд, то барояш чӣ гуна зинда кардани мурдаро нишон диҳад. Худованд ӯро фармуд, то чор парандаро бигирад ва онҳоро пора-пора намуда, он пораҳоро дар кӯҳҳои атрофаш пароканда намояд, яъне дар ҳар кӯҳе як пораеро ниҳад. Баъди он нидояшон кунад ва бинад, ки он пораҳои парокандаи дар кӯҳҳо ниҳодаи парандаҳо чӣ тавр бо ҳам пайваст гашта, парвоз карда ба наздаш меоянд. Худованд фармудааст:: **«Ва ҳангоме, ки Иброҳим гуфт: Худоё маро нишон деҳ, ки чӣ гуна мурдаҳоро зинда менамоӣ. Гуфт: Оё бовар надорӣ? Гуфт: Бовар дорам, вале мехоҳам дилам ором гирад. Гуфт: Чор парандаро бигир, пас дар назди худ онҳоро пора намо ва дар ҳар кӯҳе қисмате аз онҳоро гузор. Пас онҳоро нидо кун, роҳгашта (парвозкунон) ба сӯят меоянд. Ва дониста бош, ки Худованд азиз ва ҳаким аст»** *(Бақара 260).*

Ин аз зинда шудани мурдагон дар ҳамин дунё чанд намунае буд. Нишонаҳое аз зинда гардондан дар рӯзи қиёмат. Ва ин кор барои Худованд хело осон аст. Худованд фармудааст:

وَهُوَ ٱلَّذِى يَبْدَؤُا۟ ٱلْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ وَهُوَ أَهْوَنُ عَلَيْهِ ۚ وَلَهُ
ٱلْمَثَلُ ٱلْأَعْلَىٰ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٢٧﴾

**«Ва ӯст, ки халқро аз ибтидо офарид, пас онҳоро боз мегардонад ва ин кор барояш осонтар аст»** *(Рум 27).* Ва Худованд фармудааст: «**Офаридан ва аз нав зинда гардонидани шумо як чиз аст»** *(Луқмон 67).* Худованд фармудааст: **«Ва нест ин магар як садои тунде»** *(Нозиъот 13).* Ва Худованд фармудааст: «**Набуд онҷо магар як садое, пас онҳо ҳама хомӯш шаванд»** *(Ёсин 29).* Боз Худованд фармудааст: **«Ва нест кори қиёмат магар монади мижа задане ва ё аз ин ҳам зудтар. Ҳамоно Худованд бар ҳама чиз тавоност»** *(Наҳл 77).*

Худованди доно пок аст. Тавони онро дорад ки бо як садои тунде тамоми мардум, марду зан, хурду бузургро аз қубурашон зинда намояд, ки яке аз онҳо фаромуш нашавад. Ва ин корро дар як мижа задан ва ё аз он тезтар анҷом диҳад. Худовандро чизе дар осмонҳо ва замин оҷиз намегардонад ва ӯ доно ва тавоност.

Худоё, моро дар оётат рӯзии тафаккур бидеҳ. Ва бароямон аз он панд гирифтанро насиб бигардон. Ва бароямон ризқи истифода аз ваҳйи фуруфиристодаат ва қазои муқадаротатро арзонӣ бигардон. Ва моро мағфират намою ба ҳоламон раҳм кун, ҳамоно ки ту омурзанда ва меҳрубонӣ.

Суханамро ба анҷом расонида аз Худованд барои худам ва шумоён омурзиш мехоҳам. Аз ӯ омурзиш бихоҳед, ки ӯ омурзандаи меҳрубон аст.

# НИШОНАҲОИ ХУДОВАНД ДАЛЕЛИ ҚУДРАТИ ӮСТ

### хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд, ки бодро ҳамчун муждаи раҳматаш мефиристад ва аз осмон оби покро фурӯ меорад, то бо он замини мурдаро зинда сохта, ҷумла махлуқоти рӯйи заминро бинӯшонад. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик. Худованд бар ҳама чиз тавоност. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Вайро ба сӯйи тамоми мардум ҳамчун муждарасон, тарсдиҳанда, даъваткунанда ба сӯйи Худо бо дастураш ва чароғи равшан фиристодааст. **«Масали фиристода шудани ӯ монанди борони зиёде аст, ки бар замине меборад. Баъзе заминҳо, ки тозаанд, онро ҷабида мегиранд ва алафу растаниҳои зиёде мерӯёнанд. Ва дигар заминҳо, ки санглоханд обро ҷабида ҷамъ мекунанд ва мардум аз он истифода мебаранд, менӯшиданду замини дигарро об медиҳанд ва кишт мекунанд. Ва дигар замин лалмӣ аст, ки на обро ҳифз мекунад ва на алафе дар он мерӯяд»** *(аз Бухорӣ ва Муслим).*

Мисоли аввалаш мардест дар дини Худо фақиҳ, ки аз ваҳйи илоҳӣ фоида дид, донисту омӯхт. Дуюмаш мардест, ки ваҳйро ба дигарон расонида аст. Сеюмаш мардест, ки ба ваҳйи илоҳӣ сарфароз нагашта он ҳидоятро, ки ба Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дода шуда буд, қабул накардаст. Салавот ва саломи худо бар Муҳаммад ва олу асҳоби эшон ва ба он ки ба накӯйӣ онҳоро то рӯзи қиёмат пайравӣ намудааст.

Аммо баъд, эй мардум, аз Худо битарсед ва ӯро ибодат намоед.

**«Он кас, ки бароятон заминро чун фарш қарор дода осмонро бино намудааст ва аз осмон обе нозил кардааст, ки тавасути он барои рӯзиятон меваҷот баровардааст»** *(Бақара 22).*

Худованд фармудааст:

وَهُوَ ٱلَّذِى يُرۡسِلُ ٱلرِّيَٰحَ بُشۡرَۢا بَيۡنَ يَدَىۡ رَحۡمَتِهِۦۖ حَتَّىٰٓ إِذَآ أَقَلَّتۡ
سَحَابٗا ثِقَالٗا سُقۡنَٰهُ لِبَلَدٖ مَّيِّتٖ فَأَنزَلۡنَا بِهِ ٱلۡمَآءَ فَأَخۡرَجۡنَا بِهِۦ مِن كُلِّ
ٱلثَّمَرَٰتِۚ كَذَٰلِكَ نُخۡرِجُ ٱلۡمَوۡتَىٰ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ﴿٥٧﴾ وَٱلۡبَلَدُ
ٱلطَّيِّبُ يَخۡرُجُ نَبَاتُهُۥ بِإِذۡنِ رَبِّهِۦۖ وَٱلَّذِى خَبُثَ لَا يَخۡرُجُ إِلَّا نَكِدٗاۚ
كَذَٰلِكَ نُصَرِّفُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَشۡكُرُونَ ﴿٥٨﴾

**«Ва ӯст зоте, ки бодро ҳамчун муждаи раҳматаш мефиристад, то ин ки абрҳои вазнинро бордор намояд, пас онро барои заминҳои мурда обёрӣ намудем. Пас тавассути он обро фурӯ фиристодем ва аз ҳар намуд меваҷот ҳосил баровардем. Ҳамчунин мо мурдагонро зинда месозем шояд, ки шумо панд гиред. Ва замини хуб ҳосилашро бо ёрии Худо мебарорад ва аммо замини бад танҳо дер ҳосил медиҳад. Ҳамин тариқ, оятҳои худро тарафи қавме, ки сипосгузор аст, равона мекунем»** *(Аъроф 57-58).*

Эй мардум, ҳама чиз дар ин олам дорои нишонаест, ки ба ягонагӣ ва Парвардигор будан ва қудрату тавоноии Худованд ва камоли ҳикмату раҳматаш далолат мекунанд. Далолат бар он мекунанд, ки ӯ бар ҳама чиз тавоност. Ҳарчиро хост ва ихтиёр намуд, меофарад. Чизе дар осмонҳо ва замин ӯро оҷиз намегардонад. Ва ӯ доно ва тавоност. Ин бодҳои нозук, ки Худованд мефиристад, абрҳои гарони пур аз обҳои зиёд, ки дар замин ҷорист ва дар баҳрҳо паҳн, онҳоро бардоштаю бо ҳам як намуда, чун кӯҳ пайвасташон менамояд, ки аз ғафсӣ нури офтобро ҳам мепӯшонад ва аз сиёҳияш замин тира мегардад. Онро мебинӣ, ки бо дастури илоҳӣ ба зудӣ бо ҳам ҷамъ мегардад. Ва агар Худованд парокандагии онҳоро бихоҳад, зуд пароканда мешаванд. Ва осмон беғубору соф гашта, гӯё аслан абре онҷо вуҷуд надошт. Анас разияллоҳу анҳу мегӯяд: *«Дар замони Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам сахтие омада буд. Замоне, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар рӯзи ҷумъа хутба*

*мехонд, аъробие аз ҷой бархоста гуфт: Эй Расули Худо, молҳо талаф шуданд, фарзандон гурусна монданд, даромадҳо канда шуданд. Аз Худо бихоҳ то бароямон об диҳад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дастонашро тарафи осмон дароз кард, дар ҳоле ки дар осмон порае абр ҳам вуҷуд надошт, гуфт:* ***Қасам ба зоте, ки ҷонам дар кафи ӯст***. *Дастонашро ҳанӯз поён накарда буд, ки абрҳо ба мисли кӯҳ ҷуш заданд. Аз минбараш поён нарафта буд, ки боронро дидам, ки дар риши муборакашон мерасид. Пас он рӯз ва фардояш ва пас фардо ва рӯзҳои дигар то рӯзи ҷумъаи дигар боридан гирифт. Пас он аъробӣ ё нафари дигаре аз ҷои худ бархост ва гуфт: Эй Расули Худо! Хонаҳо вайрон гаштанд, молҳо ғарқ шуданд, барои мо Худовандро дуо намо. Пас дастонашро бардошта гуфтанд:* ***"Ба атрофамон на ба болоямон"*** *ва бо дасташ тарафи ҳар гӯшаи осмон ишора намекард, магар инфиҷор рух медод. Пас абрҳо пора гаштанд ва дар Мадина дигар абре дида намешуд. Ва дар водӣ ҷуйборе то як моҳ равона буд ва аз тарафи водӣ касе намеомад, магар ин ки дар бораи баракат сухан мегуфт» (Бухорӣ).*

Эй мусалмонон, дар ин ҳадиси саҳиҳ ва дар он чи мо аз ин қудратҳои бузург мушоҳида менамоем, ҳама далели бузургии қудрати Худованди таъолост. Ва ин ки Худованд агар чизеро бихоҳад, барояш мегӯяд **"Пайдо шав!"** ва он пайдо мешавад, Худованд фармудааст:

وَمَآ أَمۡرُنَآ إِلَّا وَٰحِدَةٞ كَلَمۡحِۭ بِٱلۡبَصَرِ ٥٠

**«Ва дастури мо нест, магар монанди як мижа задан»** *(Қамар 50)*. Ин нишона бар он аст, ки ин абрҳо мусаххари амри илоҳиянд ва аз амру дастуроти холиқи худ таҷовуз намекунанд. Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам, ки содиқу амин буд, дар бораи марде хабар дод, ки дар биёбоне аз осмон садое шунид ба ин мазмун: *«Боғи фалониро об деҳ" Абрҳо оби худро дар зарфе рехтанд ва аз он дар боғи он мард об мерехтанд. Пас аз он мард пурсид: Эй бандаи Худо, чӣ ном дорӣ? Гуфт: Фалон (он номеро ки ба абрҳо гуфта шуда буд). Пурсид: Чаро номи маро пурсон шудӣ? Гуфт: Ман дар ин абр, ки гузашту ин об аз он аст, шунидам ки мегуфт "боғи фалониро об деҳ" ва номи туро гирифт. Ту дар боғи худ чӣ*

*кор мекунӣ? Гуфт: Модоме ки ту ин суханро гуфтӣ, ман мунтазир мешавам, то замин ҳосил диҳад ва сеяки онро садақа мекунам ва сеякашро худ ва аёлам мехӯрем ва сеяки дигар барои ободонии ин боғ сарф менамоям» (Муслим).*

Эй мусалмонон, ин бороне ки бар сари мо мерезад, аз фазилат ва раҳмати Худованд аст. Худоро бо итоат кардани авомираш шукр намоем ва дастуроташро иҷро карда, аз наҳйяш дурӣ ҷӯем. Худоро бо эътиқод бар ин, ки ин ҳама неъматҳо аз фазлу раҳмату карами ӯст, бо майли дилҳо сипосгузорӣ намоед. Худованд фармудааст:

وَإِذْ تَأَذَّنَ رَبُّكُمْ لَئِن شَكَرْتُمْ لَأَزِيدَنَّكُمْ ۖ وَلَئِن كَفَرْتُمْ إِنَّ عَذَابِي لَشَدِيدٌ ﴿٧﴾

**«Ва ҳаногоме ки Худованд хабардор намуд, ки агар маро шукр намоед зиёдтаратон медиҳам»** *(Иброҳим 7).*

Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаӣ, ҳамоно ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз Абӯбакру Умару Усмону Алӣ ва дигар саҳобагон ва аз ҳамсарони Паёмбар, ки модарони мӯъминонанд, розӣ бош.

Худоё, моро бо ҳидоятат устувор намо ва амалҳоямонро барои ризои худ бигардон. Худоё, бароямон ато намо ва маҳрумамон масоз ва икромамон намо ва иҳонатамон макун ва зиёдтарамон деҳу нуқсонамон макун.

Худоё, тамоми мардону занон ва зиндаҳою мурдагони мӯъминонро омурзиш намо.

Худоё, бародарони мусалмони моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон. Худоё, барояшон кӯшоиш деҳ. Худоё шаҳидонашонро бипазир. Худоё, бар сари онҳо раҳмату мағфирату афву ризоятро нозил намо. Худоё, ба кӯдакони эшон тараҳҳум намо ва ба калонсолонашон меҳрубон бош. Худоё, занони эшонро сатр намо ва барояшон ҷомаи сиҳатӣ ва саломатӣ бипӯшон.

Худоё, мо аз ту муҷиботи раҳмататро, бузургии мағфирататро, ғаниматро аз ҳама накуӣ ва саломатиро аз ҳама гуноҳ мехоҳем.

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# ТАКРИМИ ХУДОВАНД БАРОИ ИНСОНИЯТ

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд, ҳамди беандозаи поки бобаракат, ҳамон тавр ки Парвардигорамон дӯст медорад ва мехоҳад. Ӯ таъолоро ҳамде мегӯям, ки ба ҷалолаш лоиқ бошад. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик, халқро офарид, то ӯро бипарастанд, аз адам ба вуҷудашон овард, то ӯро итоат намоянд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда, фиристода ва баргузидаи халқи ӯ ва беҳтарин бандаи ӯст. Салавоту саломи Худо бар ӯ, бар олу асҳоб ва ба пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд, эй мардум, ман шумо ва худро ба тарси Худованди таъоло дар ошкор ва ниҳон, чанг задан ба шариати ӯ ва итоат аз ҳудуду амру наҳйи ӯ васият менамоям. Аз ӯ битарсед он миқдор ки ӯ сазовор аст ва ибодаташ намоед тавре дорад. Шуморо ғайри ӯ на Парвардигорест ва на Худоест, танҳо ӯро таъзим намоед. Аз иқобу ғазаби ӯ дар ҳазар бошед. Барои фардои худ бо иҷро кардани корҳои накӯ омодагӣ бигиред. Аз ғафлат ва беаҳамиятӣ эҳтиёт намоед. Зирак он касест, ки худро бишносад ва барои фардояш кор кунад. Нотавон касест, ки аз ҳавои нафсаш пайравӣ намуда пойбанди орзуҳояш мегардад.

Эй бандагони Худо, Худованд инсонро замоне, ки офарид, дурусташ намуд, дар ӯ аз руҳи хеш дамид, барояш гӯшу бинию дил бахшид, сураташ дод ва сураташро зебо намуд, дар зеботарин низом ва накӯтарин сурат ӯро офарид, малоикаҳоро барои ба ӯ саҷда кардан фармон дод, ӯро ба намудҳои зиёди илму маърифат, ки тавасути он саодати дунё ва охиратро меёбад, роҳнамоӣ намуд. Барояш ақлу идроку забону тамиз бахшид, барояш неъматҳои бешумору бебаҳо дод, барояш тамоми ашёи осмону заминро мусаххар сохт, ӯро халифаи хеш дар рӯи замин таъин кард, то онро обод намояд ва бо ин ҳама вайро хеле такрим кардааст.

۞ وَلَقَدۡ كَرَّمۡنَا بَنِيٓ ءَادَمَ وَحَمَلۡنَٰهُمۡ فِي ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِ وَرَزَقۡنَٰهُم
مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَفَضَّلۡنَٰهُمۡ عَلَىٰ كَثِيرٖ مِّمَّنۡ خَلَقۡنَا تَفۡضِيلٗا ٧٠

**«Ва дар ҳақиқат, мо барои одамият икром кардаем, онҳоро дар баҳру бар бардоштаем ва аз хушиҳо рӯзияшон додаем ва аз бисёре аз махлуқотамон фазилати бештарашон додаем»** *(Асро 70).*

Эй бандагони Худо, яке аз одатҳои ҷоҳилият ва сифати баде, ки ҳеҷ замону макон аз он холӣ нест, ин таъзими падарон ва гузаштагон ва болидан ба ифтихори қабила ва ифтихор бо ҳасабу насабу иҳтимоми он ва мардумро тибқи он ба табақаҳо ҷудо намудан аст, ки фалонӣ асле надорад, фалони дигар чизе надорад, фалон кас заифу мискин аст, дигаре чунон аст ва ман бошам аз оилае чунин ҳастам. Ин ҳама шиори даврони ҷоҳилият буд.

Ислом тамоми мафҳумоти гиромидошти табақотиро дар байни мардум, ки бар асоси молу мақом, аслу насаб, вазифаю мансаб, рангу хун бошад, лағв намуд. Мусалмононро чунон тарбия кард, ки дар онҳо мизони дурустро барои қадрдонии онҳо дар асоси ахлоқи иҷтимоӣ ба бор овард.

Мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам баён намуд, ки ҳеҷ тафозуле байни мардум вуҷуд надорад, магар ба андозаи тақво ва амали накӯ. Ҳар имтиёз ва ё фазилатеро, ки мардум бар ғайри ин асос муқоиса менамоянд, бекор ва мардуд аст. Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳу чунин омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар рӯзи фатҳи Макка хутба хонда, чунин гуфт: ***«Аммо баъд, эй мардум, Худованд шуморо аз ғурури ҷоҳилият ва ифтохороти он раҳо намуд. Мардум ду тоифаанд: мӯъмини бо тақво, ки назди Худованд боиззат аст ва гунаҳкори бадбахте, ки ҳеҷ арзише назди Худо надорад.*** Он ҳазрат ин оятро низ тиловат намуданд: **«Эй мардум, мо шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо ба маҳалҳо ва қабилаҳо тақсим намудем, то бо ҳам ошно гардед. Ҳамоно ки каримтарини шумо назди Худо**

**ботақвотарини шумост»** *(Ҳуҷурот 13)», (ривояти Тирмизӣ ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

Имом Абулаббос Аҳмад Бини Абдусалом (раҳ) мегӯяд: *Бо насаб андоза намудани шарафи динӣ яке аз аҳкоми ҷоҳилият ва одати касонест, ки монанди рофизиён ва ашбоҳи эшон аст. Аз ин руй дар Қуръон ҳеҷ ояте вуҷуд надорад, ки касеро ба хотири насабаш таъриф ва ё касеро ба хотири насабаш танқид карда бошад. Баръакс, мадҳ ба андозаи имону тақвост ва танқид ба андозаи фисқу исён.*

Абуҳурайра разияллоҳу анҳу мегӯяд, ки ба Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: *Эй расули худо каримтарини мардум кист?* Гуфт: ***Ботақвотарини эшон.*** Гуфтанд: *Мо аз ту дар бораи ин напурсидем.* Гуфт: ***Пас Юсуф Паёмбари Худост ва писари Паёмбари Худо, писари Паёмбари худо, писари халили Худо.*** Гуфтанд: *Мо туро дар бораи ин напурсидем.* Гуфт: **Аз бузургони араб мепурсед? Беҳтарини эшон дар ҷоҳилият беҳтарини эшонанд дар ислом, агар илм касб намоянд** (муттафақун алайҳ).

Эй бандагони худо, имрӯзҳо дар забони мардум ин меъёри ҷоҳилият зиёд шунида мешавад. Қасди ман он таҳқироту таънаҳост, ки нисбат ба камбағалон, насабу касби мардум ва ба ин монанд ба мушоҳида мерасад. Дар ҳоле ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***«Басо бесоҳиби аз дар ронда аст, ки агар барои Худо қасам хурад, анҷомаш медиҳад»** (Муслим)*

Аз Абуҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки зани сиёҳе (ё ҷавоне), ки хидмати масҷидро мекард, чанд муддат ғайб зад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар борааш пурсон шуд. Гуфтанд: *Мурдааст.* Гуфт: ***Чаро маро хабар надодед?*** Абуҳурайра мегӯяд, ки мардум кори ӯро ночиз меҳисобиданд. Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: ***“Қабрашро барои ман нишон диҳед”.*** Нишонаш доданд ва ӯ дар болои қабраш ҷанозаашро хонд *(Бухорӣ ва Муслим).*

Эй бандагони худо, икром намудан ва эҳтироми мардум ва донистани қадри эшон яке аз бузургтарин чизест, ки Ислом ба он даъват менамояд. Оиша разияллоҳу анҳу мегӯяд: *«Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам маро мефармуд, то қадри мардумро бидонам» (Муслим).*

Бале эй бандагони худо! Дар миёни мардум муйсафедест, ки устухонаш сӯст гашта, мӯяш сафед шудааст, ки бояд иззату эҳтироми ӯро ба ҷо оварда солхурдагӣ ва қадри ӯро пос дорем. Ҳамчунин дар миёни мардум кӯдакон ҳастанд, ки муҳтоҷи раҳму шафқат ва меҳрубонию насиҳатанд, на сарзанишу сахтгирӣ! Дар байни эшон олимони зиёде ҳастанд, ки фазилати зиёде доранд ва бояд қадри илми ононро дониста ҳурмату иззаташон намоем. Ҳамчунин соҳибмансабоне ҳастанд, ки фоида ва манфиати онҳо ба мардум мерасад ва набояд ба онҳо беҳурматӣ намуд ва дар ҷомеа онҳо низ ҷойгоҳи худро доранд. Ҳамаи ин эҳтиромот дар сурате карда шавад, ки онҳо шариати Худоро пайрав бошанд ва амри илоҳиро қабул доранд ва аз манҳиёт дурӣ варзанд. Эҳтиром ҳам андозаи муайяне дорад, ки набояд аз он гузашт. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***“Аз умматони ман нестанд, касоне ки ҳурмати калонсолони моро ба ҷо намеоранд ва ба кӯдакони мо раҳм намекунанд ва қадри олимони моро намедонанд”*** *(Тирмизӣ ва тасҳеҳи Албонӣ).*

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: ***«Ҳамоно ки Худованд муйсафеди мусалмон, ҳофизи қуръонеро, ки ҳамеша бо он буда аз он дӯрӣ намеҷӯяд ва шоҳи одилро икром мекунад»*** *(ривояти Абудовуд, тасҳеҳи Албонӣ).*

Албатта, инсон ба ин ки Худованд ӯ ва дигар инсонҳоро икром намудааст, ӯро водор месозад, то ҷони дигаронро ҳифз намояд ва аз осебу зарар расонидани онҳо худдорӣ намояд. Зеро ин ҳама барои қадрдонии касест, ки Худованд ва Паёмбараш онро қадр намуданд. Он касеро, ки Худо ва Паёмбар қадр намудаанд, набояд таҳқир кард ва ҳар киро ки Худованд хор намуд, касе наметавонад икромаш намояд.

Эй бандагони Худо, мардумро барои касб, нотавонӣ ва ё ба афташон назар карда таҳқир намудан ба фармудаҳои Худованд ва икроми одамият мухолиф аст. Мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: ***«Худованд барои ман ваҳй фиристод, ки тавозӯъ дошта бошед, то ин ки касе бар касе таҷовуз накунад ва касе бар касе фахр накунад»*** *(Муслим).*

Таҳқири мардум сифати бадест, ки азоби Худоро ҷалб мекунад, сазовори ғазабу иқоби Худо мегардад ва ҳуқуқи инсонро поймол мекунад, ки Ислом онро ҳифз намудааст.

Ин рафтори кофирону мунофиқон ва ҷоҳилонест, ки Ислом амр мекунад мо ба онҳо монандӣ надошта бошем. Одамиро на ба афташ баҳо медиҳанд ва на ба рангу ҷисму насабаш, балки меъёри одамият ин шуҷоату мардист дар ҳақ ва тақво дар баробари Офаридгор ва итоат аз фармудаҳои ӯ ва дурӣ аз манҳиёташ. Шояд инсон ҷомаҳои жанда, ҷисми лоғар ва андоми қабеҳ дошта бошад, вале манзалати ӯ дар назди Худованд болотару мартабааш дар Ислом баландтар ва дар баробари душманон сахттар ва барои кӯмаки дини Худо устувортар ва дар дили мардум маҳбубтар бошад аз зебосуратии бо насаб.

Худованд фармудааст:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَسۡخَرۡ قَوۡمٞ مِّن قَوۡمٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُونُواْ خَيۡرٗا مِّنۡهُمۡ وَلَا نِسَآءٞ مِّن نِّسَآءٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُنَّ خَيۡرٗا مِّنۡهُنَّۖ وَلَا تَلۡمِزُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَلَا تَنَابَزُواْ بِٱلۡأَلۡقَٰبِۖ بِئۡسَ ٱلِٱسۡمُ ٱلۡفُسُوقُ بَعۡدَ ٱلۡإِيمَٰنِۚ وَمَن لَّمۡ يَتُبۡ فَأُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّـٰلِمُونَ ﴿١١﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳеҷ тоифае тоифаи дигареро масхара накунад. Шояд он тоифа беҳтар аз инҳо бошанд. Ва на зане аз зане (масхара кунад). Шояд он зан беҳтар аз инҳо бошад. Ва ба худ талмиз накунед ва лақабҳои бад намонед. <u>Бад номе аст фисқ баъди Ислом.</u> Ва ҳар ки тавба накунад, пас онҳоянд золимон»** *(Ҳуҷурот 11).*

Қуртубӣ дар тафсири ин оят чунин мегӯяд: *«Хулоса, ин ки ҳеҷ кас бояд барои озор додани ҳар ки дар чашм ночиз менамояд, ҷуръат накунад ҳар вақто аҳволи онро пасту дар баданаш камбудӣ ва дар забонаш халале ёбад. Зеро шояд виҷдони ӯ поктару дилаш софтар аз оне бошад, ки ин сифотро надорад. Пас бо ин кор ӯ худро зулм мекунад, зеро он касеро Худованд обрӯяш додааст, таҳқир намуд ва он киро Худованд иззаташ дод, хораш намуд. Аҳли салаф барои он ки худро аз чунин таҳқир намудан дур кунонанд, корашон ба ҷое расида буд, ки Амр Бини Шураҳбил мегуфт, ки агар мардеро дучор*

*шавам, ки дар ҷое бияфтад ва ман ба ҳолаш бихандам, метарсам ки бо ман низ чунон пеш ояд. Абдуллоҳ Бини Масъуд мегӯяд: Бало вобаста ба забон аст, агар ба ҳоли саге бихандам, метарсам, ки ман ҳам ба саг мубаддал шавам».*

Худованд фармудааст:

فَٱتَّخَذۡتُمُوهُمۡ سِخۡرِيًّا حَتَّىٰٓ أَنسَوۡكُمۡ ذِكۡرِي وَكُنتُم مِّنۡهُمۡ تَضۡحَكُونَ ﴿١١٠﴾

**«Пас шумо онҳоро мавриди тамасхур қарор додед, то ин ки онҳо шуморо аз ёди ман дур карданд ва шумо ба ҳоли эшон механдидед»** *(Мӯъминон 110).* Дар бораи ин оят Қуртубӣ (раҳ) мегӯяд: "*Аз ин оят хулоса бароварда мешавад, ки ба заифону бечорагон набояд масхара ва ханда кард. Онҳоро набояд таҳқир намуд ва мавриди ишора қарор дода, ҳамеша ба онҳо машғул шуд, ки ин кор боиси дурӣ аз Худованд мегардад».*

Маърур Бини Сувайд мегӯяд: *Бо Абӯзар вохӯрдам ки ҳамроҳи ғуломаш буд ва ҷомаи зебое дар тани ӯ ва дар тани ғуломаш буд. Пас сабаби онро аз ӯ пурсон шудам. Гуфт: Бо марде ҷанҷол намудам ва ӯро бо модараш дашном додам, пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам бароям гуфт:* ***Эй Абӯзар, оё ӯро бо модараш дашном додӣ? Ту марде ҳастӣ, ки дар вуҷудат чизе аз ҷоҳилият мондааст. Ходимонатон бародарони шумоянд, ки Худованд ба шумо онҳоро зердаст қарор додааст. Ҳар киро бародараш ба ӯ зердаст бошад, бояд ӯро аз ончи мехӯрад бихӯронад ва аз ончи мепӯшад бипӯшонад ва барояшон коре нафармояд, ки аз тоқаташ болотар бошад ва агар чунин кард, бояд кӯмакаш намояд*** *(Бухорӣ).*

Анас Бини Молик мегӯяд: *Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам, вақто ки ба Мадина омаданд, ходим надоштанд. Абӯталҳа дасти маро гирифта ба назди Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам бурда гуфтанд: Эй Расули Худо дар ҳақиқат, Анас ҷавони зирак аст, мехоҳам дар хидмати ту бошад.* Анас мегӯяд, ки ман ӯро дар сафарҳо ва дар хонааш хидмат мекардам ва *«Ҳеҷ гоҳ барои коре, ки кардам нагуфт ки чаро ин корро кардӣ? Ва ҳеҷ гоҳ барои коре, ки*

*накардам нагуфт ки чаро ин корро накардӣ? (Бухорӣ ва Муслим).*

Дар ривояти дигари Муслим чунин омадааст: *Рафтори Расули худо саллалоҳу алайҳи ва саллам аз ҳама мардум зеботар буд. Рӯзе маро аз пайи коре фиристод. Пас гуфтам ба Худо савганд намеравам, вале дар дилам буд, ки барои иҷрои он чи Паёмбар манро фармуда буд, меравам. Вақто ки аз хона берун шудам, аз пеши кӯдаконе гузар кардам, ки дар бозор машғули бозӣ буданд. Ногаҳон Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам аз пуштам дошт. Чун ба ӯ нигаристам, дидам, ки механдад ва ба ман гуфт:* ***Эй Анас, оё рафтӣ ба он ҷое, ки туро фармуда будам?*** *Гуфтам: Ҳозир меравам.*

Таҳқири мардум ва поймол намудани ҳуқуқи эшон аз ҷумлаи чизҳоест, ки Худо ва Паёмбараш саллалоҳу алайҳи ва саллам онҳоро ҳаром намудаанд. Қадрдонии заифону бечорагон ва ҳаққи онҳоро риоя намудан аз ҷумлаи воҷиботи Худованд аст бар ҳама мусалмонон. Мушрикон хело кӯшиш намуданд, то Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам баъзе ғуломону зердастони эшонро аз наздаш биронад, зеро ба сабаби эмон оварданашон онҳоро бад медиданд. Онҳо бо забони ҳолашон гӯё ба Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам он чизеро мегуфтанд, ки қавми Нӯҳ ба ҳазрати Нӯҳ гуфта буданд. Қуръон хабар медиҳад:

فَقَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَوْمِهِۦ مَا نَرَىٰكَ إِلَّا بَشَرًا مِّثْلَنَا

وَمَا نَرَىٰكَ ٱتَّبَعَكَ إِلَّا ٱلَّذِينَ هُمْ أَرَاذِلُنَا بَادِىَ ٱلرَّأْىِ وَمَا

نَرَىٰ لَكُمْ عَلَيْنَا مِن فَضْلٍ بَلْ نَظُنُّكُمْ كَٰذِبِينَ ﴿٢٧﴾

**“Мо туро намедидем магар монанди мо инсоне ва туро пайравӣ накарданд магар дар навбати аввал пастарини моён ва ту болои мо ҳеҷ фазилате надорӣ ва мо туро дурӯғгу мепиндорем”** *(Ҳуд 27).* Пас, Худованд Паёмбарашро аз дархости онҳо бо ин ояташ манъ намуд: **«Ва ту ҳаргиз касонеро, ки Худои худро шубу рӯз мехонанд ва ризои ӯро хоҳонанд аз наздат марон. Дар бораи ҳисоби онҳо чизе болои**

**ту нест ва аз ҳисоби ту болои эшон чизе нест. Ва агар онҳоро биронӣ ту аз ҷумлаи золимон хоҳӣ шуд. Ва ҳамчунин баъзеи онҳоро бо баъзеи дигар гирифтори фитна намудем, то гӯянд, ки оё инҳоянд касоне, ки Худованд аз байни мо болояшон миннат гузоштааст. Оё Худованд ба ҳоли сипосгузорон донотар нест?»** *(Анъом 52-53).*

Худо барои мо ва шумо дар Қуръони азим баракат диҳад ва моро аз он оятҳо ва пандҳои ҳакимона, ки дар он аст, суд бахшад. Суханҳое ки шунинидед, дар инҷо поён медиҳам ва аз Худованд омурзиш бихоҳед. Аз ӯ омурзиш бихоҳед ва ба сӯйи ӯ тавба намоед, ҳамоно ки ӯ омурзандаи меҳрубон аст.

# ТАКРИМИ ХУДОВАНД БАРОИ ИНСОНИЯТ

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд, он Парвардигори оламиён. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст. Салавоту саломи бепоёни Худо бар ӯ ва олу асҳобаш.

Аммо баъд, эй мардум, аз Худованди мутаъол битирсед ва ӯро шукргузор бошед. Ӯро нигарон бошед ва дониста бошед, ки албатта, шумо бо ӯ вомехӯред.

Эй бандагони худо, меъёрҳои башар дар тақсимбандии инсонҳо, нигоҳ ба онҳо ва ҳисоботи онҳо ин ҳама меъёри нодуруст ва беадолатона ҳастанд, зеро баҳогузории инсон бояд тибқи нишондоди Худованди таборак ва таъоло бошад. Инсонҳо дар Ислом ду намуданд: яке мӯъмини парҳезгор, ки қадрдонӣ ва эҳтиромаш воҷиб буда, ҳуқуқҳояшро бояд риоя намуд ва дигаре мунофиқу фоҷиру кофир, ки бояд аз ӯ дурӣ ҷуст, то замоне, ки ба Худо имон оварад.

Қадри мардонро донистан, манзалати онҳоро ҳифз кардан ва ҳуқуқи онҳоро ба таври бояду шояд адо кардан ин кори мардон аст. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***«Мусалмон бародари мусалмон аст. Ӯро ситам намекунад, хораш намедорад, ва таҳқираш наменамояд. Тақво дар инҷост - вай се бор ба синааш ишорат намуд. - Барои инсон ҳамин миқдор гуноҳ кофист, ки бародари мусалмонашро таҳқир намояд. Хун, мол ва обрӯи ҳар мусалмон барои мусалмони дигар ҳаром аст»*** *(Муслим).* Маъно ин аст, ки ҳамин миқдор бадӣ барои ӯ басанда аст, ки бародари мусалмонашро таҳқир намояд. Инсон бародари мусалмонашро барои он таҳқир менамояд, ки дар вуҷуди худаш кибр аст ва кибр бошад бадтарин хислат аст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди он гуфтааст: ***«Вориди ҷаннат намегардад ҳарки дар дилаш як заррае кибр дошта бошад».*** Марде гуфт: *Инсон мехоҳад либоси зебо ва пойафзоли хуб дошта бошад.* Он ҳазрат (с)

гуфт: ***«Худованд зебост ва зебоиро дӯст медорад. Кибр ҳақро буридан ва мардумро таҳқир кардан аст»*** *(Муслим).*

Марде ба Умар Бини Абдулазиз гуфт: *«Калонсолони мусалмононро барои худ падар қарор деҳ ва хурдсолони эшонро фарзанд ва миёнасолонашонро бародар. Пас бингар, ки ба кадоми инҳо ту бадӣ карданӣ ҳастӣ?»*

Аз Саҳл Бини Саъди Соидӣ разияллоҳу анҳу омадааст, ки марде аз назди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гузашт. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ба касе, ки дар ҳузураш нишаста буд пурсид: ***«Дар бораи ин мард чӣ фикр дорӣ?»*** Гуфт: *Ин мардест аз ашрофи мардум, агар ба хостгории касе равад, барояш медиҳанд ва агар хотирбин шавад, хотирашро мебинанд ва агар чизе гӯяд, ҳама ба суханаш гӯш медиҳанд.* Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам хомӯш истод. Баъди лаҳзае марди дигаре аз онҷо гузар намуд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам пурсид: ***«Дар бораи ин мард чӣ мегӯӣ?»*** Гуфт: *Эй Расули Худо, ин мардест аз камбағалони мусалмонҳо, агар ба хостгории касе равад, барояш намедиҳанд ва агар хотирбин шавад, хотирашро намебинанд ва агар чизе гӯяд касе ба суханаш аҳамият намедиҳад.* Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: ***«Ин мард як ҷаҳон беҳтар аст аз амсоли он мард»*** *(муттақун алайҳ)*

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам назари он мардро дуруст намуд ва зимнан ба меъёрии ҳақиқие, ки бузургиро санҷида мешавад ва мартабаи мардум шинохта мешавад, тавҷеҳаш намуд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам баён намуд, ки чизҳои дунё ва мафҳумоти он дар рӯзи қиёмат нобуд мегарданд, мартабаи дунявӣ сарвату насаб ва мансабҳо назди Худованд фоидае надоранд. Балки фоида дар имону тақво ва амали солеҳи барои ризои Худо аст. Мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтааст:

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمۡ وَلِقَآئِهِۦ فَحَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ

فَلَا نُقِيمُ لَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَزۡنٗا ١٠٥

***«Рӯзи қиёмат марди азимҷусаеро назди Худо меоранд, ки мисли пари пашша ҳам вазн надорад. Ва фармуданд, ки шумо ин оятро бихонед : «Ва дар рӯзи қиёмат ҳеҷ вазнеро доро нест»*** *(Каҳф 105*), *(Ҳадиси муттафақ).*

Шумо аз рӯзгори Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ва асҳобаш ибрат бигиред. Онҳо рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо гурусна гаштанд, ҳатто аз гуруснагӣ сангҳоро дар шикам мебастанд ва либосҳои жанда мепӯшиданд ва аксарияти онҳо ғулом ва заиф буданд, вале Худованд тавасути Ислом барояшон иззат дод, қадрашонро баланд бардошт ва мартабаашонро олӣ намуд ва аз онҳо розӣ гашта башорати биҳишт барояшон дод. Пас, иззат ҳама барои Худо ва Расули ӯ ва мӯъминон аст.

Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот фирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, тамоми мардону занон ва зиндаҳою мурдагони мӯъминонро омурзиш намо.

Худоё, мо аз ту устуворӣ дар Исломро мехоҳем.

Худоё, мо аз ту пайравии накӯийиро мехоҳем ва аз бадии бидъат паноҳ металабем.

Худоё, Ислом ва мусалмононро пирӯз гардон ва ҳар ки ин динро хор дошт, хораш кун. Худоё, бародарони муваҳҳиди моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон. Худоё, онҳоро қувват деҳ. Худоё, бар сари онҳо раҳмату мағфирату афву ризоятро нозил намо.

Худоё, мо аз ту илми нофеъ ва амали пок мехоҳем. Худоё, мо аз ту ҳидояту тақво, саломатию боигарӣ мехоҳем.

Худоё, падарону бобоҳои мо ва ҳар ки болои мо ҳақ дорад ва тамоми имомони мусалмонон ва оммаи онҳоро мағфират намо

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# ИМОНИ БА ТАҚДИР

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд, ки ҳар чизро офарида, тақдироташро муайян намудааст ва бандагонашро мувофиқи ҳикмати худ тадбир кардааст. Ӯст латифу бохабар. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди якктои бешарик. Мулк ва ҳамд барои ӯст ва ӯ бар ҳама чиз тавоност. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Вайро дар охири замон фиристод, то мужда ва тарс бидиҳад ва бо дастури ӯ даъват намояду чун чароғи равшан бошад. Салавоту саломи бепоёни Худо бар ӯ ва олу асҳобаш ва ҳар ки бо накӯйӣ то рӯзи қиёмат онҳоро пайравӣ мекунад.

Аммо баъд, эй мусалмонон, аз Худо битарсед ва ба Паёмбараш имон оваред. Имон маънои онро дорад, ки банда ба Худо ва малоикаҳои вай, китобҳои вай, расулони вай бовар дошта бошад. Худованд фармудааст:

ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ

بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦۚ

وَقَالُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۖ غُفۡرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ ٢٨٥

**«Паёмбар имон овард ба он чи ба сӯи ӯ нозил шуд аз Парвардигораш ва мӯъминон ҳамагон имон оварданд ба Худованд, малоикаҳои ӯ, китобҳои ӯ, паёмбарони ӯ. Мо байни ҳеҷ паёмбароне фарқият намегузорем. Ва ҳамагон гуфтанд, шунидем ва итоат кардем. Мағфирати туро хоҳонем. Парвардигорамон ба сӯи туст бозгашт»** *(Бақара 285).*

Аз ҷумлаи аркони имон ин бовар кадан аст ба қазову қадари Худо. Пас бовар дошта бошед, ки Худованд ҳама чизро медонад, медонад он чиро, ки дар гузашта буд ва он чизеро, ки дар оянда мешавад. Ин ҳамаро муҷмал ва

муфассал медонад, чизе дар осмону замин аз ӯ пӯшида нест. Худованд фармудааст: «**Ва дар ҳақиқат, мо инсонро офаридаем ва медонем, ки нафсаш ба чӣ васавасаҳо мекунад»** *(Қоф 16).*

Бояд ба пуррагӣ ва паҳноии илми Худо имон дошта бошед ва бовар кунед, ки ӯ аз ҳама чиз огоҳ аст ва ҳамаро зери назорат қарор додааст. Ӯ дар Лавҳулмаҳфуз панҷоҳ ҳазор сол пеш аз офариниши осмонҳо ва замин ҳар чизеро, ки то рӯзи қиёмат сар мезанад, сабт карда буд. Аввалин чизеро, ки Худованд офарид, қалам буд. Худованд барояш фармуд: **Бинавис.** Гуфт: *Парвардигорам чиро нависам?* Гуфт: **Бинавис ҳар чизеро, ки мешавад.** Пас дар ин лаҳза ҳар он чизеро, ки то рӯзи қиёмат шуданист, муайян намуд. Худованди бузургшаън фармудааст: **«Оё намедонӣ, ки Худованд медонад он чи дар осмонҳо ва замин аст. Ин ҳама дар китоб аст. Ҳамоно ки ин кор барои Худо осон аст»** *(Ҳаҷ 70).* Боз Худованд фармудааст:

مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِي ٱلْأَرْضِ وَلَا فِيٓ أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِي كِتَٰبٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَآ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ﴿٢٢﴾

**«Ҳеҷ мусибатҳое дар замин ва ё дар худи шумо рӯх намедиҳад, магар дар китоб аст пеш аз он ки онро пайдо кунем. Ҳамоно ки ин амр барои Худо осон аст»** *(Ҳадид 22).*

Эй мусалмонон, ба хости Худованд дар умуми мулкаш имон оред. Зеро чизе дар осмонҳо ва замин вуҷуд надорад магар ҳама мулки Худованданд. Ӯ фармудааст: **«Аз барои Худованд аст мулки осмонҳо ва замин ва ончи дар онҳост. Ва ӯ бар ҳама чиз тавоност»** *(Моида 12).* Ҳеҷ чиз дар мулки ӯ аз хоҳишу иродааш берун нест. Мулк ва калиди осмонҳо ва замин дар яди ӯянд. Ҳеҷ осонӣ ва сахтӣ, ҳаросу амон, саломатию беморӣ ва бешу каме ҳосил намешавад магар бо машияти Худованди субҳон.

Эй мусалмонон, имон дошта бошед, ки ҳама чизеро ки дар осмонҳо ва замин аст, офаридаи Худост. **«Худованд ҳама чизро офарида ваколати ҳамаро дар даст дорад»** *(Зумар*

*12).* Худованд фармудааст: **«Худованд шуморо ва ҳар чизеро ки медонед, офаридааст»** (*Соффот 96).*

Худованд офарандаи осмонҳою замин, тадбирсози онҳо ва офарандаи инсону тадбирсози ӯст. Инсон азму ирода ва қудрату амалро дорост ва он ки дар инсон ин азиматро гузошта барояш ин тавонро додааст, Худованди азза ва ҷалла мебошад, ки агар мехост фикрро аз ӯ мекашид, пас иродааш бекор мешуд ва агар мехост тавонашро мебардошт ва дигар коре карда наметавонист.

Эй мусалмонон, имон ба қадари илоҳӣ яке аз аркони шашгонаи имон аст, ки имон бе он пурра намешавад, вале он барои инсон ҳуҷҷат намешавад, ки корҳои гуноҳро анҷом диҳад ва ё дар адои воҷиботу тарки мункарот сустӣ намояд. Баёни ин кор чунин аст, ки Худованд барои ирода намудан ба инсон ақл ва барои кор кардан қудраташ додааст. Агар аз инсон ақлро гирад, дигар ӯро барои кардани гуноҳ ва тарки воҷиб азоб намедиҳад ва агар аз инсон қудрати кардани кореро бигирад, дигар ӯро барои накардни он кор азоб намедиҳад. Аз ин руй барои кардани гуноҳ ва накардани воҷибот қадарро далел овардан далели пуч ва бекор аст. Худованд онро дар китоби худ ва ақлу воқеият низ онро ботил медонад. Худованд фармудааст:

رُّسُلًا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةُۢ بَعۡدَ ٱلرُّسُلِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ﴿١٦٥﴾

**«Расулони муждарасон ва бимдиҳанда, то барои мардум бар болои Худованд баъди омадани расулон ҳуҷҷате намонад»** *(Нисо 165).* Агар тақдир ҳуҷҷат буд, он бо омадани Паёмбарон бардошта намешуд. Зеро тақдир баъди омадани Пёмбарон ҳам собит модааст. Худованд фармудааст: **«Ононе, ки ширк варзиданд, мегӯянд агар Худованд мехост на мо ширк меварзидем на падарони мо ва на чизеро ҳаром мегардонидем. Ба ҳамин сурат, гузштагон ҳам таксиб карда буданд, то ин ки азоби моро чашиданд. Бигӯ, оё шумо ягон манбаи илмие доред, пас барои мо**

**берунаш мекунед. Шумо танҳо аз хаёлот пайравӣ мекунед ва шумо танҳо дурӯғи маҳз мегӯед»** (*Анъом 148).*

Агар ба тақдир далел овардан баҳонаи дуруст ва узрхоҳии рост мебуд, ҳаргиз Худованд онҳоеро, ки аз тақдир барои ширкашон далел меоварданд, азоб намедод. Зеро Худованд касеро зулм намекунад. Барои кардани бадиҳо ва тарки воҷибот аз тақдир ҳуҷҷат овардан далели беасос аст, ки ақл онро қабул надорад. Зеро, он касе ки тақдирро далел мекунад, тақдирро намедонад то муҷиби он ҳукм барорад. Чӣ гуна далел мекунад чизеро, ки дар кори ӯ таъсир надорад? Чизе дар кори фоъил таъсир намерасонад, магар дар сурате, ки аз он огоҳ бошад.

Агар фарзан касе ба касе таҷовуз кунаду молу мулкашро бигирад ва боз даъво намояд, ки ин ҳама ба қазо ва қадари илоҳист мардум ин эътизори ӯро қабул намекунанд.

Ҳуҷҷатронӣ бо қазо ва қадар дар кардани корҳои гуноҳ ва тарки воҷибот ҳуҷҷатест, ки воқеият онро инкор менамояд. Ҳар касе шунид, ки дар фалон мусобиқа мукофоте муайян шудааст, барои дарёфти он талош меварзад ва ӯ мутмаин аст, ки дарёфти он танҳо ба қазо ва қадари илоҳӣ рӯх медиҳад, вале бо тамоми ҳастияш кӯшиш намуда, аз тамоми асбоб истифода мебарад. Барои расидан ба он дар ҷояш наменишинад. Пас, чаро он чизеро, ки Худованд фармудааст, иҷро намекунад, бо вуҷуди он ки тавони иҷрои онро дорад ва мутмаин аст, ки иҷрои он муҷиби духули ҷаннат ва дарёфти ризои Худованд мегардад ва боз тақдирро далел меорад? Чаро барои расидан ба ҷаннат намекӯшад, ҳамчуноне ки барои дарёфти вазифа ва рӯзгораш дар дунё талош мекунад.?

Мо дар рӯзҳои имтиҳон толибилмонеро ба умеди комёбӣ мебинем, ки шабҳо бедорхобӣ намуда, рӯзҳо кӯшиш мекунанд, то бештар такрор карда дар имтиҳонот муваффақ шаванд. Мо ягон нафари онҳоро намебинем, ки қасди комёбӣ дошта бошад, аммо такрорро як тараф монда аз қазо ва қадар далел оварад. Чӣ гуна инсон он чизеро, ки Худованд иҷрои онро воҷиб кардааст, тарк мекунад, дар ҳоле ки медонад он амал ӯро ба ризои Худо ва ҷаннат мерасонаду боз аз қазо ва қадар ҳарф мезанад. Мо аҳёнан мебинем, ки нафаре аз хӯрдани баъзе хӯрокҳое, ки ба

саломатияш зарар доранд худдорӣ мекунад, дар ҳоле ки нафсаш хӯрдани онро талаб менамояд. Чаро ин шахс аз қазо ва қадар далел намеоварад ва он таоми зарароварро намехӯрад? Аммо дар кардани корҳои гуноҳ, ки он ҳам барояш зарар меоварад аз қазо ва қадар далел меоварад?

Ҳар инсони оқил агар ба воқеият назар афканад ва корҳоро бо ақли худ бисанҷад, яқин мегардад ки инсон барои он корҳо, ки бо ихтиёри худ анҷом додааст, дигар баҳонае оварда наметавонад ва аз қазо ва қадар далел овардани ӯ далели ботилест, ки чунончи гуфтем, танҳо аҳли ботил ва мутаккабирон онро меоранд.

Аммо корҳои беихтиёрӣ монанди маргу беморӣ, ё дар болои инсон чизе меафтаду ӯ ҳалок мешавад ва монанди он, инҳо ҳама корҳое ҳастанд, ки инсон ихтиёр надорад. Барои ҳамин Худованд ӯро барои ин корҳо ҷазо намедиҳад. Ин аст, ки Худованд девонаро барои корҳои кардааш ҷазо намедиҳад ва инсонро агар ба фаромушӣ ва ё хатогӣ коре кунад, мавриди азоб қарор намедиҳад. Зеро дар ин корҳо онҳо ихтиёр надоранд, ҳатто агар ҳаром будани онро донанд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гӯфт: ***«Дар ҳақиқат, Худованд аз болои умматони ман хатокорӣ, фаромушӣ ва корҳои маҷбуран кардаашонро бардошта аст»*** *(ривояти Ибни Моҷа ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).* Мурод аз бардоштан дар ин ҳадис бардоштани гуноҳ ва азоби рӯзи қиёмат аст. Аммо дар дунё агар дар ҳаққи дигарон таҷовуз карда бошад, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Агар девона ва ё хурдсоле дар моли касе зарар оваранд, арзиши онро аз моли худи ӯ ва ё аз моли соҳибонаш ситонида ба ҷабрдида дода мешавад. Бардоштан маънои онро надорад, ки ҳаққи дигарон ҳам зоеъ шавад. Аммо ҳаққи Худованд ҳам дар дунё ва ҳам дар охират бахшида мешавад. Ин ҳама ба мо аз раҳмат, меҳрубонӣ ва сабӯковарии Худованд аст.

Суханамро дар инҷо поён медиҳам ва аз Худованд омурзиш мехоҳам. Пас аз ӯ омурзиш бихоҳед, ҳамоно ки ӯ омурзандаи меҳрубон аст.

# ИМОНИ БА ТАҚДИР

## хутбаи дуюм

Ҳамд брои Худованд, ки Парвардигори оламиён аст. Ҳама халқ аз ӯст ва корҳо ҳам аз ӯст. Ҳеҷ чиз қазои ӯро рад карда наметавонад ва чизе боиси баргардонидани фазли ӯ нест. Дар мулки ӯ чизе намеояд магар бо хиҳиши ӯ ва барои бандагонаш куфрро розӣ нест. Салоту салом мефиристам бар Паёмбар - Муҳаммад писари Абдуллоҳ, беҳтарин касе, ки Худоро дар асоси хавфу раҷо ибодат намуда, бар ин ки беҳисоб дохили ҷаннат мешавад, ғафлат наварзидааст. Ва бар хонадону асҳобаш саломи зиёд.

Эй бандагони Худо, дониста бошед, ки аз бузургтарин самараи имони ба қазо ва қадар ин дуруст шудан ва комил шудани имони шахс аст. Зеро бо ин инсон имонашро комил ва аркони онро пурра менамояд. Аз ҷумлаи самараи дигари имони ба қазо ва қадар ин оромдилӣ, хотирҷамъӣ ва осудаҳолист дар ин дунё, ба хоса чун инсон бо мушкилоти зиндагӣ дучор мешавад. Зеро банда медонад, ки ҳар чи бар сараш меояд, имкон надошт, ки онро набинад ва ончи аз сараш дур шавад, имкон надошт, ки бар сараш биёяд. Бо ҳамин беташвиш умр ба сар мебарад. Аммо он кас, ки ба ин имон надошта бошад, вақто бар сараш мусибат меояд ва ё маҳбуберо аз даст медиҳад, ғам мехӯрад, нооором мегардад, фарёдҳо мекунад, зиндагияшро сиёҳ карда, ҳатто ба худкушӣ даст мезанад. Дар ин замона чунин корҳо бисёр ба мушоҳида мерасанд, ки мардону заноне, ки ба қазо ва қадар имон надоранд, худкушӣ мекунанд. Онҳо аз воқеияти худ мегурезанд ва ноумедие онҳоро фаро гирифта ба оянда бо чашми бад менигаранд. Худованд хабар додааст, ки он касе ба қазо ва қадар имон дошта бошад, дар ҳолатҳои сахтӣ устувор истода, дар балоҳо сабр мекунад, аҷру савоби ин мусибатро интизор мешавад, бо ин мусибаташ барои ӯ хайр ва оқибаташ накӯ мегардад.

Худованд фармудааст: **«Ва ҳеҷ мусибате намерасад магар бо дастури Худованд. Ва ҳар ки ба Худо имон оварда аст, Худо дилашро ҳидоят мекунад ва Худованд бар ҳама чиз**

**доност»** *(Тағобун 11)*. Алқама мегӯяд: *Мурод аз он кас мардест, ки мусибате бар сараш омадаст ва ӯ медонад, ки он аз назди Худованд аст ва сабр намуда таслим мешавад.* Маънои ояти карима чунин аст, ки ҳар киро мусибате расад ва бидонад, ки он аз назди Худованд асту Худованд дар тақдир чунин навишта будааст, пас сабр намуда ихлос намояд, Худованд дили ӯро ҳидоят карда, дар ивази чизи аз дастдодааш барояш ҳидояти қалб ва яқинии содикро мебахшад. Гоҳо дар ивази чизи рафта барояш монанди он ва ё беҳтар аз онро медиҳад. Чунончи Худованд фармудааст:

وَلَنَبۡلُوَنَّكُم بِشَيۡءٖ مِّنَ ٱلۡخَوۡفِ وَٱلۡجُوعِ وَنَقۡصٖ مِّنَ ٱلۡأَمۡوَٰلِ وَٱلۡأَنفُسِ وَٱلثَّمَرَٰتِۗ وَبَشِّرِ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿١٥٥﴾ ٱلَّذِينَ إِذَآ أَصَٰبَتۡهُم مُّصِيبَةٞ قَالُوٓاْ إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّآ إِلَيۡهِ رَٰجِعُونَ ﴿١٥٦﴾ أُوْلَٰٓئِكَ عَلَيۡهِمۡ صَلَوَٰتٞ مِّن رَّبِّهِمۡ وَرَحۡمَةٞۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُهۡتَدُونَ ﴿١٥٧﴾

**«Ва ҳар оина, мо шуморо ба андак тарс, гуруснагӣ ва нуқсоне дар амволу ҷонҳою меваҷот месанҷем. Ва собиронро мужда расон, ононеро ки чун бар сари онҳо мусибате омад, гӯянд мо аз Худо ҳастем ва мо ба сӯйи ӯ равонаем, онҳоянд ки бар сарашон салавоту раҳмати Худо мерезад ва онҳоянд роҳёфтагон»** *(Бақара 155-157)*.

Боз Худованд фармудааст: **«Ҳеҷ мусибате болои замин ва дар худи шумо намерасад, магар он дар китоб аст пеш аз он ки онро пайдо кунем. Албатта, ин барои Худованд осон аст, то ки шумо барои чизи аз дастдода ғам нахӯред ва ба ончи дода шудаед шодӣ накунед. Ва Худованд ҳар мутаккабири фахркунро дӯст намедорад»** *(Ҳадид 22-23)*.

Худованди субҳон ба мо хабар додааст, ки ҳар мусибате дар болои замин ва ё дар худи онҳо рух медиҳад, тақдиркардаи ӯст ва пеш аз сар заданаш дар Лавҳулмаҳфуз дарҷ шудааст.

Баъди ин Худованд ҳикмати хабар додани моро баён намудааст, ки дилҳои мо ором гашта ҷазаъ накунем, вақти мусибат афсӯс нахӯрем, бо неъматҳои расида хурсандии беҳуда накунем, аз имтиҳони Худо эмин набошем ва фикри оқибатро кунем. Балки бояд дар вақти сахтиҳо ва осебҳо сабр намуда дар вақти хушию хуррамӣ сипосгузор бошем. Икрима мегӯяд : *«Ҳама кас ғаму андӯҳ дорад, вале бояд ба хурсандиҳо шукр гӯем ва дар ғамҳо сабр намоем. Ин маънои онро надорад, ки сабабҳои ҷалб кардани хайр ва дур намудани шарро кор нафармоем. Вале дар баробари ба тақдир имон доштанамон бояд сабабҳоро низ риоя намоем».*

Худоё, салоту салом, баракату инъоматро бар Паёмбарамон Муҳаммад ва хонадону ҳамсарони ӯ фирист. Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳнамо Абӯбакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош.

Худоё, мо аз ту имони доимӣ ва дили тарснок хоҳонем. Худоё, мо аз ту ҳидояту тақво ва саломатию боигарӣ мехоҳем.

Худоё, занону мардон, зиндаҳою мурдаҳои мӯъминонро омурзиш намо.

Худоё, моро ба беҳтарин ахлоқ роҳнамоӣ кун, зеро роҳнамое нест ба мисли ту.

Худоё, касеро ки ҳидоят намудӣ, ӯро касе гумроҳ намекунад ва касеро ки гумроҳ намудаӣ, ҳидоятгар намеёбад ва қазоятро касе гардонда наметавонад ва фазлатро манъ карда намешавад. Мо аз ту баракати дунё ва охиратро металабем. Худоё, мо аз ту истодагариро дар ростӣ ва ғаниматро аз ҳар накӯйӣ ва саломатиро аз ҳама гуноҳ хоҳонем.

Худоё, Ислом ва муслиминро пирӯз гардон. Ҳар ки ин динро хор кунад, хораш намо. Худоё, бародарони моро, ки дар роҳи ту ҷонбозиҳо мекунанд, дар ҳама ҷо ғамхор бош.

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# ОСОНТАРИН ВА ПОКТАРИН ИБОДАТ

## хутбаи аввл

Ҳамд барои Худованди олию боло. Ӯ таоъолоро ҳамд мегӯям ва ӯро сипосзгузорӣ мекунам. Ӯст дорои сифоти зебою номҳои накӯ. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованд. Бо ёди ӯ дилҳо ором мегарданд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст. Ӯ беҳтарин зикркунанда ва шукркунанда буд. То дами ҷон ба ҷонон супоридан ҳамеша забонаш машғули ёди Худо буд.

Худоё, салавоту салом фирист бар ӯ ва ҳамаи паёмбарону расулон. Худоё, аз ҳамаи саҳобагон, тобиин ва касе, ки то рӯзи қиёмат бо роҳи эшон рафт, розӣ бош.

**«Эй мардум, шумо аз Худо битарсед, ҳамоно ки зилзоли қиёмат корест вазнин. Рӯзе, ки онро мебинед, ҳар ширдеҳ онеро, ки шир медод аз ёд мебарад. Ва ҳама ҳамлдорон ҳамли худро мепартоянд. Ва мардумро мадҳуш мебинӣ, вале онҳо маст нестанд, азоби Худо сахт аст»** *(Ҳаҷ1-2).*

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَٱبْتَغُوٓا۟ إِلَيْهِ ٱلْوَسِيلَةَ

وَجَـٰهِدُوا۟ فِى سَبِيلِهِۦ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿٣٥﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ба сӯйи ӯ васила ҷуед ва дар роҳи ӯ кӯшиш намоед, шояд шумо наҷот ёбед»** *(Моида 35).*

Эй бандагони Худо, мо бисёр савобҳои охиратро аз даст медиҳем, дар ҳоле ки савоби охират беҳтар ва пойдортар аст. **«Ва ин зиндагӣ танҳо беҳуда ва бозист. Ва дар асл зиндагӣ ин дори охират аст агар онҳо дониста бошанд»** *(Анкабут 64).*

Мо барои ба даст овардани дунё чи қадар талошҳо мекунем, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: **«Ва ҳаёти дунё танҳо бизоати мағрурист»** *(Ҳадид 20).*

Фарқ байни касе, ки дунёи имрӯзаро ва байни оне ки фардои охиратро мехоҳад зиёд аст. Дар бораи ҳардуи онҳо Худованд фармудааст: **«Ҳарки танҳо осудагии дунёро**

**бихоҳад, ба зудӣ барояш дар дунё ҳарчи бихоҳем, барои ҳар касе бихоҳем, медиҳем. Пас дӯзахро барои ӯ муқаррар мекунем, ки дар ҳолати таънашуда ва рондашуда вориди он мегарданд. Ва ҳар ки иродаи охиратро кардааст ва барои дарёфти он тамоми кӯшишашро харҷ намуда имон дорад, кӯшиши ӯ қадрдонӣ карда мешавад»** *(Исро 18-19)*.

Эй мусалмонон, барои дарёфти охират як роҳи осон аст, ки дар бисёр маврид мусалмонон аз он ғофиланд. Инҷо як ибодати осон ва дорои савоби бузург аст, ки баъзе мусалмонон аз он дурӣ меҷӯянд. Он ибодат зикр аст, ки зикркунандагонро аз рӯйи мартаба ба ҷиҳодкунандагон мепайванданд, балки зиёда аз он, яъне ба садақакунандагону атокунандагон ва ҳатто аз ин ҳам бештар.

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: ***«Мехоҳед шуморо ба беҳтарин ва накӯтарин амалҳоятон дар назди подшоҳи барҳақатон роҳнамоӣ кунам, ки он баландтарини чиз дар дараҷоти шумо ва беҳтар аз додани тиллою танга ва беҳтар аз он ки бо душман дучор шаведу гардани онҳоро шиканеду гарданатонро шикананд, бошад? Он зикри Худост»*** *(Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ҳоким)*.

Бале, зикр ба гувоҳии Муҳаммади мустафо саллалоҳу алайҳи ва саллам беҳтарин ва поктарин амал дар назди Худо ва баландтарин дараҷа аст. Оё аз гуфтани **«Субҳанллоҳи ва биҳамдиҳ»** оҷиз ҳастӣ? Оё медонӣ, ки ин калимаҳот василаи мағфирати хато ва гуноҳ ҳастанд? Дар “Саҳиҳ”-и Бухорӣ ва дигар саҳиҳон омадааст, ки *ҳар ки рӯзе сад бор* ***“Субҳаналлоҳи ва биҳамдиҳ”*** *гӯяд, хатоҳояш маҳв мегардад агарчи мисли кафки болои баҳр бошанд ҳам.*

Эй бародари имонӣ, эй касе, ки аз барои раҳоӣ аз шайтон паноҳгоҳ ва ҳимоягар мехоҳӣ, бидон ки онро дар зикри Худо пайдо мекунӣ. Илова бар ин, дар он имтиёзот ва тӯҳфаҳои раббониро низ зуд дармеёбӣ. Дар ҳадисе, ки бар саҳиҳ буданаш иттифоқ аст, омадааст ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***«Ҳар касе, ки рӯзе сад бор “Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир” гӯяд, барояш савоби озод кардани даҳ ғулом ва сад ҳасана навишта шуда, сад гуноҳаш маҳв мегардад ва аз шайтон дар он рӯз то бегоҳ***

***эмин гашта касе аз ӯ беҳтар намебошад, магар касе ки аз ин бештар зикр гуфта бошад»***

Эй мусалмонон, зикр ин муҳофиз, қалъа, амон ва ҳимоягар аст. Пӯшида нест, ки сафар кардан, даромадану баромадан аз хона, хӯрдану нӯшидан, хоб рафтану аз хоб бархостан, дар ҷое меҳмон шудан, қазои ҳоҷат, бо зан ҳамбистар шудан ва ғайри инҳо дуоҳои хоси худро доранд ва зикри онҳо зикркунандаро муҳофизат мекунанду баракат меоранд. Муваффақият барои касест, ки онҳоро ҳифз намуда, анҷом медиҳад ва ҳамеша, шабу рӯз забонаш бо зикри Худо машғул аст. Ин нидои Раҳмон аст барои аҳли имон, ки фармудааст: **«Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро бисёр зикр намоед. Ва дар субҳу шом ӯро тасбиҳ бигӯед»** *(Аҳзоб 41-42).*

Эй мусалмонон, аҳёнан дилҳои мо ба андозае танг ва қалбҳои мо бемор мешаванд, пас мо дар пайи ҷустуҷӯи илоҷ ва дур кардани ин изтироб инҷо ва онҷо мегардем. Беҳтарин илоҷи далҳо зикри Худост ва ба ин Худованде, ки мардумро хубтар медонад, гувоҳӣ додааст: **«Дониста бошед, ки бо ёди Худо дилҳо ором мегарданд»** *(Раъд 28).*

Бале, ғамнок дар ёди Худо чизеро пайдо мекунад, ки аз ғам раҳояш мекунад. Замоне, ки касе раҳоят карда наметавонад, бо ёди Худо машғул шавӣ, раҳо меёбӣ.

وَدَاوُۥدَ وَسُلَيْمَـٰنَ إِذْ يَحْكُمَانِ فِى ٱلْحَرْثِ إِذْ نَفَشَتْ فِيهِ غَنَمُ
ٱلْقَوْمِ وَكُنَّا لِحُكْمِهِمْ شَـٰهِدِينَ ﴿٧٨﴾ فَفَهَّمْنَـٰهَا سُلَيْمَـٰنَ ۚ
وَكُلًّا ءَاتَيْنَا حُكْمًا وَعِلْمًا ۚ وَسَخَّرْنَا مَعَ دَاوُۥدَ ٱلْجِبَالَ يُسَبِّحْنَ
وَٱلطَّيْرَ ۚ وَكُنَّا فَـٰعِلِينَ ﴿٧٩﴾

**«Ва Зонун ҳангоме, қаҳр карда рафт ва гумон кард мо қудрате ба ӯ надорем. Пас дар торикӣ (шиками моҳӣ) садо кард, ки нест илоҳе ғайри ту, ту пок ҳастӣ, дар ҳақиқат ман аз ҷумлаи золимон будам, пас мо дуои ӯро иҷобат намудем ва**

**аз ғам раҳояш кардем. Мӯъминонро ҳам ба ин тариқ наҷот медиҳем»** *(Анбиё 78-79)*.

Бемор дар зикри Худо оромӣ ва сабук шудани дардро эҳсос мекунад. Ғариб дар ёди Худо мӯнис ҳосил намуда, дарду алами ғурбаташ камтар мегардад. Зикр камро зиёду заифро қавӣ месозад ва мушкилотиро сабуку осон мегардонад. Ҳар ки дар ин шак дошта бошад, метавонад санҷиш гузаронида, дар вақти зикр азамати Худоро ба ёд оварда ба ёрӣ ва мадади ӯ бовар намояд.

Зан дар зикри Худо мададгоре барои адои масъулияташ пайдо мекунад. Бингаред ба қиссаи Фотима духтари Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам. Вақто аз машақатҳои кори хона монда шуда буд, шунид, ки ба назди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам асиронро оварданд. Ӯ рафт то аз падараш канизе талабад, ки дар корҳои рӯзгор мададгораш бошад. Чун ба онҷо рафт, падараш набуд ва Оиша разияллоҳу анҳуро онҷо ёфту ҳоҷати худро ба Оиша гуфт. Вақто ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омад ва Оиша дар бораи омадани Фотима ба ӯ хабар дод, Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ба хонаи Алӣ ва Фотима омад, дар ҳоле , ки онҳо бистари хобро партофта буданд. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар байни ҳарудяшон нишаста гуфт: **«Намехоҳед барои шумо чизеро биомӯзонам, ки бароятон аз ончи пурсидед, хубтар бошад? Чун ба ҷойгаҳи хоб даромадед 33 бор “Аллоҳу акбар”, 33 бор “Субҳоналлоҳ” ва 33 бор “Алҳамду лиллоҳ” бигӯед. Ин кор бароятон аз ходим хубтар аст»** *(муттафақ)*.

Эй бародари Исломӣ, чун дунё ба ту нахандад ва на дорои моликияту на дорои замин бошӣ, пас дониста бош ки метавонӣ дар ивази онҳо тавассути зикр ҳар мақсад, ки дорӣ ҳосил намоӣ. Ба ин васияти ҳазрати Иброҳим назар афканед, ки дар шаби Исро ба Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам чунин гуфта буд: **«Эй Муҳаммад аз номи ман ба умматонат салом расон ва ба онҳо бигӯй , ки биҳишт ҷои накӯст ва он хоки зебо ва оби ширин дошта дарахтонаш субҳоналлоҳ ва алҳамду лиллоҳ ва ло илоҳа иллаллоҳ ва аллоҳу акбар мебошад»** *(ривояти Тиримизӣ, ва Албонӣ онро саҳиҳ гуфта аст)*.

Дар куҷоянд онҳое, ки имрӯз бо зикр ниҳол мешинонанд ва фардо дар ҷаннат самараи онро бармечинанд? Барои шинондани ниҳоли ҷаннат на монеае ҳаст ва на мунозиъе. Балки он аз фазли Худованд аст, ки ба ҳар ки мехоҳад медиҳад.

Эй бандагони Худо, чун шуморо Худованд ба зикри худ рӯзона, дар вақти машғулиятатон муваффақ накард, пас шабонгоҳ чун торик шавад ва аз хоб бедор шавед, онро аз ёд набаворед. Ба ин ҳадиси набавӣ хуб андеша кунед, дар зеҳнатон онро ҷой кунед ва тибқи он амал намоед. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: **«Ҳар ки шаб бедор шавад ва "Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир, алҳамду лиллоҳ, субҳоналлоҳ ва ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ" гуфта, баъди он бигӯяд худоё маро бубахш ва ё ҳар дуое намояд, он дуо қабул мешавад ва агар бархоста таҳорат карда намоз хонад, албатта, он намозаш мавриди қабул қарор мегирад»** *(Бухорӣ)*.

Эй бародари исломӣ, дар умум зикр ибодати осон аст ва аз караму фазилатҳое бархурдор аст, ки касе камтар онро ба ҷо биёрад пушаймон мегардад. Зикр кардан эҳтиёҷ ба бекорӣ надорад. Балки коргар метавонад дар аснои кораш зикр намояд бе ин ки ба вазифааш халал расонад ё инсон метавонад дар вақти рондани мошин ва дар байни зану фарзандонаш зикр намояд. Зан метавонад дар вақти анҷоми корҳои хона зикр намояд. Барои зикр кардан на муҳтоҷ ба таҳорат кардан ҳастем ва на он вақти муайяне дорад, ки ба поён мерасад. Зикрро дар ҳама вақт ва дар ҳама ҳолат метавон иҷро кард, ҳатто мард бо пушт зада метавонад зикр кунад. Чи зебост агар инсон шаб чун бо дунё падруд мекунад, бо ёди Худо бошад ва субҳ чун бар мехезад, бо ёди Худо хезад.

Оё медонед, ки зикр кардан назди Худованд маҳбубтарин ва бузургтарини корҳост? Ӯ фармудааст:

ٱتۡلُ مَآ أُوحِيَ إِلَيۡكَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَۖ إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ تَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِۗ وَلَذِكۡرُ ٱللَّهِ أَكۡبَرُۗ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا تَصۡنَعُونَ ٤٥

**«Ончи бароят аз китоб нозил кардем тиловат намо ва намозро барпо дор. Ҳамоно ки намоз аз фоҳишагӣ ва бадӣ боз медорад. Ва, албатта, зикри Худо беҳтар аст агар бидонед»** *(Анкабут 45).*

Маъоз Бини Ҷабал аз Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам пурсид: *Кадом амал назди Худо маҳбубтар аст?* Гуфтанд: ***«Ин ки инсон бимираду забонаш машғули зикри Худо бошад»*** *(ривояти Ибни Ҳаббон, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст).*

Зикр тамоми он садақа ва ҳаҷу умра ва ҷиҳодеро, ки аз инсон фавт шудааст, иваз мекунад. Дар ҳадис омадааст, ки камбағалони муҳоҷир ба назди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада гуфтанд: *Бойҳо ҳам дараҷаи баландро ноил гаштанд ва ҳам биҳиштро соҳиб мешаванд.* Паёмбар гуфт: ***Чиро дар назар доред?*** Гуфтанд: *Ҳамон тавр ки мо намоз мехонем, онҳо низ намоз мехонанд, ҳамон тавр ки рӯза мегирем онҳо низ рӯза мегиранд ва онҳо як чизи изофӣ доранд ки он моли эшон аст ва тавассуташ ҳаҷ мекунанд, умра мекунанд, барои ҷиҳод сарф мекунанд ва садақа медиҳанд.* Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: ***«Намехоҳед барои шумо чизе омӯзонам, ки ҳам мардуми гузаштаро бигзаред ва ҳам ояндаро ва ҳеҷ касе аз шумо болотар набошад, магар он кас, ки монанди шумо бикунад?»*** Гуфтанд: *Бале, эй расули Худо.* Гуфт: ***«Баъди ҳар намозе сию се маротиба субҳоналлоҳ, алҳамду лиллоҳ ва аллоҳу акбар бигӯед»*** *(мутафақун алайҳ).*

Барои мардон ва заноне, ки Худоро бисёр зикр мекунанд, ҳамин кофист ки Худованд барояшон омурзиш ва аҷри бузургро ваъда додааст. Чунончи Худованд фармудааст: **«Ҳамоно ки занону мардони мусалмон, занону**

**мардони мӯъмин, занону мардони обид, занону мардони худотарс, занону мардони садақакун, занону мардони рӯзагир, занону мардони андоми худро ҳифзкунанда, занону мардони Худоро бисёр зикркунанда, барои ҳамаи инҳо Худованд омурзиш ва мукофоти бузургеро ваъда додааст»** *(Аҳзоб 35).*

# ОСОНТАРИН ВА ПОКТАРИН ИБОДАТ

## хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованди Парвардигори оламиён. Ӯст зинда ва нест маъбуде ғайри ӯ, пас ӯро ибодат намуда динро холис барои ӯ кунед. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик. Агар ҳафт осмонро бо ҳама чизе, ки ғайри Худованд дар он аст ва ҳафт заминро дар як палла гузошта **“Ло илоҳа иллаллоҳ”-**ро дар паллаи дигар гузорем, **“Ло илоҳа иллаллоҳ”** гаронтар меояд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст. Ҳар ки ба ӯ як салавот фиристад, Худованд барояш даҳ салавот мефиристад. Худоё, салавоту саломатро бар ӯ ва дигар паёмбарону расулон фирист.

Бародарони исломӣ, хушо ба ҳоли он касоне, ки то кунун лабҳои эшон чи дар ҳолати танҳоӣ ва чи бо мардум будан бо зикри Худо дар ҳаракатанд. Хушо, бар ҳоли ононе, ки пайвандҳои ангуштонашонро барои зикри Худо дар сафару дар хона меҷунбонанд.

Соҳибдилонанд онҳое, ки истодаю нишаста ва бо паҳлу Худоро зикр мегӯянд.

Муъминони ҳақиқӣ касоне ҳастанд, ки чун ёди Худо кунанд дилҳояшон ба ларза медарояд, мӯъминонанд касоне, ки бо ёди Худо дилҳояшон ором мегиранд. Дар инҷо фарқи калон аст байни инҳо ва он касоне, ки чун ёди Худо кунанд, дилҳояшон мемирад ва чун ёди дигаре кунанд, хушҳол мегарданд.

Беле эй бандагони Худо, намозхонҳо Худоро бештар зикру истиғфор намудаю тиловат мекунанд. Зеро намоз ҳама пур аз зикру дуо ва тасбиҳу таҳлилу такбиру тамҳид аст. Балки Худованд намозро зикр номидааст. Ҳамчуноне ки фармудааст: **«Эй касоне ки имон овардаед, чун рӯзи ҷумъа ба намоз даъват намоянд, ба сӯйи зикри Худо шитобед ва савдои хешро қатъ намоед, ин барои шумо беҳтар аст агар бидонед» (*Ҷумъа-9*) .**

Аммо мунофиқон Худоро аз ҳама камтар ёд мекунанд **«Мунофиқон Худовандро фиреб карданиянд, дар ҳоле ки**

**Худо онҳоро мефиребад. Чун барои барпо намудани намоз хестанд, танбалона бармехезанд ва Худоро ёд намекунанд магар андаке».** *(Нисо 142).*

Эй бандагони Худо, назди Худо агар инсон ёди азамати илоҳиро намояд ва инъому карами ӯро ёдрас шавад кори басо бузург аст, пас қалбаш бо зикри Худо битарсад ва аз чашмонаш об ҷорӣ шавад дар ҷое, ки ғайри Худо касе ӯро набинад. Аз байни он ҳафт тоифае, ки рӯзи қиёмат онҳоро дар зери сояи худ мегирад, дар он рӯзе, ки ҷуз сояи ӯ сояи дигаре нест, якеаш мардест ки Худоро дар ҷои хилват зикр намуд ва аз чашмонаш об ҷорӣ шуд. Худованд дар Қуръонаш фармудааст:

وَٱذۡكُر رَّبَّكَ فِي نَفۡسِكَ تَضَرُّعٗا وَخِيفَةٗ وَدُونَ ٱلۡجَهۡرِ مِنَ ٱلۡقَوۡلِ بِٱلۡغُدُوِّ وَٱلۡأٓصَالِ وَلَا تَكُن مِّنَ ٱلۡغَٰفِلِينَ ٢٠٥

**«Худовандро ба танҳоӣ, бо зорӣ ва субҳу шом зикр намо бидуни он ки садо баланд кунӣ. Ва аз зумраи ғофилон мабош»** *(Аъроф 205).*

Ва аҷаб бузург аст агар инсон Худоро дар ҳоли бо мардум ҷамъ шудан зикр намояд, то Худоро ба ёди эшон орад. Барои инҳо ҳамин қадар ифтихор кофист, ки Худованд онҳоро бо гурӯҳе ёд мекунад, ки беҳтар аз инҳо Худоро ёд кардаанд,. Ин ваъдаи бардуруғ нест: **«Ҳар ки манро дар байни марудм ёд кунад, ман ӯро дар байни мардуме ёд кунам, ки аз ин мардум беҳтаранд»** *(муттафақун алайҳ).*

Чӣ хуб аст агар инсон халқи бузургеро ва ё сунъи хуберо дар олам мушоҳида намуда, ёди он зотеро намояд, ки он сунъи зеборо офаридааст. Тааҷубовар аст, ки ҳавопайморо дар осмон бубинем ва ба ҳоли ӯ тааҷуб намоем, аммо ба бузургии он Зоте, ки осмонҳоро офариду замину осмонро нигоҳ дошт, то инҳо нобуд нашаванд, тааҷуб намекунем. Оё агар нобуд шаванд, касе метавонад барқарорашон намояд? Албатта не! Зеро танҳо он Худованди азизу ҳаким қодир аст ба ин.

Эй бародари мӯъмин, агар бори гуноҳ бароят гарон бошад ва дар гуноҳ ғарқ шуда эҳсоси гуноҳро намоӣ, пас

Худоро ёд кун, ки ин кафорати гуноҳон аст. Дар боби адаби шахс дар “Саҳиҳ”-и Бухорӣ омадааст, ки Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам шохчаи дарахтеро гирфта ларзонид, чизе нашуд, дубора ларзонд, боз чизе нашуд, дафъаи саввум ларзонд пас ҳамаи барги он афтид, баъди ин гуфт: «**Субҳоналлоҳ валҳамду лиллоҳ ва ло илоҳа иллаллоҳ” хатоҳоро мерезонад, ҳамчуноне ки дарахт баргашро»** (ривояти Бухорӣ, ва Албонӣ онро саҳиҳ гуфта аст).

Оё ҳадиси кортро шунидаед? Дар он бузургии зикр ва адолати илоҳӣ омадаст. Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят мекунад, Ҳоким онро ҳасан номида саҳиҳаш мехонад ва Заҳабӣ ба он мувофиқ аст ***«Аз умматони ман мардеро рӯзи қиёмат миёни мардум бедор мекунанд. Барои ӯ наваду нӯҳ китобро паҳн менамоянд ва ҳар китоб ба андозаи дидани чашм калон аст. Барои он мард мегӯянд: Оё чизеро аз ин навиштаҷот инкор мекунӣ ва ё котибони ман ба ту зулм кардаанд? Он мард мегӯяд: Не, ай Худои ман. Барояш мегӯянд: Оё узре доштӣ ва ё хубие карда будӣ? Мард тарсида мегӯяд:Не. Барояш мегӯянд: Не туро назди мо хубиест ва барои он туро имрӯз зулме намекунанд. Пас кортеро мебароранд, ки дар он Ашҳаду ан ло илоҳа иллалоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадар расулуллҳоҳ аст. Он мард мегӯяд: Худоё, ин корти хурд дар баробари ин ҳама сиҷилот (гуноҳ) чӣ фоидае дорад? Барояш мегӯянд: Туро зулм намекунанд. Пас тамоми сиҷилотро дар як кафи тарозу мемонанду ин кортро дар тарафи дигари тарозу ва тамоми сиҷилот сабук ва он корт гарон меояд»***

Шайх Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад бини Абӯбакр (раҳ) мегӯяд*: Бузургии амалҳо дар сурату шумораи он нест, балки бузургии онҳо дар дил аст. Ду коре ҳаст ки дар сурат бо ҳам яканд, вале дар фазилат байни онҳо аз замин то осмон фарқ аст. Вақто ки Худоро ёд мекунед, азамати ӯро дар хотир доред ва дилҳои худро бо ёди ӯ зинда намоед. Аз кори бидъат худдорӣ кунед ва азкорро монанди баъзе ҷоҳилон магӯед.*

Эй бародари исломӣ, барои бештар кардани зикри Худо худро одат кунон ва инро дар ёди дигарон низ андоз. Зеро зикр барои мӯъминон пурманфиат аст. Чунон нашавад, ки дар қайди ҳаёт бошӣ, вале дар қатори мурдагон. Фарқ байни он кас ки Худоро ёд мекунад ва он ки Худоро ёд

намекунад монанди фарқи байни мурда ва зинад аст. Ва носиҳон ба ту чунин тавсия медиҳанд: *«Ба ҳадисҳои азкор рӯй овар ва ба фазилати он андеша намуда, онро ҳифз кун ва он миқдор ки бароят муяссар гардад, иҷро намо, зеро оромӣ, саодат, муҳофазат ва кӯмакро дар дунё хоҳӣ ёфт. Аммо рӯзе, ки бо Худованд вохӯрӣ дорӣ, мукофоти баландеро ноил шавӣ. Насиби ту аз мавъиза танҳо шунидан набошад. Аҷаб бузург аст он хонае, ки дар он ёде аз Худо шавад. Ва аҷаб ҷойи хуб аст он ҷойҳои умумӣ ва муассисаҳо чун дар онҳо садои зикри Худо баланд гардад. Мо эҳтиёҷи зиёде дорем, то зикр дар васоили эълом, барномаҳои дарсӣ, суханронию баромадҳо, хутбаҳо, маъракаҳо, баҳру бар ва ҳаво ҷойи махсуси худро ёбад. Ҳатто баъзе фақиҳон бар ин раъянд, ки савоби зикр ба мурдаҳо ҳам мерасад. Ин ҳама панд аст ва панд барои мӯъминон аз фоида холӣ нест. Ҳар ки пандро қабул кард, барои манфиати худ қабул кард. Нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик, мулк аз ӯст ва барои ӯст ва ӯ бар ҳама чиз тавоност. Пок аст ӯ, ҳамд барои ӯ ба адади махлуқоташ ва то ризои худаш ва ба қадри вазни Аршаш ва ба дарозии калимоташ».*

Худовандо, ба Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристода будӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ, ҳамоно ки ту ҳамид ва маҷидӣ.

Худовандо, тамоми мардону занон, зинда ва мурдагони мӯъминро омурзиш намо.

Худовандо, Ислом ва муслиминро зафар деҳ ва ҳар ки ин динро хор кард, хораш кун.

Худовандо, ба мо раҳм намо, зеро ту раҳими мо ҳастӣ ва азобамон мадеҳ, ки ту бар мо қодирӣ.

Худовандо, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мешаванд, рӯйҳоямонро сиёҳ нанамо.

Худоё, моро азиз дору хорамон масоз, зиёдамон куну камамон макун ва моро баргузину бар болои мо дигареро магузин.

Худовандо, мо ба ту аз бадбахтии паст ва қазои бад ва гирфтории душманон паноҳ металабем. Худоё, ҳамд барои

туст, то ин ки розӣ шавӣ ва брои туст ҳамд баъди ризоят ва барои туст ҳамд чун розӣ шуданат.

Худовандо, барои ин уммат корашро чунон дуруст намо, ки аҳли тоатат азизу аҳли маъсиятат залил бошанд ва дар умури эшон амри маъруфу наҳйи мункар дида шавад. Пок аст Парвардигор. Ҳамд барои Худованд ва салом барои расулон.

# ТАФСИРИ ОЁТЕ АЗ СУРАИ ТУР

## хутбаи аввал

Ҳамд аз барои Худованде, ки бар бандааш китобро нозил карда онро кач нагардонда, балки дуруст намудааст, то аз азоби сахти худаш тарс диҳад ва барои мӯъминоне, ки кори накӯ мекунанд, мужда диҳад, ки ононро мукофоти накӯе интизор аст ва онҳо дар он ҳамеша мемонанд. Ман шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди яккаи бешарик, барои худ на ҳамсар гирифтааст ва на дорои фарзанд аст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Худованд ҳидояти ӯро афзун намудааст. Дуруди Худованд бар ӯ ва асҳоби ӯ ва бар тамоми ононе, ки то рӯзи қиёмат аз ӯ ба накӯӣ пайравӣ мекунанд.

Аммо баъд, эй мардум, аз Худованди мутаъол битарсед ва ба ёд оред он воқеаҳоеро, ки бар сари умматони пешини дуруғгӯй ва золим омада буд. Онҳое ки паёмбарони Худоро такзиб намуда, айбашон мегирифтанд ва бо тамоми бадиҳои беасос онҳоро тӯҳмат мекарданд. Онҳоро замоне соҳир мегуфтанд, замони дигар девона ва замони дигар аблаҳ. Худованд дар ин хусус фармудааст:

كَذَٰلِكَ مَآ أَتَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِم مِّن رَّسُولٍ إِلَّا قَالُواْ سَاحِرٌ أَوْ مَجْنُونٌ ﴿٥٢﴾ أَتَوَاصَوْاْ بِهِۦۚ بَلْ هُمْ قَوْمٌ طَاغُونَ ﴿٥٣﴾

**«Ҳамчунин пеш аз эшон ҳеҷ паёмбаре наомада буд, магар барояш соҳир ё девона гуфтанд. Оё ҳамдигарро ба чунин гуфтан васият кардаанд. Балки онон қавми саркашанд»** *(Зориёт 52-53).*

Ҳамчунин ононе, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва салламро такзиб намуданд ва бо тамоми суханони қабиҳ ӯро бад карданд, дар асл он сифотро худи онҳо доро буданд. Ин каломи онҳоро Худованд дар чанд ҷойи Қуръон зикр намуда аз ҷумла фармудааст: **«Пас гуфтанд ин танҳо сеҳрест, ки таъсири худро мерасонад»** *(Мудассир 24).* **«Ва**

**золимон мегуфтанд шумо танҳо марди афсуншударо пайравӣ мекунед»** *(Фурқон 8)*.

Вале Худованд субҳонаҳу ва таъоло аз Паёмбар дифоъ намуда ӯро тақвият мебахшид ва ёрияш медод ва саранҷоми корро насиби ӯ мегардонид. Дар сураи «Тур» барои дифоъ, кӯмак, пуштибонӣ ва дастгирии Худованд аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам далели зиёдест. Онҳо Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва салламро фолбин ва ҷодугар мегуфтанд, то бо ин тариқа роҳи даъваташро гиранд ва ҳиммату азамати ӯро кам намуда, мардумро аз атрофи ӯ ва шариати ӯ дур намоянд. Худованди азза ва ҷалла ба ӯ мегӯяд: **«Пас роҳи даъвати худро идома деҳ, зеро ту бо он неъматҳои худодод на фолбин ҳастӣ ва на девона»** *(Тур 29)*.

Худованд барои ӯ набувват инъом намудааст. Аз ин лиҳоз ӯ на фолбин ҳасту на девона, балки Паёмбари содиқ буда аз ҳама мардум бештар дорои ақли расо ва тасаруфи накӯ аст. Ҳамчунин мегуфтанд, ки ӯ шоир аст ва рӯзе маргу ҳалокат ба сараш меояд. Дар ин ҳолат Худованд барои Паёмбараш саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: **«Бигӯ интизор шавед, ман низ бо шумо дар интизорам»** *(Тур-31)*. Шумо мунтазир бошед, мурдан танҳо хоси ман нест ва шумо ҳам аз марг раҳоӣ надоред, ман низ мунтазири марги шумоям. Ҳалокат ба онҳо зудтар мерасад чунончи Худованди мутаол фармудааст:

أَمْ تَأْمُرُهُمْ أَحْلَٰمُهُم بِهَٰذَآ ۚ أَمْ هُمْ قَوْمٌ طَاغُونَ ﴿٣٢﴾

**«Оё барои онон ақлҳои эшон чунин мефармояд ва ё онон қавми саркашанд?»** *(Тур-32)*. Оё ақлҳои эшон барояшон чунин суханони фосидро имло менамояд? Не! Зеро ҳар оқиле медонад, ки Қуръон шеър нест, вале онҳо ситамгарону таҷовузгаронанд. **«Ё онҳо мепиндоранд, ки онро аз пеши худ бофтааст»** *(Тур-33)*. Яъне он ҳазрат Қуръонро худ бофта ба мардум пешниҳод кардааст? Аз пеши худ бар зидди Худо? Пас Худованд дар посухи онҳо фармуд: **«Балки онон имон намеоранд»** *(Тур-33)*. Онҳо хуб медонанд, ки Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам Қуръонро аз пеши худ нагуфтааст ва имкон надорад, ки гуфта бошад, зеро он каломи холиқ аст ва ҳеҷ мумкин нест,

ки махлуқе монанди онро биёрад. Вале чизе, ки ононро маҷбур ба гуфтани чунин суханон намуда аст, ин куфру саркашии онҳост. Пас Худованд онҳоро даъват намуд, ки агар содиқ бошанд, пас монанди он (Қуръон) биёранд: **«Пас сухане монанди он оваред агар шумо содиқ ҳастед»** *(Тур-34).* Яъне монанди ҳамин Қуръон дар балоғат, ҳидоят, илмҳои фоидаовар, корҳои накӯ, ақидаи дуруст, ахлоқи зебо ва ғайра китобе биёред. Вале онҳо бо вуҷуди он, ки пешсафони баёну шоҳони фасоҳат буданд, дар овардани он оҷиз гаштанд. Чун Худованд онҳоро ба **таҳадо** давъват намуд ва онҳо аз таъна задан дар оятҳои Қуръон оҷиз гаштанд, онҳоро ба офариниши муъҷизаҳои оламӣ даъват намуда гуфт: **«Оё онҳо аз ҳеҷ чиз офарида шудаанд ва ё онҳо худ холиқанд»** *(Тур-35).* Яъне оё онҳо бе Офаридагор офарида шудаанд? Оё ба тариқи судфа, бе сабаб пайдо шудаанд? Ин кори номумкин аст. Зеро ҳар махлуқеро холиқ зарур аст ва ҳар ҳодисеро муҳдис. Вақто ки барои онҳо холиқ зарур аст, пас оё онҳо худашон офаридагори худ ҳастанд? Ин кор ҳам аз имкон берун аст, зеро касе наметавонад даъво намояд, ки ӯ худро офаридааст. Чӣ гуна инро тасаввур кардан мумкин аст, дар сурате ки пеш аз пайдоишаш вуҷуд надошт. Ҳамчунин касе даъво карда наметавонад, ки дигареро офаридааст. Касе наметавонад, ки чунин даъво намояд, ки ба ҷанин дар шиками модараш шаклҳои гуногун - нутфа, баъдан гӯштпора ва сипас инсони зинда бахашид ва дар он руҳ дамид. Вақто ки собит намудем, ки ӯ ба тариқи сӯдфа пайдо нашудааст ва худро низ наофридааст, маълум мешавад, ки холиқи онҳо Худованди азза ва ҷалла аст, чунончи онҳо ба ин иқроранд ва Худованд фармудааст: **«Ва агар аз онҳо бипурсӣ, ки онҳоро кӣ офаридааст, албатта, мегӯянд Худованд. Пас куҷо равона ҳастанд?»** *(Зухруф 87).* Худованд онҳоро аз таҳадии ба офариниши худ ба таҳадии болотар ва бузургтар даъват намуда фармудааст:

أَمۡ خَلَقُواْ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ ﴿٣٦﴾

**«Оё онҳо осмонҳо ва заминро офаридаанд? Балки онҳо яқин надоранд»** *(Тур-36).* Онҳо осмонҳо ва заминро наофридаанд ва инмкон надорад, ки чунин иддао дошта

бошанд. Балки худи онҳо иқрор мекунанд, ки осмонҳо ва заминро Худованд офаридааст, чунончи Худованд фармудааст**: «Ва агар аз онҳо пурсӣ, ки осмонҳо ва заминро кӣ офаридааст, албатта, мегӯянд Худованд. Бигӯ ҳамд барои Худованд»** (Луқмон 25). Вақто ки онҳо иқрор мекунанд, ки он зоте, ки осмонҳо ва замиро офаридааст, Худованди азза ва ҷалла мебошад, пас чаро Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва салламро, ки ваҳйи Худоро меорад ва оятҳои уро таъйид менамояд, бовар намекунанд. **«Балки онҳо яқин надоранд»** *(Тур-36).* Балки онҳо дар изтиробу ноором*ӣ*, шаку шубҳа қарор гирифтаанд. Худованд дар рафти таҳаддии ин дурӯғгуён фармудааст: **«Оё назди онҳо хазинаҳои Парвардигори туст?»** *(Тур-37).* Эшон он хазинаҳоро аз ҳар ки хоҳанд боз медоранд ва ба ҳар ки хоҳанд мебахшанд? Онҳо даъво доранд, ки паёмбарӣ аз ту нест ва ту дар ин роҳ дурӯғгӯ мебошӣ? Не, ҳаргиз онҳо соҳиби хазинаҳои Худованд нестанд ва хазинаҳои Худованд дар назди худаш аст ва Худованд аз фазли хеш барои ҳар ки хоҳад медиҳад. Чунончи фармудааст:

أَمْ عِندَهُمْ خَزَآئِنُ رَبِّكَ أَمْ هُمُ ٱلْمُصَيْطِرُونَ ﴿٣٧﴾

**«Оё назди онҳо хазинаҳои Парвардигори туст ва ё онҳо ҳамаро <u>сайтра</u> намудаанд?»** *(Тур-37).* Оё онҳо соҳиб шуда <u>сайтараро</u> дар даст доранд пас барои мардум дар тасарруфонаш дахолат менамоянд? Не, чунин нест. Онҳо на онҳоро соҳибанд ва на тавони дахолату тасарруф дар онҳоро доранд. Худованд аз онҳо ду <u>султаро</u> наҳй намуда аст, яке султаи додан, дигаре султаи соҳиби намудану тасарруф кардан. Пас маълум гашт, ки онҳо тавони боз доштани фазли Худо ва ё додани онро бе иродаи Худованд надоранд. Ҷубайрӣ Бини Мутъим разияллоҳу анҳу мегӯяд: *«Аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки дар намози магриб (шом) сураи «Тур»-ро мехонд. Вақто ки ба ин оят расид, қариб буд ки дили ман кафад» (Ривояти Бухорӣ).* Шунидани ин оят омили асосии имон овардани ӯ гашт**. «Оё барои онҳо нардбон аст, ки дар он мешунаванд?»** *(Тур-38).* Оё тавассути нардбон ба осмон баромада ахбори осмонҳоро мешунаванд? Он авсоферо, ки ба ту нисбат медиҳанд чун

фолбинӣ, девонагӣ, шоирӣ, дрӯғгӯйӣ ва ғайра ин ҳамаро аз онҷо шуниданд? Не, чунин нест! Онҳо нардбоне надоранд, ки бо он ба осмон баромада, чизе шунаванд, вале агар онҳо бо ғурур инро иддао намоянд, бояд ҳуҷҷат дошта бошанд. Худованд фармудааст: **«Пас шунавандагони онҳо ҳуҷҷати ошкоро биёранд»** *(Тур-38).* Вале онҳо ҳаргиз ҳуҷҷат надоранд. Вақто ки ин такзибкунандагони паёмбарон ҳуҷҷати қавии мӯътамад надоранд, ҳамчунин дорои хазоини раҳмати илоҳӣ нестанд, ки бо он аз байни дигар бандагон тахсис дода шуда бошанд ва онҳо дорои нардбоне нестанд, ки ахбори осмонҳоро ҳосил намоянд ва ба ин на ҳуҷҷат доранд ва на далел, Худованд онҳоро сарзаниш намуд, ки чаро иддао доранд, ки онҳо дорои писаронанду Худованд дорои духтар? Инро чӣ гуна тасаввур бояд кард? Онҳо дар бораи ҳамҷинсони худ, ки якҷо зиндагӣ мекунанд, маълумоти комил надоранд, пас чӣ гуна ин чизҳоро ба Худованд нисбат медиҳанд? Худованд фармудааст: **«Оё аз онҳо музде металабӣ, ки аз вазнинии он оҷиз шудаанд?»** *(Қалам 46).*

Пас дигар оятҳо пайи ҳам омадаанд, то аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дифоъ намуда, тӯҳматҳои ононро бартараф намоянд. **«Оё ғайб дар назди онҳост, пас онҳо аз он менависанд?»** *(Тур-41).* Он чизе, ки онҳо аз ғайб омӯхтаанд, барояшон таълим медиҳад, ки рисолаи ту мухолифи он аст? Пас барои ҳамин онро инкор мекунанд аз бими он, ки он чи аз ғайб омӯхтаанд ва навиштаанд мабодо ботил гардад. Ҳақиқат ин аст, ки онҳо ғайбро намедонанд ва онро нанавиштаанд. Онҳо бесаводу ҷоҳиланд. Тақозои ақлу ҳикмат он аст, ки ба он чи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам овардааст ва тавассуташ онҳоро тазкия менамояду барояшон китобу ҳикмат меомӯзонад, хурсанд шаванд. Худованд фармудааст: **«Оё онҳо иродаи ҳиларо доранд?»** *(Тур 42).*

Ин аст воқеият. Онҳо бо ин авсоф, ки дар ҳаққи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегӯянд, танҳо ба хотири осеб расонидани Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам, дини ӯ ва нест кардани он мебошад. Вале Худованд то динашро пурра накунад, розӣ нахоҳад шуд. **«Пас ононе, ки кофир шуданд»** *(Тур 42),* ба сабаби куфр ва инкор

карданашон **«Найрангашон бар худи онҳост»** *(Тур 42).* Танҳо ононанд маҳкумшуда бар хорӣ ва ҳалокат.

Вақто ки тамоми он чи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам овардааст, даъвати ба сӯйи тавҳиди Худо ва Парвардигору Худо будани ӯ ва тавҳиди ному сифоти ӯст. Худованд дар поёни дифоъаш аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудааст: **«Оё барои онҳо маъбудест ғайри Худованд?»** *(Тур 43),* то ба сӯйи ӯ паноҳ бурда ибодаташ намоянд ва аз роҳи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам як тараф шаванд. Не, онҳо ғайри Худованд Худои дигаре надоранд. Он бутҳоеро, ки ғайри Худованд мепарастанд, худои ҳақиқӣ нестанд. Зеро дар онҳо камбудӣ ва нуқсон дида мешавад. Чунончи Худованд фамудааст:

أَمۡ لَهُمۡ إِلَٰهٌ غَيۡرُ ٱللَّهِۚ سُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ﴿٤٣﴾

**«Худованд аз ончи шарик гирифтаанд пок аст»** *(Тур 43).* Худованд монанди санам ва бутҳои онҳо нест. Вақто ки Худованд баён намуд, ки эшон оятҳои шариати Худоро инкор ва таксиб менамоянд, боз арз намуд, ки онҳо оятҳои оламиро низ инкор менамоянд. Аз инҷост, ки фармудааст: **«Ва агар порае аз абри осмонро бинанд, ки меафтад»** *(Тур 44).* Яъне порае аз азобро чун бинанд, ки аз осмон меафтад, мегӯянд **«абрест ҷамъшуда»** *(Тур 44)* . Яъне бо ин мехоҳанд бигӯянд, ки ин кори оддист, на парво дорем ва на ғам мехӯрем. Ин интиҳои саркашию беаҳамиятии онҳост.

Худованд мо ва шуморо аз оташ наҷот диҳад, аз роҳи мунофиқону кофирон дур созад ва ба роҳи рост ҳидоят намояд. Ин суханамро ба анҷом расонида аз Худованд барои худ ва шумо омурзиш талаб менамоям. Аз ӯ омурзиш бихоҳед, ки ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ТАФСИРИ ОЁТЕ АЗ СУРАИ ТУР

## хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд, ки бандагони мӯъмин ва пайрави паёмбарашро шабу рӯз аҷрҳо, биҳиштони пур аз чашмаҳо ва ҷӯйҳо бахшад. Барои онҳо дар ҷаннат тамоми меваҷот вуҷуд дорад. Аммо ононеро ки ба паёмбарон такзиб мекунанд, барояшон дузахе омода сохтааст, ки басо ҷойгоҳи бад аст. Салоту салом мефиристам бар Паёмбари баргузидашуда ва бар ҳама олу асҳоби накӯяш ва ҳамсаронаш - модарони поки мӯъминон ва ҳамроҳи онон бар худи мо эй Худованди азизу ғаффор.

Аммо баъд, бародарони аҳли имон! Такзиби Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам бо даргузашти эшон анҷом наёфтааст. Балки то кунун боқӣ монда ва то рӯзи фанои олам идома хоҳад ёфт. Ашхосе ҳастанд, ки ба тамоми он чи Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам овардааст, такзиб мекунанд ва ин ҳоли аҳли китоб ва куффор аст. Ҳамчунин ашхосе ҳастанд, ки баъзе ҷузъиёти онро такзиб мекунанд. Ба ин тариқа, ки бархе аз ахбори Паёмбарро бе далелу бурҳон рад менамоянд ва ё баъзе ахборро нодуруст таъвил менамоянд. Ин боис бар парокандагии уммати Ислом мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат, Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам, шиори умматони наҷотёфтаро ***«Ононе, ки ҳамроҳи ҷамоатанд»*** *(ривояти Ибни Моҷа, ва Албонӣ онро саҳиҳ дониста)* гардонида аст. Инсон бояд аз ҳамаи ин огоҳ гардад ва бисёр босабру таҳаммул ва илму дониш буда, аз Худованд шабу рӯз талаби мағфират намояд. Ин сир дар поёни ҳамин сура фаҳмида хоҳад шуд, ки Худованд фармудааст:

وَٱصۡبِرۡ لِحُكۡمِ رَبِّكَ فَإِنَّكَ بِأَعۡيُنِنَاۖ وَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ حِينَ تَقُومُ ﴿٤٨﴾ وَمِنَ ٱلَّيۡلِ فَسَبِّحۡهُ وَإِدۡبَٰرَ ٱلنُّجُومِ ﴿٤٩﴾

**«Ту ба ҳукми Парвардигорат сабр намо ва ҳар гоҳ , ки бархостӣ бо ҳамди Парвардигорат аз ӯ омурзиш бихоҳ. Ва шабонгоҳу баъди рафтани ситорагон низ ӯро ба покӣ ёд кун»** *(Тур 48-49)*.

Худовандо, ба Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристода будӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно ки ту ҳамид ва маҷидӣ.

Худовандо, тамоми мардону занон, зиндаҳо ва амвоти мӯъминро омурзиш намо.

Худовандо, мо аз ту устуворӣ дар Ислом ва анҷоми накӯро хоҳонем.

Худовандо, мо аз ту пайравӣ намудани накӯйиро хоста, аз бадиҳои бидъат паноҳ металабем.

Худовандо, Ислом ва муслиминро зафар деҳ. Ҳар ки ин динро хор кард, хораш намо. Худоё, бародарони муваҳҳиди моро дар ҳама ҷо ёрӣ деҳ. Худоё, ононро бо лутфи худ мадад кун. Худовандо, бар сари онҳо раҳмат ва ризои хешро бирез.

Худовандо, мо аз ту илми пурманфиат ва амали пок хоҳонем. Худовандо, ба мо ҳидояту тақво ва покию боигарӣ ато фармо.

Худовандо, падарону модарон, аҷдоди мо ва ҳар ки болои мо ҳаққе дорад ва инчунин имомони мусалмонҳою оммаи онҳоро мағфират намо.

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# ДАЪВАТ БА АДОЛАТ ВА БАЁНИ АНВОИ ОН

## хутбаи аввал

Ҳамд мегӯем Худоеро, ки дар китоби мубинаш ба адл дастур дода, аз зулму ҷабру бедодгарӣ ҳатто дар нисбати кофирон манъ намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди малики ҳаќу ошкор. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст, ки вайро ҳамчун раҳмат барои оламиён ва ҳуҷҷат бар тамоми халқаш фиристодааст. Салавот ва саломи бепоёни Худо бар вай ва бар олу асҳобаш, ки бо роҳи ӯ рафта суннаташро риоя намуданд.

Аммо баъд, эй мусалмонон, аз Худовавнди мутаъол битарсед ва дониста бошед, ки Худованд ҳамеша ба адл фармон додаст. Ӯ фармудааст: **«Ҳамоно ки Худованд ба адлу накӯӣ амр менамояд»** *(Наҳл 90).* Боз хабар додаст, ки ӯ адл ва одилонро дӯст медорад. Ӯ фармудааст: **«Худованд одилонро дӯст медорад»** *(Мумтаҳина 8).* Маънои адл ин миёнаравист дар ҳама корҳо ва адолат сифатест, ки аз ҳар он чи ба одамгарӣ халал мерасонад, парҳез карда шавад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд**:** ***«Адлкунандагон дар назди Худо болои минбаре аз нур мебошанд, ҳамон касоне, ки дар ҳукм, хонавода ва зердастонашон адл мекунанд»*** *(Ривояти Муслим).*

Эй бандагони Худо, манзалати адл дар Ислом хело бузург аст ва савоби он назди Худованд гарон аст. Адл чанд намуд мешавад ва ҳар мукаллафро воҷиб аст, то ба андозаи масъулияташ дар ҳаёти худ адл намояд.

Имомро воҷиб аст бо раъияташ одил бошад. Худованд фармудааст: **«Ва бояд дар байни онҳо бо ончи Худованд нозил кардааст, ҳукм намоӣ»** *(Моида 49).* Боз фармудааст: **«Эй Довуд, мо туро дар рӯи замин халифа гардонидаем. Пас дар байни мардум бо ҳақ ҳукм намо ва пайрави ҳаво машав, ки (он) аз роҳи Худо дурат менамояд»** *(Сод 26)* **.**

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: ***«Ҳафт тоифаро Худованд зери сояи худ мегирад дар он рӯзе, ки ҷуз сояи ӯ сояи дигаре нест - имоми одил...»*** *(ривояти Бухорӣ).*

Қозӣ бояд дар баровардани ҳукмаш одил бошад. Худованд фармудааст:

۞ إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُكُمۡ أَن تُؤَدُّواْ ٱلۡأَمَٰنَٰتِ إِلَىٰٓ أَهۡلِهَا وَإِذَا حَكَمۡتُم بَيۡنَ ٱلنَّاسِ أَن تَحۡكُمُواْ بِٱلۡعَدۡلِۚ إِنَّ ٱللَّهَ نِعِمَّا يَعِظُكُم بِهِۦٓۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ سَمِيعَۢا بَصِيرٗا ﴿٥٨﴾

**«Худованд мефармояд то амонатҳоро ба соҳибонашон баргардонед ва чун байни мардум ҳукм намоед, бояд бо адл ҳукм намоед»** *(Нисо 58).*

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтааст: ***«Қозӣ се хел аст, дуи он дар оташ аст ва яке дар ҷаннат. Марде, ки ҳақро шиносад ва бо он ҳукм намояд, дар ҷаннат аст. Марде, ки ҳақро медонад, вале бо он ҳукм намекунад ва дар ҳукмаш зулм менамояд, дар оташ аст. Марде ҳақро намедонад, вале аз рӯйи ҷаҳл ҳукмро мебарорад, он ҳам дар оаташ аст»*** *(ривояти Абудовуд, ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст)* **.**

Вале агар қозӣ мақсади ҳақро кунад ва барои дарёфти он тамоми кӯшишашро ба харҷ диҳад, савоб мегирад агарчи дар ҳукмаш хато ҳам карда бошад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: ***«Агар ҳоким баъди кӯшиш ва иҷтиҳод ҳукме содир намояд ва он дуруст бошад, ду савоб мегирад ва агар хато карда бошад як савоб»*** *(муттафақ).*

Бояд падар дар байни фарзандонаш дар ато ва дигар чизҳо адл намояд. Чунин нашавад, ки барои баъзеи онҳо чизе бидиҳад ва дигаронро маҳрум созад, хоҳ писар бошанд хоҳ духтар. Аз Нӯъмон Бини Башир омадааст, ки падараш ӯро ба назди Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам оварда гуфт:*Ман барои ҳамин писарам як хурмозореро ки доштам, додам.* Расули худо саллалоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд: ***Оё барои ҳамаи фарзандонат хурмозорро додӣ?*** Гуфт: *Не.* Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: **Додаатро баргардон.** Дар ривояти дигар Нӯъмон бини Башир мегӯяд: *Падарам маро ба назди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам бурд то ӯро ба чизи ба ман*

*додааш шоҳид кунад.* Пас Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфт: **Оё ин корро бо ҳамаи писаронат кардӣ?** Гуфт: *Не.* Гуфтанд: **Аз Худо битарсед ва дар байни фарзандонатон адл кунед»** *(Ривояти Бухорӣ ва Муслим).*

Падарон бояд ба ин кор аҳамият бидиҳанд ва набояд ба як писарашон чизе диҳанду дигаронро аз он маҳрум созанд. Мард бояд дар байни ҳамсаронаш низ адл намояд. Худованд фармудааст: **«Бо онҳо бо накӯӣ ҳамзистӣ кунед»** *(Нисо 19).* Шавҳар бояд дар байни занони худ дар хоб рафтан, нафақа ва дигар ҳуқуқҳо баробариро риоя кунад. Худованд фармудааст: **«Пас ба яке пурра майл накунед»** *(Нисо 129).* Худованд фармудааст:**«Агар бими он доред, ки** (дар миёни онҳо) **адл карда наметавонед, пас як зан гиред»** *(Нисо 3).* Аз Абуҳурайра ривоят шудааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Ҳар ки ду зан дорад ва майлаш тарафи якеи онҳост, рӯзи қиёмат меояд дар ҳоле, ки як тарафаш каҷ аст»*** *(ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Насоӣ, ва Албонӣ онро саҳиҳ гуфта аст).*

Мусалмон бояд дар гуфтаҳояшон одил бошад. Худованд фармудааст:**«Вақто ки сухан мегӯед, бояд адлро гӯед ва агарчи хешатон бошад»** *(Анъом 152).* Яъне агар сухане гӯед ва бар зарари хешатон бошад, бояд адл намоед ва аз адл нагузаред, балки ҳамеша ҳақро бигӯед агарчи он талх аст. Агар ҳақ ба фоидаи шумо ва ё бар зарари шумо ва наздикону муҳибонатон бошад дар ин ҳолат ҳам аз ибрози он худдорӣ макунед. Худованд фармудааст:

۞ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ كُونُوا۟ قَوَّٰمِينَ بِٱلْقِسْطِ شُهَدَآءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمْ أَوِ ٱلْوَٰلِدَيْنِ وَٱلْأَقْرَبِينَ ۚ إِن يَكُنْ غَنِيًّا أَوْ فَقِيرًا فَٱللَّهُ أَوْلَىٰ بِهِمَا ۖ فَلَا تَتَّبِعُوا۟ ٱلْهَوَىٰٓ أَن تَعْدِلُوا۟ ۚ وَإِن تَلْوُۥٓا۟ أَوْ تُعْرِضُوا۟ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرًا ﴿١٣٥﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо дар адл устувор бошед ва барои Худо шоҳид бошед, агарчи бар зидди худ ё волидайн ва ё наздиконатон бошад»** *(Нисо 135)* **.**

Худованди таъоло ҳамеша ба адл кардан дастур медиҳад, агарчи ба муқобили худ ё хешу бегона бошад ва аз ҳар кас дар ҳама ҷо ва ҳама ҳолат адлро талаб мекунад. Мусалмон бояд адлро ҳатто бо душманонаш истифода барад. Худованд фармудааст:**«Ва бадии он қавм, ки аз Масҷидул ҳаром берунатон карданд шуморо дар ҷурм қарор надиҳад, то адлро тарк намоед»** *(Моида 2).* Яъне он бадбиние, ки ба онҳо доред, ба сабаби он ки аз Масҷидулҳаром берунатон намуданд, боис ба он нагардад, ки ҳукми илоҳиро ки адл аст, нодида бигиреду аз рӯи зулму таҷовуз аз онҳо қасос ситонед. Балки ҳукми худро дар асоси адле кунед, ки Худованд барои шумо дастур додааст. Чуночи Худованд фармудааст:**«Ва бадии он қавм боиси он нагардад, ки адлро истифода накунед. Шумо адл кунед, ин ба тақво наздиктар аст»** *(Моида 8).* Яъне бадбинии он қавм шуморо ба тарки адл тела надиҳад. Зеро адл барои ҳар кас, дар ҳар ҳолат воҷиб аст. Тавассути адл осмонҳо ва замин устувор истодааст, адлро ҳар кас дӯст медорад, ободӣ аз адл аст, амнияти ҷону молу обрӯйро мардум дар адл мебинанд.

Худованд фармудааст, ки ҳангоми қасос гирфтан ҳам адлро риоя кунем, яъне ҷинояткор ба андозаи ҷиноятaш ҷазо бинад на беш аз он. Худованд фармудааст: **«Ва ҷазои бадӣ, бадиест монанди он».** Боз фармудааст: «**Ва агар ҷазо диҳед, пас мисли он ҷазое, ки шуморо доданд, бидиҳед»** *(Наҳл 126).* Боз Худованд фармудааст: **«Инро дар ёд гиред. Ва ҳар ки мисли ҷазои бар сарашомада ҷазо диҳад ва баъди он ба ӯ таҷовуз кунад, албатта, мо кӯмакаш менамоем»** *(Бақара 194).* Мусалмонон бояд дар байни ду тоифаи даргир сулҳ биёрад. Худованд фармудааст:**«Ва агар ду тоифаи мӯъмин бо ҳам ҷанг кунанд, шумо байни онҳо сулҳ андозед. Ва агар якеи онҳо бар сари дигаре таҷовуз намояд, шумо бо таҷовузгар биҷангед, то он ки ба амри илоҳӣ рӯй оварад. Ва агар рӯй овард, дар байни онҳо одилона сулҳ андозед. Ва адл намоед, Худованд одилонро дӯст медорад»** *(Ҳуҷурот 9)***.** Худованди субҳон мӯъминонро дастур медиҳад, ки байни тоифаҳои бо ҳам даргир аз рӯйи адл сулҳ

андозанд. Агар яке аз он тоифаҳо ислоҳро қабул накунад, пас он боғӣ аст ва ҳамаи мусалмононро воҷиб аст то бо боғиён биҷанганд, то он замоне ки ба ҳукми Худо розӣ шаванд. Пас агар онҳо ба сӯйи ҳукми Худованд баргаштанд, мӯъминон дар асоси адлу инсофи ҳар тоифа дар баробари тоифаи дигар сулҳро ҷорӣ кунанд. Бо ҳамин сафою муҳаббат дар байни мӯъминон бародарии динӣ эҷод мегардад.

Эй мусалмонон, ин аст дини мо, ки дар асоси адл дар ҳамаи аҳком ва қавонинаш қоим аст. Худованд фармудааст: **«Калимоти Парвардигорат аз рӯи сидқ ва адл пурра гашт»** *(Анъом 115)*. Худованд дар хабар доданаш содиқ ва дар аҳкомаш одил буда, ҷабру зулму бедодгариро қабул надорад ва бо касе ошнобозӣ намекунад. Ӯ ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳамроҳи ҳақ аст, барои вафо намудан дар аҳду паймонҳо ҳатто бо кофирон амр кардааст. Худованд фармудааст:

فَإِمَّا تَثْقَفَنَّهُمْ فِي ٱلْحَرْبِ فَشَرِّدْ بِهِم مَّنْ خَلْفَهُمْ لَعَلَّهُمْ يَذَّكَّرُونَ ﴿٥٧﴾

**«Ва агар аз қавме тарси он дошта бошӣ, ки хиёнат мекунанд, пас ту ҳам паймонро бекор кун. Ҳамоно ки Худованд хоинонро дӯст намедорад»** *(Анфол 57)*. Яъне агар аз қавми ҳамаҳдат хавф дошта бошӣ, ки ба аҳди худ хиёнат мекунад, аҳдашро ба он қавм баргардон. Яъне ба онҳо хабар деҳ, ки аҳди байни мо ва шумобударо бекор кардам. Бо ҳамин тариқ, онҳо дар фикри бақои аҳд нашуда, туро хоин нахоҳанд гуфт. Дине, ки чунин сифат дошта бошад, албатта, барои ҳар замону ҳар макон салоҳият дорад. Худованд фармудааст: **«Ин аст дини дуруст, вале аксари мардум намедонанд»** *(Юсуф 40)*.

Ҳамин аст ки кофирон замоне ба ин дин андешаҳо мекарданд ва ононе, ки ба адолату камол ва дурустии он иқрор карда буданд, дар сояи он зиндагӣ мекарданд. Бархе аз онҳо бо мурури замон ба он имон оварданд ва бархе аз рӯйи саркашӣ ва кибр ҳамчунон дар дини худ боқӣ монданд.

**«Баъди он ки барояшон ҳақ зоҳир шуд»** *(Бақара 109)*. Дар ин боб қисса хело дароз аст ва ҳар ки иттилоъи каму беше гирифтанӣ бошад, бояд ба китобҳои таърих назар афканад. Албатта, дар китобҳои таърих мисолҳо барои адолату миёнаравӣ ва дурустию покии Ислом хело зиёд аст.

Ин ҷо суханамро ба анҷом расонида, аз Худованд барои худ ва шумо омурзиш мехоҳам. Аз ӯ омурзиш бихоҳед, ки ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ДАЪВАТ БА АДОЛАТ ВА БАЁНИ АНВОИ ОН

## хутбаи дуюм

Ҳамд танҳо барои Худованд ва салоту салом бар беҳтарин касе, ки ҳокими башарият буд ва бар хонадону асҳобаш, ки барои савора ва пиёда ахтарони ҳидоят буданд ва ҳамчунин бар ҳамсаронаш, ки аз ҳама гуноҳу тӯҳмат пок буданд.

Аммо баъд, эй бандагони Худо, зулм ҷинояти вазнин буда, оқибати бад дорад. Банда ба сабаби дар адл муваффақ шуданаш бо вуҷуди он, ки гунаҳкор бошад, дохили ҷаннат мегардад. Ҳамчунин шахси дигарро ба сабаби зулм намудан ҳангоми ҳукм карданаш ва ё истифода накардани адл бисёр хораш мекунад агар чи корҳои хайраш монанди кӯҳи Уҳуд бошанд. Замона чи зебое магардад агар ҳоким одил бошад, вазифадорон одил бошанд, ҷамъият дар маҷмӯъ одил бошад. Аз сабаби аҳамияти зиёд доштани адл ва фазилати он, аз сабаби аз дилҳо дур шудани кина ва ҳасад тавассути он Худованд ба адл амр намуда бар ҳамаи махлуқоташ онро лозим гардондааст. Ин аз рӯйи раҳмат бар тамоми уммат аст.

Эй бандагони Худо! Худованд ҳаргиз ба касе зулм намекунад. Бо вуҷуди ин Худованд ин ҳама инъом ва атоҳоро ба мардум додааст. Дар рӯзи қиёмат, ҳангоме ки амалҳоро дар рӯйи тарозуи зоҳир мегузоранд, ҳама кас аъмоли худро мебинад ва дигар барои онҳо на ҳуҷҷат мемонаду на узре.

Балки Худованду Расулаш барои касоне, ки амонати ин динро мебардоранд ва қабул мекунанд, адолатро муҳимтарин сифот гардониданд. Ба маънои он ки он мард дар ҳамаи ҳолатҳо одил бошад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Ин илмро аз баъд омадагиҳо танҳо одилон таҳаммул мекунанд»*** *(Тасҳеҳи Ҳоким мувофақаи Заҳабӣ)*.

Асҳоби Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам ва имомоне, ки баъди ӯ омадаанд, аз адолати шахс пурсон

шуда гувоҳӣ медоданд, агарчи он шахс аз наздиконашон ҳам мебуд. Аз имоми бузургвор Алӣ Бини Мудайнӣ садҳо маротиба дар бораи падараш мепурсиданд ва ӯ мегуфт: *«Ин ҷо сухан аз дин меравад, падарам сӯст буд»*.

Эй бандагони Худо, дониста бошед, ки яке аз шуруте, ки саҳобагон бо Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам байъат намуданд, ин иқрори адл дар ҳама ҳолатҳо буд. Ибодат Бини Сомит мегӯяд: *«Мо бо Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам байъат кардем, бо ин шарт ки ҳар ҷое бошем, адлро гӯем» (Муслим)*.

Худовандо, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристода будӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно ки ту ҳамид ва маҷидӣ.

Худоё, барои мо дар гуфтор, кирдор ва дар ҳама ҳолатҳо риояи адолатро ҷорӣ кун. Худоё, бо мо бо раҳматату фазлат муомила кун на бо адлат. Худоё, бар сари мо ба сабаби гуноҳҳоямон касеро мусаллат макун, ки аз ту натарсад ва ба мо раҳм накунад. Худоё, мо аз ту ҳидояту тақво ва саломатию боигарӣ мехоҳем. Худоё, дараҷаҳои моро баланд бардор. Худоё, накӯиҳои моро бо накуӣ афзун намо ва бо афват афву мағфирату ризоятро. Худоё, аз мо, фарзандони мо, духтарони мо ва ҳамсарони мо розӣ бош. Ҳамоно ки ту омурзандаи меҳрубонӣ.

# РОСТ БУДАН

## хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд, ки Парвардгори оламиён аст. Ӯ ба рост будан амр намуда барои росткорҳо подоши гаронеро муайян кардааст. Ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди азизи ваҳҳоб. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Салавоту саломи бепоёни Худо бар ӯ ва олу асҳобаш, ки суннати ӯро гирифтанд ва дар динаш рост буданд.

Аммо баъд, эй мардум, аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки Худованди таъоло бандагонашро ба рост будани ҳамешагӣ амр намуда аст. Худованд фармуда: **«Шумо дар таваҷҷӯҳ ба ӯ рост бошеду аз ӯ омурзиш бихоҳед»** *(Фуссилат 6).*

Хос Паёмбарашро ба ин сифат амр карда, Худованд фармудааст: **«Ҳамон тавр ки маъмур шудаӣ, рост бош»** *(Ҳуд 112).*

Росткоронро ваъдаи беандоза намуда Худованд фармудааст:

إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسْتَقَـٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ ٱلْمَلَـٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُواْ وَلَا تَحْزَنُواْ وَأَبْشِرُواْ بِٱلْجَنَّةِ ٱلَّتِى كُنتُمْ تُوعَدُونَ ﴿٣٠﴾

**«Дар ҳақиқат онҳое, ки мегӯянд Парвардигори мо Худост ва росткорӣ мекунанд, малоикаҳо ба тарафи онҳо фурӯд омада (мегӯянд) шумо на тарсе доред ва на ғаме»** *(Фуссилат 30).*

Рост будан маънои дар пешгоҳи Худованд бо сидқ истодан ва ба аҳд вафо намуданро дорад. Рост будан дар гуфтор, дар кирдор ва ҳам дар ниятро дар назар дорад. Маънои васеъ дорад рост будан. Барои ҳамин чун марде ба назди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада пурсид:

*«Барои ман дар ислом як калимаеро бигӯ, ки роҷеъ ба он ғайри ту каси дигареро напурсам”.* Гуфт**: “Бигӯ имон овардам, пас рост бош»** *(Муслим).*

Рост будан ин маънои дар роҳи рост рафтан аст бидуни он, ки аз он ба рост ва ё чап барӣ, дар он на чизеро зиёд намоӣ, на чизеро кам кунӣ ва на сахтгир бошию на беаҳамият. Зеро шайтон дили одамро мебӯяду месанҷад ва агар дар он рӯй тофтани аз дин ва ё танбалиро дар адои тоат эҳсос кунад, ӯро ба беаҳамиятӣ ва танбалӣ даъват мекунад, то воҷиботро тарк намояд ва корҳои ҳаромро анҷом диҳад. Ҳамеша ӯро фирефта мекунад, то ин ки алоқаашро куллан аз дин барканад ва дар биёбони ҳалокат афтад. Агар шайтон бубинад, ки банда ҳориси дин аст ва ӯро аз дин дӯр карда наметавонад, вайро мефармояд, ки кӯшишҳо намояд ва ҷони худро азоб диҳад ва аз ҳади эътидол берун равад. Ба ӯ мегӯяд ин ҳама хайр ва тоат аст ва дар он ҳарчи бештар кӯшиш намоӣ, савоби бештареро соҳиб мегардӣ, аз ин рӯ ту ҳамроҳи заифон мабошу бо мардуми хоб магард. Бо ҳамин тариқ, шайтон мекӯшад, ки ӯро аз роҳи утуворӣ ва рост будан дур намояд.

Ҳоли хавориҷ чунин аст, ки онҳое намоз, рӯза ва қироати росткоронро дар баробари намоз, рӯза ва қироати худ ночиз мешуморанд, дар ҳоле ки хабари саҳиҳ аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар ин шаън ворид шудааст, онҳо аз дин чун тир аз ҳадаф дуранд.

Ҳарду гурӯҳ, яъне ҳам фориғболон ва ҳам сахтгирон аз суннат берунанд. Зеро аввалиҳо ба сӯйи бидъати тафриту зоеъсозӣ ва дуюмиҳо ба сӯйи бидъати ифроту аз ҳад гузаштан майл кардаанд. Баъзе аз аҳли салаф гуфтаанд: **«Ҳар амр ки Худованд кардааст, (барои) шайтон дар он ду сурохӣ аст. Ё ифрот ё тафрит ва шайтонро муҳим нест ба кадоми он ду комёб мешавад, зиёдат ё нуқсон. Ҳар кӯшише ки дар он эътидолу якҷоягӣ бо суннат дида шавад, хайр аст ва ҳамаи шар барои баромадан аз суннат ё ба тариқи тасоҳул ва ё тавассути ифрот сурат мегирад».**

Эй бандагони Худо, баъзе мардум мегӯянд ки мо ба Худо имон дорем, вале онҳо дар асл дар дини Худо устувор нестанд, балки бо иқрори забонӣ иктифо мекунанд ва Худованд дар шаъни онҳо фармудааст: «**Ва баъзе мардумон**

**мегӯянд имон овардаем ба Худо ва чун дар роҳи Худо азияташон доданд, фитнаи мардумро монанди азоби Худо меҳисобанд»** *(Анкабут 10)*. Чунин инсонҳо ҳангоми камтарин азият аз роҳ мебароянд ва бо андак шаҳват гумроҳ мешаванд. Онҳо касоне ҳастанд ки ба гуфтаи худ амал намекунанд ва дини онҳо хоҳишоти нафсонию рағбатҳои шахсии онҳост. Онҳо на маъруферо қоиланду на бадро бад мебинанд ва на ба муқтазои қавлашон, ки **«мо имон овардаем»** аст, амал мекунанд. Ин қавли **«мо имон овардаем»** аз онҳо талаб мекунад, то рост бошанд, тоатҳои худоро анҷом додаю корҳои ҳаромро тарк намоянд ва ба Худои худ ихлос дошта бошанду ба мардум накӯкор бошад. Калимаи **«мо имон овардаем»** вирди забони онҳо мегардад ва гӯё он маъноe надораду дар рафтору кирдори онҳо ҳеҷ таъсире намегузорад.

Раҳоӣ аз оташ ва даромадан дар биҳишт бо иҷрои ду амал: яке гуфтани калимаи **«мо имон овардаем»** ва дигар рост будан ба тақозои он насиб мегардад. Худованд фармудааст:

إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسْتَقَـٰمُواْ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿١٣﴾ أُوْلَـٰٓئِكَ أَصْحَـٰبُ ٱلْجَنَّةِ خَـٰلِدِينَ فِيهَا جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿١٤﴾

**«Дар ҳақиқат, онҳое ки мегӯянд Парвардигори мо Худост ва росткорӣ мекунанд, на тарсе онҳоро фаро мегирад ва на ғамгин мешаванд. Онҳо асҳоби биҳишт буда, дар он абадӣ мемонанд, ин мукофот аст барои онҷи мекунанд»** *(Аҳқоф 13-14)*. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам Гуфт: ***«Бигӯ имон овардам, пас рост бош»*** *(Муслим)*. Агар муҷаради сухан кофӣ мебуд ва барои соҳибаш суд мебахшид, албатта, барои мунофиқин ки ин калимаро ба забон меронданд, фоида мебахшид. Аммо Худованд фармудааст: **«Онҳо Худо ва мӯъминонро фиреб медиҳанд»** *(Бақара 9)*.

Эй бандагони Худо, дар ибодати Худо рост будан ба он тавре, ки ҳеҷ тақсире аз ҷониби банда содир нашавад, кори номумкин аст. Зеро банда аз нуқсу камбуд орӣ нест. Аммо фазилати Худост, ки барои банда истиғфорро муайян намудааст, то камбудиҳояшро пӯшонад. Худованд фармудааст: **«Бигӯ ман низ монанди шумо инсонам, ба ман ваҳй омадааст, ки Худои шумо Худои якка аст. Пас шумо дар баробари ӯ рост бошед ва аз ӯ омурзиш бихоҳед. Вой ба ҳоли мушрикон»** *(Фусилат 6).* Дар ин ояи карима ишора аст, ки рост будан бе камбудӣ намешавад. Ба ривояти Имом Аҳмад ва Ибни Моҷа, ки Албонӣ онро саҳеҳ гуфта аст, дар ҳадиси Савбон разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада, ки он ҳазрат фармуд: ***«Шумо рост бошед ва нашуморед. Ва дониста бошед, ки беҳтарин аъмоли шумо намоз аст. Ва таҳоратро бар давом намекунад магар мӯъмин».*** Дар саҳиҳайн омадааст, ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***«Рост бошед ва наздик шавед».*** Рост будани ҳақиқӣ, яъне дар қавлу амалу ният содиқ будан аст ва он ба монанди тирро ба ҳадаф расонидан бошад. Аммо наздик шудан маънои онро дорад, ки агар тир ба ҳадаф нарасад ҳам ба он наздик мешавад.

Аз банда тақозо ин аст, ки рост бошад ва агар тавони рост буданро надошта бошад, ҳадди ақкал наздик ба рост бошад. Ва агар ин ҳардуро натавонист, пас ӯ фориғбол ва зоеъ аст.

Ҳамд барои он Худое, ки ба мо болотар аз тоқатамон нафармудааст ва барои ҷуброни тақсироту такмили нуқсонҳо чизи дигаре додааст. Худованд фармудааст:

قَالَ لِمَنْ حَوْلَهُۥٓ أَلَا تَسْتَمِعُونَ ﴿٢٥﴾

**«Ва ӯст зоте, ки тавбаи бандагонашро қабул мекунад ва бадиҳои онҳоро афв мекунад ва медонад, ки онҳо чи кор мекунанд»** *(Шуро 25).*

Худованд бо фазлу карами хеш ҳасанотро афзун менамояд.

Эй бандагони Худо, рост будан хуб ва миёнаравӣ намудан дар ҳама кор зебост. Аз мартабаи он дине, ки Худованд инсониятро бо он мушарраф намудаю одамиятро

такрим кардааст, дар он поёну паст рафтан, сахтгирӣ, ифротгарӣ, мушкилӣ ворид кардан ба мисли суннатҳоро монанди фарз ҳисобидан ва макруҳотро монанди ҳаром донистан, ба худ ҳаром сохтани он чизеро ки Худованд мубоҳ гардонидааст ва он неъматҳои хуш ва зинатҳоеро ки Худованд барои бандагонаш офарида аст, лозим нест. Аз Анас разияллоҳу анҳу чинин омадааст: *“Се тоифа ба хонаи ҳамсарони Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада аз ибодатҳои Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам пурсон шуданд. Вақто ки дар бораи он хабарашон доданд, гӯё онро кам ҳисобиданд ва гуфтанд: Мо кучо ва Паёмбари худо кучо, ки Худованд гуноҳҳои гузашта ва ояндаи ӯро бахшидааст. Пас яке аз онҳо гуфт: Ман аз ин баъд тамоми шаб намоз мехонам. Дигаре гуфт: Ман ҳама рӯз рӯза мегирам. Саввумаш гуфт: Ман аз занҳо дурӣ ҷуста ҳаргиз издивоҷ нахоҳам кард. Дар ин ҳол Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам омада аз онҳо пурсид:* ***Шумоед, ки чунину чунон гуфтед? Дониста бошед, ки ман аз ҳамаи шумо дида аз Худо бештар метарсам ва парҳезгортарам, вале рӯза мегирам ва ифтор мекунам, шаб намоз мехонам ва мехобам, зан ҳам мегирам. Ҳар кас, ки аз ин суннати ман рӯй гардонад аз ман нест*** *” (мутафақун алайҳ).*

Худованд ба мо ва шумо рӯзии дар дин рост будан ва пайравии сайидулмурсалинро насиб кунад. **«Дар ҳақиқат, онҳое мегӯянд, ки Парвардигори мо Худост ва росткорӣ мекунанд, малоикаҳо ба сӯйи онҳо фурӯд омада мегӯянд шумо на тарсе доред ва на ғаме. Мо бо шумо дар дунё ва охират дӯстем ва дар охират барои шумост ҳарчи нафсатон хоҳиш дошта бошад ва барои шумост онҷо ончи даъво доред. Навозишест аз ҷониби Омурзандаи меҳрубон»** *(Фуссилат 30-32)*

Аз Худованд барои ҳамагон омурзиш мехоҳам. Аҷаб комёбе ҳастанд омурзишталабон. Аз Худованд омурзиш бихоҳед.

# РОСТ БУДАН

## хутбаи дуюм

Ҳамд танҳо барои Худованд аст, ки бандагонашро ба роҳи рост ҳидоят намуда барояшон мағфират ва аҷри гарон ваъда кардааст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ӯст, вайро ҳамчун ҳодӣ, муждарасон ва тарсонанда фиристодааст. Салавоту саломи бепоёни Худо бар ӯ ва олу асҳобаш.

Аммо баъд, эй бандагони Худо, рост будан камоли имону ҳусни Ислом аст. Банда бо рост будан каромотро ноил гашта ба болотарин мақом, ростии бадану ростии дил мерасад. Умар Бини Хаттоб мегӯяд: *«Рост будан он аст, ки амру наҳйеро ба ҷо оварӣ ва монанди рӯбоҳ ҳилагар набошӣ».* Ибни Таймия мегӯяд: *«Агар дар муҳаббат ва бандагии Худо рост бошанд ҳаргиз ба чапу рост намераванд».*

Эй бандагони Худо, рост будан дар дини Худо ба сабру истодагарӣ, нафсро муҳосаба кардан, мулозимати амри Худо ва пайравӣ аз он чи Худованд нозил кардаю Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам овардааст, эҳтиёҷ дорад. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: ***«Худованд роҳи ростро барзад. Дар ҳарду тарафи он роҳ девор аст, ки дарҳои кушода дорад. Дар болои ҳар даре чизе навишта шудааст ва даъваткунандае истода мегӯяд, ки эй мардум ҳамагон ба ин дар дароед ва тамошо накунед. Агар ин мард дарро кушоданӣ шавад, каси дигаре аз мобайни роҳ садо мекунад ва барояш мегӯяд, ки вой бар ту, он дарро накушо, зеро агар онро кушодӣ, вориди он машавӣ. Он роҳ Ислом аст ва он ду девор ҳудуди муайянкардаи Худо. Дарҳои кушода бошанд ҳаромҳои Худост ва оне нидои бозистодан мекунад, воизи Худованд аст, ки дар дили ҳар мусалмон маъво дорад»*** *(аз Аҳмад).*

Эй бандаи Худо, Худоро ҳифз кун, ӯ низ ҳифзат менамояд. Ва аз рафтан тарафи он деворҳо ё даромадан дар он дарҳо ҳазар намо. Зеро агар ин корро анҷом диҳӣ, гумроҳи сахт мешавӣ ва зиёни бузурге мекунӣ. Бигузор китоби Худо анису ҳамнишинат, суннати Паёмбар

саллалоҳу алайҳи ва саллам ҷомаю либосат бошад. Аъзои баданатро аз он чи манъ шудааст, пок намо, ба ҷаннат ва наими он комёб мегардӣ.

Худовандо, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристода будӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, чунончи ба Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно ки ту ҳамид ва маҷидӣ.

Худоё, мо аз ту дар гуфтору кирдор ва дар ҳама ҳол риоя аз адлро хоҳонем.

Худоё, бо мо бо раҳмату фазли худ сари кор гир ва бо адлат муомала макун. Худоё, ба сабаби гуноҳонамон болои сари мо касеро маёвар, ки на аз ту метарсд ва на ба ҳоли мо раҳм менамояд.

Худоё, барои мо ҳидояту тақво ва саломатию ғиноро муяссар намо. Худоё, дараҷоти моро баланд бардор. Худоё, накӯиҳои моро бо накӯӣ афзун намо ва бо афв мағфирату ризоятро.

Худоё, аз падарон, писарон, духтарон ва ҳамсарони мо розӣ бош. Ҳамоно ки ту омурзандаи меҳрубонӣ.

Ва охири даъвои мо ҳамд аст барои Парвардигори оламиён.

# ПОКИИ ДИЛ ВА ТАБОҲИИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано барои Худованде, Парвардигори оламиён, ки инсонро дар зеботарин сурат офарида, бо инъому икромаш ӯро бар бисёр махлуқоташ бартарӣ дод. Агар инсон дар тоати Худо рост бошад Худованд фазилаташро барои ӯ дар биҳишт идома медиҳад ва илло ӯро ба сӯи пасттарин ва дардноктарин азоб боз мегардонад. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст офарандаи доно ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст, ки дорои дили соф ва ахлоқи наку буд ва Худованд бо ин ояташ ба ин шаҳодат медиҳад: **«Ва ҳамоно, ки ту дорои ахлоқи накӯ мебошӣ»** (сураи Қалам, ояти 4).

Салавоту саломи беандоза ва бепоёни Худованд бар Ӯ ва хонадону ёронаш, ки бар роҳи дурусту ҷодаи рост рафтанд. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки Ӯ таъоло ба сурати шумо назар намекунад, ки шумо зебоед ё зишт, қоматбаландед ё кӯтоҳқад ва монанди инҳо. Балки Ӯ таъоло ба дилҳои шумо ва амалҳои шумо назар мекунад. Пас дил назаргоҳи Худо аст.

Он дил, ки ба қавли Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам агар он дуруст бошад, тамоми бадан дуруст мешавад ва агар табоҳ бошад, тамоми вуҷуди ояаш табоҳ мегардад. Дил макони маърифату муҳаббати Худованд буда тарсу умеди Ӯ низ онҷост ва дил макони ниятест, ки амалҳо бе он мавриди қабул қарор намегиранд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: «*Ҳамоно савоби амалҳо баста, ба ният аст. Ва ҳар инсонро ҳамоне мерасад, ки ният карда буд*» (Бухорӣ).

Имом Шамсуддин (раҳ) мегӯяд: «*Беҳтарин чизеро ки инсон дорост, ин дили ӯст. Дил аст, ки Худоро мешиносад ва ба тарфи ӯ майл дорад ва Ӯро дӯст медорад. Имону ирфон ҳам дар дил аст. Дил мавриди хитоби Худованд асту паёмбарон ба сӯи он фиристода шудаанд. Ин дил аст, ки беҳтарин неъматҳо, имону ақл хос ба он дода шудааст. Аммо*

*дигар аъзо танҳо пайрави дил мебошанд, ки дил бар сари онҳо мисли шоҳ бар сари гуломон ва чӯпон бар сари гӯсфандон аст. Пас пок аст Зоте, ки дилҳоро дигаргун мекунад ва онҳоро аз асрори гайб огоҳ месозад, байни инсону дили ӯ қарор дорад ва медонад ҳамаи он чизеро, ки дар дил дорад, тоату диндорӣ.. Ӯ дилҳоро чи гунае хоҳад, дигаргун мекунад.. Ба дилҳои дӯстонаш илҳом намуд, ки ба сӯи ман бозгардед, пас онҳо шитофта дар боргоҳи Худованд қарор гирифтанд. Аммо бедор шудани дигаронро нахост, аз ин рӯ бар онҳо гуфт, шумо ҳамроҳи мардуми нишаста ибнишинед*».

Дар ривояти Бухорӣ омадааст, ки бештари савгандҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин буд: *«Не, қасам ба номи дигаргункунандаи дилҳо»* (Бухорӣ). Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин гуна дуо мекарданд: *«Худовандо, эй дигаркунандаи дилҳо, дилҳоямонро бар тоати худ устувор намо»* (Тирмизӣ).

Эй бандагони Худо! Дил сиёҳ мешавад ва он монанди санг ва ё сиёҳтар аз он мегардад. Дар ин ҳолат он аз Худо ва раҳмату тоати Ӯ дур мешавад. Аз ҳама диле, ки аз Худо дуртар аст, ин дили сиёҳ аст. Он диле, ки аз ёди Худо на фоидае ҳосил мекунад ва на ба мавъизае нарм мегардад ва на суханеро мефаҳмад. Соҳиби чунин дил дар синааш санги сахтеро мебардорад, ки аз он фоидае нест ва аз он ҷуз бадӣ чизе рух намедиҳад. Дар муқобили он дилҳои дигарест, ки нарм мешавад, тарс дорад, аз Офаридгораш итоат мекунад ва сар фурӯ мениҳад, ҳама чизро мефаҳмад ва ба Худои худ наздик мегардад. Соҳиби чунин дил дар синааш дили поку меҳрубонеро мабардорад, ки аз ӯ танҳо кори хайр сар мезанад.

Сангдил будан ва ё нармдил шудан вобаста ба худи инсон аст. Беҳтарин чизе, ки дили бандаро нарм мекунад, ин хондану гӯш ниҳодан ба Қуръон аст. Худованд мефармояд:

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَن كَانَ لَهُۥ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى ٱلسَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ ﴿٣٧﴾

**«Ҳамоно, ки дар ин Қуръон панде аст соҳибдилон ва ё касонеро, ки бо ҳузури хотир гӯш фаро диҳанд»** (сураи Қоф, ояти 37). Боз Худованд мефармояд: **«Пас ту бо Қуръон он касро, ки аз азоби ман метарсад, панд бидеҳ»** (сураи Қоф, ояти 45).

Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Худованд беҳтарин суханро фиристодааст, китобе, ки оятҳояш бо ҳам монанд ва мукаррар аст ва аз шунидани он пӯсти касоне, ки аз Худованд метарсанд, мӯйхез шавад, пас пӯст ва дилҳояшон ба ёди Худо нарм гарданд»** (сураи Зумар, ояти 23).

Боз Худованд мефармояд: **«Оё барои он касоне, ки имон овардаанд, вақти он нашудааст, ки дилҳояшон бо ёди Худованд ва он чи аз ҳақ нозил шудааст, хозеъ гардад? Ва монанди ононе набошанд, ки пеш аз ин барояшон китоб дода шуд ва пас замоне дароз бар онҳо гузашт, дилҳояшон сахт шуд»** (сураи Ҳадид, ояти 16).

Аз ин оятҳои карима бармеояд, ки бузургтарин чизе, ки дилҳоро нарм месозад, ин Қуръони азим аст, ба он шарт, ки ба он рӯй оваранд, тиловат намоянд ва бо тафаккӯр онро гӯш кунанд. Худованд мефармояд: **«Агар мо ин Қуръонро бар кӯҳе нозил мекардем, медидӣ, ки дар баробараш ба хушуъ дармеояд ва аз тарси Худо пора-пора мешавад. Ва ин масалҳоро барои мардум меорем, шояд, ки онҳо фикр кунанд»** (сураи Ҳашр, ояти 21).

Пас бояд ҳар бандаи мусалмон ба китоби Парвардигораш рӯй орад, ҳам аз нигоҳи хониш, ҳам андеша ва ҳам амал, то барояш ҳидояту зиндадилӣ ҳосил гардад. Мусалмонон набояд монанди аҳли китоб бошанд, ки барояшон Тавроту Инҷил дода шуд, вале онҳо аз он рӯй тофтанд ва ин боиси он гашт, ки дилҳояшон сахт шуданд. Онҳо на мавъизаро қабул доранд, на парвои умед доннад ва на бим. Боз бузургтарин чизе, ки дилҳоро нарм мекунад, ба ёд овардани марг, фикри аз даст рафтани дунё ва рафтан аз ин олам аст. Аммо бузургтарин чизе, ки дилро сиёҳ мекунад ин охиратро фаромӯш кардан, маргро аз ёд баровардан ва аз пайи дунё давидан аст.

Худованд мефармояд: **«Ҳар ҷондоре маргро чашиданист. Ва ҳамоно дар рӯзи растохез подошатонро пурра ба шумо дода мешавад. Ва касе, ки аз оташ дур шуда, дохили ҷаннат**

**гардад, дар ҳақиқат комёб гаштааст. Ва ҳаёти ин дунё чизе ҷуз мояи фиреб нест»** (сураи Оли Имрон, ояти 185).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Қабристонро зиёрат намоед, ки он охиратро ба ёди шумо меорад»* (Ривояти Ибни Моҷа). Боз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Дар бораи марг бештар фикр кунед»* (Ривояти Ҷазор). Худованд мефармояд: **«Ҳамоно касоне, ки умеди дидори моро надоранд ва ба ин ҳаёти зиндагӣ розиянд ва ба он мутмаин ҳастанд ва касоне, ки аз оятҳои мо ғофил мондаанд»** (сураи Юнус, ояти 7).

Аз ҷумлаи беҳтарин чизҳое, ки дилро нарм намуда аз он ибрат гирифтан мумкин аст, ин ба ёд овардани он ҳодисаҳоест, ки бар сари умматони кофири пешин омада буд, ки чӣ гуна онҳо ҳалок ва нобуд шуданд. Да баробари ин бадтарин чизе, ки дилҳоро сиёҳ мекунал ин фаромӯш намудани ин ҳавводис аст. Худованд мефармояд: «**Бисёр қаяҳое буд, ки мардумонашон ситампеша буданд, мо ҳалокашон сохтем, пас он кишварҳо аз бех канда шуданд ва чоҳҳояшон бе истифода монданду қасрҳояшон нотамом. Оё дар болои замин намегарданд ва дилҳои бо ақлу гӯшҳои шунавои худро ба кор намебаранд. Ҳамоно, ки на чашмаст, ки кӯр мешавад, балки диле, ки дар сина аст, он кӯр мешавад»** (сураи Ҳаҷ, оятҳои 45/56).

Аз ҷумлаи нармкунандаи дилҳо зикри Худованд аст ва аммо фаромӯш кардани ёди Худо дилро сиёҳ менамояд. Худованд мефармояд: «**Ҳамоно, мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун зикри Худо карда шавад, дилҳояшон нарм мегардад ва чун бар эшон оятҳои Ӯ тиловат карда шавад, имони онҳо зиёд мегардад ва онҳо бар Парвардигорашон таваккул менамоянд»** (сураи Анфол, ояти 2).

Худованд мефармояд: **«Касоне, ки имон овардаанд ва дилҳояшон ба зикри Худо ором мегирад, дониста бошед, ки танҳо бо ёди Худо дилҳо ором мегиранд».** (сураи Раъд, ояти 28). Боз Худованд мефармояд: **«Ту итоат макун он касеро, ки дилашро аз ёдашон ғофил намудаем ва ӯ пайрави ҳавои худ гардидааст ва тамоми корҳои ӯ ифрот аст»** (сураи Каҳф, ояти 28). Боз Худованд мефармояд: **«Парвардигоратро ба танҳоӣ бо зорӣ ва хавф субҳу шом зикр намо, бидуни он ки садо**

**баланд кунӣ. Ва аз зумраи ғофилон мабош»** *(сураи Аъроф, ояти 205)*.

Боз яке аз бузургтарин чизе, ки дилро нарм менамояд, қабули фармудаҳои Худованд ва тибқи он амал кардан ва аз манҳиёташ дур будан аст. Аммо бузургтарин чизе, ки дилро сиёҳ менамояд, ин аз амру наҳйи Худо рӯй гардондан аст. Худованд мефармояд: **«Ва он ҳаногоме, ки сурае нозил шавад, баъзеи онҳо мегӯянд имони кадоми шуморо ин сура зоид намуд? Пас аммо касоне, ки имон оварда буданд, имони онҳоро афзун мекунад ва онҳо муждае меёбанд. Ва аммо касоне, ки дар дилашон беморист, палидиро болои палидияшон афзун мекунад»** (сураи Тавба, оятҳои 124/125). Боз Худованд мефармояд:

وَإِذَا مَآ أُنزِلَتۡ سُورَةٞ نَّظَرَ بَعۡضُهُمۡ إِلَىٰ بَعۡضٍ هَلۡ يَرَىٰكُم مِّنۡ أَحَدٖ ثُمَّ ٱنصَرَفُواْۚ صَرَفَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُم بِأَنَّهُمۡ قَوۡمٞ لَّا يَفۡقَهُونَ ١٢٧

**«Ва чун сурае нозил шавад, онҳо ба ҳамдигар нигоҳ мекунанд, ки оё касе ҳаст, ки шуморо бубинад, пас бармегарданд. Худо дили онҳоро бармегардонад, ки онҳо қавме ҳастанд, ки чизеро намефаҳманд»** (сураи Тавба, ояти 127).

Ҳақро қабул кардан ва тибқи он амал намудан сабаби ҳидояти дил ва имон мебошад. Аммо ҳақро рад кардан ва ба он амал накардан боиси сиёҳ шудани дил ва саркашии инсон мегардад. Худованд мефармояд: **«Мо дилҳо ва чашмони онҳоро бармегардонем аз сабаби он, ки онҳо аз аввал имон наоварданд. Ва онҳоро ба он саркашияшон вомегузорем, ки кӯр гарданд»** (Сураи Анъом, ояти 110). Боз Худованд мефармояд: **«Ва ҳангоме, ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: Эй қавми ман, чаро маро азият медиҳед дар ҳоле, ки шумо медонед, ки ман фиристодаи Худовандам ба сӯи Шумо? Вақте, ки онҳо аз ҳақ мунҳариф шуданд, Худованд дилҳояшонро мунҳариф сохт ва Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад»** (сураи Саф, ояти 5).

Сабаби дигаре барои нарм кардан ва панд гирифтани дил ба ҳоли беморону камбағалону маъюбон назар кардан

ва дар он фикр кардан аст. Аммо аз ҷумлаи чизе, ки дилро сиёҳ менамояд, ин мағрур шудан ба сиҳатию саломатӣ ва тавоноию боигарист. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд *«Шумо ба аҳволи касоне бингаред, ки аз шумо поёнанд ва ба сӯи касоне манигаред, ки аз шумо болотаранд. Ин беҳтар аст, то неъматҳои Худовандро нодида нагиред».* (Ривояти Муслим).

Худованд дар бораи он бандагонаш, ки фирефтаи қувват ва сарваташон гаштаанд, мефармояд:

فَأَمَّا عَادٌ فَٱسۡتَكۡبَرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّ وَقَالُواْ مَنۡ أَشَدُّ مِنَّا قُوَّةًۖ أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ أَنَّ ٱللَّهَ ٱلَّذِي خَلَقَهُمۡ هُوَ أَشَدُّ مِنۡهُمۡ قُوَّةٗۖ وَكَانُواْ بِـَٔايَٰتِنَا يَجۡحَدُونَ ﴿١٥﴾ فَأَرۡسَلۡنَا عَلَيۡهِمۡ رِيحٗا صَرۡصَرٗا فِيٓ أَيَّامٖ نَّحِسَاتٖ لِّنُذِيقَهُمۡ عَذَابَ ٱلۡخِزۡيِ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَلَعَذَابُ ٱلۡأٓخِرَةِ أَخۡزَىٰۖ وَهُمۡ لَا يُنصَرُونَ ﴿١٦﴾

**«Аммо Од дар рӯи замин ноҳаққона кибр варзиданд ва гуфтанд: Аз мо нерӯмандтар кист? Оё надиданд, ки он Худованде, ки онҳоро офаридааст, аз онҳо нерӯмандтар аст. Ва онҳо оятҳои моро инкор мекарданд. Пас бар сари онҳо тундбодеро равон кардем дар рӯзҳои шум, то онҳоро аз азоби хорӣ дар ин дунё бичашонем. Ва албатта азоби охират зиллатбортар аст ва касе онҳоро кӯмак карда наметавонад»** (сураи Фусилат, ояти 15/16).

Агар инсон аз беморхонае дидан намояд ва аҳволи беморонро бо чашми худ бинад ва бидонад, ки чи дардҳое мекашанд, агар ба ятимону камбизоатон назар намояд ва дар бораи эҳтиёҷот ва гуруснагии онҳо маълумот ҳосил намояд, албатта қадри неъматҳои Худоро бештар медонад ва дилаш нарм мегардад. Аммо агар аз инҳо рӯй гардонад ва ҳамеша бо давлатдорону сарватмандон ҳамнишинӣ кунад ва ба он неъматҳое, ки дар дасти онҳост назора кунад,

дилаш сиёҳ гашта ва мағрур мешавад. Худованд Паёмбарашро фармуда буд, то бо камбағалону заифони мӯъмин ҳамнишин бошад ва аз онҳо гузашта бо сарватмандону ғофилон ҳамнишинӣ накунад. Худованд мефармояд: **«Ва бо касоне, ки Парвардигорашонро субҳу шом ёд мекунанд ва ризои Ӯро металабанд, сабр пеша кун. Ва дидагонатро аз эшон дур макун, ба дунболи зинати ҳаёти дунё ва аз касе, ки дилашро аз зикри худамон ғофил намудаем, итоат накун ва тобеи ҳавои нафс шуд ва кораш ба табоҳӣ кашид»** (сураи Каҳв, ояти 28).

Эй бандагони Худованд! Аз Худо битарсед ва он сабабҳоеро, ки дилро зинда менамояд бигиред, пеш аз он ки дил сиёҳ гардад ва бимирад. Зеро сарчашмаи бахту саодати шумо дар он аст.

Худованд барои мову шумо дар ин Қуръони бузург баракат диҳад ва мою шуморо аз оятҳо ва пандҳои ҳакимонааш манфиат диҳад.

# ДИЛИ ПОКУ ДИЛИ ВАЙРОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд, ки дилҳоро дигаргун месозад ва ғайбро медонад. Ҳар ки тавба кунад, тавбаашро мепазирад, вале агар дил сиёҳ бошад, азоби сахт медиҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки имонаш комилтар, дилаш софтар, суханаш росттар ва корҳояш накӯтар аз ҳама мардум буд. Салавоту саломи бисёри Худованд ба ӯ ва олу асҳобаш бод ва ба ҳар ки ӯро бо накуӣ пайравӣ мекунад. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд бо иҷро кардани авомир ва дурӣ аз навоҳияш битарсед. Ҳурмати шаъоир (расму оинҳои динӣ)-ро ба ҷо оред, зеро эҳтироми он далели тақвои дил аст.

Худованд мефармояд:

ذَٰلِكَ وَمَن يُعَظِّمۡ شَعَٰٓئِرَ ٱللَّهِ فَإِنَّهَا مِن تَقۡوَى ٱلۡقُلُوبِ ٣٢

**«Ҳар ки бузург дорад шаъоири Худоро** (нишонаҳои дини Худоро), **ба ростӣ ин аз парҳезгории дилҳост»** (сураи Ҳаҷ, ояти 32). Бояд донист, ки дар ин замонаи мо сабабҳое, ки дилро сиёҳ мекунанд, хеле зиёданд ва бояд аз онҳо ҳазар намоем, монанди аз қафои дунё давидану фирефтаи он ва лаззати он лаззатёб шудан.

Сабаби дигар, ин камтар рафтан ва нишастан дар масҷидҳо ва аксари вақтро дар талаби дунё ва дарёфти лаззатҳои он гузаронидан аст.

Сабаби дигар, ин ба чизҳои зоҳиран мағруркунанда ва муҳаррамот назар кардан мебошад, мисли тамошои телевизион, видео ва суратҳои мафтункунанда дар филмҳо ва маҷмӯаи телевизионӣ (сериалҳо) ва рӯзномаю маҷаллаҳо. Ҳамчунин шунидани чизҳои беҳуда, монанди мусиқӣ, нағма ва сурудҳое, ки ниҳоят ривоҷ ёфта ва онро дар байни мусалмонон паҳн мекунанд. Ин ҳама дар дил нифоқро ва дар инсон шаҳватро эҷод мекунад ва аз шунидани Қуръон

боз медорад. Зеро ин ду чиз, нағмаи шайтон ва каломи Раҳмон бо ҳам якҷо ҷамъ намешаванд.

Сабаби дигар, ин тамошои бозиҳои варзишӣ аст ва майли зиёд ба он кардан ва ё бештари вақти худро сарфи он кардан аст. Ва аксари ҷавонони мусалмонро мебинем, ки тамоми ҳаёти худро ба он сарф мекунанд ва гирифтори фитнае гаштаанд, ки ҳеҷ фоидае аз он дарнамеёбанд. Сабаби дигар, ин ханда, шухӣ, ҳазлу масхараи зиёд кардан аст ва бояд ҳар мусалмон ин ҳамаро дар назар бигирад ва ҳушёр шавад.

Омили дигаре барои сиёҳ кардани дил хӯрдану нӯшидани ҳаром аст, зеро ҳаромро ғизояш ифлосу таъсираш бад буда дар рафтору кирдори инсон таъсир дорад, ӯро аз тоат танбал намуда, барои маъсият таконаш медиҳад. Агар ба ҳоли касоне, ки рибо ва ришва мехӯранд, ё арақу моводи мухаддир истеъмол мекунанд, назар афканӣ, гуфтаҳои болоро тасдиқ хоҳӣ кард. Асари ин палидиҳо дар ҷисму ҷон ва ахлоқу муомилаҳои онҳо намоён аст. Дар умум гуноҳ дилҳоро сиёҳу кӯр мекунад ва нури имону ҳидоятро аз инсон мепӯшонад. Худованд мефармояд:

كَلَّاۖ بَلْۜ رَانَ عَلَىٰ قُلُوبِهِم مَّا كَانُواْ يَكْسِبُونَ ﴿١٤﴾

**«Чунин нест, балки кирдорашон бар дилашон зангор шудааст»** (сураи Мутаффифин, ояти 14).

Дар муснади имом Аҳмад ва сунани Тирмизӣ аз Абуҳурайра омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд *«Мӯъмин агар гуноҳе кунад, дар дили ӯ як нуқтаи сиёҳе пайдо мешавад. Пас агар тавба кунаду бозгардад ва талаби омӯрзиш намояд, дилаш сайқал меёбад. Вале агар гуноҳро бештар кунад, сиёҳӣ бештар мешавад, то ин ки рӯи дилро пурра мегирад. Ва ҳамин аст он зангори дил, ки Худованд аз он дар ин оят ёд карда:* **«Чунин нест, балки кирдорашон ба дилашон зангор шудааст”** *(сураи Мутаффифин, ояти 14).* (Ривояти Тирмизӣ).

Омили дигаре дилро сиёҳ мекунад ҳамнишинӣ бо бадону гунаҳкорон ва ҳамсӯҳбат шудан аст бо онҳо. Зарбулмасалест, ки мегӯянд: Дар бораи шахс пурсиданӣ бошӣ, аз дӯстонаш пурс. Худованд мефармояд: «**Ва агар**

**шайтони туро ба фаромӯшӣ андозад, пас ту баъди ба хотират омадан бо қавми золим ҳамнишинӣ макун»** (сураи Анъом, ояти 68). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамнишини бадро ба донандаи кӯраи оҳангарӣ ташбеҳ кардааст, ки зарари ӯ, ки ҳамнишини ӯ ногузир аз бӯи дуди вай зарар мебинад.

Дар ин ҷо суханамро поён медиҳам. Шумо бар роҳнамои раҳмат ва неъмати гаронбаҳо Муҳаммад писари Абдуллоҳ ва бар олу асҳобаш ва ҳар, ки дустӣ бо ӯ дорад салому салавот фиристед.

Худоё, мо аз ту дар гуфтору кирдору ҳама ҳолатҳо адл металабем.

Худоё, бо мо бо фазлу раҳматат муомала кун, на бо адлат.

Худоё, ба сабаби гуноҳҳоямон бар сари мо касеро маёвар, ки аз ту натарсаду ба мо раҳм накунад.

Худоё, барои мо ҳидояту тақво ва саломатию ғиноро муяссар гардон.

Худоё, дараҷоти моро баланд бардор, накӯиҳои моро зиёд кун ва мағфирату афв ва ризоятро аз мо дареғ мадор.

Худоё, аз мо ва падарону бобоҳо ва духтарону ҳамсаронамон розӣ бош. Ба ростӣ, Ту омӯрзандаи меҳрубонӣ.

# ТАҚВО САРЧАШМАИ ҲАМАИ НАКӮИҲОСТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ки соҳиби мағфирату шоистаи тақвост. Бо илмаш ҳама чизро фаро гирифтааст ва адади ҳама чизро медонад. Тамоми он чӣ дар осмонҳо ва замин ва он чӣ дар байни инҳост, зери тасарруфи Ӯст. Ӯро ҳамду шукр мегӯям ва аз Ӯ омӯрзиш металабам. Неъматҳояш бешумору фазлаш беҳисоб аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст офарандаи доно ва шаҳодат медиҳам, ки сайидамон Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Аз Худо бештар метарсиду дар тақво намуна буд ва ба сӯи Худованд далолат мекард ва аз бадиҳо дур менамуд. Салавоту салому баракоти Худо бар Ӯ ва олу асҳобаш бод, ки парчамҳои ҳидояту чароғҳои равшан буданд ва бар ҳамаи касоне, ки то рӯзи қиёмат ба накӯӣ аз онҳо пайравӣ намуда, роҳи онҳоро идома медиҳанд.

Аммо баъд... Эй бандагони Худо! Ман шумо ва худаиро ба тарси Худо насиҳат менамоям. Сарчашмаи ҳамаи накӯиҳо ва ҷомеи тамоми баракатҳо дар тарси Худост. Хислати накуе, ки бештар дар Қуръон мадҳ шудааст, ин тақвост.

Ҳеҷ хайри деру зуд ва ошкору ниҳоне дида намешавад, магар ин, ки тақво бо он алоқа дошта, барои он васила ва роҳнамо мебошад. Ҳеҷ бадии зуду дер ва ошкору ниҳоне дида намешавад, магар ин, ки тақво нигаҳдори мустаҳкам ва ҷавшани қавист.

Тақво чизест, ки Худованд аввалину охиринро ба он васият намудааст. Худованд мефармояд: **«Азони Худованд аст он чӣ дар осмонҳо ва замин аст. Ва дар ҳақиқат мо касонеро, ки пеш аз шумо барояшон китоб дода шуда буд ва ҳамчунин шуморо васият кардем, ки “аз Худо битарсед”. Ва агар шумо кофир шавед, пас** (бидонед) **азони Худост он чӣ дар осмонҳо ва замин аст ва Худованд бениёз ва шоистаи ситоиш аст»** (сураи Нисо, ояти 131).

Тақво ин даъвати паёмбарон ва шиори авлиё буд. Ҳар паёмбар барои қавми худ мегуфт *«Оё тақворо пеша*

*намегиред?»* (сураи Шуаро, ояти 106). Дӯстони Худованд буданд, ки имон оварда ботақво мешуданд.

Бародарони азиз, мо бояд каме дар атрофии маонии тақво истода, дар мавриди он андеша намоем ва дар маъноѝ он фикр кунем, шояд Худованд моро аз аҳли он қарор диҳад. Тақво дар асл он аст, ки банда байни худ ва он чӣ аз он метарсад чизеро ҳамчун муҳофиз қарор диҳад. Дар ҳақиқат шоистаи тақво Худованд аст ва Ӯст, ки бояд аз Ӯ тарсид ва бузургу гиромӣ дошт. Тақво ба қавли Ҳазрати Алӣ (р) чунин аст: *«Тарс аз Худо, амал ба Қуръон, қаноат ба андак ва омодагӣ барои рӯзи реҳлат».*

Аз бандагони Худо касеро муттақӣ мегӯянд, ки виҷдони соф ва тарси ҳамешагӣ аз Худо дошта бошад. Касе, ки ҳамеша пурҳазр буда, аз каҷроҳаҳои ҳаёт худро ҳифз карда, аз пастиҳои дунё ба қадри имкон парҳез менамояд ва майлу хоҳишоти дунёро яктараф мегузорад.

Тақво пурра мегардад, чунончи Абударбо (р) мегӯяд: *"Вақте бандаи мӯъмин аз Худованд ба дараҷае сахт метарсад, ки ҳатто аз баъзе корҳои мубоҳ низ даст мекашад. Ин аз хавфи он аст, ки мабодо он мубоҳ (ҳаром) бошад, ё ин ки аз корҳои шубҳанок дурӣ меварзад, то он пардае байни ӯ ва байни ҳаромҳо гардад, ин кор агарчи дар назар кори хурд ҳам намояд".* Худованд барои бандагонаш, ки ба сӯи Ӯ бармегарданд чунин мефармояд: **«Пас ҳар касе ба андозаи заррае некӣ карда бошад, подоши онро мебинад. Ва ҳар ки ба андозаи заррае бадӣ карда бошад, кайфари онро мебинад»** (сураи Зилзол, оятҳои 7/8).

Эй бародарон! Дар китоби Парвардгорамон сифатҳои зиёде барои аҳли тақво ва гиромидошти ишон ва баландии қадрашон омадааст. Худованд мефармояд:

ٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِٱلْغَيْبِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ
يُنفِقُونَ ﴿٣﴾ وَٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيْكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبْلِكَ
وَبِٱلْءَاخِرَةِ هُمْ يُوقِنُونَ ﴿٤﴾

**«Касоне ҳастанд, ки ба ғайб имон оварда, намозро барпо медоранд ва аз он чӣ барояшон рӯзӣ додаем, нафақа мекунанд. Ва касонеянд, ки ба он чӣ бар ту нозил шудааст ва ба он чӣ бар паёмбарони пешин нозил шудааст, имон дошта ва ба рӯзи охират яқин доранд:»** (сураи Бақара, оятҳои 3-4).

Боз Худованд дар васфи муттақиён мефармояд: **«Касе аст, ки имон оварад ба Худо ва рӯзи охират ва малоикаҳо ва китобҳо ва паёмбарон ва сарф кунад молҳои худро, бо вуҷуди дӯст доштан, ба хешовандону ятимону мискинҳо ва мусофирон ва талбандаҳо ва дар озод сохтани банда. Ва барпо дорад намозро ва бидиҳад закотро ва чун аҳд бастанд, ба аҳди худ вафо намоянд. Ва дар ҳолатҳои ҷанг ва сахтӣ собир бошанд. Инҳоянд касоне, ки содиқанд ва инҳоянд аҳли тақво»** (сураи Бақара, ояти 177).

Худованд дар китоби худ боз дар васфи муттақиён мефармояд: **«Ононе, ки дар ҳолатҳои хурсандӣ ва андуҳ нафақа мекунанд ва хашми худро фурӯ мехӯранд ва аз хатои мардум гузашт мекунанд ва Худованд накӯкоронро дӯст медорад. Ва касоне, ки чун кори ношоямеро анҷом диҳанд ва ё бар худ ситам намоянд, Худоро ба ёд мееоранд ва аз Ӯ омӯрзиш металабанд. Ва ҷуз Худо кист, гуноҳонро омӯрзиш намояд ва онҳо огоҳона бар гуноҳ исрор наварзанд»** (сураи Оли Имрон, оятҳои 134-135).

Тақво гиреҳҳои дилро боз мекунад ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Ва тақводор шавед, Худованд ба шумо омӯзиш медиҳад»** (сураи Бақара, ояти 282).

Тамоми роҳнамоиҳои Қуръон танҳо ба сӯи нафсҳои ботақво ва дилҳои пок ва қалбҳои дур аз гумроҳӣ равона шудааст.

Тавассути тақво метавон ҳақро аз ботил ҷудо кард ва метавон тавассути он дониш ҳосил кард, ки корҳоро равшан намояд ва нуре, дарёфт намуд, ки дилҳоро кушояд. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Эй касоне ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ба Паёмбараш имон оваред, то аз раҳматаш шуморо ду баҳра бубахшад ва барои шумо нуре қарор диҳад, ки бо он роҳ биҷӯед ва шуморо мағфират намояд ва Худованд омӯрзандаи меҳрубон аст»** (сураи Ҳадид, ояти 28).

Қабули амалҳо танҳо дар зери тақво ҳосил мешавад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, Худованд танҳо аз муттақиён қабул менамояд.»** (сураи Моида, ояти 27). Баландтарин иззату обрӯ танҳо барои соҳибони тақвост. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, мукаррамтарини шумо назди Худованд ботақвотарини шумост»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 13).

Онҳо аз оташи дӯзах раҳоёфтагонанд, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Ва ҳеҷ яке аз шумоён нест, магар ин ки вориди ҷаҳаннам мешавад ва ин ҳукми ҳатмии Парвардигори туст. Пас аз он мо касонеро, ки тақво пеша кардаанд, аз он наҷот медиҳем ва золимонро дар он бар зону мегузорем»** (сураи Марям, оятҳои 71-72).

Худованд боз мефармояд:

وَيُنَجِّي ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ بِمَفَازَتِهِمۡ لَا يَمَسُّهُمُ ٱلسُّوٓءُ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٦١

**«Ва Худованд касонеро, ки тақво варзидаанд, ба хотири имонашон наҷот медиҳад ва ба онҳо азоб намерасад ва онҳо ғамнок намегарданд»** (сураи Зумар, ояти 61).

Дар дори шодмонӣ танҳо муттақиё ба комёбиҳо ноил мегарданд. Худованд мефармояд: **«Ин ҳамон ҷаннатест, ки онро ба бандагони парҳезгорамон медиҳем»** (сураи Марям, ояти 63).

Ҳазрати Алӣ (р) муттақиёнро чунин тавсиф намудааст «Онҳо аҳли фазланд, суханашон дуруст, либосашон миёна, равишашон бо тавозуъ, чашмони худро аз ҳаром пӯшида гӯши худро тарафи чизе равона мекунанд, ки аз он фоидае бошад. Дар вақти сахтӣ тан дармедиҳанд, ҳамчуноне, ки дар вақти осудагӣ таслим мешаванд. Худоро дар дилҳояшон бузург медоранд, аз ин рӯй ғайри Худо ҳама чиз дар назарашон ночиз намоён мешавад. Дилҳояшон пур аз ғам аст, аз бадии онҳо ҳама осудаанд, матлабашон аз ин дунё кам аст ва нафсашон аз он пок.

Чанд рӯзи кутоҳеро бо сабр мегузаронанд, пас Худованд барояшон роҳати абадӣ медиҳад. Шабона дар сафи

намозанду машғули тиловат. Ҳамеша хоҳони аз табоҳӣ наҷот ёфтананд. Аз амалҳои шоиста ба андак розӣ нестанд ва агар бисёр амал намоянд ҳам онро бисёр намеҳисобанд. Аз Парвардигори худ тарсонанду аз корҳои карда дар ҳасрату надомат. Гуруснагиро бардошт мекунанду дар сахтӣ собиронанд ва ба неъматҳо сипосгузор. Орзуҳояшон қарибанду лағжишашон кам. Умеди хайр аз онҳо зиёд аст ва аз бадиашон дар амон.»

Эй уммати Ислом! Дар тақво сидқ таҷаллӣ намекунад магар вақте, ки дар ошкору ниҳон тақвояш яксон бошад. Ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Маоз гуфт: *«Аз Худо битарс ҳар ҷое, ки бошӣ»* (Ривояти Тирмизӣ). Ин оят ҳам ба ин маъно далолат мекунад, ки Худованд мефармояд: «**Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силлаи раҳм, ҳамоно Худованд муроқиби шумост**» (сураи Нисо, ояти 1).

Муроқаба огоҳии қалб аст аз наздикии Худо. Имом Шофеъӣ (раҳ) мегӯяд: *«Азизтарин корҳо се чиз аст. Эҳсон кардан бо вуҷуди кам доштан, парҳезкорӣ дар вақти хилват ва сухани ҳақро гуфтан дар пеши ҳар ки аз ӯ метарсӣ ва ё умеде дорӣ».*

Баъзе бузургон чунин васият кардаанд: *«Туро васият мекунам, то аз он Зоте битарсӣ, ки дар хилватат туро мешунавад ва дар ошкороят муроқибат менамояд. Худоро ҳамеша ба хотират биёвар, ҳам шабона ва ҳам рӯзона. Аз Худо ба андозаи наздик буданаш ба ту ва ба андозаи қудраташ битарс».*

Эй бандагони Худо! Тааҷубовараш он аст ки чӣ гуна инсон мекӯшад, то назди махлуқҳои Худо гуноҳе накунад, аммо онро дар хилват дар назди Худо мекунад.

Мегӯянд: Аз Худо битарс, мабодо Худовандро камтарини бинандагон напиндорӣ. Субҳоналлоҳ оё гуноҳ кардан танҳо замоне ба ёдат расид, ки бо Худоят танҳо бошӣ? Оё ақаллан намешавад аз Ӯ ҳамон қадар шарм кунӣ, ки аз бандагонаш мешармӣ? Гумроҳтар аз касе, ки назди мардум корҳои некашро намоён мекунаду дар назди он кӣ ба ӯ аз раги гарданаш ҳам наздиктар аст, корҳои бадро ошкоро анҷом медиҳад, кист?!

Эй бародарони роҳи Худо! Замоне , ки инсон каме хатогӣ намуд ва шаҳваташ ғолиб омад, дар ин ҳангом тақво кори худро мекунад. Шахси ботақво зуд ба сӯи Худои худ бозмегардад ва ба раҳмати Ӯ паноҳ мебарад ва аз шайтонаш фирор мекунад. Худованд мефармояд: **«Дар ҳақиқат касоне, ки тақводор гаштанд, чун васвасае аз шайтон ба онҳо расад, дар ин ҳангом ба ёд меоранд ҳақро ва дарк мекунанд»** (сураи Аъроф, ояти 201).

Боз Худованд мефармояд:

وَٱلَّذِينَ إِذَا فَعَلُواْ فَٰحِشَةً أَوۡ ظَلَمُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ ذَكَرُواْ ٱللَّهَ فَٱسۡتَغۡفَرُواْ لِذُنُوبِهِمۡ وَمَن يَغۡفِرُ ٱلذُّنُوبَ إِلَّا ٱللَّهُ وَلَمۡ يُصِرُّواْ عَلَىٰ مَا فَعَلُواْ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ١٣٥

**«Ва касоне, ки чун кори ношоямеро анҷом диҳанд ва ё бар худ ситам намоянд, Худоро ба ёд меоранд ва аз Ӯ барои гуноҳҳояшон омӯрзиш металабанд. Ва кист ғйри Худованд, ки гуноҳонро омӯрзиш намояд? Ва онҳо огоҳона бар гуноҳ исрор наварзанд»** (сураи Оли Имрон, ояти 135).

Ба ростӣ, аҳли тақво дар миёни мӯъминон дар мақоми баланд қарор доранд. Аз раҳмати Худованд барои бандагонаш ва аз осонии ин дин аст, ки ҳар гунаҳкор ва бадкоре, ки тавба намуда ба сӯи Худованди худ бозгардад ва ба гуноҳаш исрор наварзад, аз ҷумлаи муттақиён ба шумор меравад.

Он кас, ки камбудӣ намудааст, чун тавба кунад, дар охири саф ва поёни рӯйхат нест, балки ӯ метавонад болотарин мақомро соҳиб шавад, агар тавбааш содиқ бошаду бозгашташ ҳақиқӣ. Худованд мефармояд: **«Мукофоти онҳо омӯрзиши Парвардигор ва боғҳое аст, ки аз зери он ҷӯйҳо равон аст ва дар он ҷовидон мемонанд. Ва чӣ хуш аст подоши накӯкорон»** (сураи Оли Имрон, ояти 136).

Эй бародарони роҳи Худо! Дар тақво як чизи асосии муҳим мондааст, ки бояд ба он ишора намоем. Он ин аст, ки бояд дар баробари ҳуқуқҳои Худо ҳуқуқҳои мардумро низ

поймол накунем. Ибни Раҷаб (раҳ) мегӯяд: «Он касоне, ки мекӯшанд, то тамоми ҳуқуқҳои Худоро анҷом диҳанд ва ҳамеша машғули муҳаббату тарсу тоати Худованданд, чунин гумон мекунанд, ки ҳуқуқҳои мардумро куллан ва ё ҷузъан метавон тарк намуд. Ҳатто баъзеи онҳо гуфтаанд, иҷро намудани ҳуқуқи Худо ва ҳуқуқи мардум корест хеле душвор ва тавони иҷрои ин дуро танҳо паёмбарону муттақиёни бузург метавонанду бас. Барои ҳамин баъзе ҳакимон гуфтаанд: **“Беҳтарин чиз, ин доштани ахлоқи хуб ҳамроҳи диёнат ва бародарии наку ҳамроҳи амонат аст”.**

Дар Қуръон дар васфи муттақиён Худованд мефармояд: **«Хашми худро фурӯ мехӯранд ва аз мардум гузашт мекунанд ва Худованд накукоронро дӯст медорад»** (сураи Оли Имрон, ояти 134).

Ин таъсири тақвост, ки мардум хашми худро фурӯ мебаранд ва ба сабукӣ роҳ намедиҳанд.

Хашмро фурӯ хӯрдан назди муттақиён маънои онро надорад, ки бадибние дар дарун монад ва ё кинае дошта бошад, балки хашмро фурӯ бурдан, яъне бахшидан ва гузашт кардан аст. *«Ва аз мардум гузашт мекунанд»* (сураи Оли Имрон, ояти 134). Хашмро чун фурӯ мебарӣ, дар даруни сина асараш боқӣ мемонад ва дар дил дергоҳ мемонад, аммо муттақиёни ҳақиқӣ чунин сифат доранд, ки дил ва синаи онҳо пок мешавад ва ҳаминҳоянд накукорони ҳақиқӣ ва Худованд чунин накукоронро дӯст медорад.

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед дар танҳоӣ, аз Ӯ битарсед дар миёни хонавода, аз Ӯ битарсед дар байни мардум.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳар кас бингарад, ки барои фардо чи кардааст. Ва аз Худо битарсед, ҳамоно, Худованд ба ҳар коре, ки мекунед, бохабар аст. Ва шумо монанди касоне набошед, ки Худоро фаромӯш карданд, пас Худо худашонро аз ёди худашон баровард. Онҳоянд фосиқон»** (сураи Ҳашр, оятҳои 18-19).

# ТАҚВО САРЧАШМАИ ҲАМАИ НАКӮИҲОСТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд дӯсти касоне, ки аз Ӯ метарсанд ва ҳар ки ба Ӯ такя намояд, барояш кофист ва ҳар ки ба Ӯ паноҳ барад, ҳифзаш менамояд. Ӯро ҳамд ва шукр мегӯям. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст офарандаи доно ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда, фиристода, дӯст, ҳабиб ва баргузидаи Ӯст. Салавоту саломи Худованд ба ӯ ва олу асҳобаш ва ҳар ки бо даъвати ӯ даъват намуда, бо роҳи ӯ меравад.

Аммо баъд... Эй мусалмонон! Дар китоби Худо тақво чӣ басе зикр шуда ва чӣ миқдор хайре барои он омадааст ва чӣ миқдор савобе барои муттақиён ваъда дода шудааст ва комёбиҳое ба он рабт доранд ва кароматe ба он вобаста шудааст.

Худованди таъоло муттақиёнро бо ҳамроҳ будани худ рабт намудааст. Ҳамроҳии муҳофазат ва парвариш. Ҳамроҳии кӯмаку ёрӣ. Шумо ин оятҳои зеринро бихонед. **«Шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки Худованд ҳамроҳи муттақиён аст»** (сураи Бақара, ояти 194**). «Ҳамоно Худованд ҳамроҳи касонест, ки тақво доранд ва касоне, ки накӯкор ҳастанд»** (сураи Наҳл, ояти 128).

Аммо дар савоби ин дунё ва хайроти он тақво калиди ҳамаи неъмату баракат, ризқу рӯзӣ ва амонию осонист. «**Ва агар онҳо имон оваранду ботақво гарданд, ҳароина савобе, ки назди Худованд аст беҳтар аст, агар онҳо бидонанд»** (сураи Бақара, 103). **«Ва агар аҳли диёр имон оваранд ва тақво варзанд, дар ҳақиқат мо барои онҳо баракатҳоро аз осмонҳо ва замин мекушоем»** (сураи Аъроф, 96). **«Ва ҳар ки аз Худо битарсад, барояш кушоиш медиҳад ва барояш аз ҷое ризқ медиҳад, ки дар ҳисобаш набуд»** (сураи Талоқ, оятҳои 2-3). **«Ва ҳар ки аз Худо битарсад, барои ӯ дар корҳояш осонӣ меорад»** (сураи Талоқ, ояти 4). **«Эй фарзандони Одам! Агар ба назди шумо паёмбарони ман омаданд, ки бароятон оятҳои манро мехонданд, пас агар ҳар ки ботақво гардад ва ислоҳ шавад пас на тарсест барои онҳо ва на онҳо ғамгин мешаванд»** (сураи Аъроф, ояти 35).

Аммо дар бораи савобҳои охират ва инъомҳои биҳишт метавонед ин оятҳоро бихонед: Худованд мефармояд:

لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْاْ رَبَّهُمْ لَهُمْ غُرَفٌ مِّن فَوْقِهَا غُرَفٌ مَّبْنِيَّةٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۖ وَعْدَ ٱللَّهِ ۖ لَا يُخْلِفُ ٱللَّهُ ٱلْمِيعَادَ ﴿٢٠﴾

**«Локин барои онҳое, ки аз Худо метарсанд утоқҳое бар фарози якдигар бино шуда ва аз поёни он утоқҳо ҷӯйҳо равон аст. Ин ваъдаи Худост, ки Худованд ваъдаашро хилоф намекунад»** (сураи Зумар, ояти 20).

**«Ҳамоно, муттақиён дар боғҳо ва канори наҳрҳоянд. Дар маҷлисе писандида назди подшоҳи тавоно»** (сураи Қамар, оятҳои 54-55).

**«Ҳамоно, муттақиён дар сояҳо ва чашмасоронанд. Ва дар назди меваҳое, ки иштиҳо доранд. Бихӯред ва бинӯшед гуворо ба сабаби он амалҳое, ки анҷом медодед»** (сураи Мурсалот, оятҳои 41-43).

Худованд бо карами хеш мо ва шуморо аз ҷумлаи эшон бигардонад. Пас шумо бо тақво омодагиятонро гиред, ки он беҳтарин омодагист. Ва ҳамдигарро ба он насиҳат намоед, ки он беҳтарин насиҳат аст.

Аҳли салаф ҳамеша ба он васит мекарданд. Умар ибни Абдулазиз (раҳ) ба марде чунин нома навишт: *«Туро ба тақвои Худованди азза ва ҷалла насиҳат мекунам, ки Худованд амалро бидуни он қабул намекунад ва раҳм намекунад, магар аҳли тақворо ва савоб намедиҳад магар муттақиёнро. Дар бораи тақво суханварон хеле зиёданд, вале ба он амал кунандагон хеле каманд. Худованд мову шуморо аз ҷумлаи муттақиён гардонад».*

Марде ба дӯсти худ навишта: *«Туро ба тақвои Худованд васият менамоям. Зеро он азизтарин чизест, ки дар ниҳони ман аст ва бузургтарин чизест, ки дар зоҳири ман аст ва беҳтарин чизест, ки ман ҷамъ намудаам. Худованд мову шуморо мадад расонад ва савоби тақворо ба ману ту арзонӣ диҳад».*

Худованд мову шуморо аз ҷумлаи муттақиён гардонад. Худоё, дилҳои моро бо тақвои худ ва баданамонро бо тоатат ва забонамонро бо зикру дуоят обод соз.

Худоё, бар Муҳаммаду олу асҳобу ҳамсаронаш салавот фирист. Аз хулафои рошидин Абубакру Умар ва Усмону Алӣ, ки имомони раҳнамо буданд ва ҳамроҳи онҳо аз моён бо раҳмату карамат розӣ бош.

Худоё, мо аз ту хони накӯиҳоем ва тарки бадиҳоро металабем. Худоё, мо аз ту муҳабатат ва муҳабати ҳар чизеро, ки ба ту наздикамон мекунад, металабем.

Худоё, ба накӯиҳоямон ҷазои некамон деҳ ва аз бадиҳоямон даргузар.

Худоё, моро барои анҷоми корҳои накӯ роҳнамоӣ кун, зеро касе нест, ки ҷуз ту ба он роҳнамоӣ намояд. Ва аз анҷоми корҳои бад дурамон соз, зеро касе нест, ки аз он ҷуз ту дурамон созад.

Худоё, падаронро ва падарони падаронро ва ҳар касе, ки бар ман ҳақ дорад, мағфират намо.

Худоё, ниятҳои моро холис намо, ҳамсарон ва фарзандони моро мавриди ислоҳ қарор деҳ.

Худоё, бародарони мусалмони моро дар тамоми олам ёрӣ деҳ.

Худоё, барои онҳо гуноҳи набахшида, ғамеро бартараф накарда, мушкилеро осон накарда намон.

Худоё, ба мо ато фамо, маҳрумамон масоз. Моро икром куну хорамон масоз. Моро зиёд куну камамон макун. Моро ихтиёр куну болои мо касеро ихтиёр макун. Ту мавлои моӣ ва шунавои наздикӣ ва дуоро иҷобаткунадаи.

# ОФАТИ ФИРЕФТА ШУДАН БА ДУНЁ

## Хутбаи аввал

Ҳамд Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст, маргу зиндагиро офарид, то шуморо бисанҷад, ки кадоматон амали хубтаре мекунед. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, мулк ҳама аз Ӯст ва ҳамд ҳам аз Ӯст. Зинда мекунад, мемиронад ва Ӯ бар ҳама чиз қодир аст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст, ки муждарасону тарсдиҳанда ва чароғи равшан аст. Салавоту саломи бисёри Худованд ба ӯ ва олу асҳобаш бояд то ба рӯзи растохез.

Аммо баъд... Эй мардум! Худованд мефармояд: **«Шуморо ҳаргиз ҳаёти дунё фиреб надиҳад, ва дар баробари Худо чизе мағруратон масозад»** (сураи Фотир, ояти 5). Эй бандагони Худо! Ба ҳоли худ назар афканед ва оқибати худро ба ёд оред, дар корҳои хеш бияндешед. Шумо беҳуда офарида нвшудаед ва ба худ раҳо мешавед. Дониста бошед, ки мукофот ба андозаи амал аст. Имрӯз амал кардан ҳасту ҳисоб нест, фардо ҳисоб ҳасту амал нест. Ба ҳоли дунё ва суръати нестшавиаш биандешед. Худованд мефармояд: **«Ҳар чӣ дар болои замин аст, фонӣ мешавад. Ва танҳо Парвардигори ҷалил ва гиромии ту боқӣ мемонад»** (сураи Ар-раҳмон, оятҳои 26-27).

Ҳалан зиндаҳо мемиранд, ҳамаи пурқвватон заиф мегарданд, навҳо кӯҳна мешаванд ва ободиҳо хароб мегарданд. Дар Қуръони карим оятҳои зиёде ҳастанд, ки аз фирефта шудан ба дунё ҳушдор медиҳанд ва зуд нобуд шудани онро баён мекунанд ва барои он масалҳои зиёде мезананд. Худованд аз оқибати ононе, ки тамоми ҳимматашонро барои дунё сарф карда, танҳо онро ҷустуҷӯ менамоянд ва аз охират рӯй мегардонанд, чунин хабар додааст. Худованд мефармояд: «**Ҳамоно касоне, ки умеди вохурии моро надоранд ва ба ҳаёти дунё розӣ ҳастанд ва ба он итминон ҳосил кардаанд ва он касоне, ки аз оятҳои мо ғофиланд, ба сабаби он корҳое, ки кардаанд, ҷойгоҳи онҳо ҷаҳаннам мебошад»** (сураи Юнус, ояти 7-8).

Худованд боз мефармояд:

مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيۡهِمۡ أَعۡمَٰلَهُمۡ فِيهَا وَهُمۡ فِيهَا لَا يُبۡخَسُونَ ﴿١٥﴾ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَيۡسَ لَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا ٱلنَّارُۖ وَحَبِطَ مَا صَنَعُواْ فِيهَا وَبَٰطِلٞ مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ﴿١٦﴾

**«Ҳар ки иродаи ҳаёти дунё ва зинати онро дорад, ба корҳояшон пурра дар дунё барор мебахшем ва онҳо дар дунё камбудие намеёбанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки барояшон дар охират ҷуз оташи дӯзах чизе нест ва корҳои кардаашон беҳуда мегардад ва амалҳояшон ботил гаштаанд»** (сураи Ҳуд, оятҳои 15-16).

Дар саҳеҳайн аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин омадааст: *«Дунё дар пеши охират чизе нест, магар ба монанди оне, ки яке аз шумоён ангӯшташро дар баҳр дохил мекунаду боз мегирад, пас бингарад, ки аз он чӣ миқдор гирифтааст».* Дар ҳадиси дигар фармудаанд *«Дунё зиндони мӯъмин асту биҳишти кофир»* (Ривояти Муслим). Дар ҳадиси дигар мефармоянд: *«Агар дунё назди Худованд ба андозаи пари пашша арзише медошт, аз он барои кофирон як қатра об ҳам намедод»* (Ривояти Тирмизӣ).

Ҳасани Басрӣ ба Умар ибни Абдулазиз номае навишта буд, ки дар он гуфтааст: «Аммо баъд... Дунё манзили гузарост, на манзили истиқомат. Ҷазои ҳазрати Одам буд, ки ба дунё омад, пас эй амиралмӯъминин, аз он ҳазар намо. Тӯшаи дунё тарки он аст, тавонгарӣ дар дунё камбағалист. Ҳар ки дунёро азиз дорад, ӯ хораш мекунад ва ҳар ки ҷамъаш кунад, камбағалаш мегардонад. Дунё монанди заҳр аст, касе онро мехӯрад, ки намедонад ва ҳалокаш мекунад. Пас, аз ин дунёи фиребандаи ғаддор барҳазар бош. Ҳар қадар хуш бошӣ, ҳамон қадар эҳтиёткор бош, чун хушию хурсандияш бо ғам омехтаасту сафояш бо тирагӣ олуда.

Агар Офаридгор дар бораи он чизе намегуфт ва барояш масал намезад, албатта хобро бедор мекарду ғофилро ҳушёр. Аммо наход ҳоло ҳам огоҳ нашавем дар ҳоле, ки

Худованд аз он ҳазар кунонида, он пур аз насиҳат аст ва калиди хазинаҳои он ба Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам пешиниҳод шуда буданд, ки аз хазинаи Худо заррае кам намешавад, вале Паёмбар онро напазируфт. Паёмбар нахост дӯст дорад он чизеро, ки Худованд бад дидааст, ё баланд бардорад он чизеро, ки Худованд паст кардааст. Худованд онро аз солеҳон барои санҷиш дур намудааст ва барои мағрур сохтан онро ба душманонаш додааст. Оё бо вуҷуди ҳамаи ин мағрурона гумон мекунанд, ки ин ҳама барояшон такрим аст ва фаромӯш мекунанд, ки Худованд бо Муҳаммад чӣ кард, вақте аз гуруснагӣ бар шикамаш санг мебаст. Ба Худо савганд, барои ҳеҷ касе дари дунё боз нашудаасту ӯ аз он тарс надошта бошад, ки ин макр аст, магар он ки ақлаш кӯтоҳ бошаду фикраш ноҷо».

Эй бандагони Худо! Манзур аз мазаммати дунё мазаммати таому шаробу молҳое нест, ки Худованд барои истифода офаридааст, балки мақсад мазаммати тасаруфоти инсон аст дар ин ашё. Ҳар кас, ки ба ин ашё ифтихор намуда кибр варзад ва ин неъматҳо ӯро аз тоати Худо дур намояд ва охиратро аз ёди ӯ барад, ин аст накӯҳидаву сазовори кайфар. Барои ин қавми Одро метавон мисол овард, вақте паёмбари Худо Ҳуд (а) онҳоро аз азоби Худо тарсонд. Худованд мефармояд: **«Пас онҳо дар рӯи замин ноҳаққона кибр варзиданд ва гуфтанд, аз мо пурқувваттар дигар кист?»** (сураи Фусилат, ояти 15).

Ҳамчунин монанди қавми Фиръавн, ки Мӯсо (а) онҳоро аз анҷоми корашон бим медод. Худованд мефармояд: **«Ва Фиръавн дар миёни қавми худ садо карда гуфт: Эй қавми ман, оё мулки Миср дар ихтиёри ман нест ва ин дарёҳо аз пеши ман намегузаранд? Оё шумо намебинед?»** (сураи Зухруф, ояти 51). Ҳамчунин монанди Қорун вақте, ки Худованд барояш ганҷҳо дод. Худованд мефармояд:

وَٱبْتَغِ فِيمَآ ءَاتَىٰكَ ٱللَّهُ ٱلدَّارَ ٱلْءَاخِرَةَ ۖ وَلَا تَنسَ نَصِيبَكَ

مِنَ ٱلدُّنْيَا ۖ وَأَحْسِن كَمَآ أَحْسَنَ ٱللَّهُ إِلَيْكَ ۖ وَلَا تَبْغِ

ٱلۡفَسَادَ فِي ٱلۡأَرۡضِۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ﴿٧٧﴾ قَالَ إِنَّمَآ
أُوتِيتُهُۥ عَلَىٰ عِلۡمٍ عِندِيٓۚ أَوَلَمۡ يَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ قَدۡ أَهۡلَكَ مِن قَبۡلِهِۦ
مِنَ ٱلۡقُرُونِ مَنۡ هُوَ أَشَدُّ مِنۡهُ قُوَّةٗ وَأَكۡثَرُ جَمۡعٗاۚ وَلَا يُسۡـَٔلُ عَن
ذُنُوبِهِمُ ٱلۡمُجۡرِمُونَ ﴿٧٨﴾

**«Ҳангоме, ки қавмаш ба ӯ гуфтанд, ту хурсандӣ макун, зеро Худованд хурсандшудагонро дӯст намедорад. Ва бо он чизе, ки Худованд бароят додааст, охиратро талаб кун ва насибатро аз дунё фаромӯш макун ва накӯӣ кун ҳамчуноне, ки Худованд ба ту накӯӣ намудааст. Ва дар рӯи замин пайравӣ аз фасод макун, зеро Худованд фасодкоронро дӯст намедорад. Гуфт: Ин ҳамаро бо дониши худ ёфтаам»** (сураи Қасас, оятҳои 77-78).

Яъне ин ҳама боигариро бо чолокӣ ва кӯшиши худ ёфтаам. Он касе, ки андакеро аз ин дунё ба даст меорад ва бо ин чашм ба он менигарад ва мулкаш ӯро ба кибру ғурур ва фасод дар рӯи замин ва фаромӯшии охират мекашад, ин аст бад ва накӯҳида. Аммо он касе, ки дунёро аз роҳҳои ҳалол ба даст меорад ва аз он барои ба ҷо овардани тоати Худо кӯмак мегирад ва ин доройяш ӯро ба гуноҳу кибр варзидан намебарад, ин мубоҳ аст ва савоб ҳам дорад.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Чӣ хуб агар моли ҳалол ба марди солеҳ расад»* (Ривояти Аҳмад ва Ҳоким). Дар ҳадиси дигар омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: *«Дунё барои чор тоифа инсонҳо аст. Аввал марде, ки Худованд барояш ҳам мол додааст ва ҳам илм. Ӯ аз Худо метарсад, силаи раҳмро ба ҷо меоварад ва молу мулкашро дар роҳи ҳақ сарф мекунад. Мартабаи ин аз ҳама болотар аст. Дуюм марде, ки Худо ба ӯ илм додаасту мол не ва нияти дуруст дорад ва мегӯяд: Агар ман мол медоштам мисли фалонӣ сарф мекардам ва нияти ӯ ҳам монанди он аст. Дар савоб ин ҳарду баробаранд. Сеюм бандае,*

*ки Худованд барояш мол додааст, аммо илм надодааст. Ӯ дар амволаш бе илм, ҳар намуд, ки хост тасарруф мекунад ва на аз Худо метарсад ва на силаи раҳм мекунад ва барои Худо дар молҳояш ҳаққеро қоил нест. Мартабаи ин аз ҳама пасттар аст. Чорум бандае, ки Худованд барояш на илм додааст ва на мол ва ӯ мегӯяд: Агар ман мол медоштам монанди фалонӣ мекардам ва нияти ӯ ҳам монанди ӯст ва онҳо дар гуноҳ шариканд»* (Ривояти Аҳмад, Тирмизӣ ва Ибни Моҷа).

Эй мусалмонон! Бисёре аз марудмон охиратро аз ёд баровarда машғули дунё гаштаанд. Баъзеро мебинем, ки ба ҷамъоварии мол машғул буда барои афзоиши он кӯшишҳо мекунанд, вале он чӣ Худованд аз авомир фармудааст монанди намозу рӯза барпо намедоранд. Баъзеи дигарро мебинем, ки пайи дарёфти лаззатҳои дунё ва сер гардонидани шаҳвати нафси хешанд ва дар дунё исрофкориҳо намуда охиратро фаромӯш кардаанд ва ҳатто аз гирифтани номи охират ҳам ҳазар мекунанд. Ба назари онҳо гӯё ёди охират кардан ва аз дунё парҳез намудан ин ғафлатзадагӣ бошад. Ин ба сабаби он аст, ки дунё дар дилашон ҷой гирифтааст ва аз охират ғофилашон сохта. Пас шумо эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва омодагии вохурӣ бо Ӯро дошта бошед.

**«Ҳар кас, ки умеди лиқои Худовандро дошта бошад, пас вақти муайянкардаи Худованд омаданист. Ва Ӯст шунавои доно. Ҳар ки кӯшише кард, барои худ мекунад. Албатта, Худованд аз тамоми оламиён бениёз аст»** (сураи Анкабут, оятҳои 5-6).

Суханамро дар инҷо ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз даргоҳи Худованд аз тамоми гуноҳҳо омӯрзиш мехоҳам. Аз ӯ омӯрзиш талабед, зеро ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ҲАЗАР АЗ ФИРЕФТА ШУДАН БА ДУНЁ

## Хутбаи дуюм

Ҳамд танҳо барои Худованде, ки дунёро офарида, онро зироатгоҳи охират гардонидааст. Ва салоту салом бар беҳтарин касе, ки дар ин олам кишт намуд ва беҳтарин касе, ки самараи хубе дар охират ба даст хоҳад овард, Муҳаммад писари Абдуллоҳ ва бар олу асҳобу дӯстонаш.

Аммо баъд... Эй бандагони Худо! Ҳар касе, ки ин дунёро хуб мешиносад мебинад, ки ҳар неъмати онро балое дар пас аст ва ҳар хуррамиро ғаме интизор аст ва ҳар ҷамъиятеро парокандагӣ. Ҳар ки инро донист, дигар фирефтаи ин дунё намегардад ва охиратро фаромӯш намекунад. «*Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз китфи Ибни Умар (р) гирифта, барояш гуфт, дар дунё монанди ғариб ё роҳгузар бош*» (Ривояти Бухорӣ). Ибни Умар чунин мегуфт: «*Чун бегоҳ шавад, субҳро интизор машав ва чун субҳ шавад, бегоҳро мунтазир машав ва аз саломатият барои беморӣ ва аз зиндагият барои маргат истифода намо*».

Ибни Раҷаб (р) мегӯяд: «*Ин ҳадис асос аст барои ба дунё умед набастан. Мӯъмин набояд ин дунёро ватан ва ҷойгоҳ гирифта, дар он ором бихобад. Бояд ҳамеша худро чун муқими меҳмонсарой пиндорад. Ин буд васияти тамоми паёмбарон ва пайравони эшон*».

Ин ҳадисро Ибни Умар аз Расули Худо, аз беҳтарин муршиду муаллим шунида ва бо дилу ҷон онро қабул намуда буд ва аз ин сабаб буд, ки ӯ мегуфт: «*Чун бегоҳ шавад, субҳро интизор машав ва чун субҳ шавад, бегоҳро мунтазир машав ва аз саломатият барои беморӣ ва аз зиндагият барои маргат истифода намо*».

Бале ин аст ҳақиқати дунё ва ин аст тариқаи муомилаи инсон бо дунё. Марде ба хонаи Абузар даромада ба ин тарафу он тарафи хонааш назар карда гуфт: Эй Абузар чизҳоят дар куҷоянд? Гуфт: Хонаи дигаре ҳаст, ки ба он ҷо рафтаниям. Гуфт: Модом ки дар ин ҷо ҳастӣ, мебоист чизе дошта бошӣ. Гуфт соҳиби хона моро ин ҷо намемонад.

Яке аз аҳли салаф ба бародари худ чунин нома навишт: Эй бародар, туро чунин менамояд, ки ин ҷо муқим ҳастӣ, вале дар асл ту давида рафта истодаӣ ва туро ба бозори ҷуссаҳо мебаранд. Марг ба сӯи ту давон асту дунё падрудат мегӯяд, вале умри гузаштаат ҳаргиз бар нагардад.

Чи қадар инсонҳоеанд, ки имрӯз ҳастанд, вале то охири рӯз намемонанд ва чи қадар касоне, ки умеде ба фадо доранду онро намебинанд.

Барои ҳамин бояд мӯъминон тӯшаи охирати худро дар ин дунё омода созанд ва аз ононе, ки бо мо буданду ба дигар сарой бастаанд, ибрат гиранд. Зирак касест, ки аз дигарон ибрат мегирад.

Худоё, бар Муҳаммаду олу асҳобу ҳамсаронаш салавот фирист ва аз хулафои рошидин, ки имомони ҳидоят буданд, яъне Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош ва ҳамчунин аз моён.

Худоё, мо аз ту анҷоми корҳои наку ва тарки бадиҳоро талабем.

Худоё, мо муҳаббати ту ва муҳаббати ҳар кореро металабем, ки ба ту наздикамон месозад.

Худоё, дар баробари накӯиҳоямон Моро подоши накӯӣ деҳ ва дар баробари бадиҳоямон мағфирати худро иноят намо.

Худоё, моро барои анҷоми корҳои наку роҳнамоӣ кун, зеро ба ҷуз ту касе каси дигаре чунин қудратро надорад. Ва аз анҷом додани бадиҳо нигоҳамон дор, зеро ба ҷуз ту касе дигар чунин наметавонад кард.

Худоё, падарону бобоҳоямонро ва ҳар ки болои мо ҳақ дорад, мағфират намо.

Худоё, ниятҳои мо ва ҳамсарону фарзандонамонро дуруст намо.

Худоё, бародарони мусалмони моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон. Тамоми гуноҳҳояшонро биомурз ва ғамҳояшонро бартараф намо ва мушкиллоташонро осон гардон.

Худоё, ба мо ато намо ва маҳрумамон масоз. Икромамон куну хорамон магардон. Моро афзунӣ бахшою зиёнамон мадеҳ. Моро ихтиёр намою бар болои мо касеро магузин. Ҳамоно, ту мавлои моӣ ва ту шанаво, наздик ва иҷобаткунандаи дуоӣ.

# ТАШВИҚ БА АМАЛҲОИ ШОИСТА

## Хутбаи аввал

Ҳамд барои парвардгори оламиён, ки маргу зиндагиро офарид, то шуморо озмоиш намояд, ки кадоматон бештар кори наку мекунед. Бандагонашро офарид ва онҳоро ба ҳоли худашон вонагузошт, балки барояшон роҳи неку бадро муайян намуд ва паёмбарон фиристод ва ҳар киро хост, барои анҷоми корҳои накӯ ҳидоят кард, чун аз онҳо ихлоси ният ва дили покро дид. Онҳоеро, ки кибр варзида, аз тоаташ рӯй гардонданд, маҳрумашон сохт. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Ӯ ҳеҷ роҳи накӯро вонагузошт, ҳамаро ба умматаш гуфт ва ҳеҷ бадиеро аз ҳамаи онҳо умматашро ҳушдор дод. Салавоту саломи бисёри Худованд ба ӯ ва олу асҳобаш бод ва бар ҳар ки ӯро бо накуӣ пайравӣ кунад.

Аммо баъд... эй мусалмонон! Аз Худованди мутаъол битарсед ва ба корҳо ва ниятҳои худ бингаред, ки сабаби некбахтию бадбахтии шумо дар он аст. Худованд ҳаргиз ба сурат ва сарвати шумо наменигарад, балки ба дилҳою корҳоятон назар мекунад. Дониста бошед, ки мукофот ба андозаи амал аст, ҳар қадар меҳнат намоӣ, ҳамон қадар ҳосил меғундорӣ.

Ибни Аббос аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармудаанд: *«Худованд некиҳо ва бадиҳоро навиштааст, сипас онро баён намудааст. Ҳар ки қасди анҷоми кори неке кунаду онро анҷом надиҳад, Худованд барояш як савоби комил менависад. Ва агар қасди анҷоми кори некеро кунаду онро анҷом диҳад, барояш аз даҳ то ҳафтсад ва ё аз он ҳам зиёдтар савоб менависад. Агар банда кори бадеро қасд кунаду онро анҷом надиҳад,Худованд барояш як савоби комилро менависад ва агар қасд кунаду онро иҷро намояд, барояш танҳо як гуноҳ навишта мешавад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аз ин ҳадиси шариф чор масъаларо хулоса баровардан мумкин аст: якум кардани кори наку, дуюм қасди кори наку,

саввум кардани кори бад, чорум қасди кори бад ва ҳар яке аз ин масоил ба худ ҳукми хоссе дорад.

Ҳар ки, кори некро анҷом дод, барояш савоб даҳчанд дода мешавад ва ин ҳукм дар ҳама некиҳо дида мешавад. Худованди таоло мефармояд: **«Ҳар ки накӯӣ кунад, барояш даҳ баробари он дода мешавад»** (сураи Анъом, ояти 190).

Аммо аз даҳ баробар бештар додан, ин вобаста ба иродаи Худованд аст, ки барои ҳар кас, ки раво донист, мебахшад. Ин кор вобаста ба ихтилофи корҳо, ихтилофи ниятҳо ва ихтилофи иҷрокунандагон ва ихтилофи макону замон ва аҳвол аст. Масалан дар роҳи Худо сарф намудан савобаш ҳафтсад баробар дода мешавад.

Худованд мефармояд: **«Масали касоне, ки молҳои худро дар роҳи Худо нафақа мекунанд, монанди донаест, ки аз он ҳафт хӯша рӯидааст ва ҳар хӯша сад дона дорад. Худованд онро барои касе бихоҳад, аз ин ҳам бештар медиҳад ва Худованд гушоишгаре доност»** (сураи Бақара, ояти 261).

Ин ояти карима далолат бар он мекунад, ки савоби нафақаи дар роҳи Худо 700 баробар дода мешавад ва корҳои дигаре ҳаст, ки аз ин ҳам бештар савоб дорад. Худованд мефармояд

مَّن ذَا ٱلَّذِى يُقۡرِضُ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنًا فَيُضَٰعِفَهُۥ لَهُۥٓ أَضۡعَافًا

كَثِيرَةً ۚ وَٱللَّهُ يَقۡبِضُ وَيَبۡصُۜطُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ﴿٢٤٥﴾

**«Кист ки ба Худо қарзи некӯ диҳад, то Худованд барои ӯ дучпндон ва чандин баробар кунад»** (сураи Бақара, ояти 245). Боз мефармояд: **«Дар ҳақиқат Худованд аҷри собиронро беҳисоб бозмедиҳад»** (сураи Қамар, ояти 10). Дар ҳадиси шариф омадааст: **«Худованди мутаъол мегӯяд: Тамоми амалҳои фарзанди одам барои худи ӯст: Ба ҳар некӯӣ аз даҳ то ҳафтсад савоб дода мешавад. Магар рӯза, ки он аз барои ман аст ва ман худ подоши онро медиҳам»** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Гоҳҳо баланд будани савоб ба сабаби шарофати макон мешавад, ҳамчуноне, ки дар ривоят омадааст, ки намоз хондан дар Масҷидулҳаром баробари 100 000 намоз аст ва

намоз дар Масҷиди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баробари 1000 намоз аст. Гоҳҳо баланд будани савоб ба шарофати замон мешавад, ҳамчуноне, ки дар ҳадис омадааст: *«Умра кардан дар моҳи Рамазон баробари ҳаҷ кардан аст бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам»* (Ривояти Абудовуд).

Касе, ки бадӣ мекунад, ба ӯ як бадӣ навишта мешавад бе зиёдатӣ, ҳамчуноне, ки Худованди мутаъол мефармояд: **«Ҳар ки бадие кард, ҷазо намегирад, магар монанди он бадияш ва онҳо ҳаргиз зулм карда намешаванд»** (сураи Анъом, ояти 160). Ҳамчуноне, ки дар ҳадиси пешин омада буд: *«Барои ӯ таноҳо як гуноҳ навишта мешавад».*

Гуноҳ якчанд баробар карда намешавад, вале гоҳо он хеле бузург мешавад. Ин баста ба бузургии макону замон дорад, ки гуноҳ дар он содир шудааст. Барои ҳамин ҳам сазои он сахттар мешавад, монанди содир шудани гуноҳ дар Масҷидулҳаром ва ё дар моҳҳои ҳаром. Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِ ٱلَّذِي جَعَلۡنَٰهُ لِلنَّاسِ سَوَآءً ٱلۡعَٰكِفُ فِيهِ وَٱلۡبَادِۚ وَمَن يُرِدۡ فِيهِ بِإِلۡحَادِۭ بِظُلۡمٖ نُّذِقۡهُ مِنۡ عَذَابٍ أَلِيمٖ ﴿٢٥﴾

**«Касоне, ки кофир шудаанд ва боздоранд аз роҳи Худо ва Масҷидулҳаром, ки онро барои мардум яксон қарор додем, баробар аст гӯшанишинон ва ё ибодат кунандагон бошанд ва ҳар ки дар он бо илҳодаш зулме кунад, барои ӯ азоби дарнокеро мечашонем»** (сураи Ҳаҷ, ояти 25). Дар бораи моҳҳои ҳаром мефармояд: **«Шумо дар ин моҳҳо ба худатон ситам накунед»** (сураи Тавба, ояти 31). Дар бораи эҳром мефармояд: **«Ҳаҷ моҳҳои муайяне дорад. Ҳар ки дар ин моҳҳо ҳаҷҷи фарзиро карданӣ шуд, пас бояд суханони беҳуда ва фисқ наварзад ва дар ҳаҷ ҷанҷол накунад»** (сураи Бақара, ояти 197).

Аҳёнан гуноҳ ба сабаби бузург будани содиркунандаи он бузург мешавад. Худованд мефармояд: **«Ва агар мо туро устувор наменамудем, ту ба сӯи онҳо андак-андак майл менамудӣ, пас мо туро сазои чандкарата дар ҳаёту дар мамот медодем ва ту назди мо пуштибоне немеёфтӣ»** (сураи Исро, оятҳои 74-75). Худованд ба ҳамсарони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хитоб карда мегӯяд: **«Эй ҳамсарони Паёмбар! Ҳар ки аз Шумо гуноҳи ошкоре намояд, азоби ӯ чанд баробар дода мешавад»** (сураи Аҳзоб, ояти 30).

Гуноҳи олим сахтар аст аз гуноҳи дигарон. Ҳамчунон вобастагии гуноҳ ба аҳволу шароит мебошад, чунончи дар ҳадиси қаблан зикршуда Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда буд: *«Ҳар ки қасди анҷом додани кори неке кунаду онро анҷом надиҳад, Худованд барояш як савоби комил менависад».*

Ин ҳадис далолат бар он мекунад, ки Худованд барои нияти хайр кардан ҳам савоб медиҳад. Яъне агар банда нияти кори хайреро кунад, вале шароит фароҳам нашавад ва он амалро анҷом дода натавонад. Масалан ӯ мехост ҷиҳод кунад, вале чизе садди роҳи ӯ гардид, дар ин ҳолат Худованд барояш савоби ҷиҳодро менависад. Ё кесе ният кард, ки имшаб намози қиёми лайл мехонад, вале хобаш бурду натавонист, савоби қиёми лайл барояш навишта мешавад. Дар давоми ҳадис Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Агар банда қасди анҷом додани кори бадро кунаду онро иҷро накунад: Худованд барояш як савоби комил менависад».*

Яъне агар инсон қасди кардани кори бадеро кунаду аз тарси Худо онро анҷом надиҳад, барои ӯ як савоб навишта мешавд. Зеро тарки маъсият аз тарси Худо худ кори накӯст. Вале агар банда он кори бадро на аз тарси Худо, балки аз тарс ва ё шарми мардум накунад, барои ӯ савоб навишта намешавпд, балки мегӯянд як гуноҳ навишта мешавад, зеро тарси мардумро аз тарси Худо болотар донист. Агар банда қасди кардани кори бадро кунад ва тамоми кӯшишашро ба харҷ дод, вале тавонаш нарасид ва ё чизи дигар боис гардид, ки он кор анҷом наёфт, вале ният ва қасдаш он буд, ки он корро иҷро мекунад, дар ин сурат барои ӯ як гуноҳ навишта мешавад. Чунончи Паёмбар фармуданд: «*Вақте ду*

*мусалмон ба рӯи ҳамдигар шамшер кашанд, кушанда ва кушташуда ҳарду дар оташ мебошанд. Гуфтанд: Эй Расули Худо, кушандаро фаҳмидем, вале чаро кушташуда ҳам дар оташ аст? Гуфт: Зеро ӯ мекӯшид, то бародарашро бикушад»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй мардум! Аз Худованди мутаъол битарсед ва ҳамеша корҳои некӯ кунед ва тоатҳоро зиёд намоед, зеро сабаби наҷот аз ҳалокатҳои дер ва зуд дар он аст. Худованд мефармояд:

ثُمَّ نُنَجِّي رُسُلَنَا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْۚ كَذَٰلِكَ حَقًّا عَلَيۡنَا نُنجِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ﴿١٠٣﴾

**«Пас мо расулони худ ва касонеро, ки имон овардаанд, наҷот медиҳем, ҳамчунин бар худ лозим гардонидем, наҷоти мӯъминонро»** (сураи Юнус, ояти 103). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Ҳар ки мехоҳад дар вақти сахтӣ ва мушкилӣ дуояш қабул шавад, бояд дар вақти хушҳолӣ бештар дуо намояд»* (Ривояти Тирмизӣ).

Яъне банда вақте дар ҳоли фарохдастӣ аз Худо битарсад ва ҳудуди Ӯро ҳифз намуда, ҳуқуқи онро риоя намояд, ӯ бо ин кораш бо Худо ошноӣ намудааст ва дар байни ӯ ва Худованд улфати махсус пайдо шудааст ва вақте, ки гирифтори сахтӣ шавад, Худованд аз он раҳояш мекунад. Ҳар ки муомилоташ бо Худованд дар ҳоли хушҳолӣ бо тоату ибодат бошад, Худованд бо ӯ дар ҳолати сахтӣ бо ёрӣ додан муомила мекунад. Худованд мефармояд: **«Ва ҳар ки аз Худо битарсад, барояш кушоиш медиҳад ва ба ӯ аз ҷое ризқ медиҳад, ки дар ҳисобаш набуд»** (сураи Талоқ, оятҳои 2-3).

Заҳҳок ибни Қайс мегӯяд: Шумо Худоро дар ҳоли хушҳолӣ ёд кунед, зеро Юнус (а) ҳамеша Худоро ёд мекард, вақте дар шиками моҳӣ афтод, Худованд фармуд: **«Ва агар ӯ аз ҷумлаи зикркунандагон намебуд, дар шиками моҳӣ то рӯзи қиёмат боқӣ мемонд»** (сураи Софот, оятҳои 142-143). Аммо Фиръавн, ки яке аз ситамгарон буд ва Худоро фаромӯш карда буд, вақте ба ғарқ шудан наздик шуд, гуфт: **«Имон**

**овардам».** Пас Худованд дар ҷавоби ӯ гуфт: **«Акнун имон овардӣ, дар ҳоле, ки пештар осӣ шуда будӣ ва аз ҷумлаи фасодкорон будӣ?».**

Сахттарин мушкилот, ки бар сари одам меояд, ин марг аст ва моҷарои баъди марг аз саг ҳам сахттар аст. Мӯъмин бояд дар ҳолати саломатӣ ва хушҳолӣ буданаш ба анҷом додани корҳо нек барои марг ва баъди марг омодагӣ бинад. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳар кас бояд бингарад, ки барои фардояш чӣ пеш фиристодааст. Ва аз Худо битарсед, ҳамоно ки Худованд ба ҳар коре, ки мекунед, бохабар аст. Ва шумо монанди касоне набошед, ки Худоро фаромӯш карданд, пас Худо худашонро аз ёди худашон баровард ва онҳо фосиқонанд»** (сураи Ҳашр, оятҳои 18-19).

Ҳар ки Худоро дар вақти саломатӣ ва оромӣ ёд кунад ва барои мулоқоти Худованд омодагӣ дида бошад, Худованд ӯро дар ҳолатҳои сахтӣ ёд мекунад ва бо ӯ мебошад ва бо тавҳид устувор намуда, мемиронад ва аз ӯ розӣ мегардад. Аммо он ки дар ҳолатҳои оромӣ Худоро фаромӯш кунад ва барои мулоқоти Ӯ омодагӣ набинад, Худованд ҳам ӯро дар ҳолатҳои сахтӣ фаромӯш мекунад, яъне аз ӯ рӯ гардонида, кӯмакаш намекунад.

Суханамро дар ин ҷо ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз тамоми гуноҳҳо омӯрзиш мехоҳам. Аз ӯ омӯрзиш талабед, зеро ӯ бахшандаи меҳрубон аст

# ДАЪВАТ БА НАКӮКОРӢ

## Хутбаи дуюм

Ҳамд Парвардигори оламиёнро, ки ба тоати худ амр намуда ва хабар додааст, ки тоаташ сабаби наҷоту хушбахтист. Аз маъсияташ наҳй намуда ва баён кардааст, ки маъсияташ сабаби ҳалокату бадиҳост. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбарамон Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст.

Аммо баъд... Эй бародарон! Яке аз ҳодисаҳои аҷибе, ки бар сари парҳезгорон омад ва чӣ гуна онҳо ба сабаби тақвои худ аз он сахтиҳо раҳоӣ ёфтанд, он аст, ки дар ҳадиси муттафақун алайҳ омадааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Аз умматони собиқ се нафар ба ҷое равона буданд. Чун шаб шуд ба ғоре паноҳ бурданд, то шабро дар он ҷо рӯз кунанд. Санги бузурге аз болои кӯҳ афтида, дари ғорро баст. Онҳо гуфтанд, аз ин бало касе шуморо раҳо дода наметавонад, магар дуо кардан бо пешниҳоди амалҳои хубатон".*

Пас яке аз онҳо гуфт: *Худоё, ман падару модари калонсоле доштам ва ман ба аҳли оилаи худ ва молҳоям об намедодам пеш аз он, ки ба онҳо об диҳам. Рӯзе ба ҷустуҷӯи ҳезум рафта, каме дер кардам ва чун қадаҳи обро ба наздашон бурдам, дидам, онҳо дар хобанд. Ман нахостам онҳоро аз хобашон бедор созам ва нахостам ба оила ва молҳоям пеш аз онҳо об диҳам. Мунтазир истодам, то ин ки субҳ дамид ва тифлонам дар пеши поям зорӣ мекарданд. Пас падару модарам бедор шуданд ва аз он об нӯшиданд. Худоё, агар ин кори ман барои ризои ту бошад, пас моро аз ин бало наҷот деҳ ва ин сангро дур соз. Санг каме яктараф шуд, вале на ба он андоза, ки баромада тавонанд.*

Марди дигараш гуфт: *Худоё, ман духтари амаке доштам, ки аз ҳама бештар дӯсташ медоштам. Ман аз ӯ борҳо нафсашро хостам, вале ӯ розӣ намешуд. Соле аз солҳо сахтие бар сараш омад ва худи ӯ ба назди ман омад ва ман ба ӯ 120 динор додам, то худро дар ихтиёри ман гузорад. Ӯ ин*

*корро кард. Вақте, ки ман хостам, он корро иҷро кунам, ба ман гуфт аз Худо битарс ва ангуштариро ноҳаққона соҳиб машав. Пас ман аз ӯ рӯй гардондам бо вуҷуди он, ки аз ҳама бештар дӯсташ медоштам. Худоё, агар ин кори ман барои ризои ту бошад, пас моро раҳо кун. Боз санг каме яктараф шуд, вале на ба он андоза, ки баромада тавонанд.*

Саввумаш гуфт: *Худоё, ман якчанд мардикор гирифтам ва ба ҳамаи онҳо ҳаққашонро додам, магар як нафари онҳоро, ки ҳаққаш назди ман монда, худ рафта буд. Ман музди ӯро кор фармудам ва фоидаи зиёде ба даст овардам. Баъди чанд муддате ӯ ба назди ман омада, ҳаққашро талаб намуд. Ба ӯ гуфтам, ин ҳама шутуру гову гӯсфанду ғуломон, ки мебинӣ, азони туст. Гуфт эй бандаи Худо, ту маро масхара макун. Гуфтам масхара карданӣ нестам. Пас ӯ ҳамаро гирифта рафт ва ба ман чизе ҳам намонд. Худоё, агар ин кори кардаи ман барои ризои ту бошад, пас моро аз ин бало наҷот деҳ. Пас санг кушода шуд ва онҳо баромада рафтанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Ин се нафар чун дар бало ва сахтӣ гирифтор шуданд, барои раҳоии худ чизеро ҷуз корҳои некӯи пештар анҷомдодаи худ наёфтанд. Якумашон назди Худо накӯии ба падару модарашро васила намуд, ки ба падару модараш зану фарзандашро баробар намекард. Дуюмаш парҳезгорӣ ва покии худро васила намуд, ки чун ба зино даст ёфт, аз тарси Худо аз он худдорӣ кард. Саввумаш амонатдории худро васила намуд, ки амонатро чӣ гуна пурра ба соҳибаш баргардонид. Пас баъди он, ки бо корҳои накӯяшон дуо намуданд, Худованд сахтиро аз сарашон дур намуд. Яъне корҳо накӯ сабаби раҳоии онҳо ҳам дар дунё ва ҳам дар охират гардид. Худованд фармудааст:

إِنَّا لَنَنصُرُ رُسُلَنَا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَيَوۡمَ يَقُومُ ٱلۡأَشۡهَٰدُ ﴿٥١﴾ يَوۡمَ لَا يَنفَعُ ٱلظَّٰلِمِينَ مَعۡذِرَتُهُمۡۖ وَلَهُمُ ٱللَّعۡنَةُ وَلَهُمۡ سُوٓءُ ٱلدَّارِ ﴿٥٢﴾

**«Албатта, мо паёмбарони худро ва онҳоеро, ки имон овардаанд, дар ин дунё ва дар рӯзе, ки шоҳидон бармехезанд, наҷот медиҳем. Дар он рӯзе, ки ба золимон зулмашон фоида намебахшад ва барои онҳост лаънат ва манзили бад»** (сураи Ғофир, оятҳои 51-52).

Барои ҳамин аст, ки Худованд душманони паёмбаронашро ҳалок намудааст, монанди қавми Нӯҳ, Од, Самуд, Асҳоби Расс, қавми Лут, аҳли Мадян ва монанди онҳо. Худованд аз байни онҳо мӯъминонро наҷот дода, касеро ҳалок накардааст ва тамоми кофиронро ҳалок намуда, аз онҳо касеро боқӣ нагузоштааст.

Эй мусалмонон! Аз Худо битарсед ва дини худро муҳофизат намоед, ки наҷот ва саодати ду дунёи шумо дар он аст ва шумо онро аз даст мадиҳед, ки ҳалок мешавед. Бисёре аз мардумон ғарқи гуноҳу исён гардидаанд ва онҳо чун азобро бинанду дигар сабабҳо аз байн равад, дигар барояшон суде намебахшад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист ҳамчуноне, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодӣ ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додӣ. Ҳамоно, ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз ҳамаи саҳобагон, Абубакру Умару Усмону Алӣ ва дигар саҳобагон, хонавода ва ҳамсарони Паёмбар розӣ бош.

Худоё, тамоми мардону занони мусалмонро биомурз.

Худоё, корҳоямонро осон намо ва дилҳоямонро кушода ва умеди моро бо зиёд кардани корҳои некӯ зинда намо ва бо кардани кори некӯ умрамонро ба поён расон.

Худоё, моро барои анҷом додани кори нек ва тарки бадиҳо кӯмак расон.

Худоё, шайтонро аз мо дур гардон ва ӯро бар болои мо роҳ мадеҳ.

Худоё, ба бечорагони мо раҳм намо ва шикастагии моро ҷуброн кун ва гуноҳҳои моро мағфират намо ва айбҳоямонро бипӯшон.

Худоё, Қуръони каримро баҳори дили мо ва нури синаҳо ва рӯшноии ғами мо гардон.

Худоё, қарзҳои моро адо намо ва моро аз ҷумлаи парҳезгорон гардон.

Худоё, мо, падарон ва бобоҳои моро биомурз.

Худоё, ба ҳоли онҳо раҳм намо ва онҳоро бо даромадан ба биҳишт икром намо.

Худоё, писарон ва духтарони моро ба салоҳ ор.

Худоё, дар корҳои гузаштаю оянда, ошкору ниҳон моро мағфират намо. Парвардгоро, агар ғафлате рафт ё хатое кардем, моро муохаза макун. Парвардгоро, болои мо азоберо маёвар, чунончи бар сари пешиниён оварда будӣ, ҳамоно, ки ту омӯрзандаи меҳрубонӣ.

# ФАЗИЛАТИ «ЛО ИЛОҲА ИЛ-ЛАЛЛОҲ» ВА ТАЛАБОТИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамд барои Худо, Ӯро ҳамд мегуем, аз Ӯ кӯмаку омӯрзиш металабем ва ба сӯи Ӯ тавба намуда, аз бадии нафси худ ва зиштии корҳои худ паноҳ мебарем. Он киро ҳидоят намуд, касе гумроҳ накунад ва он киро гумроҳ кард, ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбарамон Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Аммо баъд..

Эй мардум! Аз Худо битасед, тоаташро ба ҷо овареду аз манҳиёташ дур бошед. Ӯро ба ёд оред, шуморо ба ёд меорад ва ҳамеша сипосгузор бошеду куфрон наварзед.

Эй бандагони Худо! Худованд ба мо амр намуда, то пайваста Ӯро ёд кунем. Ӯ мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед Худовандро бисёртар ёд кунед ва субҳу шом ӯро тасбеҳ гӯед»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 41-42). Дар баробари ин, баъзе авқотеро, ки мартабаи бештар доранд, ихтиёр намуда фармудааст, то дар он ёдаш кунем. Масалан дуои баъди намоз ва дуо баъди дигар ибодатҳо. Худованд фармуда: **«Вақте, ки намозро хондед, Худоро истода ва нишаста ва бо паҳлӯ ёд кунед. Албатта, намоз ба ҳама мӯъминон дар вақташ фарз аст»** (сураи Нисо, ояти 103). Боз фармуда: **«Вақте, ки аз ибодатҳо фориғ шудед, Худоро ҳамчунон ёд кунед, ки падарони худро ёд мекунед ва ё аз он ҳам бештар»** (сураи Бақара, ояти 200).

Худоро ёд кардан фарогири тамоми тоатҳои қавлӣ ва феълӣ мебошад ва ҳама тоатҳо зикри Худованд ба шумор меравад. Мӯъмин ҳамеша бо зикри Худост, хусусан агар бо забон субҳоналлоҳ, алҳамду лиллоҳ, Аллоҳу акбар ва ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд. Ин кор ҳеҷ мушкилоте надорад, зеро инсон метавонад ба ин кор савораю пиёда, истодаю нишаста ва дар дигар ҳолатҳо машғул шавад ва аз тарафи дигар забон монади дигар узви бадан монда намешавад.

Беҳтарин зикр, ин гуфтани «Ло илоҳа иллалоҳ» мебошад. Мусалмон бояд ин зикрро бештар намояд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд: *«Беҳтарин чизе, ки Ман ва тамоми паёмбарони пешин гуфтаанд, ин Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ало кулли шайин қадир, мебошад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Аз сабаби он, ки ин зикр дар байни дигар зикрҳо хеле мартабаи олӣ дорад, баъзе аҳкоми шариат вобастагӣ ба он дорад ва барои ин зикр аҳком, шурут ва маъонии махсус дода шудааст. Ин танҳо як калимае нест, ки ба забон гуфта шавад. Ин ибораест, ки тамоми мусулмонон онро дар азони қомат ва хутбаҳояшон гаштаю баргашта такрор менамоянд. Ин ибораест, ки замину осмон бар асоси он бино шудааст. Бо ин калима Худованд китобҳо нозил карда, паёмбарон фиристода ва шариатҳо овард.

Ба сабаби ин ибора тарозу қоим аст ва девонҳо навишта шудааст ва бинои биҳишту дӯзах барпост. Ин калимаест, ки мардумро ду гурӯҳ намуда, мусалмононро аз кофирон ҷудо мекунад. Дар бораи ин ибора ва ҳуқуқҳои он рӯзи қиёмат пурсида мешавад. Савобу азоб бар асоси ин калима мешавад қибла ҳам бо ин калима муайян гаштааст ва миллат пайдо шудааст. Шамшерҳо дар асоси он кашида мешаванд ва он ҳаққи Худованд аст бар зиммаи бандагонаш. Ин ибора калимаи ислом, калиди биҳишт, калимаи тақво, ресмони мустаҳкам, калимаи ихлос аст. Бо ин калима аз куфр, шиканҷа ва нифоқ раҳо меёбем. Ҳар ки ин калимаро бар забон ронд, хуну молаш дар дунё маҳфуз мемонад ва агар онро аз таҳти дил гуфта бошад, дар рӯзи охират аз оташ наҷот ёфта, дохили ҷаннат мегардад. Ҳамчуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Худованд бар оташи дӯзах ҳаром гардонидааст касеро, ки ба хотири Худованд ло илоҳа иллалоҳ гуфта бошад»* (Муттафақун алайҳ).

Ин калимаи кӯтоҳ, ки аз чанд ҳарф иборат аст, бар забон ронданаш осон, вале дар тарозуи охират вазни гароне дорад. Абу Саиди Худрӣ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармудаанд: *«Мӯсо (а) гуфт: Худоё, ба ман чизе биёмӯз, ки ба он туро зикр намоям ва ба он*

*туро бихонам. Гуфт: Эй Мӯсо бигӯ: Ло илоҳа иллалоҳ. Мӯсо гуфт: Парвардигоро, тамоми бандагонат инро мегӯянд. Гуфт: Эй Мӯсо агар тамоми осмонҳо бо он кӣ дар он аст, ғайри ман ва тамоми заминҳо дар як паллаи тарозу бошанду ло илоҳа иллалоҳ дар тарафи дигар, ин калима гаронтар меояд».*

Абдуллоҳ ибни Амр мегӯяд: *«Мо дар назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будем, ки марде аз бодиянишинон омад, ки ҷомаи зебое бар тан дошт, тугмаҳояш аз абрешим буд. Паёмбар гуфт: Ин дӯсти шумо ҳамаи ҷанговарони ҷанговарзодагонро поён карданист. Гуфт: Манзураш он аст, ки ҷанговарони ҷанговарзодаро поён карданӣ ва чӯпонҳои чӯпонзодаро баландқадр карданист. Пас Паёмбар аз гиребони ҷомааш дошта гуфт: Чаро бар тани ту либоси бехирадонро мебинам? Сипас гуфт: Паёмбари Худо Нӯҳ чун дар бистари марг қарор гирифт, ба писараш гуфт: Ман туро ба ду чиз васият мекунам ва аз ду чиз барҳазарат мекунонам. Туро ба ло илоҳа иллалоҳ амр мекунам. Агар ҳафт осмону замин дар як паллаи тарозу бошанду ло илоҳа иллалоҳ дар тарафи дигар, ло илоҳа иллалоҳ гаронтар меояд. Агар ҳафт осмону замин чун ҳалқаи мубҳам бошанд, ло илоҳа иллалоҳу ва биҳамдиҳи онҳоро рӯзӣ медиҳад, зеро он алоқаи байни ҳама чиз аст. Ризқ ҳам бо он мешавад. Туро аз ширку кибр манъ мекунам.*

Ровӣ мегӯяд: ман барояш гуфтам: (ё ин ки дигаре аз ӯ пурсид) Эй Расули Худо, мо ширкро фаҳмидем, вале кибр чист? Оё кибр он аст, ки яке аз мо пойафзоли зебое дошта бошад, ки бандҳояш ҳам зебо бошад? Гуфт: Не. Гуфт: Оё ин аст, ки якеи мо либоси зебое дошта бошад? Гуфт: Не. Гуфт: Оё ин аст, ки якеи мо аспи зебое дошта бар болояш савор шавад? Гуфт: Не. Гуфт: Оё ин аст, ки якеи мо дӯстоне дошта бошад, ки бо онҳо нишаст барпо кунад? Гуфт: Не. Гуфт: Пас, эй Расули Худо, кибр чист? Гуфт: Ҳақро нодида гирифтан ва мардумро масхара намудан. (Ривояти Аҳмад).

Ин калимаи бузург дорои ду рукн аст:

**Рукни аввал:** Инкор, яъне инкори улуҳият аз ғайри Аллоҳ ва ин мафҳуми иборои **ло илоҳа** мебошад.

**Рукни дуввум:** Исбот, яъне исботи улуҳият барои Аллоҳи субҳон ва ин мафҳуми иборои **иллаллоҳ** мебошад. Мафҳумии кулли он безорӣ аз ширку мушрикин ва ихлоси

ибодат аст барои Худованд. Иброҳими Халил низ ба ҳамин маъно ба падараш гуфта буд: *«Ва ҳангоме, ки Иброҳим ба падар ва қавми худ гуфт: “Ҳамоно, ман аз он чӣ мепарастед безорам. Магар он Худовандро, ки маро офарид ва базудӣ ҳидоятам мекунад»* (сураи Зухруф, ояти 26-27).

Маънои ин сухани илоҳӣ низ ҳамин аст, ки мефармояд:

لَآ إِكۡرَاهَ فِي ٱلدِّينِۖ قَد تَّبَيَّنَ ٱلرُّشۡدُ مِنَ ٱلۡغَيِّۚ فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٢٥٦﴾

**«Дар дин маҷбурӣ нест. Албатта роҳи дуруст ва каҷ маълум гаштааст. Пас ҳар ки ба шайтон кофир шуда, ба Худо имон оварад, дар ҳақиқат ба дастовези қавие чанг задааст, ки ҳеҷ гусастан надорад. Ва Худованд шунавои доност»** (сураи Бақара, ояти 256).

Мусалмон вақте ин калимаро ба забон меронад, безории худро аз ширку мушрикин эълон медорад ва динро холис барои Худо намуда Ӯро мепарастад. Агар инсон дар ин гуфтаи худ содиқ бошад, лаззати дини Худоро дарёфта, дар охират хушбахт мегардад ва илло танҳо бар забон рондани он бидуни амал ба муқтазояш ҳеҷ суде надорад. Мунофиқон ин калимаро борҳо бар забони худ меронданд, вале ба он бовар надоштанд, аз ин рӯ, мунофиқон дар табақаи поёнтарини дӯзах мебошанд.

Ҳамчунин касоне, ки имрӯз низ онро бар забон меронанд, вале мебинем аз мурдагон мадад хоста, даври қабристонҳо мегарданд ва тавассути ин кор ба Худо наздикӣ меҷӯянд ва аз авлиёҳою эшонҳо мадад ҷуста, дар назди қабрашон назрҳо намуда, қурбониҳо мекунанд, барои онҳо Ло илоҳа иллалоҳу ва биҳамдиҳ гуфтан фоида надорад. Зеро ӯ тибқи талаботи ин калима, ки безорӣ аз ширку мушрикин ва ибодатро холис барои Парвардигори оламиён кардан буд, амал накардааст. Зеро маънои Ло илоҳа иллаллоҳ, ин тарки қабрпарастӣ ва даст кашидан аз

наздикӣ ҷустан ба мурдагон аст, ҳамчуноне, ки тарки ибодати бут ва санамҳост. Байни парастиши бут ва парастиши қабр ҳеҷ фарқияте нест ва ин аст маънои Ло илоҳа иллаллоҳ.

Аз ҳамин сабаб аст, ки вақте Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба куффори Қурайш гуфт: Ло илоҳа иллаллоҳ гӯед, гуфтанд: *«Оё ҳамаи маъбудҳоро як маъбуд кардааст?»* (сураи Сод, оятҳои 5-7). Мушрикон дарк карда буданд, ки маънои Ло илоҳа иллаллоҳ тарки ширк ва ихлоси ибодат танҳо барои Худо аст.

Имрӯзҳо қабрпарастон инро дарк накардаанд! Аз ҳамин сабаб онҳо ҳам корҳои ширкӣ мекунанд ва ҳам калимаи ло илоҳа иллаллоҳро бар забон меронанд. Шояд онҳо ба ло илоҳа иллаллоҳ чунин маъно диҳанд, ки он иқрор аст ба ин ки Худованд холиқу розиқ аст ва бо ин даъво мекунанд, ки Ҳар ки ба холиқият ва розиқияти Худованд иқрор намояд, муваҳҳид буда ба ло илоҳа иллаллоҳ шаҳодат медиҳад.

Барои онҳо дигар фарқе надорад, барои мурдагон қурбонӣ намоянд ва бо ибодатҳои гуногун ба онҳо наздикӣ ҷӯянд. Гӯё онҳо намедониста бошанд, ки мушрикине, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз онҳо ба ло илоҳа иллаллоҳ иқрор карданро дархост намуда буд, иқрор доштанд, ки Худованд холиқ ва розиқ аст. Чунончи Худованд мефармояд: **«Ва агар аз эшон пурсӣ, ки чӣ касе осмонҳо ва заминро офаридааст, албатта онҳо мегуянд: Онҳоро азизу доно офаридааст»** (сураи Зухруф, ояти 9). Боз мефармояд **«Бигӯ: Кист, ки шуморо аз осмону замин рӯзӣ медиҳад. Оё он кас, ки шунавоӣ ва биниш дар дасти ӯст ва он кӣ зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда мебарорад ва ҳама корро тадбир мекунад? Пас онҳо хоҳанд гуфт: Худованд. Пас бигӯ: Оё наметарсед?»** (сураи Юнус, ояти 31).

Маънои ло илоҳа иллаллоҳро агар мардуми авом нодуруст фаҳмад хеле осон аст, зеро онҳоро метавон таълим дод ва онҳо ҳақро қабул хоҳанд кард. Вале мусибат дар он аст, ки номафҳумии калимаи ло илоҳа иллаллоҳ аз касоне рух медиҳад, ки даъвои олимӣ намуд, машғули дарс додан ва фатво додан ҳастанд. Фаҳмонидан ва қонеъ гардонидани онҳо ва роҳи дурустро барояшон баён кардан хеле мушкил аст. Бо вуҷуди он ки ин чиз хеле равшан ва ошкор дар

дастуроти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дигар паёмбарон ва пайравонашон омадааст. **«Мо ғайри ӯ маъбудеро намепарастем, ки агар ҷуз ин бигӯем, пас суханони носанҷидае гуфтаем»** (сураи Каҳф, ояти 14).

Ибни Аббос, ки кӯдак буд, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ фармуд*: «Эй писар, ман ба ту чанд калимотеро меомӯзонам. Агар чизе талаб кардани бошӣ, аз Худо биталаб ва агар ёрӣ бихоҳӣ, аз Худо бихоҳ»* (Ривояти Тирмизӣ).

Садоқати ростӣ дар таваккул ва ростӣ дар эътимод, ин аст он чӣ, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро ба он ҳидоят кард, то танҳо аз Худо талаб намояду танҳо аз ӯ ёрӣ биҷӯяд, бо вуҷуди он ки ӯ хурдсол буд. Барояш нагуфт, ки агар мушкилоте болоят омад ва ё ба чизе мӯҳтоҷ шавӣ, ба назди ман биё ва аз ман кӯмак бихоҳ. Балки Паёмбар сахт дар ғазаб шуданд вақте, ки шахси бодиянишине гуфт, ҳар чӣ Худо бихоҳаду ту бихоҳӣ. Паёмбар ба он аъробӣ гуфт: Вой ба ҳолат, оё маро ба Худо ҳамто қарор додаӣ. Бояд бигӯӣ, ҳар чӣ Худо хоҳад, онро мекунад.

Эй бандагони Худо! Аз дастуроти калимаи ло илоҳа иллаллоҳ ва тақозои он ин аст, ки намозро барпо дорӣ, закотро адо намоӣ, моҳи Рамазонро рӯза дорӣ, агар тавон дошта бошӣ, ҳаҷ кунӣ ва ба тоати Худованд амал намуда, аз навоҳияш худдорӣ кунӣ.

Имрӯзҳо дар миёни мардум афроди зиёдест, ки ин калимаро ба забон меронанд, вале на намоз мехонанд ва на закот медиҳанд. Дар Қуръону аҳодис омадааст, ки ҳар ки намоз намехонад, мусалмон нест, агар чи ло илоҳа иллаллоҳро ба забон ронад. Худованд мефармояд: **«Пас агар онҳо тавба намуда, намозро барпо доранду закот диҳанд, онҳоро раҳо кунед. Ҳамоно Худованд омӯрзандаи меҳрубон аст»** (сураи Тавба, ояти 5). Дар ояти дигар мефармояд: **«Пас агар онҳо тавба намуда, намозро барпо доранду закот диҳанд, онҳо бародарони динии шумоянд. Мо оятҳои худро ба мардуме, ки медонанд, баён мекунем»** (сураи Тавба, ояти 11).

Ин ду ояти карима далолат бар он мекунанд, ки ҳар ки намозашро намехонад, раҳо карда намешавад ва ин, ки онҳо бародарони мо нестанд, яъне кофиранд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Фарқ миёни банда ва куфр тарки намоз аст»* (Ривояти Муслим). Баъд аз он ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз дунё гузаштанд, гурӯҳе аз мардум аз додани закот саркашӣ карданд, бо вуҷуди он ки ло илоҳа иллаллоҳ мегуфтанд, вале Абубакр ва саҳобагон бо онҳо ҷангиданд. Бар забон рондани ин калима саҳобагонро аз ҷанг бо онҳо бознадошт, бо вуҷуди он ки ин калимаро бар забон меронаданд ва Паёмбар фармуда буд: *«Ҳар ки ин калимаро ба забон ронад, ҷону молаш дар амон мемонад, магар бо ҳаққаш»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ба Ҳасани Басрӣ гуфтанд: Мардум даъво доранд, ки ҳар ки Ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд, дохили ҷаннат мешавад. Гуфт: Ҳар ки ло илоҳа иллаллоҳ гуфта, ҳаққу ҳуқуқи онро ба ҷо оварад, дохили ҷаннат мешавад. Шахсе аз Ваҳб ибни Мунаббиҳ пурсид: Рост аст, ки мегӯянд, Ло илоҳа иллаллоҳ калиди ҷаннат аст? Гуфт: Бале. Вале ҳама калид дандона дорад. Агар калидеро биёрӣ, ки дандона дорад дар кушода мешавад ва илло кушода намешавад.

Эй бандагони худо! Аз Худо битарсед ва аз аҳли ҳақиқии Ло илоҳа иллаллоҳ бошед. Худованд мову шуморо аз аҳли он гардонад.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим.

فَٱعْلَمْ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ وَٱسْتَغْفِرْ لِذَنۢبِكَ وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ ۗ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ مُتَقَلَّبَكُمْ وَمَثْوَىٰكُمْ ﴿١٩﴾

**«Пас дониста бош, ки ҳеҷ маъбуде ғайри Худованд нест ва барои гуноҳони худ ва мардону занони мӯъмин омӯрзиш бихоҳ. Худованд макону ҷойгоҳи шуморо медонад»** *(сураи Муҳаммад, ояти 19).*

Худованд бо Қуръони азимушшаън мову шуморо баракат диҳад ва аз оятҳо ва панду андарзҳояш фоидаамон бахшад.

# ФАЗИЛАТИ «ЛО ИЛОҲА ИЛ-ЛАЛЛОҲ» ВА ТАЛАБОТИ ОН

## Хутбаи дуюм

Сано танҳо барои Худовандест, ки мардумро офарид, то Ӯро ибодат намуда, ба Ӯ касеро шарик наёваранд. Ӯро шукру сипос менамоям, ки барои бандагонаш баҳонае нагузошт, балки паёмбарон фиристода, китобҳо нозил фармуд. Салоту саломи бепоён Муҳаммад писари Абдуллоҳро, ки беҳтарин даъватгари роҳи Худо ва накӯтарин обид буда, дар ин роҳ беҳтарин кӯшишҳо ба харҷ додааст. Худованд тавассути ӯ он таълимотеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ тақозо меунад ва фаромӯш шуда буд, боз зинда намуд. Бо вуҷуди ин Худованд мефармояд: **«Пас دониста бош, ки ҳеҷ маъбуде ғайри Худованд нест»** *(сураи Муҳаммад, ояти 19)*.

Паёмбар тибқи ин калима устувор истода, даъват намуд ва бо ин калима дӯст доштy бад дид. Ӯ мефармуд: *«Ман маъмурам, то бо мардум биҷангам то замоне, ки ло илоҳа иллаллоҳ гӯянд. Пас агар онро гуфтанд, хун ва ҷони онҳо дар амон мемонанд, магар бо ҳаққи Ислом ва кори онҳо ба Худо супорида мешавад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Паёмбар (с) бо ин калима шабу рӯз, ошкору ниҳон даъват менамуд, то парда аз болои калимаи ло илоҳа иллаллоҳ бардошта шуд. Худоё бар бандаат Муҳаммаду олу асҳобаш салоту саломи зиёде бифирист.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованди мутаъол битарсед ва бо андеша дар маънои ло илоҳа иллаллоҳ имони худро ҳар субҳу шом таҷдид намоед. Эй соҳибдилони оқил ва эй аҳли салоҳу тақво, шумо барои наҷот нидо кунед, зеро ҳеҷ наҷоте нест, магар барои аҳли ло илоҳа иллаллоҳ. Ло илоҳа иллалоҳ калимаи Ислом ва калиди сарои охират аст. Устувории осмону замин, дурустии фарзу суннат ва наҷоти ҳамагон дар қиёмат ба калимаи ло илоҳа иллаллоҳ мебошад. Кашидани шамшерҳо, фиристодани паёмбарон танҳо барои омӯзондани ло илоҳа иллаллоҳ буд.

Мардум дар ин роҳ ду гурӯҳ шуда ба ду роҳ рафтанд. Гурӯҳе бо дастуроти ло илоҳа иллаллоҳ амал намуда, гурӯҳи дигар даъво карданд, ки дини падаронашон мухолифи ло илоҳа иллаллоҳ буд. Пас бисёр пок аст зоте, ки бо ҳикмати Нӯҳуфтааш тафовути бандагонашро бо ло илоҳа иллаллоҳ намуд. Хушо ба ҳоли он касоне, ки маънои онро дарк намуда, онро қабул карданд ва дар ошкору ниҳон бо он амал намуданд ва бо ин амалашон дар қавлашон ло илоҳа иллалоҳ содиқ шуданд. Вой ба ҳоли касе, ки дар доми шайтон афтода, аз пайравӣ ба ло илоҳа иллаллоҳ дурӣ ҷуста, аз он рӯй гардонидааст. Оё ин сухани Парвардигорро нашунидаед, ки мефармояд:

وَلَا يَمۡلِكُ ٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِهِ ٱلشَّفَٰعَةَ إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ﴿٨٦﴾

**«Ононе, ки ғайри Худовандро мехонанд, шафоатеро соҳиб нестанд, магар он кас, ки дониста ба ҳақ шаҳодат медиҳад»** (сураи Зухруф, ояти 86).

Ҳақиқати ло илоҳа иллаллоҳ, ин Худоро аз байни дигар маъбудҳо ба ягонагӣ ҷудо кардан ва дар ҳама қасду хоҳишот ба ӯ рӯй овардан ва ин сифатро аз дигар махлуқот нафй намудан аст. Ин аст ҳақиқати ло илоҳа иллаллоҳ. Аммо он кас ки ин калимаро ба забон меронад вале дар рафтораш бар зидди он амал мекунад, гуфтани ло илоҳа иллаллоҳ ҳеҷ суде ба ҳолаш надорад. Он касе, ки ибодати худро ба сӯи ғайри Худованд равона намуда, бо Ӯтаъоло яке аз махлуқоташро шарик оварад, ин калима ба ӯ рӯзи қиёмат суде намебахшад.

Эй бандагони Худо! Ба тарафи мағфирати Худованд ва биҳишти чун осмону замин паҳно бишитобед, ки он танҳо барои муттақиён омода шудааст. Барои он касоне, ки воҷиботи ло илоҳа иллаллоҳро иҷро намудаанд ва дар баробари Худованд каси дигареро напарастидаанд. Шумо ба ресмони матини ло илоҳа иллаллоҳ чанг бизанед, зеро касе, ки манъкардаҳои ло илоҳа иллаллоҳро манъ намуда, фармудаҳои онро иҷро намояд ва бо ин калима дӯст гирад

ва душман гирад, Худованд ӯро ба болотарин мақомоти аҳли ло илоҳа иллаллоҳ мерасонад. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. **«Рӯзе, ки рӯҳ ва малоикаҳо бархоста, дар як саф меистанд, ҳеҷ кадомашон сухане намегӯяд магар он кас, ки ба ӯ Худованд иҷозат диҳад ва онҳо танҳо ҳақро мегӯянд»** (сураи Набаъ, ояти 38).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчуноне, ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, тамоми мардону занони мӯъминро омӯрзиш намо.

Худоё, корҳоямонро осон намо ва дилҳоямонро кушода ва бо афзоиши корҳои нек умедвориамонро бештар гардон ва бо он умри моро ба поён расон.

Худоё, моро ба кардани корҳои хуб ва тарки корҳои бад ёрӣ деҳ.

Худоё, бар сари мо шайтонро мусалат магардон.

Худоё, ба нотавонии мо раҳм намо ва ҷароҳати моро марҳам неҳ ва гуноҳҳоямонро бахшида, айбҳоямонро бипӯшон.

Худоё, Қуръонро баҳори диламон ва нури қалбамон ва рушноии ғамҳоямон бигардон.

Худоё, қарзҳоямонро бипӯшон ва моро аз зумраи парҳезгорон гардон.

Худоё, падарону модарон ва furбобоҳоямонро мағфират намо.

Худоё, ба онҳо раҳм кун ва дар биҳишти некат азизашон дор.

Худоё, аҳволи ҷавонписарону ҷавондухтарони мусалмонро дуруст намо.

Худоё, ҳар чӣ дар гузашта кардаем ва ё дар оянда ошкоро ё ниҳонӣ мекунам, моро бибахш.

Худоё, моро азоб мадеҳ, агар фаромӯш кардем ва ё хатое намудем.

Худоё, бар болои мо сахтие маёвар ҳамчуноне, ки бар болои касоне сахти овардӣ, ки пеш аз мо буданд. Ҳамоно, ки ту омӯрзандаи меҳрубонӣ.

# МАЪНОИ КАЛИМАИ ШАҲОДАТ ВА ТАЛАБОТИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро. Ӯро ҳамд мегӯему аз Ӯ ёрӣ металабем ва аз Ӯ омӯрзиши гуноҳон мехоҳем, ба сӯи Ӯ боз мегардем ва аз васвасаи нафсу корҳи бадамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар киро Худованд ҳидоят намуд, касе натавонад гумроҳ кард ва он киро, ки гумроҳ сохт, ҳеҷ кас ӯро наметавонад ҳидоят кард. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Дуруду саломи бепоён ба Муҳаммад олу асҳобаш.

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед он миқдор, ки ӯ лоиқ аст. Ва шумо намиред магар дар ҳоле, ки шумо мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 102).

**«Эй мардум, аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силаи раҳм, ҳамоно, Худованд муроқуби шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо монанди ононе, набошед, ки Мӯсоро азият доданд, пас Худо ӯро аз он чӣ гуфтанд пок сохт. Ва ӯ дар назди Худованд бомартаба буд. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамеша суханони дуруст бигӯед. Корҳои шуморо дуруст намуда, гуноҳҳоятонро мағфират менамояд. Ва ҳар ки Худованд ва Паёмбарашро итоат намояд, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, ояти 69).

Аммо баъд... Эй мардум!

Аз Худованди субҳон сахт битарсед. Ва аз он рӯзе, ки ба сӯи Худованд бармегардед, битарсед, рӯзе, ки дар Сур дамида мешавад ва мардум аз қабрҳо бармехезанду чизҳои ниҳон ошкор мегарданд, розҳо маълум мешаванд ва дилҳо кушода мешаванду накӯкор аз бадкор ҷудо мегардад.

Эй бандагони Худо!

Худованд мефармояд: **«Ва мо пеш аз ту паёмбаре нафиристодем, магар ин, ки ба ӯ ваҳӣ намудем, ки нест Худое ҷуз ман, пас танҳо маро ибодат намоед»** (сураи Анбиё, ояти 25). **«Онҳо ғайри Худованд уламою роҳибони худ ва Исои Масеҳро чун Худо гирифтанд, дар ҳоле, ки онҳо маъмур набуданд, магар ба ин ки танҳо Худои ягонаро ибодат намоянд, ки нест маъбуде ғайри ӯ. Пок аст аз он чи шарик варзиданд »** (сураи Тавба, ояти 31).

Эй ҷамъияти мусалмонон!

Тавҳид аввалин чизест, ки паёмбарон кори худро ба он шурӯъ намудаанд ва ҳеҷ паёбаре наомада буд, магар барои қавми худ мегуфт.

لَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوۡمِهِۦ فَقَالَ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓ إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُمۡ عَذَابَ يَوۡمٍ عَظِيمٖ ﴿٥٩﴾

**«Эй қавми ман, шумо Худовандро бипарастед, ки ҷуз ӯ ҳеҷ Худои дигаре барои шумо нест. Ман бар шумо аз азоби рӯзи бузурге метарсам»** (сураи Аъроф, ояти 59).

Калимаи тавҳид ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур расуллуллоҳ асли ҳақииқиест, ки Худованд бо он паёмбаронро фиристодааст ва китобҳояшро нозил намудааст ва шариаташро барои ҳамин гузоштааст. Ба хотири ин калима тарозу ниҳода шуда, девонҳо насб шудааст ва мардум ба мӯъмини ботақво ва кофири гунаҳкор тақсим шудаанд ва биҳишту дӯзах ҳам ба ҳамин хотир сохта шудааст.

Худованд чун инсонро офарид аз ӯ бо ҳамин калима паймон гирифт. **«Ва ҳангоме, ки Парвардгори ту аз пӯшти фарзандони Одам наслҳоро берун овард ва онҳоро бар худашон шоҳид қарор дод, ки “Оё ман Парвардгори шумо нестам?” Гуфтанд: Бале, мо гувоҳӣ медиҳем, то дар рӯзи қиёмат нагӯед, ки мо аз ин ғофил будем»** (сураи Аъроф, ояти 172).

Ин калимаи Ислом аст ва калиди ҷаннат. Ин калимаи тақвою ихлос аст ва ресмони қавист ва аҳди мустаҳкам ва калидест, ки тавассути он ба дин ворид мешавем ва бо он аз

куфру оташи дӯзах раҳоӣ меёбем. Ҳар ки онро ба забон овард, хуну молаш дар амон хоҳад монд ва ҳисобаш дар дасти Худост. Агар онро аз таҳти дил гуфта, ба он бавр намояд, дохили ҷаннат шуда, аз оташи дӯзах наҷот меёбад. **«Худованд бар оташи дӯзах ҳаром сохтааст касонеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ гуфта, бо он ризои Худоро талаб намоянд»** (Муттафақ).

Ло илоҳа иллаллоҳ қалъаи мустаҳкамест, ки роҳ ба сӯи Худо бо он оғоз меёбад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯзе, ки ҳазрати Муоз (р)-ро ба сӯи Яман ҳамчун муаллим фиристоданӣ шуд, ба ӯ гуфт: *«Ту ба назди қавми аҳли китоб равонӣ. Пас аввалин чизе, ки онҳоро ба он даъват менамоӣ, ин шаҳодат додан аст ба ин ки нест маъбуде ғайри Худованд. Пас агар онҳо туро итоат намуданд, барояшон бирасон, ки Худованд ба онҳо садақаро фарз гардонидааст, ки аз бойҳояшон гирифта ба камбағалонашон тақсим карда мешавад. Пас агар онҳо туро дар ин ҳам итоат намуданд, пас аз гирифтани моли изофӣ худдорӣ намо ва аз дуои мазлумон битарс, ки байни мазлум ва байни Худованд парда нест»* (Муттафақ).

Эй бандагони худо!

Ҳеҷ бино бе асос рост намешавад ва ҳеҷ шоха бе реша намесабзад ва асосу решаи ин дин калимаи ҷовидонаи тавҳид Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур расуллулоҳ мебошад. Саъид ибни Ҷубайр ва Заҳҳок дар тафсири ояи **«Дар дин маҷбурӣ нест. Албатта роҳи дурусту каҷ маълум гаштаанд. Пас ҳар ки ба шайтон кофир шуда, ба Худо имон оварад, дар ҳақиқат ба ресмони қавие чанг задааст, ки ҳеҷ кандание надорад. Ва Худованд шунавои доност»** (сураи Бақара, ояти 256) мегӯянд: Ин калимаи тавҳид аст.

Ибни Аббос дар тафсири ояти **«Онҳо шафоатеро соҳиб нестанд, магар касе, ки назди Парвардигораш аҳд гирифтааст»** (сураи Марям, ояти 87) мефармояд: Аҳд, ин шаҳодат аст ба ягонагии Худо ва безорӣ аст, аз ҳар қувва ва қудрати ғайри Худованд ва танҳо ба Худо умед бастан аст.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Беҳтарин дуо дар рӯзи Арафа дуоест, ки ман ва соири паёмбарон карда буданд ва он Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу мебошад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Дар Ибни Ҳаён ва Ҳоким аз Абусаъиди Худрӣ ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Мӯсо (а) гуфт: Худоё, ба ман чизе биёмӯз, ки туро зикр намоям ва бо он бихонамат. Гуфт: Эй Мӯсо бигӯ: Ло илоҳа иллаллоҳ. Гуфт: Парвардгоро, тамоми бандагонат инро мегӯянд. Гуфт: Эй Мӯсо, агар тамоми осмонҳо бо он, кӣ дар он аст ғайри ман ва тамоми заминҳо дар як палаи тарозу бошанду ло илоҳа иллалоҳ дар тарафи дигар, ин калима гаронтар меояд»* (Ривояти Ибни Ҳаббон ва Ҳоким).

Эй бандагони Худо!

Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам болои калимаи тавҳид даъвати худро бино намуда, умматонашро тарбия дод ва насли муваҳҳидеро ба бор овард, ки Худои хешро барҳақ мепарастиданд ва аз ширк безорӣ меҷустанд. Ҷоҳилон пеш аз беъсати он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар гумроҳӣ ва нодонии амиқ буданд, ки дар бебандубориҳо дасту по мезаданд ва рӯ ба хурофот оварда, барои худ аз сангу хамиру хурмо маъбудон метарошиданд ва санамҳо ороста ва дар ҳолатҳои осудагӣ онҳоро ибодат менамуданд ва чун гурусна мемонданд онҳоро дур меандохтанд. Агар он бутону санамҳо ба инҳо фоидае намебахшид, онҳоро шикаста, бути дигар метарошиданд.

وَٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةً لَّا يَخۡلُقُونَ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ وَلَا يَمۡلِكُونَ لِأَنفُسِهِمۡ ضَرّٗا وَلَا نَفۡعٗا وَلَا يَمۡلِكُونَ مَوۡتٗا وَلَا حَيَوٰةٗ وَلَا نُشُورٗا ﴿٣﴾

**«Онҳо ғайри Худованд маъбудонеро гирифтанд, ки чизе намеофариданд, балки худи онҳо офаридашуда буданд. Ва барои худ на фоида ва на зараре мерасониданд ва на маргро соҳибанду на зиндагиро ва на баъди марг беъсатро»** (сураи Фурқон, ояти 3).

Вале Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам чун миллати дуруст ва устуွореро аз нав сохт, онр бо калимаи ҷовидонаи тавҳид парвариш намуда, тамоми

қувваҳои бадхоҳро бартараф сохта, мардумро ба яктопарастӣ даъват намуд.

Ӯ ин корро бардавом иҷро менамуд, то ин ки решаи бутпарастиро аз дили мардум дур намуда, мардумро чунон парвариш диҳад, ки баъдан худ мегуфтанд: Чӣ ҷоҳиле будаем, чаро Худои ягонаро гузошта, дунболи ҳазор маъбуд мегаштем ва чаро дини ҳақро тарк намуда, даври динҳои ботил мегаштем?

Дар ин маврид Худованд мефармояд **«Оё худоҳои гуногун беҳтар аст, ё Худои ягонаи пурқувват?»** (сураи Юсуф, ояти 39).

Балки метавон гуфт, Қуръон куллаш дар бораи баёни тавҳид ва талаботи он баҳс мекунад.

Эй бандагони Худо!

Ин калимаи бузург калимае нест, ки танҳо ба забон гуфта шавад, бидуни он ки дар дигар узвҳо ва дар рафтору кирдор таъсире кунад. Балки он калимаест дорои далолати бузург, маънои васеъ ва шуруту аҳком. Зеро маънои ин калима рад кардани улуҳият аст аз ҳама чиз, ғайри Худованд. Дигар на бутеро ибодат карда мешавад, на мазореро, на дарахтеро ва на дар атрофи мазор ва қабристон ва шаҳидон давр зада мешавад ва на махлуқеро, чӣ мақоме дошта бошад, набояд итоат кард модоме, ки дар он маъсияти илоҳист, чун маънои ин калима исботи улуҳият аст, барои Худованди мутаъол ва ибодатро холис барои ӯ намудан ва алоқаи дилро аз ҳама чиз ба ғайр аз Худованд баркандан.

Ин калима маънои онро дорад, ки ибодат муҳаббат, бузургдошт, таъзим, тарсу умед, таваккулу майл ҳама барои Худо бошад. Ғайри Худоро дӯст надорад ва натарсад, умед ҳам аз дигарон накунад, таваккул ба касе надошта бошад ва майл ба сӯи ғайри ӯ накунад. Аз дигаре натарсад ва қасам ба ғайри номи ӯ нахӯрад. Дигареро итоат накунад, ба дигаре саҷда нанамояд ва дар ҳолатҳои сахтӣ аз дигаре кӯмак наталабад ва дар тангиҳо рӯ ба дигаре наёварад. Ба номи каси дигар забҳ накунад, ба ҷодугарон бовар накунад, назди фолбинон наравад ва ба мушкилкушоён ва ғайбдонону шӯъбадабозон, ки даъвои ғайбдонӣ ва дур кардани зарар ва ҷалби манфиат доранд, бовар накунад. Зеро ғайбро ҷуз

Худованд касе намедонад. **«Бигӯ ҳеҷ касе дар осмонҳо ва замин ғайбро, ҷуз Худованд намедонад. Ва намедонанд, ки дар куҷо барангехта мешаванд»** (сураи Наҳл, ояти 65).

**«Пас ҳар ки ба шайтон кофир шуда, ба Худо имон оварад, дар ҳақиқат ба ресмони қавие чанг задааст, ки ҳеҷ кандание надорад. Ва Худованд шунавои доност»** (сураи Бақара, ояти 256).

Маънои ба шайтон кофир шудан шарикӣ ва улуҳиятро аз касоне, ки даъвои худоӣ мекунанд, дур кардан аст. Ва онро бад дидан ва дӯст надоштан аст. Маънои имони ба Худо Ӯро дар ибодат танҳо эътиқод намудан, ки ибодат марҳалаи ниҳоии муҳаббат аст.

Ин аст имони ба Худо, ки мулозими имони ба Паёмбарон аст ва мулозими ибодатро холис барои Худо намудан. Пас маънои ло илоҳа иллаллоҳ иқрор кардан аст ба он аз рӯи илм, нутқ ва амал.

Эй бандагони Худо! Ин фаҳми нодуруст аст, агар гумон кунем, ки калимаи тавҳид маънои онро дорад, ки ҳеҷ холиқу розиқе ғайри Худованд вуҷуд надорад, вале дар ибодат холис набошем. Зеро кофирону мушрикон низ дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин иқрор доштанд ва ба онҳо фоидае набахшид.

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۖ فَأَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٦١﴾

**«Ва агар аз онҳо савол кунӣ, ки кӣ осмонҳо ва заминро офарида, офтобу моҳро зери тасхираш дароавардааст, албатта мегӯянд: Худованд. Пас куҷо равонанд»** (сураи Анкабут, ояти 61).

Мушрикон бо вуҷуди ҷаҳолату гумроҳияшон маънои бузурги ин калимаро дарк карда буданд вале гумроҳию бадияшон онҳоро ба он водошт, то онро инкор намоянд ва кибру ғурур варзанд. Худованди мутаъол мефармояд: **«Ва онро аз рӯи зулму ғурур инкор намуданд вале виҷдонашон онро яқин дорад. Бингар, ки оқибати фасодкорон чӣ мешавад»** (сураи Намл, ояти 14).

**«Оё ин ҳама худоҳоро як Худо намудааст? Дар ҳақиқат ин корест аҷоиб”. Бузургонашон равона шуданду гуфтанд: “Шумо биравед ва сабр намуда худоҳоятонро аз даст мадиҳед. Ин аст чизи дилхоҳ. Мо чунин сухане дар мардуми гузашта нашунидем ва ин ғайри дурӯғ чизи дигаре нест»** *(сураи Сод, оятҳои 5-7).*

Ҳамчунин мунофиқоне, ки дар байни мусалмонон дар ибодатҳояшон ва ҷиҳодашон борҳо ин калимаро ба забон меронданд, вале дилҳояшон зидди он ақида доштанд, ки он куфру инкору исён буд. Барои ҳамин онҳо дар табақаи поёнтарини дӯзах хоҳанд монд ва касе ба ёрияшон нахоҳад расид.

أُوْلَـٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱشۡتَرَوُاْ ٱلضَّلَـٰلَةَ بِٱلۡهُدَىٰ فَمَا رَبِحَت تِّجَـٰرَتُهُمۡ

وَمَا كَانُواْ مُهۡتَدِينَ ١٦

**«Онҳо касоне мебошанд, ки бо ҳидоят гумроҳиро харидорӣ намуданд ва дар ин тиҷораташон фоидае надиданд ва на роҳи ростро дарёфтанд»** (сураи Бақара, ояти 16).

Пас акнун худ бигӯед: Ҳоли бисёре аз мусалмонон куҷою маънои бузургу волои ин калима куҷо? Мусалмононе, ки хеле вақт шуда, ки ваҳй аз онҳо дур шудааст ва таолими волоро фаромӯш кардаанд, дар байнашон нишонаҳои ширк паҳн шуда истодааст, онҳоро шаҳватҳое, ки ақидаи холисро ғуборолуд мекунад, фирефта намудааст. Онҳо чанд намуд ибодатро ба сӯи ғайри Худованд равона намудаанд, зимоми корашонро дар дасти шайтон додаанд, то онҳоро беҷо ва баҷо ба атрофи марқадҳо бикашонад. Онҳо аз мурдагон авлиё ва солеҳин кӯмаку ёрӣ металабанд, қурбониҳо мекунанд, ба соҳирон бовар доранд, дунболи фолбинону мушкилкушоён мегарданд. Онҳоро ба ёрӣ даъват мекунанд, аз онҳо дур кардани балоҳо ва овардани бахту иқболро металабанд ва барои беморон шифо металабанд ва ҳамин гуна сахтиҳоро дур карданро талаб менамоянд. Худованд аз ин ҳама ширк поку муназзаҳ аст.

Маънои пурраи ин калима кучо шудааст дар назари онҳое, ки ҳамчуноне, ки Худованд дастур додааст, талаботи онро ба ҷо намеоранд? Онҳо на намоз мехонанд, на закот медиҳанд ва на аз рӯзе, ки дар он дилҳову чашмҳо канда мешавад, метарсанд. Онҳо баъди ин ҳама умеде доранд, ки вориди ҷаннат шуда, аз лаззатҳои он баҳраманд мегарданд ва аз оташ дар амонанд.

Эй мусалмонон! Бисёр касоне, ки даъвои Ислом мекунанд роҳро гум кардаанд. Онҳо ба ҷои он кӣ робитаашонро бо Худованди холиқу тадбирсоз, Худои ягонаву ягона, он кӣ фоида ва зарар, савобу иқоб дар дасти Ӯст, мустаҳкам намоянд, дунболи устухонҳои пӯсида, ҷасадҳои парешонгашта, қабристони холӣ, махлуқоти заиф мегарданд. Агар онҳо чизе карда метавонистанд, дар хок боқӣ намемонданд ва гирифтори пӯсидану вайрон шудан намешуданд.

Мусалмони воқеӣ дар пешгоҳи Худованде меистад, ки даъвати ниёзмандону дармондагонро мепазирад, бадиҳоро бартараф менамояд. Онҳо дастони худро тарафи Ӯ дароз мекунанд, даври Каъба мегарданд, раҳматашро талаб намуда, аз азобаш дар хавфанд. Аммо ин тоифа дар назди бутони ночиз меистанд, атрофи мазори холӣ давр мезананд, ки номаълум аст кадоме аз ин мурдагон Худопараст буданду кадомашон не. Дар ҳар ҳолат онҳо имрӯз хоки пӯсидаанд.

Эй бандагони Худо! Шумо худ қазоват намоед, оё ин ду тоифа бо ҳам монананд? Оё он касе, ки шаҳватҳо ӯро зери тасарруф дароварда, дунболи ҳаво мегардад ва намедонад ба куҷо равон асту ризои киро ҷӯён бо он касе, ки ба Худои ягонаи бениёзи пок таслим шуда, бо дили орому виҷдони пок ва каромати воло умр ба сар мебарад, баробар аст? Шукри Худо, ки инро фаҳмидем, вале бисёре аз мардумон намедонанд.

Суханамро дар ин ҷо ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз даргоҳи Худованд омӯрзиши тамоми гуноҳҳоро мехоҳам.

# МАЪНОИ КАЛИМАИ ШАҲОДАТ ВА ТАЛАБОТИ ОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованди ягонаи бениёзе, ки на касе аз Ӯ зодааст ва на Ӯ зода шудааст ва на касе ба ӯ баробар шуда метавонад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи Худо ба ӯ ва олу асҳобаш.

Эй мардум! Шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки ба калимаи тавҳид имон овардан мусалмонро чунон месозад, ки чор чизро инкор мекунад ва чор чизи дигарро исбот менамояд. Ӯ ҳамаи маъбудҳо, тоғутҳо, шарикҳо ва арбобҳоро инкор мекунад.

Маъбуд чизеро мегӯянд, ки дар вақти ибодат ба ҷои Худованд рӯ ба тарафи он мекунӣ ва аз онҳо барори кор ва дафъи зарарро металабӣ.

Тоғут касе мебошад, ки чун ибодаташон мекунӣ, розӣ мешаванд ва ё номзад ба ибодатанд.

Шарик касест, ки аз дини Ислом дурат кунад, монанди зан, хона. Хешу табор ё молу мансаб.

Арбоб онҳоеро гӯянд, ки туро ба мухолифати Худованд даъват мекунанду ту итоаташон мекунӣ. Худованд мефармояд:

ٱتَّخَذُوٓاْ أَحۡبَارَهُمۡ وَرُهۡبَٰنَهُمۡ أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَٱلۡمَسِيحَ ٱبۡنَ مَرۡيَمَ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُوٓاْ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗاۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ سُبۡحَٰنَهُۥ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ﴿٣١﴾

**«Онҳо ғайри Худованд уламою роҳибони худ ва Исои Масеҳро чун Худо гирифтанд. Дар ҳоле, ки онҳо маъмур набуданд, магар ба ин ки танҳо Худои ягонаро ибодат**

**намоянд, ки нест маъбуде ғайри Ӯ. Пок аст аз он чи шарик варзиданд»** (сураи Тавба, ояти 31).

Аммо он чизҳоеро, ки калимаи тавҳидро исбот мекунад, дар ибодат танҳо ба Худо рӯй овардан, Ӯро бузург доштан, Ӯро дӯст доштан ва аз Ӯ тарсидану ба Ӯ умед бастан аст.

Олимон барои калимаи тавҳид ҳафт шарт гузоштаанд, ки ин калима ба соҳибаш фоидае намерасонад, магар бо доштани ин шартҳо.

**Шарти аввал:** Маънои асосии ин калимаро донистан, ки он ибодати Худованд аст ба танҳоӣ ва безорӣ аз ибодати ғайри Ӯ. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд *«Ҳар ки аз дунё даргузарад, дар ҳоле, ки медонад нест маъбуде ғайри Худованд, дохили ҷаннат мегардад»* (Ривояти Муслим).

**Шарти дуюм:** Яқини комил ба маънои он ки гӯяндаи он ба мафҳуми он бовар кунад ва онро аз дил қабул бипазирад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, мӯъминон касоне мебошанд, ки ба Худо ва Расули Ӯ имон оварда, пас дигар гирифтори шак нашудаанд ва бо молу ҷонашон дар роҳи Худо ҷиҳод намоянд, инҳо ростгӯёнанд»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 15).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Шаҳодат додан ба ин ки нест маъбуде ғайри Худованд ва ин ки ман фиристодаи Ӯям, ҳар бандае, ки бо ин шаҳодат ба назди Худо раваду ба он шак надошта бошад, дохили ҷаннат мегардад»* (Ривояти Муслим).

Имом Қуртубӣ дар шарҳи ин ҳадиси Муслим чунин мегӯяд: «Мавзӯи он ки танҳо бар забон рондани калимаи шаҳодат кофӣ нест, балки бояд яқини дил дошта бошад ва ин гуна тарҷума аз ботил будани мазҳаби Мурҷиа онҳое, ки даъво доранд ба забон рондани калимаи шаҳодат барои мӯъмин будан кофист, дарак медиҳад. Ва ҳадисҳо далолат бар фасади ин раъйи онҳост. Балки ҳар касе аз шариат бохабар бошад, медонад, ки фикри онҳо нодуруст аст. Зеро агар каломи онҳо дуруст бошад, дигар гуфта наметавонем, ки нифоқ вуҷуд дорад ва ҳамаи мунофиқинро мӯъмин метавон гуфт, ки ин қатъан ботил аст»

**Шарти саввум:** Қабул намудани ҳамаи талаботи ин калима бо дилу забон.

**Шарти чорум:** Ба мадлули ин калима итоат намудан. **«Ва ҳар ки худро ба Худо таслим намояд, дар ҳоле, ки ӯ накукор бошад, пас ӯ ба ресмони мустаҳкаме чанг задааст ва оқибати тамоми корҳо ба сӯи Худост»** (сураи Луқмон, ояти 22).

Ҳазрати Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: *«Ҳеҷ кадоме аз шумоён мӯъмин намешавад, магар ин, ки ҳавояш пайрави дастуроти ман бошад»* (Ривояти Табаронӣ ва Абунаъим).

**Шарти панҷум:** Садоқати комил ин аст, ки онро аз сидқи дил гуфта дар вақти гуфтан дилаш бо забонаш як бошад, на монанди мунофиқон, ки Худованд дар бораашон мегӯяд: **«Ва баъзе мардумон чунинанд, ки мегӯянд мо имон овардаем ба Худо ва ба рӯзи охират вале онҳо мӯъмин нестанд. Онҳо Худо ва мӯъминонро фиреб медиҳанд вале онҳо танҳо худро фиреб медиҳанд, аммо намедонанд»** (сураи Бақара, оятҳои7-9).

**Шарти шашум:** Ба Худо ихлос доштан, яъне дар вақти амал кардан амалро аз ҳама намуд омезишҳои ширк тоза кардан. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар ки бо ихлоси дилу тасдиқи забонаш гӯяд ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ало кулли шайъин қадир, Худованд кушоише намуда ба ин бандааш назар мекунад. Он бандаеро, ки Худованд ба ӯ назар намуд ҳақ дорад, тамоми талаботашро иҷро намояд»* (Ривояти Насоӣ).

**Шарти ҳафтум:** Ин калимаро бо тамоми талаботаш дӯст дошта, аҳли онро, ки ба он мултазиманд ва ба он амал мекунанд, дӯст гирифтан ва дар баробари он душманони ин калимаро бад дидан. Паёмбар мефармоянд: *«Се чизест, ки дар ҳар касе, ки дида шавад, лаззати имонро мечашад: Худо ва Паёмбараш барояш аз ҳама чиз маҳбубтар бошад, касеро агар дӯст дорад танҳо ба хотири Худо дӯст дорад ва ба куфр бозгаштанро чунон бад бинад, ки дар оташ андохтанр бад мебинад»* (Ривояти Муттафақ).

Аз аломатҳои муҳаббати банда нисбат ба Парвардигораш муқаддам доштани дӯстдории ҳар чизест, ки Худо онро дӯст медорад ва бад дидани ҳар чизест, ки Худо онро бад мебинад, агарчӣ мухолифи хоҳишоташ бошад ва дӯст доштани он киро, ки Худоро дӯст медорад ва

бад дидани он киро, ки Худоро бад мебинад ва аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пайравӣ намудан ва ҳидояташро қабул кардан аст.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, мо аз ту ҳидояту тақво ва саломатию бениёзӣ металабем.

Худоё, бароямон тамоми он чизҳоеро муяссар соз, ки дар дунё ва охират фоидаамон бахшад.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҷо гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушуда боқӣ намон.

Худоё, туро ҳамду сано ба андозае, ки аз мо розӣ шавӣ ва туро ҳамду сано вақте розӣ шавӣ ва туро ҳамду сано баъди ризоят.

Худоё, моро ба ҳидояти хеш муваффақ соз ва корҳоямонро дар ризои худ бигардон.

Худоё, ба занону мардони мусалмон раҳм намо.

Худоё, зинда ва мурдагони моро мағфират намо.

Худоё, барои ин миллат корашро дуруст намо, то аҳли тоатат азизу аҳли маъсиятат хору залил гарданд.

Худоё, Қуръонро ба мо маҳбуб гардонда, онро баҳори диламон қарор деҳ.

Худоё, моро аз ҷумлаи қориёни он ва омилони он бигардон ва ба ҳидояту одоби он сарфароз соз.

Охири даъвои мо, ин ситоиши Худованд, Парвардгори оламиён аст.

# ҲАЗАР АЗ ШИРК

## Хутбаи аввал

Ҳамд барои Худованд. Ӯро ҳамд гуфта аз Ӯ талаби ёрию омӯрзиш менамоем. Ба сӯи Худованд аз бадии нафсу каҷии аъмоли худ паноҳ мебарем. Ҳар киро ҳидоят кунад, касе гумроҳаш натавонад кард ва ҳар киро гумроҳ созад, касе наметавонад ӯро ҳидоят намояд.

Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст.

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед он миқдор, ки Ӯ лоиқ аст ва шумо намиред магар дар ҳоле, ки мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 102).

**«Эй мардум, шумо аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силлаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд муроқиби шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худованд битарсед ва суханони дуруст гӯед, Худованд корҳоятонро дуруст намуда, гуноҳҳоятонро мебахшад. Ва ҳар ки Худо ва Паёмбарашро итоат кунад, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 71-72).

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худо битарсед ва ҳар чӣ амр кардааст, иҷро намоед ва аз он чӣ боздоштааст, дурӣ ҷӯед ва дониста бошед, ки бузургтарин чизе, ки Худованд шуморо амр намудааст, ин тавҳид аст. Тавҳид холис намудани ибодат аст барои Худованди ягонаи бешарик, ҳамон ибодате, ки барои он офарида шудаед. Худованд мефармояд: **«Ман ҷин ва инсро наофаридаам, магар барои он ки маро ибодат намоянд»** (сураи Зориёт, ояти 56).

Аз ин ибодат кардан шумо худ фоида мекунед, зеро шумо ниёз ба он доред, то ба раҳмати Парвардигор ноил гардед ва аз азобаш раҳо ёбед. Пас, вақте Худованд шуморо

ба ибодаташ амр мекунад, ин барои манфиати худи шумост. Аммо Худованди пок ҳеҷ ниёзе ба ибодати шумо надорад. Ӯ мефармояд: **«Ва Мӯсо гуфт агар шумо ва тамоми сокинони замин кофир шавед, Худованд ғанӣ ва бениёз аст»** (сураи Иброҳим, ояти 8).

Худованд бешак аз тавбаи бандааш хурсанд мешавад, чунончи Паёмбар фармудаанд: *«Албатта, Худованд ба тавбаи бандааш хурсандтар мешавад, аз он марде, ки дар биёбони ҳалокатовар бо шутураш мерафт ва ҳама таому шаробаш болои он буд, пас ба хоб рафт ва чун аз хоб бархост, дид, ки шутураш рафтааст. Пас ӯро ҷустуҷӯ мекард ва хеле ҳам ташна монда буд. Пас бо худ гуфт, ба ҷои аввалаам бармегардам ва ба хоб меравам то мурдан. Пас сарашро болои бозуяш гузошт, то ҷон диҳад ва ба хоб рафт, чун бархост, шутурашро дар наздаш дид ва бар пушти он тамоми таому шаробро ёфт. Пас Худованд хурсандтар аст ба тавбаи бандааш аз ин мард, ки баъди ноумедӣ шутурашро пайдо кард»* (Ривояти Муслим).

Дониста бошед, ки бузургтарин чизе, ки Худованд манъатон намудааст, ин ширк аст. Маънои ширк он аст, ки ибодатро ба тарафи ғайри Худованд равона кунӣ, монанди дуо, қурбонӣ, назр, хавф, умед. Дуо ду намуд мешавад, дуои талаб намудан, монанди аз Худо комёбӣи дунё ва охиратро талаб намудан. Ва дуои ибодат, ки дар он тамоми ибодатҳои зоҳира ва ботина дохил мешаванд. Зеро обидон аз Худо қабули ибодат ва дарёфти савобро талаб менамоянд. Ҳар ояте, ки дар Қуръон омадааст ва мардумро аз дуо намудани ғайри Худованд манъ кардааст, ҳар ду навъи дуоро дарбар мегирад, ҳам дуои талаб намудан ва ҳам дуои ибодат.

Худованд фармудааст:

قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٦٢﴾

**«Бигӯ: Албатта намоз, ибодат, марг ва зиндагиям барои Худованд Парвардигори оламиён аст»** (сураи Анъом, ояти 162).

Боз мефармояд: **«Пас намозатро барои Худо бигзор ва қурбонӣ кун»** (сураи Кавсар, ояти 2). Қурбонӣ, яъне забҳ

кардан барои ризои Худо. Ҷои дигар мефармояд: **«Онҳо ба назр вафо мекунанд ва аз рӯзе метарсанд, ки машаққати он гарон аст»** (сураи Инсон, ояти 7). Маънои назр он аст, ки бар дӯши худ чизеро лозим гардонӣ ва онро барои Худо анҷом диҳӣ. Инҳо ҳама ҳаққи Худованданд ва набояд онро ба тарафи каси дигар равона кард. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, агар касе ба Худо шарик оварад, пас Худованд барояш ҷаннатро ҳаром гардонидааст ва макони ӯ оташ аст»** (сураи Моида, ояти 72). Боз мефармояд: «**Худованд намебахшад, агар ба Ӯ шарик оварда шавад ва ғайри инро барои ҳар ки бихоҳад мебахшад**» (сураи Нисо, ояти 48).

Хавф аз ҷумлаи ибодатҳо аст ва он чанд намуд мешавад. Якум, хавфи ширкӣ. Он хавфи ниҳонист, яъне инсон дар ниҳон аз чизе метарсад ва гумон мекунад, ки он чиз дар охират барояш метавонад зарар ва ё фоида расонад. Пас тарси ширкӣ ва ниҳонӣ он аст, ки дар дунё аз маъбуде метарсад.

Дуюм хавфи ҳаром. Сураташ он аст, ки аз махлуқе дар адои воҷиб ва дурӣ ҷустан аз ҳаром метарсад аз он чизе, ки Худо барояш воҷиб гардонидааст ва ё ҳаром гардонидааст. Масалан барои адои фарз ё воҷиби илоҳӣ аз махлуқе метарсад. Ӯ аз тарси мардум намоз намехонад ва ё аз тарси сарзаниши касе ба ҷамоат ҳозир намешавад ва ин ҳаром аст. Баъзе олимон гуфтаанд ин ҳам яке аз анвои ширк аст, зеро тарк намудани амру наҳйеро, ки Худованд воҷиб гардонидааст, аз тарси мазаммати мардум ва ё тарки мадҳи онҳо ва ё ҳар гуна тавсифи мардум, ин маънои онро дорад, ки тарси мардумро аз тарси Худованд муқаддамтар гузоштааст ва ин ҳаром аст. Зеро ҳар чи ба ҳаром бурда расонад, он ҳаром аст.

Қисми сеюм хавфи табиие, ки иҷозат аст ва ин кори табиист, монанди хавф аз душман, дарранда, оташ, ҳама чизи зараровар ва ҳалокатовар ва...

Муҳаббату умед, хоҳишу рағбат ва хушӯъу таваккул аз анвоъи ибодат аст. Ва таваккул ин сидқан ҳама корҳоро ба Худо супорида, ба ӯ эътимод намудан ва дар баробари ин тамоми сабабҳоро истифода намудан, барои бартараф кардани зарар ва ҷалби манфиат аст. Худованд мефармояд: **«Шумо таваккул ба Худо кунед, агар имон дошта бошед»**

(сураи Моида, ояти 23). Боз мефармояд: **«Ва ҳар ки ба Худо таваккул намояд, Ӯ барояш кофист»** (сураи Талоқ, ояти 3).

Хушӯъ, ин дар назди Худо хорӣ ва сар хам карданро гӯянд, ба дараҷае, ки инсон барои ҳама талаботи дунявӣ ва ухравияш танҳо ба Худо таслим шавад. Худованд мефармояд:

فَٱسۡتَجَبۡنَا لَهُۥ وَوَهَبۡنَا لَهُۥ يَحۡيَىٰ وَأَصۡلَحۡنَا لَهُۥ زَوۡجَهُۥٓۚ إِنَّهُمۡ كَانُواْ يُسَٰرِعُونَ فِي ٱلۡخَيۡرَٰتِ وَيَدۡعُونَنَا رَغَبٗا وَرَهَبٗاۖ وَكَانُواْ لَنَا خَٰشِعِينَ ﴿٩٠﴾

**«Ҳамоно, онҳо барои анҷоми корҳои нек шитоб мекарданд ва моро бо тарсу рағбат мехонданд ва барои мо дар хушуъ буданд»** (сураи Анбиё, ояти 90).

Тарс ҳам як навъ ибодат аст, ки он тарсест бино бар илми яқин ба бузургии касе, ки аз ӯ метарсад ва ба ҳукмронии комил доштани Ӯ. Худованд чунин мефармояд: **«Шумо аз онҳо матарсед ва аз ман битарсед»** (сураи Бақара, ояти 150).

Инобат ҳам аз ҷумлаи ибодатҳо аст ва он бозгашт сӯи Худованд бо тоат ва дурӣ ҷустан аз маъситаш аст. Худованди мутаъол мефармояд: **«Ва ба сӯи Парвардигоратон бозгардед ва ба ӯ таслим шавед»** (сураи Зумар, ояти 54).

Истиъонат низ аз ҷумлаи ибодатҳост ва он талаби кӯмаку ёрист аз Худованд дар пешрафти корҳои дину дунё. Худованд мефармояд: **«Хос туро ибодат меунем ва хос аз ту ёрӣ талаб менамоем»** (сураи Фотеҳа, ояти 5). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар васияташ ба Ибни Аббос мефармоянд: *«Агар кӯмак талаб кардан бошӣ, аз Худо талаб кун»* (Ривояти Тирмизӣ).

Истиъоза ҳам аз ҷумлаи ибодот аст ва он паноҳ бурдан ва аз бадиҳо дар ҳимоя будан аст. Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Паноҳ мабарам ба Парвардигори субҳ. Аз бадии он чӣ офаридааст»** (сураи Фалақ, оятҳои 1-2). Худованд

мефармояд: **«Бигӯ: Паноҳ мебарам ба Парвардигори мардум. Подшоҳи мардум. Худои мардум»** (сураи Нос, оятҳои 1-3).

Ширк ду намуд мешавад: Ширки акбар, ки он аз дин берун мекунад ва соҳиби он ба таври ҷовидона дар оташ месӯзад ва Худованд ӯро аз ҷаннат маҳрум сохта аз раҳматаш дур мекунад. Ин намуд ширк вақте сурат мегирад, ки инсон дар ибодатҳояш рӯяшро тарафи ғайри Худованд кунад. Масалан мурдагон, ҷин, шайтонро дуо намояд, то ҳоҷаташро бароварда созанд ва мушкилашро осон ва ё ин, ки ба хотири шифои бемораш, ё дафъи балоҳо барои инҳо қурбонӣ намояд, ҳамчуноне, ки қавми Нӯҳ ин корро бо солеҳини худ мекарданд. Худованд мефармояд: **«Ва гуфтанд: Шумо ҳаргиз худоҳои худро тарк накунед ва ҳаргиз Вад, Суввоъ, Яғус, Яъуқ ва Насри худро тарк накунед»** (сураи Нӯҳ, ояти 23).

Дар саҳеҳи Бухорӣ аз забони Абдуллоҳ ибни Аббос омадааст, ки «Ин номбурдашудаҳо, ки дар оят омадааст, чанд марди солеҳе буданд аз қавми Нӯҳ. Вақте, ки онҳо аз дунё гузаштанд, шайтон ба назди қавми онҳо рафта, васваса намуд, то дар он маконе, ки ин мардони солеҳ буданд, ҳайкалҳо тарошанд ва бо номи он бузургон гузоранд ва онҳо чунин карданд. Вале касе онҳоро ибодат намекард, то ин ки инҳо ҳам ҳалок шуданд ва илм аз байн рафт, пас мардум онҳоро ибодат намуданд». Ибни Ҷарир аз Муҳаммад ибни Қайс чунин ривоят мекунад: Яғус, Яъуқ ва Наср мардони солеҳе буданд аз фарзандони ҳазрати Одам ва онҳо пайравони зиёде доштанд, ки ба онҳо иқтидо мекарданд. Вақте онҳо аз дунё гузаштанд, қавмашон гуфтанд, агар онҳоро сурат кунем, дар вақти ибодат шавқи мо бештар мегардад. Пас сурати онҳоро кашиданд ва вақте аз олам гузаштанд, яъне ин сураткашон ва дигарон омаданд, шайтон дар байнашон рахна намуда, ба онҳо гуфт. Пешиниён инҳоро мепарастиданд ва дар вақти хушксолӣ аз инҳо талаби борон мекарданд. Пас мардум онҳоро ибодат карданд.

Эй бандагони Худо! Ин навъ ибодати ғайри Худо дар қавми Нӯҳ дида мешуд ва пеш аз беъсати Паёмбарамон низ дар ҷоҳилон дида мешуд. Пас ин навъ ибодати ширкӣ аз байн рафт ва ибодати холис барои Худо боқӣ монд. Вале бо

мурури замон ва паст шудани илму дониши исломӣ ва пайравӣ аз шубаҳоту шаҳавот, ва бофтани ҳама намуд суханҳои дурӯғ бар Худованд, ҳамроҳ бо Худованд дигар маъбудҳоро ҳам ба парастидан шурӯъ карданд. Мардумеро мебинам, рӯй ба тарафи қабристонҳо карда, аз онҳо чизе металабанд, ки танҳо Худованд онро дода метавонад. Монанди шифои беморон, ёфтани чизи гумкарда, адои қарз, фарзанд таваллуд кардан. Онҳо ба гӯристонҳо рафта, бандчаҳо мебанданд, назрҳо мекунанд, аҷаб кори бадест ин коре, ки онҳо анҷом медиҳанд ва чӣ бад умедҳое доранд.

Оё инро намедонанд, ки мурдагон наметавонанд онҳоро шунаванд ва агар шунида тавонанд ҳам, ҷавоб дода наметавонанд. Худоё, моро ҳидоят намо ва дар динат устувор нигаҳ дор.

Намуди дуюми ширкро ширки асғар меноманд, монанди риёкорӣ, савганд хӯрдан ба ғайри номи Худо ва монанди каломи мардум, агар Худо хоҳад ва фалонӣ хоҳад, ё агар Худо ва ту намебудед ва монанди инҳо. Ин намуд ширк инсонро аз дин хориҷ накунад ҳам, гуноҳаш хеле вазнин аст ва оқибат инсонро ба ширки бузург бурда мерасонад.

Эй бандагони Худо! Агар хатари ширк чунин бошад, пас бояд мусалмонон онро хуб бишносанд, то аз он парҳез намоянд. Бояд ақидаи дурустро омӯзанд ва вайронкунандаи онро, ки ширк аст, хуб бидонад. Зеро касе, ки ширкро намедонад, мумкин аст гирифтори он гардад.

Амирулмӯъмин, ҳазрати Умар гуфта буд: Имкон дорад шохаҳои Ислом шоха-шоха кам шавад агар дар Ислом касоне бошанд, ки аз ҷоҳилият чизеро надонанд. Ҳузайфа ибни Ямон мегӯяд: Мардум ҳама Паёмбарро дар бораи некиҳо мепурсиданд, вале ман дар бораи бадиҳо мепурсидам. Ман аз он хавф доштам, ки мабодо дар бадӣ гирифтор нашавам. Чӣ гуна инсон наметарсад, ки мабодо дар ширк наяфтад, дар сурате, ки Иброҳими Халил аз он метарсид? Ӯ мегуфт: **«Ва ҳангоме, ки Иброҳим гуфт: Худоё, ин шаҳрро эмин нигоҳ дор ва маро бо фарзандонам аз ибодати бутон дур соз. Худоё, онҳо бисёре аз мардумонро гумроҳ сохтанд. Пас агар ҳар ки маро пайравӣ намуд, пас ӯ аз ман аст ва ҳар ки маро осӣ шуд, пас ту омӯрзандаи меҳрубонӣ»** (сураи Иброҳим, оятҳои 35-36). Бо вуҷуди он ки

Иброҳим (а) бутшикан буд, вале аз фитна метарсид ва мӯъмин ҳаргиз худро тазкия намедиҳад ва аз фитна набояд эмин нишинад. Ӯ ҳамеша мӯҳтоҷи он аст, ки Худованд дар роҳи ҳақ ӯро устувор нигоҳ дорад.

Чаро инсон набояд аз ширк битарсад, дар сурате, ки Паёмбарамон ба асҳобаш мегуфт: *«Албатта он чизеро, ки бештар барои шумо метарсам, он аст, ки дар ширки асғар гирифтор шавед. Гуфтанд эй Расули Худо, ширки асғар чист? Гуфт: Риё. Ҳангоме, ки дар рӯзи қиёмат Худованд мардумро ба сабаби аъмолашон мукофот медиҳад, ба онҳо мегӯяд, биравед ба сӯи он касе, ки дар дунё барояшон риё мекардед ва бингаред, оё назди онҳо мукофоте меёбед?»* (Ривояти Аҳмад). Шайх Абдураҳмон ибни Ҳасан мегӯяд: Агар ширки асғар барои асҳоби Паёмбар хатар дошта бошад, бо вуҷуди амалҳои бузург ва имони қавияшон, пас чӣ гуна он касоне, ки аз асҳоб дар илму имон чанд маротиб камтаранд, натарсанд.

Эй бандагони Худо! Чӣ гуна аз воқеъ шудан дар ширк натарсем, дар сурате, ки бисёре аз мусалмонони имрӯза гирифтори он гаштаанд? Мебинем, онҳо бо тамоми санъаташ ба он даст задаанд, хусусан дар назди қабристонҳо, ки қуббаҳо сохта, дар назди онҳо сандуқҳоро барои ҷавъоварии назрҳо овезон намудаанд. Он мазорҳоро чунон намудаанд, ки дар атрофи он тавоф карда, ба дару девори он дасту рӯи худро мемоланд ва аз асҳоби он мазорҳо кӯмаку мадад талаб менамоянд ва онҳоро дар назди Худо васила қарор додаанд. Бо вуҷуди ин амалашон онҳо чун мушрикини даврони ҷоҳилият чунин далел мекунанд:

أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلۡخَالِصُۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ مَا نَعۡبُدُهُمۡ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلۡفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ فِي مَا هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ كَٰذِبٞ كَفَّارٞ ﴿٣﴾

**«Ва мо инҳоро ибодат намекунем, магар барои он ки онҳо моро ба Худо наздик намоянд»** (сураи Зумар, ояти 3).

Дар Саҳеҳайн аз ҳазрати Оиша омадааст *«Умми Салама дар назди Паёмбар дар бораи калисое нақл мекард, ки дар Ҳабашистон дида буд, ки дар он суратҳо овезон буданд. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Онҳо чунон буданд, ки чун марди солеҳ, ё бандаи солеҳе аз онҳо мемурд дар болои қабраш масҷид месохтанд ва суратҳо мекашиданд ва ононанд бадтарин халқи Худо»*.

Пас шумо эй бандагони Худо аз Худо битарсед ва аз ӯ бихоҳед то тавфиқи ҳақшиносӣ ва амали ба онро ато намояд.

رَبَّنَا لَا تُزِغۡ قُلُوبَنَا بَعۡدَ إِذۡ هَدَيۡتَنَا وَهَبۡ لَنَا مِن لَّدُنكَ رَحۡمَةًۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡوَهَّابُ ٨

**«Худовандо, дилҳои моро каҷ макун баъди он ки ҳидоятамон намудӣ ва барои мо аз назди худ раҳмат бифирист албатта ту атокунандаӣ»** (сураи Оли Имрон, ояти 8).

Суханамро дар инҷо ба поён расонида барои худам ва барои шумо аз даргоҳи Худованд аз тамоми гуноҳҳо омӯрзиш мехоҳам.

# ҲУШДОР ДОДАН АЗ ШИРК

## Хутбаи дуюм

Сипосу ситоиш танҳо барои Худованд аст, ки тамоми гуноҳонро ба ҷуз ширк мағфират менамояд. Салоту салом бар раҳмати ҳидоятгар ва неъмати бузург, ки умматонашро аз ҳама бештар аз ширк ҳушдор медод. Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Ширк тамоми амалҳоро табоҳ мекунад, агарчӣ он амалҳо бузург бошанд.

وَقَدِمْنَآ إِلَىٰ مَا عَمِلُواْ مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَٰهُ هَبَآءً مَّنثُورًا ﴿٢٣﴾

**«Чун ба амалҳои анҷомдодаи онҳо бипардозем, онро монанди ғуборе парешон мекунем»** (сураи Фурқон, ояти 23). Ширк сабабгори асосии дар дӯзах ҷовидон мондан аст. Бо анҷом додани ширк молу ҷони кас мубоҳ мегардад ва ӯ бар сари худ ситам мекунад, на аз Худованд ёрие мебинад ва на Худо рӯзи қиёмат ба сӯяш назар мекунад ва на гуноҳонашро мебахшад ва на шафоати касеро барояш қабул мекунад.

Муҳаммад ибни Мукрим мегӯяд: Худоё, мо аз ту тавҳиди дуруст ва ихлос дар имонро металабем. Ба ҳоли онҳо бингар, на тавофашон ба онҳо фоида медиҳад, на талбиягӯияшон. Онҳое, ки ба бутҳои худ рӯ оварда, онҳоро шарики Худо қарор додаанд, ҳатто агар Худоро ҳам дуо кунанд, барояшон фоида надорад ва дигар ҳарчанд назди Худо узрхоҳӣ намоянд, суде ба даст намеоранд. Худованд аз забони онҳо ҳикоят мекунад **«Ва мо инҳоро намепарастем, магар барои он ки онҳо моро ба Худо наздик намоянд»** (сураи Зумар, ояти 3).

Эй бародари мусалмон! Бикӯш, то аз ҷумлаи касоне бошӣ, ки дар рӯзи қиёмат зери дуои Паёмбарамон наҷот ёбӣ. Ӯ фармуд: **«Ҳар Паёмбар як дуое дорад, ки мустаҷоб аст ва ҳамаи паёмбарон он дуои худро дар дунё талаб намуда буданд. Ман бошам, он дуои мустаҷоби худро барои умматонам ба рӯзи қиёмат во гузоштаам ва он бо хости Худо анҷом хоҳад ёфт. Он барои ҳар уммати ман аст, ки аз дунё**

**даргузашта, вале ба Худо чизеро шарик наоварда бошад».** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат ато фармо, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат ато фармудаӣ. Ҳамоно, Ту сутудашуда ва бузургӣ. Худоё, аз тамоми саҳобагон ва хонадони Паёмбару ҳамсаронаш розӣ бош.

Худоё, тамоми занону мардони мӯъминро мағфират намо. Худоё, корҳоямонро осон ва синаҳоямонро бигушо ва поёни корамонро бо корҳои наку хотима деҳ.

Худоё, ба мо дар анҷом додани корҳои неку тарк намудани бадиҳо кӯмак намо.

Худоё, ба шайтон бар мо ва ба муқобили мо роҳ мадеҳ.

Худоё, ба заифии мо раҳм намо ва шакастагиямоно ҷуброн кун ва гуноҳҳоямонро мағфират намуда, айбҳоямонро бипӯшон.

Худоё, Қуръони бузургро баҳори дил, нури сина ва андӯҳзудои мо гардон.

Худоё, дар адои қарз кӯмакамон намо ва моро аз ҷумлаи зоҳидон гардон.

Худоё, ба падарону бобоҳоямон мағфират намо. Худоё, ба онҳо раҳм намо ва бо биҳиштат, ки ҷои накӯст, икромашон кун.

Худоё, ҷавонписарону ҷавондухтарони мусалмонро ба ислоҳ ор. Худоё, онҳоро ба сӯи дини худ ба нармӣ бозгардон.

Худоё, ҳар он чӣ пеш фиристодем, ё таъхир намудем ва ё ошкору ниҳон кардем моро афв кун. Худоё, агар ба фаромӯшӣ ва аз рӯи иштибоҳ кореро анҷом додем моро азоб мадеҳ. Худоё, вазифаи сангине бар мо қарор мадеҳ. Ончунон, ки бар пешиниён қарор додӣ. Ҳамоно, Ту омӯрзандаи меҳрубонӣ.

# МУҲАББАТИ ХУДО ВА РАСУЛИ ХУДО

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро бинобар фазлу эҳсонаш. Тамоми неъматҳои зоҳирӣ ва ботиниро ба мо бахшида. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристодааст, то динашро бар ҳама динҳо ғолиб намояд. Ба ҳамин тариқ, ҳуҷҷаташро комил намуда, неъматашро пурра кардааст. Салавоту саломи Худованд бар Ӯ ва бар ҳамаи асҳобаш.

Аммо баъд... эй мардум! Аз Худо битарсед ва ба умеди савобаш ва тарс аз иқобаш Ӯро итоат намоед. Ӯст Худованде, ки дилҳо ба сӯяш майл мекунанд ва Ӯро бо муҳаббату бузурги мепарастанд. Дилҳо ҳамеша майл ба муҳаббати касе доранд, ки ба Ӯ некӣ карда бошад. Пас ин ҳама неъматҳо ва накуиҳо аз Худованди карим аст, чунончи Ӯ мефармояд **«Ва ҳар неъмате, ки болои шумост, аз Худованд мебошад»** (сураи Наҳл, ояти 53).

Барои ҳар банда зарур аст, то Ӯро бо мунтаҳои муҳаббат дӯст дорад ва Ӯро ба танҳоӣ ва бидуни шарик ибодат намояд. Худовандро дӯст доштани банда чанд аломат дорад, ки далолат бар он мекунад. Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Агар шумо Худовандро дӯст доред, пас маро пайравӣ кунед, Худованд шуморо дӯст дошта, гуноҳҳои шуморо омӯрзиш менамояд»** (сураи Оли Имрон, ояти 31).

Пас яке аз аломатҳои муҳаббати Худо он аст, ки банда пайрави Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буда, ҳар чӣ Ӯ фармуда, иҷро намояд ва аз он чӣ манъ кардааст, дурӣ ҷӯяд. Худованд мефармояд: **“Бигӯ: Агар шумо Худовандро дӯст доред, пас маро пайравӣ кунед»** (сураи Оли Имрон, ояти 31).

Аммо касоне, ки даъвои муҳаббати Худоро намуда, бо Паёмбар мухолифат меварзанд, дар даъвояшон дурӯғгӯ мебошанд. Баъзе аз аҳли салаф гуфтаанд: Баъзе мардумон даъвои муҳаббати Худоро намуданд, пас Худованд ин ояро

нозил кард: **«Бигӯ: Агар шумо Худовандро дӯст доред, пас маро пайравӣ кунед, Худованд шуморо дӯст дошта, гуноҳҳои Шуморо омӯрзиш менамояд»** (сураи Оли Имрон, ояти 31).

Эй бандагони Худо! Дар ин ояи карима як шарт ва як нишона аст, ки ба унвони далели қотеъ барои даъвои касест, ки даъво мекунад, ки ӯ Худоро дӯст медорад. Ва он шарт пайравӣ намудан аст аз Паёмбари бузургвор. **«Бигӯ: Агар шумо Худовандро дӯст доред, пас маро пайравӣ кунед»** (сураи Оли Имрон, ояти 31). Пас пайравӣ танҳо бо забон сурат намегирад, балки он итоати авомир, дурӣ аз навоҳӣ ва дар ҳама чиз Паёмбарро улгу қарор додан аст. Агар чунин бошад, базудӣ самараи хуб ва аҷри бузургро ба бор меоварад, ки он муҳаббати Худованд ва дастёбӣ ба мағфирати Ӯст. **«Худованд шуморо дӯст дошта, гуноҳҳои шуморо омӯрзиш менамояд»** (сураи Оли Имрон, ояти 31). Худованд мефармояд:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ يُجَٰهِدُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوۡمَةَ لَآئِمٖۚ ذَٰلِكَ فَضۡلُ ٱللَّهِ يُؤۡتِيهِ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ٥٤

**«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар касе, ки аз шумоён аз динаш баргардад, пас Худованд қавми дигареро меорад, ки онҳоро дӯст медорад ва онҳо низ ӯро дӯст медоранд. Онҳо дар баробари мӯъминон ботавозӯъанд ва дар баробари кофирон азиз. Дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд ва ҳаргиз аз маломати маломаткунандагон намеҳаросанд»** (сураи Моида, ояти 54). Худованд дар ин оят зикр намуд, ки муҳаббати Худованд чор нишона дорад:

**Якум:** Дар баробари мусалмонон бояд ботавозӯъ бошад, ба ин маъно, ки ба онҳо меҳрубон буда раҳми онҳоро бихӯрад ва кӯмакашон намояд.

**Дуюм:** Дар баробари кофирон бояд азиз бошад, яъне онҳоро бад бинад, ба онҳо сар хам накунад, ҳамчуноне, ки Худованд фармудааст: **«Бо кофирон сахтгиру дар байни худ меҳрубонанд»** (сураи Фатҳ, ояти 29). Вале агар он кофир барояш падар, модар, бародар, хоҳар ва ё ҳамсар бошад, бояд дар дунё бо эшон муомилаи нек дошта бошад ва бо онҳо нарм сухан кунад ва ёрияшон диҳад ва ҳамеша ба сӯи Ислом бо нармӣ ва ширинӣ даъваташон намояд, то замоне, ки онҳо ба маъсият даъват накунанд.

**Сеюм:** Дар роҳи Худо бо ҷону молу забону дилаш ҷиҳод намояд.

**Чорум:** Дар роҳи Худо аз маломат наҳаросад. Яъне маломати мардум дар ҷиҳоди роҳи Худо ва амри маъруфу наҳй мункар таъсир нарасонад ва ба сабаби маломати мардум ин корҳоро тарк накунад.

Аз ҷумлаи содиқ будан дар даъвои муҳаббати Худо ин аст, ки он чизеро, ки Худованд дӯст медорад, бар хоҳишоти нафсаш муқаддам дорад. Дигар ҳама чиз, хоҳишоти худ, хешу таборӣ, ватан, мол ва мансаб баъди ризои Худо бошад. Худованд мефармояд:

قُلْ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمْ وَأَبْنَآؤُكُمْ وَإِخْوَٰنُكُمْ وَأَزْوَٰجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَٰلٌ ٱقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَـٰرَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَـٰكِنُ تَرْضَوْنَهَآ أَحَبَّ إِلَيْكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٍ فِى سَبِيلِهِۦ فَتَرَبَّصُوا۟ حَتَّىٰ يَأْتِىَ ٱللَّهُ بِأَمْرِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْفَـٰسِقِينَ ﴿٢٤﴾

**«Бигӯ: Агар падарон, фарзандон, бародарон, ҳамсарон, хешовендони шумо, молҳои ба даст овардаатон, тиҷорате, ки аз касоди он бим доред, хонаҳои дилхоҳатон барои шумо аз Худо, Паёмбараш ва ҷиҳоди дар роҳи Ӯ маҳбубтар бошад, пас шумо мунтазир бошед, то Худо дастури хешро оварад. Ва**

**Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад**.» (сураи Тавба, ояти 24).

Худованд дар ин оят ба Паёмбараш амр мекунад, ки ба пайравонаш расонад, ки ҳар ки ин ҳашт чизро яъне падар, писар, бародар, ҳамсар, хешовандон, молҳо, савдо, хонаро бар муҳаббати Худо ва он чӣ фармудааст монанди ҷиҳод, ҳиърат ва ғайра тақдим кунад, сазои сахте мунтазир аст. Ибни Касир дар тафсири ин оят мегӯяд: Агар ин ҳама чизҳои номбурда **«Барои шумо аз Худо, Паёмбараш ва ҷиҳоди дар роҳи Ӯ маҳбубтар бошад, пас шумо мунтазир бошед»**. Яъне мунтазири он бошед, ки чӣ азобе бар сари шумо меояд.

Шайх Ибни Саъдӣ (р) мегӯяд: Бояд муҳаббати Худо ва Расули Ӯ бар ҳама чиз муқаддам бошад агарчи дар оят зикри он наомада бошад. Худованд мегӯяд: «**Бигӯ: Агар падарони шумо**» ва ҳамчунин модарон. «**Ва фарзандону бародарони шумо**». Бародарони насабӣ ва бародари ҳамзистӣ. «**Ва ҳамсарону хешовандони шумо**». Ҳамаи хешовандон ҳам аз тарафи модарӣ ва ҳам падарӣ. «**Ва молҳои ба даст овардаатон**». Молҳое, ки ба заҳмати зиёд ба даст овардаед. Ин намуд молро барои он зикр намуд, ки соҳибаш хеле сахт нигоҳаш медорад ва дӯсташ медорад, вагарна мурод тамоми мол аст.

«**Ва тиҷорате, ки аз касоди он бим доред**». Яъне аз арзон шудан ва ё муфлис шудан бим доред. Ин тамоми намуди тиҷоратро дар бар мегирад, пул, асбобҳо, силоҳҳо, матоъҳо, ҳосилот, замин, чорво ва ғайраро. «**Ва хонаҳои дилхоҳатон**» бо тамоми нақшу нигор ва зебу зинат ва оройю тороишҳояш. Агар ин ҳама ашё «**Барои шумо аз Худо, Паёмбараш ва ҷиҳоди дар роҳи Ӯ маҳбубтар бошад»,** пас шумо фосиқ ва золимед. «**Пас шумо мунтазир**», яъне дар интизори гирифторӣ ба азоб бошед. «**То Худо дастури хешро оварад**», ки онро касе қафо гардонида наметавонад. «**Ва Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад**», яъне он касонеро, ки аз итоати ӯ берун шудаанд ва ба ҷои муҳаббати Худованд чизҳои дигареро дӯсттар доштаанд.

Ин ояти карима аз бузургтарин далел аст бар воҷиб будани муҳаббати Худо ва Расулаш ва муҳаббати ин дуро бар тамоми чизҳои дигар муқаддам доштан. Ҳамчунин ин

оят далел бар он мешавад, ки ҳар ки бар болои муҳаббати Худо ва Расулаш ва ҷиҳоди роҳи Худо муҳаббати чизи дигареро дар дилаш бештар ҷой диҳад, гирифтори азоби сахте хоҳад гашт.

Ва аломати он чунин аст: Вақте ки дар пеши инсон ду кор бошад, ки якеи онҳоро Худо ва Паёмбараш дӯст медорад, вале нафсаш намехоҳад ва кори дигарашро нафсаш хеле дӯст медорад, вале мавриди муҳаббати Худо нест. Пас агар кореро, ки Худо ва Паёмбараш дӯст медорад анҷом дод, чӣ хуб бандаест, вале агар кори худ мехостаро анҷом дод, чунин банда золим буда, вазифаи худро анҷом надодааст.

Эй бандагони Худо! Ба ҳоли ҳамарӯзаи худ ва ҳоли бандагони воқеии Худованд андеша кунед. Бисёре аз моён хоҳишоти нафси худро бар тоати Парвардигорат муқаддам медорад. Агар дар масҷид азон дода шавад хоб, роҳат ва бозиро ихтиёр мекунаду ба масҷид намеравад ва ба даъвати муаззинро иҷобат намекунад. Баръакс даъвати шайтон, хоҳишот ва нафсашро мепазирад. Агар ба намоз даъват кунанду ӯ дар дӯкон ва ё корхонааш бошад, талаби дунёро бар талаби охират муқаддам мегузорад. Ӯ бо анҷом додани амали дунявӣ руй ба хариду фурӯши дунё оварда, ба намоз, ки кори охират аст намешитобад. Ва аз фармони Парвардигораш саркашӣ мекунад, ки гуфтааст:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِىَ لِلصَّلَوٰةِ مِن يَوْمِ ٱلْجُمُعَةِ فَٱسْعَوْاْ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ ٱلْبَيْعَ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٩﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, чун рӯзи ҷумъа ба намоз даъват намоянд, ба сӯи зикри Худо бишитобед ва савдои хешро қатъ намоед, ин барои шумо беҳтар аст агар бидонед.»** (*сураи Ҷумъа, ояти 9*).

Ӯ мешунаваду иҷро намекунад. Ва боз гуфта: **«Онро нур дар хонаҳое аст, ки Худованд дастур додааст, ки номаш дар**

**он ҷо баланд шавад ва субҳу шом дар он барояш тасбеҳ гӯянд. Мардоне, ки хариду фурӯш онҳоро аз ёди Худо ва барпо доштани намоз ва адои закот ғофилшон намекунад. Онҳо аз рӯзе дар ҳаросанд, ки синаҳо ва чашмҳо бетоб мешаванд»** (сураи Нур, оятҳои 36-37).

Тоҷире, ки молро бо роҳҳои ҳаром монанди рибо, пора ва фиреб ба даст меорад, муҳаббати молро аз муҳаббати Худованд ҳам болоатр медонад. Ҳамчунин бахиле, ки ҳаққи воҷибии худро монанди закоту нафақаи дар роҳи Худо адо намекунад. Онҳо ин сухани Худовандро фаромӯш кардаанд, ки фармудааст: **«Ҳаргиз гумон набаранд ононе, ки ба он чӣ Худованд ба онҳо додааст, бахилӣ мекунанд, ин кор барояшон хуб аст. Балки ин кор барояшон хеле бад аст. Он чизеро, ки бахилӣ кардаанд, рӯзи қиёмат дар гарданашон овезон карда мешавад. Мероси замину осмонҳо барои Худованд аст. Ва Худованд ба он чӣ мекунед, хабардор аст»** (сураи Оли Имрон, ояти 180).

Падар бояд фарзандони худро ба хондани намоз ва масҷид рафтан амр кунад, чунончи Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед худ ва хонадони худро аз оташе ҳифз намоед, ки ҳезумаш одамизод ва сангҳост»** (сураи Таҳрим, ояти 6). Паёмбар низ дар ин маврид фармудаанд: *«Шумо фарзандони худро дар ҳафтсолагӣ ба намоз хондан фармон диҳед ва дар даҳсолагӣ онҳоро барои намоз бизанед»* (Ривояти Абудовуд). Вале агар инсон ба ин амри илоҳӣ парво накунад ва фарзандони худро бе тарбия дар хона бимонад, ки на намозро бихонанд ва на масҷидро дида бошанд, чунин инсон фарзандони худро аз Худо ва Паёмбар бештар дӯст медорад. Ӯ намехоҳад барои намоз фарзандонашро бизанад ва ё озор диҳад, агарчӣ онҳо Парварлигорро осӣ шаванд ва вазифаи худро иҷро накунанд. Пас, маълум мешавад, ки муҳаббати фарзандон барояш авлотар аст аз муҳаббати Худо ва фарзандро ба ғазаб наовардан барояш авлотар аст аз Худоро ба ғазаб наовардан. Ва илло кор тамоман ранги дигар мегирифт.

Шумо ба қиссаи Иброҳими Халил (а) бингаред! Вақте Худованд ба ӯ амр намуд, то фарзандашро, ки дар пирияш ёфта буд, қурбонӣ кунад, ӯ зуд ба итоати ин амри илоҳӣ шитофт ва муҳаббати Худоро аз муҳаббати фарзандаш

бартар шуморид. Вақте нияти холис ва муҳаббати содиқонааш нисбат ба Парвардгораш зоҳир шуд, Худованд ӯро амр намуд, то аз забҳи фарзандаш даст кашад ва гӯсфандеро ба ҷояш фидо намуд ва ба ӯ муждаи нав дод, ки боз фарзанде ба ту медиҳам, ки номаш Исҳоқ аст ва аз насли ӯ Яъқуб ба дунё меояд. Иброҳим (а) ин ҳамаро ба баракати муҳаббати Худо ба даст овард.

Эй бандагони Худо! Ҳамчуноне, ки муҳаббати Худо воҷиб аст, муҳаббати Паёмбари Худо низ воҷиб аст ва ин ду бо ҳам мулозим мебошанд. Аз Анас ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Имон намеорад яке аз шумоён, то ин ки ман барои ӯ аз молу падару модар ва тамоми мардум маҳбубтар набошем»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Имом Бухорӣ аз Ҳзрати Умар чунин ривоят мекунад, ки ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтам: Дар ҳақиқат ту барои ман аз ҳама чиз маҳбубтарӣ, магар аз ҷонам. Паёмбар гуфт: *«Чунин намешавад. Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, то ин, ки ман бароят аз ҷонат ҳам азизтар набошам»* Пас Умар гуфт: Акнун аз ҷонам ҳам азизтарӣ. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: *«Акнун эй Умар»*. Паёмбаре, ки моро ба накуиҳо далолат намуда, роҳҳои наҷоту ҷодаҳои саодатро омӯзонид ва аз бадию ҳалокат ҳушдорамон дод ва сабаби ҳидояти мо гардид, бояд аз ҳама бештар дӯсташ дорем. Маънои муҳабаташ ин итоат ва пайравӣ аз Ӯст. Ҳар ки даъвои муҳаббати Ӯро намуда, аз Ӯ пайравӣ накунад ва ё парвои суннатҳояш надошта бошад ва аз бидъатҳо даст накашад, дар ин даъвояш дурӯғгӯст. Зеро тақозои муҳаббат на ин аст. Худованд мефармояд:

وَإِذَا حَضَرَ ٱلْقِسْمَةَ أُو۟لُوا۟ ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَـٰمَىٰ وَٱلْمَسَـٰكِينُ

فَٱرْزُقُوهُم مِّنْهُ وَقُولُوا۟ لَهُمْ قَوْلًا مَّعْرُوفًا ﴿٨﴾

**«Ҳар ки Паёмбарро итоат намояд, Худоро итоат кардааст ва ҳар ки рӯй гардонад, мо туро нигоҳбони ӯ нафиристодаем”** (сураи Нисо, ояти 8).

Аз ҷумлаи аломатҳо дӯст доштани банда Худо ва Расулашро ин аст, ки ҳар киро, ки Худо ва Расул дӯст доранд, ту ҳам дӯст дорӣ. Худованд накӯкорон, муттақиён, тавбакорон ва поконро дӯст медорад ва ҳамчунин, агар мо Қуръонро варақ занем онро пур аз зикри мӯъминоне, меёбем, ки Худованд онҳо ва аъмоли онҳоро дӯст медорад. Дар Саҳеҳайн аз ҳазрати Анас ривоят шадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: *«Се чизест, ки дар ҳар касе, ки дида шавад лаззати имонро мечашад. Ин ки Худо ва Паёмбараш барояш аз ҳама чиз маҳбубтар бошад. Ин ки касеро агар дӯст дорад, танҳо ба хотири Худо дӯст дорад. Ин ки ба куфр бозгаштанро чунон бад бинад, ки дар оташ андохтанр бад мебинад».*

Ибни Аббос мегӯяд: «*Ҳар ки барои Худо дӯст дорад ва барои Худо бад бинад ва барои Худо душманӣ кунад, пас сазовори дӯстии Худо мегардад. Банда лаззати имонро намечашад агарчи намозу рӯзааш зиёд бошад, то ин, ки чунин набошад. Ҳоло аксари дӯстии мардум барои дунё шудааст, ки ин ба дардашон ҳаргиз намехӯрад»* (Ривояти Ибни Ҷарир).

Аз ҷумлаи дӯстии мӯъминон он аст, ки ба онҳо ёрӣ диҳем ва бо ҷону моламон кӯмакашон намуда, дар ғаму андӯҳашон шарик бошем. Барои мусалмонон он чизеро бихоҳем, ки барои худ мехоҳем. Дар баробари онҳо вазифаи инсонии худ, монанди хабар гирифтани бемор, иштирок дар ҷаноза, меҳрубонӣ ба онҳо, дуо ва талаби омӯрзиш намудан барои онҳо, салом додан ва монанди инҳоро иҷро кардан. Ҳамчунин хиёнат накардан дар муомала, ба ботил нахӯрдани молашон, таҷассус, хабаркашӣ накардан, аз тӯҳмат ва фиреби онҳо даст кашидан аст. Бояд бо ҷамоати мусалмонон бипайвандем, аз тафриқа ва парокандагӣ дур бошем, бо ҳам накӯкору мададгор бошем ва ҳамеша ҳамдигарро васияту насиҳат намоем.

Аз ҷумлаи бадибнии душманони Худо он аст, ки дар корҳои хусусияшон дар дин ва дунё аз онҳо пайравӣ накунем, монанди ибодатҳои махсус ва ё тариқаи либосу хӯроки махсус. Ин кор набояд дар байни мусалмонон паҳн шавад, зеро боиси он мегардад, ки дар ботин як намуд муҳаббат иҷод шавад ва муҳаббат дар ботин бошад, оҳиста-оҳиста ба муҳаббати зоҳирӣ монанд мешавад. Мусалмон

бояд ба кӯмаки кофирон нашитобад, онҳоро мадҳ накунад, аз мусалмонон бартарашон нашуморад ва бар алайҳи мусалмон ёриашон надиҳад ва дар нишоту хурсандияшон бо онҳо шарик набошад ва дар ин рӯзҳо табрикашон накунад. Онҳоро набояд гиромӣ дошт ва бо лафзҳои монанди ҷаноб, сайид, мавло хитоб намояд.

Агар касе чунин кунад, Худованд дӯсти ӯ мегардад. Худованд мефармояд:

ٱللَّهُ وَلِيُّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يُخۡرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَوۡلِيَآؤُهُمُ ٱلطَّٰغُوتُ يُخۡرِجُونَهُم مِّنَ ٱلنُّورِ إِلَى ٱلظُّلُمَٰتِۗ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٢٥٧

**«Худованд дӯсти касонест, ки имон овардаанд. Онҳоро аз торикӣ ба рушноӣ мебарад. Ва касоне, ки кофир шудаанд, дӯстонашон шайтонҳост, ки аз рушноӣ онҳоро ба торикӣ мекашонанд. Онҳо асҳоби оташ буда дар он ҷовидон хоҳанд монд»** (сураи Бақара, ояти 257).

Худоё, агар нусёне намудем, ё хатое рафт, моро муохаза макун.

# МУҲАББАТИ ХУДО ВА РАСУЛАШ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардгори оламиёнро, ки ҳар киро хоҳад, ба имонаш миннат мениҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи Худо бар Ӯ ва ҳамаи хонадону ёронаш то рӯзи қиёмат бод.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованди таоло битарсед ва дониста бошед, ки аломати муҳаббати Худо он аст, ки ҳар кас, ҳар коре ва ҳар қавлеро, ки Худованд бад мебинад, бад бинад. Худованд мефармояд:

وَلَا تُصَعِّرْ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمْشِ فِي ٱلْأَرْضِ مَرَحًا ۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُورٍ ﴿١٨﴾

**«Худованд худписандони фахркунандаро дӯст намедорад»** (сураи Луқмон, ояти 18).

Ҷои дигар мефармояд:

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَيُوَفِّيهِمْ أُجُورَهُمْ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٧﴾

**«Ва Худованд золимонро дӯст намедорад»** (сураи Оли Имрон, ояти 57).

Ҳамчунин мефармояд:

وَإِذَا تَوَلَّىٰ سَعَىٰ فِي ٱلْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا وَيُهْلِكَ ٱلْحَرْثَ وَٱلنَّسْلَ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلْفَسَادَ ﴿٢٠٥﴾

**«Ва чун аз пеши ту биравад, мекӯшад, то дар замин фасод кунад ва зироату наслҳоро табоҳ созад. Ва Худованд фасодро дӯст намедорад»** (сураи Бақара, ояти 205)

Пас мӯъмин бояд ҳар чизеро, ки Худованд бад мебинад, бад бинад. Худованд фармудааст: **«Эё касоне, ки имон овардаед душманони ман ва душманони худро дӯст магиред»** (сураи Мумтаҳина, ояти 1). Боз мефармояд: **«Ту қавмеро намеёбӣ, ки ба Худо ва рӯзи охират имон оварда бошанду касонеро, ки бо Худо ва Паёмбараш душмананд, дӯст гиранд, агарчи онҳо падарон, писарон, бародарон ва ё хешонашон бошанд»** (сураи Муҷодала, ояти 22).

Худованди субҳон дар ин оят ба бад дидани душманони Худо амр намудааст. Онҳоеро, ки гирфтори ғазаби Худованд қарор гирифтаанд, монанди кофирону мунофиқону мутакаббирон, агарчӣ онон бо мо наздиктарин нафарон бошанд. Ҳамчунин Худованд фармудааст, то тамоми исёнро ба монанди куфр, фосиқӣ ва гуноҳ бад бинем, зеро Худованд ин ҳамаро бад мебинад. Инсон бояд ба куфр баргаштанро чунон бад бинад, мисле ки дар оташ даромаданро бад мебинад. Баъзеҳо гуфтаанд: Бидонед, ҳар муҳаббате, ки бар асоси маъсияти Худованд бунёд шуда бошад, дар рӯзи қиёмат ба душманӣ мубаддал мегардад.

Худованд мефармояд: **«Дӯстон дар он рӯз бо ҳам душмананд, магар муттақиён»** (сураи Зухруф, ояти 67).

Боз мефармояд: **«Ва рӯзе, ки инсон дастони худро мегазад ва мегӯяд, кошкӣ ҳамроҳи Паёмбар роҳро ихтиёр мекардам. Эй вой бар ман, кошкӣ фалониро дӯст намегирифтам. Дар ҳақиқат, ӯ маро аз роҳ дур кард, баъди он ки онро ёфта будам. Ва шайтон барои инсон хоркунанда аст»** (сураи Фурқон, оятҳои 27-29).

Ҳамчунин мефармояд: **«Ва гуфт: Дарвоқеъ шумо ба ҷои Худованд дар дунё бутҳоро ихтиёр намудед, ки байнатон муҳаббат иҷод шуд. Пас рӯзи қиёмат шумо ба якдигар кофир шуда, ҳамдигарро лаънат мекунед»** (сураи Анкабут, ояти 25).

Пас, шумо аз Худо битарсед ва бингаред, ки киро дӯст медоред ва бо кӣ рафиқӣ мекунед. Зеро инсон дар рӯзи қиёмат бо он касе мебошад, ки дӯсташ медошт. Аллома Шамсиддин Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абубакр мегӯяд:

Сабабҳое, ки муҳаббати Худовандро ҷалб мекунад, даҳ чиз аст:

1. **Хондани Қуръони карим ва андеша дар оёти он;**
2. **Ба Худованд наздикӣ намудан бо хондани намозҳои нафлӣ баъди намозҳои фарзӣ;**
3. **Дар ҳама ҳолат Худовандро ба дилу забону амал ёд кардан;**
4. **Ихтиёр намудани чизҳое, ки Худованд онҳоро дӯст медорад бар он чӣ нафс дӯст медорад;**
5. **Дар номҳо ва сифоти Худованд андешидан. Зеро касе Худовандро бо номҳо ва сифоташ мешиносад, албатта ӯро дӯст медорад;**
6. **Дар мавриди неъматҳои додаи Худованд андешидан, зеро андешаи неъматҳо инсонро бо Парвардгораш бештар ошно месозад;**
7. **Худро дар пешгоҳи Худованди карим шикаста гирифтан;**
8. **Бо Худованд ҳар чӣ бештар хилват намудан. Яъне сарвақти нузули илоҳӣ барои муноҷот кардан, бештар ба тиловати каломи Худо машғул шудан ва намозҳоро дар сеюмин ҳиссаи шаб хондан ва дар охир ба истиғфор хатм намудан;**
9. **Бо мардуми солеҳ ва касоне, ки Худоро аз сидқ дӯст медоранд, ҳамнишинӣ ва аз ишон пайравӣ намудан;**
10. **Дурӣ ҷустан аз тамоми чизҳое, ки дар байни қалби инсон ва Худованд монеъ мешаванд.**

Шумо барои ба даст овардани муҳаббати Худованд ин сабабҳоро бигиреду аз зидди ин сабабҳо дурӣ ҷӯед.

Шумо, ҳамагон ба Муҳаммад Писари Абдуллоҳ салавот бифиристед. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидини ҳидоят ёфта Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, ки модарони мӯъминонанд ва ҳамаи саҳобагон ва тобиъин розӣ бош.

Худовандо, кори ин умматро дуруст намо, то дар он мутеъонат азизу осиёнат хору залил гарданд ва дар он амри маъруфу наҳйи мункар карда шавад.

Худовандо, мардону занони мӯъмину мусалмонро биомӯрз.

Худовандо, Ислом ва муслиминро пирӯз гардон. Худовандо, аз сари уммати Муҳаммад тамоми офатҳою балоҳо ва хунрезиро дур кун. Худовандо, ба ҳолашон раҳм намо. Худовандо, ба ҳолашон раҳм намо. Худовандо, ба ҳолашон раҳм намо.

Худовандо, шикастагияшонро ҷуброн кун. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш ва асиронро раҳо кун. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худовандо, он рӯз, ки дар пеши рӯи ту қарор мегирем, ба ҳоламон раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро бо ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат бозгардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, шаҳватҳо, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо ҳамроҳ бошу бар алайҳи мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои накӯ зинат деҳ эй Мавлои бар ҳаққ ва парвардигори оламин. Ҳамоно, ки ту бар ҳама чиз қодирӣ.

# ВУҶУБИ ИБОДАТИ ХУДО ВА МАЪНОИ ОН

## Хутбаи аввал

Сипосу ситоиш Парвардигори оламиёнро, ки халқро барои ибодаташ офарида, ба тавҳид ва тоаташ амр намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки аз ҳама бештар Худоро мепарастид ва бештар аз ҳама худотарс буд. Ӯ ба сӯи Парвардигор даъват мекард ва дар роҳи Худо ба таври комил кӯшиш намуд ва дар намоз бар пойҳои муборакаш то ҷое рост меистод, ки пойҳояш варам мекарданд. Салавоту саломи Худованд бар Ӯ ва олу асҳобаш бод ва бар ҳар кӣ тибқи ҳидояташ роҳи ӯро идома диҳад.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худои мутаъол битарсед ва ба ёд оред, ки чаро шуморо офаридааст ва чӣ дастуроте бароятон дода. Шумо барои ибодати Худо офарида шудаед ва ба ин кор маъмуред. Худованд мефармояд: **«Ман ҷин ва инсро наофаридаам, магар барои он кӣ маро ибодат намоянд. Ман аз онҳо рӯзӣ талаб намекунам ва намехоҳам маро таом диҳанд»** (сураи Зориёт, оятҳои 56-57). Боз мефармояд: **«Эй мардум, шумо Парвардигоратонро, ки шуморо ва пешиниёнро офаридааст, ибодат намоед, шояд ки парҳезгор шавед»** (сураи Бақара, ояти 21). Боз мефармояд: **«Ва онҳо маъмур нагаштаанд, магар барои он ки Худовандро ибодат намуда, дини покро холисона барои ӯ гардонида, рост бошанд. Ва намозро барпо дошта, закотро анҷом диҳанд ва ин аст дини дуруст»** (сураи Байина, ояти 5).

Ибодат номи ҷомеъ буда ҳар қавлу амали зоҳирӣ ва ботиниро дарбар мегирад, ки Худованд онро дӯст дорад ва аз он розӣ бошад. Бо ин маъно ибодат тамоми аъмоли қалбӣ, баданӣ ва молии машруъро, ки аз банда содир мешавад, дар бар мегирад.

Масалан хобро гирем, агар қасди банда аз он қувват гирифтан бошад, то дар рӯза ва ё қиёми шаб аз он истифода барад, ибодат маҳсуб мешавад. Агар қасди инсон аз хоб рафтан бо ҳамсараш муҳофизати худ бошад аз ҳаром, дар

ин сурат ибодат ба шумор меравад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд *«Ва дар ҳамбистарӣ бо ҳамсаронатон садақа аст. Пурсиданд: Эй Расули Худо, оё бо ин ки мо бо ҳамсарамон ҳамбистар мешавем ва шаҳватамонро мебаророрем, дар ин ҳам савоб аст? Гуфт: Оё агар инсон шаҳваташро дар ҳаром сарф кунад, барояш гуноҳ навишта мешавад? Ҳамчунин агар онро дар савоб сарф кунад, барояш савоб навишта мешавад»* (Ривояти Муслим).

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки нафақа кардани инсон бар хонаводаи худ садақа мебошад. Дар саҳеҳи Муслим аз Саъд омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Нафақа кардан бар хонадонат садақа аст».* Имом Аҳмад аз ҳадиси Микдом Ибни Маъдикараб овардааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар чизеро, ки барои таъоми худат истифода мекунӣ, садақа аст».* Дар саҳеҳи Муслим аз Ҷобир ривоят аст, ки Паёмбар фармуд: *«Мусалмоне нест, ки ниҳоле шинонад, магар ҳар ҳосиле, ки аз он ниҳол баромаду ӯ хӯрад, барояш садақа аст ва он чиро, ки аз он бидузданд, барояш садақа аст ва он чиро, ки ҳайвонот аз он хӯранд, барояш садақа аст ва ҳеҷ кас аз он истифода намебарад магар барояш садақа аст».* Дар ривояти дигараш омадааст: *«Пас аз он дарахт инсоне ё ҳайвоне ва ё паррандае намехӯрад, магар ин ки барояш садақа аст то рӯзи қиёмат».*

Эй бандагони Худо! Ибодат ду қисм аст, воҷиб ва мустаҳаб. Баъзе воҷибҳо дар як шабонарӯз панҷ бор такрор мешаванд, монанди намоз ва баъзеашон ҳафтае як маротиба, мисли намози ҷумъа ва баъзеяш соле як бор мисли рӯзаю закот ва баъзеашон дар тамоми умр як маротиба, мисли ҳаҷ, ин ҳам барои касе, ки тавони онро дошта бошад. Мустаҳаб бошад, вақти муайян надорад, мисли хондани намозҳои нофила, садақаҳо, рӯзаи нафл ба ғайр аз чанд вақте, ки дар он намоз хондан ва ё рӯза гирифтан манъ аст. Бархе аз навофил аст, ки ҳар лаҳза ва ҳар сония дар ҳар ҳолат онро метавон анҷом дод, мисли зикри Худованд ба дил ва бо забон.

Худованди мутаъол мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ ذِكۡرٗا كَثِيرٗا ﴿٤١﴾ وَسَبِّحُوهُ بُكۡرَةٗ وَأَصِيلًا ﴿٤٢﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро бисёр зикр намоед. Ва дар субҳу шом Ӯро тасбеҳ бигӯед»** *(сураи Аҳзоб, оятҳои 41-42)*. Боз мефармояд: **«Пас чун намоз ба поён расад, шумо дар рӯи замин бигардед ва талаби ризқи Худоро намоед. Ва Худоро бисёр зикр кунед, шояд наҷот ёбед»** (сураи Ҷумъа, ояти 10). Ҳамчунин мефармояд: **«Ҳамоно, ки дар офариниши осмонҳо ва замин ва дигаргуншавии шабу рӯз албатта, барои соҳибақлон нишонаҳост. Касоне, ки Худоро истода ва нишаста ва ба паҳлу хуфта, ёд мекунанд»** (сураи Оли Имрон, оятҳои 190-191). Боз мефармояд: **«Пас шумо маро ёд кунед, шуморо ёд мекунам ва маро шукр гӯед ва куфрон накунед»** (сураи Бақара, ояти 152).

Бо ҳамин тариқ мебинем, ки умри мусалмон ҳеҷ лаҳза беибодати қавлӣ ё феълӣ намегузарад. Бинобар ин, агар инсон умри азизи худро бе ибодат гузаронад, албатта, дар рӯзи қиёмат ҳасрату надомати зиёде мекашад.

Эй мусалмонон! Ибодатро ибодат номида намешаванд ва ба соҳибаш фоидае намеорад, магар дар сурате, ки он холис барои Худованд бошад ва омехта ба ширк, риё ва худнамоӣ набошад. Худованд мефармояд: **«Пас, ту Худоро дар дин холисона ибодат намо. Дониста бош, ки дини холис барои Худованд аст»** (сураи Зумар, оятҳои 2-3). Боз мефармояд: **«Ва онҳо маъмур нагаштанд, магар барои он ки Худовандро ибодат намуда, дини покро холисона барои Ӯ гардонида, рост бошанд. Ва намозро барпо дошта, закотро анҷом диҳнад ва ин аст дини ростин»** (сураи Байина, ояти 5). Ҷои дигар мегӯяд: **«Пас вой бар ҳоли намозгузороне, ки аз намозашон ғофиланд. Ононе, ки риё мекунанд ва аз эҳсон ба дигарон худдорӣ мекунанд»** (сураи Моъун, оятҳои 4-7). Ҷои дигар мегӯяд: **«Бигӯ: Ман танҳо башарам монанди шумо ва ба сӯи ман ваҳй шудааст, ки Худои шумо Худои ягона аст. Пас ҳар кӣ умеди дидори Парвардигорашро карда бошад,**

**бояд амали солеҳро анҷом дода, ба ибодати Парвардигораш касеро шарик наёварад»** (сураи Каҳф, ояти 110).

Дар ҳадис омадааст: **«Худованд мегӯяд: Ман аз ширк сахт безорам. Ҳар кӣ амале намояд ва дар он ба ман дигареро шарик оварад, ӯро бо он чӣ шарик овардааст, вомегузорам»** (Ривояти Муслим). Ҳамчуноне, ки ихлос дар ибодат шарт аст, ҳамчунин пайравӣ аз Паёмбар низ шарт аст. Паёмбар ﷺ мефармояд: «*Ҳар кӣ амалеро анҷом диҳад, ки мо бар он амр накардаем, он амал мардуд аст»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй мусалмонон! Аввалин вазифаи банда ин ибодати Парвардигор аст ва ин ҳаққи Худованд аст ва бар тамоми ҳаққу ҳуқуқ муқаддам аст. Худованд мефармояд:

۞ وَٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ وَلَا تُشْرِكُوا۟ بِهِۦ شَيْـًٔا ۖ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَـٰنًا وَبِذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَـٰمَىٰ وَٱلْمَسَـٰكِينِ وَٱلْجَارِ ذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْجَارِ ٱلْجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلْجَنۢبِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَـٰنُكُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن كَانَ مُخْتَالًا فَخُورًا ﴿٣٦﴾

**«Шумо Худовандро ибодат намуда ба ӯ касеро шарик наёваред ва бо волидайн накукор бошед»** (Нисо 36).

Боз мегӯяд: **«Ва Худованд дастур додаст, то ғайри Ӯ касеро ибодат накунед ва бо волидайн накукор бошед»** (сураи Исро, ояти 23). Оятҳо дар ин маврид хеле зиёданд. Дар ҳадиси Муоз омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Эй Муоз, оё медонӣ, ки ҳаққи Худованд бар бандагонаш ва ҳаққи бандагон бар Худованд чист? Гуфтам: Худо ва Расулаш донотар аст. Гуфт: Ҳаққи Худованд бар бандагонаш он аст, ки ӯро ибодат намуда ба ӯ касеро шарик наоранд. Ҳаққи бандагон бар Худованд он аст, ки азоб накунад, касеро, ки ба Ӯ шарик наовардааст»* (Ривояти Муттафақ).

Ибодат намудани Худованд бар ҳар инсони оқил, аз замони ба балоғат расидан, то дами маргаш воҷиб мегардад. Худованд мефармояд: **«Ва ту Парвардигоратро**

**ибодат намо то омадани марг»** (сураи Ҳиҷр, ояти 99). Исо алайҳис салом мегӯяд: **«Ва маро ба намоз хондан ва закот додан фармон додаст, то даме, ки зинда ҳастам»** (сураи Марям, ояти 31)

Эй бандагони Худо! Ҳар кӣ Худоро ибодат накунад, албатта бандаи шайтон мешавад. Худованд мефармояд: **«Оё ман бо шумо эй фарзандони Одам, аҳд накарда будам, ки шайтонро ибодат накунед, ки ӯ бароятон душмани ошкор аст ва ин ки танҳо маро ибодат кунед, ин аст роҳи рост»** (сураи Ёсин, оятҳои 60-61). Ҳар кӣ Худоро ибодат накунад, бандаи хоҳишоти хеш мешавад. Худованд мефармояд: **«Оё диди он касеро, ки ҳавояи нафси хешро барои худ Худо гирифтааст ва худ ӯро огоҳона дар гумроҳӣ вогузошт»** (сураи Ҷосия, ояти 23).

Ҳар кӣ Худоро ибодат накунад, дунёпараст мешавад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мегӯяд: *«Тирабахт аст бандаи молу матоъ, агар дода шавад, розӣ мешавад ва агар дода нашавад, розӣ намешавад»* (Ривояти Бухорӣ).

Ибодати Худованди ягонаи бешарик аст,ки оромӣ дар замин ҳосил шуда, аз тамоми хавфу хатарҳои дунявӣ ва ухравӣ раҳоӣ мeёбӣ. Худованд мефармояд: **«Худованд ваъда додааст ба ононе, ки аз байнатон имон оварда корҳои накӯ мекунанд, ки дар рӯи замин онҳоро халифа мекунад, ҳамчуноне, ки пешиниёнро хилифа карда буд. Ва барояшон он динеро, ки розӣ шудааст, устувор менамояд ва баъди тарсашон барои онҳо амонӣ мебахшад. Онҳо маро ибодат кунанд ва чизеро ба ман шарик наёваранд. Ва ҳар кӣ баъди ин кофир шуд, пас онҳоянд фосиқон»** (сураи Нур, ояти 55).

Эй бародари мусалмон! Вақте ту дар намозат ин сухани Худовандро тиловат мекунӣ: **«Фақат Туро ибодат мекунем ва фақат аз Ту ёрӣ металабем»** (сураи Фотеҳа, ояти 5). Ту бо ин оят бо Худои хеш аҳду паймон мебандӣ, ки танҳо Ӯро ибодат мекунӣ ва танҳо аз Ӯ ёрӣ металабӣ. Пас, бояд дар аҳдат устувор бошӣ, зеро Худованд мефармояд: **«Ва шумо ба аҳди Худованд вафо кунед, чун аҳд намудед»** (сураи Наҳл, ояти 91).

Худованд бо ин Қуръонаш ба мову шумо баракат ато кунад ва аз оятҳо ва пандҳои он судамон бахшад.

# ВУҶУБИ ИБОДАТИ ХУДО ВА МАЪНОИ ОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди якторо. Ва салоту салом бар он касе, ки баъди ӯ дигар паёмбаре нест. Аммо баъд..

Ибодат ин як намуд шукри банда аст барои Худои хеш, ки неъматҳои фаровоне ба ӯ додааст. Ӯро бештар шукр кунед, то бароятон бештар диҳад. Чун ибодат далели яқин ва аломати дин аст. Бо фазилати ибодат раҳмати Худо мерасад ва малоикаҳо ӯро иҳота менамоянд ва аз зеру боло ӯро муҳофизат мекунанд. Савоби он ҷаннат аст, ки бузургтарин миннати Худост. Нишонаи таваккул ва партави ақл ҳам ибодат аст ва ҳар кӣ онро пурра ба ҷо оварад, гумонаш ба Худо беҳтар мегардад ва макону мартабааш баланд мешавад.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он чӣ аз Худованд ривоят мекунад, чунин мегӯяд: **«Ҳар кӣ бо дӯсти ман душманӣ кунад, ман бо ӯ эълони ҷанг мекунам. Банда ба тарафи ман ба чизе беҳтар аз ибодатҳои фарзӣ наздиктар намешавад. Ва бандаам бо нафлҳо ба ман пайваста наздик шудан мегирад, то ин ки ман ӯро дӯст дорам. Вақте ман ӯро дӯст доштам гӯшаш мешавам, ки мешунавад ва чашми ӯ мешавам, ки мебинад ва дасташ, ки қувват дорад ва пояш, ки роҳ меравад. Агар аз ман бипурсад, барояш медиҳам ва агар ба сӯи ман паноҳ барад, ӯро дар паноҳам мегирам»** (Ривояти Муслим).

Худованд барои бандагони обидаш ваъдаҳое намудааст, ки аз хаёл берун аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Парвардигораш чунин ривоят мекунад: **«Барои бандагони солеҳам чизҳое омода намудаам, ки на чашме дидааст ва на гӯше шунидааст ва на дар хаёли касе омадааст»** (Ривояти Муслим).

Эй бандагони Худо! Як соатест, ки агар дар он бо ихлос машғули ибодати Худованд шавед, аз ҳама чиз азизу болотар аст. Он дар беҳтарин рӯз ва беҳтарин макон аст. Худованд барои аз оташ наҷот додани бандагонаш малоикаҳои худро шоҳид қарор медиҳад. Паёмбар

саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Вақте, ки рӯзи Арафа мешавад, Худованд ба осмони дунё поён меояд ва назди малоикаҳо фахр мекунад ва мегӯяд:* **Ба тарафи бандагони ман назар афканед, ки чӣ гуна бо дили соф аз ҳар гӯшаву канор омадаанд. Шуморо шоҳид қарор медиҳам, ки ман онҳоро бахшидам.** *Пас малоикаҳо мегӯянд: Худоё, дар байни онҳо касест, ки монанди фалон ва фалон кибр меварзад. Худованд мегӯяд:* **Ман онҳоро бахшидам. Ҳеҷ рӯзе нест, ки аз рӯзи Арафа бештар аз оташ озод карда шавад»** (Ривояти Ибни Хузайма дар саҳеҳаш).

Акнун салавот ва салом фиристед бар Паёмбари Худо Муҳаммад писари Абдуллоҳ. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар бошад.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Ислом ва муслиминро пирӯз бигардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балою офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагии онҳоро ҷуброн намо. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш ва асирони онҳоро раҳо соз. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худоё, ба заифиямон раҳм намо ва айбҳоямонро бипӯшон ва лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор.

Худовандо, дар рӯзе, ки пеши рӯят қарор мегирем, ба ҳоламон раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо моро ба ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат боз гардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шакку шубҳа, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои наку зинат деҳ эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламин. Ҳамоно, ки ту бар ҳама чиз қодирӣ.

# САМАРАИ ИМОН ВА ҶОЙГОҲИ МӮЪМИНУ МУНОФИҚ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки бо ҳидояташ ба ҳар кӣ хоҳад, миннат мегузорад ва аҳли куфру туғёнро хор мекунад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованд. **«Аҳли осмону аҳли замин ниёз аз Ӯ мехоҳанд. Ҳар рӯз Ӯ дар кор аст»** (сураи Ар-раҳмон, ояти 29). Ва шаҳодат меддиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки бо ёрӣ ва бурҳони Худо муайяд аст. Салавоту саломи Худованд бар банда ва Расули Худо, Паёмбарамон Муҳаммад ва бар олу асҳобаш ва тобеинаш.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худо битарсед ва аз Ӯ талаб намоед, то дар имон устуворатон гардонад. Бидуни шак, имон нурест, ки Худованд дар дили банда меандозад. Худованд мефармояд: **«Оё он касе, ки Худованд дили ӯро барои Ислом кушода намудааст, пас ӯ дар Нури илоҳист (монанди касе аст, ки чунин нест?)...»** (сураи Зумар, ояти 52). **«Пас ҳар киро, ки Худованд иродаи ҳидояташро кунад, дилашро барои Ислом кушода мекунад»** (сураи Анъом, ояти 125). Имон миннатест аз ҷониби Худованд барои бандагонаш ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

يَمُنُّونَ عَلَيْكَ أَنْ أَسْلَمُوا ۖ قُل لَّا تَمُنُّوا عَلَيَّ إِسْلَامَكُم ۖ بَلِ اللَّهُ

يَمُنُّ عَلَيْكُمْ أَنْ هَدَاكُمْ لِلْإِيمَانِ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ ﴿١٧﴾

**«Онҳо бар ту миннат мекунанд, ки Ислом овардаанд. Бигӯ: Дар пеши ман исломатонр миннат накунед. Балки Худованд ба он сабаб, ки ба имон роҳнамунатон шудааст, бар шумо миннат мениҳад»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 17).

Имон ҳам ақида аст ҳам амал. Чунончи Ҳасани Басрӣ (раҳ) мегӯяд: Имон бо намоиш ва орзӯҳо нест, балки имон дар дил устувор шуда, амал онро тасдиқ мекунад.

Барои ҳамин имон назди аҳли суннат ва ҷамоат чунин таъриф дорад: Имон иқрор ба забон ва иътиқод аст ба дил ва амал аст ба аъзо ва имон ба тоат зиёд ва ба гуноҳ кам мешавад.

Имон ба ин эътибор кафили суботу пойдорӣ аст дар имтиҳонҳои илоҳӣ. Ва дар тӯфони фитна ва амвоҷи балоҳо сафинаи умед аст. Худованд барои аҳли имон дар дунё ва охират ваъдаҳои зиёде намудааст, ки амонию ҳидояти дунё ҷузъе аз он аст. Худованд мефармояд: **«Касоне, ки имон овардаанд ва имонашонро бо зулм омехта накардаанд, барояшон амон аст ва онҳоянд роҳёфтагон»** (сураи Анъом, ояти 82).

Ҳамчунин дар дунё ба зиндагии хушу оромии қалб комёб гаштанро Худо ба имон рабт дода. Худованд мефармояд: **«Ҳар мард, ё зане, ки амали солеҳ намояд, дар ҳоле, ки мӯъмин бошад, барояшон зиндагии покиза хоҳем, дод аҷри беҳтар аз амалӣ кардаашон ато хоҳем кард»** (сураи Наҳл, ояти 97). Худованд дифоъ аз мӯъминонро бар зимаи худ қарор додааст. Мефармояд: **«Ҳамоно, Худованд аз касоне, ки имон овардаанд, дифоъ мекунад. Ҳамоно, Худованд хоини носипосро дӯст намедорад»** (сураи Ҳаҷ, ояти 37). Имоне, ки ин ҳама имтиёзотро дорад иборат аз шаш рукн ва беш аз ҳафтод шоха аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Имон он аст, ки бовар кунӣ ба Худованд ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳояш ва расулонаш ва рӯзи охират ва имон дошта бошӣ ба тақдири некӣ ва бадӣ»* (Ривояти Муслим). Боз фармуданд: *«Имон ҳафтоду чанд шоха дорад, ки баландтарини он ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан аст ва поёнтаринаш дур кардани сангаст аз сари роҳ. Ва шарму ҳаё шохае аз имон аст»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Имон бо ин шаш рукни худ маҷмӯаи комилест, ки тамоми чизҳоеро, ки ба он бояд имон дошт, дарбар мегирад. Имон ҳисобида намешавад агар ба баъзе аркони он имон оварда, ба баъзе дигар имон надошта бошем. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡفُرُونَ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيُرِيدُونَ أَن يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ
ٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيَقُولُونَ نُؤۡمِنُ بِبَعۡضٖ وَنَكۡفُرُ بِبَعۡضٖ وَيُرِيدُونَ
أَن يَتَّخِذُواْ بَيۡنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا ١٥٠ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ حَقّٗاۚ
وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ١٥١ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ
وَلَمۡ يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ أُوْلَٰٓئِكَ سَوۡفَ يُؤۡتِيهِمۡ أُجُورَهُمۡۗ وَكَانَ
ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٥٢

**«Дар ҳақиқат касоне, ки ба Худо ва паёмбаронаш кофир шудаанд ва мехоҳанд миёни онҳо ҷудоӣ бияндозанд, онҳо мегӯянд мо ба баъзеашон имон меорем ва ба баъзеашон бовар надорем ва мехоҳанд дар байни ин роҳе баргузинанд. Онҳо дар ҳақиқат, кофиранд ва мо барои кофирон азоби хоркунандае омода намудаем. Ва ононе, ки ба Худо ва паёмбаронаш имон доранд ва байни ҳеҷ яки онҳо ҷудоӣ намеандозанд, онҳоянд касоне, ки барояшон аҷрашонро медиҳем. Ва Худованд омӯрзандаи меҳрубон аст»** (сураи Нисо, оятҳои 150-152).

Аз ҳикмати Худованд аст, ки бандагонашро бе озмоиш намегузорад то дар имон содиқонро аз мунофиқони дурӯғгӯ ҷудо намояд. **«Оё мардум чунин мепиндоранд, ки бо ин ки мегӯянд: Мо имон овардем, ба ҳоли худ гузошта мешаванд ва дигар намеозмоянд. Ва дар ҳақиқат, мо касонеро, ки пеш аз онҳо буданд, озмудем. Пас албатта Худованд медонад касонеро,ки содиқанд ва медонад касонеро, ки козибанд»** (сураи Анкабут, оятҳои 2-3). Дар ҳамин ҳолатҳо фарқи мавқеи мӯъминон ва кофирон зоҳир мешавад. Ва дар чанд сатри зер мо чанд мисоле аз Қуръони карим барои имтиҳоноти илоҳӣ меорем.

Аз ҷумлаи мисолҳо мавқеи ду гурӯҳест, ки бо ҳам дар масъалае ихтилоф доштанд ва Худованд онҳоро ба сӯи Худо ва расулаш хонд, то дар байнашон ҳоким бошад. Худованд мефармояд: **«Онҳо мегӯянд: Мо ба Худо ва Расулаш имон овардаем ва итоат мекунем ва баъди ин боз гурӯҳе аз онҳо рӯй мегардонанд ва онҳо мӯъмин нестанд. Ва агар онҳоро ба сӯи Худо ва Расулаш даъват кунанд, то дар миёнашон доварӣ кунад, ногаҳон гурӯҳе аз онон рӯй мегардонанд»** (сураи Нур, оятҳои 47-48). Баъди ин Худованд мавқеи мусалмононро зикр мекунад, вақте ба сӯи ҳукми Худо ва Расулаш даъват шаванд. Худованд мефармояд: **«Сухани мӯъминон ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш барои ҳукм кардан хонда шаванд, чунин буд, ки шунидем ва итоат кардем. Инҳоянд наҷотёфтагон»** (сураи Нур, ояти 51).

Ин аст мавқеи ин ду гурӯҳ вақте барои доварӣ кардан ба сӯи Худо ва Расулаш даъват мешаванд. Ин мавқеъ то ҳол такрор мешавад ҳар боре ихтилофе сурат гирад ё мушкилоте сар занад, мӯъминон дар ин сурат ба ҳукми илоҳӣ розӣ мешаванд, баробар аст, ки қазия ба нафъи онҳо ҳал шавад ва ё бар алайҳи онҳо. Мунофиқон бошанд, ҳукми илоҳиро мехоҳанд агар ба фоидаи онҳо ҳал шавад вале агар бар алайҳи онҳо ҳал шавад, ба сӯи шайтонҳои худ мегурезанд, то аз ҳукми Худованд дур бошанд.

Мисоли дигар нузули Қуръон ва тиловати он аст. Мӯъминон ҳар чӣ бештар Қуръонро тиловат намоянд ва ё бишнаванд, ҳамон қадар имонашон зиёд мешавад ва хушҳол мегарданд. Мунофиқон бошанд, палидӣ ва касофатияшон афзун мегардад ва мекӯшанд бо ҳар баҳона аз шунидани он дурӣ ҷӯянд.

Худованд мефармояд: **«Ва ҳаноме, ки сурае нозил шавад, баъзеи онҳо мегӯянд: Ин сура имони кадоми шуморо зиёд намуд? Аммо касоне, ки имон овардаанд имонашон зиёд мегардад ва онҳо хушҳол мешаванд. Ва аммо касоне, ки дар дилашон беморист, палидӣ бар палидияшон афзуда мешавад ва онҳо кофир мемиранд. Оё ба ин намеандешанд, ки ҳар сол як ё ду маротиба гирифтори фитна мегарданд ва баъди он на тавба мекунанд ва на панде мегиранд. Ва чун сурае нозил шавад, баъзе аз онҳо ба якдигар менигаранд, ки “Оё касе шуморо дида истодааст?” Сипас бармегарданд. Худованд**

**дили онҳоро баргардонад, зеро онҳо қавме мебошанд, ки намефаҳманд»** (сураи Тавба, ояти 124-127).

Аз ҷумлаи чунин имтиҳонот ҷиҳод аст. Мӯъминон ҳамеша орзу мекунанд, то Худованд барояшон дастур диҳад, ки бо кофирони таҷовузгар ва паймоншикан биҷанганд, то ба ин васила аз Ислом дифоъ намуда, ба мусалмонону заифон кӯмак расонанд ва савоби бузургеро, ки Худованд ба муҷоҳидин ваъда додааст, дарёбанд. Вақте аз ҷониби Худованд амри ба ҷиҳод омад, содиқони роҳи Худо бо ҷону молашон ҷиҳод карданд. Аммо мунофиқон дар тарсу ҳарос шуданд, вақте диданд Худованд амр ба ҷиҳод мекунад ва баҳонаҳои гуногун пеш оварданд, то аз ҷанг дурӣ ҷӯянд.

Худованди карим дар бораи мавқеи ин ду чунин мегӯяд: **«Ононе, ки имон овардаанд мегӯянд: Эй кош сурае нозил мешуд. Вақте ки сураи муҳкаме нозил шавад ва дар он ёде аз ҷанг бошад, ту меибнӣ ононеро, ки дар дилашон беморӣ аст, ба сӯи ту чун каси аз марг беҳушшуда назар мекунанд. Пас барояшон итоат ва сухани дуруст беҳтар аст. Вақте ки дастур шуд агар содиқ мемонданд, барояшон хубтар буд»** (сураи Муҷодала, оятҳои 20-21). Худованд мефармояд: **«Ононе, ки ба Худо ва рӯзи охират имон оварданд, аз ҷиҳоди ба молу нафс рухсат намегиранд. Ва Худованд ба муттақиён доност. Албатта танҳо касоне рухсат мегиранд, ки ба Худо ва рӯзи охират имон надоранд ва дилашон дар шак аст ва онҳо дар шакки худ дудила шудаанд»** (сураи Тавба, оятҳои 44-45).

Аз ҷумлаи озмоишҳои Худованд ин мусалмононро танг кардани кофирон аст. Дар ин ҳолат мусалмонон дар дини худ устувор боқӣ монда, яқинашон ба ваъдаҳои Худо ва Расулаш қавитар мегардад. Аммо мунофиқонро тарс фаро гирифта, ба Худо ва Расулаш бадгумон мешаванд. Худованд дар бораи мавқеи ин ду гурӯҳ ҳангоме, ки кофирони дарун ва беруни Мадина мусалмононро дар иҳота қарор доданд, дар Қуръонаш қисса мекунад.

Дар бораи мавқеи мусалмонон чун дилҳо ба гулӯ расиданду чашмон дар ҳайрат монданд, чунин мегӯяд: **«Вақте, ки мӯъминон аҳзобро диданд, гуфтанд: Ин аст чизе, ки Худованд ва Паёмбараш ба мо ваъда дода буд ва Худову Расулаш рост мегӯянд. Ва ин кор танҳо имони онҳоро зиёд**

**намуд. Аз ҷумлаи мӯъминон мардонест, ки ба Худо дар аҳдашон содиқ монаданд. Пас баъзеяшон ҷонашонро аз даст дод ва баъзе дигар дар интизор аст, вале аҳдашонро ҳеҷ дигаргун накарданд»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 22-23)

Дар бораи мавқеи мунофиқин чунин мегӯяд:

وَإِذْ قَالَت طَّآئِفَةٌ مِّنْهُمْ يَٰٓأَهْلَ يَثْرِبَ لَا مُقَامَ لَكُمْ فَٱرْجِعُوا۟ ۚ وَيَسْتَـْٔذِنُ فَرِيقٌ مِّنْهُمُ ٱلنَّبِىَّ يَقُولُونَ إِنَّ بُيُوتَنَا عَوْرَةٌ وَمَا هِىَ بِعَوْرَةٍ ۖ إِن يُرِيدُونَ إِلَّا فِرَارًا ﴿١٣﴾

**«Ва ҳангоме, ки гурӯҳе аз онҳо гуфтанд: Эй аҳли Ясриб, ин ҷо ҷои мондани шумо нест, баргардед. Ва гурӯҳе аз онҳо аз Паёмбар рухсат мепурсиданд ва мегуфтанд: Хонаҳои мо бемуҳофиз аст, вале дарвоқеъ хонаҳо бемуҳофизат набуданд, онҳо мехостанд фирор кунанд»** (сураи Аҳзоб, ояти 13). Ин озмоиши қавиест, ки дар он комёбии мусалмон ва шикасти мунофиқин ҳувайдо мегардад. Ин аст суннати Худованд дар махлуқоташ ва суннати Худованд ҳеҷ гоҳ такйир намеёбад.

Дар ин ҷо ба суханам хотима бахшида аз Ӯтаъоло мехоҳем, то бо имонаш моро миннат намуда, аз нифоқ моро паноҳ диҳад. Аз ӯ барои худам ва барои шумо омӯрзиш мехоҳам, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# САМАРАИ ИМОН ВА ҶОЙГОҲИ МӮЪМИНУ МУНОФИҚ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди бузурги мутаъол ва соҳиби лутфу карамро, ки бандагонашро ба имон амр намуда, ба сӯи онҳо Паёмбари бузурге фиристодааст. Салавоту саломи Худо бар ӯ ва бар олу асҳобу ҳамсаронаш. Аммо баъд...

Бояд донист, ки имон самараҳои дунявӣ ва ухравӣ дорад. Аз ҷумлаи чунин самараҳо он аст, ки нафс аз бемориҳои шубҳаҳо ва шаҳватҳо раҳоӣ меёбад ва ба дил нармӣ ва ҳаловати ризо, амнию амонӣ ва устувориро меорад. Аз ҷумлаи самарааш ин аст, ки боиси дарёфти ризои илоҳӣ мегардад ва зиндагии хушеро дар дунё ва ҳаёти ҷовидонаро дар охират мегузаронад. Ҳазрати Алӣ писари Абутолиб мегӯяд: Имон ба монанди нуқтаи сафедест дар дил. Ҳар қадар имон зиёдтар гардад он нуқта бузургтар мешавад. Вақте имон комил шуд, тамоми дил мусаффо мешавад. Нифоқ чун нуқтаи сиёҳест дар дил. Ҳар қадар нифоқ бузургтар шавад он нуқта калонтар мешавад ва вақте нифоқ комил шуд тамоми дил сиёҳ мегардад. Қасам ба Худо, агар шумо дили мӯъминро бишкофед, онро мусаффо меёбед ва агар дили мунофиқро бишкофед онро тиpаву сиёҳ меёбед.

Эй бандагони Худо! Шумо имони худро муҳофизат намоед ва ҳамеша мурoқиби он бошед ва амалҳои хайрро бештар анҷом диҳед, зеро он наҷот аст аз азоби қабр. Анас Писари Молик аз Расули Худо ривоят мекунад, ки фармуданд: *«Вақте бандаро дар қабр мегузоранд ва соҳибонаш бармеградaнд ва ӯ садои пои онҳоро мешунавад, ба наздаш ду малоика меоянд ва ӯро мешинонанд ва мегӯянд: Ту дар бораи ин мард – Муҳаммад-чӣ ақида дорӣ? Мӯъмин мегӯяд: Ман шаҳодат медиҳам, ки Ӯ банда ва фиристодаи Худованд аст. Ба ӯ мегӯянд: Ба макони худ дар оташ бингар, ки Худованд ба ҷои он ба ту маконе дар ҷаннат додааст ва мӯъмин ҳардуи онро мебинад»* (Ривояти Муслим).

Аммо мунофиқону кофиронро чун мепурсанд, ту дар бораи ин мард чӣ ақида дорӣ? Мегӯянд: Ман намедонам, вале дар борааш чизе мегуфтам, ки дигарон мегуфтанд. Ба ӯ мегӯянд: Надонистӣ ва нахондӣ. Пас бар сараш бо болғаи оҳанин чунон мезананд, ки садояшро ҳама ба ғайр аз инсу ҷин мешунаванд.

Ҳамчунин имон боиси аз дӯзах баровардан ва дар ҷаннат ҷовидон мондан аст. Абусаъиди Худрӣ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: «*Биҳиштиёнро ба биҳишт ва дӯзахиёнро ба дӯзах медароранд, пас Худованд мегӯяд: Бингаред, агар ҳар киро ёбед, ки дар дилаш андак имон дошта бошад, аз дӯзах берунаш кунед. Пас онҳоро аз он берун мекунанд, ки сиёҳ шудаанд ва пухтаанд, пас онҳоро дар оби ҳаёт, ё оби ҳаё меандозанд ва онҳо чун дона дар канори об мерӯянд. Оё надидед, ки чӣ гуна зарди печон мебарояд»* (Ривояти Бухорӣ).

Худовандо, ба мову шумо имони комил ато фармояд. Акнун салавоту салом фиристед бар Расули Худо Муҳаммад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсаронаш модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат розӣ бош.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар бошад.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро мағфират намо. Худоё, Исломту муслиминро пируз бигардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балою офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагияшонро ҷуброн намо. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш

ва асирони онҳоро раҳо соз. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худоё, ба заифиямон раҳм намо ва айбҳоямонро бипӯшон ва лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор. Худовандо, рӯзе, ки дар пеши рӯи ту қарор мегирем, ба мо раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро бо ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат бозгардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои наку зинат деҳ эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламин. Ҳамоно ки ту бар ҳама чиз қодирӣ.

# ЧАНД НАМУДИ МУОМИЛАҲОИ ҲАРОМ ДАР САВДО

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ҳамчунон ки шоистаи бузургӣ ва ҷалоли ӯст. Ва шукри беандоза Ӯро барои фазли бепоён ва накӯиҳои бузургаш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик бо эътироф ба ҳаққи лутфу карамаш. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки ба сӯи ҷаннату ризои Худо мехонад ва дину Қуръони Худоро ба мо расонд. Салоту саломи Худованд то рӯзи қиёмат бар Ӯ ва бар тамоми хонадону ёрону бародарону пайравонаш.

Аммо баъд... Эй мусалмонон аз Худованди мутаъол битарсед! Аз Ӯ тавре битарсед, ки Ӯ лоиқи он аст! Аз Ӯ битарседу ба сӯи Ӯ васила ҷӯед. Ба ресмони Ӯ чанг занед ва барои дарёфти ризояш бикӯшед.

يُصْلِحْ لَكُمْ أَعْمَٰلَكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدْ فَازَ فَوْزًا عَظِيمًا ﴿٧١﴾ إِنَّا عَرَضْنَا ٱلْأَمَانَةَ عَلَى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱلْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا ٱلْإِنسَٰنُ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ ظَلُومًا جَهُولًا ﴿٧٢﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худованд битарсед ва суханони дуруст гӯед, то Худованд аъмолатонро ислоҳ кунад ва гуноҳҳоятонро биомӯрзад. Ва ҳар кӣ аз Худо ва Паёмбараш итоат кунад, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 71-72)

Эй мардум! Дастуроти Ислом ду намуданд: ибодатҳо ва муомалот. Ибодат ҳар чизест, ки байни банда ва Парвардигораш аст монанди намоз, рӯза, закот, ҳаҷ, назр, ба ҷо овардани фармонҳо ва дӯрӣ аз манҳиёт. Муомалот бошад, он чизест, ки байни бандагон аст монанди хариду фурӯш, иҷора, раҳн ва монанди ин.

Аз мусалмон тақозо мешавад, то ибодатҳо ва муомалоташ дуруст буда, тибқи дастуроти Худо ва Расулаш бошад. Мардум дар бораи ибодатҳо хеле зиёд мепурсанд ва мекӯшанд, то тамоми шарту шурут, аҳкому аркон, фарзу воҷиб ва мустаҳаботи онро бидонанд. Албатта, донистани ин барои ҳар як мусалмон хеле зарур аст, то Худои хешро paдониста ва дуруст ибодат намояд ва ба ӯ наздиктар шавад, вале мардум ба ҷониби муомилот монади хариду фурӯшу иҷора он қадар аҳамият намедиҳанд. Дар ин муомалаҳо балоҳо хеле зиёданд ва аз хато саломат будан мушкил аст. Ин ба сабаби он аст, ки мардум аҳкоми онро намедонанд ва гумон доранд, ки дар ин маврид аз эшон он қадар пурсида намешавад.

Эй мусалмонон! Бо мардум дар муомилоти хариду фурӯш корест хеле бузург. Аз ин рӯ, ҳушдори сахте омадааст барои касоне, ки хиёнат ё фиреб мекунанд ва ё моли бародари мусалмонашонро ноҳақона азхуд мекунанд.

Абу Умома аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ ҳаққи мусалмонеро бо дасташ бигирад, Худованд бароящ оташи дӯзахро воҷиб гардонида, ҷаннатро ҳаром месозад».* Марде ба он ҳазрат (с) гуфт: Агарчи андак бошад эй Расули Худо? Фармуд: *«Агарчи сихчае аз хор бошад»* (Ривояти Муслим).

Худованди мутаъол чун рӯзи қиёмат бандагонашро ҷамъ мекунад, бо ҳикмат ва адлаш қисоси онҳоро аз якдигар меситонад. Дар он рӯз ҳақ ба ҳақдораш мерасад ва золим ҷавоби зулмашро медиҳад. Чун Парвардигор байни мардум қазоват мекунад, ба ҳар инсон номае дода мешавад, ки дар он на корҳои хурду на калон фурӯгузор нашудааст, ҳамаро дар бар гирифта.

Балои азим ва мусибати бузург он аст, ки гурӯҳе аз мардум дар муомала бо дигарон ҳеҷ парвое надоранд. Гоҳо бо марде дучор мешавӣ, ки намози бисёр мехонад, рӯза мегирад, инсони ботақво ва парҳезгор аст, вале агар чизе фурӯшад, ё бихарад, ба дигарон хиёнат намуда, онҳоро фиреб медиҳад ва ё ҳаққи мардумро мехӯрад ва барои ин кораш ҳилаву найранг ҳам мекунад.

Кор, ки ба ин дараҷа расидааст, хостам баъзе намудҳои савдои ҳаромро хотиррасон намоям, то мусалмоне, ки ғами

динро хӯрда, мекӯшад худро аз зулм намудани мардум раҳо созад, гирифтори он нагардад. Бояд бандагони Худо шариати илоҳиро хуб бидонанд ва аз ҷаҳл берун шаванд, то аз саволи рӯзи ҷазо дар амон бошанд. Имрӯзҳо дар байни савдогарон ва тоҷирон муомилаҳои ҳаром хеле мунташир шудааст ва бозорҳо пур аз чунин муомилаҳо буда, мардум гирифтори он гаштаанд. Баъзеҳо донистa ба ин намуд иштибоҳот роҳ медиҳанд ва мардуми зиёде аз рӯи нодонӣ даст ба чунин ҷиноёт мезананд, ки хеле зиёданд. Ин намуд муомилаҳо зиёданд, ки фурсати дар як хутба баёни он ҳама аз имкон берун аст. Вале мусалмоне, ки мекӯшад молҳояшро аз ҳаром ҳифз намояд, ба андак насиҳат ҳам панд мегирад ва баъди он дар ҷустуҷӯи ҳақиқат шуда, аз уламо бештар маълумот ҳосил менамояд.

Яке аз чунин муомилоте, ки дар бозорҳо ривоҷ гирифтааст ва дар муомилоти ҳамарӯзаи мо дида мешавад, ин аз тарозу задан аст ва кам кардан дар вазн аст. Ин кор ҳаром буда, бояд аз он парҳез намуд. Зеро ин амал Худо ва Расулашро дар ғазаб меорад. Худованд дар Қуръонаш сароҳатан аз ин намуд муомилот ҳушдор дода, чунин мефармояд: **«Вой ба камфурушон, ки вақте бо паймона чизе аз мардум биситонанд, ба пуррагӣ меситонанд. Ва чун чизеро ба паймона ё вазн кунанд, кам диҳанд. Оё ин тоифа гумон надоранд, ки дубора зинда мешаванд дар он рӯзи бузург. Рӯзе, ки мардум дар ҳузури Парвардигори оламиён меистанд»** (сураи Мутаффифин, оятҳои 1-6).

Худованд амр мекунад, тарозу комил шавад, адл барпо шуда, ҳуқуқи дигарон ҳимоя гардад.

وَأَوۡفُواْ ٱلۡكَيۡلَ إِذَا كِلۡتُمۡ وَزِنُواْ بِٱلۡقِسۡطَاسِ ٱلۡمُسۡتَقِيمِۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلٗا ﴿٣٥﴾

**«Ҳангоме паймона мекунед, бояд онро пурра диҳед ва бо тарозуи дуруст вазн кунед. Ин барои шумо беҳтар буда, оқибаташ некӯтар аст»** (сураи Исро, ояти 35).

**«Шумо вазнро одилона чен кунед ва дар тарозу кам нагузоред»** (сураи Ар-раҳмон, ояти 9).

Хиёнат дар тарозу кори бузурге аст, зеро он дар байни мардум хиёнату фиреб ва ба ноҳақ хӯрдани молро ривоҷ медиҳад. Бисёре аз мардум вақте чизе хариданӣ шаванд, мекӯшанд аз вазн бештар гиранд ва ё аққалан ҳаққашонро пурра гиранд, вале чун барои дигарон вазн кунанд, мекӯшанд аз вазн камтар диҳанд. Ин бо роҳҳои зиёде сурат мегирад, ки харидор гумон мекунад, ҳаққашро пурра гирифтааст. Ин ҳама барои ҷамъ намудани мол аст бо роҳи ҳаром, ки Худованд моро аз он нигоҳ дорад.

Ин кор бештар дар дӯконҳои тиллофурӯшӣ дида мешавад. Баъзе тиллофурӯшон ё аз грамми он мезананд ва ё тиллоро бо дигар чиз омехта карда, мефурӯшанд, вале вақте тиллоро худ харидорӣ меукунанд, танҳо тиллои холисро мехаранд.

Баъзе гӯштфурӯшон бошанд, ҳамроҳи гӯшт устухони бештар ва равғани бештарро омехта намуда, ба ном гӯшт мефурӯшанд.

Тарозузанҳоро кайфари сахте аз ҷониби Худованд дар интизор аст. Худованд аҳли Мадянро, ки қавми ҳазрати Шуъайб буданд, маҳз барои ҳамин кор, яъне дар тарозу задан ва моли мардумро бо роҳи фиреб аз худ кардан, ҳалок ва нобуд сохт. Ин ҷазо дар ин дунё буд, вале он чизеро, ки дар охират мебинанд, бештар аст ва қиёмат ҳам он қадар дур нест.

Аз ҷумлаи муомилаҳои ҳаром дар савдо, ин фиреб ва хиёнат аст. Абуҳурайра (р) аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин ривоят мекунад: *«Боре аз пеши таъомфурӯше мегузашт ва дасташро дар даруни он андохт ва дасташ тар шуд. Гуфт: Эй соҳиби таъом, ин чист? Гуфт: Обе аз осмон дар он чакидааст, эй Расули Худо. Гуфт: Чаро онро дар боло намемонӣ, ки ҳама бинанд? Ҳар кӣ хиёнат кунад аз мо нест»* (Ривояти Муслим).

Ин ҳадиси бузург далолати ошкоро мекунад ба ҳаром будани хиёнат дар савдо ва ин ки ҳар кӣ моли вайроншударо дониста фурӯшад ва ба харидор онро нафаҳмонад, дигар дар зимаи Худованд нест ва аз роҳнамудҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам берун аст ва гирифтори азоби дарнокест дар рӯзи қиёмат.

Имом Тақийиддин, Аҳмад писари Абдусалом (р) мегӯяд: Мурод аз хиёнат дар савдо он аст, ки айбашро пӯшонӣ ва дар нарх фиреб диҳӣ, масалан зоҳири мол беҳтар аз ботинаш бошад, ҳамчуноне, ки дар ҳадиси боло зикр шуда омад. Ин кор дар корҳои ҳунарӣ дида мешавад, монанди нонпазӣ, ошпазӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, сохтмон ва ғайра, ки бояд онҳо дар корҳояшон аз хиёнат парҳез кунанд.

Он кореро, ки Паёмбар (с) дар бозор дид, имрӯзҳо хеле зиёданд. Ба фурӯшандаҳои зиёд ҳар рӯза вомехӯрем, ки моли вайронро дар пушти моли хуб пинҳон мекунанд, хусусан дар дӯконҳои мевафурӯшӣ, пас Худованд онҳоро муҳосаба хоҳад кард.

Барои мусалмонон ҳамчун насиҳат воҷиб аст, ки агар моли вайронеро дар бозор бинанд ва бубинанд, ки дигарон нафаҳмида, аз он хариданӣ мешаванд, бародаронашонро огоҳ созад. Имрӯз мардуми бечора намедонанд, ки ин мол чӣ гуна аст ва агар ту донӣ ва тамошо кунӣ, ки чӣ тавр мардум як чизи вайронро мехаранд, ту ҳам дар хиёнат шарики он савдогари хоин мебошӣ. Мӯъмин ҳама пур аз насиҳат аст ва мунофиқ ҳама пур аз хиёнат, дини мо дини насиҳат аст.

Эй бандагони Худо!

Мусибати дигаре, ки имрӯз дар ҷомеа мебинем, қасами зиёд хӯрдан аст. Савдогарон барои молашонро гузаронидан қасамҳои зиёде мехӯрад, ки аксари он дурӯғ аст. Бисёриҳо ба ин иктифо накарда, боз ба ғайри номи Худо қасам мехӯрад мисли: ба виҷдонам, ба шарафам ва ғайра, ки бо он зери ин фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам қарор мегиранд, ки мефармояд: *«Ҳар кӣ ба ғайри номи Худо қасам хӯрад, ё кофир мешавад, ё мушрик»* (Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Ҳаббон).

Бисёр вақтҳо ин намуд савгандҳо савгандҳои дурӯғ аст, ки соҳибаш гуноҳ бардошта, дар оташи дӯзах месӯзад. Абузар ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) гуфтанд: «*Се тоифа ҳаст, ки Худованд рӯзи қиёмат бо онҳо сухан намегӯяд, тарафашон назар намекунад, онҳоро пок намекунад ва онҳо гирифтори азоби дарднокаид»* Паёмбар (с) ин ҷумлаҳоро се бор такрор карданд. Абузар гуфт: Навмед шаванд ва дар зиён афтанд, онҳо киҳоянд, эй Расули Худо? Гуфт*: «Касе, ки*

*ҷомааш дар замин шакида равад ва касе, ки бисёр миннат кунад ва касе, ки молҳояшро бо қасами дурӯғ гузаронад»* (Ривояти Муслим).

Абуҳурайра аз Паёмбар чунин ривоят мекунад: *«Қасам молро талаф медиҳад ва баракатро дур мекунад»* (Ривояти Муттафақ). Яъне агар тоҷир қасам хӯрад, ки дар ин бораш ин қадар сарф кардааст, ё бо ин нарх харидааст, ё молаш дорои чунину чунон сифатҳост, пас харидори қасами ӯро бовар карда, он бизоатро қимат харид, вале дар асл ӯ дурӯғ гуфта бошад, бо ин кораш Худовандро осӣ шуда, амри ӯро хилоф намудааст. Худованд чунин инсонҳоро дар дунё бо дур кардани баракат ҷазо медиҳад ва дар касбаш зиён мерасад, ки аз фоидаи бо қасами дурӯғ ба даст омада бештар аст. Ё фоидаҳоро дар ҷое сарф мекунад, ки суде дар он нест. Барои биҳиштро ба даст овардан танҳо тоати Худованд лозим аст. Агар дунё ба дасти гунаҳкор афтад, оқибаташ нестӣ ва нобудӣ ва азоб аст.

Абуҳурайра ривоят мекунад, ки аз Паёмбар (с) саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки мегуфт: *«Се тоифа ҳастанд, ки Худованд рӯзи қиёмат бо онҳо сухан намегӯяд, тарафашон назар намекунад, барояшон тазкия намедиҳад ва гирифтори азоби дардноканд. Марде, ки оби зиёдатӣ дорад, вале аз роҳгузари мусофир онро манъ мекунад. Марде, ки бо сарваре байъат намуд ва ин байъаташ танҳо барои дунё аст, агар аз моли дунё барояш бидиҳад, розӣ мешавад ва агар надиҳад, дар газаб мешавад. Марде, ки молашро баъди аср бароварда, ба номи Худованди ягона қасам мехӯрад, ки дар ин мол ин миқдор сарф кардам ва мардум бовараш кунанд. Баъд ин оятро хонданд:*

**«Дар ҳақиқат ононе, ки бо аҳди Худо ва паймонашон моли андакеро мехаранд, онҳо ҳеҷ насибе дар охират надоранд ва на Худованд бо онҳо сухан мегӯяд ва на ба сӯяшон назар мекунад ва на покашон месозад ва барои онҳост азоби дардноке»** (сураи Оли Имрон, ояти 77). (Ривояти Бухорӣ).

Аз ҳама гуноҳи бузург дар он аст, ки инсон дониста, қасами дурӯғ хӯрад, ки ин аз нишонаҳои мунофиқист. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Инсоне, ки рост гӯяд ва кӯшиш кунад, то ростро ёбад, дар*

*назди Худованд номаш ростгӯ навишта мешавад»* (Ривояти Абудовуд).

Аз ҳаромҳое, ки Худованд наҳй кардааст, ин савдо кардан дар болои савдои дигарон ва қимат мондан болои нархи дигарон аст, зеро ин кор боиси эҷоди бадбинӣ ва кина дар байни мусалмонон мегардад. Ибни Умар (р) аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: *«Шумо бар болои савдои якдигар савдо накунед»* (Ривояти Муттафақ).

Мисоли савдои болои савдо он аст, ки марде чизе мехарад ва ту барояш мегӯӣ инро нахар, ман барои ту аз ин беҳтарашро ба ҳамин нарх ва ё монанди инро аз ин арзонтар ба ту медиҳам. Чунин савдо мувофиқи ҳадис ҳаром аст. Ё ба савдогар мегӯи, савдоятро вайрон кун, ман ин молро аз ту қиматтар мехарам.

Нарх мондан болои нарх он аст, ки ҳангоми иттифоқи харидору фурӯшанда дахолат намуда, нархро болотар мегӯӣ ва ин кор имрӯзҳо бо номи аукциён (музояда) хеле ривоҷ ёфтааст, ки шариат онро манъ мекунад. Зеро ин кор боиси бадбинии байни мусалмонон гардида, қудратмандон тамоми бозорро мехаранд ва камбағалон маҷбур мешаванд ё нахаранд ва ё бо нархи қиммат бихаранд ва аз тарафи дигар, боиси болоравии нарх мегардад, дар ҳоле, ки Ислом мекӯшад, то дар байни мусалмонон ваҳдату дӯстӣ барқарор шавад.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Ба якдигар ҳасад набаред ва ҷанҷол накунед ва ҳамдигарро бад набинед ва бар зидди ҳам нақша накашеду болои савдои якдигар савдо накунед. Эй бандагони Худо, бо ҳам бародар бошед. Мусалмон бародари мусалмон аст, ки ӯро зулм намекунад, хораш намедорад ва таҳқираш намекунад. Имон дар ин ҷост. Паёмбар ба тарафи дилаш се бор ишора мекунад. Барои мусалмон ҳамин қадар гуноҳ кофист, ки бародари мусалмонашро таҳқир кунад. Хуну молу обрӯи ҳар мусалмон барои мусалмони дигар ҳаром аст»* (Ривояти Муслим).

Худо бо Қуръонаш ба мову шумо баракат диҳад ва аз оятҳояш фоида бахшад. Суханамро ба поён расонида, аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ЧАНД НАМУДИ МУОМИЛАҲОИ ҲАРОМ ДАР САВДО

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро бинобар эҳсонаш ва шукр барои тавфиқу миннаташ. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарики бузурмақом ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки ба сӯи ризои илоҳӣ мехонад. Салавоти Худованд бар Ӯ ва олу асҳобаш ва соири бародарону пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки яке аз муомилоти ҳаром дар савдо ин идомаи савдо аст баъди шунидани азони намози ҷумъа ва дар ҷумъа ширкат наварзидан ба сабаби машғулият дар бозор. Худованди мутаъол мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَوٰةِ مِن يَوۡمِ ٱلۡجُمُعَةِ
فَٱسۡعَوۡاْ إِلَىٰ ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ ٱلۡبَيۡعَۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ إِن كُنتُمۡ
تَعۡلَمُونَ ٩ فَإِذَا قُضِيَتِ ٱلصَّلَوٰةُ فَٱنتَشِرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَٱبۡتَغُواْ
مِن فَضۡلِ ٱللَّهِ وَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَثِيرٗا لَّعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٠

**«Эй касоне, ки имон овардаед, чун рӯзи ҷумъа ба намоз даъват намоянд, ба сӯи зикри Худо бишитобед ва савдои хешро қатъ намоед. Ин барои Шумо беҳтар аст, агар бидонед. Пас чун намоз ба поён расад, шумо дар рӯи замин парешон шавед ва талаби ризқи Худоро намоед. Ва Худоро бисёр зикр кунед, шояд, ки наҷот ёбед» (***сураи Ҷумъа, оятҳои 9-10***).**

Бо вуҷуди он ки ин оятро аксари мардум медонанд, вале ба маънои ҳақиқии он сарфаҳм намераванд ва тибқи он амал намекунанд.

Бо фатвои аксари уламо баъди азони ҷумъа харидан, фурӯхтан, нарх кардан, гуфтушунидҳои иҷоравӣ ва тамоми муомилот ҳаром аст. Аммо сабаби зикри савдо дар оят дар он аст, ки ин кор бештар сурат мегирад ва савдогарон бештар ҷумъаро тарк мекунанд, хусусан касоне, ки молҳои худро дар дари масҷидҳо савдо мекунанд. Ту мебинӣ, ки имом машғули хутба аст ва дар болои минбар мардумро мавъиза мекунад, вале онҳо дар беруни масҷид машғули тиҷорат ва мардумро ба сӯи харидорӣ даъват мекунад. Гӯё насиҳатҳои имом ба онҳо тааллуқ надошта бошад. Онҳо бо ин амалашон гирифтори ду бало мешаванд:

Аввалаш ин ки масҷидро макони касб қарор додаанд, ки дар саҳна ва ҳарами он савдо мекунанд ва ин кор ҳаром аст, зеро Паёмбар фармудааст: *«Агар касе дар масҷид мардеро бинад, ки чизе мефурӯшад, бигӯяд: Худо ба ту фоидае надиҳад. Зеро масҷид на барои ин сохта шудааст, балки он барои намоз бино шудааст».*

Дуюмаш ин ки баъди шунидани азон машғули тиҷоратанд ва ин амал дар ҳамин вақт ҳаром аст ва бо ин амалашон гирифтори ваидҳои сахти торикони ҷумъаро соҳиб мегарданд. Абуҳурайра ривоят мекунад, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки мегуфт: *«Ё мардум аз тарк кардани ҷумъаҳо боз меистанд ва ё Худованд дар дилҳояшон мӯҳр мениҳад ва онҳо аз зумраи ғофилин қарор хоҳанд гирифт»* (Ривояти Муслим).

Аз ҷумлаи савдои ҳароме, ки имрӯзҳо бештар дида мешавад савдои наҷш мебошад. Маънои наҷш он аст, ки касе, ки ин бизоатро хариданӣ нест, дар савдо медарояд, вай ин корро ба мақсади баланд бардоштани нарх мекунад, то дигаронро дар дом афкананд. Ӯ бо ин амалаш харидорро саросема мекунад ва аҳёнан ин корро бо маслиҳати фурӯшанда анҷом медиҳад ва ҳарду дар гуноҳ шарик мешаванд. Аммо агар ин корро бе маслиҳати фурӯшанда кунад, танҳо ӯ гунаҳкор мешавад. Аммо агар фурӯшанда худ харидорро фиреб дода, молашро гузаронад, ӯ гунаҳкор мешавад.

Ҳазрати Умар (р) ривоят мекунад, ки: *«Паёмбар аз наҷш манъ кардааст»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Имом Бухорӣ мегӯяд: Наҷш фиреб аст, ботил аст ва дуруст нест.

Эй бандагони Худо!

Ин намуд савдо бештар дар мошинбозору молбозор дида мешавад. Вақте, ки баъзе савдогарон бо дӯстону рафиқонашон маслиҳат мекунанд, ки то нархи молашро бардоранд, дар ҳоле, ки ӯ аслан харидани нест, онҳо бо ин кор мардумро фиреб медиҳанд ва дар ҳаром афтида, динашонро ба андак чизи дунё мефурӯшанд.

Аз ҷумлаи намуди дигари савдои ҳаром савдои ҳавоӣ аст. Сураташ он аст, ки як чизро надониста савдо кунад, ё чизеро, ки дар зимни он қимор аст, савдо намояд. Шариати Ислом аз чунин намуди савдо манъ кардааст ва бо ин кор ҳуқуқи мардумро муҳофизат намуда, намегузорад молу мулки онҳо аз даст равад. Абуҳурайра мегӯяд: *«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз савдои рег ва ғарар манъ намудааст»* (Ривояти Муслим).

Имом Нававӣ раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд: Манъ кардани савдои ғарар яке аз усули шариат аст ва дар зери он намудҳои гуногуни савдо медарояд, аз қабили савдои ғуломи гурезанда, чизи набуда, чизи номаълум, чизеро, ки тавони таслими онро надорад, чизеро, ки фурӯшанда моликаш нест. Ҳамчунин фурӯхтани моҳӣ дар об, шир дар пистон, ҳамл дар шиками модараш, парранда дар ҳаво ва монанди инҳо, ки ин намуд савдо ботил буда, ҷоиз нест.

Аз суратҳои дигари ин намуд савдо он аст, ки ба дӯконҳои кредитдиҳанда рафта, бо онҳо дар бораи харидани мошин ва ё чизи дигар иттифоқ кунад, дар ҳоле, ки он дӯкон онро надорад, пас камтар пулро аз онҳо мегирад ва рафта аз дигар дӯкон оварда, ба харидор медиҳад.

Ҳамчунин агар инсоне ба банк муроҷиат кунад, то ӯро дар харидани хона ва ё мошин кӯмак намояд ва баъди иттифоқ бо банк банк онро харида, ба ӯ медиҳад ва ӯ оҳиста-оҳиста ин маблағро бо фоидааш ба банк бармегардонад, ки ин кор дар қисми рибо дохил шуда, шаръан ҳаром аст. Ривоят аст, ки Ҳаким Ибни Ҳузом гуфт: Эй Расули Худо, ба назди ман мардум меоянд ва бо ман дар бораи чизе савдо мекунад, ки ман надорам. Оё иҷозат аст, агар ман онро аз бозор харида, ба онҳо фурӯшам? Гуфтанд:

*«Савдо накун он чизеро, ки молик нестӣ»* (Ривояти Тирмизӣ ва Абудовуд).

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва корҳои дини худро биомӯзеду ҳамеша ҳушёр бошед, комёб мешавед ва наҷот меёбед.

Худоё, салавоту салом фирист бар банда ва Расулат Муҳаммад писари Абдуллоҳ саломи доимӣ то рӯзи қиёмат

Худоё, аз тамоми асҳоби Паёмбарат ва аз ҳамаи тобеин ва пайравонашон то рӯзи қиёмат розӣ бош. Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсаронаш, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобиин то рӯзи қиёмат.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳй мункар бошад.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро ағфират намо.

Худоё, Исלому муслиминро пируз бигардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балою офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагии онҳоро пайванд деҳ. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш ва асирони ононро раҳо намо. Худовандо, қарздоронро кӯмак кун.

Худоё, ба заифиямон раҳм намо ва айбҳоямонро бипӯшон ва лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор.

Худовандо, рӯзе ки дар пешгоҳат қарор мегирем, ба ҳоламон раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро ба ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат боз гардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, бесатриҳо ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои нек зинат деҳ, эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламин. Ҳамоно, ки ту бар ҳама чиз қодир ҳастӣ.

# РИБО АНВОИ РИБО ВА ХАТАРИ ОН БАР МИЛЛАТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигореро, ки паёмбаронашро бо ҳуҷҷат фиристод ва тавассути мӯъҷизаҳо қувваташон бахшид ва барояшон дастур дод, то ҳалолхӯр бошанд. Ӯро ҳамду шукр мегӯям ва ба сӯяш боз мегардам ва аз Ӯ омӯрзиш мехоҳам. Шаҳодат медиҳам, ки ҷуз Худованди ягонаи бешарик худое нест. Ӯ дар каломи покаш мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُواْ ٱلرِّبَوٰٓاْ أَضۡعَٰفٗا مُّضَٰعَفَةٗۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٣٠

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо рибоборо чанд баробар нахӯред ва аз Худо битарсед, шояд растагор шавед»** (сураи Оли Имрон, ояти 130). Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки некӯтарин башар ва хотами паёмбарону расулон аст. Ӯ дар ҳаҷҷатулвадоъ гуфта буд: *«Дониста бошед, ки рибои даврони ҷоҳилият дар зери пои ман аст ва аввалин рибоеро, ки бекор мекунам, ин рибои амакам Аббос ибни Абдулмутталиб аст».* Салавоту саломи бепоёни Худованд ӯро ва тамоми хонадонашро, ки соҳибони фазлу каромот буданд ва бар ҳамаи касоне, ки ба дунболи онҳо меравaнд, то рӯзи қиёмат. Аммо баъд...

Ман шумо ва худро васият мекунам, то тарси Худоро дар дил дошта бошем, зеро ин васияти Худованд аст барои аввалин ва охирини халқаш: **«Он чӣ дар осмонҳо ва замин аст, азони Худост. Ва дар ҳақиқат мо касонеро, ки пештар барояшон китоб дода шуда буданд ва шуморо васият кардем, ки аз Худо битарсед. Пас агар шумо кофир шавед, пас бидонед азони Худованд аст ҳар он чӣ дар осмонҳо ва замин аст ва ӯ ғанӣ ва сутудашуда аст»** (сураи Нисо, ояти 131).

Бояд гуфт тарси Худо мӯҷиби наҷоту комёбӣ ва саодату оромист. Тарси Худо соҳибашро ба некиҳо мехонад ва аз бадиҳо боз медорад. **«Ин фармони Худованд аст, ки бар шумо нозил шуда. Ва ҳар кӣ аз Худо битарсад, гуноҳҳояшро меомӯрзад, аҷрашро афзун мегардонад»** (сураи Талоқ, ояти 5).

Ислом ки дини ростин ва роҳи дуруст мебошад, омадааст, то ба ҳалол хӯрдан ва дурӣ аз ҳарому шубҳа ва истифодаи тамоми ҳалолу мубоҳ амр намояд. Балои бузургест бар сари мардуми мусалмон, ки имрӯзҳо ба ин ҷанба беаҳамиятӣ мекунанд ва аз қафои дунёи ночиз гашта баҳри ба даст овардани он талош менамоянд. Онҳо парвое надоранд, ки он чӣ ҷамъ мекунанд, ҳалол аст ё ҳаром. Ин кори онҳоро Паёмбари бузургамон чанд аср пештар хабар дода буд, ки *«барои мардум замоне меояд, ки инсон парвое надорад, ки моли ба даст овардааш аз куҷо омадааст, аз ҳалол ё аз ҳаром»* (Ривояти Бухорӣ).

Яке аз бузургтарин мусибате, ки болои сари мардум омадааст ва онҳо ба он беаҳамиятӣ мекунанд, ин муомалаи рибо ва истифода аз он дар тамоми услубҳои зиндагияшон мебошад.

Эй бандагони худо!

Рибо бузургтарин ҳаром ва сахттарини гуноҳҳост, ки баракатро бурда, аз ҳақ ва савоб маҳрум мекунад. Дар ин маврид оятҳо ва ҳадисҳои зиёде омадааст. Ҳамчунин саҳобагону тобеин ва уламою муҳаққиқин дар бораи ҳаром будан ва оқибати бади рибо ва баёни оқибати он суханҳо гуфтаанд. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва боқимондаҳои рибоhelp вогузоред, агар шумо аҳли имон бошед»** (сураи Бақара, ояти 287). Боз мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо рибоҳо чанд баробар нахӯред ва аз Худо битарсед, шояд растагор шавед»** (сураи Оли Имрон, ояти 130).

Паёмбар (с) рибоҳо аз ҷумлаи ҳафт чизе гардонидааст, ки ҳалокатро ба бор меорад. Дар саҳеҳайн аз Абуҳурайра омадааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: *«Шумо аз ҳафт чизи ҳалокатовар парҳез намоед... аз ҷумлаи онҳо рибоҳо низ зикр намуданд»*

Балки дар ҷои дигар *«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам лаънат карданд ба хӯрандаи рибо, диҳандаи он, нависандаи он ва шоҳиди он ва гуфтанд, онҳо ҳама дар гуноҳ баробаранд»* (Ривояти Муслим).

Барои баёни бадии рибо ҳамин қадараш кофист, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам андаки онро ба он ташбеҳ кардааст, ки наъузу биллоҳ, гӯё бо модари худ зино карда бошад. Кадом гуноҳ болотар аз он аст, ки инсон бо модари худ, ки ӯро нӯҳ моҳ бардошта, таваллуд карда, шир дода, ба воя расонидааст, зино кунад, ба ҷои некӣ ба Ҳоким ва дигарон аз Ибни Масъуд ривоят мекунанд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Рибо 73 қисм мешавад ва аз ҳама сабуктараш монанди он аст, ки инсон бо модараш зино мекунад ва рибои аз ҳама бештар резондани обрӯи бародари мусалмон аст».*

Эй бандагони Худо оё мусибате болотар аз ин мешавад? Балки аз ин ҳам сахттар Паёмбар фармудаанд, ки як дирҳами аз роҳи рибо ба дастомада зарарноктар аст дар Ислом аз 36 зино. Зино дар Ислом ҳаром аст ва онро Худованд яке аз ҷаримаҳои бузург шуморидааст ва аз сабаби бадӣ ва хатараш онро дар баробари ширки ба Худо ва куштор қарор додааст: **«Ва онҳое, ки ҳамроҳи Худо маъбуди дигареро намехонанд ва касеро, ки Худо хунашро ҳаром кардааст, ноҳақ намекушанд ва зино намекунанд ва ҳар кӣ ин корҳоро анҷом диҳад, муҷозоташро хоҳад дид»** (сураи Фурқон, ояти 68).

Дар саҳеҳайн аз Ибни Масъуд ривоят аст, ки гуфтанд: Эй Расули Худо, кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд: *«Ба Худованде, ки туро офаридааст, шарик оварӣ»*. Гуфт: Эй расули Худо, боз кадом? Фармуданд: *«Ин ки фарзандатро бикушӣ аз тарси он, ки ҳамроҳат мехӯрад»*. Гуфт: Боз кадом? Фармуданд: *«Бо зани ҳамсоя зино кардан»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй бандагони Худо, агар ин қадар гуноҳи бузург барои ҷинояти як зино бошад, пас гуноҳи 36 зино чӣ миқдор аст?

Эй мусалмонон! Рибо ҳарчанд даромади зиёд дошта бошад ҳам, вале оқибаташ ба камӣ мерасад. **«Худованд рибоbooро маҳв месозад ва садақотро фузунӣ мебахшад ва ҳеҷ носипоси гунаҳкореро дӯст намедорад»** (сураи Бақара, ояти

287). *«***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва боқимондаи рибоаро вогузоред, агар шумо аҳли имон бошед. Агар шумо ин корро накардед, омодои ҷанг бо Худо ва Расулаш бошед. Ва агар шумо тавба кунед, асли сармоя азони шумо хоҳад буд, на касеро зулм мекунед ва на касе шуморо зулм хоҳад кард» (сураи Бақара, оятҳои 276-279).**

Худованд ғайри рибохӯрон ба муқобили касе эълони ҷанг накардааст. Ибни Аббос мегӯяд: Рӯзи қиёмат рибохӯронро мегӯянд: Аслиҳаи худро бардоред ва омода бошед барои ҷанг бо Худо ва касе тоқати ҷанги бо Худоро надорад.

Худованд ҳоли рибохӯронро дар рӯзи қиёмат хеле зишт тавсиф намуда, ононро монанди девонагони ҷинзада васф намудааст. *«***Онҳое, ки рибохӯрӣ мекунанд, рӯзи қиёмат намехезанд, магар монанди касе, ки ӯро шайтон задааст. Ин ба сабаби он аст, ки онҳо мегуфтанд, савдо ҳам монанди рибост, дар ҳоле, ки Худованд савдоро ҳалол намуда, рибоаро ҳаром гардондааст. Пас ҳар киро панди Худо расад ва ӯ аз рибо даст кашад, гузаштааш барои ӯст ва кораш ба Худо вобаста аст ва ҳар кӣ боз даст ба он занад, пас онҳоянд асҳоби дӯзах, ки дар он ҷовидон хоҳанд монд»** (сураи Бақара, ояти 275).

Бухорӣ ва дигарон дар бораи қиссаи Исро ва Меъроҷ ривоят мекунанд: *«Ӯ дар шаби Исро мардумеро дид, ки шикамҳои калон доранд ва ба замин афтода, аз ҷой бархоста наметавонанд. Вақте оли Фиръавнро ҳар субҳу шом ба тарафи дӯзах мебаранд, инҳо дар зери пои онҳо ҳастанд, ки оли Фиръавн онҳоро зер мекунанд. Ин аст азоби онҳо дар барзах. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳазрати Ҷабриил дар бораи эшон пурсид. Ӯ гуфт, инҳо рибохӯронанд»*

Ин аст он чизе, ки рибохӯронро дар охират интизор аст: **«Ва албатта азоби охират сахттар ва пояндатар аст»** (сураи Тоҳо, ояти 127).

Аммо дар дунё лашкари Худованд хеле зиёд аст, мисли офатҳои табиӣ, ки молу мулкро нобуд месозад ва мисли бардоштани баракат, ки мол зиёд асту маошҳо баланд, вале баракат нест. Молу мулки рибохӯр ҳарчӣ зиёд шавад ҳам, он бебаракат буда, аҳёнан дарди сари худаш мешавад, ки дар дунё азоб мекашад ва дар охират гирифтори азоби

дарднок мегардад. Азоби молдорон дар охират ё ба сабаби молашро дар роҳи хайр сарф нанамудан ва садақа накардан аст, ё закот надодан, ё даст ба рибо задан.

Худованди таоло дар бораи рибо ва садақа чунин мегӯяд: **«Ва он чӣ рибо додед, то дар моли мардум афзоиш ёбад, назди Худо афзоише даркор нест, вале бо закоте, ки медиҳеду ризои Худоро металабед, фузунӣ ҳосил меояд»** (сураи Рум, ояти 39).

Аз сабабҳои асосие, ки баракати молро аз байн мебарад, сарфи беҳудаи мол аст, ки дар рибохӯрон дида мешавад. Зеро онҳо барои ба даст овардани мол заҳмат накашидаанд ва молро ба осонӣ ба даст овардаанд. Агар ӯ бо заҳмат соҳиби мол мегардид, дар вақти сарфи он эҳтиёт мекард.

Эй мусалмонон! Рибо дар асл зиёдатиро гӯянд. Рибохӯрӣ машҳуртарин сифати яҳудон буд, ки ба сабаби он то рӯзи қиёмат гирифтори азобҳо гардидаанд. **«Ба сабаби зулми яҳудиён ва ба сабаби мумониати бисёрашон аз роҳи Худо мо бар эшон баъзе чизҳои покизаеро, ки бар онҳо ҳалол буд, ҳаром гардонидем. Ва ба сабаби рибохорӣ, ки онҳо аз он манъ карда шуда буданд ва ба сабаби молҳои мардумро ба беҳуда хӯрданашон барои кофирони онҳо азоби дарднокеро омода намудем»** (сураи Нисо, оятҳои 160-161).

Худованд рибоaccount ҳаром сохтааст, зеро тавассути он молҳои мардум баноҳақ хӯрда мешавад. Зеро рибохӯр аз мардум изофӣ меситонад, дар сурате, ки онҳо аз ӯ фоидае надидаанд. Ҳамчунин, рибо ба фақирону бечорагон зарари бузург дорад, ки қарзи онҳо якчанд гашта, онҳо аз адои он оҷиз мешаванд.

Рибо боиси қатъи алоқаҳои дӯстӣ дар байни мардум мегардад ва дари додани қарзи ҳасанаро мебандад. Интишори рибо миёни камбағалонро мешиканад. Аз тарафи дигар ривоҷи рибо дар ҷомеа ҳунарҳоро мемиронад ва таҷрибаҳоро мекушад ва корҳоро мехобонад. Зеро рибокор дигар роҳи даромади осонро ёфтааст, ки на кор мекунад ва на заҳмат мекашад. Дигар ӯ розӣ нест барои ба даст овардани фоида заҳмат кашад. Пас рибо боиси овардани танбалӣ дар ҷомеа мегардад.

Эй бандагони Худо! Рибо ду намуд мешавад, ки вазнинтарини он ва зарарноктаринаш рибои насия аст, ки

дар замони ҷоҳилият он машҳур буд ва бо он қарзи камбағалонро бештар менамуданд. Сураташ чунин буд, ки барои марде маблағеро қарз медоданд ва рузи баргардонданро муайян мекарданд ва чун вақт мерасид барояш мегуфтанд, ё қарзро мегардонӣ ва ё болояш каме изофа медиҳӣ ва ман бароят вақти изофӣ медиҳам. Ҳамин тариқ, ҳар гоҳ вақти додан меомаду ӯ қарзро дода наметавонист, барояш вақти изофӣ медоданду маблағ зоид шудан мегирифт ва ӯ зери қарз то абад мемонд. Ин намуд рибо ба иҷмоъи мусалмонон ҳаром аст.

Ин намуд муомала ба тамоми таолими Ислом, ки ба осонӣ ва кӯмак амр мекунад, зид мебошад ва муқобили ин ояти карима аст, ки мефармояд:

وَإِن كَانَ ذُو عُسْرَةٍ فَنَظِرَةٌ إِلَىٰ مَيْسَرَةٍ ۚ وَأَن تَصَدَّقُوا خَيْرٌ لَّكُمْ ۖ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٢٨٠﴾

**«Ва агар дастнорас бошад, бояд мунтазири дигар рӯз монад ва агар садақа кунед, ин бароятон беҳтар аст, агар дониста бошед»** (сураи Бақара, ояти 280).

Дуюм намуди рибо, рибои изофист. Ва сураташ он аст, ки як ҷинсро ба ҷинси дигар иваз мекунад, бо гирифтани изофӣ. Масалан як кило сабзиро мегираду ду кило медиҳад.

Убода ибни Сомит ва Абусаъиди Худри (р) дар саҳеҳайн ривоят мекунанд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Тилло ба тилло, нуқра ба нуқра, гандум ба гандум, ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо, намак ба намак бояд дастӣ ба даст ва мисли ба мисл бошад. Ҳар кӣ зиёд кунад ва ё талаби зиёдатӣ намояд, рибо кардааст. Агар ҷинс мухталиф бошад, ҳар навъ хоҳед, савдо кунед, агар дасти ба даст бошад».*

Олимон аз ин ҳадис чанд намуд иллатҳои рибоbooро истинбот намудаанд, ки рибо танҳо дар молҳои махсус барои чанд сабаб ҳаром мегардад. Адолати Ислом тақозо мекунад, ки чунин намуд рибо ҳаром аст ва дигар ашёро ба он қиёс намудаанд ва он ду намуд мешавад: Аввал ҳар чизе, ки хӯрданӣ бошаду бо кило фурӯхта шавад, монанди хурмо,

гандум ва гӯшт ва дигар хӯрокиҳо. Дуюм ҳар чизе, ки чун пул истифода шавад, монанди тилло, нуқра ва пулҳои имрӯза мисли сомонӣ, рубли русӣ, доллар ва ғайра, ки мардум бо он дар ҳар шаҳр хариду фурӯш мекунанд.

Бинобар ин, агар як ҷинсро ба ҷинси худаш фурӯшад, монанди хирморо ба хирмо ва тиллоро ба тилло ва яке аз онҳо бештар бошад, дар рибои фазл дохил мешавад. Ҳамчун агар як ҷинсро ба ҷинси худаш фурӯшанд, ба шарти он, ки якеро дарҳол мегираду дигареро баъди чанд мӯҳлате.

Аз намудҳои рибое, ки ҳурматаш хеле гарон аст, ин савдои айнан аст ва сураташ он аст, ки инсоне чизашро ба касе мефурӯшад ва дар ҳамон ҳол, ё каме баъдтар онро бо нархи арзонтар мехарад. Ин намуди савдоро айнан номиданд, зеро инсон айнан чизи фурӯхтаашро мехарад. Асли ҳурмати ин намуд савдо ҳадиси Паёмбар аст, ки фармуданд: **«Агар шумо ба савдои айнӣ машғул шаведу пайи думи говҳо гардед ва ба киштукор розӣ буда, ҷиҳодро тарк кунед, Худованд бар сари шумо хориеро меорад, ки то бознагардед аз саратон онро дур намекунад»** (Ривояти Абудовуд).

Ҷоиз нест фурӯхтани пул ба пул, магар ба таври баробар, монанди як сомонӣ ба як сомонӣ ва як риёл ба як риёл. Аз ҷумлаи муомилоти рибоие, ки имрӯзҳо дида мешавад, ин додани қарзи ба суд аст, аз ҷониби банкҳои рибоӣ ва шахсони алоҳида. Сураташ он аст, ки инсон аз банк ё аз шахсе маблағеро қарз мегирад, ба шарти он ки ба он бештар баргардонад.

Аз ҷумлаи муомилоти рибоӣ маблағгузориест, ки дар банкҳо сурат мегирад. Тариқааш он аст, ки инсон маблағеро то муддати муайян дар банк мемонад ва банк дар тӯли ин муддат онро истифода бурда, ба соҳиби он нисбати муайян ва устуворро 5% ё 10% фоизи солона медиҳад.

Худованд бо Қуръонаш ба мо ва шумо баракат диҳад ва аз оятҳо ва пандҳои ҳакимонааш фоидаамон диҳад. Суханамро ба анҷом расонида, барои худам ва барои шумоён мағфират металабам, аз Ӯ мағфират бихоҳед ва тавба кунед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

## ХАТАРИ РИБО ВА АНВОЪИ ОН БАР УММАТИ МУСАЛМОН

### Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро, ҳамди поку бобаракату зиёде, ки Парвардигорамон дӯст медорад ва мехоҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худои ягонаи бешарик ва шаҳодат меддиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, салоту саломи беандозаи Худованд бар Ӯву тамоми олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки рибо аз хатарноктарин ҷурм ва бузургтарин гуноҳест, ки мӯҷиби ғазабу интиқому лаънати Худо мегардад. Худованд барои ононе, ки баъди фаҳмидани ҳақиқати рибо боз даст ба он мезананд, ваъдаи азоби сахт додааст.

ٱلَّذِينَ يَأْكُلُونَ ٱلرِّبَوٰا۟ لَا يَقُومُونَ إِلَّا كَمَا يَقُومُ ٱلَّذِى يَتَخَبَّطُهُ ٱلشَّيْطَٰنُ مِنَ ٱلْمَسِّ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُوٓا۟ إِنَّمَا ٱلْبَيْعُ مِثْلُ ٱلرِّبَوٰا۟ ۗ وَأَحَلَّ ٱللَّهُ ٱلْبَيْعَ وَحَرَّمَ ٱلرِّبَوٰا۟ ۚ فَمَن جَآءَهُۥ مَوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّهِۦ فَٱنتَهَىٰ فَلَهُۥ مَا سَلَفَ وَأَمْرُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ ۖ وَمَنْ عَادَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٧٥﴾

**«Пас ҳар киро панди Худо расад ва ӯ аз рибо даст кашад, судҳои фароҳам омадан гузаштааш азони ӯст ва кораш бо Худо аст ва касоне, ки боз даст ба он зананд, пас онҳо асҳоби оташанд, ки дар он ҷовидон хоҳанд монд»** (сураи Бақара, ояти 275).

Бисёре аз мардум дар ин рӯзҳо бо ҳиллаҳои гуногун мехоҳанд онро ҳалол бишморанд ва онҳо гумон доранд, Худоро фиреб медиҳанд ва ин феъли яҳудон аст, ки ба

ҳаромҳо даст зада, бо камтарин ҳилла онро ҳалол меҳисобанд. Албатта ин кор риборо ҳалол накарда, балки гуноҳи онро якчанд маротиб меафзояд.

Эй мусалмонон! Балое, ки имрӯз ҳама ҷоро фаро гирифтааст ва мардум ба он мешитобанд, таваррук аст. Сураташ он аст, ки инсон рафта аз бозорҳо мошин мехарад, ба шарти он ки маблағи онро дар муддати чанд сол пардохт намояд. Пас ӯ рафта, ин мошинро фурӯхта, бо пулаш корашро анҷом медиҳад. Агарчӣ дар бораи ҷоиз будани ин кор дар байни уламо ихтилоф аст, вале аксари уламо бар он раъйанд, ки ин намуд муомила ҷоиз аст, вале бо шартҳои зерин: Авалаш ин ки инсон ғайри ин роҳ бо роҳи дигере маблағ ба даст оварда натавонад. Дуюмаш он мошинро ба дигар кас фурӯшад, на ба он кас, ки аз вай харидааст. Сеюмаш ҳамин инсон эҳтиёҷ ба мол дошта бошад.

Бояд дониста бошем, ки Ислом чун риборо ҳаром гардонидааст ва аз мусалмонон талаб намудааст, то аз он дур бошанд, барои онҳо дигар намуд муомаларо ҳалол сохтааст, ки барои онҳо фоидаи ҳалолро кафолат диҳад, ки эҳтиҷоти онҳоро барорад ва аз ҳаром дурашон намояд. Аз ҷумлаи онҳо:

**Суллам.** Сураташ ин аст, ки тоҷир молашро ба харидор медиҳад, то ӯ баъдтар пулашро диҳад. Бо ин роҳ ҳам тоҷир фоида мекунад, ки молаш ба савдо меравад ва ҳам харидор, ки бо нархи арзон молро ба даст овард. Худованди меҳрубон, ки аҳволи бандагонашро бештар медонад, мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, вақте чизеро ба мӯҳлат қарз доданӣ шавед, онро бинависед»** (сураи Бақара, ояти 282). Ҷамоате аз Расули Худо ривоят мекунанд, ки фармуданд: *«Ҳар кас чизеро қарз бигирад, бояд вазни муайян ва ченаки муайян ва то муддати муайян бошад».*

**Ширкатҳои музораба ба шаклҳои гуногунаш:** Сураташ чунон аст, ки шахсе молашро ба каси дигар медиҳад ва ё ба ширкат ва муассиса, то онро кор фармояд. Он шахс ё он ширкат он маблағро дар тиҷорат, хариду фурӯш, иҷора кор фармуда, фоида ва зиёнро дар байни худ ҳамон тавр, ки иттифоқ кардаанд, тақсим мекунанд.

**Қарзи ҳасана.** Худованд дар оятҳои гуногунаш ба он ишора намудааст. Аз ҷумла Ӯ мефармояд:

مَّن ذَا ٱلَّذِى يُقۡرِضُ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنًا فَيُضَٰعِفَهُۥ لَهُۥٓ أَضۡعَافًا كَثِيرَةً ۚ وَٱللَّهُ يَقۡبِضُ وَيَبۡصُۜطُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ﴿٢٤٥﴾

**«Кист он кас, ки ба Худо қарзи ҳасана диҳад? Пас Худованд ба ӯ дучандон ва чандин баробар кунад. Ва Худованд аст, ки тангно ва ҳамчунин гушоиш ба вуҷуд меоварад. Ҳама ба сӯи Ӯ бозмегардед»** (сураи Бақара, ояти 245).

Насоӣ ва ибни Моҷҷа аз ҳадиси Ибни Масъуд ривоят мекунанд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳеҷ мусалмоне нест, ки ба мусалмоне ду бор қарз диҳад, магар барои ӯ монанди савоби садақа навишта мешавад».*

Боз монанди инҳо, аз ҷумлаи муомилоти ҳалоле, ки Ислом иҷозат додааст.

Эй мусалмонон! Шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки ҳар мусалмон бояд аҳкоми динро биёмӯзад ва дар ҳеҷ муомилоти тиҷоратӣ ворид нашавад, магар баъди он ки дар бораи он маълумоти пурра ба даст орад, то дар рибо наяфтад. Агар ӯ баъзе чизҳоро нафаҳмад, бояд дар бораи он аз аҳли илм савол кунад, то молҳояшро аз ҳаром нигоҳ дорад.

Салоту салом фиристед бар раҳмати ҳидоятгар ва неъмати гаронбаҳо ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат ба кори нек амал ва аз мункар наҳй шавад.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Ислому муслиминро пирӯз бигардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балою офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагии онҳоро ҷуброн намо. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш ва асирони онҳоро раҳоӣ бахш. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худоё, ба заифиямон раҳм намо ва айбҳоямонро бипӯшон ва лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор.

Худовандо, вақте дар пеши рӯи ту қарор мегирем, ба ҳоли мо раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро бо ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат бозгардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои наку зинат деҳ, эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламин. Ҳамоно ки ту бар ҳама чиз қодирӣ.

# СИФАТҲОИ МӮЪМИНОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди, соҳиби адлу эҳсонро, ки бо ҳидоят ба сӯи имон бар ҳар ки хост, миннат мениҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Ӯро бо ҳидояту дини ҳақ фиристод, то дар охири замон барои мардум баширу назир ва даъватгар буда, чун чароғи тобоне бошад. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд... эй мардум! Аз Худованди мутаъол битарсед ва дониста бошед, ки бузургтарин неъматеро, ки ба инсон додааст, ин ҳидоят аст ба сӯи имон. Шумо ҳамагон аз Худо талаб кунед, то имонро ба шумо маҳбуб гардонида, онро дар дилҳоятон ҷилвагар созад ва куфру фосиқию гуноҳро мавриди нафрати шумо қарор диҳад. Имон ба ороиши зоҳирию орзу намудан ҳосил намешавад, балки он чизест, ки дар дилҳо устувор шуда, амал онро тасдиқ мекунад. Имон иқрор ба забон ва эътиқоди ба дил ва амал намудан аст бо тамоми бадан ва он ба тоат зиёд шуда, ба маъсият кам мегардад. Имон шаш рукн дорад: Имони ба Худо ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва рӯзи охират ва ба тақдири некӣ ва бадӣ.

Имон нишонаҳои худро дорад ва он бештар аз ҳафтод шоха аст. Худованд бо ин сифат бандагони худро дар оятҳои зиёде нидо мекунад ва онҳоро амр ва наҳй менамояд, зеро имон худ ба корҳои нек ва парҳезӣ аз бадиҳо амр мекунад.

Он касе, ки ба забон даъво мекунад, ки ман мӯъминам, вале амрҳои илоҳиро иҷро намекунаду аз навоҳияш дурӣ намеҷӯяд, дар даъвои худ дурӯғ мегӯяд. Худованд мефармояд: **«Ва баъзе мардумон чунинанд, ки мегӯянд, мо имон овардаем ба Худо ва ба рӯзи охират, вале онҳо мӯъмин нестанд. Онҳо мехоҳанд Худо ва мӯъминонро фиреб диҳанд, вале ҷуз худашонро фиреб намедиҳанд, аммо инро намедонанд»** (сураи Бақара, оятҳои 7- 9).

Имон роҳи корҳои накӯ ва амалҳои хуб аст. Худованд мефармояд: «**Ҳамоно, мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун номи Худо бурда шавад, дилҳояшон нарм мегардад ва чун бар эшон оятҳои Ӯ тиловат карда шавад, имони онҳо зиёд мегардад ва онҳо ба Парвардигорашон таваккул менамоянд. Касоне, ки намозро барпо дошта, аз он чӣ барояшон рӯзӣ додаем, нафақа мекунанд. Мӯъминони ҳақиқӣ онҳоянд»** (сураи Анфол, ояти 2). Имон амалҳоро дуруст намуда, онҳоро дар назди Худованд мақбул мегардонад. Ҳамчуноне, ки Худованд дар китобаш мефармояд: **«Ҳар мард ё зане, ки амали солеҳ намояд дар ҳоле, ки мӯъмин бошад, барояшон зиндагии покиза хоҳем дод ва подоше беҳтар аз амали кардааш ба ӯ ато хоҳем кард»** (сураи Наҳл, оятҳои 97).

Дар муқобил амал ҳарчанд бузург бошад мавриди қабули Худованд намегардад, агар ҳамроҳаш имон набошад. Худованд мефармояд:

إِنَّمَا كَانَ قَوْلَ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذَا دُعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ أَن يَقُولُواْ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا ۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٥١﴾

**«Сухани мӯъминон ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш хонда шаванд, то дар миёнашон доварӣ шавад, ин буд, ки “шунидем ва итоат кардем”. Онҳо ҳамон наҷотёфтагонанд»** (сураи Нур, ояти 51).

Кофирону мунофиқин ҳамеша аз ҳукми Худо ва Расулаш рӯй гардонида, намехоҳанд пойбанди ҳукми Худо ва Паёмбар бошанд, балки доварии шайтонҳо қонунҳои сохтаро бештар қабул доранд. Худованд дар бораи онҳо мефармояд: **«Онҳо мегӯянд: Мо ба Худо ва Расулаш имон овардаем ва итоат мекунем ва баъди ин боз гурӯҳе аз онҳо рӯй мегардонанд ва онҳо мӯъмин нестанд. Ва чун ба сӯи Худо ва Расулаш хонда шаванд, то дар миёнашон доварӣ кунад, ногаҳон гурӯҳе аз онон рӯй мегардонанд»** (сураи Нур, оятҳои 47-48). Худованд боз дар бораи онҳо мефармояд: **«Оё намебинӣ ононеро, ки даъво дорад, ба он чӣ ба сӯи ту ва он чӣ ба сӯи паёмбарони пешин нозил шудааст, имон доранд, вале мехоҳанд тоғутро довар қарор диҳанд, дар ҳоле, ки бар онҳо**

**гуфта шуда, ба токут кофир шавед. Ва шайтон мехоҳад, то онҳоро сахт гумроҳ созад. Вақте ба онҳо гуфта шавад, ба сӯи он чӣ Худованд нозил карда ва ба сӯи Паёмбар рӯй биоваред, мунофиқонеро хоҳӣ дид, ки аз қабули даъвати ту эъроз мекунанд»** (сураи Нисо, оятҳои 60-61).

Эй бандагони Худо! Дар ин замона инсонҳо мехоҳанд танҳо ба ном мӯъмин бошанд. Онҳо имони беамалро мехоҳанд, имони бенамоз, берӯза, бе закот, бе ҳаҷ, ҳатто онҳо имони бе тавҳид ва бе ақидаро мехоҳанд. Мехоҳанд имоне дошта бошанд, ки тавонанд қабристон ва марқадҳоро парасториш намоянд, имонеро, ки дар ҳалли мушкилоташон ба қавонини вазъӣ мурочиат намоянд, дар ҳоле, ки шарти асосии имон ин кофир шудан аст ба тоғутҳо. Худованд мефармояд:

لَآ إِكۡرَاهَ فِي ٱلدِّينِۖ قَد تَّبَيَّنَ ٱلرُّشۡدُ مِنَ ٱلۡغَيِّۚ فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٢٥٦﴾

**«Дар дин маҷбурӣ нест. Албатта роҳи дуруст ва каҷ маълум гаштааст. Пас ҳар кӣ ба шайтон кофир шуда, ба Худо имон оварад, дар ҳақиқат, ба ресмони қавие чанг задааст, ки ҳеҷ кандание надорад. Ва Худованд шунавои доност»** (сураи Бақара, оятҳои 256).

Барои дуруст шудани ибодат шарт ба тоғутҳо кофир шудан аст. Худованд мефармояд: **«Мо дар ҳақиқат дар ҳар уммате паёмбаре фиристодем ба ин дастур, ки шумо Худовандро бипарастед ва аз шайтонҳо дурӣ ҷӯед»** (Наҳл 36). Худованд мефармояд: **«Шумо Худовандро ибодат намуда, ба Ӯ чизеро шарик наёваред»** (Нисо 36).

Эй бандагони Худо! Боз гуноҳҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз ин камтар аст ва имони касро табоҳ намекунад, лекин онро коста ва заиф менамояд. Мӯъмин бояд барои муҳофизати имонаш аз тамоми гуноҳҳо парҳез кунад. Ӯ бояд дар муомилаҳояш хиёнат накунад, дар вақти

ҷанҷол носазо нагӯяд, дар суханонаш аз дурӯғ парҳез намояд, ба ваъдааш хилоф накунад, паи суханчинӣ нагардад, амонатро хиёнат накунад. Аҳдшикан набошад ва мардумро ғайбат накунад. Ӯ бояд аз ба даст овардани мол бо роҳи ҳаром дурӣ ҷӯяд ва ба ин хотир рибохӯрӣ накунад, пора нагирад, моли ятимонро аз худ накунад. Аз хислатҳои паст монанди дашном додан, зишт гуфтан худро нигоҳ дорад.

Мӯъмин набояд таънагар, лаънаткунанда, фоҳиша, беномус бошад ва бояд барои бародари мӯъмини худ он чиро бихоҳад, ки барои худ мехоҳад ва пайваста дар паи ислоҳи ҷомеа бошад. Худованд мефармояд:

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴿١٠﴾

**«Ҳамоно мӯъминон бародаранд, пас миёни бародаронатон сулҳ барқарор кунед»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 10). Мӯъмин бояд дар ғами бародараш шарик бошад, ҳамчуноне, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Мӯъминон дар дӯстӣ ва раҳмхӯрияшон монанди як ҷасад мебошанд, ки чун узве ба дардояд, боқии аъзо бо бедорӣ ва таб бо ӯ ҳамдард мешаванд»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй мӯъминон! Он гуна, ки гуноҳ ба имон халал мерасонад ва онро заиф мекунад, тоат онро пурқувват намуда, афзунаш мегардонад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун номи Худо бурда шавад, дилҳояшон нарм мегардад ва чун бар эшон оятҳои Ӯ тиловат карда шавад, имони онҳо зиёд мегардад ва онҳо ба Парвардигори худ таваккул менамоянд»** (сураи Анфол, ояти 2). Имон бо тиловати Қуръон ва бо ҳамнишинии накӯкорон ва зикри Худо зоид мешавад. Худованд мефармояд: **«Онҳое, ки имон овopen ва дилҳояшон бо зикри Худо ором мегирад. Дониста бошед, ки танҳо бо ёди Худо дилҳо ором мегиранд».** (сураи Раъд, ояти 28). Эй бандагони Худо! Бар худ лозим доред ҳар чизеро, ки имонатонро қавӣ намуда, дараҷоти шуморо баланд мебардорад.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим **«Касе, ки имон оварад ба Худо ва рӯзи охират ва малоикаҳо ва китобҳо ва паёмбарон ва сарф кунад молҳои худро бо вуҷуди дӯст доштан ба хешовандону ятимону мискинҳо ва мусофирон ва талбандаҳо ва дар озод сохтани банда. Ва барпо дорад намозро ва бидиҳад закотро ва чун аҳд бастанд ба аҳди худ вафо намоянд. Ва дар ҳолатҳои ҷанг ва сахтӣ собир бошанд. Инҳоянд касоне, ки содиқанд ва инҳоянд аҳли тақво»** (сураи Бақара, ояти 177).

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# СИФАТҲОИ МӮЪМИНОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро, ки ба сӯи имонаш ҳидоят намуда, моро мусалмон гардонидааст. Танҳо Ӯро ҳамд ва шукр мегӯям ва неъматҳои фаровон ва фазлу карамашро хоҳонам. Салоту салом мефиристам, бар ҳодии амин, Муҳаммад писари Абдуллоҳ ва бар олу асҳобаш ва бар ҳар кӣ Ӯро дӯст гирифтааст. Аммо баъд...

Мӯъминон беҳтарин халқи Худованд ва софдилтарини мардум ва касоне мебошанд, ки бештар Худоро ёд намуда, амру наҳйи ӯро ба ҷо меоваранд. Худованд мефармояд: **«Сухани мӯъминон ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш хонда, то дар миёнашон доварӣ шавад, ин буд, ки шунидем ва итоат кардем. Онҳо ҳамон наҷотёфтагонанд»** (сураи Нур, ояти 51).

Сифати дигари мӯъминон он аст, ки эшон мавриди эътимоду боварӣ қарор доранд, ки мардум барои ҳифзи молу ҷону хонадони худ аз онҳо эмин ҳастанд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: «Мӯъмин касест, ки мардум барои молу ҷони худ аз онҳо дар амон аст» (Ривояти Ибни Моҷа).

Имони ба Худо дарахтест зебо, ки самараи хуб ва ҳосили покиза дорад. Мӯъмини ба Худо ҳаргиз ҷуз покизагӣ коре дигар намекунад ва ҷуз сухани хуш чизе намегӯяд. Мӯъмин он чизеро покиза меномад, ки Худованд ҳалолаш гардонидааст. Паёмбари бузургамон фармуданд: «*Эй мардум, ҳамоно Худованд пок аст ва танҳо покиро қабул мекунад ва Худованд ба бандагонаш ҳамон чизеро фармудааст, ки ба паёмбаронаш фармуда. Баъди ин, Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ин оятро қироат намуданд:*

يَٰٓأَيُّهَا ٱلرُّسُلُ كُلُواْ مِنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَٱعۡمَلُواْ صَٰلِحًاۖ إِنِّي بِمَا تَعۡمَلُونَ عَلِيمٞ ﴿٥١﴾

**«Эй паёмбарон, аз покизаҳо бихӯред ва корҳои шоиста анҷом диҳед, ки ман ба он чӣ анҷом медиҳед, огоҳам»** (сураи Мӯъминун, ояти 51).

Сифати дигари мӯъминон, эй аҳли имон, ин меҳрубонӣ ва дилсӯзӣ ва табодули меҳрубониҳост нисбати ҳамдигар. Мӯъминҳо бо дили ягона ва якдастанд, дар баробари куффор бузургу дар баробари ҳамдигар меҳрубонанд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Мӯъминон дар дӯстӣ ва меҳрубонияшон монанди як ҷасад мебошанд, ки чун узве ба дард ояд, боқии аъзо бо бедорӣ ва таб бо ӯ ҳамдард мешаванд»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Мӯъмин ҳамеша Худои хешро бо забон ёд намуда, бо тамоми вуҷудаш ӯро шукр мегӯяд ва бо аъмоли хеш гуфтаҳояшро тасдиқ мекунад. Ӯ касеро таъна намекунад ва касеро дашному ҳақорат намедиҳад. Суханонаш ҳама зебост, рафтораш рафтори накӯкорон аст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Мӯъмин на таънагар мешавад ва на лаънатгар ва на бадкор ва на бадзабон»* (Ривояти Тирмизӣ).

Салоту салом фиристед бар раҳмати ҳидоятгар ва неъмати гаронбаҳо ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист ҳамчунон, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз Хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат розӣ шав.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва ин уммат ба маъруф амал намояд ва аз мункар бозистад.

Худоё, занону мардони мӯъмину муслалмонро мағфират намо.

Худоё, Ислому муслиминро пирӯз бигардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балою офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагии онҳоро ҷуброн намо. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро шифо бахш ва асирони онҳоро озод соз. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худоё, ба заифиямон раҳм кун ва айбҳоямонро бипӯшон, лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор.

Худовандо, рӯзе ки дар пеши рӯйи ту қарор мегирем, ба ҳоли мо раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро бо ҷаннат ва ризоят мушарраф гардон.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат бозгардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои накӯ зинат деҳ, эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламиён, ҳамоно, ту бар ҳама чиз қодирӣ.

# ШАРҲИ ҲАДИСИ АБУЗАР

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, аз Ӯ ёрӣ хоста, талаби омӯрзиш менамоям ва аз бадии нафсҳо ва корҳои зишти худ ба ӯ паноҳ мебарам. Ҳар киро ҳидоят кунад, касе гумроҳаш натавонад кард ва он киро, ки гумроҳ сохт, ҳеҷ ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст.

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, он миқдор, ки Ӯ лоиқ аст. Ва шумо намиред магар дар ҳоле ки шумо мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 02).

**«Эй мардум, аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силлаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд мурoқиби шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамеша суханони дуруст бигӯед. Корҳои шуморо дуруст намуда, гуноҳҳоятонро мағфират менамояд. Ва ҳар кӣ Худованд ва Паёмбарашро итоат намояд, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 70-71).

Эй бандагони Худо! Бишнавед ва он чиро, ки ман бароятон мегӯям, дар ёд доршта бошед, ки баракати дунё ва охират, саодати дил, оромии сина дар ин гуфтаҳост. Ҳамчунин дар ин ҳадис фазилати бузург ва неъматҳои фаровон аст. Ҳазрати Абузар ривоят мекунад, ки ман аз Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва салам шунидам, ки Ӯ аз Худованд ривоят мекард: *«Эй бандагони ман! Ман зулмро бар худ ҳаром сохтаам ва онро дар байни шумо низ ҳаром намудаам, пас шумо ҳамдигарро зулм накунед.*

*Эй бандагони ман! Шумо ҳама гумроҳед, магар он киро, ки ман ҳидоят кунам. Пас аз ман ҳидоят талабед, ҳидоятатон мекунам.*

*Эй бандагони ман! Шумо ҳама гуруснаед, магар он касро, ки ман сер кунам. Пас шумо аз ман таом хоҳед, то сератон кунам.*

*Эй бандагони ман! Шумо ҳама бараҳна ҳастед, магар он киро, ки ман пӯшонам. Пас шумо аз ман пӯшиш талаб кунед, то шуморо бипӯшонам. Эй бандагони ман! Шумо ҳама шабу рӯз хато мекунед ва ман тамоми гуноҳҳоро мебахшам. Пас аз ман омӯрзиш талабед, то шуморо биёмӯрзам.*

*Эй бандагони ман! Шумо на ба зарари ман расида метавонед, то ба ман зарар расонед ва на ба нафъи ман мерасед, то ба ман фоидае диҳед. Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар дили мутақитарин шахс бошад, дар мулки ман чизе изофа намешавад.*

*Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар дили фоҷиртарин шахс бошад, аз мулки ман чизе кам намегардад. Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар як тараф аз ман ҳар чиз бихоҳанд ва ман ба ҳар якашон чизи талабкардаашро диҳам, аз хазинаҳои ман чизе кам нагардад, магар монанди даровардани сӯзан дар баҳр»* (Ривояти Муслим).

Ин ҳадиси бузург хеле фоидаи бузург ва қадру манзалати баланд дорад. Имом Аҳмад мегӯяд, ин бузургтарин ҳадиси аҳли Шом аст ва Абуидриси Хавлонӣ, ки яке аз ровиёни ҳадис буд, ҳар гоҳ ин ҳадисро ривоят мекард, бар зонуҳои худ менишаст.

Маънои сухани Худованд, ки мегӯяд: Ман зулмро бар худ ҳаром сохтаам, он аст, ки ман аз зулм кардан пок ҳастам ва ба худ зулмро иҷозат намедиҳам. Маънои зулм як чизро дар ғайри маконаш мондан аст. Худованд мефармояд: **«Ва Парвардигори ту ба бандагон зулм намекунад»** (сураи Фуссилат, ояти 46). Боз мефармояд: **«Ва Парвардигори ту ба касе зулм намекунад»** (сураи Каҳф, ояти 49).

Сухани Паёмбар, *«Ва онро дар байни шумо низ ҳаром намудам, пас шумо ҳамдигарро зулм накунед»,* маънои онро дорад, ки зулм ду намуд мешавад. Яке зулми инсон ба худаш, ки бузургтарини он ширк аст ва ширк зулмест хеле гарон. Дигаре зулми инсон ба дигарон. Паёмбар салаллоҳу

алайҳи ва саллам дар хутбаи вадоъаш гуфта буд: *«Ҳамоно, хуни шумо ва амволи шумо бар шумо ҳаром аст монанди ҳурмати ҳамин рӯз дар ҳамин шаҳр»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Барои инсон ҳаром аст то ба бародари мусалмон дар мол, ҷон, хонадон ва ё ҷисмаш зулм намояд. Ҳамчунин барояш ҳаром аст, то ба худ зулм намояд, ба ин тариқа, ки бар нафси худ чизеро бор кунад, ки тавони онро надорад ва ё коре кунад, ки худро гирифтори гуноҳ намуда ба ҳаромҳои мамнуъа даст занад. Пас шумо, эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки зулм торикист дар рӯзи қиёмат.

Паёммбар салаллоҳу алайҳи ва салам мефармояд: *«Эй бандагони ман! Шумо ҳама гумроҳед, магар он киро, ки ман ҳидоят кунам. Пас аз ман ҳидоят талабед, ҳидоятатон мекунам.*

*Эй бандагони ман! Шумо ҳама гуруснаед, магар он касро, ки ман сер кунам. Пас шумо аз ман таом хоҳед, то сератон кунам.*

*Эй бандагони ман! Шумо ҳама бараҳна ҳастед, магар он киро, ки ман пӯшонам. Пас шумо аз ман пӯшиш талаб кунед, то шуморо бипӯшонам. Эй бандагони ман! Шумо ҳама шабу рӯз хато мекунед ва ман тамоми гуноҳонро мебахшам. Пас аз ман омӯрзиш талабед, то шуморо биёмӯрзам».*

Аҷаб зебост ин ибораҳо ва чӣ хуш аст. Карами Худованд чӣ қадар воло аст. Инсонро меофарад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад, китобҳо нозил намуда, паёмбарон мефиристад ва ба аҳли тоаташ савобе медиҳад, ки на чашм дидааст ва на гуше шунидааст ва на дар хаёли касе омадааст.

Тамоми халқ, агар Худованд барояшон тавфиқи ҳидоят надиҳад ва агар онҳо аз Худованд бо ихлосу бо зорӣ ва тавалло ҳидоят талаб накунанд, онҳо ҳама гирифтори хатар мебошанд. Бо вуҷуди ин, Худованд ваъда медиҳад, ки ман иҷобати давъвати шуморо мекунам. Шумо аз ман ҳидоят талаб кунед, ман шуморо ҳидоят мекунам. Ба ҳар кӣ ҳидоят дода шуд, ӯ роҳро дарёфта, аз палидиҳо пок мегардад ва ҳамсӯҳбати паёмбарон, сиддиқон, шаҳидон ва накӯкорон мегардад. Ибни Раҷаб мегӯяд: Бояд ҳар банда талаб намояд то Худованд ӯро барои шинохтани қавонини Ислом ва

тафсилоти имон ҳидоят намуда, барои анҷоми он кӯмакаш намояд ва ҳар мӯъмин ба ин эҳтиёҷро дорад.

Дар ҳадис далел бар он аст, ки Худованд дӯст медорад, то бандагонаш аз ӯ тамоми масолеҳи дунё ва дини худро бипурсанд, монанди таом, шароб, либос, манзил ва монанди инҳо. Ҳамин тариқ, аҳли салаф аз Худованд ҳама чизро металабиданд, бо назардошти одоби дуо ва дурӣ аз он чӣ дар дуо мамнӯъ аст.

Аммо талаби омӯрзиш аз гуноҳон корест, ки банда ба он хеле эҳтиёҷманд аст, зеро инсон шабу рӯз гуноҳ мекунад ва дар оятҳои зиёди ҳамин Қуръонамон маъмурем, то бештар истиғфор намоем.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам фармудаанд: *«Ҳама одамизод хатокор аст ва беҳтарин хатокорон тавбакунандагонанд»* (Ривояти Ибни Моҷа). Боз мефармояд: *«Ман дар як шабонарӯз бештар аз ҳафтод маротиба истиғфор мекунам»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Шумо эй бандагони Худо, аз остони дари истиғфор дур нашавед ва аз Паёмбаратон пайравӣ намоед. Истиғфор гуноҳонро кафорат мекунаду мақоми шахсро баланд мебардорад, дилҳоро мешӯяду чиркро тоза мекунад. Ҳар кӣ ҳамеша машғули истиғфор Буда, дар авқоти қабули дуо онро бештар кунад, вориди биҳиште мегардад, ки аз зери дарахтони он ҷӯйҳо равонанд. Худованд фармудааст:

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ ٱلشَّهَوَٰتِ مِنَ ٱلنِّسَآءِ وَٱلۡبَنِينَ وَٱلۡقَنَٰطِيرِ
ٱلۡمُقَنطَرَةِ مِنَ ٱلذَّهَبِ وَٱلۡفِضَّةِ وَٱلۡخَيۡلِ ٱلۡمُسَوَّمَةِ وَٱلۡأَنۡعَٰمِ
وَٱلۡحَرۡثِۗ ذَٰلِكَ مَتَٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسۡنُ
ٱلۡمَـَٔابِ (١٤) ۞ قُلۡ أَؤُنَبِّئُكُم بِخَيۡرٖ مِّن ذَٰلِكُمۡۚ لِلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ عِندَ
رَبِّهِمۡ جَنَّٰتٞ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا وَأَزۡوَٰجٞ

مُّطَهَّرَةٞ وَرِضۡوَٰنٞ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ بَصِيرُۢ بِٱلۡعِبَادِ ١٥ ٱلَّذِينَ
يَقُولُونَ رَبَّنَآ إِنَّنَآ ءَامَنَّا فَٱغۡفِرۡ لَنَا ذُنُوبَنَا وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ١٦
ٱلصَّٰبِرِينَ وَٱلصَّٰدِقِينَ وَٱلۡقَٰنِتِينَ وَٱلۡمُنفِقِينَ
وَٱلۡمُسۡتَغۡفِرِينَ بِٱلۡأَسۡحَارِ ١٧

**«Барои мардум муҳаббати шаҳватҳо ба монанди зан, фарзанд, захираҳои тӯдашудаи тилло ва нуқра, маркабҳои нишонашуда, чорво ва киштзор зинат дода шудаанд. Ин ҳама матои ҳаёти дунё буда, дар назди Худованд аст бозгашти накӯтар. Бигӯ оё барои шумо аз ин ҳама беҳтареро бирасонам. Барои касоне, ки тақво варзидаанд, дар назди Парвардигорашон боғҳоест, ки аз зери дарахтони он ҷӯйҳо равон буда, онҳо дар он ҷо ҷовидон мемонанд ва ҳамсарони покест ва ризои Худованд аст. Ва Худованд бандагони худро мебинад. Касоне, ки мегӯянд Парвардигоро, мо имон овардаем, пас гуноҳони моро мағфират намо ва аз азоби дӯзах моро нигоҳ дор. Онҳо собирон, ростгӯён, обидон, нафақакунандагон ва талаби мағфираткунандагон дар саҳаргоҳанд»** (сураи Оли Имрон, оятҳои 14-17).

*«Эй бандагони ман! Шумо на ба зарари ман расида метавонед, то ба ман зарар расонед ва на ба нафъи ман мерасед, то ба ман фоида диҳед».* Шахси гунаҳкор ҳарчанд гуноҳ содир кунад, ба Худованд зарар расонда наметавонад. Ӯ бениёз аст, аз тоати мутеъ ба ӯ фоидае намерасад. Ҳар кӣ хубӣ кунад, барои худ мекунад ва агар бадӣ кунад, бар зарари худ кардааст. Ҳар кадоми онҳо дар пешгоҳи Худованд меистанд ва зирак он кас мебошад, ки корҳои хайрро бештар анҷом дода, аз ҳаром парҳез мекунад ва ҳар кӣ бадӣ кунаду камбудӣ намояд ва тамоми корҳои бадро анҷом диҳад, пас бояд танҳо худашро маломат кунад.

**«Пас ҳар касе, ки ба андозаи як зарра некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кӣ ба андозаи як зарра бадӣ карда бошад, онро мебинад»** (сураи Зилзол, оятҳои 7-8).

Хулосаи калом ин, ки Худовандро хуш меояд, ки бандагонаш аз ӯ битарсанд ва ӯро итоат намоянд. Барои ҳамин, Худованд барои тавбаи бандааш хурсандтар мешавад аз оне, ки шутурашро бо тамоми хӯрокҳояш дар биёбони тафсон гум кард ва баъди он, ки хеле ҷустуҷӯ карда, онро пайдо накард ва ноумед ҳам шуд ва ба хоб рафт. Чун бедор шуд, онро дар пешаш дид.

Фузайл ибни Аёз мегӯяд: Чун шаб мешавад ва торикӣ курраи заминро фаро гирифта, ҳама ҷоро тира кунад, Худованди азза ва ҷалла садо мекунад, ки кист аз ман каримтар дар ҳоле, ки мардум маро осӣ мешаванд? Ман ба сӯи онҳо назора мекунам ва дар ҳангоме, ки онҳо ба хоб мераванд, ман онҳоро ҳимоя мекунам, гӯё онҳо маро осӣ нашудаанд. Ман онҳоро муҳофизат мекунам, гӯё ҳеҷ гуноҳе накарда бошанд. Ман фозилам ва фазилат аз ман аст, ман каримам ва карам аз ман аст.

*«Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар дили муттақитаринатон бошад, дар мулки ман чизе изофа намешавад. Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар дили фоҷиртарини шумо бошад, аз мулки ман чизе кам нагардад».*

Дар ин ҳадис далели қавӣ бар он аст, ки асли тақво ва асли гуноҳ аз дил сар мезанад. Агар дил некӯ ва парҳезгор бошад, тамоми бадан некӯкор мегардад. Агар дил гунаҳкор бошад, соири аъзо низ гунаҳкор мешавад. Ҳамчуноне, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам фармуданд: *«Тақво дар ин ҷост ва ба синаашон ишора карданд»* (Ривояти Муслим).

Пас шумо эй бандагон аз Худо битарсед ва дилҳоятонро дуруст намоед ва муроқиби он бошед ва аз бемории шубҳаҳо ва шаҳватҳо парҳез намоед ва ба шубҳаҳо ҳатто наздик машавед. Зеро касе, ки ба шубҳа наздик мешавад аз имкон берун нест, ки гирифтори ҳаром гардад.

Чизи дигаре, ки дилро ба ислоҳ меорад, ин ростист бо Худованд дар гуфтор, кирдор, ихлос ва рӯй овардан аст ба ӯ дар ҳама ҳолат ва назар накардан ба ғайри ӯ. Бояд ҳамон

тавр, ки шоиста аст ба Худо таваккул намуда, дар байни хавф ва раҷо қарор гирифт.

Инчунин Қуръонро бояд бо тафаккур ва бо хушӯъ хонд, пайваста истиғфор кард, субҳоналлоҳ, алҳамдулиллоҳ, Аллоҳу акбар ва ло илоҳа иллаллоҳ гуфт. Бояд ба қазо ва қадари илоҳӣ розӣ буда, аҷрро аз Худованд мунтазир шуд.

*«Эй бандагони ман! Агар аввали шумо ва охири шумо ва инси шумо ва ҷинни шумо ҳама дар як тараф аз ман ҳар чиз бихоҳанд ва ман ба ҳар якашон чизи талабкардаашро диҳам, аз хазинаҳои ман чизе кам нагардад, магар монанди даровардани сӯзан дар баҳр».*

Дар ин ҳадис эй бандагони Худо, далели қудрати илоҳӣ ва камоли мулки ӯст ва ин ки мулки Худо хазинаест нотамом ва он ҳаргиз ба додан кам намегардад. Агар тамоми аввалину охирин, чӣ инс бошад, чӣ ҷин, дар як водӣ ҷамъ омада, ҳамагон аз Худованд тамоми талаботро кунанд ва ӯ ҳама онро диҳад, аз мулкаш чизе кам намегардад.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам мегӯянд: *«Дастони Худованд пур аст. Аз нафақа кардан бознамеистад ва шабу рӯз саховат мекунад. Шумо бингаред, ки аз замони офариниши осмонҳо ва замин чӣ миқдор сарф кардааст, вале ҳанӯз дасташ холӣ нагаштааст»* (Ривояти Муслим).

Абусаъиди Худрӣ мегӯяд: Чун Худро дуо карданӣ шудед, тамоми хоҳишоти худро баён кунед, зеро он чӣ дар назди Ӯст, тамом шуданӣ нест. Агар дуо карданӣ бошед, бидонед, ки касе Ӯро маҷбур карда наметавонад.

*«Аз хазинаҳои пеши ман чизе кам нагардад, магар монанди даровардани сӯзан дар баҳр»*. Ин далели он аст, ки он чӣ дар назди Худованд аст, тамом шуданӣ нест. Ва ҳамин гуна аст шаъни меваҳои ҷаннат, тамом намешавад. Худованд мефармояд: **«Ва меваҳои фаровон. На канда мешаванд ва на боздошта мешаванд»** (сураи Воқеа, оятҳои 22-23).

Суханамро дар ин ҷо ба поён расонда, барои худам ва барои шумоён аз даргоҳи Худованд барои тамоми гуноҳҳо омӯрзиш мехоҳам. Аз Ӯ омӯрзиш талабед, зеро Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ШАРҲИ ҲАДИСИ АБУЗАР

### Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди ягонаро ва дуруду раҳмат бар он кӣ баъди Ӯ паёмбаре нест. Аммо баъд...

Мо ҳоло ҳам атрофи ин ҳадиси бузург ва пурсамар сухан мегӯем. Дар идомаи ҳадис Паёмбар (с) мефармояд: *«Эй бандагони ман! Ин амалҳо азони шумост ва ман онро мешуморам ва баъд пурра онро ба шумо бозмегардонам. Агар касе хубӣ ёфт, бояд Худоро сипос гӯяд ва ҳар кӣ гайри хайрро ёфт, пас бояд ба ҷуз хештан касеро маломат накунад».*

Дар ин ҷо баёни камоли раҳмат ва тамоми адли Ӯ ҳувайдост. Ва ҳамин аст маънои он чӣ Худованд мефармояд:

وَوُضِعَ ٱلۡكِتَٰبُ فَتَرَى ٱلۡمُجۡرِمِينَ مُشۡفِقِينَ مِمَّا فِيهِ وَيَقُولُونَ
يَٰوَيۡلَتَنَا مَالِ هَٰذَا ٱلۡكِتَٰبِ لَا يُغَادِرُ صَغِيرَةٗ وَلَا كَبِيرَةً إِلَّآ
أَحۡصَىٰهَاۚ وَوَجَدُواْ مَا عَمِلُواْ حَاضِرٗاۗ وَلَا يَظۡلِمُ رَبُّكَ أَحَدٗا ﴿٤٩﴾

**«Ва онҳо тамоми амалҳои худро пеши чашм диданд ва Парвардигори ту ба касе зулм намекунад»** (сураи Каҳф, ояти 49). Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Рӯзе, ки Худованд ҳамаро зинда созад ва ба амалҳои кардаашон онҳоро огоҳ месозад. Онҳо фаромӯш кардаанд ва Худованд навишта буд»** (сураи Муҷодала, ояти 6).

Хайр ҳама аз ҷониби Худованд аст, аз фазли Ӯтаъоло, бе ин ки мо онро сазовор бошем. Ва бадӣ ҳама аз дасти одамизод ва ба сабаби пайравии ҳавои нафсаш аст.

مَّآ أَصَابَكَ مِنۡ حَسَنَةٖ فَمِنَ ٱللَّهِۖ وَمَآ أَصَابَكَ مِن سَيِّئَةٖ فَمِن
نَّفۡسِكَۚ وَأَرۡسَلۡنَٰكَ لِلنَّاسِ رَسُولٗاۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدٗا ﴿٧٩﴾

**«Он чӣ ба ту аз хубиҳо расидааст, аз ҷониби Худованд аст. Ва он чӣ аз бадиҳо расидааст, аз дасти худи туст»** (сураи Нисо, ояти 79)**.**

Салафи солеҳ дар анҷом додани корҳои шоиста кӯшиш мекарданд, то ба сабаби тақсир кореро тарк накарда бошанд. Ба Масруқ гуфтанд: Чаро ин қадар дар ибодатҳо худро заҳмат медиҳӣ? Гуфт: Агар касе аз он ҷо биёяд ва ба ман бигӯяд, ки туро азоб намедиҳанд, албатта ман дар ибодат кӯшиш ххам кард. Пурсиданд: Инро чӣ тавр бояд бифаҳмем? Гуфт: То ин кӣ ҷонам маро маломат накунад, агар маро дар оташ андозанд. Митраф ибни Абдуллоҳ мегуфт: Дар корҳо кӯшиш намоед, зеро агар кор ба таври дилхоҳи мо анҷом ёбад, дар ҷаннат бароямон дараҷаи бузургтаре медиҳанд. Аммо агар кор ранги дигар гирад, дар он вақт намегӯем. Худоё, моро аз сари нав бозгардон, то дигар намуд кор кунем. Балки мегӯем: Мо кӯшиш кардем, вале бароямон фоида набахшид.

Салоту салом фиристед бар раҳмати ҳидоятгар ва неъмати гаронбаҳо ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ. Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин, аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва ба маъруф амал намоянд ва наҳй аз мункар бозистанд.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Исломy муслиминро пирӯз гардон. Худоё, аз сари уммати Муҳаммад ҳама балоюю офатҳо ва хунрезиҳоро бардор. Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо, Худовандо, ба онҳо раҳм намо.

Худовандо, шикастагии онҳоро ҷуброн намо. Худовандо, ғоибони онҳоро баргардон ва беморонашонро

шифо бахш ва асирони онҳоро озод кун. Худовандо, қарздоронро кӯмак намо.

Худоё, ба заифиямон раҳм намо ва айбҳоямонро бипӯшон ва лағжишҳоямонро бибахш ва ғамро аз болоямон бардор.

Худовандо, рӯзе ки дар пеши рӯи Ту қарор мегирем, ба ҳоламон раҳм кун. Худовандо, рӯйҳоямонро сафед кун. Худовандо, моро бо ҷаннат ва ризоят мушарраф соз.

Худовандо, ҷавонони мусалмонро ба сӯи динат боз гардон. Худовандо, занони мусалмонро аз шубҳаҳо, бесатрӣ ва беҳудагардӣ нигоҳ дор.

Худовандо, бо мо бошу муқобили мо мабош. Ва поёни умрамонро бо амалҳои накӯ зинат деҳ, эй Мавлои барҳақ ва Парвардигори оламиён. Ҳамоно, ту бар ҳама чиз қодир ҳастӣ.

# ҲУШДОР АЗ ОТАШИ ДӮЗАХ ВА САБАБҲОИ ДАРОМАДАН ДАР ОН

### Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро **«Ман бар Худо, ки Парвардигори ману шумост, таваккул намудам. Ҳеҷ ҳаракаткунандае вуҷуд надорад, магар он, ки Ӯ зимомашро ба даст дорад. Парвардигори ман бар роҳи рост аст»** (сураи Ҳуд, ояти 56). Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик **«Ҳеҷ ҳаракаткунандае дар замин нест ва ҳеҷ паррандае дар осмон бо ду боли худ парвоз намекунад, магар ин ки монанди шумо умматанд. Мо дар ин китоб чизеро фурӯгузор накардем. Сипас онҳо ҳама ба сӯи Парвардигорашон маҳшур хоҳанд шуд»** (сураи Анъом, ояти 38). Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Худованд дар китобаш чунин баён мекунад: **«Ва рӯзе, ки қиёмат қоим мешавад, дар он рӯз аҳли ботил зиён мекунанд»** (сураи Ҷосия, ояти 27). Баъди ин оят вазнинии ҳоли мардумро баён мекунад ва мефармояд: **«Ва дар он рӯз ҳар умматеро ба зону афтода меёбӣ. Ҳар уммате ба сӯи номаи аъмолаш хонда мешавад. Имрӯз сазои корҳои кардаатонро мегиред»** (сураи Ҷосия, ояти 27). Худоё, салоту саломатро бар Муҳаммад ва соири паёмбарону расулон бифрист.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمْ وَٱخْشَوْاْ يَوْمًا لَّا يَجْزِى وَالِدٌ عَن
وَلَدِهِۦ وَلَا مَوْلُودٌ هُوَ جَازٍ عَن وَالِدِهِۦ شَيْـًٔا ۚ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ ۖ
فَلَا تَغُرَّنَّكُمُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا وَلَا يَغُرَّنَّكُم بِٱللَّهِ ٱلْغَرُورُ ﴿٣٣﴾

**«Эй мардум аз Худованд битарсед ва аз он рӯз дар ҳарос бошед, ки на падар ба ҷои писар ҷавоб медиҳад ва на писар ба ҷои падар ҷавоб доданист. Ҳамоно ваъдаи илоҳӣ ҳақ аст. Пас шуморо ҳаёти дунё мағрур насозад ва дар баробари Худованд шуморо чизе мағрур насозад»** (сураи Луқмон, ояти 33) .

Бародарони имонӣ! Бе ягон муқаддима иҷозат диҳед, то худам ва шуморо каме аз сахтиҳои он рӯз ва ҳайбати он воқеа, ки номҳои гуногун дошта, ҳақиқаташ як аст, ба хотир оварам. Дар Қуръони карим барои охират беш аз бист ном омадааст. Дар як ҷо онро рӯзи хурӯҷ номидааст. **«Рӯзе, ки садои ҳақро мешунаванд. Ин рӯз рӯзи хурӯҷ аст»** (сураи Қоф, ояти 42). Ҷои дигар рӯзи фасл номидааст. **«Ин рӯзи фасл аст, ки мо шумо ва аввалинҳоро якҷо ҷамъ намудем» (**сураи Мурсалот, ояти 38**).** Рӯзи дин. **«Ва чӣ медонӣ, ки рӯзи дин чист? Боз чӣ медонӣ, ки рӯзи дин чист? Рӯзест, ки ҳеҷ кас қодир ба анҷоми коре барои дигаре нест ва дар он рӯз фармон Худорост»** (сураи Инфитор, оятҳои 17-19). Рӯзи ҳасрат. **«Ва ту онҳоро барои рӯзи ҳасрат бим деҳ. Вақте ки кор анҷом ёфт, пас онҳо дар ғафлат буда, имон намеоваранд»** (сураи Марям, ояти 39).

Рӯзи ваъид: **«Ва дар сур дамида шуд ва ин аст рӯзи ваъид»** (сураи Қоф, ояти 20). Рӯзи ҷамъ: **«Ва ҳамин тариқ, ба сӯи ту Қуръони арабиро ваҳй намудем, то ки ту Макка ва атрофи онро бим диҳӣ аз рӯзи ҷамъ, ки дар он ҳеҷ шакке нест. Гурӯҳе дар ҷаннат аст ва гурӯҳе дар оташ»** (сураи Шуро, ояти 7). Рӯзи қарибулвуқӯъ: **«Ва онҳоро аз рӯзи қарибулвуқӯъ битарсон, ҳангоме, ки дилҳо ба гулӯ мерасанд»** (сураи Ғофир, ояти 18). Рӯзи рӯбарӯшавӣ: **«Ӯ воломақом ва соҳиби Арш аст. Ваҳйро бо дастури худ, бар ҳар кӣ хоҳад, мерасонад, то аз рӯзи вохурӣ битарсонад. Рӯзе, ки онҳо ошкор мегарданд ва аз Худованд чизе пӯшида намемонад. Мулк имрӯз азони кист? Азони Худованди яктои ғолиб»** (сураи Ғофир, оятҳои 15-16). Ибни Аббос мегӯяд: Дар он рӯз Одам бо насли худ вомехӯрад. Дигар муфассирон мегӯянд, осмониён бо заминиён вомехӯранд, ё Худованд бо халқаш ё золим бо мазлум. Мегӯянд ҳар инсон бо амалаш вомехӯрад, чӣ нек бошад ва чӣ бад.

Рӯзи нидокунӣ: **«Ва эй қавм ман, барои шумо аз рӯзи нидокунӣ тарсонам. Рӯзе, ки ба қафо мегурезед ва касе шуморо аз Худованд пуштибон нест. Ҳар киро Худованд гумроҳ кард, касе ҳидояташ намекунад»** (сураи Ғофир, оятҳои 22-23). Мегӯянд: Барои он рӯзи нидокунӣ номида шудааст, ки дар он рӯз бисёр нидо мекунанд, ҳар касро бо ном ва номи падараш нидо мекунанд, то ба ҳисоботдиҳӣ

ояд, ҳамчунин дӯзахиён биҳиштиёнро нидо мекунанд ва биҳиштиён дӯзахиёнро.

Рӯзи ҳасрат хӯрдан: **«Рӯзе, ки шумо ҳамагонро барои рӯзи ҷамъомад ҷамъ мекунад ва ин рӯз рӯзи ҳасрат хӯрдан аст»** (сураи Тағобун, ояти 9).

Эй бандагони Худо! Аҷаб даҳшатнок аст вақте, ки қиёмат **«Кӯбанда»** (сураи Алқориат, ояти 1). Ва **«Вақте, ки садои гӯшхарош бирасад»** (сураи Абаса, ояти 33). Ва **«Вақте, ки воқеаи бузург ояд»** (сураи Нозиъот, ояти 34). Ва **«Оё қиссаи фарогиранда ба ту расидааст?»** (сураи Ғошият, ояти 1). Ва **«Вақте, ки он воқеа сар зад. Дар сар заданаш ҳеҷ таксибе нест. Он баландкунанда ва пасткунанда аст»** (сураи Воқеа, оятҳои 1-3). Аҷаб воҳимаангез аст он рӯзе, ки: **«Рӯзи таҳқиқ шуданӣ. Чӣ чиз туро дононд, ки чист рӯзи таҳқиқшуданӣ? Ва чӣ чиз туро дононд, ки чист рӯзи таҳқиқшуданӣ?»** (сураи Алҳоққа, оятҳои 1-3). Барои он яке аз номҳояш чунин аст, зеро дар он рӯз тамоми ваъда ва ваъидҳо таҳқиқ мешаванд.

Вой бар ҷони касоне, ки он рӯзро бовар надоранду ногаҳон ба он рӯз мерасанд. **«Ё ин ки инсон вақте азобро мебинад, мегӯяд: Агар як бори дигар бароям фурсат диҳанд, ман аз ҷумлаи накӯкорон мешудам. Балки барои ту оятҳои ман меомад ва ту онҳоро таксиб намуда, кибр варзидӣ ва аз зумраи кофирон шудӣ. Ва дар рӯзи қиёмат онҳоеро мебинӣ, ки ба Худованд таксиб мекарданд, рӯйҳояшон сиёҳ гаштааст, оё дар дӯзах маконе барои кофирон нест? Ва Худованд касонеро, ки тақво варзидаанд, бо ҷойгоҳи комёбияшон наҷот медиҳад, ки на ба онҳо бадие мерасад ва на онҳо ғамнок мегарданд. Худованд ҳама чизро офаридааст ва Ӯ бар ҳама чиз қодиру вакил аст. Калидҳои осмону замин мар Ӯрост. Ва ононе, ки ба оятҳои Худованд таксиб мекунанд, онҳоянд зиёнкорон. Бигӯ: Эй ҷоҳилон, оё шумо маро ба парастидани ғайри Худо амр мекунед? Ва дар ҳақиқат, ба сӯи ту ва ба сӯи касоне, ки пеш аз ту буданд, чунин ваҳй шуда буд, ки агар ширк варзӣ, тамоми амалҳоят бекор шуда, албатта аз ҷумлаи зиёнкорон мегардӣ. Балки танҳо Худовандро ибодат намо ва аз зумраи шокирон бош. Ва Худовандро ба андозаи қадраш қадрдонӣ накардаанд, дар ҳоле, ки ҳамаи замин рӯзи қиёмат дар қабзаи Ӯст ва осмонҳо**

**печида дар дасти Ӯст. Ӯ пок ва бартар аз он аст, ки ба Ӯ ширк меоваранд. Ва дар сур дамида шуд, ки тамоми осмониёну заминиён беҳуш мегарданд, магар он касро, ки Худованд хоҳад. Пас дар сур бори дигар дамида мешавад, пас онҳо ҳама бархоста, дар интизор мемонанд»** (сураи Зумар, оятҳои 57-68).

Ин дамидани ваҳмангезест, дар сур, ки инсон чун онро шунид, дигар на васияте карда метавонад ва на ба сӯи хонадонаш баргашта.

مَا يَنظُرُونَ إِلَّا صَيۡحَةٗ وَٰحِدَةٗ تَأۡخُذُهُمۡ وَهُمۡ يَخِصِّمُونَ ٤٩

فَلَا يَسۡتَطِيعُونَ تَوۡصِيَةٗ وَلَآ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِمۡ يَرۡجِعُونَ ٥٠

**«Онҳо танҳо мунтазири як садо ҳастанд, ки онҳоро мегирад, дар ҳоле, ки ишон душманӣ мекунанд. Пас онҳо на васият карда метавонанд ва на ба сӯи хонадонашон бармегарданд»** (сураи Ёсин, оятҳои 49-50).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Чӣ гуна осуда бошам, дар ҳоле, ки соҳиби сур онро бар даҳон гирифта, пешонаи худро паст намуда, гӯшашро боз кардааст ва мунтазири амр истодааст, то дар сур бидамад».* Мусалмонон гуфтанд: Эй Расули Худо, бояд чӣ бигӯем? Фармуданд: *«Бигӯед: Барои мо Худованд бас аст ва чӣ хуш пуштибонест. Ва мо бар Худованд, Парвардигорамон таваккул кардаем»* (Ривояти Тирмизӣ).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҷои дигар дар васфи зуд ҳалок шудани мардум, ҳангоми қиёми соат чунин мефармояд: *«Албатта, қиёмат қоим мешавад ва ду марде, ки ҷомаи худро паҳн карда буданд, дигар на онро савдо мекунанд ва на ҷамъаш мекунанд. Албатта, қиёмат қоим мешавад ва марде, ки ширро ҷӯшида буд, дигар онро намехӯрад. Албатта, қиёмат қоим мешавад ва марде, ки аз ҳавз об гирифт, аз он наменӯшад. Албатта, қиёмат қоим мешавад ва марде, ки луқмаро то даҳонаш бардошта буд, онро намехӯрад»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй мусалмонон! Қиёмат сахту гарон аст. Корҳои он рӯз мӯи сари кӯдакро сафед мекунад ва ҳомиладорҳо

ҳамлашонро мепартоянд ва мардумро ҳама беҳуш мебинӣ, вале онҳо дарвоқеъ беҳуш нестанд, азоби Худо сахт аст.

Бале, ба Худо савганд, дар як лаҳзае олам пароканда шуда, ҳама вайрон мегардад ва кори зиндагӣ ба поён расида, олам дигар мешавад. Замин ларзида, сахт меҷунбад, кӯҳҳо давр зада, пора-пора мегарданд, обҳои баҳр ҷӯшу хурӯш мезанад, осмон пора-пора мешавад, офтоб сиёҳ ва нобуд мешавад, моҳ гирифта мешавад ва ситорагон тира шуда, нурашонро аз даст медиҳанд.

Дар ҳамин лаҳза, замин дигаргун мешавад ва мардумро ба тарафи маҳшаргоҳ мебаранд. Бухорӣ ва Муслим аз Суҳайл ибни Саъд ривоят мекунанд, ки мегуфт: Аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки мегуфт: *«Мардум дар рӯзи қиёмат дар замине сафеди пок, монанди гирдачаи тоза ҷамъ мешаванд».*

Худованд мефармояд:

يَوْمَ تُبَدَّلُ ٱلْأَرْضُ غَيْرَ ٱلْأَرْضِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ ۖ وَبَرَزُوا۟ لِلَّهِ ٱلْوَٰحِدِ ٱلْقَهَّارِ ﴿٤٨﴾

**«Рӯзе, ки ин замин ба замини дигар мубаддал мешавад»** (сураи Иброҳим, ояти 48). Дар тафсири ин оят Ибни Масъуд мегӯяд: Замин ба замини дигаре мубаддал мешавад, ки монанди нуқра аст ва бар рӯи он хуне резонда нашудааст ва болои он хатое содир нашудааст.

Эй бародари исломӣ! Ба ёд овар ҳама чиро дар он рӯз, аз ваҳмангезии мубаддал кардани ин замин ба замини дигар ва намоён шудани Худованди ягона то ҳайбати Пули Сирот ва аз он гузаштан. Дар саҳеҳи Муслим аз Ҳазрати Оиша (р) ривоят аст, ки мегӯяд: Аз Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам дар бораи ояти **«Рӯзе, ки ин замин ба замини дигар мубаддал мешавад»** пурсидам, ки мардум дар куҷо мебошанд? Гуфтанд: **«***Бар болои Пули Сирот***».**

Дар бораи ҳоли мардум ҳангоми убур аз болои Пули Сирот Байҳақӣ бо санади худ аз Масруқ, аз Абдуллоҳ чунин ривоят мекунад: *«Худованд мардумро дар рӯзи қиёмат ҷамъ мекунад... То ин ҷо, ки фармуданд: Барои баъзе мардумон*

*нурашонро монанди кӯҳ медиҳад. Ва барои баъзеҳо нурашон аз ин ҳам бештар аст. Ва барои баъзеҳо нурашон аз ин ҳам бештар аст. Ва барои баъзеҳо нурашон монанди занбӯри асал аст, ки ба дасташон медиҳанд. Ва барои баъзеҳо аз ин ҳам камтар ба дасташон медиҳанд. Ва барои баъзеҳо аз ин ҳам камтар ба дасташон медиҳанд. Ҳатто охирин касеро, ки барояш нур медиҳанд, он дар ангушти пояш буда, гоҳ равшан мешавад ва гоҳ хомӯш мегардад. Вақте ки равшанӣ дод, чанд қадаме мегузорад ва ҳар вақте торик шуд, дар ҷояш меистад. Пас онҳо аз болои Сирот гузар мекунанд ва Сирот ба монанди тезии шамшер буда, лагжон аст. Ба онҳо мегӯянд: Аз болои он ба андозаи нуратон гузаред. Баъзеҳо чун афтидани ситора мегузаранд ва баъзеҳо ба монанди бод ва баъзеҳо дар як мижжа задан. Баъзеҳо ба монанди бастани гиреҳ, ба қадри амалашон мегузаранд, ҳатто оне, ки нураш дар ангушти пояш буд, бо даст меафтад ва бо даст бармехезад ва бар пой меафтаду бар пояш мехезад ва оташ ба баъзе баданаш мерасад, вале билохира наҷот меёбанд. Вақте, ки раҳоӣ ёфтанд, мегӯянд: Ҳамд барои Худованде, ки моро аз ту наҷот дод, баъди он, ки туро ба мо нишон дод. Худованд барои мо чизе додааст, ки ба касе надода буд»* (Ҳоким бо тасҳеҳаш ва мувофақаи Заҳабӣ ва Албонӣ дар яке аз ривоёташ онро заъиф нишон додааст, вале баъди ҷустуҷӯ онро уламо саҳеҳ ҳисобидаанд).

Дар саҳеҳи Муслим Аз Абуҳурайра ривоят аст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Амонат ва силаи раҳмро ба ду тарафи Сирот мефиристанд. Онҳо дар тарафи рост ва чапи он истода, аввалинҳои шумо ба монанди барқ мегузаранд, баъдтар ба монанди бод, баъди он ба монанди парранда. Баъдинаҳо ба монанди боре, ки онҳоро аъмолашон мекашонанд ва Паёмбари шумо дар болои Сирот истода мегӯяд: Худоё, нигоҳ дор, нигоҳ дор, то ин ки амалҳои бандагон кам мешаванд ва яке аз онҳо меояд, ки ҳатто роҳ гашта наметавонад, магар бо шикамаш. Ва дар ду тарафи Сирот чанголҳо истодаанд овезон ва маъмуранд ба ин ки ҳар киро амр шуд, бардоранд. Баъзеҳо чангол мехӯранду раҳо меёбанд ва дигарон дар оташ меафтанд».*

Эй бандагони Худо! Кадом намуд нур насиби ту мегардад дар Сирот? Ин саволро ба худ бидеҳ ба андозаи

имон ва амали некат дар ин дунё, он гоҳ ба ҳақиқате, ки Худованд дар ояти зерин фармудааст, хоҳӣ расид: **«Рӯзе, ки мардон ва занони мӯъминро мебинӣ, ки нурашон дар пеш ва рости онҳо давон аст. Мужда бод бароятон дар ин рӯз, ки биҳиштест аз зераш ҷӯйҳо равон буда, дар он ҷовидон мемонед. Ин аст комёбии бузург»** (сураи Ҳадид, ояти 12).

Шумо аз нифоқу мунофиқон дар ҳазар бошед, ки дар он рӯз доду фарёдашон баланд мешавад ва касе ба сӯяшон назар намекунад. **«Рӯзе, ки мардону занони мунофиқ ба касоне, ки имон овардаанд, мегӯянд: Ба тарафи мо назар кунед, то аз он нуратон каме бигирем. Барояшон гуфта мешавад: Ба қафо бозгардед ва дар пайи ҷустуҷӯи нур бошед. Ва дар байни онҳо деворе зада мешавад, ки он дорои дар аст, ки даруни он раҳмат ва берунаш дорои азоб мебошад. Онҳо барояшон фарёд мезананд, оё мо бо шумо набудем? Мегӯянд: Бале, вале шумоён худро гирифтори фитна намуда, дар камин нишастед. Шумо шак карда, фирефтаи орзузуҳо шудед, то ин ки дастури илоҳӣ расид ва шуморо дар баробари Худованд фирефта намуданд. Имрӯз на аз шумо фидя меситонанд ва на аз ононе, ки кофир шуданд ва макони шумо дӯзах аст, ки он соҳиби шумо мебошад ва аҷаб макони бадест»** (сураи Ҳадид, оятҳои 13-15).

Худоё, нури моро пурра намо ва моро мағфират кун. Ҳамоно, ки ту бар ҳама чиз тавон дорӣ. Он чӣ шунидед, гуфтам ва аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам.

# ҲУШДОР АЗ ОТАШИ ДӮЗАХ
# ВА САБАБҲОИ ДАРОМАДАН ДАР ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки мемиронаду зинда мекунад ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки дар ибтидо одамро аз хок офарида, насли ӯро аз оби ночиз гардонидааст. Пас ӯро дуруст намуда, дар ӯ аз рӯҳаш дамидааст ва барои шумо чашму гӯшу дил додааст, вале шумо камтар шукр мекунед. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст.

Салавоту саломи Худованд бар Ӯ ва бар тамоми паёмбарону расулон.

Эй бандагони Худо! Дар он ҷо ҳангоми арасоти рӯзи қиёмат шафоати бузурги Паёмбарамон Муҳаммад сурат мегирад, дар ҳоле, ки дигар паёмбарон аз он оҷиз мешаванд. Дар хабари саҳеҳ омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар паёмбар як дуое дорад, ки барои умматони худ кардаанд ва ман дуои худро барои шафоати умматонам дар рӯзи қиёмат гузоштаам»* (Ривояти Муттафақ).

Ҳамчуноне, ки ба Паёмбарамон (с) шафоат дода мешавад, ҳавзе барояш медиҳанд, ки хеле васеъ аст ва оби он аз шир сафедтар ва аз асал ширинтар аст ва бӯи он мушк буда, косаҳои он чун ситора ҷило медиҳанд. Обаш аз дарёи Кавсар меояд ва ҳар кӣ аз он ҷуръае нӯшад, дигар ҳаргиз таштанагиро намебинад.

Имом Муслим аз Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳавзи ман дарозтар аст аз масофаи байни Ийла ва Адан»*. Ийла шаҳри Ақаба аст дар Урдун ва Адан чунончи маълум аст, шаҳрест дар Яман.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст, ки *«Ҳавзи ман ба миқдори якмоҳа роҳ аст ва ҳама атрофаш баробар аст»*.

Ҷои дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: *«Албатта, он сафедтар аз шир ва ширинтар аз асал аст. Косаҳои он ба монанди ситора буда, ман мардумро аз он манъ макунам, ҳамчуноне, ки инсон шутуронро аз ҳавзаш бозмедорад».* Гуфтанд: Эй Расули Худо, ту дар он рӯз моро мешиносӣ? Фармуданд: *«Бале. Шумо нишонае доред, ки дигарон надоранд. Чун ба наздам меоед, пешонаи шумо сафеду нуронист аз асари таҳорат»* (Ривояти Муслим).

Эй мусалмон ва эй бандаи Худо! Чӣ хуш бошад, агар ҳамроҳи воридшудагон ту ҳам ба ҳавзи Паёмбар дарой ва коре кун, то амалҳоят боиси он нагардад, ки туро аз он ҷо берун кунанд. Бухорӣ ва Муслим аз Анас ибни Молик ривоят мекунанд, ки Расули Худо фармуданд: *«Мардонеро ба назди ҳавзи ман меоранд, то ин ки ман онҳоро мебинам ва чун бармехезанд, онҳоро даромадан намемонанд. Ман мегӯям: Инҳо асҳоби мананд, инҳо асҳоби мананд. Бароям гуфта мешавад: Ту намедонӣ, ки инҳо баъди сари ту чӣ корҳое карданд».* Дар ривояти дигар омадааст: *«Пас ман мегӯям: Марг барои касоне, ки баъди сари ман дигаргуниҳо намуданд».*

Бародари мусалмон! Чӣ хуш аст вақте аз болои пули Сирот ором мегузарӣ ва аз дӯзах раҳо мееёбӣ. Худованд мефармояд:

وَإِن مِّنكُمۡ إِلَّا وَارِدُهَاۚ كَانَ عَلَىٰ رَبِّكَ حَتۡمٗا مَّقۡضِيّٗا ﴿٧١﴾

**«Ва ҳеҷ яке аз шумоён намебошед, магар ин ки вориди оташ мешавед. Иҷрои инро Худованд ҳатмӣ гардонидааст»** (сураи Марям, ояти 71). Ҳамоно, тақво ва тақводорист, ки одамиро аз оташи дӯзах наҷот медиҳад.

ثُمَّ نُنَجِّي ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّنَذَرُ ٱلظَّٰلِمِينَ فِيهَا جِثِيّٗا ﴿٧٢﴾

**«Пас аз он мо касонеро, ки муттақиянд, наҷот медиҳем ва золимонро дар он бар зону мегузорем»** (сураи Марям, ояти 72).

Абдуллоҳ ибни Муборак аз Ҳасани Басрӣ ривоят мекунад, ки марде ба бародараш гуфт: Оё ин хабар ба ту расидааст, ки вориди дӯзах мешавӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Оё хабаре ба ту расидааст, ки аз он берун мешавӣ? Гуфт: Не.

Гуфт: Пас ин хандаҳо барои чист? Мегӯяд: Дигар то охири ҳаёташ касе ӯро хандон надид.

Мо куҷо ва он қавме, ки бо Паёмбар ҳамсӯҳбат шуда, ҳамроҳаш ҷиҳод намуданд, куҷо? Боз онҳо аз бадии ҳисоб дар хавфанд. Мегӯянд: Абдуллоҳ ибни Равоҳ боре сарашро дар бағали ҳамсараш ниҳода, сахт гирист ва ҳамсараш низ бо ӯ гиря кард. Ба ӯ гуфт: Чаро гиря мекунӣ? Гуфт: Чун бидидам, ту гирёнӣ, ман низ гиристам. Гуфт: Ман ин оятро ба ёд оварда, гирён шудам: **«Ва ҳеҷ яке аз шумоён намебошед, магар ин, ки вориди дӯзах мешавед»** (сураи Марям, ояти 71).

Эй бандаи Худо! Яқинат ба лиқои Худо куҷо шуд? Ва аломатҳои яқин, ки тарсу умед, сидқу ихлос, майли охирату тарки дунё ва ақаллан иктифо намудан ба ҳалолҳои дунёст, куҷо шуданд? Ҳисоб хеле гарон аст ва баъди ҳисоб боз азоб аст. Тарозу дар он рӯз тарозуи одил аст ва Парвардигорат касеро зулм намекунад ва вазъият хеле душвор аст. Шоҳидон аз худи ту ба муқобили туянд. На ҷои пӯшонидан аст ва на макони инкор.

Имом Муслим ва дигарон аз Абусаъид ва Абуҳурайра ривоят мекунанд, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам фармуданд: *«Банда чун бо Худои худ вомехӯрад, Худованд барояш мегӯяд: Оё ман туро икром накардам ва бузургат накардам ва ҳамсарат надодам? Оё аспу шутурро бароят ром накардам ва туро нагузоштам, то бузургу боло шавӣ? Пас банда мегӯяд: Бале, эй Парвардигорам. Барояш мегӯяд: Оё бовар доштӣ, ки бо ман вомехӯрӣ? Мегӯяд: Не. Ба ӯ мегӯяд: Ман туро фаромӯш мекунам, ҳамчуноне, ки маро фаромӯш карда будӣ. Марди дигареро меоранд ва ба ӯ ҳам мисли пешина савол медиҳад. Боз сеюмашро меоранд ва ба ӯ низ монанди инҳо савол медиҳанд. Ӯ мегӯяд: Ман ба ту ва ба китобҳоят ва ба расулонат имон оварда будам. Ман рӯза мегирифтам, намоз мехондам ва садақа мекардам, боз ҳар чӣ метавонад, худро таъриф мекунад. Пас Худованд мегӯяд: Биё, бароят шоҳиде оварем. Пас ин мард худ ба худ фикр мекунад, ки кист, то бар муқобили ман шаҳодат дода тавонад. Пас ба ронаш савол медиҳанд, ки гап зан ва он гап мезанад ва ҳамчунин даҳонаш ва устухонҳояш ба тамоми корҳои кардаи ӯ. Ин барои он кӣ аз худаш хафа шавад ва ин*

*аст мунофиқе, ки гирифтори ғазаби Худованд қарор гирфтааст»* (Ривояти Муслим).

Эй мардум! Баъзе инсонҳоро зебу зинати дунё чунон машғул намудааст, ки дигар ин саҳнаҳои охиратро аз ёд бурдаанд. Онҳо ба ин зиндагӣ хушнуд буда, бехабар аз онанд, ки ин дунё танҳо матоъи фирebанда аст. Онҳо аз касоне, ки дунё онҳоро афтонидааст, ҳеҷ панде нагирифтанд, ки чунин инсонҳо хеле зиёданд. Онҳо натавонистанд аз дигарон ибрат бигиранд, вале дигарон аз онҳо ибрат хоҳанд гирифт.

Мо ҳамеша эҳтиёҷ ба касоне дорем, ки ҳар субҳ ба мо садо кунад, монанди ин оят:

يَٰقَوْمِ إِنَّمَا هَٰذِهِ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا مَتَٰعٌ وَإِنَّ ٱلْءَاخِرَةَ هِىَ دَارُ ٱلْقَرَارِ ﴿٣٩﴾

**«Эй қавм, ин ҳаёти дунё танҳо матоъест. Ва ҳамоно, ки дори охират аст, дори оромӣ»** (сураи Ғофир, ояти 39).

Мо ҳамеша эҳтиёҷ ба насиҳатгаре дорем, ба монанди насиҳати Паёмбар ба Абузар, ки гуфт: *«Эй Абузар, тӯшаи бештаре ҳамроҳат бигир, ки роҳ хеле дароз аст. Пуштатро сабук кун, ки гузаргоҳҳо мушкил аст. Амалҳоятро дуруст намо, ки ҳисобкунанда дида истодааст».*

Мо бисёр эҳтиёҷ дорем ба пандҳои Увайси Қаранӣ. Ӯ ки яке аз тобеин буд, ба Абубакру Умар гуфт: Дар байни ману шумо гузаргоҳи мушкилест, ки танҳо сабукдӯшон мегузаранд.

Худоё, гуноҳҳои моро сабук намо ва мизонамонро дар рӯзи қиёмат гарон кун ва рӯзе, ки ба пешат меоем, ба ҳоламон раҳм намо.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, мо аз ту ҳидояту тақво ва покию бениёзӣ металабем.

Худоё, барои мо ҳар чизеро, ки дар дунё ва охират фоида дорад, муяссар гардон.

Худоё, турост ҳамду сано то ризоят. Ва турост ҳамд ҳангоми ризоят ва барои туст ҳамд баъди ризоят.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва тамоми корҳоямонро барои ризоят бигардон.

Худоё, ба мардону занони мусалмон раҳм кун. Худоё, мурдагону зиндагони моро биомӯрз. Худоё, кори ин миллат дуруст кун, то аҳли ту азиз гардонанду гунаҳкорон хору залил гарданд.

Худоё, Қуръонро дар диламон маҳбуб гардонида, ба ҷилва ор. Худоё, моро аз ҷумлаи қориёни он бигардон ва ба амал кардан ба он муваффақ гарон ва пайрави ҳидояту роҳнамоии он бигардон.

Ва даъвои охири мо ҳам ҳамин аст, ки сипос мар Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст.

# БА ХУД ЗАРАР РАСОНИДАН ҲАРОМ АСТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигорро, ки одамизодро дар накӯтарин сурат офарида, ба ӯ ақлу тафаккур дод. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ҳам мулк азони Ӯст ва ҳам ҳамд мар Ӯро лоиқ аст ва ӯ бар ҳама чиз тавоност. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки барои мужда додан ва тарс додан Ӯро фиристода, чун чароғи тобон медурахшад. Салавоту саломи бепоёни Худованд бар равони поки ӯ ва бар равони тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва неъматҳои ӯро ба ёд оваред. Худованд мефармояд: **«Ва ҳамоно ки мо одамизодро икром намудаем ва ӯро дар хушкӣ ва дар баҳр бардоштаем ва аз тамоми хушиҳо барояш рӯзӣ додаем ва мартабаи ӯро аз бисёре махлуқот бартар намудаем»** (сураи Имро, ояти 70). Ҷои дигар мефармояд: **«Он зоте, ки бароятон заминро қароргоҳ гардонида, осмонро бино намудааст ва шуморо ба сурате даровarda, беҳтарин суратро бароятон додааст ва бароятон аз тамоми хушиҳо рӯзӣ додааст, ин аст Парвардигори шумо. Пас бисёр бо баракат аст Худованд, Парвардигори оламиён»** (сураи Ғофир, ояти 54). Боз мефармояд: **«Оё надидед, ки Худованд бароятон он чиро дар замину осмонҳост ром намудааст ва неъматҳои ошкору ниҳонашро бар шумо арзонӣ дошт»** (сураи Луқмон, ояти 22).

Эй мӯъминон! Худованд инсонро дар ҳақиқат каромат додааст ва фазилаташро аз бисёре аз махлуқоташ болотар намудааст ва барояш тамоми чизҳои осмон ва заминро мусаххар гардонидааст. Ӯро дар зеботарин сурат офарида, барояш гӯшу чашму дил бахшидааст, то онро дар он чизе сарф кунад, ки барояш офарида шудааст, то барояш дар тоату ибодати Худованд кӯмакрасон бошад. Худованди мутаъол фармудааст: **«Ман ҷин ва инсро наофаридаам, магар барои он кӣ маро ибодат намоянд»** (сураи Зориёт, ояти 56).

Гӯш инсонро барои ибодати Худованд кӯмак мерасонад. Ӯ бо гӯшаш ваҳйи илоҳӣ ва суханони аҳли илмро мешунавад ва имонаш зиёд мегардад. Чашм низ бар ибодати Худованд кӯмакрасон аст, ки тавассути он оятҳои Худоро назар намуда, далоили вуҷуди илоҳиро дар олам наззора мекунад. Ҳамчунин инсон ба воситаи чашм ҳама бало ва офатҳоеро аз худ дур мекунад, ки ба нафсаш ва ё ба динаш зараровар мебошад. Инсон ба воситаи дил бошад, оятҳои аз ҷониби Худованд омадаро мефаҳмад ва мақсаду ҳадафро аз он дарк мекунад. Ҳалолро аз ҳаром фарқ мекунад ва аз шубҳа ва корҳои шак мепарҳезад.

Ҳамчунин дигар аъзои баданро Худованд барои он офаридааст, ки барои инсон дар ибодати Худованд кӯмакрасон бошад. Ибодат барои ҳар инсон воҷиб аст ва ибодатро ба ҳадди камол иҷро карда намешавад, магар дар сурате, ки ин аъзо солим бошад. Ҳар чизе, ки воҷиб бе он сурат намегирад, худ воҷиб мегардад. Барои ҳамин, соҳиби шариат ҳаром гардонидааст, то инсон ба худ зулм намояд. Баробар аст, ки бо дасти худ ба ҷонаш зарар оварад ва ё коре кунад, ки сабаби зарар овардан гардад. Дар ин ҷо фарқ надорад, ки он зарар андак аст ва ё бисёр. Худованд мефармояд: **«Шумо худро бо дасти худ дар ҳалокат наяндозед»** (сураи Бақара, ояти 195).

Ба ҳаёти дигарон таҷовуз кардан ва ё ба ҷисм, обрӯ ва ё моли дигарон ноҳақ осеб расондан ҳаром аст. Ҳар кӣ ба ҷони касе зулм кунад бо қатл кардан, дар баробараш, ӯ низ кушта мешавад ва агар осебе дар ҷисмаш расонад, ба андозаи он қисос гирифта мешавад. Худованд мефармояд:

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَآ أَنَّ ٱلنَّفْسَ بِٱلنَّفْسِ وَٱلْعَيْنَ بِٱلْعَيْنِ
وَٱلْأَنفَ بِٱلْأَنفِ وَٱلْأُذُنَ بِٱلْأُذُنِ وَٱلسِّنَّ بِٱلسِّنِّ وَٱلْجُرُوحَ
قِصَاصٌۚ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِۦ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُۥۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم
بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٥﴾

**«Ва барои онҳо дар китоб дастур додем, ки ҷон дар баробари ҷон ва чашм ба чашм ва бинӣ ба бинӣ ва гӯш ба гӯш ва дандон ба дандон ва тамоми ҷароҳатҳо қисос доранд»** (сураи Моида, ояти 45).

Ислом даxолат ба обрӯи дигаронро бо тӯҳмат ё зино ҳаром гардондааст. Барои тӯҳмат кардан ва зино кардан ҳадди муайян қарор дода шудааст, то обрӯи одамизод ҳифз гардад. Ҳамчунин ҳаром гардондааст, таҷовуз ба моликияти мардум ба ин тариқа, ки дуздӣ ва роҳзаниро манъ намуда, барои ҳар яки инҳо ҳаддеро муайян намудааст. Ҳамчунин ҳаром гардонидааст, таҷовуз ба ақлро, бо ҳаром гардонидани масткунандагон ва дигар маводи мухаддир. Ин ҳамаро барои каромати одамӣ ва ҳимояи ором ва осоишта гузаронидани зиндагӣ ҳаром гардондааст.

Эй мусалмонон! Ҳамчуноне, ки Худованд инсонро аз таҷовузи дигарон ҳимоя кардааст, ҳамчунин аз таҷовузи худаш низ ҳимоя намудааст. Барои инсон худкушӣ ва ё сабабгори куштори худ гардидан ҳаром аст. Худованд мефармояд: **«Шумо худро макушед»** (сураи Нисо, ояти 29). Боз Худованд мефармояд: **«Шумо бо дасти худатон худро ба ҳалокат наяндозед»** (сураи Бақара, ояти 195). Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам фармуданд: *«Ҳар кӣ аз болои кӯҳ худро партояду ҳалок шавад, дар дӯзах аст, ки абадулобод ба таври ҳамешагӣ дар он боқӣ мемонад. Ва ҳар кӣ заҳр нӯшида, худро бикушад, заҳр дар дасташ дохили оташ шуда, ба таври ҳамешагӣ ҷовидон дар дӯзах мемонад. Ҳар кӣ бо оҳане худро бикушад, бо ҳамон оҳанаш вориди дӯзах мегардад ва бо оҳан дар дӯзах ба таври доимӣ монда, шиками худро мехалонад»* (Ривояти Бухорӣ).

Дар ҳамин ваъиди Паёмбар равишҳои зерин низ дохил аст: Инсон агар маводеро, ки сабаби ҳалоки ӯ мегардад ва ё бемориҳои дарозмуддати ҳалокатоварро сабаб мегардад, истеъмол намояд. Монанди касоне, ки сигор мекашанд, зеро дуд оҳиста-оҳиста ба саломати зарар оварда, мувофиқи огоҳии табибон ва мутахассисони соҳаи тиб боиси гирифтории бемориҳои марговар мегардад. Пас ҳар кӣ сигорро истеъмол намояд, гунаҳкор мешавад ва агар касе ба сабаби истеъмоли он ҳалок шавад, гӯё худкушӣ намудааст.

Пас бояд касоне гирифтори сигоркашӣ ҳастанд, ҳарчи зудтар тавба намуда, аз он даст кашанд.

Барои инсон ҳаром аст, то ба ақли худ зарар оварад, ба ин тариқа, ки маводи масткунанда ва ё маводи мухадирро истеъмол намояд. Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам фармуданд: *«Худованд арақнӯшанда, соқӣ, харанда, фурӯшанда, омодакунанда, талаби омодакунанда, бардоранда ва бор кунадаи онро лаънат намудааст»* (Ривояти Абудовуд). Ибни Моҷа дар ривояташ изофа намудааст: *«Ва хӯрандаи пулашро».* Ибни Аббос аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: *«Аз арақ парҳез кунед, зеро арақ калиди тамоми бадиҳост»* (Ривояти Ҳоким).

Мурод аз арақ тамоми масткунандаҳо аст, аз ҳар моддае, ки набошад. Дар ин ҷо баробар аст, ки он вино аст, водка, коняк, пиво ва дигар маводи спиртӣ бо ҳар ном, ки набошад. Абумолики Ашъарӣ ривоят мекунад, ки аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам шунидам, ки мегуфт: *«Гурӯҳе аз умматони ман арақро менӯшанд ва онро дигар чиз ном мебаранд ва дар болои сарашон мусиқиҳо ва тарабҳо зада мешавад. Худованд онҳоро ба замин мекашад ва аз эшон маймунҳо ва хукҳо месозад»* (Ривояти Ибнии Моҷа).

Барои мусалмон истеъмоли ҳама намуд масткунанда ҳаром аст, бо ҳар ном ва ҳар шакле, ки набошад. Дар ин ҷо ҳеҷ фарқе надорад, ки он моеъ бошад ва ё ғайри он, холис бошад ва ё омехта ва фарқ намекунад, ки онро барои шаҳват истеъмол менамояд ва ё барои табобат. Воил ибни Ҳаҷар ривоят мекунад, ки Торик ибни Сувайди Ҷӯъфӣ аз Паёмбар дар бораи нӯшидани арақ савол кард ва ӯ манъаш намуд. Пас гуфт, ман онро барои табобат истеъмол мекунам. Ба вай гуфт: *«Арақ дард аст на дармон»* (Ривояти Муслим). Боз ривоят аст, ки Ӯро дар бораи арақ пурсиданд, то барои табобат истеъмол намоянд. Пас фармуданд: **«Арақ барои табобат нест, балки он худ дард аст»** (Ривояти Ибни Моҷа).

Аз ҷумлаи осеб расондан ба ақл ин истеъмоли маводи мухаддир аст, ки ақлро вайрон намуда, онро хаёлӣ мекунад. Маводи мухаддир инсонро аз тоифаи мардонагӣ ба дараҷаи пастӣ, ҳазёнгӯи ва девонагӣ мерасонад ва барояш кардани

тамоми корҳои зишт ва зулму ситам бар мардумро осон мегардонад.

Фарқ намекунад, ки маводи мухадир ҳашиш бошад, ё афюн ва ё ба шакли таблетка. Шайхулислом Абулаббос Аҳмад ибни Абдусалом (р) мегӯяд: Ҳашиш агарчи аз барги ангур тайёр карда шуда бошад ҳам, ҳаром аст ва истеъмолкунандаи он дурра зада мешавад ва он аз арақ ҳам палидтар аст, зеро ҳам ақлро вайрон мекунад ва ҳам мизоҷро. Ба дараҷае, ки инсон ҳам обрӯяшро аз даст медиҳад ва ҳам динашро.

Эй мусалмонон! Чӣ гуна лоиқ аст, инсоне, ки Худованд ба ӯ ақл инъом намудааст ва аз бисёри махлуқоташ бартараш гардондааст, худро ба ин сатҳи поёни ҳайвоният расонида, чизеро истеъмол намояд, ки ақлашро аз байн барад, баробар аст, ки он маводи масткунанда бошад ва ё маводи мухаддир. Бар замми ин ҳама, ӯ худро гирифтори ғазаб ва сазовори ҷазои илоҳӣ мегардонад. Имом ибни Қайим (р) дар баёни мафосиди арақ мегӯяд: Лаззати он бад аст ва он палидӣ асту аз амали шайтон. Адовату кинаро дар байни мардум эҷод мекунад, аз ёди Худо ва аз намоз бозмедорад, ба зино мекашонад. Аҳёнан чунин ҳам мешавад, ки истеъмолкунандаи он майли зиноро бо яке аз маҳоримаш ба монанди модар, духтар ва ё хоҳар мекунад. Ғайратро дур мекунад, хорию пушаймонию расвогиро ба бор меорад ва нушандаи худро ба навъи мардуми ноқис мепайвандад. Онҳо дар асл девонагонанд ва барои онҳо куштани касе ва ё ошкор кардани сирре, ки барояшон зарар дорад, осон аст. Арақ боиси бисёр ҷангҳо, камбағалӣ, беобрӯгӣ, хонавайронӣ, расвогӣ ва шармандагиҳо гаштааст. Арақ ба рӯи нӯшандагони зиёди худ дарҳои баракатро бастааст ва дарҳои бадиро боз намудаат. Арақ сарчашмаи тамоми гуноҳон, калиди бадиҳо, дуркунандаи неъматҳо ва ҷалбкунандаи балоҳо мебошад. Агар аз палидии он танҳо ҳамин миқдор бошад, ки дар батни одамизод шароби дунё ва шароби охират ҷамъ намегардад, ҳаминаш кофист, то дигар номашро набарем. Аз Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шудааст, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ дар дунё шароб нӯшад, дар охират онро наменӯшад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Худовандо, моро бо ҳалолат аз ҳаромат нигоҳ дор ва бо фазлат моро мӯҳтоҷи дигарон магардон. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡخَمۡرُ وَٱلۡمَيۡسِرُ وَٱلۡأَنصَابُ وَٱلۡأَزۡلَٰمُ رِجۡسٞ
مِّنۡ عَمَلِ ٱلشَّيۡطَٰنِ فَٱجۡتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٩٠ إِنَّمَا يُرِيدُ
ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُوقِعَ بَيۡنَكُمُ ٱلۡعَدَٰوَةَ وَٱلۡبَغۡضَآءَ فِي ٱلۡخَمۡرِ وَٱلۡمَيۡسِرِ
وَيَصُدَّكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَعَنِ ٱلصَّلَوٰةِۖ فَهَلۡ أَنتُم مُّنتَهُونَ ٩١

**«Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳамоно, арақ, қимор, сангҳои насбшуда барои парастиш ва бахтсанҷӣ ба воситаи тирҳо палидиест аз кори шайтон, пас шумо аз он парҳез кунед, шояд наҷот ёбед. Ҳамоно, шайтон мехоҳад дар байни шумо тавассути арақ ва қимор душманӣ ва кинаро эҷод намояд ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз боздорад. Пас оё шумо аз он имтиноъ меварзед?»** (сураи Моида, оятҳои 90-91).

# БА ХУД ЗАРАР РАСОНИДАНИ ИНСОН ҲАРОМ АСТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки ба мо китоби пурарзиши ошкореро нозил намудааст ва ба сӯи мо Паёмбари содиқи аминеро фиристодааст, ки ҳеҷ хайреро ногуфта ва ҳеҷ шарреро бе ҳушдордиҳӣ нагузоштааст. Ба Худо савганд, ӯ барои умматонаш аз модар ба фарзандонаш меҳрубонтар буд. Аз ҷумлаи он чизе, ки моро аз он ҳазар кунонида, ба ҳар васила манъ намуда буд, ин ситам намудан ба ҷони худ ва расонидани ҳама гуна осеб аст ба он. Ҳамчунин барои одамизод ҳаром намудааст, то худро зулм намояд ва хабар дода буд, ки бузургтарин зулм ин ширк ба Худост. Худованд мефармояд:

وَإِذْ قَالَ لُقْمَـٰنُ لِٱبْنِهِۦ وَهُوَ يَعِظُهُۥ يَـٰبُنَىَّ لَا تُشْرِكْ بِٱللَّهِ ۖ إِنَّ ٱلشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ ﴿١٣﴾

**«Ва ба Худо ширк маёвар. Ҳамоно, ки ширк зулми бузургест»** (сураи Луқмон, ояти 13).

Бале, ширк зулми бузург аст. Кадом зулм аст бузургтар аз ширк? Ва кадом таҷовузе болотар аз ин аст? Инсоне, ки ақлу хирадашро кор намефармояд ва дар дунё онро хору залил намуда, дар охират гирифтори азоби ҷовидона намуд, оё аз ин ҳам ситамгортар мешавад?

Ҳамчунин аз ҷумлаи зулми инсон ба ҷони худ он аст, ки болои худ ибодатҳоеро бор мекунад, ки тавони онро надорад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мардеро дид, ки мардум дар атрофаш ҷамъ шуда, ӯро соягӣ мекунанд. Аз аҳволаш пурсон шуд. Ба он ҳазрат (с) гуфтанд: Ӯ рӯзадор аст. Гуфтанд: *«Дар вақти сафар рӯза гирифтан хуб нест»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Бо ҳамин ҳадисаш Паёбар салаллоҳу алайҳи ва салам аз идома додани гирифтани рӯза манъ намуд ва барои

мусофир иҷозат дод, то бихӯрад вақте, ки эҳсоси машаққат намуд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам тарғиб мекард, то мардум рухсатҳои Худованд додаро қабул кунанд ва Ӯ мефармуд: *«Ҳамеша дар ҷое, ки Худованд бароятон рухсат додааст, онро қабул кунед»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Барои сабукӣ овардан бар умматонаш он ҳазрат (с) иҷозат дода буд, то дар ҳолатҳои душвориовар бар ҷон ва ё яке аз аъзои бадан осониҳоро ихтиёр намояд.

Ҳамчунин барои инсон ҳаром аст, то обрӯ ва ё хонадонашро гирифтори зарар намояд. Ӯ мефармояд: *«Қарздор чун пул ёфт, бе таъхир онро адо намояд»* (Ривояти Ибни Моҷа). Мувофиқи ин ҳадис ҳаром аст барои қарздоре, ки пул меёбад ва дар баргардонидани қарз таъхир мекунад. Ин барои он аст, ки обрӯяшро ҳифз намояд ва мавриди таъна қарор нагирад.

Яке аз бузургтарин роҳи зарар расонидани инсон ба нафси худ ва ба дигарон, ин гирифтор кардани худ аст ба ғазаби Парвардигор. Ин кор метавонад бо анҷом додани муҳаррамоти илоҳӣ сурат гирад ва ё ба тарки фармудаҳои Худо ва Расул. Ҳамчунин гуноҳи бузург аст агар инсоне амале содир намояд, ки мӯҷиби табоҳии худ ва дигарон гардад ва ӯ гирифтор азоби илоҳӣ шавад, ки дар натиҷа ҳам ҷонаш бисӯзад ва ҳам боқии баданаш.

Эй мӯъминон! Худованд аввал худ шурӯъ карда, ба Паёмбараш сано гуфт, пас малоикаҳо ин корро карданд ва саввум аз шумо онро талаб намуда, мефармояд:

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ﴿٥٦﴾

**«Ҳамоно Худованд ва малоикаҳои ӯ ба Паёмбар салавот фиристодаанд. Эй касоне, ки имон овардаед, шумо бар ӯ салавоту салом фиристед»** (сураи Аҳзоб, ояти 56).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад

баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худоё, барои мо кардани корҳои некӯро муяссар гардон ва шабонаю рӯзона дар тоат кардан ба мо кӯмак намо.

Худоё, мо аз ту имони ҳамешагӣ дили бо хушӯъ, забони бо зикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, ба ҳоли бародарони мусалмони мо дар тамоми олам раҳм намо. Худоё, барояшон пӯштибону ғамхор бош. Худоё, ба калонсолони онҳо раҳм намуда, ба тифлаконашон ғамхор бош ва занони онҳоро ҳифз намо.

Худоё, душманони онҳоро забун соз, ки эшон туро оҷиз карда наметавонанд. Худоё, ҳар кӣ ба мо ва ё ба дигар мусалмонон зарар расониданӣ бошанд, худ чораи онҳоро бубин.

Худоё, падарону бобоҳо ва устодони мо ва ҳар киро, ки болои мо ҳақ дорад, мағфират намо.

Пок аст Парвардгорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# БА ҶО ОВАРДАНИ ФАРИЗАҲО ВА ДУРӢ АЗ МУҲАРРАМОТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст. Ӯ барои мо беҳтарин динро гузошта, моро ба роҳи рост ҳидоят намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки ҳама чизро доност. Шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Паёмбаре, ки Худованд синаашро кушода ва номашро баланд бардошт ва мухолифонашро хору залил гардонид. Фазлу марҳамати илоҳӣ бар Ӯ ва бар умматонаш хеле зиёд аст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар ӯ ва бар тамом хонадону ёрону пайравонаш.

Аммо баъд... Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва диниста бошед, ки шумо чизеро дороед, ки агар ба он чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Он китоби Худост, ки ботил ба он наздик шуда наметавонад ва он аз назди Парвардголи оламиён нозил шудааст ва чизи дигар ин суннати Паёмбаратон мебошад, ки Қуръонро тафсир намуда, равшан мекунад ва он низ ваҳй аз ҷониби Худованд аст ба Паёмбараш. Худованд мефармояд:

وَمَا يَنطِقُ عَنِ ٱلۡهَوَىٰٓ ۝٣ إِنۡ هُوَ إِلَّا وَحۡيٌ يُوحَىٰ ۝٤

**«Ва ӯ аз ҳаво сухан намегӯяд. Ин танҳо ваҳй аст, ки ба ӯ дода мешавад»** (сураи Наҷм, оятҳои 3-4).

Ман ба самъи Шумо ҳадиси шарифи Паёмбарро мерасонам, ки дар он роҳи дурустро ба мо нишон медиҳад ва ҷодаи саҳеҳро мефаҳмонад. Доруқутнӣ Аз Абусаълабаи Хашанӣ ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худованд чанд чизро фарз гардонидааст, пас шумо онро зоеъ макунед. Ва чанд чизро андоза намудааст, пас шумо аз он таҷовуз накунед. Ва чанд чизро ҳаром гардонидааст, пас шумо зоеъаш накунед. Ва аз чанд чизи дигар хомӯш мондааст, барои гамхорӣ ба шумо на аз рӯи фаромӯшӣ, пас шумо онро ҷустуҷӯ накунед».*

Ин ҳадис ҳадиси ҷомеъ буда, асли асосие аз усули дин ва фурӯъи он аст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин ҳадиси худ аҳкоми илоҳиро ба чор тақсим намуд: фарз, ҳаром, ҳудуд ва чизе, ки дар борааш чизе наомадааст. Дар ин ҳадис тамоми аҳкоми дин дохил мешавад ва барои ҳамин аст, ки баъзе уламо чунин гуфтаанд: Ҳар кӣ танҳо ба ҳамин ҳадис амал кунад, ба савоб ноил гашта, аз азоб раҳоӣ меёбад. Зеро касе, ки тамоми фароизро анҷом диҳад, аз ҳаромҳо парҳез кунад, андозаҳои илоҳиро риоя намояд ва дар бораи чизе, ки Худованд чизе нагуфтааст, баҳсу ҷидол накунад, чунин инсон тамоми дастуроти динро пурра ба ҷо овардааст ва ҳаққашро иҷро намудааст. Тамоми аҳкоми шариатро агар бингарем, аз ин чор қисм берун нестанд.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худованд чанд чизро фарз гардонидааст, пас шумо онро зоеъ макунед».* Мурод аз фарз дар ин ҳадис чизҳоест, ки Худованд анҷом додани онҳоро барои бандагонаш зарур гардонидааст, монанди намоз, рӯза, закот, ҳаҷ ва дигар фароизи илоҳӣ. Бояд ҳар як мусалмон онҳоро ба таври матлуб ва тибқи фармудаи Худо ва Расули Худо иҷро намояд. Барои намоз хондан бояд таҳорат намуда, рӯй тарафи қибла кунад ва вақти ҳар намозро риоя кунад ва дар вақти намозхонӣ хушӯъ намояд ва бо ҳамин тариқ, дигар фаризаҳои илоҳиро анҷом диҳад.

Паёмбар дар ҳадисаш мегӯяд: *Шумо онро зоеъ накунед,* маънои онро дорад, ки шумо ба он беаҳамиятӣ накунед ва аз адои он нагурезед. Агар касе чунин кард, ноумед гашта, зиёни бузург мекунад ва ҷонашро гирифтори азоб менамояд ва он банда осӣ ва гунаҳкор ҳисоб меёбад.

Дар идомаи ҳадисаш Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ва чанд чизро андоза намудааст, пас шумо аз он таҷовуз накунед».* Мурод аз андозаҳо ва ё ҳудуди илоҳӣ ҳамон маҳорими илоҳист, ки болои муртакиби он шариат ҳадд муайян кардааст ва он гуноҳҳои бузург ба шумор меравад ва иртикоби яке аз онҳо имкон дорад инсонро аз дин берун созад.

Худованд кушторро ҳаром гардонидааст ва фармудааст, то дар ин бора аз ҳадди илоҳӣ нагузарем ва ба одамизод зарари ҷисмонӣ ва ё зарари ҷонӣ ворид насозем. Барои ҳар

касе, ки аз ин андоза берун рафта, касеро мекушад, сазои қатл муайян намудааст. Худованд мефармояд:

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَآ أَنَّ ٱلنَّفْسَ بِٱلنَّفْسِ وَٱلْعَيْنَ بِٱلْعَيْنِ وَٱلْأَنفَ بِٱلْأَنفِ وَٱلْأُذُنَ بِٱلْأُذُنِ وَٱلسِّنَّ بِٱلسِّنِّ وَٱلْجُرُوحَ قِصَاصٌ ۚ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِۦ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُۥ ۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٥﴾

**«Ва барои онҳо дар китоб дастур додем, ки ҷон дар баробари ҷон ва чашм бо чашм ва бинӣ бо бинӣ ва гӯш бо гӯш ва дандон бо дандон ва тамоми ҷароҳатҳо қисос доранд. Пас ҳар ки аз қисос гузашт намояд, ин кафорат аст барои ӯ ва ҳар кӣ тибқи дастуроти нозилшудаи Худованд ҳукм накунад, пас онҳоянд золимон»** (сураи Моида, ояти 45).

Гоҳо мурод аз андоза ҳамон дастуроти Худованд аст, ки ба карданаш амр намудааст, баробар аст, ки он воҷиб бошад, ё суннат, ё мустаҳаб ва ё мубоҳ. Аммо таҷовузи андозаи илоҳӣ ин аз ҳамин маъмурот берун баромадан ва даст ба манҳиёт задан аст. Худованд мефармояд: **«Ва ин аст андозаи Худованд. Ва ҳар кӣ аз ин андоза берун шавад, пас дар ҳақиқат, ба худ ситам намудааст»** (сураи Талоқ, ояти 1). Боз Худованд мефармояд: **«Ин аст андозаи Худованд. Ва ҳар кӣ Худо ва Паёмбарашро итоат намояд, ӯро дохили ҷаннате менамояд, ки аз зери дарахтонаш ҷӯйҳо равонанд ва дар он ҷовидона мемонанд. Ва ин аст комёбии бузург»** (сураи Нисо, ояти 13).

Пас он андозаеро, ки Худованд карданашро иҷозат додааст, бояд анҷом диҳем ва он андозаеро, ки аз он гузаштанро манъ кардааст, бояд наздик нашавем.

Дар идомаи ҳадисаш Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ва чанд чизро ҳаром гардонидааст, пас шумо зоеъаш накунед».*

Барои он кӣ золимон ва ё касе, ки фирефтаи шайтон шудааст, гумон накунад, ки гуноҳ гуфта, чизеро мегӯянд, ки

Худованд барои он дар дунё уқубат муайян кардааст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ва чанд чизро ҳаром гардонидааст, пас шумо зоеъаш накунед».* Дар оятҳо ва аҳодиси зиёде ин намуд ҳаромҳо зикр шудаанд. Ислом ғайбат, суханчинӣ, зулм, вайронкорӣ, хиёнати ҳамсоя, тарозузанӣ ва садҳо чизи дигарро низ ҳаром гардонидааст.

Эй бандагони Худо! Паёмбараш дар ин васияти худ тамоми заруротро муайян намудааст. Ӯ васият кард, то фарзҳо иҷро шуда, зоеъ нашаванд ва аз андозаи муайяннашудаи илоҳӣ берун наравем ва даст ба муҳаррамот назанем. Ҳамчунин васият кардааст, ки чизе, ки ногуфта монда, аз он пурсон нашавем.

Мо бояд васияти Паёмбарро гӯш кунем, зеро бисёр вақт мешавад, ки дар дин ба сабаби аҳамият надодан ба ин васият баъзе чизҳо ворид мешавад. Бояд ҳамеша фарзҳои Худоро, ки барои бандагонаш фармудааст, ба ҷо оварем, мисли панҷ вақт намоз, адои закот, рӯзаи моҳи шарифи Рамазон ва ҳаҷҷи хонаи Каъба. Худованд мефармояд:

حَٰفِظُواْ عَلَى ٱلصَّلَوَٰتِ وَٱلصَّلَوٰةِ ٱلۡوُسۡطَىٰ وَقُومُواْ لِلَّهِ قَٰنِتِينَ ﴿٢٣٨﴾

**«Шумо намозҳо ва намози миёнаро пос доред ва барои Худованд дар ибодат рост бошед»** (сураи Бақара, ояти 238). Худованд ваъда додааст, ки ҳар кӣ намозро зоеъ мекунад, гирифтори сахттарин азоб мегардад. Худованд мефармояд: **«Ва баъди онҳо ҷонишиноне омаданд, ки намозро тарк намуданд ва пайрави шаҳвати нафс шуданд. Онҳо ба зудӣ дар гумроҳӣ хоҳанд монд»** (сураи Марям, ояти 59). Ғай водиест дар ҷаҳаннам, ки оташаш сахт ва умқаш дур аст. Ҳар кӣ намозро тарк кунад, барояш тарк кардани дигар аҳком осонтар мегардад. Худованд мефармояд: **«Ва намозро барпо дор. Ҳамоно, ки намоз аз фоҳишагӣ ва бадӣ бозмедорад. Ва албатта зикри Худо беҳтар аст, агар бидонед»** *(сураи Анкабут, ояти 45).*

Бисёре аз мардум намозҳои нофиларо аҳамият медиҳанд, вале фарзҳоро зоеъ мекунанд. Чунин мардумро мебинӣ, ки намозҳои нофилаи бисёре мехонанд, вале аҳёнан фарзро тарк мекунад ва ё ба масҷид намераванд, ё закоти

молро намедиҳад, вале пулу моли зиёдеро сарф мекунанд. Баъзе мардум бошанд, ба Худо наздикиро ба воситаи ҳама гуна хурофоту бидъатҳо меҷӯянд ва ибодатҳои аслиро тарк мекунанд.

Гурӯҳе аз мардумонро мебинӣ парвои даст ба ҳаром задан надоранд, модоме, ки ин кор мувофиқи табъ ва хоҳишоти нафсонии онҳост. Чунин инсонҳо хоҳишоти нафси худро барои худ Худо гирифтаанд ва гумроҳ шудаанд.

Эй бандагони Худо! Ҳамаи хайру баракат дар пайравии шариати илоҳист, бо иҷро кардани фароиз ва тарки ҳаромҳо. Худованд барои бандагонаш чизеро воҷиб нагардонидааст, магар ин, ки дар он маслиҳати онҳост, дар дунё ва охират. Вақте мардум фармудаҳои Худоро беаҳамият мешуморанд, онҳо танҳо ба худ зарар мерасонанд. Ҳамчунин Худованд барои бандагонаш чизеро ҳаром нагардонидааст, магар ин, ки дар он зарари дунявӣ ва ухравии онҳост. Агар мардум даст ба ҳаромҳо зананд, ба худ зарар мерасонанд. Худованд ҳамеша фоида ва зарари мардумро медонад. Худованд мефармояд: **«Ва барои эшон покизаҳоро ҳалол ва нопокиҳоро ҳаром мегардонад»** (сураи Аъроф, ояти 157).

Худованди карим аз рӯи меҳрубонӣ ба бандагонаш дар бораи бисёр чизҳо чизе нагуфтааст. Ин чизҳоро на ҳаром хондааст, ки ба карданаш ҷазояшон диҳад ва на барояшон воҷиб гардонидааст, то ба таркаш ҷазояшон диҳад. Балки онҳоро озод гузаштааст, агар онро анҷом диҳанд, ҳеҷ гап не ва агар анҷом надоданд ҳам, ҳеҷ боке нест. Ин чизҳоро аз рӯи ҳикмат нагуфтааст, на аз ҷиҳати фаромӯшӣ. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

وَمَا نَتَنَزَّلُ إِلَّا بِأَمْرِ رَبِّكَ ۖ لَهُۥ مَا بَيْنَ أَيْدِينَا وَمَا خَلْفَنَا وَمَا

بَيْنَ ذَٰلِكَ ۚ وَمَا كَانَ رَبُّكَ نَسِيًّا ﴿٦٤﴾

**«Ва Парвардигори ту фаромӯшкунанда нест»** (сураи Марям, ояти 64). Пас дар бораи ҳамин чизҳо пурсон шудан, худро дар ҳараҷ андохтан ва барои мардум мушкилӣ эҷод

намудан аст, ки дар ин бора Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳалок мешаванд мушкилэҷод-кунандагон ва ин каломро се бор такрор карданд»* (Ривояти Муслим).

Мурод аз онҳо касоне мебошанд, ки баҳсҳои бемаънӣ мекунанд. Ибни Масъуд дар ин боб мегӯяд: Шумо аз баҳсҳои бемаънӣ парҳез кунед ва аз фурӯ рафтан дар мубоҳаса худдорӣ намоед ва пайрави чизе бошед, ки саҳобагон дар он буданд. Аз ҷумлаи чизҳое, ки мо бояд дар баҳсаш фурӯ наравем, ин баҳс дар бораи корҳои ғайбист, ки мо маъмурем, то ба онҳо имон оварем, вале шариат кайфияташро ба мо баён накардааст. Баҳс кардан дар мисли инҳо ҳамон фурӯ рафтан аст, ки моро Ислом аз он манъ мекунад, зеро он ба ҳайрон мондан ва иҷоди шак бурда мерасонад.

Агар инсон амрҳои илоҳиро ба ҷо оварад ва аз манҳиёташ дурӣ ҷӯяд, ба саодати дунё ва охират комёб мегардад. Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки марде аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам савол кард: Оё агар ман панҷ вақт намозро барпо дорам, Рамазонро рӯза гирам, ҳалолҳоро ҳалол шуморам ва ҳаромҳоро ҳаром ва аз ин бештар чизи дигаре накунам, дохили ҷаннат мешавам? Гуфтанд: *«Бале»* (Ривояти Муслим). Аз ин ҳадис бармеояд, ки ҳар касе, ки воҷиботро адо кунад ва аз ҳаром парҳез намояд, дохили ҷаннат мешавад.

Дар ҳадиси мутавотираш, ки онро дар Ҳаҷҷатул вадоъ гуфта буд, омадааст, ки *«Эй мардум! Аз Худо битарсед, панҷ вақт намозро бихонед, Рамазонро рӯза доред, закоти молро бидиҳед ва аз улулам итоат кунед, ба ҷаннати Парварлигоратон дохил мешавед»* (Ривояти Тирмизӣ).

Анҷом додани воҷибот муҷиби духули ҷаннат ва даст задан ба ҳаром монеъи духули ҷаннат мешавад. Ҳар кӣ мӯҷиботи дохил шудани ҷаннатро кунад ва аз мавониъи духул шудани ҷаннат парҳез кунад, мувофиқи ваъда ба раҳмати Парвардигор комёб мегардад. Инсонро беҳуда наофаридаанд ва ба ҳолаш вогузошта намешавад. Худованд ӯро барои ибодати Худ ва дурӣ аз маъсияташ офаридааст ва барои одамизод дори ҷазоро муайян намудааст, ки ё дори неъматҳост ва ё дори азоб. Ҷаннат барои муттақиён омода

шудааст ва дӯзах барои кофирон ва ҳар кас ба андозаи амалаш подош меёбад. Худованд мефармояд:

فَٱلۡيَوۡمَ لَا تُظۡلَمُ نَفۡسٞ شَيۡـٔٗا وَلَا تُجۡزَوۡنَ إِلَّا مَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ۝٥٤

**«Имрӯз ба касе зулм намекунанд ва барои шумо аҷре дода намешавад, магар он чизеро, ки амал карда будед»** (сураи Ёсин, ояти 54).

Боз Худованд мефармояд:

فَأَمَّا مَن طَغَىٰ ۝٣٧ وَءَاثَرَ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا ۝٣٨ فَإِنَّ ٱلۡجَحِيمَ هِيَ ٱلۡمَأۡوَىٰ ۝٣٩

**«Пас аммо он кас, ки саркашӣ намуд ва ҳаёти дунёро ихтиёр кард, пас дӯзах макони ӯст»** (сураи Нозиот, оятҳои 37-39).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки Ӯст бахшандаи меҳрубон.

# БА ҶО ОВАРДАНИ ФАРИЗАҲО ВА ДУРӢ АЗ МУҲАРРАМОТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди бахшандаи меҳрубонро ва салоту салом бар беҳтарин халқи Худо ва бар олу асҳобаш ва тамоми касоне, ки аз ӯ пайравӣ намуда, роҳи ӯро идома медиҳад. Аммо баъд...

Ин аст шариати Парвардигоратон ва ин аст роҳи Паёмбаратон. Аҷаб шариати осон ва ҳукми зебоест, ҳамаи фарзу воҷибаш осону андак буда, барои ҳар кӣ анҷом доданист, бемушкилӣ анҷом медиҳад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳамоно, ин дин осон аст ва ҳеҷ кас наметавонад дар он сахтӣ оварад, магар ин, ки дин бар ӯ ғалаба мекунад»* (Ривояти Бухорӣ). Мурод аз ин ҳама таклифоти шариат расонидани зарар ва ба бор овардани машаққат барои бандагон нест. Худованд мефармояд:

وَجَٰهِدُواْ فِي ٱللَّهِ حَقَّ جِهَادِهِۦۚ هُوَ ٱجۡتَبَىٰكُمۡ وَمَا جَعَلَ عَلَيۡكُمۡ فِي ٱلدِّينِ مِنۡ حَرَجٖۚ مِّلَّةَ أَبِيكُمۡ إِبۡرَٰهِيمَۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ مِن قَبۡلُ وَفِي هَٰذَا لِيَكُونَ ٱلرَّسُولُ شَهِيدًا عَلَيۡكُمۡ وَتَكُونُواْ شُهَدَآءَ عَلَى ٱلنَّاسِۚ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱعۡتَصِمُواْ بِٱللَّهِ هُوَ مَوۡلَىٰكُمۡۖ فَنِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ﴿٧٨﴾

**«Ӯ барои шумо дар ин дин ҳеҷ машаққат ва тангное қарор надод»** (сураи Ҳаҷ, ояти 78). Таклифоти ин дин барои шарофати инсон ва барои фарқ кардани ӯст аз дигар ҳайвонот.

Агар дар анҷоми фаризае инсон мушкилотро эҳсос намояд, албатта базудӣ он ба осонӣ мубаддал мегардад. Худованд мефармояд:

لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَا ۚ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡ ۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذۡنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ أَخۡطَأۡنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا تَحۡمِلۡ عَلَيۡنَآ إِصۡرًا كَمَا حَمَلۡتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلۡنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦ ۖ وَٱعۡفُ عَنَّا وَٱغۡفِرۡ لَنَا وَٱرۡحَمۡنَآ ۚ أَنتَ مَوۡلَىٰنَا فَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ﴿٢٨٦﴾

**«Худованд касеро мукаллаф намекунад, магар ба андозаи тавонаш»** (сураи Бақара, ояти 286).

Боз мефармояд:

فَإِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرًا ﴿٥﴾ إِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرًا ﴿٦﴾

**«Пас Ҳамоно, ки ҳамроҳи мушкилӣ осонист. Ҳамоно, ки ҳамроҳи мушкилӣ осонист»** (сураи Шарҳ, оятҳои 5-6).

Эй бандагони Худо! Ҳамаи ин фарзу воҷиботи илоҳӣ осон ва кам аст ва онро метавон шуморид. Ҳаромҳои илоҳиро низ метавон ҳисоб кард, зеро он ҳам кам ва сода аст. Ҳамаи ҳаромҳои илоҳӣ, ё чизест, ки инсон худ аз он нафрат дорад ва ё чизи зараровар барои инсон аст ва ё чизест, ки Худованд бандагонашро барои санҷиш манъ намудааст, то садоқат ва вафодории онҳоро мавриди санҷиш қарор диҳад.

Ба ғайри ҳалол ва ҳаром дигар тамоми чизи олам барои инсон мубоҳ аст, агар хоҳад, бикунад ва агар хоҳад не.

Бале, ин неъмати бузургест, ки мебояд шукри онро ба ҷо оварем. Чӣ хуб Худои меҳрубоне дорем, ки ба инсон ин ҳама неъматҳои гаронбаҳо мебахшад, ба ӯ чашму гӯшу дил медиҳад ва бо дигар аъзо ӯро зинат дода, беҳтарин калом,

каломи худро ба онҳо нозил мекунад ва ба сӯи ӯ беҳтарин Паёмбарашро мефиристад ва баъди ин ҳама ӯро бо бандагӣ ва имон мушарраф мекунад. Илова ба ин ҳама, ӯро мушарраф ба он мекунад, ки дар боргоҳи ӯ истода, ба ибодати ӯ машғул шавад ва баъди ин ҳама ӯро дохили ҷаннат мекунад ва ба дидори ҷамоли худ икром менамояд. Оё аз ин ҳама каромат чизе болотар вуҷуд дорад?

Эй бандагони Худо, фаризаҳои илоҳиро анҷом диҳед ва онро зоеъ накунед ва аз тамоми маҳоримаш дурӣ ҷӯед.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худовандо, авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро, ки дар ҳар куҷо бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, ту ҳастӣ, ғайри ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳол гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осоннакарда магузор.

Худовандо, дилҳои моро кушода намо ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри Ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд Парвардигори оламиён аст.

# БЕМОРӢ ВА ВАФОТИ ПАЁМБАР

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро. Ӯро ҳамду сано гуфта аз Ӯ ёрӣ ва истиғфор талаб менамоем. Аз бадии нафсҳо ва аъмоли зишт ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар киро ҳидоят кард, касе гумроҳаш натавон кард ва ҳар киро гумроҳ сохт, дигар ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки ҳама чизро доност. Шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст.

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, он миқдор, ки Ӯ лоиқ аст. Ва шумо намиред, магар дар ҳоле, ки мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 102).

**«Эй мардум, аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед, аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд муроқабаи шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَقُولُوا۟ قَوْلًا سَدِيدًا ﴿٧٠﴾ يُصْلِحْ لَكُمْ أَعْمَٰلَكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدْ فَازَ فَوْزًا عَظِيمًا ﴿٧١﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худованд битарсед ва суханони дуруст гӯед. То Худованд корҳоятонро ислоҳ кунад, гуноҳҳоятонро биомурзад. Ва ҳар кӣ итоати Худо ва Паёмбарашро кунад, дар ҳақиқат, ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 70-71).

Аммо баъд... Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ки ту миранда ҳастӣ ва онҳо мирандаанд. Сипас шумо рӯзи қиёмат назди Парвардигоратон мухосама мекунед»** (сураи Зумар, оятҳои 30-31). Дар ин ояти карима Худованд баён мекунад, ки тамоми мардум мемиранд, ҳатто беҳтарини халқаш,

ҳазрати Муҳаммад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ки ту миранда ҳастӣ ва онҳо мирандаанд»** (сураи Зумар, ояти 30).

Эй бародарони роҳи Худо! Дар ҳақиқат ҳам Паёмбар аз дунё чашм пӯшид, баъди он кӣ рисолаташро анҷом дода, умматонашро насиҳат намуд ва дар роҳи Худо кӯшиш намуд ва заҳматҳо кашид ва амонати худро комилан иҷро кард. Акнун биёем, қиссаи мавташро бубинем, ки чӣ гуна сурат гирифт?

Дар ин хутба иншоаллоҳ мо дар бораи ҳамин қисса сухан мегӯем. Аз Худованд дуо мекунем, то ба Паёмбарамон салоту салом фиристад ва ӯро аз номи мо мукофот диҳад, ки беҳтарин мукофоте бошад аз умматон бар паёмбарҳояшон. Дуо мекунем, то моро рӯзи қиёмат ҳамроҳи Ӯ ҳашр намуда, аз шафоаташ банасибамон гардонад ва аз дасти муборакашон аз ҳавзаш ҷуръае нӯшонад, ки баъди он ҳаргиз ташнагиро набинем.

Бародарони Исломӣ! Ҳамон тавр, ки маълум аст, Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам инсон буд, ки ӯро Худованд ба паёмбарӣ баргузида буд.

قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰٓ إِلَيَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۖ فَمَن كَانَ يَرْجُوا۟ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَٰلِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدًۢا ﴿١١٠﴾

**«Бигӯ ман низ башарам монанди шумо ва ба ман ваҳй мерасад, ки Худои шумо Худои ягона аст. Пас ҳар кӣ умеди дидори Парвардигорашро дошта бошад, бояд амали солеҳ анҷом диҳад, дар ибодати Парвардигораш касеро шарик накунад»** (сураи Каҳф, ояти 110).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба монанди дигарон бемор мешуд ва беморияш аз дигарон сахттар буд. Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, ки ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам даромадам, ки аз беморӣ сахт ранҷ мекашид. Дасташро гирифта, аз ӯ пурсидам: Шумо ҳам ранҷ мекашед? Гуфтанд: *«Ранҷе, ки*

*ман мекашам, баробари ранҷи ду марди шумост».* Гуфтам барои ҳамин ба ту ду баробар савоб дода мешавад? Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: «Бале». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Баъди ин Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳеҷ мусалмонеро зараре, беморие ва ё ба монанди ин чизе намерасад, магар Худованд ба сабаби он гуноҳҳонашро мерезонад, ҳамчуноне, ки дарахт баргаширо мерезонад»* (Ривояти Бухорӣ).

Ҳамчунин Худованд барои Паёмбараш монанди дигар махлуқоташ маргро низ навиштааст. Худованд мефармояд: **«Мо барои хеҷ инсоне пеш аз ту ҳаёти ҷовидона надодем. Оё агар ту ҳалок шавӣ, онҳо ҷовидон мемонанд?»** (сураи Анбиё, ояти 34). Боз Худованд мефармояд: **«Ва Муҳаммад ҷуз паёмбаре нест, ки пеш аз ӯ дигар паёмбарон буданд. Оё пас агар ӯ бимирад ва ё кушта шавад, шумо ба қафо бозмегардед? Ва ҳар кӣ ба қафо мегардад, ба Худованд ҳеҷ зараре намерасонад. Ва Худованд сипосгузоронро мукофот медиҳад»** (сураи Оли Имрон, ояти 44). Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ту миранда ҳастӣ ва онҳо мирандаанд»** (сураи Зумар, ояти 30).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам баъди ҳаҷатулвадоъ бештар аз ду моҳ бемор шуданд ва дар замони он беморие, ки баъди он аз дунё гузаштанд, ба ҳазрати Оиша мегуфт: *«Эй Оиша, ман то кунун дарди он таомеро, ки дар Хайбар хӯрда будам, мечашам. Ва акнун вақти он расидааст, ки тавонамро ба сабаби он заҳр аз даст бидиҳам»* (Ривояти Бухорӣ).

Қиссаи он чунин аст, вақте Паёмбар (с) Хайбарро фатҳ намуданд, ба Ӯ гӯсфандеро ҳадя карданд, ки заҳролуд карда шуда буд. *«Вақте як бурда ба даҳонаш андохт, фурӯ набурд».* Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз яҳудони дар наздаш истода пурсид: *«Оё ин гӯсфандро заҳролуда кардед?»* Гуфтанд: Бале. Гуфт: *«Чаро ин корро кардед?».* Гуфтанд: Зеро агар ту дурӯғгӯ бошӣ, ҷонамон аз ту халос мешавад ва агар Паёмбар бошӣ, ин заҳр ба ту зарар намерасонад. (Ривояти Бухорӣ).

Вақте бемории Паёмбар вазнин шуд ва аламаш сахт гашт, *«аз ҳамсаронаш иҷозат гирифт, то муддати бемориашро дар хонаи Оиша гузаронад ва онҳо иҷозат*

*доданд»* (Ривояти Бухорӣ). Бемории Паёмбар барои асҳоб ва ёронаш хеле гарон буд ва онҳо омода буданд, то ҷону молу хонаводаи худро фидои он ҳазрат (с) созанд.

Онҳо ҳамеша аз аҳволаш пурсон мешуданд ва чун хабари камтар беҳтар шуданаш ба онҳо мерасид, хурсанд мешуданд.

Яке аз далелҳои хурсанд шудани ёронаш ривояти Анас ибни Молик аст, ки мегӯяд: *«Ҳангоми бемории Паёмбар (с), ки аз он беморӣ вафот намуданд, ҳазрати Абубакр намози мардумро мехонд. Чун рӯзи душанбе шуд ва мардум ҳама дар сафи намоз буданд, ногаҳон Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пардаи хонаашро бардошт ва рост истода, ба сӯи мо назар кард ва чеҳрааш чун вараќи мусҳаф буд. Пас Паёмбар табассум намуд ва мо аз хурсандӣ дар намоз ба ваҷд омадем, ки Паёмбар аз хона берун шуд. Ҳазрати Абубакр чанд қадам ба қафо омад, то бо саф бипайвандад ва ӯ гумон дошт, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам барои намозхонӣ омадааст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам бо дасташ тарафи онҳо ишора кард, ки намозатонро идома диҳед. Пас Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба хона даромада, пардаро пӯшонид ва дар ҳамин рӯз аз олам чашм пӯшид»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Мусалмонон аз хурсандӣ қариб буд намозашонро вайрон кунанд.

Паёмбар рафтани назди Худоро ихтиёр намуд ва ин дунёи фониро тарк гуфт. Ҳазрати Оиша ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам дар замони сиҳатияш чунин мегуфт: *«Ҷони ҳеҷ Паёмбареро нагирифтаанд, магар ин ки барояш ҷояшро дар ҷаннат нишон медиҳанд, пас зиндагӣ мекунанд ва ё ихтиёри рафтанро ба ӯ медоданд»*. Вақте дардаш сахттар гашт ва вақти ҷон доданаш омад, беҳуш шуд, дар сурате, ки сараш дар бағали Оиша буд. Вақте ба ҳуш омад, чашмонашро боло карда гуфт: *«Худоё, ман рафиқи болоро ихтиёр кардам»*. Пас ман гуфтам, фаҳмида шуд, дигар моро намехоҳад ва ба ёд овардам, ки ин ҳамон ҳадис аст, ки ба мо мегуфт. Ҳазрати Оиша ривоят мекунад, ки охирин каломи Паёмбар ин буд: *«Худоё, ман рафиқи болоро ихтиёр кардам»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ҳазрати Оиша мегӯяд, ман борҳо аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шунида будам, ки Ӯ мегуфт: Ҷони ҳеҷ

Паёмбареро намеситонанд, магар ин ки ба ӯ ихтиёр медиҳанд, ки дунёро мехоҳад, ё охиратро. Чун Паёмбар бемори вазнин шуда, аз дунё гузашт, ман шунидам, ки ӯ оҳиста чунин мегуфт: *«Ҳамроҳи ононе, ки неъмати Худо болояшон омадааст, аз паёмбарон, ростгӯён ва шаҳидон ва чӣ хуб рафиқе мебошанд»*. Оиша мегуфт: *«Гумон мекунам, дар ҳамин лаҳза ӯро ихтиёр гузошта буданд»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Паёмбар ҳамеша ин дуоро мекард: *«Худоё, маро магфират намо ва ба ман раҳм кун ва маро ба рафиқи боло бипайванд»* (Ривояти Тирмизӣ).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар сакароти мавташ сахт алам медид, ба дараҷае, ки дастонашро дар кӯзаи об андохта, ба рӯяш мемолид ва мегуфт: *«Нест маъбуде гайри Худованд. Марг аҷаб сакароте дорад»* (Ривояти Бухорӣ).

Анас (р) мегӯяд: Вақте бемории Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам вазнин гашт ва беҳуш мешуд, Фотима (р) гуфт: Чӣ дардҳое падарам мекашад. Пас ба ӯ гуфт: *«Падари ту аз ин ба баъд дигар ҳеҷ ранҷе намекашад»* (Ривояти Бухорӣ). Вақте Паёмбар аз дунё гузаштанд, Фотима мегуфт. Эй падарҷон, даъвати Худоро пазируфтӣ. Эй падарҷон, ҷаннати фирдавсро соҳиб шудӣ. Эй падарҷон, инак Ҷибриил ба пешвозат омадааст. Вақте Паёмбарро ба хок супурданд, Фотима мегуфт: Эй Анас! Шуморо хуш меомад, вақте хокро бар болои Паёмбар мепошидед?

Бо вуҷуди ин ҳама сахтие, ки ҳангоми беморӣ ба Паёмбар расида буд, аз насиҳати умматонаш бознамеистод. Ӯ ин ҳама сахтиҳои худро як тараф ниҳода, ба умматонаш ҳодисаҳоеро гуфт, ки аз омаданаш хавф дошт. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳамон беморие, ки дигар барнахост, чунин гуфта буд: *«Худованд яҳудон ва насрониҳоро барои он лаънат карда буд, ки қабри паёмбарони худро масҷид гирифта буданд»*. Ҳазрати Оиша мегӯяд: Агар тарси Паёмбар аз ин намебуд, албатта макони қабри худро муайян мекард, вале аз он тарс дошт, ки он ҷойро умматонаш масҷид кунанд. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аз Оиша ва аз Абдуллоҳ ибни Аббос ривоят шудааст, ки вақте ба назди Паёмбар омада буд: *«Рӯи Паёмбарро*

*мепӯшониданд ва вақте беҳуш мешуд, рӯяшро мекушоданд ва Паёмбар дар ҳамин ҳолат мегуфт: Лаънати Худо бод бар яҳуд ва насрониҳо, ки қабри паёмбарони худро масҷид мегирифтанд. Аз корҳои кардаи онҳо ҳазар мекунонид»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Салоту саломи беандозаи Худованд бод бар чунин Паёмбаре, ки ҳатто дар ҳолати сакароти марг ҳам дар фикри умматонаш буд. Худованд мефармояд:

لَقَدۡ جَآءَكُمۡ رَسُولٞ مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ عَزِيزٌ عَلَيۡهِ مَا عَنِتُّمۡ حَرِيصٌ عَلَيۡكُم بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١٢٨

**«Ба сӯи шумо аз худатон паёмбаре омадааст, ки мушкилоти шумо барояш сангин аст ӯ дар фикри шумост ва барои мӯъминон ғамхору меҳрубон аст»** (сураи Тавба, ояти 128).

Худованд ба мову шумо дар ин Қуръонаш баракат ато фармояд.

# ФАТАРИ БЕМОРӢ ВА ВАФОТИ ПАЁМБАР

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди ягонаи бениёзеро, ки ҳамаи инсу ҷин мемиранд вале ӯ боқист.

**«Ҳар кӣ дар болои он аст, фонӣ мешавад. Ва танҳо Худованди зулҷалол ва икром боқӣ мемонад»** (сураи Ар-раҳмон, оятҳои 26-27).

Ӯро ҳамду шукр мегӯям ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки ҳама чизро доност. Шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар Ӯ ва бар тамоми ёрону хонадонаш. Аммо баъд...

Васияти Паёмбар ба ин ки қабри паёмбаронро бояд масҷид нагиранд, васияти ягона набуд, балки ғайри ин чандин васиятҳои дигаре ба умматонаш карда буд. Аз ҷумла, васият намуда буд, ба ин ки намозҳоро гузоранд ва ба зердастон накӯӣ намоянд. Ҳазрати Анас ибни Молик мегӯяд: Вақте Паёмбар дар бистари марг буданд, васиятҳои умумияш чунин буд: **«Намоз! Намоз! Ва зердастонатон!»** (Ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа).

Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: *“Охирин сухани Паёмбар (с) “Намоз, Намоз! Дар мавриди зердастонатон аз Худо битарсед!”* буд.

Дар лафзи муснад омадааст, ки охирин каломи Паёмбар чунин буд: *«Намоз! Намоз! Ва дар баробари зердастонатон аз Худо битарсед!».*

Паёмбар рӯзи охири ҳаёташон дар канори Оиша такя карданд. Барои ҳамин, ҳазрати Оиша мегуфт: *«Яке аз неъматҳои Илоҳӣ барои ман он буд, ки Паёмбар дар хонаи ман ва дар рӯзи ман ва дар оғӯши ман ва пеши рӯям вафот намуд. Худованд дар вақти маргаш оби даҳонамро бо оби даҳонаш якҷо ҷамъ намуд. Абдураҳмон ба назадамон даромад, ки дар даст мисвок дошт. Паёмбар ба ман такя мекард ва дидам, ки ӯ ба тарафи Абдураҳмон назар мекунад. Ман дарк кардам, ки Ӯ мисвокро мехоҳад. Ман аз Ӯ пурсидам: Бароят онро бигирам? Ӯ бо сараш ишора кард, ки бале. Пас мисвокро*

*гирфта, ба Ӯ дароз кардам, ки барояш душворӣ кард. Аз Ӯ пурсидам: Мехоҳӣ онро бароят нарм кунам? Бо сарашон ишора карданд, ки бале. Пас онро бо даҳонам нарм кардам ва Ӯ истеъмол намуд».*

Дар ривояти дигар омадааст, ки: *«Пас аз он истифода намуд, бо беҳтарин ваҷҳе, ки пештар истифода мекард. Пас онро ба ман дароз кард ва дасташ афтод – ё аз дасташ афтид - Худованд байни оби даҳони ман ва оби даҳони Ӯро ҷамъ намуд, дар охирин рӯзаш аз дунё ва аввалин рӯзаш аз охират»* (Ривояти Бухорӣ).

Вақте Паёмбар аз дунё чашм пӯшид, мусалмонон сахт мусибатзада шуда, худро гум карданд, ҳатто баъзеи онҳо бовар накарданд, ки он ҳазрат мурдааст. Ҳазрати Умар дар байни мардум хутба хонда чунин гуфт: Ба Худо савганд, Ӯ намурдааст. Худованд ӯро бармехезонад, то дасту пои мардумро бибурад.

Дар ин вақт Абубакр дар наздикиҳо набуд, балки дар манзили худ дар Сунҳ буд. Пас аз манзилаш савори аспе омад ва дар масҷид даромада, бо касе сухан нагуфт ва ба хонаи Оиша даромад. Болои сари Паёмбар пӯшида буд, онро боз карда, ба ӯ назар кард. Пас ӯро бӯсид ва гирён шуда гуфт: Падару модарам фидои Ту бод. Дар ҳаёт ва мамотат бӯи хуше мекунӣ. Қасам ба зоте, ки ҷонам ба дасти Ӯст, Худованд Туро ҳаргиз ду бор намемиронад. Аммо он маргеро, ки ба Ту навишта шудааст, ҳамакнун чашидӣ.

Пас Абубакр аз назди Паёмбар берун омад, дар ҳоле, ки Умар ба мардум мегуфт: Паёмбар намурдааст. Абубакр ба ӯ гуфт, эй қасамхӯр, каме сабр намо. Биншин, эй Умар. Умар нахост биншинад, пас Абубакр ба сухан даромад. Вақте Абубакр ба сухан даромад, мардум ба тарафаш омаданд ва Умар биншаст. Абубакр ҳамди Худоро ба ҷо оварда, сано бар ӯ хонд ва гуфт: Аммо баъд... Дониста бошед! Ҳар ки аз шумоён Муҳаммадро мепарастид, пас Ӯ вафот кард ва ҳар кӣ Худоро мепарастад, Худованд ҳаргиз намирад.

إِنَّكَ مَيِّتٌ وَإِنَّهُم مَّيِّتُونَ ﴿٣٠﴾

**«Ҳамоно, ки ту миранда ҳастӣ ва онҳо мирандаанд»** (сураи Зумар, ояти 30).

Боз гуфт:

ذَٰلِكَ مِنْ أَنۢبَآءِ ٱلْغَيْبِ نُوحِيهِ إِلَيْكَ ۚ وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يُلْقُونَ أَقْلَٰمَهُمْ أَيُّهُمْ يَكْفُلُ مَرْيَمَ وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يَخْتَصِمُونَ ﴿٤٤﴾

**«Ва Муҳаммад ҷуз паёмбаре нест, ки пеш аз ӯ дигар паёмбарон буданд. Оё пас, агар Ӯ бимирад ва ё кушта шавад, шумо ба қафо бозмегардед? Ва ҳар кӣ ба қафо мегардад, ба Худованд ҳеҷ зараре намерасонад. Ва Худованд сипосгузоронро мукофот медиҳад»** (сураи Оли Имрон, ояти 44).

Пас мардум ҳама нолон шуданд ва гӯё намедонистанд, ки Худованд ин оятро нозил кардааст, то ин ки Абубакр онро тиловат намуд ва мардум онро аз ӯ шуниданд. Пас ҳар кӣ ин хабарро мешунид, ин оятро мехонд. Умар мегӯяд: «Ман вақте ин оятро аз Абубакр шунидам, дар ҷоям афтидам ва дигар пойҳоям маро бардошта натавонистанд ва дар замин афтодам, вақте онро шунидам яқин кардам, ки Паёмбар мурдааст».

Умри Паёмбар ба 63 расида буд.

Ҳазрати Оиша ривоят мекунад, ки: *«Вақте Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салам аз дунё гузаштанд, шасту се сол доштанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки *«Паёмбар дар чиҳилсолагӣ мабъус шуданд. Дар Макка сездаҳ сол боқӣ монданд, ки ваҳй ба Ӯ меомад. Пас маъмур ба ҳиҷрат шуданд ва даҳ сол он ҷо буданд. Ва дар синни шасту се вафот карданд».* (Ривояти Бухорӣ).

Ин гулчине буд аз қиссаи лаҳазоти беморӣ ва вафоти Паёмбар (с). Агар он андак ҳам бошад, пур аз ибрату панд аст. Шояд дар бораи баъзе аз он воқеаҳо дар оянда муфассалан сӯҳбат намоем. Аз Худованд талаб мекунем, то мо ҳамагонро муваффақ ба чизе намояд, ки онро дӯст медорад ва онро мехоҳад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худовандо, авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Исломy муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро, ки дар ҳар кучо бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, ту ҳастӣ, ки ғайри ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон накарда магзор.

Худовандо, дилҳои моро кушода намо ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри Ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованди парвардигори оламиён аст.

# МАСЪУЛИЯТИ МӮЪМИН ДАР ЗИНДАГӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст. Ӯ одамизодро каромат дода, ӯро дар барру баҳр ҷой додааст ва аз хушиҳо барояш рӯзӣ дода, фазилати ӯро аз бисёр махлуқоташ волотар намудааст. Худованд барои шокирон аҷри бузург ваъда дода, барои кофирон сазои сахтеро омода намудааст.

Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованде, ки дар ному сифоту Худо буданаш ҳеҷ шарике надорад. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарин халқи ӯст. Салавоту саломи баракоти Худованд бод бар тамоми ёронаш, ки ба Вай имон оварда, Ӯро дастгиру мададгор буданд ва тибқи дастуроти суннаташ дар ҳаёти Ӯ ва пас аз вафоташ роҳ паймуданд. Аммо баъд...

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن نَّفۡسٖ وَٰحِدَةٖ وَخَلَقَ مِنۡهَا زَوۡجَهَا وَبَثَّ مِنۡهُمَا رِجَالٗا كَثِيرٗا وَنِسَآءٗۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِى تَسَآءَلُونَ بِهِۦ وَٱلۡأَرۡحَامَۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَيۡكُمۡ رَقِيبٗا ﴿١﴾

**«Эй мардум, шумо аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд муроқиби шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

Эй фарзанди одам, Худованд туро дар зеботарин сурат офаридааст, туро шакле додааст, ки беҳтарин сурат аст, туро аз тамоми хушиҳо рузӣ додааст, пас ту дар ин зиндагонӣ чӣ масъулият дорӣ? Албатта масъулияти бузурге дорӣ. Ту амонати бузургеро бар дӯш дорӣ, ки осмону замину кӯҳҳо тарсиданд ва аз бардоштани он худдорӣ намуданд, вале ту онро бардоштаӣ. Агар ҳаққи онро ба ҷо

оварда тавонӣ, савоби бузургеро сазовор мегардӣ ва агар онро зоеъ намоӣ, дучори азоби дардноке хоҳӣ гашт. Ин ҳама олам, ки барои ту роӣ шудааст, танҳо барои он аст, ки ту ин амонатро бо накӯӣ бардошта, ҳаққи онро адо намоӣ.

Оё медонӣ, ин амонат чист? Ва мукофоти нигоҳдории он чист? Ва сазои зоеъкунандаи он чист? Он аст, ки Худованд адои ҳаққи онро бароят воҷиб гардонидааст, чӣ ҳаққи Худованд бошад ва чӣ ҳаққи мардум. Агар онро дарк намоӣ ва адояш кунӣ, аз зумраи касоне хоҳӣ шуд, ки амонатро риъоя секунанду паймонро касоне, ки биҳиштро ба мерос мебаранд ва дар он ҷовидонанд. Аммо агар онро зоеъ кунӣ ва вогузорӣ, дар асфалус софилин ворид мешавӣ. Худованд мефармояд:

لَقَدۡ خَلَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ فِيٓ أَحۡسَنِ تَقۡوِيمٖ ﴿٤﴾ ثُمَّ رَدَدۡنَٰهُ أَسۡفَلَ سَٰفِلِينَ ﴿٥﴾ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَلَهُمۡ أَجۡرٌ غَيۡرُ مَمۡنُونٖ ﴿٦﴾

**«Мо инсонро дар беҳтарин сурат офаридем. Пас ӯро ба асфасулсофилин бурдем. Магар касонеро, ки имон оварданд ва корҳои накӯ анҷом доданд, пас барои онҳост мукофоти бепоён»** (сураи Тин, оятҳои 4-6).

Эй инсон! Таҳорат амонат аст, намоз амонат аст, кардани воҷибот амонат аст, тарки ҳаром амонат аст, ҳақро ба ҳақдор расонидан амонат аст ва аз ин ҳама бештар он ҳуқуқест, ки Худованд дар китобаш фармудааст: **«Шумо Худовандро ибодат намуда, ба Ӯ касеро шарик наёваред. Ва бо волидайн накӯкор бошед ва бо хешон, ятимон, бечорагон, ҳамсоягони наздик, ҳамсоягони ҳампаҳлӯ, дӯстони ҳампаҳлӯ ва мусофирон ва зердастонатон. Ҳамоно, Худованд мутакаббирони фахрфурӯшро дӯст намедорад»** (сураи Нисо, ояти 36). Ин ояти каримаро ояти ҳуқуқи даҳгона меноманд, зеро он шомили даҳ ҳуқуқ мебошад: ҳаққи Худо, падару модар, ятимон, мискинҳо, ҳамсоя, ки хеши наздик аст,

ҳамсояи дар ба дар, дӯсти дар ба дар, мусофирон ва зердастон.

Ҳаққи Худованд бузургтарин ва аввалиндарача ба шумор меравад ва он ба ин тариқа аст, ки Ӯро ибодат намуда, ба Ӯ касеро шарик қарор надиҳем ва инсон барои ҳамин офарида шудааст. Худованд мефармояд: **«Ман ҷин ва инсро наофаридаам, магар барои он кӣ маро ибодат намоянд»** (сураи Зориёт, ояти 56).

Ибодат бидуни ихлос ҳеҷ фоидае надорад. Ихлосе, ки набояд олуда ба ширки бузуругу хурд бошад. Чунон чӣ Худованд мефармояд: **«Пас ту Худоро дар дин холисона ибодат намо. Дониста бош, ки дини холис барои Худованд аст»** (сураи Зумар, оятҳои 2-3). Боз Худованд мефармояд: **«Бигӯ ман низ монанди шумо инсонам ба ман ваҳй дода шудааст, ки маъбуди шумо Худои ягона аст. Ҳар кӣ умеди дидори Парвардигорро дошта бошад, бояд амали солеҳ намуда, ба ибодати Парвардигораш касеро шарик наорад»** (сураи Каҳф, ояти 11). Ҳар кӣ Худовандро ибодат накунад, ӯ каси дигарро ибодат мекунад, монанди шайтон, нафс, тамаъ, шаҳват, бут, санам ва ғайра. Инсон банда аст ва бояд бандагӣ намояд, баробар аст, ки ба Худо ва ё ба ғайри Худо. Агар инсон Худовандеро ибодат намояд, ки ӯро офаридааст, барояш шараф ва обрӯст, вале агар ғайри Худоро парасторӣ намояд, барояш хорию зорист.

Баъди ҳаққи Худованд ҳаққи падару модар меистад. Ҳаққи волидайн накӯӣ кардан ва дастгирии онҳост ва бартараф намудани ҳама осебу зарарҳост аз сари эшон ва бадӣ накардан аст нисбати онҳо, баробар аст бо даҳон ё бо кирдор. Ин ҳама дар баробари он хубиҳое, ки ба мо карданд, дар он айёме, ки ҳеҷ коре аз дастамон намеомад, на зарарро аз худ дур карда метавонистем ва на фоидаро ба худ ҷалб карда метавонистем. Дар замони тифлӣ, ки мо хубро аз бад ҷудо карда наметавонистем, онҳо дастгири мо буданд. Дар ҳамин ҳолатҳо, онҳо моро тарбия намуда, мададгорамон буданд. Бояд инсон хубиҳои онҳоро баргардонад, чунон чӣ Худованд мефармояд: **«Ва бигӯ: Парвардигори ман ба онҳо раҳм кун, ҳамчуноне, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»** (сураи Исро, ояти 24).

Донишмандон мегӯянд: Баъди Холиқи ягона касе, ки ҳаққаш аз дигарон болотар ва накӯӣ ба он авлотар аст, ҳамон касест, ки Худованд тоат ва накӯӣ кардани онҳоро ҳамроҳи тоати худ зикр намудааст. Худованд мефармояд:

۞ وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓا۟ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا ۚ إِمَّا
يَبْلُغَنَّ عِندَكَ ٱلْكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفٍّ وَلَا
تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿٢٣﴾

**«Ва Худованд дастур додааст, то ғайри Ӯ касеро ибодат накунед ва бо волидайн накӯкор бошед»** (сураи Исро, ояти 23). Ва ҳамон касест, ки Худованд шукри онҳоро бо шукри худ якҷо зикр намудааст. Худованд мефармояд:

وَوَصَّيْنَا ٱلْإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيْهِ حَمَلَتْهُ أُمُّهُۥ وَهْنًا عَلَىٰ وَهْنٍ وَفِصَٰلُهُۥ
فِى عَامَيْنِ أَنِ ٱشْكُرْ لِى وَلِوَٰلِدَيْكَ إِلَىَّ ٱلْمَصِيرُ ﴿١٤﴾

**«Ин ки маро ва падару модарро шукр гӯй ва ба сӯи ман аст бозгашт»** (сураи Луқмон, ояти 14).

Баъди ҳаққи волидайн ҳаққи хешу табор меояд ва онҳо улуларҳоманд, ки аз тарафи падарӣ ва ё модарӣ ба ту рабт доранд, монанди бобоҳо, момоҳо, амакҳо, аммаҳо, тағоҳо, холаҳо, бародарон ва хоҳарон. Ҳаққи онҳо болои ту он аст, ки алоқаро бо онҳо мустаҳкам намоӣ, ба эшон накӯӣ кунӣ, ба мӯҳтоҷонашон дасти кӯмак дароз кунӣ ва ба зиёраташон рафта, бо забон ва бо амал онҳоро хурсанд созӣ.

Баъди он ҳаққи ятимон меояд ва ятим тифлеро гӯянд, ки падарашро аз даст додааст. Ҳаққашон он аст, ки ба онҳо накӯӣ ва меҳрубонӣ кунӣ, кафолати онҳоро ба дӯш гирӣ, молу мулкашонро ҳифз намоӣ, ба тарбияи онҳо аҳамият диҳӣ, ки дар ин кор савоби бузург аст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ман ва сарпарасти ятим ба монанди инҳоем дар биҳишт»* ва ба ду ангушти худ ишорат намуданд (Ривояти Муслим).

Баъди он ҳаққи мискинҳо меояд ва онҳо ҳамон камбизоатонанд, ки зиндагӣ онҳоро хору залил сохтааст. Ҳаққи онҳо ба таври баёни ҳамдардӣ, ҳолпурсӣ, садақа кардан сурат мегирад. Имом Муслим аз Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Касе пайи кӯмаки бевазан ва мискинҳо мегардад, чун муҷоҳидест дар роҳи Худо. Ровӣ гӯяд, ба гумонам гуфта буд: Мисли касе, ки беист намоз мехонад ва беист рӯза мегирад».*

Баъди он ҳаққи ҳамсоя меояд, ки он накӯӣ кардан аст ба ӯ ва дур кардани зарар аст аз сари ӯ. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар аҳодиси зиёдаш ба накӯии ҳамсоягон тарғиб намудааст ва барои он касе, ки ба ҳамсоя бадӣ мекунад, сазои сахтеро ваъда намудааст. Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ба Худо қасам мӯъмин нест. Ба Худо қасам мӯъмин нест. Ба Худо қасам мӯъмин нест. Аз ӯ пурсиданд: Эй Расули Худо, киро дар назар дорӣ, ки мӯъмин нест? Гуфт ҳамон касро, ки ҳамсояаш аз балои ӯ дар амон нест»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй бародари тоҷир! Мол дар дасти ту амонат аст ва ту дар амволат тибқи дастуроти шариат тасарруф намо. Дар вақти хариду фурӯш бояд амин бошӣ. Ҳамеша ба худ ростиро лозим дор ва хиёнат макун. Бо ҳамкасбонат ба ҳилла кор макун, аз тарозу мазан, то аз ҷумлаи тарозузанҳое нагардӣ, ки дар водии дӯзах месӯзанд.

Эй соҳибмансаб! Ту дар вазифаи худ бояд амин бошӣ ва вазифаи худро ба таври бояду шояд анҷом диҳӣ. Дар анҷом додани кори мурочиаткунандагон дер макун, ҳамеша ба пурқувватон эҳтимом мадеҳ, заифонро нодида магир, пора маситон, ки пора дарду балост ва он боиси лаънат ва ғазаби Худованд аст ва порагиру порадеҳ ва миёнарав ҳама дар азобанд.

Эй падарон! Фарзандҳо дар дасти шумо амонатанд ва бояд тарбия ва таълими онҳоро хуб намоед, анҷом додани кори хубро ба онҳо биёмӯзонед ва тамоми воситаҳои бадиро аз сари онҳо дур созед. Дар хонаи худ ҳама чизеро, ки ахлоқро вайрон мекунад, ба монанди филмҳои бадахлоқӣ, касетаҳои рақсҳои бемаънӣ, рӯзнома ва

маҷалаҳои фоҳишагӣ ва китобҳоеро, ки қиссаҳои ишқу ишқварзӣ бошад, роҳ надиҳед. Ҳамчунин ҳар китобу мақолаеро, ки бар алайҳи дин ҳарф мезанад, аз манзил дур созед.

Эй мусалмонон! Шумо масъулияти худро дарк кунед, дасти беақлони худро бигиред ва ҳамеша дар назар доред, он амонатеро, ки бар дӯш доред, онро нигоҳ доред, то ба савоби Худованд комёб ва аз азобаш раҳоӣ ёбед.

إِنَّا عَرَضْنَا ٱلْأَمَانَةَ عَلَى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱلْجِبَالِ
فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا ٱلْإِنسَٰنُ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ
ظَلُومًا جَهُولًا ﴿٧٢﴾ لِّيُعَذِّبَ ٱللَّهُ ٱلْمُنَٰفِقِينَ وَٱلْمُنَٰفِقَٰتِ
وَٱلْمُشْرِكِينَ وَٱلْمُشْرِكَٰتِ وَيَتُوبَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ
وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًۢا ﴿٧٣﴾

**Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим: «Ҳамоно, ки мо ин амонатро бар осмонҳо, замин ва кӯҳҳо пешниҳод намудем ва онҳо нахостанд онро таҳаммул кунанд ва мушкилашон шуд, вале инсон онро бардошт. Ҳамоно ки инсон ситамгар ва нодон аст. То ин ки Худованд мардону занони мунофиқ ва мардону занони мушрикро ҷазо диҳад ва тавбаи мардону занони мӯъминро бипазирад. Ва Худованд омӯрзандаи меҳрубон аст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 72-73).

Худованд мову шуморо бо ин китобаш баракат диҳад ва аз оятҳо ва пандҳои он судамон бахшад. Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худо ҳамеша омӯрзиш биталабед.

# МАСЪУЛИЯТИ МӮЪМИН ДАР ЗИНДАГӢ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст. Ӯро ҳамду шукр мегӯям ва шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованде, ки ҳеҷ шарике надорад ва Ӯ дӯсти накӯкорон аст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки Ӯ имоми муттақиён аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар тамоми хонадон ва ёронаш. Аммо баъд...

Эй мӯъминон! Амонатро нигоҳ доштан ахлоқи паёмбарон (а) мебошад. Ҳазрати Нӯҳ, Ҳуд, Солеҳ, Лут, Шуъайб аз ҳар яки инҳо Худованд ба мо хабар додааст, ки ба қавми худ чунин гуфтанд: **«Ман барои шумо Паёмбари аминам»** (сураи Шуаро, ояти 107).

Паёмбари мо салаллоҳу алайҳи ва саллам дар байни қавми худ пеш аз беъсаташ ба сифати Амин машҳур буд. Ҳатто баъди беъсаташ мардум амонатҳои худро дар назди ӯ мениҳоданд.

Эй бандагони Худо! Амонатро нигоҳ доштан далели имони комил ва Исломи хуб доштан аст, ки кори осмону замин ба он қоим аст, бо амонат обрӯ мол ва ҷонҳо дар амон мемонанд.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мусалмон касест, ки мусалмонон аз дасту забонаш эмин бошанд. Мӯъмин касест, ки мардум аз ӯ барои ҳифзи молу ҷонашон дар амон бошанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй бародари мусалмон! Коре накунӣ, ки ин масъулиятат адо нашуда монад ва амонататро хиёнат кунӣ. Дар аввал ба ҳоли худат бингар, ки ту метавонӣ обрӯю молу ҷони мардумро нигоҳ дорӣ. Абузар чунин ривоят мекунад: *«Гуфтам: Эй Расули Худо, ба ман ҳам ягон масъулият бидеҳ. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам бо дасташ бар китфам зада гуфт: Эй Абузар, ту заифӣ ва ин кор амонат аст ва он дар рӯзи қиёмат хорӣ ва пушаймонист, магар барои он касе, ки онро ба ҳаққаш гирифт ва ба ҳаққаш адо намуд»* (Ривояти Муслим).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳангоми супоридани масъулиятҳо аз байни саҳобагон, онҳоеро ихтиёр мекард, ки машҳур ба аминӣ буданд. Ҳузайфа ибни Ямон ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба аҳли Наҷрон гуфт: *«Ман ба сӯи шумо мардеро мефиристам, ки амонатро барҳақ иҷро мекунад. Пас тамоми саҳобагон мунтазири он буданд, ки киро мефиристад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам Абуубайдаро фиристод»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй бародари азиз! Дониста бош, ки он касе, ки туро бовар намуда, аз байни дигар мардум ихтиёр кард ва бо ту дар коре маслиҳат намуд, ин маслиҳаташ барои ту амонат аст. Пас кӯшиш намо, то барояш насиҳати хуб диҳӣ ва ҳар чиро медонӣ, барояш безиёдатӣ ва камбудӣ бирасонӣ. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Он кас, ки аз вай маслиҳат мепурсанд, соҳиби амонат аст»* (Ривояти Абудовуд).

Аз сабаби бузургии амонат Паёмбар ҳар гоҳ бо яке аз ёронаш хайрухуш менамуд, ба ӯ мегуфт: «Туро падруд мегӯям ва дину амонату оқибати коратро ба Худо месупорам» (Ривояти Ибни Моҷа). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дин, амонат ва оқибати корро бо ҳам якҷо зикр намуданд.

Акнун эй бандагони Худо, дар мавриди ин ҳадиси бузург каме андеша намоед, ки он виҷдонро ба ларза медарорад ва хушо ба ҳоли касе, ки ҳаққи онро анҷом медиҳад ва вой ба ҳоли касоне, ки ин васияти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салламро нодида мегирад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: «Ҳар кадоми шумо нигоҳбонед ва ҳар кадоми шуморо аз раъияташ мепурсанд. Амир дар болои мардум нигоҳбон аст ва ӯро аз мардум мепурсанд. Мард дар хонаводааш нигоҳбон аст ва ӯро аз аҳли хонавода мепурсанд. Зан дар хонаи шавҳар масъулият дорад ва ӯро аз он мепурсанд. Ғулом дар моли хоҷааш нигоҳбон аст ва ӯро аз он мепурсанд. Дониста бошед, ки ҳар яки шумо масъулияте доред ва ҳар кадоми шуморо аз он мепурсанд» (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот

фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худовандо, авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро, ки дар ҳар куҷо бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, Ту ҳастӣ, ғайри ту Худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осоннакарда магузор.

Худовандо, дилҳои моро васеъ кун ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованди Парвардигори оламиён аст.

# ТАШВИҚИ РОСТӢ ВА ҲАЗАР АЗ ДУРӮҒ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки тамоми мӯъминонро ба ростӣ даъват намуда, шаъни ростгӯёнро дар олам баланд бардоштааст ва дурӯғгӯёнро хор намуда, номашонро дар дараҷаи поён зикр намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованде, ки ҳеҷ шарике надорад ва Ӯ ҳокими одил ва подшоҳи барҳақ аст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст ва беҳтарини содиқон аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар расулу олу асҳобаш ва пайравони эшон то рӯзи қиёмат тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд... Эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва ҳамеша ҳамроҳи содиқон бошед. Шумо бо Худои хеш рост бошед ва дар ибодаташ низ рост бошед. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки: «*Ростӣ ба сӯи накӯӣ мебарад ва накӯӣ ба сӯи ҷаннат. Инсоне ҳаст, ки ҳамеша рост мегӯяд ва ростро ҷустуҷӯ мекунад, то ин ки дар назди Худованд ростгӯ навишта мешавад. Шумо аз дурӯғ бипарҳезед, зеро дурӯғ ба гуноҳ мебаррад ва гуноҳ ба дӯзах. Инсоне ҳаст, ки ҳамеша дурӯғ мегӯяд ва дар паи дурӯғ аст, то ин ки дар назди Худованд дурӯғгу навишта мешавад*». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аммо баъд... Эй мардум, аз Худованди мутаъол битарсед ва ҳамроҳи ростгӯён бошед. Бо Худованд дар ибодат рост бошед, ибодатро танҳо барои Ӯ кунед, на барои риё. Амрҳои Ӯро ба ҷо оред ва ба ӯ наздикӣ ҷуста, савобашро талаб намоед. Аз чизҳои манъкардааш дур шавед ва аз азобаш битарсед. Ҳангоми ибодати ӯ накӯшед, то мардум шуморо бубинанд ва ё бишнаванд ва шуморо таърифу тавсиф кунанд, зеро Худованд намехоҳад дар ибодаташ дигареро шарик қарор диҳед. *«Ҳар кӣ амале намояд ва дар он бо ман касеро шарик қарор диҳад, ман ӯро ба шарикаш вогузор мекунам»* (Ривояти Муслим). Ҳангоми пайравӣ намудан бо Паёмбар рост бошед. Суннатҳои ӯро на зиёд кунед, на кам. Бо мардум дар вақти муомилаҳо рост

бошед, вақте бо онҳо сухан мегӯед, воқеиятро ба онҳо расонед. Ин аст он ростие, ки Худованди мутаъол ва Паёмбараш шуморо ба он амр мекунад. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамеша бо ростгӯён бошед»** (сураи Тавба, ояти 119). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ба худ ростиро лозим гиред, зеро ростӣ ба сӯи накӣ мебарад ва накӣ ба сӯи ҷаннат. Инсоне ҳаст, ки ҳамеша рост мегӯяд ва ростиро ҷустуҷӯ мекунад, то ин ки дар назди Худованд ростгӯ навишта мешавад»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин ҳадисаш баён фармуданд, ки ростӣ ҳадаф дорад ва ростгӯӣ мартаба дорад. Ҳадафи ростӣ расидан аст ба накӯӣ ва биҳишт, ки он мартабаи ростгӯёну сиддиқон аст, ки он баъди мартабаи Паёмбарон омадааст. Худованд мефармояд:

وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ فَأُوْلَـٰٓئِكَ مَعَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلصِّدِّيقِينَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَٱلصَّـٰلِحِينَ ۚ وَحَسُنَ أُوْلَـٰٓئِكَ رَفِيقًا ﴿٦٩﴾

**«Ҳар кӣ Худо ва Расулашро пайравӣ намояд, онҳо ҳамроҳи касоне мебошанд, ки Худованд барояшон инъом кардааст, монанди паёмбарон, сиддиқон, шаҳидон ва накӯкорон. Онҳо чӣ хуш рафиқе мебошанд»** (сураи Нисо, ояти 69). Ростгӯ дар байни мардум ҳам дар ҳаёташ ва ҳам баъди маргаш аз обрӯ бархӯрдор аст. Дар ҳаёташ ӯро бовар мекунанд, бо ӯ бештар муомила мекунанд ва баъди маргаш ҳамеша ӯро бо номи нек ёд мекунанд.

Эй мусалмонон! Шумо ҳангоми ибодати Худованд аз дурӯғ бипарҳезед. Ибодатро бо риё, фиреб ва мунофиқӣ олуда масозед. Дар пайравии Паёмбарамон низ дурӯғгӯ набошед. Дар шариат ва дини ӯ чизеро илова накунед. Ҳангоми муомила бо мардум аз дурӯғ дурӣ ҷӯед, ба онҳо сухани аз воқеият дур нагӯед, дар муомилаҳо фиреб накунед. Мӯъмин набояд дурӯғгӯ бошад, ин хислати

мунофиқон аст. Худованд мефармояд**: «Ва Худованд гувоҳ аст бар он, ки мунофиқон дурӯғ мегӯянд»** (сураи Мунофиқин, ояти 1). Худованд мефармояд: **«Дар дили онҳо беморист, пас Худованд он бемориро афзун намуд ва барои онҳост азоби дардноке ба сабаби он дурӯғҳо, ки мегуфтанд»** (сураи Бақара, ояти 10). Дар ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ҳамоно ки дурӯғбофӣ мекунад касоне, ки ба оятҳои Худованд бовар надорад ва онҳоянд дурӯғгӯён»** (сураи Наҳл, ояти 105). Абудардо пурсиданд: Эй Паёмбари Худо, оё мӯъмин дуздӣ мекунад? Гуфтанд: **«Гоҳо мешавад». Гуфт: Оё мӯъмин зино мекунад? Гуфт: «Бале. Агарчи Абудардо бад бинад». Гуфт: Оё мӯъмин дурӯғ мегӯяд? Гуфт: «Дурӯғро касе мебофад, ки имон надорад»** (сураи Табаронӣ дар Таҳзибул Осор).

Мӯъмин набояд дурӯғ гӯяд, зеро ӯ ба Худо ва Паёмбар имон дорад ва ин ҳадиси Паёмбарро медонад, ки фармудаанд: «*Дурӯғ ба гуноҳ мебарад ва гуноҳ ба дӯзах. Инсоне ҳаст, ки ҳамеша дурӯғ мегӯяд ва дар паи дурӯғ аст, то ин ки дар назди Худованд дурӯғгӯ навишта мешавад*».

Дурӯғ чӣ оқибати баде дорад ва дараҷаи дурӯғгуён чӣ қадар паст аст. Дурӯғ роҳи гуноҳро мекушояд ва гуноҳ дари дӯзахро, вой ба ҳоли дӯзахиён. Дурӯғгӯ пасттарин шахс аст, зеро дар назди Худованд номаш дурӯғгӯст ва ин бадтарин сифат аст. Инсон намехоҳад ӯро дар байни мардум дурӯғгӯ номанд, пас чӣ гуна мехоҳад, ӯро дар назди Худованд дурӯғгӯ номанд? Дурӯғгӯро дар ҳаёташ касе бовар намекунад ва мекӯшанд, то бо ӯ ҳатто муомила накунанд ва баъди маргаш ҳамеша ӯро ба бадӣ ёд мекунанд. Худованд дурӯғро дар Қуръон ҳамроҳи будпарастон зикр намудааст. Худованд мефармояд:

ذَٰلِكَ وَمَن يُعَظِّمۡ حُرُمَٰتِ ٱللَّهِ فَهُوَ خَيۡرٞ لَّهُۥ عِندَ رَبِّهِۦۗ وَأُحِلَّتۡ لَكُمُ ٱلۡأَنۡعَٰمُ إِلَّا مَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡۖ فَٱجۡتَنِبُواْ ٱلرِّجۡسَ مِنَ ٱلۡأَوۡثَٰنِ وَٱجۡتَنِبُواْ قَوۡلَ ٱلزُّورِ ٣٠

**«Шумо палидиро парҳез кунед, ки он бутҳост ва парҳез кунед аз дурӯғгӯӣ»** (сураи Ҳаҷ, ояти 30). Оё баъди шунидани ин оят мӯъмин метавонад дурӯғро услуби ҳаёти худ қарор диҳад?

Ҷоҳилон пеш аз омадани Ислом дурӯғро бад медиданд ва онро услуби ҳаёти худ намекарданд, балки онро айб меҳисобиданд ва касе онро иқрор намекард. Барои мисол Абусуфён пеш аз мусалмон шуданаш, ҳамроҳи корвони Қурайш ба тарафи Шом сафар кард. Вақте Ҳиракл подшоҳи Рум аз омадани онҳо хабардор шуд, онҳоро ба назди хеш даъват намуд, то дар бораи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам иттилоъ гирад. Абусуфён баъди ин вохурӣ мегуфт: «Ба Худо савганд, ман шарм доштам, ки аз ман дурӯғеро шунаванд, варна дар бораи Ӯ дурӯғҳо мегуфтам».

Эй мӯъминон! Бингаред, ки чӣ гуна мушрикон аз дурӯғ ҳазар мекарданд ва шарм медоштанд, агар мардум ба онҳо ин калимаро нисбат диҳанд. Шумо эй мусалмонон, чӣ бояд кунед, дар сурате, ки Худованд ба ин дин шуморо ҳидоят намуд ва ба ростӣ амратон кард ва биҳиштро бароятон омода намуд ва аз самараҳои ростӣ барои шумо ҳидоятҳо намудааст ва шуморо аз дурӯғ манъ карда, бароятон оқибатҳои бади онро зикр намудааст?!

Абусуфён дар ҳоли мушрик буданаш нахост, то ӯро як маротиба ҳам муттаҳам ба дурӯғ намоянд, бо вуҷуди он ки дар ин дурӯғаш фоидаи ӯ буд. Мутаасифона, баъзе мусалмонон аз дурӯғ гуфтан ҳеҷ боке надоранд. Онҳо дурӯғро ҳалол мешуморанд ва ё ба он беаҳамиятӣ зоҳир мекунад. Баъзеҳо шояд чунин гумон дошта бошанд, ки дурӯғ вақте гуноҳ мешавад, ки боиси хӯрдани моли мардум гардад ва ё барои тамаъи моли дунё бошад, вале ин фикри хатост, ки инсон худро фиреб медиҳад.

Беаҳамиятӣ ба дурӯғ ин асли разолат аст. Танҳо як дурӯғ аст, ки пардаеро, ки дар байни ту ва дурӯғ овезон буд, дарронад ва роҳро барои ту боз намояд. Дурӯғ ба монанди дигар гуноҳон амалест, ки нафси поки одамӣ онро қабул надорад ва аз он нафрат менамояд. Вақте инсон ин роҳро пеша кунад, дигар барояш дурӯғ як чизи оддӣ мешавад. Ҳар бор, ки ба дурӯғ бештар даст задӣ, дурӯғ бароят ҳамон қадар осонтар мешавад ва оқибат он ба як одате табдил

меёбад, ки тарки он амри маҳол мешавад. Боз дурӯғ мегӯяд ва дар пайи дурӯғ мешавад, то инки номаш дар назди Худованд дар дафтари дурӯғгӯён навишта мешавад.

Дониста бошед, дурӯғ ҳаром аст, агарчӣ он боиси хӯрдани моли ҳаром нагардад. Дар ягон ояти Қуръони карим ва дар ягон ҳадиси шарифи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам наомадааст, ки шарти ҳаром будани дурӯғ, ин хӯрдани моли мардум аст. Аммо агар дурӯғ боиси он гардад, ки моли мардумро бо ин роҳ аз худ намояд, гуноҳи он дучанд гашта, азоби сахте дар интизори чунин ашхос мебошад. Абудуллоҳ ибни Амр Ибни Ос ривоят мекунад, ки «Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуноҳони кабираро ёдрас шуда, аз ҷумла гуфтанд: **«Савганди бардурӯғ».** Пурсиданд: савганди бардурӯғ чист? Гуфт: «**Ҳамон савганде, ки тавассути он бо роҳи дурӯғ моли мусалмононро аз худ мекунад»** (Ривояти Муслим). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: «Ҳар кӣ ҳаққи инсони мусалмонеро бо дасташ мегирад, Худованд барояш дӯзахро лозим гардонида, ҷаннатро ҳаром мегардонад. Марде пурсид, агарчӣ чизи андак ҳам бошад? Гуфтанд: Агарчи шохчае аз хор бошад» (Ривояти Муслим).

Баъзе инсонҳо дурӯғ мегуянд, то мардумро бихандонанд. Дигар чунин инсонҳо хандаи мардумро дида, ин корро бештар анҷом медиҳанд ва ба ин кор одат мекунанд ва дигар ин кор барояш як чизи маъмулӣ мегардад. Дар ҳадиси шариф чунин омадааст: *«Вой ба ҳоли касоне, ки сухани дурӯге мегӯянд, то мардум бихандaнд. Вой ба ҳоли ӯ. Боз ҳам вой ба ҳоли ӯ»* (Ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Насоӣ).

Баъзе инсонҳо ба кӯдакон дурӯғ мегӯянд, зеро онҳо наметавонанд ба ӯ интиқод гиранд. Вале ҳақиқати амр ин аст, ки чунин инсон бар дӯши худ гуноҳи дурӯғро бардоштааст. Чунин инсон барои кӯдакон роҳи аҳамият надодан ба дурӯғро кушода, онҳоро дар роҳи дурӯғ тарбия менамояд. Абуллоҳ ибни Омир ривоят мекунад, ки модараш ӯро ба назди худ хонда, гуфт: Биё, то барои ту чизе бидиҳам. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд: *«Барояш чӣ чиз доданӣ ҳастӣ? Гуфт: Хурмо. Гуфт: Агар ба ӯ чизе*

*надиҳӣ, барояш гуноҳ навишта мешавад»* (Ривояти Абудовуд).

Эй мусалмон! Барои худат аз Худо битарс ва барои ин ҷамъият аз Худо битарс ва барои динат аз Худо битарс. Оё инро намедонӣ, ки Исломро дигарон ба сурати аҳлаш нигоҳ карда, баҳо медиҳанд? Агар сурати аҳли он бо дурӯғ, пайравии кӯркӯрона, ноҳаққона ва хӯрдани моли дигарон бошад, пас сурати зебои Ислом куҷо мешавад!?

Ба фикри шумо, агар мусалмонон бо чунин сурати бад намоён шаванд, оё сабаби нафрати дигарон ба ин дин намегарданд? Оё онҳо бо ин рафторашон ангушти ишораи ба бадхоҳон ва разилон қарор намегиранд? Оё агар душманашон онҳоро ба ин ҳол бинад, ба ҳолашон намехандад ва онҳоро масхара намекунад? Дар гуфторашон дурӯғ гӯянд, амонатро хиёнат кунанд, аҳдшиканиро одат қарор диҳанд ва дар баҳсу муколама аз суханони зишт истифода намоянд. Душманони Ислом бисёр хушҳол мегарданд, вақте, ки мусалмононро мебинанд, ки аз онҳо пайравӣ мекунанд, дар корҳои баде, ки Ислом онҳоро манъ намудааст. Тааҷҷуб ва афсӯс мехӯрем, ки чунин инсонҳо ба худ ҷомаи Исломро пӯшида, ба ҷои фоида ба Исломи азизамон зарар меоваранд. Онҳо пайрави ҳалокшудагонанд ва аз роҳе, ки Худованд барояшон инъом намудааст, ба монади паёмбарон, ростгӯён, шаҳидон ва накӯкорон фарсаххо дуранд.

Суханамро дар ҳамин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои тамоми гуноҳони худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ТАШВИҚИ РОСТӢ ВА ҲАЗАР АЗ ДУРӮҒ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки ҳамдро сазовор аст. Тамоми ростгӯёнро ба сабаби ростияшон, бо фазлу карами хеш ҷазои хайр диҳад ва бо ҳикмату адлаш дурӯғгӯёнро сазои бад диҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованде, ки дар ҳукмаш ҳеҷ шарике надорад. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст ва Ӯ беҳтарини содиқон аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар Ӯву тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд... Эй мусалмонон! Ростӣ бо ҳамаи намудаш хуб аст ва росткорро Худованд дӯст медорад ва ҳам мардум. Худованд номи росткоронро баланд бардошта, аҷрашонро афзун мекунад. Бузургтарин далел ба гуфтаҳои боло он аст, ки мардум ҳамеша ростгӯёнро ситоиш мекунанд, чӣ дар зиндагияшон ва чӣ баъди маргашон, суханони онҳоро қабул доранд ва амонатҳояшонро маҳз ба онҳо месупоранд. Ҳаққо, ки ростгӯён наҷот меёбанд ва дурӯғгӯён ноумед мегарданд.

Каъб ибни Молик, ки бо Худо ва Паёмбараш рост муомила кард, Худованд номашро баланд бардошта, дар шаънаш оят нозил намуда, ки то рӯзи қиёмат онро тиловат мекунанд. *«Дар газваи Табук қафо монд ва бе ягон узр ҳамроҳи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам иштирок накард. Вақте Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин газва баргаштанд, тамоми мунофиқони иштироknakарда ба назди Паёмбар омада, баҳонаҳои бардурӯг пеш овараданд. Паёмбар баҳонаҳои онҳоро қабул намуда, дилҳояшонро ба Худованд вогузор намуд*

*Баъди ин Каъб омад ва Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба рӯяш табассуми газаболуд намуд ва аз ӯ пурсид: Чаро иштирок накардӣ? Гуфт: Ба Худо савганд, ман медонам, агар имрӯз ба ту сухани дурӯге бигӯям, то аз ман розӣ шавӣ, Худованд коре мекунад, ки аз ман дар газаб хоҳӣ шуд. Аммо агар бароят сухан рост гӯям ва ту аз ман малол шавӣ, умед дорам, ки Худованд аҷри ростии манро медиҳад.*

*Ба Худо савганд, ман ҳеҷ узре надоштам. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: Аммо ин дарвоқеъ, рост гуфт, бархез ва мунтазир бош, то Худованд ҳукматро барорад. Ҳамроҳи Каъб ду нафари дигар низ буданд, ки беузр иштирок накарданд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мардумро аз сухан гуфтан бо онҳо манъ кард. Каъб мегӯяд: Мардум аз мо дурӣ ҷустанд ва муомилаҳояшон дигар шуд, ҳатто дигар барои ман замин ношинос менамуд. Ман дар бозорҳо мегаштам, вале касе бо ман сухан намегуфт. Баъди адои намоз Паёмбар дар маҷлисаш менишаст ва ман ба назди Ӯ мерафтам ва салом медодам ва бо худ меандешидам, оё барои ҷавоби саломи ман Ӯ лабонашро меҷунбонда бошад ё не? Ҷудогии мусалмонон ба ман хеле тӯл кашид, ман болои девори Абуқатода, ки амакбача ва дӯсти наздикам буд, баромадам ва ба ӯ салом додам. Ба Худо савганд, саломамро ҷавоб нагардонд. Ба ӯ гуфтам: Эй Абуқатода, оё медонӣ, ки ман Худо ва Расулашро дӯст медорам? Ӯ хомӯш буд. Саволи худро бори дигар такрор кардам. Боз ҳам хомӯш буд. Бори сеюм саволамро такрор кардам. Гуфт: Танҳо Худо ва Паёмбараш инро медонанд. Ашк аз чашмонам ҷорӣ шуд ва аз наздаш рафтам.*

*Рӯзе дар бозори Мадина мегаштам, ки марде аз номи малики Ғассон бароям номае овард, ки дар он навишта шуда буд: Ба мо хабар расидааст, ки он дӯстат туро зулм намудааст. Ту ба назди мо биё, то икромат намоем. Ман бо худ гуфтам, ин имтиҳонест аз ҷониби Худованд, пас ба назди дегдон рафта, номаро сӯзондам. Гумони Каъб рост буд ва ин имтиҳони илоҳӣ буд, вале имони мустаҳками Каъб ва садоқати қавияш ӯро нагузошт, то чунин даъвати гаразнокро дар чунин лаҳзаҳои ҳассос қабул намояд. Ин тавфиқи илоҳӣ буд ба Каъб, дар он лаҳзаҳое, ки ӯ дар айни ҷавонӣ буд ва ҳамагӣ сию се сол дошт. Каъб мегӯяд: Вақте бо ин ҳол чиҳил рӯз гузашт, фиристодае аз назди Паёмбар омада, ба ман гуфт: Расули Худо ба ту амр мекунад, то аз ҳамсарат дурӣ ҷӯӣ. Ман гуфтам: Ӯро талоқ диҳам ва ё чӣ кор кунам? Гуфт: Аз ӯ дурӣ биҷӯй ва ба ӯ наздик машав. Ман ба ҳамсарам гуфтам: Ба хонаи хешу таборат бирав ва чанд муддате дар он ҷо бош, то Худованд дар ин кор дастуре диҳад.*

*Даҳ рӯзи дигар ба ин ҳол мондам, то панҷоҳ рӯзи пурра гузашт. Рӯзе дар болои боми яке аз хонаҳоям нишаста будам ва ҳоли ман ҳамчуноне буд, ки Қуръон васф карда буд, яъне, бароям нафасам танг шуда ва дунё бо ин ҳама паҳноияш дар назарам танг менамуд. Шахсеро аз болои кӯҳ шунидам, ки бо тамоми овозаш чунин садо мекард: Мужда деҳ, эй Каъб. Ман сар ба замин ниҳода, саҷда кардам ва донистам, ки Худованд кушоише овардааст ва тавбаи маро қабул намудааст. Зуд баромада, ба сӯи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам равон шудам. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ маро пешвоз мегирифтанд ва тавбаамро пазируфтани Худоро ба ман табрик мекарданд. Ман вориди масҷид шуда, ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам даромада, ба Ӯ салом додам ва мардум дар атрофи Ӯ буданд. Паёмбар аз хушҳолӣ аз чеҳрааш нур меборид, ба ман гуфт: Мужда бод бароят ба муносибати беҳтарин рӯзе, ки бар сарат гузаштааст, аз рӯзи таваллуди модарат то имрӯз. Гуфтам: Эй Расули Худо, ин мужда аз ҷониби туст, ё аз ҷониби Худо? Гуфт: Аз ҷониби Худованд аст. Гуфтам: Эй Расули Худо, Худованд маро танҳо ба сабаби ростӣ наҷотам дод ва ман тавба кардам ва аҳд кардам, ки дигар то он замоне, ки зиндаам, ҳаргиз дурӯғ намегӯям. Ба Худо савганд, аз ҳамон рӯзе, ки ин суханро ба Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфта будам, то имрӯз ҳаргиз қасдан дурӯғе нагуфтаам ва умед дорам, дар умри боқимондаам Худованд маро аз дурӯғ ҳифз намояд»* (Ривояти Муслим).

Эй мусалмонон! Ин аст орзу, умед ва неъмати илоҳӣ ва дар ин аст фоидаҳои бузург. Ба ҳоли ин се нафар бингаред, ки вақте рост гуфтанд, Худованд онҳоро адаб дод, ки Паёмбар ва ёронаш бо онҳо қаҳр шуданд. Ба имони бузурги саҳобагон бингаред, ки бо хешовандон ва ҳамсарони худ қаҳр мекарданд ва гуфтаҳои Паёмбарро иҷро менамуданд. Вале вақте ҳолашон танг шуд ва сахтиҳоро эҳсос намуданд, Худованд кушоиш овард ва тавбаи онҳоро дар китобаш эълон намуд, ки уммати Ислом то қиёмат онро тиловат мекунанд.

Аммо дар шаъни мунофиқон ва дурӯғгӯён чунин оят нозил кард:

سَيَحۡلِفُونَ بِٱللَّهِ لَكُمۡ إِذَا ٱنقَلَبۡتُمۡ إِلَيۡهِمۡ لِتُعۡرِضُواْ عَنۡهُمۡۖ
فَأَعۡرِضُواْ عَنۡهُمۡۖ إِنَّهُمۡ رِجۡسٞۖ وَمَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُ جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ
يَكۡسِبُونَ ٩٥ يَحۡلِفُونَ لَكُمۡ لِتَرۡضَوۡاْ عَنۡهُمۡۖ فَإِن تَرۡضَوۡاْ عَنۡهُمۡ
فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يَرۡضَىٰ عَنِ ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٩٦

**«Вақте бармегардед, онҳо дар назди Шумо ба Худо савганд ёд мекунанд, то ба онҳо аҳамият надиҳед. Аз онҳо рӯй бигардонед, ки онҳо палиданд ва макони онҳо дӯзах аст, ба сабаби он коре, ки мекунанд. Онҳо барои шумо савганд ёд мекунанд, то аз онҳо розӣ шавед. Агар шумо аз онҳо розӣ шавед, бешак, Худованд аз қавми фосиқ розӣ нахоҳад»** (сураи Тавба, оятҳои 95-96).

Эй мусалмонон! Аз ин оятҳо ибрат бигиред ва бингаред, ки барои худ кадом роҳро ихтиёр мекунед. Зеро мӯъмин розӣ намешавад, магар ин ки аз ҷумлаи росткорону муттақиён бошад.

Худовандо, моро аз рафторҳои бад, корҳои зишт, ҳавову ҳавас дур дор. Моро ба ахлоқи накӯ, корҳои хайр ҳидоят намуда, бароямон имонро маҳбуб бигардон ва онро дар дилҳоямон музайян соз. Ба сӯи мо куфру фосиқию гуноҳро зишт бинамо ва моро аз ҷумлаи роҳёфтагон бигардон.

Худовандо, бар банда ва Паёмбарат Муҳаммад ва олу асҳобаш салоту салом бифрист.

# ОФАТИ ЗАБОНҲО

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро. Ӯро ҳамд мегӯем ва аз Ӯ кӯмаку омӯрзиш металабем ва ба Ӯ имон оварда, таваккул мекунем. Тамоми санои хайр мар Ӯрост. Аз бадии нафс ва корҳои зиштамон ба даргоҳаш паноҳ мебарем. Он киро, ки ҳидоят кард, гумроҳ намешавад ва он киро, ки гумроҳ сохт, бе ҳидоят мемонад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Ӯро барои ҳидоят ба дини ҳақ фиристодааст ва Ӯ динро комилан расонидааст.Салавоту салому баракоти Худованд бод бар Расулу тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд...

Бародарони исломӣ! Мехоҳам бо шумо дар бораи ду хислати бад ва ду одати носазое сӯҳбат намоям, ки кам инсоне дида мешавад, ки аз он раҳоӣ ёбад ва ҳама онро ночиз мешуморанд, вале дар назди Худованд он ду басо бузург аст. Мардум бо ин ду хислат кори худро оғоз мекунанд ва гули сабади маҳфили онҳост, ки Худованд моро аз он ду амон бахшад. Ин дарди вазнин ва ин бало ба мардум монанди гург ба гӯсфандон ҳуҷум мекунад, балки метавон гуфт, аз гург ҳам бадтар ва он ду ғайбат ва суханчинист. Қуръони карим аз ин ду ҳазар кунонидааст ва ба муртакиби ин ду сазои сахтеро ваъда додааст. Аммо мардум панд нагирифтаанд ва баъди Қуръон дигар аз чӣ панд мегирифта бошанд? Паёмбари бузургамон, он насиҳатгари бузург ва роҳнамои содиқ бо сахтгириҳои зиёде аз ин ду ҳушдор додааст. Эй бародари исломӣ! Дари дилро боз кун, чашмонатро бикшо ва оятҳои Қуръонию аҳодиси Паёмбарро бодиққат бишнав.

Худованд мефармояд: **«Ва шумо ҳамдигарро ғайбат накунед. Оё ягон нафари шумо ҳаст, ки бихоҳад гӯшти бародари худро дар ҳоли мурда буданаш бихӯрад ва шумо ин корро бад мебинед»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 12). Боз Худованд мефармояд: **«Вой ба ҳоли ҳар масхаракуни айбҷӯ»** (сураи

Ҳумаза, ояти 1). Ҷои дигар Худованд дар васфи яке аз кофирон мефармояд: **«Масхаракунандаи суханчин»** (сураи Қалам, ояти 11). Паёмбарамон бошад, дар аҳодисаш аз инҳо ҳазар кунонида, аз он манъ намудааст. Ҳамин қадараш барои ту кофист, ки Паёмбар ғайбатро дар қатори таҷовуз ба хуну молу номуси инсон зикр кардааст. Ӯ дар хутбаи машҳураш, дар ҳаҷҷатулвадоъ чунин фармуд: *«Хунҳо, молҳо ва обрӯи шумо ҳаром аст, ба монанди ҳурмати ҳамин рӯз, дар ҳамин моҳ ва дар ҳамин шаҳри ҳаром. Оё ман ин хабарро расондам?»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Вақте хун ва моли мусалмон ҳурмат дошта бошад, бояд диниста бошем, ки обрӯи ӯ низ ҳурмати зиёде дорад.

Эй касе, ки шабу рӯз ва шому саҳар аз Худованд талаб мекунӣ, то аз азоби қабр раҳоят кунад! Оё медонӣ, ки яке аз сабабҳои асосии азоби қабр ғайбат ва суханчинист? Дар саҳеҳайн дар ҳадиси Ибни Аббос омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз назди ду қабре гузаштанд ва фармуданд: *«Ин дуро азоб медиҳанд, вале азобашон дар гуноҳи кабира нест».* Дар ривояти Бухорӣ омадааст: *«Бале, он гуноҳи бузург аст. Якеи он суханчинист, дигараш он аст, ки аз пешоб худро пок намекард».* Маънои қавли Паёмбар, азобашон ба гуноҳи кабира нест, он аст, ки он ду нафар онро кабира намеҳисобиданд.

Дар ҳадиси шариф суханчиниро сабаби азоби қабр гуфтааст. Дар аҳодиси зиёде ишора ба он шудааст, ки ин ду сабабгори асосии азоби гӯр аст. Худованд мову шумо ва дигар мусалмононро аз он нигоҳ дорад.

Эй мусалмонон! Он касоне, ки даст ба обрӯи дигарон мезананд ва паи ошкор намудани айби онҳо мегарданд, диниста бошанд, ки Худованд бар сари онҳо азобро дар ҳамин дунё меорад ва расвогиро дар хонадони худ мебинанд. Бароъ ибни Озиб мегӯяд: Боре Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба мо хутбае хонд, ки занон дар хона ҳам мешуниданд ва ӯ мегуфт: *«Эй касоне, ки ба забон имон оварда, ҳанӯз дилҳоятон имонро қабул надорад! Мусалмононро ғайбат накунед ва айбҳои ононро пайгирӣ нанамоед. Зеро ҳар кӣ дар паи айбҳои бародараш шавад, Худованд дар паи айбҳои ӯ хоҳад шуд ва ҳар кӣ Худованд дар*

*паи айбҳояш шавад, дар даруни хонааш расво мекунад »* (Ривояти Тирмизӣ).

Эй бародари мусалмон! Вақте аз дидани чизи ифлос худдорӣ мекунӣ ва аз бӯи бад нафрат дорӣ, бояд даст аз зарар расонидани мусалмонон бардорӣ ва гӯшти худмурдаи онҳоро нахӯрӣ. Зеро резондани обрӯи онҳо ва хӯрдани гӯшти онҳо як аст. Пас худ қазоват кун, ки чӣ кор карда истодаӣ ва албатта ин ояти Худовандро ба ёд ор, ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱجْتَنِبُواْ كَثِيرًا مِّنَ ٱلظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ ٱلظَّنِّ إِثْمٌۖ وَلَا تَجَسَّسُواْ وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًاۚ أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ ١٢

**«Оё ягон нафари шумо ҳаст, ки хоҳад гӯшти бародари худро дар ҳоли мурда буданаш бихӯрад ва шумо ин корро бад мебинед»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 12).

Намунаи амалиеро, ки Паёмбар бо яке аз ёронаш анҷом дода буд, дар назар бигир. Вақте ҳазрати Моизро ба сабаби зино сангсор карданд, марде ба рафиқи бараш гуфт: Ин мард ба монанди сагон фарёд кард. Паёмбар ҳамроҳи он ду мерафт, ки лошае аз пешашон баромад ва Паёмбар ба онҳо гуфт: Аз ин бихӯред. Он ду нафар гуфтанд: Эй Расули Худо, оё ин чизи бадбӯйро бихӯрем? Фармуданд: *«Он чӣ дар бораи бародаратон гуфтед, аз ин ҳам бадбӯйтар буд»* (Ривояти Абудовуд).

Эй мӯъминон! Ин кор вазнин асту гирифторӣ ниҳоят бузрг ва обрӯи мусалмононро резонидан балост. Шояд ин кор аз он сар занад, ки мардум дар бораи ғайбат чизе надонанд. Шояд баъзе мардум чунин гумон кунанд, ки агар дар бораи бародари мӯъмин ҳақиқатро гӯем, ин ғайбат набошад. Шояд онҳо гумон кунанд, ки ғайбат гуфта, чизеро берун аз ҳақиқат ривоят кардан бошад. Акнун биёед,

бингарем, то Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам чӣ гуна ин ҳақиқатро равшан мекунад. Ӯ мефармояд: *«Оё шумо медонед, ғайбат чист?»* Мардум гуфтанд: Худо ва Расулаш донотар аст. Фармуданд: *«Дар бораи бародарат чизе гуфтан аст, ки ӯ бад бинад».* Касе пурсид: Дар ин чӣ мегӯӣ, агар ман дар бораи ӯ ҳақиқатро гӯям. Фармуданд: *«Агар он чӣ дар борааш мегӯӣ, ҳақиқат бошад, ғайбат аст ва агар он чӣ мегӯӣ, ҳақиқат набошад, онро тӯҳмат мегӯянд»* (Ривояти Муслим).

Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки дар бораи бародари мӯъмин гуфтани ҳар чизе, ки бад мебинад, ҳаром аст, агарчӣ он воқеият дошта бошад. Барои маълумоти бештар гирифтан, уламо чунин мегӯянд: Ғайбат он аст, ки дар бораи инсоне чизеро бигӯӣ, ки воқеият дорад, вале он инсон шунидани онро бад мебинад. Баробар аст, ки он айб дар бадан, дин, дунё, нафс, рафтор, кирдор, мол, фарзанд, падар, ҳамсар, ходим ва монанди инҳо бошад. Ҳамчунин баробар аст, ки ин бо забон, хат, рамз, ишора ва монанди инҳо гуфта шавад.

Чӣ зебо аст ин дине, ки аз обрӯ ҳимоят мекунад, айбҳоро мепӯшонад ва чӣ хуб аст барои мӯъмин, агар бо нишонаҳои имон худро музайян созад ва бо ахлоқи исломӣ рафтор намояд. Ҷамъият чӣ зебое мегардад, агар ҳар фарди он ҳуқуқи ҳамдигарро риоя намоянд. Ҳар иморат вайрон мегардад, агар аз ҳар тараф ба сӯи он тир андохта шавад ва мо эҳтиёҷ ба иморате дорем, ки дур аз таъна ва масхара ва суханчинӣ ва ғайат бошад.

Эй уммати Ислом! Ба хотири он, ки ин падидаро аз байн бибарем, бояд сабабҳо ва омилҳои асосии ғайбатро баррасӣ намоем, то онҳоро бартараф кунем.

Омили аввал шифои хашм ва радди ғазаби худ аст. Инсоне, ки хашмаш зиёд шавад, бо ғайбат кардани касе, ки хашми ӯро овардааст, онро кам мекунад. Ғазаб ҳамчун кинае дар синаҳо мемонад ва он боиси асосии ғайбат мегардад. Барои ҳамин, кӯшиш намо, то ғазаб ва кинаро аз дил дур созӣ ва ҳамеша аз Худованд ин корро талаб намо.

Омили дигар, хотири дӯсту ошноҳоро дидан аст. Инсон мебинад, ки агар дар бораи фалон чизе нагӯяд, шояд дӯстонаш малол шаванд ва аз сӯҳбати ӯ дурӣ ҷӯянд. Ин кор

аломати заифии дину имон аст ва илло барои кӯмаки бародари мусалмони худ кӯшиш менамуд, агарчӣ олам аз ӯ малол мешуданд. Зеро ӯ бо ин кораш ризои Худоро талаб мекунад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мусалмоне нест, ки мусалмонеро хор намояд, ба ин тавр, ки ба обрӯяш даст занад ва ҳурмати ӯро зоеъ намояд, магар ин ки Худованд ӯро дар ҷое хор менамояд, ки ӯ мехост Худованд кӯмакаш кунад. Ва ҳеҷ мусалмоне нест, ки мусалмони дигарро дар ҳоле, ки ба обрӯяш мерасанд, кӯмак намояд, магар ин ки Худованд дар ҷое ба ёрияш мерасад, ки орзуи онро дошт»* (Ривояти Абудовуд).

Ин ҳадисро ҳамеша бояд ба назар гирифт, вақте дар маҷлисҳо менишинед ва мебинед обрӯи мусалмонон рехта мешавад ва аз Худо кӯмак талабед.

Омили сеюм чунин мешавад, ки инсон сифатеро зикр карданист, ки аз он безор аст ва онро нисбат ба шахси кунандаи он мекунад, бе ин ки қасди ғайбатро дошта бошад. Дар ҳамин сурат ҳам, хуб мешавад он сифатро зикр намояд, кунандаи онро ба бадӣ ёд намекунад, балки хомӯширо ихтиёр кунад, даҳони баста беҳтар.

Омили чорум ифтихор ва худанамоист, ба ин тариқа, ки инсон сифати бади касро ёд мекунад ва гуфтанӣ мешавад, ки ӯ чунин мекунад, вале ман ҳаргиз чунин намекунам.

Омили панҷуми ғайбат ҳасад аст. Инсон вақте мебинад, дигареро таърифу тавсиф мекунанд ва мардум ӯро дӯст медоранд, вай аз дарди ҳасади худ мехоҳад, обрӯю эътибори ӯро дар байни мардум бирезонад ва барои ин кор роҳи ягонаро дар ғайбат кардан мебинад. Ин аст чашми ҳасудон, ки орзу дорем Худованд моро аз ҳасад солим нигоҳ дорад, зеро ҳасад корҳои некро мехӯрад, ба монанди ҳезумро хӯрдани оташ.

Омили шашуми ғайбат ҳазлу шухӣ ва хушгӯист. Инсонҳое, ҳастанд, ки мехоҳанд вақтҳои худро ба хушӣ гузаронанд ва онҳо айбҳои дигаронро ёд намуда, механданд. Маншаи ин кор дар он аст, ки онҳо аз бузургии гуноҳе, ки мекунанд, бехабаранд.

Омили ҳафтум масхара, таҳқир ва айбҷӯист. Ин корро баъзе ашхос ҳам дар ҳузур ва ҳам дар ғоиб будани шахс анҷом медиҳанд.

Эй бандаи мӯъмин! Вақте дар дили ту бадгумоние нисбати бародари мӯъминат сар зад, дониста бош, ки ин кор аз васвасаи шайтон аст ва бояд дарҳол ӯро таксиб намоӣ, зеро шайтон фосиқи бузург аст ва Худованд дар бораи ӯ мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن جَآءَكُمۡ فَاسِقُۢ بِنَبَإٖ فَتَبَيَّنُوٓاْ أَن تُصِيبُواْ قَوۡمَۢا بِجَهَٰلَةٖ فَتُصۡبِحُواْ عَلَىٰ مَا فَعَلۡتُمۡ نَٰدِمِينَ ۝٦

**«Агар фосиқе барои шумо хабаре овард, пас бояд онро таҳқиқ намоед»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 6). Инсон бояд шайтонро бовар накунад. Агар инсони одиле ба ту хабареро расонд, на бовараш кун ва на онро инкор намо, то дар бораи бародарат бадгумон нашавӣ. Дар бораи бародари мӯъминат ҳар бадиеро, ки шунидӣ, баръакс он бародари мӯъминро бештар эҳтиром намо ва дониста бош, ки ин кор шайтонро ба ғазаб меорад ва дигар шайтон аз ту дурӣ меҷӯяд. Агар аз бародарат айберо дидӣ, ки яқинан аз ӯ содир шудааст, дар хилват ӯро насиҳат кун ва шайтон туро фиреб надиҳад, то ба ғайбати ӯ бипардозӣ. Агар ӯро насиҳат карданӣ бошӣ, чунон насиҳат макун, ки ту хушҳолӣ, ки айби ӯро пайдо кардаӣ ва дар борааш иттилоъ ҳосил намудаӣ. Балки насиҳатат меҳрубонона ва нарм бошад.

Худованд мову шуморо бо ин китобаш баракат диҳад ва аз оятҳо ва пандҳои он судамон бахшад. Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш талабед.

# ОФАТИ ЗАБОНҲО

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро. Ӯро ҳамду шукр мегӯем, тамоми санои хайр мар Ӯрост. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бе шарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарини махлуқоти ӯст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд...

Эй ҷамоати мусалмонон! Дониста бошед, ки ҳамчуноне, ки ғайбат кардан ҳаром аст, ғайбатро гӯш кардан ва ба он розӣ шудан низ ҳаром аст. Вақте инсонеро шунидӣ, ки ба ғайбат кардан шурӯъ мекунад, бояд ӯро манъ намоӣ, агар хавфи зарари зоҳирӣ надошта бошед. Агар битарсед, ки ба шумо зарар мерасонад, бояд бо дил онро инкор намуда, аз он маҷлис берун шавӣ, агар имкон бошад. Агар имкон набошад, ё бо забон онро инкор намо, ё суханро ба тарафи дигар бибар.

Бародарони исломӣ! Мусибат дар он аст, ки ҳангоми сӯҳбатҳо мо аз андоза зиёд хотирибнӣ мекунем. Гоҳо як нафар суханони бемаънӣ мезанад ва аҳёнан бо он суханонаш ба дигарон зарар мерасонад, вале дар он маҷлис касе пайдо намешавад, ки ӯро манъ намояд ва ё риштаи суханро ба тарафи дигар бикашонад, то ҳам обрӯи дигарон ҳифз шаванд ва ҳам савоберо ноил гардад.

Раҳмати Худованд бод бар ҳазрати Умар, ки мегуфт: Шумо машғули зикри Худо бошед, ки дар он шифо аст ва аз гирифтани номи мардум парҳез намоед, ки дар он гуноҳ аст.

Эй некӯкорон! Суханони Ҳасан (р)-ро ба ёд оред, ки мегуфт: Ба Худо савганд, ғайбат дар мӯъмин таъсираш бештар аст аз таъсири таом дар бадан.

Эй мусалмонон! Ҳамчуноне, ки дар дурӯғ чанд истисно омадааст, дар ғайбат низ истисно омадааст. Олимон мегӯянд: Ғайбат кардан мубоҳ аст, агар он ба мақсади шаръӣ бошад, ки бидуни зикри он имкон надошта бошад ва он шаш сурат дорад:

Якум, арзу шикоят: Ҷабрдида метавонад дар назди султон ва ё суд ва дигар мақомоти дахлдор арзу шикоят намуда бигӯяд, ки фалон бо ман чунину чунон кард ва тамоми айбҳоро зикр намояд.

Дуюм, талаби кӯмак барои дур кардани бадӣ метавонӣ ба назди як нафаре рафта, хабар расонӣ, ки фалонӣ чунин ё чунон мекунад ва сухани туро қабул дорад, хоҳиш мекунам, рафта ӯро насиҳат намо.

Сеюм, маслиҳат талабидан. Сураташ чунин аст, ки рафта, дар назди муфтӣ ва ё шахси машваратчӣ воқеияти ҳолро арз кунӣ ва ривоят мекунӣ, ки фалон бо ман чунин рафторҳои бад мекунад ва ман чӣ кор кунам.

Чорум, ҳазар кунонидани мусалмонон аз бадӣ. Ин бо чанд намуд сурат мегирад, масалан метавонем дар бораи ровиёни ҳадис баҳс намоем ва айбҳои онҳоро бичӯем. Дар вақти хостгор омадан метавонем дар бораи арӯс ва ё домод бипурсем, ҳамчунин дар бораи ҳамсоя пеш аз харидани хона ва ғайра. Агар касе дар ин мавзӯъҳо аз мо бипурсад, бояд ҳақиқатро зикр намоем.

Панҷум, ғайбати касе, ки гуноҳро ошкоро мекунад ва бо айбе машҳур аст, монанди шаробнӯшӣ, зинокорӣ, кисабурӣ, золим, фосиқ ва кофир метавонем номи онҳоро бо ин рафторашон зикр намоем.

Шашум, барои шиносонидан, агар инсоне бо лақаби кар, кӯр ва шал маъруф бошад, метавонем бо ин сифат ёдашон кунем. Дар вақти зикр набояд ҳадаф масхара кардан бошад ва илло ҳаром аст.

Эй мусалмонон! Дар корҳои карда ва даъвоҳои худ аз Худо битарсед ва дар тамоми ҳолатҳои оромӣ ва ҳаракат Ӯро ҳозиру нозир бидонед ва донист бошед, ки роҳи тавба аз ғайбат ба монанди роҳи тавба аз дигар гуноҳҳо аст. Яъне, аввал ин корро тарк кардан, дуюм аз ғайбатҳои пеш карда пушаймон шудан, сеюм қасд кардан ба ин ки дигар ин корро такрор намекунад, чорум аз шахси ғайбатшуда узрхоҳӣ намудан. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ аз бародараш пеши ӯ шикояте аз обрӯ ва мол бошад, бояд маъзарат талабад, пеш аз он кӣ аз ӯ онро дар рӯзе биситонанд, ки на динор дораду на дирҳам. Дар он рӯз агар амали солеҳ дошта бошад, ба миқдори зулмаш аз ӯ*

*меситонанд ва агар амали солеҳ надошта бошад, аз гуноҳҳои дигарон гирифта, ба ӯ медиҳанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Магар дар як ҳолат метавонад аз ӯ узр нахоҳад ва он ин аст, ки яқин дошта бошад, ки агар аз ӯ узр пурсад, кина ва душманӣ бештар мешавад ва ё қатъи алоқаҳо бештар мегардад. Дар чунин ҳолат метавонад узр наталабад, вале бояд дигар ғайбат накунад ва ба корҳои то имрӯз кардааш аз Худованд омӯрзиш талабад ва тавба намояд ва ҳамеша дар бораи он мард некӣ бигӯяд ва дар ҳама маъракаҳо ӯро ба некӣ ёд намояд.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро биомӯрз.

Худовандо, авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Исломи муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро, ки дар ҳар куҷо, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, Ту Аллоҳи ягонаӣ, ғайри ту худое нест. Болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои дар ҳамин ҳол гуноҳеро нобахшида, ғамеро нокушода, қарзеро адо накарда ва мушкилеро осоннагардонда магузор.

Худовандо, синаҳои моро фарох кун ва корҳои моро осон соз ва моро ба ахлоқи некӯ ҳидоят намо. Зеро касе тавони ин корро ғайри ту надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамду сано танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# ОДОБУ АҲКОМИ РОҲ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди ягонаи бениёзро. Касеро назодааст ва на худ зода шудааст ва касе ба Ӯ баробар шуда наметавонад. Салоту салом бар беҳтарин баргузидагон ҳазрати Муҳаммад ва бар олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй ҷамоати мусалмонон! Аз Худованд битарсед, зеро тарси Ӯ тӯшаест, ки моро ба манзили мақсуд мерасонад ва роҳест, ки ба ҷаннат мебарад. Ҳар кӣ тарсид, роҳ ёфт ва ҳар кӣ роҳро ёфт, ба манзил мерасад.

أَلَآ إِنَّ أَوۡلِيَآءَ ٱللَّهِ لَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٦٢
ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٦٣ لَهُمُ ٱلۡبُشۡرَىٰ فِي
ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِۚ لَا تَبۡدِيلَ لِكَلِمَٰتِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ
ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٦٤

**«Огоҳ бошед, ки дӯстони Худо на тарсе доранд ва на ғамгин мешаванд. Ононе, ки имон оварданд ва тақво меварзанд, барояшон мужда аст дар ҳаёти дунё ва дар охират. Суханони Худо тағйирнопазир аст. Ин аст комёбии бузург»** (сураи Юнус, оятҳои 62-64).

Бояд гуфт, роҳ дар Ислом василаи осонӣ ва кушодагист. Онро барои осонии кори мардум дар ҷамъият месозанд. Аз зебоиҳои ин дини ҷовидона ва шариати накӯ он аст, ки ҳамаи таълимот ва дастуроти худро барои овардани оромӣ, саодат ва роҳати ҷамъият равона намудааст, то мардум танҳо Худовандро ибодат намуда, машғули тоати ӯ бошанд. Роҳ ки яке аз макони гаштугузори мардум аст, Ислом барои он таълимоти махсус намудааст. Барои роҳ одоберо муайян

намуда, низоми нишастан дар онро муайян кардааст, ҳуқуқи роҳсозон ва роҳгузаронро ба таври рӯшан баён намудааст.

Паёмбари бузургамон ҳамеша барои тоза кардани роҳҳо ва ҷойҳои умумӣ аз ҳама гуна ифлосиҳо ва чизҳои зараровар раҳнамоӣ мекард. Ӯ дар ҳадисҳои зиёдаш баён фармуда, ки дур кардани чизи зараровар аз роҳ, яке аз нишонаҳои имон, аз хислатҳои накӯ ва рафтори наҷиб аст. Зеро он хидмат аст ба мардум ва фоидааш ба ҳамаи роҳгузарон мерасад. Чун истифодабарандагони роҳ чӣ пиёдагардон ва чӣ саворон, бародарони мусалмони мо мебошанд. Ба эшон хидмат намудан аз ахлоқи ҳамида аст, чун хидмати мусалмон яке аз нишонаҳи мусалмонист ва намунае аз хислатҳои наҷиби исломист.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Тамоми амалҳои умматонамро ба ман нишон доданд, ҳам хубиҳо ва ҳам бадиҳоро. Ман аз ҷумлаи амалҳои хуби онҳо дур кардани зарарро аз роҳ дидам. Дар амалҳои бади онҳо ман туферо дар масҷид афканда, ки дураш намекунанд, дидам»* (Ривояти Муслим).

Ҷои дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ман дар биҳишт мардеро дидам, ки болои дарахте аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт ва ин ҳамон дарахтест, ки он дар роҳ мардумро азият медод ва ӯ онро канда буд»* (Ривояти Муслим).

Дар ривояти дигари Муслим омадааст: *«Марде аз назди шохаи дарахти дарроҳбуда гузар намуд ва гуфт: Ба Худо савганд, инро аз роҳи мусалмонон дур мекунам, то ба онҳо зарар нарасонад ва дохили ҷаннат шуд».*

Дар Бухорӣ ва Муслим дар боби адаби фард ҳадисе омадааст, ки Албонӣ онро тасҳеҳ намудааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ба рӯи бародарат табассум кардан барои ту садақа аст. Амри маъруф ва наҳйи мункар карданат барои ту садақа аст. Ба марди роҳгумкардае роҳро нишон додан барои ту садақа аст. Ба марди нобино роҳнамоӣ кардан барои ту садақа аст. Санг, хор ё устухонеро аз сари роҳ бардоштан барои ту садақа аст. Аз паймонаи худ ба паймонаи бародарат об рехтан барои ту садақа аст».*

Эй бандагони Худо! Агар ин ҳама савоби бузург барои касе бошад, ки аз роҳи мардум чизҳои зарароварро дур мекунад, пас барои он касе, ки дар роҳи мардум чизҳои зарароварро меандозад, чӣ сазое дода мешавад? Он касе, ки дар роҳҳо ва ҷойҳои омма ахлот меандозад, хусусан дар байни ҳамсоягон бояд ба ин ҳадиси Паёмбар назар дошта бошад, ки мефармоянд: *«Ҳар кӣ ба мусалмонон дар роҳ зарар мерасонад, барояш лаънат воҷиб мешавад»* (Ривояти Табаронӣ).

Дар Саҳеҳи Муслим омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Аз ду кори лаънатшуда парҳез намоед. Гуфтанд: Эй Расулаллоҳ, он ду кадом аст? Фармуданд: Он касе, ки дар роҳи мардум, ё дар соягоҳи онҳо таҳорат мешиканад».*

Ислом ба пайравони худ адаби волои роҳ гаштан дар роҳро омӯзонидааст, то онҳо оромона, бообрӯ, бе зарар, бе ғурур ва бе ифтихор, бо садои паст ва каломи хуш роҳ гарданд ва бо ҳар кӣ вохӯранд, салом диҳанд.

وَعِبَادُ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلَّذِينَ يَمْشُونَ عَلَى ٱلْأَرْضِ هَوْنًا وَإِذَا خَاطَبَهُمُ ٱلْجَٰهِلُونَ قَالُوا۟ سَلَٰمًا ﴿٦٣﴾

**«Ва бандагони Худо касонеанд, ки дар роҳ ором мегарданд ва чун ҷоҳиле ба онҳо сухане гӯяд, ба ӯ салом мегӯянд»** (сураи Фурқон, ояти 63). Мусалмон дар роҳ ба мӯҳтоҷон кӯмак мерасонад, гумшудагонро роҳ нишон медиҳад, ба мазлумон ёрӣ медиҳад, аз кори бад бозмедорад, хурдсолонро таҳқир намекунад, калонсолонро ҳурмат мекунад, касеро масхара намекунад ва кореро ба чашми таҳқир наменигарад.

Эй бандагони Худо!

Вақте роҳ аз байни хонаҳо мегузарад ва хонаҳо барои роҳгузарон кушода аст ва имкон дорад даруни онҳоро бубинанд, Ислом ба пайравони худ амр мекунад, то чашмони худро нигоҳ доранд ва ҳурмати хонаводаҳоро ҳифз кунанд ва сирри онро фош накунанд ва нафсро аз шаҳвати ҳаром ва ниятҳои бад боздоранд. Зеро нигоҳ

қосиди бадиҳост ва ҳар кӣ нигоҳашро озод гузошт, гирифтори ҳасрату надомат хоҳад гашт.

Эй бародарон!

Яке аз намунаҳои одоби роҳ дар Ислом, ин ошкор намудани салом аст дар байни мардум, ки он аз як тараф далели муҳаббату баробарӣ ва улфат аст, дар миёни мусалмонон ва аз тарафи дигар боиси дарёфти аҷру савоб аст аз ҷониби Парвардигор. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Шумо дохили ҷаннат намешавед, то ин ки имон оред ва имон намеоред, то ин ки ҳамдигарро дӯст доред. Оё шуморо ба чизе далолат накунам, ки агар онро ба ҷо оред, ҳамдигарро дӯст медоред? Саломро дар миёнатон ошкор намоед»* (Ривояти Муслим).

Ибни Умар ҳамеша ба хотири дарёфти савоб ба бозорҳо рафта, ба мардум салом медоданд.

Аз ҳама таассуфовар он аст, ки ин одоби исломӣ аз бозорҳо, роҳҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ нобуд шуда истодааст. Мардум аз назди ҳамдигар мегузаранд, бе ин ки ба ҳам салом гӯянд ва кор ба ҷое расидааст, ки танҳо ба шиносон салом мегӯянд, ин ҳам бошад, ба лафзҳои гуногуни ғайриисломӣ.

Эй бандагон Худо!

Лозим ба тазаккур аст, ки баъзеҳо дар роҳҳо ва кӯчаҳо нишастанро одат кардаанд, эшон дониста бошанд, ки ахлоқи исломӣ онро манъ мекунад, зеро ин кор аз набудани маданият ва ба пастҳимматӣ дарак медиҳад. Вале агар илоҷе набошад, ақаллан ба ин таълимоти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам диққат диҳанд, ки мефармоянд: *«Шумо ҳаргиз дар роҳҳо нашинед».* Гуфтанд: Эй Расулаллоҳ, мо чорае надорем ва бояд барои сӯҳбати ҳамдигар дар роҳ бишинем. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Агар чорае ғайри нишастан дар роҳро надошта бошед, пас ҳаққи роҳро адо намоед».* Пурсиданд: Ҳаққи роҳ кадом аст? Фармуданд: *«Чашмҳоро пӯшидан, озор надодан, саломро ҷавоб додан ва амри маъруфу наҳйи мункар кардан»* (Ривояти Муттафақ).

Эй бандагони Худо!

Баъзеҳо дар роҳҳои оммавӣ, марказҳои савдо, роҳҳои пиёдагард, клубҳо макони нишаст омода мекунанд, то

мардум нишаста, ба занону духтарони роҳ тамошо кунанд, ба обрӯҳо халал ворид намоянд, ба шахсони баномус зарари маънавӣ расонанд ва бо чашму абрӯ ва ҳатто бо забон ба тарафи хоҳарон ишораҳо намоянд. Ман дар ин ҷо ба ҳамин қадар иктифо намудам, вагарна ғайри ишораҳои чашму абрӯ, ҳатто суханони қабеҳ ва дашномҳоро шунидан мумкин аст. Илова бар ин, ҳатто кор аҳёнан то ҷое мерасад, ки пеши роҳи духтаронро мегиранд, ба сӯи онҳо даст дароз мекунанд. Барои ҳамин намуд тоифа нишастан дар сари роҳи мардум, қатъан ҳаром аст ва бояд ҷомеа пеши роҳи онҳоро бигирад.

Яке аз намунаҳои бадтарин он аст, ки баъзе гумроҳон танҳо дар ҷое ҷамъ мешаванд, ки занону духтарон дар он ҷо бештар мегарданд. Чӣ дар бозор бошад ва чӣ дар дӯконҳои занона. Ин кор аҷаб нест, зеро дар табиати эшон чизе аз номардӣ вуҷуд дорад ва шоир дар ин бора мефармояд:

***Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,***
***Кабутар бо кабутар гоз бо гоз.***

Ту дигар баъди ин дар бораи шарму ҳаёи азбайнрафта ва обрӯҳои бахокрехта чизе мапурс. Боре аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд, ки дар бораи ин оят чӣ мегӯӣ: **«Оё шумоед, ки гирди мардон мегардед ва роҳро мебурред ва дар ҷамъомадгоҳи худ ба корҳои накӯҳида икдом мекунед?»** (сураи Анкабут, ояти 29). Паёмбар фармуданд: *«Онҳо роҳгузаронро бо сангча мезаданд ва онҳоро масхара мекарданд, ин буд бадиҳое, ки онҳо анҷом медоданд»* (Ривояти Аҳмад ва Ҳоким).

Маънои ҳадис чунин аст, ки ин тоифа дар роҳҳои оммавӣ нишаста, ба сӯи ҳар роҳгузар сангча меандохтанд ва онҳоро масхара мекарданд.

Худованд мо ва шуморо бо Қуръони азим баракат диҳад ва бо дастуроти Паёмбараш фоида диҳад. Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш бихоҳед.

# ОДОБУ АҲКОМИ РОҲ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду санои беандозаю бепоёну пурбаракат Худовандро ба ҳамон андозае, ки Ӯ дӯст медорад ва мехоҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарини махлуқоти ӯст. Салавоту салому баракоти Худовандбар Ӯ бод ва бар тамоми хонадону ёронаш.

Аммо баъд...

يُصۡلِحۡ لَكُمۡ أَعۡمَٰلَكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ
وَرَسُولَهُۥ فَقَدۡ فَازَ فَوۡزًا عَظِيمًا ﴿٧١﴾ إِنَّا عَرَضۡنَا ٱلۡأَمَانَةَ عَلَى
ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱلۡجِبَالِ فَأَبَيۡنَ أَن يَحۡمِلۡنَهَا وَأَشۡفَقۡنَ مِنۡهَا
وَحَمَلَهَا ٱلۡإِنسَٰنُۖ إِنَّهُۥ كَانَ ظَلُومًا جَهُولًا ﴿٧٢﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худованд битарсед ва суханони дуруст гӯед. Худованд корҳоятонро дуруст намуда, гуноҳҳоятонро мебахшад. Ва ҳар кӣ тоати Худо ва Паёмбарашро кард, дар ҳақиқат, ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 71-72).

Дониста бошед, ки қавонини Ислом тамоми ҷанбаҳои зиндагиро фаро гирифтааст. Ислом барои ба танзим даровардани ҳаёти мардум чӣ афрод ва чӣ ҷамъиятҳо тавҷиҳоти худро равона карда, аҳкоми худро муайян намудааст. Ислом дини охирини осмонист ва то охири дунё шариати ҷовидона мемонад.

Фуқаҳои Ислом дар таълифоти худ дар бораи аҳкому одоби роҳ, китобҳо навишта, садҳо рисола ва мақолаҳо тадвин намудаанд. Зимни навиштаҷоти хеш, аз ҷумла чунин мегӯянд: Роҳи мусалмононро танг кардан ҷоиз нест, балки

бояд чизҳои зараррасонро аз роҳҳо дур карда, ифлосиҳо аз он бардошта шавад. Ҷоиз нест, ки инсон дар замини мулкии худ коре кунад, ки ба мардум нохушӣ эҷод намояд. Масалан дар назди дарвозааш курсие бисозад, ки роҳи мардумро танг намояд ва ё оби бомаш дар рӯи роҳгузарон бирезад. Ҳамчунин барояш раво нест, ки ба таври доимӣ мошини худро дар роҳе гузорад, ки он барои гузаштани омма муқаррар шудааст.

Шайхул Ислом Тақийюддин Аҳмад ибни Абдусалом мегӯяд: Ҷоиз нест барои ҳеҷ фард, то чизеро аз хонааш берун намуда, дар роҳи умумӣ гузорад.

Дар роҳҳои умумӣ ниҳол шинондан, сохтмон намудан, хандақ кандан, ҳезум ниҳодан, забҳ намудан, хокистар ва ё ахлот андохтан ва монади инҳо манъ аст, зеро ин кор ба тамоми роҳгузарон зарар мерасонад, аз ин рӯ, ин ҳамаро Ислом ҳаром гардонида, фармудааст, то аз он дурӣ ҷӯем. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мусалмон касест, ки мусалмонон аз дасту забонаш дар амонанд. Ва муҳоҷир касест, ки аз чизҳое дурӣ ҷӯяд, ки Худованд манъ кардааст»* (Ривояти Муттафақ).

Ҷои дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Имон ҳафтоду чанд ё шасту чанд шоха дорад. Афзали он Ло илоҳа иллаллоҳ аст ва пасттарини он дур кардани зарар аз роҳ. Ҳаё яке аз шохаҳои имон аст»* (Ривояти Муттафақ).

Вақте Ислом мефармояд, то зарар ва наҷосати ҳиссӣ аз роҳ бардошта шавад, ҳамчунин дур кардани зарари маънавӣ савоби беҳтар дорад. Ин кор бо чанд намуд сурат мегирад, масалан аз айбҳои мардум чашм пӯшидан, ба мардум зарар нарасонидан, аврати онҳоро пӯшидан ва ғайра. Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ

وَأَعَدَّ لَهُمْ عَذَابًا مُّهِينًا ﴿٥٧﴾

**«Ва касоне, ки мардон ва занони мусалмонро бесабаб зарар мерасонанд, болои худ тӯҳмат ва гуноҳи бузургеро таҳаммул кардаанд»** (сураи Аҳзоб, ояти 57).

Дар сабаби нузули ин оят чунин ривоят омадааст, ки хонаҳои Мадина танг буданд ва занон шабона барои қазои ҳоҷат берун мебаромаданд ва баъзе фосиқони Мадина аз паси онҳо мерафтанд ва онҳоро масхара мекарданд. Агар он зан хомӯш меистод, аз қафояш рафтан мегирифтанд ва агар доду фарёд мекард, дур мешуданд. Дарвоқеъ, онҳо мақсади канизаконро доштанд, вале дар шаб канизро аз озод ҷудо кардан мумкин набуд. Зеро дастури ҳиҷоб ҳанӯз наомада буд. Занон ин корро ба шавҳарони худ шикоят намуданд ва вақте онҳо ин моҷароро ба Паёмбар нақл карданд, ин оят нозил шуд.

Эй бандагони Худо!

Аз Худованд битарсед ва ҳамдигарро дар тақво ва накӯӣ кӯмак намоед ва ҳаргиз дар гуноҳ ва зулм ҳамкорӣ накунед. Акнун салоту саломе фиристед бар Паёмбари башарият ва раҳмати оламиён. Худованд бо ин оёташ шуморо ба ин кор амр намудааст:

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ﴿٥٦﴾

**«Ҳамоно, ки Худованд ва малоикаҳои ӯ ба Паёмбар салавот мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, шумо бар Ӯ салавоту салом фиристед»** (сураи Аҳзоб, ояти 56).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусулмонро мағфират намо.

Худовандо, авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Ислом ва муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро дар ҳар куҷо, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, Ту Аллоҳи ягонаӣ, ки ғайри Ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳол гуноҳеро нобахшида, ғамеро нокушода, қарзеро адо накарда ва мушкилеро осоннагардонда магузор.

Худовандо, дилҳои моро васеъ намо ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят кун. Зеро ғайри ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# НАКӮӢ БО ВОЛИДАЙН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро. Ӯро ҳамду шукр мегӯем, тамоми санои хайр мар Ӯрост. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарини махлуқоти Ӯст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар тамоми хонадон ва ёронаш.

Аммо баъд...

Эй ҷамоати мусалмонон! Инсон табиатан касеро, ки ба ӯ накӯӣ кунад, дӯст медорад ва дил гирифтори касе мешавад, ки фазле бар ӯ ниҳодааст. Бадеҳист, ки баъди Худованди мутаъол касе бештар аз волидайн ба мо накӯӣ накардааст.

Худованд ҳаққи онҳоро ҳамроҳи ҳаққи худ якҷо зикр намуда, аз мо талаб мекунад, то ҳамроҳ бо шукри Худованд шукри онҳоро низ адо намоем.

﴿ وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا وَبِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡجَارِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡجَارِ ٱلۡجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلۡجَنۢبِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن كَانَ مُخۡتَالٗا فَخُورًا ٣٦ ﴾

**«Шумо Худовандро ибодат намуда, ба ӯ касеро шарик наёваред. Ва бо волидайн накӯкор бошед»** (сураи Нисо, ояти 36).

Худованд моро офарида ва ба вуҷуд овардааст ва волидайн бо дастури Ӯ сабаби таваллуд ва тарбияи мо гаштаанд. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Дар се оят се чиз бо ҳам омадаанд, ки яке бедигаре қабул намешавад. Аввалаш ин оят: **«Ва шумо Худо ва Расулашро итоат намоед»** (сураи

Моида, ояти 92). Ҳар ки Худоро итоат кунаду Паёмбарро не, барояш фоидае надорад. Дуюмаш ин оят: **«Ва шумо намозро барпо доред ва закотро адо намоед»** (сураи Нур, ояти 56). Ҳар ки намозро хонаду закотро надиҳад, намозаш қабул намешавад. Сеюмаш ин оят: **«Ин кӣ маро ва падару модарро шукр гӯй ва ба сӯи ман аст бозгашт»** (сураи Луқмон, ояти 14). Ҳар кӣ шукри Худоро ба ҷо ораду шукри волидайнро не, қабул намешавад.

Ризои Худованд дар ризои волидайн аст ва ғазаби ӯ дар ғазаби онҳост.

Эй мӯъминон! Накӯӣ бо волидайн корест бузург, фазли эшон хеле баланд аст. Шумо дар мавриди айёми хурдсолии худ андеша намоед ва аз нотавонии тифлии худ ёд оред. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

وَٱخۡفِضۡ لَهُمَا جَنَاحَ ٱلذُّلِّ مِنَ ٱلرَّحۡمَةِ وَقُل رَّبِّ ٱرۡحَمۡهُمَا

كَمَا رَبَّيَانِي صَغِيرٗا ﴿٢٤﴾

**«Ва бигӯ: Парвардигори ман ба онҳо раҳм кун, ҳамчуноне, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»** (сураи Исро, ояти 24). Модар туро дар батни худ нӯҳ моҳ бо ҳамаи азобу машаққат бардоштааст. Азоб дар вақти ҳамл, азоб дар вақти зодан ва ту ҳарчӣ бузургтар мешудӣ, модар лоғартар мегашт. Ҳангоми зодан модар маргро бо ду чашмаш мебинад, вале чун туро дар канораш дид, тамоми аламу шиканҷаашро фавран фаромӯш кард. Ӯ тамоми хушӣ ва хуррамиро дар ту медид. Умед ва орзуҳояш ҳама ту будӣ. Баъди ин, шабу рӯз ба хидмати ту пардохт. Ғизоят саломатии ӯ буд, таомат шири ӯ ва хонаат оғӯши ӯ ва маркабат дасту пушту синааш. Гирди ту давр мезаду туро парасторӣ менамуд. Гуруснагӣ мекашид, то ту сер бошӣ, бедор менишаст, то ту ба хоб равӣ. Ӯ бароят меҳрубону ғамхор буд. Чун аз пешат дур мешуд, садояш мекардӣ ва чун ӯро намедидӣ, сахт мегиристӣ ва чун бадие ба ту мерасид, ӯро ба мадад мехондӣ. Ту ҳамаи баракатро дар ӯ медидӣ ва чунин гумон мекардӣ, ки агар дар оғӯши модар бошӣ, ҳеҷ газанде ба ту намерасад.

Аммо барои падарат ту бахту саодат ва зиндагӣ будӣ. Азоб мекашид, машаққатҳоро таҳаммул менамуд, то ҳама намуд зарарҳоро аз сарат дур созад. Сафарҳо мекард, сарморо сармо ва гарморо гармо намегуфт ва барои ба даст овардани як бурда нони ту худро фаромӯш мекард. Ҳамаро ба ту сарф мекард, манфиъати туро мехост, аз насиҳатат лаҳзае ғофил набуд. Чун туро медид, механдид ва чун механдидӣ, барояш як дунё буд. Чун рафтанӣ мешуд, сахт оғӯшаш мегирифтӣ ва чун бармегашт, даст ба гарданаш ҳалқа мекардӣ.

Шайхайн ва дигар муҳаддисон чунин ривоят доранд, ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос мегӯяд: *«Марде ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Ман бо ту паймон мекунам, ки ба хотири савоб ҳамроҳат ҷиҳод ва ҳиҷрат кунам. Фармуд: Оё яке аз волидайни ту зинда аст? Гуфт: Бале, ҳарду зиндаанд. Фармуд: Ту мехоҳӣ савоби Худоро дарёбӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Ба назди волидайни худ баргард ва бо онҳо накӯӣ кун».*

Бародарони роҳи Худо! Ҳаққи волидайн хеле бузург ва накӯиҳои онҳоро баргардондан номумкин аст. Яке аз ҳуқуқи онҳо ин муҳаббату қадрдонӣ, тоату фармонбардорӣ ва дар назди онҳо риояи адаб аст, ҳамчунин бо онҳо рост будан ва тамоми талаботи онҳоро иҷро намудан ва сарф кардани моли худ барои тамоми эҳтиёҷоти эшон аст. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки *«Ту ва молҳоят азони падар ҳастӣ»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Зарарҳоро аз сари эшон дур кун, ҳамчуноне, ки онҳо аз сарат дур мекарданд. Бо онҳо муомилаи дурушт накун ва бо садои баланд ҳарф мазан ва аз ҳар чизе, ки хотири онҳоро озурда месозад, дур бош ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿ وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا ۚ إِمَّا يَبْلُغَنَّ عِندَكَ ٱلْكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿٢٣﴾

**«Пас ту барои онҳо уфф магӯ ва онҳоро маранҷон»** (сураи Исро, ояти 23).

Ту бо онҳо бо ибораҳои нарм, калимаҳои нозук ва сухани накӯ сӯҳбат кун ва ҳамеша дар наздашон ботавозӯъ бош. Пайваста рафторат ҳамроҳи эшон нарм, хуб ва зебо ва боадаб бошад. Акнун онҳо пир шуданд ва мӯйҳояшон сафед шудааст, дигар рӯ ба нотавонӣ ва оҷизӣ меоранд, баъди он кӣ тамоми тоқату тавонӣ ва ҷавонии худро бо тамоми доройяшон дар роҳи тарбия ва хурсандии ту сарф намуданд. Ту ба ин гуфтаи Худованд андеша кун, ки мефармояд: **«Чун яке аз онҳо ва ё ҳарду дар пеши ту ба пирӣ расиданд»** (сураи Исро, ояти 23).

Иборai **«дар пеши ту»** маънои онро дорад, ки онҳо мӯҳтоҷ ба ту шуданд ва рӯ ба сӯи ту оварданд ва дар зери сарпарастии ту қарор гирифтанд. Онҳо вазифаи худро ба ҷо оварданд, кори худро карданд, ба ту хидмат намуданд, акнун навбати ту омад. **«Пас ту барои онҳо уфф магӯ ва онҳоро маранҷон ва бо онҳо суханони зебо бигӯ»** (сураи Исро, ояти 23). Марде ба ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: Ман модари пире дорам, ки вақте қазои ҳоҷат мекунад, пушти худро барояш чун ҳоҷатхона месозам, пас оё ман ҳаққи ӯро ба ҷо овардаам? Гуфт: Не. Зеро ӯ низ ин корро мекард, вале орзу дошт, то ту бимонӣ, вале ту ин корро мекунӣ ва орзу дорӣ, ки аз ӯ ҷудо шавӣ. Вале ту бисёр накӯкор ҳастӣ ва Худованд бо амали андак аҷри зиёде медиҳад.

Бале, ҳаққи онҳо хеле бузург аст ва бояд ту ба ғайр аз хидмати доимии онҳо ҳамеша даст бар дуо бардошта, дар ҳаёташон ва баъди мамот дар ҳаққи онҳо дуо намоӣ, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Ва бигӯ: Худоё, ба**

**онҳо меҳрубон бош, чунон чӣ маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»** (сураи Исро, ояти 23).

Бародарони азиз! Шармандагӣ, расвоӣ ва мусибат дар он аст, ки волидайн фарзандони худро бубинанд, ки тамоми хубиҳои онҳоро фаромӯш намоянд. Замоне, ки волидайн мӯҳтоҷи ёрӣ шуданд, орзуи дастгирии фарзандонро доранд ва мебинанд, ин бетавфиқ нотавонӣ ва туфулати худро фаромӯш карда, бо ҷавонӣ ва қуввати худ менозад ва бо илму донишаш мефахрад, худро воломақому баланд меҳисобад ва бо сад кинаю мазаммат онҳоро меранҷонад. Ин носипос ба рӯяшон бо садои баланд ҳама суханони таҳқиромез мезанад, ба онҳо дурушту сахт ҷавоб медиҳад, ҳатто аҳёнан даст ё пояшро дар ҳузури онҳо аз хашм ба замин мезанад. Он ду орзуи умрдарозӣ барои фарзандон мекунанд, вале инҳо орзуи тезтар мурдани онҳоро. Дар ин ҳолат мебинем, баъзе волидайн орзу мекунанд, ки кош фарзанде аз онҳо ба дунё намеомад, ки мурувват ва бузургӣ ба ҳоли чунин фарзандони нохалаф мегирянд.

Эй нохалаф! Оё ба маҳзи он кӣ пирсол шуда, мӯҳтоҷ ба ту шуданд, онҳоро ночиз мешуморӣ? Ту ба дигарон некӣ мекунӣ, вале ба некиҳои онҳо посухи бад медиҳӣ? Акнун онҳо бароят дарди сар шудаанд, бо ин ки умри дароз дидаанд? Оё нашунидаӣ, ки мегӯянд ҳар кӣ бо волидайнаш накӯӣ накунад, фарзандонаш ба ӯ некӣ намекунанд? Ҳар кӣ волидайнашро оқ кунад, фарзандонаш ӯро оқ мекунанд. Рӯзе мерасад, ки ту ҳам мӯҳтоҷи дастгирии фарзанд мешавӣ ва онҳо бо ту ҳамон тавр муомила мекунанд, ки бо волидайнат мекардӣ. Хубӣ кардӣ, хубӣ мебинӣ ва ҳар кӣ аз ҷинси амалаш мечашад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худованд ҷазои ҳар гуноҳро то замоне, ки мехоҳад, ба таъхир меандозад, магар оқи волидайнро, ки ҷазояшро дар дунё пеш аз маргаш мечашонад»* (Ривояти Ҳоким ва Заҳабӣ).

Дар ҳадиси дигар Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худованд дар рӯзи қиёмат ба рӯи се тоифа назар намекунад. Оқшудаи волидайн, майзада ва касе, ки додаашро миннат мекунад. Ва се тоифа ба ҷаннат намедароянд: Оқшудаи*

*волидайн, даюс ва зани худро ба мард ташбеҳдиҳанда»* (Ривояти Насоӣ).

Шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки накӯӣ ба волидайн фарз ва лозим аст ва кори ҳатмист. Накӯӣ ба онҳо боиси зиёдшавии ризқ, умрдарозӣ ва бобарорист. Ҳазрати Али ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ орзу дорад, умраш дароз шавад ва ризқаш зиёд гардад ва аз марги бад раҳоӣ ёбад, аз Худо битарсад ва силаи раҳмро ба ҷо оварад»* (Ривояти Абудовуд).

Падару модар аз ҳама ба ту наздиктаранд ва ғами туро бештар мехӯранд. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим:

۞ وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓا۟ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا ۚ إِمَّا
يَبْلُغَنَّ عِندَكَ ٱلْكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفٍّ وَلَا
تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿٢٣﴾

**«Ва Худованд дастур додааст, то ғайри ӯ касеро ибодат накунед ва ба волидайн некӣ кунед. Чун яке аз онҳо ва ё ҳарду дар пеши ту ба пирӣ расиданд, пас ту барои онҳо уфф магӯ ва бар сарашон фарёд назан ва бо онҳо бо икром сухан бигӯ. Ва бо онҳо хоксорӣ ва меҳрубонӣ кун ва бигӯ: Худоё, ба онҳо меҳрубон бош, ҳамон гуна, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд. Парвардигори шумо медонад он чӣ дар дилҳои шумост. Агар шумо накӯкор бошед, пас Худованд тавбакоронро мебахшад»** (сураи Исро, ояти 23).

Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш талабед.

# НАКӮЙ БО ВОЛИДАЙН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди бахшандаи меҳрубон, соҳиби ҳама неъмату эҳсонро ва дуруду салом бар Паёмбари баргузида Муҳаммад писари Абдуллоҳ ва ризои Худо бар ҳама ёрони кировмаш.

Аммо баъд...

Накӯӣ ба волидайн далели камоли имону исломдори некӯ аст. Он сифати паёмбарону расулон аст. Қуръон ин сифатро аз номи Яҳё чунин ҳикоят мекунад: **«Ва ман ба волидайни худ накӯкорам. Ва Худованд маро ситамгари бадбахт нагардонидааст»** (сураи Марям, ояти 32). Олимон мегӯянд ҳазрати Яҳё ҳаргиз падару модарашро наозурда, ҳамеша ба онҳо накӯкору ғамхор буд.

Худованд ҳикоятан аз номи ҳазрати Исо мегӯяд, ки Худованд маро баъди намозу рӯза ба эҳсони модарам амр намудааст. Худованд мефармояд: **«Ва Худованд маро ба намозу закот амр намудааст, то замоне, ки ман зиндаам. Ва ба накӯкорӣ бо модарам ва маро ситамгари бадбахт нагардонидааст»** (сураи Марям, оятҳои 31-32).

Накӯӣ бо волидайн беҳтарин ибодат ва асли тоатҳост ва роҳе, ки ба ҷаннат мебарад, ҳамин аст. Абдуллоҳ ибни Масъуд мегӯяд: Ман аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам савол кардам, ки Худованд кадом амалро бештар дӯст медорад? Фармуданд: *«Намозро дар вақташ хондан»* Гуфтам: Баъд чиро? Фармуданд: *«Накӯӣ бо волидайнро».* Гуфтам: Боз чиро? Гуфтанд: *«Ҷиҳоди дар роҳи Худоро»* (Ривояти Муслим).

Бале! Эй бандагони Худо! Роҳе ки моро ба ҷаннат мерасонад, ин накӯӣ бо волидайн аст. Ҳазрати Оиша (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ман дар ҷаннат даромадам ва дар он қироатеро шунидам ва пурсидам ин кист? Гуфтанд: Ҳориса ибни Нӯъмон. Накӯӣ бо волидайн чунин аст. Накӯӣ бо волидайн чунин аст. Ӯ бо модараш аз ҳама накӯкортар буд»* (Ривояти Байҳақӣ).

Мурод аз суханони Паёмбар накӯӣ бо волидайн чунин аст, он аст, ки накӯӣ бо волидайн соҳибашро ба ҷаннат мерасонад.

Эй бандагони Худо! Ман барои шумо қиссаи як намунаи дигарро аз накӯии волидайн меорам ва шумо баъди шунидани он, худ андеша намоед, ки накӯӣ бо волидайн чӣ манзалате доштааст. Муовия ибни Ҷоҳимаи Саламӣ мегӯяд: Боре ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада, ба ӯ гуфтам: Мехоҳам якҷоя бо ту ҷиҳод намоям ва бо ин кор ризои Худо ва охиратро дарёбам. Гуфтанд: *«Вой бар ту, оё модарат зинда аст?».* Гуфтам: Бале. Гуфтанд: *«Баргард ва бо ӯ накӯӣ кун».* Боз ман аз тарафи дигар ба наздаш омада, ба ӯ гуфтам: Мехоҳам якҷоя бо ту ҷиҳод намоям ва бо ин кор ризои Худо ва охиратро дарёбам. Гуфтанд: *«Вой бар ту, оё модарат зинда аст?».* Гуфтам: Бале, эй Расулаллоҳ. Гуфтанд: *«Пас баргард ва бо ӯ накӯӣ кун».* Боз ман аз рӯбарӯяш омада, гуфтам: Мехоҳам якҷоя бо ту ҷиҳод намоям ва бо ин кор ризои Худованди мутаъол ва савоби охиратро дарёбам. Гуфтанд: *«Вой бар ту, оё модарат зинда аст?».* Гуфтам: Бале, эй Расули Худо. Гуфтанд: *«Вой бар ту, зери қадами эшонро ба худ лозим бигир, ки ҷаннат он ҷост»* (Ривояти Ибни Моҷҷа).

Марди дигаре ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Ман мехоҳам ба ҷиҳод равам, вале тавони онро надорам. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд: «Оё аз волидайнат касе боқӣ мондааст? Гуфт: Модарам. Гуфт Худоро бо накӯии он мулоқот намо. Агар ту ин корро кардӣ, ҳам ҳаҷ кардаӣ, ҳам умра ва ҳам ҷиҳод. Агар ӯ аз ту розӣ бошад, пас аз Худо битарс ва ба он накӯӣ намо» (Ривояти Табаронӣ).

Саҳобагон накӯкортарини мардум буданд, бо волидайнашон. Ибни Аббос мегӯяд: Ман аз накӯи модар дида, ба Худованд наздиккунанда амалеро намедонам.

Абумусои Ашъарӣ ривоят мекунад, ки марди ямание модарашро дар пушташ бардошта, тавофи Каъба мекард. Ӯ ҳангоми тавоф шеъреро замзама мекард, ки маънояш чунин буд: Ман шутури хору зори модари худ ҳастам ва ҷонро фидои ӯ месозам. Вақте он мард ҳазрати Ибни Умарро дид,

аз ӯ пурсид: Оё ман хубиҳои ӯро баргардонидаам? Ҳазрати Ибни Умар гуфт: Не. Ҳатто ба андозаи як оҳ.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифрист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусулмононро мағфират намо.

Худовандо, айбҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Исломy муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро дар ҳар кучое, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қуввват бахш.

Худовандо, ту Аллоҳи ягонаӣ, ғайри ту Худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳол гуноҳеро нобахшида, ғамеро нокушода, қарзеро адо накарда ва мушкилеро осоннагардонида магузор.

Худовандо, дилҳои моро васеъ кун ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# СИЛАИ РАҲМ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ки аз обе инсон офарида байни онҳо қаробату хешӣ қарор дод. Ӯро ҳамду шукр мегӯем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки илмаш ҳамаро фаро гирифтааст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарини махлуқоти Ӯст, ки дорои мартабаи баланд ва фазилати бузурге мебошад. Салавоту саломи баракоти Худованд бод бар Ӯ ва тамоми хонадону ёронаш.

Аммо баъд...

Эй ҷамоати мӯъминон! Аз Худованд битарсед ва ибодатро холис барои Ӯ намоед ва силаи раҳмро ба ҷо оваред. Худованд мефармояд:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُوا۟ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَٰحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالًا كَثِيرًا وَنِسَآءً ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ٱلَّذِى تَسَآءَلُونَ بِهِۦ وَٱلْأَرْحَامَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَيْكُمْ رَقِيبًا ﴿١﴾

**«Эй мардум, аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи ӯ мепурсед ва аз тарки силаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд муроқиби шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

Ӯ шуморо аз як ҷон офаридааст. Худои шумо як аст ва аслатон як аст. Шумо як оила ҳастед, ки аз он мардону занони зиёде мебароянд, то бо ҳам якҷо вохӯранд ва робитаи шумо як бошад.

Баробарӣ ва дастгирии ҳамдигар ҳам аз ҳамин ҷо сар мезанад. Барои ҳар инсон хешону наздиконаш пуштибон ва такягоҳ ба шумор меравconfigured.

Ҳазрати Алӣ мефармояд: Инҳо ҳам хешони туянд. Ту бо онҳо калону бузург мешавӣ. Дар сахтиҳо дастгири туанд. Ту бузургони эшонро азиз дору беморони онҳоро хабар гир ва мушкилоти онҳоро бартараф намо. Коре накун, ки дар назари хешонат аз ҳама бадтар бошӣ.

Бародарони гиромӣ! Худованд ҳар ҷо, ки ба тавҳид амр намуда, аз ширк дур карда бошад, ҳамроҳаш накӯӣ бо волидайн ва хешонро овардааст.

Худованд мефармояд: **«Шумо Худовандро ибодат намуда, ба Ӯ касеро шарик наёваред. Ва бо волидайн накӯкор бошед ва бо хешон, ятимон, бечорагон, ҳамсоягони наздик, ҳамсоягони ҳампаҳлӯ, дӯстони ҳампаҳлӯ ва мусофирон ва зердастонатон. Ҳамоно, ки Худованд мутакаббирони фахрфурӯшро дӯст намедорад»** (сураи Нисо, ояти 36).

**«Ва Худованд дастур додааст, то ғайри ӯ касеро ибодат накунед ва бо волидайн накӯкор бошед»** (сураи Исро, ояти 23).

Худованд дар давоми ояти боло мефармояд: **«Ва ту ҳаққи хешон, мискинон ва мусофиронро адо намо»** (сураи Исро, ояти 23).

Эй мӯъминон! Силаи раҳм ҳаққест бар болои ту барои ҳар касе, ки бо ту риштаи пайванди хешӣ дорад. Ҳар қадар ин ришта наздиктар бошад, ҳамон қадар ҳаққаш бештар мегардад. Инсон бояд аз модар шурӯъ кунад, баъд падар, баъди он хеши наздик ва...

Роҳи анҷом додани ҳаққи хешовандӣ он аст, ки бо онҳо дӯстӣ намуда, бо дили васеъ ва қалби солим муомала намоӣ.

Худованд ба зану шавҳар, ки асли оила ва решаи он ба шумор меравtotanд, танҳо ҳамин сифатро бештар миннат намудааст, ки дар байни онҳо дӯстию меҳрубонӣ эҷод кардааст. Худованд мефармояд:

وَمِنْ ءَايَـٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَـٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١﴾

**«Яке аз нишонаҳои қудрати Худованд он аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсарон офарид, то ба онҳо ором гиред ва дар миёнатон дӯстию меҳрубониро эҷод намуд»** (сураи Рум, ояти 21).

Асли тамоми алоқа ва робита, дӯстию меҳрубонист, ки агар он нобуд шавад, ришта канда мешавад ва фасод ҳукмрон мегардад ва лаънати Худо он ҷо меояд. Худованд мефармояд: «**Ва онҳое, ки пас аз паймон бастан бо Худо паймоншиканӣ мекунанд, пайвандҳоеро, ки Худованд ба истиқрорашон амр намудааст, қатъ мекунанд ва дар рӯи замин фасодкорӣ мекунанд, дар сарои дигар гирифтори лаънат ва бадфарҷомӣ мешаванд?**» (сураи Раъд, ояти 25).

Силаи раҳм сабаби баракт дар ризқ ва барор дар зиндагӣ буда, Худованд иззату обрӯ ва ҳайбату бузургиро тавассути он баланд мекунад.

Имом Аҳмад ва Ибни Моҷа аз ҳадиси ҳазрати Оиша (р) дар ҳадиси марфуъ чунин ривоят мекунад: *«Силаи раҳм, рафтори накӯ ва ҳамсоягии хуб шаҳрҳоро ободу умрро зиёд мекунад»*. Тамоми ровиёни ин ҳадис аҳли сиққа мебошанд.

Баззоз бо исноди хуб ва Ҳоким аз ҳазрати Алӣ ривоят мекунанд, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ мехоҳад умри дароз дида, ризқаш фаровон бошад ва бо марги бад гирифтор нашавад, пас бояд аз Худованд битарсад ва силлаи раҳм намояд».*

Дар саҳеҳи Бухори ҳадиси марфуъе омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ мехоҳад ризқаш зиёд ва умраш дароз шавад бояд силаи раҳм намояд».*

Дар ҳадис омадааст: *«Силаи раҳм омили муҳаббат дар оила ва баракат дар мол ва зикр баъди мурдан аст»* (Ривояти

Тирмизӣ). Яъне, силаи раҳм сабабгори асосии умри дароз дидан ва баракат дар молу ҷон мегардад.

Бо силаи раҳм, дӯстӣ мустаҳкам гашта, муҳаббат афзун мегардад ва риштаи қаробат қавӣ гашта, душманӣ аз байн меравад ва хуррамӣ дар оила ҳукмфармо мегардад.

Дониста бошед, ки силаи раҳм ва накӯӣ бо хешон, роҳҳои гуногун ва услубҳои зиёде дорад ва касе наметавонад даъво кунад, ки ман тавони иҷрои онро надорам. Вохӯрӣ бо чеҳраи кушод, муомилаи хуб, сухани хуш ва табассум ҳама силаи раҳм ба шумор меравад. Ба зиёрат рафтан, алоқаҳоро барқарор намудан, аз аҳволи ҳамдигар бохабар шудан, гуфтугӯи телефонӣ, номанависӣ, ба бечорагон дасти кӯмак дароз кардан, эҳсон намудан, ба ҳамдигар ҳадя додан ҳам, силаи раҳм аст. Якдигарро бахшидан, айби ҳамдигарро нодида гирифтан, ба ҳоли ҳамдигар нахандидан, аз адлу инсоф кор гирифтан ҳангоми алоқаҳо ва барои ҳамдигар дуои хайр намудан, айни силаи раҳм аст.

Марде ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: «Ман хешони зиёд дорам, бо онҳо риштаи хеширо пайванд мекунам, вале онҳо онро қатъ мекунанд, ман ба онҳо некӣ мекунам ва онҳо ба ман бадӣ мекунанд ва ҳамеша бо онҳо бо ҳилм муомила мекунам ва онҳо бо ман бо ҷаҳл муомила доранд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Агар гуфтаи ту рост бошад, гӯё ту бар даҳони онҳо хокистари сӯзон мепошӣ. Дониста бош, ки агар ту чунин бошӣ, Худованд ҳамеша пуштибони туст»* (Ривояти Муслим).

Эй мӯъминон!

Бо вуҷуди ин ҳама гуфтаҳо ва бо вуҷуди фаровон будани ин ҳама ояту ҳадисҳо дар мавзӯи силаи раҳм, мардуми зиёдеро мебинем, виҷдони онҳо мурдааст ва аз роҳи росту адлу инсоф дур монадаанд. Онҳо на парвои хешовандон доранд ва на дар фикри силаи раҳм ҳастанд, ҳатто намедонанд хешонаш киҳоянд?

Айбу ор аст барои он касе, ки Худованд барояш мартабаи баланд, ризқу рӯзии фаровон дода бошад, вале ӯ хешони худро мункир мешавад ва ё худро аз эшон болотар шуморида, ба сӯи онҳо бо чашми таҳқиромез назар мекунад.

Аҳёнан чунин ҳам мешавад, ки аз нисбат додан ба онҳо худдорӣ мекунад. Ӯ на ба онҳо некӣ менамояд ва на ба мӯҳтоҷонашон дасти кӯмак дароз мекунад.

Силаи раҳмро буридан, бадбахтӣ ва харобӣ меорад ва боиси гирифтор шудан ба лаънати илоҳӣ гашта, сабабгори асосии кӯр шудани чашму дил мегардад. Худованди мутаъол мефармояд:

فَهَلۡ عَسَيۡتُمۡ إِن تَوَلَّيۡتُمۡ أَن تُفۡسِدُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَتُقَطِّعُوٓاْ أَرۡحَامَكُمۡ ٢٢ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُ فَأَصَمَّهُمۡ وَأَعۡمَىٰٓ أَبۡصَٰرَهُمۡ ٢٣

**«Шояд шумо вақте вазифадор шудед, дар замин фасодкорӣ кунед ва силаи раҳмро қатъ намоед. Инҳоянд касоне, ки Худованд онҳоро лаънат намудааст ва чашмони онҳоро кӯр гардонидааст»** (сураи Муҳаммад, оятҳои 22-23).

Қатъи силаи раҳм яке аз гуноҳони кабира ба шумор меравад ва уқубати онро Худованд фавран дар ҳамин дунё пеш аз охират хоҳад дод.

Абудовуд ва Муслим ҳадиси шарифе овардаанд, ки онро Ҳоким тасҳеҳ намудааст ва ровияш Абубакра мебошад ва он аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: *«Ҳеҷ гуноҳе нест, ки Худованд соҳиби онро ҳам дар дунё уқубат диҳад ва ҳам дар охират ба ғайр аз ситам ва буридани силаи раҳм»*.

Аз Ибни Масъуд ривоят мекунанд, ки баъди намози субҳ дар ҳалқае нишаста буд ва гуфт: Ман касонеро, ки қатъи силаи раҳм мекунанд, ба Худо савганд медиҳам, то аз миёни мо берун шаванд, зеро ман мехоҳам дуо кунам, аммо тамоми дарҳои осмон ба рӯи касе, ки қатъи силаи раҳм мекунад, бастаанд.

Эй бародарон!

Чизе, ки савобу аҷраш аз ҳама пештар ба инсон мерасад, ин некӣ кардан ва силаи раҳм аст. Чизе, ки аз ҳама пештар азобаш ба инсон мерасад, ин ситам ва қатъи силаи раҳм аст.

Аз ҳамин сабаб, мебинем баъзе инсонҳои аз хайр бенасиброро, ки бо андак сабаб алоқаи худро бо хешовадонаш қатъ мекунад. Ин корро ё бо шунидани сухане, ё чизи бемаъние, ки аз онҳо дидааст, анҷом медиҳад. Чунин инсонҳо бехабар аз онанд, ки шояд ин корашон сабабгори асосии омадани бало бар сари онҳо, ё бар сари хонаводаашон гардад. Аз имкон берун нест, ки маҳз ба сабаби ин корашон гирифтори лаънати Худованд қарор гиранд ва баракат аз ризуқу рӯзияшон дур шавад.

Худованд мефармояд:

وَٱلَّذِينَ يَنقُضُونَ عَهۡدَ ٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ مِيثَٰقِهِۦ وَيَقۡطَعُونَ مَآ أَمَرَ ٱللَّهُ بِهِۦٓ أَن يُوصَلَ وَيُفۡسِدُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱللَّعۡنَةُ وَلَهُمۡ سُوٓءُ ٱلدَّارِ ﴿٢٥﴾

«**Ва онҳое, ки пас аз паймон бастан бо Худо, паймоншиканӣ мекунанд пайвандҳоеро, ки Худованд ба истиқрорашон фармон додааст, мебурранд ва дар рӯи замин фасодкорӣ мекунанд, дар сарои дигар гирифтори лаънат ва бадфарҷомӣ мешаванд**» (сураи Раъд, ояти 25).

Ҳазрати Зайнулобиддин Алӣ ибни Ҳусайн фарзанди худро чунин васият мекард: Ҳаргиз бо касе, ки қатъи силаи раҳм мекунад, ҳамсӯҳбат машав, зеро ман ӯро дар се ҷои китоби Худо малъун дидам.

Шумо аз Худованди мутаъол битарсед, ҳамеша бо хешовандон силаи раҳм намоед. Хешовандон дар қаробат ва наздикӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳар қадар инсон ба ту наздиктар бошад, ҳамон қадар силаи раҳм намудан бо ӯ бештар бояд анҷом шавад. Ҳамеша бо онҳо некӣ намоед, агарчӣ онҳо бо шумо бадӣ кунанд. Шумо алоқаро бо онҳо мустаҳкамтар намоед, агарчӣ онҳо алоқаро бо ту канда кунанд. Агар шумо ин корро анҷом диҳед, албатта Худованд баракатро бар сари шумо бештар меорад ва ризқи шуморо фаровонтар мекунад ва дар умри гарони шумо баракат дода, онро дароз хоҳад кард.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтони-р-раҷим Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَٱلۡإِحۡسَٰنِ وَإِيتَآيِٕ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَيَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ وَٱلۡبَغۡيِۚ يَعِظُكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ٩٠ ﴾

**«Ҳамоно, Худованд ба адлу эҳсон ва бахшиш ба наздикон амр менамояд. Ва аз фоҳишагӣ ва бадӣ ва ситамгарӣ манъ мекунад. Ӯ шуморо панд медиҳад, шояд ки панд бигиред»** (сураи Наҳл, 90).

Худованд мову шуморо аз ин ҳама насиҳатҳои Қуръону аҳодис суд бахшад.

Ман суханамро дар ин ҷо поён медиҳам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш талабед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# СИЛЛАИ РАҲМ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро, ҳамди пурбаракату хуш, ҳамде, ки Худовандро аз он хуш ояд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки ҳамди аввалу охир мар Ӯрост. Ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки Паёмбари раҳмату шафқат аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар Ӯву тамоми хонадони босафо ва ёрони бовафояш ва бар тамоми пайравону муҳиббонаш.

Аммо баъд...

Эй бародари мусалмон! Ту албатта хешони наздик дорӣ. Ту хоҳар, бародар, амак, амма, тағо, хола дорӣ. Ҳар яки инҳо дорои чанд фарзанд мебошанд ва ғайри инҳо боз дигар хешон ҳам дорӣ. Ту бо онҳо чӣ алоқа дорӣ, оё онҳоро мешиносӣ?

Оё ту бо онҳо робита дорӣ? Оё ҳаққи онҳоро адо мекунӣ ва ё парвои ҳаққи онҳо надорӣ? Ман бовар намекунам, ки ту дар фикри онҳо набошӣ, дар сурате, ки аз Худованд метарсӣ ва умеди савоби ӯро мекунӣ ва ту яқин медонӣ, ки Худованд барои онҳое, ки ҳаққи хешонро мешиносанд ва пос медоранд, чӣ накӯиҳое дар дунё ва қиёмат омода намудааст. Аммо агар ту силаи раҳмро қатъ намоӣ, дар ин сурат гумон намекунам, ки дар бораи уқубати он чизе бидонӣ ва илло ҳаргиз даст ба он намезанӣ.

Худованд ваъда кардааст, ҳар кӣ алоқаро бо хешовандонаш қавӣ кунад, Худованд алоқаашро бо ӯ қавӣ мекунад ва ҳар кӣ алоқаашро бо хешонаш канда кунад, Худованд алоқаашро аз ӯ мебурад. Пас кист он мусалмоне, ки мехоҳад Худованд алоқаашро аз ӯ канда кунад ва намекӯшад, то алоқааш бо Худованд мустаҳкам гардад.

Ҳазрати Абуҳурайра Аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармудаанд: «Худованд тамоми махлуқотро офарид. Чун аз офаридан фориғ шуд, силаи раҳм гуфт: Ин аст мақоме, ки ба ту паноҳ мебаранд аз буридани он. Гуфт бале, оё намехоҳӣ, то бипайвандам бо

ҳар кӣ туро пайваст карда ва бибуррам аз ҳар кӣ туро бурад? Силаи раҳм гуфт: Оре, Эй Парвардигори ман. Худованд гуфт: Ин насиби туст. Абуҳурайра мегӯяд: Агар бихоҳед ин оятро бихонед: **«Шояд шумо вақте вазифадор шудед, дар замин фасодкорӣ кунед ва силаи раҳмро қатъ намоед»** (сураи Муҳаммад, оятҳои 22-23), (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ибни Касир дар тафсири ин ояти муборак мегӯяд: Ин оят наҳй мекунад аз фасод кардан дар рӯи замин ва аз кандани риштаи қаробат. Балки Худованд бо ин ояташ мефармояд, то дар замин ислоҳкорӣ намоем ва алоқаи хешовандиро қавӣ гардонем. Қавӣ намудани алоқа бо гуфтору рафтор ва бо сарфи мол сурат мегирад. Дар бораи гуфтаҳо ҳадисҳои саҳеҳ ва ҳасани зиёде омадааст.

Эй бандагони Худо! Силаи раҳм аз Худованд аст. Шумо онро бипайвандед, то Ӯ бо шумо бипайвандад. Зеро агар инсон раҳмати илоҳиро аз даст диҳад, ба кадом раҳмати дигаре умеду орзу дорад?

Ҳазрати Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Силаи раҳм наздикие дорад бо Худованд ва Худованд гуфтааст: Ҳар кӣ туро пайванд кард, ман бо ӯ мепайвандам ва ҳар кӣ туро канда кард, аз ӯ канда мешавам»* (Ривояти Бухорӣ). Силаи раҳм худ ҳамеша дуо мекунад, ё ба фоидаи соҳибаш ва ё ба зарари ӯ. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Силаи раҳм дар Арш овезон шуда, дуо мекунад, ки Худоё, ҳар кӣ силаи раҳм кунад, Худованд бо ӯ сила кунанд ва ҳар кӣ силаро қатъ кунад, Худованд аз ӯ алоқаро барканад»* (Ривояти Муслим).

Бародарони аҳли ислом! Мӯъмини ҳақиқӣ ҳамеша силаи раҳм мекунад ва ҳаргиз онро намеканад, балки мекӯшад, то онро қавитар ва мустаҳкамтар созад, агарчӣ тарафи муқобил дар ин кор муқассир бошад. Зеро мӯъмин ба сухани Паёмбараш итоат мекунад, ки мефармояд: *«Ҳар кӣ имони ба Худо ва рӯзи қиёмат дошта бошад, бояд силаи раҳм кунад ва ҳар кӣ имони ба Худо ва рӯзи охират дошта бошад, бояд ё сухани нек гӯяд, ё хомӯш истад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Шояд баъзе инсонҳое ҳастанд, ки хешони зиёде доранд, вале бо онҳо алоқа намекунанд, на ба зиёраташон меравaнд ва на онҳоро ба хонаашон даъват мекунанд ва на ба онҳо фоидае мерасонанд. Агар аз ӯ сабаби ин корашро пурсӣ, ӯ кори кардаашро хуб ҳисобида, даъво мекунад, ки онҳо ба хонаи ман наоянд ва дар маъракаҳои худ маро даъват накунанд, чаро ман ба хонаи онҳо равам ва чаро онҳоро ба хонаи худ даъват кунам? Ё мегӯянд: Ман ба онҳо садҳо маротиба хубӣ кардам, вале онҳо ба ман ҳамеша бадӣ мекунанд. Ман борҳо ба хонаи онҳо рафтам, вале онҳо боре ҳам ба хонаи ман наомаданд. Чанд бор рафтам, дар хона набуд ва чанд бор даъваташ кардам, наомад. Пас чаро худро заҳмат медиҳам? Ӯ ин баҳонаҳоро пеш меорад, вале аз дастуроти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам бехабар аст, ки дар ҳақиқат силаи раҳми комилро на он кас ба ҷо меорад, ки дигарон ӯро бо ин кораш ташаккур гӯянд, ки чун дигарон алоқа карданд, ӯ низ алоқа кунад ва агар алоқаро буранд, ӯ низ бибурад. Балки воҷиб он аст, ки инсони мусалмон бояд алоқаашро бо хешон ҳамеша нигоҳ дорад, агарчи дигарон ҳаққи ӯро адо накунанд ва ӯро нодида гиранд.

Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Силаи раҳмро на касе ба ҷо овардааст, ки ба сабаби силаи раҳм карданаш ӯро мукофот диҳанд, балки он касеро мегӯянд, ки алоқаро пайваст мекунад, дар ҳоле, ки дигарон онро канда мекунанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Ибни Ҳаҷар дар бораи ҳадиси Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«Силаи раҳмкунанда шахсеро намегӯянд, ки ба сабаби силаи раҳм карданаш ӯро мукофот диҳанд»* чунин мегӯяд: Барои он кӣ ӯ касест, ки ба дигарон ҳамон қадар медиҳад, ки ба ӯ медиҳанд. Абдурозиқ аз ҳазрати Умар дар ҳадиси мавқуф чунин ривоят мекунад: «Силаи раҳмкунанда касеро намегӯянд, ки бо касе робита кунад, ки бо ӯ робита мекунад, зеро ин қисос аст. Яъне, муъомилаи мисл ба мисл аст. Вале силаи раҳмкунанда касеро гӯянд, ки алоқа кунад бо он кас, ки алоқаро кандааст».

Абуҳурайра ривоят мекунад, ки марде ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: *«Ман хешони зиёд дорам, бо онҳо риштаи хеширо пайванд мекунам, вале онҳо онро қатъ мекунанд, ман ба онҳо некӣ мекунам ва онҳо ба ман бадӣ мекунанд ва ҳамеша бо онҳо бо ҳилм муомила мекунам ва онҳо бо ман бо ҷаҳл муомила доранд. Пас Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: «Агар гуфтаи ту рост бошад, гӯё ту бар даҳони онҳо хокистари сӯзон мепошӣ. Дониста бош, ки агар ту чунин бошӣ, Худованд ҳамеша пуштибони туст»* (Ривояти Муслим).

Имом Нававӣ мегӯяд: Гӯё ба даҳони онҳо хокистари гарм мепошӣ, яъне, онҳо ба сабаби ин корашон чунон алам мекашанд, ба монанди касе, ки хокистари гармро ба даҳон мекунад. Ин азобро на ба сабаби ин накӯкор мекашанд, балки ба сабаби бадии кардаи худ, ки силаи раҳм намекунанд ва ба ин мард ҷафо мекунанд.

Эй бародари мусалмон!

Умед дорам, ки ту ба монанди ин марди бузург силаи раҳмро чизи муҳим меҳисобӣ ва умед дорам, дар байни хешони ту ба монанди хешони ин мард шахсони кинагир набошанд. Вале агар чунин хешон дошта бошӣ, ин кор боиси он нагардад, ки ту алоқаатро бо онҳо канда кунӣ, ба онҳо некӣ накунӣ ва дониста бош, ки ҳамеша дар вақти пайванд кардани алоқа бо хешон Худованд ҳамроҳи туст.

Бародарони аҳли Ислом!

Баъди ин ҳама гуфтаҳо, ҳамеша ба ёд оред, ки силаи раҳм сабаби зиёд гардидани ризқу рӯзӣ ва дароз шудани умр аст. Ҳазрати Анас ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ орзу дошта бошад, ки ризқаш зиёд ва умраш дароз шавад, бояд силаи раҳм намояд»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Насаби худро ба андозае бояд бидонед, ки бо он силаи раҳм кунед, зеро силаи раҳм муҳаббатро дар оила зиёд намуда, баракатро дар мол ва дарозиро дар умр меорад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Бингаред, ки Паёмбар мусалмононро мефармояд, насаби худро бидонанд, то бо онҳо низ силаи раҳм намоянд, пас шумо дар мавриди хешони наздик чӣ мегӯед?

Худоё, моро ба муҳаббат ва ризоят комёб гардон ва тавбаи моро қабул намо, ки ту қабулкунандаи тавба ва меҳрубонӣ. Худоё, мо ва падарону бобоҳои моро ва хешони мо ва тамоми бародарони мусалмони моро мағфират намо, чӣ зиндаҳо ва чӣ мурдаҳои онҳоро.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худовандо, айбҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, ИсломУ муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро дар ҳар кучое, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, ту Аллоҳи ягонаӣ, ғайри ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида, ғамеро нокушода, қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон нанамуда магузор.

Худовандо, синаҳои моро васеъ намо ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят фармо. Зеро ғайри ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# ХОНАИ БОСАОДАТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки моро ба сӯи Ислом ҳидоят намудааст ва моро мусалмон гардонидааст. Мо ҳаргиз ҳидоят намеёфтем, агар Ӯ ҳидоятамон намекард, Ӯро ҳамду шукр гуфта, неъмати бештареро аз Ӯ талаб мекунем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки ҳамди аввалу охир мар Ӯрост. Ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки Паёмбари раҳмату шафқат аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар тамоми хонадони босафо ва ёрони бовафояш ва бар тамоми пайравону муҳиббонаш.

Аммо баъд... Эй мусалмонон! Шумо аз Худо битарсед ва Ӯро бузург шуморед ва дину амонатҳои худро нигоҳ доред ва ба адои масъулияти хеш бипардозед. Шумо аз Худо дар хонадону дар худ битарсед ва дар байни худ ислоҳ оваред. Мардум ҳама паи ҳаёти осуда мегарданд ва онҳо саодату бахтро ҷустуҷӯ мекунанд, то дар фазои ором ва хотирҷамъӣ зиндагӣ намуда, аз ҳама гуна нооромию ғам дур бошанд, хусусан дар оилаи худ.

Бояд онҳо хуб бидонанд, ки ин осудагиро ба ҷуз имон ба Худои ягона ва таваккул бар зоти покаш ва итоати авомираш наёбанд.

Бузургтарин чизе, ки оромию саодатро меорад, ин сохтани оилаест, ки тамоми аъзои он побанди таълимоти Ислом бошад. Худованд бо ҳикмату илми худ оиларо қароргоҳи ҳар марду зан гардондааст, ки дар он ором гирифта, истиқомат намоянд. Худованд мефармояд: **«Яке аз нишонаҳои қудрати Худованд он аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба онҳо ором гиред ва дар байни шумо дӯстию меҳрубониро эҷод намуд»** (сураи Рум, ояти 21). Бале то ба онҳо ором гиред ва нагуфт ҳамроҳи онҳо, ки ин баёнгари шуури орому роҳату хотирҷамъист, бо олитарин мафҳумаш.

Ҳар марду зан оромӣ ва хуширо дар оғуши якдигар мебинанд ва дар ҳолати ғаму андӯҳ ба ҳам мепайванданд.

Ҳаёти оилавӣ бо сӯҳбату шарикие қоим мешавад, ки бо дӯстию улфату унс қарин бошад. Ин алоқа решаҳои амиқ дошта, ҳар яке аз марду зан худро дар дигар мебинад, чунончӣ Худованд мефармояд: **«Онҳо барои шумо либосанд ва шумо барои онҳо либосед»** (сураи Бақара, ояти 187).

Илова бар ин, ин алоқаи издивоҷ барои тарбияи писарону духтарон макони хубест, ки ҳеҷ тарбия бидуни ҳикмати марду меҳри зан самар намедиҳад ва барои тарбияи фарзанд чизе беҳтар аз оила нест.

Бародарони азиз, чанд чизи муҳим аст, ки барои бинои оилаи мусалмон ва мустаҳкам намудани алоқаи заношавҳарӣ кӯмак расонида, боди парешонҳолию парокандагиро бартараф менамояд. Аввалин ва асоситарини он чанг задан аст ба таълимоти волои Ислом ва имон овардан аст ба Худо ва рӯзи охират ва тарсидан аз он зоте, ки аз асрори ниҳонии дилҳо бохабар аст ва бар худ лозим гирифтани тақво ва аз тамоми зулму ситам дурӣ ҷустан аст. Худованд мефармояд:

فَإِذَا بَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ فَارِقُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ
وَأَشْهِدُوا ذَوَيْ عَدْلٍ مِّنكُمْ وَأَقِيمُوا الشَّهَادَةَ لِلَّهِ ۚ ذَٰلِكُمْ يُوعَظُ
بِهِ مَن كَانَ يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ ۚ وَمَن يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَل لَّهُ
مَخْرَجًا ﴿٢﴾ وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُ ۚ وَمَن يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ
فَهُوَ حَسْبُهُ ۚ إِنَّ اللَّهَ بَالِغُ أَمْرِهِ ۚ قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا ﴿٣﴾

**«Ин ҳама панд аст барои касоне, ки имони ба Худо ва рӯзи қиёматро дошта бошанд. Ва ҳар ки аз Худо битарсад, барояш кушоиш медиҳад ва барояш аз ҷое ризқ медиҳад, ки дар ҳисобаш набуд. Ва ҳар кӣ ба Худо таваккул намояд, Ӯ барояш кофист»** (сураи Талоқ, оятҳои 2-3).

Имонро тоату ибодат қавӣ мегардонад ва ҳамдигарро насиҳат кардан алоқаро мустаҳкам менамояд. Шумо ин сухани Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салламро ба ёд оред, ки мефармоянд: «*Худо раҳмат кунад он мардеро, ки шабҳо бархоста, намоз мехонад ва ҳамсарашро бедор мекунад, то намоз хонад. Агар ҳамсараш бедор нашавад, дар рӯяш каме об мепошад. Худо раҳмат кунад он занеро, ки шабҳо бархоста, намоз мехонад ва ҳамсарашро бедор мекунад, то намоз хонад. Агар ҳамсараш бедор нашавад, дар рӯяш каме об мепошад*» (Ривояти Тирмизӣ ва Насоӣ).

Алоқаи байни зану шавҳар алоқаи дунявӣ нест, алоқаи шаҳвонӣ ба монанди ҳайвонот нест. Ин алоқаи рӯҳӣ ва олист. Агар ин алоқа дуруст ба роҳ монда шавад ва содиқона бошад, дар охират низ идома меёбад, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Биҳишти ҷовидонае, ки вориди он мегарданд, ҳамроҳи падарону ҳамсарону фарзандони накӯяшон»** (сураи Раъд, ояти 22).

Боз Худованд мефармояд: **«Ва касоне, ки имон овардаанд ва фарзандонашон дар имон онҳоро пайравӣ намудаанд, мо фарзандони эшонро бо онҳо мепайвандем»** (сураи Тур, ояти 21).

Ин аст самараи имон. Як чизи дигаре, ки алоқаро қавӣ намуда, онро нигоҳ медорад, бо накӯӣ бо ҳам зистан аст. Ин кор танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки ҳар яки онҳо ҳуқуқ ва масъулити худро донста, тибқи он зиндагиро ба сар баранд. Ба даст овардани камол дар оила ва ҳар узви хонадон корест номумкин. Ва орзуи мо ба ин ки ҳар фарди он беайб бошад, ҷуз орзу чизи дигаре нест.

Далели ақли расо ва фикри пухта доштан он аст, ки баъзе камбудиҳоро қабул намоем ва аз баъзе хатоҳо чашм пӯшем. Мард сарвари оила аст ва бояд аз зан дида, бештар сабру таҳаммул намояд. Ҳамон тавре, ки маълум аст зан ҳам ақлаш заиф аст, ҳам ҷисмаш ва вақте дар бораи ҳама чиз ӯро айб гирем, дигар коре карда наметавонад. Агар барои рост кардани зан зиёда аз қадри даркорӣ кӯшиш намоем, ӯ шикаста мешавад ва шикастагии он талоқ аст. Чунончӣ Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Шуморо дар мавриди занонатон васият мекунам. Зан аз қабурға офарида шудааст ва олитарин сифати қабурға каҷии он аст.*

*Агар онро рост карданӣ шавӣ, ӯро мешиканӣ. Ва агар онро ба ҳолаш гузорӣ, ҳамчунон каҷ боқӣ мемонад. Боз шуморо дар мавриди занон васият мекунам»* (Ривояти Муттафақ).

Каҷӣ дар зан асли хилқати ӯст, пас бояд онро қабул намоем ва сабр кунем. Мард бояд бо вуҷуди сахтиҳои рӯзгор ҳамеша вазнин бошад ва чашми худро аз баъзе камбудиҳо бипӯшад. Мард бояд ҳамеша дар хотир дорад, ки агар ҳамасараш як ё якчанд камбудӣ дошта бошад, садҳо ва ҳазорон хубӣ дорад.

Ба ҳамин маъно Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Марди мӯъмин набояд зани мӯъминро бад бинад. Агар ӯ як одаташро бад дида бошад, чанд рафтори дигарашро дӯст медорад»* (Ривояти Муслим). Мо ҳаргиз гуфта наметавонем, ки ҳамон одати бадаш дар чист ва чӣ ҳикмат дорад ва оё бадбахтӣ танҳо дар ҳамин аст? Худованди азза ва ҷалла мефармояд:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمْ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرْهًا ۖ وَلَا تَعْضُلُوهُنَّ لِتَذْهَبُواْ بِبَعْضِ مَآ ءَاتَيْتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأْتِينَ بِفَـٰحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ ۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُواْ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا ﴿١٩﴾

**«Ва агар шумо аз онҳо бадбиние доштед, бидонед, ки шояд шумо аз чизе бадбинӣ дошта бошед, вале Худованд дар он некии фаровон қарор дода бошад»** (сураи Нисо, 19).

Пас, роҳат чӣ мешавад, оромӣ куҷо меравад, вақте сарвари хона табиати бад дошта бошад, сахтгир бошад, тангфикр буда, дар аксари ҳолатҳо чун аҳмақон рафтор намояд ва сабукӣ карда, бо андак кор ғазаб намояд? Дар хонааш дарояд, садҳо миннат кунад ва чун берун равад, бадгумон бошад? Бо вуҷуди он кӣ ӯ медонад, зиндагии хуш ва саодату некбахтӣ танҳо дар нармӣ ва дур кардани гумонҳои бад ва бартараф намудани ваҳму хаёлҳо аст.

Рашк баъзе инсонҳоро ба бадгумонӣ мерасонад, ки дигар дар ҳама рафтору кирдори ҳамсарашон шак мекунанд ва ин кор боиси он мегардад, ки зиндагӣ вайрон шуда, оқибат хонавайрон мегардад ва ё ба бемориҳои рӯҳӣ гирифтор мешаванд. Худованд мефармояд: **«Шумо онҳоро зарар нарасонед, то зиндагиро барояшон танг намоед»** (сураи Талоқ, ояти 6). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Беҳтарини шумо касест, ки бо хонадонаш накӯ бошад. Ва ман аз ҳамаи шумо бештар бо хонадонам накӯӣ мекунам»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Аммо занони мусалмон бояд дониста бошанд, ки саодату бахту иқбол ва дӯстию меҳрубонӣ пурра намегардад, магар дар ҳоле, ки он зан поку диндор бошад. Таълимоти Исломро омӯхта, ҳуқуқи худро бидонаду талаб намояд, вазифаҳои худро ҳис кунад ва анҷом диҳад. Зан бояд ҳамеша шавҳарашро итоат намуда, хуб бидонад, ки устувории хона дар дасти ӯст. Мард аст, ки занро ҳимоят мекунад, мехӯронад, мепӯшонад ва камбудиҳои хонаро пур мекунад, пас дар баробари ин ҳама, зан бояд аз фармони ӯ сарпечӣ накунад. Зан бояд дар хонаи шавҳар ҳам худро ҳифз намояд, ҳам хона ва сарвати шавҳарро. Зан бояд кори худро хуб анҷом диҳад, ба худаш ва ба хонааш аҳамияти бештар диҳад. Ӯ бояд ҳамсари зебосурат, накӯсират, модари меҳрубон ва масъулиятшинос бошаду хонаи шавҳари худро ба гулистон табдил диҳад. Зан бояд ҳамеша хубиҳои шавҳарашро ёдовар шавад ва неъматҳои додаи ӯро инкор накунад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам занонро аз инкори ин неъмат ҳазар кунонида, чунин мефармоянд: *«Барои ман дӯзахро нишон доданд. Ман дидам, ки аксари аҳли он заноне буданд, ки инкор мекарданд. Аз ӯ пурсиданд: Оё онҳо Худоро инкор мекарданд? Фармуд: Не. Иштратро инкор мекунанд. Заноне, ки агар барояшон тамоми дунёро диҳӣ ва чун як бадиро аз ту бинад, мегӯяд дар ҳаётам аз ту хубӣ надидаам»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй занони покдоман!

Бояд шумо низ камбудиҳои шавҳари худро нодида бигиред ва ба ҳама хатогиҳо аҳамият надиҳед. Вақте шавҳарат омад, ба ӯ бадӣ макун ва чун дар берун бошад, хиёнат макун. Бо ҳамин кор шумо аз ҳам розӣ мешавед ва

зиндагӣ дар байни шумо бо хушӣ гузашта, дар чунин хонадон дӯстию муҳаббат ва меҳрубонӣ ҳукмфармо мегардад.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар зане, ки аз дунё гузашт ва шавҳараш аз ӯ розӣ бошад, дохили ҷаннат мешавад»* (Ривояти Ибнии Моҷа ва Тирмизӣ).

Эй умати Ислом!

Шумо аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки бо ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ ва муҳаббати оилавӣ шароити хубе барои тарбияи фарзандон фароҳам мешавад. Фарзандон дигар дар оилае парвариш меёбанд, ки бо якдигарфаҳмӣ ободу зебост. Аз як тараф ҳикмату ақлу тадбири падар, аз тарафи дигар меҳру шафқати модар. Оилаи дур аз ҳама намуд ҷанҷолу низоъҳо ва берун аз забондарозӣ ва дастдарозӣ ба рӯи ҳамдигар. Оилае, ки на ба дур, на ба наздик бадгумонанд, оилае, ки ҳамдигарро дӯст медоранд ва бидуни ҳамдигар зиндагиро тасаввур карда наметавонанд. Оилае, ки чӣ хурд ва чӣ бузург масъулияти худро хуб медонад ва бо тамоми камол онро анҷом медиҳад.

Худованд мефармояд:

وَٱلَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَٰجِنَا وَذُرِّيَّٰتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَٱجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا ﴿٧٤﴾

**«Ва ононе, ки мегӯянд Парвардигоро, аз ҳамсарон ва фарзандонамон чашмони моро равшан фармо деҳ ва моро пешвои муттақиён гардон»** (сураи Фурқон, ояти 74).

Худованд мову шуморо бо Қуръони азим баракат диҳад ва бо дастуроти Паёмбараш фоида диҳад. Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш талабед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ХОНАИ БОСАОДАТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди кариму меҳрубонро, ки инсонро аз як нафс офарид ва Ӯ ягонаи бениёз аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Паёмбари мо Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки Паёмбари раҳмату шафқат барои мӯъминон ва ҳуҷҷат барои золимон аст. Салавоту салому баракоти Худованд бод бар Ӯву бар тамоми хонадони босафо ва ёрони бовафояш ва бар тамоми пайравону муҳибонаш.

Аммо баъд... Худованди мутаъол ширкати заношӯиро иҷозат додааст, то ҷамъияти кӯчаке бисозем. Ӯ барои барпо намудани ин ҷамъият ба ҳамкорӣ ва якдилӣ амр намудааст, ки дар он фоида барои фарзандон буда, саодати онҳо дар он аст. Худованд мефармояд:

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا وَجَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَزۡوَٰجِكُم بَنِينَ وَحَفَدَةٗ وَرَزَقَكُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِۚ أَفَبِٱلۡبَٰطِلِ يُؤۡمِنُونَ وَبِنِعۡمَتِ ٱللَّهِ هُمۡ يَكۡفُرُونَ ٧٢

**«Барои шумо аз худатон ҳамсар офарид ва аз ҳамсаронатон барои шумо фарзандон ва наберагон офарид»** (сураи Наҳл, ояти 72).

Ин аст ширкати бобарор, ки Худованд миннат мекунад. Ҳар аъзои ин ширкат бояд вазифаи худро анҷом дода, ҳуқуқи дигарро риоя намояд, дар ин роҳ ихлосу амонатро риоя кунад. Набояд кореро анҷом диҳад, ки бар ҳамдигар зарар ворид намояд ва дар аснои зиндагӣ касони беруна набояд дар раванди кории ин ширкат таъсир расонанд, ки боиси бадбахтӣ ва парокандагии он шавад.

Роҳнамоиҳои Қуръон ва васиятҳои Паёмбар ба комёбии ин ширкат тамоми роҳҳоро муайян намудааст, ки пайравии

онҳо боиси ба даст овардани фоидаҳо ва саодати оила аст. Аз ҷумла, суханони гаронбаҳост, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар хутбаи вадоаш гуфта буд, ки мефармояд: *«Занҳо болои шумо ҳуқуқ доранд ва шумо болои онҳо ҳуқуқ доред. Ҳаққи шумо бар онҳост, ки дар бистаратон ғайри шумо касеро роҳ надиҳанд ва ба хона касеро, ки бад мебинед, бе иҷозати шумо нагузоранд ва даст ба бадӣ назананд. Агар ин корро кардaнд, Худованд бароятон иҷозат додааст, то онҳоро дар хона ҳабс намоед ва бистаратонро ҷудо кунед ва болояшон фишор овареду онҳоро зарби беасар намоед. Агар аз корҳои карда даст кашанд ва шуморо итоат намоянд, онҳоро ба некӣ хӯронеду пӯшонед. Занҳо дар дасти шумо монанди асиронанд, ки ба худ коре карда наметавонанд. Шумо онҳоро бо амонати Худо гирифтаед ва домонашонро бо калимаи Худо соҳиб гаштаед, пас дар мавриди занон аз Худованд битарсед ва ҳамеша ба онҳо некӣ намоед»* (Ривояти Муслим).

Дар ин васиятҳои Паёмбар тамоми чизеро пайдо кардан мумкин аст, ки ҳаёти осоиштаро барои хонавода таъмин намояд ва ҳар аъзои оила вазифа ва масъулиятҳои худро ба ҷо оварад. Онҳо бояд эҳтироми ҳамдигарро ба ҷо оранд, ба ҳамдигар меҳрубону ғамхор бошанд, то ин ширкат аз байн наравад.

Кадомин фоида бештар аз он аст, ки инсон саодатро дар хонадонаш бинад ва зебу зиннати дунёро эҳсос намояд, эй бандагони Худо? Ҳамон тавре, ки Худованд мефармояд: **«Молу фарзанд зинати ҳаёти дунёст»** (сураи Каҳф, ояти 46). Барои он, ки ин гулҳо дар оила бишкуфанд ва дар партави муҳаббат умр ба сар баранд, онҳоро дар домони падари ҳаким ва модари дилсӯз парвариш намо, то тарбияи накӯ гирифта, самараи накӯ ба волидайн гардад. Фарзанди накӯ ва оилаи ором неъмати гаронбаҳоест, ки онро касе мефаҳмад, ки аз он маҳрум шудааст, касе ҳаёти осоиштаи оиларо аз даст дода, оромиро фаромӯш кардааст, касе ки фарзандони нохалаф дошта бошад. Фарзанде, ки дар оилаи нооором парвариш меёбад, таъсири бади он дар тӯли ҳаёташ дида мешавад. Ҷанҷолҳои бемаънии волидайн, ихтилофот ва дашномҳо ба рӯи ҳамдигар дар қалби тифл решаи кина ва бадиро ҷой медиҳад ва дарси амалӣ барои фарзанд

мешавад, ки ягон мактаб онро тағйир дода наметавонад. Дигар онҳо омӯхтанд, ки инсон метавонад бар сари дигарон зулм намоянд, бо бегонаю наздик ҷанҷол кунад ва онҳо бо ин дарси худ ба ҷомеа қадам мегузоранд, ки боиси зиёд шудани ҷиноятҳо мегарданд.

Барои ҳамин Ислом бо таълимоти худ барои оила барномаҳо ниҳодааст, ки аз ҳаёти оилавӣ шурӯъ шуда, дар ҳама самту ҷонибҳо ва дар ҳама вазъияту шароит васиятҳои гаронбаҳои худро намудааст, то зану шавҳар оилаи худро ба танзим доранд. Танзиме, ки дар байн муҳаббатро эҷод намуда, аз ҳам порашавиро дур кунад. Худованди мутаъол ба мардон хитоб намуда мефармояд: **«Ва бо онҳо ба накӯӣ ҳамзистӣ кунед»** (сураи Нисо, ояти 19).

Яъне, бояд рафторатон хуб, гуфторатон хуш ва сурататон зебо бошад, ҳамчуноне, ки аз онҳо инро мехоҳед. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Беҳтарини шумо касест, ки бо ҳамсараш накӯӣ кунад. Ва ман аз ҳамаи шумо бо ҳамсаронам бештар накӯӣ мекунам»*. Боз барои ҳимояи ҳаққи шавҳару қадрдонии он мефармоянд: «*Ҳар зане, ки аз олам даргузарад ва шавҳараш аз ӯ розӣ бошад, дохили ҷаннат мешавад. Агар барои одамизод иҷозат мешуд, то ба инсоне саҷда кунанд, албатта ман мефармудам, то зан ба шавҳари худ саҷда намояд, ба хотири бузургии ҳаққи шавҳар»*.

Аммо агар кор ба ҷое расид, ки аз ҳамдигар норозӣ шуданд ва эҳсос шавад, ки риштаи ин алоқа вайрон мешавад, дар ин ҳолат Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا يَحِلُّ لَكُمْ أَن تَرِثُوا۟ ٱلنِّسَآءَ كَرْهًا ۖ وَلَا تَعْضُلُوهُنَّ لِتَذْهَبُوا۟ بِبَعْضِ مَآ ءَاتَيْتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأْتِينَ بِفَٰحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ ۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا ﴿١٩﴾

**«Пас агар шумо онҳоро бад бинед, шояд шумо чизеро бад бинед, вале Худованд дар он баракати зиёдеро бигардонад»** (сураи Нисо, ояти 19). Яъне, агар шумо бо вуҷуди бад дидани ин зан сабр намоед, дар он баракати зиёде меёбед, ҳамчуноне, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳаргиз мӯъмин мӯъминаро бад набинад. Агар як рафторашро бад бинӣ, рафтори дигарашро нагз мебинӣ»* (Ривояти Муслим).

Дониста бошед, ки дар ҳар ширкат шахсоне мебошанд, ки саҳмияи бештар доранд ва фоидаи бештарро ба даст меоранд, вале агар ин ширкат вайрон шавад, онҳо бештар зиён мебинанд. Ҳамчунин дар оила мард болои зан ҳаққи бештар дорад ва хонаро идора роҳбарӣ мекунад. Агар роҳбарияш хуб бошад, ҳам худ ва ҳам ҳамсарашро ба саодати дунё ва охират мерасонад ва агар ноком гардад, албатта хасорати бештарро худ таҳаммул менамояд. Чунончӣ Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мард нигаҳбон аст ва аз раияташ пурсида мешавад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Пас, шумо эй бандагони Худо, аз Ӯ битарсед ва ин ширкати умрро нигоҳ доред. Дар нигоҳдории он бахту саодати шумо, оромию осудагии ин ҷамъиятти кӯчак, парвариши хуби фарзандон ва тарбияи онҳост дар домони падари ҳакиму модари ғамхор ва билохира фоидаи бузургест барои марду зан.

Аз Худованди мутаъол битарсед ва хонаи худро нигоҳ доред ва робитаи зиндагиро мустаҳкам намоед, ки дар он саодату оромист, дар ин ҷомеаи кӯчак, ҷомеаи оила ва тарбияи фарзандон дар сояи ҳикмати падару лутфи модар, ки аз он ҳамагон баҳраманд мешавад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон, ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусулмонро мағфират намо.

Худовандо, айбҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро дар ҳар куҷое, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват деҳ.

Худовандо, ту Аллоҳи ягонаӣ, ғайри ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида, ғамеро нокушода, қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон накарда магузор.

Худовандо, синаҳои моро васеъ кун ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, аз Ӯ ёрӣ хоста, талаби омӯрзиш менамоям ва аз бадии нафсҳо ва корҳои зишти худ ба Ӯ паноҳ мебарам. Ҳар киро ҳидоят кунад, касе гумроҳаш натавонад кард ва он кӣ гумроҳаш сохт, ҳеҷ ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост.

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед он миқдор, ки ӯ лоиқ аст. Ва шумо намиред, магар дар ҳоле, ки шумо мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 102).

**«Эй мардум, аз он Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед. Ва битарсед аз Худое, ки ҳамдигарро ба номи Ӯ мепурсед ва аз тариқи силлаи раҳм, ҳамоно, ки Худованд дар муроқабаи шумост»** (сураи Нисо, ояти 1).

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамеша суханони дуруст бигӯед, то Худованд корҳои шуморо ислоҳ кунад ва гуноҳҳоятонро биомӯрзад. Ва ҳар кӣ аз Худованд ва Паёмбараш итоат намояд, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 70-71).

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованди карим ба таври бояду шояд битарсед ва дар пинҳону ошкор Ӯро ҳозиру нозир донед ва дониста бошед, ки албатта бо Ӯ вомехӯред. Шумо худро муҳосаба кунед ва корҳои худро бисанҷед ва барои рӯзи муҳим сахт омодагӣ бубинед. Худованд мефармояд: **«Дар он рӯз шумо ҳамагӣ ба пешгоҳи Худо арза мешавед ва аз шумо чизе пӯшида намемонад»** (сураи Алҳоққа, ояти 18).

Эй бандагони Худо!

Яке аз неъматҳои илоҳӣ барои бандагонаш дар ҳамин дунё ин аст, ки барояшон оила ва хонавода додааст. Онҳоро бо ҳамсарони зебо миннат намудааст, ки ин нишонае аз

нишонаҳои Ӯ мебошад. Инсон дар хона ва ҳамсар оромӣ ва роҳатро ба дараҷаи камолаш эҳсос мекунад. Худованд мефармояд:

وَمِنْ ءَايَـٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَـٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١﴾

**«Яке аз нишонаҳои Худованд он аст, ки барои Шумо аз ҷинси худатон ҳамсар офарид, то ба сӯи онҳо ором гиред ва дар байни шумо дӯстию меҳрубониро эҷод намуд»** (сураи Рум, ояти 21).

Инсон дар хонаи худ паноҳгоҳи зебо, роҳати нафсониро аз тамоми мушкилоти зиндагӣ меёбад, ки аз дилаш тамоми ғуссаҳоро дур мекунад. Зан дар хонаи шавҳараш гумшудаи худро пайдо мекунад, ки ҳам обрӯяш ҳифз мешавад ва ҳам эътибораш баланд мегардад. Ӯ дар даруни ин хона зиндагӣ намуда, ба тарбияи насли шоиста мепардозад. Оила ҳамроҳи модару падар басо хуш аст, агар аз ҳама намуд нооромию ҷанҷолҳои бемаънӣ дур бошад.

Ислом мехоҳад оила қалъаи некию хайру баракат бошад ва манбаи оромию сафову муҳаббат. Ислом аз ду сутуни оила, зану шавҳар талаб менамояд, то намунаи муомилаи накӯ бошанд ва ба адои масъулияти худ бипардозанд, то саодату хушбахтиро дар миёнашон эҷод намоянд. Ислом барои ҳар яки онҳо тамоми намуди корҳоеро мубоҳ гардонидааст, ки барои онҳо муҳаббату ҳамдигарфаҳмиро меорад. Ислом мехоҳад хонадон хушбахт буда, дорои тамоми роҳату хушиҳои зиндагӣ бошанд. Ислом истифодаи роҳҳои фиребу найрангу дасисаро дар хонавода куллан манъ намуда, ҳар чизеро, ки боиси инҳо гардад, рад менамояд. Ҳар як зану мард мехоҳад дар хонааш хушбахтӣ ва саодат бошад, оромию осудагӣ дар он ҳукмфармо бошад, то ба хотири орому ҳаёти осоишта рӯзашро гузаронад. Ҳамчунин мекӯшад, то бо тамоми роҳҳо сарчашмаҳои ғаму

андӯҳ, норомию мушкилот ва бадбахтию сахтиҳоро аз сари худ ва оилааш дур намояд. Вале бояд дониста бошем, ки ин короо бидуни имони ростин ба Худои ягона ва таваккул бар Ӯ ва тамоми корро аз Ӯ талаб кардан, ҳаргиз дарёфт намудан мумкин намешавад. Барои хушбахт шудан, бояд ҳар яки онҳо вазифаи худро ҳамон тавр, ки Ислом фармудааст, анҷом диҳад.

Барои он кӣ алоқаи заношӯӣ дар байни онҳо побарҷо бимонад ва ҳар яки онҳо саодату хуширо дарёбанд, Ислом аз ҳар чизе, ки сабаби буридани алоқаи байни онҳо мегардад ва ё душманиро дар байни онҳо эҷод менамояд, манъ намуда, ҳамеша аз онҳо талаб мекунад, то дар байни онҳо ҳамдигарфаҳмӣ буда, ҳар яки онҳо вазифаҳои худро дар баробари ҳамдигар адо намоянд ва аз айбу камбудиҳои якдигар чашм пӯшанд ва хатоҳои ҳамдигарро нодида бигиранд.

Ислом ҳамеша барои побарҷо мондани заношӯӣ тарғиб намуда, аз ҳар чизе, ки ба нобудсозии ин алоқа таъсир мерасонад, манъ намудааст. Ислом мефармояд, то дар байни онҳо муомилаҳои зебо бошад, агарчӣ онҳо ҳамдигарро бад бинанд, то оила ба шикаст рӯ ба рӯ нагардад ва таъсири бади худро дар фарзандон нагузорад. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرۡهٗاۖ وَلَا
تَعۡضُلُوهُنَّ لِتَذۡهَبُواْ بِبَعۡضِ مَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأۡتِينَ بِفَٰحِشَةٖ
مُّبَيِّنَةٖۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ فَإِن كَرِهۡتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكۡرَهُواْ
شَيۡـٔٗا وَيَجۡعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيۡرٗا كَثِيرٗا ١٩

**«Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, то занҳоро базӯрӣ мирос баред. Ва аз онҳо дурӣ маҷӯед, ба хотири он, кӣ аз онҳо баъзе чизҳоеро биситонед, ки дода будед, магар дар сурате, ки онҳо даст ба фоҳишагии ошкор зананд. Ва бо онҳо ба накӯӣ ҳамзистӣ кунед. Ва агар шумо**

**онҳоро бад бинед, шояд шумо як чизро бад бинед, вале Худованд дар он чиз баракати зиёд карда бошад»** (сураи Нисо, ояти 19).

Ҳазрати Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Марди мӯъмин набояд зани мӯъминро таъна намояд. Агар як кораш барои ӯ маъқул набошад, кори дигараш маъқул аст»* (Ривояти Муслим) .

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам баён намудаанд, ки ҳар сифате, ки зан ба он офарида шудааст, бояд мард аз сифати ӯ огоҳ бошад, аз аҳволаш бохабар шавад ва аҳволи ӯро пурсон шавад ва аз зан кореро талаб нанамояд, ки бор накунад, ки аз тоқаташ берун бошад. Дар ривояти Абуҳурайра ҳазрати Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Шуморо дар мавриди занонатон васият мекунам. Зан аз қабурға офарида шудааст ва каҷтарини ҷои қабурға қисмати болои он аст. Агар онро рост кардани бошӣ, ӯро мешиканӣ. Ва агар ӯро ба ҳолаш гузорӣ, ҳамчунон каҷ боқӣ мемонад. Боз шуморо дар мавриди занон васият мекунам»* (Ривояти Муттафақ).

Дар ривояти Муслим омадааст: «*Зан аз қабурға офарида шудааст ва ҳаргиз рост намешавад. Агар хоҳӣ лаззати онро бичашӣ, пас ту мечашӣ, дар ҳоле, ки ӯ ҳамчунон каҷ аст. Ва агар онро рост кардани шавӣ, ӯро мешиканӣ ва шикастани ӯ талоқ аст».*

Эй мусалмонон!

Вақте дар ҳаёти оилавӣ халал ворид шавад, вақте мушкилот дар хона сар занад ва зан бар болои шавҳар овоз баланд кунад, вақте зан вазифаи табиии худро анҷом надиҳад, вақте ҳуқуқи ҳамасарашро риоя накунад, вақте хубиҳои ӯро нодида гирад, дар чунин ҳолатҳо Ислом мунтаҳои адлу инсофро риоя намуда, шавҳарро амр мекунад, то ҳалиму босабру таҳаммул буда, бароиислоҳи кор худ андеша намояд ва қаҳру ғазаби худро як тараф монад, саросема нашавад ва барои ислоҳи кор бо авлоди зан ҳумсӯҳбат шавад. Худованд мефармояд: **«Мардон корандеши занонанд, аз ҷиҳати фазилате, ки Худованд якеро бар дигаре додааст ва ба сабаби он кӣ молҳояшонро сарф мекунанд. Пас занони солеҳа касонеанд, ки**

**ибодаткунандаанд, дар ғайбат шавҳари худро муҳофизат мекунанд. Ва занонеро, ки аз нофармонии онҳо хавф доред, ибтидо онҳоро насиҳат кунед(агар итоат накардан), дар бистар аз онҳо дурӣ ҷӯед ва онҳоро танбеҳ кунед. Агар онҳо аз шумо итоат карданд, пас болои онҳо баҳонае маҷӯед. Ҳамоно, ки агар аз Худованд бузургу азимушшаън аст»** (сураи Нисо, ояти 30).

Пас роҳи нахустини илоҷи зан ин насиҳат ва роҳнамоист ва фаҳмонидани хато ва камбудии ӯ аст ва ба ёд овардани ҳуқуқ ва вазифаҳои ӯст ва аз ғазаби Худованд тарсонидан ва бояд дар ин роҳ услуби хуб ва накӯро истифода бурд.

Агар ин роҳ фоида надод, Ислом иҷозат додаст, то дар бистар аз ӯ дурӣ намоем. Шавҳар набояд хона ва ё утоқро тарк кунад, балки танҳо дар бистар ҷудогона бихобад. Ва ё ин ки дар як бистар бихобад, вале пушташро гардонда бихобад ва ба ӯ наздикӣ накунад, то иродаи қавии худро зоҳир намояд. Албатта, ин кор барои илоҷи бадрафтории зан ва ҳидояти ӯ кӯмаки калон мерасонад.

Агар ин кор ҳам фоида набахшид, пас бояд занашро азоб диҳад, вале адаб додан, набояд тарзе бошад, ки асараш боқӣ монад. Инсон ин корро танҳо барои адаб додан мекунад. Ҳаким ибни Муовияи Қушайрӣ ривоят мекунад, ки боре ба Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтам: Эй Расули Худо! Зан бар болои мо чӣ ҳуқуқ дорад? Фармуданд: *«Чун гурусна монад, ӯро таом диҳӣ ва чун бараҳна шуд, ӯро либос бидиҳӣ ва ҳаргиз дар рӯяш назанӣ ва бадгуӣ накунӣ ва аз ӯ дурӣ наҷӯӣ, магар дар даруни хона»* (Ривояти Абудовуд ва Аҳмад). Абудардо мегӯяд: Бадгӯӣ макун, яъне, ҳаргиз нагӯӣ, ки Худо расвоят кунад.

Эй бандагони Худо!

Ин ҳама корҳоро мард бояд ҳамроҳи ҳамсараш анҷом диҳад, бидуни он кӣ касе дар ҳаёти онҳо дахолат намояд. Вақте нофаҳмоӣ дар байни онҳо, ҳамчунин идома ёбад, дар ин сурат Худованд мефармояд, то дар миёни онҳо калонсолон аз ҳарду ҷониб дахолат намоянд ва роҳҳои ҳалли ин мушкилотро дида бароянд. Худованд мефармояд: **«Ва агар шумо бими он дошта бошед, ки байни онҳо ҷудоӣ мешавад, пас доваре аз оилаи мард ва доваре аз оилаи зан ҷамъ шаванд. Агар онҳо ислоҳро бихоҳанд, Худованд онҳоро**

**ба тавфиқ хоҳад расонд. Ҳамоно, Худованд доно ва бо хабар аст»** (сураи Нисо, ояти 35).

Ин ҳама аз раҳмату меҳрубонии Худованди огоҳ аз аҳволи бандагонаш. Худованди доно ба фоидаи онҳо дар боқӣ мондани онҳо дар банди никоҳ ва идомаи ҳаёти оилавии онҳо ва роҳ надодан ба талоқу тафриқа аст. Зеро бадтарин ҳалол дар назди Худованд талоқ аст, зеро тавассути он зан шикаста мешавад, фарзандон бехонумон мегарданд ва бадбахтию парешонӣ оиларо фаро мегирад.

Агар ин ҳама роҳҳои ислоҳ дигар фоидае набахшанд ва марду зан эҳсос намоянд, ки идомаи ин паймон барои ҳарду, ё яке зарар меорад, Худованд талоқро иҷозат додааст, ки ин ҳам аз раҳмати илоҳист. Ба воситаи талоқ зарар бартараф мегардад ва барои ҳар яке аз онҳо фурсат дода мешавад, то бахти худро бори дигар бисанҷанд.

Худованд мефармояд:

تِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ ۚ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ يُدْخِلْهُ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ وَذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٣﴾

**«Ва агар аз ҳам ҷудо шаванд, аз раҳмати паҳнояш барои ҳар якашон медиҳад. Ва Худованд гушоишгаре ҳаким аст»** (сураи Нисо, ояти 13).

Агар Худованд талоқро ҳаққи мард гардонида, ихтиёрро дар дасти ӯ қарор додааст, барои ӯ пеш аз даст задан ба талоқ ва вайрон кардани оила чанд муқадимаҳоеро фармудааст, то барои ислоҳи ин оила кӯшиш намояд. Имкон дорад ба сабаби он умури муқаддимавӣ мард комёб гарадад ва оила ба ҳоли худ боқӣ монад. Аммо агар мард тамоми кӯшишро барои ислоҳи оила сарф намояд ва эҳсос кунад, ки баъди ин ҳаёти оилавии онҳо рӯ ба мушкилот оварда истодааст ва дигар чорае намондааст, дар ин ҳолат Ислом намехоҳад ба онҳо зарар расонад ва мард метавонад

аз ҳаққи шаръии худ, ки талоқ аст, истифода намояд ва алоқаро бо зан қатъ кунад.

Дар бораи фоидаи талоқ ҳеҷ нафаре шак надорад, агар зиндагӣ дар байни марду зан монанди дӯзах гардад ва роҳату оромӣ аз байн равад.

Аммо агар ҳаёт ба чунин вазъият нарасида бошад, Ислом аз талоқ манъ мекунад, Ислом вазифаҳои худро, вайрон кардани зан ва шавҳарашро ба талоқ водор сохтанро ҳаром гардондааст. Ҳар зане, ки чунин кунад, гуноҳи бузургро муртакиб шуда, гирифтори азоби дарднок мегардад, ки Паёмбар дар ин ҳадиси худ аз чунин зан безорӣ меҷӯяд: *«Аз мо нест зане, ки шавҳарашро озор диҳад ва ғуломе, ки сайидашро»* (Ривояти Абудовуд).

Эй мусалмонон! Агар инсон зани худро бад бинад ва нахоҳад зиндагиро бо ӯ идома диҳад, Худованд барояш ҳаром гардонидааст, то аз талоқи ӯ даст кашад ва мунтазири он бимонад, ки зан барояш фидя диҳад, то аз ӯ халос шавад. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, ки занҳоро базӯрӣ мирос баред. Ва аз онҳо дурӣ маҷӯед, ба хотири он кӣ аз онҳо баъзе чизҳоеро биситонед, ки дода будед»** (сураи Нисо, ояти 19).

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Маънои оят он аст, ки марде зан дорад, вале ӯро бад мебинад ва он мард аз он зан дар маҳраш қарздор аст. Пас дар талоқ доданаш таъхир мекунад, то ба ӯ зарар расонад.

Эй бандагони Худо! Худованди мутаъол барои зан ҳам ҳуқуқи шаръӣ додааст, то алоқаашро бо шавҳараш барканад, агар дигар тавони зиндагиро бо ӯ надошта бошад. Масалан шавҳараш ӯро зулм намояд, ҳуқуқҳояшро поймол созад ва ё дигар сабабҳои шаръие, ки Ислом барои зан мубоҳ гардонидааст.

Агар зан аз шавҳараш бими ҷафо ва ситамро дошта бошад ва ё рӯй тофтану дуриро, Худованд дар китоби худ барои чунин занон илоҷи хуберо пешниҳод менамояд: **«Ва агар зане аз шавҳари худ бими вайронӣ ва ё рӯй гардонданро дошта бошад, пас ҳеҷ боке надорад, агар дар байни онҳо сулҳ андохта шавад. Ва сулҳ беҳтар аст. Ва нафсҳо ба ҳирс омехта шудаанд. Ва агар накӯӣ кунед ва аз Худо битарсед, пас**

**Худованд бар он чӣ мекунед, хабардор ас**т» (сураи Нисо, ояти 128).

Бо сулҳ иттифоқ намудан ва аз баъзе ҳуқуқҳои шахсӣ ва молӣ гузар кардан, ба хотири идомаи никоҳ ва парастории фарзандон беҳтар аст, аз ҷудогию зулму вайронӣ ва талоқ.

Агар зан баъди ин ҳама кӯшишҳо дигар фоидаеро эҳсос накунад, Худованд барояш иҷозат додааст, то худро халъ намояд, яъне, ҳамроҳи шавҳар иттифоқ бар он кунад, ки дар муқобили талоқаш маблағи муайяне ба ӯ медиҳад. Чунончӣ Худованд мефармояд:

ٱلطَّلَٰقُ مَرَّتَانِۖ فَإِمۡسَاكُۢ بِمَعۡرُوفٍ أَوۡ تَسۡرِيحُۢ بِإِحۡسَٰنٍۗ وَلَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَأۡخُذُواْ مِمَّآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ شَيۡـًٔا إِلَّآ أَن يَخَافَآ أَلَّا يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِۖ فَإِنۡ خِفۡتُمۡ أَلَّا يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِمَا فِيمَا ٱفۡتَدَتۡ بِهِۦۗ تِلۡكَ حُدُودُ ٱللَّهِ فَلَا تَعۡتَدُوهَاۚ وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ ٱللَّهِ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٢٢٩﴾

**«Талоқ ду маротиба аст. Пас ё бо накӯӣ ӯро нигоҳ дорад, ё ба некӣ раҳояш кунад. Ва барои шумо ҳалол нест, то аз он чӣ барояшон дода будед, баргардонед, магар дар сурате, ки онҳо бими онро дошта бошанд, ки қавонини илоҳиро риоя карда наметавонанд. Ва агар хавфи онро дошта бошанд, ки қавонини илоҳиро риоя када наметавонанд, пас боке надорад, агар зан чизе бидиҳад. Ин аст андозаҳои илоҳӣ, пас шумо аз он нагузаред. Ва ҳар кӣ аз андозаҳои Худованд таҷовуз намояд, пас онҳоянд золимон»** (сураи Бақара, ояти 229).

Бухорӣ ва дигарон аз Ибни Аббос ривоят мекунад, ки ҳамсари Собит ибни Қайс ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй Расули Худо, ман дар бораи ахлоқ ва дини Собит ибни Қайс шикояте надорам, вале ман дар Ислом куфрро бад мебинам. Паёмбар

салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт *«Оё боғчаи додагии ӯро бармегардонӣ?»* Гуфт: Оре. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: *«Боғчаатро бигир ва як талоқаш деҳ».* Собит чун ин занро никоҳ карда буд, маҳраш ҳамин боғчаи хурмо буд. Пас боғчаашро гирифта, он занро талоқ дод.

Ислом вақте барои зан ин ҳақро додааст, ки вақте аз тарафи шавҳар ба ӯ зулм шавад, талоқашро талаб намояд, барои ӯ ҳаром гардонидааст, то бесабаб аз шавҳараш талоқро дархост намояд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар зане, ки аз шавҳари худ бесабаб талоқ талаб намояд, барояш бӯи ҷаннат ҳаром аст»* (Ривояти Тирмизӣ ва Абудовуд ва Аҳмад).

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва амру фармонҳояшро итоат намоед ва аз андозаҳояш пой берун манихед, роҳнамудҳои Паёмбарро қабул намоед. Худованд мову шуморо бо Қуръони азим баракат диҳад ва бо дастуроти Паёмбараш фоида диҳад. Ман суханамро дар ин ҷо ба поён мерасонам ва аз Худованд барои худам ва барои шумо омӯрзиш металабам. Барои он кӣ ба комёбии омӯрзишталабон бирасед, аз Худованд ҳамеша омӯрзиш талабед.

# МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Ӯ ва олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худо битарсед, шукронаи Ӯро ба ҷо оваред, Ӯро итоат намоед, Ӯро аз ёд набаред ва дониста бошед, ки бо Ӯ вомехӯред.

Эй бандагони Худо! Баъзеҳо иштибоҳ мекунанд, вақте гумон мекунанд, ки таҳдиди ба талоқ ва ё ин калимаро ба забон рондан роҳи ҳалли дуруст ва роҳи ягонаи поён бахшидан ба тамоми ихтилофоти оилавист. Чунин инсонҳо ҳангоми сӯҳбат ҷуз калимаи талоқ чизе бар забон намеронанд, дар баромадану даромадан ин калимаро такрор мекунанд. Чунин инсонҳо бо ин гуна рафтори худ оятҳои Худоро ба масхара мегиранд ва бо ин кори худ муртакиби гуноҳ гашта, хонаи худро вайрон мекунанд ва зану фарзандонашонро аз даст медиҳанд.

Бале, бародарони гиромӣ, имрӯзҳо шумораи талоқ хеле зиёд шудааст ва мардони зиёдеро мебинем, ки ба мафҳуми оила ҳанӯз сарфаҳм нарафтаанд. Онҳо гумон мекунанд, ки ба маҳзи ба ақди никоҳ дароардани зан дигар он зан тамоми ҳуқуқи худро аз даст медиҳад ва монанди канизе дар асорат меафтад. Дигар мардонеро мебинем, медароянд талоқ мекунанд, мебароянд, талоқ мекунанд, дар хӯрданашон талоқ аст, нӯшиданашон талоқ аст ва зани бечора бо чунин мард зиндагии талхро пушти сар мекунад ва сад балоро таҳаммул менамояд.

Ин тоифа мардум фаромӯш кардаанд, ки алоқаи заношӯӣ, алоқаи мустаҳкам буда, решаи қавӣ дорад ва бояд ҳуқуқи ҳар яки онҳо ба таври комил риоя гардад. Худованд мефармояд: **«Ва барои занон одилона ҳуқуқ аст монанди оне,**

**ки бар дӯши онҳо вазифаҳост. Ва мартабаи мардон бар болои занон як дараҷа баланд аст ва Худованд азизу ҳаким аст»** (сураи Бақара, ояти 228).

Амр ибни Аҳаваси Ҷашамӣ ривоят мекунад, дар ҳаҷҷатулвадоъ аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки чунин мефармоянд: *«Огоҳ бошед! Бо занон некӯӣ намоед. Онҳо барои шумо танҳо кӯмакрасонанд ва кошке аз ин бештар чизи дигареро аз онҳо ҳуқуқ дошта бошед. Магар дар сурате, ки даст ба фоҳишагии ошкоро зананд. Пас агар ин корро анҷом доданд, бо онҳо дар бистари хоб ҷудо шавед ва онҳоро тавре адаб диҳед, ки асар нагузорад. Агар онҳо баъди ин шуморо итоат кунанд, пас дигар бо онҳо рафтори дигар накунед. Дониста бошед, ки шумо болои занҳои худ ҳуқуқ доред ва онҳо болои шумо ҳуқуқ доранд. Дар бистари шумо касеро нагузоранд, ки намехоҳед ва ба хона касеро роҳ надиҳанд, ки шумо бад мебинед. Ва ҳаққи онҳо болои шумо он аст, ки таому либоси онҳоро накӯ намоед»* (Ривояти Муслим).

Маънои сухани Паёмбар "онҳо барои шумо танҳо кӯмакрасонанд он аст", ки онҳо дар дасти шумо чун асиронанд, яъне, зан заиф аст ва ҳаққи заифро риоя кардан воҷиб аст ва ҳаққашро поймол намудан, гуноҳи азим аст.

Эй мусалмонон! Баъзе мардум бо талоқ бозӣ мекунанд. Баъзеҳоро мебинем бо андак сабаб ва камтарин мушкилоте, ки байни ӯ ва ҳамсараш сар мезанад, занашонро талоқ медиҳанд. Чунин инсонҳо ҳам ба худ зарар мерасонанд ва ҳам ба занаш. Баъзеҳо зан мегиранду талоқ мекунанд, зан мегиранду талоқ мекунанд ва ҳурмати мусалмонро мешикананд ва бесабаб бо занони олам бозӣ мекунанд. Ин корро ё аз мастӣ ва сарватмандӣ мекунад, ё ба мақсади дигар ва бояд дониста бошанд, ки ақаллан ин кораш макрӯҳ ва дар назари мардум чизи бад аст.

Баъзеҳо калимаи талоқро чун бозича бепарво вирди забон меронанд. Онҳо ба ҷои қасам ҳам талоқро истифода мебаранд ва агар қасам хӯрданӣ шаванд, мегӯянд, агар чунин набошад, занам талоқ, ё занам ба ҷои модарам. Вақте чунин инсонҳо кори гуфтаашонро иҷро карда натавонистанд, дигар пайи ҷустуҷӯи роҳи ҳал мегарданд ва

ба назди ину он мулло рафта, савол мекунанд, ки оё занаш талоқ шудааст, ё не.

Баъзеҳо калимаи талоқро бо ҳазлу шухӣ гирди забон меоранд, дар ҳоле, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Се чиз аст, ки ҷиддияшон ҷиддӣ ва шӯхияшон ҳам ҷиддӣ аст, никоҳ, талоқ ва раҷъат »* (Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ). Тирмизӣ мегӯяд, тамоми олимон, чӣ саҳобагон ва чӣ дигарон бо ин ҳадис амал мекунанд.

Баъзе инсонҳоро шайтон дар ҳолати ғазаб фиреб медиҳад, то ба андак сабаби занашро се талоқ медиҳад, ки ин кор ҳаром аст. Ислом барои талоқ додан роҳҳои ҳакимона кашидааст, ки кам ба вуқӯъ мепайвандад, то зарари талоқро аз ҷомеа камтар намояд. Барои мард иҷозат додааст, ки ҳамсари худро танҳо як талоқ диҳад, агар зарурат пеш омад. Ин корро бояд дар замони покии зан аз ҳайз анҷом диҳад, ки бо ӯ дар он покӣ ҳамбистарӣ накарда бошад. Пас ӯро ба ҳоли худ гузорад, то иддааш, ки се ҳайзи комил аст, ба охир бирасад. Пас агар дар ин муддат мард пушаймон шавад, занашро баргардонад. Агар муддати се ҳайз анҷом ёбад ва он мард занашро барнагардонад, дигар он зан барояш ҳаром мешавад ва барои баргардондани ӯ никоҳи нав ва маҳри нав лозим аст.

Ин аст талоқи шаръие, ки Ислом мубоҳ гардонидааст, чунончӣ Худованд мефармояд: **«Талоқ ду маротиба аст. Пас ё бо накӯӣ ӯро нигоҳ дорад, ё ба некӣ раҳояш кунад. Ва барои шумо ҳалол нест, то аз он чӣ барояшон дода будед, баргардонед, магар дар сурате, ки онҳо бими онро дошта бошанд, ки қавонини илоҳиро риоя карда наметавонанд. Ва агар хавфи онро дошта бошанд, ки қавонини илоҳиро риоя када наметавонанд, пас боке надорад, агар зан чизе бидиҳад. Ин аст андозаҳои илоҳӣ, пас шумо аз он нагузаред. Ва ҳар кӣ аз андозаҳои Худованд таҷовуз намоянд, пас онҳоянд золимон»** (сураи Бақара, ояти 229).

Яъне, агар онро як ё ду талоқ кунад, барои баргардондани зан дар муддати идда ихтиёр дорад. Ӯ метавонад барои ислоҳ ӯро ба никоҳаш баргардонад, ё ба ҳолаш гузорад, то иддаашро адо намояд ва талоқи боин шавад ва бо ин кор роҳашро ба накӯи раҳо карда, дар ҳаққи ӯ зулму ситамеро раво надорад.

Худованд мефармояд:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِذَا طَلَّقۡتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَطَلِّقُوهُنَّ لِعِدَّتِهِنَّ وَأَحۡصُواْ ٱلۡعِدَّةَۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ رَبَّكُمۡۖ لَا تُخۡرِجُوهُنَّ مِنۢ بُيُوتِهِنَّ وَلَا يَخۡرُجۡنَ إِلَّآ أَن يَأۡتِينَ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖۚ وَتِلۡكَ حُدُودُ ٱللَّهِۚ وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ ٱللَّهِ فَقَدۡ ظَلَمَ نَفۡسَهُۥۚ لَا تَدۡرِي لَعَلَّ ٱللَّهَ يُحۡدِثُ بَعۡدَ ذَٰلِكَ أَمۡرٗا ١

**«Эй Паёмбар, чун занони худро талоқ медиҳед, онҳоро то идаашон диҳед ва иддаро бишморед ва аз Худованд, ки Парвардигори шумост, битарсед»** (сураи Талоқ, ояти 1). Яъне, онҳоро дар замони тоҳир буданашон аз ҳайз талоқ кунед, ки дар он асно бо онҳо ҷимоъ накарда бошед.

Аммо занро якбора се талоқ додан ҳаром аст ва агар онро гӯяд зан се талоқ мешавад ва ба таври доимӣ бар он мард ҳаром мегардад. Дигар он занро гирифта наметавонад, то ин ки шавҳари дигаре кунад. Шавҳари дигар карданаш на бо роҳи ҳалола бошад ва бо ҳиллаҳои гуногун. Барои мисол бо марде иттифоқ кунад, ки ин занро дар никоҳаш дарорад ва бо он зан ҳамбистарӣ накарда, талоқаш диҳад, ки ин кор аз нигоҳи шариат ҳаром аст. Ҳамчунин барои мард ҳаром аст, ки занашро дар вақти ҳайз диданаш талоқ кунад ва ё дар вақти тухре, ки бо ӯ ҷимоъ карда бошад, зеро имкон дорад аз ин ҷимоъ ҳомила шудааст.

Ҳазрати Али ибни Абутолиб мегӯяд: Ҳеҷ касе нест, ки занашро талоқи суннатӣ дода бошаду боз пушаймон шуда бошад. Агар мардум авомири илоҳиро итоат намоянд, ҳеҷ мард дар фикри зани талоқшудааш намемонад. Зеро ӯро як талоқ медиҳад ва ӯро ба ҳолаш мегузорад, то се ҳайз бинад ва дар ин муддат агар хоҳад, ӯро бар мегардонад.

Эй бандагони Худо! Кореро, ки бисёри мусалмонон аз он бехабаранд, ин аст, ки занро чун як ё ду талоқ медиҳанд,

бояд он зан аз хонаи шавҳараш берун нашавад ва дар он ҷо бимонад. Зеро ин кор боиси он мегардад, ки шавҳараш ӯро баргардонад ва шояд мард пушаймон шавад. Худованд мефармояд: **«Ва аз хона берун нашаванд, магар ин, ки даст ба фоҳишагии ошкоро зада бошад. Ва ин аст андозаи Худованд. Ва ҳар ки аз ин андоза берун шавад, пас дар ҳақиқат ба худ ситам намудааст. Шояд Худованд баъди ин кори дигареро ба вуқӯъ оварад»** (сураи Талоқ, ояти 1).

Огоҳ бошед! Аз Худованди мутаъол битарсед ва андозаҳои Ӯро риоя намоед ва аз он нагузаред. Дар фикри хона, зан ва фарзандони худ бошед ва ҳамеша миёнатон ислоҳкорӣ намоед. Салоту саломи бепоён бар муждарасони бимдиҳанда ва чароғи равшан, ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ фиристед.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмон мағфират намо.

Худовандо, айбҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо, Исломи муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони моро, дар ҳар куҷое, ки бошанд, ёрӣ деҳ. Худоё, бо кӯмакат онҳоро қувват ато фармо.

Худовандо, Аллоҳи ягонаӣ, ки ғайри ту худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо, ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё, барои мо, дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон нагардонида магузор.

Худовандо, синаҳои моро васеъ кун ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро ғайри Ту касе тавони ин корро надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин аст, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованд, Парвардигори оламиён аст.

# ПОКРО АЗ НОПОК ҶУДО КАРДАН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро бинобар фазлу эҳсонаш, хушиҳоро бароямон ҳалолу палидиҳоро ҳаром гардонидааст. Бар мо ҳамаи намуди неъматҳои ошкору ниҳонро ато фармудааст. Барои аҳли шукр боз ҳам ваъдаи инъоми бештар намуда, носипосонро аз азоби дарднок бим додааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Худованд тавассути ин Паёмбараш динашро ба камол расонида, неъматашро пурра намуд ва бо Ӯ ба роҳи рост ҳидоят кард. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш. Ононе, ки ба Ӯ имон оварда, Ӯро кӯмаку дастгирӣ карданд ва нуреро, ки бар ӯ нозил шуда буд, пайравӣ намуданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованди мутаол битарсед ва авомирашро итоат намуда, аз навоҳияш дурӣ ҷӯед, шояд ки наҷот ёбед. Эй бандагони Худо! Худованд ба Паёмбари худ мефармояд:

قُل لَّا يَسۡتَوِي ٱلۡخَبِيثُ وَٱلطَّيِّبُ وَلَوۡ أَعۡجَبَكَ كَثۡرَةُ ٱلۡخَبِيثِۚ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٠٠

**«Бигӯ нопоку пок баробар нест, агарчӣ бисёр будани нопокҳо туро ба шигифт андозад. Пас шумо эй соҳибхирадон аз Худо битарсед, то растагор шавед»** (сураи Моида, ояти 100). Ин раҳмати илоҳист, ки Худованд дар ин ҷаҳон чизҳои бо ҳам зидро офаридааст, поку нопок, хубу бад, мӯъмину кофар ва фоидаю зарар, то бандагонашро озмоиш ва имтиҳон намояд.

Дар ояти боло Худованд баробариро байни поку нопок инкор мекунад, зеро пок манфиат дорад ва нопок зарар. Агарчӣ миқдори нопокӣ хеле зиёд бошад ва ҳатто таъсири худро дар баъзе чизҳои пок расонда бошад ҳам, бояд

ҳақиқати он ошкор шавад ва носараву қалбакӣ буданаш фош гардад. Лафзи нопок дар ин ҷо инсон, кор, сухан, мол, хӯрока, нӯшокӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар ҳамаи номбаршудаҳо пок ҳам дида мешавад, нопок ҳам, ки ҳаргиз бо ҳам баробар нестанд. Одамони поку нопок баробар нестанд, чунон чӣ Худованд мефармояд: **«Оё мӯъмин монанди фосиқ аст? Инҳо ҳаргиз баробар намешаванд»** (сураи Саҷда, ояти 18).

Боз Худованд мефармояд: **«Оё мо касонеро, ки имон овардаанд ва амали солеҳ кардаанд, монанди фасодкорони рӯи замин мегардонем. Ва ё муттақиёнро монанди гунаҳкорон мегардонем»** (сураи Сод, ояти 28). Боз Худованд мефармояд: **«Оё касоне, ки муртакиби гуноҳ мешаванд, гумон мекунанд, ки онҳоро бо касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, баробар мегузорем? Ва зиндагию марги онҳо баробар аст? Чӣ бад ҳукме мекунанд»** (сураи Ҷосия, ояти 21). Худованд мефармояд: **«Баробар намешаванд асҳоби дӯзах ва асҳоби ҷаннат. Асҳоби ҷаннат наҷотёфтагонанд»** (сураи Ҳашр, ояти 20). Худованд боз мефармояд: **«Оё мо мусалмононро монанди гунаҳкорон қарор диҳем? Шуморо чӣ шудааст? Чӣ гуна ҳукм мекунед?»** (сураи Қалам, оятҳои 35-36).

Ҳамчунин корҳои хуб бо корҳои бад баробар нестанд. Худованд мефармояд: **«Ва баробар нест кори хуб бо кори бад»** (сураи Фусилат, ояти 34). Сухани хуб бо сухани бад баробар нест. Худованд мефармояд: **«Оё надидӣ, ки Худованд гуфтори покизаро ба дарахти покизае монанд кардааст, ки решааш устувору шохааш дар осмон аст. Меваи худро ба дастури Худованд ҳар замон медиҳад. Худованд масалҳоро барои мардум мезанад, шояд, ки онҳо панд гиранд. Ва масали сузани нопок монанди дарахти нопок аст, ки аз замин решакан шуда ва ҳеҷ қароре надорад»** (сураи Иброҳим, оятҳои 24-26).

Худованд хабар додааст, ки калимаҳои хуб ба сӯи ӯ мебароянд. Худованд мефармояд: **«Ба сӯи Ӯ боло меравад сухани хуш ва пок ва амали солеҳ онро боло мебарад»** (сураи Фотир, ояти 10). Моли нопок бо моли пок баробар шуда наметавонад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам хабар додааст, ки Худованд садақаро қабул намекунад, магар ин

ки аз моли пок бошад ва агар аз моли нопок бошад, онро қабул намекунад. Ӯ мефармояд: **«Ҳар садақае, ки банда аз моли покаш мекунад, Худованд ҷуз покӣ чизеро намегирад, Худованд онро бо дасташ мегирад»** (Ривояти Муттафақ).

Дар саҳеҳи Муслим аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам чунин ривоят омадааст: *«Худованд намозро бе таҳорат қабул намекунад ва садақаро аз моли ғулул қабул намекунад».* Ғулул он молест, ки аз ғанимат ё байтулмол бо роҳи ҳалол ба даст наомадааст, он чӣ бо роҳи ҳалол ба даст наомада бошад, он нопок аст.

Таоми нопок бо таоми пок баробар нест. Худованд покро ҳалолу нопокро ҳаром гардонидааст. Худованд дар васфи Паёмбараш мефармояд: **«Ва барои эшон покизаҳоро ҳалолу нопокиҳоро ҳаром мегардонад»** (сураи Аъроф, ояти 157).

Хӯрдани таому шароби нопок дар дил, ҷисм ва рафтор таъсири бади худро дорад. Худованд мефармояд: **«Эй паёмбарон, аз покизаҳо бихӯред ва корҳои шоистаро анҷом диҳед...»** (сураи Мӯъминун, ояти 51).

Боз Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, бихӯред аз неъматҳои покиза, ки рӯзӣ додаем ва Худовандро шукр гӯед, агар Ӯро ибодат мекарда бошед»** (сураи Бақара, ояти 172).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Марде роҳи дарозро тай карда, мӯйҳояш парешон ва либосаш ғуборолуд шуда, дастони худро тарафи осмон бардошта мегӯяд: Худоё, Худоё, дар ҳоле, ки таомаш ҳаром, шаробаш ҳаром, либосаш ҳаром ва ғизояш ҳама ҳаром аст, пас аз куҷо дуои ин мард қабул шавад»* (Ривояти Муслим).

Маънои ҳадис он аст, ки Худованд аз тамоми айбҳо поку покиза аст ва Ӯ танҳо корҳои покро қабул мекунад. Корҳоеро, ки аз фасоду палидиҳо ба монанди риё, худнамоӣ, кибр ва дигар анвои ширк пок бошад. Ӯ садақаро қабул намекунад, магар дар сурате, ки он аз моли ҳалолу пок бошад ва суханеро қабул намекунад, магар пок бошад. Худованд мефармояд: **«Ба сӯи Ӯ боло меравад сухани хуш ва пок ва амали солеҳ онро боло мебарад»** (сураи Фотир, ояти 10). Худованд танҳо инсонҳоеро қабул мекунад, ки пок бошанд ва эшон мӯъминонанд. Мӯъмин ҳамааш пок аст,

дилаш, забонаш, танаш, зеро дар дили ӯ имон ҷой дорад ва ёди Худо дар забони ӯст ва тамоми аъзои баданаш кори накӯ мекунанд. Ин аст самараи имон. Худованд тамоми корҳои мӯъминро қабул мекунад, зеро Ӯ танҳо хуширо қабул дорад. Мо ҳамарӯза дар **Аттаҳиёт** мехонем: **Дурудҳо ва покиҳо барои Худованд бод.**

Бузургтарин сабаб дар ба даст овардани мӯъминон корҳои накӯро, ин истеъмоли таоми покиза аст, зеро мусалмон ҳамеша хӯроки ҳалолро истеъмол мекунад. Чизе ки тамоми амалҳоро вайрон намуда, қабули онро ба даргоҳи Худованд манъ мекунад, ин истеъмоли таоми ҳаром аст. Ҳамчуноне, ки дар ҳадиси касе, дастонашро ба сӯи Худованд бардоштааст, омада буд: *«Худоё, Худоё, дар ҳоле, ки таомаш ҳаром, шаробаш ҳаром, либосаш ҳаром ва ғизояш ҳама ҳаром аст. Пас аз куҷо дуояш қабул шавад».* Ин ҳадиси шариф далолат бар он мекунад, ки хӯрдани ҳаром, нӯшидани ҳаром ва пӯшидани либоси ҳаром монеъи қабули дуо мегардад. Дар ин ҳадиси шарифи Паёмбар бонги хатар аст барои онҳое, ки лаҷоми нафси худро кушода гузоштаанд, то дар ҳама намуд молҳои ҳаром ва корҳои ҳаром даст зананд, монанди рибо, пора, дурӯғ, хиёнат ва фиреб дар хариду фурӯш ва аз худ кардани пулу моли мардум бо ҳиллаҳои гуногун ва савганди дурӯғ ва шоҳидони бардурӯғ.

Дар ин ҳадис бонги хатар аст барои онҳое, ки ҳаромро мехӯранду менӯшанд, монанди онҳое, ки маводи масткунанда ва мухаддиротро истеъмол менамоянд, чун арақу ҳашишу афюн. Онҳо чизҳоеро истеъмол менамоянд, ки ақлу ҳушро вайрон намуда, ҷисмро лоғар мекунанд ва мардиро мекушанд ва инсонро ба пастӣ ва анҷоми ҳама намуд расвогӣ мерасонад. Чӣ гуна дуои ӯ қабул шавад? Чӣ гуна метавонад тоати Худоро ҷисме анҷом диҳад, ки аз ҳаром ғизо мегирад? Чӣ гуна аз ҷумлаи солеҳин мешавад инсоне, ки хӯрокаш палидист? Пас шумо, эй бандагони Худо, аз Худованд битарсед ва ба ҳалолҳои ӯ иктифо намуда, даст аз ҳама ғизоҳои ҳаром бардоред. Худованд мефармояд: **«Шумо аз бутҳои палид ва гуфтори дурӯғ иҷтиноб кунед»** (сураи Ҳаҷ, ояти 30).

Шумо забони худро ба гуфтани суханони рост ва покиза одат кунонед, монанди тиловати Қуръон, тасбеҳ, таҳлил, такбир ва дуо, то шумо аз ҷумлаи касоне бошед, ки Худованд дар бораашон мефармояд: **«Ва ба гуфтори покиза ва роҳи писандида роҳнамоӣ шаванд»** (сураи Ҳаҷ, ояти 34).

Шумо аз гуфтори палид парҳез кунед, монанди дурӯғ, ғайбат, суханчинӣ, дашном, гувоҳӣ додан ба дурӯғ, савганди дурӯғ, фаҳшгӯӣ ва ин гуна суханонро нагӯяд ва ба ин гуна суханон гӯш надиҳед, то шумо аз ҷумлаи ононе бошед, ки Худованд дар ҳаққашон мефармояд:

وَإِذَا سَمِعُواْ ٱللَّغْوَ أَعْرَضُواْ عَنْهُ وَقَالُواْ لَنَآ أَعْمَٰلُنَا وَلَكُمْ أَعْمَٰلُكُمْ سَلَٰمٌ عَلَيْكُمْ لَا نَبْتَغِي ٱلْجَٰهِلِينَ ﴿٥٥﴾

**«Ва чун суханони беҳударо бишнаванд, аз он рӯй мегардонанд ва мегӯянд “Аъмоли мо марбут ба худамон аст ва кирдори шумо азони худатон”. Салом бар шумо, мо ҷоҳилонро намехоҳем»** (сураи Қасас, ояти 55).

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо чизҳои покизаеро, ки Худованд бароятон ҳалол гардонидааст, бар худ ҳаром накунед ва аз ҳад дарнагузаред, зеро Худованд таҷовузгаронро дӯст намедорад. Ва аз он чи Худованд бароятон рӯзӣ додааст, ҳалолу покиза бихӯред. Ва аз Худованде, ки ба Ӯ имон доред, битарсед»** (сураи Моида, оятҳои 87-88).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки ӯст бахшандаи меҳрубон.

# ПОКРО АЗ НОПОК ҶУДО КАРДАН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованд, Парвардигори оламиёнро, ки моро офарида рӯзиямон дод ва моро ба худамон раҳо накард, балки барои мо рӯзеро ваъда намуд, ки дар он накӯкорро ҷазои нек ва баркорро ҷазои бад медиҳад **«Ва Парвардигори ту бандагонашро ситам намекунад»** (сураи Фусилат, ояти 46). Ӯро ба сабаби неъматҳои бешумораш ҳамду шукр мегӯям. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст дорои номҳои зебо ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Худованд тамоми гуноҳони гузашта ва ояндаи Ӯро мағфират намудааст. Паёмбаре, ки дар роҳи Худо барои адои шукри Ӯ чунон рост истод, ки қадамҳои муборакаш варам карданд. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованди мутаол битарсед ва аз ҷумлаи мӯъминони содиқу покиза бошед ва аз палидону табаҳкорон дурӣ ҷӯед. Худованди бузург дар китоби муҳкамаш шуморо амр намудааст:

وَٱلْمُؤْمِنُونَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ ۚ يَأْمُرُونَ
بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ
ٱلزَّكَوٰةَ وَيُطِيعُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ سَيَرْحَمُهُمُ ٱللَّهُ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ
عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٧١﴾

**«Ва мардону занони мӯъмин ба ҳамдигар дӯстанд. Онҳо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд ва намозро барпо медоранд ва закот медиҳанд ва Худову Паёмбарашро итоат**

**менамоянд. Худованд ба зудӣ онҳоро мавриди раҳмати худ қарор медиҳад. Ҳамоно, Худованд нерӯманди фарзона аст»** (сураи Тавба, ояти 71). Боз Худованд мефармояд: **«Занони палид лоиқи мардони палиданд ва мардони палид низ лоиқи занони паиданд. Ва занони покдоман шоистаи мардони покдоман ва мардони покдоман низ шоистаи занони покдомананд»** (сураи Нур, ояти 26). Яъне, занони палид ва ё суханони палид насиби мардони палид мегарданд ва мардони палид насиби занони палид ё суханони палид мегарданд. Аммо занони хуб ва суханони хуб насиби мардони хуб мегарданд ва мардони хуб насиби занони хуб ва суханони хуб мегарданд.

Яъне,, ҳар намуд инсонро тавре муомила мекунанд, ки лоиқи он аст. Агар зан гирад, насибаш ҳамон намуд зане мегардад, ки худ ҳамон тавр аст ва агар бо ӯ сухан гӯянд ҳам, ба ҳамон услуб хитобаш мекунанд, ки лоиқи он аст.

Ҳамчуноне, ки Худованд палидҳоро аз покҳо дар ин дунё ҷудо намудааст, дар қиёмат ҳам онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Худованд мефармояд: **«Дар он рӯзе, ки қиёмат қоим мешавад, аз якдигар ҷудо мешаванд. Аммо касоне, ки имон оварда, корҳои накӯ кардаанд, онҳо дар боғе шодмон ва масрур хоҳанд буд. Ва аммо касоне, ки кофир шуда, оятҳои мо ва омадани охиратро дурӯғ мепиндоштанд, дар азоб гирифтор мешаванд»** (сураи Рум, оятҳои 14-16).

Биҳишт макони покон аст, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Салом бар шумо, хуш бошед, ба биҳишти ҷовидона дохил шавед»** (сураи Зумар, ояти 72). Боз Худованд мефармояд: **«Касоне, ки ба худ ситам раво доштаанд, дар муқобили малоикаҳо, ки ҷонашонро мегиранд, сари таслим фуруд меоваранд, ки мо ҳаргиз кори баде накардем. Оре, албатта Худованд аз он чӣ шумо мекардед, огоҳ аст»** (сураи Наҳл, ояти 28).

Дӯзах макони палидон аст. Худованд мефармояд:

وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَأَوۡلَٰدُكُمۡ فِتۡنَةٞ وَأَنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ﴿٢٨﴾

**«То Худованд палидро аз пок ҷудо намояд ва палидонро бар ҳам омехта намояд ва ҳамагонро дар оташи дӯзах медарорад. Онҳо ҳамон зиёндидагонанд»** (сураи Анфол, ояти 28).

Пас Шумо эй бандагони Худо аз ӯ битарсед ва покро аз палидӣ ҷудо намоед ва шумо худ аз ҷумлаи мӯъминони покиза бошед, ҳамеша таоми покиза истеъмол намоед, сухани хуш бигӯед, ба даргоҳи Худованд бо амалҳои пок наздик шавед ва аз молҳои покиза садақа намоед, то ба сарои покон бирасед, ки он ҷаннат аст. Шумо аз тамоми чизҳои палид дурӣ ҷӯед, сухан, хӯрок, пӯшок, кор ва рафтори палидро тарк намоед. Аз мардону занони палид дур бошед, шояд аз оқибати бад раҳоӣ ёфта, дохили ҷаннати Парвардигори худ гардед ва дар он рӯз бароятон бигӯянд: **«Салом бар шумо, хуш бошед, ба биҳишт ҷовидона дохил шавед»** (сураи Зумар, ояти 72).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардони мӯъмин, зиндаҳо ва гузаштагони эшонро мағфират намо.

Худоё, айбҳои моро бипӯшон ва аз тарсу бим эмин дор. Худоё, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Худоё, бародарони мусалмони моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон ва бо нусратат таъйидашон кун.

Худоё, барои мо дар ин мақом ҳеҷ гуноҳеро бидуни мағфират, ҳеҷ ғамеро бартарафнашуда ва ҳеҷ қарзеро адонашуда ва ҳеҷ мушкилеро осоннашуда намон.

Худоё, синаҳову дилҳои моро васеъ кун, корҳоямонро осон намо, ба ахлоқи шоиста, раҳнамоиамон кун, ҳамоно ба ахлоки шоиста ба ҷуз Ту касе дигар раҳнамоӣ намекунад. Ва охир дуъои мо ҳамду санои Парвардигори оламиён аст.

# ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки илмаш ҳамаро фаро гирифта, барои ҳар чиз андозае муайян намудааст ва аз об инсонро офарида, байни онҳо дӯстию қаробат эҷод намудааст. Ӯ ба ҳама чиз тавоност. Ӯро ба сабаби неъматҳои бешумораш ҳамду шукр мегӯям ва ба сӯи ӯ бозгашта, аз гуноҳонам омӯрзиш металабам. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Паёмбаре, ки Худованд ӯро ҳидоятгару роҳнамо ва муждарасону бимдиҳанда гардонидааст. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Ман, шумо ва худамро ба тарси Худованди азза ва ҷалла васият мекунам. Аз Худованди мутаол тавре, ки бояд битарсед ва дар ошкору ниҳон ӯро муроқиби худ бидонед ва ба дастгирии Ислом чанг занед ва аз гуноҳон парҳез намоед, зеро пойҳои шумо дар лаби оташест, ки бардошти онро надоред ва барои рӯзи охират аз корҳои накӯ тӯша гиред ва бидонед, ки беҳтарин тӯшаи он рӯз тақвост. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, он миқдор ки ӯ лоиқ аст. Ва шумо намиред, магар дар ҳоле, ки шумо мусалмон бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 102)

Эй мусалмонон! Фарзанд атои Худованд аст ба падарон, ки дилашон бо дидани фарзанд шод ва чашмонашон рӯшан мешавад. Фарзанд гули ҳаёту зиндагист ва самараи дилу зинати ҳаёт аст. Худованд мефармояд: **«Молу фарзанд зинати ҳаёти дунёст. Ва кирдорҳои неку пойдор назди Парвардигорат беҳтар ва умедворкунандатар аст »** (сураи Каҳф, ояти 46).

Ҳазрати Яъло Омирӣ ривоят мекунад, ки Ҳасану Ҳусайн давида, ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам омаданд ва Ӯ онҳоро ба оғӯш гирифта, фармуданд:

*«Фарзанд мояи бухл ва тарс аст»* (Ривояти Ибни Моҷа). Ба хотири фарзанд инсон аз сарф кардани мол бахилӣ мекунад ва ба сабаби онҳо аз рафтан ба ҷиҳод метарсад. Зеро молашро барои фарзанд ҷамъ мекунад ва мехоҳад ба ҷое наравад ва ҳамеша бо онҳо бимонад.

Эй бандагони Худо! Фарзанд меваи дилҳо ва нури чашмонанд ва Ислом аз вақте, ки никоҳи дурустро машрӯъ гардонд, тарғиб менамояд, то инсон барои фарзанддор шудан кӯшиш намояд. Сипас барои интихоби ҳамсар кӯшиш намоем ва занеро бихоҳем, ки фарзанд таваллуд намояд, то шумораи уммати Ислом бештар шавад. Анас ибни Молик ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамеша ба издивоҷ амр менамуд ва аз муҷаррадӣ манъ мекард ва ҳамеша чунин мефармуд: *«Шумо бо зани бо муҳаббату зоё издивоҷ кунед, зеро ман ба бисёр будани шумо дар байни дигар умматон ифтихор мекунам»* (Ривояти Абудовуд).

Аҳнаф ибни Қайс боре ба назди Муовия ибни Абусафён даромад, ки писараш Язид дар наздаш буд ва Муовия бо тааҷҷуб ба чеҳраи фарзандаш менигарист ва аз Аҳнаф пурсид: Дар бораи фарзанд чӣ мегӯӣ? Аҳнаф мақсади ӯро фаҳмид ва гуфт: Эй амиралмӯъминин! Онҳо такягоҳи пушти моянд, меваи дилҳоянд, нури чашмонанд, бо онҳо бар душманон пирӯз мешавем ва онҳо ёде аз мо баъди сари мо мебошанд. Пас ту барои онҳо замини нарм ва осмони сояафкан бош. Агар чизе пурсанд, барояшон бидеҳ ва агар ҷои сарзаниш бошад, сарзаниш кун. Аз меҳрубонияt онҳоро маҳрум макун, то аз наздик шуданат нагрезанд ва орзӯи маргатро нанамоянд ва аз зиндагият безор нашаванд.

Эй бандагони Худо! Фарзандон сутуни миллатанд ва пешбари наслҳои оянда. Онҳо умеди ҳозира ва омодагииояндаанд. Онҳо хуне мебошанд, ки дар рагҳои миллатҳо меҷӯшад ва набзи зиндагии онҳоянд. Аслиҳаи қавӣ ба муқобили душманон онҳоянд ва сипари пурқувватанд, ки амнияти кишварҳоро нигоҳ медоранд ва баргардондани обрӯю каромати ватан низ ба онҳо вобастагӣ дорад.

Аз ҳамин сабаб аст, ки Ислом ба тарбия ва роҳнамоии онҳо хеле аҳамияти ҷиддӣ додааст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам баён фармудаанд, ки фарзанд дар дини

падару модари худ собит мемонад. Мо дар ҳар роҳе, ки онҳоро тарбия намоем ва ҳар чӣ ба онҳо омӯзем, онҳо паси ҳамон мешаванд. Ҳазрати Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар навзод бо фитрати исломӣ ба дунё меояд. Пас волидайнаш ҳастанд, ки ӯро яҳудӣ мекунанд, ё насронӣ, ё маҷусӣ.* Пас Абуҳурайра ин оятро тиловат намуданд:

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا ۚ فِطْرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِى فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيْهَا ۚ لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلْقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٣٠﴾

**«Пас ту рӯятро тарафи дини рост гардон. Ин фитрати илоҳист, ки мардумро бар он офаридааст. Офариниши Худо тағйирнопазир аст. Ин аст дини дуруст, вале аксари мардум намедонанд»** (сураи Рум, ояти 30).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадиси боло хабар додааст, ки тифл бар фитрати поки исломӣ зода мешавад, агар ӯро ба тарафи хайр роҳнамоӣ намоем, онро бе мушкилот ва бе заҳмат қабул мекунад, онро мешиносад ва пайравӣ менамояд. Худованди азза ва ҷалла қобилияти қабули хайрро дар сиришти ӯ қарор додааст ва он мутобиқи асли ӯст. Аммо дур шудан аз сиришти худ тавассути тарбияи бад додан аст ва намунаи кач нишон додан аст.

Эй бандагони Худо! Аз сабаби он ки тарбияи дурусти волидайн таъсири хубе барои фарзандон ҳам дар дунё ва ҳам дар охират дорад, Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадисҳои зиёд ва дар ҷойҳои зиёде ба тарбияи дурусти фарзандон дастур дода, раҳнамоӣ кардааст. Ҳазрати ибни Умар ривоят мекунад, ки ман аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки мефармуд: *«Дониста бошед, ки ҳар яки шумо масъулед ва ҳар яки шуморо аз раъияташ пурсида мешавад. Имом барои қавмаш нигаҳбон аст ва ӯро аз қавмаш пурсида мешавад. Мард дар хонадонаш нигаҳбон аст ва ӯро аз хонадонаш пурсида мешавад. Зан дар хонаи шавҳараш ва*

*фарзандонаш масъулият дорад ва ӯро аз онҳо пурсида мешавад. Ғулом бар моли хӯҷаинаш масъулият дорад ва ӯро аз он пурсида мешавд. Диниста бошед, ки ҳар яки шумо масъулият доред ва ҳар яки шуморо аз раъияташ пурсида мешавад»* (Ривояти Муттафақ).

Имом Ибни Нуҳос мегӯяд: Ҳар ки инро бидонад, ки Худованд ӯро дар бораи ҳамсар, фарзанд ва ходимонаш мепурсад, чӣ гуна метавонад ором бихобад ва онҳоро ба монанди ҳайвонот ба ҳолашон раҳо созад? Чӣ гуна метавонад онҳоро шариат наомӯзонад, пойбанди суннат насозад? Чӣ гуна онҳоро улуми шаръӣ намеомӯзонад? Балки ӯ вақте бинад, ки зердасташ ба хотири намоз ба ӯ як дирам зарар овардааст ва ё ба хотири дигар амри исломӣ ягон амри ӯро иҷро накардааст, доду фарёд мебардорад, ки ин аслан аз Ислом нест. Бисёр ашхосе ҳаст, ки ба сабаби дигарон ҳалок мешаванд ва гирифтори азоб мегарданд, дар ҳоле, ки худ бехабаранд.

Аз муҳимтарин коре, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба он аҳамияти бештар медод ва саҳобагонро ба он амру супоришҳо менамуд, ин тарбияи дурусти фарзандон буд. Ӯ худ барои фарзандон таълими ақида ва тақво менамуд, барояшон аҳкому аркони имонро меомӯзонд ва алоқаашонро бо Худованд қавӣ ва мустаҳкам менамуд. Онҳоро аз ғофилию исён, дур аз Худованди мутаъол ҳушдор медод. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба писарамуяш Абдуллоҳ ибни Аббос чунин фармуд: *«Эй ҷавон! Ман ба ту чанд ибораро меомӯзонам. Худоро ба ёд ор, Ӯ низ туро ба ёд меорад. Худоро ба ёд ор, Ӯро ҳамеша дар наздат меёбӣ. Агар чизе пурсиданӣ бошӣ, аз Худо бипурс. Агар кӯмак талабиданӣ бошӣ, аз Худо бихоҳ. Диниста бош, ки агар мардум ҳама ҷамъ шаванд, барои ин ки ба ту фоидае расонанд, ҳеҷ фоидае расонида наметавонанд, магар ҳамон чизеро, ки Худованд бароят навиштааст. Ва агар онҳо ҳамагон ҷамъ шаванд, то барои ту зараре расонанд, зарар расонида наметавонанд, магар ба чизе, ки Худованд бароят навиштааст. Қаламҳо бардошта ва саҳифаҳо хушк шудаанд»* (Ривояти Тирмизӣ).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамеша кӯдаконро ба илму донишу адаб тарғиб менамуд ва барои онҳо дуои хайр мекард. Боре ба наздаш шабона Абдуллоҳ ибни Аббос

омада, ба ӯ оби таҳорат дод. Пас Паёмбар ӯро ба оғӯш гирифта, дар ҳаққаш чунин дуъо кард: *«Парвардигоро, ӯро дар дин олим бигардон ва барояш таъвили Қуръонро биёмӯз»* (Ривояти Бухорӣ).

Ҳазрати Ибни Аббос пас аз ин донишманди ин уммат ва тарҷумони Қуръони карим гашта, баъди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам касе ба монанди ӯ Қуръонро намефаҳмид. Ин ба сабаби дуои Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам буд.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пайваста мекӯшид, то онҳоро дарси адабу сабақи ахлоқ диҳад. Умар ибни Абусалама мефармояд: Ман писарбаччае будам дар хонаи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ва дастонамро ба ҳар ҷои табақ дароз мекардам. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам бароям гуфт: *«Эй писарбачча! Бисмиллоҳ гӯй, бо дасти ростат бихӯр ва аз пешат бигир. Ва баъди ин то имрӯз ман ҳамин тавр мехӯрам»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Абдулоҳ ибни Умар мегӯяд: Рӯзе Паёмбар нишаста буданд, ки модарам маро фарёд кард, ки биё чизе бароят медиҳам. Пас Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба модарам гуфт: Чиро барояш доданӣ ҳастӣ? Гуфт: Хурмо. Пас Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ гуфт: *«Аммо ту, агар барояш чизе надиҳӣ, ба ту як дурӯғ навишта мешавад»* (Ривояти Абудовуд).

Эй бародарони роҳи Худо! Мурод аз тарбияи фарзандон танҳо фаровон кардани таому шаробу либосу хона нест ва ё фаровон кардани шароити моддӣ, монанди пулу молу мошин нест, ҳамчуноне, ки бисёриҳо гумон доранд.

Тарбияи ҳақиқӣ, ин тарбияи динӣ ва додани дарси ахлоқи ҳамида ва парвариши насли оянда дар асоси таълимоти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ва ёрони бовафои Ӯст.

Ҳишом ибни Абдулмалик яке аз фарзандони худро ба назди муаллим фиристода буд ва барои муаллимаш боре чунин нома навишт: Аввалин чизе, ки ман туро васият мекунам, ин аст, ки ба ӯ китоби Худоро биёмӯзӣ, баъд аз шеърҳо беҳтаринашро. Баъди он барояш дар бораи қабилаҳои араб ривоят кун. Аз шеърҳои зебои араб барояш

биёмӯз ва ҳалолу ҳаромро ба ӯ ёд деҳ ва суханварӣ ва хутбагӯиро таълим деҳ.

Имом Заҳабӣ дар китоби худ чунин менависад: Абдулазиз писари Марвон, падари Умар ибни Абдулазиз писари худро ба Мадина фиристод, то адаб биёмӯзад. Ба Солеҳ ибни Касён, ки яке аз тобеини бузург ба шумор мерафт, тарбияи фарзандашро вогузор намуд. Солеҳ Умарро фармуд, то ҳамарӯза дар намози ҷамоат ҳозир шавад. Рӯзе Умар аз намози ҷумъа дер монд ва Солеҳ аз ӯ пурсид: Чаро дер омадӣ? Гуфт: Ходим мӯи сарамро шона мекард. Гуфт ба он касе, ки саратро шона мекунад, бирасон, то шона кардани мӯи туро аз намоз беҳтар шуморад. Умар моҷароро ба падараш навишт. Падараш касеро ба назди ӯ фиристод ва он мард ба Умар сухан нагуфта, сарашро тарошид.

Эй бандагони Худо! Мутаассифона, бисёре аз падарону модарон масъулияти тарбияи фарзандонро аз хотир баровардаанд. Падар ҳамеша дунболи кору вазифа, тиҷорату амал ва рафиқону дӯстон мегардад. Модар дунболи бозору мағоза, орою торо додани худ, сӯҳбат бо дӯстону ҳамсоягон мегардад. Фарзандон бошанд, қурбони ин беаҳамиятии волидайн мегарданд, ки ҳам аз тарбия ва насиҳату тавҷиҳоти падар маҳруманд, ҳам аз лутфу меҳрубонию дилбардории модарон.

Беаҳамиятӣ ба фарзандон таъсираш нафақат ба як нафар аст, балки ба бисёриҳо таъсир дорад. Ин фарзандон рӯзе муаллим, масъул, муваззаф ва соҳибони хона мегарданд. Он касе, ки дар хурдсолӣ худ тарбияро надида бошад, чӣ гуна метавонад мураббии хуб шавад?

Баъзе уламо мефармоянд: Худованд ҳар падарро рӯзи қиёмат дар бораи фарзандаш мепурсад, пеш аз он ки фарзандро дар бораи падараш пурсад, зеро фасоди онҳо аз дасти падарон шудааст. Падар чун ба тарбияи фарзандаш накӯшад ва онҳоро беилму дониш бимонад ва ба онҳо асосҳои динро наомӯзонад ва дар хурдсолӣ сарсон гарданд, дар ин сурат, дигар онҳо на барои худ фоидае меоранд ва на барои падарони худ. Чунончӣ яке аз падарон фарзанди худро барои оқ карданаш сарзаниш намуд. Пас писар ба падараш гуфт: Эй падар, ту дар хурдӣ маро оқ карда будӣ ва

ман дар пирият туро оқ кардам ва дар тифлӣ маро беаҳамият гузоштӣ, ман ҳам дар пирият аҳамияте ба ту намедиҳам.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ عَلَيۡهَا مَلَٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ۝٦

**«Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонадони худро аз оташе раҳо намоед, ки ҳезумаш одамизод ва сангпораҳост»** (сураи Таҳрим, ояти 6).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки ӯст бахшандаи меҳрубон.

# ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст ва оқибат барои муттақиён аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки маъбуди аввалину охирин аст ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст. Паёмбаре, ки хотами паёмбарону имоми муттақиён ва ҳуҷҷати Худованд бар тамоми махлуқоташ мебошад. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мусалмонон! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ба тарбияи писарону духтарони худ дар асоси имони содиқу ақидаи тавҳиди холис аҳамияти ҷиддӣ диҳед. Шумо дар дили онҳо муҳаббати Худои таоло, муҳаббати Паёмбари амин ва муҳаббати саҳобагони кироммро кишт намоед. Ин кор яке аз сабабҳои асосии тарбияи дуруст ба шумор меравад, зеро тамоми баракат дар имону тақвост. Ҳар кӣ боимон бошад, албатта имонаш рӯзе ӯро ба корҳои накӯ ва роҳи дуруст ва ҷодаи наҷот мекашонад.

Шумо онҳоро дар асоси илми манфиатнок тарбият намоед, илме, ки наслҳоро тарбия мекунад ва маданиятҳоро ба бор меорад ва нафсҳоро пок мекунад ва ахлоқро дуруст менамояд.

Шумо вақтҳои холигии онҳоро дар чизҳои муфид сарф кунед, ба монанди азёд кардани Қуръон ва ҳадис ва омӯхтани таърихи Паёмбар ва саҳобагони киромаш. Таърихи саҳобагон кори таҷрибавии ҳақиқист барои маънои Қуръон ва суннати Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам. Шумо дар вақти холигӣ ба онҳо одобу ахлоқи исломиро биёмӯзонед.

Саъд ибни Абиваққос мефармояд: Мо ба фарзандони худ ғазваҳои Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салламро меомӯзонидем, ҳамчуноне, ки ба онҳо Қуръонро меомӯзонидем.

Иброҳими Нахаъӣ мегӯяд: Моро дар хурдсолӣ барои шаҳодат ва аҳду паймон мезаданд. Модари Сафёни Саврӣ, ки амиралмӯъминин дар илми ҳадис ба шумор меравад, ба ӯ мегуфт: Эй писарҷон, ту ба талаби илм машғул шав ва ман масорифи туро бо касби ресмонресӣ мебарорам. Эй писарҷон, агар ту даҳ ҳарф навистӣ, пас бингар, ки оё он даҳ ба ту тарси Худо, обрӯ ва ҳилматро афзун мекунад? Агар инро надидӣ, пас диониста бош, ки он илм ба ту зарар меорад, на фоида.

Эй падарон! Шумо аз бадахлоқӣ ва намунаи бад будан дар назди фарзандони худ сахт ҳазар намоед. Шумо ҳаргиз норизогии худ ва дӯст надоштанатонро нисбати онҳо дар ҳузурашон зоҳир накунед. Онҳоро магзоред, то ба инсонҳои баде, ки танҳо фасодкорӣ мекунанд, ҳамнишин шаванд. Зеро ҳар касе, ки бо онҳо ҳамнишин шавад, албатта ба корҳои пасту разил мекашонанд. Кӯшиш намоед, то фарзандонатонро аз корҳои бад дур намоед.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Инсон дар дини дӯсташ мебошад. Пас бингаред, то бо кӣ дӯстӣ мекунед»* (Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ).

Эй падарон! Ба фарзандони худ чанд намуд касбу ҳунар, савдою корро биёмӯзонед, то вақти холигии худро ба он сарф кунанд ва обрӯи худро ҳифз намоянд ва ба онҳо барои касби ҳалолу роҳҳои дурусти ба даст овардани молро омӯзонед.

Онҳоро аз хурдсолӣ ба масҷид рафтан одат кунонед ва дар бузургӣ онҳоро маҷбур намоед. Ҳамеша онҳоро ба ҳалқаҳои дарсӣ, нишастҳои илмӣ ва семинару ҷамоатҳо бо худ баред. Аз вақтҳои холигии онҳо вақтеро барои сӯҳбат ҷудо намоед, ки дар он бо онҳо шухӣ кунед ва барояшон маслиҳатҳои хуб диҳед. Пайваста бо онҳо меҳрубону ғамхор бошед. Шумо ҳамеша барои онҳо дуои хайр намоед ва аз Худованд барояшон тавфиқ бихоҳед, хусусан дар вақтҳои иҷобати дуъо. Паёмбар барои падарон гуфтааст, ки дуояшон барои фарзандонашон иҷобат мешавад, хусусан агар он дуо дар вақтҳое сурат гирад, ки дар он бештар дуо мустаҷоб мегардад. Агар дар ҳамон лаҳзаҳо падар барои бадбахтии фарзанд дуо кунад, бадбахт мешавад ва агар барои некбахтияш дуо намояд, некбахт мешавад. Паёмбар

салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Се дуо бешак мустаҷоб мегардад: дуои мазлум, дуои мусофир ва дуои падар барои фарзандонаш»* (Ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Ибни Моҷа).

Барои ҳамин, агар падар дар фикри тарбияи фарзандони худ бошад, бояд ин фурсатро аз даст надода, ҳамеша барои фарзандонаш дуо намояд, то онҳо ҳидоят ёфта, тавфиқ насибашон гардад. Падар набояд барои ҷигарбандони худ ин фурсати гаронбаҳо, фурсати қабули дуоро аз даст диҳад.

Ҳазрати Ҷобир ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳаргиз ба зарари худ дуо накунед. Ҳаргиз ба зиёни фарзандонатон дуо накӯнед. Ҳаргиз ба зиёни молҳоятон дуо накӯнед. Шумо коре накӯнед, ки дуоятон бо соати иҷобати Худованд рост ояду дуои бадатон қабул гардад»* (Ривояти Муслим).

Шумо бояд Паёмбарони Худоро барои худ намуна қарор диҳед. Онҳо барои ҳидояту тавфиқи фарзандони худ дуои бешуморе мекарданд. Ҳазрати Закариё ҳамеша дуо мекард, чунончӣ Худованд мефармояд:

هُنَالِكَ دَعَا زَكَرِيَّا رَبَّهُۥۖ قَالَ رَبِّ هَبۡ لِي مِن لَّدُنكَ ذُرِّيَّةٗ طَيِّبَةًۖ إِنَّكَ سَمِيعُ ٱلدُّعَآءِ ٣٨ فَنَادَتۡهُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَهُوَ قَآئِمٞ يُصَلِّي فِي ٱلۡمِحۡرَابِ أَنَّ ٱللَّهَ يُبَشِّرُكَ بِيَحۡيَىٰ مُصَدِّقَۢا بِكَلِمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَسَيِّدٗا وَحَصُورٗا وَنَبِيّٗا مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ٣٩

**«Дар он ҷо Закриё Парвардигори худро хонд ва гуфт: “Парвардигоро, барои ман аз назди худ фарзанде солеҳ ато фармо, ҳамоно, ки Ту шунавои дуоӣ. Пас малоикаҳо ӯро фарёд карданд, дар ҳоле, ки ӯ дар меҳроб истода, намоз мехонд, ки Худованд бароят мужда медиҳад ба Яҳё, ки ӯ тасдиққунандаи калиматуллоҳ ва бузургворе хештандор ва паёмбаре аз солеҳон аст»** (сураи Оли Имрон, оятҳои 38-39).

Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ, ки падари паёмбарон ба шумор меравад, дуои ҳамешагияш ин буд, ки Худованд

мефармояд: **«Ва ҳангоме, ки Иброҳим гуфт: “Парвардигоро, ин шаҳрро макони амн қарор деҳ ва ману фарзандонамро аз бутпарастӣ дур нигоҳ дор»** (сураи Иброҳим, ояти 35).

**«Парвардигоро, ману фарзандонамро барподорандагони намоз қарор деҳ. Парвардигоро, дуои маро қабул намо. Парвардоро, Ману волидайнамро ва тамоми мӯъминонро дар рӯзи ҳисоб биомӯрз»** (сураи Иброҳим, оятҳои 40-41).

Тамоми бандагони солеҳи Худованд барои фарзандонашон дуои хайр мекарданд, чунончӣ Худованд мефармояд: **«Ва ононе, ки мегӯянд Парвардигоро, барои мо аз ҳамсарон ва фарзандонамон нури чашмон деҳ ва моро пешвои парҳезгорон қарор деҳ»** (сураи Фурқон, ояти 74).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардони мӯъминро мағфират намо. Худоё, Ислому муслиминро пирӯз бигардон ва куфру кофиронро хору забун соз.

Худоё, ба мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ. Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун. Худоё, мо ба сӯи ту аз палидию бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем.

Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат ба маъруф амал кунанд ва аз мункар худдорӣ намоянд.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# БАРТАРИИ ИНСОН АЗ ДИГАР ҲАЙВОНОТ

## Хутбаи аввал

**«Ҳамду сано Худовандеро, ки осмонҳо ва заминро офарида, торикӣ ва рушноиро пайдо кард. Баъд аз ин онҳое, ки кофир шуданд ба Парвардигорашон ширк меоваранд. Ӯст зоте, ки шуморо аз гил офарид, пас мӯҳлатро муайян кард. Ва мӯҳлати муайяншуда дар назди ӯст ва бо ин ҳама боз шак меварзед. Ва Ӯ Худованди осмонҳо ва замин аст. Ошкору ниҳони шуморо медонад ва аз кирдори шумо огоҳ аст »** (сураи Анъом, оятҳои 1-3).

Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки инсонро офарида, ба ӯ нутқу баёнро омӯхт. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст ба сӯи инсу ҷин. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованд ҳамчунон битарсед, ки Ӯ шуморо фармудааст ва авомири Ӯро итоат намуда, аз фармонаш сар мапечед. Бахту саодат ҳама дар тақвову итоати Ӯст ва бадбахтӣ дар сарпечӣ аз фармону исёни Ӯст.

Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَتَّقُواْ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّكُمۡ فُرۡقَانٗا وَيُكَفِّرۡ عَنكُمۡ سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡۗ وَٱللَّهُ ذُو ٱلۡفَضۡلِ ٱلۡعَظِيمِ ٢٩

**«Эй касоне, ки имон овардаед, агар шумо аз Худо битарсед, бароятон василае барои ҷудоии ҳақ аз ботил медиҳад ва тамоми гуноҳҳоятонро мепӯшонад, шуморо омӯрзиш мекунад. Ва Худованд дорои фазилати бузург аст»** (сураи Анфол, ояти 29). Боз Худованд мефармояд: **«Ва ҳар кӣ аз Худо битарсад, барои ӯ кушоиш мебахшад. Ва аз ҷое барояш ризқ медиҳад, ки дар ҳисобаш набуд»** (сураи Талоқ, оятҳои 2-3).

Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ва ҳар кӣ аз Худо битарсад, барои ӯ дар корҳояш осонӣ меорад»** (сураи Талоқ, ояти 4). Ҳамчунин Худованд мефармояд: **«Ва ҳар кӣ Худо ва Расулашро осӣ шавад, пас албатта, барои ӯст оташи дӯзах, ки дар он ба таври доимӣ ҳамеша мемонад»** (сураи Нисо, ояти 14). Дар ҷои дигар Худованд мефармояд: «**Ҳеҷ мард ё зани мӯъмине ҳақ надорад, чун Худо ва Расули ӯ кореро дастур дод, ихтиёре дошта бошанд. Он ки Худо ва Расули Ӯро исён мекунад, ошкоро ба гумроҳӣ рафтааст**» (сураи Аҳзоб, ояти 31).

Худованд инсонро аз байни дигар махлуқоташ ҷудо намуда, дар замин халифа гардонидааст ва барои ӯ тамоми оламро мусаххар сохтааст ва ӯро имкониёти зиёди ақлонӣ ва ҷисмонӣ додааст. Ӯро ба некӣ ва бадӣ мубтало намудааст ва ӯро амру наҳй намудааст ва барояш ваъдаю ваъид кардааст. Худованд мефармояд: **«Оё инсон гумон мекунад, ки ӯ ба худ раҳо мешавад?»** (сураи Қиёмат, ояти 36). Боз Худованд мефармояд: **«Оё шумо чунин мепиндоред, ки мо шуморо беҳуда офаридаем? Ва шумо ба сӯи мо боз намегардед?»** (сураи Мӯъминун, ояти 115).

Худованд ҷазоро аз ҷинси амал гардонидааст. Агар амал хуб бошад, ҷазо хуб аст ва агар бад бошад, ҷазо бад аст. Худованд мефармояд:

وَأَن لَّيۡسَ لِلۡإِنسَٰنِ إِلَّا مَا سَعَىٰ ٣٩ وَأَنَّ سَعۡيَهُۥ سَوۡفَ يُرَىٰ
٤٠ ثُمَّ يُجۡزَىٰهُ ٱلۡجَزَآءَ ٱلۡأَوۡفَىٰ ٤١

**«Ва ин ки барои инсон ҷуз он чӣ кардааст, подоше нест. Ва ин ки кӯшишаш дида мешавад. Пас аз он барояш ҷазои пурра дода мешавад»** (сураи Наҷм, оятҳои 39-41).

Боз Худованд мефармояд: **«Пас ҳар касе, ки ба андозаи як зарра некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кӣ ба андозаи як зарра бадӣ карда бошад, онро мебинад»** (сураи Зилзол, оятҳои 7-8).

Дар ҳадиси қудсӣ омадааст: **«Эй бандагони ман! Ин корҳои шумост ва ман онро барои шумо забт мекунам, баъд аз он онро бароятон пурра бармегардонам. Пас ҳар кӣ хайре**

**бинад, бояд шукри Худоро кунад ва ҳар кӣ ғайри онро бинад, пас ғайри худ касеро маломат накунад»** (Ривояти Муслим).

Худованд ҳамин инсонро бо навъҳои гуногун ва сифатҳои зиёде хитоб намудааст. Худованд мефармояд: **«Эй инсон, ҳамоно ту барои расидан ба Парвардигорат сайъи бисёр дорӣ, пас ба ӯ хоҳӣ расид»** (сураи Иншиқоқ, ояти 6). Яъне, дар зиндагӣ ту амалҳо мекунӣ ва заҳматҳо мекашӣ ва оқибат корҳои кардаи худро мебинӣ, чӣ хуб аст чӣ бад. Ин маъноро ҳадиси зерин низ таъйид менамояд, ки ҳазрати Ҷобир ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҷабраил мегӯяд: Эй Муҳаммад, чӣ гунае мехоҳӣ, зиндагӣ кун, зеро ту мирандаӣ. Ҳар киро хоҳӣ, дӯст дор, зеро ту аз ӯ ҷудошавандаӣ. Ҳар коре мехоҳӣ, бикун, зеро натиҷаи он коратро хоҳӣ дид»* (Тасҳеҳи Албонӣ дар Ҷомеъ).

Баъзе муфассирин дар тафсири ояти гузашта мегӯянд: Ту дар зиндагӣ амалҳо мекунӣ ва оқибат бо Худои худ вомехӯрӣ ва ӯ барои он амалҳоят туро ҷазо медиҳад.

Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلۡكَرِيمِ ﴿٦﴾ ٱلَّذِي خَلَقَكَ

فَسَوَّىٰكَ فَعَدَلَكَ ﴿٧﴾ فِيٓ أَيِّ صُورَةٖ مَّا شَآءَ رَكَّبَكَ ﴿٨﴾

**«Эй инсон! Чӣ чиз боис шуд, ки дар баробари Парвардигори каримат мағрур шавӣ? Он ки туро офарид, дуруст намуд ва дар сурати эътидол қарор дод. Ва ба сурате, ки хост, туро таркиб намуд»** (сураи Инфитор, оятҳои 6-8). Яъне, эй одамизод, чаро ин қадар фирефтаи карами илоҳӣ шудаӣ ва даст ба ҳама корҳои нолоиқ мезанӣ?

Дар ин оят Худованд сифати карами худро овардааст, то хотиррасон намояд, ки набояд дар баробари карами илоҳӣ корҳои зишту бадро анҷом дод. Аз караму меҳрубонии ӯст, ки инсонро аз адам ба вуҷуд овард, ӯро ба ин сурати зебо офарид, қоматашро накӯ ва андомашро муносиб гардонид. дар ҳоле, ки метавонист ӯро ба бадтарин сурат биёфарад. Вале раҳмату меҳрубонии Ӯст, ки шакли

инсонро зебо, аъзяшро пурра ва ҳайаташро накӯ гардонидааст.

Акнун агар инсон амалҳои худро накӯ намояд ва Парвардигорашро итоат намояд, Худованд сурати ботинии ӯро низ зебо мегардонад, ҳамчуноне, ки сурати зоҳирии ӯро зебо намудааст. Агар инсон амалҳои бад намояд, Худованд сурати ботинии ӯро бад мекунад ва ӯро дар дунё ва охират хор мегардонад. Худованди мутаол мефармояд: «**Мо инсонро дар беҳтарин сурат офаридем. Пас ӯро ба асфалуссофилин бурдем. Магар касонеро, ки имон оварданд ва корҳои накӯ анҷом доданд, пас барои онҳост мукофоти беминнат**» (сураи Тин, оятҳои 4-6). Боз Худованд мефармояд: **«Қасам ба Аср. Ҳамоно ки инсон дар зиён аст. Магар ононе, ки имон оварданд ва амали накӯ намуданд ва ҳамдигарро ба ҳақ васият карданд ва ҳамдигарро ба сабр васият карданд»** (сураи Аср, оятҳои 1-3).

Инсон одатан агар сарваташ зиёд гардад ва молаш фаровон шавад, кибр меварзад ва худро калон меҳисобад ва саркашӣ мекунад. Худованд мефармояд: **«Бихон ба номи Парвардигорат, ки ҳастиро офаридааст. Ӯ инсонро аз хуни баста офарид. Бихон! Ва Парвардигори ту аз ҳама арҷмандтар аст. Он кӣ бо қалам таълим дод. Ба инсон чизеро дононд, ки ӯ намедонист. Оре, ҳамоно ки инсон чун худро бениёз бинад, саркашӣ пеша кунад»** (сураи Алақ, оятҳои 1-7).

Баъди ин Худованд ӯро огоҳ намуда, хотиррасон месозад, ки оқибаташ чӣ мешавад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно ки бозгашти ҳама ба сӯи Парвардигори туст»** (сураи Алақ, ояти 8). Яъне,, эй инсон, дониста бош, ки оқибат ба сӯи Парвардигори худ бозмегардӣ ва ӯ ба ту ҷазои амалатро медиҳад.

Аз ҷумлаи сифатҳои одамизод саркашӣ, зулм, ҷаҳл ва куфр аст, магар касоне, ки зери раҳмати илоҳӣ қарор гирифтанд. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ки инсон золим ва носипос аст»** (сураи Иброҳим, ояти 34). Боз Худованд мефармояд: «**Вале инсон онро бардошт. Ҳамоно, ки инсон ситамгар ва нодон аст**» (сураи Аҳзоб, ояти 72). Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ҳамоно ки инсон ҳарису камтоқат офарида шудааст»** (сураи Маориҷ, ояти 19). Боз Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ки инсон ба Парвардигори худ носипос**

**аст. Ва албатта худаш ба ин кор гувоҳ аст. Ва ӯ сарватро сахт дӯст медорад»** (сураи Одиёт, оятҳои 6-8).

Худованд хабар додааст, ки инсон ҳангоми сахтӣ ноумед мегардад ва ҳангоми фарохӣ сахт хурсанд мешавад. Худованд мефармояд: **«Ва агар мо аз пеши худ ба инсон раҳмате намоем ва пас онро аз ӯ баргирем, ҳамоно ӯ ноумеду носипос мегардад. Ва агар ба ӯ баъди мусибати ба ӯ расида, неъмат диҳем, мегӯяд ҳама бадиҳо аз сарам дур шуданд, ҳамоно ки ӯ хурсанду пурифтихор аст. Магар ононе, ки сабр варзиданд ва корҳои накӯ намуданд»** (сураи Ҳуд, оятҳои 9-11).

Ин аст ҳоли инсону ин аст сифатҳои ӯ. Фазлу раҳмати илоҳист, ки инсон аз ин сифатҳо ба тарафи сифатҳои неку хуб рӯй меорад, вагарна худи инсон табиатан чунин сифоти паст дорад. Инсон табиатан наметавонад аз ин сифоти паст раҳоӣ ёбад, магар бо ёрии Худованди мутаол. Худованд мефармояд: **«Ҳар неъматео, ки доред, аз ҷониби Худованд аст»** (сураи Наҳл, ояти 53). Боз Худованд мефармояд: **«Балки Худованд бар шумо минат мениҳад, ба сабаби он, ки ба имон ҳидоятатон намудааст»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 17). Ҳамчунин Худованд мефармояд: **«Вале имонро ба шумо маҳбуб гардонида, онро дар дилҳоятон зинат додааст. Ва ба шумо куфру фисқу гуноҳро бад гардонидааст. Онҳоянд дурусткорон. Ин фазилату неъмати илоҳист. Ва Худованд доно ва ҳаким аст»** (сураи Ҳуҷурот, оятҳои 7-8).

Худованд аст зоте, ки имонро дар дили бандагони мӯъминаш менависад ва онҳоро дар имон устувор менамояд ва аз сари онҳо бадӣ ва гуноҳро дур менамояд. Худованд мефармояд: **«Ва наметавонад касе имон оварад, магар ба изни Худованд. Ва ӯ палидиро болои касоне мегардонад, ки ақл надоранд»** (сураи Юнус, ояти 100). Боз Худованд мефармояд: **«Ва онҳо панд намегиранд, магар ин ки Худованд бихоҳад»** (сураи Мудасир, ояти 56).

Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ва шумо чизеро намехоед, магар он ки Парвардигори оламиён онро бихоҳад»** (сураи Таквир, ояти 29).

Ҳидояти ба сӯи хайр танҳо дар дасти Худованд аст, ки онро бар ҳар кӣ бихоҳад, миннат мекунад. Ҳидоят фазлу эҳсони Худованд аст ва банда маъмур аст, то барои ҳидоят

ёфтан, даст ба сабабҳо занад. Яъне, инсон бояд ҳамеша аз Худованд ҳидоятро талаб намояд ва ба гуфтаҳои Қуръону ҳадис амал намояд, ҳақро пайгирӣ намояд ва ба он амал кунад ва ботилро дарёбад ва аз он дурӣ ҷӯяд. Инсон бояд аз некон пайравӣ намояд ва аз аҳли ботил дур бошад. Худованд мефармояд:

وَٱلَّيۡلِ إِذَا يَغۡشَىٰ ﴿١﴾ وَٱلنَّهَارِ إِذَا تَجَلَّىٰ ﴿٢﴾ وَمَا خَلَقَ ٱلذَّكَرَ وَٱلۡأُنثَىٰٓ ﴿٣﴾ إِنَّ سَعۡيَكُمۡ لَشَتَّىٰ ﴿٤﴾ فَأَمَّا مَنۡ أَعۡطَىٰ وَٱتَّقَىٰ ﴿٥﴾ وَصَدَّقَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ﴿٦﴾ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡيُسۡرَىٰ ﴿٧﴾ وَأَمَّا مَنۢ بَخِلَ وَٱسۡتَغۡنَىٰ ﴿٨﴾ وَكَذَّبَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ﴿٩﴾ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡعُسۡرَىٰ ﴿١٠﴾

**«Қасам ба шаб, чун ҳамаро фаро гирад. Ва қасам ба рӯз чун ошкор гардад. Қасам ба зоте, ки мард ва занро офарид. Ҳамоно, ки талоши шумо гуногун аст. Пас аммо он кас, ки чизе бахшад ва тақворо пеша намояд. Ва ба накӯиҳо тасдиқ кунад, ӯро ба осоиш (ҷаннат) муясар мегардонем. Ва аммо он ки бахилӣ намуда, истиғно варзад ва ба накӯиҳо такзиб намояд, ӯро ба душвори (дӯзах) муясар мегардонем»** (сураи Лайл, оятҳои 1-10).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки ӯст бахшандаи меҳрубон.

# БАРТАРИИ ИНСОН АЗ ДИГАР ҲАЙВОНОТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки инсонро аз нутфа офарид, ки акнун душмане ошкор аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, подшоҳи барҳаққе, ки бозгашт ба сӯи Ӯст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст ба сӯи инсу ҷин. Ӯст баширу назир ва Ӯст даъваткунанда ба сӯи Худованд бо дастури Ӯ таъоло. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед ва ба оғозу анҷоми худ бияндешед, ки ӯ шуморо аз хок офаридааст ва оқибат шумо ба хок меравед ва баъди он шумо барои ҳисобу китоб дубора зинда мегардед. Худованд мефармояд:

۞ مِنْهَا خَلَقْنَٰكُمْ وَفِيهَا نُعِيدُكُمْ وَمِنْهَا نُخْرِجُكُمْ تَارَةً أُخْرَىٰ ﴿٥٥﴾

**«Шуморо аз хок офаридем ва дар он бармегардонем ва бори дигар аз он берунатон мекунем»** (сураи Тоҳо, ояти 55). Пас чӣ гуна метавонад кибру ғурур варзад он касе, ки аз ин аҳвол бохабар аст ва медонад, ки оқибаташ нестист ва аз ин дунё меравад? Худованд мефармояд: **«Чун худро бениёз бинад»** (сураи Алақ, ояти 7). Инсон фаромӯш мекунад, ки бозгашташ ба сӯи Парвардигор аст ва инсонро туғёнаш ба дараҷае расидааст, ки дигар қудрати Худоро фаромӯш кардааст ва зинда гардонидани баъди марг ва ҳисоби қиёматро инкор мекунад. Худованд мефармояд: **«Гуфт: Чӣ касе ин устухонҳоро зинда мекунад дар ҳоле, ки пӯсидаанд»** (сураи Ёсин, ояти 78). Инсон оғози худро фаромӯш кардааст, ки аз адам ӯро офарида буданд. Он зоте, ки тавонист ӯро аз нестӣ биёфарад, албатта тавони онро дорад,

ки ӯро дубора зинда намояд. Худованд мефармояд: **«Бигӯ: ӯро зинда мекунад он касе, ки бори аввал пайдояш намуд ва ӯ бар ҳама чиз тавоност»** (сураи Ёсин, ояти 79).

Саркашии инсон гоҳо ба дараҷае мерасад, ки дигар вуҷуди Худовандро ҳам инкор мекунад ва нишонаҳои қудрати илоҳиро, ки дар гӯшаю канори олам аст, нодида гирифта, аз он чашм мепӯшад ва фаромӯш мекунад, ки ҳама чиз дар олам далолат ба вуҷуди Худованди мутаол мекунад. Худованд мефармояд:

أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ ﴿٣٥﴾ أَمۡ خَلَقُواْ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ ﴿٣٦﴾

**«Оё онҳо бе холиқе пайдо шудаанд ва ё онҳо худро офаридаанд? Оё онҳо осмонҳою заминро офаридаанд? Балки онон яқин надоранд»** (сураи Тур, оятҳои 35-36).

Одамизод ба чизҳои ихтироъкардаи худ ва ин пешрафти илму маърифат мағрур мешавад ва гумон мекунад, ки ин ҳамаро бо қуввату тавон ва фикру маҳорати худ кардааст. Ӯ фаромӯш кардааст, ки Худованд ӯро офарида, ба ӯ ақлу фикр додааст ва барои ӯ тамоми оламро мусаххар сохтааст ва ӯро таълим додааст, ки чӣ гуна онро истифода барад. Ӯ фаромӯш кардааст, ки ҳама чиз бо тақдиру андозаи Худованд ҳаракат мекунад. Худованд мефармояд: **«Ва шумо чизеро намехоҳед, магар ин ки Худованд Парвардигори оламиён онро хостааст»** (сураи Таквир, ояти 29). Боз Худованд мефармояд: **«Ва Худованд шумо ва он чизеро, ки шумо месозед, офаридааст»** (сураи Софот, ояти 96).

Илова бар ин, он ҳама ихтирооту навовариҳоеро, ки инсон ба он мағрур мегардад, аксари он чизҳое мебошанд, ки ба инсоният ва замин вайронӣ меорад, ба монанди силоҳу таҷҳизоти ҳарбӣ, ки ҳам одамизодро аз байн мебарад ва ҳам ҳосилотро. Худованд агар барои инсон қудрати ихтироъи чунин силоҳҳоро додааст, ин барои ҷазо додани худи ӯст, на барои фоидааш. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

قُلۡ هُوَ ٱلۡقَادِرُ عَلَىٰٓ أَن يَبۡعَثَ عَلَيۡكُمۡ عَذَابٗا مِّن فَوۡقِكُمۡ أَوۡ مِن تَحۡتِ أَرۡجُلِكُمۡ أَوۡ يَلۡبِسَكُمۡ شِيَعٗا وَيُذِيقَ بَعۡضَكُم بَأۡسَ بَعۡضٍۗ ٱنظُرۡ كَيۡفَ نُصَرِّفُ ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّهُمۡ يَفۡقَهُونَ ٦٥

**«Бигӯ: Ӯ қодир аст, ки аз боло ё аз зери поятон азобе бар шумо бифиристад, ё шуморо ба ихтилоф ва парокандагӣ дарафканад, азоби гурӯҳеро ба гурӯҳи дигар бичашонад»** (сураи Анъом, ояти 65).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардони мӯъмину мусалмонро мағфират намо. Худоё, Ислому муслиминро пирӯз бигардон. Ва хор намо ҳар ки ин динро хор кард.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз палидию бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё, Туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ХУДРО БА КУФФОР МОНАНД КАРДАН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки неъматҳояшро барои мо пурра намуда, динашро комил сохтааст, моро аз монанд шудан ба куффор боздоштааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки бо камоли хулус ба оини тавҳид Худоро парастиш мекунем. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст ба сӯи инсу ҷин. Ӯст фиристодашуда барои раҳмати оламиён, ки маъмур буд, барои мубориза алайҳи кофирону мунофиқин. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононеро, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва шукри неъматҳои ӯро намоед, ки шуморо ба сӯи Ислом ҳидоят намудааст ва шуморо аз ҷумлаи умматони Муҳаммад қарор додааст. Шумо агар побанди ин дин ва пайрави Паёмбар бошед, аз беҳтарин уммат гардонидааст, ки дар олам омадааст, ки тамоми мардум мӯҳтоҷи шумоянд, то барояшон илму ҳидоят биёмӯзонед, вале шумо мӯҳтоҷи онҳо нестед.

Зеро дини шумо саршор аз ақидаи дуруст, шариати одил, ахлоқи накӯ ва намунаи беҳтар аст, ки дар зимни он ҳидояти тамоми башарият ба роҳи рост вуҷуд дошта, пайравӣ аз ин дин боиси комёбии дунё ва охират аст. Ислом дини ҷаҳонӣ буда, ба ҳар давру замон мутобиқ шуда метавонад ва ба ҳар шахс ва ҳар уммату миллат метавонад созгор бошад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ин Қуръон ҳидоят мекунад ба сӯи оне, ки дурусттар аст»** (сураи Исро, ояти 9). Боз Худованд мефармояд: **«Бобаракат аст зоте, ки Қуръонро бар бандааш нозил намуд, то ки барои оламиён бимдиҳанда бошад»** (сураи Фурқон, ояти 1). Худованд бар Паёмбараш салаллоҳу алайҳи ва саллам хитоб намуда мефармояд: **«Ва мо туро нафиристодаем, магар барои раҳмати оламиён»** (сураи Анбиё, ояти 107).

Вақте мусалмонони аввал ба ин дин даст заданд, сарварони олам гардиданд ва кишварҳои шарқу ғарбро фатҳ намуданд ва онро аз амалу ҳикмату адолат пур карданд ва худашон пешвоёни ҳидоят гаштанд, ки мардум аз эшон пайравӣ менамуданд. Онҳо чунон қудратманд гаштанд, ки тамоми душманон аз онҳо дар ҳарос буданд, вале онҳо аз касе наметарсиданд. Онҳо аз ҳама чиз ба ғайр аз Худованд ғанӣ буданд ва барои башарият хайру эҳсонҳо менамуданд. Ин ҳамаро танҳо барои он мекарданд, ки ин динро Худованди ҳакиму алим фиристодааст, ки фоидаю зарари мардумро танҳо ӯ медонад. Худованд мефармояд: **«Оё намедонад он кас, ки офаридааст ва ӯ латиф ва бохабар аст?»** (сураи Мулк, ояти 14).

Аз сабаби он ки ин дин пур аз таълимоти воло ва қавонини одилона аст, Худованд моро амр менамояд, то ба он чанг занем ва тибқи аҳкоми он амал намоем ва аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам пайравӣ кунем. Худованд моро манъ мекунад, аз он ки ҳидоятро дар ғайри ин дин ҷустуҷӯ намоем ва қавонинеро ба вуҷуд орем, ки он мухолифи аҳкоми шариати Ислом бошад ва дар дин ва одатҳо аз кофирон парйвӣ намоем. Зеро ин кор маънои онро дорад, ки мо пайрави кофирон мебошем ва аз кофирону мунофиқин тақлид кардан аст. Худованд мефармояд:

ٱتَّبِعُوا۟ مَآ أُنزِلَ إِلَيْكُم مِّن رَّبِّكُمْ وَلَا تَتَّبِعُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ ۗ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ ﴿٣﴾

**«Шумо пайравӣ намоед он чиро, ки ба сӯи шумо аз Парвардигоратон нозил шудааст ва пайравӣ накунед ғайри ӯ дӯстонро. Шумо кам панд мегиред»** (сураи Аъроф, ояти 3).

Худованд боз мефармояд:

**«Шумо майл накӯнед ба тарафи касоне, ки зулм кардаанд, ки оташи дӯзах бар шумо хоҳад расид ва шумо дар он ҳол ғайри Худованд дӯстдор ва ёваре нахоҳед дошт »** (сураи Ҳуд, ояти 113). Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ва шумо монанди касоне набошед, ки Худоро фаромӯш карданд,**

**пас Худо худашонро аз ёди худашон баровард. Онҳоянд фосиқон»** (сураи Ҳашр, ояти 19).

Мусалмон бояд ба дини худ ифтихор намояд ва дар ҳама ҷо сарбаланд бошад ва дар роҳи Худо парвои маломати мардум надошта бошад. Худованд мефармояд: **«Шумо суст нашавед ва ғамгин нагардед ва шумоед болотар, агар мӯъмин бошед»** (сураи Оли Имрон, ояти 139). Боз Худованд мефармояд: **«Ва иззат барои Худованд ва барои Паёмбар ва барои мӯъминон аст, вале мунофиқон намедонанд»** (сураи Мунофиқун, ояти 8).

Мусалмон набояд ба тарафи кофирону мунофиқон бо нигоҳи эҳтирому бузургдошту азамат бингарад, зеро Худованд онҳоро ба куфр хор намудааст. Худованд мефармояд: **«Ва ҳар киро, ки Худованд хор сохт, касе наметавонад иззат бахшад»** (сураи Ҳаҷ, ояти 18).

Мусалмон набояд ба дасти кофирон бингарад ва фирефтаи молу матои онҳо гардад, вале бояд он ҳама неъматҳои онҳоро имтиҳони илоҳӣ ва фитнаи дунё ҳисобад, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Шумо лаззат баред, пас ҳамоно, ки бозгашти шумо ба сӯи дӯзах аст»** (сураи Иброҳим, ояти 30).

Худованд боз мефармояд: **«Ҳаргиз чашм ба неъматҳои моддие, ки ба гурӯҳҳое аз онҳо додаем, надошта бош, инҳо зинати зиндагии днё ва василае аст барои озмудани онҳо. Ва рӯзии Парвардигорат беҳтар ва пойдортар аст»** (сураи Тоҳо, ояти 131).

Балки мусалмон бояд чунин пиндорад, ки он чӣ дар дасти кофирон ҳаст, барои онҳо азоб аст дар дунё, ки барои ба даст овардани он талошҳо мекунанд ва барои нигоҳдории он ғам мехӯранд ва оқибат он ҳамаро тарк карда, ба сӯи Парвардигор меравнад ва ҳасрат мехӯранд, ки бо он ҳама молу матоъ натавонистанд биҳиштро дарёбанд. Худованд мефармояд:

وَلَا تُعۡجِبۡكَ أَمۡوَٰلُهُمۡ وَأَوۡلَٰدُهُمۡۚ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُعَذِّبَهُم بِهَا

فِي ٱلدُّنۡيَا وَتَزۡهَقَ أَنفُسُهُمۡ وَهُمۡ كَٰفِرُونَ ﴿٨٥﴾

**«Ва туро молу фарзандони онҳо дар тааҷҷуб наяндозад. Ҳамоно, ки Худованд мехоҳад бо он неъматҳо онҳоро дар дунё азоб диҳад ва ҷони онҳоро бигирад, дар ҳоле, ки эшон кофиронанд»** (сураи Тавба, ояти 85).

Мӯъмин ҳамеша бо имони худ хушбахт аст. Агар барояш чизе аз молу матои дунё муяссар шавад, хурсанд мешавад, зеро ин хайри аст ва ӯ бо он неъмат мекӯшад, то ҳар чӣ бештар ба тоати Худованд машғул шавад. Агар барои ӯ чизе аз молу матои дунё муяссар нагашт, парвое надорад, зеро ӯ медонад, он чӣ дар назди Худованд аст, беҳтар ва бузургтар аст. Мӯъмин ҳам дар дунё хушбахт аст ва ҳам дар охират. Дар дунё барои он хушбахт аст, ки аз он неъматҳо барои дарёфти корҳои накӯ истифода менамояд. Дар охират барои он хушбахт аст, ки дохили ҷаннати ҷовидона гашта, дар он хушҳол мемонад. Кофирон бошанд, на дар дунё хушбахтанд ва на дар охират, чунончӣ Худованд мефармояд: **«Онҳо дунё ва охиратро аз даст доданд. Ин аст зиёни ошкор»** (сураи Ҳаҷ, ояти 11).

Кофир дар дунё бадбахт аст, зеро аз он истифодае накард, то ба Худо наздиктар шавад, балки бештар аз Худованд дур гашт. Вай дар охират барои он бадбахт аст, ки масираш ба сӯи оташест, ки дар он ҷовидон мемонад. Акнун чӣ гуна меарзад, ки мусалмоне, ки Худованд ӯро бо ин динаш иззат бахшидааст ва манзалати ӯро аз дигарон болотар намудааст, кофиронро тақлид намуда, ба онҳо пайравӣ намоянд? Чӣ гуна боло ба поён пайрав мешавад? Чӣ гуна болорав аз поёнрав пайравӣ мекунад?

Пайравӣ кардан маънои онро дорад, ки пайрав худро камтар аз он касе меҳисобад, ки пайравиаш мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам моро ҳушдор медиҳад, то пайрави кофирон набошем, на дар ибодат ва на дар одат. Имом Аҳмад ва Абудардо ва дигарон аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунанд, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ ба қавме тақлид намояд, ӯ аз ҳамон қавм ба шумор меравад»* (Ривояти Аҳамд ва Абудовуд).

Дар ҷомеъи Тирмизӣ бо тасҳеҳи Албонӣ ҳадиси дигаре аз Абдуллоҳ ибни Умар омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Аз мо нест он касе, ки*

*тақлид ба ғайри мо кунад. Шумо тақлид ба яҳуд ва насрониҳо накунед».*

Тақлиди кофирон ба фасоди бузург ва оқибати бад бурда мерасонад. Тақлиди куффор маънои онро дорад, ки онҳо бузурганд. Зеро пайравӣ кардан маънои онро дорад, ки ман худро кӯчак ва ӯро бузург меҳисобам. Ин шуъур, агар дар мусалмонон пайдо шавад ва онҳо худро ночиз бишморанд ва кофиронро бузург далолат бар заъфи имони мусалмон мекунад, ки ин кор боиси он мегардад, ки чунин мусалмон бо мурури замон худро дар доми онҳо мегардонад.

Аз тарафи дигар, парйравӣ кардани кофирон боиси он мегардад, ки дигар мусалмонон дар ҳама кор кофиронро барои худ улгу қарор медиҳанд ва ба дараҷаи пастӣ мерасанд. Мусалмон олитар аст аз кофирон ва агар бо вуҷуди ин ҳама баландияш пайравии пастиро намояд, ин далели куфрони неъмати илоҳӣ мегардад ва ин амалаш таҳқирест нисбати ислом ва мусалмонон.

Тақлид намудани мусалмон ба кофирон боиси он мегардад, ки муҳаббати кофирон дар дилаш ҷой мегирад ва ӯро дӯсти худ қарор медиҳад дар ҳоле, ки Худованд мефармояд:

۞ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلْيَهُودَ وَٱلنَّصَـٰرَىٰٓ أَوْلِيَآءَ ۘ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ ۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُۥ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّـٰلِمِينَ ﴿٥١﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо яҳуд ва насрониҳоро дӯст магиред. Онҳо бо ҳам дӯстанд. Ва ҳар кӣ аз шумо агар онҳоро дӯст гирад, пас ӯ низ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамоно, ки Худованд қавми золимро ҳидоят намекунад»** (сураи Моида, ояти 51).

Тақлиди кофирон фарқияти мусалмонро аз кофир дур мекунад. Худованд байни мӯъмину кофир ҷисман фарқ

ниҳодааст, ҳам дар дунё ва ҳам дар охират, агарчӣ онҳо дар дунё бо ҳам хеши наздик бошанд ҳам.

Худованд мӯъминонро амр менамояд, то аз мамлакати кофирон ҳиҷрат намоянд ва сафар карданро ба мамлакати онҳо бе ҳоҷат ҳаром гардонидааст, аммо дар тақлиди онҳо даъват бар омехтагӣ ва ҳамзистӣ бо онҳост, ки ин мухолифи авомири Ислом аст.

Тақлиди кофирон дар замони мо боиси пайдоиши бадиҳо ва фасод ва корҳои хатарноки зиёде гаштаанд. Аз ҷумла:

- Пайравии онҳо дар бузургдошти қабристонҳо ва сохтани масҷидҳо дар болои қабиристонҳо, ки ин ҳама аз ҷумлаи василаҳои ширки акбар мебошад. Дар саҳеҳайн аз ҳадиси Оиша (р) омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар он беморияш, ки баъди он вафот намуданд, фармуда буд: *«Лаънати Худо бод бар яҳуд ва насрониҳо, ки қабри паёмбарони худро масҷид мегирифтанд. Оиша мегӯяд: Агар Паёмбар аз ин кор наметарсид, қабри худро ошкор мекард, вале тарсид, ки онро масҷид мекунанд».*

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо аз ҳамин намуд ширки бузург болои ин умат чӣ чизҳо омадааст. Ин ба сабаби тақлиди яҳуд ва насрониҳо дар гиромидошти қабристонҳо ба дараҷае, ки баъзе мусалмонон Худоро фаромӯш карда, ба қабрпарастӣ машғул гаштаанд.

- Сохтани масҷидҳо дар осори Паёмбарон монанди маконе, ки дар он нишастааст, ё намоз хондааст ва ё касе дар хоб дидааст, ки паёмбаре дар ин макон намоз хондааст.

- Пайдо шудани ҷашну маросимҳои бидъатӣ, ки аслан аз мусалмонон нестанд, ба монанди идҳои подшоҳону олимон, идҳои ватанӣ ё миллӣ, ёдбуди шаби меъроҷ, ҳиҷрат ва монанди инҳо, ки ин ҳама аз тақлиди кофирон омадааст ва онҳо ҳамеша бузургони худ ва ҳодисаҳои таърихиро ҷашн мегирифтанд. Ин аз сабаби он буд, ки онҳо бекорӣ ва фасоди худ ва дурӣ аз динро бо ин роҳ мепӯшонанд. Мусалмонон бояд мӯҳтоҷи ин намуд ҷашнҳо набошанд, зеро Худованд барояшон дине додааст, ки агар пайрави таълимоти он бошанд, дигар вақти холие надоранд, то беҳуда сарф намоянд.

Аз ҷумлаи тақлиди кофирон, ин ҳамдигарро бо забони онҳо хитоб кардан аст, бе ин ки мӯҳтоҷи он бошем. Ҳамчунин истеъмоли ҳуруфи онҳо дар навиштаҷоти болои дӯкону мағозаҳо ва ширкату корхонаҳо. Ҳамчунин омехта намудани ибораҳои онҳост дар китобу рӯзномаю маҷаллаҳои мусалмонон. Инчунин истифодаи тақвими милодӣ ба ҷои тақвими ҳиҷрӣ, ки ин намуд тақлидҳо дар Ислом ҳаром аст.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

ثُمَّ جَعَلْنَٰكَ عَلَىٰ شَرِيعَةٍ مِّنَ ٱلْأَمْرِ فَٱتَّبِعْهَا وَلَا تَتَّبِعْ أَهْوَآءَ
ٱلَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٨﴾ إِنَّهُمْ لَن يُغْنُوا۟ عَنكَ مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا ۚ وَإِنَّ
ٱلظَّٰلِمِينَ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ ۖ وَٱللَّهُ وَلِىُّ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿١٩﴾

**«Пас мо туро бар кори шариате қарор додем, пас ту аз он пайравӣ намо ва аз ҳавасҳои касоне, ки намедонанд, пайравӣ макун. Онҳо ҳаргиз аз Худованд бениёзат намекунанд. Ва ҳамоно ки золимин дӯстдори ҳамдигаранд ва Худованд дӯстдори муттақиён аст»** (сураи Ҷосия, оятҳои 18-19).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ХУДРО БА КУФФОР МОНАНД КАРДАН

**Хутбаи дуюм**

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро бинобар фазлу карамаш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада, роҳашро идома доданд.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва чанг ба ресмони Ӯ занед ва дини Ӯро маҳкам доред, ҳам комёб мегардед ва ҳам хушбахт. Худованд мефармояд: **«Ва шумо чӣ гуна кофир мешавед, дар ҳоле, ки бар шумо оятҳои Худованд хонда мешавад ва Паёмбари Ӯ дар миёни шумост. Ва ҳар кӣ чанг занад ба Худо, пас дар ҳақиқат ба сӯи роҳи рост ҳидоят ёфтааст»** (сураи Оли Имрон, ояти 101).

Дониста бошед, ки сабабҳоро гирифтан ва истифода бурдани он чӣ дар дасти кофирон аст, аз ҷумлаи ихтироъҳои нав ва он чизеро, ки Худованд барои бандагонаш ром намудааст, корест аз нигоҳи шариат ҷоиз. Ва ин ҳам аз ҷумлаи он қувватест, ки Худованд бандагонашро амр намудааст, то онро дарёфт намоянд. Ҳама он чизе, ки дар ин олам аст, онро Худованд барои бандагони мӯъминаш офаридааст ва онро бароящон мусаххар намудааст. Ин ҳама аслан барои мӯъминон аст ва табаан барои кофирон. Худованд мефармояд:

وَمَن لَّا يُجِبْ دَاعِيَ ٱللَّهِ فَلَيْسَ بِمُعْجِزٍ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَيْسَ لَهُۥ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءُ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٣٢﴾

**«Бигӯ: Кист, ки ҳаром гардонидааст он зинатеро, ки Худованд барои бандагонаш баровардааст ва он рӯзиҳои хушро. Бигӯ: Он барои касонест, ки имон овардаанд, дар ҳаёти дунё ва холис барои онҳост дар охират»** (сураи Аъроф, ояти 32).

Худованди мутаол дар ин оят савол мекунад, ки кист он касе, ки ҳаром мекунад ин ҳама таому шаробу либосҳоро аз пеши худ, бе ин ки шариати илоҳӣ онро ҳаром гардонда бошад? Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Кист, ки ҳаром гардонидааст он зинатеро, ки Худованд барои бандагонаш баровардааст?»** (сураи Аъроф, ояти 32). Ин ҳама неъматҳо ромкарда шудааст, барои ононе, ки ба Худо имон овардаанд ва ӯро мепарастанд, агарчӣ кофирон дар ин дунё бо онҳо шарик бошанд. Аммо дар охират ин ҳама неъматҳо холис барои мӯъминон буда, ягон кофир онҳоро шарикӣ намекунад ва ҷаннат барои кофирон ҳаром гардонида шудааст.

Чун мусалмонон танбалӣ намуданд, кор сурати дигар гирифтааст ва кофирон ҳама чизро зери тасарруфи худ қарор додаанд ва онро барои мусалмонон мефурӯшанд ва ба онҳо миннат мекунанд ва ба хотири он ҳама чиз мусалмононро мутеи худ қарор медиҳанд.

Бояд мусалмонон ҷойгоҳи худро баргардонанд ва барои душманони худ омодагӣ бинанд. Онҳо бояд заводу фабирикаҳо бисозанд ва дар ин кор аз таҷрибаи дигарон истфода намоянд. Онҳо бояд хайроту баракатҳои заминро истифода намоянд ва ин корро набояд барои пайравии кофирон анҷом диҳанд, балки ин корро вазифаи динии худ ҳисоб намоянд.

Вале мутаассифона, мусалмонон имрӯз истеҳсолкунанда нестанд, балки истеъмолкунандаанд. Мусалмонон имрӯз бори гароне бар дӯши дигарон гаштаанд. Онҳо кофиронро на дар истеҳсолу тараққиёт пайравӣ менамоянд, балки дар пастӣ ва палидӣ. Инон фикрҳои паст ва одатҳои бадро аз онҳо мегиранд, ки заифӣ ва нотавонии онҳоро бештар менамояд.

Ислом моро манъ намекунад, то чизҳои фоиданокро аз берун ворид намоем ва аслиҳаю истеҳсолоти фоиданокро бихарем, агарчӣ беҳтар ва хубтар мешуд онро худ истеҳсол мекардем. Аммо Ислом иҷозат намедиҳад, то фикру одатҳои вайронро дохил намоем ва ба мо ҳаром гардонидааст, то бо кофирон дар одатҳо ва ибодатҳо пайрав бошем. Ислом барои мо воҷиб гардонидааст, то бо дини худ ва одатҳои накӯи он ифтихор намоем ва аз

мусалмон будани худ шарм накунем. Зеро мо ҳомиёни даъват ва асли қувва мебошем ва мо соҳиби ақида ва масъулият ҳастем.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки Ту сутудашуда ва бузургӣ. Худоё, занону мардони мӯъмину мусулмонро мағфират намо. Худоё, Ислому муслиминро пирӯз бигардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор кард.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ. Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун. Худоё, мо ба Ту аз палидию бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад. Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ҲАҚИҚАТИ ИМОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, Ӯро сипос мегӯем аз Ӯ омӯрзиш металабем ва ба сӯи Ӯ паноҳ мебарем аз бадии нафсҳои худ. Ҳар киро Худованд ҳидоят кунад, касе наметавонад гумроҳ созад ва он киро гумроҳ кунад, ҳидоятгаре намеёбад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду олу асҳобаш ва ононе, ки ба суннаташ чанг зада роҳашро идома медиҳанд.

Аммо баъд...

Эй мусалмонон! Бузургтарин ҳақиқат дар ин олам имон аст, ки сабаби офариниши тамоми махлуқот ва фиристодани ҳамаи паёмбарон аст. Худованд мефармояд: **«Ва мо пеш аз ту паёмбаре нафиристодем, магар ин, ки ба ӯ ваҳй намудем, ки нест Худое ҷуз ман, пас танҳо маро ибодат намоед»** (сураи Анбиё, ояти 25).

Имон майдони муборизаи байни ҳаққу ботил аст. Мусалмонон ҳама ранҷу машаққатро маҳз ба хотири имонашон кашидаанд ва паёмбарон низ аз таҳдиду азият холӣ набуданд. Худованд мефармояд: **«Алиф, Лом, Мим. Оё мардум чунин мепиндоранд, ки бо ин ки гӯянд, мо имон овардем, ба ҳоли худ гузошта мешаванд ва дигар мавриди озмоиш қарор намегиранд? Мо касонеро, ки пеш аз онҳо буданд, озмудем, то Худованд ростгӯён ва дурӯғгӯёнро маълум кунад?»** (сураи Анкабут, оятҳои 1-3). Худованд боз мефармояд: **«Ва касоне, ки кофир шуданд, ба паёмбарони худ гуфтанд: Албатта мо шуморо аз сарзамини худ берун мекунем, ё шумо ба дини мо бармегардед. Пас Худованд барояшон ваҳй намуд, ки мо золимонро ба ҳалокат мерасонем. Ва дар замини онҳо баъд аз онҳо шуморо ҷой медиҳем. Ин аст барои касоне, ки аз вуқуф дар пешгоҳи ман метарсанд ва аз ваъиди азоби ман бимнок бошанд»** (сураи Иброҳим, оятҳои 13-14). Ҳамчунин Худованд мефармояд: **«Он гурӯҳе, ки аз қавмаш кибр варзида буданд, гуфтанд: Эй**

**Шуъайб, мо албатта туро ва касонеро, ки ба ту имон овардаанд, аз шаҳри худ берун мекунем, ё шумо дар дини мо медароед. Гуфт: “Ҳатто агар аз он кароҳат дошта бошем?»** (сураи Аъроф, ояти 88).

Аз сабаби дорои аҳамияти бузург будани имон тамоми паёмбарон фарзандони худро ба он васият намуда буданд, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

وَوَصَّىٰ بِهَآ إِبۡرَٰهِـۧمُ بَنِيهِ وَيَعۡقُوبُ يَـٰبَنِيَّ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصۡطَفَىٰ لَكُمُ

ٱلدِّينَ فَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ ﴿١٣٢﴾

«**Ва Иброҳим фарзандони худро ба ин дин васият намуда ва Яъқуб, ки эй фарзандони ман дар ҳақиқат Худованд бароятон ин динро баргузидааст, пас шумо намиред, магар дар ҳоле, ки шумо мусалмон бошед**» (сураи Бақара, ояти 132).

Онҳо фарзандони худро то дами марг барои имон васият менамуданд. Худованд мефармояд: **«Оё шумо ҳозир будед, ҳангоме, ки Яъқубро марг расид ва ҳангоме, ки ба фарзандонаш гуфт: Шумо баъди ман чиро мепарастед? Гуфтанд: Мо Худои ту ва Худои падаронат Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқро мепарастем, он Худои ягонаро ва мо ба Ӯ таслим мешавем»** (сураи Бақара, ояти 133).

Эй мусалмонон! Имони ҳақиқӣ он аст, ки ба Худованди мутаол ва малоикаҳои ӯ ва китобҳои ӯ ва паёмбарони ӯ ва рӯзи охират ва тақдири некӣ ва бадӣ имон оред. Имони ҳақиқӣ он аст, ки ба олами кунунӣ ва олами дигар, ки аз чашми мо пӯшидааст, бовар намоед. Мардум ҳама олами кунуниро бовар доранд, зеро онро бо чашми худ мушоҳида менамоянд ва танҳо фарқи байни мӯъмину ғайри мӯъмин дар бовар кардан аст ба рӯзи ғайб, ки аз чашми эшон дур аст ва бо ҳавоси худ онро дарк карда наметавонанд. Мӯъминон ба он рӯз бовар доранд, зеро Худованди онҳо тавассути паёмбарон онҳоро аз ҳақиқати он рӯз хабар додааст.

Мардум аз ҳамдигар танҳо ба воситаи ҳамин имон фарқ мекунанд. Гурӯҳе аз мардум ба он чунон бовар доранд, ки

гӯё онро бо чашмашон дида бошанд ва гурӯҳе аз мардум ба он куллан мункиранд. Танҳо золимонанд, ки ба нишонаҳои Худованд бовар надоранд. Аммо баъзе аз мардум ҳанӯз ҳам дар шак қарор доранд ва агар раҳмати илоҳӣ дастгири онҳо нагардад ва онҳоро ҳидоят накунад, пас онҳо ҳамчунон дар шакки худ боқӣ хоҳанд монд ва гирифтори азоби сахти илоҳӣ хоҳанд гашт. Аз Худованди маннон сиҳатӣ ва саломатиро таманно дорем.

Эй бандагони Худо! Имони ба Худо мартабаи олиест, ки бахту саодат дар он аст, имони ба Худо паноҳгоҳ аст ҳангоми сахтӣ ва мушкилӣ. Барои ҳамин, на ҳама касоне, ки даъвои имондорӣ мекунанд, мӯъмин ба шумор меравад. Худованд мефармояд: **«Аъроб мегӯянд имон овардем. Бигӯ: Шумо имон наовардаед, балки бигӯед, мо таслим шудем ва то кунун имон дар дилҳоятон надаромадааст»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 14).

Фиръавн ҳам даъвои имондорӣ намуд, ҳангоме, ки эҳсоси марг кард ва барои ҳамин Худованд ӯро шарманда сохта, барои дигарон ибрат қарор дод. Худованд мефармояд: **«Ҳатто ҳангоме, ки ӯро ғарқ намуд, дарк намуд, гуфт: Имон овардам ба ин ки нест маъбуде магар оне, ки Бани Исроил ба он имон овардаанд ва ман аз ҷумлаи мусалмонон шудам. Акнун!? Дар ҳоле, ки пештар исён меварзидӣ ва ту аз ҷумлаи фасодкорон будӣ. Имрӯз мо бадани туро раҳо мекунем, то ки барои баъдиниён ибрат бошӣ, зеро бисёре аз мардумон аз оятҳои мо ғофиланд»** (сураи Юнус, оятҳои 90-91).

Агар кор чунин бошад, пас ҳақиқати имон чист? Чӣ намуд амалҳо соҳибашро ба мақоми баланди имонӣ мерасонад?

Олимони аҳли суннат ва ҷамоат имонро чунин таъриф намудаанд: Имон иқрор аст ба забон ва эътиқод аст ба дил ва амал аст ба бадан, имон бо тоат зиёд мегардад ва бо гуноҳ кам мешавад.

Муроди онҳо аз иқрори ба забон ин рондани калимаи шаҳодат аст ба забон.

Мурод аз эътиқод ба дил, ният, ихлос, муҳаббат ва рӯй овардан аст ба сӯи Худованд ва таваккул намудан ба зоти поки Ӯст.

Мурод аз амали бо бадан: Гуфтан ва кардани тамоми корҳои накӯст, чӣ фарз бошад, чӣ суннат, чӣ воҷиб, чӣ мустаҳабе, ки дар зери яке аз шохаҳои имон медароянд, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Имон ҳафтоду чанд шоха дорад. Олитарин шоха Ло Илоҳа Иллаллоҳ аст ва поинтаринаш дур кардани зарар аст аз роҳ»* (Ривояти Муттафақ).

Ин аст мафҳуми пурраи имон ва он ҳуҷҷат аст бар болои он тоифаҳои гумроҳе, ки ақида доранд, ки тамоми гуноҳҳо имонро зарар намерасонад, монанди тоифаи Мурҷиа. Ҳамчунин ҳуҷҷат аст бар касоне, ки мегӯянд, инсон бо анҷом додани гуноҳи кабира аз имон берун мешавад, монанди тоифаҳои Хавориҷ ва ҳуҷҷат аст бар он намуд тоифаҳои гумроҳе, ки дар дин зиёдаравӣ намуда, ҳама чизеро, ки аз Худо нест, ба Худованд нисбат медиҳанд, монанди тоифҳои Рофиза ва Ботиния ва пайравони онҳо.

Бародарони Ислом! Имони ҳақиқӣ ин эътиқод аст бар асоси ҳақ ва бе шакку тардид дар он истодагарӣ кардан аст. Худованд мефармояд:

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمْ يَرْتَابُوا۟ وَجَٰهَدُوا۟ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿١٥﴾

**«Ҳамоно, мӯъминон касоне мебошанд, ки ба Худо ва Расули Ӯ имон оварда, пас дар имонашон шак накарда бошанд»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 15).

Имон ҷиҳоди ба мол аст, ҷиҳоди ба нафс аст ва ҳама чизи қиммату арзонро дар роҳи Худо қурбон намудан аст. Худованд мефармояд: **«Ва бо молу ҷонашон дар роҳи Худо ҷиҳод намоянд, инҳоянд содиқон»** (сураи Ҳуҷурот, ояти 15).

Имони ҳақиқӣ ин тарси Худост, ки ба кардани корҳо накӯ мекашонад ва таваккул ба Худовандро меафзояд. Худованд мефармояд: «**Ҳамоно, ки мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун зикри Худо карда шавад, дилҳояшон нарм**

**мегардад ва чун бар эшон оятҳои Ӯ тиловат карда шавад, имони онҳо зиёд мегардад ва онҳо ба Парвардигорашон таваккул менамоянд»** (сураи Анфол, ояти 2)**.** Худованд боз мефармояд: **«Ва касоне, ки мекунанд, он чӣ мекунанд ва дилҳояшон дар тарс аст, ки онҳо ба сӯи Парвардигори хеш бармегарданд»** (сураи Мӯъминун, ояти 60).

Аз ҳазрати Оиша (р) чунин ривоят омадааст, ки мегӯяд: Ва касоне, ки мекунанд, он чӣ мекунанд ва дилҳояшон дар тарс аст, оё онҳо касонеанд, ки зино мекунанд ва арақ менӯшанд, вале аз Худованди мутаол метарсанд? Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Не! Эй духтари Сиддиқ. Вале онҳо намоз мехонанд, рӯза мегиранд ва садақа мекунанду аз он хавф доранд, ки ин амалҳо аз онҳо қабул нашавад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Сафён ибни Уяйна мегӯяд: Олимони гузашта барои ҳамдигар дар номаҳо чунин ибораҳоро менавиштанд: Ҳар кӣ дилашро пок намояд, Худованд зоҳирашро пок мекунад ва ҳар кӣ алоқаи байни худ ва Худовандро дуруст намояд, Худованд алоқаи ӯро бо мардум дуруст менамояд. Ҳар кӣ барои охирати худ амал намояд, Худованд кори дунёи ӯро пурра менамояд.

Эй бандагони Худо! Тарси аз Худованд набояд тарси салбӣ бошад, ки дигар аз кардани тамоми корҳо бозистад, балки тарс аз он бошад, ки амалҳои кардааш мавриди қабул қарор нагирад. Ин кор боиси он мегардад, ки инсон корҳои накӯро бо беҳтарин роҳ анҷом диҳад ва ҳамеша дунболи камбудиҳои худ мегардад, то онҳоро ислоҳ намояд ва ҳамеша дасти дуо ва тазаррӯъ ба даргоҳи Худованд боло менамояд. Ҳазрати Абудардо мегӯяд: Чаро ман намебинам, ки ширинии имон дар шумо дида шавад? Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, агар хирсони ҷангал ширинии ин имонро эҳсос намоянд, ширинии он дар онҳо зоҳир мегардад. Банда ҳарчӣ бештар аз имонаш хавф дошта бошад, имонаш ҳамон қадар афзунтар мегардад. Ва ҳарчи бештар дар мавриди имон бепарво бошад, ҳамон қадар онро зудтар аз даст медиҳад.

Тарси мӯъминон боиси муҳофизат аст аз нифоқе, ки дар зоҳир хеле хуб намоён мешавад, вале Худованд медонад, ки дар ботинаш чиро пӯшида дорад. Барои ҳамин, Имом

Бухорӣ ривоятеро меорад, ки дигарон онро аз Абумалика ривоят мекунанд, ки мегӯяд: Ман сӣ нафар саҳобагони Паёмбарро дарёфтам, ки ҳамагон аз нифоқ хавф доштанд.

Ҳасани Басрӣ (р) мегӯяд: Қасам ба Худо, ҳеҷ мӯъмине нест дар рӯи замин, ки ҳар субҳу ҳар шом бар худ хавфи нифоқро надошта бошад. Аз нифоқ касе эмин нест ба ҷуз аз мунофиқ.

Эй мусалмонон! Имони ҳақиқие, ки мо ҳамагон ба он эҳтиёҷ дорем, он адолат аст дар гуфтор ва вафо кардан аст ба паймон ва ҳақро гуфтану аз ботил рӯй гардонидан аст. Худованд мефармояд: **«Вақте ки сухан мегӯед, адолатро риъоя кунед, ҳатто агар дар мавриди наздиконатон бошад ва ба аҳди Худованд вафо намоед»** (сураи Анъом, ояти 152)**.** Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Ҳар кӣ имони ба Худо ва рӯзи охират дошта бошад, бояд ҳақиқатро гӯяд, ё хомӯш нишинад».* Боз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Мӯъмин на таънагар мешавад ва на лаънаткунанда ва на фоҳишагӯ ва на разил»* (Ривояти Тирмизӣ). Дар ҳадиси ҳасане, ки Абудовуд ва Тирмизӣ ривоят мекунанд, омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Мӯъмин покизаю сахист ва фоҷир бошад, хиёнатгари палид».*

Маънои ҳадис ҳамчуноне, ки Ибни Асир мегӯяд, он аст, ки мӯъмин табиатан рафтораш хуб буда, дар бораи бадӣ кам маълумот дорад ва дар паи ҷустуҷӯи бадӣ намегардад. Ва ин кор на аз сабаби нодонии ӯст, балки барои он аст, ки дили поку рафтори накӯ дорад.

Мӯъмини ҳақиқӣ аз доираи зоти худ берун меравад ва шарик дарду алами бародаронаш мегардад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Мӯъмин дар баробари дигар мӯъминон ба монанди сар аст аз бадан, аз дарди дигар мӯъминонро азият мекашад, ҳамчуноне, ки тамоми бадан бо дарди сар шариканд»* (Ривояти Аҳмад).

Мӯъмин дар миёни мардум пурҳаё, дасткушод ва хушмуомила мебошад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд: *«Мӯъмин бо дигарон унс мегирад ва бо ӯ унс мегиранд. Ҳеҷ хайре нест дар касе, ки на унс гирад ва на бо ӯ унс гиранд. Беҳтарини мардум касест, ки манфиаташ ба мардум бештар расад »* (Ривояти Доруқутнӣ).

Мӯъмин бо ин ҳама амри маъруфгару наҳйкунанда аз мункар аст. Худованд мефармояд: **«Мардону занони мӯъмин дӯсти ҳамдигаранд. Онҳо амри маъруф ва наҳйи мункар намуда, намозро барпо менамоянд ва закотро адо мекунанд ва итоати Худо ва Паёмбарашро менамоянд. Онҳоянд касоне, ки Худованд ба онҳо раҳм менамояд, ҳамоно, ки Худованд азизу ҳаким аст»** (сураи Тавба, ояти 71).

Хулосаи калом ин ки мӯъминон ҳамеша корҳои бузургро анҷом медиҳанд ва гуфтору кирдорашон хуб аст.

Худованд мефармояд:

قَدۡ أَفۡلَحَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١ ٱلَّذِينَ هُمۡ فِي صَلَاتِهِمۡ خَٰشِعُونَ ٢
وَٱلَّذِينَ هُمۡ عَنِ ٱللَّغۡوِ مُعۡرِضُونَ ٣ وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِلزَّكَوٰةِ فَٰعِلُونَ
٤ وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِفُرُوجِهِمۡ حَٰفِظُونَ ٥ إِلَّا عَلَىٰٓ أَزۡوَٰجِهِمۡ أَوۡ مَا
مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ فَإِنَّهُمۡ غَيۡرُ مَلُومِينَ ٦ فَمَنِ ٱبۡتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ
فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡعَادُونَ ٧ وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِأَمَٰنَٰتِهِمۡ وَعَهۡدِهِمۡ
رَٰعُونَ ٨ وَٱلَّذِينَ هُمۡ عَلَىٰ صَلَوَٰتِهِمۡ يُحَافِظُونَ ٩

**«Ҳамоно, ки мӯъминон наҷотёфтаанд, ононе, ки дар намозҳояшон хушӯъ меварзанд ва онҳое, ки аз беҳудагӣ рӯй мегардонанд ва онҳое, ки закотро адо мекунанд ва онҳое, ки андомҳои худро нигоҳ медоранд, магар барои ҳамсарон ё канизонашон, ки онҳоро маломат карда намешавад. Пас ҳар кӣ ғайри инро талаб намояд, пас онҳоянд ситамгарон. Ва касоне, ки ба амонат ва аҳдашон пойбанданд. Ва касоне, ки намозҳояшонро муҳофизат мекунанд»** (сураи Мӯъминун, оятҳои 1-9).

Худованд мову шуморо аз аҳли имон гардонад ва бо ин Қуръонаш суд диҳад, ки Ӯст бахшандаи меҳрубон.

# ҲАҚИҚАТИ ИМОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки бар бандагони худ инъоми бузурге намуд, ҳангоме, ки онҳоро ба сӯи имон ҳидоят намуд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки дилҳои мӯъминонро бо имон равшан намуд ва онҳоро бо нури худаш роҳнамоӣ кард. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст, ки аз ҳама бештар имони комил ва рафтори наҷиб доштанд. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду дигар паёмбарони Худоро.

Эй мусалмонон! Имон гарави устуворӣ дар вақти озмоишҳои илоҳист, имон сафинаи наҷот аст дар тӯфони фитнаю балоҳо. Бо имон Худованд хубро аз бад ҷудо мекунад ва дурӯғгӯро аз ростгӯ. Худованд мефармояд:

مَّا كَانَ ٱللَّهُ لِيَذَرَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ عَلَىٰ مَآ أَنتُمۡ عَلَيۡهِ حَتَّىٰ يَمِيزَ ٱلۡخَبِيثَ مِنَ ٱلطَّيِّبِۗ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُطۡلِعَكُمۡ عَلَى ٱلۡغَيۡبِ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَجۡتَبِي مِن رُّسُلِهِۦ مَن يَشَآءُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦۚ وَإِن تُؤۡمِنُواْ وَتَتَّقُواْ فَلَكُمۡ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ﴿١٧٩﴾

**«Худованд мӯъминонро бар он ҳоле, ки шумо ҳастед, вонамегузорад, магар ин ки палидро аз пок ҷудо намояд»** (сураи Оли Имрон, ояти 179).

Мӯъмини ҳақиқӣ дар вақти имтиҳони илоҳӣ маълум мегардад, ки дар балоҳо сабр намуда, дар хушиҳо шукр мекунад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Кори мӯъмин аҷоиб аст, агар ба ӯ зараре расад ва ӯ сабр кунад, ин барояш хайр аст»* (Ривояти Муслим). Ва дар ҳадиси дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам

мефармоянд: *«Мӯъмин дар ҳама ҳолат хайр дорад, чун ба ҳар паҳлӯ гашт, Худоро ҳамд мегӯяд»* (Ривояти Насоӣ).

Имон муаллим ва роҳнамост дар биёбонҳои ҳалокатовар, чун роҳро гум намояд, роҳбалад набошад, шаб тира бошад, гирифтори ғам бошад, дилтанг шавад ва ё парешонҳол гардад. Имон аниси ӯ мешавад, ӯро бо Холиқаш пайванд медиҳад ва ӯро аз тангӣ ба кушодагӣ мебарорад. Худованд мефармояд: **«Ва Зуннунро ёд кун, чун боғазаб роҳсипор шуд. Ва гумон намуд, ки мо ҳаргиз бар ӯ танг намегирем ва дар он торикӣ нидо кард, ки “нест маъбуде ғайри Ту, Ту покӣ ва ман аз ҷумлаи золимон будам”. Пас мо дуояшро қабул намудем ва ӯро аз ғам раҳо сохтем ва ҳамин тариқ, мо мӯъминонро наҷот медиҳем»** (сураи Анбиё, оятҳои 87-88).

Худованд боз мефармояд: **«Ва вақте шумо тамоми маъбудони онҳоро раҳо кунед, ғайри Худованд, пас ба ғор паноҳ баред, то Парвардигоратон раҳмати хешро бар шумо бигустаронад ва дар муҳимме, ки бароятон пеш омад, гушоиш фароҳам оварад »** (сураи Каҳф, ояти 16).

Имони ҳақиқӣ сабаби амон аст, вақте тарсу ҳарос ҳамаро фаро гирад ва мардум дигар натавонанд аз ҷону молу фарзандонашон ҳимоя намоянд. Худованд мефармояд: **«Касоне, ки имон овардаанд ва имонашонро бо зулм омехта накардаанд, барояшон амон аст ва онҳоянд роҳёфтагон»** (сураи Анъом, ояти 82).

Бар сари мӯъминон ҳарчанд бало ва сахтӣ бештар ояд, ҳамон қадар имону устуворияшон зиёдтар мегардад. Худованд мефармояд: **«Вақте, ки мӯъминон аҳзобро диданд, гуфтанд: Ин аст чизе, ки Худованд ва Паёмбараш ба мо ваъда дода буд ва Худову Расулаш рост мегӯянд. Ва ин кор танҳо имону исломи онҳоро зиёд намуд»** (сураи Аҳзоб, ояти 22).

Аммо ғайри мӯъминон бошанд, бо омадани ҳар балое дилашон пора мегардад. Худованд мефармояд: **«Пас чун хатаре пеш ояд, онҳоро меибнӣ, ки ба тарафи ту менигаранд, дар ҳоле, ки чашмонашон ба монанди беҳушон аз дасти марг давр мезананд. Пас чун хатар дур шавад, шуморо бо забонҳои тез дашномҳо медиҳанд ва дар хайр бухл меварзанд. Онҳо имон наовардаанд, пас Худованд амалҳои**

**эшонро бекор кард ва ин кор барои Худованд осон аст»** (сураи Аҳзоб, ояти 19).

Мӯъминон барои қазоват ба шариати Худо рӯй меоваранд ва Исломро ҳамчун довар қабул доранд ва дар нафси худ ҳеҷ ҳараҷро эҳсос намекунанд ва ҳамеша розӣ ва таслим мешванд. Худованд мефармояд: **«Сухани мӯъминон ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш барои ҳукм кардан даъват шаванд, чунин буд, ки гӯш мекунем ва итоат мекунем. Инҳоянд наҷотёфтагон»** (сураи Нур, ояти 51).

Аммо ғайри мӯъминон аз қазовати Ислом мегурезанд ва рӯй ба тарафи тоғутҳо мекунанд. Худованд мефармояд:

وَإِذَا دُعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَهُمۡ إِذَا فَرِيقٞ مِّنۡهُم مُّعۡرِضُونَ ﴿٤٨﴾ وَإِن يَكُن لَّهُمُ ٱلۡحَقُّ يَأۡتُوٓاْ إِلَيۡهِ مُذۡعِنِينَ ﴿٤٩﴾ أَفِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ أَمِ ٱرۡتَابُوٓاْ أَمۡ يَخَافُونَ أَن يَحِيفَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡ وَرَسُولُهُۥۚ بَلۡ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٥٠﴾

**«Ва агар онҳоро ба сӯи Худо ва Расулаш даъват кунанд, то дар байнашон довар бошанд, ногаҳон гурӯҳе аз онон рӯй мегардонанд. Ва агар ҳақ ба ҷониби онҳо бошад, ба сӯи шариат сар фурӯ мекунанд. Оё дар дили онҳо беморист ва ё шак доранд? Ё аз он метарсанд, ки Худо ва Расулаш онҳоро зулм мекунад? Балки онҳоянд золимон»** (сураи Нур, оятҳои 48-50).

Мӯъминони ҳақиқӣ дар таому шаробу либоси худ паи ҷустуҷӯи ҳалол мегарданд. Онҳо мекӯшанд танҳо моли ҳалолро ҷамъ намоянд ва танҳо моли ҳалолро истеъмол кунанд. Онҳо арақ наменӯшанд, ҳаққи мардумро намехӯранд, бо рибо сарукор намегиранд ва дигар муомилаҳои ҳаромро дар хариду фурӯш истеъмол намекунанд. Дар вақти сарф кардан миёнарав мебошанд, на бахилӣ мекунанд ва на исрофкорӣ. Худованд онҳоро ба ҳалол амр намудааст, онҳо итоат мекунанд. Онҳоро аз ҳаром манъ намудааст, онҳо итоат мекунанд. Дар ибтидо

Худованд барояшон фармуд: «**Эй касоне, ки имон овардаед, бихӯред аз неъматҳои покизае, ки рӯзиатон додаем ва Худовандро шукр гӯед, агар ӯро ибодат мекарда бошед»** (сураи Бақара, ояти 172).

Баъдтар барояшон фармуд: **«Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳамоно, ки арақ, қимор, сангҳои насбшуда барои парастиш ва бахтсанҷӣ ба воситаи тирҳо палидиест аз кори шайтон, пас шумо аз он парҳез кунед, шояд наҷот ёбед»** (Моида 90). Ҳамчунин фармуд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо рибоpo якчанд баробар нахӯред ва аз Худо битарсед, шояд, ки наҷот ёбед»** (сураи Оли Имрон, ояти 130).

Аммо ғайри мӯъминон на парвои ҳалол доранд ва дар фикри ҳаром мебошанд. Корашон бебандуборист. Баъзеи онҳо мумкин миллионҳо доранд, вале агар онҳоро нашиносӣ, гумон мекунӣ гуруснаи садсолаанд. Шароити зиндагии онҳо зуд тағйир меёбад ва имкон дорад як нафар бойи онҳо дар як лаҳза камбағал гардад. Дигар онҳо на имоне доранд, ки онҳоро тасалло диҳад ва на лаззати сабрро медонанд. Имон аст, ки инсонро бо сабру бо таҳаммул менамояд. Аммо онҳо хору залил мебошанд. Худованд мефармояд:

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يَسْجُدُ لَهُۥ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِى ٱلْأَرْضِ وَٱلشَّمْسُ وَٱلْقَمَرُ وَٱلنُّجُومُ وَٱلْجِبَالُ وَٱلشَّجَرُ وَٱلدَّوَآبُّ وَكَثِيرٌ مِّنَ ٱلنَّاسِ ۖ وَكَثِيرٌ حَقَّ عَلَيْهِ ٱلْعَذَابُ ۗ وَمَن يُهِنِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن مُّكْرِمٍ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَفْعَلُ مَا يَشَآءُ ۩ ﴿١٨﴾

**«Ва ҳар киро ки Худованд хор кард, касе наметавонад иззат бахшад»** (сураи Ҳаҷ, ояти 18).

Эй бандагони Худо! Ин даъват аст барои ҳар яки мо, то ҳақиқати имонро дарёбем ва худро бо ахлоқи исломӣ пероста созем. Он чӣ ёдрас шудем, ҳақиқат ва фоидаи имон нест, балки танҳо як ишорае буд ба баъзе, аз нишонаҳои имон ва сифатҳои мӯъминон. Аммо он чизеро, ки ҳамчун

хулоса бояд зикр намоям, он аст, ки имон матое нест, ки харида ва фурӯхта шавад ва онро наметавон бо забон соҳиб гашт ва он танҳо калимае нест, ки бар забон ронда шавад. Имон бо орзӯ ва ном намебошад, вале имон як манҳаҷи комил аст. Имон ибодат аст, имон тарси Худост, имон муомила аст, имони ахлоқи накӯст, имони касби ҳалол аст ва имон сарфи мол аст дар роҳҳои дуруст.

Имони ҳақиқӣ эътиқоди дуруст ва амали накӯст. Имон ҷиҳод, қурбонӣ, амри маъруф, наҳйи мункар, дӯстони Худоро дӯст гирифтан, душманони Худоро душман гирифтан аст. Имон зоҳир ва ботин аст, имон ҷавонмардӣ ва зарар нарасонидан аст. Имон аз худнамоӣ ва худбинӣ баромадан аст, имон ёридиҳандаи нафси мусалмони мазлум аст.

Барои ҳамин нигоҳи хушк ва нигоҳи сахтгирӣ дар бораи имон хатост. Имони хушк монанди касоне, ки гумон мекунанд, танҳо ба Худо бовар кардан кофист, бе ин ки намоз хонад, рӯза гирад, закот диҳад, аз рибо ва муомилаҳои ҳаром даст кашад. Боз ин тоифа шарм накарда, далел мекунанд, ки ба зоҳири кас бояд аҳамият надиҳем, ҳама гап дар дил аст. Ин тоифа хиштҳои бинои имонро як-як мешикананд ва чун дигар хиште боқӣ намонд, бар деворҳои фурӯафтода мегирянд.

Аммо имони сахтгир, яъне, тамоми чизҳои хурдро бузург мешуморанд ва бо андак гуноҳ инсонҳоро кофир меҳисобанд. Ин тоифа метавонанд ба сабаби як гуноҳ бо дигарон ҷанг эҷод намоянд, ки онро метавонистанд бо насиҳат бартараф созанд. Ин тоифа барои худ таҳқири мардум ва таънаи онҳоро дину шариат қарор додаанд. Дар ҳоле, ки Худованд мефармояд:

وَأَنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ ٱلْمُنتَهَىٰ ﴿٤٢﴾

**«Шумо худро тазкия надиҳед. Ӯст доно бар он касе, ки парҳез мекунад»** (сураи Наҷм, ояти 42).

Дини Худо дини миёна аст ва он дар миёни тундравӣ ва саҳлангорӣ қарор дорад ва ҳукм ҳама вақт чун мухолафат бархост, ба сӯи китоби Худо ва суннати Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

Худоё, гуфтору рафтори моро дуруст намо ва барои мо имоне ато фармо, ки ботину зоҳири моро дуруст намояд.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардони ва зиндаю мурдагони мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм кун, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ТАВБА ВА ШАРТҲОИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди подшоҳ ва бахшандаи меҳрубонеро, ки тамоми махлуқотро аз хок офарид ва ба онҳо ақлу хирад бахшид, то дастуроти ӯро иҷро намоянд. Шаҳодати бешакку шубҳа медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст, ки барои роҳнамоии мардум ба Ӯ китобашро нозил кардааст, то панде барои соҳибдилон бошад. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй мусалмонон! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ба даргоҳаш тавба намоед, зеро ӯ тавбакоронро дӯст медорад ва барои гуноҳони худ аз ӯ омӯрзиш талабед, ки ӯст беҳтарини омӯрзандагон. Шумо аз сидқи дил ба даргоҳаш тавба намоед, бо даст кашидан аз гуноҳон ва пушаймон шудан бар кардаҳои худ ва қасду ирода намудан ба ин ки дигарбора даст ба чунин кор нахоҳед зад. Ин аст тавбаи насӯҳ, ки Худованд шуморо ба он амр намудааст. Худованд мефармояд:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ تُوبُوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ تَوْبَةً نَّصُوحًا عَسَىٰ رَبُّكُمْ أَن يُكَفِّرَ عَنكُمْ سَيِّـَٔاتِكُمْ وَيُدْخِلَكُمْ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ يَوْمَ لَا يُخْزِى ٱللَّهُ ٱلنَّبِىَّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَعَهُۥ ۖ نُورُهُمْ يَسْعَىٰ بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَبِأَيْمَـٰنِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَآ أَتْمِمْ لَنَا نُورَنَا وَٱغْفِرْ لَنَآ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٨﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯи Худованд тавбаи насӯҳ намоед. Шояд Парвардигоратон гуноҳҳони шуморо кафорат намояд ва шуморо дохили биҳиште гардонад, ки аз зери дарахтони он ҷӯйҳо равонанд»** (сураи Таҳрим, ояти 8). Тавба ин нест, ки инсон бо забони худ бигӯяд ман ба сӯи Худованд тавба кардам, дар ҳоле, ки ӯ маъсиятро идома медиҳад. Тавба он нест, ки инсон бо забонаш тавба намояд, вале дар ҳақиқат аз гуноҳҳои кардааш пушаймон нашавад. Тавба он нест, ки бо забон бигӯяд дар сурате, ки қасд накунад, ки дигар даст ба он намезанад.

Эй мардум! Шумо ба даргоҳи Парвардигоратон тавба намоед, пеш аз он ки дари тавба ба рӯятон баста шавад. Худованд тавбаи бандаашро то замоне қабул менамояд, ки назъи рӯҳаш набошад. Вақте ҷон ба гулӯ расид, дигар тавба фоида надорад. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ки тавба бар Худованд барои касоне мебошад, ки надониста гуноҳе мекунанд, пас зуд тавба менамоянд. Пас инҳоянд касоне, ки Худованд тавбаашонро қабул менамояд. Ва Худованд доно ва ҳаким аст. Ва нест тавба барои касоне, ки гуноҳҳо мекунанд, то ин ки марг домангирашон гашт, мегӯяд ман акнун тавба кардам ва на барои касоне, ки кофир мемиранд. Онҳоянд, ки барояшон азоби дардноке омода сохтаем»** (сураи Нисо, оятҳои 17-18).

Эй мусалмонон! Ба сӯи тавба шитобед, зеро шумо намедонед кай марг домангиратон мешавад ва кай азоби илоҳӣ болоятон мерасад. Худованд мефармояд: **«Оё онҳо аз макри Худо дар амонанд? Пас аз макри Худо дар амон нестанд, магар қавми зиёнкор»** (сураи Аъроф, ояти 99).

Эй бандагони Худо! Оё шумо аз макри Худо дар амонед? Ӯ бароятон неъматҳои гуногун медиҳаду шумо дар баробари он исён меварзед? Оё ба ин олами паҳно назар немекунед, то бубинед, ки чӣ балою офатҳо омадааст? Гуруснагӣ, тӯфонҳо, ҳосилоти кам, қаҳтӣ ва бебаракатӣ, ки дар бисёр мамлакатҳои олам дида мешавад, оё наметарсед, ки бар сари шумо низ биёяд? Худованд ба золимон мӯҳлат медиҳад, вале чун мавъид фаро расид, дигар ӯро сахтгирӣ мекунад. Худованд мефармояд: **«Чунин аст гирифтани Парвардигорат ҳангоме, ки мардуми диёрро мегирад, дар**

**ҳоле, ки онҳо золимонанд. Албатта, гирифтани Ӯ бисёр дарднок аст»** (сураи Ҳуд, ояти 102).

Бузургтарин мусибат ин сиёҳию бемории дил аст. Мардуми зиёде ҳастанд, ки дилҳои вайрон доранд, онҳо панду насиҳат ва мавъизаҳоро гӯш мекунанд ва онро дар китоби Худованд ва ҳадисҳои Паёмбараш мехонанд, вале гӯё чизеро нашунидаанд. Агар онҳо хуб диққат диҳанд, танҳо он мавъизаҳо барои онҳо чанд муддате таъсир мекунаду халос ва чун андак муддат бигзарад, дигар ҳамаро фаромӯш мекунанд ва гӯё чизе нашунида бошанд. Дигар оташи ғайраташ хомӯш мегардад ва ғафлат дилашро фаро мегирад ва чун пештара мегардад. Ӯ борҳо дар бораи торики намоз мавъизаҳо шунидааст ва оқибати бенамозонро хуб медонад, вале аз бенамозияш тавба намекунад. Худованд мефармояд: **«Ва баъди онҳо гурӯҳе омаданд, ки намозро зоеъ намуда, пайрави шаҳват шуданд. Онҳо ба зудӣ гирифтори гумроҳӣ мегарданд. Магар касе, ки тавба кард ва амали нек намуд, пас онҳоянд, ки дохили ҷаннат мешаванд ва андаке зулм намебинанд»** (сураи Марям, оятҳои 59-60).

Ӯ ин оятро борҳо шунидааст, вале гӯё нашунида бошад. Ӯ ҳамчунин дар бораи надодани закот ва оқибати бади он чандин ояту ҳадис шунидааст, вале ҳанӯз ҳам закот намедиҳад. Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Ман низ ба монанди шумо инсонам, ки ба сӯи ман ваҳй шудааст, ки Худои шумо Худои ягона аст. Пас дар баробари Ӯ рост бошед ва аз Ӯ омӯрзиш биҳоҳед ва вой ба ҳоли мушрикон, касоне, ки закотро адо намекунанд ва онҳо ба охират бовар надоранд»** (сураи Фусилат, оятҳои 6-7). Онҳо ин оятро мешунаванд, вале дар манъ кардани закот иқдом мекунанд ва молҳои худро барои дигарон захира мекунанд. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳеҷ зишткорие дар байни мардуме пайдо нашудааст ва мардум онро эълон накардаанд, магар ин ки дар миёни онҳо бемориҳое паҳн мегардад, ки дар пешиниён набуд. Ва дар вазну дар тарозу намезананд, магар ин ки онҳо гирифтори қаҳтӣ, сахтӣ ва зулми шоҳон қарор мегиранд. Ва закотро манъ намекунанд, магар ин ки аз оби борон маҳрум мешаванд. Ва агар чорвоҳо намебуданд, як қатра ҳам*

*намеборид. Ва аҳди Худову Паёмбарро намешикананд, магар ин ки душмани бегона болояшон ҳамла мекунад ва он чӣ дар даст доранд, меситонанд. Ва агар имомони онҳо ҳукмро аз рӯи китоби Худо накунанд, дар байни худашон даргириҳо ба вуҷуд меояд»* (Ривояти Байҳақӣ).

Эй мардум! Тавба фоидае надорад, агар гунoҳро давом додан гирем. Чӣ гуна инсон тавба мекунад ва аз гуноҳи кардааш даст намекашад? Чӣ гуна инсон аз фиреб тавба кардааст, дар сурате, ки ҳанӯз ҳам дар тиҷорату дигар муомилаҳояш фиребгарӣ мекунад? Чӣ гуна инсон аз ғайбат ва гӯшти мардумхӯрӣ тавба кардааст, дар ҳоле, ки дар ҳама маҷлисҳо машғули ғайбати мардум аст? Чӣ гуна инсон аз ҳаққи мардумхӯрӣ тавба кардааст, дар сурате, ки баноҳақ моли мардумро мехӯрад, гоҳҳо ҳаққи мардумро инкор мекунад ва гоҳҳо бо фиребу найранг ва бо порахӯрию фиреб, ё бо тарозузанию рибохӯрӣ? Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ ба бародари мусалмонаш зулме карда бошад, дар мол ё обрӯяш, бояд онро имрӯз баргардонад, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки на мол дорад ва на динор ва дар он рӯз танҳо амалҳои хуб ва бад ҳастанд»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй мусалмонон! Тавба дар баробари он ки даст аз гуноҳ кашидан, пушаймон шудан ва қасд кардан ба барнагаштан бар он аст, ҳамчунин қасд кардан ба он аст, ки ҳарчӣ бештар машғули тоату ибодати Худованд шавад, то аз ҷумлаи он тавбакороне бошад, ки Худованд дар бораи онҳо мефармояд: **«Ҳамоно, ки Худованд тавбакорон ва покизагонро дӯст медорад»** (сураи Бақара, ояти 222). Эй мусалмонон! Шумо ба даргоҳи Парвардигоратон тавба намоед ва аз Ӯ бо забону тамоми баданатон омӯрзиш бихоҳед. Худованд мефармояд: **«Ва шумо ба сӯи Худованд ҳамагон тавба намоед, эй мӯъминон, шояд, ки наҷот ёбед»** (сураи Нур, ояти 31).

Ба сӯи тавба шитобед пеш аз он ки марг домангиратон гардад ва дар байни шумо ва тавба дарояд ва шумо бо маъсияти Худо ин ҷаҳонро тарк намоед. Баъзе мардум фирефтаи орзуҳо гашта, дунболи найранги шайтон мегардад ва тавбаро барои замони пирияшон вогузор менамоянд. Чунин инсонҳо аз тавба даст мекашанд, то

замоне, ки дилҳояшон тира мегардад ва дигар гуноҳ барояш чизи оддӣ мешавад ва аз тавба фаромӯш мекунад ва имкон дорад дар ҷавонӣ ногаҳон марг ба эшон бирасад.

Аз гуноҳ фавран тавба намудан воҷиб аст, набояд онро ба баъд гузорем, зеро дар таъхири тавба гуноҳест мӯҳтоҷ ба тавба.

Тавба кардан воҷиб аст, зеро Худованд дар китобаш ба он амр намудааст ва Паёмбар дар аҳодиси зиёдаш дастур додааст. Худованд саодати дунё ва охиратро вобаста ба тавба намудааст ва Ӯ мефармояд: **«Ва ин ки шумо аз Парвардигоратон омӯрзиш талабед ва ба даргоҳаш тавба намоед»** (сураи Ҳуд, ояти 31). Худованд боз мефармояд: **«Ва шумо ба сӯи Худованд ҳамагон тавба намоед, эй мӯъминон, шояд, ки наҷот ёбед»** (сураи Нур, ояти 31). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Эй мардум, шумо ба даргоҳи Худо тавба намоед, зеро ман ҳамарӯза ба даргоҳи Худо сад бор тавба менамоям»* (Ривояти Муслим). Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ман дар як рӯз беш аз ҳафтод маротиба аз Худованд омӯрзиш металабам ва ба даргоҳаш тавба мекунам»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй мусалмонон! Тавба кардан фавран воҷиб аст, зеро тамоми амрҳои Худо ва Паёмбараш фаврист. Мо ҳеҷ далеле надорем, ки таъхири тавбаро иҷозат диҳад, аз тарафи дигар таъхири тавба боиси бисёр шудани гуноҳ мегардад ва дилҳоро сиёҳ мекунад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мӯъмин вақте як гуноҳ мекунад. дар дилаш як нуқтаи сиёҳ пайдо мешавад. Ин ҳамон сиёҳист, ки Худованд дар китобаш гуфтааст:* **«Не! Балки дар дили эшон сиёҳист ба сабаби он чӣ амал мекарданд»** (сураи Мутаффифин, ояти 14) (Ривояти Тирмизӣ).

Худоё, моро барои зуд тавба кардан муваффақ гардон ва моро ба он амалҳое, ки дар ошкору ниҳон боиси хушнудии Ту мешавад, тафвиқ деҳ, зеро ту ғайбро нек доноӣ.

Суханамро ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ТАВБА ВА ШАРТҲОИ ОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди подшоҳи бахшанда ва тавбапазиреро, ки гуноҳи гунаҳкоронро мебахшад, агар онҳо тавба намоянд, ҳарчанд гуноҳашон бузург ҳам бошад. Худованде, ки бадии тавбакоронро ба некӣ мубаддал месозад, вақте ниятошон дуруст бошаду иродаашон қавӣ.

Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ба даргоҳаш тавба намоед ва аз маъсияташ рӯ ба тоаташ оред ва аз дурӣ аз Ӯ ба наздикӣ ба Ӯ шитобед ва аз палидии гуноҳ рӯ ба тарафи покии тоат оред, ки Худованд тавбакорону поконро дӯст медорад.

Эй бародарон! Шумо ба даргоҳи Худованд тавбаи насӯҳ намоед, то Худованд гуноҳҳоятонро маҳв намуда, бадиҳои шуморо кафорат кунад ва мартабаи шуморо баланд бардорад. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯи Худованд тавбаи насӯҳ намоед, шояд Парвардигоратон гуноҳҳои шуморо кафорат намояд ва шуморо дохили биҳиште созад, ки аз зери дарахтони он ҷӯйҳо равонанд. Рӯзе, ки Худованд Паёмбар ва касонеро, ки ҳамроҳи ӯ имон овардаанд, хор намесозад. Нурашон пешопеш ва тарафи рости онҳо ба ҳаракат дароянд. Онҳо мегӯянд: Парвардигоро, нури моро пурра намо ва моро мағфират кун, ҳамоно, ки ту бар ҳама чиз тавоноӣ»** (сураи Таҳрим, ояти 8).

Тавба мавриди қабул қарор намегирад ва онро тавбаи насӯҳ намегӯянд, магар ин ки дар он панҷ шарти зер дида шавад:

Тавба қабул намешавад, магар ин ки холис барои ризои Худо бошад ва он ба сабаби муҳаббати Худо ва ба ёд овардани азамат ва қудрати Ӯ сурат гирифта бошад ва

барои умеди савоб ва тарс аз азоби Худованд бошад. Ӯ бояд бо ин тавбааш наздик шудан ба мардум ва обрӯи дунёро ирода накунад. Тавба қабул намешавад, магар вақте ки инсон ба корҳои кардааш афсӯс хӯрад ва пушаймон шуда бошад ва орзу кунад, ки кош ин корҳоро намекард. Зеро ҳамин пушаймонӣ боиси шикастагӣ дар пешгоҳи Худованд мегардад ва сабаби рӯй овардан ба даргоҳи ӯ мешавад. Тавба қабул намегардад, магар баъди он ки инсон даст аз гуноҳ бардорад. Агар аз кардани кори ҳаром тавба кунад, бояд дарҳол он ҳаромро тарк намояд ва агар тавбааш барои тарки амри илоҳӣ бошад, бояд дарҳол он амрро иҷро намояд, агар имкони анҷоми қазояш бошад. Агар тавбааш дар мавзӯи поймол кардани ҳаққи дигарон бошад, бояд зиммаи худро пок намуда, он ҳақро ба соҳибаш баргардонад ва аз ӯ бахшиш пурсад. Тавба кардан аз ғайбат дуруст нест, агар ҳамчунон ғайбатро идома диҳад ва наметавонад аз рибо тавба кунад, агар ҳанӯз ҳам рибохӯр бошад.

Бисёре аз мардум **ҳа**станд, ки вақте онҳоро насиҳат мекунӣ, ки аз ин гуно**ҳ** даст бикаш, дар ҷавоб мегӯяд, Худованд худаш моро мадад расонад. Бале, гуфтааш дуруст аст. Агар Худованд худаш инсонро кӯмак накунад, ҳеҷ аз гуноҳ даст намекашад, вале ин ибораи дуруст аст ва мардум онро ба мақсади фиреб кор мефармоянд. Инсон гӯё барои идома додани гуноҳаш ҳамин ибораро далел меорад, вале дар асл он баҳона шуда наметавонад. Зеро банда дар баробари он ки маъмур аст, аз Худованд кӯмак талабад, бояд худаш ҳам барои хушбахтии худ кӯшиш намояд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ту кӯшиш кун барои корҳое, ки ба ту фоида дорад ва аз Худованд мадад бихоҳ ва нотавонӣ макун»* (Ривояти Муслим). Худованд аз фиребу хиёнат тавбаро қабул намекунад, агар ҳанӯз ҳам инсон фиребгару хоин бошад.

Ҳар кӣ даъвои тавба намояд, дар сурате, ки ҳанӯз ҳам он гуноҳро карда истодааст, ин кораш масхара кардани Худованд аст ва ин тавбааш баръакс ӯро аз Худованд бештар дур мекунад. Монанди он касе, ки омада, дар пеши ту узрхоҳӣ мекунад, вале ҳоло ҳам ҳамон хатогияшро идома

медиҳад, дар ин сурат, албатта ту ин кори ӯро масхара меҳисобӣ.

Эй мусалмонон! Шумо аз Худо битарсед ва ба сӯи Парвардигоратон тавба намоед ва даст аз гуноҳ бардоред ва қасд намоед, ки дигар ҳаргиз ба тарафи гуноҳ намеравед. Тавба мавриди қабул қарор намегирад, магар дар сурате, ки тавбакунанда ҳамин иродаро дошта бошад.

Тавба дар вақти худ қабул мешавад ва он пеш аз ҷон додан ва пеш аз қиёми соат аст. Агар тавба баъди тамом шудани аҷал ва расидани марг сурат гирад, дигар он фоида надорад. Худованд мефармояд: **«Ва нест тавба барои касоне, ки гуноҳҳо мекунанд, то ин ки марг домангирашон гашт, мегӯянд ман акнун тавба кардам»** (сураи Нисо, оятҳои 17-18). Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худованд тавбаи бандаро қабул мекунад, модоме, ки ҷон ба гулӯ нарасида бошад»* (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ).

Ҳамчунин тавба қабул намешавад, вақте офтоб аз тарафи мағриб барояд, ки ин яке аз нишонаҳои қиёмат аст. Худованд мефармояд:

أَوۡ تَقُولُواْ لَوۡ أَنَّآ أُنزِلَ عَلَيۡنَا ٱلۡكِتَٰبُ لَكُنَّآ أَهۡدَىٰ مِنۡهُمۡۚ فَقَدۡ
جَآءَكُم بَيِّنَةٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٞۚ فَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن
كَذَّبَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَصَدَفَ عَنۡهَاۗ سَنَجۡزِي ٱلَّذِينَ يَصۡدِفُونَ عَنۡ
ءَايَٰتِنَا سُوٓءَ ٱلۡعَذَابِ بِمَا كَانُواْ يَصۡدِفُونَ ﴿١٥٧﴾

**«Рӯзе, ки баъзе нишонаҳои Худованд мерасанд, дигар барои касе, ки пештар имон наоварда буд, ё дар имонаш кори хуб накарда буд, имон оварданаш фоида надорад»** (сураи Анъом, ояти 157). Зеро вақе офтоб аз тарафи мағриб баромад, дигар ҳамаи мардум имон меоранд, вале касе, ки пеш аз ин воқеа имон наоварда буд, дигар имонаш дар ин лаҳза барояш фоида надорад ва дигар ҳар кори хубе кунад, ба ӯ фоида надорад.

Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Тавба қабул мешавад, то замоне, ки офтоб аз тарафи магриб тулӯъ накунад. Вақте офтоб аз тарафи магриб баромад, дигар дар дилҳо мӯҳр зада мешавад, ба ҳамон тавре, ки пештар буданд»* (Иснодаш ҳасан аст ба қавли Ибни Касир).

Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ тавба намояд, пеш аз он ки офтоб аз тарафи магриб барояд, Худованд тавбаашро қабул мекунад»* (Ривояти Муслим). Пас шумо эй мусалмонон, ба сӯи Худованд тавба намоед ва побанди Ислом шавед ва бовар дошта бошед, ки тавбаи насӯҳ тамоми гуноҳони пешинаро пок мекунад, ҳарчанд бузург ва гарон бошанд. Худованд мефармояд:

وَأَنِيبُوٓاْ إِلَىٰ رَبِّكُمۡ وَأَسۡلِمُواْ لَهُۥ مِن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَكُمُ ٱلۡعَذَابُ ثُمَّ لَا
تُنصَرُونَ ﴿٥٤﴾ وَٱتَّبِعُوٓاْ أَحۡسَنَ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكُم مِّن رَّبِّكُم مِّن قَبۡلِ
أَن يَأۡتِيَكُمُ ٱلۡعَذَابُ بَغۡتَةٗ وَأَنتُمۡ لَا تَشۡعُرُونَ ﴿٥٥﴾ أَن تَقُولَ
نَفۡسٞ يَٰحَسۡرَتَىٰ عَلَىٰ مَا فَرَّطتُ فِي جَنۢبِ ٱللَّهِ وَإِن كُنتُ لَمِنَ
ٱلسَّٰخِرِينَ ﴿٥٦﴾ أَوۡ تَقُولَ لَوۡ أَنَّ ٱللَّهَ هَدَىٰنِي لَكُنتُ مِنَ
ٱلۡمُتَّقِينَ ﴿٥٧﴾ أَوۡ تَقُولَ حِينَ تَرَى ٱلۡعَذَابَ لَوۡ أَنَّ لِي كَرَّةٗ
فَأَكُونَ مِنَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ﴿٥٨﴾ بَلَىٰ قَدۡ جَآءَتۡكَ ءَايَٰتِي فَكَذَّبۡتَ بِهَا
وَٱسۡتَكۡبَرۡتَ وَكُنتَ مِنَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ﴿٥٩﴾

**«Бигӯ: Эй бандагони ман, ки бар худ зулм кардед, аз Раҳмати Худованд ноумед нашавед. Ҳамоно, ки Худованд тамоми гуноҳонро мебахшад. Ҳамоно, ки Ӯ бахшандаи меҳрубон аст. Ва ба сӯи Парвардигоратон бозгардед ва ба ӯ таслим шавед, пеш аз он ки азобе бар саратон ояд, ки касе ба кӯмакатон намерасад. Ва шумо беҳтарин чизеро, ки ба шумо нозил шудааст, пайравӣ намоед, пеш аз он ки азоб болоятон ногаҳон расад ва шумо огоҳ нашавед. Ин ки инсон мегӯяд во ҳасрато, бар он чӣ дар баробари Худо камбудӣ намудам ва масхара мекардам. Ё ин ки мегӯяд: Агар Худованд маро**

**ҳидоят мекард, албатта ман аз ҷумлаи муттақиён мешудам. Ё ин ки инсон вақте азобро мебинад, мегӯяд: Агар як бори дигар бозмегаштам, ман аз ҷумлаи накӯкорон мешудам. Балки барои ту оятҳои ман меомад ва ту онҳоро таксиб намуда, кибр варзидӣ ва аз зумраи кофирон шудӣ»** (сураи Зумар, оятҳои 54-59).

Худовандо, моро барои тавбаи насӯҳ кардан муваффақ гардон, тавбае, ки тамоми гуноҳони гузаштаро маҳв кунад ва корҳои моро осон намояд ва мартабаҳои моро баланд бардорад, ҳамоно, ки Ту бахшандаи меҳрубонӣ.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдаю зиндаҳои мӯъминуа мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Исломи муслиминро пирӯз гардон. Ва хор кун ҳар кӣ ин динро хор намуд.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Ва даъвои охир мо ҳам ҳамин аст, ки сипос мар Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# БАДИИ ГУНОҲ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди ҳалми тавбапазири гуноҳбахшеро, ки азобаш басе сахт аст. Ӯро ҳамду сипос мегӯям. Ӯ пайваста ба некӣ маъруф ва ба карам мавсуф аст. Андӯҳро дур мекунад ва ғамро нобуд, гуноҳро мепӯшонад ва ба фарёди дармондагон мерасад. Оятҳо ва нишонаҳои худро намоён мекунад, то мардум аз Ӯ бештар битарсанд.

Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини ӯст, ҳам мужда дод ва ҳам тарс ва ҳам роҳнамоӣ намуд, ҳам ҳазар кунонид. Ӯ пардаро бардошт ва дигар касе ҷуз ҳалокшудагон наметавонад инкор намояд. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва кори ӯро бузург ҳисобед ва аз ғазаби ӯ дарҳазар бошед. Эй бародарон! Аксари фарзандони ин замона нигоҳи моддӣ доранд, аз ин лиҳоз, робитаи сабабу сабабгор аз байн рафтааст. Онҳо парвои кор ва оқибати он надоранд. Дар кишварҳои мусалмоннишин гурӯҳе даст ба шаҳватпарастӣ мезананд. Онҳо дигар ба бекорӣ одат кардаанд. Гурӯҳи дигаре гирифтори шакку шубҳаҳо шудаанд, чӣ дар шарқ ва чӣ дар ғарб. Онҳо қавонини илоҳиро фаромӯш карда, ҳар намуд корҳои шубҳанокро ҳуҷҷат қарор медиҳанд. Онҳо гумон мекунанд, ки душманони Худо танҳо рост мегӯянд ва танҳо рафтори нек доранд ва тамоми корҳои онҳо хуб аст.

Ин ҳама дар шароитест, ки олам имрӯз гирифтори офату балоҳоест ба монанди тӯфонҳои вайронкунанда, селҳои харобиовар, заминларзаҳои даҳшатнок, ҷангҳои хонумонсӯз, бемориҳои наве, ки пештар вуҷуд надошт ва садҳо офат дар инсонҳою ҳайвоноту ҳосилот ва дигар ҳодисаҳои тааҷҷубовар.

Суннати илоҳӣ чунин нест, ки гунаҳкоронро беҷазо ва беқасос монад. Пас гунаҳкорон мунтазири чӣ нишастаанд?

Эй бародарон! Ҳеҷ офату ҳеҷ балое дар олам рух намедиҳад, магар ин ки сабабгори он гуноҳу исён аст. Ба сабаби маъсият Иблис бо он имоне, ки дошт, кофир шуд, бо он наздикияш дур шуд, бо он раҳмати илоҳӣ гирифтори лаънат гашт ва аз ҷаннат ба дӯзах рафт.

Ба сабаби гуноҳ қавми Нӯҳ ғарқи тӯфон гашт, қавми Одро боди тунд ҳалок кард, қавми Самудро садо кушт, ба сари қавми Лут замин чаппа шуд. Ба сабаби гуноҳ сангпораҳо бар сарашон мерехт, ки чӣ борони баде буд. Худованд мефармояд:

فَكُلًّا أَخَذْنَا بِذَنبِهِۦ ۖ فَمِنْهُم مَّنْ أَرْسَلْنَا عَلَيْهِ حَاصِبًا وَمِنْهُم مَّنْ أَخَذَتْهُ ٱلصَّيْحَةُ وَمِنْهُم مَّنْ خَسَفْنَا بِهِ ٱلْأَرْضَ وَمِنْهُم مَّنْ أَغْرَقْنَا ۚ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيَظْلِمَهُمْ وَلَٰكِن كَانُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿٤٠﴾

**«Мо ҳар яки онҳоро бо гуноҳашон гирифтем. Бар сари беъзеи онҳо сангпора резондем. Ва баъзеро бо овоз гирифтем ва баъзеро ба замин фурӯ бурдем ва баъзеро ғарқ намудем. Ва Худованд чунин нест, ки онҳоро зулм намояд, вале онҳо худро зулм менамуданд»** (сураи Анкабут, ояти 40).

Ин як ҳақиқати возеҳ аст **«Мо ҳар яки онҳоро бо гуноҳашон гирифтем»**. Ин аст гуноҳ ва ин аст оқибати он ва он аз золимон дур нест. Гуноҳ агар дар ҳар кишваре ошкоро шуд, хароб мегардад ва агар дар ҳар диле даромад, он дил тира мегардад ва дар ҳар миллате пайдо шуд, он миллат хору залил мегардад. Гуноҳ дар ҳар макone, ки фуруд омад, онро аз ҳама хайрот холӣ месозад.

Эй мусалмонон! Гуноҳ шумӣ дорад ва оқибати он хатаре дорад, ҳам бар худи инсон ва ҳам бар хонадонаш, ки муҳитро вайрон намуда, афкорро халалдор мекунад.

Ба сабаби гуноҳ банда дар пешгоҳи Парвардигораш залил намоён мегардад ва Худованд ҳайбати ӯро аз дили дигарон дур месозад. Худованд мефармояд:

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يَسْجُدُ لَهُۥ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِى ٱلْأَرْضِ
وَٱلشَّمْسُ وَٱلْقَمَرُ وَٱلنُّجُومُ وَٱلْجِبَالُ وَٱلشَّجَرُ وَٱلدَّوَآبُّ وَكَثِيرٌ
مِّنَ ٱلنَّاسِ ۖ وَكَثِيرٌ حَقَّ عَلَيْهِ ٱلْعَذَابُ ۗ وَمَن يُهِنِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن
مُّكْرِمٍ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَفْعَلُ مَا يَشَآءُ ۩ ﴿١٨﴾

**«Ва ҳар киро, ки Худованд хор кард, касе наметавонад иззат бахшад»** (сураи Ҳаҷ, ояти 18).

Ҳасан (р) мегӯяд: “Дар баробари Худованд саҳлангорӣ карданд, ки усён варзиданд, агар Ӯ таъолоро азиз ва гиромӣ медоштанд, ҳифзашон мекард”.

Имом Аҳмад дар муснади худ аз Абдураҳмон ибни Ҷубайр ибни Нафир ва ӯ аз падараш чунин ривоят мекунад, ки “Вақте Қибрисро фатҳ намуданд, ман дидам, ки Абударда танҳо нишаста, гиря мекард. Аз ӯ пурсидам: Ман тааҷҷуб мекунам, ки чаро ту дар ин рӯзе, ки Худованд Ислом ва муслиминро пирӯз гардонидааст, гиря мекунӣ. Гуфт, балки ман аз ту тааҷҷуб мекунам, эй Ҷубайр. Бингар, чӣ гуна ин мардум дар назди Худованд беқадр шудаанд, вақте авомири ӯро тарк намудаанд. Ин миллат пирӯз буд ва мулкашон обод, вале чун амрҳои Худоро тарк намуданд, бингар ҳолашон ба куҷо расид”.

Тамоми ғаму андӯҳ ва бемориҳои нафсонӣ ба сабаби гуноҳ мешавад. Гуноҳ сарчашмаи нотавонӣ, танбалӣ, бекорӣ ва ҳамчунин тарс, бахилӣ, гирифтории қарзҳо ва маломати мардум мебошад. Ба сабаби гуноҳ неъмат аз байн меравад, азоб меояд ва ғазаби Худованд фуруд меояд. Вақте банда гирифтори гуноҳ гашт, дилаш сиёҳ мегардад ва аз аҳли хайр ва росткорон дурӣ меҷӯяд ва алоқаашро бо онҳо канда мекунад. Дар айни ҳол, хешони солеҳаш аз ӯ мегурезанд, ҳатто баъзе солеҳин мегӯянд “Ман чун гуноҳе мекунам, таъсири онро дар ҳамсарам ва ҳатто аспам мебинам”.

Ҳар касе, ки гуноҳро идома диҳад, дилаш ба он одат мекунад ва онро қабул мекунад ва ба ҳамин тариқ, корашро идома медиҳад, ба дараҷае, ки дигар бадии гуноҳро эҳсос намекунад ва дигар онро ба таври ошкоро анҷом медиҳад.

Аксари ҳамин намуд гунаҳкорон дигар аз ҷурми ин гуноҳашон раҳоӣ надоранд, ҳамчуноне, ки дар ҳадиси шариф омадааст: *«Ҳамаи умматони ман халос мешаванд, магар ононе, ки гуноҳро ошкоро мекунанд. Ошкоро кардан ин аст, ки шабона банда кореро анҷом медиҳад ва Худованд он гуноҳашро пӯшонидааст, вале рӯзона мегӯяд: Эй фалон! Ман имшаб чунину чунон кардам. Ӯро дар шаб Худованд гуноҳашро пӯшонд, вале рӯзона он пӯшиши илоҳиро боз мекунад»* (Ривояти Мутафақ).

Аз ҷумлаи худро ошкор кардан он аст, ки тоҷир дар молҳояш фиребро истифода мебарад ва ин корашро дар пеши дигарон таъриф намуда, худро зирак ва доно нишон медиҳад. Ҳамчунин аз ҷумлаи худро ошкор кардан он аст, ки ишқбоз дар бораи девонагияш ва фосиқ дар бораи фисқаш ривоятҳо намояд.

Аз ҷумлаи худошкоркунӣ ин рафторҳои бад ва калимаю ибораҳои бадро бар забон рондан ва ба он ифтихор намудан аст, ки аксари маҷаллаю рӯзнома ва радеою телевизионҳо аз ҳамин қабил мебошанд.

Мусибати бузург дар он аст, ки гунаҳкор гуноҳи худро эҳсос намекунад ва баръакс бо кардани гуноҳаш хурсанд ҳам мешавад. Инсон барои ба даст овардани мол бо роҳҳои ҳаром хурсандӣ мекунад ва барои даст ёфтан ба гуноҳ хурсанд мегардад ва барои бори дигар такрор кардани он кӯшиш менамояд. Касе ки ҳолаш чунин бошад, чӣ гуна метавонад машғули тоату ибодат шавад? Вақте гуноҳ дар дил ҷой гирифт, дигар ғайрату номусро дар баробари хонадонаш мекушад. Дигар на парвои тарбияи онҳо дорад, на парвои насиҳат ва агар гуноҳеро аз онҳо бинад, онро ночиз мешуморад.

Палидтарини халқи Худо ва касе, ки мувофиқи ҳадисҳои саҳеҳи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаргиз бӯи ҷаннатро намебинад, дайюс мебошад, ки корҳои мункарро дар хонадонаш мебинад, вале парво надорад.

Рӯиҳам гуноҳ намудан, роҳҳои тоатро баста, одамиро аз ҷодаи хайр дур мекунад. Барои ҳамин, дилҳо сиёҳ гашта, нафсҳо чун санг мегарданд ва аз тавбаи насӯҳ рӯй метобанд. Далели возеҳи гуфтаҳои боло он аст, ки имрӯзҳо бисёре аз чунин гунаҳкорон мебинем, ки бо забон борҳо тавба мекунанд ва калимаи истиғфорро бар забон меронанд, вале дилашон он гуноҳро бад намебинад ва баъди чанд лаҳза боз даст ба ҳамон кори мункар мезананд, ки инро дили мурда мегӯянд.

Эй мӯъминон! Дар бисёр ҷамъиятҳо рибо, зино, майнӯшӣ ва истеъмоли маводи мухаддир зиёд шудааст. Ҳаромхӯрӣ зиёд шудааст, ҳиллаҳо гуногун шудааст, дурӯғ, қасами ботил ва фиреб мунташир гаштааст. Садои мусиқии пурфаҳш, бадахлоқӣ, одатҳои баде дар миёни ҷавонписарону ҷавондухтарон ривоҷ ёфтааст. То ба кай мо аз қавонини илоҳӣ дур мегардем? То ба кай аз макри илоҳӣ дар амон мемонем? Худованд мефармояд: **«Ин ба сабаби он аст, ки Худованд неъматҳояшро, ки ба қавие додааст, дигаргун намекунад, магар он чиро дар замирашон аст, онҳо худ дигаргун кунанд»** (сураи Анфол, ояти 53).

Мардум вақте аз қавонини илоҳӣ бехабаранд, дар шаҳватҳои худ ғарқ мешаванд ва роҳи худро гум мекунанд ва дар бадиҳо гирифтор мешаванд.

Пастравии ахлоқ ва паҳншавии фоҳишагӣ ва равишҳои беҳудагӣ роҳест, ки инсонро ба оқибатҳои бад мерасонад. Чун нафсҳо вайрон шаванд, фисқу ҷунун мунташир гардад, арзишҳои воло беқадр мегарданд, миллат вайрон мешавад ва қуввату мояи волои худро гум мекунад ва оқибат нобуд гашта, дигар ӯро ҳатто дар сафаҳоти таърих ҳам наметавон пайдо намуд. Зеро Худованд нобуд намесозад, магар нобудшавандаро.

Шумо аз Худо битарсед, ҳақ ошкор аст ва дин равшан. Шумо қавонини Худоро бишносед ва ҳаргиз аз макри Худо ғофил набошед.

Худоё, лағжишҳои моро кам кун ва камбудиҳоро бибахш ва ба ҳилми худ дастгири касе бош, ки ҷуз Ту дастгире надорад. Худоё, ба раҳмати худ моро дӯст гир ва аз бадиҳо дурамон намо, чӣ ошкор бошанд ва чӣ ниҳон.

Худоё, кишвари мо ва дигар кишварҳои мусалмониро аз фоҳишаҳо пок соз.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

وَلَوۡ أَنَّ أَهۡلَ ٱلۡقُرَىٰٓ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَفَتَحۡنَا عَلَيۡهِم بَرَكَٰتٖ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَٰكِن كَذَّبُواْ فَأَخَذۡنَٰهُم بِمَا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ ﴿٩٦﴾

**«Ва мо ба ҳеҷ диёре Паёмбаре нафиристодем, магар ин ки аҳли онро ба ранҷҳо ва сахтиҳо гирифтор сохтем, то зорӣ намоянд. Пас мо хушиҳоро ба ҷои нохушиҳо овардем, то ин ки бисёр шуданд ва гуфтанд: Падарони моро сахтиҳо ва зарарҳо расида буд. Пас онҳоро, ки ғофил буданд, ногаҳон аз по даровардем. Ва агар аҳли диёр имон меоварданд ва тақво меварзиданд, дар ҳақиқат мо барои онҳо дарҳои баракатҳоро аз осмонҳо ва замин мекушодем. Вале онҳо таксиб карданд, пас мо ҳам онҳоро ба кайфари кирдорашон фурӯ гирифтем. Оё аҳли диёр дар амонанд, аз он ки бар сари онҳо азоби мо шабона биояд, дар ҳоле, ки онҳо дар хобанд? Оё дар амонанд, аҳли диёр, аз он ки бар сари онҳо азоби мо рӯзона биояд, дар ҳоле, ки онҳо дар бозиянд? Оё онҳо аз макри Худо дар амонанд? Дар ҳоле, ки аз макри Худо ғофил нестанд, магар қавми зиёнкор»** (сураи Аъроф, ояти 96).

Суханамро ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки зеро Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# БАДИИ ГУНОҲ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро. Ҳар кӣ ҳидояташро қабул кард, ӯро ба худ наздику қариб менамояд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй мусалмонон! Шумо аз гуноҳ ҳазар намоед, ки он номарасони куфр аст ва боиси дур шудани неъматҳост ва ҷалбкунандаи азоб аст. Гуноҳ умрро кӯтоҳ, баракатро дур ва ризқро кам мекунад. Банда ба сабаби гуноҳ аз ризқаш маҳрум мегардад. Гуноҳ дилро сиёҳу вайрон мекунад ва бандаро аз нури илм дур месозад ва ҳар гуноҳ бандаро ба гуноҳи дигар мекашонад.

Баъзе аҳли салаф гуфтаанд: “Сазои гуноҳ он аст, ки баъди он гуноҳи дигар меояд”, гуноҳ гуноҳро маҳбуб мегардонад ва дигар инсон аз ҷумлаи идомадиҳандагони гуноҳ мегардад, ба дараҷае, ки инсон гуноҳ мекунад, бо вуҷуди он ки ҳукми он гуноҳро хуб медонад ва хатари онро эҳсос мекунад. Инсон дигар худ аз кардани он гуноҳ ҳеҷ лаззат намебарад, вале он барояш одат мегардад. Шумо ба ҳоли бенамозон, майпарастон, бангиён, рибохӯрон, риштарошон, бесатрон назар афканед, ки ба ин феъли худ одат кардаанд ва дигар наметавонанд аз он даст кашанд. Худованд мефармояд: «**Оё он касе, ки барояш аъмоли ӯ зинат дода шудааст ва онро хуб мепиндорад, пас Худованд ҳар касеро, ки хоҳад, гумроҳ месозад ва ҳар касеро хоҳад ҳидоят менамояд. Пас ту худ ба ҳоли онҳо ҳасрат нахур албатта Худованд ба он чӣ мекунед доност**» (сураи Фотир, ояти 8) .

Имкон дорад, ки марг чунин инсонҳоро домангир шаваду онҳо бо ҳамин ҳол аз олам гузаранд ва ин сабаби фарҷоми бади эшон шавад. Чунин инсонҳо дар лаҳзаҳои охири умри худ албатта пушаймон мешаванд ва афсӯсҳо

меҳуранд, вале дигар аз одати худ даст бардошта наметавонанд. Ӯ дигар бо ҳасрат фарёд мекунад **«Эй кош, ман барои қиёматам чизе омода мекардам»** (сураи Фаҷр, ояти 24). Худованд мефармояд: **«Ва шумо садақа кунед аз он чӣ бароятон рӯзӣ додаем, пеш аз он ки марг домангири яке шумо гардад, пас бигӯяд, эй кош мӯҳлати маро дертар мекардӣ ва ман садақа мекардам ва аз ҷумлаи накӯкорон мешудам»** (сураи Мунофиқун, ояти 10).

Боз Худованд мефармояд: **«Вақте, ки марги яке аз онҳо фаро расад, мегӯяд: "Парвардигоро, маро бозгардон. Шояд аз корҳои неки вониҳода чизеро анҷом диҳам. Ҳаргиз! Ин иборaест, ки онро мегӯяд ва аз қафои он барзах аст, то рӯзе, ки ҳашр мешаванд»** (сураи Мӯъминун, оятҳои 99-100).

Эй мусалмонон! Хатарноктарин зарари гуноҳ он аст, ки ҳаёро аз шахси гунаҳгор дур мекунад, то ҷое, ки дигар ошкоро гуноҳ кардан мегирад ва онро дар пеши хурду бузург эълон мекунад. Дар Саҳеҳ аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунанд, ки мефармоянд: *«Ҳамаи умматони ман халос мешаванд, магар ононе, ки ошкоро гуноҳ мекунанд. Ошкоро кардан ин аст, ки шабона банда кореро анҷом медиҳад ва Худованд он гуноҳаширо пӯшонидааст, вале рӯзона мегӯяд: Эй фалон! Ман имшаб чунину чунон кардам. Дар шаб Худованд гуноҳи ӯро пӯшонд, вале рӯзона ӯ пӯшиши илоҳиро боз мекунад»* (Ривояти Мутафақ).

Баъзе афрод бо гуноҳҳои худ менозанд ва чунин мепиндоранд, ки он барои ӯ лозим аст. Вай дигар гуноҳҳоро паиҳам ба анҷом медиҳад, то ҷое, ки дигар гуноҳ дар назараш чизи оддӣ мешавад ва анҷом додани он барояш хуб ҷилва мекунад. Ин аз аломатҳои мудадилӣ ва табоҳсириштии инсон аст. Гуноҳ ҳарчанд дар назари гунаҳкор хурд намоён шавад, ҳамон қадар дар назари Худованд бузург мегардад. Гуноҳро ночиз шумаридан аломати мунофиқист ва далеле аз далоили нифоқ аст. Дар Саҳеҳ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд омадааст, ки фармуданд: "Гунаҳкор гуноҳҳони худро ба монанди пашша мебинад, ки дар рӯи бинияш нишастааст ва ҳамин тавр мегӯяд". Гуноҳро ночиз шумаридан ва онро хурд ҳисобидан ва ба он аҳамият надодан боиси исрори гуноҳ аст, ки Худованд онро яке аз сабабҳои манъ шудани мағфират хондааст. Худованд

мефармояд: **«Ва нест тавба барои касоне, ки гуноҳҳо мекунанд, то ин ки марг домангирашон гашт, мегӯяд: Ман акнун тавба кардам»** (сураи Нисо, ояти 18).

Худованд боз мефармояд:

وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِۦ يَٰقَوْمِ لِمَ تُؤْذُونَنِى وَقَد تَّعْلَمُونَ أَنِّى رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ ۖ فَلَمَّا زَاغُوٓا۟ أَزَاغَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُمْ ۚ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْفَٰسِقِينَ ﴿٥﴾

**«Ва ҳангоме, ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: “Эй қавми ман, чаро маро азият медиҳед, дар ҳоле, ки шумо медонед, ки ман фиристодаи Худовандам ба сӯи Шумо. Вақте, ки онҳо аз ҳақ мунҳариф шуданд, Худованд дилхояшонро мунҳариф сохт ва Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад»** (сураи Саф, ояти 5).

Эй мӯъминон! Хатари давомнокии гуноҳ он аст, ки натиҷаи он дар вақти ҷудо шудан аз ин олам ва рафтан ба охират зоҳир мешавад, ки дар муҳимтарин лаҳазот ва душвортарин ҳолат гуноҳ байни инсон ва дили вай монеъ шуда, он гоҳ инсони гунаҳкорро гуноҳонаш дар вақти назъи ҷон дар назараш ба ҷилва меояд ва ӯ машғули онҳо мешавад ва наметавонад дар ин лаҳза калимаи шаҳодатро ба забон биронад. Имом ибни Қайим (р) мегӯяд: Мардеро марг расид ва ба ӯ гуфтанд: Бигӯ: “Ло илоҳа иллаллоҳ”. Ӯ сурудеро замзама кард ва садои асбоби мусиқиро тараннум намул. Ва нахост “Ло илоҳа иллаллоҳ”-ро бар забон ронад. Ба марди дигаре гуфтанд: Бигӯ: “Ло илоҳа иллаллоҳ”. Гуфт: Ба ин калима кофир шудааст ва ҷон дод. Ба саввум гуфтанд: Бигӯ: “Ло илоҳа иллаллоҳ”. Гуфт: Ман ҳар бор мехоҳам ин калимаро бар забон ронам, забонам қабул намекунад. Ба яке аз тоҷирон ҳангоми маргаш гуфтанд: Бигӯ: “Ло илоҳа иллаллоҳ”. Ӯ гуфт: Ин мол арзон аст, ин харидор хуб аст. Марди дигаре, ки кораш тарозузанӣ буд, дар вақти ҷон доданаш ӯро гуфтанд: Бигӯ: “Ло илоҳа иллаллоҳ”. Пас гуфт, ки ӯ наметавонад онро бигӯяд, зеро паллаи тарозу бар

забонаш вазнин шудааст. Ин аст хатари гуноҳ, ки имкон дорад ба гунаҳкорон дар ҳамин дунё расад, агар онҳо тавба накӯнанд. Шумо, эй мусалмонон, аз тамоми гуноҳони худ ба даргоҳи Худованд тавба намоед ва аз ҳама хатоҳо узр ба даргоҳи Худо оваред, зеро Худованд бо тавбаи насӯҳ тамоми гуноҳонро мебахшад ва айбҳоро мепӯшонад ва азобро дур мекунад ва имонро пурра менамояд ва аз оташ мераҳонад ва дохили ҷаннат менамояд. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯи Худованд тавбаи насӯҳ намоед»** (сураи Таҳрим, ояти 8).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худоё, Исломуу муслиминро пирӯз бигардон. Ва хор кун ҳар кӣ ин динро хор намуд.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад. Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# АМРИ МАЪРУФ А НАҲЙИ МУНКАР

## Хутбаи якум

Ҳамду сано Худовандеро, ки камол беҳамтост ва шукр Ӯро, ки аз неъматҳои фаровонаш моро баҳраманд намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки дорои ахлоқи накӯ ва хислатҳои наҷиб аст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравону муҳиббонаш то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Ман шумо ва худамро ба тарси Худованд дар ошкору ниҳон васият менамоям ва шумо ва худамро аз гуноҳу дар пайи нафсу ҳаво рафтан ва итоати васавасаҳои шайтон наҳй мекунам. Зирак касест, ки худро ислоҳ кунад ва барои охираташ амал намояд. Нотавон касест, ки аз ҳавасҳо пайравӣ намуда, дунболи орзӯҳои пуч мегардад.

Эй мусалмонон! Шумо ҳамдигарро ошкоро насиҳат кунед. Ба корҳои нек амр намоеду аз корҳои бад манъ кунед. Дастгири беақлону беодобон бошед. Дониста бошед, ки амри маъруф ва наҳйи мункар қалъаи мустаҳкам ва ҷавшани қавии Ислом ва нигоҳдоранда аз исёну гуноҳ ба шумор меравад, ки мусалмононро аз васвасаи шайтон ва даъвати аҳли ботил нигоҳ медорад.

Амри маъруф ва наҳйи мункар паймони мустаҳкамест, ки пояҳои ин дин бар болои он истодаанд ва ҳурмати мусалмонон ҳам ба сабаби он аст. Парчамҳои шариати исломӣ зоҳиру ҷилвагар намешаванд ва аҳкоми Ислом мунташир намегардад, магар бо амри маъруф ва наҳйи мункар ва рукнҳои бартарияти ин уммати исломӣ низ маҳз бо он аст. Худованд мефармояд:

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَـٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ مِّنْهُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَـٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

**«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум баровардa шудед, ки амри маъруф мекунед ва наҳйи мункар ва ба Худо имон овардаед»** (сураи Оли Имрон, ояти 110).

Амри маъруф ва наҳйи мункар ҷиҳоди ҳар мусалмон аст ба қадри тавонаш, то ки парчамҳои Ислом ҳувайдо буда бадӣ ҷойгоҳашро дар ҷомеа пайдо накӯнад ва он фосилаест байни мӯъмин ва мунофиқ. Худованд мефармояд: **«Мардон ва занони мунофиқ барои ҳамдигаранд, ки амри ба бадӣ ва наҳйи аз некӣ мекунанд ва дастони худро маҳкам медоранд. Ҳамоно, ки мунофиқон фосиқонанд»** (сураи Тавба, ояти 67).

Худованд мефармояд: **«Мардону занони мӯъмин дӯсти ҳамдигаранд. Онҳо амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд»** (сураи Тавба, ояти 71).

Аз ин ҷост, ки Имом Ғазолӣ мефармояд: Касе, ки амри маъруф ва наҳйи мункарро тарк мекунад, ӯ аз зумраи мусалмонон нестанд.

Эй бародарони мӯъмин! Бо баланд шудани байрақи амри маъруф ва наҳйи мункар аҳли ҳақ ва аҳли имон боқадр мешаванд ва аҳли ботилу гуноҳ беқадр мегарданд. Қуввату шаҳомати мусалмонон бартарият пайдо намуда, аҳли ҳаво ва шаҳват хор мегарданд.

Сафён (р) мегӯяд: Вақте амри маъруф намудӣ, пуштибонаи бародаронатро мустаҳкам менамоӣ ва чун наҳйи мункар намуда, муште бар даҳони мунофиқ задаӣ.

Имом Аҳмад мегӯяд: Вақте мунофиқ бо мӯъминон ҳамнишин бошад, душмании он самара медиҳад ва мардум аз мӯъмин дур мешаванд. Зеро мунофиқ аз амри маъруф ва наҳйи мункар хомӯш менишинад ва мардум ӯро зирак меҳисобанд ва мӯъминеро, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунад, пургап мехонандаш.

Эй бандагони Худо, вақте амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ шуд, мардум суннатро аз бидъат фарқ мекунанд ва ҳалолро аз ҳаром ҷудо менамоянд ва дигар мардум фарзу воҷиб, суннату мустаҳаб ва мубоҳу макруҳро дарк мекунанд. Мардум хубро меёбанд ва ба он чанг мезананд ва бадро мешиносанд ва аз он дурӣ меҷӯянд.

Оқилон медонанд, ки ин ҳама нодонӣ ва надонистани фарзу воҷиб, ки аксари мамлакатҳои исломиро фаро гирифтааст, сабаби асосияш дар он аст, ки олимони дин ба ҳамин соҳа кам аҳамият додаанд ва манҳаҷҳои таълимиро хуб истифода набурдаанд. Оқибат ба он оварда расонд, ки наслҳои баъдӣ хубро хуб ва бадро бад намеҳисобанд. Шумо агар аҳамият дода бошед, шояд эҳсос карда бошед, ки ин ҳама қабристонпарастӣ, интишори анвои мухталифи ҷиноятҳо ва корҳои бад ба монади бенамозӣ, рибохӯрӣ, зино, майпарастӣ ва садҳо гуноҳи дигар маҳз ба сабаби кор амри маъруф ва наҳйи мункар накардан аст.

**Эй мӯъминон!** Дар ҳақиқат агар ин ибодати илоҳӣ бекор гардад ва ин тарафи қалъаи Ислом вайрон шавад, пас дигар метавон ба корҳои хуб падруд гуфт ва хубро аз бад фарқ кардан маҳол мешавад ва аҳли ҳақ хору залил мегарданд ва аҳли салоҳ дар итоати аҳли ботил қарор мегиранд.

Миллат аз байн намеравад ва ҷамъият пароканда намешавад, магар вақте, ки афроди он имонро ба тарафи ғарб мекашанд, зиндагии худро тибқи хоҳишоти ғарб месозанд ва аз ҳудуди илоҳӣ по берун мениҳанд ва дигар парвои одобу ахлоқ ва арзишҳо намекунанд. Онҳо дигар дар обрӯи мардум даст мезананд, беҳурматиҳо нисбати мусалмон мекунанд ва дигар ҳаёти бебандубориро мегузаронанд.

Шоеъшавӣ ва ошкоршавии корҳои бад ва накӯҳида нури дилҳоро мебарад ва шӯълаи имонро хомӯш мекунад ва ғайрату номуси диниро мемиронад. Дар натиҷа, бебандуборӣ ҳукмрон шуда, гуноҳ зиёд мегарданд, баъд аз он ин гуна миллат гирифтори азоби ногаҳонии илоҳӣ қарор мегиранд. Вақте гуноҳ дар қавме зиёд гашт, дигар он қавм гуноҳро аз савоб фарқ карда наметавонад ва мардум ба он гуноҳҳо одат мекунанд ва ба он унс мегиранд ва дар хотири

касе намеояд, ки ин бад аст ва бояд аз он дурӣ ҷуст ва ё ин хуб аст ва онро бояд анҷом дод.

Бузургон мегӯянд: Хатар, тамоми хатар дар он аст, ки дилҳо ба гуноҳ одат кунанд. Дил агар гуноҳро бештар бубинад ва онро анҷом диҳад, бо он ром мешавад ва агар нафс бо чизе ром шавад, дигар ба он таъсир намекунад.

Бар ҳар марду зани мусалмон воҷиб аст, ки амри маъруф ва наҳйи мункарро ба қадри тавонаш анҷом диҳад, хусусан дар мавриди зердастонаш ва дар оилаҳое, ки ӯро эҳтиром ва суханашро гӯш мекунанд. Бояд аҳли илм, аҳли қалам, суханварон ва ҳар шахсе, ки дар ҷомеа таъсир расонда тавонад, бо илму ҳикмат барои роҳнамоии мардум қиём намояд, насиҳат кунад ва амри маъруф ва наҳйи мункар намуда дар густариш додани корҳои нек ва аз байн бурдани корҳои зишт дар ҷомеа саҳми худро гузорад.

Шахси мӯъмин бояд дар ин самт сустию коҳилӣ наварзад ва ақибнишинӣ накунад ва инро баҳона накунад, ки ӯ ҳанӯз худаш комил нашудааст. Донишмандони исломӣ муқаррар намуданд, ки дар кори бадиро дур кардан ва мардумро насиҳат додан, шарт нест, ки инсон худаш комил ва пойбанди тамоми аҳкоми илоҳӣ бошад ва аз тамоми бадиҳо иҷтиноб дошта бошад. Инсон дар ҳар ҳолат бояд барои роҳнамоии миллат ва қавм ва хонадони худ саҳми аразанда гузорад ва албатта дар пайи тарбияи худ низ бошад.

Олимон барои исботи гуфтаҳои худ ин ояти муборакаро далел овардаанд: **«Онҳо аз кори бад худ даст барнамедоранд ва чӣ кори зиште анҷом медоданд»** (сураи Моида, ояти 79). Аз ин оят бар меояд, ки Худованд ин тоифаро сарзаниш мекунад, ки худ як гуноҳро мекунад, вале чун мебинанд, дигарон даст ба он кор мезананд, онҳоро манъ намекунанд. Аз ин ҷост, ки Худованд онҳоро барои ин корашон сарзаниш мекунад. Далели дигар аз ҳадис аст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳамоно, Худованд ин динро бо марди гунаҳкор ҳам қувват мебахшад»* (Ривояти Имом бухорӣ ва Муслим).

Бояд он касе, ки машғули амри маъруф ва наҳйи мункар аст, бо ахлоқи ҳамида монанди нармӣ, кушодадилӣ ва хунсардӣ ин корро анҷом диҳад. Агар ҳангоми даъваташ

чизеро шунид, ки аз он бадаш меояд, бояд асабонӣ нашавад ва чунин гумон накунад, ки ин сабаби шикасти ӯст, балки бояд ба тарафи гунаҳкор бо чашми эҳтиром назар кунад ва худро табиб пиндорад ва он гунаҳкорро бемор ва вазифи муқаддаси худро дар табобати ӯ бинад. Шахси мусалмон вақте ба ҳоли гунаҳкорон назар менамояд, инро бидонад, ки агар тавфиқи илоҳӣ намебуд, шояд ӯ аз он гунаҳкорон бадтар мешуд. Ӯ бояд ҳаргиз ба тарафи онҳо бо кибру ғурур назар накӯнад ва худро боло напиндорад ва ҳамеша дар вақти роҳнамоиҳояш аз сабру таҳаммул истифода намояд. Албатта ӯ дар ин роҳ азиятҳо мекашад. Доъӣ бояд аз намоишкорӣ кардан ва хотирибнии гунаҳкорон дурӣ ҷӯяд ва агар барои даъваташ касе аз ӯ биранҷад ва ё алоқаашро аз ӯ биканад, бояд афсӯсу надомат нахӯрад. Агар ӯ ин сифатро дошта бошад, дигар тамоми тамоъро аз мардум меканад ва онро равона мекунад ба сӯи Парвардигораш ва вай танҳо Ӯро дӯст ва пуштибон мегирад ва таваккул бар зоти покаш мекунад ва чун таваккул бар Худо намояд, Ӯ барояш кофист.

Эй мӯъминон! Яке аз усул он аст, ки мӯъмин гуноҳро пӯшонад. Агар ӯ худ гуноҳе кунад ва ё дигарон гуноҳе намоянд набояд, онро ошкор созад ва худаш ё дигаронро шарманда намояд. Зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ айби мусалмонеро бипӯшонад, Худованд айбҳои ӯро дар дунё ва охират мепӯшонад»* (Ривояти Муслим). Ҳамчунин Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам барои он касе, ки дар бораи як гунаҳкор ба ӯ чизе гуфта буд фармуданд: *«Агар бо ҷомаат ӯро мепӯшондӣ, бароят беҳтар буд»* (Ривояти Абудовуд ва Насоӣ). Албатта, пӯшонидани гуноҳ барои он намуд гунаҳкоронест, ки дар исён ва гуноҳ дар миёни мардум шӯҳрат надоранд.

Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва дониста бошед, ки агар бисоти амри маъруф ва наҳйи мункар ҷамъ карда шавад ва ин кори нек тарк шавад ва аз илму амал ба ҳолаш вогузошта шавад, шариати илоҳӣ муаттал мешавад, диёнат аз байн меравад, ғафлат ҳамаро фаро мегирад, гумроҳӣ ҳукмрон мешавад, ҷаҳолат мунташир мегардад, фасод ошкор мешавад, шаҳрҳо вайрону хароб мегарданд ва бандагон ҳалок мешаванд. Дар чунин ҳолат азоби илоҳӣ бар

сари чунин қавм мерасад ва азоби Худованд сахт аст. Абудовуд ҳадисе овардааст ва Албонӣ онро тасҳеҳ кардааст, ки Ҳазрати Абубакр аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят кардаааст: *«Ҳеҷ қавме нест, ки дар он гуноҳ мунташир гардад ва онҳо тавони тағйири онро дошта бошанд, вале тағйираш надиҳанд, магар зуд аст, ки азоби Худованд болои ҳамаи онҳо меояд»*.

Ҳазрати Абудовуд низ ривояте дорад бо тасҳеҳи Албонӣ, ки Ҷарир ибни Абдуллоҳ мегӯяд: *«Ман аз Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуданд: Ҳеҷ марде нест, ки дар байни мардуме зиндагӣ намояд ва дар он мардум гуноҳ содир мешавад ва метавонанд онро тағйир диҳанд, вале тағйир намедиҳанд, магар ин ки Худованд бар сари онҳо азоберо пеш аз маргашон меорад»*.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам боз мефармоянд: *«Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ё шумо амри маъруф ва наҳйи мункар мекунед, ё Худованд бар болои шумо азоберо меорад ва шумо ҳарчанд дуо кунед, дигар он қабул намешавад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Ибни Умар ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Эй мардум! Шумо амри маъруф ва наҳйи мункар намоед пеш аз онки дуо кунед ва дуоятон иҷобат нашавад»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Бояд гуфт, ки амри маъруф ва наҳйи мункар на ризқро коста мекунад, на маргро наздик. Вақте пешвоёни яҳуд ва роҳибони насронӣ аз амри маъруф ва наҳйи мункар даст кашиданд, Худованд онҳоро бо забони паёмбаронашон лаънат намуд ва балоҳои фарогирро бар сарашон овард.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад. Ҳамоно, ки Ту бар ҳама чиз қодирӣ.

Худованд мову шуморо бо роҳнамоиҳои китобаш суннати Паёмбараш ҳидоят намояд.

Суханамро ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, зеро Ӯ омурзандаи меҳрубон аст.

# АМРИ МАЪРУФ ВА НАҲЙИ МУНКАР

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки мардумро беҳуда наофарида ва онҳоро ба худашон раҳо накарда, балки эшонро мушарраф бо амри маъруф ва наҳйи мункар намуда, ба роҳи рост ҳидояташон намудааст. Ӯро ҳамд мегӯям ва ба покӣ ёд мекунам, тамоми номҳои нозанин ва сифоти олӣ мар Ӯрост. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки беҳтарин касе буд, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекард, то ин ки дин бар ваҷҳи камол пурра гашт ва чи аҷаб паёмбари хубе буд. Худоё, Салоту саломи бепоёни Худро бар Муҳаммаду олу асҳобу тамоми пайравону муҳиббонаш то рӯзи қиёмат равона соз.

Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Шумо ба ин масъалае аҳамият диҳед, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди касе, ки ҳудуди илоҳиро риоя мекунад ва касе, ки риоя намекунад, масал зада, мефармоянд: *«Масали касе, ки ҳудуди илоҳиро риоя мекунад ва касе, ки риоя намекунад, монади як гурӯҳе мебошанд, ки бар киштӣ нишастаанд. Баъзеҳо дар қабати болои киштӣ ҷой гирифтаанд ва дигарон дар қабати поёни он. Ононе, ки дар қабати поёни киштӣ ҷой доранд, ҳар гоҳ ташна шаванд, ба қабати боло рафта, аз он ҷо об мегиранд ва мардуми болоро азият медиҳанд. Пас бо худ маслиҳат карданд, ки биёед поёни киштиро сӯрох мекунем ва аз ин ҷо об менӯшем ва мардуми болоро азият намедиҳем. Агар мардуми киштӣ онҳоро ба ҳоли худ гузоранд, ҳамагон ҳалок мешаванд ва агар дасти онҳоро бигиранд ҳам, худ наҷот меёбанд ҳам мардуми поён»* (Ривояти Бухорӣ).

Амри маъруф ва наҳйи мункар фоидаест барои ҷамъияти мустаҳкам, ки агар ба пояҳои амри маъруф ва наҳйи мункар аҳамияти ҷиддӣ дода шавад ва мардумаш барои иҷрои авомири илоҳӣ ҳамкорӣ намоянд, дар он ҷамъият амну амон ҳукмфармо мегардад ва мардуми он аз

тамоми шаклу суратҳои палид раҳой меёбанд ва дину оини он дуруст гашта, рафтору кирдорашон накӯ мегардад. Аммо ҷамъияте, ки дар он амри маъруф ва наҳйи мункар дида намешавад ва афроди он рӯй ба тарафи ғарб ниҳодаанд ва дар ҳама корҳои паст ба онҳо пайравӣ мекунанд ва дигар барои онҳо қонун, урф ва одат ҳеҷ арзише надорад. Дар шаъни онҳо Худованд мефармояд:

أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَنَّةِ يَوۡمَئِذٍ خَيۡرٞ مُّسۡتَقَرّٗا وَأَحۡسَنُ مَقِيلٗا ﴿٢٤﴾

**«Онҳо монанди чорпоёнанд, балки аз чорпоён ҳам гумроҳтаранд»** (сураи Фурқон, ояти 44).

Амри маъруф ва наҳйи мункар шиъоре аз шиъорҳои дин аст, ки Парвардигори оламиён онро машрӯъ гардонидааст, барои фоидаи бандаҳояш ва барои ободии заминаш. Агар ин шиор амалӣ нашавад, бидуни шак, бузургтарин омили ислоҳ ва пурқувваттарин василаи поккунандаи ахлоқ бекор мешавад ва дигар мардум наметавонанд бадиро бинанд дар ҳоле, ки он дар пеши назари онҳост. Дигар на падар фарзанди худро барои зишткориаш сарзаниш мекунад ва на ҳамсоя ҳамсояро ба амру наҳй насиҳат мекунад ва на хешу на наздикон. Инсон хешу наздиконашро мебинад, дар гумроҳи ва залолат қадам мегузоранд, вале наметавонад ба онҳо чизе бигӯяд ва дасти онҳоро бигирад. Вақте дар ҷомеа амри маъруф ва наҳйи мункар бекор шавад, дигар ҳамаи ҷомеа фасод мешавад.

Эй бандагони Худо! Шумо ба андозаи тавонатон амри маъруф ва наҳйи мункар намоед, то Худованд арҷатонро афзун намуда шуморо дар ҳизби худ ҷой диҳад ва дар тоати Ӯ бошед, ки дар китобаш шуморо тавсифҳо мекунад. Худованд мефармояд: **«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум бароварда шудед, ки амри маъруф мекунед ва наҳйи мункар ва ба Худо имон овардаед»** (сураи Оли Имрон, ояти 110).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худоё, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Ва хор кун ҳар кӣ ин динро хор намуд.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад. Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ДУО ВА ФОИДАҲОИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст. Ӯ Моро ба дуо кардан амр намуда, иҷобати онро бароямон ваъда додааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, барои гунаҳкорон ваъдаи азоб додааст ва барои мӯъминин ваъдаи савоб. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва донистa бошед, ки дуо бузургтарин ибодат аст. Аз ҳазрати Нуъмон ибни Башир ривоят аст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Дуо ин ибодат аст», баъди он ин оятро хонданд:*

وَقَالَ رَبُّكُمُ ٱدْعُونِيٓ أَسْتَجِبْ لَكُمْۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ ﴿٦٠﴾

**«Ва Парвардигори шумо мегӯяд: Маро бихонед, ман шуморо иҷобат мекунам. Ҳамоно касоне, ки аз ибодати ман кибр меварзанд, дохили ҷаҳаннам мегаради, дар ҳоле, ки хоршудаанд»** (сураи Ғофир, ояти 60) (Асҳоби сунан).

Ва Худованд дар оятҳои зиёде ба дуо кардан амр намудааст ва ваъдаи иҷобат додааст ва паёмбарони худро чунин васф мекунад, ки онҳо манро дуо мекарданд. Худованд мефармояд: **«Пас мо дуои ӯро иҷобат намудем ва барояш Яҳёро ато кардем ва ҳамсарашро дуруст намудем. Ҳамоно, онҳо барои анҷоми корҳои нек шитоб мекарданд ва моро бо тарсу рағбат мехонданд ва барои мо дар хушӯъ буданд»** (сураи Анбиё, ояти 90).

Худованд хабар додааст, ки Ӯ наздик аст, ҳар гоҳ Ӯро бихонанд Ӯ иҷобат мекунад. Худованд ба Паёмбараш хитоб карда мефармояд: **«Он гоҳ ки бандагонам дар бораи ман аз**

**ту пурсанд: Ман қарибам, даъвати доиёнро иҷобат мекунам вақте, ки маро бихонанд»** (сураи Бақара, ояти 186).

Худованди мутаол ҳамчунин фармудааст то Ӯро бихонем ва зорӣ намоем, хусусан дар вақти сахтӣ ва офатҳо хабар додааст, ки бечора ва дармондаро танҳо ӯ иҷобат мекунад ва зрарро дур мекунад. Худованд мефармояд: **«Ё он кӣ дуъои дармондаеро иҷобат мекунад ва гирифториҳоро бартараф месозад ва шуморо ворисони ин замин мекунад, маъбуди дигаре аст?»** (сураи Намл, ояти 62).

Худованд касонеро, ки дар вақти сахтӣ ва офатҳо ӯро дуо намекунанд, сарзаниш мекунад. Худованд мефармояд: **«Ва мо ба ҳеҷ диёре паёмбаре нафиристодем, магар ин ки аҳли онро ба сахтию зарарҳо гирифтор сохтем, то тазаррӯъ намоянд»** (сураи Аъроф, ояти 94). Ҳамчунин Худованд мефармояд: **«Ва дар ҳақиқат, мо ба сӯи умматони пеш аз ту паёмбароне фиристодем, пас онҳоро бо балою офатҳо гирифтор намудем, то онҳо тазаррӯъ намоянд. Пас чаро ҳангоме, ки азоби мо ба онҳо расид, зорӣ накарданд? Балки дилҳояшон сахт шуд ва шайтон корҳояшонро дар назарашон зинат дод?»** (сураи Анъом, оятҳои 42-43).

Ин аз раҳмату карами Худованди пок аст, ки бо вуҷуди он ки Худованд ниёз ба бандагонаш надорад, онҳоро амр менамояд, то Ӯро бихонанд, чунки онҳо мӯҳтоҷи Ӯянд. Худованд мефармояд: **«Эй мардум, шумо мӯҳтоҷи Худовандед ва Ӯст ғании сутудашуда»** (сураи Фотир, ояти 15). Худованд боз мефармояд: **«Ва Худованд ғанист ва шумоед фақирон»** (сураи Муҳаммад, ояти 37).

Дар ҳадиси қудсӣ чунин ривоят омадааст: *«Эй бандагони ман! Шумо ҳама гумроҳед, магар он киро, ки ман ҳидоят кунам. Пас аз ман ҳидоят талабед, ҳидоятатон мекунам. Эй бандагони ман! Шумо ҳама гуруснаед, магар он касро, ки ман сер кунам. Пас шумо аз ман таом хоҳед, то сератон кунам. Эй бандагони ман! Шумо ҳама бараҳна ҳастед, магар он киро, ки ман пӯшонам. Пас шумо аз ман пӯшиш талаб кунед, то шуморо бипӯшонам. Эй бандагони ман! Шумо ҳама шабу рӯз хато мекунед ва ман тамоми гуноҳонро мебахшам. Пас аз ман омӯрзиш талабед, то шуморо биёмурзам»* (Ривояти Муслим).

Эй бандагони Худо! Шумо ҳамеша дуогӯ бошед ва аз хотир набаророед, ки дуо чанд шарт дорад, ки агар он шартҳо мавҷуд бошад, Худованд ваъдаи иҷобат додааст ва Худованд ҳаргиз ваъдаашро хилоф намекунад. Гоҳо агар дуо дертар қабул шавад, ин ба сабаби худи банда аст ва агар дуо қабул нашуд, инро низ сабаби дар худи инсон бояд ҷуст.

Яке аз омилҳои қабул нашудани дуо ин иҷро накардани фаризаҳои илоҳӣ ва даст задан ба корҳои ҳаромшуда аст. Зеро ин кораш алоқаи ӯро бо Худованд канда мекунад ва ӯро аз даргоҳаш дур месозад, пас оё меарзад, агар чунин банда дуое кунад ва Худованд онро қабул накӯнад. Дар ҳадиси шариф Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Худовандро дар ҳолати осудагӣ бишнос, Ӯ туро дар ҳолати сахтӣ мешиносад»* (Ривояти Суютӣ дар Ҷомеи худ ривоят кардааст). Ин ҳадис ишора ба он дорад, ки инсон дар ҳолатҳои осудагӣ ва оромияш, агар дар дилаш тарси Худоро ҷой диҳад ва ҳудуди ӯро риоя намояд ва фарзҳояшро ба ҷо оварда, аз муҳаррамоташ даст кашад, бо ин кораш ӯ Худоро шинохтааст. Ва дар байни ӯ ва Худованд ошноии махсус эҷод мешавад, пас агар бар сари чунин банда сахтие ояд, Худованд он дӯстӣ ва робитаро риоя намуда, аз он балоҳо мераҳонад.

Дар ҳадиси дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Банда ба сӯи ман бо чизе наздиктар шуда наметавонад, бештар аз он чизе, ки барояш фарз гардонидаам. Банда бо нофилаҳо ба ман наздиктар мешавад, ҳатто ки ӯро дӯст медорам. Пас агар ӯро дӯст дорам, дигар барои ӯ гӯше мешавам, ки бо он мешунавад ва чашмаш мешавам, ки бо он мебинад ва дасташ мешавам, ки бо он қуввае мегирад ва пояш мешавам, ки бо он қадам мезанад. Агар аз ман чизе пурсад, барояш медиҳам ва агар ба ман паноҳ барад, ӯро дар паноҳам мегирам»* (Ривояти Бухорӣ).

Ҳар кӣ дар пешгоҳи Худованд дар замони оромӣ ва осудагияш тоату ибодат намояд ва тарси Ӯро дар дилаш ҷой диҳад, Худованд дар баробари ин барояш кӯмаку мадад менамояд. Худованд дар шаъни ҳазрати Юнус чун наҳанг ӯро фуру бурд, чунин мефармояд: **«Ва агар ӯ аз ҷумлаи зикркунандагон намебуд, дар шиками моҳӣ то рӯзи қиёмат боқӣ мемонд»** (сураи Софот, оятҳои 142-143). Яъне, агар он

амалҳои хубаш, ки дар оромӣ мекард, намебуд ва ӯ аз ҷумлаи намозхонҳо намебуд, **«дар шиками моҳӣ то рӯзи қиёмат боқӣ мемонд»,** яъне, шиками моҳӣ барояш то рӯзи қиёмат чун қабр боқӣ мемонд. Баъзе аҳли салаф мегӯянд: Шумо Худоро дар ҳолати осудагӣ ёд оред, Ӯ шуморо дар сахтӣ ёд мекунад, зеро ҳазрати Юнус ҳамеша Худоро ёд мекард ва чун дар шиками наҳанг афтод: **«Ва агар ӯ аз ҷумлаи зикркунандагон намебуд, дар шиками моҳӣ то рӯзи қиёмат боқӣ мемонд»** (сураи Софот, оятҳои 142-143). Аммо Фиръавн саркаш буда, ёди Худоро фаромӯш карда буд: “**Чун гоҳи ғарқ шуданаш фаро расид, гуфт: “Имон овардам”** (сураи Юнус, ояти 90). Худованд мефармояд: **«Акнун? Дар ҳоле, ки пеш аз ин усён меварзидӣ ва ту аз ҷумлаи фасодкорон будӣ?»** (сураи Юнус, ояти 91).

Яке аз монеъаҳои иҷобати дуо хӯрдан ва нӯшидан ва пӯшидан аз ҳаром аст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Мардест роҳи дарозро тай карда, мӯйҳояш парешон бо либоси ғуборолуд, дастони худро тарафи осмон бардошта мегӯяд: Худоё, Худоё, дар ҳоле, ки таомаш ҳаром, шаробаш ҳаром, либосаш ҳаром ва ғизояш ҳама ҳаром аст. Пас аз куҷо дуояш қабул шавад»* (Ривояти Муслим).

Абдуллоҳ писари имом Аҳмад дар китоби “Зӯҳд” мегӯяд: Балое бар сари Бани Исроил омада буд ва онҳо баромада дар маконе ҷамъ шуданд. Худованд ба паёмбари онҳо ваҳе намуд, ки ба онҳо хабар деҳ, ки шумо ба ин теппа бо танҳои нопок омадед ва дастонатонро ба сӯи ман дароз мекунед, ки бо он дастон хун рехтаед ва хонаҳои худро бо он дастон пур аз моли ҳаром кардаед. Ҳоло вақте ғазаби ман бар саратон омад, ба назди ман омадед? Шумо дигар аз ман дуртар мешавед.

Эй мардум! Шумо аз ҳоли худ огоҳ бошед ва ба касбу кор ва таому шароби худ диққат диҳед, таому шаробу ҷомаҳои худро пок намоед, то Худованд дуо ва зорию таваллои шуморо қабул намояд.

Аз ҷумлаи монеъаҳои иҷобати дуо барои Худо ихлос надоштан аст ҳангоми дуо, зеро Худованд мефармояд: **«Пас шумо Худоро бо имони холис бихонед, агарчи кофирон бад бинанд»** (сураи Ғофир, ояти 14). Боз Худованд мефармояд:

**«Ҳамоно, масоҷид барои Худованд аст, пас шумо бо ӯ касеро ибодат накӯнед»** (сураи Ҷин, ояти 18).

Онҳое, ки ғайри Худованд бут, қабристон, марқад, авлиё ва солеҳонро дуо мекунанд, ба монанди қабрпарастони имрӯза, ки аз мурдагон мадад мехоҳанд, агар ин тоифа ҳарчанд аз Худованд чизе пурсанд, дуои онҳо қабул намешавад, зеро онҳо дуоро холис барои Худованд накардаанд. Ҳамчунин онҳое, ки дар дуои худ мурдагонро васила қарор медиҳанд ва мегӯянд: Худоё, мо туро ба ҳаққи фалон ва ё ба хотири фалон мепурсем, инҳо ҳам дуояшон дар назди Худованд мақбул нест, зеро дуои онҳо бидъат буда, мувофиқи шариат нест. Худованд дар шариати худ нафармудааст, то дар дуо шахсеро ва ё мартабаи касеро восита қарор диҳем, вале моро амр намудааст, то ӯро мустақиман дуо намоем. Худованд мефармояд: **«Он гоҳ ки бандагонаш дар бораи ман аз ту пурсанд, ман қарибам, даъвати доиёнро иҷобат мекунам, вақте, ки маро бихонанд. Пас онҳо низ маро иҷобат намояд ва ба ман имон оваранд, то роҳашонро биёбанд»** (сураи Бақара, ояти 186). Худованд боз мефармояд: **«Ва Парвардигори шумо мегӯяд: Маро бихонед, ман шуморо иҷобат мекунам. Ҳамоно касоне, ки аз ибодати ман кибр меварзанд дохили ҷаҳаннам мегараданд дар ҳоле, ки хоршудаанд»** (сураи Ғофир, ояти 60).

Аз ҷумлаи монеаҳои қабули дуо он аст, ки инсон дуо мекунад, вале дилаш дар ғафлат аст. Ҳоким дар Мустадраки худ аз ҳазрати Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Шумо Худовандро дуо намоед, дар ҳоле, ки дилатон яқин дошта бошад, ки дуоятон мустаҷоб мешавад. Дониста бошед, ки Худованд аз дили ғофил ва беҳуда дуъоро иҷобат намекунад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Аз ҷумлаи монеаҳои иҷобати дуо тарк кардани амри маъруф ва наҳйи мункар аст. Аз Ҳузайфа ибни Ямон ривоят шудааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Қасам ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, шумо ё амри маъруф ва наҳйи мункар мекунед, ё ин ки Худованд бар сари шумо азобашро равон мекунад, он гоҳ шумо ҳарчанд дуо кунед, иҷобат карда намешавад»* (Ривояти Тирмизӣ).

Имом Шамсиддин Муҳаммад ибни Абубакр мегӯяд: "Дуо дар дур кадани бадиҳо ва ҷалби хубиҳо аз ҷумлаи пурқувваттарин сабабҳост, вале гоҳо асари он таъхир мекунад. Гоҳо сабаби қабул нашудани он аз сабаби заъфи худи инсон аст. Ё дуои ӯ дуъоест, ки Худованд дӯст намедорад ба сабаби он ки дар он аз ҳад берун рафтааст. Гоҳо ба сабаи заъфи дили ӯ ва рӯ наоварданаш ба Худованд ва ҷамъ набудани дил дар вақти дуост. Дар ин сурат дил ба монанди камони суст мешавад, ки тир аз он андохта мешавад, вале он тир дур намеравад. Гоҳо ба сабаби мавҷуд будани монеаи иҷобати даъват аст, ба монанди ҳаромхӯрӣ, рӯи дилро, фаро гирифтани гуноҳҳо, ғафлатзадагӣ, беҳудагӣ ва монади инҳо". Боз мегӯяд: "Дуо аз фоиданоктарин давост ва он душмани балост, ки онро дур менамояд, дармон медиҳад, дигарбора омаданашро манъ мекунад, мебардорад ва кам мекунад. Дуо силоҳи мӯъмин аст. Ҳазрати Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Дуо барои балоҳои омада ва наомада фоида дорад, пас шумо, эй мӯъминон, ҳамеша бо дуо бошед»* (Ривояти Тирмизӣ).

Дуо худ аз бузургтарин намуди ибодат аст ва тарки дуо далели кибру сангдилӣ ва рӯй гардонидан аз Худо аст. Ва сабаби даромадан дар дӯзах аст. Худованд мефармояд: **«Ва Парвардигори шумо мегӯяд: Маро бихонед, ман шуморо иҷобат мекунам. Ҳамоно, касоне, ки аз ибодати ман кибр меварзанд дохили ҷаҳаннам мегарданд, дар ҳоле, ки хоршудаанд»** (сураи Ғофир, ояти 60).

Аки он, ба даргоҳи Худо дуо кардан сабаби даромадан ба биҳишт аст. Худованд мефармояд: **«Ва онҳо рӯ ба ҳамдигар оварда мепурсиданд. Гуфтанд: Мо пеш аз ин дар хонадони худ тарсон будем. Пас Худованд бар мо миннат ниҳод ва аз азоби сахт нигоҳамон дошт. Ҳамоно, ки мо пеш аз ин Ӯро дуо мекардем, ҳамоно, Ӯ некӯкори меҳрубон аст»** (сураи Тур, оятҳои 25-28).

Дар ин ояи муборака Худованди субҳон дар бораи аҳли ҷаннат хабар медиҳад, ки онҳо ҳамдигарро дар бораи ҳолашон дар дунё ва амалҳояшон дар он ва аз сабаби даромаданашон дар биҳишт мепурсанд. Пас баъзеҳо барои дигарон мегӯянд сабаби асосие, ки онҳоро ба ин ҳама

неъмату каромат ва хушнудӣ расонидааст, он аст, ки онҳо дар дори дунё аз Худованд ва аз азоби ӯ метарсиданд, онҳо гуноҳро тарк менамуданд ва машғули тоати Худованд буданд ва ба сабаи ин Худованд болояшон бо тавфиқ доданаш миннат ниҳод ва онҳоро аз азоби сӯзон раҳо намуд, ки ин аз фазлу карами ӯст, зеро онҳо дар дунё ҳамеша дуо менамуданд, то онҳоро аз азоби сӯзон наҷот диҳад ва ба дори неъматҳо расонад.

Эй мусалмонон! Шумо дуоро фаромӯш накӯнед ва ҳамеша рӯ ба тарафи Худованд оварда, Ӯро холисон бихонед ва холисона ибодат кунед.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

ٱدۡعُواْ رَبَّكُمۡ تَضَرُّعٗا وَخُفۡيَةًۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُعۡتَدِينَ ﴿٥٥﴾

وَلَا تُفۡسِدُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ بَعۡدَ إِصۡلَٰحِهَا وَٱدۡعُوهُ خَوۡفٗا وَطَمَعًاۚ

إِنَّ رَحۡمَتَ ٱللَّهِ قَرِيبٞ مِّنَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ﴿٥٦﴾

**«Шумо Парвардигоратонро бо зорӣ ва оҳистагӣ дуо намоед. Ҳамоно ки Ӯ таҷовузкоронро дӯст намедорад. Ва дар рӯи замин баъди дуруст шудан фасодкорӣ накӯнед ва Ӯро бо тарс ва умед бихонед. Ҳамоно, раҳмати Ӯ ба накӯкорон наздик аст»** (сураи Аъроф, оятҳои 55-56).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, зеро Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ДУО ВА ФОИДАҲОИ ОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро бинобар фазлу эҳсонаш, ки дуогӯёнро иҷобат мекунад ва муттақиёнро дӯст медорад. Шаҳодати ҳаққу яқин медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки беҳтарин бандаи дуогӯ ва пуртарсноктарин аз Худо буд. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва дониста бошед, ки барои қабули дуо чанд сабаб аст, ки агар дар банда дида шавад, дуояш қабул мегардад. Имом ибни Қайим (р) дар баёни ин сабабҳо мегӯяд: "Дар вақти дуо кардани банда агар дуояш бо ҳузури пурраи дил бошад ва он ба яке аз шаш вақти қабули даъват рост ояд, ки он шаш сеяки охири шаб, вақти азон, дар байни азону иқомат, баъди намозҳои фарзӣ, вақти баромадан имом барои хутбаи рӯзи ҷумъа ба минбар ва лаҳзаи охирини баъди намози асри рӯзи ҷумъа ва агар дуояш бо тарсу хушӯъи дил ва шикастагӣ дар баробари Худо сурат гирад ва агар он бо хорию зорӣ ва бечорагӣ дар назди Худованд сурат гирад, рӯяш тарафи қибла бошад, бо таҳорат бошад ва агар дастонашро ба сӯи Худованд дароз кунад, дар аввал Худоро ҳамду сано гӯяд, сипас салавот бар Паёмбар фиристад ва баъди дуояш садақа намояд чунин дуо ғолибан беиҷобат намемонад. Хусусан агар он дуо аз ҷумлаи дуоҳое, бошад, ки Паёмбар хабар додааст, ки имкон дорад қабул мешавад ва имкон дорад аз Исми Азам аст".

Эй бандагони Худо! Аз асари дуо ғамҳо дур мешаванду бадиҳо бартараф мегарданд ва бар душманон пирӯз меоем. Пас шумо дуоро бештар намоед ҳам барои худ ва ҳам барои дигар бародарони мӯъмин. Шумо ба муқобили кофирон ва душманони ин дин дуо намоед, ки Худованд қариб аст ва дуоро қабул мекунад. Шумо дониста бошед, ки дуои мазлум зуд қабул мегардад ва барои ҳамин аз зулм парҳез кунед.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Аз дуои мазлум битарс, ки байни он ва байни Худованд парда нест»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй бандагони Худо! Шумо ҳаргиз зулмро раво набинед ва дониста бошед, ки беҳтарин китоб китоби Худост ва беҳтарин роҳнамоӣ роҳнамоии Паёмбари Худост.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсаронаш модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмин ва муслалмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст кун, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, дар ҳама ҷо бо бародарони мусалмони мо бош. Худоё, айбҳои онҳоро бипӯшон ва тарси онҳоро дур кун. Худоё, аз ҳама тараф онҳоро ҳифз намо.

Худоё, мардони онҳоро нигоҳ дор ва занонашонро сатр намо. Худоё, аз болои бародарони мусалмон ҳама ғаму андӯҳро, ки дар сари онҳо омадааст, дур намо.

Худоё, падарону бобоҳо ва устодони мо ва ҳар кӣ болои мо ҳақ дорад мағфират намо. Ҳамоно, ки ту мавлои моӣ ва ҳақ ҳасти Ту ба мо наздики ва даъватро иҷобат менамоӣ.

# ТАҲОРАТ БАРОИ НАМОЗ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки тавбакорон ва поконро дӯст медорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи содиқу амини Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ки таҳорат калид ва аз муҳимтарин шартҳои намоз мебошед. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمۡتُمۡ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ فَٱغۡسِلُواْ وُجُوهَكُمۡ وَأَيۡدِيَكُمۡ إِلَى ٱلۡمَرَافِقِ وَٱمۡسَحُواْ بِرُءُوسِكُمۡ وَأَرۡجُلَكُمۡ إِلَى ٱلۡكَعۡبَيۡنِۚ وَإِن كُنتُمۡ جُنُبٗا فَٱطَّهَّرُواْۚ وَإِن كُنتُم مَّرۡضَىٰٓ أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوۡ جَآءَ أَحَدٞ مِّنكُم مِّنَ ٱلۡغَآئِطِ أَوۡ لَٰمَسۡتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمۡ تَجِدُواْ مَآءٗ فَتَيَمَّمُواْ صَعِيدٗا طَيِّبٗا فَٱمۡسَحُواْ بِوُجُوهِكُمۡ وَأَيۡدِيكُم مِّنۡهُۚ مَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيَجۡعَلَ عَلَيۡكُم مِّنۡ حَرَجٖ وَلَٰكِن يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمۡ وَلِيُتِمَّ نِعۡمَتَهُۥ عَلَيۡكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ﴿٦﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, чун барои адои намоз бархостед, пас рӯйҳо ва дастони худро то оринҷ бишӯед ва бар сари худ масҳ кашида, пойҳоро то буҷул бишӯед. Ва агар ҷунуб бошед, пас ғусл намоед. Ва агар шумо бемор бошед ва ё дар сафар ва ё яке аз шумоён ҳоҷат шикастед ва ё бо зан ҳамбистар шудеду об пайдо накардед, пас бо хоки пок**

**таяммум намуда, рӯй ва дастони худро масҳ кашед. Худованд намехоҳад, то бароятон дар динаш таклиф диҳад, вале мехоҳад шуморо пок сохта, неъматҳояшро бар шумо пурра диҳад, шояд, ки шумо сипосгузорӣ намоед**» (сураи Моида, ояти 6).

Дар ин ояти карима ҳам амр ба таҳорат аст, ҳам амр ба ғусл. Ҳамчунин дар ин оят мо маъмурем, то бо оби пок таҳорат созем, агар об бошад ва мо тавони истеъмоли онро дошта бошем. Агар об набошад ва ё об бошаду тавони истеъмоли онро надошта бошем, ба ин сурат ки бемор бошем ва ё оби андак дошта бошем, ки танҳо барои нӯшидан, ё омода намудани таом кофӣ бошад, дар ин сурат инсон ба ҷои таҳорат бо хок таяммум мекунад.

Дар ин ояти муборака Худованд барои бандагонаш осонӣ овардааст, то дар суратҳои зарурӣ ба ҷои таҳорат таяммум намояд.

Ҳамчунин Худованди муттаол дар ин оят хабар додааст, ки Ӯ мехоҳад, то шуморо аз бетаҳоратӣ ва палидӣ пок намояд ҳамчуноне, ки Ӯ мехоҳад шуморо аз гуноҳу ахлоқи бад пок созад. Худованд мефармояд: **«То неъматҳояшро бар шумо пурра диҳад»** (сураи Моида, ояти 6). Ин аз неъмати Худованд аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ, ночорӣ ва нотавонӣ барои мо ба ҷои таҳорат таяммумро рухсат додааст. Худованд мефармояд: **«Шояд, ки шумо сипосгузори намоед»** (сураи Моида, ояти 6). Яъне, ин ҳамаро барои шумо ва барои осон намудани кори шумо додааст, то Ӯро ба ёд оварда, шукри Ӯро ба ҷо оваред. Зеро Ӯ аз сари шумо як мушкилиро бардоштааст ва шуморо воҷиб аст, ки ин неъмати ӯро ҳамеша зикр намуда, фазлу карами ӯро эътироф намуда, тоаташро ба ҷо оваред ва ҳамеша санои ӯро хонед.

Дар ин ояти карима Худованд барои бандагонаш аъзоҳои таҳоратро баён намудааст, ки он рӯй, ду даст, сар ва пой мебошад. Пас маълум гашт, ки дар таҳорат чаҳор фарз мебошад, яке шустани рӯй, дигар шустани ду дасту дигараш шустани пой ва масҳ кашидани сар.

Аммо дар ҳадаси акбар, ки онро ҷанобат низ мегӯянд, фарз аст, то тамоми баданро бишӯем.

Таяммумро ҳазрати Муҳаммад салаллоҳу алайҳи ва саллам дар суннатҳои худ баён намудааст, ки он як зарба задан аст бар хоки пок ва ё ҳар чӣ аз ҷинси хок аст ва масҳ кашидани рӯй аст ва як зарбаи дигар задан аст барои масҳи ду даст.

Эй бандагони Худо! Сифати таҳорат он аст, ки банда ҳангоми таҳорат кардан бо дилаш чунин ният кунад, ки ӯ бо ин кораш иродаи дур кардани бетаҳоратиро дорад, пас бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим гуфта, ду дасти худро то оринҷ се маротиба бишӯяд. Пас се бор об бар даҳон гирифта, даҳон ва дандонҳоро мешӯяд ва обро ғарғара мекунад, пас ибниро афшонда, онро бо об пок мекунад. Дар вақти шустани даҳон кӯшиш кунад, то об ҳарчи дарунтар ба гулӯяш расад ва дар вақти шустани бинӣ бикӯшад, то об ба ҳарчӣ дарунтари бинияш бирасад. Аммо дар моҳи Рамазон набояд ин корро дарунтар кунад, то мабодо об ба гулӯяш наравад. Баъди он рӯи худро се маротиба аз баромадани мӯи пешонӣ, то зери манаҳ ба дарозияш ва аз ин гӯш то он гӯш паҳнияш мешуяд.

Риш ҳарчанд дароз бошад, бояд беруни он шуста шавад ва суннат аст, то даруни он ҳилол карда шавад. Пас дасти худро тар намуда, тамоми сарашро масҳ мекашад ва ин корро аз пеш ба қафо мекунад. Дарун ва беруни гӯш аз сар ба шумор меравад, барои ҳамин, дастонашро тар намуда, даруну беруни гӯшро масҳ мекашад. Баъди масҳи сар ду пои худро то буҷулак мешӯяд.

Дар вақти таҳорат кардан бояд хуб эътибор дода шавад, то об ба тамоми аъзои таҳорат расида бошад ва агар ягон миқдор аз аъзои таҳорат хушк монад, яъне, ба он об нарасида бошад, таҳораташ дуруст намешавад. Ҳазрати Умар ривоят мекунад, ки марде ба миқдори пушти нохуне аз пои росташ хушк монда буд, пас Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба тарафи ӯ нигоҳ карда, фармуданд: *«Баргард ва таҳорати дуруст намо»* (Ривояти Муслим).

Агар дар баъзе аз аъзои таҳорат ҷароҳат дида шавад, ҷароҳате, ки расидани об ба он зарар оварад, бояд ҷароҳатро нарасида, дигар узвҳои таҳоратро бишӯяд ва макони ҷароҳатро масҳ кашад. Аммо агар яке аз узвҳои таҳорат бо матое пӯшонида бошад ва ё макони шикаста

баста бошад, ба рӯи баста масҳ мекашад ва ҳамин барояш кофист ва шарт нест, то онро бишӯяд.

Иҷозат аст барои касоне, ки масҳӣ пӯшидаанд ва ё ҷӯрабҳои ғафс, ки бар рӯи он масҳ кашанд бе ин ки онро бароварда пойҳояшонро бишӯянд. Ин кор танҳо бо доштани ин се шарт иҷозат аст:

1) **Буҷулаки пояшро пӯшонад.**
2) **Онҳо тоҳир бошанд.**
3) **Пеш аз пӯшидани масҳӣ пояшро шуста бошад.**

Муддати масҳ кашидани масҳӣ ва ё чизе, ки ҷои онро гирифтааст, барои муқим як шабонарӯз аст, аммо барои мусофир се шабонарӯз. Мурод аз мусофир мусофирест, ки намозҳояшро қаср мекунад. Аммо бастагиҳои аз ҷароҳат муддати муайян надоранд, балки то сиҳат шудани ҷароҳаташ ҳангоми ҳар таҳорат масҳ мекашад.

Сифати ғусл намудан аз ҷанобат он аст, ки дар оғоз нияти ғусл мекунад, пас бисмиллоҳ гуфта, ду дасташро то банди даст се бор мешӯяд. Баъд истинҷо карда, баъди он таҳорати комил мекунад. Пас обро бар сараш се маротиба мерезад ва тамоми баданашро мешӯяд ва мекӯшад, то об ба решаҳои мӯи сараш расад. Баъди он обро ба дигар аъзои баданаш мерезад ва онро мешӯяд ва мекӯшад, то об ба ҳама ҷои маконаш аъзояш расида бошад. Агар як зарра ҳам аз аъзои баданаш хушк монад, на таҳорат ӯ дуруст мешавад ва на ғуслаш. Ҳамчунин аст ҳоли занон, магар ин ки онҳо метавонанд кокулони худро дар вақти ғусл накӯшоянд ва ҳаминаш кофист, ки об ба мӯйҳо бирасад.

Эй бандагони Худо! Ҳикмат ин ки Худованд маҳз шустани ҳамин аъзоро дар вақти таҳорат фарз гардонидааст, шояд он бошад, ки банда аксари корҳои худро бо ҳамин аъзо иҷро мекунад ва маҳз бо ҳамин аъзо Худовандро бебоят мекунад ва ё осӣ мешавад. Ин аъзо барои тоат ва маъсият бештар ҳаракат мекунанд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам хабар додааст, ки дар вақти таҳорат банда ҳар узверо, ки бишӯяд Худованд аз болои он узв тамоми хатоҳои содиркардаашро дур месозад.

Худованд дар ғусл ва таҳорат ба шустани ин аъзо амр намуд, баъди он чунин гуфт: **«Вале мехоҳад шуморо пок**

**сохта, неъматҳояшро бар шумо пурра диҳад, шояд ки шумо сипосгузорӣ намоед»** (сураи Моида, ояти 6).

Дар ин ояти муборака Худованд баён фармуда, ки ҳикмат аз шустани ин аъзо пок сохтани мусалмон аст аз нопокӣ ва тоҳир намудани ӯст аз хатокориҳо. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Умматони маро рӯзи қиёмат фарёд мекунанд, дар ҳоле, ки сафеду равшан мебошанд, аз асари таҳорат»* (Ривояти Бухорӣ). Умматони Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар байни умматони дигар ба сабаби фазилати таҳорат маъруф мебошанд, ки он ҳам дар дунё фоида дорад ва ҳам дар охират.

Вақте банда таҳорат кард, хуб аст бигӯяд: Ашҳаду ал-ло илоҳа ил-лал-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу. Ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Аллоҳуммаҷъални минат-тавоибния ваҷъални минал мутатаҳҳирин. Зеро ҳазрати Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳеҷ яке аз шумо намебошад, ки таҳорат кунад ва чунин бигӯяд: Ашҳаду ал-ло илоҳа ил-лал-лоҳу ваҳадҳу ло шарика лаҳу. Ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Магар ин ки барояш ҳашт дари ҷаннат кушода мешавад, ки аз ҳар кадоми он бихоҳад медарояд»* (Ривояти Муслим). Дар ривояти дигар дар ин ҳадис ин ибора илова шудааст: *«Ал-лоҳуммаҷъални минат-тавоибна ваҷъални минал мутатаҳҳирин»* (Ривояти Муслим). Ҳикмат аз гуфтани ин зикр баъди таҳорат он аст, ки ду таҳорат бо ҳам оянд, яке таҳорати зоҳир бо он таҳорат ва дигар таҳорати ботин бо ин зикр.

Эй бандагони Худо! Дар вақти таҳорат ва ғусл кардан набояд обро исроф намоем. Зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин кор манъ мекарданд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба як муд таҳорат мекарданд ва бо як соъ ғусл менамуданд, ва Ӯ барои ҳама умматонаш намунаи беҳтарин ба шумор меравад. Дар вақти таҳорат ва ғусл обро бефоида ба сару рӯй резонидан исроф аст. Исроф корест Худованд онро манъ намуда ва Худованд исрофкоронро дӯст намедорад.

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ҳамеша барои намоз таҳорат кунед ва тани

худро пок созед, ҳамчуноне, ки Худованди карим шуморо амр намудаст ва ҳамеша ба Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам иқтидо намоед ва Ӯро итоат кунед, чунончи Худованд мефармоянд:

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٣٢

**«Шумо Худо ва Паёмбарро итоат намоед шояд, ки раҳм карда шавед»** (сураи Оли Имрон, ояти 132).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, зеро Ӯст бахшандаи меҳрубон аст.

# ТАҲОРАТ БАРОИ НАМОЗ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованди Парвардигори оламиёнро, ки фазлу карами зиёде дорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи содиқу амини Ӯст, ки Худованд Ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристодааст, то динашро ошкор созад. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва диниста бошед, ки покӣ порае аз имон аст ва барои намоз таҳорат кардан ва ғусл намудан амонатест байни банда ва Худованд ва рӯзи қиёмат бандаашро дар бораи ин амонат мепурсад. Худованд мефармояд:

قَدْ أَفْلَحَ ٱلْمُؤْمِنُونَ ﴿١﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ فِى صَلَاتِهِمْ خَـٰشِعُونَ ﴿٢﴾
وَٱلَّذِينَ هُمْ عَنِ ٱللَّغْوِ مُعْرِضُونَ ﴿٣﴾ وَٱلَّذِينَ هُمْ لِلزَّكَوٰةِ فَـٰعِلُونَ
﴿٤﴾ وَٱلَّذِينَ هُمْ لِفُرُوجِهِمْ حَـٰفِظُونَ ﴿٥﴾ إِلَّا عَلَىٰٓ أَزْوَٰجِهِمْ أَوْ مَا
مَلَكَتْ أَيْمَـٰنُهُمْ فَإِنَّهُمْ غَيْرُ مَلُومِينَ ﴿٦﴾ فَمَنِ ٱبْتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ
فَأُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلْعَادُونَ ﴿٧﴾ وَٱلَّذِينَ هُمْ لِأَمَـٰنَـٰتِهِمْ وَعَهْدِهِمْ
رَٰعُونَ ﴿٨﴾ وَٱلَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَوَٰتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٩﴾

**«Ва касоне, ки ба амонат ва аҳдашон пойбанданд»** (сураи Мӯъминун, оятҳои 1-9**)**.

Баъзе инсонҳо дар бораи таҳорат беаҳамиятӣ мекунанд ва онро ҳамон тавре, ки Худованд гуфтааст, ичро

намекунанд. Чунин инсонҳо дар тӯли ҳаёти худ намоз мехонанд, бе ин ки таҳорати дуруст карда бошанд. Агар таҳорати онҳо дуруст набошад, пас намозҳои хондаи онҳо низ мақбул намешаванд.

Дониста бошед, ҳамчуноне, ки барои намоз хондан таҳорат ва ғусл шарт аст, ҳамчунин зарур аст, ки либос ва макони намозгузориро низ пок намоем. Бояд бадан ва либосҳои намозгузор пок бошанд ва он маконе, ки дар он намозашро мехонад, пок бошад. Агар дар тани ӯ ё либоси ӯ ва ё макони намозхонияш наҷосат расад, бояд онро бо об покиза бишуяд.

Эй бандагони Худо! Таҳорат зоҳирӣ мешавад ва ботинӣ. Таҳорати зоҳирӣ, ин пок кардани зоҳир аст, аз наҷосатҳои ҳиссӣ ва маънавӣ ва аз нигоҳи шариат намоз бидуни он ҷоиз намешавад.

Таҳорати ботинӣ бошад, на бо об пок мегардад ва на бо хок ва онро танҳо тавба ва истиғфор ва иҷро кардани авомири Худо ва Паёмбар ва дурӣ аз манҳиёти Худо ва Расулаш пок месозад.

Дилро аз шубҳа ва шаҳватҳо пок сохтан аз ҷумлаи таҳорати ботин ба шумор меравад.

Инсон бояд таҳорати ботинро ба худ дар тӯли ҳаёташ лозим бигирад. Ин таҳорати ягонаест, ки дар он камию костагӣ ва нуқсон дида намешавад ва онро тағйир ва табдил карда намешавад. Ин таҳорат хеле осон аст барои касоне, ки Худованд тавфиқ додааст. Асли он дар тақвои Худованд аст ва шохаҳояш дар иҷро кардани маъмӯрот ва дурӣ аз манҳиёт. Аммо меваи он ризои Худованд, даромадан дар биҳишт, ёди номи инсон дар Малаи Аъло, ба даст овардани муҳаббати мардум, барор гирифтани корҳояш дар дунё ва баракат дар молу аёлу ҳамсару фарзандонаш мебошад.

Салоту салом фиристед бар роҳнамои меҳрубон ҳазрати Муҳаммад, писари Абдуллоҳ, ки Худованд бо ин ояташ шуморо ба ин кор амр намудааст:

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ﴿٥٦﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, Шумо бар Ӯ салавоту салом фиристед»** (сураи Аҳзоб, ояти 56).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсаронаш модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмин ва муслалмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст кун, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем. Худоё, Туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шуди ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва Парвардигори оламиёнро.

# ДАР НАМОЗ ЧӢ ҶОИЗ АСТ ВА ЧӢ ҶОИЗ НЕСТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованд, Парвардигори оламиёнро, ки яке аз сифатҳои мӯъминонро хушӯъи дар намоз гардонидааст ва ба онҳо ваъда додааст, ки ҷанатулфирдавсро соҳиб гашта, дар он ҷовидон мемонанд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ҳарчанд мушрикон кароҳат дошта бошанд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯ, хотами паёмбарону пешвои муҷоҳидин аст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ки хушӯъ дар намоз рӯҳи намоз аст ва ҳақиқӣ адо кардани намоз танҳо бо он сурат мегирад. Намози бехушӯъ монанди тани беҷон аст. Худованди мутаол омили наҷоти мусалмонро дар хушӯъи намоз гардонидааст. Худованд мефармояд: «**Ҳамоно, мӯъминон наҷотёфтаанд. Ононе, ки дар намозҳояшон хушӯъ меварзанд**» (сураи Мӯъминун, оятҳои 1-9).

Ҳар кӣ дар намозаш хушӯъ надошта бошад, аз аҳли наҷот нест. Хушӯъи дар намоз чанд нишона дорад, ки аз ҷумлаи онҳо оромии аъзо ва ҳаракати беҳуда накардан ва бо ҳузури дил хондан ва бо каломи Худованд ва дуоҳо лаззат бурдан мебошад.

Нишонаҳои дигари он анҷом додани фарзҳои намоз ва воҷиботу суннатҳои он аст ва дар вақти намоз шитоб накардан аст. Дигар аломати хушӯъ дар намоз пайравӣ намудан аст, аз имом бе ин ки аз Ӯ пеш равад ва ё қафо монад.

Нишонаи дигари хушӯъ дар намоз дурӣ ҷустан аст аз он чӣ наҳй шудааст. Қобили зикр аст, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳангоми намоз аз чанд чиз манъ кардаанд. Он чӣ Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам манъ намудааст, ду намуд мебошанд:

Намуди аввал: Чизҳое, ки намозро вайро мекунад ва он ҳашт чиз аст: қасдан сухан гуфтан, хандидан, хӯрдану нӯшидан, зоҳир шудани аврат, ба тарафи ғайри қибла рӯ овардан, корҳои беҳударо такрор намудан, шикастани таҳорат ва пайдо шудани наҷосат.

Намуди дуввум: Чизҳоест, ки намозро вайрон намекунад, вале Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз он сахт манъ намудаанд, ки он хеле зиёд аст.

Аз ҷумла: Дар вақти намоз манъ аст, ки инсон ба тарафи осмон нигоҳ кунад, зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ин корро сахт манъ намуда фармуда буданд: *«Чӣ расидааст он гурӯҳеро, ки ҳангоми намоз чашмони худро ба тарафи осмон мебардоранд?»* Пас бо лаҳҷаи сахттар ба онҳо хитоб намуда гуфтанд: *«Ё онҳо аз ин кори худ боз меистанд, ё чашмнашон кӯр мешаванд»* (Ривояти Бухорӣ). Ин сарзаниши сахте буд аз ҷониби Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам, ки ҳар мусалмон бояд аз он ҳазар намояд ва дар вақти намоз ба тарафи осмон назар накӯнад.

Бояд нигоҳи худро равона накунад ба суи чизҳое, ки дар пешаш истодаанд, зеро ин кор ӯро аз намозро ба тарзи бояд адо намудан боз медорад. Баъзеҳо ин корро ночиз мешуморанд ва дар вақти намоз ба ин тараф ва он тараф нигоҳ мекунанд.

Ҳамчунин Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам наҳй кардааст аз монандшавӣ ба ҳайвонот дар вақти намозхонӣ. Ӯ наҳй кардааст аз хам шудан ба монанди шутур ва назар кардан ба монанди рӯбоҳ ва нишастан ба монанди даранда ва нӯл задан ба монанди зоғ ва бардоштани дастон ҳангоми салом додан ба монанди думи асп, ки аз монандӣ ба инҳо дар вақти намоз манъ шудааст.

Намозхон набояд дар вақти ба саҷда рафтан ба монанди шутур ба зӯр ба саҷда равад, балки ӯ маъмур аст, то зуд ба замин бияфтад. Худованд мефармояд:

وَيَخِرُّونَ لِلۡأَذۡقَانِ يَبۡكُونَ وَيَزِيدُهُمۡ خُشُوعٗا ۩ ﴿١٠٩﴾

**«Саҷдакунон ба рӯ дармеафтанд ва мегӯянд ва бар фурӯтаниашон»** (сураи Исро, ояти 109).

Бе узр вазнинӣ ва гаронӣ нишон додан дар намоз ва ҳангоми аз фарз ба фарзи дигар интиқол шудан, танбалӣ кардан аст дар ҳаққи намоз. Худованди мутаод дар васфи мунофиқон мефармояд:

إِنَّ ٱلْمُنَـٰفِقِينَ يُخَـٰدِعُونَ ٱللَّهَ وَهُوَ خَـٰدِعُهُمْ وَإِذَا قَامُوٓا۟ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ قَامُوا۟ كُسَالَىٰ يُرَآءُونَ ٱلنَّاسَ وَلَا يَذْكُرُونَ ٱللَّهَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿١٤٢﴾

**«Вақте барои адои намоз бармехезанд, танбалона бармехезанд»** (сураи Нисо, ояти 142).

Мӯъмин наҳй шудааст, то дар вақти намоз хондан ба монанди рӯбоҳ рӯяшро ба ин тарафу он тараф гардонад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ба тарафҳо нигаристан ҳангоми намоз фурсатест, ки шайтон аз намози банда медуздад»* (Ривояти Бухорӣ).

Имом Шамсуддин Муҳаммад ибни Абубакр (р) мефармояд: Илтифоте, ки намозхон аз он наҳй шудааст, ду намуд мешавад: Яке илтифоти дили банда аз Худованди азза ва ҷалла ба сӯи ғайри ӯ. Дуюм илтифоти нигоҳ.

Ҳарду намуд илтифот наҳй шудааст. Худованд ҳамеша ба тарафи бандааш равон аст, то замоне, ки банда ба намозаш майл дорад. Вақте банда ба дил ва ё чашмаш ба дигар тараф меравад, Худованди мутаол аз ӯ рӯй мегардонад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салламро дар бораи илтифоти банда дар вақти намоз пурсиданд, он ҳазрат (с) ҷавоб доданд: *«Он фурсатест, ки шайтон аз намози банда медуздад»* (Ривояти Бухорӣ). Он касе, ки дар вақти намозаш ба ҳар тараф илтифот мекунад, ба монанди касест, ки подшоҳе ӯро ба назди худ хондааст ва ӯро дар ҳузури худ қарор дода, ӯро нидо мекунад ва бо ӯ сухан мегӯяд, вале ин мард бошад, аз подшоҳ рӯй гардонида, ба ҳар тараф назар мекунад ва дилаш аз султон дур шуда, машғули он манзараҳо мебошад. Ин мард ҳаргиз нафаҳмид, ки подшоҳ чӣ гуфт, зеро дили ӯ машғули чизи дигар буд. Акнун худ қазоват кунед, ки ин подшоҳ бо он мард чӣ муомила мекунад. Ба назарам камтарин чизе, ки мекунад, ӯро аз даргоҳаш меронад, зеро он мард дигар дар назари подшоҳ ҳақир менамояд ва дигар ҳаргиз ӯро ба наздаш

даъват намекунад. Ҳаргиз баробар шуда наметавонад он касе, ки ҳангоми намозаш ба ҳар тараф рӯй мегардонад, ба он касе, ки ҳангоми намоз тамоми фикрашро равона ба тарафи Худованд намуда, азамат ва бузургии Ӯро дар пеши назараш моеорад ва метарсад аз он, ки мабодо дар ҳузури Худованд хато ва нуқсоне аз ӯ содир шавад ва шарм мекунад, ки аз Худованд рӯй гардонида, ба тарафи дигар назар намояд.

Намозхон набояд ба монанди дарандагон ба замин бихобад ва дастону бозувонашро паҳн намуда, дар вақти саҷда ба замин расонад. Балки суннат он аст, ки кафҳои худро дар замин ниҳода, онҳоро дар баробари китфҳояш қарор диҳад ва бозуҳояшро аз замин бардорад ва онро аз танаш дур созад. Зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Вақте ба саҷда меравӣ, кафҳои худро ба замин неҳ ва оринҷҳоятро боло кун»* (Ривояти Муслим).

Чизи дигаре, ки дар вақти намоз хондан манъ аст, нишастан аст ба монанди нишастани саг. Олимон онро чунон тафсир намуданд, ки дар байни ду саҷда пойҳояшро ба ду тараф бурда, бо дунбааш бар замин нишинад. Дар байни ду саҷда суннат он аст, ки пойи чапро хобонида бар болои он нишинад ва пои росташро рост монда, ангуштони ҳарду пой ба тарафи қибла бошад.

Чизи дигаре, ки намозхон аз он манъ шудааст, бо шитоб хондани намоз аст ба ин тариқа, ки на рукӯъашро пурра кунад, на суҷудашро ва на дигар аркони намозро. Намоз бояд оромона хонда шавад ва ҳама аркони он пурра ба ҷо оварда шавад. Ҳазрати Абӯабдуллоҳи Ашъарӣ ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам намозашро бо саҳобагонаш хонд ва баъди намоз ҳамроҳи як гурӯҳи онҳо нишаст. Марде даромада, намоз хонд ва дар вақти рукӯъу суҷудаш чун мурғ нӯл мезад ва Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ нигоҳ мекард. Пас гуфт: *«Инро мебинед. Агар ӯ бимирад, бар дини Муҳаммад намемирад. Дар вақти намозаш нӯл мезанад, ба монанди нӯл задани зоғ ба хун, қиссаи он касе, ки намозашро мехонад ва дар он дар рукӯъу суҷудаш ором намегиград, ба монанди гуруснаест, ки танҳо як-ду хурмо мехӯрад, ки барояш фоида намедиҳад»* (Ривояти Байҳақӣ).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дуздӣ аз намозро бадтар аз дуздии молу мулк хондааст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Бадтарин дузд касест, ки аз намозаш дуздӣ мекунад»*. Гуфтанд: Эй Расли Худо, чӣ гуна инсон аз намози худ медуздад? Ӯ мефармояд: *«Рукӯъу суҷудашро пурра ба ҷо намеорад»* Ё ин ки фармуданд: *«Дар вақти рукӯъу суҷуд камари худро рост намекунад»* (Ривояти Аҳмад).

Чизи дигаре, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар вақти намоз хондан манъ намудааст, фишурдани ангуштон ва ангуштонро шабака кардан мебошад. Имом Аҳмад аз Абусаъид ривоят мекунад, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Вақте яке аз шумоён дар масҷид бошед, ангуштонатонро шабака накунед. Зеро ангуштонро шабака кардан, кори шайтон аст. Ҳар яки шумо дар дохили намоз ҳисоб мешавед, аз замоне, ки дар масҷид қарор доред, то замоне, ки аз масҷид берун меравед»* (Ривояти Абудовуд).

Каъб ибни Аҷаза дар ҳадиси марфуъаш чунин ривоят мекунад: *«Вақте яке аз шумоён таҳорат созад, ба мақсади хондани намоз пас ангуштони дасташро шабака накунад, зеро ӯ дар дохили намоз аст»* (Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ).

Шабака кардани ангуштон яъне: ангуштонро ба ҳам андохтан ва фишурдани пайвандҳои он аст ба дараҷае, ки садои онро мешунавад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин амал манъ кардааст, зеро он беҳуда бозӣ кардан аст дар намоз ва аз тарафи дигар, ин кор далолат ба танбалӣ мекунад. Баъзеҳо вақте ба намоз шурӯъ мекунанд, садои ангуштонашонро мешунавӣ, ки ин илова бар зарари худ зарар расонидан ба дигар намозгузорон аст.

Намозгузоронро суннат аст, ки дар тули муддати қиёмаш дасти росташро болои дасти чап дар зери ноф гузорад.

Дар намоз ҳамёза кардан макрӯҳ аст, зеро он далолат ба танбалӣ мекунад ва он муқобили хушӯъ дар намоз аст. Ҳамчунин даҳонро боз кардан аз ғалабаи хоб макрӯҳ аст. Агар тавонад, бояд онро манъ кунад ва агар тавон надошта бошад, бояд ҳангоми кушодани даҳон бо дасташ даҳонашро пӯшонад.

Ҳамчунин дар намоз бе зарурат ҳаракати зиёд намудан макрӯҳ аст, монанди шакидани рӯй, рост кардани риш, дуруст намудани мӯи сар, бозӣ бо либос ва монанди ин аз ҷумлаи ҳаракатҳои дигаре, ки дилро аз хушӯъ бозмедорад. Агар ин намуд корҳо бидуни зарурат бисёр такрор шаванд, намоз ботил мешавад.

Макрӯҳ аст, ки ба хондани намоз оғоз намояд, дар ҳоле, ки зеҳнаш машғули чизест ва хотираш парешон аст, ба сабаби овардани таоме, ки иштиҳои онро дорад, ё ба сабаби эҳсоси пешоб ва ҳоҷатшиканӣ, ё ба сабаби он ки он маконе, ки намозашро мехонад, сахт гарм ва ё хунукӣ вазнин аст. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Нест намоз дар ҳузури таом ва нест намоз дар ҳоли танг гирифтани пешоб ва таҳоратшиканӣ»* (Ривояти Муслим).

Макрӯҳ аст намоз хондан дар сурате, ки дар пеши рӯяш чизе бошад, ки ӯро машғул намояд ба монанди нақшу нигорҳо. Ҳазрати Анас ривоят мекунад, ки *«Ҳазрати Оиша пардаи рангине дошт, ки як тарафи хонаашро мепӯшонд.* Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ гуфт: Аз назари мо ҳамин пардаатро дур кун, зеро суратҳои он ҳангоми намоз дар чашмам намоён мешавад» (Ривояти Бухорӣ).

Уламо аз ин ҳадис далел бар он овардаанд, ки намоз хондан дар рӯи гилем ва фаршҳои пурнақш макрӯҳ аст ва масҷидро аз ҳар намуд зебу зинат пур кардан, макрӯҳ аст, зеро фикри намозгузоронро парешон менамояд.

Намоз хондан дар ҷойҳое, ки дар он сурат аст, макрӯҳ аст, зеро сурат ба бут монандӣ дорад. Баробар аст, ки сурат рост бошад, ё не, вале агар сурат рост бошад, макрӯҳияш сахтар мешавад.

Як чизи дигаре, ки бояд хотиррасон гардад, он аст, ки уҳ-уҳ кардан дар намоз агар аз рӯи ҳоҷат бошад, боке надорад, масалан касе аз ӯ чизе пурсад ва ё аз пешаш гузаштанӣ шавад ва ӯ уҳ-уҳ кунад. Вале бе чунин зарурият макрӯҳ аст, зеро Аҳмад ва Ибни Моҷа аз ҳазрати Алӣ (р) ривоят мекунанд, ки мефармояд: Ман ду маротиба ба назди Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам медаромадам, як маротиба рӯзона ва як маротиба шабона. Агар ман ба назди Ӯ медаромад ва Ӯ машғули намозхонӣ мебуд, уҳ-уҳ мегуфт.

Баъзе олимон чунин фатво медиҳанд, ки агар он бе зарурат бошад, намозро вайрон мекунад, зеро он ба дигар намозгузорон ва ба қироати имом халал мерасонад. Аз ин рӯ, ҷоиз нест истеъмоли он бе зарурат ва дар ҳолати зарурат ҳам он бояд оҳиста бо овози паст гуфта шавад.

Ҳамчунин сулфидан, агар тавони манъи онро надошта бошад, ҳеҷ зараре надорад, вале бояд бикӯшад, то онро манъ намояд ва бо овози пасттар бисулфад.

Пас шумоён дар мавриди намоз аз Худованд битарсед. Банда ҳар вақт барои хондани намоз бархезад, шайтон рашк мекунад аз ин рӯ, мекӯшад, то ба ҳар роҳ намози ӯро вайрон кунад. Агар натавонад, мусалмонро аз хондани намоз боздорад, мекӯшад ба қадри имкон ба ӯ халал расонад ва фикрашонро ба ҳар тараф кашонад ва дар хаёлаш чизҳоеро дарорад, ки пештар дар ёди ӯ набуданд. Аҳёнан чунин мешавад, ки инсон чизеро фаромӯш карда, аз ёд баровардааст ва шайтон дар вақти намоз онро ба ёдаш меорад.

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед ва аз хондани намоз ба монанди мунофиқон парҳез кунед. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ин намози мунофиқ аст. Офтобро нигоҳ мекунад ва вақте он ба шохи шайтон расид, аз ҷой бархоста, ба чор ракаат нӯл мезанад ва дар намозаш Худоро ба ҷуз андаке ба ёд намеорад »* (Ривояти Муслим).

Имом ибни Қаййим (р) мегӯяд: Ин шаш сифат дар намоз нишонаи мунофиқист, танбалӣ намудан ҳангоми бархостан, мардумнамоӣ кардан ҳангоми хондани намоз, онро таъхир намудан, чун мурғон нӯл задан, Худоро дар он кам зикр кардан ва аз ҷамоат қафо мондан. Эй бандагони Худо! Ҳангоми намоз хондан аз ин шаш сифат дурӣ ҷӯед.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. «**Ва шумо бо сабр ва бо намоз кӯмак талаб намоед. Албатта ин намоз хеле гарон аст, магар барои хушӯъкорон**» (сураи Бақара, ояти 45).

# ДАР НАМОЗ ЧӢ ҶОИЗ АСТ ВА ЧӢ ҶОИЗ НЕСТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованд, Парвардигори оламиёнро, ки шариати осонеро барои мо бахшид ва дар дини худ барои мо ҳеҷ мушкилие қарор надодааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва аҳкоми намози худро биомӯзед, то онро ба пуррагӣ анҷом диҳед. Вақте хушӯъ дар намоз кори зарурист, мустаҳаб аст барои намозхон, то роҳгузаронро аз пеши намозаш манъ кунад, зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Агар кадоме аз шумоён намоз хонад, бояд нагузорад, то аз пеши намози ӯ бигузаранд. Агар онҳо ӯро гӯш накунанд, бояд бо тамоми қувваташ ӯро дур кунад, зеро он инсон ҳамроҳаш шайтон дорад»* (Ривояти Муслим).

Намозхон метавонад дар вақти намозаш мор ва каждумро бикушад, зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам: *«Амр намуданд, то дар вақти намоз ду сиёҳиро бикушанд: мор ва каждумро»* (Ривояти Насоӣ).

Дар вақти намоз хондан ҳеҷ зарар надорад, камтар ба пеш ё қафо ҳаракат кунад, агар зарурате пеш ояд.

Намозгузор ҳақ дорад ҳангоми қироати оятҳои азоб аъузу биллоҳ гӯяд ва ҳангоми қироати оятҳои раҳмат дуо намояд, то Худованд ба ӯ ато кунад ва ин танҳо дар намозҳои нафл аст, зеро худи Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам чунин карданд. Вақте барои намозхон кори муҳиме пеш ояд, монанди иҷозати даромадан гирифтани касе, ё хато кардани имом ва ё хавф дошта бошад, ки ба инсоне зараре мерасад, метавонад тасбеҳро баланд бигӯяд ва занон бошанд, қарсак мезананд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Чаро ман шуморо ҳангоми намоз дидам, қарсак мезадед. Ҳар киро ҳангоми намозаш кори муҳим пеш омад, бояд тасбеҳ бигӯяд. Агар тасбиҳ гуфт, ба ӯ нигоҳ мекунанд, аммо қарсак задан барои занон аст»* (Ривояти Муттафақ).

Агар намозхон бихоҳад либосашро дуруст намояд, ҳеҷ зараре надорад. Агар инсон дар вақти намозхонияш ба ёдаш расад, ки ягон либосашро наҷосат расидааст, метавонад онро дар вақти намозаш бикашад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам боре ҳангоми намозхонияш дид, ки дар кафшашон наҷосат аст, пас ҳарду кафшашонро кашид ва намозашро ҳамчунон идома дод.

Ин корҳои андакро барои ҳоҷат ва зарурат метавонад анҷом диҳад ва он ба намоз ҳеҷ халале намерасонад. Шукр Худовандро, ки барои мо ин ҳама осониро овардааст.

Шумо эй бандагони Худо, дониста бошед, ки беҳтарин сухан китоби Худованд аст ва беҳтарин роҳнамоӣ, роҳнамоии Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аст...

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмин ва мусалмонон мағфират намо.

Худоё, Исломy муслиминро пирӯз гардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор кунад.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед кун, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ЭҲТИМОМ БА ҚУРЪОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки китоби худро бар бандагонаш нозил намуд ва дар он ҳеҷ каҷие қарор надод. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарике, ки ин умматро бо беҳтарин китобаш ва охирин паёмбараш инъом намудааст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда, фиристода ва беҳтарини халқи ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду тамоми паёмбарону расулон. Аммо баъд...

Эй мардум! Ман шумо ва худро ба тарси Худованд васият мекунам. Ҳар кӣ аз Худованд битарсад, барояш кушоиш мебахшад ва аз маконе ризқаш медиҳад, ки дар гӯшаи хаёлаш наомада буд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَقُولُواْ قَوۡلٗا سَدِيدٗا ﴿٧٠﴾ يُصۡلِحۡ لَكُمۡ أَعۡمَٰلَكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدۡ فَازَ فَوۡزًا عَظِيمًا ﴿٧١﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамеша суханони дуруст бигӯед. Корҳои шуморо дуруст намуда гуноҳоятонро мағфират менамояд. Ва ҳар кӣ Худованд ва Паёмбарашро итоат намояд, дар ҳақиқат ба комёбии бузурге ноил шудааст»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 70-71).

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱبۡتَغُوٓاْ إِلَيۡهِ ٱلۡوَسِيلَةَ وَجَٰهِدُواْ فِي سَبِيلِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ﴿٣٥﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ба сӯи Ӯ васила ҷӯед ва дар роҳи Ӯ кӯшиш намоед, шояд шумо наҷот ёбед»** (сураи Моида, ояти 35).

Эй мусалмонон! Уитоби Худо роҳи тақвои Худованд ва муҳаббати Ӯст. Китобе, ки ба дурусттарин роҳ ҳидоят мекунад. Ҳазрати Алӣ (р) ин китобро чунин васф намудааст: "Насиҳатгаре, ки хиёнат намекунад, роҳнамое, ки гумроҳ намекунад, сухангӯе, ки дурӯғ намегӯяд. Ҳар кӣ бо ин китоб лаҳзае нишинад, бо зиёдатӣ ва камӣ бармехезад, зиёдатӣ дар ҳидоят ва камӣ дар кӯрӣ... Дониста бошед, ки он шафоатгар ва сухангӯю ростгӯст. Ҳар киро рӯзи қиёмат Қуръон шафеъ шавад, шафоат карда мешавад. Чун рӯзи қиёмат нидокунандае бо садои баланд нидо мекунад: Огоҳ бош, оқибат ҳар киштkунанда дар киштаи хеш мавриди озмоиш қарор мегирад, ба ҷуз кишташ Қуръон. Пас шумо аз ҷумлаи кишткунандагон ва пайравони ин китоб бошед ва барои ба Худованд расидан, роҳро аз он биҷӯед ва барои ислоҳи худ аз талаби насиҳат кунед. Ҳама андешаҳои худро мутобиқи он намуда, хоҳишоти худро бо дастуроти он бисанҷед".

Эй бандагони Худо! Дар ин замона бисёриҳоро мебинем, ки Қуръонро тарк намудаанд ва на дар фикри тиловати онанду на дар фикри андешаи оятҳои он. Онҳо мувофиқи дастуроти он амал намекунанд ва аз он чӣ манъ кардааст, дурӣ намеҷӯянд. Онҳо каломи Худоро танҳо барои хондан дар муносибатҳои махсус, ё онро дар ғилофе печонида, барои табаррук дар ҷойҳои баланди хонаҳо нигоҳ медоранд, ё барои мурдагони худ тиловат мекунанд.

Ҳамчунин бисёриҳоро мебинем, ки Қуръонро ҳифз кардаанд, онро бисёр тиловат мекунанд, вале дар байни онон кам инсонҳо пайдо мешавад, ки рафтори худро ба Қуръон мутобиқ намояд ва ин фазлу неъмати илоҳиро шукргузорӣ намояд. Амал ба Қуръон кам шудааст ва замоне шудааст, ки дар шаъни мусалмонони имрӯза сухани ҳазрати Умар рост омадааст, ки гуфта буд: "Саҳобагони бузургвор дар замони Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам аз Қуръон танҳо як сура, ё каме бештар ҳифз намудаанд, вале ба тамоми Қуръон амал мекарданд ва дар охири замон кӯдакону кӯрони ин уммат Қуръонро ҳифз мекунанд, вале онҳоро насиби амали ба он дода намешавад".

Эй бародарони исломӣ! Мӯъминони пешин қадри Қуръонро дарк карда буданд ва дар бораи онҳо ҳазрати Ҳасан ибни Алӣ мегӯяд: "Касоне, ки пеш аз шумо буданд,

Қуръонро чун мактуби илоҳӣ фаҳмида буданд. Онҳо шабона дар бораи он меандешиданд ва рӯзона ба он боварӣ доштанд". Пас аз онҳо тиловати Қуръонро шараф ва каромат меҳисобиданд, ба дараҷае, ки ибни Салоҳ (р) мегуфт: "Қироати Қуръон кароматест, ки Худованд инсонро додааст. Дар хабар омадааст, ки малоикаҳоро Қуръон дода нашудааст ва онҳо тилвати онро аз инсонҳо мешунаванд". Махфӣ нест, ки беҳтаринҳои ин уммат қориёни Қуръонанд, балки онҳо аҳл ва хоссаи Худованд мебошанд. Худованд мефармояд: **«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум бароварда шудед, ки амри маъруф мекунед ва наҳйи мункар ва ба Худо имон овардаед. Ва агар аҳли китоб имон оваранд, барояшон беҳтар буд. Баъзеи онҳо мӯъминанд, вале акасарашон фосиқонанд»** (сураи Оли Имрон, ояти 110).

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро омӯхта ва ба онро омӯзондааст»* (Ривояти Бухорӣ). Дар ҳадиси дигар мефармоянд: *«Худованд дар байни мардум аҳли худро дорад. Аз ӯ пурсиданд: Эй Расули Худо, аҳли Худованд киҳоянд? Гуфт: Аҳли Худо ва хоссаи ӯ аҳли Қуръонанд»* (Ривояти Аҳмад ва Нассоӣ). Аз ин ояту ҳадисҳо бармеояд, ки аҳли Қуръон беҳтарини беҳтаринҳо ва хосаи хосонанд.

Соҳибони Қуръон парчамдорони Исломанд. Қозӣ Аёз (р) мегӯяд: "Ҳофизи Қуръон бардорандаи парчами Ислом аст ва ба хотири азамати Худованди мутаол набояд чун беҳудакорон беҳудакорӣ кунад ва чун хатокорон хато кунад ва чун бозингарон бозӣ кунад".

Эй ҳофизи Қуръон! Ин амонатро холисона бардор ва ба он амал намо ва мунтазир бош, ки Худованд бароят баракати дунё ва охиратро мерасонад. Ба ин оят андеша намо:

قُلْ بِفَضْلِ ٱللَّهِ وَبِرَحْمَتِهِۦ فَبِذَٰلِكَ فَلْيَفْرَحُواْ هُوَ خَيْرٌ مِّمَّا يَجْمَعُونَ ﴿٥٨﴾

**«Бигӯ: Ин ба фазлу раҳмати Худост. Пас ба ҳамин чиз бояд хурсанд шаванд. Ин беҳтар аст аз он чӣ ҷамъоварӣ**

**мекунанд»** (сураи Юнус, ояти 58). Ибни Аббос (р) мегӯяд Қуръон пур аз фазилату бузургист ва барои фаҳмидани он танҳо ҳамин ҳадис кофист, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳамоно, Қуръон ба сурати марде лоғар бо соҳиби худ дар рӯзи қиёмат вақте аз қабраш берун оварда мешавад, рӯ ба рӯ меояд. Аз ӯ мепурсад: Оё маро мешиносӣ? Мегӯяд: Не, намешиносамат. Мегӯяд: Ман ҳамон дӯсти ту, Қуръонам, ки дар шиддати гармоҳо мемонандам ва шабҳоро бо ту рӯз мекардам. Ҳама тоҷирон пайи тиҷорати худанд ва ман барои ту имрӯз аз ҳама тиҷоратҳо беҳтарам. Пас мулкро ба дасти росташ медиҳанд ва ҷовидониро ба дасти чапаш ва тоҷи виқорро бар сари ӯ мениҳанд ва ба волидайнаш ду либосе мепӯшонанд, ки аз дунё боарзиштар аст. Онҳо мепурсанд: Ин ба кадом хотир аст. Бар онҳо мегӯянд: Ба сабаби он ки фарзанди шумо дунболи Қуръон рафт. Пас барои он мард мегӯянд: Бихон ва боло рав дар дараҷаҳои ҷаннат ва утоқҳои он. Ин инсон баланд баромадан мегирад, то замоне, ки тиловат мекунад, бетартил, ё ба тартил»* (Ривояти Ибни Моҷа).

Эй мусалмонон! Ҳамчуноне, ки муйсафеди мусалмону подшоҳи одилро ҳурмат мекунанд, бояд қориёни Қуръонро икром кард, ки ин қадрдонии Худованд мебошад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Аз бузургдошти Худованд аст, ки мусалмони муйсафедро икром кунанд ва ҳофизи Қуръонро, ки ҳамеша бо он аст ва икроми шоҳи одил»* (Ривояти Абудовуд).

Эй бандагони Худо! Он касе, ки вақти худро дар ҳифз, тиловат ва андешаи Қуръон гузаронидааст, вақташ зоеъ нашудааст. Он диле, ки бо Қуръон зиндагӣ мекунад, бемор намешавад. Он касе, ки Қуръон намехонад, чиро мехонда бошад? Чӣ гуна инсон даст ба муноҷоти Худо мебардораду аз Қуръон чизеро намедонад? Касе, ки дар дилаш чизе аз Қуръон нест, монанди хонаи вайрона аст. Уммате, ки дастури он Қуръон аст, шикаст намехӯрад ва душманони ин уммат аз чизе бештар аз Қуръон хавф надорад. Аз рӯ овардани мусалмонон ба Қуръон бистарашон аҷаб дурушту нохушоянд мегардад.

Эй мусалмонон! Ҳурмати китоби Худоро ба ҷо оред ва аз дармонҳоятон танҳо аз он шифо бихоҳед ва бо он бар

душманони худ нусрат талабед ва бо он дӯстро аз душман ҷудо намоед ва аз мактаби он адаб омӯзед. Худованд раҳмат кунад қавмеро, ки хобашон меояду онҳо дар даст Қуръон доранд, то хобашон дур шавад, чунончӣ Муҷоҳид гуфтааст. Куҷост он тоифае, ки ҳиммат ва адаби онҳо чунин бошад, куҷост ононе, ки намехостанд касе онҳоро аз тиловати Қуръон боз дорад, ё онҳо касеро аз он боздоранд.

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَتۡلُونَ كِتَٰبَ ٱللَّهِ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنفَقُواْ مِمَّا
رَزَقۡنَٰهُمۡ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ يَرۡجُونَ تِجَٰرَةٗ لَّن تَبُورَ ٢٩ لِيُوَفِّيَهُمۡ
أُجُورَهُمۡ وَيَزِيدَهُم مِّن فَضۡلِهِۦٓۚ إِنَّهُۥ غَفُورٞ شَكُورٞ ٣٠

**«Ҳамоно ононе, ки китоби Худоро тиловат мекунанд ва намозро барпо медоранд ва аз он чӣ ба онон рӯзӣ додаем, ошкору ниҳон инфоқ мекунанд, ба тиҷорате дил бастаанд, ки ҳаргиз зиёне дар он нест. Худо подоши онро пурра дода шавад ва аз фазлаш ба онҳо афзун диҳад. Ҳамоно, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст»** (сураи Фотир, оятҳои 29-30). Худованд мову шуморо бо роҳнамудҳои китобаш ҳидоят намояд. Ҳамоно, ки ӯ шунавову иҷобаткунанда аст.

# ЭҲТИМОМ БА ҚУРЪОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованд, парвардигори оламиёнро, ки фазлашро бар ҳар кӣ хост иноят мекунад. Ҳамоно, Худованд дорои фазилати бузург аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарике, ки дар дунё баъзеро бар дигарон бартарӣ додааст аммо фазилату бартарии охират бузургтар аст.

Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда, фиристода ва беҳтарини халқи Ӯст. Ӯро Худованд фазилат дод, ки Қуръонро бар Ӯ нозил намуд ва рафтори Ӯ ҳама Қуръон буд. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду тамоми паёмбарону расулон.

Бародарони имонӣ! Ҳеҷ тиҷорате бартар аз имону тиловати Қуръон ва амали солеҳ вуҷуд надорад. Тиловати Қуръон аз ҷумлаи тиҷоратҳоест, ки тибқи ваъдаи илоҳӣ безиён аст. Хушо ба ҳоли қориёни Қуръон, зеро Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَتۡلُونَ كِتَٰبَ ٱللَّهِ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنفَقُواْ مِمَّا

رَزَقۡنَٰهُمۡ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ يَرۡجُونَ تِجَٰرَةٗ لَّن تَبُورَ ﴿٢٩﴾

**«Ҳамоно ононе, ки китоби Худоро тиловат мекунанд ва намозро барпо медоранд ва аз он чӣ ба онон рӯзӣ додаем, ошкору ниҳонӣ инфоқ мекунанд, ба тиҷорат дил бастаанд, ки ҳаргиз зиёне дар он нест»** (сураи Фотир, ояти 29).

Ҳазрати Қатода мегӯяд: Мутриф ибни Абдуллоҳ вақте ин оятро тиловат менамуд, мегуфт: Ин ояти қориён аст.

Бо вуҷуди фазилате, ки ҷиҳод дорад, аз Сафёни Саврӣ пурсиданд: Марде дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад, бароят маҳбубтар аст, ё марде, ки Қуръон мехонад. Гуфт: Ҳамоне, ки Қуръон мехонад, зеро Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро омӯхта ва онро меомӯзонад»* (Ривояти Бухорӣ).

Ривоят мекунанд, ки баъзе фақиҳони Миср ба назди имом Шофеъӣ даромаданд, ки ӯ дар масҷид нишаста буданд ва Қуръонро дар даст доштанд. Шофеъӣ ба онҳо гуфт: Шуморо фиқҳ аз Қуръон боздоштааст. Ман хуфтанро мехонам ва Қуръонро ба даст мегирам ва онро то субҳ намепӯшам.

Эй бандагони Худо! Арзиши хондани Қуръон ба андеша намудани маънои он аст ва Қуръон нозил шудааст, то ба он андеша намоянд. Худованд мефармояд:

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ ﴿٢٩﴾

**«Ин китобест бисёр бобаракат, ки онро ба сӯи ту нозил кардаем, то дар оятҳои он соҳибдилон андеша намоянд»** (сураи Сод, ояти 29).

Бақоъӣ (р) дар тафсири ин оят мегӯяд: Яъне, дар охири ҳар оят бояд андеша намуд, ки ин оят ба чӣ меанҷомад ва чӣ мафҳумҳои ниҳонӣ дар зимнаш дорад. Ҳар кӣ танҳо ба ҳифзи ҳарфҳои он иктифо намояд, ба монанди касест, ки гове дорад, пистонҳояш пур аз шир, вале онро намеҷӯшад ва монанди тойчаест, ки нидо мекунад, вале онро таваллуд намекунад. Чунин инсон аз имкон берун нест, ки дигар ҳудудҳои Қуръонро намефаҳмад ва ба он амал намекунад.

Худованд мефармояд: **«Оё дар ин Қуръон андеша намекунанд? Ё ин ки дар дилҳояшон қуфл зада шудааст?»** (сураи Муҳаммад, ояти 24). Боз Худованд мефармояд: **«Оё дар ин Қуръон андеша намекунанд? Агар он аз назди ғайри Худованд мебуд, албатта дар он ихтилофҳои зиёде медиданд»** (сураи Нисо, ояти 82). Қуртубӣ мегӯяд: Ин оятҳо далолат бар он мекунанд, ки воҷиб аст, дар оятҳои Худованд андеша намоем, то маънои онро пурра бифаҳмем.

Эй мусалмонон! Вақте, ки наандешидан дар оёти илоҳӣ барои мо чизи оддӣ гашта бошад, аксари мо аз тадаббур истифода намебарем, ин аз як тараф ва аз тарафи дигар бошад, мехоҳем қироати Қуръонро бештар намоем ва сураҳоро паси ҳам хатм кунем, ҳатто ин ки яке аз орифон

мегӯяд: Мо чунон шудаем, ки чун сураеро оғоз намоем, мехоҳем ҳарчи зудтар онро анҷом диҳем.

Яке аз аломатҳои мунофиқон дар ин аст, ки мехоҳанд аз андеша кардан дар Қуръон рӯй гардонанд ва аз он ҳидоят наҷӯянд. Сабаби ин дар он аст, ки дилҳои эшон бо он ҳама шаҳвату шубҳаҳо бемор гаштааст ва Худованд ҳам чун сифати мунофиқинро баён намуд, маҳз бо сифати рӯй гардонидан аз тадаббури Қуръон онҳоро айб гирифт.

Эй бародари мӯъмин, агар пурсиданӣ бошӣ, ки барои андеша кардан дар Қуръон ва аз он пурра истифода намудан чӣ роҳҳоест? Ҷавоби ин саволро дар қоидаи бузурге меёбӣ, ки онро Ибни Қаййим дар китоби худ "Фавоид" сари ҳамаи манофеъ хондан аст, ки мегӯяд: "Вақте иродаи онро дошта бошӣ, ки аз Қуръон фоида ба даст орӣ, ҳангоми тиловати он дили худро ҷамъ намо, онро бештар бишнав ва хубтар гӯш намо. Худро омода ба он намо, ки Худованд бо ту сӯҳбат мекунад. Зеро Қуръон хитоби Худованд аст, ки тавассути Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам туро хитоб мекунад. Худованд мефармояд:

**«Ҳамоно, ки дар ин Қуръон панд аст, барои он касе, ки дил дорад ва ё шоҳид буда, ба он гӯш медиҳад»** (сураи Қоф, ояти 37). То он ҷо, ки мегӯяд: Вақте таъсиркунанда (Қуръон) бошад, маҳалли қабул (дил) бошад, шарти қабул (гӯш кардан) бошад ва монеъ набошад, ки он парешонхотирӣ будан ва фаромӯш кардани он ки хитобкунанда Худованд аст, дар ин сурат, албатта таъсири худро Қуръон мерасонад.

Эй мӯйсафеди кӯҳансол! Аз ин китоб чиро ҳифз кардаӣ? Дар тиловату андеша намудан дар он насибе дорӣ? Агар дар гузашта натавонистӣ насибе аз он бархӯрдор бошӣ, пас кӯшиш кун, ҳиссае аз он бардорӣ. Агар худ наметавонӣ ин корро анҷом диҳӣ, кӯшиш намо, то фарзандонат аз он бенасиб нагарданд.

Эй муваззаф, муаллим ва коргар! Оё наметавонӣ чанд лаҳза аз вақти пурарзиши худро сарфи ҳифзу тиловати ин китоби бузург намоӣ? Зеро аз паи ҳар тавонмандӣ нотавонист ва аз паи ҳар фароғ серкорист. Хушо ба ҳоли он муваззаф, муаллим ва корманде, ки барои ҳифзу андешаи ин китоб бо ҳам ҷамъ мешаванд.

Эй ҷавону наврас! Оё аз китоби Худованд чанд оят ҳифз намудаӣ? Дар оятҳои он чанд лаҳзаҳо андеша кардаӣ? Набояд коре кунӣ, ки ҷавонони дигар туро дар ҳифзи Қуръон сабқат намоянд ва дигар ту пушаймон шавӣ, вале вақти пушаймонӣ намонда бошад.

Эй мардону занони мусалмонон! Ҳамеша дунболи ҳифзу тадаббури Қуръон бошед ва онро ба андозае қадрдонӣ намоед, ки Худованд мехоҳад, то дар ду олам ҳаёти осоиштагӣ ва неъматҳои фаровонро насиб гардед.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз дигар саҳобагону ҳамсарони Паёмбар, ки модарони мӯъминонанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва амали моро барои ризои худ гардон.

Худоё, барои мо ато намо ва моро маҳрум магардон ва икромамон куну хорамон масоз ва моро афзун намо ва ноқис макун.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Худоё, ба ҳоли бародарони мусалмони мо дар тамоми олам раҳм намо. Худоё, барояшон пуштибону ғамхор бош. Худоё, ба калонсолони онҳо раҳм намуда, ба тифлаконашон ғамхор бош ва занони онҳоро ҳифз намо.

Худоё, мо аз ту муҷиботи раҳмат ва раҳмататро талаб дорем ва мағфирати бузургатро ва ғаниматро аз ҳама накӯӣ ва саломат мондан аз ҳама гуноҳро.

Ва даъвои охир мо ҳам ҳамин аст, ки сипос мар Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст.

# КӮШИШҲО ДАР ДАҲАИ АХИРИ РАМАЗОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованд, парвардигори оламиёнро, ки ба шитоб кардан дар ҷамъоварии накӯиҳо амр намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди якка, ки дар улуҳият, рубубият ва номҳою сифоташ ҳамто надорад. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад бандаи Худо, фиристодаи Худо ва аввалин касест, ки барои анҷоми накӯиҳо шитоб мекарданд. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду тамоми ёронаш, соҳибони бузургворию каромат.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ки шабу рӯз зуд мегузаранд ва гузашти онҳо аз умри азизи шумо ба шумор меравад ва он аз хазинаи умри гаронбаҳои шумост. Пас бикӯшед, то ҳар чӣ бештар дар хазинаи худ чизҳоеро ҷамъоварӣ намоед, ки дар рӯзи ҳисоб ба дарди шумо расад, дар он рӯзе, ки ба накӯкорон гуфта мешавад:

**«Шумо гуворо бихӯреду бинӯшед, ба сабаби он чӣ дар рӯзҳои гузашта анҷом додед»** (сураи Алҳоққат, ояти 24). Шумо набояд корҳоеро анҷом диҳед, ки дар рӯзи ҳисоб пушаймон шавед ва монанди ононе бошед, ки:

يَقُولُ يَـٰلَيۡتَنِي قَدَّمۡتُ لِحَيَاتِي ﴿٢٤﴾

**«Мегӯяд: Эй кош ман барои имрӯзам коре мекардам»** (сураи Фаҷр, ояти 24).

Эй бандагони Худо! Дониста бошед, ки шумо мрӯзҳо дар беҳтарин рӯзҳои моҳи Рамазон қарор доред. Бист рӯзи ин моҳро гузарондед ва акнун дар даҳаи охир қарор доред. Ҳар кӣ дар бист рӯзи аввал накӯкор буд, бояд ин корашро бештар ва хубтар идома диҳад ва дар ин даҳа кӯшишашро дучанд намояд, то хайрро болои хайраш изофа намояд ва аз фазилати ин рӯзҳо, ки аз дигар рӯзҳо фарқ доранд, истифода барад. Он касе, ки дар рӯзҳои гузашта сустӣ ва беаҳамиятӣ карда буд, бикӯшад, то ин лаҳзаҳои охирро ба даст орад ва

ба даргоҳи Худованд аз корҳои кардааш тавба намояд, шояд ки Худованд тавбаашро қабул намуда, гуноҳҳои гузаштаашро авф кунад, зеро ҳама кор баста ба фарҷоми он аст.

Эй бандагони Худо! Агарчи ҳаёти мусалмон ҳамааш фурсат аст, вале ин моҳ аз дигар моҳҳо фарқ мекунад. Ин моҳ монанди дурри қиммат ва арзишманде аст. Ин моҳҳоро Худованди мутаол чандин хусусиятҳо додааст ва дар он баъзе амалҳоро фарз гардонидааст, ки дар дигар моҳҳо дида намешавад. Худованд рӯза гирифтанро дар рӯзҳои ин моҳ фарз гардонидааст ва онро яке аз рукнҳои Ислом қарор додааст ва Худованд рӯзаро аз байни ҳама ибодатҳо ихитёр намуда гуфтааст *«Рӯза аз ман аст ва ман худ мукофоти онро медиҳам»* (Ривояти Насоӣ). Худованд рӯзаро ду имтиёз додааст. Якум ин ки онро ба худаш нисбат додааст ва гуфтааст: *«Рӯза аз ман аст».* Ин нисбат далели шарафи он аст. Дуюм ин ки Худованд худаш мукофоти рӯзадоронро омода мекунад. Ин маънои онро дорад, ки мукофоти рӯзадорон хеле бузург аст ва онро тнҳо Худованд медонад.

Дар шабҳои моҳи Рамазон қиёми шаб машруъ шудааст, ки онро таровеҳ мегуянд ва онро дар масҷид бо ҷамоат мехонанд. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ бо имом дар масҷид то бозаштани имом намоз хонад, ба ӯ савоби қиёми лайл навишта мешавад»* (Ривояти Тирмизӣ). Ҷои дигар Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ моҳи Рамазонро бо имону ихлос рӯза гирад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешаванд»* (Ривояти Муттафақ).

Чӣ тавре маълум аст, тамоми вақтҳои ин моҳ пур аз ибодатҳост, дар рӯз рӯза мегиранд ва дар шаб намоз мехонанд, то барои мӯъмин ду ҷиҳод ҳосил шавад, дар рӯз ҷиҳод ба муқобили нафс бо гуруснагӣ ва дар шаб бо бедорӣ ва ибодат.

Ҷиҳод эҳтиёҷ ба сабр дорад, барои ҳамин ин моҳро моҳи сабр меноманд. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз сабру намоз кӯмак бигиред. Худованд бо шикебоён аст»** (сураи Бақара, ояти 153). Бағавӣ дар тафсири ин оят мегӯяд: Мурод аз сабр рӯза аст. Асли маънои сабр ҳабс кардан аст ва рӯза ҳабси нафс аст аз таому шароб.

Ҳар кӣ байни ин ду ҷиҳод ҷамъ намояд ва дар он сабр намояд, аҷри фаровонеро меёбад. Аммо касоне, ки намози таровеҳро намехонанд ва танбалӣ мекунанд, шаби Рамазонро, ки барои ибодат буд, аз даст медиҳанд ва аз савоби сабр маҳрум мегардад ва савоби бузургеро аз даст медиҳанд. Бояд оин тоифа мардумоне, ки намози таровеҳро куллан, ё баъзан намехонанд, огоҳ бошанд ва агар то имрӯз ба ин ё он баҳона онро тарк мекарданд, зуд тавба намоянд ва дар ин рӯзҳои боқимонда ин фурсатро аз даст надиҳанд ва аз савоби ин шабҳои пурбаракат маҳрум нагарданд.

Хуб аст, то дар ин моҳи муборак бештар машғули тиловати Қуръон шавем. Худованд мефармояд:

شَهۡرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلۡقُرۡءَانُ هُدٗى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَٰتٖ مِّنَ ٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡفُرۡقَانِۚ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ وَلِتُكۡمِلُواْ ٱلۡعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُواْ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمۡ وَلَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٨٥

**«Моҳи Рамазоне, ки дар он Қуръон нозил шудааст»** (сураи Бақара, ояти 185).

Нузули Қуръон ба ин моҳ хос шудааст, пас тиловат кардани Қуръон дар ин моҳ савоби бештаре дорад. Барои ҳамин, Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин моҳ бештар тиловати Қуръон мекарданд. Дар саҳеҳайн омадааст: *«Ҳазрати Ҷабраил дар ҳар шаби Рамазон бо Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам вохӯрда, ба ӯ Қуръонро мехонд»*.

Беҳтарин малоикаҳо Ҷабраил ба беҳтарини паёмбарон Муҳаммад бо ҳам беҳтарин китоби Худоро дар беҳтарин моҳҳо, моҳи Рамазон тиловат мекарданд, ки ин далели фазилати тиловати Қуръон аст. Дар ин моҳ агарчӣ тиловат

кардан дар дигар моҳҳо низ аз савоб холӣ нест. Аз тарафи дигар ин нишасти Ҷабраил бо Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам далолат бар он мекунад, ки хуб аст дар ин моҳ Қуръонро дар назди касе, ки беҳтар аз ту ҳифз кардааст, гузаронд.

Тиловати Қуръон дар моҳи муборaки Рамазон метавонад дар намозҳои фарзӣ бошад, ё дар таровеҳ, ё намози таҳаҷҷуҷ ва ё дар беруни намозҳо. Саҳобагон дар намози таҳаҷҷуҷ дарозтарин сураҳоро мехонданд ба дараҷае, ки дар вақти қиём дигар ба асо такя мекарданд.

Ин мисолро барои он овардем, ки касоне, ки мекӯшанд бо камтарин оят намозашонро ба итмом расонанд, дарси ибрат гиранд. Вақте дар ҳадисҳо омадааст, ки имом бояд ҳоли қавмашро риоя кунад ва намозашро дароз нахонад, маънои онро надорад, ки намозашро ба монанди нӯл задани мурғон бихонад. Риояи қавм маънои онро дорад, ки тамоми аркони намозашро пурра анҷом диҳад ва қироаташро хуб кунад ва саросема нашавад, вале намозашро дароз накунад, то малоли қавм нагардад. Намози таровеҳ аз аввали моҳ то охираш бояд яксон гузарад. Баъзе имомони масҷидҳо ҳаракат мекунанд дар чанд рӯзи аввали моҳи Рамазон Қуръонро хатм кунанд ва дар охири Рамазон, ки беҳтарин рӯзҳои он аст, намозро кӯтоҳ хонанд.

Эй бандагони Худо! Мурод аз таровеҳу таҳаҷҷуди шабҳои Рамазон танҳо хатми Қуръон ва дуои хатми он нест. Мақсад он аст, ки тамоми шабҳои Рамазон банда машғули тоату ибодати Парвардигори хеш бошад. Хатм хуб аст, вале мақсади асосӣ нест. Агар банда натавонад дар шабҳои Рамазон тамоми Қуръонро хатм намояд, вале ӯ намози таровеҳро дар ҳама шабҳои Рамазон бо нияту ихлоси том анҷом дода бошад, савбаш иншоаллоҳ, дар назди Худованд пурра дода мешавад. Касе, ки дар шабҳои Рамазон Қуръонро хатм кунад, вале дар баъзе шабҳои Рамазон таровеҳро тарк карда бошад, дар савобаш камбудӣ дода мешавад.

Чизи дигаре, ки дар ин моҳ таъкид шудааст, кӯшиши бештар аст дар даҳаи ахири он, зеро ин рӯзҳо рӯзҳои озодист, аз оташи дӯзах барои касоне, мустаҳиққи дӯзах

шудаанд, вале тавба ва истиғфорро дар ин шабҳо бештар кунанд ва бо нияту ихлос ин шабҳоро ба ибодат гузаронанд.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам шабҳои ахири ин моҳро бо саъю талоши бештар мегузарониданд ва онро бо таҳаҷҷуд ва таровеҳ зинда медоштанд. Ӯ дар масҷид эътикоф менишаст, то аз ҳама чиз бурида шуда, танҳо машғули ибодат шавад. Пас дар ин шабҳо кӯшиши зиёд кардан иқтидост ба Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам. Худованд мефармояд: **«Албатта, барои шумо дар Паёмбар намунаи хуб аст, барои касоне, ки умеди Худо ва рӯзи охиратро дошта бошад ва Худоро бештар ёд кунанд»** (сураи Аҳзоб, ояти 21).

Даҳҳаи ахир шабҳое дорад, ки умед аст шаби қадр дар он бошад, Худованд мефармояд: **«Шаби қадр беҳтар аст аз ҳазор моҳ»** (сураи Қадр, ояти 2). Яъне, амал кардан дар ин шаб беҳтар аст аз амал кардан дар ҳазор моҳе, ки дар он шаби қадр набошад. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар кӣ дар шаби қадр бо имону ихлос қиём кунад, гуноҳҳони гузаштааш мағфират карда мешавад»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Қиёми он бо зинда доштани он аст бо тиловату намозу дуо. Қиёми он вақте ҳосил мешавад, ки банда дар тамоми моҳ кӯшиш намуда буд, хусусан дар даҳаи ахир ва даҳаи ахир шабҳоест, ки аксари уламо мегӯянд, шаби қадр дар он аст. Шаби қадрро барои мо ошкор накард, ки айнан дар кадом шаб аст ва Худованд онро барои он пӯшида доштааст, то бештар машғули ибодат шавем ва тамоми шабҳои моҳи Рамазонро зинда дорем ва ӯро бештар ибодат намоем. Мо ҳарчи бештар ибодат намоем ва дар пайи ҷустуҷӯи шаби қадр шабоҳои бештареро зинда дорем, ҳамон қадар ҳасаноти мо зиёд ва гуноҳҳои мо камтар мегарданд ва аз танбалӣ раҳо меёбем.

Мусалмонеро, ки тавфиқу мадади Худованд расида бошад ва тавонад ин моҳро ба пуррагӣ ибодат намояд ва даҳаи раҳмату мағфирату озодии аз оташи дӯзахро бо намозу дуо паси сар кунад ва шаби қадрро бо имону ихлос пос дорад, арзиши онро дорад, ки аз тамоми файзу баракати ин моҳ бархӯрдор шуда, ба корҳои кардааш олитарин дараҷаҳоро ноил мегардад.

Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳаи ахири Рамазон корҳоеро анҷом медод, ки аз ҷумлаи онҳо:

Зинда доштани шабҳои он бо таҳаҷҷуд ва таровеҳ, ки дар баробари худ хонадони худро низ бедор менамуд. Ин корест, ки бисёре аз мардум дар ин замона пайи он намегарданд ва фарзандони худро беназорат мегузоранд, то дар хона нишаста, ба тамошои филмҳо шабҳои худро рӯз кунанд. Фарзандон дигар пайи шунидани мусиқӣ ва беҳудагӣ гашта, ё бо рафиқони бад дар кӯчаҳо мегарданд, ё дар хона ба тамошои телевизион ва бозиҳои компютерӣ машғул мешаванд. Ҳатто дар шабҳои Рамазон бо мусиқию хушгузаронӣ шабҳоро рӯз мекунанд ва аз файзу эҳсони он маҳрум мешаванд. Аммо чун рӯз шавад, дигар то бегоҳ хоб меравaнд ва аз хондани намозҳои фарзӣ ҳам маҳрум мегарданд, чунки онҳо барои эҳтироми Рамазон ҳеҷ тарбияе надидаанд. Ин аст натиҷаи беаҳамиятии волидайн. Чӣ бад тарбияте буд ва чӣ бемасъулиятие дар ҳоле, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Ҳар яки шумо масъулед ва ҳар якро аз раъияташ пурсида мешавад»* (Ривояти Муттафақ).

Кори дигареро, ки Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳҳаи ахир анҷом медоданд, эътикоф буд. Эътикоф яъне, масҷидеро ихтиёр намудан ва дар он машғули ибодат шудан аст ва аз он набаромадан, магар барои ҳоҷатҳои зарурӣ. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳаи ахири Рамазон тамоми корҳои худро қатъ намуда, онро барои ибодату муноҷоти Парвардигор равона мекарданд.

Шумо эй азизон, дар даҳаи ахири Рамазон, ки он ниҳояти моҳ аст ва шаби қадр дар ин даҳа аст, бештар кӯшиш намоед. Шумо агар имконияти эътикоф нишастан надошта бошед, пас дар масҷидҳо бештар нишинед ва тиловати Қуръонро бештар намоед. Худованд мефармояд:

۞ وَسَارِعُوٓاْ إِلَىٰ مَغۡفِرَةٖ مِّن رَّبِّكُمۡ وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا ٱلسَّمَٰوَٰتُ

وَٱلۡأَرۡضُ أُعِدَّتۡ لِلۡمُتَّقِينَ ١٣٣ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي ٱلسَّرَّآءِ وَٱلضَّرَّآءِ

وَٱلۡكَٰظِمِينَ ٱلۡغَيۡظَ وَٱلۡعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ
ٱلۡمُحۡسِنِينَ ﴿١٣٤﴾ وَٱلَّذِينَ إِذَا فَعَلُواْ فَٰحِشَةً أَوۡ ظَلَمُوٓاْ
أَنفُسَهُمۡ ذَكَرُواْ ٱللَّهَ فَٱسۡتَغۡفَرُواْ لِذُنُوبِهِمۡ وَمَن يَغۡفِرُ ٱلذُّنُوبَ إِلَّا
ٱللَّهُ وَلَمۡ يُصِرُّواْ عَلَىٰ مَا فَعَلُواْ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ﴿١٣٥﴾ أُوْلَٰٓئِكَ
جَزَآؤُهُم مَّغۡفِرَةٞ مِّن رَّبِّهِمۡ وَجَنَّٰتٞ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ
خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ وَنِعۡمَ أَجۡرُ ٱلۡعَٰمِلِينَ ﴿١٣٦﴾

**«Шумо барои мағфирати Худованд ва ҷаннате шитобед, ки паҳноияш чун осмонҳо ва замин аст, ки барои муттақиён омода шудааст. Ононе, ки дар ҳолатҳои хурсандӣ ва андӯҳ нафақа мекунанд, хашми худро фурӯ мебаранд ва аз мардум гузашт мекунанд ва Худованд накӯкоронро дӯст медорад. Ва касоне, ки вақте кори ношоямеро анҷом доданд ва ё бар худ ситам намуданд, Худоро ба ёд меоранд ва аз Ӯ омӯрзиш металабанд. Ва кист ғайри Худованд то омӯрзиш намояд? Ва онҳо бар он бадие, ки мекунанд, дониста исрор намеварзанд. Мукофоти онҳо омӯрзишест аз Парвардигорашон ва биҳиште, ки аз зери дарахтони он ҷӯйҳо равон аст ва дар он ҷовидон мемонанд. Ва чи хушест аҷри амалкунандагон»** (сураи Оли Имрон, оятҳои 133-136).

Худованди мутаол бо Қуръони худ ба мо баракат бахшад. Суханамро ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ омурзандаи меҳрубон аст.

# КӮШИШҲО ДАР ДАҲАИ АХИРИ РАМАЗОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худованд, парвардигори оламиёнро ва оқибат барои муттақиён ва нест душмание магар ба муқобили золимон. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарике, ки Худованди аввалину охирин ва соҳиби замину осонҳост. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду тамоми ёронаш, соҳибони бузургворию каромат.

Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованди зулҷалол битарсед ва худро бо тавба кардан ба даргоҳаш аз гуноҳҳон пок созед ва дар ин айёми боқимонда аз ин моҳи муборак ва дар умри азизи худ барои анҷоми корҳои накӯ шитобед, пеш аз он ки бигзарад. Дарвоқеъ наҷотёфта он бандаест, ки бо саъю талош нафсашро пок сохт ва навмед аст бандае, ки нафси худро ба пайравии бадиҳо хор намуд.

Эй бандагони Худо! Бо зиёд намудани тоату тиловати Қуръон рӯзҳои боқимондаи ин моҳро ғанимат шуморед ва машғули зикру зиёд кардани садақаҳо бошед ва бар тамоми хатоҳои гузашта ба даргоҳи Ҳақ тавба кунед. Оқил касест, ки аз фурсати умр истифода барад ва мавсимҳо хайрро барои нест кардани гуноҳҳояш ғанимат шуморад. Хубиҳо бадиҳро нобуд месозанд ва ин пандест барои пандгирандагон. Дониста бошед, ки ҳар шабу рӯзе, ки мегузарад, аз умри мо кам мегардад ва кӯч бастан аз ин диёр наздиктар мегардад. Шумо бисёриҳоро мешинохтед, ки аз ин қасру хонаҳои боҳашамат ва нӯшу неъмат рахти сафар бастанд ва дигар барнагаштанд ва акнун пӯсида дар гӯристон хобанд. Некбахт касест, ки аз дигарон панд мегирад ва ҳамеша кори Худоро ба ёд оварда, аз ӯ бештар метарсад ва вазифаҳои худро иҷро менамояд. Бадбахт касест, ки дар гузашта бадиҳо кардааст ва аз имрӯзаш фоидае ба даст намеорад ва боқимондаи ҳаёти худро сарфи тавбаву надомат ба даргоҳи Худовад намекунад ва

намекӯшад соҳиби неъматро бо иҷро кардани амрҳояш розӣ кунонад, пеш аз он ки рӯзи қиёмат дар пешгоҳаш истода бошад.

Эй мусалмонон! Шумо фаромӯш накунед, ки дар поёни моҳи Рамазон қарор доред, ки танҳо чанд шабе боқӣ мондааст. Мардуми зиёде ҳастанд, ки ҳоло дар лаҳзаҳои охири умрашон қарор доранд, вале худ бехабаранд. Ҳар кӣ аз моён агар то имрӯз гуноҳе карда бошем, пас биёед тавбаи насӯҳ намоем ва ба дари тавба ворид шавем, ки ҳамакнун боз аст ва пеш аз он ки ин дар баста шавад ва номаҳои аъмол пӯшида шаванд. Ҳар кӣ то имрӯз накӯкор буд ва дар тоати Худо рӯз мегузаронид, пас ин иморати худро мустаҳкамтар намояд ва шукри ин неъматро ба ҷо оварад ва монанди касе набошад, ки ресмонашро баъди тофтан бикшояд.

Эй мусалмонон! Бо ҳозир шудан дар ҷумъаҳо ва намозҳои ҷамоат ва барпо намудани дигар намозҳо масҷидҳоро обод созед. Худованд мефармояд:

وَالَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَوَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٩﴾

**«Ва касоне, ки намозҳояшонро муҳофизат мекунанд»** (сураи Мӯъминун, ояти 9). Шумо дар ин моҳ садақаро бештар намоед. Зеро Худованд дар шаъни онҳо мегӯяд: **«Худованд барои онҳо омӯрзиш ва мукофоти бузургеро ваъда додааст»** (сураи Аҳзоб, ояти 35). Шумо Қуръонро бештар тиловат намоед ва медониста бошед, ки дар рӯзи қиёмат шафоат мекунад ва ҳамеша таровеҳро баргузор намоед, то аз ҷумлаи касоне гардед, ки Худованд дар васфашон мефармояд:.

**«Паҳлӯҳои онҳо аз бистар дуранд ва Парвардигори худро бо тарсу тамаъ дуо мекунанд ва он чӣ ризқашон додаем, садақа мекунанд. Пас касе намедонад, ки барои ӯ чӣ подошҳо омода шудааст, ки равшанибахши дидагон аст. Ин мукофоти аъмоле аст, ки анҷом додаанд»** (сураи Саҷда, оятҳои 16-17).

Эй мусалмонон! Чизи дигареро, ки шариат дар охири ин моҳ фармудааст, ин садақаи фитр мебошад. Садақаи фитр як соъ ва ё баробари хӯроки якрӯзаи шумост, ки онро ҳар як фард пиру калон, зану мард ва бою камбағал садақа

мекунад, то бо он рӯзаи онҳо пурра гардад ва шукри неъматҳои додаи Худоро ба ҷо оваранд, ки моҳи Рамазонро як моҳ рӯза гирифтед, шабонашро ибодат намудед ва Ӯ шуморо аз лағву беҳудагӣ дар ин моҳ нигоҳ дошт. Садақаи фитр барои кӯмаки бечорагон аст, то дар рӯзи ид машғули талбидан набошанд. Вақти баровардани садақаи фитр аз собит шудани хабари ид аст, то намози ид. Мусалмон метавонад онро як ду рӯз пештар аз ид ҳам барорад. Агар дар вақтҳои номбурда онро баровард, он садақаи фитр ба ҳисоб меравад ва илло он мисли дигар садақаҳо мегардад. Аксари олимон бар ин ақидаанд, ки калимаи закот, ки дар ояти зерин омадааст, мақсуд ҳамин садақи фитр аст. Худованд мефармояд:

قَدۡ أَفۡلَحَ مَن تَزَكَّىٰ ﴿١٤﴾ وَذَكَرَ ٱسۡمَ رَبِّهِۦ فَصَلَّىٰ ﴿١٥﴾

**«Дар ҳақиқат наҷот ёфтааст он кӣ закот диҳад ва Худоро зикр намуда, намоз хонад»** (сураи Аъло, оятҳои 14-15). Яъне, тамоми комёбиро меёбад он касе, ки закоти фитрро адо намуда, намози идро бигзорад. Пас шумо эй бандагон Худо, бо хушӣ онро бароред ва бо тамоми хурсандӣ сарф намоед. Худованд мефармояд: **«Шумо ҳаргиз ба ҷаннат намерасед, то ин ки сарф накунед аз он чӣ дӯст медоред. Ва он чӣзеро, ки сарф мекунед, пас Худованд онро медонад»** (сураи Оли Имрон, ояти 92).

Беҳтар аст, ки инсон садақаи фитрро дар ҳамон шаҳре барорад, ки ҳангоми ид дар он қарор дорад. Зеро он эълони ибодат аст ва изҳори шукру сипос ва накӯист ба он бародарони мусалмонаш, ки дар паҳлуи ӯ мебошанд. Агар садақаи фитрро ба шаҳри дигар интиқол диҳад, ки дар он фоида бошад, ҳеҷ зараре надорад. Ҷоиз аст, ки қимати таомро бидиҳад, ба ҷои таом. Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ва саҳобагон таом медоданд бо вуҷуди он ки қиматашро доштанд. Худованд мефармояд: **«Онҳо гумон мекарданд, ки гурӯҳҳо нарафтаанд. Ва агар гурӯҳҳо баргарданд, онҳо дӯст медоштанд, ба миёни аъроб бозгарданд ва дар бораи хабари шумо пурсон шаванд ва агар онҳо бо шумо бошанд, ҷанг намекарданд, магар иддаи каме. Албатта барои шумо дар Паёмбар намунаи хуб аст барои касоне, ки**

**умеди Худо ва рӯзи охиратро дошта бошанд ва Худоро бештар ёд кунанд»** (сураи Аҳзоб, оятҳои 20-21). Пас шумо, эй бандагони Худо, садақаи фитрро ба ҷо оваред, то имони худро пок намуда, савоби илоҳиро соҳиб гардед ва суннати Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва салламро зинда намоед ва ба бародарони худ накӯӣ кунед ва ҳурмати ин ибодат илоҳиро ба ҷо оваред. Ҳамоно, ки Худованд накӯкоронро дӯст медорад ва садақакунандагонро мукофот медиҳад. Ҳар кӣ қадри ибодатҳои Худоро донад, ин далели тақвои дилҳост.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму ли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно, Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, моро ба шаби қадр бирасон ва моро аз ҷумлаи мақбулин бигардон.

Худоё, моро аз ҷумлаи касоне бигардон, ки рӯзаашон қабулу гуноҳонашон маҳв, камбудӣ ва хатоҳояшон бахшида шудаанд.

Худоё, дар баробари накӯӣ ба мо накӯӣ деҳ ва дар баробари бадӣ мағфират.

Худоё, Қуръонро дар диламон маҳбуб гардон ва моро аз ҷумлаи касоне бигардон, ки онро тиловат намуда, ба он амал менамоянд.

Худоё, он чиро дар шаби қадр барои мо ҳукм намудӣ, барои мо ва падарону модарону фарзандону бародарону устодон ва ба ҳамаи умматони Муҳаммад салал-лоҳу алайҳи ва саллам бигардон.

Худоё, пуштибони заифону бечорагон бош. Худоё, банди асирони мо ва асирони тамоми мусалмононро бикшо.

Худоё, бародарони муҷоҳиди моро дар ҳама ҷо кӯмак намо. Худоё, бо кӯмаки худ онҳоро мадад расон. Худоё, роҳи душманони онҳоро бигир, зеро онҳо наметавонанд туро оҷизу нотавон гардонанд.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# ДАҲҲАИ ЗУЛҲИҶҶА
# ВА АҲКОМИ ИД ВА ҚУРБОНӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, Ӯро ҳамд гуфта, аз Ӯ ёрӣ металабем ва Ӯро талаби омӯрзиш намуда, ба сӯи Ӯ аз бадии нафсу корҳои зишти хеш паноҳ мебарем. Ҳар киро ҳидоят кунад, касе натавонад гумроҳ намояд ва ҳар киро гумроҳ кунад, ӯ ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду олу асҳобаш ва дигар паёмбарону расулонро.

Худоё, туро шукр мегӯем, ки моро ба ин рӯзҳои пурфазилат расондаӣ. Худоё, ҳамчуноне, ки моро ба ин рӯз расондӣ, моро кӯмак намо, то онро пурсамар истифода барем ва аз мову тамоми мусалмонон қурбониҳоро қабул намо ва гуноҳҳои моро кафорат намуда, мартабаи моро баланд бардор.

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва딘 диста бошед, ки шумо дар рӯзҳое қарор доред, ки дар он Худоро бештар зикр мекунанд ва ибодатҳои Ӯро бештар анҷом медиҳанд ва ҳоҷиён раҳсипори хонаи Ӯ мешаванд.

Эй мусалмонон! Чи қадар вақтҳоро мо беҳуда сарф мекунем ва албатта дар оянда пушаймон мешавем. Дар гузашта вақтҳои азизи худро аз даст додем, биёед, то дар ин фурсати хуб аз он истифода барем ва аз савоби азими Худованд бенасиб нагардем. Оё ҳаст касе, ки барои анҷоми корҳои некӣ шитоб кунад. Худованд мефармояд:

وَلِكُلٍّ وِجْهَةٌ هُوَ مُوَلِّيهَا ۖ فَاسْتَبِقُوا الْخَيْرَاتِ ۚ أَيْنَ مَا تَكُونُوا يَأْتِ بِكُمُ اللَّهُ جَمِيعًا ۚ إِنَّ اللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٤٨﴾

**«Дар корҳои хайр бар якдигар сабқат гиред»** (Сураи Бақара, ояти 148).

Шумо ин ҳадиси шарифро, ки дар фазилати даҳҳаи Зулҳиҷҷа омадааст, хуб дар зеҳн ҷой диҳед. Имом Аҳмад ва дигарон бо санади саҳеҳ аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос чунин ривоят мекунанд: Ман дар назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будам ва ба Ӯ амалҳои хуброрёдовар шудам пас фармуданд: ***«Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки дар онҳо амал хубтар бошад аз ин даҳҳа".*** *Гуфтанд: Эй Расули Худо! Ҳатто ҷиҳоди дар роҳи Худо? Ин сухан дар назарашон аҷиб намуд. Гуфт: Ва на ҷиҳоди дар роҳи Худо. Магар ин ки як нафар бо молу ҷонаш дар роҳи Худо берун равад ва ҷони худро дар он аз даст диҳад»* (Ривояти Бухорӣ).

Эй бародари мусалмон! Каме ист ва аз худ бипурс. Дар ин айёми бузург барои фардо чӣ омода намудаӣ? Онҳоро чӣ тавр гузарониданӣ ҳастӣ? Оё ҳама рӯзҳо барои ту як аст? Оё рӯза гирифтӣ ва ё ният дорӣ? Оё садақа кардӣ? Оё силаи раҳм намудӣ? Оё ба модару падарат накӯӣ кардӣ? Оё Худоро бештар зикр кардӣ? Оё китоби Ӯро бештар тиловат намудӣ? Оё ба даргоҳи Худованд нолаву зорӣ намудӣ? Ман ҳам шуморо мепурсам, ҳам худро, то ин саволҳоро барои худ деҳем ва худ ба он посух диҳем.

Савол ин аст, ки чӣ гуна даъво дорем, ки мо ба миод, биҳишт ва дӯзах имон дорем, дар ҳоле, ки ҳеҷ омодагӣ барои он рӯз намебинем? Оё имкон дорад, агар як нафари моро подшоҳе ба назди худ хонад ва он подшоҳ дар назар дошта бошад, ки моро сахттарин азоброр медиҳад ва ё тамоми талаботи моро бароварда мекунад, дар ҳоле, ки ин инсон ҳеҷ омодагӣ набинад?

Баъзе олимон мегӯянд: Ба Худо савганд, ин саволи бамаврид аст, ки аксари мардумро ба ҳайрат овардааст, ки чаро ба зинда гардонидани баъди марг имон дорем, вале барои он омодагӣ намебинем? Олимон сабабҳои инро дар чанд омил мебинанд:

1. Маълумоти кофӣ надоштан ва набудани яқини комил, боз илова бар ин ҳар замон онро ба ёд наовардан ва машғул шудан ба корҳое, ки миодро аз ёд мебарад, ҳамчунин илова бар ин, табиат ва хоҳишоти башарӣ, ғурури нафс, ки инҳо ҳама пеши роҳи омодагӣ барои он рӯзи пурҳайбатро мегирад. Барои ҳамин имон гуногун мешавад. Имоне, ки

бузургтар аз осмону замин аст ва имоне, ки кӯчактар аз зарра аст.

Эй мусалмонон! Ин даҳҳа бузург аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки дар назди Худованд бузургтару маҳбубтар аз рӯзҳои даҳҳа бошанд. Пас шумо дар ин даҳҳа бештар такбир, таҳлил ва таҳмид гӯед»*** (Ривояти Табаронӣ ва Аҳмад).

Тариқаи такбир гуфтан ҳамчуноне, ки дар суннат омадааст ин аст: Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Ло илоҳа иллалоҳу валлоҳу акбар, Аллоҳу акбару ва лиллоҳил ҳамд.

Шумо ин суннатро эҳё намоед ва салафи солеҳро барои худ намуна қарор диҳед. Имом Бухорӣ дар Саҳеҳи худ овардааст, ки Ибни Умар ва Абуҳурайра (р) "Дар ин даҳҳа ба бозорҳо мерафтанд ва такбир мегуфтанд ва мардум ҳамроҳи онҳо такбир мегуфтанд"

Муроди онҳо ин буд, ки мардум такбирро ба ёд оранд ва такбир гӯянд. Мақсад он нест, ки такбир ба як овоз ва бо садои баланд гуфта шавад, ки ин дар ҳадис наомадааст. Ибни Ҳаҷҷоҷ дар "Мадхал" мегӯяд: "Суннат ин аст, ки ҳар як нафар такбир гӯяд ва аз паи садои дигарон наравад, зеро ин кор бидъат аст ва бо баланд кардани садо ҳурмати масҷид ва намозгузорон шикаста мешавад ва бо баланд кардани овоз ба ибодаткунандагону тиловаткунадагон ва зикркунандагон халал ворид мекунем".

Эй мӯъминон! Аҳли илм мегӯянд: Такбир ду намуд мешавад, мутлақ ва муқайяд. Муқайяд он аст, ки дар паси ҳар намоз гуфта мешавад ва мутлақ он аст, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат гуфта мешавад. Дар хона, кӯча ва бозор.

Агар такбири мутлақ бо даромадани даҳҳаи Зулҳиҷҷа оғоз шавад, муқайяд аз намози бомдоди рӯзи Арафа баъди ҳар намози фарзӣ оғоз шуда, то охирин рӯзҳои ташриқ идома мeёбад. Ҳофиз Ибни Ҳаҷар (р) мегӯяд: Ин дар ягон ҳадиси Паёмбар собит нашудааст ва дурустарин ақволе, ки аз саҳобагон омадааст, ин қавли Алӣ ва ибни Масъуд аст, ки такбир аз субҳи рӯзи арафа оғоз шуда, то охири рӯзи Мино идома мeёбад. Аммо Шайхулислом Ибни Таймия (р) мегӯяд: Саҳеҳтарин қавлҳо дар такбир ба қавли ҷумҳур, фақеҳони аҳли салаф, саҳобагон ва имомон он аст, ки такбир аз фаҷри рӯзи арафа то охири рӯзҳои ташриқ баъди ҳар намози фарзӣ

гуфта мешавад. Ин аст машҳуртарини қавлҳо ва мардум ба ҳамин раъй амал мекунанд.

Баъзе уламо бар ин раъянд, ки такбир дар рӯзҳои ташриқ танҳо маҳдуд ба баъди намозҳо набуда, онро бояд ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳо гуфт.

Бародарони аҳли Ислом! Рӯзи Арафа яке аз рӯзҳои бузурги Худованд аст, рӯзест, ки дар он Худованд ин динро комил гардонидааст ва неъматашро бар мусалмонон пурра кардааст. Худованд мефармояд:

حُرِّمَتۡ عَلَيۡكُمُ ٱلۡمَيۡتَةُ وَٱلدَّمُ وَلَحۡمُ ٱلۡخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيۡرِ ٱللَّهِ بِهِۦ وَٱلۡمُنۡخَنِقَةُ وَٱلۡمَوۡقُوذَةُ وَٱلۡمُتَرَدِّيَةُ وَٱلنَّطِيحَةُ وَمَآ أَكَلَ ٱلسَّبُعُ إِلَّا مَا ذَكَّيۡتُمۡ وَمَا ذُبِحَ عَلَى ٱلنُّصُبِ وَأَن تَسۡتَقۡسِمُواْ بِٱلۡأَزۡلَٰمِۚ ذَٰلِكُمۡ فِسۡقٌۗ ٱلۡيَوۡمَ يَئِسَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن دِينِكُمۡ فَلَا تَخۡشَوۡهُمۡ وَٱخۡشَوۡنِۚ ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ فَمَنِ ٱضۡطُرَّ فِي مَخۡمَصَةٍ غَيۡرَ مُتَجَانِفٖ لِّإِثۡمٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ﴿٣﴾

**«Имрӯз бароятон динатонро пурра гардонида, неъматамро бар шумо бартамом намуда бароятон Исломро чун дин пазируфтам»** (Сураи Моида, ояти 3). Дар ин айём озод кардан аз оташ зиёд мешавад ва хатоҳою гуноҳҳо омӯрзида мешаванд. Ҳазрати Оиша уммулмӯъминин ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Дар ҳеҷ рӯзе Худованд аз оташи дӯзах бандагонашро бештар озод намекунад монанди рӯзи Арафа. Худованд ба малоикаҳо наздик шуда, бо ифтихор мегӯяд: Инҳо чӣ мехоҳанд?»*** (Ривояти Муслим).

Ибни Абдулбир мегӯяд: Ин ҳадис далели он аст, ки гуноҳи онҳо бахшида шудаанд, зеро Худованд бо гунаҳкорон ва хатокорон ифтихор намекунад, магар баъди қабули тавба ва мағфирати гуноҳон ва Худованд беҳтар медонад.

Яке аз фазилатҳои дигари рӯзи Арафа он аст, ки дуо кардан дар он беҳтар аст ва дуо дар ин рӯз хусусиятҳои вижаеро дорад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Беҳтарин дуо дар рӯзи Арафа аст. Ва беҳтарин чизеро, ки ман ва паёмбарони пешин гуфтаанд ин аст: Нест маъбуде гайри Худованди ягонаи бешарик, мар Ӯрост мулк ва мар Ӯрост ҳамд ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност»*** (Ривояти Молик).

Ибни Абдулбир дар шарҳи ин ҳадис мегӯяд: Аз ин ҳадис бармеояд, ки аз нигоҳи фиқҳӣ дуо дар рӯзи Арафа беҳтар аст аз дигар рӯзҳо ва худи рӯзи Арафа беҳтар аст аз дигар рӯзҳо ва ҳамчунин бармеояд, ки дуои рӯзи Арафа ғолибан мустаҷоб мегардад.

Эй бародарони аҳли Ислом! Чунин гумон наравад, ки фазилатҳои рӯзи Арафа танҳо барои ҳоҷиён аст ва танҳо дар ин рӯз дуои ҳоҷиён қабул мегардад. Балки як чизе дар шаъни рӯзи Арафа омадааст, ки танҳо барои ғайри ҳоҷиён аст, ки он рӯза гирифтани рӯзи арафа аст, ки дар фазилати он Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Гуноҳони як соли гузата ва як соли ояндаро кафорат мекунад»*** (Ривояти Муслим).

Дар баробари ин ҳама фазилатҳо, рӯзи Арафа боз агар инсон рӯзадор бошад, лоиқи онро дорад, ки дуояш мустаҷоб гардад. Пас шумо кӯшиш намоед, то онро рӯза гиред ва дуоро дар ин рӯз бештар намоед ва дар дуо ва нолаҳои ҳоҷиён шарик шавед, шояд Худованди мутаол дуои шуморо қабул намуда, гуноҳони шуморо мағфират намояд.

Эй мусалмонон! Ҳамчуноне ки шумо кӯшиш ба харҷ медиҳед, то дар ин рӯзҳои пурбаракат бештар ибодат намоед, кӯшиш кунед, то дар ин айём гуноҳ накунед ва ҳамеша тавбаи насӯҳ кунед, зеро тавба дар чунин рӯзҳо бештар қабул мегардад, агарчӣ дари тавба ҳамеша боз аст. Агар ақли солим аз мудовамати гуноҳ нафрат дорад, пас гурехтан аз гуноҳро дар рӯзҳои бузург бояд бештар намояд.

Бархе аз аҳли илм мегӯянд, ки гуноҳ кардан дар рӯзҳои бузург кайфари сахттар дошта, азоби он ҳам сахт мебошад. Шуйхулислом Ибни Таймияро дар бораи гуноҳи маъсият ва ҳадди зино пурсиданд, ки оё дар рӯзҳои муборак зиёд мегардад? Ӯ ҷавоб дод: Бале, исён дар рӯзҳои муборак ва дар ҷойҳи табарук бадтар аст ва азоби он ҳам ба андозаи фазилати замону макон сурат мегирад.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

ذَٰلِكَ وَمَن يُعَظِّمْ حُرُمَٰتِ ٱللَّهِ فَهُوَ خَيْرٌ لَّهُۥ عِندَ رَبِّهِۦ ۗ وَأُحِلَّتْ لَكُمُ ٱلْأَنْعَٰمُ إِلَّا مَا يُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ ۖ فَٱجْتَنِبُوا۟ ٱلرِّجْسَ مِنَ ٱلْأَوْثَٰنِ وَٱجْتَنِبُوا۟ قَوْلَ ٱلزُّورِ ﴿٣٠﴾

**«Ҳамчунин ҳар кас ҳурматниҳодаҳои Худовандро бузург шуморад, назди Парвардигораш беҳтар аст. Ва барои шумо чорпоён ҳалол гардонида шудааст, магар он чӣ дастури манъаш бар шумо тиловат карда шуааст. Пас, шумо аз бутҳои палид ва гуфтори дурӯғ парҳез кунед»** (Сураи Ҳаҷ, ояти 30).

# ДАҲАИ ЗУЛҲИҶҶА ВА АҲКОМИ ИД ВА ҚУРБОНӢ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки барои моҳҳо ва рӯзҳо фазилат додааст ва барои махлуқоташ неъматҳо ато намудааст, ки аҳли фаҳму дониш ба он шаҳодат медиҳанд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст ва беҳтарин шахсест, ки намоз гузорида ва ҳаҷ карда ва рӯза гирифт. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду олу асҳобаш ва дигар паёмбарону расулонро.

Эй мусалмонон! Ҳамчуноне ки ин даҳа дар умум ва бахусус рӯзи Арафа ба фазилати зиёде доранд, як рӯзи дигаре ҳаст, ки дар назди Парвардигор ниҳоят арзиши зиёд дорад ва он рӯзи ҳаҷҷи акбар ва рӯзи қурбонист. Ҳазрати Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Рӯзи ҳаҷҷи акбар рӯзи наҳр аст»*** (Ривояти Тирмизӣ). Ҳаҷчи акбар беҳтарин рӯзҳои сол ба шумор меравад ҳамчуноне, ки Абдуллоҳ ибни Қурт аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят мекунад, ки фармуданд: ***«Бузургтарин рӯзҳо дар назди Худованди мутаол рӯзи наҳр аст, баъд аз он рӯзи қарр (Рӯзи ёздаҳуми зулҳиҷҷа, ки ҳоҷиён дар Мино истиқрор меёбанд)”*** (Ривояти Абудовуд).

Шайхулислом Тақийюддин Абулаббос (р)-ро дар бораи фазилати рӯзи ҷумъа ва рӯзи наҳр савол карданд, ки кадомаш беҳтар аст? Фармуданд: Ҷумъа беҳтарин рӯзҳои ҳафта аст ва рӯзи наҳр беҳтарин рӯзҳои сол. Аксарияти уламо бо эшон дар ин масъала ҳамраъянд. Ӯ мегуфт: Ғайри ин намуд ҷавоб боиси баҳсу мунозараҳои зиёд мешавад. Уламо бар он итифоқанд, ки фазилати иди Қурбон аз иди Фитр бартар аст.

Эй бародарони аҳли Ислом! Вақте донистем, ки иди Азҳо ин ҳама фазилатҳоро дорост, оё мумкин аст, ки дар тоату ибодат дар чунин рӯз танбалӣ намоем? Баъзеҳо дар ин рӯз ҳатто аз рафтан ба намози ид танбалӣ мекунанд, ки ин

намоз суннати муаккада буда, ҳеҷ мусалмон ҳақ надорад онро беузр тарк намояд, ҳатто баъзе олимон онро воҷиб медонанд. Шайхулислом тақийюддин Аҳмад ибни Абдуссалом мегӯяд: Сухани онҳое, ки намози идро воҷиб намедонанд, аз воқеият дур аст. Зеро он бузургтарин нишонаи мусалмонҳост ва мардум дар он аз намози ҷумъа бештар ҷамъ мешаванд ва дар он такбир машруъ шудааст. Онҳое, ки онро фарзи кифоя меҳисобанд, далел надоранд.

Шайх Шамсиддин Абубакр дар бораи воҷиб будани он мегӯяд: Ин қавл саҳеҳтар аст ва ба далелҳо рост меояд.

Олимони зиёде ҳастанд, ки онро воҷиб медонанд. Аллома Сиддиқ Ҳасанхон барои исботи ин раъй далели хубе овардааст. Ӯ мегӯяд: Намози ид воҷиб аст, зеро он намози ҷумъаро соқит мекунад, ба ин тариқа, ки агар дар як рӯз ҳам намози ид бошад ва ҳам намози ҷумъа, пас ид мемонад ва ҷумъа соқит мешавад ва агар он воҷиб намебуд наметавнист воҷибро соқит намояд.

Эй бародари аҳли Ислом! Вақте, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам занони озодро амр намудааст, то ба намози ид бароянд, бо вуҷуди дар ҳайзу нифос будан, пас оё ту ба худ иҷозат медиҳӣ, ки дар он ширкат наварзӣ ва фарзандони худро нафармоӣ, то ҳамроҳи мусалмонон дар ин маросим иштирок намоянд? Ин ҳарду идҳои қонунии мо аст, иди Фитр ва иди Қурбон, ки зикри Худованд дар он бештар мешавад ва тамоми мусалмонон дар атрофи як ақида бо ҳам ҷамъ мегарданд, агарчӣ кишварҳояшон мухталиф бошад, забонашон гуногун ва рангҳояшон мухталиф бошад. Агар барои мусалмонон эълони ин ибодат дар ҳама ҳол зарур бошад, пас дар ин замона, ки мусалмонон ба ин дараҷаи заъф расидаанд зарууртар аст. Дар ин ҷамъомади солонаи мусалмонон душманон дар ҳаросанд ва ҳар ҷамъомади умумии мусалмон қувватест барои онҳо, ки душманонро дар ҳарос меандозад, ин дар суратест, ки онҳо арзиши ин ҷамъомадро бидонанд ва дилҳои худро муттаҳид созанд ҳамчуноне, ки ҷисмҳои онҳо муттаҳид шудааст.

Эй мусалмон! Суннат он аст, ки барои баромадан ба намози ид худро пок намуда, аз хушбӯиҳо истеъмол намоӣ ва беҳтарин либоси худро ба тан кунӣ. Бояд барвақт ба сӯи

намозгаҳ равӣ, дар ҳоле, ки дар роҳ такбир гӯӣ ва пеш аз намози ид чизе нахӯрӣ. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пеш аз намоз чизе ба даҳон намекарданд, то ин ки аз намоз бармегаштанд ва аз қурбонии худ мехӯрданд.

Эй бандагони Худо! Қурбонӣ кардан ба Қуръону Ҳадис ва иҷмои уммат собит шудааст. Уламо ихтилоф доранд, ки оё он воҷиб аст ё суннат. Бисёриҳо чунин фатво додаанд, ки қурбонӣ кардан суннати муаккада аст барои мардуми доро, агарчӣ баъзеҳо онро воҷиб меҳисобанд.

Дар фазилати он аҳодиси зиёде омадааст ва бояд барои ризои Худо барои анҷоми он шитоб намуда, бо ҳам мусобиқа намоем. Худованд дар тӯли таърихи башарият қурбонӣ намуданро яке аз василаҳои ибодати худ қарор додааст. Ибни Касир (р) мегӯяд: Худованд хабар медиҳад, ки забҳи чорво ва резонидани хун ба номи Худованд дар тамоми миллатҳо машрӯъ буд.

Эй мусалмонон! Шумо чорворо ихтиёр намоед ва нафси худро пок созед. Чорво ҳарчи қиматтар ва фарбеҳтар бошад, ҳамон қадар дар назди Худованд маҳбубтар аст. Шайх Тақийюддин Аҳмад ибни Абдуссалом (р) мегӯяд: Савоб дар қурбонӣ ба андозаи қимати умумии он аст. Шумо бикӯшед, то он аз айбҳо холӣ бошад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Дар қурбонӣ чор намуд чорво ҷоиз нест. Қоҷе, ки каҷии чашмаш ошкор аст, беморе, ки бемориаш ошкор аст, шале, ки шалияш ошкор аст ва шикастае, ки дуруст намешавад»*** (Ривояти асҳоби сунан). Ба ин чор айб қиёс мекунанд дигар айбҳоеро, ки ба он шабоҳат дорад ва ё бадтар аз он аст. Имом Нававӣ мегӯяд: Иҷмои уммат бар он аст, ки бо ин чор айб қурбонӣ ҷоиз нест ва ҳамчунин айбҳое, ки монанди ин аст ва ё бадтар аз ин аст, мисли кӯр, побурида ва монанди он.

Эй мӯъминон! Уламо мегӯянд қурбонӣ кардан барои зиндагон омадааст, аммо барои мурдагон се қисм аст:

Якум. Мардуми зинда ба ҷои онҳо қурбонӣ мекунанд, то дар савоб онҳо низ шарик шаванд, ҳамчуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз номи худ ва тамоми аҳли байташ қурбонӣ намуда буд, ҳам зиндаҳо ва ҳам мурдаҳои онҳо.

Дуюм. Қурбонӣ кардан аз номи мурдаҳо бо васияти худи онҳо. Худованд мефармояд:

فَمَنۢ بَدَّلَهُۥ بَعۡدَمَا سَمِعَهُۥ فَإِنَّمَآ إِثۡمُهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ يُبَدِّلُونَهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ﴿١٨١﴾

**«Пас ҳар кӣ васиятро баъди шуниданаш дигаргун намуд, пас гуноҳаш ба дӯши ҳамонест, ки онро дигаргун намуд»** (Сураи Бақара, ояти 181).

Сеюм. Ин ки аз пеши худ бе васияти мурдагон чизеро қурбонӣ кунад ва савобашро ба онҳо бахшад, ки ин ҷоиз аст, вале баъзе уламо гуфтаанд: Мо тахсис додани қурбониро танҳо барои мурдагон аз суннат намебинем, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам махсус аз номи ягон мурда қурбонӣ накарда буд ва дар замони Ӯ ҳеҷ яке аз саҳобагон ин корро анҷом надодаанд. Хатост агар инсонҳо дар сари соли мурдаҳои худ аз номи онҳо қурбонӣ кунанд ва ё худро фаромӯш карда, аз номи мурдагон қурбонӣ кунанд. Аз лутфу караму меҳрубонии Худованд аст, ки қурбонии мард кофист барои ҳамаи оила ҳам зиндаҳо ва ҳам мурдаҳо.

Эй бандагони Худо! Шумо ба тарафи мағфирати Парвардигори худ ва ба тарафи биҳиште бишитобед, ки паҳноии он чун осмону заминҳост. Шумо аз неъматҳои Худованд дар ин рӯзҳо истифода баред, ки умр кӯтоҳ аст ва сафар наздик ва роҳ пурхатар ва мағрурӣ ғолиб ва хатар гарон ва назоратчӣ бино ва Худованд дар камин ва ӯ касеро зулм намекунад. Худованд мефармояд:

فَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٍ خَيۡرٗا يَرَهُۥ ﴿٧﴾ وَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ شَرّٗا يَرَهُۥ ﴿٨﴾

**«Пас ҳар касе, ки ба андозаи як зарра некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кӣ ба андозаи як зарра бадӣ карда бошад, онро мебинад»** (Сураи Зилзол, оятҳои 7-8).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот

фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсаронаш - модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва тамоми корҳои моро мувофиқ ба ризои худ соз. Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъминону мусалмононро мағфират намо.

Худоё, бародарони мусалмони моро дар ҳама ҷо пирӯз гардон. Худоё, барои онҳо кушоиш ато фармо. Худоё, шаҳидони оҳоро қабул намо. Худоё, бар сари онҳо борони раҳмату ризою мағфирати хешро бибор. Худоё, ба кӯдакони онҳо раҳм намо ва ба пиронашон меҳрубон бош. Худоё, занони онҳоро бо сатр намо, Худоё, барояшон ҷомаи сиҳатию саломатӣ бипӯшон.

Ва даъвои охир мо ҳам ҳамин аст, ки сипос мар Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст.

# ДИН КАМОЛ АСТУ ТАМАССУК

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки динро барои мо комил гардонида, неъматҳояшро барои мо бар тамом дод ва Исломро барои мо чун дин баргузид. Ӯро ба покӣ ёд мекунем ва шукрашро ба ҷо меоварем ва ба сӯяш тавба намуда, аз Ӯ омӯрзиш металабем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки мавлои мо Муҳаммад банда ва фиристодаи амини Ӯст, ки бароямон далелҳои равшан овардааст, ки шаби он чун рӯз буда, танҳо ҳалокшудагон аз он рӯй метобанд. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммад ва ҳамаи саҳобагонаш, ки нишонаҳои ҳидояту чароғи тобон буданд ва бар тобеин ва табаи тобеин ва ҳар кӣ роҳи онҳоро то рӯзи қиёмат идома диҳад.

Аммо баъд... Эй мӯъминон! Аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ки зиндагии уммати мусалмон танҳо ва танҳо бо Ислом аст. Бақои ин миллат ба муҳофизати ин дин ва фанои он дар тарки ин дин аст. Ин миллат пойдор аст, то замоне, ки ин дин дар дили ӯст ва нобуд мегардад, агар дар дилашон аз ин дин чизе намонад. Ин дастури ҳаёт ва низоми онҳост ва он сарчашмаи ифтихору иззати ӯст ва Ислом хулосаи тамоми динҳо ва поёни он аст. Худованд мефармояд:

إِنَّمَا ٱلسَّبِيلُ عَلَى ٱلَّذِينَ يَظۡلِمُونَ ٱلنَّاسَ وَيَبۡغُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ﴿٤٢﴾

**«Худованд бароятон динеро машрӯъ гардонидааст, ки ба он Нӯҳро васият карда буд ва ҳамоне, ки ба сӯи ту ваҳй шудааст ва ҳамоне, ки ба он Иброҳиму Мӯсою Исоро васият карда будем, ки ин динро барпо доред ва дар он тафриқа иҷод накунед. Барои мушрикин вазнин мешавад, ин ки ту онҳоро ба он даъват мекунӣ. Худованд барои худ ихтиёр мекунад ҳар**

**киро бихоҳад ва ҳар киро хост, ба сӯи худ ҳидоят мекунад»** (Сураи Шӯро, ояти 13).

Паёмбари Ислом ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам хотами паёмбарон ва имоми мурсалин аст, ки бо он неъмат пурра гардид ва торикӣ ба рӯшноӣ мубаддал гашт ва ҳама ғамҳо кушода шуд. Худованд мефармояд: «**Худованд миннат гузоштааст болои мӯъминон ба ин, ки дар байни онҳо расуле аз худашон фиристодааст, ки барои онҳо оятҳои ӯро тиловат намуда, покашон месозад ва онҳоро китобу ҳикмат меомӯзонад, агарчӣ онон пеш аз ин дар гумроҳии ошкор буданд**» (Сураи Оли Имрон, ояти 164).

Дар ягон уммате монанди Муҳаммад фиристода нашуда буд ва он чӣ ба Муҳаммад дода шудааст, барои ҳеҷ паёмбаре дода нашуда буд. Уммати ӯ беҳтарини умматҳост, ки барои мардум бароварда шудааст. Барои ин уммат чунон хайрҳо дода шудааст, ки ба дигар умматон дода нашуда буд. Китоби ин уммат беҳтарин китоб аст ва паёмбараш беҳтарини паёмбарон ва пайравони ин дин беҳтарини мардуманд. Худованд барои мо динашро комил гардонидааст ва неъматашро бар тамом додааст. Худованд мефармояд: «**Имрӯз бароятон динатонро пурра гардонида, неъматамро бар шумо бартамом намуда, бароятон Исломро чун дин пазируфтам**. **Ҳар кӣ маҷбур шуда, дар гуруснагӣ бихӯрад дар ҳоле, ки майле ба тарафи гуноҳ надорад, пас Худованд бахшандаи меҳрубон аст**» (Сураи Моида, ояти 3).

Эй бандагони Худо! Ин уммат ҳақ дорад, ки ифтихор ба шариати худ намояд ва бо он бинозад. Оё сафи онҳо ба ин дин муттаҳид нагашт? Оё дилҳояшон ба он улфат нагирифт? Худованд бо ин шариат башариятро аз пастиҳои зиндагӣ раҳо сохт ва онҳоро ба қуллаҳои шарофат баровард. Онҳоро аз хорию бандагӣ ба иззату каромат расонд.

Эй мардум! Ҳақиқати ин дин чун нурест дар чашмҳо ва салоҳест дар ботину зоҳир ва ростист бо Худованд ва ростист бо мардум. Ҳар кӣ дар бораи он бештар маълумот пайдо кунад, ба ҳамон андозаи онро бештар эҳтиром менамояд.

Ислом дар ҳар ҷое, ки густариш пайдо кунад, ҳамроҳи худ фазилатҳоро меорад. Карам ва покӣ осори он, шуҷоату иззат самари он аст. Хислатҳои баландро дорост ва ахлоқи

накӯро соҳиб аст, ин ҳамаро дар нафсҳои пайравонаш тавассути васиятҳои Қуръон ва гуфтаҳои Паёмбар ҷой медиҳад.

Бо ақидаи соф ва имони амиқ манораҳои илҳодро вайрон намуда, пояҳои бутпарастиро нобуд сохт. Ислом ибодатҳои мустаҳкаме дорад, ки ҳама бидъат ва хурофотро барҳам мезанад ва ба муқобили ҷодугарону фолбинон мубориза мебарад. Илова бар ин, Ислом дорои муомилаҳои одилона дар ҳама шууни ҳаёти зиндагист, ки дар зиндагӣ ҳеҷ хайреро нагузоштааст, магар ин ки ба он амр намудааст ва шарреро тарк накардааст, магар ин ки аз он ҳушдор додааст. Дар бораи ҳар чӣ буд ва ҳар чӣ то рӯзи қиёмат хоҳад шуд, хабар додааст.

Ҳазрати Абузар мефармояд: *«Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар байни мо буд ва ҳеҷ паррандае дар осмон пар намезад, магар ин ки дар бораи он бароямон маълумот дода буд»* (Ривояти Табаронӣ). Бо ин дин ҳуқуқҳоро ҳифз намуд ва аҳкомро барпо кард, аз рӯи адолату баробарӣ ва эҳтироми ҳуқуқи омма ва хосса. Бо ин дин манфиатҳо ҷалб шуда, фасод дур карда мешавад ва урфу одатҳо ба эътибор гирифта мешавад.

Ислом тамоми ҷанбаҳои зиндагӣ, ақида, ибодат, оила, муомилаҳо, ҳудуд, ҷиноятҳо, алоқаи ҳоким ва раъият, ҳуқуқҳои волиён ва имомонро шомил аст. Ислом қоидаҳои муомиларо бо ғайримусалмонон баён намуда, суннатҳои фитриро низ ба назар гирифтааст. Ин дин сабабҳои шикасти миллатҳо ва фанои онҳоро зикр намудааст. Ислом роҳи пандгириро барои ақлҳои солим арз намудааст ва тамоми таассубҳои ҷинсӣ ва миллиро маҳв намудааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо ҳамагон аз одамед ва одам аз хок аст, араб бар аҷам ва сурх бар сиёҳ ҳеҷ фазилате надорад, магар ба тақво»*** (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ).

Ислом сарчашмаи миллатҳо ва асоси динҳост. Ислом батамом аҳкоми одилона ва идоракунии хирадмандона ва сиёсати ҳакимона аст. Худованд мефармояд: **« Мо дар ин китоби худ чизеро фаромӯш накардаем»** (Сураи Анъом, ояти 38). Худованд боз мефармояд: **«Ва рӯзе, ки мо дар ҳар уммате шаҳидеро аз худи онҳо бармехезонем ва туро барои**

**ҳамагон шоҳид қарор медиҳем. Ва барои ту китобе нозил намудаем, ки он баёнгари ҳама чиз мебошад ва роҳанмою раҳмату мужда барои мӯъминон»** (Сураи Наҳл, ояти 89). Ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ва барои ту китобе нозил намудаем, ки он баёнгари ҳама чиз мебошад ва роҳанмою раҳмату мужда барои мӯъминон»** (Сураи Наҳл, ояти 89).

Эй уммати Ислом! Мусалмонон вақте, ки бо ин дин алоқаи қавӣ доштанд, ба мақсад расиданд, корашон ба танзим даромад ва парокандагияшон ба ҳам омад ва давлаташон пурқувват гардид ва таърих ба ин гуфтаҳои шоҳиде зинда аст.

Вақте, ки ин алоқа коста шуд ва мусалмонон ба танбалӣ рӯ оварданд, оҳиста-оҳиста ба қафо гаштанд ва дар миёни эшон ихтилофот рух дод ва мафҳумҳо дар назарашон гуногун гашт ва ҳақиқатҳо рӯпӯш гардиданд, балки дар миёни онҳо навъҳои гуногуни бидъатҳо мунташир шуд ва як гурӯҳи эшон ибодатро бо ғайри шариати Худованд карданӣ шуданд ва бо ғайри авомири илоҳӣ ба ӯ наздикӣ меҷустанд. Онҳо ҳукми Ислом ва аҳкоми онро фаромӯш карданд ва рӯй ба тарафи ғайри он намуданд ва майл ба тарафи касоне намуданд, ки зулмро пешаи худ қарор додаанд ва ба ҳамин сабаб дар байни онҳо фасоди ахлоқӣ, нифоқ, фиреб, кина, парокандагӣ мунташир гардид. Онҳо ҳозир ва ояндаи худро аз даст доданд ва ба ин ҳаёти дунё қаноат ҳосил намуданд ва пайи хӯрдану нӯшидану хоб рафтан шуданд. Дигар онҳо барои ба даст овардани фазилатҳо ҳаракат накарданд ва дар ҷустуҷӯи ахлоқи зебо нашуданд ва ҳама зебоиро дар душманони худ мебинанд, агарчӣ он бо аҳкоми шариат мухолиф бошад.

Худованд мефармояд: **«Оё онҳо ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд? Барои гурӯҳе, ки яқин доранд, чӣ касе аз Худованд беҳтар ҳукм мекунад?»** (Сураи Моида, ояти 50).

Эй бародарони роҳи Худо! Дин калимае нест, ки бар забон ронда шавад ва ба зоҳир амал кардану дар асл поймол кардани ҳуқуқу адо накардани вазифаҳо нест. Мусалмонони зиёде ҳастанд, ки қавонини ҳаёти дунёро намедонанд ҳамчуноне, ки аз қавонини ин дин бехабаранд.

Ҳар миллате, ки мехоҳад аз ғафлат бедор шавад ва ба тараққиёт расад, бояд ба Худои худ рӯй оварад. Роҳ сафеду

равшан асту то ба имрӯз маҳфуз аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои мо ду чизеро гузошт, ки агар ба онҳо даст занем, ҳаргиз гумроҳ намешавем. Китоби Худо ва суннати худро гузоштааст. Бояд дониста бошем, ки он заъфу нотавоние, ки ба уммати Ислом расидааст, зодаи як моҳ ва як сол нест. Фаластини азиз, Ироқи маҷрӯҳ ва Афғонистони шарифро душманон дар як шабу ду шаб ишғол накардаанд. Онҳо барои ишғоли инҳо садсолаҳо нақша кашиданд, ки дар ин муддат фарзандони худро тарбия намуданд ва фарзандони моро табоҳ карданд.

Он чиро, ки дар даҳсолаҳо вайрон шудааст, наметавон дар чанд моҳу чанд соли оянда бино кард. Бо кӯшиши содиқона ва нияти пок бояд ба дини худ баргардем ва амали ҳамешагӣ намоем. Мо барои нашъунамои як ниҳол чӣ кӯшишҳо мекунем ва тарбияи наслҳоро мехоҳем дар чанд рӯзе ба анҷом расонем.

Албатта кор барои доиён вазнин аст ва масъулият хеле гарон аст ва Худованд мефармояд: **«Ва шумо моил ба тоифае будед, ки қудрат ва силоҳ надоштанд, Худованд мехоҳад бо суханони хеш ҳақро пойдор кунад ва решаи кофиронро аз бун барканад. То ҳақ собит шавад ва ботил завол пазирад, агарчӣ гунаҳкоронро хуш наёяд»** (Сураи Анфол, оятҳои 7-8).

Вале агар қасд қавӣ ва ниятҳо дуруст бошанду роҳ муайян ва қофила равон бошад, албатта ба мақсад расидан имкон дорад.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд: **«Худованд ваъда додааст ба ононе, ки аз байнатон имон оварда, корҳои накӯ мекунанд, ки дар рӯи замин онҳоро халифа мекунад, ҳамчуноне, ки пешиниёнро хилифа карда буд. Ва party барояшон он динеро, ки розӣ шудааст, устувор менамояд ва баъди тарсашон барои онҳо амонӣ мебахшад. Онҳо маро ибодат кунанд ва чизеро ба ман шарик наёваранд. Ва ҳар кӣ баъди ин кофир шавад, пас онҳоянд фосиқон»** (Сураи Нур, ояти 55).

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд аз ҳама гуноҳу хатоҳо омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ДИН КАМОЛ АСТУ ТАМАССУК

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро ва оқибат барои накӯкорон аст ва нест душманӣ магар бар алайҳи золимон. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки мавлои мо Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки барои раҳмати ҷаҳониён фиристода шудааст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонашро, ҳамчунин бар тобеин ва табаи тобеин то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд... Эй мӯъминон! Ислом ресмони ин уммат аст ва алоқаи қавиест байни банда ва Худованд, ки бояд ба он мустаҳкам чанг зад. Охири ин уммат танҳо ба он чизе ба ислоҳ меояд, ки аввали ин уммат ба он ба ислоҳ омада буд. Аз талаботи имон он аст, ки инсон барои худ андозаҳоеро муайян намояд, ки аз он нагузарад ва нишонаҳоеро муайян намояд, ки барои расидан ба он талош варзад. Бе ҳадаф дунболи чизе гаштан на фоидаи дунявӣ дорад, на ухравӣ. Ҳар уммате, ки ҳавову ҳавас ғолиб гардад, вазифаи худро аз ёд мебарад ва мувофиқи хоҳишоти нафс амал менамоянд, на мувофиқи роҳнамои илоҳӣ умматест, ки лоиқи нигоҳдории Худовандро надорад ва набояд бар дӯши ӯ масъулияте ниҳод.

Чӣ зебост ин шариати мо ва чӣ бузургу осон аст. Шариатест пур аз қавонину низомҳо, шариатест дорои асосҳо ва дастуроте, ки метавон ба он рӯй овард, шариатест, ки сарчашмааш Худост ва ҳадафу мақсади он ҳам Худост. Сарчашмаи он дар назди Худост, ҳадафи он ризои Худост ва мақсади он комёбӣ ба ваъдаҳои Илоҳӣ.

Эй мӯъминон! Адои шукри ин неъмат ва сабаби идомаи он дар шукри ин неъмат ва чанг задан ба он ва дар роҳи он сустӣ накардан аст. Бояд мусалмон инро бидонад, ки Худованди мутаол ӯро аз байни дигар мардум бо ин хусусиятҳо баргузидааст, пас бояд ӯ барои адои шукри ин неъматҳо ба ин дин чанг занад ва тамоми аҳкоми онро риоя

намояд ва фармудаҳои Худоро бо ҷон пазируфта, аз манҳиёташ дурӣ ҷӯяд.

Барои бештар ба хайру баракат расидан инсони мусалмон бояд дигаронро ба ин дин даъват намояд ва ин корро ба таври ҳакимона ва услуби мавъизаи хуб ба роҳ монад, чӣ ба гуфтор чӣ ба кирдор ва чӣ ба забону қалам ва дар ин роҳ бояд кӯшиш намояд, то гуфтораш ба кирдораш мувофиқ бошад ва ҳамеша даъвати ӯ бар асоси ҳидояту илм бошад на ба ҷаҳлу ғурур.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз хулафои рошидин, имомони роҳёфта, Абубакру Умару Усмону Алӣ розӣ бош. Ҳамчунин аз хонадону ҳамсарони Паёмбар, модарони мӯъминон ва соири саҳобагон ва тобиеин то рӯзи қиёмат.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмононро мағфират намо.

Худоё, исломy муслиминро пирӯз гардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё, рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба ту аз палидию бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ҲУКМ ТАНҲО БАРОИ ХУДОВАНД АСТ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандеро, ки дар азамату ҷалол беҳамтосту аз мислу монанд пок. Ӯро ба покӣ ҳамду шукр мегӯям, ки бо фазли зиёд ва неъматҳои фаровон бар мо миннат ниҳодааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ҳама кор дар дасти Ӯст ва ҳама махлуқот азони Ӯст. Ва шаҳодат медиҳам, ки мавлои мо Муҳаммад банда ва фиристода ва баргузидаи Ӯст, ки ҳар кӣ Ӯро пайравӣ намояд ва ба шаръи ӯ рӯ оварад, барояш комёбии дунё ва охират навишта мешавад. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонаш, ҳамчунин бар тобеин ва табаи тобеин то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд... Эй мӯъминон! Шумо аз Худованд битарсед, ки тарси Худо корҳоро накӯ мекунад ва ба дараҷоти боло мерасонад. Шумо ҳамеша дар талаби он чизе бошед, ки дар назди Худост, ки хайр ҳама дар дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност. Шумо аз он чӣ ба шумо нозил шудааст, пайравӣ намоед ва ҷуз Худо пайрави ҳеҷ валие набошед.

Эй мӯъминон! Ин уммат, уммати мусалмон, ки беҳтарин мардумест, ки бароварда шудааст, ҳаққи онро дорад, ки бо ин дини худ ифтихор намояд ва ба шариати худ бинозад. Ин дине, ки сафҳоро муттаҳид сохт ва дилҳоро ба ҳам овард ва онро аз гирдоби ҳалокат ба қуллаҳои фазилат бурд ва ин мардумро аз хорию зорӣ ба обрӯю эътибор расонд. Дини амну амон, шариати одилонаю раҳмат, дине, ки Худованд онро ба камол расонд ва он ҳаргиз камбудӣ пайдо нахоҳад кард. Дине, ки Худованд аз он розӣ буда, ҳаргиз ба он ғазаб намекунад. Худованд мефармояд: «**Имрӯз бароятон динатонро пурра гардонида, неъматамро бар шумо комил намуда, бароятон Исломро чун дин пазируфтам**» (Сураи Моида, ояти 3).

Эй бандагони Худо! Шаритаи Худованд манҳаҷест, ки инсониятро аз лағжишҳо мераҳонад ва ӯ онро аз соҳили шар

ва камини ҳаво дур мекунад. Он шифоест барои дилҳо ва ҳаёт аст барои ҷонҳо ва кӯмакрасон аст барои ақлҳо. Худованд мефармояд:

قُلْ بِفَضْلِ ٱللَّهِ وَبِرَحْمَتِهِۦ فَبِذَٰلِكَ فَلْيَفْرَحُوا۟ هُوَ خَيْرٌ مِّمَّا يَجْمَعُونَ ﴿٥٨﴾

**«Эй мардум, дар ҳақиқат бароятон панде аз ҷониби Худованд ва шифое барои дилҳо ва ҳидояту раҳмате барои мӯъминон омадааст. Бигӯ: Ин бо фазлу раҳмати Худост. Пас ба ҳамин чиз бояд хурсанд шаванд. Ин беҳтар аст аз он чӣ ҷамъоварӣ мекунанд»** (Сураи Юнус, ояти 58). Сарчашмаи ин шариат ва масдари он Китоби Худованди мутаол ва аҳодиси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.

Асоси дин ва масдари шариат будани Китоби Худо раҳматест барои оламиён, ки усули шариат ва қавоиди онро дар ақидаю ахлоқ ва ҳалолу ҳаромҳоро дар бар мегирад. Ин китоб барои уламо роҳҳои истинботи аҳкоми шариатро барои ҳар ҳодиса ва воқеа дар ҳар давру замон равшан месозад.

Имом Шофеъӣ мефармояд: Ба ҳеҷ диндоре осебе намерасад, магар ин ки дар ин Китоби Худованд барои раҳоӣ аз он роҳнамудҳо вуҷуд дорад.

Шотибӣ мегӯяд: Ин китоб кулли шариат аст ва сутуни миллат ва сарчашмаи ҳикмат ва нишонаи рисолат ва нури чашму дил, ба сӯи Худованд ҳеҷ роҳе ҷуз он нест ва ҳеҷ наҷоте нест, магар барои он касе, ки тибқи ҳидояти он меравад.

Ин китоб дилҳои бастаро боз мекунад, қалбҳоро пурнур мегардонад ва он Китоби Худованди ҳаким аст. Дар ин китоб хабари гузаштагони шумост ва хабари ояндаи шумо. Ин китоб дар байни шумо ҳоким ва он гуфторе аст ҳақ ва собит шухӣ нест. Ҳар кӣ онро аз рӯи кибр тарк кунад, Худованд хораш месозад ва ҳар кӣ ҳидоятро дар ғайри он биҷӯяд, Худованд гумроҳаш месозад. Он ресмони қавӣ аст ва нураш равшан ва панду ҳакимона ва роҳи рост аст. Ҳар кӣ бо он сухан гӯяд, рост мегӯяд, ҳар кӣ бо он ҳукм кунад,

адл мекунад, ҳар кӣ тибқи он амал намояд, подош дода мешавад ва ҳар ки бо он даъват намояд, албатта ба роҳи рост ҳидоят кардааст.

Аммо суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин гуфтору кирдору тасдиқкардаҳои Ӯст. Ҳадис муфассири Қуръон ва роҳнамое ба сӯи он аст. Ҳадис баёнгари аҳкоми муҷмалу муфассали он аст. Аз ин рӯ, пайравӣ аз суннат фарз буда, мухолафати он ҳаром аст. Худованд мефармояд: **«Ҳар кӣ Паёмбарро итоат намояд, ӯ Худовандро итоат намудааст»** (Сураи Нисо, ояти 80). Худованд боз мефармояд: «**Бояд ононе, ки аз амри Ӯ мухолифат менамоянд, боҳазар бошанд, ки бар сари онҳо фитнае меояд ва ё онҳоро азоби дардноке мерасад**» (Сураи Нур, ояти 63).

Эй мӯъминон! Ислом ақида ва шариат аст, имони ба Худованд ва тавҳид дар рубубият ва улуҳият ва номҳою сифатҳост, имон ба Худо, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, Паёмбарони Ӯ, рӯзи охират ва тақдири некию бадӣ бандагии том аст. Ба дини Худо розӣ будан, итоати комил доштан, бе шакку тардид бовар намудани паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

Инсон бояд дар кору кирдор ва дар ҳамаи муомилаҳо ва ҳукмбарорӣ ва идоракунӣ, чӣ ба танҳоӣ ва чӣ бо ҷамоат бояд пайрави ин дин бошад. Ислом зиндагӣ бо бандагист, ки дили мусалмонро пайваста ба Парвардигораш пайванд медиҳад ва ӯ ҳамеша дар талаби ризои Худованд аст дар тамоми қисматҳои зиндагияш.

Ислом низоми ахлоқиест, ки фазилатро густариш дода, пастиро аз байн мебарад. Он низоми сиёсиест, ки асоси он барпо намудани адолат ва устувор намудани аркони ҳақ мебошад. Он низоми иҷтимоиест, ки ҳастааш оилаи шоиста, сутунаш баробари афроди ҷомеа аст. Дини амал ва натиҷадор, роҳи комил барои ҳама намуд кору кирдори башарият бар асоси нури илоҳӣ ва талаби ризои Ӯ аст.

Аз ин рӯ, эй уммати Ислом, ин дин бо усулу асосҳояш тамоми эҳтиёҷоти башариятро дар ҳама асру замон ҷавобгӯ буд ва мебошад. Ислом дар тамоми гӯшаю канори олам мунташир гаштааст ва дар зери парчами он миллатҳои гуногун даромадаанд ва бо асосҳои бузурги худ ба ҳама миллату ақтори олам ҷавоби муносиберо барои тамоми

эҳтиёҷоти онҳо додааст. Ҳар мушкилоте, ки рух дода ва дар оянда рух медиҳад, бо вуҷуди гуногунии шароит, Ислом барои он ҳалли муносиберо пешниҳод намудааст. Ислом дар ягон рӯз аз посух додан ба саволе ва фатво додан ба мушкилие, ҳал намудани печидагие оҷиз нагаштааст. Ин ҳама навиштаҷоти фиқҳӣ ва китобҳои фатво далелест барои гуфтаҳои боло ва ҷавобест барои айбҷӯёни ин дин ва дар айни ҳол барои толибон маҳали руҷӯъ ва барои ташнагон сарчашмаи соф аст.

Ва чаро чунин набошад, чунончӣ Ҳофиз Шамсуддин Муҳаммад ибни Абубакр гуфта: Зербинои шариат ҳикмат ва манофеъи бандагон дар зиндагӣ ва охират аст. Он ҳама адолат асту ҳамааш раҳмат ва ҳамааш манофеъи мардум аст. Пас ҳар масъалае, ки аз адл берун равад ва ба зулм расонад ва аз раҳмат ба ситам ва аз ҳикмат ба беҳудагӣ он аз ин шариат намебошад.

Ин шариат дар тамоми олами Ислом беш аз чаҳордаҳ аср асоси ҳукму қазовату фатво буд, ки дар зери парчами он миллатҳои гуногун зиндагӣ мекарданд ва он дар шароиту вазиъиятҳои мухталиф ҳукмронӣ менамуд ва дар тӯли ин муддат боре дучори мушкилоте нагардид, ки аз ҳалли он оҷиз гашта бошад.

Эй бародарони роҳи Худо! Аз матолиби имон он аст, ки шариатро ҳаққи хоси Худованд бидонем ва ҳукм ҳам азони Худои ягонаи бешарик аст. Худованд мефармояд:

مَا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِهِۦٓ إِلَّآ أَسۡمَآءٗ سَمَّيۡتُمُوهَآ أَنتُمۡ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلۡطَٰنٍۚ إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِۚ أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلۡقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٤٠

**«Ҳукм танҳо азони Худованд аст, Ӯ фармон додаст, ки ғайри Ӯро напарастед»** (Сураи Юсуф, ояти 40).

Аз ҳукмронии шариати Худованд рӯ гардондан, рафтори мунофиқону золимон аст. Худованд мефармояд: **«Ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш хонда шаванд, то дар байнашон доварӣ кунад, ногаҳон гурӯҳе аз онон рӯй мегардонанд. Ва агар ҳақ ба ҷониби онҳо бошад, бо фурӯтанӣ ба сӯи ӯ меоянд. Оё дар дили онҳо беморист ва ё шак доранд? Ё аз он метарсанд, ки Худо ва Расулаш бар онҳо зулм мекунад? Балки худи онҳо золиманд »** (Сураи Нур, оятҳои 48-50)**.**

Худованд боз мефармояд: **«Оё надидӣ ононеро, ки ба он чӣ ба сӯи ту ва он чӣ ба сӯи паёмбарони пешин нозил шудааст, имон овардаанд, вале мехоҳанд тоғутро довар қарор диҳанд, дар ҳоле, ки ба онҳо гуфта шуда: Аз тоғут табарро кунед. Ва шайтон мехоҳад онҳоро сахт гумроҳ созад»** (Сураи Нисо, оятҳои 60-61).

Эй уммати Исломӣ, бо вуҷуди ин ҳама вузӯҳу равшанӣ, боз душманони ин дин бо ҳар васила роҳро баста мекунанд ва тӯҳматҳо ба муқобилии ин дин раво медоранд ва дар фикрҳо халал эҷод мекунанд то ҷое, ки баъзе мусалмонон, ҳатто равшанфикрҳои онон шарм мекунад, ки баъзе аҳкоми шариатро ба монанди ҳудуд ва қасос ва ҳиҷоб зикр намоянд. Гӯё онҳо ҳеҷ монеае намебинанд аз он ки диёри мусалмонон майдоне гардад, ки дар он тамоми пастиҳо ва бадахлоқиҳо густариш ёбад ва маконе гардад, ки муҷримон ва ваҳшиҳо барои таҷовузу зулму ситам фурсатеро ёбанд. Балки дар диёри мусалмонон ашхосеро меёбӣ, ки садо баланд мекунанд ва нидо сар медиҳанд, мардумеро мебинӣ, ки роҳи масҷидро намедонанд ва аз даст задан ба тамоми муҳарамот парво надоранд. Ту эшонро мебинӣ, ки ошкору ниҳон эълон мекунанд, ки арақро ҳаром гардонидан ва дасти дуздонро буридан ва мубориза алайҳи фасод сахтгирист. Оё онҳо нашунидаанд, ки Худованд дар шаъни мунофиқон мефармояд: **«Ин ба сабаби он аст, ки онҳо бад дидаанд он чиро, ки Худованд нозил кардааст, пас амалҳои онҳо барбод рафтааст»** (Сураи Муҳаммад, ояти 9). Боз дар ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Ин ба он сабаб аст, ки онҳо пайравӣ намуданд он чиро, ки Худоро ба хашм меоварад ва бад диданд он чиро, ки Худованд аз он хушнуд аст, пас амалҳои онҳо барбод рафтанд»** (Сураи Муҳаммад, ояти 28).

Эй бародарони аҳли Ислом! Имон ба сухану орзу намешавад ва Ислом танҳо ба ном намешавад, имон чизест, ки дар дил қарор гирифта, амал онро тасдиқ менамояд.

Аз ҳамин лиҳоз вақте, ки мусалмонон рост мешаванд ва барои дини худ холис мегарданд ва Китоби Худованду суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро асоси ҳукми худ қарор медиҳанд ва тамоми манҳаҷҳои таълиму тарбияи худро бар асоси он омода мекунанд дар чунин ҳолат ваъдаи Худованд таҳаққуқ меёбад ва қуввати онҳо бармегардад ва ёрии Худованд ба онҳо мерасад.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

أَفَحُكْمَ ٱلْجَٰهِلِيَّةِ يَبْغُونَ ۚ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ ٱللَّهِ حُكْمًا لِّقَوْمٍ يُوقِنُونَ ﴿٥٠﴾

**«Ва бояд дар байни онҳо ба он чӣ Худованд нозил кардааст, ҳукм намоӣ ва ҳаргиз аз хоҳишоти онҳо пайравӣ макун. Ва дар ҳазар бош, ки онҳо аз баъзе он чӣ ба ту нозил шудааст, туро гирифтори фитна накунанд. Пас агар онҳо рӯй гардониданд, дониста бош, ки Худованд мехоҳад онҳоро бо баъзе аъмолашон гирифтор намояд. Ва ҳамоно, ки аксари мардум фосиқанд. Оё онҳо ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд? Ва дар назари гурӯҳе, ки яқин доранд кист, то аз Худованд беҳтар ҳукм кунад»** (Сураи Моида, ояти 50).

Худованд мову шуморо ба ҳидояти китоби худ ва суннати Паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва саллам фоида диҳад. Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ҲУКМ ТАНҲО БАРОИ ХУДОВАНД АСТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки дили мӯъминонро кушода намуд, то ба сӯи тоати ӯ шитобанд ва барои онҳо имонро маҳбуб гардонда, онро дар дилашон ҷилва дод ва онҳо дар итоати аҳкоми ӯ ҳеҷ мушкилотеро эҳсос накарданд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки мавлои мо Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ки барои раҳмати ҷаҳониён фиристода шудааст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонашро, ҳамчунин тобеин ва табаи тобеинро то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд... Эй мӯъминон! Ҳақиқати имон он аст, ки Парвардигории Аллоҳ ва Исломро дини худ қарор додан ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро Паёмбару расули хеш донистан хушнул бошӣ ва дар баробари ин ҳама худро мутеъ ва таслими ҳақ намудан аст.

Аммо дар дил ноорромӣ ва дар сина шак ва таслими ҳаво ва хоҳишоти нафс шудан аломатҳои мунофиқист. Худованд мефармояд: **«Чунин нест, ба Парвардигорат қасам, ки онҳо имон намеоранд магар он ки дар ихтилофоти хеш туро ба доварӣ бихонанд ва аз қазовати ту дилгир нашаванд ва комилан таслим шаванд»** (Сураи Нисо, ояти 65). Баъзе аҳлу илм дар тафсири ин оят мегӯянд: Худованд бар болои ҳукм як чизи дигареро илова намуд ва он ин аст, ки баъди ҳукм намудан аз ҳукми Паёмбар дилгир нашаванд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо итоат ва қабули ҳукм кофӣ нест, балки бояд онро аз самими қалб қабул намуд ва дар дил ҳеҷ асари норозигӣ боқӣ намонад ва онро ба хушии нафс қабул кард.

Ҳукм кардан тибқи он чӣ Худованд нозил кардааст, ризои Худованд ва саодати ду ҷаҳонро ба бор меорад. Дар он раҳоӣ аз ҳама фитна ва азоб аст ва он болотарин анвои ибодат ва олитарини он ба шумор меравад ва далели он аст, ки соҳибаш мӯъмини ҳақиқии комёбгашта ва раҳоиёфта дар ду олам аст.

Худованд мефармояд: **«Сухани мӯъминон ҳангоме, ки ба сӯи Худо ва Расулаш барои доварӣ даъват шаванд, чунин буд: шунидан ва итоат кардан. Онҳо ҳамон наҷотёфтагонанд. Ва ҳар кӣ Худо ва Расулашро итоат кунад ва аз Худованд битарсаду парҳезгор бошад, растагор аст»** (Сураи Нур, оятҳои 51-52).

Пас шумо аз Худованд битарсед ва аз Ӯ итоат намоед ва тибқи шариаташ амал кунед, коратон барор мегирад ва нерӯманд мешавед ва душманон дар ҳарос меафтанд.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, аз тамоми саҳобагон розӣ бош.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Исломи муслиминро пирӯз гардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор кард.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм кун, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд, рӯйҳоямонро сафед намо.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба Ту аз бадбахтӣ ва қазои бад ва бадбахтии душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ТАШВИҚ БА САБУК НАМУДАНИ ИЗДИВОҶ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди ягонаро, ки издивоҷро машрӯъ гардонида, ба он тарғиб намуд. Худованд мефармояд: **«Шумо мардон ва занони беҳамсар ва низ бардагон ва канизони шоиста ва дурусткорро ҳамсар диҳед ва агар онҳо камбағал бошанд, Худованд аз фазли худ онҳоро бениёз мегардонад ва Худованд гушоишдиҳандаи огоҳ аст»** (Сураи Нур, ояти 32).

Худованд издивоҷро машруъ гардонида, то андом ва обрӯҳоро ҳифз намояд ва ваъда додааст, ки ҳар кӣ издивоҷ кунад, ӯро аз фазли худ бениёз мегардонад. Худованд мефармояд: **«Агар онҳо камбағал бошанд, Худованд аз фазли худ онҳоро бениёз мегардонад ва Худованд гушоишдиҳандаи огоҳ аст»** (Сураи Нур, ояти 32). Салоту саломи бепоён мефиристам бар Муҳаммад писари Абдуллоҳ, ки умматонашро ба издивоҷ кардан тарғибу ташвиқ менамуд. Ӯ мефармояд: ***«Эй гурӯҳи ҷавонон, ҳар кӣ аз шумоён қуввати ҳамбистарӣ карданро дошта бошад, бояд издивоҷ кунад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Ӯ барои домоду арӯс ҳамеша аз Худованд хайру баракат мехост: ***«Худованд бароят баракат диҳад ва ба ту баракат ато намояд ва ҳардуи шуморо ба хайр ҷамъ намояд»*** (Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ). Он ҳазрат (с) изҳор намуда, ки издивоҷ яке аз суннатҳои Ӯст ва ҳар кӣ аз ин суннаташ саркашӣ кунад, аз умматони ӯ намебошанд. ***«Ман бо занон издивоҷ мекунам, пас ҳар касе аз суннати ман рӯ гардонад, пайрави ман нест»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Ва салоту саломи Худованд бар тамоми хонадону саҳобагони Ӯ бод.

Аммо баъд... эй мардум! Аз Худованд битарсед ва Ӯро ҳозиру нозир донед ва танҳо аз Ӯ итоат намуда, ҳаргиз фармонҳои Ӯро исён накунед. Дониста бошед, ки дар издивоҷ фоидаи зиёд аст. Яке аз фоидаи ин сифату покии зану шавҳар ва ҳимояи онҳо аз гирифтор шудан ба фаҳшу фоҳишагӣ мебошад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Эй гурӯҳи ҷавонон, аз шумо ҳар кӣ тавони***

***ҳамбистарӣ бошад, бояд издивоҷ кунад, зеро он ба чашм пӯшидан кӯмак намуда, андомро нигоҳ медорад»*** (Ривояти ҷамоат). Фоидаи дигари издивоҷ дар он аст, ки наслҳо зиёд мегарданд ва миллат қудратманд гашта, ҷомеъа афзоиш меёбад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо ба занони пурмуҳаббат ва зоё издивоҷ намоед, зеро ман ба теъдоди бисёри шумо назди дигар умматҳо ифтихор мекунам»*** (Ривояти Аҳмад ва Ибни Ҳаббон). Фоидаи дигар дар он аст, ки дар гузаронидани ҳаёт ҳамкорӣ миёни марду зан сурат мегирад. Зан дар ҳамсари худ пуштибон ва ҳимоятгареро мебинад, ки пайи рӯзии ӯ шабу рӯз кор мекунад ва барои вай корҳоеро анҷом медиҳад, ки аз дасти зан намеояд. Мард бошад, дар ҳамсари худ кӯмакрасонеро мебинад, ки дар корҳои хона ва тарбияи фарзандон ба ӯ ёрӣ мерасонад. Хулоса ин ки мақсад аз издивоҷ танҳо шаҳватронӣ нест, балки мақсад болотар аз ин аст. Издивоҷ маънои алоқаи дил, дӯстӣ, муҳаббат, инс ва сохтани оила аст, балки метавон гуфт издивоҷ ин сохтани ҷомеа аст ва ҳадафи он хеле бузургу волост.

Эй мусалмонон! Барои ҳамин мақсадҳои воло шариати мо ба издивоҷ тарғибу ташвиқ мекунад, то он ба осонӣ анҷом дода шавад. Ислом аз тамоми ҳар он чӣ дар роҳи ин ҳадафи бузург монеъшаванда ва сафои онро олудасозанда наҳй кардааст. Аммо мардум бо равиши зишти хеш ва бо итоат аз шайтонҳо ва шайтонсифатҳо дар роҳи издивоҷ баъзе монеаҳо эҷод кардаанд, ки дар ин замона барои шахс издивоҷ кардан хеле мушкил гашатааст, балки метавон гуфт мушкилтарин чиз дар ин замона издивоҷ шудааст. Аз ҷумлаи чунин монеҳо:

**Якум, манъ намудани занон.** Яъне зане, ки синаш ба издивоҷ расидааст ва хостгорони зиёде ба хостгорияш меоянд, аммо гоҳо сарпарасти вай ва гоҳо бо дахолати баъзе занону аблаҳон бо баҳонаҳои гуногун хостгорро рад мекунанд. Гоҳо мегӯянд, соли домод калон аст ва гоҳо мегӯянд, ӯ камбағалу нодор аст. Вале асли воқеа он аст, ки домодшаванда ба дили он аблаҳон маъқул нест ва агар кор ба дасти бехирадон афтад, масъулият вайрон мегардад ва манфиатҳо дур мешаванд ва кор вайрон мешавад.

Бояд сарпарастон донову зирак шаванд ва вақте ба имону тақво ва накӯии домодшаванда қонеъ бошанд, онро қабул намоянд ва корро ба дасти занону аблаҳон насупоранд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Вақте ба назди шумо касе биёяд, ки дар мавриди диндориаш розӣ бошед, пас ӯро никоҳ кунед. Агар ин корро накунед, фитнае дар замин мешавад ва фасоди бузург рух медиҳад»*** (Ривояти Тирмизӣ). Дар манъ намудани зан аз издивоҷ ба шахси муносиби худ се ҷиноят аст. Аввал ин, ки сарпараст ба худ ҷиноят мекунад, ки Худо ва Расулро итоат накард. Ҷинояти дигар дар ҳаққи зан аст, ки ӯро аз ҷавони муносиби худ манъ намуд ва фурсати издивоҷро, ки тамоми манофеъи зан дар он аст, аз даст дод. Ҷинояти сеюм дар ҳаққи домодшаванда аст, ки ҳаққи шариатро, ки ба ӯ додааст, аз ӯ манъ намуданд. Чунин сарпараст агар корро ба ин минвол идома диҳад, дигар ҳаққи шаръияшро аз даст медиҳад ва ҳақ ба касе бармегардад, ки бештар ҳаққи ин занро мешиносад. Агар сарпараст ин корро бештар такрор намояд, дигар ӯ ба мартабаи фосиқӣ мерасад ва шаҳодати ӯ назди аксари уламо қабул нест.

**Дуюм, баланд бурдани маҳр.** Баланд бурдани маҳр ва ба афзунии он фахр намудан ва занро савдо кардан, корест бад ва шариати мо онро батамом рад намудааст. Зеро ин кор боиси он мегардад, ки ин одат дар ҷомеа густариш ёбад ва иҷодкунандаи он кореро анҷом медиҳад, ки гуноҳи он ва гуноҳи ҳар кӣ дар оянда ин корро такрор кунад, бар дӯши ӯ хоҳад буд, аз тарафи дигар бар болои ҷомеа як мушкилот ва вазнинӣ ба бор меоранд, ки мӯҷиби қаҳру ғазаб ва масхараи он қарор мегирад. Ҳарчанд маҳр гаронтар бошад, ба ҳамон андоза мард ҳамсари худро бад мебинад ва дар андак қаҳр ин корро ба ёдаш меорад. Сабукӣ ва камии маҳр боиси дӯстию улфати ҳамсарон мегардад ва баракатро дар он хонадон зиёд месозад. Ҳазарати Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд: Шумо маҳри занонро гарон накунед, ки агар маҳр дар дунё арзише медошт ва ё дар охират тақворо меафзуд, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он амр менамуд. Баъзе аҳли илм гуфтаанд: Аз аҳодис бармеояд, ки ақалли маҳр муайян нашудааст ва ин ки ба як мушт хурмо, ба як ангуштарини оҳанин ва ба таълим додан метавон издивоҷ

намуд. Ва аз ҳадисҳо маълум мегардад, ки гаронии маҳрҳо дар никоҳ макрӯҳ аст ва он сабаби камбаракатӣ дар оила мегардад.

**Сеюм, масорифи қалину тӯй.** Чизи дигареро мардум ихтироъ намудаанд ва бар дӯши мард бор кардаанд, ки боиси аз издивоҷ гурехтани онҳо гардидааст, ин исроф кардан аст дар харидорӣ намудани матоъҳои гарон ва тилловориҳо ва асосҳои хона ва исроф кардан дар гузаронидани тӯй ва даъвати мардум. Қудоҳо чанд муддат пеш аз тӯй ба хонаи ҳамдигар мераванд ва барои ин таоми махсус омода мекунанд ва ин корро баъди тӯй чанд маротибаи дигар такрор мекунанд, ки ҳам барои тарафи домод ва ҳам тарафи арӯс мушкилӣ ва сарфу хароҷоти беҳуда ба бор меорад ва дар он ҳеҷ манфаате барои домоду арӯс нест. Балки ин ҳама молҳоест, ки беҳуда сарф мешаванд ва роҳи издивоҷро, ки яке аз корҳои ҳаётан муҳими мусалмонон ба шумор меравад, мегирад. Илова бар ин, баъзе ҷоҳилону фосиқон одатҳои бад ва корҳои ҳаромро болои издивоҷ изофа намудаанд. Онҳо шабнишиниҳо ташкил мекунанд ва дар меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо хӯрок мефармоянду ҳофизону раққосаҳоро ба он даъват мекунанд, то садои худро баланд намуда, бо шайтонҳо ҳамоҳанг шаванд. Дар чунин маъракаҳо занон бо мардон якҷо мерақсанд ва шаҳу арӯс дар рӯи миз нишаста, ин манзараи фаҳшро тамошо мекунанд ва суратгирҳо сурат мегиранд ва наворбардорҳо онҳоро ба навор мегиранд. Дар чунин вақтҳо аксаран арӯс бо либоси сафеди нимбараҳнаи аврупоӣ менишинад ва ин издивоҷ, ки кори шариатӣ буд, ба манбаи фасоду гуноҳ мубаддал мегардад.

Эй бандагони Худо! Роҳи издивоҷро ба ин ва дигар монеаҳо гирифтан боиси зоҳир гаштани фасоди бузург мегардад. Касе, ки даст наёбад, то тӯяшро ба ин дабдаба гузаронад, маҷбур мешавад аз он даст кашад ва даст ба ҳама корҳои фоҳиша бизанад ва дигар фаҳшу бадкорӣ дар ҷомеа мунташир мегардад, ки оқибати балои он бар сари худи афроди ҷомеа мебошанд. Ин монеаҳо боиси он мегарданд, ки дигар сарпараст ба он зан хиёнат мекунад. Агар ба хостгориаш марде ояд, ки аз ҳама ҷиҳат ба он зан мувофиқат мекунад, вале маҳри камтар диҳад,

хостгорияшро рад мекунад ва духтарашро ба касе медиҳад, ки маҳри бештар ба ӯ бидиҳад, агарчӣ аз дигар ҷиҳат камбудӣ дошта бошад ва ҳатто агар диндор ҳам набошад. Барои ҳамин аст, ки олимон он сарпарастеро, ки ин корро такрор мекунад, фосиқаш мехонад ва адолати ӯ мавриди шак қарор мегирад, то вақте ки аз ин кор тавба намоянд.

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед ва ин корро хуб аҳамияти ҷиддӣ диҳед.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

وَأَنكِحُوا۟ ٱلْأَيَـٰمَىٰ مِنكُمْ وَٱلصَّـٰلِحِينَ مِنْ عِبَادِكُمْ وَإِمَآئِكُمْ ۚ إِن يَكُونُوا۟ فُقَرَآءَ يُغْنِهِمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٣٢﴾

**«Шумо мардон ва занони беҳамсар ва низ бардагон ва канизони шоиста ва дурусткорро ҳамсар диҳед, агар онҳо камбағал бошанд, Худованд аз фазли худ онҳоро бениёз мегардонад ва Худованд гушоишдиҳандаи огоҳ аст»** (Сураи Нур, ояти 32).

# ТАШВИҚ БА САБУК НАМУДАНИ ИЗДИВОҶ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро ва оқибати нек муттақиёнро ва душманӣ танҳо бар алайҳи золимон аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарике, ки ваъда додааст, ки баъди ҳар мушкилӣ осонӣ ва баъди ҳар сахтӣ кушоишест. Ва шаҳодат медиҳам, ки мавлои мо Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки агар Ӯро дар ду кор ихтиёр медоданд, Ӯ осонтарашро интихоб менамуд, агар он гуноҳ набошад. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонашро, ки чанг ба суннати Ӯ заданд ва таълимоташро пиёда карданд ва дар натиҷа ба некии дунё ва охират ноил гаштанд.

Аммо баъд... Эй бандагони Худо! Вақте маҳр дар никоҳ машруъ шуда, пас бояд миқдори он маълум бошад ва вазъи марду зан ба назар гирифта шавад. Зеро ҳадафи аслии издивоҷ он нест, ки зан соҳиби маҳр гардад, балки он аст, ки дар зиндагӣ пуштибоне пайдо намояд, то ӯро аз ҳама ҷиҳат таъмин намояд. Маҳр василa аст, на ҳадаф, барои ҳамин, бояд дар ҳудуди маъқул ва мувофиқи тавон бошад. Маҳр метавонад як ангуштарини оҳанин бошад ва ё қарзе бар дӯши мард бошад. Кам будани маҳр ва ё наовардани он маънои набудани муносиб буданро надорад. Маҳр аз нигоҳи Ислом рамз аст ва он дар ҳеҷ давру замона пул набуд.

Эй бандагони Худо! Агар таом додан дар чунин муносибатҳо суннат бошад, бояд он дар андозаи маъқу муайян шавад. Бояд барои он вақти муносиб ва миқдори муносибро ихтиёр кард ва набояд он ба ҳадди исроф ва зиёда аз лузум сурат гирад ва ё дар вақти ғайри муносиб анҷом дода шавад ва мардум ва натавонанд иштирок намоянд ва хӯрок ҳама вайрон шавад. Ин корест, ки на ақл онро қабул дорад, на дин ва на Худованд аз он розист, на Расули Ӯ.

Эй бандагони Худо! Агар Ислом эълони никоҳро иҷозат додааст, он бояд ба роҳҳои машруъ сурат гирад ҳамчуноне, ки онро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён намуданд. Барои эълони он метавонанд занҳо ба танҳоӣ тавассути доира эълон намоянд. Аммо барпо намудани ҷашнҳо ва рақсу сурудхониҳо ва омехтагии занҳо бо мардон ва иштироки суратгирону наворбардорон ва гуноҳро ба тариқи ошкоро анҷом додан, корест, ки кунандаи он гирифтори ғазаби илоҳӣ қарор мегирад ва ин кор оқибати баде дорад ва фасоди бузургеро ба бор меорад.

Пас шумо аз Худованд битарсед, Ӯро ҳозиру нозир бидонед, ҳамеша даст ба тоати Ӯ занед, аз гуноҳу маъсияташ парҳез кунеду кори издивоҷро осон намоед ва ба занону духтарони худ зулм накунед. Шумо эй ҷавононе, ки қудрати издивоҷро доред, дар ин кор шитоб кунед, шумо эй падарон, дар ин кор ба фарзандони худ кӯмак намоед, то чашмони худро аз ҳаром пӯшонанд ва андоми худро муҳофизат намоянд ва шумораи мусалмононро афзун намоянд. Ҳар кӣ хайру баракатро бихоҳад, пайи ба даст овардани ҳамсари диндор шавад ва ҳар кӣ чунин ҳамсарро пайдо кунад, албатта хушбахт мегардад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Исломи муслиминро пирӯз бигардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор кард.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки Ту тавоноӣ.

Худоё, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд, рӯйҳоямонро сафед намо.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз бадбахтӣ ва қазои бад ва бадбахтии душманон паноҳ мебарем. Худоё, Туро ҳамд

мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям, баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ХОНАИ МУСАЛМОН ЧӢ ГУНА БОЯД БОШАД

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро бинобар фазлу эҳсонаш, ки моро таому шароб дода, ҷои хоби моро муайян намуд ва ҳамду шукр барои ӯ бинобар неъматҳои беҳисобаш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва ҳамд аз Ӯст ва мулк ҳам аз Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз қодир аст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки муждарасону ҳушдордиҳанда ва чароғи дурахшоне аст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонашро ва ҳар кӣ ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ мекунад.

Аммо баъд... Эй Мардум! Шумо аз Худованд битарсед, ҳамчуноне, ки шуморо амр кардааст ва шукронаи неъматҳои ӯро ба ҷо оваред ва дониста бошед, ки ҳар неъматеро, ки шумо соҳибед, аз Худованд аст.

Эй бандагони Худо! Неъматҳои ба мо атонамудаи Худованд хеле зиёд ва аз доираи ҳисобу китоб берун аст, ки мо бояд дар баробари ин ҳама неъматҳо шукри Ӯро ба ҷо орем ва барои побарҷо мондани ин неъматҳо даст ба корҳои накӯ ва амалҳои солеҳ занем. Худованд мефармояд:

وَإِذْ تَأَذَّنَ رَبُّكُمْ لَئِن شَكَرْتُمْ لَأَزِيدَنَّكُمْ ۖ وَلَئِن كَفَرْتُمْ إِنَّ عَذَابِي لَشَدِيدٌ ﴿٧﴾

**«Ва ҳангоме, ки Парвардигоратон эълом намуд, ки агар шукргузор бошед, ба шумо афзунӣ ато хоҳам кард ва агар куфрон намоед, ҳароина азоби ман сахт аст»** (Сураи Иброҳим, ояти 7).

Яке аз беҳтарин неъматҳо Худованд барои фарзандони Одам он аст, ки барои онҳо хона ва манзили истиқомат додааст, ки дар он истиқомату истироҳат намоянд, аз гармою сармо ба он паноҳ баранд, аз чашмҳо пинҳон

шаванд, молу дороиашонро дар он нигоҳ доранд, аз душман ба он паноҳ баранд ва дигар манофеъ.

Худованди мутаол бар бандагонаш ин хонаҳои барқарор ва интиқолиро миннат гузошта мефармояд:

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنۢ بُيُوتِكُمۡ سَكَنٗا وَجَعَلَ لَكُم مِّن جُلُودِ ٱلۡأَنۡعَٰمِ بُيُوتٗا تَسۡتَخِفُّونَهَا يَوۡمَ ظَعۡنِكُمۡ وَيَوۡمَ إِقَامَتِكُمۡ وَمِنۡ أَصۡوَافِهَا وَأَوۡبَارِهَا وَأَشۡعَارِهَآ أَثَٰثٗا وَمَتَٰعًا إِلَىٰ حِينٖ ﴿٨٠﴾

**«Ва Худованд барои шумо хонаҳоятонро оромиши шумо қарор дод ва барои шумо аз пӯсти чорпоён хаймаҳо муқаррар кард, то ҳангоми иқомат ва кӯч сабук ва қобили интиқол бошад»** (Сураи Наҳл, ояти 80). Худованд дар ибтидо хонаҳои истиқоматиро зикр намуд, ки инсон ғолибан дар он умр ба сар мебарад. Худованд онро ҷои оромиш хонд, ба маънои он ки инсон оромиро дар он меёбад ва баъди ҳаракати зиёде барои истироҳат ба он ҷо мешитобад ва аз тамоми масоили зиндагӣ лаҳзае дар он ором мешавад. Баъди он Худованд хонаҳои интиқолиро, ки ҳангоми кӯч кардан аз он истифода мешавад, зикр намуда, мефармояд: **«Ва барои шумо аз пӯсти чорпоён хаймаҳо муқаррар кард, то ҳангоми кӯч ва иқомат сабук ва қобили интиқол бошад»** (Сураи Наҳл, ояти 80). Яъне Худованди мутаол барои шумо аз пӯсти ҳайвонот хонаҳои интиқолӣ муқаррар кард, сабук аст, чӣ дар ватанатон ва чӣ дар вақти сафар аз он истифода мебаред.

Неъмат истиқомат ва ором гирифтан дар хона беҳтарин неъмат аст ва шумо ба ҳоли онҳое назар афканед, ки имрӯз хона надоранд ва ба чӣ ҳолат гирифторанд ва ба ҳоли худ андеша намоед, ки дар хонаҳои замонавӣ истиқомат доред, хонаҳое ки тамоми васоили роҳат ба монанди обу барқ дар он фаровон буда, дар зимистон бароятон гармӣ медиҳад ва дар тобистон сардӣ. Инҳо ҳама неъматҳои Худованд аст, ки дар хона барои шумо додааст ва барои ин ҳама неъматҳо

бояд шукри Ӯро ба ҷо оваред ва таври бояд Ӯро ёд кунед, ки ин ҳама аз фазлу марҳамати Ӯст.

Эй бандагони Худо! Хонаи мусалмон бояд аз дигар хонаҳои фарқият дошта бошад ва тибқи шариати илоҳӣ дар хонаи мусалмон бояд ҳамеша зикри Худованди мутаол карда шавад ва намозҳои нофила бештар хонда шавад ва Қуръони карим хонда шавад ва бояд он аз ҳама намуд фасод пок бошад. Дар Саҳеҳайн аз Абумӯсои Ашъарӣ ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Масали хонае, ки дар он ёди Худо карда мешавад ва хонае, ки дар он ёди Худо карда намешавад, мисли мурда ва зинда аст».*** Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Баъзе намозҳоятонро (суннатҳоро) дар хона бихонед ва онро қабристон нагардонед»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Яъне дар хонаи худ бештар намозҳои суннат ва нафл бигзоред ва онро ба монанди қабриситон нагардонед, ки намоз хонда нашавад. Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо хонаҳои худро қабристон накунед. Шайтонҳо аз хонае, ки дар он сураи Бақара хонда мешавад, мегурезад»*** (Ривояти Муслим). Боз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо дар хонаҳоятон намоз хонед, зеро беҳтарин намози шахс намозест, ки дар хонааш гузорад, ба ғайр аз намозҳои фарзӣ»*** (Ривояти Муслим).

Ин ҳама аҳодис ва даҳҳо ҳадиси дигар, ки ба ин маъно омадааст, далел бар он аст, ки бояд хонаҳои мусалмонон ҳамеша бо зикру тасбеҳу таҳлил обод бошанд, дар он бештар намоз хонда ва Қуръони карим тиловат карда шавад, зеро намози суннатро беҳтар аст дар хона бихонанд, на дар масҷид. Ҳамчунин дар ин ҳадисҳо манъ карда шудааст, то хонаҳоро ба монанди қабристон холӣ аз зикру намоз гардонем.

Ҳамчунин дар ин аҳодис моро ташвиқ ба қироати Қуръон дар хонаҳо мекунад ва хусусан сураи Бақара, зеро бо хондани ин сура шайтонҳо аз ин хона мегурезанд. Ҳар хонае, ки дар он ин ҳама шартҳо фаровон бошад, яъне дар он Худованд зикр карда шавад ва намозҳои суннат, нафл хонда шавад ва Қуръон тиловат карда шавад, чунин хона ба

як мадрасаи бузург мубаддал мегардад, ки дар он ҳамаи истиқоматкунандагон, занону мардону фарзандон бар тоати Худову Расул тарбият меёбанд. Чунин хонаҳоро малоика бештар зиёрат мекунанд ва аз он шайтонҳо дур мешаванд. Вақте хонаҳо аз ин ҳама сифот холӣ бошанд, онҳо ба монанди қабристон мегардад, ки истиқоматкунадагони он мурдадилонанд, агарчӣ ҷисман зиндаанд ва дар чунин хонаҳо шайтонҳо истиқомат намуда, малоик аз он дурӣ меҷӯянд. Акнун худ қазоват кунед, ки ҳоли касоне, ки дар чунин хонаҳо истиқомат доранд, чӣ мешавад? Ҳоли касоне, ки дар хонаҳое тарбият гирифтаанд, ки дар он ёде аз Худо набуд ва он ба монанди қабристон зулмат буд?

Чунин хонаҳо таъсири баде мерасонад барои касоне, ки дар он сукунат мекунанд. Ҳоли чунин хонаҳо чӣ мешавад, ки ба ҷои хайр, ин хонаҳо манбаъҳои фасоду фаҳш шаванд? Хонаҳое, ки дар он филмҳои фоҳишагиро тавассути видео ва интернет тамошо мекунанд ва суратҳои фасоду бад дар деворҳои он овезон аст ва ин ҳамаро фарзандон бепарво назорат мекунанд. Хонаҳое, ки бо касетаҳои суруду оҳагҳои бемаънӣ ва ишқбозӣ пур аст, дар он намоз намехонанд ва дар фикри ҷамъияту миллату дин нестанд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам борҳо қасди онро намуд, ки рафта, тамоми хонаҳоеро, ки аҳли онҳо аз намоз қафо мемонанд ва ба масҷид ҳозир намешаванд, дар болои сари истиқоматкунандагонаш бисӯзонад. Пас ҳоли онҳое, ки аслан намоз намехонанд, чӣ мешавад?

Соҳибони чунин хонаҳо аҳёнан дар ҷомеъа аз мақомоти баланд бархӯрдоранд, онҳо ё дар мансабҳои баланди ҳукуматӣ кор мекунанд, ё аз ҷумлаи сарватмандони кишвар ба шумор мераванд. Шайтон ба назди чунин ашхос омада, мегӯяд: ту болотар аз он ҳастӣ, ки ба масҷид равӣ ва ҳамроҳи мардуми оддӣ намоз гузорӣ, зеро ин кор қадри туро дар назди мардум паст мекунад ва ҳайбататро аз дили онҳо мебарад. Пас чунин инсонҳо аз рӯи кибру ғурур намозҳои худро дар масҷид намехонанд. Ва баъзеҳоро молу мулк машғул намуда, масҷидро аз ёд мебароранд. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки чунин инсонҳо рӯзи қиёмат ҳамроҳи мутакаббирон машҳур мешаванд. Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу

алайҳи ва саллам боре намозро ба ёд оварда, чунин фармуданд: ***«Ҳар кӣ намозро пайваста ҳифз намояд, дар рӯзи қиёмат барояш нур, бурҳон ва наҷот мегардад. Ва ҳар кӣ онро барпо накунад, на барояш нур мешавад, на бурҳон ва на наҷот ва чунин инсон дар рӯзи қиёмат ҳамроҳи Қоруну Фиръавну Ҳомону Убай ибни Халаф маҳшур мегардад»*** (Ривояти Аҳмад, Абуҳотим ва Ибни Моҷҷа).

Дар ин ҳадиси шариф як нуктаи аҷиб аст ва он ин аст, ки шахси тарккунандаи намоз ё ба сабаби машғул будан ба мол, ё ба пул, ё ба вазифа, ё ба тиҷорат намозашро тарк мекунад. Ҳар кӣ намозашро ба сабаби машғул будан ба молҳояш тарк кунад, ҳамроҳи Қорун аст ва ҳар кӣ ба сабаи мулкаш онро тарк кунад, ҳамроҳи Фиръавн аст ва ҳар кӣ барои вазифа онро тарк кунад, ҳамроҳи Ҳомон аст ва ҳар кӣ барои тиҷорат онро тарк намояд, ӯ ҳамроҳи Убай ибни Халаф аст.

Эй бандагони Худо! Касоне, ки сифати хонаҳои худро ин гуна зишт кардаанд, ки он холӣ аз ёди Худо ва пур аз лаҳву фасод аст, онҳое, ки дар хонаҳо худ танбалонеро парвариш мекунанд, ки аз масҷид мегурезанд, арзиши ҳамаи уқубутҳоро доранд. Чунин хонаҳо ба дасти душманон вайрон гашта, аҳли он рӯ ба гурез меоранд ва билохира бехонумон мегарданд, ҳамчуноне, ки имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон ҳазорон оила гирифтори ин мусибатанд. Ин ҳама ба сабаби он аст, ки онҳо неъматҳои Худоро нодида гирифтаанд ва дар хонаҳо тамоми маъсиятро раво донистаанд ва ҳар гуноҳ неъматро ба мотам ва ободиро ба харобазор мубаддал мекунад.

Эй бандагони Худо! Чизи дигареро, ки бояд хонаи мусалмон аз он пок бошад, ин сурат ва саг аст. Абу Талҳа ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Малоика дар хонае, ки дар он сурат ё саг бошад, намедарояд»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Дар ривояти Имом Муслим омадааст: *«Дохил намешаванд малоика ба хонае, ки дар он саг ё тимсол бошад»*. Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҷабраил ба назди ман омада, ба ман гуфт: Ман дирӯз омада будам ва маро барои даромадан ба назди ту чизе манъ накард, магар ин ки дар пеши дар***

***тимсолҳое дидам ва дар хона пардае буд, ки дар он тимсол буд ва дар хона саге буд. Пас ту дастур деҳ, то сари тимсол канда шавад ва он ба сурати дарахт гардад ва бифармо, то он парда бурида шавад ва аз он ду болиш бисозанд, то дар зер қарор гирад ва бифармо то сагро аз хона берун кунанд»*** (Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ).

Ин ду ҳадис далел бар он аст, ки овехтани суратҳо дар деворҳои утоқҳо ва хона ҳаром аст ва далел бар он аст, ки ҳар кӣ ин корро бар худ раво бинад, уқубати камтаринаш он аст, ки малоик ба он ҷо намедароянд, ки дар ин ҳолат зиёни сахте мекунад.

Ҳамчунин ин ҳадисҳо далолат бар он мекунад, ки нигоҳ доштани саг дар хона ва онҳоро беҳуда гирифта, дар кӯчаҳо гаштан ҳаром аст. Сагро метавон дар ҳавлӣ барои корҳои машруъ, монанди муҳофизати чорво, посбонии замин ва шикор истифода бурд ва дар ғайри ин гирифтани саг ба сабабҳои зерин ҳаром аст.

Якум, ин ки даромадани малоикаи раҳматро манъ мекунад. Оё мӯъмине пайдо мешавад, ки мӯҳтоҷи даромадани малоикаи раҳмат набошад?

Дуюм, аз савоби ӯ ҳамарӯза ду қирот кам карда мешавад, ки ин нуқсони бузурге аст. Мусалмон набояд савобҳои ба заҳмат дарёфт намудаашро ба ин осонӣ аз даст диҳад. Қирот чунончӣ дар шарҳи ҳадисҳо омадааст, ба монанди кӯҳи бузург аст.

Сеюм, дар ин кор мушобаҳат ба кофирон аст, ки онҳо сагпарварӣ мекунанд. Чунончӣ маълум аст дар дини мо монанд шудан ба кофирон ҳаром аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ худро ба қавме ташбеҳ диҳад, ӯ низ аз ҳамон қавм ба шумор меравад»*** (Ривояти Абудовуд).

Дар гирифтани саг азияти ҳамсоягон ва роҳгузарон аст ва наҷосату палидии оби даҳони он ҳаром аст, ки имкони бенамоз кардани асбобу олот мебошад.

Эй бандагони Худо! Аз Худованд битарсед ва ба хонаи худ ва истиқоматкунандагони он аҳамияти бештар диҳед, то он хонаи исломии бо ёди Худо ва ибодат Ӯ зиндагашта мубаддал гардад. Шумо аз хонаи худ ҳама чизеро, ки ба

одоби исломӣ мухолифат мекунад ва ё ба гуноҳ бурда мерасонад, дур намоед.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

لَّقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرۡجُواْ ٱللَّهَ

وَٱلۡيَوۡمَ ٱلۡأٓخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرٗا ٢١

**«Албатта барои шумо дар Паёмбар намунаи хуб аст. Барои касоне, ки умеди Худо ва рӯзи охиратро дошта бошад ва Худоро бештар ёд кунанд»** (Сураи Аҳзоб, ояти 21).

Худованд ба Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, зеро Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ХОНАДОНИ МУСАЛМОН ЧӢ ГУНА БОЯД БОШАД

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки наметавонем санои ӯро ба ҷо оварем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммад ва ҳамаи хонадону саҳобагонаш.

Аммо баъд... Эй Мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед **«Ва дониста бошед, ки Худованд ҳамроҳи муттақиён аст»** (Сураи Тавба, ояти 123).

Эй бандагони Худо! Бояд хонаи мусалмон аз ҳар тараф маҳкам бошад, то аз чашмони бад дар амон афтад ва касоне, ки дар дохили он ҳастанд, битавонад бо дили пур гаштугард намоянд ва мутмаин бошанд, ки ба сиру асрори онҳо касе воқиф намешавад ва касе наметавонад бидуни иҷозат вориди он гардад. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قَٰتِلُواْ ٱلَّذِينَ يَلُونَكُم مِّنَ ٱلۡكُفَّارِ وَلۡيَجِدُواْ فِيكُمۡ غِلۡظَةٗۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلۡمُتَّقِينَ ١٢٣

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо ҳамроҳи касоне, ки шуморо азият медиҳанд, мубориза баред ва бояд онҳо дар шумо дуруштиеро эҳсос намояд. Ва дониста бошед, ки Худованд ҳамроҳи муттақиён аст»** (Сураи Тавба, ояти 123).

Боз Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо дохил нашавед ба хонаҳо ғайри хонаи худатон, то рухсат талабед ва ба аҳли он салом диҳед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад ки панд гиред. Пас агар дар он касеро пайдо накардед, вориди он нашавед, то бароятон иҷоза диҳанд. Ва гар барои шумо гуфта шавад, ки баргардед, пас шумо баргардед. Ин бароятон поктар аст. Ва Худованд ба он чӣ мекунед, доност»** (Сураи Нур, оятҳои 27-28).

Ибни Касир (р) мегӯяд: «Рухсат талабед» яъне пеш аз даромадан иҷозат бигиред. «Ва ба аҳли он салом диҳед», яъне баъди даромадан ба он хонадон салом диҳед. Баъди ин мегӯяд: Бояд диниста шавад, он касе, ки иҷозати даромадан металабад, набояд дар пеши дар истода, ба хона назар кунад, балки бояд ба дигар тараф нигариста, даррро дар дасти росташ, ё дасти чапаш қарор диҳад. Дар Саҳеҳайн аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки мефармоянд: ***«Агар касе ба даруни хонаи ту нигоҳ кунад ва ту барояш иҷозат надода бошӣ, пас бо сангчае ӯро бизанӣ ва чашмонашро бикафонӣ, ҳеҷ гуноҳе бар дӯши ту нест»*** (Муттафақ).

Уқба ибни Омир ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо ҳаргиз ба назди занон дохил нашавед. Марди ансорие пурсид: Агар падарарӯс бошад чӣ? Гуфтанд: Падарарӯс ин марг аст»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Дар падарарӯс ва дигар хешони шавҳар хавфу хатар бештар аст, зеро даромадану баромадани онҳо осонтар аст. Ин ҳадис далолат бар он мекунад, ки эҳтироми хонаҳои мусалмонон бузург аст. Даромадани бегонаҳо ба хонаи мусалмон дар вақти набуданаш хатари хеле бузург дорад, вале мутаассифона имрӯзҳо мардум ба ин мавзӯъ он қадар аҳамият намедиҳанд. Баъзе занон дар ҳузури хешони шавҳар ба монанди бародар, амак ва тағои шавҳар ҳиҷоб намекунанд ва баъзеи дигар ба хонаи худ мардони бегонаро даъват намуда, бо ҳамсарони худ якҷо мекунанд, бо номҳои гуногун монанди ошпаз, ронанда, хидматгор ва ғайра. Баъзеҳо занону духтарони бегонаро ба хонаи худ оварда, кор мефармоянд ва ҳар лаҳза ба назди онҳо медароянду мебароянд, гӯё онҳо аз маҳрамҳои ӯ бошанд. Ин ҳамаро Исломи азизи мо сахт манъ намудааст ва онро аз сарчашмаҳои фитна хондааст.

Мӯъмини баномус намегузорад, то бегонагон ба хонаи ӯ дароянд ва бо маҳрамони ӯ якҷо бошанд. Ӯ ба ҳамсар ва духтари худ иҷозат намедиҳад, то ҳамроҳи ронандаи бегона дар мошин савор шавад. Ӯ намегузорад, то зани бегона дар хонаи ӯ бошад ва чун маҳрамон бепарво дар он гаштугузор

намояд ва аз пеши рӯи ӯ ба монанди зану хоҳараш ба ин тарафу он тараф гузарад.

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед ва аз бадии ин ҳама фитнаҳо барҳазар бошед ва ин фарҳанги пучу бемаъниро кӯркӯрона тақлид накунед, ки ин кори пурхатар аст. Шумо коре накунед, ки хонаҳои худро ба дасти худ ва дасти душманонатон вайрон кунед, дар ҳоле, ки худ бехабаред.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалморо мағфират намо.

Худоё, Исломау Муслиминро пирӯз ардон. Ва хор кун ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд, рӯйҳоямонро сафед намо.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба сӯи Ту аз бадбахтӣ ва қазои бад ва бадбахтии душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ЗАН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигореро, ки торикию рӯшноиро офарид ва боз ононе, ки кофир шудаанд, ба Парвардигорашон дигареро баробар мекунанд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ҳама чиз фано мешавад ҷуз зоти поки Ӯ, ҳукм азони Ӯст ва ҳамагон ба сӯи Ӯ бармегарданд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки баширу назир буду чароғи дурахшон. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду дигар анбиёву паёмбарон. Худоё, аз ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонаш ва ҳар кӣ Ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ мекунад, розӣ бош.

Аммо баъд... Эй ҷамоати мардону занони мусалмон! Шумо аз Худованд битарсед, ин аст васияти Худованд барои шумо ва барои тамоми пешиниёнатон. Худованд мефармояд: **«Азони Худованд аст он чӣ дар осмонҳо ва замин аст. Ва дар ҳақиқат, мо касонеро, ки пеш аз шумо барояшон китоб дода шуда буд ва ҳамчунин шуморо ба тақво васият кардаем. Ва агар шумо кофир шавед, пас барои Худост он чӣ дар осмонҳо ва замин аст ва Худованд ғанӣ ва ҳамид аст»** (Сураи Нисо, ояти 131).

Эй бародарони мӯъмин! Ҷои тааҷҷуб нест, агар мо дар бораи зан бештар сӯҳбат намоем, зеро зан нисф ва ё бештари ҷомеъаро ташкил медиҳад. Зан ҳам модар аст, ҳам духтар ва ҳам ҳамсар аст, ҳам хоҳар. Зан ба монанди қалъаи мустаҳкамест, ки агар дуруст бошад, душманон наметавонанд он қалъаро бишикофанд ва рахна дар ахлоқи ҷавонони мо зананд. Дар баробари ин зан метавонад сӯрохӣ ва ё дарвозаи фасоду фаҳш бошад, вақте ки ҳаёи худро аз даст диҳад ва фирефтаи бадхоҳон гардад. Худованд дар китоби худ моро дастур додааст, то бо онҳо муомилаҳои хуб дошта бошем ва мефармояд: **«Ва бо онҳо ба накӯӣ ҳамзистӣ кунед. Ва агар шумо аз онҳо кароҳате доштед (бидонед, ки) чӣ басо шумо аз чизе кароҳат дошта бошед, вале Худованд дар он чиз баракати зиёд қарор дода бошад»** (Сураи Нисо,

ояти 19). Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам васият намудааст, то бо онҳо хушмуомила бошем. Он ҳазрат (с) мефармоянд: ***«Ҳамеша бо занон хушрафтод бошед»*** (Ривояти Муттафақ).

Дар Қуръони карим оятҳои зиёде омада, ки шаъни онҳоро баланд менамояд ва ҳуқуқи онҳоро муайян мекунад.

فَٱسۡتَجَابَ لَهُمۡ رَبُّهُمۡ أَنِّي لَآ أُضِيعُ عَمَلَ عَٰمِلٖ مِّنكُم مِّن ذَكَرٍ
أَوۡ أُنثَىٰۖ بَعۡضُكُم مِّنۢ بَعۡضٖۖ فَٱلَّذِينَ هَاجَرُواْ وَأُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ
وَأُوذُواْ فِي سَبِيلِي وَقَٰتَلُواْ وَقُتِلُواْ لَأُكَفِّرَنَّ عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأُدۡخِلَنَّهُمۡ
جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ ثَوَابٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ
حُسۡنُ ٱلثَّوَابِ ١٩٥

**«Пас Парвардигорашон дархости онҳоро пазируфт: “Ман ҳаргиз амали амалкунадагони шуморо зоеъ нахоҳам кард, чӣ мард бошад, чӣ зан, баъзеятон аз баъзи дигаред»** (Сураи Оли Имрон, ояти 195).

Аз ин ҳама бештар, дар Қуръони карим сураи комиле нозил шудааст, ки номи онҳоро бо худ дорад ва дар он тамоми масоили занонро ҳал мекунад. Бо вуҷуди ин, зан макони фитна аст ва аввалин фитнаи Бани Исроил аз занон буд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳам барои умматони худ аз занон хавф доштанд. Он ҳазрат (с) мефармоянд: ***«Баъди рафтани ман барои мардон фитнае зиёнбортар аз занон боқӣ намемонад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Эй Мусалмонон! Имрӯз барои шумо каме аз Ислом дар мавриди занон ва мақоми ҳақиқии зан дар шариати Худо арз мекунам.

Ислом ба як будани асли марду зан иқрор мекунад ва баён мефармояд, ки зан ҳам ба монанди мард ҳуқуқи баробар дорад. Худованд мефармояд: **«Эй мардум, аз он**

**Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафар офарида, аз он ҳамсарашро офарид ва аз домони эшон мардону занони зиёде офаридааст, битарсед»** (Сураи Нисо, ояти 1).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳамоно занон баробари мардонанд»*** (Ривояти Аҳмад ва Абудовуд).

Дуюм, ин ки Ислом монанди мардон барои занон ҳаёти хушро дар дунё ва охират кафолат додааст. Худованд мефармояд: **«Ҳар мард ё зане, ки амали солеҳ намояд, дар ҳоле, ки мӯъмин бошад, барояшон зиндагии покиза хоҳем дод ва подоше беҳтар аз кирдораш ба ӯ ато хоҳем кард»** (Сураи Наҳл, ояти 97).

Сеюм, ҳамчуноне, ки Ислом байни мардону занон дар вазифаҳо баробарӣ қоил аст, онҳоро дар савоби тоату азоби исён низ монанди мардон гардонидааст. Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلْمُسْلِمِينَ وَٱلْمُسْلِمَٰتِ وَٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ
وَٱلْقَٰنِتِينَ وَٱلْقَٰنِتَٰتِ وَٱلصَّٰدِقِينَ وَٱلصَّٰدِقَٰتِ وَٱلصَّٰبِرِينَ
وَٱلصَّٰبِرَٰتِ وَٱلْخَٰشِعِينَ وَٱلْخَٰشِعَٰتِ وَٱلْمُتَصَدِّقِينَ
وَٱلْمُتَصَدِّقَٰتِ وَٱلصَّٰٓئِمِينَ وَٱلصَّٰٓئِمَٰتِ وَٱلْحَٰفِظِينَ فُرُوجَهُمْ
وَٱلْحَٰفِظَٰتِ وَٱلذَّٰكِرِينَ ٱللَّهَ كَثِيرًا وَٱلذَّٰكِرَٰتِ أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُم
مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا ﴿٣٥﴾

**«Ҳамоно, ки занону мардони мусалмон, занону мардони мӯъмин, занону мардони обид, занону мардони Худотарс, занону мардони садақадиҳанда, занону мардони рӯзадор, занону мардоне, ки шармгоҳи худро ҳифзкунандаанд, занону мардони Худоро бисёр зикркунанда барои ҳамаи инҳо**

**Худованд омӯрзиш ва подоши бузурге омода кардааст »** (Сураи Аҳзоб, ояти 35).

Дар ҷои дигар Худованд мефармояд: **«Мард ва зани зинокорро, ҳар яки онҳоро сад дурра занед»** (Сураи Нур, ояти 2).

Худованд ҳарду тоифаро хитоб намуда мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаргиз гурӯҳе гурӯҳеро масхара накунад, шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд ва занон занонеро масхара накунанд, шояд, аз инҳо беҳтар бошанд»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 11).

Барои нигоҳ доштани ҳарду ҷинс аз афтодан дар пастиҳо Худованд мефармояд: **«Барои мӯъминон бигӯ, то чашмони худро бипӯшанд ва андоми худро нигоҳ доранд. Ин барои онҳо поктар аст, ҳамоно Худованд ба он чӣ мекунанд, хабардор аст. Ва барои занон бигӯ, чашмони худро бипӯшанд ва андоми худро нигоҳ доранд»** (Сураи Нур, оятҳои 30-31).

Чорум, Ислом фоли бад диданро ба таваллуди духтар манъ намудааст, ҳамчуноне, ки одати баъзе арабҳо буд. Худованд мефармояд: **«Ва чун яке онҳоро башорат ба духтар диҳанд, рӯяш сиёҳ мегардад, дар ҳоле, ки ӯ хашмгин аст»** (Сураи Наҳл, ояти 59).

Зиндабагӯр кардани духтаронро барои абадият ҳаром гардонидааст. Худованд мефармояд: **«Ва ҳангоме, ки духтарони зиндабагӯрро пурсида мешавад, ки ба кадом гуноҳе кушта шуданд?»** (Сураи Таквир, оятҳои 8-9). Боз Худованд мефармояд: **«Дар ҳақиқат, зиён карданд ононе, ки фарзандони худро ба нодонӣ куштанд»** (Сураи Анъом, ояти 140).

Панҷум, Ислом барои занон кафолати соҳиб шудани молу мулкро додааст. Худованд мефармояд: **«Барои мардон аст ҳиссае аз он чӣ волидайн ва хешон тарк кардаанд ва барои занон ҳиссаест аз он чӣ волидайн ва хешон тарк кардаанд, аз он чӣ хоҳ кам бошад ё зиёд, ин ҳиссае аст муқаррар»** (Сураи Нисо, ояти 7).

Саъид ибни Ҷубайр ва Қаттода мегӯяд: Мушрикин меросро танҳо барои мардони бузург медоданд ва ба занону кӯдакон ҳеҷ ҳиссае намегузоштанд, пас Худованд ин оятро фурӯ фиристод.

Болотар аз ин, ҳама масъулияти риояи хона ва тарбияи фарзандонро Ислом ба дӯши занон гузоштааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Зан дар хонаи шавҳар масъул аст ва аз зердастонаш пурсида мешавад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ин кучову баъзе қонунҳое, ки башар онро вазъ намуда, кучо? Дар қонунҳои Рими қадим ва Фаронсаи пешин занро ба монанди тифл ва шахси девона аз ҳама ҳуқуқ маҳрум намуда буданд.

Шашум, Ислом ба таълими занон низ аҳамияти зиёд додааст. Худованд барои марду зан хитоб намуда мефармояд:

أَمَّنْ هُوَ قَـٰنِتٌ ءَانَآءَ ٱلَّيْلِ سَاجِدًا وَقَآئِمًا يَحْذَرُ ٱلْـَٔاخِرَةَ وَيَرْجُوا۟ رَحْمَةَ رَبِّهِۦ ۗ قُلْ هَلْ يَسْتَوِى ٱلَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَٱلَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَـٰبِ ﴿٩﴾

**«Бигӯ: Оё баробаранд касоне, ки медонанд ва касоне, ки намедонанд?»** (Сураи Зумар, ояти 9).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам як рӯзи худро барои занон тахсис дода буд, то онҳоро таълим диҳад ва онҳо низ кӯшиш менамуданд ва беҳтарин муаллимаҳо гаштанд. Дар Саҳеҳайн аз Абусаъиди Худрӣ омадааст, ки «Зане ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй Расули Худо! Ҳамеша мардон аз ту ҳадис мегӯянд, барои мо рӯзеро муайян намо, то биёем ва аз он чӣ Худованд бароят омӯзонидааст, барои мо биёмӯзӣ. Пас ба ӯ гуфт: Дар фалон рӯз ва дар фалон ҷой ҷамъ шавед. Пас онҳо ҷамъ шуданд ва Паёмбар меомад ва ба онҳо таълим медод, он чизеро, ки Худованд ба ӯ таълим медод» (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Дар асрҳои пешрафти Ислом таълими занон ба авҷи аъло расида буд ва занон дар ҳама соҳаҳо устод гашта буданд. Агар ба китобҳои исломӣ назар афканем, ҳама ба ин шаҳодат медиҳанд. Олимони зиёде буданд, ки ба

устодони худ, ки зан буданд, ифтихор мекарданд. Зан на танҳо дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам намунаи илму ҳунару фиқҳ буд, балки дар асрҳои баъдӣ ҳам чунин намунаҳо хеле зиёд буданд. Мо метавонем ҳазрати Оишаро мисол оварем, ки дар фиқҳ ва ҳадис пешсаф буд. Намунаи дигар духтари Саъид ибни Мусайяб аст, ки боре шавҳараш, ки аз шогирдони падари ин духтар буд, хост аз хона берун равад. Ин зани олима аз ӯ пурсид, ба куҷо равонӣ? Гуфт ба маҷлиси илмии Саъид, то илм биомӯзам. Ин духтар гуфт: Биншин, то барои ту илми Саъидро биёмӯзонам.

Намунаи дигар, модари Имом Шофеъӣ аст, ки ба иттифоқи тамоми ровиён яке аз занони покдомани ибодатгар ва хеле боақлу зирак буд. Боре дар коре ҳамроҳи модари Бишр Мурайсӣ дар Макка дар назди қозие чизеро шаҳодат доданӣ шуд. Қозӣ хост ин ду занро дар алоҳидагӣ пурсад, вале модари Шофеъӣ ба ӯ гуфт, ин ҳақро надорӣ, зеро Худованд мефармояд: **«Агар якеи онҳо фаромӯш кард дигараш ӯро ба хотир мерасонад»** (Сураи Бақара, ояти 282).

Садҳо ин гуна намунаи дигаре ҳаст, ки ҷои ифтихори занони мусалмон мебошад, ғайри мусалмонон низ ба он иқроранд. Соҳиби китоби "Маданияти Араб" менависад: Дар замони аббосиён дар машриқ ва дар сояи давлати уммавиҳо дар Индулис занони зиёде дар илму маърифат машҳур гаштанд, ин далели он аст, ки маданияти араб ба занон аҳамити ҷиддӣ медиҳад.

Оё занони муосири мо метавонанд таърихро бори дигар баргардонанд ва ба монанди гузаштагони худ соҳиби имону илму фарҳанг шаванд? Ин кор барои Худованд осон аст. Густариши Ислом ҳаргиз боз намеистад, то замоне, ки дар рӯи замин як марду зани мусалмоне бошад, ки Ло илоҳа иллалоҳу Муҳаммаду расуллуллоҳ гӯяд. Худованд мефармояд:

لَّيۡسَ بِأَمَانِيِّكُمۡ وَلَآ أَمَانِيِّ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِۗ مَن يَعۡمَلۡ سُوٓءٗا
يُجۡزَ بِهِۦ وَلَا يَجِدۡ لَهُۥ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلِيّٗا وَلَا نَصِيرٗا ﴿١٢٣﴾ وَمَن

يَعۡمَلۡ مِنَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ
يَدۡخُلُونَ ٱلۡجَنَّةَ وَلَا يُظۡلَمُونَ نَقِيرٗا ﴿١٢٤﴾

**«На дар орзуи шумост ва на дар орзуи аҳли китоб, ҳар кӣ амали баде кунад, ба кайфари он хоҳад расид ва ҷуз Худо ёру ёваре нахоҳад ёфт. Ва ҳар марду зане, ки амали солеҳ намуд, дар ҳоле, ки ӯ мӯъмин аст, пас онҳоянд, ки дохили ҷаннат мешаванд ва андак ҳам зулм карда намешаванд»** (Сураи Нисо, оятҳои 123-124).

Ин аст эҳтимоми Ислом ба занон, ки дар хонае зиндагӣ намояд, ки аҳли он хона боиззату икром бошанд ва дар хонаи шавҳараш ӯ шахси мӯҳтарама ба ҳисоб равад. Хонае, ки мард барои нафақа кардан ба ин зан бикӯшад ва барои ӯ либосу хӯрок омода намояд. Хонае, ки фарзандон ба ӯ накӯӣ кунанд ва барои хидмату хушнуд намудани ӯ талош варзанд. Оё барои зан ин беҳтар аст, ё ин маданияте, ки ӯро дар кӯчаҳо меандозад, то барои худ паноҳгоҳ биҷӯяд, худро дар биёбонҳои даҳатнок бинад, ки гургони даранда аз ҳар тараф ба ӯ ҳуҷум кунанд? Аз Худованд талаб мекунем, ки ин неъматҳояшро бар мо ҳифз намояд, ки Ӯ соҳиби он аст ва тавони онро дорад.

# ЗАН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигорро, ки маргу зиндагиро биёфарид, то шуморо биозмояд, ки киро аъмол беҳтар аст. Ва шабу рӯзро офарид, то он панде барои мардум бошад ва ӯро шукр намоянд. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Барои ҳар кӣ хост, писар ато кард ва барои ҳар кӣ хост, духтар ба баъзеҳо ҳам писару духтар мебахшад ва баъзеҳоро бенасл мекунад ва ӯ бар ҳама чиз тавоност. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки ба мардум накӯиро омӯзонд ва онҳоро ба накӯӣ даъват намуд ва барои мардум бадиро ошкор кард ва аз он ҳушдор дод. Дуруду раҳмати Парвардигор бар Муҳаммаду ҳамаи паёмбарон ва бар олу асҳобаш ва ҳар кӣ Ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ кунад.

Эй мардону занои мусалмон! Эҳтимои Ислом ба занон на танҳо ба он андозаест, ки дар боло зикр шуд, балки Ислом мефармояд, то занро аз рӯзи таваллудаш то дами маргаш ҳамчун модар, духтар, ҳамсар, хоҳар, амма ва хола икром намоем.

Вақте духтар нотавон аст ва чизе аз дасташ намеояд, Ислом ба волидайни ӯ амр мекунад, то ӯро хуб парвариш намоянд ва тамоми эҳтиёҷоти ӯро бароранд ва ба онҳо барои ин кор савоби фаровонеро ваъда додааст, то ин корро бештар ва хубтар анҷом диҳанд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ се духтар дошта бошад ва онҳоро ҷой диҳаду парвариш намояд ва ба онҳо раҳм намояд, бароямш албатта ҷаннат воҷиб мегардад. Пас аз миёни мардум марде савол кард: Эй Расули Худо, агар ду духтар дошта бошад? Фармуданд: Агарчӣ ду духтар дошта бошад»*** (Ривояти Бухорӣ).

Касе ду духтарро то ба балоғат расидан парвариш диҳад, ҳамроҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба қуллаи олӣ мерасад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ ду духтарро то синни булуғ парвариш намояд, дар рӯзи қиёмат бо ман чунин мебошад ва ду***

***ангушташро якҷо кард ва ба ҳам пайваст (ки маънои дар паҳлӯи якдигарро дорад)»*** (Ривояти Муслим).

Вақте духтар ба балоғат мерасад ва ба шавҳар мебароянд, Ислом ба дигар шакл ба ӯ аҳамият медиҳад ва ба зан хубӣ кардан ва нарм рафтор намуданро беҳтарин чиз мешуморад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Дунё матоъ аст ва беҳтарин матои он ҳамсари накӯкор аст»*** (Ривояти Муслим).

Ислом ҳаёти заношӯиро бар асоси дӯстию раҳмат қарор додааст, ки тамоми низомҳои башарият то кунун натавонистаанд ба мисли он алоқаеро барқарор намоянд. Худованд мефармояд:

وَمِنْ ءَايَـٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَـٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١﴾

**«Яке аз нишонаҳои Худованд он аст, ки барои Шумо аз ҷинси худатон ҳамсар офарид, то ба сӯи онҳо ором гиред ва дар байни шумо дӯстию меҳрубониро эҷод намуд»** (Сураи Рум, ояти 21).

Дар Ислом беҳтарин инсон ва мӯъмини имони комилдошта касе ба шумор меравад, ки ахлоқи накӯ дошта бошад ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Беҳтарини шумо касест, ки бо занонашон муомилаи беҳтар мекунанд»*** (Ривояти Тирмизӣ).

Вақте зан модар шуд, дорои мақоме мегардад, ки аз он болотар мақом нест ва дар олам касе нест, ки монанди ӯ ҳаққи бештари муомилаи нек ва муроъот шуданро дошта бошад. Ислом накӯӣ кардан ба падару модарро бо ҳаққи худ якҷо зикр намудааст. Худованд мефармояд: **«Ва Худованд дастур додааст, то ғайри Ӯ касеро ибодат накунед ва ба волидайн накӯкор бошед»** (Сураи Исро, ояти 23).

Дастур барои некӣ кардан ба модар аз осмон омадааст. Худованд мефармояд: **«Мо инсонро васият кардем, то бо волидайнаш эҳсон кунад»** (Сураи Аҳқоф, ояти 15).

Ҳаққи модар аз ҳаққи падар бештар аст барои он ки ӯ ранҷи бештар мекашад. Худованд мефармояд: **«Модар бо машаққат борашро ҳамл кард ва ба машаққат ҳамлашро бар**

**замин ниҳод. Ва даврони ҳамл ва шир додан сӣ моҳ аст»** (Сураи Аҳқоф, ояти 15).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро се бор такрор намуданд: ***«Вой ба ҳолаш, вой ба ҳолаш, вой ба ҳоли касе, ки падару модараш назди ӯ ба пирӣ расиданд, яке аз ишон ё ҳардуяшон, вале ӯ дохили ҷаннат нагашт»*** (Ривояти Муслим).

Мусалмонон дар гузашта инро хуб дарк карда буданд, бинобар ин, ҳуқуқи волидайнро хуб риоя менамуданд. Ибни Аббос мегӯяд: Ман ҳеҷ амалеро намедонам, ки ба Худованд наздик кунад, ба монанди некӯӣ дар ҳаққи модар. Ибни Умар як марди Яманиро дид, модари худро пуштора намуда, дар атрофи хонаи Каъба тавоф мекунад ва шеъре мегӯяд, ки мазмунаш чунин аст: Ман худро барои модарам уштури мутеъе намудаам. Ин мард аз Ибни Умар савол кард: Оё ман ҳаққашро адо намудаам? Гуфт: Не. Ҳатто ба андозаи нохун ҳам.

Дар Саҳеҳи Муслим Абуҳурайра мегӯяд: Қасам ба зоте, ки ҷони Абуҳурайра дар дасти Ӯст, агар ҷиҳоди дар роҳи Худо ва ҳаҷ ва итоати модарам намебуд, орзу мекардам, то ғулом бошаму бимирам. Яке аз ровиён мегӯянд: Ба мо расидааст, ки Абуҳурайра ҳаҷ накарданд, то замоне, ки модараш аз дунё нагузаштанд.

Кадом шариате ғайри Ислом барои зан ин мартабаро қоил аст ва кадом инсон метавонад ҳуқуқеро ба модар диҳад беҳтар аз он чӣ Худованд барояш додааст?

Эй хоҳари мусалмон, фарқ хеле калон аст байни он ҳуқуқҳое, ки Худованди мутаол ба занон додааст ва байни он садоҳои баланде, ки ба ном ҳомиёни ҳуқуқи зан ба онҳо додааст. Чунончи баъзе аҳли илм гуфтаанд: Ҳуқуқҳоеро, ки шариати исломӣ ба зан додааст, бо ҳадафи бузург буда, танҳо ба хотири ҳифзу каромати ҷинси латиф аст, бидуни кадом тамаллуқе ё сӯистифода аз зан будани онҳо. Дар тамаддуни Юнонӣ ва Румӣ, ҳамчунин дар тамаддуни аврупоии имрӯза барои зан иҷозат медиҳанд, то ба ҷомеъа биомезад ва аз зан будани худ лаззат барад бе ин ки барои ӯ арзишеро қоил шаванд ва ё каромати ӯро ҳифз намоянд. Дар Ислом бошад, омехтагии ӯро бо ҷамъият маҳдуд намуда, вале барои ӯ ҳуқуқҳои зиёде дода шуда ва баъди

додани ин ҳуқуқҳо барои занон каромату обрӯяшро муҳофизат мекунанд ва ӯро ба корҳое ҷалб намекунанд, ки барояш мушкилот эҷод кунад ва танҳо ба ӯ масъулиятҳое супорида мешавад, ки ба табиати нозукаш созгор бошад.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Ислому муслиминро пирӯз гардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавоноӣ.

Худоё, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд, рӯйҳоямонро сафед намо.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба Ту аз бадбахтӣ ва қазои бад ва бадбахтии душманон паноҳ мебарем. Худоё, Туро ҳамд мегӯям, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ҲУШДОР АЗ МАСТКУНАНДАҲО ВА МАВОДИ МУХАДДИР

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки инсонро офарида ба ӯ ақл дод ва ӯро аз дигар ҳайвонот ба ақл бартарият дод. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст соҳиби фазлу эҳсон. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Худованд бар Ӯ Қуръон раҳнамуди мардумон ва нишонаҳои ҳидоят ва ҷудокунандаи хақ аз ботилро нозил кардааст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонашро ва ҳар кӣ ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ кунад.

Аммо баъд... Эй Мардум! Шумо аз Худо битарсед ва шукрашро ба ҷо оред. Ӯ инсонро каромат додааст ва барояш имтиёзе додааст, ки дар дигар махлуқот дида намешавад. Худованд мефармояд: **«Ва дар ҳақиқат мо фарзанди Одамро гиромӣ доштем ва онҳоро дар барру баҳр (бар маркаб) савор кардем ва аз анвоъи рӯзиҳои покиза баҳрамандашон сохтем ва бар бисёре аз махлуқотамон фазилати бештарашон додем»** (Сураи Асро, ояти 70).

Як чизе, ки инсониятро Худованд бо он каромат додааст, ин ақл мебошад, ки бо он аз дигар ҳайвонот фарқ мекунад ва тавассути он некиро аз бадӣ ва фоидаро аз зарар ҷудо менамояд. Агар инсон ақлашро гум кунад, дигар аз он фоидае намемонад, балки он бори гароне мегардад бар дӯши дигарон. Инсон тавассути ақл метавонад дар мавриди нишонаҳои Худованд андеша намояд ва онро дарк кунад ва бо ақл метавонад ихтироъот ва навовариҳо кунад.

Ақл инсонро водор мекунад, то сифатҳои хубро соҳиб гардад ва аз сифатҳои паст худдорӣ намояд. Бо ақл инсон барои корҳо хуб талош мекунад ва аз корҳои бадие парҳезад. Худованд ақлро ба номҳои гуногун зикр намудааст, ақл, мағз, идрок, ҳис ва ин ҳама далолат ба маонии бузурге мекунанд.

Худованд дар китобаш касонеро, ки ақли худро истифода намебаранд, сарзаниш мекунад ва онҳоро аз ҳайвонот ҳам пасттар мехонад. Худованд мефармояд:

أَمْ تَحْسَبُ أَنَّ أَكْثَرَهُمْ يَسْمَعُونَ أَوْ يَعْقِلُونَ ۚ إِنْ هُمْ إِلَّا
كَالْأَنْعَامِ ۖ بَلْ هُمْ أَضَلُّ سَبِيلًا ﴿٤٤﴾

**«Оё ту гумон мекунӣ, ки аксари онҳо мешунаванд, ё дарк мекунанд? Онҳо ба монанди ҳайвонотанд, балки аз ҳайвонот гумроҳтаранд»** (Сураи Фурқон, ояти 44).

Худованди мутаол истеъмоли ҳар маводеро, ки ақлро халалдор месозад, манъ мекунад ва барои ин кор ҷазои вазнин ва азоби сахте муайян намудааст.

Ақл яке аз панҷ чизи заруристо, ки тамоми шариатҳо муҳофизати онро воҷиб гардондаанд ва дар ҳифзи онҳо маслиҳат ва фоидаи умумибашар аст. Зеро ҳар касе, ки ақлашро гум кунад, ҳам ба нафси худ зарар мерасонад ва ҳам ба дигарон. Агар зарари ба худаш расонда ҳалок, вайронии ахлоқ ва ифлосӣ бошад, зарари ӯ ба ҷомеа тавассути халал ворид намудан, ба амну суботи ҷомеа ва дар ҳарос овардани он мебошад. Худованди мутаол мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳамоно арақ, қимор, сангҳои насбшуда барои парастиш ва бахтсанҷӣ ба воситаи тирҳо палидиест, аз амали шайтон, пас шумо аз он парҳез кунед, шояд наҷот ёбед, ҳамоно шайтон мехоҳад дар байни шумо тавассути арақ ва қимор душманӣ ва кина эҷод намояд ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз боздорад. Пас оё шумо аз он имтиноъ меаврзед?»** (Сураи Моида, оятҳои 90-91). Худованд дар ин оят зарарҳои хамрро баён менамояд ва арз мекунад, ки хамру қимор ва дигар палидиҳоеро, ки зикр намуд, боиси ноком шудан мегарданд ва он ҳама палидандu аз амали шайтон ва дар ҷомеа душманию кинаро ба бор меоранд ва аз зикри Худо бозмедоранд, ки ҳаёти дилҳо танҳо бо ёди Ӯ мебошанд. Ин амалҳо инсонро аз ибодати Худо ва намоз манъ мекунанд, ки намоз инсонро аз ҳама бадиҳо бозмедорад.

Хамр ҳар чизеро мегӯянд, ки ақлро бехуд намояд ва онро бипӯшонад аз ҳар навъ маводи масткунандае, ки бошад ва бо кадом номе, ки бошад. Дар ривоятҳо омадааст, ки дар охири замон гурӯҳҳое меоянд, ки хамрро бо номҳои гуногун зикр мекунанд, вале ном ҳақиқатро дигаргун намекунад. Ҳар чизе, ки ҷисмро суст кунад, ҳавосро бехуд намояд ва дасту поро суст намуда, номусро бикушад, монанди хамр аст. Ҳасан мегӯяд: Агар ақл дар бозор фурӯхта мешуд, мардум онро бо нархи хеле гарон харидорӣ мекарданд, вале тааҷҷуб дар он аст, ки мардум бо пули гарон чизеро мехаранд, ки ақли онҳоро вайрон мекунад.

Эй мардум! Душманони шумо ҳамеша дар пайи кашидани нақшаҳое мебошанд, ки шуморо дучори ҳалокат кунанд ва ба шумо бо ҳар роҳ зарар расонанд. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ بِطَانَةً مِّن دُونِكُمۡ لَا يَأۡلُونَكُمۡ
خَبَالٗا وَدُّواْ مَا عَنِتُّمۡ قَدۡ بَدَتِ ٱلۡبَغۡضَآءُ مِنۡ أَفۡوَٰهِهِمۡ وَمَا تُخۡفِي
صُدُورُهُمۡ أَكۡبَرُۚ قَدۡ بَيَّنَّا لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِۖ إِن كُنتُمۡ تَعۡقِلُونَ ١١٨

**«Онҳо барои шумо ҳеҷ арзишеро қоил нестанд. Онҳо дӯст медоранд, то дар мушкилот бошед. Гоҳо кина аз даҳони онҳо ошкор мегардад. Ва он чӣ дар дилҳо пӯшида доранд, бузургтар аст»** (Сураи Оли Имрон, ояти 118). Палидтарин нақша ва пурқувваттарин силоҳи онҳо, ки бо шумо дар ин замона меҷанганд, маводи мухаддир мебошад. Онҳо ин маводро кишт мекунанд, аз он мавод омода мекунанд ва ба шумо пешкаш менамоянд ва бо роҳҳои гуногун ва пинҳон онро дар байни шумо паҳн мекунанд ва дар ин роҳ онҳо аз шайтонҳои одамсурат истифода мебаранд, ки фасодро савдо мекунанд ва бадтарин мусибатро ба сари ҷомеа меоранд. Онҳо касоне ҳастанд, ки дар рӯи замин фасод мекунанд. Ҳар шаҳрванди бонангу номусе, ки дар бораи онҳо маълумот дошта бошад, бояд ба мақомоти зидахл дар бораи онҳо маълумот диҳад, ки ин аст ҳамкории бо тақво ва накӯӣ ва

набояд касе ба ҳоли онҳо раҳм намояд ва ё барои пӯшонидани сирри онҳо бо онҳо ҳамкорӣ намояд.

Эй мардум! Маводи мухаддир бадтар аст аз хамр, зеро он ақлро вайрон намуда, мизоҷро мекушад ва номусро аз байн мебарад. Маводи мухаддир агар бо хамр дар маст кардан шарик бошад, боз чандин зарарҳои дигар дорад, ки дар хамр дида намешавад. Баъзе олимон дар бораи маводи мухаддир беш аз 120 зарарҳои динӣ ва дунявиро пайдо намуданд.

Аз ҷумлаи зарарҳои динияш он аст, ки зикри Худоро аз ёд мебарад, шарму ҳаёро нобуд месозад, боиси тарки намоз ва афтодан дар ҳаромҳо мегардад.

Мухаддирот хатарноктарин силоҳест, ки онро гурӯҳҳои тахрибкор дар ҷомеаи башарӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода мебаранд. Ғолибан ин маводро яҳудиён барои шикаст додани миллатҳои дигар истифода мебаранд, то ҳамаро зери султаи худ қарор диҳанд ва миллатҳоро ғуломи хеш созанд. Мухаддирот офат ва балоест, ки ҷомеаи башариро ба нестӣ ва нобудӣ мекашонад.

Хатари он аз хатари бемориҳо ва вабоҳои ҳалокатоваре, ки наслҳоро аз байн мебарад, камтар нест. Барои ҳамин, дар аксари давлатҳо вазорат ва кумитаҳои махсусе барои мубориза алайҳи маводи мухаддир ташкил шудааст ва ҳатто давлатҳои ғайримусулмонӣ хатари онро эҳсос кардаанд ва алайҳи он мубориза мебаранд.

Паҳнкунандагони ин мавод ҳиллаҳои зиёдеро ба кор мебаранд ва бо роҳҳои гуногун онро ба кишварҳои дигар интиқол медиҳанд ва дар байни мардум паҳн мекунанд ва онро ба шаклҳои гуногун месозанд ва дар даруни чизе омода мекунанд, ки дар хаёли кас намеояд.

Эй мусалмонон! Хатари онро эҳсос намоед ва нагузоред, то он ба фарзандони шумо расад. Фарзандони худро нагузоред, беҳуда дар кӯчаҳо бигарданд ва бо ҳар гуна ашхос алоқа намоянд, зеро агар як инсон вайрон шавад, таъсираш ба ҳамаи ҳамнишинон ва ҳамсӯҳбатонаш мерасад. Алалхусус он ҷавононе, ки беҳуда дар кӯчаҳо мегарданд, маҳали шубҳа қарор доранд. Дониста бошед, ки шайтонҳои инсӣ ва ҷиннӣ роҳҳо ва ҳиллаҳои зиёдеро барои вайрон кардани ҷавонон истифода мекунанд ва дар

ҷамъомадгоҳҳои ҷавонон бештар кор мекунанд. Шумо дар замоне умр ба сар мебаред, ки аҳли замона пур аз шар шудааст ва доиёни фасод хеле зиёд гаштаанд ва ба сабаби осон шудани интиқол аз шаҳр ба шаҳр роҳҳои интишори бадӣ низ осон шудааст.

Ин ҳама аз мову шумо талаб мекунад, то бештар ҳушёр бошем, сахт эҳтиёт намоем ва барои ҳифзи фарзандон бештар аз ҳифзи молу сарват талош кунем. Кор бисёр хатарнок аст ва палидӣ ҳамаро фаро гирифтааст. Барои раҳоӣ аз балои моводи мухаддир бояд аз Худованд кӯмак талаб намуд ва алайҳи касоне, ки онро истеъмол мекунанд ва ё паҳн мекунанд, мубориза беамон бояд бурд. Бояд ҳамеша фарзандони хурдсоли худро насиҳат намоем, то дар кӯчаҳо беҳуда нагарданд ва бо мардуми ношинос ҳамсӯҳбат нашаванд. Бояд барои ҳазар кунонидани ҷомеа аз ин бало аз тамоми васоил истифода намуд. Бояд воизон ба ваъзи худ ва хатибон бо хутба ва аҳли қалам бо нашрияҳо ва ҳукумат бо радио ва телевизион мардумро аз ҳақиқати ин бало огоҳ намоянд.

Худованди мутаол мову шуморо барои ҳар кори накӯ муваффақ созад. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

**«Ва шумо бо ҳам бар накӯӣ ва тақво ҳамкорӣ намоед ва бар гуноҳу душманӣ ҳамкорӣ накунед. Ва Шумо аз Худо битарсед, ҳамоно, Худованд азоби сахте дорад»** (Сураи Моида, ояти 2).

Суханамро ба поён расонида, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ҲУШДОР АЗ МАСТКУНАНДАҲО ВА МАВОДИ МУХАДДИР

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки покизаҳоро ҳалол гардонидааст ва палидиҳоро ҳаром. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст соҳиби фазлу эҳсон. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Худованд бар Ӯ Қуръон раҳнамуди мардумон ва нишонаҳои ҳидоят ва ҷудокунандаи ҳақ аз ботилро нозил кардааст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонаш ва ҳар кӣ ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ кунад.

Аммо баъд... Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед, аз Ӯ итоат намоед, ҳамеша фармудаҳои Ӯро ба ҷо оред ва аз манҳиёташ худдорӣ кунед. Шумо бидонед, ки аз ҷумлаи он чизе, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо асҳоби худ байъат карданд, нанӯшидани хамр буд. Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ман бо шумо байъат мекунам, ки ба Худо ширк наёваред, нафсеро, ки Худованд ҳаром намудааст, баноҳақ накӯшед, зино накунед, дуздӣ накунед ва маводи масткунандаро нанӯшед. Ҳар касе, ки инҳоро анҷом дод, ҳадди шариатро ба ӯ ҷорӣ мекунам ва он барояш кафорат мешавад. Ва ҳар киро, ки Худованд ӯро пӯшонад, пас ҳисоби ӯ дар дасти Худованд аст. Аммо касе, ки ин гуфтаҳои болоро анҷом надод, ман барояш ҷаннатро кафолат медиҳам»*** (Ривояти Насоӣ).

Чӣ хуш кафолатест ва чӣ кароматест барои касе, ки арақ нанӯшад. Чӣ гуна оқил метавонад онро истеъмол кунад, дар ҳоле, ки он бар хилофи фитрати инсонист ва муқобили дастуроти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва хилофи ихтиёри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст дар шаби Исро, ҳангоме, ки Ҷабраил ба Ӯ ду қадаҳи шир ва шаробро пешниҳод намуд ва Ӯ ширро ихтиёр кард ва Ҷабраил ба Ӯ гуфт: Ту фитратро ихтиёр намудӣ (Яъне чизеро ихтиёр кардӣ, ки барои инсон офарида шудааст).

Чунончи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба касоне, ки арақ наменӯшанд, ҷаннатро кафолат додаст, ҳамчунин хабар додааст, ки Худованд аҳд кардааст, ҳар кӣ андак арақ нӯшад, Худованд дар рӯзи қиёмат ӯро аз Тинати Хабол менӯшонад. Мардум гуфтанд: Эй Расули Худо, Тинати Хабол чист? Гуфт: Араќи бадани дӯзахиён ё афшурдаи дӯзахиён аст. Худованд мову шуморо аз он нигоҳ дорад.

Эй бандагони Худо! Нӯшидани шароб ба ширк наздик аст. Ибни Аббос (р) мегӯяд: Вақте арақ ҳаром гардонида шуд, асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ҳамдигар мегуфтанд: Арақ ҳаром шуд ва баробари ширк гашт.

Абумӯсои Ашъарӣ мегуфт: Барои ман нӯшидани арақ ва ба ҷои Худованд ибодат кардани ҳамин бут баробар аст.

Эй бандагони Худо! Нӯшидани арақ далели заъифии имон аст, зеро он ба ибодати бут барбоар аст. Ҳар кӣ арақ нӯшад, ҳаё ва одамгарияш камтар мегардад ва душманию кина ба бор меоварад ва амри ба мункар мекунаду аз ёди Худованд дур мешавад.

Акнун салавот фиристед бар раҳмати роҳнамо ва неъмати воло Муҳаммад писари Абдуллоҳ. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот фирист ва аз тамоми саҳобагону тобеин ва имомони роҳёфта розӣ бош.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, Исломү муслиминро пирӯз бигардон. Ва хор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё, ба ҳоли мо раҳм намо, ки Ту раҳимӣ ва моро азоб мадеҳ, ки Ту тавоноӣ.

Худоё, дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд, рӯйҳоямонро сафед намо.

Худоё, моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё, мо ба Ту аз бадбахтӣ ва қазои бад ва бадбахтии душманон паноҳ мебарем. Худоё, туро ҳамд мегӯем, то розӣ шавӣ ва ҳамд мегӯям, чун розӣ шудӣ ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳйи мункар ҷорӣ бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи якум

Ҳамду ситоиш Парвардигори оламиёнро. Худоро ҳамду сано мегӯем, аз Ӯ ёрӣ меҷӯем, аз Ӯ омӯрзиш мехоҳем ва ба сӯи Ӯ бозмегардем ва аз бадии нафсҳо ва корҳои зишти худ ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар киро ҳидоят кунад, касе гумроҳаш наметавонад кард ва ҳар киро, ки гумроҳ сохт, ҳеҷ ҳодие надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, Ӯст соҳиби фазлу эҳсон. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Худованд Ӯро дар охири замон ҳамчун баширу назир фиристод, то ба сӯи Худованд ва бо дастури Ӯ ҳидоят намояд ва ҳамеша чун чароғи тобон бимонад. Ӯ рисолаташро ба ҷо овард, амонаташро адо намуд, умматро насиҳат кард ва дар роҳи Худо ба тавре, ки бояд, ҷиҳод намуд. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду ҳамаи хонадони поку тамоми саҳобагонаш ва ҳар кӣ Ӯро то рӯзи қиёмат пайравӣ кунад. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва ҳар мусалмон масъулияти худро дар баробари Ислом ва мусалмонон бишносад. Ман мехоҳам бо шумо дар бораи вазифа ва масъулияти ҷавонон дар баробари Ислом ва ин уммат сухан бигӯям.

Эй бародарон! Бидуни шак, ҷавонон дар зиндагӣ нақши муҳимро мебозанд. Агар ҷавонон солеҳ бошанд, уммати худро ба по мехезонанд ва дини худро дар ҷомеа густариш медиҳанд. Худованди карим барои ҷавонон як нерӯи ҷисмонӣ ва фикрие додааст, ки аз калонсолон хеле бартарӣ доранд. Агарчӣ калонсолон дар илму таҷриба аз онҳо пештаранд, вале ғолибан аз нигоҳи ҷисмонӣ ва ирода қавӣ нестанд ва наметавонанд корҳоеро анҷом диҳанд, ки ҷавонон ба он метавонанд даст зананд.

Барои ҳамин, нақши саҳобагони ҷавон ризвонуллоҳи алайҳим дар интишори ин дин бузург буд, ҳам аз лиҳози гирифтани илми дин ва ҳам аз лиҳози ҷиҳод дар роҳи Худо. Барои мисол метавон чандин саҳобагонро зикр намуд ба

монанди Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Умар, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос, Муоз ибни Ҷабал, Зайд ибни Собит ва садҳо ҷавони дигар, ки аз манбаи шариат об нӯшиданд ва барои ин уммат мероси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро ҳифз намуданд ва ба наслҳои баъдӣ расонданд. Дар баробари инҳо дигар сарлашкароне буданд ба моанди Холид ибни Валид, Масно ибни Ҳорисаи Шайбонӣ ва амсоли онҳо. Онҳо ҳама чун як уммат буданд, ки бори гарони масъулиятро бар дӯш гирифтанд ва барои адои он нақши арзандаеро бозиданд ва масъулияти худро дар баробари дин, миллат ва ҷомеаи худ адо намуданд, ки осори он то ҳанӯз боқӣ мондааст ва ба изни Худованд, то замоне, ки Ислом ҳаст, боқӣ хоҳад монд. Ҷавонони имрӯза меросбарандагони ҳамон насл мебошанд ва агар ба худ накӯӣ кунанд ва қадру манзалати худро дарёбанд ва амонатро бар дӯш гиранд, албатта метавонанд ба монанди онҳо хидмате барои дину миллати худ намоянд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар додааст, ки яке аз он ҳафт тоифае, ки рӯзи қиёмат, рӯзе ки ба ҷуз сояи раҳмати Худо ҳеҷ сояе нест, онҳоро Худованд дар зери сояи худ мегирад, ҷавонест, ки дар ибодати Худо нашъунамо ёфтааст.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бархе роҳнамоиҳои худро ба ҷавонон равона мекард. Ӯ ба Ибни Аббос мегуфт: ***«Эй писар! Ман барои ту чанд калимаро меомӯзонам. Худоро муҳофизат намо, Ӯ низ туро ҳифз мекунад. Худоро ба ёд ор, ҳамеша Ӯро дар наздат меёбӣ. Агар чизе талаб карданӣ бошӣ, аз Худо биталаб ва агар ёрӣ мехоҳӣ, аз Худо бихоҳ»*** (Ривояти Тирмизӣ). Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Муоз ибни Ҷабал, ки боре ҳамроҳаш якҷоя савора мерафт, гуфт: ***«Эй Муоз! Оё медонӣ, ҳаққи Худованд бар дӯши бандагон чист? Ва ҳаққи бандагон бар Худованд чист?»*** (Ривояти Муттафақ). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба писарандараш Умар ибни Абусалама, ки тифли хурдсол буд ва он ҳазрат (с) ҳамроҳ таом мехӯрд ва ба ҳар ҷои табақ даст дароз мекард, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дасти ӯро дошта, ба вай гуфт: ***«Эй писар, наздиктар бинишин ва бисмиллоҳ бигӯ ва бо дасти ростат бихӯр ва аз пеши худат бихӯр»*** (Ривояти

Тирмизӣ). Ин ҳама роҳнамоиҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба тарафи ин тифл танҳо барои он буд, ки дар дили ӯ ин одоби таомро ҷой диҳад, ки ин далолат бар он мекунад, ки роҳнамоии кӯдакону наврасон ба корҳои хуб масъулияти муҳими калонсолон аст.

Дини Исломи мо барои тарбияи ҷавонон аҳамияти зиёде додааст, зеро онҳоянд мардони оянда, ки ҷои падарони худро дар ҷомеа ишғол мекунанд ва дар зиндагӣ масъулияти гаронро бар дӯш хоҳанд гирифт. Аз ҷумлаи аҳамият додани Ислом ба ҷавонон ва роҳнамоии онҳо ин аст:

**Якум:** Интихоби ҳамсари солеҳ, зеро ҳамсар киштзори фарзанд аст ва фарзанд дар он парвариш меёбад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро тарғиб ва ташвиқ ба интихоби ҳамсари солеҳ мекунад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Аз пайи ҳамсари диндор бош, хушбахт мешавӣ»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Зеро агар ҳамсар солеҳа бошад ва Худованд аз ӯ фарзанд ба бор орад, он зан фарзандонашро тарбияи дуруст менамояд ва онҳоро хуб парвариш мекунад ва ба онҳо одоби исломиро меомӯзонад, ки ин хишти аввал аст дар тарбияи ҷавонон.

**Дуюм:** Аз ҷумлаи роҳнамоиҳои Ислом дар баробари тифл он аст, ки барои ӯ номи зеборо интихоб намоем, зеро ҳар номи зебо маънои худро дорад ва дар шахсияти тифл таъсир мерасонад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз падарон талаб мекард, то барои тифлони худ номи зебо интихоб намоянд ва аз номҳои бад ва номҳое, ки далолат ба маънoҳои нолоиқ мекунад, худдорӣ намоянд.

**Сеюм:** Аз ҷумлаи эҳтимоми ин дин ба ҷавонон он аст, ки падарон бояд фарзанди навзодашро ақиқа намояд, яъне дар ҳафтрӯзагӣ, ё чордаҳрӯзагӣ, ё бисту якрӯзагӣ гӯсфандеро забҳ намояд, ки ин суннати муаккада мебошад. Ин кор на ба мақсади истифодаи гӯшт ва шодию хурсандӣ, балки ба хотири таъсири нек гузоштан ба тифл аст. Ин суннат аз он далолат мекунад, ки аз рӯзҳо аввал ба тифл аҳамияи ҷиддӣ бояд дод.

**Чорум:** Аз ҷумлаи эҳтимомоти Ислом ба ҷавонон он аст, ки чун ба синни булуғ расиданд ва ба истилоҳи имрӯза худро шинохтанд, бояд волидайн ба роҳнамоии онҳо ва таълим додани умури дин бипардозанд. Паёмбар

саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо фарзандони худро аз ҳафтсолагӣ ба намоз хондан фармон диҳед ва аз даҳсолагӣ барои намоз онҳоро адаб диҳед ва дар ҷойгаҳи хоб бистари онҳоро ҷудо намоед».*** Ин далолат бар он мекунад, ки Ислом ба ҷавонон аҳамияти зиёд қоил аст ва ба онҳо ҳамеша бо назардошти синну солашон ва қудрату тавонашон муносибат мекунад. Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар тифле бо фитрати исломӣ ба дунё меояд, пас падару модараш ӯро яҳудӣ мекунанд, ё насронӣ, ё маҷусӣ»*** (Ривояти Муслим). Аз ин ҳадиси шариф бармеояд, ки ҳар тифл бо фитрати исломӣ ба дунё меояд ва агар ин фитратро падару модари тифл хуб ҳифз намоянд, пайваста тарбияи дурусташ диҳанд, насиҳатҳояшонро дареғ надоранд, дасти ӯро гирифта, ба омӯзишу таълими Ислом кӯмакаш кунанд ва аз одобу ахлоқи шариат барояш биёмузонад, дар чунин ҳолат ин тифл монанди дарахти поке мегардад, ки аслаш пок аст ва меваи пок аст ва тарбияаш зебост.

Аммо агар падару модари ин тифл мусалмон набошанд ва ё гумроҳ буда, дар фикри амру наҳйи илоҳӣ набошанд ва ҳама намуд гуноҳҳои хурду бузургро анҷом диҳанд, чунин тифл падари худро сармашқ гирифта, аз ӯ пайравӣ мекунад, магар он касеро, ки Худованд зери сояи раҳмати худ қарор диҳад. Чунин тифл ба дарахте мемонад, ки шохаш палид аст ва меваш талх ва аз он барои кишвар ва мардум танҳо зарар мерасад.

**Панҷум:** Аз ҷумлаи далоили дигаре, ки исбот мекунад, ки Ислом аз овони хурдӣ ба ҷавонон аҳамият медиҳад, он аст, ки Худованди мутаол фарзандро дастур медиҳад, ки чун волидайнаш ба пиронсолӣ расиданд, тамоми ранҷу машаққатҳои онҳоро дар роҳи таълиму тарбия ва парвариш ба ёд оварда, ба онҳо накӯӣ намояд ва онҳоро озор надиҳад. Худованд мефармояд:

۞ وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا ۚ إِمَّا

يَبْلُغَنَّ عِندَكَ ٱلْكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفٍّ وَلَا

تَنۡهَرۡهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوۡلٗا كَرِيمٗا ﴿٢٣﴾ وَٱخۡفِضۡ لَهُمَا جَنَاحَ
ٱلذُّلِّ مِنَ ٱلرَّحۡمَةِ وَقُل رَّبِّ ٱرۡحَمۡهُمَا كَمَا رَبَّيَانِي صَغِيرٗا ﴿٢٤﴾

**«Чун яке аз онҳо ва ё ҳарду дар пеши ту ба пирӣ расиданд, пас ту барои онҳо уф магӯ ва онҳоро маранҷон ва бо онҳо суханони нарм бигӯ. Ва бо онҳо хоксорӣ ва меҳрубонӣ кун ва бигӯ: “Парвардигоро, ба онҳо раҳм кун, ҳамчуноне, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»** (Сураи Исро, оятҳои 23-24).

Аз ин ояти муборака ду ҳуҷҷат пайдо кардан мумкин аст. Яке ин ки Худованд мефармояд: **«Ҳамчуноне, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»**. Пас маълум мешавад, ки тарбияи волидайн фарзанди худро неъмат ва эҳсон ҳисоб мехӯрад ва бояд дар ивази он ба волидайни худ накӯкор бошад. Мақсад аз тарбия танҳо парвариши ҷисмонӣ нест, ки иборат аз таъмини таому шароб бошад. Агар волидайн танҳо иктифо бар ин кунанд, пас онҳо на инсон, балки ҳайвонеро парвариш мекунанд. Вале муҳимтар ин тарбияи маънавист, ки он ҳифзи фитрати инсонӣ ва роҳнамоӣ ба корҳои накӯ аст. Ин аст тарбияи дурусте, ки осори он бар ин тифл то охири ҳаёташ боқӣ мемонад. Аммо агар волидайн танҳо ба парвариши ҷисмонӣ аҳамият диҳанд, он на танҳо фоида намерасонад, балки дар оянда чунин фарзанд табоҳ гашта, балое бар сари волидайн мешавад. Аммо агар волидайн ҳарду намуд парваришро ба фарзанди худ намоянд, парвариши бадан, ки он хеле муҳим аст ва он бояд ба андозаи маъқул бошад ва ба исрофкорӣ роҳ надода бошад, ҳамчунин тарбияи маънавӣ, пас дар ин сурат фарзанд дар оянда ба қадри он ҳама неъматҳои онҳо мерасад ва ҳамеша дар ҳаққи онҳо хидмат намуда, барояшон дуо мекунад. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд: **«Парвардигоро, ба онҳо раҳм кун, ҳамчуноне, ки маро дар хурдсолӣ тарбия намуданд»**.

Эй мусалмонон! Ҷавонони имрӯза гирифтори мушкилоти зиёде мебошанд, ки аз ҷумлаи ин мушкилот

фирефта шудан ба равияҳои гуногун аст. Агар ҷавононро ба ҳоли худ гузорем ва онҳо ба оғӯши ин равияҳо дароянд, бидуни шак ҳам ахлоқи онҳо вайрон мешавад, ҳам рафторашон ва ҳам ақидаашон ва ин намуд равияҳо имрӯз хеле зиёд ва аз сарчашмаҳои гуногун об мехӯранд. Равияҳое, ки онро васоити ахбори омма мисли телевизиону радиё, маҷаллаю рӯзномаҳо ривоҷ медиҳанд. Ин равияҳо дар зоҳир агарчӣ хуб намоянд ҳам, вале дар асл чун заҳри қотиле мебошанд, ки ҷавонони мо бе ин ки аз ҳақиқати он огоҳӣ дошта бошанд, ба он мепайванданд. Агар давлат ва ҷомеа сари роҳи ин намуд равияҳоро нагирад, бегумон ҷавонони мо ба доми онҳо меафтанд ва оқибати кишвар ва ҷомеа зери хатар меравад.

Рафтору кирдори аксари ҷавонони имрӯза дигаргун шудааст ва онҳо дар ин самт дар либосу шууру ҳаракатҳои худ гоҳ аз Шарқ пайравӣ мекунанд, гоҳ ба Ғарб ва ин ҳамаро аз тариқи филмҳо ва телевизиону радио гирифтаанд, ки мақсади душманон низ ба ин васила табоҳ кардани насли ҷавон дар мамолики исломӣ мебошад.

Даҳшатноктар аз ин ҳама он аст, ки ин тағйирот дар ақидаи ҷавонони мо низ таъсир гузоштааст. Аз ин рӯ, баъзе ҷавонони мусалмон пойбанди афкори коммунистӣ, баъзе дигар ба афкори бединӣ, баъзе ба зардуштӣ ва монанди инҳо аз ҷумлаи афкоре, ки эътиқодоти ҷавононро вайрон мекунад, шудаанд. Акнун, ки ҷавонони соддаи моро метавонанд ба ин соддагию осонӣ ба доми худ бияфкананд, ҷавононеро, ки дар бораи дини худ маълумоти кофие надоранд, ҳолаш чӣ гуна мешавад. Агар давлату ҷомеа сари роҳи онро нагирад, дар оянда аз ин ҷавонон душманони дину миллатро пайдо мекунанд.

Аз инҷост, ки Ислом барои таълим ва тарбияи насли ҷавон эҳтимоми зиёд медиҳад, то волидайн дар дили фарзандони худ рӯҳияи имониро ҷой диҳанд, ки дар оянда онҳо натанҳо фирефтаи равияҳои гуногун нашаванд, балки як қалъаи пурқуввате бошанд барои ҳифзи кишвару дини худ.

Аммо балои дигаре, ки ҷавонони мо имрӯз гирифтори он гаштаанд, сафар кардан ба мамолики ғайриисломӣ барои баровардани хоҳишоти нафсашон ва берун шудан аз ҳама

банду қайд аст. Аввалаш ин ки онҳо бояд дониста бошанд, ҳар ҷое, ки мераванд, Худованд аз ҳоли онҳо огоҳ буда, ҷазои амали онҳоро ба пуррагӣ медиҳад, дуюм он ки аз ин корашон падару модари онҳо ҷавобгар мебошанд. Зеро онҳо тарбияи ӯро дуруст накардаанд ва ҳаққу вазифаи худро дар баробари онҳо анҷом надодаанд ва ин корашон боиси вайрон шудани ахлоқи онҳо гаштааст. Пас шумо эй бандагони Худо, аз Худованд битарсед ва ин оятро ҳамеша ба ёд оред, ки Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ عَلَيۡهَا مَلَٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ﴿٦﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонадони худро аз оташе раҳо намоед, ки ҳезумаш одамизод ва сангпораҳост. Дар он малоикаҳои бадҳайбати сахтгире истодаанд, ягон амри илоҳиро осӣ намешаванд ва иҷро мекунанд ҳар чӣ супориш дода шаванд»** (Сураи Таҳрим, ояти 6).

Худованд бо Қуръони азим ба мову шумо баракат диҳад ҳамоно, Ӯ атокунандаи сахист.

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ИСЛОМ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро бинобар фазлу эҳсонаш ва шукр Ӯро бинобар тавфиқу эҳсонаш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду ҳамаи хонадону саҳобагонаш. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва дар кори поксозии ҷавононатон аз офатҳое, ки дар дини онҳо расидааст, кӯшиш намоед. Шукр Худовандро, ки поксозӣ хеле осон аст, агар нияту қасди онро намоем, ки хулосаи он дар чанд корҳои зерин аст:

**Илоҷи аввал:** Ҳамеша машғули таълиму тарбияи онҳо будан дар асоси адабҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва онҳоро гирифта, ба сӯи саодати дунявию ухравӣ бурдан ва дар дили онҳо азамати Худо ва фармудаҳои Ӯро коштан, то онҳо ҳамеша Худовандро дар пеши назар дошта бошанд ва ҷуз Ӯ аз касе наҳаросанд. Дар дили онҳо имони ба рӯзи қиёматро ҷой додан, то ҳамеша дар хотир доранд, ки рӯзе фаро хоҳад расид, ки дар пешгоҳи Худованд истода, ба ҳамаи корҳои кардаи худ ҷавоб медиҳанд.

**Илоҷи дуюм:** Ислоҳ намудани роҳҳои таълиму тарбия дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва донишкадаҳо, то ҷавонон дар баробари фанҳои дунявӣ маълумоти зарурии диниро низ бигиранд. Фарзандони мо бояд дар мактаб дар бораи дини худ, ақидаи дуруст, ҳалолу ҳаром, тариқаи дурусти муомилаҳои динӣ дар хӯрок, нӯшокӣ ва либос маълумоти кофӣ дошта бошад. Агар фарзандони мо ҳанӯз дар макотиби таҳсилоти умумӣ ин ҳама маълумотро аз худ намоянд, дигар метавонанд хубро аз бад ҷудо намоянд ва дар баробари ҳама гуна шубҳаҳо истодагарӣ кунанд ва дигар фирефтаи ҳама гуна равияҳои бегона нагарданд. Дар баробари ислоҳ намудани роҳҳои таълиму тарбия бояд муаллимони масъулиятшиносро барои дарс додан интихоб

намоем, то ин илмҳои асосиро ба фарзандони мо талқин кунанд ва талабагонро ба илмомӯзӣ ташвиқ намоянд.

**Илоҷи саввум:** Гузаронидани вохӯриҳо байни ҷавонону олимон аз роҳи ҳалқаҳои дарсӣ дар масҷидҳо, дар мактабҳо, дар донишгоҳҳо ва дар дигар ҷойҳои оммавӣ. Бояд ин ҳама вохӯриҳо озод, бидуни қайд сурат гирад ва ба тамоми талаботи ҷавонон посухгӯ бошанд ва роҳҳоро барои онҳо равшан намоянд.

Олимон дар баробари ҷавонон масъулияти бештаре доранд, вале мутаассифона, метавонам бо тамоми боварӣ иброз дорам, ки алоқа байни олимону ҷавонон канда шудааст, ки олимон дар як тарафу ҷавонон дар тарафи дигаранд. Ин кор боиси аз даст рафтани ҷавонони мо гаштааст. Шумо ба ёд оред, он замонҳоеро, ки ҷавонон бо олимон алоқаи зич доштанд ва олимон аз тамоми мушкилоти ҷавонон огоҳ буданд, вале чун ҷавононро бо ҳар васила аз олимони дин дур карданд, ин ҳама мушкилот ба вуҷуд омад.

**Илоҷи чорум:** Мубориза ба муқобили ҳама намуд равияҳои бегона ва манъ намудани ҷавонон аз фирефта шудан ба онҳо ва онҳоро аз ҳақиқати ҳоли ин равияҳо огоҳ кардан аст. Ҳамчунин манъ намудани ҷавонон аз сафар кардан ба кишварҳое, ки ин равияҳоро содир мекунад, магар барои зарурат. Ҳамчунин бояд масъулони давлатӣ дар хориҷ фарзандони моро зери контрол гиранд. Агар чунин кунем, албатта пеши роҳи фирефта шудани ҷавонони худро мегирем ва илло балои сахтеро бар сари ин миллат хоҳем овард.

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва дониста бошед, ки беҳтарин калом китоби Худованд аст ва беҳтарин роҳнамоӣ ҳидояти Муҳаммад аст ва бадтарини корҳо корҳои навпайдошуда аст.

Эй касоне, ки имон овардаед, Худованд ва малоикаҳои Ӯ ба Паёмбари шумо Муҳаммад салавот мефиристанд, пас шумо салоту салом фиристед бар ӯ. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар

Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо. Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ намо ва амали моро барои ризои худ гардон.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро бартараф накарда ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон нагардонда намон.

Худоё, моро бо ҳалолат аз ҳароматат ва бо тоатат аз маъсиятат ва бо фазлат аз дигарон бениёз гардон.

Худоё, мо аз ту имони доимӣ ва дили бо хушӯъ ва забони бо зикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, барои мо ҳақро ҳақ бинамо ва ба мо пайравӣ аз онро рӯзӣ гардон. Худоё, бароямон ботилро ботил бинамо ва бароямон дурӣ аз онро рӯзӣ деҳ.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ХИСЛАТҲОИ ИМОНӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди соҳиби фазлу эҳсонро, ки ҳар киро хост, ба ҳидояташ сӯи имон миннат ниҳод. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, шаҳодати шахсеро, ки чун онро гуфт, ба он имон ва эътиқод кард ва орзуи ҷаннат намуд. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки Худованд ба Ӯ Қуръонро нозил намуда, то ҳидоятгаре барои мардум буда, роҳро барояшон равшан созад. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду ҳамаи хонадону саҳобагонаш. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва аз тамоми дастуроти Ӯ, ки тавассути Паёмбараш фиристодааст, ба монанди нигоҳ доштани забон, зарар нарасонидан ба ҳамсоягон ва икром намудани меҳмон пайравӣ намоед. Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, пас бояд танҳо сухани нек бигӯяд, ё хомӯш истад. Ва ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд меҳмоннавоз бошад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ин ду чизе, ки дар ин ҳадис омадааст, хислатҳои имонӣ буда, маъшуданд, ки ин хислатҳоро дошта бошанд.

## ХИСЛАТИ АВВАЛ

Сухани накӯ гуфтан ва аз бадгууӣ худдорӣ намудан. Сухани накӯ, зикри Худованд, тиловати Қуръон, такбир, тасбеҳ, амри маъруф, наҳйи мункар, насиҳати мусалмонон, таълим додан, байни ду хасм ислоҳ андохтан ва бо мардум нармгуфторӣ намудан аст. Ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

وَإِذۡ أَخَذۡنَا مِيثَٰقَ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ لَا تَعۡبُدُونَ إِلَّا ٱللَّهَ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَانٗا وَذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَقُولُواْ لِلنَّاسِ حُسۡنٗا وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ ثُمَّ تَوَلَّيۡتُمۡ إِلَّا قَلِيلٗا مِّنكُمۡ وَأَنتُم مُّعۡرِضُونَ ﴿٨٣﴾

**«Ва ҳангоме, ки мо аз Бани Исроил аҳд гирифтем, ки ҷуз Худованд касеро напарастед ва бо волидайн накӯкор бошед, ҳамчунин бо хешон, ятимон, бечорагон ва бо мардум хуб сухан гӯед ва намозро барпо намуда, закотро адо кунед. Пас шумо рӯй гардонидед, магар каме аз шумоён дар ҳоле, ки эъроз менамудед»** (Сураи Бақара, ояти 83).

Худованд мефармояд: **«Ва бо мардум хуб сухан гӯед»**. Яъне бо онҳо суханони хуб гӯед ва забони худро дар бораи дигарон бибандед ва ба онҳо каломи бад нагӯед ва аз ин сахттар калимоти ширку куфрро ба забон наронед, дашному ҳақорат надиҳед, дурӯғу тӯҳмат, шаҳодати бардурӯғ, ғайбату суханчинӣ, ҳамчунин аз ҳама намуд суханони бемаънӣ ва бефоида худдорӣ кунед.

Эй бандагони Худо! Шумо забони худро нигоҳ доред. Дар саҳеҳайн аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Инсон гоҳҳо калимаҳоеро ба забон меронад, ки худ парвое надорад, вале ба сабаби он дар оташ мемонанд ба андозаи рафтан аз Машриқ то Магриб».***

Имом Аҳмад ва Тирмизӣ ҳадисеро овардаанд, ки ровияш Абуҳурайра мебошад, мегӯяд Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Инсон гоҳҳо суханонеро ба забон меронад, ки ба гумонаш ночиз аст, вале ба сабаби он ҳафтод сол дар оташ месӯзад».***

Бояд дониста бошем, ки тамоми суханони мо навишта мешаванд Худованд мефармояд:

مَّا يَلۡفِظُ مِن قَوۡلٍ إِلَّا لَدَيۡهِ رَقِيبٌ عَتِيدٞ ﴿١٨﴾

**«Ҳеҷ суханеро талаффуз намекунад, магар ин ки малоикае барои сабт ҳозир аст»** (Сураи Қоф, ояти 18).

Яъне ду малоика ба ҳар инсон вобаста шудааст ва онҳо тамоми аъмоли ӯро менависанд. Яке ба тарафи рости ӯ истода, амалҳои хуби ӯро менависад, дигаре ба тарафи чапи ӯ амалҳои бадашро сабт мекунанд. Барои ҳамин, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охират бовар дорад, бояд хуб бигӯяд ва ё хомӯш истад»*** (Муттафақ). Дар ин ҳадис моро амр намудааст, ки ё сухани накӯ бигӯем ва ё беҳтараш хомӯш нишинем. Бисёр калимаест, ки соҳибашро дохили дӯзах мекунад ва бисёр калимаест, ки боиси марги соҳибаш гаштааст, бисёр калимаест, ки байни дӯст ҷудоӣ андохтааст ва бисёр калимаест, ки фитнаро барошуфтааст ва кинаю душманиро ба бор овардааст.

# ХИСЛАТИ ДУЮМ

Навозиши ҳамсоя, некӣ кардан ба ӯ ва зарар нарасонидан ба ӯст, ки Худованди мутаол дар оятҳои зиёди каломаш ба ин кор амр намудааст.

Ҳамсоя касеро мегӯянд, ки хонааш дар назди хонаи туст, баробар аст, ки бо хонаат пайваст бошад, ё каме дуртар. Аҳли салаф гуфтанд, ҳамсоя аз ҳар тарафи хонаат то чил хонаро мегӯянд. Навозиши ҳамсоя бо роҳи некӣ кардан, ёрӣ додан, тӯҳфа кардан, нарм сухан гуфтан, насиҳат намудан сурат мегирад.

Дар осор омадааст, ки оё медонӣ ҳаққи ҳамсоя чист? Ҳаққи ҳамсоя агар аз ту кӯмак пурсад, кӯмакаш намоӣ, агар аз ту қарз пурсад, қарзаш диҳӣ, агар мӯҳтоҷ шуд, ӯро дастгирӣ намоӣ, агар бемор шуд, ба аёдаташ равӣ, агар хушбахтие насибаш гашт, ӯро табрик кунӣ, агар мусибате ба сараш омад, таъзия баён намоӣ, агар аз дунё гузашт, дар ҷанозааш ширкат кунӣ, то гӯристон аз дунболи ҷанозааш равӣ ва хонаи худро баланд накун, то шамолро аз ӯ манъ накунӣ, магар бо иҷозати ӯ.

Аммо зарар расондан ба ҳамсоягон ҳаром аст, зеро зарар расондан ба ҳар шахс ҳаром аст, вале аз сабаби он ки ҳаққи ҳамсоя хеле бузург аст, зарар расондан ба ӯ ҳурмати бештар дорад. Дар саҳеҳайн аз Ибни Масъуд ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро пурсиданд, ки кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд: ***«Ба Худованде, ки туро офаридааст, шарик овардан».*** Гуфтанд: Баъди ин боз кадом гуноҳ вазнинтар аст? Фармуданд: ***«Аз хавфи он ки ризқи туро мехӯрад, фарзанди худро куштан».*** Гуфтанд: Баъди ин боз кадом гуноҳ вазнинтар аст? Фармуданд: ***«Бо зани ҳалоли ҳамсоя зино кардан».***

Дар саҳеҳи Бухорӣ аз Шурайҳ ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Қасам ба Худованд, имон надорад, қасам ба Худованд, имон надорад».*** Гуфтанд Эй Расули Худо он кист? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Он касе, ки ҳамсояаш аз зарари ӯ эмин нест».***

Дар саҳеҳи Муслим аз Абуҳурайра ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Дохили ҷаннат намешавад он касе, ки ҳамсояаш аз зарари ӯ дар амон нест».*** Зарар расонидан бо роҳҳои гуногун мешавад, ба монанди аз болои девор ва бом ба хонаи ҳамсоя назар кардан, аз сӯрохии дар ё девор назар кардан, бо истифода аз дурбинҳо ба занону духтарони ҳамсоя нигаристан ва ба суханон ва розҳои онҳо гӯш додан.

Аз ҷумлаи зарар расонидан ба ҳамсоягон ноором кардани онҳост, тавассути баланд кардани садоҳое, ки хобу оромии онҳоро аз байн мебарад, хусусан вақте, ки ин садоҳо ҳаром бошанд, ба монади садои мусиқӣ, рақсу бозӣ, баробар аст, ки он бо овози худ бошад ва ё бо истифода аз радиёву телевизиону наворҳои авдиёӣ.

Аз ҷумлаи зарар расонидан ба ҳамсоягон андохтани ахлотҳост дар роҳи онҳо ва ё дар наздикии хонаҳои онҳо ва ҷорӣ намудани обҳои истеъмолшуда, ба хонаи онҳо, ё ба роҳҳо, ки мӯҷиби азияти онҳо гардад, чӣ аз лиҳози бӯи бадаш ва чӣ аз лиҳози манзараи нохушаш.

**Хислати сеюм меҳмоннавозист.** Навозиши меҳмон яке аз сифатҳои исломӣ ва ахлоқи паёмбарону бузургон аст. Навозиши меҳмон дар Ислом воҷиб аст, агар меҳмон дар маконе бошад, ки дар он ҷо меҳмонхона ё ошхона набошад. Навозиши меҳмон воҷиб аст, агар он аз як то се рӯз бошад. Дар саҳеҳайн аз Шурайҳ ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ ба Худо ва Расули Ӯ имон дошта бошад, бояд меҳмонашро ба қадри мукофот навозиш кунад».*** Пурсиданд: Эй Расули Худо! Андозаи мукофоти он чист? Фармуданд: ***«Як шабонарӯз».*** Боз гуфтанд: ***«Навозиши меҳмон се шабонарӯз аст, аммо аз ин бештараш садақа ба шумор меравад».***

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки миқдори меҳмоннавозии воҷибӣ беихтилоф як рӯз аст ва ду рӯзи боқимонда барои пурра намудани меҳмоннавозист ва дар воҷиб будани он ихтилоф аст.

Дар бораи бисёр истодани меҳмон наҳй шудааст, то соҳиби хонаро дар вазъияти ногувор наяндозад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳалол намебошад барои меҳмон, то дар он ҷо ба ҳузур бимонад, то***

***ин ки соҳиби хонаро дар вазъияти ногувор намонад»*** (Муттафақ). Меҳмон бояд хонаеро ихтиёр намояд, ки метавонад ӯро меҳмондорӣ намояд ва кӯшиш кунад, то ба хонаи камбағал наравад, то ӯро ноором насозад ва изояш надиҳад.

Агар касе аз қабули меҳмон худдорӣ намояд, гунаҳкор мешавад. Меҳмон ҳақ дорад ҳуқуқи меҳмондорияшро талаб намояд ва ҳар мусалмоне, ки онро шунид, бояд ӯро барои ба даст овардани ин ҳаққаш кӯмак намояд. Дар саҳеҳайн аз ҳадиси Ақба ибни Омир чунин омадааст: Мо гуфтем: Эй Расули Худо, ту моро ба ҳар куҷо мефиристӣ ва мо ба назди мардум меравем, онҳо моро меҳмоннавозӣ намекунанд, пас мо бояд чӣ кор кунем? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***«Агар шумо ба назди он қавмҳо рафтед, онҳоро фармоиш диҳед, то он чӣ барои меҳмондории шумо лоиқ аст, ба ҷо оранд. Ва агар онҳо ин корро накарданд, ҳаққеро, ки барои шумо аст, аз онҳо бигиред»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки ҳар кӣ меҳмоннавозӣ накунад, ӯ на аз Муҳаммад аст ва на аз Иброҳим.

Абуҳурайра боре аз маҳаллае мегузашт ва аз онҳо талаб намуд, то ӯро меҳмондорӣ кунанд ва онҳо ин корро накарданд. Пас ӯ дар гӯшае ҷой гирифт ва таоме омода намуда, онҳоро даъват кард, вале онҳо наомаданд. Ӯ гуфт: Шумо на меҳмоннавозед ва на даъватро иҷобат мекунед, пас шумо ба Ислом ҳеҷ иртиботе надоред.

Эй бандагони Худо! Ислом амр мекунад, то даст аз зарари дигарон бардорем ва ҳамеша некӣ кунем, хусусан ба меҳмон ва ҳамсоя. Ислом ба инҳо амр мекунад, барои он ки Ислом дини раҳмату шафқат аст, дини бародарию дастгирист, динест, ки ҳамеша ба адлу инсоф мехонад.

Арабҳо ҳатто дар замони ҷоҳилият ин ду хислат: меҳмоннавозӣ ва ҳамсоягиро доштанд ва чун Ислом омад, ин ду хислатро ҳамчунон бетағйир монд. Зеро ин дини хислатҳои хуб аст ва мо Худоро шукр мекунем, ки чунин дин дорем, ки он неъматест барои тамоми башарият.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

إِنَّ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ يَهْدِى لِلَّتِى هِىَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ ٱلْمُؤْمِنِينَ
ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا كَبِيرًا ﴿٩﴾ وَأَنَّ ٱلَّذِينَ لَا
يُؤْمِنُونَ بِٱلْءَاخِرَةِ أَعْتَدْنَا لَهُمْ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٠﴾

**«Ҳамоно, ин Қуръон ҳидоят мекунад ба сӯи оне, ки дурусттар аст. Ва барои мӯъминоне, ки амали солеҳ мекунанд, мужда мерасонад, ки барояшон аҷри бузургест. Ва дар ҳақиқат, онҳое, ки ба охират имон намеоваранд, барояшон азоби дарднокеро омода намудаем»** (Сураи Исро, оятҳои 9-10).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ХИСЛАТҲОИ ИМОНӢ

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки барои мо дини Исломро инъом намуда, дине, ки роҳёбии мо ба биҳишт ба сабаби он аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, шаҳодати шахсеро, ки гуфт имон овардаам ва дар қавлаш устувор истод. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва барои ҳар касе, ки Худованд шуморо амр намудааст, накӯӣ кунед. Худованд мефармояд:

۞ وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا
وَبِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡجَارِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡجَارِ
ٱلۡجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلۡجَنۢبِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡۗ
إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن كَانَ مُخۡتَالٗا فَخُورًا ﴿٣٦﴾

**«Шумо Худовандро ибодат намуда, ба Ӯ касеро шарик наёваред ва бо волидайн накӯкор бошед ва бо хешон, ятимон, бечорагон, ҳамсоягони наздик, ҳамсоягони ҳампаҳлӯ, дӯстони ҳампаҳлӯ ва мусофирон ва зердастонатон. Ҳамоно, Худованд мутакаббирони фахрфурӯшро дӯст намедорад»** (Сураи Нисо, ояти 36).

Худованди мутаол дар ин ояташ даҳ ҳуқуқро муайян кардааст. Ӯ дар ибтидо ҳаққи худро зикр намуда, пас ҳаққи волидайн, ҳаққи хешовандон, ҳаққи заифону мӯҳточону ятимону мискинон, ҳаққи ҳамсоя, ҳаққи зердастон ва ҳаққи меҳмони роҳи дурро. Мурод аз зердастон ғуломон ва канизонанд. Бархе бар он назаранд, ки ҳарчӣ дар мулки

инсон аст, зердаст маҳсуб мешавад, мисли чорпоёни дар хонабуда.

Эй бародарони аҳли Ислом! Яке аз хислатҳои волои Ислом, балки метавон гуфт, аз такмилдиҳандагони имон он аст, ки барои Худо дӯст дорем ва барои Худо бад бинем. Абуумома (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ барои Худо дӯст дорад ва барои Худо бад бинад, барои Худо бидиҳад ва барои Худо манъ кунад, имонаш комил шудааст»*** (Ривояти Абудовуд). Инсон дӯст намедорад, магар он чизеро, ки Худованд ва Паёмбараш дӯст медоранд, чӣ амал бошад ва чӣ калом. Пас инсон ҳар амал ва суханеро, ки иҷро мекунад, бояд ҳадафаш танҳо ризои Худо ва умеди савоби Ӯ ва тарс аз азоби Ӯ бошад.

Ҳамчунин агар чизеро бад бинад, бояд чизе бошад, ки Худованд онро бад дидааст, ба монанди ашёи ҳаром. Барои ҳамин, агар инсон наҳй аз мункар кунад, бояд онро танҳо барои Худованд кунад, на барои худ ва на барои он ки мардум гӯянд, фалон наҳй аз мункар мекунад. Худованд мефармояд:

قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٦٢﴾

**«Бигӯ: Албатта намоз, ибодат, зиндагӣ ва маргам азони Худованд аст, ки Парвардигори оламиён аст»** (Сураи Анъом, ояти 162).

Агар инсон чизеро бидиҳад, бояд онро ба хотири Худованд бидиҳад, чӣ садақа бошад, чӣ закот ва чӣ нафақа. Зеро мол моли Худост ва банда танҳо иҷрокунанда аст ва тамоми мавҷудот азони Худованд аст. Агар банда чизеро манъ кард, бояд барои Худо манъ кунад, ӯ набояд рибо ва хиёнатро барои худ тарк кунад, то ӯро муттаҳам ба рибохӯрӣ ва хиёнатчигӣ муттаҳам накунанд, балки бояд ин корро танҳо барои Худованд тарк кунад.

Шумо аз Худованд битарсед ва ҳақро ба соҳибаш баргардонед, ки ин масъулият аст бар дӯши шумо ва дониста бошед, ки беҳтарин калом каломи Худост ва беҳтарин роҳнамуд ҳидояти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва бадтарин корҳо корҳои навпайдост.

Эй касоне, ки имон овардаед, Худованд ва малоикаҳои ӯ ба Паёмбари шумо Муҳаммад салавот мефиристанд, пас шумо бар Ӯ салоту салом фиристед. Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусулмонро мағфират намо. Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва амали моро барои ризои худ қарор деҳ.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро бартараф накарда ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон накарда, намон.

Худоё, моро бо ҳалолат аз ҳаромат ва бо тоатат аз маъсиятат ва бо фазлат аз дигарон бениёз гардон.

Худоё, мо аз Ту имони доимӣ ва дили бохушӯъ ва забони бозикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, барои мо ҳақро ҳақ бинамо ва бароямон пайравӣ аз онро рӯзӣ деҳ. Худоё, бароямон ботилро ботил бинамо ва бароямон дурӣ аз онро рӯзӣ гардон.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ҲАЁ ВА ФОИДАҲОИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худованди соҳиби фазлу карамро, ки ҳаёро шохае аз имон гардонидааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик.

يَسۡـَٔلُهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ كُلَّ يَوۡمٍ هُوَ فِي شَأۡنٖ ﴿٢٩﴾

**«Заминиён ва осмониён низ аз ӯ мехоҳанд ва Ӯ ҳар рӯз дар коре аст»** (Сураи Ар-раҳмон, ояти 29) Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост ба сӯи инсу ҷин. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш ва тамоми касонеро, ки дар гӯшаю канори олам дини ӯро мунташир мекунанд. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва аз Ӯ ба таври бояд, шарм кунед ва дониста бошед, ки дар ҳар куҷое, ки набошед, Ӯ шуморо назора мекунад, мебинад ва мешунавад. Пас шумо муртакиби гуноҳ нашавед ва ҳаргиз дар гӯшаи хаёли шумо наояд, ки кореро аз Ӯ пинҳон карда метавонед, зеро Ӯ аз ҳар ошкору ниҳон бохабар аст.

Эй бандагони Худо! Ҳаё зеботарин хислати инсонист, ки ӯро аз бисёр корҳои нолоиқ боз медорад. Ҳаё як шохаи имон аст. Ҳазрати Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Имон ҳафтоду чанд ё шасту чанд шоха дорад. Беҳтарин шохаи он Ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан аст ва поёнтарин шохаи он дур кардани чизи зараровар аст, аз роҳ ва ҳаё як шохаи он аст»*** (Муттафақ). Боре Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз назди марде мегузаштанд, ки бародарашро дар бораи ҳаё панд медиҳад, яъне шармгинии ӯро сарзаниш мекунад. Ба ӯ гуфт: ***«Ӯро ба ҳолаш гузор, зеро ҳаё аз имон аст»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Ин аҳодис далолат бар он мекунанд, ки ҳаё беҳтарин ахлоқи инсонист.

Имом Шамсуддин Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абубакр мегӯяд: Ҳаё аз калимаи ҳаёт гирифта шудааст. Араб боронро низ ҳаё мегӯянд. Зинда будани дил аз қуввати

ҳаё аст. Беҳаёӣ нишонаи марги дил аст. Ба ҳар андозае, ки дил зиндатар бошад, ба ҳамон андоза ҳаё бештар мегардад. Ҳақиқати ҳаё он аст, ки ба тарк намудани тамоми корҳои нолоиқ ва адо кардани ҳаққи дигарон бурда мерасонад.

Ҳаё байни инсон ва Худованд мебошад. Инсон бояд аз Худованди худ шарм дорад ва нагузорад, ки Худованд ӯро дар ҳолати маъсият ва ё тарки авомири Ӯ бинад. Ҳаё ҳамчунин аз мардум мешавад. Он ҳаёеро, ки бояд байни банда ва Худованд бошад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро дар ҳадиси худ баён намудаанд, ки мефармоянд: ***«Шумо аз Худованд ба таври бояду шояд шарм доред. Гуфтанд: Эй Расули Худо! Мо шарм медорем. Гуфт: Ман инро дар назар надорам. Аз Худованд ба таври бояд, шарм доштан, сари худро бо он чӣ ҳифз кардааст, бояд ҳифз кард, шиками худро бо он чӣ дар он аст, ҳифз бояд кард, бояд марг ва пӯсида шуданро ба ёд овард ва ҳар кӣ охиратро хоҳад, бояд зинати дунёро тарк кунад. Ҳар кӣ ин корҳоро анҷом диҳад, аз Худованд ба таври, ки бояд шарм доштааст».*** Ин ҳадиси шариф маъруф аст ва онро Албонӣ тасҳеҳ намудааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин ҳадиси худ нишонаҳои аз Худованд ҳаё карданро баён намуд, ки он нигоҳ доштани аъзост аз гуноҳ ва ёди марг ва кам намудани орзую умеди ин дунёст.

Ҳаёи Парвардигор аз бандааш, ҳаёи саховату караму лутфу меҳрубонист. Худованд низ ба карам шарм мекунад, чун бандаро бубинад, ки ду дасташро ба тарафи Ӯ дароз намудааст, аз холӣ баргардондани он Худованд шарм мекунад, ки мӯйсафеди мусалмонро азоб диҳад.

Аммо ҳаёе, ки байни банда ва мардум аст, ин бозистодан аст аз тамоми корҳои нолоиқ. Инсони боҳаё намегузорад, ки мардум ӯро дар болои айб ва гуноҳе бубинанд, ки қобили мазамматy маломати онҳо гардад. Ҳаё инсонро аз кардани тамоми корҳои бад, гуноҳ, пастӣ ва разилӣ манъ мекунад. Он касе, ки аз Худованди карим шарм мекунад, бояд аз тамоми корҳое, ки ӯро манъ намудааст, дурӣ ҷӯяд, чӣ дар хилват ва чӣ дар ҳузури мардум. Инро ҳаёи бандагӣ ва ҳаёи тарс аз Худованд мегӯянд. Ин ҳаёро банда вақте ба даст меорад, ки Худовандро хуб шинохта бошад ва имони қавӣ дошта бошад, ки Ӯ азиму тавоност,

наздику огоҳ аст ба ҳама асрор ва доност ба тамоми розҳо. Ин намуд ҳаё олитарин хислати имон аст, балки метавон гуфт он олитарин дараҷаи эҳсон аст, ҳамчуноне, ки дар ҳадис омадааст: ***«Эҳсон он аст, ки Худовандро он гуна ибодат намоӣ, ки гӯё ту ӯро мебинӣ. Пас агар ту ӯро набинӣ, ӯ туро мебинад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Он касе, ки аз мардум шарм мекунад, набояд хислатҳои бадеро доро бошад, ки мардум онро бад мебинанд ва ё ба кору гуфторе даст занад, ки дар назари мардум бад аст. Инсони боҳаё дашному ҳақорат намекунад, суханчинӣ ва бадгӯйӣ намекунад, расвогию бадномӣ намекунад, гуноҳ ва бадиеро ошкоро намекунад. Шарми Худованд ботини инсонро пок месозад ва шарм аз бандагон зоҳираш ва барои ҳамин инсони боҳаё ҳам зоҳир ва ҳам ботини пок дорад ва барои ҳамин имонро аз ҳаё гардонидаанд.

Ҳар инсоне, ки аз ҳаё маҳрум бошад, дигар барои ӯ монеае вуҷуд надорад, ки ӯро аз мурртакиб шудан ба гуноҳ, ахлоқи бад, рафтори нолоиқ ва гуфтори нохуш боздорад ва дигар ӯ ҳама корро мисли шахси беимон анҷом медиҳад. Ҳамчуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Он чизеро, ки мардум аз суханони паёмбарони пешин гирифтаанд, ин аст: Агар шарм накунӣ, ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун»*** (Ривояти Бухорӣ). Он касе, ки шарм намекунад, ҳама корро карданаш мумкин аст. Ҳаё аст, ки инсонро аз кардани корҳои зиёд манъ мекунад ва он касе, ки ин сифатро надошта бошад, дигар барои ӯ ҳама дарҳои гуноҳ кушодаанд ва ҳеҷ монеае барояш нест.

Ҳазрати Салмони Форсӣ мегӯяд: Худованд агар барои бандае ҳалокатро ирода кунад, ҳаёро аз ӯ мегирад, вақте ҳаёро аз ӯ бардошт, дигар вай дар назари ҳама зишту манфур мегардад. Вақте инсон зишту манфур гашт, аз ӯ амонатдорӣ бозгирифта мешавад ва ӯ хоин меавад. Вақте хиёнаткор гашт, меҳру шафқат ва раҳмат аз дилаш дур мешавад ва ӯ зиштхӯю бадгӯй мегардад. Вақте зишту бадахлоқ шуд, ҳалқаи ресмони имон аз гарданаш берун карда мешавад, вақте ҳалқаи ресмони имон аз гарданаш берун карда шавад, ӯ дигар шайтони лаъину малъун мегардад.

Ҳазрати Ибни Аббос мегӯяд: Ҳаё ва имон дар як қалъаанд, вақте ҳаё бардошта шавад, дигаре низ меравад.

Аз ҳадиси боло ва ин ду қавл бармеояд, касе, ки ҳаёро аз даст диҳад, ӯро касе аз анҷом додани гуноҳу исён манъ карда наметавонад. Чунин инсон аз ҳаром парҳез намекунад, аз гуноҳ наметарсад, забонашро аз бадгӯӣ боз намедорад. Чун дар ин замона ҳаё кам шудааст, корҳои бад бештар гашта, занони бараҳна зиёд шудаанд, гуноҳ ошкор гардида, корҳои зиштро хуб меҳисобанд, номуси мардум кам гаштааст, ҳатто номусро фаромӯш кардаанд, корҳои зишту расвоӣ дар назари мардум хуб намоён шуда, мардум ба рақсу бозию мусиқии беҳаеёена даст задаанд, ба номи варзиш духтарон бараҳна бозӣ мекунанд, ба номи санъат ҳамдигарро оғӯш мекунанд ва аз ҳамаи инҳо бадтар он аст, ки шахси мусалмон низ чунин мекунад, ё худ онҳоро тамошо мекунад ва аз он лаззат мебарад ва вақтҳои гарони худро ба он сарф менамояд.

Ба сабаби дур шудани шарми занон дигар онҳо дар кӯчаю бозорҳо бесатру ҳиҷоб мегарданд ва ҳама намуд либосҳои зинатиро ба тан карда, парвое надоранд, ки ба онҳо номаҳрамон назар мекунанд, балки аҳёнан аз нигоҳи мардон ифтихор ҳам мекунанд. Баъзеҳо бо куртаҳои беостин мегарданд, дигарон то зону урён мекунанд. Дар дӯконҳо чун дароянд, бо соҳибони дӯкон шӯхӣ ва ханда мекунанд ва дар дили беморон оташи шаҳватро меафрӯзанд.

Баъзеҳо ба сабаби кам будани ҳаё ҳар гуна мусиқӣ ва сурудҳоро гӯш мекунанд, ҳатто ба радиёву телевизион нома навишта, талаб мекунанд, ки фалон мусиқиро ба фалонӣ ҳадя кунанд.

Чӣ гуна метавон боҳаё хонд касеро, ки филмҳои фаҳшро мехарад ва дар хона ҳамроҳи зану фарзандонаш тамошо мекунад, ки ин филмҳо пур аз манзараҳои гуноҳ, бадахлоқӣ, шаҳватбарангезӣ ва даъват ба бадӣ аст?

Чӣ гуна ҳаё дорад касе, ки фарзандони худро дар кӯчаҳо сарсон гузоштаанд, то бо ҳар намуд инсонҳо ҳамсӯҳбат шаванд ва ба занону духтарони дигар бингаранд ва ё ҳаёту оромии мардумро зери хатар гузоранд?

Чӣ гуна ҳаё доштааст касе, ки дуди сигори худро ба сӯи ҳамнишинони худ равона мекунад ва бо дуд ва бӯи ғализи он ба дигарон зарар мерасонад?

Куҷост шарму ҳаё барои он корманди ҳукуматие, ки корҳои мардумро чанд рӯз кашола медиҳанд?

Оё ҳаё дорад он фурӯшандае, ки муштариёни худро фиреб медиҳад ва дар молҳои худ тақаллуб мекунад ва ба онҳо дурӯғ мегӯянд?

Омили асосие, ки мардумро ба ин гуна ахлоқ ва рафтори бад расонидааст, дур шудани ҳаёст, ҳамчуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Агар шарм надошта бошӣ, ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун»*** (Ривояти Бухорӣ).

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

أَلَا يَعۡلَمُ مَنۡ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ ﴿١٤﴾

«**Магар мешавад, ки Офаридгор аз офаридаҳояш огоҳ набошад? Ӯ дақиқ ва огоҳ аст**» (Сураи Мулк, ояти 14).

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

# ҲАЁ ВА ФОИДАҲОИ ОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки фазлу карамашро ба ҳар кӣ хост, медиҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик ва ҳалиму карим. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки Ӯро бо дини ростин фиристодааст. Салоту саломи бепоёни Худованд Муҳаммаду хонадону саҳобагонашро.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ҳаёе, ки бояд ба он аҳамият диҳем, ҳамон ҳаёест, ки соҳибашро аз анҷом додани рафтори бад боздошта, ӯро барои анҷоми корҳи нек сафарбар мекунад. Аммо он ҳаёе, ки соҳибашро аз иҷро кардани корҳои дин ва дунёяш манъ мекунад, қобили қабул нест. Онро на ҳаё мегӯянд, балки он заъифӣ, нотавонӣ ва беҷуръатӣ аст. Мӯъмин набояд барои гуфтани калима ҳақ, амри маъруф ва наҳйи мункар шарм кунад. Мӯъмин набояд барои маълумот гирифтан дар бораи динаш шарм кунад. Он ҳаёе, ки аз гуфтан, ё кардани ҳақ манъ мекунад, васвасаи шайтон аст, на ҳаё.

Эй бандагони Худо! Ҳаё аз хислатҳои имон ва ҳусни Ислом аст. Ҳаё далели тарбияи хуб ва пок будани асли инсон аст. Ҳаё сифати паёмбарону саҳобагону тобеин аст. Ҳазрати Оиша (р) мегӯяд: Ахлоқҳои накӯ даҳ аст: Рост гуфтан, дар тоати Худованд аз сидқ сабр кардан, ба талбанда ато кардан, ба некӯкор подош додан, пайванди хешу табориро риъоя кардан, амонатро адо кардан, аз ҳамсоя шарм кардан, аз ҳамроҳи худ шарм кардан, меҳмондорӣ ва сари ҳамаи инҳо ҳаё аст. Абубакр ибни Абудунё, муаллифи китоби "Макоримул ахлоқ" мегӯяд: Мо барои он китоби худро аз боби ҳаё оғоз намудем, ки ҳазрати Оиша онро сари тамоми хислатҳо хуб хондааст. Аҷаб зебо сифатест ва чӣ хуб адабест. Аъробие мегуфт: Ҳар киро ҳаё ҷомаашро пӯшонад, мардум айби ӯро намебинанд.

Ибни Масъуд мегӯяд: Имон бараҳна аст ва зинати он тақвост ва либосаш ҳаё аст. Пас шумо эй бандагони Худо,

бар Паёмбаратон Паёмбари раҳмат салавот фиристед, зеро Худованд шуморо ба ин кор амр намудааст.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину ва мусалмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст намо, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ намо ва амали моро барои ризои худ гардон.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон накарда магузор.

Худоё, моро бо ҳалолат аз ҳароматва бо тоатат аз маъсиятат ва бо фазлат аз дигарон бениёз гардон.

Худоё, мо аз Ту имони доимӣ, дили бохушӯъ ва забони бозикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, барои мо ҳақро ҳақ бинамо ва пайравии онро рӯзӣ деҳ. Худоё, барои мо ботилро ботил бинамо ва дурӣ аз онро рӯзӣ гардон.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва барои Парвардигори оламиёнро.

# НАФАҚА ДАР РОҲИ ХУДОВАНД

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст, бинобар фазлу карамаш, ки моро офарида, ба мо рӯзӣ додааст ва моро амр намудааст, то аз он чӣ ба мо додааст, нафақа намоем, то савобашро дар охират дарёбем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, шаҳодате, ки онро бар забон меронем ва ба он дар ошкору ниҳон бовар дорем. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки ҳеҷ хайрро ногуфта намонд ва ҳеҷ бадиро ҳушдор надода нагузошт. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммад ва ҳамаи хонадону саҳобагонаш, ононе, ки дар роҳи Худо молҳои худро сарф карданд ва аз ҳаққи худ барои ризои Худо гузаштанд.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва шукри он неъматҳоеро ба ҷо оред, ки ба шумо додааст ва аз он чӣ бароятон додааст, сарф кунед ва инро хуб дониста бошед, ки аз молу мулкатон танҳо ҳамоне боқӣ мемонад, ки барои охират сарф кардаед. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Кадоми шуморо моли барояш маҳбубтар аз моли худаш аст? Гуфтанд: Эй Расули Худо, аз мо касе нест, магар ин ки моли худаш маҳбубтар аст! Гуфт: Ҳар молеро, ки нафақа намуд, моли худаш аст ва ҳар молеро, ки сарф накард, моли меросбаронаш аст»*** (Ривояти Бухорӣ).

Маънои ҳадис ин аст, ҳар молеро, ки банда дар ҳоли ҳаёташ дар роҳи хайру эҳсон, сохтани масҷиду мадраса, обод намудани ятимхонаҳо, дастгирии мӯҳтоҷону ятимону бепарасторон, таом додани гуруснагон, баровардани эҳтиёҷи мардум сарф мекунад, ҳамин молаш барои ӯ боқӣ мемонад. Ҳар он чӣ пеш мефиристад, савобашро назди Худованд чанд баробар зиёдтар меёбад. Ана ҳамон моли асосии инсон аст, ки ҳамчун захира боқӣ мемонад ва фоидаашро дар оянда низ мебинад. Аммо ғайри ин мол дигар ҳама амвол барояш ҷовидон намемонанд ва онро танҳо дар вақти саломатияш ва зинда буданаш соҳибӣ карда метавонад. Вақте бемор шуд, фарзандонаш дар он тасарруф

мекунанд ва чун аз олам чашм пӯшид, онро меросбаронаш байни худ тақсим мекунанд. Ҳазрати Абуҳурайра (р) чунин ривоят мекунад: ***«Марде омад ва пурсид: Эй Расули Худо! Кадом намуд садақа беҳтар аст, ё савоби бузургтар дорад? Гуфт: Ҳамон садақае, ки садақа кунӣ дар ҳоле, ки ту сиҳату саломатӣ ва молро дӯст медорӣ ва аз тангдастӣ метарсӣ ва умеди зиндагӣ дорӣ. Садақа карданро вомагузор, то ба он рӯзе, ҷонат ба гулӯ бирасад, пас бигӯӣ ба фалонӣ ин қадар диҳед, ба фалонӣ он қадар ва ҳол он, ки дарвоқеъ, аз фалонӣ шудааст »*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Вақте ҷон ба гулӯ расид, дигар ворисон ҳуқуқ доранд ӯро аз чунин тасарруфоташ манъ намоянд ва нагузоранд дар он моле, ки дар тӯли ҳаёташ ҷамъоварӣ намудааст ва дар ин роҳ ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ранҷ кашидааст, тасарруф намояд. Зеро акнун ин мол ба мулки дигарон мегузарад ва ӯ дар ҳолати сиҳатӣ ва тандурустияш, ки ҳаққи комил дошт, барои охираташ чизеро захира накард. Бояд инсон дар он рӯзе, ки ҳуқуқи комили сарф кардани амволашро дорад, фикри охирати худро кунад, то аз амволаш дар он рӯз низ истифода барад. Бале, инсон ҳуқуқ дорад, то ба миқдори сеяки амволи худро васият намояд, ки дар роҳҳои хайр сарф кунанд. Ҳазарти Абударддо ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Худованд бароятон сеяки молатонро садақа намудааст, то баъди маргатон тибқи васияти шумо барои бештар шудани ҳасанотатон сарф кунед, то онро дар номаи аъмоли шумо нависад»*** (Ривояти Тирмизӣ).

Пас бояд ҳар мусалмон аз ин садақаи илоҳӣ истифода барад ва онро барои фоидаи худ сарф намояд ва ба сеяки молҳои худ васият кунад, то онро дар роҳҳои хайр сарф намоянд. Инсон набояд молҳояшро барои сарф кардан дар роҳҳои нодуруст васият кунад. Ӯ набояд васият кунад, ки ин моламро барои фалон кори ҳаром сарф кунед, ё барои зинда кардани ягон бидъате ва ё барои фалон инсон, дар ҳоле, ки он инсон фосиқ аст. Эй мардуме, ки Худованд бароятон мол додааст, аз он хуб истифода намоед ва онро дар роҳҳое сарф кунед, ки дар рӯзи охират бо он мартабаҳои олии ҷаннатро харидорӣ намоед. Худованд мефармояд:

فَإِن تَابُوا۟ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُا۟ ٱلزَّكَوٰةَ فَإِخْوَٰنُكُمْ فِى

ٱلدِّينِ ۗ وَنُفَصِّلُ ٱلْـَٔايَٰتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿١١﴾

**«Ҳамоно, Худованд ҷону моли мусалмононро харидааст, дар муқобили ҷаннат»** (Сураи Тавба, ояти 11).

Эй мардум! Баъзеҳо пулу молро ҷамъ мекунанд ва мегӯяндояндаи худро таъмин мекунам, яънеояндаи дунявии худро. Ӯ намедонад, ки оё дар оянда зинда мемонад, то аз он молҳоеро, ки ҷамъ намудааст, истифода барад ва ё ин ки ӯ ин ҷаҳонро тарк мекунад ва ин молҳои ҷамъкардаашро ба дигарон мегузорад? Инсон чаро дар бораи таъминиояндае, ки зарурист ва аз он гурез нест, фикр намекунад? Чаро моли худро барои он рӯз ҷамъ намекунад, то Худованд онро чанд баробар бештар карда, ба ӯ баргардонад. Ҳол он, ки инсон маҳз дар он рӯз бештар эҳтиёҷ ба савоб дорад?

Эй бандагони Худо! Ба ин лутфу карами илоҳӣ назар кунед, ки Ӯ аз шумо харидорӣ мекунад он чизеро, ки худаш ба шумо додааст ва шуморо амр мекунад, то сарф кунед он чиро, ки худаш дар дасти шумо қарор додааст ва аз шумо қарз мепурсад он чиро, ки ба шумо бахшидааст. Худованд мефармояд: **«Ва шумо садақа кунед аз он чӣ бароятон рӯзӣ додаем»** (Сураи Мунофиқун, ояти 10). Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, мардону занони садақакунанда ба Худованд қарзи ҳасана медиҳанд, барояшон афзун шавад. Ва барои онҳост мукофоти арҷманд»** (Сураи Ҳадид, ояти 18). Худованд мефармояд: **«Кист он кас, ки ба Худо қарзи ҳасана диҳад, то Худованд ба ӯ дучандон ва чандин баробар кунад?»** (Сураи Бақара, ояти 245).

Эй бандагони Худо! Садақа кардан, на танҳо барои сарватмандон аст, балки камбағал низ ба он андозае, ки дасташ мерасад, бояд садақа кунад, агарчӣ он кам бошад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Шумо аз оташи дӯзах худро нигоҳ доред, агарчӣ бо як пораи хурмо»*** (Ривояти Бухорӣ). Боз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ аз касби ҳалол-Худованд ғайри***

***касби ҳалолро қабул намекунад-ба андозаи як хурмо садақа намояд, Худованд онро ба дасташ қабул карда, онро барои соҳибаш парвариш мекунад, ҳамчуноне ки шумо тойчаеро парвариш мекунед, то ин ки ба андозаи кӯҳ мешавад»*** (Ривояти Муттафак).

Худованди карим аз касоне, ки бо вуҷуди эҳтиёҷи сахт доштанашон, аз ҳаққи худ гузашт мекунад ва молашонро ба дигарон медиҳанд, ситоиш намудааст. Худованд мефармояд:

وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلۡإِيمَـٰنَ مِن قَبۡلِهِمۡ يُحِبُّونَ مَنۡ هَاجَرَ إِلَيۡهِمۡ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمۡ حَاجَةٗ مِّمَّآ أُوتُواْ وَيُؤۡثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ وَلَوۡ كَانَ بِهِمۡ خَصَاصَةٞۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفۡسِهِۦ فَأُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ۝٩

**«Ва онсонро бар худ муқаддам медоранд, ҳарчанд худ фақир бошанд»** (Сураи Ҳашр, ояти 9).

Садақа кардан сабаби кушоиши ризқ гашта, Худованд дар ин дунё ҳам ба садақакунанда ато мекунад. Худованд мефармояд: **«Бигӯ: Ҳамоно Парвардигори ман ризқро фаровон медиҳад, барои ҳар касе, ки аз бандагонаш бихоҳад ва танг мекунад. Ва ҳар он чизеро, ки нафақа мекунед, пас Худованд онро бармегардонад. Ва ӯ беҳтарин ризқдиҳандагон аст»** (Сураи Сабаъ, ояти 39). Яъне ивази онро беҳтар аз он дар ҳамин дунё медиҳад.

Пас садақа кардан на танҳо молро кам намекунад, балки онро афзун месозад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳаргиз амвол аз садақа кардан кам намешаванд»*** (Ривояти Муслим). Боз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Се чиз аст, ки ман ба он қасам ёд мекунам ва ба шумо сухане мегӯям, онро ҳифз намоед: Ҳаргиз моли банда аз садақа кардан кам намешавад. Зулм карда намешавад банде, пас сабр меварзад, дар он зулм, магар ин ки Худованд иззаташро афзун мегардонад. Ҳеҷ***

***бандае дари талбандагиро накушодааст, магар ин ки Худованд барояш дари камбағалиро боз мекунад»*** (Ривояти Тирмизӣ).

Бояд мо ҳаргиз чунин гумон накунем, ки моли садақакардаамон талаф шудааст, балки бояд яқин дошта бошем, ки он боқист ва афзоиш меёбад, вале он молеро, ки дар даст дорем, ин аст, ки зоеъ мегардад.

Ҳазрати Оиша (р) ривоят мекунад, ки боре онҳо гӯсфандеро куштанд, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсид: ***«Чизе аз он боқӣ монд?»*** Оиша гуфт: Чизе намонд, ҷуз китфаш. Он ҳазрат фармуд: ***«Ҳамааш боқӣ монд, ҷуз китфаш»*** (Ривояти Тирмизӣ). Яъне вақте онҳо ҳамаи гӯсфандро садақа карданд ва китфашро барои худ монданд, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт, ҳамаи он барои охирати мо боқӣ монд, аммо китфаш, ки барои худ монданд, гӯё боқӣ намондааст. Ӯ барои умматони худ дарс медиҳад, ки танҳо ҳамон моле боқӣ мемонад, ки онро барои охират сарф мекунанд ва он чизеро, ки садақа намекунанд, базудӣ аз дасти онҳо меравад.

Садақа накардан сабаби гум шудани мол аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар субҳе, ки бандагон бармехезанд, ду малоика садо мекунанд. Яке мегӯяд: Худоё, ҳар кӣ садақа кунад, барояш онро баргардон. Дигаре мегӯяд: Худоё, он касеро, ки садақа намекунад, молашро зоеъ кун»*** (Ривояти Муттафақ).

Эй бандагони Худо! Бояд шумо аз моли беҳтаринатон садақа намоед, на аз моли пасту бесифататон. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, нафақа кунед аз хушиҳои он чӣ касб мекунед ва аз он чӣ бароятон аз замин баровардаем. Ва шумо қасди додани чизи вайронро накунед, ки худ онро қабул надоред, магар ин ки чашмонатонро бипӯшонед. Ва дониста бошед, ки Худованд ғанӣ ва ҳамид аст»** (Сураи Бақара, ояти 267).

Худованд амр мекунад, то аз молҳои хуб садақа намоем ва аз садақа кардани моли паст манъ мекунад. Ӯ мегӯяд: Он гуна, ки худатон намехоҳед, бароятон чизи бад диҳанд, пас худ низ чунин чизро ба дигарон надиҳед. Чӣ гуна шумо барои мардум розӣ мешавед он чизеро, ки барои худ розӣ нестед?

Баъди ин Худованд хабар медиҳад, ки Ӯ мӯҳтоҷи садақаҳои шумо нест ва вақте шуморо амр ба садақа мекунад, барои фоидаи худи шумо амр мекунад. Пас барои худатон чизи беҳтареро бидиҳед. Худованд мефармояд: **«Шумо ҳаргиз ба ҷаннат намерасед, то ин ки сарф накунед аз он чӣ дӯст медоред»** (Сураи Оли Имрон, ояти 92). Яъне шумо ҳаргиз соҳиби эҳсон, тақво ва мартабаҳои олии ҷаннат намегардед, магар вақте, ки маҳбубтарин моли худро сарф намоед.

Вақте ин оят нозил шуд, саҳобагон шитоб карданд ва беҳтарин молҳои худро садақа намуданд, то ба Худованд наздиктар шаванд. Абуталҳаи Ансорӣ боғи худро, ки хеле дӯст медошт, садақа намуд ва ҳазарати Умар канизаке дошт, ки мавриди писанди ӯ буд, озод намуд ва гуфт: Худованд мефармояд: **«Шумо ҳаргиз ба ҷаннат намерасед, то ин ки сарф накунед аз он чӣ дӯст медоред»** (Сураи Оли Имрон, ояти 92).

Ҳамчунин фарзанди ӯ Абдуллоҳ вақте аз молу мулкаш ба ӯ чизе мавриди писандаш қарор мегирифт, онро дар роҳи Худо садақа мекард. Худованд накӯкоронро чунин васф мекунад: **«Ва таъомро бо вуҷуди он ки дӯст медоранд, ба мискину ятиму асир мехӯронанд. Мо шуморо барои ризои Худованд таом медиҳем ва аз шумо на мукофоте мехоҳем, на шукре»** (Сураи Инсон, оятҳои 8-9).

Бисёре аз мардумон имрӯз садақа намекунанд, магар он чизеро, ки мавриди писанди онҳо нест, ё мехоҳанд онро партоянд, ё дигар аз он фоида намондааст, ё ба он рағбат надоранд, ки ин гуна садақа барояшон фоида надорад. Ҳамчуноне ки Худованд мефармояд: **«Шумо ҳаргиз ба ҷаннат намерасед, то ин ки сарф накунед аз он чӣ дӯст медоред»** (Сураи Оли Имрон, ояти 92).

Эй бандагони Худо! Бояд аз молҳои покизаи худ садақа намоед, зеро Худованд пок аст ва танҳо покизаро қабул мекунад, ки покиза ҳалоли некӯ аст.

Эй бандагони Худо! Аз монеъаҳои қабули садақа парҳез кунед. Аз ҷумлаи монеъаҳои садақа бо дили нофор садақа кардан аст. Худованд мефармояд: **«Ва чизе боиси он нагардид, ки садақаҳои онҳо қабул нашавад, магар ин ки онҳо ба Худованд ва Паёмбараш кофир шуданд ва намозро**

**барпо намедоранд, магар танбалона ва нафақа намекунанд, магар бо кароҳат»** (Сураи Тавба, ояти 54). Яъне онҳо бо дили кушод садақа намекунанд ва мақсади савоб надоранд ва ҳар кӣ чунин бошад, пас садақаи ӯ барояш фоидае надорад.

Чизи дигаре, ки барои қабули садақа монеъ мешавад, ин миннат кардан аст. Худованд мефармояд: **«Як сухани хуб ва бахшиш беҳтар аст аз садақае, ки аз пайи он зарар аст. Ва Худованд ғанӣ ва ҳалим аст. Эй касоне, ки имон овардаед, шумо садақаҳои худро бо миннат ва зарар расонидан ботил накунед...»** (Сураи Бақара, оятҳои 263-264).

Худованд мегӯяд, садақаро миннат ва изо додан ботил мекунад, ба ин тариқа, ки ба он шахс суханони бад ва рафтори бад намояд, ки ин савоби садақаро нобуд мекунад, зеро гуноҳи миннату изо додан садақаро аз байн мебарад. Ҳазарти Абузар ривоят меукнад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***«Бо се тоифа рӯзи қиёмат Худованд сухан намегӯяд ва ба онҳо нигоҳ намекунад ва онҳоро пок намесозад ва барояшон азоби дарднок аст: Касе, ки додаашро миннат мекунад, касе, ки аз кибр изораш ба замин мерасад, касе, ки молашро бо қасами дурӯғ мегузаронад»*** (Ривояти Муслим).

Аз ҷумлаи монеаҳои қабули садақа риёкорӣ ва худнамоист. Худованд мефармояд: **«Монанди касе, ки моли худро барои риёкории мардум сарф мекунад ва на ба Худо имон дорад, на ба рӯзи охират. Пас қиссаи ӯ ба монанди сангест, ки бар болои он хок аст, пас бороне бар он борид ва онро ҳамвор сохт»** (Сураи Бақара, ояти 264).

Риёкорӣ он аст, ки мехоҳад мардум кори ӯро бинанд ва ӯро мадҳу сано гӯянд ва ӯ парвои савоби охиратро надорад, зеро дар дили ӯ имон нест. Худованд дили ӯро ба санги ҳамвор монанд намудааст, ки болояш камтар хок аст. Риёкор гумон мекунад, ки чун борон болои он рехт, аз он ҳосил мерӯяд, чунончӣ аз замин мерӯяд, вале чун борон меборад, хок аз рӯи он меравад ва ҳақиқати он маълум мегардад, ки аслан дар он ҳосил намерӯяд. Дили риёкор ҳам ҳамин тавр аст, ки дар он имон нест, пас на садақа барои ӯ фоида дорад, на амалҳояш.

Эй бандагони Худо! Ҳарисӣ ва бахилӣ ду офате мебошанд, ки аз садақа кардан дар роҳи Худо бозмедоранд. Худованд мефармояд: **«Ҳаргиз гумон набаранд ононе, ки ба он чӣ Худованд ба онҳо додааст, бахилӣ мекунанд, ин кор барояшон хуб аст. Балки ин кор барояшон хеле бад аст. Он чизеро, ки бахилӣ кардаанд, рӯзи қиёмат дар гарданашон овезон карда мешавад»** (Сураи Оли Имрон, ояти 180).

Ҳазрати Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Қиссаи нафақадиҳанда ва бахил ба монанди ду марде ҳастанд, ки аз сина то зону ҷавшани оҳанин доранд. Аммо нафақадиҳанда ҳар нафақае медиҳад, аз ҷавшанаш як ҳалқа кам мешавад ва бораш сабук мегардад ва танаш роҳат мекунад. Аммо бахил намехоҳад аз он чизе бидиҳад ва ҳам бораш вазнин аст ва ҳам ҳалқаҳо дар пӯсташ медароянд ва ҳарчанд мехоҳад онро васеъ кунад, намешавад»*** (Ривояти Муттафақ).

Яъне ҷавонмард ҳарчанд садақаро бештар кунад, ҷавшанаш сабуктар мегардад ва дилаш кушода мешавад ва худ лаззат мебарад, аммо бахил ҳарчанд молашро ҷамъ кунад, ҳамон қадар дилтанг ва монда мешавад.

Эй бандагони Худо! Аз ин сифатҳои бад худдорӣ намоед ва худро бо сифатҳои хуб оро диҳед. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо молҳо ва фарзандонатон аз зикри Худо машғул насозад. Ва ҳар кӣ ин корро анҷом диҳад, пас онҳоянд зиёнкорон. Ва шумо садақа кунед аз он чӣ бароятон рӯзӣ додаем, пеш аз он ки марг домангири яке шумо гардад, пас бигӯяд, Парвардигоро! Агар андаке марги маро ба таъхир биандозӣ, ман садақа мекардам ва аз ҷумлаи накӯкорон мешудам. Ва Худованд ҳаргиз ҷонро ба таъхир намерасонад, агар аҷалаш расад. Ва Худованд ба он чӣ мекунед, хабардор аст»** (Сураи Мунофиқун, оятҳои 9-11).

Суханамро ба поён расонда, барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз Ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# НАФАҚА ДАР РОҲИ ХУДОВАНД

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст, ки ғанӣ гардонида ва ваъда дода, ки ҳар кӣ эҳсон намояд ва аз Худо битарсад ва ба охират бовар намояд, ӯро дар масири осон қарор медиҳад. Ҳамчун ҳушдор додааст касе, ки бухл ва бениёзӣ варзад ва охиратро дурӯғ шуморад, корҳояшро душвор мекунад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, ки аввалу охир аз они ӯст. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ки аз байни дигар паёбарон Ӯро бо шафоати бузург тахсис додааст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш, ононе, ки дар роҳи Худо молҳои худро сарф карданд ва аз ҳаққи худ барои ризои Худо гузоштанд.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва пеш аз он, ки ин ҷаҳонро тарк гуфта, аз он кӯч бандед, бо молҳои худ барои фардо омодагӣ бинед ва бикӯшед, то амволи худро дар ҷойҳои дуруст сарф кунед ва ба бечорагону мӯҳтоҷон, фақирону ятимон, қарздорону гирифторон бибахшед. Бояд инро донед, ки садақаро махфӣ кардан беҳтар аст, зеро дар ин ҳолат аз риёкорӣ дар амони ва ҳолати он камбағалро мепӯшонӣ, то ҳаё накунад. Аммо агар дар ошкор намудани садақа ягон фоидаи шаръӣ бошад, ба монанди ин ки ин кор ибрат барои дигарон гардад, ошкор карданаш ҳеҷ зараре надорад. Худованд мефармояд:

إِن تُبۡدُواْ ٱلصَّدَقَٰتِ فَنِعِمَّا هِيَۖ وَإِن تُخۡفُوهَا وَتُؤۡتُوهَا
ٱلۡفُقَرَآءَ فَهُوَ خَيۡرٞ لَّكُمۡۚ وَيُكَفِّرُ عَنكُم مِّن سَيِّـَٔاتِكُمۡۗ وَٱللَّهُ
بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ٢٧١

**«Агар садақаҳои худро ошкор намоед, чӣ хубест ва агар онро пӯшида нигоҳ доред ва ба камбағалон диҳед, пас ин кор**

**барои шумо беҳтар аст ва гуноҳони шуморо кафорат мекунад ва Худованд ба он чӣ мекунед, хабардор аст»** (Сураи Бақара, ояти 271).

Эй бандагони Худо! Ҳангоми садақа кардан бикӯшед, то он ба мӯҳтоҷоне расад, ки аз талбидан дурӣ меҷӯянд, зеро садақаро ба ин тоифа додан, савоби бештар дорад. Худованд мефармояд: **«Барои фақироне, ки дар роҳи Худованд ноком шуданд ва наметавонанд ба коре машғул шаванд ва нодонҳо онҳоро бой мепиндоранд аз ин, ки аз талбидан худдорӣ мекунанд, онҳоро аз чеҳраашон метавон шинохт ва аз мардум бепарво намепурсанд. Ва ҳар хайреро, ки сарф мекунед, Худованд ба он доност»** (Сураи Бақара, ояти 272).

Ин тоифа наметавонанд кор кунанд ва наметавонанд аз мардум бипурсанд, то онҳоро кӯмак намоянд, вале агар онҳоро нашиносӣ, гумон мекунӣ бой ҳастанд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар касе, ки аз мардум чизе металабад, то молаш зиёд гардад, ӯ аз онҳо оташпораеро мепурсад, пас ё тарк кунад, ё пурсидан гирад»*** (Ривояти Муслим).

Боз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Талбидан кори душворест, ки мард обрӯяшро медиҳад, магар дар сурате, ки аз ҳоким пурсад, ё дар коре, ки чораи дигар надорад»*** (Тирмизӣ тасҳеҳи Албонӣ). Ҳазрати ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Яке аз шумоён ҳамеша машгули талбидан мегардад, то ин ки бо Худованд вомехӯрад, дар ҳоле, ки дар рӯяш гӯшт намондааст»*** (Ривояти Муттафақ).

Абуабдуллоҳ Зубайр ибни Аввом ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Агар як нафари шумо ресмонеро гирифта, ба тарафи кӯҳе равад ва як дарза ҳезум оварда, онро фурӯшад ва обрӯи худро ҳифз намояд, барояш беҳтар аст аз ин ки аз мардум чизе бипурсад, баробар аст, ки ба ӯ медиҳанд ё не»*** (Ривояти Бухорӣ).

Аз Худованди мутаол талаб менамоем, то моро бо ҳалолаш аз ҳаромаш нигоҳ дорад ва бо фазли худ моро мӯҳтоҷи дигарон нагардонад.

Эй касоне, ки имон овардаед, Худованд ва малоикаҳои Ӯ ба Паёмбари шумо Муҳаммад салавот мефиристанд, пас шумо салоту салом фиристед бар Ӯ.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусалмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст кун, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва амали моро дар хушнудии худ қарор деҳ.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон нагардонда магузор.

Худоё, моро бо ҳалолат аз ҳароматт ва бо тоатат аз маъсиятат ва бо фазлат аз дигарон бениёз гардон.

Худоё, мо аз Ту имони доимӣ, дили бохушӯъ ва забони бозикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, барои мо ҳақро ҳақ бинамо ва пайравии онро рӯзӣ деҳ. Худоё, бароямон ботилро ботил бинамо ва бароямон дурӣ аз онро рӯзӣ гардон.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# ҶИҲОД БО НАФСУ ШАЙТОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст, Ӯ тамоми бандагонашро ба қадри тавону тоқаташон ба ҷиҳод амр намудааст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, шаҳодате, ки гӯянда ва амалкунанда ба онро рӯзи қиёмат наҷот мебахшад. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристода ва беҳтарини халқи Ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш, ононе, ки дар роҳи Худо молҳои худро сарф мекарданд ва аз ҳаққи худ барои ризои Худо мегузаштанд.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва Ӯро итоат намоед. Худованд мефармояд:

وَجَٰهِدُواْ فِي ٱللَّهِ حَقَّ جِهَادِهِۦۚ هُوَ ٱجۡتَبَىٰكُمۡ وَمَا جَعَلَ عَلَيۡكُمۡ
فِي ٱلدِّينِ مِنۡ حَرَجٖۚ مِّلَّةَ أَبِيكُمۡ إِبۡرَٰهِيمَۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ
مِن قَبۡلُ وَفِي هَٰذَا لِيَكُونَ ٱلرَّسُولُ شَهِيدًا عَلَيۡكُمۡ وَتَكُونُواْ شُهَدَآءَ
عَلَى ٱلنَّاسِۚ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱعۡتَصِمُواْ بِٱللَّهِ هُوَ
مَوۡلَىٰكُمۡۖ فَنِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ٧٨

**«Ва он гуна, ки шоиста аст, дар Худо ҷиҳод кунед»** (Сураи Ҳаҷ, ояти 78).

Ин амри ба ҷиҳод барои тамоми мусалмонон аст ва он барои ҳар шахси ба балоғатрасида ба андозаи тавонаш воҷиб аст. Худованд онҳоро амр мекунад, то дар ин роҳ ҳаққи ҷиҳодро адо намоянд, ҳамчуноне, ки онҳоро амр намуда буд, то аз Ӯ ба андозаи ҳаққаш битарсанд.

Ҷиҳод чор мартаба дорад: Якум ҷиҳоди бо нафс, дуюм ҷиҳоди бо шайтон, сеюм ҷиҳоди бо кофирон, чорум ҷиҳоди бо мунофиқон, вале асосаш ҷиҳоди нафс мебошад.

Агар инсон аз нафси худ ҷиҳодро шурӯъ накунад ва онро мултазими авомири илоҳӣ нагардонад ва аз корҳои бад дур насозад, ҳаргиз наметавонад бо душманони беруна ҷиҳод намояд, зеро инсон наметавонад бо душмани беруна биҷангад, агар дар дохил душман бошад. Барои ҳамин, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Муҷоҳид касест, ки бо нафси худ дар тоати илоҳӣ ҷиҳод кунад. Муҳоҷир касест, ки аз манъкардаҳои Худо дур шавад».*** Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар хутбаҳои худ мегуфт: ***«Худоё, мо ба сӯи Ту аз бадии нафси худ ва бадии амалҳои худ паноҳ мебарем»*** (Ривояти Абуяъло ва Табаронӣ).

Ҳар кӣ аз бадии нафси худ раҳоӣ наёбад, ҳаргиз ба Худо намерасад, зеро нафс байни ӯ ва байни расидани ба Худоро мегирад. Мардум дар ин роҳ ду намуд мешаванд: Гурӯҳе, ки нафс бар сари онҳо пирӯз шудааст ва онҳоро ҳалок намуда ва побанди худ кардааст. Гурӯҳи дигар бошад, бар сари нафси худ ғолиб шудааст ва онро мутеъи худ кардааст. Худованд ин ҳарду гуруӯҳро дар каломи худ чунин мефармояд: **«Пас аммо касе, ки туғён варзид ва ҳаёти дунёро ихтиёр намуд, пас ҳамоно, ки дӯзах ҷои ӯст. Ва аммо касе, ки аз мақоми илоҳӣ тарсид ва нафси худро аз хоҳишот боздошт, пас ҳамоно, ки ҷаннат ҷои ӯст»** (Сураи Ан-нозиъот, оятҳои 37-40).

Нафс инсонро ба сӯи саркашӣ ва интихоби ҳаёти дунё даъват мекунад ва Худованд бандаашро ба тарси худ даъват мекунад ва нафсро аз пайравии ҳаво манъ менамояд. Банда ё пайи талаботи нафс меравад ва ҳалок мешавад ё пайи талаботи Худованд меравад ва комёб мегардад.

Нафс ба бахилӣ ва сарф накардани мол дар роҳи Худо амр мекунад ва Худованд ба нафақа кардани дар роҳи Худо амр мекунад. Худованд мефармояд: **«Пас шумо аз Худо битарсед ба андозаи тавонатон ва бишнаведу итоат намоед ва садақа кунед молро барои худатон ва ҳар кӣ ҳирси нафси худро нигоҳ дошт, пас онҳоянд наҷотёфтагон»** (Сураи Тағобун, ояти 16).

Нафс мехоҳад ҳазорон маблағро дар роҳи беҳуда ва исроф сарф намояд, вале намехоҳад як дирам барои камбағалон сарф намояд. Нафс чанд намуд мешавад: Нафси аммора нафсест, ки ба кори бад амр мекунад ва ин сифати бади нафс аст, нафси лаввома нафсест, ки баъди кардани гуноҳ бандаро маломат мекунад ва ин сифати хуби он аст, нафси мутмаинна нафсест, ки дар тоату муҳаббати илоҳи ором гирифтааст ва ин беҳтарин навъи нафс аст.

Ҳазрати Умар ибни Хаттоб мегӯяд: Шумо худро муҳосаба намоед, пеш аз он ки шуморо муҳосаба кунанд. Ва худро бо тарозу бисанҷед, пеш аз он ки шуморо бо тарозу бисанҷанд, зеро барои фардои шумо осонтар он аст, ки имрӯз худро бисанҷед ва барои рӯзи бузург худро зинат диҳед. **«Дар он рӯз шуморо пешниҳод мекунанд ва аз шумо чизе пинҳон намемонад»** (Сураи Алҳоққат, ояти 18).

Маймун ибни Маҳрон мегӯяд: Банда муттақӣ намешавад, магар вақте, ки нафси худро ҳамон тавр сарзаниш намояд, ки шарик шарикро мекунад. Барои ҳамин мегӯянд: Нафс монанди шарики хоин аст, агар ӯро назорат накардӣ, тамоми молатро медуздад.

Умар ибни Хаттоб (р) ба баъзе волиҳои худ номае ба ин мазмун навишт: Худро дар ҳолати осудагӣ муҳосаба кун, пеш аз он ки дар ҳолати вазнинӣ туро муҳосаба намоянд. Зеро ҳар касе, ки худро дар ҳолати осудагӣ бисанҷад, пеш аз онки сахтӣ ба сараш ояд, корашро ба тарафи дурустӣ мебарад, вале касе, ки ӯро дунё машғул намуда ва ҳамаро фаромӯш кардааст, оқибати кораш ҳасрату пушаймонӣ мешавад.

Ҳасан мегӯяд: "Ҳисобу китоб дар рӯзи қиёмат осон мешавад барои он касе, ки худро дар ин дунё муҳосаба намуда ва гарон мешавад барои касе, ки дар ин дунё худро боре ҳам муҳосаба накардааст". Муҳосабаи худ барои он кори бандаро осон менамояд, ки инсон ҳарчанд кӯшиши бештар намояд, ҳамон қадар фардо роҳати бештар мекунад, зеро фардо ҳисобро дигарон мекунанд на худи ӯ. Инсон ҳарчӣ бештар худро фаромӯш кунад, ба ҳамон андоза фардо ҳисоб барояш вазнинтар мегардад. Инсон агар имрӯз нафси худро зери контрол гирад, фардо ба биҳишти ҷовидона

комёб мегардад, аммо агар онро сарсон гузорад, зиёнаш дар он мешавад, ки дохили дӯзах мегардад.

Бояд ҳар оқили пухтакор як лаҳза ҳам аз муҳосабаи нафси худ ғофил намонад ва тамоми ҳаракоту саканот ва қадамҳою нақшаҳои нафсро зери назорати худ қарор диҳад.

Дар рӯзи қиёмат инсон ҳасрату надомат мехӯрад, ки чаро боре дар бораи худ наяндешидам. Худованд мефармояд: **«Рӯзе ки ҳар инсон амалҳои хуби кардаашро ҳозир мебинад ва амалҳои бади кардаашро, таманно мекунад, ки байни он амалҳо ва байни ӯ масофаи дуре бошад»** (Сураи Оли Имрон, ояти 30).

Эй бандагони Худо! Аз Худованд битарсед ва худро пеш аз фаро расидани қиёмат муҳосаба намоед ва дар роҳи Худо саъю талош варзед. Имом Шамсуддин Муҳаммад ибни Абубакр мегӯяд: Ҷиҳоди бо нафс чор намуд аст:

Якум, он аст, ки бо нафс барои омӯзиши ҳидоят ва дини ҳақ, ки ҳеҷ комёбие ва саодату некбахтии дунёву охиратро бидуни он наметавон ҳосил намуд, бояд мубориза бурд. Вақте илмро аз даст дод, дунё ва охиратро аз даст медиҳад.

Дуюм, ин ки бо нафс дар амал кардан ба он чӣ омӯхтааст, мубориза барад ва илло илми беамал агар зарар наоварад, ҳеҷ фоидае намеорад.

Сеюм, бо нафс дар мавриди даъват ба сӯи дин ва таълим додани касоне, ки онро намедонанд, бояд мубориза бурд ва илло монанди касоне мебошад, ки ҳидояту роҳнамоиҳои илоҳиро пинҳон мекунанд ва танҳо амали ӯ барояш фоида надорад ва ӯро аз азоби Худо наҷот намедиҳад.

Чорум, ин ки бо нафс бар сабру таҳаммул дар бардоштани мушаққатҳои даъват ба сӯи Худо ва ранҷу озори халқ бояд мубориза барад ва ин ҳама ба хотири Худо таҳаммул намоянд.

Агар ин чор мартаба комил гардад, инсон аз ҷумлаи раббониён мегардад. Аҳли салаф ҳама иттифоқ бар он намудаанд, ки олимро наметавон раббонӣ номид, магар баъди он ки ҳақро бишносад ва ба он амал намояд ва онро омӯзонад. Пас ҳар кӣ донист ва амал кард ва таълим дод, чунин инсон ҳақ ва вазифаи худро ба пуррагӣ адо намудааст.

Дар васиятҳои Луқмон ба фарзандаш чунин омадааст: "Эй фарзанди ман! Имон пешво асту амал ронанда ва нафс якраву саркаш, майли нишастану танбалӣ дорад. Агар ронанда беаҳамиятӣ кунад, роҳро гум мекунад ва агар пешво беаҳамиятӣ кунад, нафс сустӣ мекунад ва агар ҳарду бо ҳам муттаҳид шаванд, нафс рострав мешавад".

Агар ту тамаъ намоӣ, нафс ҳам тамаъкор мегардад ва агар ба нафс кореро вобаста намоӣ, ба бад мешавад ва агар нафсро бар амри Худо водор намоӣ, дуруст мешавад ва агар корро ба нафс супорӣ, табоҳ мешавад. Пас ҳамеша аз балои нафс барҳазар бош ва барои динат ҳамеша ӯро сарзаниш намо ва ӯро ба мартабае поён бар, ки гӯё ҳеҷ эҳтиёҷе ба он надорӣ, балки ӯ ба ту мӯҳтоҷ аст. Инсони донишманд нафси худро залил мегардонад, то ин ки ҳақро эътироф кунад, аммо аҳмақ тамоми ихтиёрро дар дасти нафсаш медиҳад ва ҳар чизеро, ки нафсаш онро хуб биҳисобад, онро дӯст медорад ва иҷро мекунад ва ҳар чизеро, ки нафсаш бад бинад, онро бад мебинад ва аз он ҳазар мекунад.

Эй бандагони Худо! Бидуни шак, нафс машаққати тоатро қабул надорад, агарчӣ оқибати тоат роҳати абадӣ бошад ва роҳати маъсиятро дӯст медорад, агарчӣ оқибаташ ҳасрату надомат бошад. Нафс дар шаб намозхонӣ ва дар рӯз рӯза гирифтанро бад мебинад, барвақт бархостан ва ба масҷид рафтанро бад мебинад. Инсонҳои зиёде ҳастанд, ки метавонанд дар чойхонаю истироҳатгоҳҳо даҳҳо соат нишинад, аммо барои панҷ дақиқа вақти худро барои масҷид ҷудо кардан тоқат надоранд. Инсон метавонад бемалол маблағҳои зиёдеро беҳуда сарф намояд, аммо барои чанд пулеро дар роҳи Худованд бахшидан бахилӣ мекунад. Инсон ҷиҳоди дар роҳи Худоро, ки барояш биҳишт ваъда шудааст, сахт бад мебинад. Худованд мефармояд: «**Набард бароятон фарз шудааст, дар ҳоле, ки онро бад мебинед. Шояд ҳам шумо чизеро бад бинеду он бароятон беҳтар бошад. Ва шояд чизеро нағз бинед, дар ҳоле, ки бароятон бад бошад. Худованд медонаду шумо намедонед**» (Сураи Бақара, ояти 216).

Нафс амри маъруф ва наҳйи мункарро бад мебинад, даъвати ба сӯи Худоро бад мебинад, дар байни мардум ислоҳ андохтанро бад мебинад, хулосаи калом ин ки ҳеҷ

тоате нест, ки онро нафс дӯст дорад ва бад набинад, барои ҳамин, агар ту аз ин нафс пайравӣ намоӣ, туро ҳалок намуда, гирифтори ҳасрату надомат мекунад. Худованд мефармояд:

فَٱعۡبُدُواْ مَا شِئۡتُم مِّن دُونِهِۦۗ قُلۡ إِنَّ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ وَأَهۡلِيهِمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ أَلَا ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡخُسۡرَانُ ٱلۡمُبِينُ ١٥

**«Шумо ғайри Худованд ҳар чиро, ки мехоҳед, бипарастед. Бигӯ: Ҳамоно зиёнкороне, ки дар рӯзи охират худ ва хонадони худро аз даст доданд, зиёнкоранд. Огоҳ бош, ки ин зиёне ошкор аст»** (Сураи Зумар, ояти 15).

Эй фарзанди одам! Агар ту аз нафси худ итоат намоӣ, пас ӯро зулм намудаӣ, зеро ӯро гирифтори азобу шиканҷаи Худованд намудаӣ, дар ҳоле, ки гумон мекунӣ, ба ӯ фоида додаӣ ва ӯро икрому иззат кардаӣ, ки ба ӯ ҳар чӣ мехост, дода будӣ ва аз машаққатҳои амал ӯро раҳо сохтаӣ, пас ту бо ин корат на барои ӯ манфаат додаӣ, балки ӯро аз савоб маҳрум сохтӣ.

Эй бандагони Худо! Душмани дуюми инсон баъди нафс, ин шайтон аст, ки ӯ ҳам душмани падарамон Одам буд ва ҳам душмани тамоми башарият аст, ки Худованд моро аз ӯ ҳазар мекунонад. Худованд мефармояд:

۞ أَلَمۡ أَعۡهَدۡ إِلَيۡكُمۡ يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ أَن لَّا تَعۡبُدُواْ ٱلشَّيۡطَٰنَۖ إِنَّهُۥ لَكُمۡ عَدُوّٞ مُّبِينٞ ٦٠

**«Оё ман ба шумо эй фарзандони Одам, аҳд накарда будам, ки шайтонро ибодат накунед, ки ӯ бароятон душмани ошкор аст»** (Сураи Ёсин, ояти 60).

Худованд моро амр мекунад, то аз шарри ӯ ба даргоҳи Худованд паноҳ барем ва худро ҳамеша дар зери ҳимояи Парвардигорамон бигирем. Шайтон аз гурӯҳи ҷинҳост ва наметавон аз балои ӯ дар амон монд, магар ба ёрии Худованд. Шайтон метавонад аз ҷинҳо бошад ва метавонад аз худи инсонҳо бошад. Худованд мефармояд: **«Ва бо ҳамин**

**тариқ мо барои ҳар паёмбаре душмане додаем аз шайтонҳои инсӣ ва ҷиннӣ, ки ба ҳамдигар суханони зеборо аз рӯи ғурур зинат медиҳанд»** (Сураи Анъом, ояти 112).

Шайтонҳо барои насли одамизодро гирифтори балоҳо намудан, бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Шайтонҳои ҷиннӣ роҳҳои васваса ва фирефта кардан ва аз роҳи хайр боздоштанро истифода мекунанд ва он душмани пинҳонест, ки ба чашм дида намешавад ва ӯ дар даруни рагҳои инсон ба монанди хун давр мезанад. Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, ӯ ва гурӯҳаш шуморо мебинанд аз ҷое, ки шумо онҳоро намебинед»** (Сураи Аъроф, ояти 27).

Ҳеҷ дару деворе наметавонад роҳи ӯро бигирад, танҳо зикри Худованд метавонад сари роҳи ӯро бигирад. Аммо шайтони инсӣ инсонест, ки ӯро бо чашм мебинем ва бо ӯ менишинем ва бо ӯ хӯрок мехӯрем, ки ин гуна шайтонҳо дар ин замона хеле зиёд гаштаанд. Ин намуд шайтонҳо бо роҳҳои гуногун ба тарафи бадӣ даъват мекунанд ва бо номи озодию демократия ба бебандуборӣ даъват мекунанд ва занҳоро даъват менамоянд, то аз даруни хонаҳои худ берун шаванд ва бо сару либоси нимбараҳна дар кӯчаю бозорҳо сайру саёҳат намоянд ва ба ҷойҳои дур сафар кунанд ва ин ҳамаро онҳо баровардани зан аз машаққат ном ниҳодаанд.

Ба номи санъат мардумро даъват менамояд, то суруду мусиқиҳои беахлоқиро гӯш кунанд, аз маводи мухаддир истифода баранд, арақ нӯшанд ва сигор кашанд. Ба номи озодӣ мардумро даъват мекунанд, то намозро тарк кунанд ва пайрави шаҳватҳо шаванд ва на ба намози ҷамоат раванд, на ба ҷумъа. Ба номи адолат даъват мекунанд, то мардум шариати илоҳиро тарк намуда, рӯ ба қонунҳои бофта ва сохтаи онҳо оранд. Ба номи озодии баён мардумро даъват ба ширку бидъатпарастӣ мекунанду аз тавҳид ва чанд задан ба суннат ҳушдор медиҳанд.

Онҳо амр ба бадӣ мекунанд ва аз корҳои хуб бозмедоранд. Онҳо роҳи даъвати ба сӯи Худоро мебанданд ва аз корҳои хайр манъ мекунанд. Онҳо аҳли тоатро масхара мекунанд ва гунаҳкорону ҷинояткорон ва фаҳшу фуҷурро дастгирӣ мекунанд. Ба номи маданияту пешрафт ва пайравӣ аз маданиятҳо ва кишварҳои мутараққӣ аҳкоми илоҳиро бекор мекунанд, агарчӣ он кишварҳо кофир

бошанд. Инҳоянд шайтонҳои инсӣ ва ин аст кору кирдорашон ва онҳо лашкар, ёрдамчӣ ва бародарони шайтон ба шумор меравaнд. Бояд аз онҳо барҳазар бошем ва талош варзем, то роҳи онҳоро ба ҳар васила бигирем, то бо ин ҳама ботилҳои худ дар ҷомеа ва ҳатто дар хонаҳои шумо дахолат накунанд.

Имом Шамсуддин Муҳаммад ибни Абубакр (р) мегӯяд: Худованд субҳонаҳу ва таоло одамизодро офарид ва ӯро аз байни тамоми махлуқот баргузид ва дилашро макони канзи худ, яъне имон, тавҳид, ихлос, муҳаббат, ҳаё, таъзим ва муроқабат қарор дод. Ба инсон ваъда додааст, ки агар рӯ ба Худо оварад, барояш олитарин савобро медиҳад, ки он назар кардан бар ҷамоли илоҳӣ ва комёб шудан ба ризо ва ҷаннати Ӯст. Бо вуҷуди ин, Худованд инсонро ба шаҳват, ғазаб ва ғафлат мубтало намуд ва онро мубталои душмане чун шайтон гардон, ки ҳаргиз аз ӯ канданӣ надорад. Шайтон ба назди ӯ аз дарҳои нафсу ҳаво медарояд ва нафси инсон ба тарафи ӯ майл мекунад, зеро шайтон ба ӯ чизе пешниҳод мекунад, ки онро дӯст медорад.

Пас дар ин ҳолат нафс, ҳаво ва шайтон ҳама ба муқобили банда бармехезанд ва як блокеро иборат аз се нафар ташкил медиҳанд. Раҳмати илоҳӣ тақозо мекунад, ки дар чунин ҳолатҳо ӯро бо артиши дигаре кӯмак намояд, то ба муқобили ин душманонаш мубориза барад. Худованд барои башарият паёмбарон мефиристад ва барояшон китоб нозил мекунад ва ӯро бо малоикаҳои азиз кӯмак мекунад, то дар баробари шайтон истодагарӣ намояд. Агар шайтон инсонро ба бадие амр намояд, он малоика ӯро ба чизе амр мекунанд, ки Худованд фармудааст ва барояш мефаҳмонанд, ки дар итоати душман ҳалок аст. Пас инсон гоҳе ба амри ин итоат мекунад, гоҳо ба амри он ва некбахт касест, ки Худованд кӯмакаш намояд.

Раҳоёфта касест, ки Худованд ӯро ҳифз намояд ва барояш дар муқобили нафси аммора як нафси ором диҳад, ки ҳар гоҳ нафси аммора ӯро ба бадие амр намояд, нафси ором ӯро бозмедорад ва вақте, ки нафси аммора ӯро аз кори хайре манъ намуд, нафси ором ӯро ба он амр мекунад. Ҳамчунин барои инсон дар муқобили нафси аммора ва ҳаво

нур, ибниш ва ақл додааст, ки ӯро аз рафтан дунболи нафс бозмедонад.

Ҳамду сано Худовандеро, ки бо пайравӣ намудан аз Қуръону суннат макри шайтонҳоро дур намудааст.

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим. Худованд мефармояд:

وَٱلشَّمۡسِ وَضُحَىٰهَا ﴿١﴾ وَٱلۡقَمَرِ إِذَا تَلَىٰهَا ﴿٢﴾ وَٱلنَّهَارِ إِذَا
جَلَّىٰهَا ﴿٣﴾ وَٱلَّيۡلِ إِذَا يَغۡشَىٰهَا ﴿٤﴾ وَٱلسَّمَآءِ وَمَا بَنَىٰهَا ﴿٥﴾
وَٱلۡأَرۡضِ وَمَا طَحَىٰهَا ﴿٦﴾ وَنَفۡسٖ وَمَا سَوَّىٰهَا ﴿٧﴾ فَأَلۡهَمَهَا
فُجُورَهَا وَتَقۡوَىٰهَا ﴿٨﴾ قَدۡ أَفۡلَحَ مَن زَكَّىٰهَا ﴿٩﴾ وَقَدۡ خَابَ مَن
دَسَّىٰهَا ﴿١٠﴾

**«Қасам ба офтоб ва шуои он. Қасам ба моҳ, чун дунболи он меояд. Қасам ба рӯз, чун онро таҷаллӣ медиҳад. Қасам ба шаб, чун ӯро мепӯшонад. Қасам ба осмон ва зоте, ки онро бино кард. Қасам ба замин ва зоте, ки онро ҳамвор кард. Қасам ба нафси инсон ва зоте, ки онро баробар сохт. Ва ба ӯ фуҷур ва тақвояшро илҳом кард. Дар ҳақиқат, наҷот ёфтааст касе, ки нафсро покиза кард ва зиёнкор шуд касе, ки онро олуда сохт»** (Ашшамс 1-10).

Худованд бо Қуръону суннат ба мову шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ҳамоно Худованд шунаво ва иҷобаткунанда аст.

# ҶИҲОД БО НАФСУ ШАЙТОН

## Хутбаи дуюм

Ҳамду сано Худовандеро, ки ҳар кӣ ба ӯ паноҳ бурд, ӯро дар паноҳ мегирад ва ҳар кӣ ба сӯяш рафт, ӯро ҷой медиҳад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, на қудрат ва на қувватест бе ӯ. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ба сӯи тамоми мардум ҳамчу муждарасону бимдеҳ. Салоту саломи бепоёни Худованд ба Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш. Аммо баъд...

Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва ба ресмони ӯ чанг занед ва ҳамеша аз ҳизби ӯ бошед. Худованд мефармояд: **«Ва ҳар кӣ Худо ва Паёмбараш ва мӯъминонро дӯст дошт, пас ҳамоно, ки ҳизби Худо пирӯзанд»** (Сураи Моида, ояти 56).

Эй бандагони Худо! Дар ин ҷо ду ҳизб вуҷуд дорад, ҳизби Худованди мутаол ва ҳизби шайтон.

Ҳизби Худованд касоне мебошанд, ки ба Ӯ имон овардаанд ва аз Паёмбараш пайравӣ мекунанд ва дар роҳи ӯ ҷиҳод мекунанд. Ҳизби шайтон касоне мебошанд, ки ба ботил имон оварда, ба Худо кофир шудаанд ва онҳоянд зиёнкорон. Худованд ба дори наҷот мехонад ва Паёмбараш ба сӯи Ислом даъват мекунад, аммо шайтон ҳизби худро даъват мекунад, то аз асҳоби дӯзах гарданд. Худованд мефармояд: **«Онҳо ба сӯи оташ мехонанд ва Худованд ба сӯи ҷаннат ва мағфират ба изни худ мехонад ва оятҳои худро барои мардум баён мекунад, шояд онҳо панд гиранд»** (Сураи Бақара, ояти 221).

Ҳар кӣ даъвати Худоро пазируфт, ӯ аз ҳизби Худо ба шумор меравад. Худованд мефармояд: **«Ҳар кӣ Худо ва Расулашро пайравӣ намояд, онҳо ҳамроҳи касоне мебошанд, ки Худованд барояшон инъом кардааст, монанди паёмбарон, сиддиқин, шаҳидон ва накӯкорон. Онҳо чӣ хуш рафиқе мебошанд»** (Сураи Нисо, ояти 69).

Аммо касе, ки даъвати шайтонро қабул намуд ва намозро тарк кард, пайравӣ аз шаҳват кунад, ба ҷои

шунидани сура ва оятҳо ба садоҳои мусиқӣ ва артистҳо гӯш кунад ва вақтҳои худро ба беҳудагӣ гузаронад, бешак ин тоифа аз ҳизби шайтон ба шумор меравад. Хусусан агар ӯ худ мардумро ба тарафи ботил даъват намояд ва кӯшиш кунад, то мусалмонон аз китоби Худои худ ва аз суннати Паёмбари Ӯ дур шаванд ва ҳама намуд одатҳои паст ва афкори вайронкунандаро ба ҷомеаи исломӣ ворид намояд. Пас шумо аз шарри ҳизби шайтон ба Худо паноҳ баред ва аз он барҳазар бошед ва фирефтаи макру зоҳиророии онҳо нагардед, агарчӣ зоҳиран ба шумо дӯстӣ ва муҳаббат нишон диҳанд. Ҳаргиз аз хотир набароред, ки сардор ва имоми онҳо шайтон ба падари мо ҳазрати Одам гуфта буд:

فَوَسْوَسَ إِلَيْهِ ٱلشَّيْطَٰنُ قَالَ يَٰٓـَٔادَمُ هَلْ أَدُلُّكَ عَلَىٰ شَجَرَةِ ٱلْخُلْدِ وَمُلْكٍ لَّا يَبْلَىٰ ﴿١٢٠﴾

**«Эй одам, оё туро ба дарахти ҷовидона ва мулке, ки кӯҳна намегардад, роҳнамоӣ кунам?»** (Сураи Тоҳо, ояти 120).

Ӯ на танҳо ба онҳо дурӯғ гуфт, балки савганд хӯрд, ки ӯ барои онҳо танҳо фоидаро мехоҳад, ҳамчуноне, ки Худованд мефармояд:

وَقَاسَمَهُمَآ إِنِّى لَكُمَا لَمِنَ ٱلنَّٰصِحِينَ ﴿٢١﴾

**«Ва барои онҳо савганд ёд кард, ки ман барои шумо насиҳатгари аминам»** (Сураи Аъроф, ояти 21).

Худованди карим шуморо аз ин душман ҳушдор дода, мефармояд: **«Эй фарзандони одам, шуморо шайтон гирифтори фитна накунад, ҳамчуноне, ки падару модари шуморо аз биҳишт берун кард»** (Сураи Аъроф, ояти 27).

Имрӯзҳо лашкари шайтон ва ёрдамчиҳои ӯ хеле зиёданд, ки мардумро бо номи пешрафт, нармӣ, маданият ва демократия ба бебандуборӣ, куфр ва гумроҳӣ даъват мекунанд ва мардуми зиёде фиреби онҳоро хӯрда ва дар доми тазвири онҳо афтодаанд, магар ононеро, ки Худованд раҳм карда бошад. Эй касоне, ки имон овардаед, Худованд

ва малоикаҳои Ӯ ба Паёмбари шумо Муҳаммад салавот мефиристанд, пас шумо бар Ӯ салоту салом фиристед.

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад салавот бифирист, ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаӣ. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчунон ки бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат додаӣ. Ҳамоно Ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё, занону мардон ва мурдагону зиндаҳои мӯъмину мусулмонро мағфират намо.

Худоё, кори ин умматро дуруст кун, то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсиятат ҳидоят ёбанд.

Худоё, моро ба ҳидояти худ муваффақ гардон ва амали моро барои ризои худ қарор деҳ.

Худоё, барои мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро набахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро осон нагардона магузор.

Худоу, моро бо ҳалолат аз ҳаромат ва бо тоатат аз маъсиятат ва бо фазлат аз дигарон бениёз гардон.

Худоё, мо аз Ту имони доимӣ ва дили бохушӯъ ва забони бозикр ва дуои мустаҷоб хоҳонем.

Худоё, барои мо ҳақро ҳақ бинамо ва бароямон пайравии онро рӯзӣ деҳ. Худоё, бароямон ботилро ботил нишон деҳ ва бароямон дурӣ аз онро рӯзӣ намо.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз он чӣ васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд Парвардигори оламиёнро.

# БАРОДАРИИ ИМОНӢ ВА САМАРАИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки ҳамаи мӯъминонро бародар хондааст ва дар дин онҳоро бо ҳам дӯст намудааст. Шаҳодати ҳаққу яқин медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи содиқу амини ӯст. Салоту саломи бепоёни Худованд бар Муҳаммаду хонадону саҳобагонаш.

Аммо баъд... Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва дониста бошед, ки бародарии имонӣ аз бародарии насабӣ болотар меистад. Худованд амр намудааст, то дар байни тамоми мусалмонон бародарӣ бошад, бо вуҷуди он ки насабҳои онҳо гуногун аст ва ватанҳояшон аз якдигар дур ва Худованд мефармояд: **«Ҳамоно, мӯъминон бародаранд»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 10).

Худованд амр намудааст, то кофиронро душмани худ ҳисоб намоем, агарчӣ дар насаб ба мо наздик бошанд. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, шумо падарон ва бародарони худро дӯст нагиред, агар онҳо куфрро ба ҷои имон қабул намоянд. Ва ҳар кӣ аз шумоён онҳоро дӯст гирад, пас онҳо золимонанд»** (Сураи Тавба, ояти 23).

Ин бародарии миёни мӯъминону мусалмонон дорои ҳуқуқи зиёд ва фоидаҳои муҳим аст, ки онро Худованди мутаол дар китоби худ ва Паёмбараш дар аҳодиси худ баён намудаанд ва бояд онро риоя намуда, ҳуқуқи онро ба ҷо орем ва набояд ба он беаҳамиятӣ зоҳир намоем.

Аз ҷумлаи ҳуқуқҳо ва самараҳояш он аст, ки дар байни онҳо ислоҳ андозем, вақте ки дар байнашон ихтилофу нофаҳмиҳо рух диҳад ва ё душманию кина сар занад. Худованд мефармояд: **«Ва агар ду тоифаи мӯъмин бо ҳам ҷанг кунанд, шумо байни онҳо сулҳ андозед. Ва агар якеи онҳо бар сари дигаре таҷовуз намояд, шумо бо таҷовузгар биҷангед, то ин ки ба амри илоҳӣ рӯй оварад. Ва агар рӯй овард, дар байни онҳо одилона сулҳ андозед. Ва адл намоед, Худованд одилонро дӯст медорад.»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 9).

Аз ҷумлаи ҳуқуқи бародарӣ байни мусалмонону мӯъминон он аст, ки ҳурмати якдигарро ба ҷо оранд ва дар обрӯи якдигар халал ворид насозанд. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَسۡخَرۡ قَوۡمٞ مِّن قَوۡمٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُونُواْ
خَيۡرٗا مِّنۡهُمۡ وَلَا نِسَآءٞ مِّن نِّسَآءٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُنَّ خَيۡرٗا مِّنۡهُنَّۖ وَلَا
تَلۡمِزُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَلَا تَنَابَزُواْ بِٱلۡأَلۡقَٰبِۖ بِئۡسَ ٱلِٱسۡمُ ٱلۡفُسُوقُ بَعۡدَ
ٱلۡإِيمَٰنِۚ وَمَن لَّمۡ يَتُبۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ١١

**«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаргиз гурӯҳе аз мардон гурӯҳи дигарро масхара накунанд, шояд ки онҳо аз инҳо беҳтар бошанд ва занон занони дигарро масхара накунанд, шояд ки аз инҳо беҳтар бошанд. Ва шумо пайи айби ҳамдигар нагардед ва ба ҳамдигар лақабҳои бад намонед. Чӣ бад аст номи фисқ баъд аз имон овардан. Ва ҳар кӣ тавба накунад, пас онҳо золимонанд»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 11).

Худованд дар ин ояти карима аз ҳамдигарро масхара намудани мардону занони мусалмон наҳй кардааст. Зеро мумкин аст он шахси масхарашуда аз масхаракунанда ҳам дар дунё беҳтар бошад ва ҳам дар охират. Масхара аслан аз дасти шахси ноқис ба вуҷуд меояд. Худованд манъ кардааст, то дар ҳаққи мусалмонон таънаҳо занем ва бо лақабҳои гуногун онҳоро ном барем ва як инсонро ба ғайри номаш нидо кунем ва ба онҳо лақабҳое диҳем, ки аз шунидани он лақабҳо нороҳат мешаванд.

Худованди мутаол дар ояти боло масхара, таъна ва лақабгузориро дар ҳаққи мусалмонон фисқ номидааст, ки ин далели он аст, ки ин корҳо хеле баданд ва бояд аз он парҳез намуд.

Ҳуқуқи дигари бародарӣ он аст, ки бояд дар байни онҳо бадгумонӣ набошад ва паи ҷустуҷӯи айби якдигар набошанд ва ҳамдигарро ғайбат накунанд. Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, ба бисёр гумонҳо**

**парҳез кунед, зеро баъзе гумонҳо гуноҳ аст»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 12).

Яъне набояд дар ҳаққи одамони хуб гумонҳои бад намоянд. Худованд манъ мекунад аз ин ки инсон дар паи ҷустуҷӯи айбҳои пӯшидаи мардум гардад ва барои дарёфти он кунҷковӣ кунад ва мефармояд: **«Ва ҳаргиз дар кори пинҳонии дигарон куҷковӣ накунед»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 12).

Куҷкобӣ дар ин ҷо ба маънои дунболи айбҳои пӯшидаи мардум гаштан ва онҳоро ошкор намудан аст. Худованд аз ғайбати мардум наҳй мекунад ва онро шадидан ҳаром гардонидааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ғайбатро чунин тафсир мекунад, ки он ёд кардани бародарат аст ба он чизе, ки ӯ аз шунидани он нороҳат мешавад. Ғайбат дар Қуръон ва аҳодис ва иҷмои уммат шадидан ҳаром аст. Худованд ғайбатро ба хӯрдани гӯшти инсони мурда ташбеҳ намудааст. Худованд мефармояд: **«Оё дар миёни шумо касе ҳаст, ки дӯст дошта бошад гӯшти бародари мурдаи худро бихӯрад? Албатта шумо ин корро бад мебинед»** (Сураи Ҳуҷурот, ояти 12).

Яъне чунончӣ хӯрдани гӯшти инсони худмурдаро табиъатан бад мебинед, пас аз рӯи шариат ғайбатро низ ба ҳамон андоза бояд бад бинед ва дониста бошед, ки азоби ин аз он сахттар аст.

Аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бародарии имонию исломӣ ҳамкорӣ кардан миёни мусалмонон аст дар коҳои нек ва парҳезгорӣ ва ҳамкорӣ дар ба даст овардани фоидаи дунявии инсон ва дур кардани зарарҳои дунявӣ ва ухравӣ. Худованд мефармояд: **«Ва ба некӣ ва парҳезгорӣ ёвари якдигар бошед, на дар гуноҳ ва таҷовуз»** (Сураи Моида, ояти 2).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Қиссаи мусалмонон дар дӯстӣ, меҳрубонӣ ва ғамхорияшон ба монанди як тан аст, ки чун узве аз он ба дард ояд, тамоми ҷасад бо бедорӣ ва таб ба он узв ҳамдардӣ мекунанд»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Мусалмон бояд дар хурсандии бародари мусалмонаш хурсанд шавад ва дар ғамаш бо ӯ ғам хӯрад. Аз ҷумлаи ҳуқуқи имонию исломӣ дар байни мусалмонон насиҳати

ҳамдигар ва амри маъруфу наҳйи мункар кардан аст. Худованд мефармояд: **«Мардону занони мӯъмин дӯсти ҳамдигаранд. Онҳо амри маъруф ва наҳйи мункар намуда, намозро барпо менамоянд ва закотро адо мекунанд ва аз Худо ва Паёмбараш итоат менамоянд. Онҳоянд касоне, ки Худованд ба онҳо раҳм менамояд ҳамоно, Худованд азизу ҳаким аст»** (Сураи Тавба, ояти 71).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Дин ҳамоно хайрхоҳест. Се маротиба инро гуфт. Пурсиданд: Эй Расули Худо барои кӣ? Гуфт: Барои Худованд, барои китоби Ӯ, барои Паёмбараш, барои имомони мусалмонон ва барои оммаи онҳо»*** (Ривояти Абудовуд).

Аз ҷумлаи ҳуқуқи бародарии имонию исломӣ дар байни мусалмонон, он аст, ки инсон барои бародари худ бихоҳад, ҳар чизеро, ки барои худ мехоҳад, ҳамчуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Имон надорад яке аз шумоён то ин, ки барои бародараш дӯст дорад, он чизеро, ки барои худ дӯст медорад»*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Мурод аз ин дӯст доштан дӯст доштани динист, на дӯст доштани башарӣ, нафси одамӣ гоҳо бадиро дӯст медорад. Пас маълум гашт, ки барои ҳар фарди мӯъмин воҷиб аст, ки ҳар хайру баракатеро, ки барои худ дӯст медорад ва орзӯи онро дорад, бояд барои бародарони мӯъминаш ҳамон намуд хайрро дӯст дорад. Аммо агар инсон барои бародари мӯъминаш дӯст надорад, он чизеро, ки барои худ дӯст медорад, дар ин сурат, ӯ ҳасадхӯр мебошад, ки ин сифат дар Ислом хеле бад аст.

Аз ҷумлаи ҳуқуқи дигари бародарӣ он аст, ки мусалмононро фиребу хиёнат накунад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***«Ҳар кӣ ба мо хиёнат кунад, аз мо нест»*** (Ривояти Муслим). Аз ҷумлаи ҳамин хиёнат аст, хиёнати дар хариду фурӯш.

Зеро бисёре аз мардум имрӯзҳо хиёнати дар хариду фурӯшро василаи ба даст овардани мол қарор додаанд, ки тавассути он молҳои мардумро бо роҳҳои фиребу макру ҳилла аз худ мекунанд. Ҳаким ибни Хузом ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: *«Харидору фурӯшанда то замоне, ки аз ҳам ҷудо нашуданд,*

*ихтиёр доранд. Пас агар онҳо рост гӯянд ва ҳама ҳақиқатро баён кунанд, дар савдояшон баракат мешавад. Ва агар айби маро пӯшонанд ва дурӯғ гӯянд, шояд фоида ба даст оранд, вале баракат дар он намешавад. Ва бо қасами дурӯғ фоида дар мол асту сабаби аз байн рафтани баракти касб»* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Исмоил ибни Убайд ини Рифоъа аз падараш, аз бобояш (р) ривоят кардааст, ки ҳамроҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба намозгоҳ баромад, мардумеро дид, ки савдо мекунанд, фармуданд: *«Эй гурӯҳи тоҷирон! Пас онҳо ба тарафи Расули Худо нигоҳ карданд ва сарҳои худро баланд карданд. Пас гуфт: Ҳамоно, тоҷирон дар рӯзи қиёмат гунаҳкор барангехта мешаванд, магар он касе, ки аз Худо битарсад ва накӯӣ кунаду рост гуяд»* (Ривояти Тирмизӣ).

Ва аз Абузар (р) ривоят шуда, ки Паёмбар (с) фармуданд: “Се гурӯҳ аст, ки Худованд рӯзи қиёмат ба сӯи ишон наменигарад ва аз гуноҳ покашон намесозад...”.

Абузар гуфт: Он ҳазрат (с) ҷумлаи зикргардидаро се бор такрор намуд. Пас ман гуфтам: Ноумеду зиёнкор гарданд, эй Расули Худо, кистанд инҳо? Паёмбар (с) фармуд: Шахсе, ки шалвори худро дароз карда, ба замин мекашад миннатгузор ва шахсе ки бо қасами дурӯғ матоашро мефурӯшад” (Ривояти Муслим).

Яке дигар аз ҳуқуқи мусулмонон бар якдигар эҳтироми ҳаққҳое, ки баъзеашон ба он сабқат кардаанд, мебошад. Масалан дар болои савдои кардааш савдо набояд кард, ё бар нархи кардаи ӯ чизе афзуда, савдояшро вайрон кардан ҷоиз нест. Ҳамчунин, ҳар гоҳ занеро хостгорӣ намояд, набояд ҳамон зани хостгорикардаашро дигар шахс хостгорӣ намояд, то ин ки ӯ корашро ба анҷом нарасонад. Зеро Расули Худо (с) аз тамоми амалҳои мазкур манъ карда фармудаанд: *“Марди мусалмон набояд ба болои моли фурӯхтаи бародараш бифурӯшад ва набояд бар хостгории бародари мусулмонаш хостгорӣ намояд”* (Ривояти Тирмизӣ).

Он ҳазрат (с) аз баланд бардоштани қимати моли тиҷоратӣ наҳй кардаанд. Бардоштани арзиши моли тиҷоратӣ ба ин сурат, ки қимати моли ба савдомондаро касе, ки онро аслан хариданӣ нест, зиёд мекунад. Ӯ ба мақсади боло бурдани нархи он даст ба ин кор мезанад. “Бо

ҳамдигар ҳасад наварзед ва низ қимати матоъро наафзоед (бидуни ин ки қасди харидани онро дошта бошед, балки барои фиреби дигарон) ва бо ҳам душманиву адоват наварзед ва ба якдигар пушт накунед ва бархе аз шумо бар фурӯши дигаре нафурӯшад (савдои ду нафарро вайрон накунад) (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Дигар ҳаққи мусулмонон бар якдигар, салом додан бар ҳамдигар, хабаргирии якдигар, баровардани ҳоҷатҳои якдигар, нармӣ ба заифону нотавонҳо, эҳтироми бузургсолон, хабаргирии беморон ва гусел кардани ҷаноза. Расули акрам (с) фармудаанд: ***“Шахси мусалмон бар зимаи мусалмон панҷ ҳақ дорад: хабаргирии бемор, дунболи ҷанозааш рафтан, даъватро иҷобат намудан ва ҷавоби атсакунандаро додан (бо ярҳамукаллоҳ гуфтан)”*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ҳаққи дигар мусалмонон бар якдигар дуои хайр кардан барои ҳамдигар аст. Худованд вақте муҳоҷирон ва ансорро зикр кард, гуфт: **“Ва касоне, ки пас аз онҳо омаданд ва мегуфтанд: “Парвардигоро, мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пешӣ гирифтаанд, биёмӯрз ва дар дилҳоямон нисбат ба мӯъминон кина қарор надеҳ. Парвардигоро, Ту рауфу меҳрубонӣ”** (Сураи Ҳашр, ояти 10). Ва Худованд боз мефармояд: “(Эй Муҳаммад!) **Барои гуноҳи худ ва гуноҳи мардону занони мӯъмин омӯрзиш талаб кун”** (Сураи Муҳаммад, ояти 19).

Аз ин рӯ, мусалмонон дар тамоми асру замон, аз офариниши нахуст, то охирин офариниш бо вуҷуди дигаргунии рангу нажод ва забонҳо бо ҳам бародар мебошанд. Ҳамдигарро дӯст дошта, барои якдигар дуои нек ва талаби омӯрзиш менамоянд. Ҳамчунин якдигарро ба корҳои нек ва парҳезгорӣ ёрӣ намуда, ҳамдигарро насиҳат мекунанд ва ҳуқуқҳои якдигарро эҳтиром менамоянд, зеро Аллоҳ таъоло миёни онҳо бо робитаи имон, ки аз робитаи насабу забон ва ватан қавитар аст, пайванд додааст. Эй бандагони Худо, аз Офаридгор битарсед ва ҳуқуқи бародариро риоя намуда, поймол насозед, ки бешак аз ҷумлаи зиёнкорон хоҳед гардид.

Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم
مُّسۡلِمُونَ ﴿١٠٢﴾ وَٱعۡتَصِمُواْ بِحَبۡلِ ٱللَّهِ جَمِيعٗا وَلَا تَفَرَّقُواْۚ وَٱذۡكُرُواْ
نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ كُنتُمۡ أَعۡدَآءٗ فَأَلَّفَ بَيۡنَ قُلُوبِكُمۡ فَأَصۡبَحۡتُم
بِنِعۡمَتِهِۦٓ إِخۡوَٰنٗا وَكُنتُمۡ عَلَىٰ شَفَا حُفۡرَةٖ مِّنَ ٱلنَّارِ فَأَنقَذَكُم مِّنۡهَاۗ
كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ﴿١٠٣﴾ وَلۡتَكُن مِّنكُمۡ أُمَّةٞ
يَدۡعُونَ إِلَى ٱلۡخَيۡرِ وَيَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ
هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ﴿١٠٤﴾ وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ تَفَرَّقُواْ وَٱخۡتَلَفُواْ مِنۢ بَعۡدِ
مَا جَآءَهُمُ ٱلۡبَيِّنَٰتُۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ﴿١٠٥﴾

**“Эй мӯъминон, чунонки сазовор аст, аз Худо битарсед ва ҷуз дар мусалмонӣ намиред. Ҳамагӣ ба ресмони Худо чанг бизанед ва пароканда нашавед ва неъмати Худоро бар худатон ба ёд оваред, ки чӣ гуна душмани якдигар будед ва дилҳоятонро ба ҳамдигар меҳрубон кард ва ба лутфи Ӯ бародар шудед. Ҳол он, ки бар лаби партгоҳе аз оташ будед ва Худованд шуморо наҷот дод. Худованд ба инсон оётašро бароятон баён мекунад, то ҳидоят шавед. Бояд аз миёни шумо гурӯҳе бошанд, ки ба сӯи некӣ бихонанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд ва онҳо ҳамон растагоронанд. Монанди касоне набошед, ки мутафарриқ шуданд ва баъд аз омадани оёти равшан ихтилоф карданд, барои онҳо азоби бузурге аст”** (Сураи Оли Имрон, оятҳои 102-105). Инро гуфта, аз Худо мағфират металабам, шумо ҳам мағфират талаб кунед, зеро Худованд пӯзишпазиру меҳрубон аст.

# БАРОДАРИИ ИМОНӢ ВА САМАРИ ОН

## Хутбаи дуввум:

Ситош Худоро, ки ба раҳнамоии Ӯ раҳёбандагон ҳидоят меёбанд ва тамоми халоиқ рӯзи растохез дар пеши Ӯ истода, ҷавоб мегӯянд. Ба ягонагӣ ва беанбозии Аллоҳ гувоҳӣ дода, ба убудияту рисолати Муҳаммад низ шаҳодат медиҳам.

Бор илоҳо, бар Расулат Муҳаммад ва хонадону ёронаш дуруд бифирист. Аммо баъд яке аз намунаҳои бузурги ваҳдату дӯстии ҷомеаи исломӣ бародариву муҳаббати мусалмонон бо ҳамдигар мебошад. Баъзе аз самарҳои ин бародарӣ, ҳамдардӣ ва дастгирии мусалмонон нисбати бародарони мусибатзада ва дармонда мебошад.

Ба таҳқиқ, Расули акрам (с) барои мусалмони ҳоҷатбарор ва ёридиҳанда савоби бузург ваъда кардаанд: ***“Ҳар касе мушкилии дунявии мусалмонеро бартараф намояд, Худованд аз ӯ мушкилие аз мушкилоти рӯзи қиёматро дур месозад ва ҳар кӣ бар шахси нодоре осонгирӣ намояд, Ҳақ таъоло дар дунё ва охират бар ӯ осонгирӣ мекунад. Ва ҳар касе айби мусалмонеро бипӯшад, Худованд айби ӯро дар дунё ва охират мепӯшонад. Худо дар кӯмаку ёрии банда аст, модоме, ки банда дар кӯмаки бародараш бошад”*** (Ривояти Муслим).

Мусалмони мусибатзадаву ғамдор бар бародарони исломии худ чунин ҳақ дорад, ки дар ғаму сахтӣ ӯро танҳо нагузошта, дар паҳлӯяш биистанд ва мушкилоту ғами ӯро дур созанд, то сидқу ростии даъвои бародариашонро исбот намоянд.

Паёмбари Худо (с) дӯстиву ҳамбастагии мусалмононро чунин тавсиф намудаанд: ***“Мисоли мӯъмин барои мӯъмин чун биноест, ки баъзе қисматҳои он бархе дигарро устувор медорад”*** (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Барои ба даст овардани подоши бузург Худованд анҷоми корҳои нек, минҷумла дастгириву ёрии дармондагонро шарт қарор додааст. Рӯзе, ки тарсу ҳарос зиёд шуда, шиддату сахтӣ аз ҳад зиёд мешавад:

يَوۡمَ يَفِرُّ ٱلۡمَرۡءُ مِنۡ أَخِيهِ ﴿٣٤﴾ وَأُمِّهِۦ وَأَبِيهِ ﴿٣٥﴾ وَصَٰحِبَتِهِۦ

وَبَنِيهِ ﴿٣٦﴾ لِكُلِّ ٱمۡرِيٕٖ مِّنۡهُمۡ يَوۡمَئِذٖ شَأۡنٞ يُغۡنِيهِ ﴿٣٧﴾

**“Рӯзе, ки инсон аз бародар, модару падари худ ва аз зан ва фарзандони худ мегурезад. Барои ҳар марде он рӯз шуғлест, ки кифоят мекунадаш”** (Сураи Абаса, оятҳои 34-37). Дар чунин рӯз танҳо савоби бузурге, ки аз дур кардани ғаму андӯҳи бародарони мусибатзадаи хеш ба даст овардаӣ, нафъ мекунад.

Сахтиву ғами дунё, қарздорӣ ва дармондагӣ мебошад, ки ёрӣ додани шахси қарздор, ҷиҳати пардохти қарз яке аз амалҳои некест, ки дар ивази он Ҳақ таъоло сахтиҳои бандаро дар рӯзи қиёмат осон мегардонад.

Яке аз роҳҳои осонгирӣ бар шахси қарздор ин аст, ки баъди фаворасии вақти пардохт, бар ӯ фишор наёварӣ, балки агар надошта бошад, мӯҳлати онро ба таъхир андозӣ ва огоҳаш намоӣ. Ҳақ таъоло ба ин матлаб ишора намуда мефармояд: **“Ва агар муфлисе (нодоре) бошад, пас то тавонгар шуданаш, мӯҳлат додан лозим аст”** (Сураи Бақара, ояти 280).

Боз аз мӯҳлат додану ба таъхирандозии он кори беҳтаре аст, ки тамоман қарзи худро мебахшаду қарздори нотавонро аз ғами пардохти он озод менамояд, ки дар ин сурат соҳиби қарз бузургтарин подоши илоҳиро ноил мегардад. Ӯ таъоло фармуда:

وَإِن كَانَ ذُو عُسۡرَةٖ فَنَظِرَةٌ إِلَىٰ مَيۡسَرَةٖۚ وَأَن تَصَدَّقُواْ خَيۡرٞ

لَّكُمۡۖ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ﴿٢٨٠﴾

**“Садақа кардану бахшидани шумо беҳтар аст бароятон, агар бидонед”** (Сураи Бақара, ояти 280).

Дар ҳадиси дигар омада: **“Ҳар касе ба қарздори муфлис мӯҳлат бидиҳад, барои ҳар рӯзи таъхиркардааш, то рӯзи пардохти он барояш садақа аст ва агар баъди фаворасии мӯҳлати пардохт боз мӯҳлаташро ба таъхир андозад, барои**

**ҳар рӯзи таъхиркардааш ду садақа ӯро мерасад”** (Ривояти Аҳмад).

Кадом фазлу бузургӣ ба ин ваъдаҳо баробар шуда метавонад? Ҳамин тавр, дар сурати лағжишу гуноҳ сар задан аз мусалмоне бояд онро овоза накарда, балки соҳибашро ба хубӣ ва дар танҳоӣ насиҳат кунӣ, иншоаллоҳ вай аз гуноҳи мазкур даст мекашад ва ба ҳамин тариқ, дар ислоҳи ӯ ва ҷомеа саҳми худро мегузорӣ ва шайтон низ аз васвасаву иғвогарӣ дар чунин ҷомеаи намунавӣ нокому ноумед хоҳад гардид.

Марде ба амиралмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) хабар овард, ки мардеро бар гуноҳе дидааст, ки ҳад бар он лозим намегардад. Ҳазрати Умар (р) гуфт: Чаро гуноҳашро сатр ва ӯро ба тавба кардан ташвиқ накардӣ, зеро Расули акрам (с) фармудаанд: ***“Ҳар касе айбҳои бародари мусалмонашро бипӯшад, Худованд айбҳои ӯро дар дунёву охират сатр менамояд”*** (Ривояти Муслим).

Инчунин, он ҳазрат (с) фармуда: ***“Ҳар гоҳ мусалмон лагжише аз бародараш бубинад, ӯро ислоҳ намуда, дастгириаш кунад ва дуо кунад, то Худо тавбаашро бипазирад ва бар алайҳи ӯ кӯмакрасони шайтон нашавад!”***

Дар фарҷоми ҳадиси мазкур он ҳазрат (с) уммати Исломро ба иттиҳоду ҳамбастагӣ ва ҳамкориву ғамхории якдигар дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ тавсия менамояд, то мусалмон ҳама вақт дар паҳлӯи бародараш қарор гирифта, дар корҳои нек ёрӣ ва аз маъсияту гуноҳ манъаш намояд. Ҳамчунин, дидагони онҳоро ба касби подошу савоб дар корҳои иҷтимоӣ кушода, мегӯяд: ***“Худованд дар кӯмаки банда аст, модоме ӯ дар мададу ёридиҳии бародараш қарор дошта бошад”.***

Ҳамин тавр, агар шахси мӯъмин дар ҳама ҳолат як бародари бемор, қарздор ва ҳоҷатмандашро кӯмаку ёрӣ намояд, яқинан, Ҳақ таъоло ӯро аз тамоми мусибатҳову нокомиҳо нигоҳ дошта, ҳамеша дар тамоми зиндагӣ муваффақу комгораш мегардонад.

Эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва аз фармудаҳову ахлоқи намунавии Расули акрам (с), ки сабаби дӯстиву ҳамбастагии афроди ҷомеа мегардад, пайравӣ намоед, то шумо ҳам беҳтарин пасояндагон барои беҳтарин

гузаштагони худ бошед, ки эшонро Ҳақ таъоло дар Қуръон сутудаву беҳтарин уммат гуфтааст:

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ مِّنْهُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

**“Шумо беҳтарин уммат ҳастед, ки барои ҳидояти мардум баровnarda шудаед”** (Сураи Оли Имрон, ояти 110).

Бор Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад дуруду салом фирист, чунончи бар Иброҳиму оли Иброҳим дуруд фиристодаӣ ва низ бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат бинеҳ, чунончӣ бар Иброҳиму оли Иброҳим баракат ниҳодаӣ. Ҳамоно, Ту сутуда ва бузургӣ.

Бор илоҳо, тамоми мардону занони мӯъмин, зиндагону мурдаҳои эшонро биёмурз! Бор Худоё, Исломи мусалмононро нусрату пирӯзӣ бидеҳ ва ҳар киро, ки нисбати динат нияти бад дорад, хору забун гардон!

Худоё, рӯзи растохез чеҳраҳоямонро сафеду равшан бигардон! Парвардигоро, моро иззат бибахш ва хор макун ва баракатамонро афзун гардон ва аз камиву қаҳтӣ нигоҳамон дор ва бар мо ситамгаронро мусаллат макун!

Субҳона Раббика раббилиззати аммо ясифун ва саломун алал мурсалин, валҳамду лиллоҳи Раббил оламин.

# ТАШВИҚ БА АМАЛИ ШОИСТА

## Хутбаи нахустин:

Ҳамду ситоиш Худоро, ки тамоми он чи дар осмонҳову замин аст, мулки Ӯ мебошанд ва Ӯ донову фарзона аст. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳи пок сазовори парастиш нест ва Муҳаммад (с) муждадиҳандаву бимдиҳанда аз тарафи Худо мебошад.

Аммо баъд... Эй мардум, аз Худои таъоло битарсед: **“Барои худатон** (амалҳои некро) **пеш фиристед ва аз Худо битарсед ва бидонед, ки шумо бо Ӯ мулоқот хоҳед кард ва мусалмононро башорат деҳ”** (Сураи Бақара, ояти 223).

Эй бандагони Худо, инсон дар сарои ҳаёти дунё барои амал офарида шудааст, сипас дар рӯзи қиёмат дубора зинда карда мешавад, то подоши амалашро бигирад. Аз ин рӯ, вай беҳуда ва беҳадаф офарида нашудааст. Некбахт он шахсест, ки барои худ амалҳои шоиста анҷом дода, назди Худо подоши онро пайдо менамояд ва бадбахт шахсест, ки аъмоли бадро содир намуда, ба фарҷоми бад ва зиёнкорӣ гирифтор мегардад.

Бинобар ин, дар амалҳои худ назар кунед ва пеш аз омадани марг худатонро ҳисобу китоб намоед. Зеро марг интиҳои амал ва оғози ҷазо мебошад ва маргончунон ба инсон наздик аст, ки вақти омаданашро намедонад ва ҳисобу бозпурсии охират чунон дақиқу нозук аст, ки ҳалли онро касе аз шумо нахоҳад донист.

Мӯи сафед бимдиҳандаи марг аст, аз ин рӯ, барои марг тайёрӣ бинед ва марги хешу табор ва дӯстон нишони қарибшавии марги дигарон мебошад. Бинобар ин, маргро ҳамеша ба хотир биёред ва барои он сарои ҷовидон амал намоед ва ба ин дунёи фонӣ ва зиндагии муваққатӣ ва ба орзуву омоли он фирефта нашавед ва омадани аҷали худро ҳаргиз фаромӯш накунед. Зеро бисёр одамоне буданд, ки субҳ хестанд, вале бегоҳ таслими марг шуданд ва бисёр шахсони орзуманде буд, ки орзуҳои худро ба гӯр бурданд.

Бисёр одамоне ҳастанд, ки вақти ҷондиҳӣ орзу мекунанд, ки ба эшон каме мӯҳлат дода шавад, то амалҳои

фосиди худро ислоҳ намоянд ва фурсатҳои зоеъшударо дарёбанд. Вале ба онҳо гуфта мешавад, ки дер шуд, ҳаққо ки орзуҳои ту барбод рафтанд ва қаблан туро барҳазар намуданд, ки чун аҷал фаро расад, дигар бозгашт ба ақиб вуҷуд надорад. Чӣ тавре Ҳақ таъоло фармуда:

**“Эй мусалмонон, молҳо ва фарзандонатон шуморо аз ёди Худо ғофил нагардонад ва ҳар кӣ чунин коре кунад, пас ӯ зиёнкор аст. Ва аз он чи рӯзиятон кардаем, инфоқ кунед, пеш аз он, ки ба яке аз шумо марг бирасад ва бигӯяд: Парвардигоро, агар андаке марги маро ба таъхир биандозӣ, садақа бидиҳам ва аз солеҳон бошам. Худованд ҳаргиз марги касеро, ки аҷалаш расидааст, ба таъхир намеандозад ва Худо ба он чӣ мекунед, хабардор аст”.**

Эй бандагони Худо, ҳар инсон чун аҷалаш фаро расад, амалаш ба охир мерасад, вале баъзе амалҳои хайре ҳастанд, ки баъди марг ҳам савобу аҷри онҳо ба соҳибаш мерасад ва ин ҳамон амалҳое мебошанд, ки дар ?????? ҳаёташ онҳоро анҷом дода, то баъди марг ҳам нафъу фоидаи онҳо давом дошта бошад ва чун фоидаи амалҳои ӯ ба мусалмонон ва ҷомеа расидан гирад, савобу подоши онҳо низ баъди маргаш ба ӯ мерасад. Ин амалҳо иборатанд аз корҳои хайре, ки нафъаш ба мардум ва ҳайвонот ҳам мерасад, монанди хонаҳои вақфӣ, дарахтони мевадиҳандаву сояафкан, дастгоҳҳои обдеҳ, сохтани масҷиду мадраса, фарзанди солеҳу накӯкор, таълим додани илмҳои судбахш ва таълифи китобҳои фоидабахш ва ғайра.

Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***“Вақте фарзанди Одам мурад, амалаш қатъ мегардад, магар аз се чиз: Садақаи мондагор, ё илме, ки аз он нафъ бурда мешавад, ё фарзанди солеҳе, ки барояш дуои хайр намояд”*** (Ривояти Муслим).

Ин ҳадис баёнгари матлабҳои зерин мебошад, ки бо марги инсон амалаш қатъ мегардад ва ҷои амали ӯ муддати зиндагонии ӯ дар дунё мебошад. Ҳамчунин, инсонро аз ғафлату бехабарӣ ҳушдор дода, ба ғанимат шумурдани тамоми лаҳзаҳои ҳаёт барои анҷом додани тоату ибодат ва корҳои нек тарғибу таълим медиҳад. Оятҳову ҳадисҳое, ки ба ғанимат шумурдани ҳаёти дунявӣ барои тоату ибодат ва дигар амалҳои хайр даъват мекунанд, ниҳоят зиёданд.

Ҳамин тавр, ҳадиси мазкур амалҳои хайре, ки нафъи он баъди марги соҳибашон идома меёбад, аз қатъ гардидан истисно менамояду мегӯяд, ки баъзе амалҳои мондагоре ҳастанд, ки аҷри онҳо то рӯзи қиёмат ба соҳибаш мерасад, ба шарте, ки мардум ва дигар махлуқот аз онҳо нафъ бибаранд.

Аз ҷумлаи чунин амалҳои хайри мондагор: Якум, садақаи ҷория, ки аҳли илм онро ба чизҳои мавриди истифодаи умум қароргирифта шарҳ кардаанд, монанди заминҳои вақфӣ, масҷидҳо, мадрасаву мактабҳо, шифохонаҳо, хонаҳои истиқоматӣ, Қуръон ва китобҳои судманд ва дастгоҳҳои обёрӣ ва обдиҳӣ ва ғайра.

Дар ин маврид далелҳои шаръӣ барои вақф қарор додани ашёи мазкур ҳастанд, балки шариати Ислом пайравони хешро ба чунин садақаҳои ҳақиқӣ ва пойдор тарғибу ташвиқ намуда, онҳоро беҳтарин аъмол муаррифӣ менамояд. Расули акрам (с) фармуданд: ***“Ҳар касе барои ризои Худо масҷиде бисозад, агарчанде он ба андозаи хоначае бошад, Худованд ба ивази он барояш дар биҳишт хонае месозад”*** (Ривояти Бухорӣ).

Дуввум, илми судбахш, монанди дарс додани уламо донишҷӯёнро аз илмҳои шаръӣ ва бохабарсозии мардум аз масоили динӣ ва таълиф намудани рисолаҳову китобҳои нафъовар. Ҳамчунин, мардуми авоми сарватманд метавонанд, ки дар ин садақаи мондагор, яъне илми судбахш иштирок намуда, савоби ҷовидониро ба даст оранд, чунончӣ дар чопи рисолаву китобҳои динӣ ва харидани Қуръонҳо ва ҳадя намудани онҳо ба масҷиду мадрасаҳо ва ҳалқаҳои илмӣ маблағҳои худро сарф намоянд, то мардум аз китобҳои чопкардаи онҳо баҳра бурда, илми нофеъ биёмӯзанд ва савоби он дар зиндагӣ ва баъди марг ба ӯ мерасад.

Нафъи илм то вақте, ки дар рӯи замин як мусалмон бошад, ки илми мазкур ба ӯ бирасад, пойдор хоҳад монд. Чӣ қадар олимон садҳо сол шуда, ки вафот кардаанд, вале илми онҳо зиндаву пойдор аст, ки тавассути китобҳои таълифкардаашон ба дигарон расида истодааст ва ҳар гоҳ мусалмонон аз эшон ёд намоянд, ҳатман дар ҳаққи эшон дуои нек мекунанд.

Ин фазлу бахшиши илоҳӣ мебошад, ки ба ҳар кас бихоҳад, онро медиҳад. Ва басо иттифоқҳое дар таърихи башарият рух дода, ки Худованд ба воситаи як олими ислоҳгар наслҳои зиёдеро аз залолату гумроҳӣ наҷот бахшидааст ва савоби даъвату ҳидоятдиҳии онҳо ба он олим то рӯзи қиёмат иншоаллоҳ мерасад.

Саввум, фарзанди накӯкор, хоҳ писар бошад, ё духтар, ё набера бошад, ё абера. Дуоҳои онҳо барои волидайн, ё ба ҷои волидайн садақаву ҳаҷ намудан, ҳатто савоби дуои дигарон дар ҳаққи ин фарзандону наберагон ба волидайни эшон хоҳад расид. Ҳамин қисмати ҳадис, яъне фарзанди солеҳ ба он ташвиқ менамояд, ки бояд шахси мусалмон барои талаб кардану ба даст овардани фарзандони солеҳ издивоҷ намояд.

Агар инсон аз ӯҳдаи таъмини моддӣ ва тарбияву таълими фарзанд баромада тавонад, фарзанди зиёд боке надорад, балки агар онҳоро тибқи фармудаи Паёмбар (с) фарзанди солеҳу накӯкор тарбия намояд, иншоаллоҳ баъди сари падару модар чун садақаи мондагор савоби кору кирдор ва накӯиҳои онҳо ба ишон мерасад ва дар номаи аъмолашон сабт мегардад.

Ҳамчунин, ин қисмати ҳадис мусалмононро ба тарбияи динӣ ва маънавии кӯдаконашон ҳидоят ва ташвиқ менамояд, то онҳо дар рӯҳияи дин ва маънавиёт тарбият ёфта, ворисони накӯкори падарони худ гарданд ва баъди марги волидайн дар ҳаққи эшон дуои омӯрзишу мағфират намуда, савоби аъмолашон ба падаронашон низ бирасад.

Бисёр одамоне ҳастанд, ки ба тарбияи динии фарзандонашон беэътиноӣ намуда, танҳо дар тарбияи дунявӣ ва касбу ихтисосҳои эшон диққат ва эҳтимом медиҳанд ва мекӯшанд, то фарзандҳояшон вазифаҳову корҳои сердаромад дошта бошанд. Агар фарзандонашон пулёбу сарватманд бошанд, аркону воҷиботи динро, чун намозу рӯза тарк намоянд, ҳатто ба корҳои ҳаром ва маъсият даст бизананд ва бо фосиқону фосидон дӯстиву рафоқат намоянд, ба онҳо чизе намегӯянд.

Вале агар дар корҳои дунявӣ, чун тиҷорат ва муомилоти моддӣ чизеро талаф диҳад, ё хасорату зиён ворид созад, чунон қотеона сарзаниш намуда, адабаш медиҳанд ва

тамоми хашму ғазаби худро болояш мерезанд, лекин дар масоили дин ва маънавиёт ҳеҷ таваҷҷӯҳ ва аксуламале аз ӯ ба мушоҳида намерасад. Албатта дар натиҷаи чунин бетаваҷҷӯҳӣ дар тарбияи динии фарзандон мебинем, ки фарзандонашон онҳоро беэҳтиромӣ намуда, ишонро меранҷонанд.

Бинобар ин, эй падарон, аз Худо битарсед ва фарзандони худро нағз тарбия кунед, то барои шумо дар дунёву охират тӯшаву захираи савоб бошанд, на зиёну гуноҳ бар шумо ва бидонед, ки тарбияи хуби фарзандон бесабру таҳаммул ва машаққат ба даст намеояд.

Тамоми амалҳои тавсияшудаи ҳадиси болоро мазмуни ояти зайл баён мекунад:

إِنَّا نَحۡنُ نُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَنَكۡتُبُ مَا قَدَّمُواْ وَءَاثَٰرَهُمۡۚ وَكُلَّ شَيۡءٍ أَحۡصَيۡنَٰهُ فِيٓ إِمَامٖ مُّبِينٖ ﴿١٢﴾

**“Ҳар оина, мо мурдагонро зинда мегардонем ва менависем он чӣ пеш фиристодаанд ва осори эшонро менависем ва ҳар чизеро дар “китоби мубин” шумор кардаем”** (Сураи Ёсин, ояти 12).

Он чӣ пеш фиристодаанд, чист? Ин ишора ба тамоми амалҳои нек ва баде, ки дар зиндагиашон анҷом додаанд, мебошад. “Осори эшон”, он чӣ аз амалҳои нек ва бадашон баъди марг боқӣ мемонад, мебошад.

Аллома Ибни Саъдӣ (р) дар тафсири ояти мазкур мегӯяд: Ҳар амали хайре, ки мусалмонон аз илми банда, таълим ва амри маъруф, ё китоби навиштаи ӯ меомӯзанду анҷом медиҳанд, ё баъди маргаш намозу рӯза ва садақае фарзандони солеҳаш анҷом диҳанд, ё масҷиде ё ғарибхонае сохта бошаду мардум аз он нафъ баранд, ҳамаи инҳо осоре ҳастанд ба фоидаи ӯ навишта хоҳанд шуд ва ҳамчунин аст кори бад.

Баъди марги инсон аз осори амалаш се чиз ба ӯ мерасад: Якум, корҳое, ки дигарон ба ҳидояту тавсияи ӯ дар ҳаёташ омӯхтанду баъди гузаштани вай анҷом медиҳанд, ки савоби онҳо ба вай мерасад. Дуввум, корҳое, ки ӯ дар зиндагии худ,

чун садақаҳои мондагор анҷом додааст, чун масҷид, мадрасаву мактаб ва чоҳи об. Албатта савоби инҳо низ ба ӯ мерасад. Саввум, корҳое ки шахси зинда анҷом дода, савобашро ба мурда мебахшад, чун дуо, садақа ва дигар корҳои нек, ки ҳатман савоби инҳо низ ба мурда хоҳад расид.

Ибни Моҷа (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: "Ҳамоно баъди марг ба бандаи мӯъмин аз амал ва некиҳояш ашёи зерин мерасад: илме, ки онро нашр сохтааст, ё фарзанди солеҳе, ки ба ёдгор гузошта, Қуръоне ки ба мерос монда, ё масҷиде, ки сохта бошад, ё ғарибхонае барои мусофирон бино намуда, ё ҷӯе канда ва равон карда бошад, ё садақае дар зиндагӣ ва тандурустии хеш аз молаш баровардa бошад" (Ривояти Ибин Моҷа).

Пас, эй бародарон, дар анҷоми корҳои хайр ва судманд камари ҳиммат бибандед ва аъмоли хубатонро, ки нафъашон бардавом ва савобашон ҷовидон бошад, пеш фиристед, Худованд мефармояд:

ٱلۡمَالُ وَٱلۡبَنُونَ زِينَةُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا ۖ وَٱلۡبَٰقِيَٰتُ ٱلصَّٰلِحَٰتُ خَيۡرٌ عِندَ رَبِّكَ ثَوَابٗا وَخَيۡرٌ أَمَلٗا ﴿٤٦﴾

**"Мол ва фарзандон ороиши зиндагонии дунёст ва ҳасаноти пояндаву шоиста назди Парвардигори ту аз ҷиҳати подош ва умедворӣ беҳтару хубтаранд"** (Сураи Каҳф, ояти 46).

Худованд барои ману шумо дар Қуръони карим баракат диҳад ва марову шуморо аз оятҳову пандҳои он баҳраманд гардонад, ҳароина Ӯ шунавову иҷобатпазир мебошад.

# ТАШВИҚ НАМУДАН БА АМАЛИ НЕК

## Хутбаи дуюм:

Ҳамду ситоиш Худоро, ки дунёро киштгоҳи охират гардонда ва бандагонро ба ғаниматшумории вақтҳои он ташвиқ карда. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Аллоҳи беҳамто, ки тамоми неъматҳои зоҳиру ниҳонро бар мо бахшида, ҳеҷ маъбуде вуҷуд надорад ва низ ба бандаву Паёмбар будани ҳазрати Муҳаммад (с), ки дорои мӯъҷизаҳои қавӣ буданд, гувоҳӣ медиҳам. Дуруду саломҳои Худо бар Муҳаммаду хонадону ёронаш бод, ки барои пирӯзии дини Паёмбар (с) ҷоннисориҳо карданд ва тамоми мушкилоту сахтиҳоро таҳаммул намуданд.

Аммо баъд: Эй мардум, аз Худои мутаъол битарсед ва бидонед, ки чӣ тавре осори аъмоли накӯ боқӣ монда, нафъаш ба соҳибаш баъди марг мерасад, инчунин бадии амалҳои зишт пойдор мондаву зарараш ба соҳибаш хоҳад расид. Чунончӣ дар ҳадиси зайл омада: “Ва ҳар кӣ ба гумроҳӣ даъват намояд, гуноҳи он ва гуноҳи амалкунандагонаш бар вай (даъватгари гумроҳӣ) навишта хоҳад шуд, бидуни ин, ки чизе аз гуноҳони онҳо кам шавад” (Ривояти Муслим).

Чӣ тавре Аллоҳ таъоло фармуда:

لِيَحْمِلُوٓا۟ أَوْزَارَهُمْ كَامِلَةً يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ ۙ وَمِنْ أَوْزَارِ ٱلَّذِينَ يُضِلُّونَهُم بِغَيْرِ عِلْمٍ ۗ أَلَا سَآءَ مَا يَزِرُونَ ﴿٢٥﴾

**“То дар қиёмат тамоми бори гуноҳони хеш ва низ бахше аз гуноҳони касонеро ки надониста, гумроҳашон мекарданд, бар дӯш мекашанд. Огоҳ бошед, он чӣ бар дӯш мекашанд, бад аст”** (Сураи Наҳл, ояти 25).

Бинобар ин, ҳар касе улуми фосид ва эътиқодоти ботилро мерос мегузорад, албатта ба андозаи гумроҳшавии мардум бадӣ ва сазои он ба ӯ хоҳад расид. Ҳамчунин, ҳар касе китобҳои гумроҳсозандаро таълиф намуда, миёни мардум нашр менамояд, то даме, ки мардум аз китоби

мазкур истифода мебаранду гумроҳ мешаванд, ҳатман гуноҳи амали мазкур ба ӯ хоҳад расид.

Ҳамин тавр аст ҳоли касоне, ки фиттаҳову сидиҳои суруди фаҳш ва филмҳои зиддиахлоқиро бо маҷаллаҳои фаҳшо, ки саропо аксҳои занони урён аст, нашр намуда, дастраси мардум мегардонанд, ё тарабхонаҳо ва клубҳои фисқу фасод мекушоянд, ки сабаби гумроҳиву фасоди духтарону писарони мусалмон мегардад. Барои чунин ашхоси ташкилкунанда гуноҳи амалҳои мазкур то даме, ки ашёи ташкилкардааш фаъолият мекунад, баъди маргаш ба онҳо мерасад.

Инчунин, ҳар касе фарзандонашро тарбияи ғайриисломӣ карда бошад, то даме, ки онҳо бар гумроҳӣ зиндагӣ намуда, фисқу гуноҳ мекунанд, маъсияти эшон баъди маргаш ба ӯ низ навишта хоҳад шуд. Зеро маҳз ҳамон падар онҳоро дар чунин муҳит бо ахлоқи фосид тарбия карда буд, ё ин ки дар тарбияи дурусти онҳо беаҳамиятӣ намуда. Бинобар ин, вақте чунин фарзандони гумроҳу бетарбия кори баде мекунанд, одамони ранҷдида на танҳо бар онҳо, балки бар падаронашон ҳам нафрин ва дуои бад менамоянд.

Эй бандагони Худо, аз Худо битарсед ва намунаи некӣ барои дигарон бошед, на мисолу намунаи бадӣ. Ҳар кӣ судхӯрӣ (просентгирӣ) ё чунин муассисаҳои судхӯриро ташкил карда, ба ҳамин роҳ хуни мардумро мемакад ва худро сарватманд мегардонад, бешак то даме, ки амали ташкилкардааш идома меёбад, гуноҳи он бо аввалин ташкилкунандаи амали мазкур зиёдтар хоҳад расид. Чӣ тавре, ки Қобил нахустин ташкилкунандаи гуноҳи ба ғайри ҳақ куштан буд, аз ин рӯ, ҳар қатлу куштан, ки дар олам аз замони Одам, то ин дам рух медиҳад, бешак гуноҳи он ба ӯ мерасад. Чунки вай аввалин шахсе буд, ки ин равияи бад, яъне куштанро асос гузоштааст. Аз Худованди бузург масъалат менамоем, ки моро пешвои корҳои нек бигардонад, на пешвои маъсият ва корҳои бад.

# ИДИ РАМАЗОН

## Хутбаи аввал

Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбару кабиро валҳамду лиллоҳи касиро ва субҳоналлоҳи букратав ва асило.

Ситоиш Худовандеро, ки роҳи ибодатро барои бандагонаш осон гардондааст ва барояшон иде муқаррар намуда, ки баъди комил гардондани рӯзаашон фаро мерасад ва фурсатҳои хайру некиро ҳамеша барои бандагонаш паси ҳам меорад, то подоши накӯкоронро пурра ато намуда, фазлу бахшиши фаровон насиби эшон гардонад. Ҳамин ки моҳи Рамазон ба охир бирасад, ба дунболи он моҳҳои ҳаҷ фаро мерасанд, то мардум қасди хонаи Ӯ намоянд.

Худоро ҳамду сано мегӯям, ки танҳо Ӯ таъоло сазовори ҳамду ситоиш аст ва гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Худои якто ва ҳар касе чунин гувоҳӣ дода, ба талаботи он амал намояд, рӯзи растохез аз даҳшати азим раҳоӣ меёбад. Ва низ гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) банда ва Паёмбари Ӯст. Дуруду салавоти илоҳӣ бар Паёмбар ва хонадону ёронаш бод, то рӯзи қиёмат.

Эй мардум, аз Худо битарсед ва Ӯро барои неъмати комил гардондану ба охир расондани рӯзаи моҳи Рамазон шукру сипос гӯед ва қабул гардидани намозу рӯзаатонро аз Ҳақ таъоло масъалат намуда, барои камбудиҳову гуноҳони худ омӯрзиш талабед ва бидонед, ин рӯз рӯзи ид аст, ки дар он мӯъминон барои ба охир расондани моҳи Рамазон бо тоату ибодатҳои зиёд масруру хурсанд мегарданд, зеро хурсандӣ кардан бо чунин амалҳои накӯ дар шариъат, ҷоиз ва писандида аст, вале хурсандиву хушҳолӣ барои расидан ба хостаҳои шаҳвонӣ ва манофеъи зудгузари дунявӣ накӯҳида ва зишт мебошад. Аллоҳ таъоло фармуда:

قُلۡ بِفَضۡلِ ٱللَّهِ وَبِرَحۡمَتِهِۦ فَبِذَٰلِكَ فَلۡيَفۡرَحُواْ هُوَ خَيۡرٞ مِّمَّا يَجۡمَعُونَ ﴿٥٨﴾

**“Бигӯ ба фазли Худо ва ба раҳмати Ӯ, ба ин чизҳо бояд, ки шодмон шаванд. Ин беҳтар аст аз он чӣ ҷамъ мекунанд”** (Сураи Юнус: ояти 58).

Бинобар ин, рӯзи шукру зикри Худост ва низ рӯзи ифтори Рамазон, хӯрдану нӯшидан мебошад, ки рӯза гирифтан дар ин рӯз (ид) дар шариъат ҳаром аст, зеро рӯзагирӣ дар рӯзи ид рӯй гардондан аз меҳмонии Худованд, саркашӣ аз амри Ӯ маҳсуб мегардад.

Чунки вақте Расули Худо (с) аз Макка ба Мадина омаданд, мардуми Мадина дурӯза хурсандӣ доштанд, ки дар он бозиву хурсандӣ менамуданд. Расули акрам (с) ба онҳо гуфт: ***“Ҳамоно Худованд бароятон ду рӯзи беҳтаре дар ивази ин ду рӯз бахшидааст, ки он ду иди Рамазон ва иди Қурбон мебошад”*** (Ривояти Абудовуд).

Пас Ҳақтаъоло дар ивази ин ду рӯзи бозиву хушҳолӣ, ду рӯзи зикру шукр ва мағфирату омӯрзиш бахшид. Мусалмонон се ид доранд, ки ҳар як ид баъд аз комил гардондани ибодати бузурге фаро мерасад, яъне иди Рамазон баъди рӯзаи Рамазон ва иди Қурбон баъди анҷомдиҳии аркони ҳаҷ. Иди саввум бошад, ҳар ҳафта такрор меёбад, ки он рӯзи ҷумъа мебошад, ки иди ҳафтагӣ ба шумор меравад, зеро Худованд дар як шабона рӯз панҷ вақт намозро бар бандагонаш фарз гардондааст.

Ҳар вақте мусалмонон намозҳои як ҳафтаро пурра анҷом диҳанд, рӯзи ҷумъа фаро мерасад, ки Ӯтаъоло онро иди ҳафтагии бандагони намозгузор қарор додааст ва низ дар ин рӯз (ҷумъа) намози бузургеро, ки дорои ду хутбаи ҳамду сано ва панду насиҳат аст, воҷиб гардонд. Рӯзи ҷумъа рӯзест, ки мусалмонон дар як ҷой гирди ҳам меоянд ва аз аҳволи якдигар бохабар мешаванд. Ҳамчунин, дар ин рӯз офариниш комил гардиду Одам офарида шуд ва дар ҳамин рӯз Одам ба биҳишт даровarda шуд ва боз дар ин рӯз аз

биҳишт бароварда шуд. Дар ҳамин рӯз дунё ба охир расида, қиёмат фаро мерасад.

Бинобар ин, рӯзи ҷумъа дорои чунин хусусиятҳо ва дарбаргирандаи фазилатҳои фаровон аст ва ҳароина Худованд рӯзи одинаро ба уммати мусалмон хос гардондааст, ки воқеан ин иди мукаммал намудани намозҳои якҳафта, ки онҳо рукни дуввуми Ислом ба шумор меравand, мебошад.

Иди Рамазон баъди комил кардани рӯзаи моҳи Рамазон, ки рукни чаҳоруми Ислом маҳсуб мегардад, фаро мерасад. Дарвоқеъ, мусалмонон дар моҳи мазкур бо тоату ибодати фаровон аз Худованд бахшиши гуноҳон ва раҳоӣ аз оташи дӯзахро металабанд. Баъди пурра сохтани рӯзаи моҳи Рамазон Ҳақтаъоло бандагони рӯзадори хешро бо иде, ки дар он гирдиҳам ҷамъ мешаванд ва Худоро шукру зикр мегӯянд, икром ва меҳмонӣ менамоянд ва ҳар бандаи накӯкор мукофоту подоши хешро аз тарафи Аллоҳ таъоло дарёфт намуда, ба хонааш хушҳолу сарафроз бармегардад.

Эй бандагони Худо, бузургтарин супориши Худо дар ин рӯз намози ид мебошад, ки далелаш китобу суннат ва иҷмоъи муслимин ба шумор меравад. Чӣ тавре, ки Ӯ таъоло фармуда:

قَدۡ أَفۡلَحَ مَن تَزَكَّىٰ ﴿١٤﴾ وَذَكَرَ ٱسۡمَ رَبِّهِۦ فَصَلَّىٰ ﴿١٥﴾

**“Ба таҳқиқ растагор шуд касе, ки закот дод (яъне садақаи фитрро адо намуд) ва номи Худоро ёд карду намоз (яъне намози идро) барпо намуд”** (Сураи Аъло, оятҳои 14-15).

Ҳамчунин, Расули акрам (с) мусалмононро ба рафтани намози ид амр намудааст, ҳатто занони асри Паёмбар (с) ба намози ид мебароmaданд, то аз хайру некӯӣ ва мавъизаву даъвати мусалмонон баҳраманд гарданд.

Умми Атийя (р) мегӯяд: Рӯзи ид амр мешудем, ки ҳамагӣ ба намози ид бароем, ҳатто духтари дӯшиза ва зани ҳоиз ҳам мебаромад. Дар пушти мардон саф мегирифтанд, мисли мардон такбир гуфтаву дуъо мекарданд ва аз баракату сафои рӯзи ид умедвор буданд.

Бо чунин ҷамоат ва ба таври дастаҷамъӣ барои намози ид баромадан, шиъори Исломро, ки иттиҳоду ҳамбастагист,

ифода менамояд. Аз ин рӯ, намози ид яке аз нишонаҳои поки дини муибни Ислом мебошад, ки агар сокинони мусалмони шаҳре бо вуҷуди имконияту шароит доштан, онро тарк намоянд, бар ҳокиму сардари давлати Ислом воҷиб мегардад, то онҳо дорои иҷрои ин амал адаб диҳад ва водорашон намояд, ки ин воҷибро адо намоянд.

Воҷиб аст, ки намози ид дар намозгоҳи шаҳр, ба монанди замини дашт гузорида шавад, чӣ тавре, ки Паёмбари Худо (с) онро дар хориҷи Мадина мегузориданд ва ҳеҷ ривояте наомада, ки он ҳазрат намози идро беузр дар масҷид гузорида бошанд. Зеро гузоридани намози ид дар хориҷи шаҳр ҳайбату шавкати мусалмононро ошкор намуда, ҳикматҳову фоидаҳои дигар низ дорад, чун эълони шиъори Ислом, дарёфт шудани савоб барои намозгузорон ва адади зиёди намозгузорро ғунҷонидани ҷой.

Бинобар ин, намози ид яке аз мазоҳири шавкату азамати Ислом ба ҳисоб рафта, бояд шахси мусалмон дар ҳозиршавии он сустиву коҳилӣ накунад ва аз ҷамоати мусалмонон канорагирӣ нанамояд.

Иди саввуме, ки аз идҳои муқаррарнамудаи Ислом аст, иди Қурбон мебошад, ки он аз бузургтарину беҳтарини идҳо маҳсуб мегардад. Худованд онро баъди комил кардани ибодати ҳаҷ, ки рукни панҷуми Ислом мебошад, муқаррар намудааст. Ҳамин тавр, тамоми идҳои исломиро мебинем, ки баъди комил кардану ба охир расонидани ибодатҳо фаро мерасанд. Дар рӯзи иди Қурбон низ бояд Худовандро шукру зикри зиёд бигӯем, ки ба мо тавфиқи тоату бандагӣ бахшидааст.

Ғайр аз ин се ид, дигар ягон навъ ид дар Ислом вуҷуд надорад, на иди зодрӯз, на иди озодии занон, на иди ғалаба, на иди миллӣ ва ғайра, зеро дигар идҳои навбаромад бидъат буда, дар натиҷаи тақлиди кӯр-кӯрона аз кофирон ба мо расидааст. Дар таърихи Ислом мусалмонон чӣ қадар ғалабаву пирӯзиҳои гӯшношунид кардаанд ва ягон идеро барои онҳо муқаррар накардаанд, зеро Худо ва Паёмбараш инро иҷоза надодаанд.

Ва бидонед, эй бандагони Худо, ин се иди шаръӣ фақат барои лаҳву хушӣ муқаррар нагардидаанд, балки барои зикру ёди Худо ва тоату истиғфор машрӯъ шудаанд. Зеро

иди мо мусалмонон, чун иди кофирон барои фахру гарданфарозӣ набуда, балки он бояд бо ёду шукри Ҳақ таъоло, бо тоату ибодати Вай ва садақаву бахшишҳо ба фақирон гузаронида шавад.

Огоҳ бошеду бидонед, шахсе ки идро дарёбад ва зоҳири худро бо либосҳои нав ороиш диҳаду тамоми анвоъи таъомҳоро тановул намояд ва бо пургӯӣ ва хандаву ботилгӯӣ машғул шавад, бандаи некбахт ҳисобида намешавад, балки бандаи некбахт касест, ки Аллоҳ таъоло намозу рӯзаашро пазируфта, лағжишу гуноҳонашро бибахшояд ва дар ниҳояти моҳи Рамазон намози идро гузорида, аз намозгоҳ бо мукофоту икроми илоҳӣ ба хонааш баргардад.

Эй бандагони Худо, он падарону бародарон ва хешовандонеро ба ёд биёред, ки соли гузашта якҷо бо шумо намози ид гузориданду имрӯз дар миёни шумо нестанд. Онҳо ба ҷуз амалҳои хеш чизе бо худ набурдаанд. Тамоми молу сарват ва хонаву қасрҳоро гузоштанду рафтанд. Молу дороӣ, лашкару қалъаҳо онҳоро аз марг ҳимоят карда натавонист ва низ дар назди Худованд молу фарзанд инсонро ҳеҷ манфиате намерасонад, ба ҷуз амали солеҳ ва дили пок аз ширку риё.

Бинобар ин, зиндагонии дунё ороиши зоҳирии он шуморо нафиребад, зеро ороиши ҳақиқӣ, ороиши тақвову Худотарсӣ мебошад. Ҳақтаъоло фармуда: **“Эй фарзандони Одам, мо барои шумо либосе, ки авратҳои шуморо сатр кунад ва ҳамчунин ҷомаҳои зебову нарм фиристодем ва либоси тақворо бар худ лозим гиред, ки ин некӯтарин ҷомаи шумост”** (Сураи Аъроф, ояти 26).

Яке аз бандагони солеҳ ва комил ба зинату ороиши мардум дар рӯзи ид нигоҳ карду гуфт: Оё ҷуз порчаҳое, ки мепӯсад ва гӯште, ки фардо кирмҳо онро мехӯрад, чизи дигареро мебинед? Аз Худо битарсед ва азамату бузургии рӯзи идро ба хотир оред ва биандешед, ки ин рӯз барои чӣ муқаррар гардидааст?

Ва огоҳ бошед, ки бо гузашт ва такрори ин рӯзи ид умрҳои шумо ба охир расида, амалҳоятон хотима ёфта, аҷалатон фаро мерасад, бинобар ин, барои ин сафари дуру дароз аз тақво тӯша гиред. Ӯ таъоло фармуда:

وَجَآءَتۡ سَكۡرَةُ ٱلۡمَوۡتِ بِٱلۡحَقِّۖ ذَٰلِكَ مَا كُنتَ مِنۡهُ تَحِيدُ ﴿١٩﴾
وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِۚ ذَٰلِكَ يَوۡمُ ٱلۡوَعِيدِ ﴿٢٠﴾ وَجَآءَتۡ كُلُّ نَفۡسٖ مَّعَهَا
سَآئِقٞ وَشَهِيدٞ ﴿٢١﴾ لَّقَدۡ كُنتَ فِي غَفۡلَةٖ مِّنۡ هَٰذَا فَكَشَفۡنَا عَنكَ
غِطَآءَكَ فَبَصَرُكَ ٱلۡيَوۡمَ حَدِيدٞ ﴿٢٢﴾

**“Ва баростӣ, сакароти марг фаро расид. Ин ҳамон чизе аст, аз он гурез доштӣ ва дар Сур дамида мешавад, рӯзи ваъдаи азоб аст. Ва ба ҳамроҳи ҳар шахс, ки ворид шавад, равонкунандае ва шоҳиде ҳаст. Ва ту аз ин ғофил будӣ ва мо аз ту пардаи туро бардоштем ва чашми ту имрӯз тезбин шудааст”** (Сураи Қоф, оятҳои 19-22).

Бо иҷтимоъу гирдиҳамоии имрӯзаатон, гирдиҳамоии бузурги рӯзи маҳшарро ба ёд биёваред, ки Аллоҳ таъоло дар мавриди он фармуда: **“Ҳар оина дар ин сухан нишонаест, касеро, ки аз азоби охират тарсидааст. Он рӯз рӯзест, ки дар он мардумон ҷамъ карда мешаванд ва он рӯз рӯзест, ки ҳама дар вай ҳозир шаванд. Ва мавқуф намедорем онро, магар то муддати муайяне. Рӯзе, ки биёяд, ҳеҷ кас сухан нагӯяд, магар ба дастури Ҳақ. Пас баъзе аз эшон бадбахт бошанд ва баъзе некбахт. Аммо онон, ки бадбахт шуданд, пас дар оташ бошанд. Эшонро он ҷо фарёди сахт ва нолаи зор бошад. Ҷовидон бошанд дар он ҷо муддати бақои осмонҳо ва замин, магар он чиро, ки Парвардигори ту хостааст, ҳар оина Парвардигори ту мекунад он чӣ мехоҳад. Ва аммо онон, ки некбахт шудаанд, пас дар биҳишт бошанд, ҷовидон дар он ҷо то муддати бақои осмонҳову замин, магар он чиро, ки Парвардигори ту хостааст, бахшише ғайри мунқатеъ**” (Сураи Ҳуд, оятҳои 103-108).

Худованд барои ману шумо дар Қуръон ва суннат баракат иноят фармояд ва вусъати дилҳои моро ба василаи Қуръону суннат афзун гардонад ва синаҳоямонро равшан созад.

# ХУТБАИ ДУВВУМ

Аллоҳу акбару Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбару Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбару Аллоҳу акбар. Ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар, аллоҳу акбар ва лиллоҳилҳамд.

Ҳамду ситоиш Худоро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Инсонро аз хок офарида, сипас ӯро нутфае дар раҳм қарор додааст. Баъд аз он ӯро дар марҳилаҳои офариниш интиқол дода, то ин ки ҷисми ӯ бо тамоми аъзои ҳискунанда комил гардид. Бисёр бузург аст зоти Аллоҳ таъоло, ки беҳтарин офарандагон аст. Гувоҳӣ медиҳам, ки нест худое ба ҷуз Аллоҳи ягона ва низ гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст барои раҳмати мавҷудоти олам. Дуруду саломҳои Худо бар Муҳаммаду олу асҳоб ва пайравони эшон бод, то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд: Эй мардум, аз Худо битарсед ва Ӯро барои неъмати беҳамтои Ислом шукру сипос гӯед, зеро шуморо ба Ислом ҳидоят намуда, беҳтарин уммат гардонд, ки ба хотири ҳидояту раҳнамоии мардумон барангехта шудааст. Фармудаҳои Ӯро ба ҷой биёред ва аз манҳиёт ва мухолифати Ислом бипарҳезед ва ба оини Ислом чанг бизанед, растагор мешавед ва ғайри он дигар динро напазиред, ки бешак, ҳалок мегардед. Чунончӣ Ӯ таъоло фармуда**:**

وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٨٥

**“Ва ҳар кас, ки ғайри Ислом дини дигарро талаб кунад, пас ҳаргиз аз ӯ қабул карда нахоҳад шуд ва ӯ дар охират аз зиёнкорон аст”** (Сураи Оли Имрон, ояти 85).

Ба миллатҳои гуногуни атрофатон ва ҳаёти пур аз ҷаҳолату гумроҳӣ, ҳамчунин ба мазҳабҳову динҳои ботил ва гумроҳ ва гурӯҳҳои ба ҳам уфтода бингаред ва рост гуфта Ҳақтаъоло он ҷо, ки мефармояд: **“Пас агар аҳли китоб ба он чӣ шумо ба он имон доред, имон оваранд, пас роҳ ёфтаанд ва агар баргаштанд, пас ҷуз ин нест, ки эшон дар мухолифатанд.**

**Пас зуд бошад, ки Туро Худо ба гирифтани интиқом аз эшон кифоят кунад ва Ӯ шунавои доност”** (Сураи Бақара, ояти 137).

Ва ин суннату қонуни Худост дар махлуқоташ, ки ҳар касе ҳақро тарк намояд, ба ботил гирифтор мегардад, чунончӣ Ӯтаъоло фармуда: **“Пас чист баъди ҳақ, магар гумроҳӣ?”** (Сураи Юнус, ояти 32).

Воқеияти ин амрро намедонад, магар шахсе, ки дар неъмати Ислом зиндагӣ карда бошад, зеро ҳусни ҳар чизро нақиз ва зиддаш кашф менамояд, чӣ тавре, ки ба қадри тандурустӣ намерасад, магар ҳамон шахсе, ки бемор шудааст ва ба қадри рӯшноӣ намерасад, магар шахсе, ки дар чоҳи зулмат ва торикӣ афтидааст.

Инчунин, эй бандагони Худо, бидонед, ки дини Исмол танҳо ба мансубият ва номгузорӣ бидуни побандӣ ба аҳком ва фармудаҳои он нест. Дар ҳақиқат, Ислом аркон, шариат ва суннатҳое дорад, ки ҳам ибодати Офаридгор ва ҳам эҳсону накӯӣ нисбати махлуқоти Ӯро дар бар мегирад.

Мусалмони воқеӣ касест, ки воҷиботро анҷом дода, аз ҳаромҳо бипарҳезад. Намозро барпо дошта, закоти молашро бидиҳад, ҳамчунин моҳи Рамазонро рӯза гираду ҳаҷҷи хонаи Худоро анҷом диҳад ва низ вазифаи амри маъруф ва наҳйи мункарро ба ҷо орад.

Мусалмони воқеӣ касест, ки мусалмонони дигар дар хунҳо, молҳову обрӯяшон аз дасту забонаш эмин бошанд. Бинобар ин, аз куштани нафсе, ки Худованд қатлашро ҳаром кардааст, бипарҳезед ва аз ҳар навъ озордиҳии мусалмонон дурӣ ҷӯед. Ӯтаъоло фармуда:

وَٱلَّذِينَ يُؤۡذُونَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ بِغَيۡرِ مَا ٱكۡتَسَبُواْ فَقَدِ ٱحۡتَمَلُواْ بُهۡتَٰنٗا وَإِثۡمٗا مُّبِينٗا ﴿٥٨﴾

**“Ва онон, ки мардони мусалмон ва занони мусалмонро ба ғайри гунохе, ки ба амал оварда бошанд, меранҷонанд, пас ҳар оина бори бӯҳтон ва гуноҳи зоҳирро бардоштанд”** (Сураи Аҳзоб, ояти 58).

Эй мусалмонон, чашмонатонро аз дидани ҳаром бипӯшед, зеро нигоҳи ҳаром тире аз тирҳои Иблис мебошад, ки боиси пайдошавии шаҳват дар дил ва афтидан дар гуноҳ мегардад. Ҳамчунин аз дароз кардани ҷомаву шалвор ва ба замин кашида, роҳ рафтан парҳез кунед, зеро тибқи ривоёти аҳодиси набавӣ ин зиёдатии ҷомаву шалвор аз буҷулак дар оташи дӯзах мебошад. Тавозӯъу фурӯтаниро пеша кунед, зеро Худованд мутакаббиронро дӯст намедорад.

Занону духтарони худро ба сатру ҳиҷоб побанд созед ва аз ихтилот ва омезиш ва хилват кардан бо мардони номаҳрам манъ намоед. Расули акрам (с) фармуда: ***"Ҳар кӣ ба Худо ва рӯзи охират имон дошта бошад, ҳеҷ гоҳ бо зане ҳамроҳаш маҳрамаш нест, хилват намекунад (танҳо наменишинад), зеро савумин шарики он ду шайтон мегардад"*** (Ривояти Аҳмад).

Аллоҳ таъоло боз мефармояд: **"Паймонаро тамом паймоед ва аз зиёндиҳандагон мабошед. Ва бо тарозуи дуруст вазн кунед ва ба мардумон чизҳои эшонро ноқис надиҳед ва дар замин дар табоҳӣ макӯшед"** (Сураи Шуъаро, оятҳои 181-183).

Ва низ аз фиребу хиёнат дар хариду фурӯш ва тамоми муомилаҳои худ ҳазар намоед, зеро хиёнату фиреб зулм аст ва зулм торикиҳои рӯзи қиёмат мебошад ва ҳар кӣ мусалмононро бифиребад, аз мусалмонон ҳисобида намешавад. Расули Худо (с) фармуданд: ***"Ҳар касе моро хиёнат кунад, пас ӯ аз мо нест"*** (Ривояти Муслим).

Аз фисқу фуҷур дар ҷанҷолҳову даъвоҳое, ки миёни шумо рух медиҳад ва низ аз савганду гувоҳии бардурӯғ ҳазар намоед. Ҳақ таъоло мефармояд: **"Ҳар оина касоне, ки ба ивази паймоне, ки бо Худо бастанд ва ба ивази савгандони хеш баҳои андакро меситонанд, барои ин гурӯҳ ҳеҷ баҳрае дар охират нест ва Худо сухан нагӯяд бо эшон ва нигоҳ накунад ба сӯи эшон рӯзи қиёмат ва эшонро пок насозад ва эшонро азоби дарднок аст"** (Сураи Оли Имрон, ояти 77).

Аз гирифтани ришва ва хӯрдани рибо ва моли ятим парҳез намоед, зеро ин амалҳо гуноҳи кабира ва палидтарин роҳҳои касби мол ба шумор мераванд, ки боиси ғазаби Худо ва оташи дӯзах мегарданд. Ҳамчунин, судхӯрӣ ва хӯрдани

моли ятим ҳаром буда, ахлоқи ҳамидаи инсониро маҳв менамояду ҷомеаҳоро аз байн мебарад.

Эй бандагони Худо, аз Офаридгор битарсед ва бидонед, ки беҳтарин сухан Китоби Худо ва беҳтарин роҳ, роҳи Муҳаммад (с) аст ва бадтарин корҳо чизҳои навпайдо мебошад. Ҳамеша бо ҷамоати мусалмонон бошед ва ҳар кӣ аз ҷамоати мусалмонон ҷудо гардад, ба дӯзах гирифтор ояд.

Ҳамоно, Худованд ва фариштагон бар Паёмбар (с) салавоту дуруд мефиристанд. Эй мӯъминон, бар Муҳаммад, дуруду салом бифиристед. Бор Худоё, бар бандаву Паёмбарат Муҳаммад (с) дуруд фирист ва аз халифаҳои рошидин, Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ ва низ тамоми саҳобагон розиву хушнуд бош. Илоҳо, Исломумусалмононро иззату шавкат ва иноят фармо ва душманони динатро хору саркӯб гардон ва тамоми кишварҳои исломиро аз мусибатҳо нигоҳ дор!

Эй бандагони Худо:

۞ إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَٱلۡإِحۡسَٰنِ وَإِيتَآيِٕ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ
وَيَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ وَٱلۡبَغۡيِۚ يَعِظُكُمۡ لَعَلَّكُمۡ
تَذَكَّرُونَ ٩٠ وَأَوۡفُواْ بِعَهۡدِ ٱللَّهِ إِذَا عَٰهَدتُّمۡ وَلَا تَنقُضُواْ
ٱلۡأَيۡمَٰنَ بَعۡدَ تَوۡكِيدِهَا وَقَدۡ جَعَلۡتُمُ ٱللَّهَ عَلَيۡكُمۡ كَفِيلًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ
يَعۡلَمُ مَا تَفۡعَلُونَ ٩١

**“Худованд ба адл ва эҳсон ва бахшиш ба наздикон фармон медиҳад ва аз фаҳшо ва мункар ва ситамгарӣ манъ мекунад ва шуморо панд медиҳад, то мутазаккир шавед. Чун бо Худо паймон бастед, ба аҳдатон вафо кунед ва савгандҳоеро, ки дар онҳо Худоро зомини худ қарор додаед, нашиканед, зеро Худо ба он чӣ анҷом медиҳед, огоҳ аст”** (Сураи Наҳл, оятҳои 90-91).

# ИДИ ҚУРБОН

## Хутбаи нахустин:

Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбару кабиро валҳамду лиллоҳи касиро ва субҳоналлоҳи букратав ва асило. Аллоҳу акбар, аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд.

Худовандро ҳамеша дар ҳоли эҳромбандӣ, талбиягӯӣ, тавофу саъйи байни Сафо ва Марва ва дар вуқуфи дар Арафа ва Машъарулҳаром ва рамйи ҷамарот, умуман дар тамоми лаҳзаҳои дуову ниёиш ва тавбаву гиряамон ба азамату бузургӣ ёд хоҳем кард.

Ҳамду ситоишҳо махсуси Худованд аст, ки барои бандагонаш идеро муқаррар ва ҳадя намуда, ки Ӯро дар ин рӯз ёд карда, шукраш мегӯянд. Гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди барҳақ дар зоҳир ва ботин, ба ҷуз Аллоҳи ягона ва низ гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст барои баёни ҳақиқату рисолат. Дуруду саломҳои илоҳӣ нисори паёмбар ва олу асҳобаш бод.

Эй мардум, аз Худои таъоло битарсед ва сипоси неъмати бузурашро ба ҷо оваред ва бидонед, ки ин рӯз рӯзи ҳаҷҷи акбар аст, ки Ҳақ таъоло онро иди мусалмонон қарор дода.

Ин ид баъди рӯзи Арафа фаро мерасад, ки дар рӯзи мазкур ҳоҷиён як рукни бузурге аз аркону амалҳои ҳаҷро анҷом медиҳанд, чӣ тавре, ки Расули акрам (с) фармудааст: ***"Ҳаҷ (асосан) истодани дар кӯҳи Арафа мебошад"*** (Ривояти Абудовуд).

Рӯзи Арафа рӯзи омӯрзиши хатоҳову гуноҳон ва маҳвсозии тамоми маъсияту балоҳои шахсонест, ки дар ин рӯз дар кӯҳи мазкур истода, бо илтиҷову зорӣ аз гуноҳонаш тавба карда, аз Худо талаби омӯрзишу мағфират намудааст.

Дар ҳадиси қудсӣ Расули акрам (с) аз Худованд ривоят карда мефармояд: ***"Ба ин бандагони жӯлидамӯ ва губоролуди Ман бингаред, ки аз ҷойҳои дурдаст омада, ба раҳмати Ман умед бастанд ва аз азобам метарсанд. Эй фариштагони ман,***

*гувоҳ бошед, ки албатта Ман гуноҳонашонро бахшидам”* (Ривояти Табаронӣ).

Аз ин рӯ, рӯзе, ки баъди рӯзи Арафа меояд, на танҳо барои ҳоҷиён, балки ба ҳамаи мусалмонони дунё ид ба шумор меравад, зеро онҳо низ бо ҳоҷиён дар ин неъмат, яъне мағфирати гуноҳон ва озодшавӣ аз оташи дӯзах дар рӯзи Арафа шарик мегарданд. Бинобар ин, эшон бо ҳаҷгузорон ба хотири мушорикати дар мағфирати гуноҳон дар ин ид, бо куштани чорпоҳои қурбонӣ ба Худо тақарруб меҷӯянд, ширкат меварзанд.

Вақте, ки ҳоҷиён ҷамраҳо (сангҳоро) андохта, аз эҳром мебароянду ба тавоф мепардозанд, мусалмонони дигар дар сарзаминҳои худ ба зикру шукри Худо якҷо ҷамъ мегарданд ва намози идро барпо менамоянд. Сипас қурбониҳои хешро забҳ мекунанд ва дар ҳақиқат, Ҳақтаъоло Паёмбараш (с)-ро дар муқобили бахшидани ҳавзи Кавсар барояш амр намуда, ки намоз бихонаду қурбонӣ намояд.

Аз ин рӯ, яке аз вижагиҳои рӯзҳои муборакি иди Қурбон куштани чорпоҳои қурбонӣ бар ҳоҷиён ва ғайри эшон мебошад. Аслан, қурбонӣ суннати ҳазрати Иброҳим (ъ) ва Муҳаммад (с) мебошад, зеро Худованд онро ба Иброҳим фармуд, вақте ки барои озмоиш ба куштани фарзандаш Исмоил маъмур гардид.

Пас ӯ дарҳол ба иҷро намудани фармони Парвардигораш шитофту фарзандашро ба қурбонгоҳ бурд ва дар ин вақт садоқату ихлосаш собит шуд, бинобар ин, Аллоҳ таъоло дар ивази фарзандаш Исмоил як қурбонии бузург (қӯчқореро) фиристод.

Бинобар ин, ба зинда кардани ин суннати паёмбарони баргузида бишитобед, зеро баъзе олимони дин чунин назар доранд, ки қурбонӣ кардан бар тавонгарон воҷиб аст, вале ҷумҳури уламои Ислом мегӯянд, ки он суннат мебошад ва ин қавл мавриди писанд ва қабул аст.

Қурбонӣ намудан беҳтарин амалест, ки мусалмон онро дар рӯзи ид анҷом медиҳад ва куштани чорпои қурбонӣ аз садақа кардани пули он беҳтар мебошад, зеро дар куштани он як суннат зинда карда мешавад.

Беҳтарин қурбониҳо фарбеҳтару қиматтари он ба шумор меравад ва як гӯсфанд аз тарафи як мард бо

хонаводааш кифоят мекунад ва як шутур, ё гов аз тарафи ҳафт нафар кифоят хоҳад кард. Аз гӯсфанд аз шашмоҳа боло ва аз буз аз яксола боло ва аз гов аз дусола боло ва аз шутур аз панҷсола боло барои қурбонӣ ҷоиз мебошанд. Ҳамчунин бояд чорпоҳои мазкур ягон айбу нуқсон надошта бошанд, зеро чорпои айбдор қурбониро аз гардани мусалмон соқит намегардонад.

Бинобар ин, чорпои кӯр, ланг, ки хуб роҳ рафта натавонад, бемори ошкор, бисёр лоғар, бедандон ва чорпое, ки аксарияти шох ва гӯшаш шикаставу бурида бошад, барои қурбонӣ кардан ҷоиз намебошанд. Вале чорпои гӯшхӯрд, ё хилқатан бегӯш, ё чорпои думбурида ва ё хилқатан бедум, ҳамчунин чорпои ахта барои қурбонӣ кардан ҷоиз мебошанд.

Тибқи суннат уштур дар ҳоли истода ва бо бастани дасти чап забҳ карда мешавад, вале гӯсфанду говро бар замин, бар паҳлӯи чап хобонда, кушта мешавад. Вақти куштан мегӯяд: Бисмиллоҳи Аллоҳу Акбар, аллоҳумма ҳозо инна ҳозо минка ва лака. Ҳамчунин баъди дуои мазкур ниятро ба забон оварда мегӯяд, ки ин қурбонӣ аз ҷониби фалонӣ мебошад.

Вақти забҳи ҳайвон бояд рифқу нармӣ муроот гардад, масалан корди қассоб тез карда шавад ва дар ҷое кушта шавад, ки дигар чорпоён онро набинанд. Бояд вақти куштан сурхной, гулӯ ва яке ё ҳар ду шоҳраги ду бари гарданаш бурида шаванд.

Мувофиқи суннат гӯшти қурбонӣ се тақсим карда мешавад. Сеякашро худаш хӯрда, сеяки дигарро ба дӯстонаш ҳадя менамояд ва сеяки охирро ба фақирону бенавоён садақа мекунад. Вақти куштани қурбонӣ баъди намози ид оғоз гардида, то охири рӯзи саввуми ид идома меёбад, яъне бо нишастани офтоб дар рӯзи 13-уми Зулҳиҷҷа вақти забҳ ба охир мерасад.

Беҳтар ин аст, ки дар рӯзи аввали ид бо дастони хеш забҳ намояд. Вале ҷоиз аст, ки шахсеро вакил намояд, то дар ҳузур ва ғоибии ӯ чорпои қурбониро забҳ кунад. Ҳар касе иродаи қурбонӣ кардан дорад, ӯро ҷоиз нест нохун ё мӯи сар гирифтан аз нахустин шаби даҳаи дуввуми Зулҳиҷҷа, то куштани қурбониаш.

Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳилҳамд. Эй мардум, ҳар оина, шумо дар яке рӯзҳои бузург қарор доред. Дар рӯзи иде аз идҳои Ислом ҳастед ва идҳои Ислом баъди анҷом пазируфтани рукне аз рукнҳову ибодатҳои бузургаш фаро мерасанд.

Ид имрӯз баъди адои рукни ҳаҷ, ки дар рӯзи Арафа барои мусалмонон мағфирати гуноҳон ва халосӣ аз оташи дӯзахро ба армуғон овардааст, фаро расид.

Барои шахсе, ки ботини фосид дораду либосҳои нав пӯшида, зоҳири худро меорояд, ид нест, балки ид, иди шахсе аст, ки дар зоҳир ва ботин аз Худованд тарсида, Ӯро итоат менамояд. Ҳамчунин, сурору хурсандӣ дар ид ба хотири тановули хӯрокҳову нӯшиданиҳои гуногун набуда, балки он аз ҷиҳати бомуваффақият анҷомдиҳии ибодат ва сарафроз шудан ба мағфирату озодӣ аз оташи дӯзах мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар кӣ ба чунин комёбиҳо ноил гардад, дарвоқеъ ин рӯз барояш иди босаодат маҳсуб меёбад. Имом Ҳасани Басрӣ мегӯяд: “Ҳар рӯзе, ки дар он Худоро нофармониву исён накунем, он рӯз бароямон ид аст. Ҳар рӯзе, ки мусалмон дар тоату ибодат ва зикру шукри Ӯ таъоло сипарӣ мекунад, воқеан чунин рӯз барояш ид шуморида хоҳад шуд”.

Бояд гуфт, миллатҳову қавмиятҳои ғайримусалмон ба хотири баъзе воқеаву сабабҳои бемаънӣ ва ботил идҳо ихтироъ намудаву ҷашн мегиранд, идҳои мусалмононро Худованд ба хотири воқеаҳои бузург ва анҷомёбии лаҳзаҳои пураҳамияти ибодатӣ муқаррар намудааст. Аз ин рӯ, идҳои исломӣ ҳатман баъди анҷом пазируфтани рукне аз аркони Ислом ва нузули мағфирату омӯрзиши илоҳӣ меоянду боиси хушҳолии мусалмонон мегарданд. Бинобар ин, Худои мутаъолро ҳамду сипос гӯед.

Ӯ таъоло фармуда:

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ جَعَلْنَا مَنسَكًا لِّيَذْكُرُوا۟ ٱسْمَ ٱللَّهِ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلْأَنْعَـٰمِ ۗ فَإِلَـٰهُكُمْ إِلَـٰهٌ وَٰحِدٌ فَلَهُۥٓ أَسْلِمُوا۟ ۗ وَبَشِّرِ ٱلْمُخْبِتِينَ ﴿٣٤﴾

ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتۡ قُلُوبُهُمۡ وَٱلصَّٰبِرِينَ عَلَىٰ مَآ أَصَابَهُمۡ
وَٱلۡمُقِيمِي ٱلصَّلَوٰةِ وَمِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ يُنفِقُونَ ٣٥ وَٱلۡبُدۡنَ جَعَلۡنَٰهَا
لَكُم مِّن شَعَٰٓئِرِ ٱللَّهِ لَكُمۡ فِيهَا خَيۡرٞۖ فَٱذۡكُرُواْ ٱسۡمَ ٱللَّهِ عَلَيۡهَا صَوَآفَّۖ فَإِذَا
وَجَبَتۡ جُنُوبُهَا فَكُلُواْ مِنۡهَا وَأَطۡعِمُواْ ٱلۡقَانِعَ وَٱلۡمُعۡتَرَّۚ كَذَٰلِكَ سَخَّرۡنَٰهَا
لَكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ٣٦ لَن يَنَالَ ٱللَّهَ لُحُومُهَا وَلَا دِمَآؤُهَا وَلَٰكِن
يَنَالُهُ ٱلتَّقۡوَىٰ مِنكُمۡۚ كَذَٰلِكَ سَخَّرَهَا لَكُمۡ لِتُكَبِّرُواْ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمۡۗ
وَبَشِّرِ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٣٧

**“Барои ҳар уммате равиши қурбонӣ кардан муқаррар доштаем, то номи Худоро бар он чӣ эшонро аз чаҳорпоёни ҳалолгӯшт додааст, ёд кунанд. Пас маъбуди шумо маъбуди яктост, пас Ӯро фармонбардор шавед ва** (Эй Муҳаммад) **ниёишкунандагонро башорат деҳ. Касоне, ки чун Худо ёд карда шавад, дилҳои эшон тарсон гардад ва низ сабркунандагонро бар он чӣ ба эшон бирасад ва барподорандагони намозро ва ононро, ки аз он чӣ рӯзӣ додем ба эшон, харҷ мекунанд. Ва шутурони қурбониро барои шумо аз шаъоири Худо гардонидаем. Шуморо дар онҳо хайр аст. Пас номи Худоро бар забҳи онҳо ёд кунед, дар ҳоле, ки бар чаҳор пой истодаанд. Пас чун паҳлӯҳои онҳо ба замин афтад, бихӯред аз онҳо ва дарвеши бесавол ва саволкунандаро бихӯронед. Ҳамчунин чаҳорпоёнро барои шумо ром гардондем, то бошед, ки шукр кунед. Намерасад ба Худо гӯштҳои қурбониҳо ва на хунҳои онҳо, валекин ба Ӯ парҳезгории шумо мерасад. Ҳамчунин, ром гардонид қурбониҳоро барои шумо, то Худоро ба бузургӣ ёд кунед, ба шукри он, ки шуморо ҳидоят намуд ва некӯкоронро башорат деҳ!”** (Сураи Ҳаҷ, оятҳои 34-37).

Аллоҳу акбару Аллоҳу акбару Аллоҳу акбар.

# ИДИ ҚУРБОН

## Хутбаи дуввум:

Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд.

Ҳамду ситоишҳо Худорост, ки идҳоро бо ҳама файзу баракатҳо барои бандагонаш мефиристад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Аллоҳи ягона ҳеҷ маъбуде мустаҳиққи парастиш нест ва низ гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад бандаву фиристодаи Ӯст, ки ӯро барои раҳмати ҷаҳониён ва раҳбарии амалкунандагон фиристод. Воқеан, Паёмбар (с) рисолати илоҳиро ба мардум расонду амонатро адо намуд ва дар роҳи Худо ҷиҳод кард. Дуруду саломҳои илоҳӣ нисори Муҳаммад ва олу асҳобаш бод, то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд: Аз Худованди мутаъол битарсед ва Ӯро барои неъмати Ислом шукргузорӣ кунед, ки Исломро бароятон мукаммал гардонду онро оини шумо баргузид.

Дар Саҳеҳайн ривоят шуда: Марди яҳудие аз Умар ибни Хаттоб пурсид: Эй амиралмӯъминин, дар Китоби шумо (Қуръон) ояте ҳаст, ки агар бар мо яҳудиён нозил мешуд, ҳатман он рӯзро ид ва хурсандӣ интихоб мекардем. Умар (р) пурсид: Кадом оят аст? Яҳудӣ гуфт: **“Имрӯз барои шумо динатонро комил кардам ва бар шумо неъмати худро тамом кардам ва Исломро бароятон дин ихтиёр кардам”** (Сураи Моида, ояти 3).

Ҳазрати Умар (р) гуфтанд: Албатта, ман рӯз ва ҷои нозилшавии ояти мазкурро медонам. Ояти зикргардида рӯзи ҷумъа, дар ҳоле, ки Расули Худо (с) дар кӯҳи Арафот истода буданд, нозил шуд.

Эй бандагони Худо, ҳар гоҳ ба мазмуну маъно ва макони нозилшавии ояти мазкур тааммулу андеша кунем, бузургии маъно ва азамати рӯзи нозилшавии онро дарк хоҳем намуд ва фазлу раҳмати Ҳақтаъоло бароямон ҳувайдо хоҳад гашт, ки дар ҳақиқат Ӯ таъоло моро аз миёни дигар умматон ба ин фазлу неъматаш махсус гардондааст.

Ин ояти карима ишора ба миннатгузории Аллоҳ таъоло бар бандагонаш мебошад, ки ба эшон аз комил гардондани динашон хабар медиҳад, аз ин рӯ, дар шариъат ва аҳкоми динашон ягон нуқсу камбудӣ вуҷуд надорад ва ҳеҷ таҳрифу табдил ва зиёдату нуқсон ба сарчашмаҳои динашон роҳ ёфта наметавонад, ки сарчашмаҳои мазкур Китоб ва суннат мебошанд. Зеро Худованд ҳифзу нигаҳбонии ин дуро ба ӯҳда гирифтааст, чӣ тавре, Ӯ таъоло фармуда: **“Мо Қуръонро фуруд овардем ва мо онро нигаҳбонем”** (Сураи Ҳиҷр, ояти 9).

Расули акрам (с) ҳам дар ин маврид фармудаанд: ***“Ман дар миёни шумо чизеро гузоштаам, ки агар ба он чанг бизанед, ҳаргиз гумроҳ намешавед: Китоби Худо ва суннати ман”*** (Ривояти Ҳоким).

Бинобар ин, Ислом дини комил ва низомест, ки манофеъи бандагонро дарбар гирифта, дархӯри ҳама асру замон ва ҳама сарзаминҳо мебошад ва он аз таҳрифкорӣ ва табдилу тағйири душманон маҳфуз буда, дар масоили ибодат ва муомилот усул ва фурӯъи комил дорад.

Низоми уммат ва афроди ҷомеаро, чун ҷалби манофеъ ва дафъи мафосид, ҳимояи ҳуқуқ, файсалаву ҳалли низоъҳо, пешгирии муфсидон ва таъмини сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ кафолат медиҳад. Ҳеҷ халал ва нуқсоне дар низоми мазкур вуҷуд надорад.

لَّا يَأْتِيهِ ٱلْبَـٰطِلُ مِنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِۦ ۖ تَنزِيلٌ مِّنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ ﴿٤٢﴾

**“Ба ӯ ботил аз пеши рӯй ва ҳам аз паси ӯ роҳ намеёбад. Аз сӯи Худои донои сутуда фиристода шудааст”** (Сураи Фуссилат, ояти 42).

Бешак, Расули акрам (с) ҳам рӯзи Арафа хутбаи бузурге хонда фармуданд: ***“Оё медонед, ки ин кадом рӯз аст?*** *Гуфтем: Худо ва Расулаш донотаранд. Он ҳазрат (с) сукут карданд, ҳатто гумон кардем, ки он рӯзро ба дигар ном мегӯяд. Сипас Расули акрам (с) фармуданд:* ***Оё ин рӯзи Қурбон нест?*** *Гуфтем: Оре. Боз он ҳазрат пурсиданд:* ***Ин***

***кадом моҳ аст?*** *Гуфтем: Худо ва Паёмбараш донотаранд. Он ҳазрат хомӯш истоданд, ҳатто гумон кардем, ки моҳи мазкурро бо номи дигар номбар мекунад. Пас Расули Худо (с) гуфтанд:* ***Оё ин моҳи Зилҳиҷҷа нест?*** *Гуфтем: Оре. Ҳамчунин, Паёмбар (с) пурсиданд:* ***Ин кадом шаҳр аст?*** *Гуфтем: Худову Паёмбараш донотаранд. Пас он ҳазрат мӯҳри хомӯшӣ бар лаб заданд, ки гумон кардем, ки ягон номи дигаре барои он шаҳр мегӯянд. Баъд аз он фармуданд:* ***Оё ин шаҳр Маккаи муқаддаса нест?*** *Гуфтем: Оре. Расули акрам (с) фармуданд:* ***Ҳамоно хунҳоятон ва молҳоятон, монанди имрӯз, дар ҳамин моҳ ва дар ин шаҳр бар шумо ҳаром аст, то рӯзе, ки ба дидори Парвардигоратон мушарраф гардед, яъне то рӯзи қиёмат. Огоҳ бошед, оё ман паёми Худоро расонидам?*** *Гуфтем: Оре. Он ҳазрат фармуданд: Бор, Худоё, шоҳид бош! Бояд шахси ҳозир ин паёмро ба шахси ғоиб бирасонад. Зеро бисёре аз шахсоне ҳастанд, ки ба онҳо хабар расонда мешавад, ки аз шунаванда фарогирандатаранд. Баъд аз марги ман кофир нагардед, ки баъзеатон гардани баъзе дигарро бизенд”* (Ривояти Аҳмад ва Бухорӣ).

Эй мусалмонон, аз Худо битарсед ва муқаддасоти Ӯро эҳтиром намоед ва ҷуз ба ҳақ ба куштани инсоне даст назанед ва ба таври ботилу ҳаром молҳои якдигарро нахӯред. Дар муомилоти иҷтимоӣ, хариду фурӯш ва умуман дар тамоми аъмолатон аз судхӯрӣ, ришва, дуздиву хиёнат ва дурӯғгӯӣ парҳез намоед. Зеро ҳар касе хиёнат варзад, аз ҷамоаи мусалмонон хориҷ аст. Бар намозҳои панҷгона, ҷамоати намозҳо ва намози ҷумъа мудовимат намоед. Дар ҷанҷолҳову даъвоҳои миёни худ савганди ба номи Худоро эҳтиром намоед ва аз бардурӯғ гувоҳӣ додан бипарҳезед, зеро амали мазкур дар Қуръони карим дар паҳлӯи ширк зикр гардидааст. Чӣ тавре Ӯтаъоло фармуда: **“Пас аз палидии бутон** (ширк) **парҳез кунед ва аз сухани дурӯғ** (низ) **дурӣ ҷӯед”** (Сураи Ҳаҷ, ояти 30).

Инчунин чашмонатонро аз нигоҳи ҳаром бипӯшед ва андомҳои хешро нигоҳ доред ва сатру ҳиҷоби занҳову духтаронатонро ба ҷой оред ва аз баромадани беҳуда ба кӯчаву бозор ва аз омезиш ва танҳоӣ бо мардони номаҳрам эшонро манъ кунед.

Эй мардони мусалмон, аз дароз кардани ҷомаву шалвор ва кашидани онҳо бар замин бипарҳезед, зеро дарозсозии шалвору ҷома аз гуноҳони кабира маҳсуб мегардад.

Эй бандагони Худо, **“Ҳамоно Худованд ва фариштагонаш бар Паёмбар салому дуруд мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, бар Муҳаммад дуруду салом бифиристед”** (Сураи Аҳзоб, ояти 56).

Бор Худоё, бар Паёмбарамон ва хонадону асҳобаш дуруду саломҳо фирист. Худоё, аз Абубакру Умар ва Усмону Алӣ ва ҳамаи саҳобагон ва тобеини эшон розиву хушнуд бош!

Парвардигоро! Исломи мусалмононро азизу гиромӣ бигардон ва ширку куфрро хору забун соз ва тамоми сарзаминҳои Исломро дар паноҳи исмати худат нигоҳ дор!

Эй бандагони Худо:

۞ إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَٱلۡإِحۡسَٰنِ وَإِيتَآيِٕ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ
وَيَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ وَٱلۡبَغۡيِۚ يَعِظُكُمۡ لَعَلَّكُمۡ
تَذَكَّرُونَ ٩٠ وَأَوۡفُواْ بِعَهۡدِ ٱللَّهِ إِذَا عَٰهَدتُّمۡ وَلَا تَنقُضُواْ
ٱلۡأَيۡمَٰنَ بَعۡدَ تَوۡكِيدِهَا وَقَدۡ جَعَلۡتُمُ ٱللَّهَ عَلَيۡكُمۡ كَفِيلًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ
يَعۡلَمُ مَا تَفۡعَلُونَ ٩١

**“Худованд ба адл ва эҳсон ва бахшиш ба наздикон фармон медиҳад ва аз фаҳшо ва мункар ва ситамгарӣ манъ мекунад ва шуморо панд медиҳад, то мутазаккир шавед. Чун бо Худо паймон бастед, ба аҳдатон вафо кунед ва савгандҳоеро, ки дар онҳо Худоро зомини худ қарор додаед, нашиканед, зеро Худо ба он чӣ анҷом медиҳед, огоҳ аст”** (Сураи Наҳл, оятҳои 90-91).

# СУХАНРОНӢ ДАР МАВЗӮЪИ МУҲАРРАМ

## Хутбаи нахустин:

Ҳамоно ҳамд махсуси Худост, ки Ӯро ситоиш мекунем ва аз Ӯ ёрӣ ва мағфират металабем ва ба Аллоҳ таъоло аз бадиҳои нафсҳо ва аъмоламон паноҳ мебарем. Ҳар киро Худо ҳидоят намояд, ҳеҷ гумроҳкунандае ӯро гумроҳ карда наметавонад ва ҳар киро Ӯ таъоло гумроҳ намояд, ҳеҷ кас ӯро ҳидоят карда наметавонад. Гувоҳӣ медиҳам ба ягонагии Аллоҳ таъоло ва гувоҳӣ медиҳам ба нубуввати Муҳаммад (с). Бор Худоё, бар Муҳаммаду дигар паёмбарон (ъ) дуруду салом фирист ва аз тамоми саҳобагону тобеини эшон то қиёмат розиву хушнуд бош!

Аммо баъд: Эй мардум, аз Худо битарсед ва бидонед, ки шумо ҳар оина Ӯро хоҳед дид. **“Ва аз он рӯзе битарсед, ки дар он ба сӯи Худо бозгардонида мешавед. Сипас ба ҳар кас подоши аъмолаш пурра дода мешавад, дар ҳоле, ки бар эшон ҳеҷ ситам нахоҳад шуд”** (Сураи Бақара, ояти 281).

Бародарони мусалмон, чӣ тавре, ки Худованд баъзе ҷойҳоро бар баъзе дигар фазилату бартарӣ бахшидааст, инчунин баъзе вақтҳоро бар вақтҳои дигар авлавияту бартарӣ додааст, ки дар ин амр ҳикмати бузург аст.

Фазилати замон танҳо ба моҳи Рамазон, даҳаи Зилҳиҷҷа, Рӯзи Арафа, рӯзи ҷумъа ва рӯзҳои ид маҳдуд намешавад, балки дар ин моҳи Муҳаррам як рӯзи бузурге ҳаст, ки он рӯзи Ошуро номида мешавад. Худи он ҳазрат (с) тамоми ин моҳро ба навъе аз ибодатҳо махсус мегардонд, зеро баъди Рамазон дар моҳи мазкур рӯзаи нафлӣ гирифтанро авло мешумурд.

Бешак, моҳи Муҳаррам дар таърихи паёмбарони илоҳӣ шаъну мақоми хос дошт. Ба хотири бузургдошти ин моҳ ва хуб шумурдани ибодат дар он ва иртиботи он ба таърихи анбиё, ба хусус ҳазрати Мӯсо (ъ) панҷ суханронӣ хоҳам намуд:

**Суханронии аввал:** Ин аст, ки моҳи Муҳаррам моҳи пирӯзии мӯъминон ва бартарии имон мебошад. Имом Бухорӣ дар “Саҳеҳ”-и худ ҳадиси Ибни Аббос (р)-ро ривоят

мекунад, ки гуфт: Расули Худо (с) ба Мадина омаданд ва диданд, яҳудиҳои Мадина рӯзи Ошуроро рӯза мегиранд. Аз ин рӯ, пурсид: Ин чӣ рӯз аст? Гуфтанд: Ин рӯзи хуҷаста аст, ки Ҳақ таъоло Бани Исроилро аз душманашон раҳонид. Дар ривояти Саҳеҳи Муслим омада: Ин рӯзи бузургест, ки Худованд Мӯсо (ъ) ва қавмашро дар ин рӯз наҷот дод ва Фиръавну қавмашро ғарк кард.

Балки дар баъзе ривоятҳо омада, ки Насоро ҳам ин рӯз (Ошуро)-ро низ бузург мешумурданд ва эҳтимол меравад, ки Исо (ъ) ба хотири он, ки амали мазкур ба воситаи шариъати Мӯсо (ъ) мансух (бекор) нагардида буд, рӯза мегирифт. Зеро бисёр амалҳову таълимоти Мӯсо (ъ) ба воситаи шариъати Исо (ъ) мансух гардида буд, чӣ тавре:

وَمُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيَّ مِنَ ٱلتَّوْرَىٰةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم بَعْضَ ٱلَّذِى حُرِّمَ عَلَيْكُمْ ۚ وَجِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿٥٠﴾

**“Ва ҳалол гардонда шудааст барои шумо баъзе чизҳое, ки қаблан бароятон ҳаром буданд”** (Сураи Оли Имрон, ояти 50).

Агарчанде ҷуз бузургдошти ҳазрати Мӯсо ва Муҳаммад (с) нисбати моҳи мазкур чизи дигар собит нашудааст, вале худи ҳамин амр барои азамату бузургии моҳи мазкур кифоят мекунад ва месазад, ки мусалмонон дар ин моҳ аз пирӯзии як гурӯҳ мӯъминон ва нестшавии сипоҳи куфру туғён бо роҳбарии Фиръавн ёдоварӣ намоянд.

**Суханронии дуввум:** Бо вуҷуди бузургдошти паёмбарони илоҳӣ Ошурои моҳи Муҳаррамро, мардумони ҷоҳили қабл аз Ислом низ онро эҳтиром менамуданд. Дар “Саҳеҳи Бухорӣ” ҳазрати Оиша (р) мегӯяд: *“Қурайшиҳо рӯзи Ошуроро дар замони ҷоҳилият рӯза мегирифтанд. Паёмбари Худо (с) ҳам қабл аз Ислом он рӯзро рӯза мегирифтанд. Чун ба Мадина омаданд, худашон рӯзи Ошуроро рӯза гирифта ва ба дигарон рӯза гирифтани онро амр намуданд. Вақте моҳи Рамазон фарз гардид, рӯзи Ошуроро тарк намуданд, аз ин рӯ,*

*ҳар кас мехост, онро рӯза мегирифт ва ҳар кӣ намехост, рӯза намегирифт".*

**Рози рӯза гирифтани қурайшиҳои бутпараст, ки аҳли китоб набуданд, дар чист?** Имом Қуртубӣ (р) дар ин маврид мегӯяд: Шояд мардуми мушрики Қурайш дар ин амр (рӯзагирӣ) аз шариату равиши ҳазрати Иброҳим (ъ) пайравӣ мекарданд. Вале рӯзагирии он ҳазрат (с) ба маънои мувофиқат намудан бо онҳо дар ин феъли накӯ маҳсуб мегардад.

Ҳамчунин, Ибни Ҳаҷар, шореҳи Саҳеҳи Бухорӣ мегӯяд: Рӯзаи Ошуро гирифтани қурайшиҳои бутпараст шояд ба хотири он буд, ки онҳо ин амалро аз шаръ ва равиши гузаштагон қабул карданд. Бинобар ин, онҳо барои бузургдошти рӯзи мазкур Хонаи Каъбаро ҷомаи нав мепӯшонданд.

Аз Икрима (донишманди тобеӣ) (р) дар ин маврид суол шуд, ӯ чунин ҷавоб дод: Қурайш дар ҷоҳилият гуноҳе содир карданд, ки дар дилашон бузург ҷилвагар шуд. Ба онҳо гуфта шуд: Ошуроро рӯза бигиред, гуноҳи мазкурро каффора хоҳад шуд.

Бубин, бародари мусалмон, ҳар гоҳ яҳудиён ва қурайшиҳо, ки ҳама кофиру бутпарастанд, рӯзи Ошуроро эҳтиром менамоянд, пас оё ту ба бузургдошти рӯзи мазкур аз онҳо шоистатар нестӣ? Дар ҳоле, ки ту мусалмонӣ ва робитаи имонӣ ва ақидатӣ туро бо мӯъминони растагори асри Фиръавн пайванд медиҳад, зеро мусалмонон дар ҳама асру замон тибқи насси Қуръон як уммат маҳсуб мегарданд.

**Суханронии саввум:** Ба ҷо овардани шукри Худо ва бузургдошти ин моҳ (Муҳаррам) рӯза гирифтани он, ё ақаллан рӯзагирии Ошурои он мебошад, зеро имом Муслим дар "Саҳеҳ"-аш аз ҳадиси Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Расули акрам (с) фармуданд: ***"Беҳтарин рӯза баъди моҳи Рамазон, моҳи Худо, яъне Муҳаррам мебошад ва беҳтарин намоз баъди намозҳои фарзӣ намози шаб аст".***

Агар гуфта шавад, ки дар "Саҳеҳи Бухорӣ" Оиша (р) ривоят кардааст, ки он ҳазрат (с) дар моҳи Шаъбон бисёр рӯза мегирифтанд ва дар ривояти дигар тамоми Шаъбонро рӯза мегирифтанд, ки Муҳаррамро чунин рӯза

намегирифтанд. Пас чӣ гуна миёни фазилату бузургии Муҳаррам ва Шаъбон фарқ мегузорем?

Имом Нававвӣ (р) дар ин бора посухи хубе гуфтааст: Шояд он ҳазрат (с) ба фазилату бузургии Муҳаррам дар охири умри мубораки хеш огоҳии бештар ёфтанд, ки дигар фурсати рӯзагирии зиёд дар он даст надод, ё сафарҳо ва бемориҳое сабаб гардид, ки дар он рӯзаи бисёр гирифта натавонистанд.

Ба ҳар ҳол рӯзаи бисёр гирифтан дар моҳи Муҳаррам бароят машаққатовар бошад, ақаллан рӯзаи Ошуроро аз даст мадеҳ. Зеро дар фазилати рӯзаи Ошуро ҳадиси зайл омадааст: **"Рӯзаи Ошуро, умедворам аз Худо, ки он тамоми гуноҳони соли гузаштаро маҳв менамояд"** (Ривояти Муслим).

Дар ривояти дигар омада: **"Рӯзаи Ошуро гуноҳони соли гузаштаро каффорат менамояд".**

Аз ҷиҳати мухолифати яҳуд дар рӯзаи Ошуро суннат ин аст рӯзи нуҳумро бо даҳум якҷо рӯза гирифта шавад, чӣ тавре, дар "Саҳеҳи Муслим" сухани Паёмбари Худо (с) омада: **"Агар то соли оянд зинда монам, ҳар оина рӯзи нуҳумро рӯза хоҳам гирифт".**

Комилтарин сурати рӯзаи Ошуро, рӯзҳои нуҳум, даҳум ва ёздаҳуми Муҳаррам мебошад, зеро уламои дин се мартаба ва ск сурати рӯзаи Ошуроро баён карданд.

Якум, рӯзагирии фақат рӯзи даҳум. Дуввум, рӯзи "нуҳум ва даҳум". Саввум, тамоми рӯзҳои нуҳум, даҳум ва ёздаҳумро рӯза гирифтанд, ки ин беҳтаринашон ба ҳисоб меравад.

Дар аснои рӯзаи Ошуро гирифтанат фазилати рӯза, гуноҳони яксоларо каффорат шудани рӯзаи Ошуро, ҳамчунин бузургии рӯзи мазкур ва пирӯзии мӯъминон бар кофиронро ба ёд биёр ва аз Худованд масъалат намо, ки Ислом ва мусалмононро дар замони мо азиз ва пирӯз бигардонад.

Ин фоидаи бузург ва беҳтарин мебошад, ки бояд ҳар мусалмон на танҳо дар вақти рӯза, балки дар тамом ибодатҳо пиромуни он андешаву тааммул намояд.

Фоидаи мазкур иборат аз ин аст, ки дар анҷоми амалҳои нафлӣ ва мудовимат кардан дар тоату ибодатҳои нафлӣ

пайравӣ аз Расули акрам (с) воҷиб набуда, балки ихтиёрист ва нишони парҳезгории банда маҳсуб мегардад.

Зеро дар ҳадиси дигар он ҳазрат (с) мефармоянд: “Мувофиқи тоқату тавони хеш амал (корҳои нафл) анҷом диҳед, чунки Худо хаста намегардад, то ин ки шумо хаста нашавед ва дӯстдоштатарин намоз (нафл) дар назди он ҳазрат бардавомтарини онҳост, агарчанде кам бошад. Ва чун он ҳазрат (с) намози нафлиеро мегузорид, бар он мудовимат мекард”.

Ибни Ҳаҷар (р) дар шарҳи ҳадиси мазкур мегӯяд: “Ин ҳадис ба он ишора мекунад, ки пайравӣ аз Паёмбар (с) дар тоату ибодати нафлӣ ба тоқату қуввати инсон вобастагӣ дорад. Агар қуввату тоқати бандаи мӯъмин кифоят кунад, ҳар чӣ қадар хоҳад амалҳои нафлиро ба ҷо орад ва агар тавону тоқаташ нарасаду ба ибодатҳои нофила даст занад, шояд, ки ӯ сахт хаставу дилгир гардад ва ин амр боиси на танҳо тарк намудани ибодатҳои нафлӣ, ҳатто шояд амалҳои фарзӣ гардад. Аз ин рӯ, идомадиҳии ибодати андаки нафлӣ беҳтар аст, аз анҷом додани ибодатҳои нафлии зиёде, ки дар ниҳоят боиси хастагӣ ва рӯгардонии инсон ҳатто аз фароизи илоҳӣ мегардад”.

# СУХАНРОНИҲО ДАР МАВЗӮИ МОҲИ МУҲАРРАМ

## Хутбаи дуввум:

Ситоиш Худоро, ки динашро нусрат бахшида, суханашро олӣ ва бартар гардонд ва дӯстони худро иззату шавкат бахшид. Ба ягонагиву беҳамтоии Аллоҳ таъоло гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҳукми худ паёмбаронашро нусрату фирӯзӣ мебахшад ва ҳатман дар ҳама асру замон ва ҳар ҷову макон дини худро нусрат медиҳад. **“Ва ёрӣ додани мусалмонон ба ӯҳдаи Мо буд”** (Сураи Рум, ояти 47).

**“Агар Худоро ёрӣ кунед, шуморо ёрӣ хоҳад кард ва гомҳоятонро устувор мекунад”** (Сураи Муҳаммад, ояти 7).

Ба бандагӣ ва паёмбарии Муҳаммад (с) гувоҳӣ медиҳем, ки Парвардигораш ӯ ва асҳобашро мавриди озмоиш қарор доду пасон нусрату пирӯзиро бар эшон нозил фармуд. Баъди сабру пойдорӣ, ҷиҳоду пайкори хастагинопазир онҳоро дар рӯи замин қудратманду фармонраво гардонд, ки суннати тағйирнопазири илоҳӣ дар замин аст ва идома хоҳад ёфт.

أَحَسِبَ ٱلنَّاسُ أَن يُتۡرَكُوٓاْ أَن يَقُولُوٓاْ ءَامَنَّا وَهُمۡ لَا يُفۡتَنُونَ ﴿٢﴾

وَلَقَدۡ فَتَنَّا ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۖ فَلَيَعۡلَمَنَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ

وَلَيَعۡلَمَنَّ ٱلۡكَٰذِبِينَ ﴿٣﴾

**“Оё мардумро гумон ин аст, ки чун бигӯянд “имон овардем” раҳояшон мекунанд ва дигар намеозмоянд? Мо пешиниёнашонро озмудем, то Худо ростгӯён ва дурӯғгӯёнро маълум кунад”** (Сураи Анкабут, оятҳои 2-3).

Бор, Худоё, бар Муҳаммад ва дигар анбиё ва мурсалин дуруд бифирист! Эй бандагони Худо, Муҳаррам ва бахусус рӯзи Ошуро аз достони Мӯсо (ъ) ҳеҷ ҷудоӣ надорад. Дар ҳақиқат, бузургтарину дарозтарин достон дар Қуръони карим достони Мӯсо (ъ) буда, дар Бани Исроил низ

бузургтарин паёмбар, ки пайравони зиёд дошта бошад, ин Мӯсо (ъ) ба шумор меравад.

Дар даъват ва барпо намудани дини Худо чунон қуввату тоқат ва ғайрати бузург дошт, ки дигар паёмбарони Бани Исроил надоштанд. Ҳамчунин, замони Мӯсо (ъ) шадидтарин рӯзгори инсоният маҳсуб мегардад. Дар ин ҷо лозим мебинем, ки баъзе фоидаҳои зоҳирӣ ва маънавии достони Мӯсо (ъ)-ро бозгӯ намоем, ки ин суханронии панҷум ба шумор меравад.

Бешакку шубҳа аз ин фавоид, нишонаҳои илоҳӣ ва панду андарзи умматони пешин мӯъминони ҳақҷӯ баҳра хоҳанд бурд ва Ҳақ таъоло маҳз барои ибратгирӣ чунин достонҳоро баён менамояд. Чӣ тавре Ӯ таъоло дар зимни баёни достони Мӯсо (ъ) фармудааст:

نَتۡلُواْ عَلَيۡكَ مِن نَّبَإِ مُوسَىٰ وَفِرۡعَوۡنَ بِٱلۡحَقِّ لِقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ٣

**“Аз хабари Мӯсо ва Фиръавн барои мӯъминон ба ростӣ бар ту мехонем”** (Сураи Қасас, ояти 3).

Яке аз андарзҳои достони Мӯсо (ъ) ин аст, ки уммати мӯъмин ҳарчанд заиф ва маҳкум ҳам бошанд, ҳеҷ гоҳ ба сустӣ ва хомӯшӣ аз талаби ҳуқуқи хеш тан надиҳад, агарчанд мавриди зулму ситам қарор гирад.

Дигар фоидаи достони Мӯсо (ъ) ин аст, ки агар уммати мӯъмин залилу мағлуб бошаду ҳаққи хешро талаб накунад, на динаш обод мегардад на дунёаш.

Фоидаи дигар ин, ки куштани кофири аҳдбаста ҷоиз нест, чӣ тавре, ки Мӯсо (ъ) барои куштани қибтии кофир пушаймон гардида, аз Худованд омӯрзиш талабид. Фоидаи дигар ин, ки ҳарчанд банда ба ҳақ будани қазову қадар имон дошта бошад, вале ӯ дар корҳои худ аз асбобу василаҳо бояд кор гирад. Зеро ба кор бастани саъю кӯшиш ва сабабҳои зоҳирӣ низ аз қазову тақдир маҳсуб мегарданд. Фоидаи дигар ин, ки барои зан баромадани аз хона ҷиҳати анҷом додани эҳтиёҷоту заруратҳои зиндагӣ ҷоиз аст, чӣ тавре хоҳари Мӯсо (ъ) барои ҷустуҷӯи додараш баромад.

Фоидаи дигар ин ки хабар додан аз шарру бадие эҳтимол дорад, ки ба мухотаб бирасад, на танҳо ҷоиз, балки воҷиб аст, чӣ тавре дар достон омада, ки марде Мӯсо (ъ)-ро аз нияти бади дигарон нисбати ӯ хабар медиҳад.

Фоидаи дигар ин, ки чӣ тавре Аллоҳ таъоло тавассул ҷустани даъватгарро ба номҳо, сифатҳо ва неъматҳояш дӯст медорад, инчунин ба заъфу нотавонӣ ва фақру нодориаш тавассул намуданашро меписандад. Чунончӣ Мӯсо гуфт: “Баъд аз об додан ба онҳо рӯ ба соя овард ва гуфт: Парвардигоро, ҳар хайре, ки нозил фармоӣ, ниёзманд ҳастам” (Сураи Қасас, ояти 24).

Фоидаи дигар ин, ки бузургтарин сазо ва иқоб бар банда пешво ва даъваткунандаи шарру бадӣ будани ӯ мебошад, чӣ тавре пешвоӣ ва роҳнамои хайру некӣ будан неъмати бузурги Худо бар банда маҳсуб мегардад. Ҳақ таъоло дар бораи Фиръавн ва ҳаммаслакони ӯ мефармояд: **“Ва эшонро пешвоёне, гардонидем, ки ба сӯи оташ мехонанд ва рӯзи қиёмат нусрат дода намешаванд”** (Сураи Қасас, ояти 41).

Ва низ аз Бани Исроил чунин қисса менамояд:

وَجَعَلْنَٰهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا وَأَوْحَيْنَآ إِلَيْهِمْ فِعْلَ ٱلْخَيْرَٰتِ وَإِقَامَ ٱلصَّلَوٰةِ وَإِيتَآءَ ٱلزَّكَوٰةِ ۖ وَكَانُوا۟ لَنَا عَٰبِدِينَ ﴿٧٣﴾

**“Ва гардондем эшонро пешвоёне, ки ба фармони Мо ҳидоят менамоянд”** (Сураи Анбиё, ояти 73).

Ва аз ин оятҳо фармудаи Худованд аст: **“Маро парастиш кун ва бо ёди ман намоз барпо дор”** (Сураи Тоҳо, ояти 149).

Яъне ёд намудани банда Парвардигорашро сабаби асосии офариниш ва салоҳу растагороии ӯ ба шумор меравад ва мақсад аз гузоридани намоз ҳам, ба ҷой овардани ҳамин ҳадафи олист.

Агар ҳамин намозҳое, ки дар тӯли як шабонарӯз бар бандагон иҷрои он такрор меёбад, агар тиловати Қуръону зикру дуои эшон бо самимияту фурӯтанӣ намебуд, бешак онҳо аз ҷумлаи ғофилон мегардиданд. Худованд мефармояд:

وَإِنِّي لَغَفَّارٌ لِّمَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا ثُمَّ ٱهْتَدَىٰ ﴿٨٢﴾

**“Мар омӯрзгори тавбакунандагоне ҳастам, ки имон биёваранд ва амали шоиста анҷом диҳанд ва ҳидоят шаванд”** (Сураи Тоҳо, ояти 82).

***Аз ин рӯ, намозҳо, тиловати Қуръон ва зикру шукри Аллоҳ таъоло неъмати бузурги илоҳӣ ба шумор мераванд.***

***Бор, Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад дуруд фирист, ҳамчуноне, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим дуруд фиристодӣ. Ва низ бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат бинеҳ, ҳамчуноне, ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим баракат наҳодаӣ. Илоҳо, аз Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ ва дигар саҳобагон ва модарони мӯъминон розиву хушнуд бош.***

***Бор, Худоё, моро барои роҳи худат муваффақу пойдор бигардон ва амали моро маҳз барои ризои худат бигардон. Парвардигоро, бародарони мусалмони моро дар рӯи замин нусрату пирӯзӣ ато фармо ва раҳмату бахшоишатро бар эшон фуруд ор!***

# ҲОЛИ ДУНЁ ВА ПАДРУДИ СОЛИ ҲИЧРӢ

## Хутбаи аввал

Ҳамд барои офарандаи осмонҳо ва пайдокунандаи тамоми коинот. Ӯст дорои номҳои накӯ ва сифоти олӣ. Ӯро ба сабаби неъматҳои волояш ҳамд гӯфта шукр мегӯем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик, оффаридагори осмонҳо ва замин холиқи кавну коинот. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯ ва поктарини махлуқот ва хотами паёмбарону расулонаст. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобаш ва тамоми пайравони ӯ то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ӯро шукр гуфта авомири ӯро ба ҷо оваред ва аз ҳарчи наҳӣ кардааст дурӣ ҷуед, ки ӯ шуморо ба ин васият кардааст шояд, ки шумо муттақӣ гардед.

Эй бандагони Худо!

Худованди субҳон мефармояд:

ٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا لَعِبٞ وَلَهۡوٞ وَزِينَةٞ وَتَفَاخُرُۢ بَيۡنَكُمۡ
وَتَكَاثُرٞ فِي ٱلۡأَمۡوَٰلِ وَٱلۡأَوۡلَٰدِۖ كَمَثَلِ غَيۡثٍ أَعۡجَبَ ٱلۡكُفَّارَ نَبَاتُهُۥ ثُمَّ
يَهِيجُ فَتَرَىٰهُ مُصۡفَرّٗا ثُمَّ يَكُونُ حُطَٰمٗاۖ وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِ عَذَابٞ شَدِيدٞ
وَمَغۡفِرَةٞ مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٞۚ وَمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَآ إِلَّا مَتَٰعُ ٱلۡغُرُورِ ﴿٢٠﴾

**«Дониста бошед, ки ҳаёти дунё ҷуз бозю саргармию зинатпарастию у худситоӣ дар миёни шумо ва афзунталабӣ бо молу фарзанд чизе нест. Ба монанди бороне, ки ба кофирон рӯидани он хуш ояд ва сипас он хушк гардад ба он гунае, ки онро зардшуда мебини ва ба коҳе табдил мешавад. Ва дар охират барои кофирон азоби шадидест ва барои муъминон**

**омӯрзиши Худованд ва ризои ӯ. Ва ҳаёти дунё танҳо бизоати мағрурист»** (Ҳадид 20).

Чи панди зебоест ва чи вақти зебоест бароисанҷиши худ. Мо дар лаҳазоте қарор дорем, ки бо соли дигари ҳиҷриро видоъ мекунем, ки рӯзҳо ва шабоҳои он ба монанди як мижжа задан гузашт ва бо гузаштани он як соли умри мо ба поён расид ва дигар то рӯзи қиёмат он бар намегардад.

Як сол гузашт ва дар дили муъминон ёду хотироти бузургеро гуошт, ки ин ин дунё ҷои осудагӣ нест ва Худованд барои ҳамаи мо фаноро навиштааст. Дар ин дунё басо ободкуне ҳаст, ки ба зуди вайрон мешавад ва басо муқимест, ки ба зуди онро тарк хоҳад кард.

Ин дунё ба як ҳол намемонад ва дар он ҳама чиз имкон дорад. Агар як тарафи он обод шавад тарафи дигар хароб мешавад ва агар касеро хурсанд ёби каси дигареро гирифтор ғам меёби. Ба дунё такя кардан хатар аст ва ҷа он эътимод намудан фирефтагист, дунё зуд-зуд тағйир меёбад, макраш бисёр аст ва хиёнаташ ҳамешагист.

Орзуҳояш дурӯғ аст ва умедаш ботил, зиндагияш пур аз ғусса ва обаш лоёлуд ва ҳар лаҳза имкони омадани хатар вуҷуд дорад. Гоҳо неъматеро бароят меорад гоҳо балоеро бар сарат, гоҳо мусибатеро меорад гоҳо маргеро, рӯзҳои он ба шумор аст ва аҷал навишта шуда, нафасҳо маҳдуд ва корҳо муайян, агар каме бихандонад бисёр мегирёнад ва агар каме матоъ диҳад борҳо манъ мекунад. Ба ҳеҷ нафаре хушнуди намедиҳад магар инки дар паси он бадиҳои зиёде пушидааст ва дар ҳеҷ хонае шодиро намеорад магар инки ғаму андуҳи зиёде дар паси пардаи он аст.

يَٰقَوۡمِ إِنَّمَا هَٰذِهِ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا مَتَٰعٞ وَإِنَّ ٱلۡأٓخِرَةَ هِيَ دَارُ ٱلۡقَرَارِ ٣٩

**«Эй қавм ин ҳаёти дунё танҳо матоъест. Ва ҳамоно, ки дор охират аст дори оромӣ»** (Ғофир 39).

Эй бандагони Худо!

Худованди мутаол бандагони худро аз фитнаи молу аёл дар ин дунё ҳазар намудааст то инки банда фирефтаи он

нагардида аз ончи Худованд барояш фармудааст ғофил нагардад. Худованд мефармояд:

وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَأَوۡلَٰدُكُمۡ فِتۡنَةٞ وَأَنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ﴿٢٨﴾

**«Ва дониста бошед, ки молҳо ва фарзандонатон фитнаанд. Ва ҳамоно ки Худованд назди ӯст мукофоти бузург»** (Анфол 28).

Худованди азза ва ҷалла манъ намудааст то инки бандагон ба дасти дигарон назар кунанд ва орзуи онро кунанд зеро ин кор боиси он мегардад, ки майл ба тарафи дунё бештар гардд ва охират фаромуш шавад. Худованд мефармояд:

وَلَا تَمُدَّنَّ عَيۡنَيۡكَ إِلَىٰ مَا مَتَّعۡنَا بِهِۦٓ أَزۡوَٰجٗا مِّنۡهُمۡ زَهۡرَةَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا لِنَفۡتِنَهُمۡ فِيهِۚ وَرِزۡقُ رَبِّكَ خَيۡرٞ وَأَبۡقَىٰ ﴿١٣١﴾

**«Ва чашмони худро равон макун ба тарафи он матое ки ба ҳамсарони онҳо додаем, ки гули ҳаёти дунёст то онҳоро мавриди озмоиш қарор диҳем. Ва рӯзии Парвардигорат беҳтар ва давомноктар аст»** (Тоҳо 131).

Дунё ба монанди сояи равон аст ва сароби дурӯғ, ҳар ки бой аст ба зуди фақир мегардад ва онки хурсанд аст гирифтори ғам мешавад ва ҳаргиз оромиро намедонад. Ин аст қонуни илоҳӣ, ки рӯзҳоро дар миёни бандагонаш тақсим кардааст токи Худованд муъминонромукофот диҳад ва кофиргнро гирифтори азоби дарднок намояд ва омадани ғаму андуҳ ва нишоту фараҳ барои ҳамин аст.

Худованд тамоми ончи дар ин дунёст фитна қарор додааст то бо он бандагони хешро санҷиш намояд. Дар хабар омадааст, ки "Худованд чизеро бадтар аз дунё наёфаридааст ва аз рӯзе, ки онро офаридааст ба сӯи он назар накардааст"

Муставрад Ибни Шаддод мегӯяд: ман ҳамроҳи чанд саворе бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будем ва аз

назди мурдаи пусидае гузаркардем пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Оё дидед, ки ин барои соҳибонаш чигуна беқадр шудааст».* Пас гуфтанд: Эй Расули Худо барои ҳамн ӯро андохтаан? фармуданд: *«Қасам ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти ӯст дунё беқадртар аст дар назди Худо аз ҳамин мурда дар назари аҳлаш. Ва агар дунё дар назди Худованд ба монади боли пашшае қадр медошт ба кофирон як ҷуръа об намедод»* (Тирмизӣ ва ибни Моҷҷа, тасҳеҳи Албонӣ).

Ҳазрати Мусо дар вачити асҳобаш мегӯфт: "дунё ба монанди қабристон аст ва онро орият гиред вале обод накунед. Шумо бо дунёдорон барои гирифтани дунёи онҳо мубоиза накунед то онҳо ба муқобили динатон мубориза накунанд. Зеро на дунёи онҳоро гирифта метавонед ва на динатонро боқӣ мемонед"

Эй мусалмонон! Ин аст ҳоли дунё, ки бисёриҳо машғули он гаштаандва фирефтаи саробу хаёли он шуданд ва тамоми ҳати худро пайи ҷамъоварӣ намуданион сарф намуд барои ба даст овардани он талошҳо мекунанд ва омодаанд то чанд муддате ҳам бошад дар он осӯда умр ба сар барандва омодагиро барои рӯзи қиёмат аз ёд бӯрдаанд ва инро фаромуш кардаанд, ки ин дунё танҳо гузаргоҳест ба он дунё ва майдонест, ки мусобақагарон дар он барои комёбии он дунё талош мекунанд.

Ҳазрати Муҳаммади Мустафо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам умматони худро аз он тарс медод ки мабодо дунё дарҳои худро ба руяшон монанди умматони пешин боз кунад ва онҳо барои днё бо ҳам ҷанҷол кунанд ва монанди пешиниён ҳалок шаванд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳамоно ки дунё ширину сабз аст ва Худованд шуморо дар он халлифа гардонидааст ва ба суятон менигарад, ки чигуна амал мекунед. Пас шумо аз дунё ҳазар кунед ва аз занон ҳазар кунед зеро аввалин фитнаи бани Исроил дар занон буд»* (Муслим).

Ҳар кӣ ба ҳоли ин мардум назар кунад, ки чигуна барои дунё талош меварзанд ва пайи ба даст овардани он ба ҳама кор мераванд, ҳис мекунад, ки чаро баъзеҳо дини худро аз даст додаанд ва чигуна баъзеҳо зану фарзанди худро аз даст

медиҳад ва чигуна кинаҳо дар ҷомеа мунташир мешаванд ва бадбинӣ рух медиҳад. Ин аст мисдоқи қавли Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ мақсади ӯ охират бошад Худованд ӯро ҷамъ мекунад ва боигариро дар дилаш медиҳад ва дунё ба сӯи ӯ иҷборан равона мешавад. Ва ҳакри нияти ӯ дунё бошад Худованд молҳояшро зоеъ мекунад ва камбагалиро ба чашми у медиҳад ва аз дунё ба даст намеорварад магар он миқдореро, ки барояш навишта шудааст»* (Аҳмад, тасҳеҳи Албонӣ).

Эй бандагони Худо!

Тааҷуб дар он аст, ки мо аз дунё ғофилем бо вуҷуд ин ҳама ибрат ва дарсҳо. Якеро мебинем, ки бо пурии даҳонаш механдад дар ҳоле, ки мумкин аст бофандае дар ҳамин лаҳазот кафани ӯр мебофад. Ӯ механдаду бозӣ мекунад дар сурате , ки мумкин аст малакулмавт дар болои сари ӯ истода аз Парвардигораш иҷозаи қабзи ҷони ӯро мхоҳад. Ӯ гумон мекунад, ки муқими инҷост ва осуда зиндагӣ мекунад вале ӯ ба тарафи марги худ бо суръат равона аст. Марг ба сӯи ӯ мешитобад ва дунё саҳифаи ӯро мепушад ва он умреро. Ки гузаронид ҳаргиз бар намегардад.

Эй мусалмонон!

Чи миқдор падарону модаронеро гусел намудем? Чи миқдор духтарону писаронро ҷудо шудем? Чи миқдор бародарону хоҳаронро ба хок супурдем? Вале куҷост ибрат гирандагон? Аксари мардум дар фикру зикри ин дунё мебошанд магар ононеро, ки Худованд раҳм намояд. Аммо чунин инсон ҳатто эҳсоси онро намекунад, ки чи мавсими пурбаракаиеро аз даст дода истодааст. Иснонро мебини, ки беҳудагӣ мекунад вале андеша намекунад, ки вақти иҷобатии дуо гузашта истодааст. Ӯ ғофио аст ҷамъу тарҳ мекунад, каму зиёд мекунад гӯё инки чунин ақида дошта бошад ки он рӯзаш ик мегузарад дубора бар мегардад.

Аз ин ҳам ғофилтар он инсоне ҳаст, ки яқин дорад, ки ин умраш ба поён мерасад ва он дигар бар намегардадвале бо вуҷуди ин ғофил буд абепарвогӣ мекунад ва барои рӯзи ҳисобаш ҳеҷ омодагӣ намебинад. Шояд ӯ чунин мепиндорад, ки ба монанди ҳазарти нуҳ ҳазор сол умр медида бошад? Вале бехабар аҳз онки ҳар шаб фармони Худованд барои марги ҳазорон мебарояд.

Эй мусалмонон!

Ҳазрати АбударДо вақте ба Шом ворид шуд чунин гуфт: "Эй аҳли Шом шумо панди бародари носизҳро гуш кунед ва дар атрофи он ҷамъ шавед. Пас гуфт: чаро ман шуморо мебинам, ки хонаҳое месозед, ки дар он истиқомат намекунед ва ҷамъовари мекунед ончизеро, ки худ намехуред. Онҳое, ки пеш аз шумоён будандхонаҳои мустаҳкмаме сохтаанд ва орзуҳои дароз доштанд ва моли зиёдеро бҷамъ намуданд вале орзуҳои онҳо мағрурӣ гаштва ҷамъоаврдаашон парешон шуд ва хонаашон қабристгн гашт"

Оё барои ғофилону бепарвоён вақти он нарасидааст, ки ҳақиқати дунёро дарк кунанд, ки ҳаёташ машаққат аст ва неъматҳояш санҷиш наваш кӯҳна мешавад ва мулкаш фонӣ мешаад вале мо бо вуҷуди ин ҳама ғофил дар ғафлатем. Гӯё марг дунболи дигарон мегардад ва гӯё ҳақ дар ин дунё барои дигарон воҷиб аст ва гӯё онҳоеро, ки ба қабристон гусел мекунем ба зудӣ бар мегарданд. Мо бе ташвиш мероси онҳоро мехурем ва гӯё мо дар ин олам ҷовидон мемонем ва ҳамаи панду насиҳатро аз ё бароварда аз дигарон ибрат намегирем.

Мо бояд аз салафи солеҳ дарси ибрат омузем, ки онҳо мисли мо набуданд. Бовуҷуди қавӣ будани имонашон ва башорати ба ҷаннат доштанашон ҳасани Басрӣ ривоят мекунад, ки "Ман бо қавмҳое вохӯрдам, ки ба ягон чизи дунё хурсандӣ намекарданд агар ба онҳо мерасид ва аз ягон чизи дунё афсус намехурданд агар онро аз даст медоднад ва дунё дар назарашон аз хоке, ки болояш қадам мезаданд пасттар буд"

Намунаи онҳо дар ин роҳ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламбуд, ки фармуданд: *«маро бо индунё чи кор аст? Қиссаи ман бо ин дунё ба монанди роҳгузарест, ки дар рӯзи гарме мегузат ва каме дар сояи дарахте истироҳат намуд ва боз аз пайи сафари худ шуд ва онро тарк гуфт»* (Аҳмад ва Тирмизӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Ӯ ҳамеша саҳобагони худро роҳнамоӣ мекард, чунончи ба абдуллоҳ Ибни умар гуфта буд: *«Дар ин дунё ба монанди гариб ё роҳгузаре бош»* Ва Ибни умар пас аз ин мегуфт: Чун бегоҳ шуд мунтазири субз мабош ва чун субҳ шуд мунтазири

бегоҳ мабош ва дар сиҳатият барои беморият истифода намо ва аз зиндагият барои маргат. (Бухорӣ).

Ҳоли саҳобагон чунин буд ва чун яке аз онҳо ба сини чиҳил мерасид бистари худро ҷамъ мекард ва дигар шаб андак мехобид, ҳамеша тасбиҳи таҳлилу ҳамду шукр мегуфтанд, хатоҳои гузаштаро ислоҳ мекарданд ва барои оянда омодагӣ медиданд.

Шумо низ арои оянда хуб омодаӣ бинед ва фирефтаи ин дунёи фонӣ нашавед ва дониста бошед, ки шумо ба зудӣ ин оламро тарк мекунед. Зирак касест. Ки аз фурсат истифода барад ва барои фардо омода бинад ва танбал касест, ки пайрави нафсу ҳаво гардад ва фирефтаи орзуҳо шавад.

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ҲОЛИ ДУНЁ ВА ПАДРУДИ СОЛИ ҲИҶРӢ

## Хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд бинобар фазлу эҳсонаш ва шукр барои ӯ бинобар тавфиқу миннаҷҳояш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯ ва доист ба сӯи ҷаннати ӯ. Салоту саломи бепоёни Худованд барои Муҳаммаду олу асҳобу тобеинаш ва тамоми пайравони ӯ то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва дониста бошед, ки бо вуҷуди ин ҳама сифатҳои пасти ин дунё, дунё фурсати гаронбаҳоест ва киштзори пурқиматест барои охират. Дунё мавсими тоату вақти ибодат аст ва майдони мубориза аст дар амалҳои солеҳ. Дар ҳамин дунё мусалмон барои охирати худ тушаи роҳ мегирад ва барои ҳаёти бовидона амал мекунад. Дар охират танҳо онҳое комёб мегарданд, ки дар ин дунё тибқи имон амал намуданд ва дар ин дунёи фонӣ омодагӣ диаанд. Дунё ватани сидқ аст барои содиқон ва хонаи наҷот аст барои касе ҳақиқати онро дарк намудааст ва макони пур аз аз меваает барои касе, ки фурсатро ғанимат шуморидаст. Мо аз забони бис1риҳо емшунавем, ки ин дунёро мазаммат мекунанд ва даъво мекунанд, ки дунё сабаби саркашӣ ва дури аз тоати илоҳист ва аз ин бехабаранд, ки дунё макони бардоштани ҳосилот аст ва маҳ ба воситаи он ба ҷаннат роҳ ёфтан мумкин аст ва бо ин дунё метавон мартабаҳои олиии ҷаннатро дарёфт кард.

Эй мардум!

Мо солеро гусел мекунем ва соли наверо пешвоз мегирем, ки масъулияти ҳар мусалмон дар он бешиар меградад ва бояд барои ҳисоби худ андаке вақт ҷудо намояд.мо акнун да лаҳазоти охирини соли ҳиҷрӣ қарор дорем, ки ҳам рӯзҳояш ва шабонаш бо ҳар васила гузаштанд. Ба Худо савганд дар пеши чашми ман

даромадани ин соли кӯҳна меояд, ки гӯё дирӯзакак буд вале акнун он ба поён мерасад ва гӯё чизе набуд ин аст ҳоли дунё.

Эй бандагони Худо! Дар гузаштани ҳар сол ёдоварист барои гузаштани аҷалҳо ва поён ёфтани умрҳо ва куч кардан аз дори фонӣ ба дор бақӣ, ки дори ҳисобу китоб он ҷост ва мардум ҳама ба он ҷо равонанд ё ба тарафи оташ ё ба тарафи ҷаннат.

Аҳёнан инсон барои гузаштани шабу рӯз хурсандӣ мекунад ба сабаби мунтазир будани чизи дилхоҳ вале набояд фаромуш кунад, ки бо гузаштани он санд лаҳза аз умри гарони ӯ кам мешавад ва аҷалаш наздиктар мешавад ва у чанд марҳалаи сафарашро таё мекунад ва ба тарафи қабраш наздиктар мегардад. Пас оё барои ин метавонад хурсандӣ кунад ҷуз он касе, ки барои пеши Худованд омодагии хуб дида бошад в корҳоеро карда ошад, ки мавриди ризои Худованд гардида бошад.

Шумо гузаштани соли наврo фикр кунед, ки бо он умри шумо низ мегузарад ва бо суръати гузаштани шабу рӯз аҷал наздиктар мегардад ва марг ба мо наздик мешавад ва бо ҳар тағйироти ин дунё заволи дунё наздиктар мегардад ва қиёмат мерасад.

Умар Ибни Абдулазиз зимни хутбаҳои худ чунин гуфт: Эй мардум! Ҳар сафарро тушаест пас шумо барои сафар кардан аз дунё ба охират бо тақво тушаи худро омода намоед. Шумо монанди касоне бошед, ки гӯё бо чашми худ дидааст он чизеро ки Худованд аз азобҳо барояш муҳаё намудааст пас тарсатон афзун шавад. Ва шумо умеди зиёде ба ин лунё набандед то ки дилатон сиёҳ гардад ва дар тоати душманатон қаор гиред. Басо вақтест, ки инсоне умеди зиёде дорад вале намедонад, ки шояд то бегоҳ нарасад ва агар бегоҳ шуд намедонад, ки ба сабоҳ мерасад. Басо вақт атс, ки марг дар камини ӯ истодааст ва чанд қабаме то гураш мондааст. Бояд танҳо касе мутмаин бошад, ки аз азоби илоҳӣ ва сахтиҳои рӯзи қиёмат дар амон аст. Аммо он касе, ки дар дунё наметаввонад як ҷароҳаташро даво бахшад магар инки ҷароҳати дигаре бар сараш меояд чигуна метавонад мутмаин бошад.

Эй бандагони Худо!

Мо бисёр касонеро мешиносем, ки дар индунёи фонӣ соҳибмулк буд вале ҷуз кафан чизи дигареро бо худ набурд ва бисёр касонеро мешносем, ки аз моли дунё чизе надошт вале он ҳам як кафан бурд. Пас мълум гардид ки ҳамагон дар қабр яканд чи боё чи камбағал вале ботини қаб ичзи дигар аст. Ё боғе аз боғҳои ҷаннат ё наъузу биллоҳ ғоре аз ғорҳои дӯзах. Ҳар кӣ дар ин дунё амали солеҳ намуд ва барои лиқои Худованд омодаги дид ва вақтҳои худро барои корҳое сарф намуд, ки ба у нафъ бахшад чунин инсон хеле хурсанд мешавад дар он рӯзе, ки на мол фоида дорад на фарзанд магар он касе, ки ба назди Худоанд бо дили пок ояд. Рӯзе ки саҳифаҳо бол мзананд ва дилҳо ба ларза медарояндва қалбҳо дигаргун мешаванд ва мардуро ҳамагон мадҳуш мебини вале дар асл онҳо мадҳуш нестанд балки азоби Худованд сахт аст.

Эй бандагони Худо! аз Худо битарсед ва худро муҳосаба намоед пеш аз инки дигарон шуморо муҳосаба кунанд ва машғули амали солеҳ бошед то вақте, ки бароятон фурсати зиндагӣ дода шудааст то дар ду олам дорои неъматҳо гардед то вақте ки ду неъматро соҳибед сиҳати ва фароғӣ.

Эй муъминон! Худованд аввал худ шуруъ карда ба Паёмбараш сано гуфт пас малоикаҳо ин корро карданд ва саввум аз шумо онро талаб намуда мефармояд:

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ﴿٥٦﴾

**«Ҳамоно ки Худованд ва малоикаҳои ӯ ба Паёмбар саллавот фиристодаанд. Эй касоне, ки имон овардаед Шумо бар ӯ салавоту салом фиристед»** (Аҳзоб 56).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«ҳар кӣ барои ман як салавот фиристад Худованд барояш даҳ салавот мефиристад ва даҳ хатои ӯро пок месозад ва ӯро даҳ дараҷа баланд мебарорад»* (Насоӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Худоё бар Муҳаммад ва оли муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад

баракат деҳ ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаи. Ҳамонон ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё барои занону мардон ва мурдагону зиндаҳои муъмин ва муслим мағфират намо.

Худовандо авратҳои моро бипӯшон ва тарсро аз мо дур намо.

Худовандо Ислом ва муслиминро пирӯз гардон. Худоё бародарони моро, ки дар ҳаркуҷо бошанд ёрӣ деҳ. Худоё бо кумакат онҳоро қувват деҳ.

Худовадо ту ҳасти, ки ғайри ту Худое нест. Пас болои мо боронро бирезон ва моро аз ноумедон магардон. Худовандо ба фарёди бандагон ва диёрат бирас.

Худоё баро мо дар ҳамин ҳолат гуноҳеро нобахшида ва ғамеро нокушода ва қарзеро адо накарда ва мушкилеро бе осон магузор.

Худовандо дилҳои моро кушод намо ва корҳои моро осон гардон ва моро ба ахлоқи накӯ ҳидоят намо. Зеро касе тавони ин корро ғайри ту надорад.

Даъвои ниҳоии мо ин ат, ки ҳамаи ҳамд танҳо барои Худованди парвардигори оламиён аст.

# РӮЗА ГИРИФТАН ВА МӮҶИБОТИ ОН

## Хутбаи аввал

Аммо баъд... эй мардум! Шумо аз Худованд битарсед ва ӯро бо он ҳама неъматҳояш шукр намоед ки ба шумо ин фурсатҳоро додааст то аз гуноҳ пок шавед ва фазилатҳоро ба дили шумо маҳбуб сохтааст. Шумо аз ин мавсимҳо хуб истифода баред ва қадир онро донед ва бо тоату ибодат ва дурӣ аз гуноҳу исён ба Худои хеш наздиктар шавед зеро сабаби асосии ин ҳама мавсимҳо он аст, ки гуноҳҳони шумо кафорат шуда ҳасаноти шумо зиёд гардад.

Эй бандагони Худо! Ба наздики моҳе мерасад, ки хеле пурбаракат буда мавсими ба даст овардани фоидаҳои зиёд аст барои он касе, ки Худованд тавфиқ дода бошад. ин моҳи рамазон аст ки дар он Қуръон нозил шудааст, моҳе ки ҳасанонт музоъаф карда мешаванд ва гунооҳон омурзида мешаванд, моҳе, ки аввалаш раҳмат аст ва байнаш мағфират ва охираш озодӣ аз оташ.

Худованд рӯза гирифтани рӯзи онро воҷиб гардонидааст ва онро яке аз аркони Ислом шуморидааст аммо зиндадории шабҳои онро ихтирӣ намудааст токи фарзҳои худро мукаммал намоед. Ҳар кӣ ин моҳро бо имону ихлос рӯза гирад тамоми гуноҳҳони гузаштааш омурзида мешаванд ва ҳар кӣ шабҳои онро зинда намояд тамоми гуноҳҳони ӯ омурзида мешаванд. Ҳар кӣ дар ин моҳи муборак умра намояд барояш савоби як ҳаҷи ҳамроҳи Паёмбаррро саллаллоҳу алайҳи ва саллам навишта мешавад. Дар ин моҳ тамоми дарҳои ҷаннат кушода мешаванд ва тоатҳо бештар мегарданд ва тамоми дарҳо дӯзах баста мешаванд ва гуноҳ камтар мегардад. Дар ин моҳ шаётонҳа ба занҷиро кашида мешаванд ва дигар наметавонанд ба муъминон дар диношон зарар расонанд.

Эй мардум! Шумо чун моҳро дидед рӯза гиред ва пеш аз рамазон як ду рӯзро рӯза нагиред зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин кор манъ кардааст магар барои касе, ки ин рӯз ба одаташ мувофиқ ояд ба моананди касе, ки одат

дошт ҳар рӯзи душанбе рӯза гирад ва ин рӯз ба як ё ду рӯз қабл аз рамазон мутобиқ шавад.

Шумо рӯзи шакро рӯза нагиред ва он рӯзи 30-уми шаъбон аст агар натавонистед моҳро бубинед ба сабаби абр будани ҳаво ё ба сабаби дигаре. Дар имом бухорӣ ҳадисе омадааст, аз Абдуллоҳ Ибни амр, ки мефармояд: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«Моҳ бисту нуҳ рӯз аст пас шумо рӯза нагиред то инки моҳро бубинед пас агар абр бошад дар ин ҳолат шаъбонро пурра намоед»* (Бухорӣ). Аммор Ибни Ёсар мегӯяд: ҳар кӣ рӯзи шакро рӯза гирад ин инсон ҳазрати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро осӣ шудааст.

Агар касе, ки бо ду чашми худ моҳро бубинад бояд валиюл амр ва ё марказҳои фатворо хабар диҳад ва ин корро пинҳон накунад. Агар дар васоити ахбори оммавии кишваратон эълони даромадани рамазонро карданд бояд рӯза гиред. Аммо агар дар ВАО эълон намуданд, ки ин рӯзи охири шаъбон аст пас бояд он рӯзро рӯза нагиред зеро валиюламр агар ҳукм кунад итоати он воҷиб аст.

Рӯза гирифтани моҳи муборакӣ рамазон яке аз аркони ислом аст, ки Худованд барои бандагонаш фарз гардонидааст ва ҳар кӣ фарз будани онро инкор кунад кофир мешавад зеро ӯ Худо ва Расул ва оммаи мусалмононро таксиб намудааст. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى

ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣

**«Эй касоне, ки имон овардаед барои шумо рӯза фарз шудааст ҳамчуноне, ки барои касоне, ки пеш аз шумо буданд фарз гардонида шуда буд, шояд ки шумо тақводор шавед »** (Бақара 183).

Боз Худованд мефармояд: **«Моҳи рамазоне ки дар он Қуръон нозил шудааст барои ҳидояти мардум ва нишондодҳое аз ҳидоят ва фурқон. Пас агар кадоме аз шумоён ин моҳро дарёфт бояд онро рӯза бигирад»** (Бақара 185).

Рӯза гирфитан барои ҳар мусалмони болиғи оқили тавонои муқим воҷиб аст чи мард бошад ва чи зани ғайри ҳоиза ва нифосдида. Агар инсон дар моҳи Рамазон исломро қабул кунад барояш лозим нест, ки қазои рӯзҳои гузаштаи рамазонро ба ҷо оварад. Агар инсон дар моҳи рамазон рӯзона исломро қабул намояд барояш шарт аст, ки он рӯзро рӯза бигирад ва қазои он рӯзро намояд.

Барои кудакони ноболиғ рӯза гирифтан лозим нест вале агар барояш мушкил набошад бояд барои рӯза гирифтан ӯро амр намоем то одат кунанд. Саҳобагони киром фарзандони худро ба рӯза гирифтан амр мекарданд ҳато ба дараҷае, ки кудак аз гуруснагӣ гиря мекард ва барояш бозичае медоданд то машғули он шавад ва гуруснагӣ аз ёдаш барояд.

Ба балоғат расидани кудак агар писар бошад бо яке аз корҳои зерин муайян мешавад: Умраш ба понздаҳ расад, муи зери нофаш барояд, аз ӯ манӣ нозил шавад бо эҳтилом ва монади он. Агар духтар бошад илова ба инҳи як аломати дигаре дорад, ки он ҳайз дидани он аст.

Агар барои кудак яке аз корҳои боло ҳосил шавад пас ӯ ба балоғат расидааст ва барояш тамоми фароизи илоҳӣ лозим мегардад ба шарте, ки оқил бошад.

Рӯза барои беақлон ба монанди девонагон ва камақлон воҷиб нест ва барояш на рӯза фарз аст на таҳорату на намоз зеро ӯ ба манзали тифл аст.

Рӯза гирифтан барои касоне, ки оҷизии доимӣ доранд монанди калонсолон ва бемороне, ки умеди шифо надоранд вале онҳо бояд фидяи рӯзаро диҳандва барои ҳар рӯз як мискинеро таом диҳанд ва барои ҳар мискин баробари ду кило гандум диҳад. Ӯ метавонад ё гандум диҳад ва ё қимати онро ва ё чизеро, ки аз эҳтиёҷоти ҳаррӯзи мардум аст монанди гушт, равған бирин ва монади ин.

Аммо бемороне, ки умеди шфио доранд агар барояш рӯза гирфитан душвор набошад ва он ба саломатияш зарар нарасонад бояд рӯзаро бигирад. Ва агар рӯза ба саломатияш зарар нарасонад вале барояш мушкил бошад метавонад рӯзаро бихӯрад ва барояш макруҳ аст рӯза гирифта. Аммо агар рӯза ба саломатияш зарар расонад барояш рӯза гирифтан ҳаром аст. Чунин инсонҳо баъди сиҳат шуда қазои

рӯзаашро мегирад. Агар ин инсон сиҳат ношуда аз дунё бигзарад барояш чизе нест.

Занони ҳомиладор, ки барояшон рӯза гирифтан мушкил бошад ё барои лоғар буданашон ва ё барои вазнин будани ҳамл метавонанд рӯзаро бихӯранд ва баъдтар пеш аз таваллуд ё баъд аз таваллуд қазои онро доранд. Занони ширдеҳе, ки агар рӯз бигиранд ширашон кам мешавад ва ё қатъ мегардад ва барои ғизо додани тифл халал эҷод мекунад рӯзаро мехурад ва баъдтар қазои онро медорад.

Мусофир агар мақсад аз сафараш хурдани рӯза бошад барояш рӯзаро хурдан ҳаром аст. Аммо агар мақсад аз сафараш хурдани рӯза набошад, ихтиёр дорад, ки рӯзаро бигирад ва ё онро бихӯрад ва баъди баргаштан ба ватан қазои онро дорад. Хулоса барои мусофир беҳтар он аст, ки осонтарин роҳро ихтиёр намояд.

Агар барои мусофир рӯза гирифтан ва нагирифтан баробар бошад хубтар аст, ки рӯза бигирад зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин карда буданд ва аз тарафи дигар зимаи худро тезтар халос мекунад. Агар бароя дар вақти сафар рӯза гирфитан мушкили ба бор орад барояш рӯза гирифтан акруҳ аст ва агар мушкил зиёдт ар бошад рӯза гирфтан барояш ҳаром аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар соли фатҳи Макка дар моҳи Рамазаон баромада буд ва худ рӯза гирифта буд. Баи ӯ гуфтанд, ки мардумро машақат аст, ки рӯза бигиранд вале туро нигоҳ карда онҳо низ рӯза гирифтанд. Пас баъди намози аср як қадаҳ об талаб намуд то ҳамаи мардум ба ӯ нигоҳ мекарданд обро нушид ва мардум ба ӯ менигаристанд. Баъди ин ба ӯ гуфтанд баъзеҳо рӯзаро давом доданд. фармуданд: *«Онҳо гунаҳкоронанд, онҳо гунаҳкоронанд»* (Муслим).

Барои мусофир ҳеҷ фарқе надорад, ки сафараш барои муддати кутоҳ бошад ва ё доимӣ ба монанди ронандагони таксӣ ва нақлиёти мусофиркашонӣ, ки ғолибан дар сафар мебошанд чунин инсонҳо ҳаргоҳ ки аз хонаи худ баромаданд мусофир б ашумор меравенд ва барои онҳо тамоми аҳкоми мусофирон ҷорӣ карда мешавад ба моанди хурдани рӯза ва қаср хондани намозҳо ва ҷамъ карднаи намози пешину аср ва шому хуфтан. Барои чунин

мусофирон хурдани рӯза беҳтар аст агар дар рӯза гирифатн барояшон душворӣ бошад. Ва баъдтар қазои онро медоранд чун ба ватан баргаштанд.

Ҳар инсоне, ки дар рӯзи рамазон сафар кунад барояш беҳтар аст, ки ин рӯзашро то ба охир рӯза гирад вале агар барояш душворӣ кунад метавонад онро бихӯрад ва баъд қазои онро дорад. Сафар муддати муайян надорад балки ҳар кӣ аз ватанаш берун шуд он мусофир аст то инки ба хонааш баргардад агарчӣ дар ватани бегона муддати дарозеро бигзаронад. Магар дар Сураие, ки қасдан муддати сафарашро дароз унад ба хотири онки рӯзаашро бихӯрад дар ин ҳолат барояш хурдани рӯза ҳаром мебошад зеро фарзҳои Худованд бо ҳаргуна ҳила аз гардани инсон соқит намешавад.

Барои занони дар ҳайз ё нифос буда рӯза воҷиб нест ва барояшон рӯза гирифтан дуруст нест магар инки пеш аз фаҷр пок аванд. Агар онҳо пеш аз фаҷр пок шаванд барояшон рӯза гирифтан ҷоиз аст агарчӣ ғусл накарда бошанд ва барои занон қазои рӯзҳои гузашта воҷиб аст.

Эй мусалмонон! Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба зида кардани шабҳои моҳи рамазон тарғибҳо намудаанд, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ шабҳои рамазонро бо бо имону ихсол ба ибодат машғул шавад тамоми гуноҳони гузаштааш омурзида мешаванд»* (Бухорӣ ва Муслим). Намози таровиҳ аз ҷумлаи иқиёми шабҳо ба шумор меравад пас шумо онро ба ҷо оваред ва бо имом бошед то инки намозро адо намояд. Зеро ҳар касе, ки бо имом намоз гузорад то рафтани имом барояш савоби қиёми шаб навишта мешавад агарчӣ бақияи шабро хоб равад.

Барои имомон воҷиба аст ки ҳангоми намози таровиҳ аз Худованд битарсанд ва аҳволи қавмро ба назар гиранд. Онҳо бояд намозро оромона ва бо виқор баҷо оваранд ва шитоб накунанд ва бо инкор ҳам худ ва ҳам қавмро аз савоб маҳрум насозанд ва моанди нул задани мурғон накунанд, ки на суҷуди дуруст кунандв а на қиё ва на рукуъу қуъуд.

Имомони бояд дар зеҳнашон он набошад, ки ҳарчи зудтар онро тамом кунанд ва ҳарчи бештар ракаъатҳо ба ҷо оваранд бе инки намози оромона бихонанд. Зеро Худованд мефармояд: **«У шуморо озмоиш мекунад то инки кадоматон**

**амали хубтар мекунед»** (Мулк 2). Ва Худованд нагуфтааст то кадоматон бештар амал мекунед ва ё амалро бо шитобанҷом медиҳед.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки барои мо намуна буд ва барои анҷоми корҳои хайр ушиши бештар менамуд ракаатҳои намозҳои ғайри фарзияш дар рамазон ва ғайри рамазон аз ёздаҳ ракаат бештар набуд. Дар ҳадиси муслим омадааст, ки Ибни Аббос мегуяд: *«Паёмбар бо асҳобаш таровиро мехонаднд ва баъд чанд рӯзе онро тарк намуданд то инки умматонаш онро фарз нашуморанд то аз карданаш оҷиз шаванд»*

Дар ривояти саҳиҳ аз Амиралмуъминин Умар Ибни Хатоб омадааст, ки "Ӯ Уҷай Ибни Каъб ва Тамими дориро амр намуд то таровиҳро бо мрадум ёздаҳ ракат хонанд. Ин аст ададе, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро ҳамеша ба ҷо меовард ва халифаи ӯ Умар низ дар ин кор ӯро пайравӣ менамуд ва ин беҳтарин ададест, ки иаровиҳро бояд бихонанд. Агар инсон аз ёздаҳ ракаат зиёдтар бихонад вале боқиро татавуъ бишморад на суннат ин кор барояш ҷоиз аст зеро баъзе саҳобагон чунин кардаанд. Аммо чизи ноҷоиз он шитобхонисест, ки баъзе имомон онро иҷозат додаанд, ки боиси маҳрум шудан аз савоби амоз мегардад.

Худованд мо ва шуморо муваффақ ба он кунад, ки вақтҳоро анимат шуморида машғули тоат шавем ва моро аз кардани корҳои бад нигоҳ дорад ва ба роҳи рост ҳидоят намояд ва аҳ ҷодаи дузаз дурамон созад ва моро аз зумраи ононе бигардонад, ки оӯзҳои Рамазонро бо рӯзагирӣ ва шабҳои онро бо ибодат гузаронемва ин корроо бо имону ихлос анҷом диҳем.

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# РӮЗА ГИРИФТАН ВА МӮҶИБОТИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованд, ки бо имонаш моро инъом намудааст ва моро аз байни дигар махлуқоташ имтиёз дода бароямон баъзе арконро дастур додааст ва барои иҷрои авомираш фармон додааст. Салоту саломи Худованд бод бар беҳтарин намозхону рӯзагиру обид. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш , ки аҳли тақвоюҳидояту эҳсон буданд. Аммо баъд...

Эй бандагони Худо! Агар нафсҳо табиатан мехоҳанд зинда монанд нафсҳои муъминон аз ин умри худ ҳосилҳои зиёде мебардоранд хусусан дар ин моҳи шариф то бо амалҳои солеҳ савдо кунанд ва бо корҳои накӯ барои фардои худ тушаҳо гиранд. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки "Ҳар кӣ дар моҳи Рамазон як кори хубро анҷом диҳад баробари он аст, ки дар ғайри Рамазон ҳафтод фаризаро ба ҷо оварда бошад" ин аст фазилатҳо беандозаи Худованд, ки ангезаи нафсҳоро афзун мекунад то онҳо барои худ орзуҳои охиратро намуда барои таҳқиқи он кӯшиш намоянд. Аммо агар ин ангеза гум шавад ва афсҳо ин майлро аз даст диҳанд дар ин сурат кор ранги дигар мегирад ва дигар иснсон даст ба ҳама гуноҳҳон мезанад ва ҳатто рӯзаро ҳам мехурад бе инки узре дошта мбошад монади беморӣ ва ё рухсати шаръӣ ба монанди сафар. Дар чунин ҳолат инсон аз рроҳи оммал муъминон берун мешавад ва бузургтарин зиёнро мекунад, зиёнеро, ки дар рӯзи қиёмат зоҳир мегардад, дар он рӯзе, ки ҳамаи мусалмонон хурсанданд ва барояшон гуфта мешавад, ки **«Бихеред ва бинушед гуворо ба сабаби оне, ки дар дунё амалҳо кардаед»** (Алҳоққат 24)... дар чунин рӯз барои гунаҳкорон ва касоне, ки аз фармон сарпечӣ намуданд гуфта мешавад, ки **«Ва рӯзе, ки кофиронро ба оташ пешниҳод мекунанд, Шумо хубиҳоятонро дар ҳаёти дунё аз даст додаед ва рӯзҳоятонро бо он ба хушӣ газаронидаед пас имрӯз бароятон азоби хориеро месашонанд ба сабаби онеки шумо дар рӯи замин ноҳаққона кибр меварзидед ва ба сабаби оне, ки фосиқӣ мекардед»** (Аҳқоф 20).

Ҳазрати Умар аз бисёре аз хушиҳои зиндагӣ даст мекашид ва мегуфт ман метарсам ки аз ҷумлаи ононе бошам, ки Худованд дар бораи онҳо мефармояд:

وَيَوْمَ يُعْرَضُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ عَلَى ٱلنَّارِ أَذْهَبْتُمْ طَيِّبَٰتِكُمْ فِى
حَيَاتِكُمُ ٱلدُّنْيَا وَٱسْتَمْتَعْتُم بِهَا فَٱلْيَوْمَ تُجْزَوْنَ عَذَابَ ٱلْهُونِ بِمَا
كُنتُمْ تَسْتَكْبِرُونَ فِى ٱلْأَرْضِ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَبِمَا كُنتُمْ تَفْسُقُونَ ﴿٢٠﴾

**«Шумо хубиҳоятонро дар ҳаёти дунё аз даст додаед ва рӯзҳоятонро бо он ба хушӣ газаронидаед»** (Аҳқоф 20). Вақте умар чунин метарсид чаро он касоне, ки дар рӯзҳои моҳи рамазон бепарво рӯзаро мехуранд аз он рӯз дар ҳарос нестанд? Чаро онҳо барои анҷоми ҳароми илоҳӣ шитоб мекунанд? Оё намтарсанд, ки аз ҷаннат маҳрум мешаванд ва гирифтори азоби дӯзах мегарданд.

Эй бандагони Худо! Аз Худо битарсед ва барои ин меҳмони гиромӣ, моҳи шарифи рамазон омодагӣ бинед. Омодаи он бошед ки рӯзашро бо рӯза ва шабашро бо намоз гузаронед ва барои анҷоми корҳои хайр мусобиқа намоедва аз баракоти Худованд дар иин моҳ истифода баред. Зеро агар бандаро соати иҷобат мувофиқ оят ва як дами илоҳиро ба даст орад ӯ аз ҷумлаи муқарабин хоҳад шуд. Ҳазар намоед аз инки ин моҳро бепарвоёна гузаронед ва бо садҳо баҳонаҳо рӯза нагиред ва як фарзи илоҳиро тарк намоед. Худованд биност ва оқибати фиребагрон ва ҳиллагарон бадист.

Худоё бар Муҳаммад ва оли муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаи. Ҳамонон ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё барои занону мардон ва мурдагону зиндаҳои муъмин ва муслим мағфират намо.

Худовандо Ислом ва муслиминро пирӯз гардон. Ва хор кун ҳар кӣ ин динро хор намуд.

Худоё ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раиҳими ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавонои.

Худоё рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё туро ҳамд мегуят то рози шави ва ҳамд мегӯям чун розӣ шуди ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳе мункар бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз ончи васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# АҲКОМИ РӮЗА ВА РУХСАТҲОИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованд бинобар эҳсонаш ва шуркр барои ӯ бинобар тавфиқу инъомаш. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Худованди азимушшаън ва парвардигору Худои ҳамагон, ки ҷуз ӯ маъбуди барҳаққе нест. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст ки мардумро ба дини Худо даъват намуда таблиғгари Ислом буд. Салоту саломи Худованд бод бар беҳтарин намозхону рӯзагиру обид. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш , ки аҳли тақвоюҳидояту эҳсон буданд.

Аммо баъд... Эй мардум!

Шумо аз Худованди мутаол битарсед ба ҳамон шакле, ки лоиқи ҷалоли ӯст ва бо ресмони қавие ин Исломро чанг занед, тавбаи худро аз нав намоед ва амалу ниятҳои худро холис намоед ва барои охирати худ аз амалҳои солеҳ тушаҳо бигиред ва дониста бошед, ки беҳтарин туша ин тақвост. Шумо аз ғазаби Худованд ҳазар кунед, ки қадамҳои шумо дар болои оташест, ки тавони онро надоред.

Эй бандагони Худо!

Худованди субҳон мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед барои шумо рӯза фарз шудааст ҳамчуноне, ки барои касоне, ки пеш аз шумо буданд фарз гардонида шуда буд, шояд ки шумо тақводор шавед. Чанд рӯзи ба шуморе. Пас агар яке аз шумоён бемор бошед ё дар сафар пас чанд рӯзи дигареро рӯза гиредва ононе, ки тавони рӯза гирифтанро надоранд як таоми мискинро фидя диҳанд. Пас агар касе бештар диҳад барояш хубтар аст. Рӯза гирифтан барои шумо беҳтар аст агар медониста бошед»** (Бақара 183-184).

Рӯза рукни чоруме аз аркони Ислом аст ва яке аз сутанҳои асосии он аст, ки Ислом бидуни он дуруст намешавад. Худованди мутаол рӯзаро барои ҳар фарди мусалмони болиғи оқили сиҳати муқим фарз гардонидааст. Аз ҳаминҷо шартҳои асосии рӯзаро метавонад ҷудо намуд.

Шарти аввали вуҷуби рӯза он аст, ки инсон усалмон, болиғ ва оқил бошад. Пас маълум гардид, ки тифл, девона ва онки тамоми рӯз беҳуш буд барояш рӯза фарз нест зеро онҳо ақлу тамизро гум кардаанд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«қалам аз болои се кас бардошта мешавд, хоб то бедор шуданаш, девона то ҳушёр шуданаш ва тифл то ба балоғат расиданаш»* (Аҳамад ва абудовуд ва Насоӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Касе ки тамоми рӯз беҳуш буд бояд қазои он рӯзашро ба ҷо оварад. Бояд соҳибони тифл ӯро ба рӯза гирифтан амр намоянд агар эҳсосо намоянд, ки ӯ қудрати онро дорад то бо ин тариқа ӯро оадат кунонанд ва дар бораи рӯза ва аҳкоми он маълумот гиранд. Вале чун ба сини булуғ расид амрр ба тариқи аъкид намоянд. Рабиъ духтари Муаввиз ривоят мекунад, ки "Мо фарзандҳои худро ба рӯза гирифтан амр мекардем ва дар дасташон бозичаи пашмин медодем. Чун якеи онҳо барои таом гиря мекард дар ин ҳолат ба ӯ таом медодем ин коро то ифтор давом медодем" *(Бухорӣ)*

Шарти дуюм қодир будан ба рӯза гирфитан аст ва оҷиз набудан. Оҷиз будан аз рӯза чанд сурат дорад. Аввалаш калонсол будан аст. Пири калонсол, ки дигар на қувват дорад ва на ҳуш ва татвони рӯза гирифтанро надошта бошад барояш дигар на рӯза гирифтан фарз аст ва на қазои он балки у озод аст. Зеро Худованд ҳар касро ба андозаи тавонаш масъулият медиҳад. Сурати дигари оҷиз будан ҳомила будани зан аст ё ширдодани он. Зани ҳомила ва ширдеҳ агар эҳсоси хатари ҷони худ ё ҷони тифлашро намояд рӯзаро мехурад вале баъдтар қазои онро медорад ва тфидяи рӯзаро намедиҳад.

Худованди субҳон мефармояд: **«Пас агар яке аз шумоён бемор бошед ё дар сафар пас чанд рӯзи дигареро рӯза гиред»** (Бақара184).

Дар аҳодис омадааст, ки Анас Ибни Молик (р) ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омад ва ӯро дид, ки чизе мехурад. Пас гуфт: *«наздик бишин ва бихӯр»* Гуфт: ман рӯзадорам. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Биншин то туро дар бораи намозу рӯза чизе*

*фаҳмонам. Худованди таоло аз болои мусофири ними намоз ва рӯзаро бардоштааст. Ва аз занони ширдеҳ ва ҳомила рӯзаро»* (Абудовуд, тирмизӣ ва Насоӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Сурати сеюми оҷизӣ беморист. Бемор ду намуд мешавад яке беморе, ки умеди шифояш ҳаст монанди зуком, таб, ва дигар бемориҳо чунин беморон рӯзаро мехуранд ва вақте сиҳат шуданд қазои рӯзҳои хурдаашро медорад ва агар пеш аз шифо шуданаш аз дунё гузашт бар ӯ чизе воҷиб нест. Аммо агар чанд муддат сиҳат шуд ва қазои рӯзаашро нагирифт ва баъд аз дунё гузашт ворисонаш ояд фидяи рӯзаи қазояшро бидиҳанд. Барои чунин намуд инсонҳо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ аз бимирад ва бар гарданаш рӯзаи қазоӣ бошад ворисонаш ба ҷо ӯ рӯза мегиранд»* (муттафақ).

Дуюм намуд беморон касалиҳое мебошанд, ки умеди шифояшон намондаастмонанди касоне, ки грифтори касалиҳои рак ва ё аз кор мондани гурда шудаанд. Чунин намуд беморон рӯзаро мехуранд ва фидяи онро ҳар рӯз як мискинро таом медиҳанд.

Таомеро, ки ҷоиз аст барои мискинон додан ним соъ гандум ё монанди он аст аз хӯрокҳои кишвар. Ки онро ба мискинон медиҳад . агар ӯ хӯрок омода намуда мискинҳоро ба хонааш даъват кунад ба адади рӯзҳои қазоияш ҷоиз аст ва ин шоаллоҳ ҳеҷ боке надорад.

Эй бандагони Худо!

Агар бемор тамоми машаққатҳоро таҳаммуд намуда рӯза бигирад рӯзааш ҷоиз аст магар инки ӯ аз рухсати илоҳӣ, ки онро дӯст медорад руй гардонидааст. Худованд аҳёнан барои осонии кори бандагонаш ба онҳ баъзе осониҳо меорад ва дӯст медорад, ки рухсатҳои ӯро қабул намоянд. Аз сабаби дигар рӯза гирифтанаш метавонад ба саломатияш зарар расонад ва Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُوٓاْ أَمۡوَٰلَكُم بَيۡنَكُم بِٱلۡبَٰطِلِ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَٰرَةً عَن تَرَاضٖ مِّنكُمۡۚ وَلَا تَقۡتُلُوٓاْ أَنفُسَكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِكُمۡ رَحِيمٗا ٢٩

**«Ва шумо худро ба ҳалокат масозед. Ҳамоно ки Худованд ба шумо меҳрубон аст»** (Нисо 29).

Боз Худованд мефармояд: **«Ӯ барои шу**мо дар ин дин ҳеҷ ҳараҷ нагардондааст. Ин аст дини падаратон Иброҳим. Ӯ шуморо пеш аз ин авалин мусалмон хондааст» (Ҳаҷ 78).

Шарти савуми фарз шудани рӯза муқим будан аст. Мусофир метавнад намоҳоиро қаср хонад ва рӯзаро бихӯрад ва мусофир ба раъйи ҷумҳур касеро мегуянд, ки бештар аз 8 километр сафар намудааст агар чи ин масофаро бо ҳавопаймо ва ё мошинҳои замонавӣ тай намуда бошад ва ин аз раҳмату меҳрубонии Худованди мутаол аст. Зеро сафар шамучуноне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Порае аз азоб аст»* (Муттафақ). Дар сафар кардан мушкилоти зиёдест агарчӣ роҳи ва васоили сафар осон бошад.

Агар мусофир рӯза гирад рӯзааш ҷоиз аст ва иншоаллоҳ ҳеҷ боке надорад. Ҳамзаи Асламӣ (р) гуфт: Эй Расули Худо! Ман дар вақти сафарам пурқувватам оё метавонам рӯза бигирам? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Хурдани рӯза барои мусофир иҷозат аст аз ҷониби Худованд. Ҳар кӣ ин иҷозатро қабул кунад хуб аст ва агар касе бихоҳад рӯза бигирад ҳеҷ боке надорад»* (Муслим).

Шарти чоруми фарз будани рӯза он аст, ки аз тамоми мониаҳои шаръӣ пок бошад, ки он дар занон пок будан аз ҳайз ва нифос аст. Агар зан дар ҳолати ҳайз ё нифос бошад барояш рӯза гирифтан ҷоиз нестбалки ҳаром аст ва ӯ бояд қазои онро баъдтарба ҷо оварад.

Хуни ҳайзу нифос рӯзаро ботил мекунад. Агар зан дар аснонғи рӯзадорияш хунро дид рӯзааш ботил мешавад агарчӣ то ғуруб чанд дақиқае монда бошад ва барояш воҷиб

аст то қазои ин рӯзашро ба ҷо оварад. Ҳамчунин агар зан пок нашуд магар баъди тулуъи фаҷр барояш ҷоиз нест, ки он рӯзро рӯза гирад. Агар пеш аз тулуи фаҷр пок шавад рӯзаи он рӯзааш дуруст мешавад.

Ҳазрати Оиша мегӯяд: Дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро ҳайз мерасид ва мо маъмур мешудем то рӯзаро қазо дорем аммо барои қазои намоз маъмур набудем. (Муслим).

Эй бандагони Худо! Рӯзаи ҳақиқӣ даст кашидан аст аз таому шароб аз тулуъи фаҷр то ғуруби офтоб ба нияти ибодати Худованд.

Ҳар кӣ дар рӯзҳои Рамазон бихӯрад ёбинушад ва ё бо ҳамсараш ҷимоъ кунад бе инки касе ӯро маҷбур карда бошад ва ё фаромуш карда бошад рӯзааш фосид мешавад ва барояш воҷиб аст, ки боқимондаи он рӯзро рӯза бигирад ва қазои он рӯзро адо намояд ва бар гарданаш кафорат низ мешавад. Худованди субҳон мефармояд: **«ҳалол аст барои шумо дар шабҳои рамазон расидан ҳамрони ҳамсаронатон. Онҳо барои шумо либосанд ва шумо барои онҳо либосед. Худованд медонад, ки шумо ба худ хиёнат мекардедпас тавбаи шуморо пазируфт ва шуморо авф намуд. Акнун бо онҳо ҳамбистар шавед ва талаб намоед ончиро, ки Худованд бароятон навиштааст. Ва бихӯреду бинушед то инки бароятон риштаи сафед аз риштаи сиёҳи фаҷр намоён шавад пас рӯзаатонро то шаб пурра намоед. Ва шумо бо онҳо ҳамбистар машавед дар ҳоле, ки дар масҷид иътикоф нишастаед . ин аст андозаҳои Худованд пас ба он наздик нашавед. Ҳамн тариқ Худованд оятҳои худро барои мардум баён мекунад, шояд ки онҳо бо тақво шаванд»** (Бақара 187). Мурод аз риштаи сафеду сиёҳ дар ин оят сафедии фаҷру сиёҳии шаб аст.

Ҳар кӣ дар рӯзҳо рамазон бо ҳамсари худ қасдан бе фаромушӣ ва бе маҷбурӣ ва дар ғайри сафар ҷимоъ намуда бошад бояд кафорат диҳад ва қазои он рӯзро адо намояд ва ба даргоҳи Худованд тавба намояд зеро ба рамазон беҳурматӣ намудааст.

Кафорати рамазон дар ҳадиси Абуҳурайра бо татиб омадааст. Ӯ ривоят меунад, ки марде ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омад ва гуфт Эй Расули Худо

ман ҳалок шудам. Гуфт: *«Чи туро ҳалок кард?»*. Гӯфт дар рамазон бо зани худ ҷимоъ намудам. Гуфт: *«Оё метавони ғуломеро озод намоӣ?»* Гуфт: Не. Фармуданд: *«Оё метавони ду моҳро паёпай рӯза гири?»* Гуфт: Не. Гуфт: *«Оё метавони шаст мискинро таом диҳи?»* гуфт: Не. «Пас *Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам як сабад хурморо овард ва гуфт инҳоро бурда сдақа кун»*. Он мард гуфт: Эй Расули Худо оё дар байни ин ду кӯҳ –Яъне Мадина- касе аз мо дида камбалтар ҳаст? *«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам табасуме карданд, ки дандонҳояшон намоён шуданд ва фармуданд: Бирав ва инҳоро ба хонаводаат бидеҳ»* (Ривояти ҷамоат).

Кафорат ҳам барои мард лозим мешавад ҳам барои зан агар зан ин корро бо иродаи худ карда бошад. Аммо агар ин корро маҷбуран карда бошад барои ӯ кафорат воҷиб намешавад ва танҳо бояд як рӯзро қазо дорад.

Аз ҷумлаи вайронкунандаи рӯза амдан қай кардан аст. Қай яъне берун бароварданиончи дар меъдааст. Қай рӯзаро вайрон мекунадагар қасдан бошад ба ин тариқа ки ангушташро ба даҳон андозад ва ё коре кунад, ки меъдаааш дар ҳаяҷон афтад. Дар чунин ҳолат барояш як рӯз қазо лозим меояд. Аммо агар қай худ аз худ ояд ва бе иродаи он, дар чунин ҳолат рӯзааш дуруст аст ва барояш қазо лозим намешавад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар киро кай ғалаба кунад барояш қазо лозим нест ва ҳар кӣ худ кӯшиш намуда қай кунад барояш қазо лозим аст»* (Абудовуд, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад).

Аз ҷумлаи вайронкунандаи рӯза баровардани хун аст тавасути ҳиҷома. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Рӯзаи ҳиҷома кун ва ҳиҷома карда шуда мешиканад»* (Абудовуд, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад).

Мурод аз баромадани худ он аст, ки қасдан сурат гирад ба монанди ҳиҷоам ва ё доннорӣ, ки ба рӯзадор зарар расонида баданашро заиф мекунад. Аммо агар худ худ берун шавад ба момнанди хуни бинӣ, дандонканӣ, муолиҷаи ҷароҳат, гирфитани худ аз раг барои таҳлил ба рӯза зарар надорад ва рӯзаро намешиканад. Беҳтар аст, ки барои дурустра будани рӯзааш аз инҳо ҳам парҳез кунад.

Эй бандагони Худо!

Ин аст варонкунандагони машҳури рӯзава дар ин боб дохил аст ҳарчи ба маънои инҳо бошад. Агар нсон сузандоруеро истеъмол намояд, ки ба ӯ ғизо мебахшад ва дигар эҳтиёҷ ба хурдану нушидан намекунад, рӯзаашро мешиканад зеро он ҳам маънои хурдану нушиданро дорад. Агар инсон маниро бо роҳи дигар барорад бе инки бо ҳамсараш ҷимоъ кунад ба монанди бусидани зан, даст расонидан ба он, резонидани маниро бо дасташ, ба чизҳо ҳаром ба моанди суратҳо ва филмҳо назар кардан, дар чунин ҳолат барояш тавба лозим аст ва бояд қазои он рӯзро дорад вале бар гарданаш кафорат воҷибнамешавад.

Аммо баромадани манӣ бо хоб дидан ва ё фикр кардан на рӯзаро мешиканад ва на барояш қазо воҷиб аст.

Эй бандагони Худо! Шумо аз Худованд битарсед ва рӯзаи худро аз ин ҳама шикана́ндаҳо нигоҳ доред ва дониста бошед, ки боз чанд варонкунандаи маънавӣ низ вуҷуд дорад. Ки рӯзаро вайрон мекунад ва ба он зарар мерасонад ва аз савоб маҳрум мекунад. Он ҳар амалу гуфтор ва кирдори ҳаром аст ба моанди ғайбат, суханчинӣ, дашном, суратҳои фоҳиша, филмҳои расво, гуш кардани суруду таронаҳои бад ки ин ама ҳаром аст ва дар рӯза таъсири худро мерасонад ва гуноҳро эҷод мекунад. Мурод аз рӯза танҳо тарки таому шароб нест балки рӯза болотар аз ин аст.

Эй мусалмон! Аз Худованд батарс ва рӯзҳои рамазонро ба монанди дигар рӯзҳо маҳисоб ва кӯшиш кун то бо ту ҳам забону ҳам дил ва ҳам чашмонат рӯза бигиранд.

Худованд бо Қуръон ва суннат ба мо ва шумо баракат диҳад ва ба ҳикматҳои нуҳуфтаи ин ду фоидаамон бахшад. Ман суханамро ба охир расонидам ва аз Худованд талаби омӯрзиш мекунам ва шумо низ омӯрзиш талабед, ки ӯст бахшандаи меҳрубон.

# АҲКОМИ РӮЗА ВА РУХСАТҲОИ ОН

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованд, ки Парвардигори оламиён аст. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш.

Аммо баъд... Эй мардум!

Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва шукри ӯро ба ҷо оварда ӯро итоат намоед ва дониста бошед, ки шумо бо ӯ вомехуред. Шумо рӯзаи худро аз беҳудагӣ, гуноҳ, дашном ва фисқ нигоҳ доред. Шумо ба Худои хеш бо бо амалҳо накӯ наздик шавед ва шабҳою рӯзҳои ин моҳи муборакро ғанимат шуморед то ба ҷаннати фирдавс комёб шуда аз оташи дӯзах раҳои ёбед, агар хости Худованд бошад.

Эй бандагони Худо! Дониста бошед, ки Худованд бар мусалмонони рӯзадор миннат гузоштааст, ки барояшон ҳамаи осониро дода мушаққату кулфатро аз болояшон бардоштааст. Ислом дини осонӣ ва нармист. Барои ҳамин Худованди мутаол барои бандагонирӯзадраш дар баъзе корҳо рухсат додааст, корҳое, ки онҳо маҷбуран мекунанд ва ё бо фармуши ва ин корҳо ба рӯзаи онҳо ҳеҷ халал намерасонад.

Аз ҷумлаи чунин рухсатҳоин аст, ки инсон бо фаромушӣ чизеро бихӯрад ва дар ин ҳолат рӯзаи ӯ ҳамчунон дуруст боқӣ мемонад ва барояш ҳеҷ қазо воҷиб намешавад. Як чизро бояд қайд намуд, ки агар ба хаёлаш расид, ки ӯ рӯзадор аст ва чизе дар даҳон дошта бошад бояд фавран онро аз даҳон берун кунад. Ҳамчунин барои дигар мусалмонон зарур аст, ки агар ӯро дар чунин ҳолат диданд ба ёдаш андозанд.

Ҳазрати Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«ҳар ки дар рамазон фаромуш кунад ва чизе бихӯрад ё бинӯшад пас бояд рӯзаашро идома диҳад. Ин Худованд аст, ки ӯро таому шароб додааст»* (Муттафақ).

Ҳар ки аз хоб хезад, ки ӯ дар ҳолати ҷунуб аст ё аз ҷимоъи шаб ва ё аз иҳтилом ва ёпок шудани аз ҳайзу нифос пас ӯ метавонад рӯзаашро идома диҳад ва баъди н ғусл намоядҳамчуноне, ки чунин ривоят аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст.

Барои рӯзадор иҷозат аст то мазмаза намуда ибниро афшонад ва ле бояд ин корро зиёдтар накунад токи мабодо ба ҳалқаш об наравад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Қайт Ибни Сабра фармуданд: *«дар мазмаза ва истиншоқ бисёр муболаға кун магар дар сурате, ки рӯзадор боши»* (Абудовуд, Аҳмад ва Тирмизӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Ибни қудома мегуяд: агар инсон дар аснои таҳорати худ мазмаза ва истиншоқ кунад ва бидуни қасд ва бе исроф об ба гулуяш равад ҳеҷ боке надорад. Ӯ инро аз Ибни Аббос ривоят мекунад.

Эй бандагони Худо! Барои рӯзадор ҷоиз аст истифода аз сурма, қатра чаконидан дар чаш ё гуш баробар аст, ки мазаашро дар ҳалқаш ҳис кунад ё не зеро чашму гуш роҳе ба сӯи меъда ба шумор намераванд. Ҳазрати Анас, ки ходими Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд ҳангоми рӯза сурма мекашид.

Ҷоиз аст барои рӯзадор истеъмоли баъзе давоҳо махсус, ки аз роҳи ибни тавассути нафаскашӣ истеъмол мешаванд вақте зарур бошад ва табиби муолиҷ аз нигоҳи дину амонат шахси маъруф бошад ва ба ҳамин муҳақиқон фатво додаанд.

Ҷоиз аст арои рӯзадор буса кардани ҳамсарш ва дар оғӯш гирифтани он ва даст расонидан ба он агар қудрати худро доштан дошта бошад. Ҳадиси саҳиҳе аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки мегуфт: *«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳлати рӯзадорияш бусса мекард ва ба оғӯш мегирифт дар ҳоли рӯзадорияш вале худро дошта метавонист»* (Абудовуд).

Ҳазрати умар Ибни Хатоб (р) мегӯяд боре ҳамсари худро бусидам дар ҳоле, ки рӯзадор будам. Пас ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадам ва ба ӯ гуфтам: ман имрӯз корибузурге кардам дар ҳоле, ки ман рӯзадор будам. Ман имрӯз ҳамсари худро бусидам. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Агар дар вақти*

*рӯза ман бо об мазмаза кунам чи мешавад?»*. Гуфтам ҳеҷ боке надорад. фармуданд: *«Пас чӣ?»* яъне пас чаро мепурси? Ӯ гуфтани буд, ки кораш ҷоиз аст. (Аҳмад, Абудовуд ва Байҳақӣ).

Барои рӯзадор ҷоиз аст, ки барои дур кардани таштанагӣ ё гармо оббозӣ кунад ё монанди он агарчӣ ин корро чанд лаҳза пеш аз ғуруб кунад. Ҳазрати Абдураҳмон Ибни Абубакр аз баъзе саҳобагон ривоят мекунад, ки мегӯянд:: *«*Мо *Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро дидем, ки аз ташнагӣ ёгармӣ обро бар сараш мерехт»* (Аҳмад ва Молик).

Ҷоиз аст барои рӯзадор он чизе, ки аз он эҳтиёт карда намешавад ба монади фуру бурдани оби даҳон ва гарди роҳ ва моанди инҳо. Иибни Аббос ривоят мекунад, ки "Ҳеҷ боке надорад агар таомро бичашадва ё сиркоро ва ё ҳарчизеро, ки хариданӣ бошад". Занон метавонанд таомро бисашанд ба шарти онки онро ба шикамаш дозил накунанд балки танҳо бозабонашон чашанд.

Эй бандагони Худо! Истифода аз мисвок дар ҳар вақт суннаи ва ҷоиз аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Агар барои уммати ман мушкил намешуд албатта ман онҳоро мефармудам то барои ҳар намоз мисвок кунанд»* (Муттафақ).

Аммо ҳадисеро, ки ҳазрати алӣ ривоят кардааст, ки *«агар рӯза гирифти пас дар фаҷр мисвок кун ва бегоҳ мисвок макун»* (Байҳақӣ ва Дорқутнӣ). Ин ҳадис хеле заиф аст ва он ҳуҷҷат шуда наметавонад. Балки ончи аз суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит шудааст он аст, ки дар ҳама ҳолат бояд мисвок намуд ва дар инҷо фарқе нест миёна рӯза доштан ва надоштан.

Шумо салоту салом фиристед бар роҳнамои меҳрубон ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ, ки Худованд бо ин ояташ шуморо ба ин кор амр намудааст:

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ

صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ٥٦

**«Эй касоне, ки имон овардаед Шумо бар ӯ салавоту салом фиристед»** (Аҳзоб 56).

Худоё бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаи. Ҳамонон ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё барои занону мардон ва мурдаю зиндаҳои муъмин ва муслим мағфират намо.

Худоё Ислом ва муслиминро пирӯз бигардон. Ва хоор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раиҳими ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавонои.

Худоё рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё туро ҳамд мегуят то рози шави ва ҳамд мегӯям чун розӣ шуди ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳе мункар бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз ончи васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# АМОНАТ

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованд, ӯро ҳамд гуфта аз ӯёрӣ металабем аз ӯ талаби омӯрзиш намуда ба сӯи ӯ тавба мекунем. Ба даргоҳаш паноҳ мебарем аз бадии нафсҳои худ ва хатогии амалҳо. Ҳар киро ӯҳидоят намуд касе гумроҳ мекунад ва ҳар киро гумроҳ сохт ҳодӣ надорад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ӯ барои мо дини покеро чун шариат додааст ва моро ба роҳи рост ҳидоят намудаас. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Ӯ баширу назир ва ҳодии роҳи рост ва мубалиғи рисолати илоҳӣ буда чун чароғи тобонест. Ӯ амонатро расонида умматонашро насиҳат намуд то онҳоро дар як роҳи рост вогузошт, ки танҳо золимон аз он дурӣ меҷӯянд. Худованд ӯро аз номи ин уммат беҳтарин мукофотро диҳад. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш.

Аммо баъд... Эй мардум!

Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва шукри ӯро ба ҷо оваред, ки шуморо ба сӯи Ислом ҳидоят намуда шуморо аз ҷумлаи беҳтарин инсоният гардонидааст. Шумо ҳамеша ӯро муроқиби ҳолатон шумоОт ва ҳаргиз ӯро исён накунед ва дониста бошед, ки шумо дар пешгоҳи ӯ ҳозир хоҳед шуд ва ба корҳои кардаатон ҷавоб медиҳед ва аз беҳудагиятон пушаймон мешавед.

Эй бандагони Худо!

Худованди таборака ва таоло мефармояд: **«Ва касоне, ки ба шаҳодатҳои худ қоиманд. Ва касоне, ки бар намозҳояшон муҳофизанд. Инҳоянд, ки дар ҷаннат бо иззатанд»** (Муъориҷ 33-35).

Боз Худованд мефармояд: **«Онҳоянд меросбарон. Касоне, ки ҷаннатро мерос мебаранд ва дар он ҷовидон мемонанд»** (Муъминун 10-11).

Эй мусалмонон!

Зиндагӣ бо вуҷуди тамоми васоили хушӣ, гуногунии шодӣ ва сурур ва лаззату шаҳватҳо ҳеҷ арзише надорад агар

инсон амният надошта бошад ва аз дигар бадиҳо солим набошад ва дар сояи амну амон умр ба сар набарад. Инсон наметавонад ин ҳамаро дарёбад агар имони ба Худо ва рӯзи қиёмат надошта бошад. Амоант мдари тамоми фазилатҳост ва сарчашмаи оромист ва яке аз нишонаҳои волои имон ва далели тақвост. Балки имон худ амоант аст бар души бандагон ва имон надорад онки амонатро хиёнат мекунад ва дин надорад онки паймонро мешиканад.

Эй бандагони Худо! Амонат беҳтарин сифоти муъмин аст, ки диндорияш дар он ҳувайдо мегардад ва имонаш бо он таъкид мешавад ва дар зимни он бузургӣ ва иродаи қавияш таҷалло мешавад.

Амонат кори бузург аст ва масъулияти азимест, ки ҳуқуқҳо бо он ҳифз мешаванд ва вазифаҳо адо мегарданд. Амоант фарзест, ки мусалмон ҳамдигарро ба риояи он васият мекунанд ва барои ҳифзи он аз Худованд кумак металабанд. Ба дараҷае, ки мусалмонон барои видои ҳамдигар чунин мегуянд: *«Ман дин, амонат ва анҷоми коратро ба Худо месупорам»* (Тирмизӣ. Тасҳеҳи Албонӣ).

Эй мусалмонон!

Амонат масъулияти хеле бузург аст ва бори гаронест бар болои касе, ки Худованд онро бар душаш ниҳодааст. Худованд бандагони муъминашро амр менамояд, ки амонатро ҳифз намоянд ва онро ба соҳибонаш баргардонанд ва дар байни мардум дар гуфтору кирдорашон одилона ҳукм намоянд. Амонат ва адл ду коре мебошанд, ки ҷомеа бидуни он наметавонад барпо шавад. Худованд мефармояд:

۞ إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُكُمۡ أَن تُؤَدُّواْ ٱلۡأَمَـٰنَـٰتِ إِلَىٰٓ أَهۡلِهَا وَإِذَا حَكَمۡتُم بَيۡنَ ٱلنَّاسِ أَن تَحۡكُمُواْ بِٱلۡعَدۡلِۚ إِنَّ ٱللَّهَ نِعِمَّا يَعِظُكُم بِهِۦٓۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ سَمِيعَۢا بَصِيرٗا ﴿٥٨﴾

**«Худованд мефармояд то амоонатҳоро ба соҳибонашон баргардонед ва чун байни мардум ҳукм намоед бояд бо адл**

**ҳукм намоед. Ҳамони ки Худованд бароятон чи хуб панде медиад. Ҳамонон ки Худованд шунаво ва донст»** *(Нисо 58)*

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Амонатро адо кун ба сӯи касе, ки ба ту амонат додааст ва ҳаргиз хиёнат макун онкиро ки ба ту хиёнат кардааст»* (Аҳмад ва соҳибони сунан, тасҳеҳи Албонӣ).

Ҳазрати Анас мегуяд: Ҳеҷ гоҳе набуд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба мо хутба хонад магар инки дар он мегуфд: *«Имон надорад он ки амонат надорад. Ва дин надорад онки паймон надорад»* (Байҳақӣ, тасҳеҳи Албонӣ).

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мегуфт: *«Худоё! Ман бу сӯи ту паноҳ мебарам аз гуруснагӣ, ки он азоби сахт аст ва паноҳ мебарам ба суят аз хиёнат, ки он моли бадест»* (Абудовуд, Насрӣ,ва Ибни Моҷа, тасҳеҳи Албонӣ).

Маймун Ибни Маҳрон мегӯяд: Се чизест, ки ҳам накӯ ва ҳам гунаҳкор бояд онро адо намоянд: Амонат, аҳд ва силаи раҳм.

Дар ҳикматҳои пароканда омадааст: Чор чиз аст, ки ба сабаби он ғулом сайӣд мегардад: Адаб, ростӣ, амонат ва одамгарӣ. Ҳарзарати Алӣ мефармояд: ҳар кӣ бо мардум се кор кунад барояш се чиз воҷиб аст: Агар бо онҳо сухан гуяд рост гуяд, агар аз онҳо амонат гирад хиёнат накунад ва чун онҳоро ваъда дод вафо кунад, дар чунин ҳолат баро мардум воҷиб аст, ки муҳаббати ӯро дар дилҳо ҷой кунанд, бо забонашон ҳамеша ӯро ситоиш намоянд ва барои кумаки ӯ ҳамеша омода бошанд.

Эй бандагони Худо!

Ислом барои мусалмонон фарз гардонидааст то аз амонат кор гирад ва онҳоро манъ намудааст то дунболи хиёнат шаванд. Ҳар кӣ амин бошад ӯ дар Ислом Худоро итоат кардааст ва онки хиёнатпеша аст дар Ислом Худои хешро осӣ шудааст. Аҳёнан ҳоли ба ҷое мерасад ки дигар дар дину имонаш халал ворид иешавад.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ба Худо қасам имон надорад.ба Худо қасам имон надорад. Аба Худо қасам имон надорад. Пурсиданд: Кӣ имон надорад, эй Расули Худо! Гуфт: онки ҳамсояаш аз шарри ӯ эмин нест »* (Муттафақ).

Балки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хиёнатро яке аз аломатҳои ошкори нифоқ хондааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Нишонаи мунофиқӣ се аст. Чун сухан гуфт дурӯғ мегуяд, чун ваъда дод хилоф мекунад ва чун амонатеро гирифт хиёнат мекунад агарчӣ рӯза гирад ва намоз хонад ва даъвои мусалмонӣ намояд»* (муттафақ).

Эй бандагони Худо!

Амонат ошкортарин ахлоқи паёмбарон мебоашад, зеро шарти асоси интихоби онҳо ҳамин сифат аст. Агар онҳо амин намуданд ҳаргиз Худованд онҳоро амини рисолати хеш намесохт. Зеро танҳо амин мавриди эътимоди расонидани хабарҳо аст. Хусусан паёмбарон ки бо илми илоҳӣ баргузида мешаванд ва онҳо мушаррафтарин халқи Худо буда асли пок доранд.

Худованди мутаол дар Қуръони худ барои мо қиссаҳои ҳазрати Нуҳ, Солеҳ, Ҳуд, Лут, шуъайб ва дигар паёмбарону расулонро овардааст, ки ҳар яки онҳо барои қавми худ мегуфтанд: ман барои шумо як паёмбари аминам пас аз Худо битарсед ва маро итоат намоед.

Паёмбари мо дар ин роҳ намунаи олӣ буд. Ӯ дар байни қавми худ бо сифати аминӣ маъруф ва машҳур буд. Онҳо матоъҳои худро ба ӯ месупориданд бо вуҷуди онки ба у имон наоварда буданд ва ба ӯ душманӣ менамуданд. Зеро онҳо яқин доштанд, ки ӯ содиқу амин аст. Бо вуҷуди онки ба ӯ душманӣ менамуданд ва ҳатто омода будан ӯро бикушанд тамоми амонатҳои гаронбаҳои худро бовар намуда ба ӯ месупориданд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳангоми ҳиҷрати ба мадина тамоми амонатҳоро ба соҳибонашон баргардонид ва дар боқимонад ҳазрати Алиро вакили худ гардонид то боқи амонатҳоро ба соҳибошанон баргардонад. Ба Худо савганд ин сифати олии инсонист ва хислати мардони наҷиб аст, ки оламро тасхири худ гардониданд.

Эй мусалмонон!

Агар амонат ин қадар далолатҳои бузург дошта манзалаи баланде дорад пас он нишонаи аъноҳои зиёде мебошад, ки хулосааш дар онаст, ки инсони маин касест, ки ҳамеша шуури масъулиятшиносӣ дошат ҳар кореро, ки ба ӯ

вобаста шуда бошад чи дар баробари Худо ва чи да баробари мардум онро сарбаландони иҷро менамояд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: «*Ҳар яки шумо калонтаред ва ҳар яки шуморо аз раъияташ мепурсанд. Амир дар болои мардум роӣ аст аст ва ӯро аз мардум мепурсанд. Мард дар хонаводааш калонтар аст ва ӯро аз хонавода мепурсанд. Зан дар хонаи шавҳар масъулият дорад ва ӯро аз он мепурсанд. Ғулом дар моли сайидаш даст дорад ва ӯро аз он мепурсанд. Дониста бошед, ки ҳар яки шумо масъулите доред ва шар яки шуморо аз он мепурсанд*» (Бухорӣ ва Муслим).

Амонат дар ислом маънои онро дорад, ки инсон дар ҳама соҳа масъулияти худро ба ҷо меоварад ва дар тамоми шууни зиндагияш дар алоқи бо Худо ва алоқаи бо худ ва алоқаи бо мардум аз рӯи масъулият амал мекунад.амаонат дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти муҷтамаъ, масъулин, мардум, идора, корхона, сиёсат, таълим, атби\, заводу фабрика чизи зарур ба шумор меравад.

Муҳимтарин роҳи амонат он аст. Ки банда аъзои зудро аз ҳаром нигоҳ дорад ва неъматҳои Худоро, ки ба худи ӯ ва зану фарзандон ва бомеа. Кишаварш додааст бишносад ва шукри онро баҷо оварад. Аз ин ҳама бармеояд, ки инсон барои худ бояд танҳо кореро ихтиёр намояд, ки дар дин ва шууни зиндагӣ ва аҳволи хона ва оиладорӣ кумак намояд.аз ҷумлаи амона аст ҳифзи ҳуқуқи ҳамнишинон ва дӯстон. Маҷлисҳо ҳурмати худро дорнад ва сири он набояд берун равад магар се намуд маҷлис, рехтани хуни ҳаром, таҷовуз ба номус, рабудани моли бо роҳи ҳаром. Шумо медонед, ки чандин риштаи алоқаҳо бурида шуд ва маслиҳатҳо вайрон шуд ба сабаби баромадни сири маҷлисҳо ва ба сабаби ғаайбату тӯҳмату суханчинию таҷассус бар мусалмонон.

Аз мӯҷиботи амонат ҳифзи молу ашёи мардум аст, ки онро ба дигарон месупоранд то дар вақти зарурат онро баргардонанд. Ҳамчунин бргардонидани қарзи мардум. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар кӣ моли мардумро бигирад ба мақсади онки онро баргардонад Худованд ӯро дар баргардонидани он кумак мерасоанд ва ҳар кӣ онро бигирад ба мақсади барбод додани он Худованд ӯро барбод медиҳад»* (Бухорӣ).

Аз ҷумлаи амонат аст анҷом додани ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки ба кормандони давлатӣ супоирад мешаанд. Агар кормандон ба яке аз вазифаҳои худ беаҳамиятӣ изҳор намляд агар чи он ночиз бошад пас дар ҳаёти ҷомеа як бебандубориe оғоз меёбад ва ин оҳиста оҳиста зиёд мешвад то ба дараҷае, ки тамоми ҷомеаро фаро мегирад.

Аз ҷумлаи амонат аст инки олимон ва ворисони Паёмбарон ва ҳомиёни дин таълимоти ин динро барои мардум расонанд ва онҳоро ба сӯи ҳақиқат роҳнамоӣ намоянд ва амри маъруфу наҳе мнкар намоянд. Худованд мефармояд:

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ فَنَبَذُوهُ وَرَآءَ ظُهُورِهِمۡ وَٱشۡتَرَوۡاْ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلٗاۖ فَبِئۡسَ مَا يَشۡتَرُونَ ١٨٧

**«Ва ҳангоме, ки Худованд паймони аҳли китобро гирифт, ки онро ба мардум баён мекунед ва онро пинҳон намекунед. Пас онҳо китобро пушти сар намуданд ва бо он пули андакро хариданд пас чи бад кореро анҷом додаанд»** (Оли Имрон 187).

Эй бандагони Худо!

Бузургтарин маҷолҳоиамонат амонати калима аст. Зеро бо калим адавлатҳоро метавн вайрон наумд ва ё ҷарқарор кард, бо калма метавон миллатҳоро барбод дод ва ё мулкро ҳимоя намуд. Чи миқдор калимаҳоест. Ки гуянда рғпарвои онро надорад вале он боис мегардад, ки дар оташ солҳо бисузад. Калимаҳоест. Ки сабаби вайрон кардани хонаи обод мегардад, калмаест, ки ҷамъиятро пароканда мекунад. Басо иборахоест, ки аз забони як масъули давлат мебарояд ва ӯ худ паво надорад вале боиси парокандагии кишвар ва бехонумонии оилаҳо мегардад. Иборахоест, ки ободиро хароб мекунад ва писарро аз падар ҷудо мекунад ва бародарро аз бародар ва занро аз шавҳар ва ҳамсояро аз ҳамсоя ва риштаи хешовандиро мебурад.

Басо ибораҳои берун аз амонатанд, ки ҳуқуқҳоро поймол мекунанд ва молҳоро мерабоянд. Басо калимаҳои тӯҳматангез аст, ки зулмро эҷод мекунад ва амонати мардумро халалдор мекунад ва амну амонии кишварро бартараф менамояд.

Эй ҷамоати мусалмонон! Аз Худованди азим битарсед ва амонатҳои бар душ дошатро адо намоед ва ҳамеша пайраи ҳаққу ҳақиқат бошед шояд, ки ба ҳолатон раҳм намоянд. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَخُونُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ وَتَخُونُوٓاْ أَمَٰنَٰتِكُمۡ وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ﴿٢٧﴾

**«Эй касоне, ки имон овардаед Шумо Худо ва Паёмбарро хиёнат макунед ва амонатҳоятонро хиёнат макунед дар ҳоле. Ки худ медонед»** (Анфол 27)

Худованд бо Қуръони азим ба мо ва шумо баракат диҳад ҳамоно, ки ӯ атокунандаи сахист. Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# АМОНАТ

## Хутбаи дуюм

Ҳамд барои Худованд, ҳамди зебо бобаракат ва хуш ҳамчуноне, ки Худоро хуш ояд ва аз мо розӣ гардад. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум! Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва дониста бошед, ки амоант бори гаронест ва масъулияти бузург аст,ки онро Худованд базамину осмонҳо пешниҳод намудва онҳо тарсиданд онро қабул намоянд вале инсони ҷоҳилу нодон онро пазируфт.

Ибни Аббос мегуяд: "Амонат ин ҳама фаризаҳост. Худованд онроба осмону замин пешниҳод намуд, ки агар онро ба ҷо оваред баротон савоб медиҳад вале агар онро зоеъ намеод гирифтори азобе мешавад пас онҳо нахостанд онро таҳамммул кунанд. Онҳо қабул накардан вале на барои маъсият балки барои онки тарсиданд, ки ҳаққи онро ба ҷо оварда наметавонанд. Пас Худованд онро барои инсон пешниҳод намуд пас аз рӯи ҷаҳолат ва зулми худ онро пазируфт. Ва аз замони қабули он ба миқдори байни ару шом нагузашта буд, ки одам гирифтори хатогӣ шуд"

Эй бандагони Худо!

Амонат сутуни бинои умматҳост ва қароргоҳи пояи давлатҳо ва пахн кунандаи сояи амонию адолат ва созандаи бинои иззату обру. Вақте амонат аз болои уммате нобуд шуд он умматро офатҳои ҳалокатовар ва балоҳи марговар фаро гирифта ба он миллат факру камбағалӣ ва хорию залилӣ мерасад ва дере нагузашта он миллат нест ва нобуд мегардад.

Муаррихони исломӣ ривоят мекунанд, ки вақте мусалмонон дар замони хилофати ҳазрати мар (р) Мадоини ироқро фатҳ намуданд сарлашкари мусалмонон Саъд Ибни Абувaққос ба қасри Кисро ворид шуд. Дар ин ҳолат

мусалмонон ғаниматҳои бузурги қасри кисроро ҷамъоварӣ менамуданд, ки иборат аз тангаю тилло ва нуқраю алмос ва аспону молу матоъҳо буданд. Пас Саъд ин ҳама ғаниматҳоро ба сӯи халифаи мусалмонон равона кард ва мусалмонон ин ҳама ғаниматҳоро бо амонати том бурда ба Умар расониданд. Ҳазрати умар гуфт ин мардум ин ҳама неъматҳоро бо амонат ба морасониданд? Ҳазрати Алӣ гуфт: Эй Амиралмумини! Ту худ ки пок ҳасти раъияти ту низ пок аст ва агар ту хоин мебуди ҳама хиёнат мекарданд.

Пас соҳибмансабон ва амирону вазирон бояд бидонанд, ки ӯ дар мартабаи соҳиби қудрат ва мақом будан астт ва зердастон ба ҳоли назар мекунанд ва ҳама мардум бар души ӯ амонат мебошанд пас бояд аз Худованд битарснд ва масъулияти худро ба ҷо оваранд ва вазифаи худро анҷом иҳанд.

Эй бандагони Худо!

Аз ҳазрати Ҳузайфаи мон ривоят аст, ки мегӯяд:: *«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои мо ду сухане гуфта буд, ки ман якеро бо чашмам дидаам аммо дуюмашро мунтазирам. Ба мо гуфта буд, ки амонат дар умқи дили мардум ҷой дошт пас Қуръон нозил шуд ва мардум аз Қуръону суннат таълим гирифтанд. Боз барои мо гуфта буд, ки амонат бардошта мешавад. Ӯ мегуфт мард ба хоб меравад пас амонатро аз дилаш гирифта мешавад вале асари он ба монанди андаке дар он мемонад. Пас чун бори дигар ба хоб меравад асари он ба моанндм пайҳои даст мемонад монанди оташмпораеро, ки бо поятон мегелонедпас исёҳ мешавад вале дар он чизе нест. Пас ӯ санчаеро гирифта бопояш ғелонд. Пас мардум байъат мекунанд вале касе амонатро адо намекунад ҳатто гуфта мешавад дар фалон қбиламарди амине ҳаст ва ҳамагон ӯро таъриф мекунанд, ки чи марди хубест ва чи оқилу дононест вале дар дили он мард як зарра имон ҳам қуҷуд надорад»* (Муттафақ).

Эй бандагони Худо! Ин бонги хатар аст, ки барои расидани шарри бузурге задааст ва он яке аз нишонаҳои қиёмат аст. Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки дар асnoи онки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳадис мегуфт аъробие омада гуфт: Қиёмат кай қоим мешавад? Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Вақте*

*ки амонатҳо зоеъ шаванд пас ту мунтазири қиёмат бош»*. Гуфт: Чигуна амонатҳо зоеъ мешаванд? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Вақте масъулият ба ғайри аҳлаш супорида шавадпас мунтазири қиёмат бош»* (Бухорӣ).

Худоё бар банда ва расулат Муҳммад салоту салом бифирист ва ҳамчунин бар хонадону саҳобагонаш.

Худоё бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаи. Ҳамонон ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё барои занону мардон ва мурдаю зиндаҳои муъмин ва муслим мағфират намо.

Худоё Ислом ва муслиминро пирӯз бигардон. Ва хоор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раиҳими ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавонои.

Худоё рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё туро ҳамд мегуят то рози шави ва ҳамд мегӯям чун розӣ шуди ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳе мункар бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз ончи васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

# ЗАКОТ

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованде, ки закотро яке аз рукнҳои Ислом гардонида онро дар моли бойҳо воҷиб гардонидааст то ононро аз бухлу ҳирс ва гуноҳ пок намояд ва ҳоҷати фақирону ятимону бевазанону дармондагонро барорад. Ӯро бинобар неъмати Ислом ҳамд гуфта баои фазлу эҳсонаш сипос мегӯем. Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ғайри Худованди ягонаи бешарик. Ӯ барои мо дини покеро чун шариат додааст ва моро ба роҳи рост ҳидоят намудаас. Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Ӯ мардумро ба адои закот тарғиб менамуд ва аз манъи закот ва беаҳамиятӣ ба он ҳазар мекард. Салоту саломи Худованд бар ӯ ва бар тамоми олу асҳобаш.

Аммо баъд...

Эй мардум!

Шумо аз Худованди мутаол битарсед ва ба додани закот аҳамияти ҷиддӣ диҳед ва дониста бошед, ки мартабаи закот дар Ислом хеле бузург аст. Закот яке аз аркони Ислом буда дар бисёре аз оятҳои Қуръон бо намоз якҷо зикр шудааст. Худованд мефармояд: **«Ҳаргиз гумон набаранд ононе, ки ба ончи Худованд ба онҳо додааст бахилӣ мекунанд, ин кор барояшон хуб аст. Балки ин кор барояшон хеле бад аст. Ончизеро, ки бахилӣ кардаанд рӯзи қиёмат дар гарданашон овезон карда мешавад»** (Оли Имрон 180). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар киро ки Худованд мол додааст ва ӯ закоти онро намедиҳад дар рӯзи қиёмат он ба сурати мори сиҳ мешавад ки ду то дорад ва ӯро дар ҳалқа мегирад ва ва ӯро бо дандонаш мезанад ва мегуяд ман моли туям ман кони туям пас ояти болоро тиловат намуданд»* (Бухорӣ). Худованди мутаол мефармояд:

۞ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلۡأَحۡبَارِ وَٱلرُّهۡبَانِ
لَيَأۡكُلُونَ أَمۡوَٰلَ ٱلنَّاسِ بِٱلۡبَٰطِلِ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۗ
وَٱلَّذِينَ يَكۡنِزُونَ ٱلذَّهَبَ وَٱلۡفِضَّةَ وَلَا يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ
فَبَشِّرۡهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٖ ﴿٣٤﴾ يَوۡمَ يُحۡمَىٰ عَلَيۡهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ
فَتُكۡوَىٰ بِهَا جِبَاهُهُمۡ وَجُنُوبُهُمۡ وَظُهُورُهُمۡۖ هَٰذَا مَا كَنَزۡتُمۡ
لِأَنفُسِكُمۡ فَذُوقُواْ مَا كُنتُمۡ تَكۡنِزُونَ ﴿٣٥﴾

**«Ва касоне, ки тилло ва нуқраро ҷамъоварӣ мекунанд ва онро дар роҳи Худо сарф намекунанд пас онҳоро башорати ба азоби дарднок деҳ. Рӯзе, ки онро гарм карда мешавад дар оташи дӯзах пас бо он руй тан ва пӯсташонро доғ мекунанд. Ин аст онҷи ҷамоварӣ карда будедбарои худ пас бичашед онҷиро, ки ҷамъоварӣ мекардед»** (Тавба 34-35).

Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадиси Бухорӣ ва муслим омадааст, ки фармудаанд: *«Ҳеҷ тиллодору нуқрадоре нест, ки ҳаққи онро адо намекунад магар инки дар рӯзи қиёмат бароят лагандҳое аз оташе месозанд, ки аз оташи дӯзах гармтар аст пас бо он руй тан ва пӯсташро доғ мекунанд. Ҳарбор ки сард шуд боз аз нав онро гарм мекунанд дар як рӯзе, уки миқдораш баробари панҷоҳ ҳазор сол аст то инки Худованд қазоватро дар байни мардум анҷом диҳад пас чораи ӯро мебинанд ё ба дӯзах меравад ё ба ҷаннат»*

Эй бандагони Худо!

Моле, ки Худованд барои соҳибаш ваиди сахт додааст ҳамон молест, ки закоти онро надодааст. Мурод аз он моли дар зери хок пинҳоншуда нест ҳамчуноне, ки баъзеҳо гумон мекунанд. Ҳазрати Ибни умар мегуяд: "ҳар молеро, ки закоташ дода шудааст онро кон намеоманд агарчӣ дар зери

ҳафт қабати замин бошад аммо он молеро, ки ошкор бошад ва закоташро надиҳанд онро коне мегуянд, ки соҳибаш гирифтори азоби Худованд мегардад" ҳазрати Умар ибни Хатоб мегуяд: он молеро, ки закоташро адо намудаи кон нест агарчӣ дар зери хок пинҳон бошад ва ҳармолеро, ки закоташро адо накардаи он аст коне, ки соҳибашро рӯзи қиёмат доғ мекунанд агарчӣ он дар болои замин бошад.

Эй мусалмонон!

Закот барои чор намуд мол воҷиб мешавад, ки он пул, моли тиҷоратӣ, чорво ва ҳосилоти ҳзамин аст.

Закот воҷиб аст дар чизҳои қиматҳо монанди тилло ва нуқра ва ончи ба ҷои онҳост аз варақҳои пулие, ки дар ин рӯзҳо истеъмол мешаванд. Ҳамчунин воҷиб аст закот додан дар молҳое, ки ба нияти савдо оварда онро дар дӯкону мағозаҳо ба фуруш мондааст монади матоъҳо, хӯрокворӣ, нушокӣ ва монанди инҳо аҳмчунин мошинҳо. Мазҳсулоти сохтумонӣ, қисмҳои эҳтиётии мошинҳо ва дигар асбобу анҷомҳо ҳамчунин замину хонаю сохтумонҳо ва чорвои омода барои савдо.

Воҷиб аст закот дар ончи аз замин меруяд аздонагиҳо ва меваҳо. Ҳамчунин воҷиб аст дар чорво ба моанди шутур, гов, гӯсфанд ва буз бо шартҳо ва сабаҳои махсус, ки дар китобҳои фиқҳи Исломӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Ончизе ки барои мо дар инҷо баёнаш муҳим аст ду навъи закот аст яке закоти пул дигаре закоти молҳои тиҷоратист зеро аксаримардуми шаҳрнишин бо ин намуд муомилаҳо сарукор доранд.

Пул агар ба нисоб расд ва як соли қамарӣ дар дасти соҳибоаш боқи монад барояш зарур аст то закоти онро барорад, ки он 2,5 % он мебошад. Агар дар асної сол маблағи дигаре ба дасташ расид онро ҳамроҳи ин маблағ изофа намуда аз ҳамааш закот мебарорад на инки барои он маблағ ҳисоби нав мекушояд.

Закоти пул воҷиб аст баробар аст, ки маблағ дар дасти худи ӯ бошад ва ё онро ба дигаре қарз дода бошад. Фарқе намкунад агар он маблағ ҳамчун қарз ба дигаре дода шудааст ва ё он қимати бизоати фурӯхта шуда бошад ва ё иҷорапулӣ ё монанди инҳо. Агар қарз дар дасти касе бошад,

ки ғолибан онро бармегардонад пас бояд ҳама сола закоти онро адо намояд.

Агар қарз ба каси камбағале дода шуда бошад, ки ғолиби гумон он аст, ки дигар он кас қарзро бар намегардонад пас тарҳо дар ҳоли гирифтани он қарз закоташро медиҳад ва он ҳам бошад барои як соли охир.

Молҳои тиҷоратӣ бошанд бояд соҳибаш онҳоро ҳисобида ба нархи рӯ ба онҳо қиматгузорӣ намояд ва дар охир 2, 5% фоизашро закот диҳад. Агар инсон дар замине саҳмия дошта бошад ва он замин барои садо бошад пас бояд савл кунад, ки дар ҳамин лаҳза он замин чи микдор арзиш дорад ва закотро дар асоси ҳамон арзиш барорад.

Барои мусалмон воҷиб аст, ки дар вақти ҳисобу кито аз Худованди мутаол битарсад ва ҳисобро дуруст намояд то ин ки закоташро бар ваҷҳи камол адо карда бошад ва коре накунад, ки адар закоташ нуқсон ва камбудӣ пайдо шавад ва ӯ аз савоб маҳрум гардад.

Аммо заминҳо, хонаҳо, дӯконҳо ва моншинҳо ва моанди инҳо ҳама чизе, ки барои истеъмоли шахс бошад дар он закот воҷиб намешавад. Хонаҳо ва дӯконҳое, ки барои иҷора омода шуда бошад дар он низ закот воҷиб нест балки закот таннҳо дар иҷорапулии он аст агар ба нисоб расад ва як сол бигзарад. Дар ин сурат онро бо пулҳои дигараш изофа намуда закоташро мебарорад.

Эй мусалмонон!

Худованди мутаол дар ояти зерин асорифи закотро баён намудааст. Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلۡفُقَرَآءِ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡعَٰمِلِينَ عَلَيۡهَا
وَٱلۡمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمۡ وَفِي ٱلرِّقَابِ وَٱلۡغَٰرِمِينَ وَفِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبۡنِ
ٱلسَّبِيلِۖ فَرِيضَةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٦٠ ﴾

**«Ҳамоно ки садақот барои фақирону мискинҳо ва омилини закот ва муалафатулқулубҳо ва дар озод намудани ғуломон ва барои қарздорон ва дар роҳи Худо ва барои**

**мусофирон. Фарзест аз ҷониби Худованд ва Худованд доно ва ҳаким аст»** (Тавба 60). Маълум мешавад, ки сарф намудани закот барои ғайри ин ҳашт тоифа ҷоиз нест.

Эй мусалмон!

Барои додани закот бояд ту ин ду корро анҷом намои: Якум закотатро пурра ҳисоб намуда мебарои, дуюм онро ба масоифаш мерасони ба ин тариқа ки онро ба яке аз масорифи ҳаштгона медиҳи. Якум фақир ва он касест, ки чизе надоранд. Дуюм мискин ва он касеро гуянд, ки мол дорад вале ба нисоби шаръӣ нарасидааст.

Сеюм муаллафатулқулуб аст ва он касест, ки нав исломро пазируфтааст ва ҳануз ҳам дилаш дар тардид аст. Чорум барои озод намудани банда. Агарчӣ дар ин замона ғуломдорӣ нест вале уламо иҷозат додаанд то барои озод намудани асир ва зиндаонӣ закотро сарф намоянд. Паснҷум қарздор токи ҳарчи зудтар аз қарз ва миннат раҳо ёбад. Шашум омилин закот яъне касоне, ки аз тарафи ҳайате машғули ҷамъоварии закот мебошанд. Ҳафтум дар роҳи Худо ва ин суратҳои гуногун дорад масалан шахсе барои хомӯш кардани оташи фитна дар байни ду қабила саъй мекунад ва он дар роҳи Худост. Ҳаштум барои мусофирон, ки молаш тамом шудааст ва ё онро дуздинад барои ӯ низ закот дода мешавад агарчӣ ӯ дар диёри худ ғанӣ бошад.

Эй мусалмон!

Ту закотатро барои ҳифзи молат мадеҳ ба ин тариқа, ки касе аз ту қарздор буд пас ту дар ивази он закот доди ва боз худ онро гирифти. Ту садақаи худро бо миннату зарар расонидан ботил магардон. Ту ҳамеша Худовандро ҳамду шукр гуй, ки туро бо ин ҳама амвол энъом намудааст. Дониста бош, ки закот моли туро афзоиш медиҳад ва онро пок намуда аракатро дар он мерезонад ва туро аз ҳирсу бахилӣ раҳо намуда дар дилат раҳму шафқатро медарорад. Закот молу мулкатро аз офату балоҳо раҳо месозад ва он сабаби дафъи балою офат мегардад. Закот сабаби он мегардад, ки мусалмон дар ҳаққи ту дуои хайр намоянд пас онро бо хушии нафм адо намо ва дилатро танг магир.

Шумо эй касоне, ки аз мардум ҳарчизро металбед ва закотро мегиред донисга бошед, ки закот барои бое, ки худ пулу мол дорад ҳалол нестҳамчунин закот ҳалол нест барои

он ҷавону бақуввате, ки тавони кор карданро дорад. Ҳар кӣ аз шумоён онро гирифтзакотро гирфт дар сурате. Ки онро хурданӣ нест балки пулу мол ҷамъ мекунад ва ё шахси бақуввате онро гирифт, ки тавони кор кардан ва пулё фтанро дорад пас дониста бошад, ки ончи гирифтааст ҳаром аст ва гӯё ӯ оташпора ва азоберо дар даст гирифтааст.дар ҳадиси саҳиҳ омадааст, ки аст Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«он каес, ки аз мардум мол металбад ба мақсади зиёд кардани боигарияш ҳар оина ӯ оташпораеро металбад ва ӯ дар рӯзи қиёмат чунон мешавад, ки дар рӯяш гуште намемонад»*

Талбандаон обрӯи худро бо ин крашон мерезонанд. Бисёр вақт мешавад ки чунин талбандагон дар баробари Худованд дурӯғ низ мегӯянд. Онҳо дар пеши мардум удро ба сурати фақири бечора мегиранд дар ҳоле, ки боянд ва ё худро бемору оҷиз мутарошанд дар ҳоле, ки сиҳату солим ва пурқувватанд. Гоҳо онҳо худро маҷрӯз мегиранд, шал, кар. Кур. Гунг ва ғайра дар ҳоле, ки онҳо аз тамоми уюб солиманд. Ин тоифа инсонҳо агарчӣ корашон барои мардум пушида монад ҳам онҳо наметавонанд корашонро аз Худованд бипӯшонанд.

Худоё моро бо ҳалолат аз ҳаромат нигоҳ дор ва бо фазлу карамат моро мӯҳтоҷи касе макун. Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим: **«Ту аз амволи эшон садақа бигир, ки бо он эшонро тоҳиру пок месози ва барои онҳо дуо намо. Ҳамонон ки дуои ту бароятшон оромибахш аст ва Худованд шунаво ва доност. Оё намедонад, ки Худованд тавбаро аз бандагонаш қабул мекунад ва садақаҳоро мегирад ва инки Худованд аст тавбапазири меҳрубон. Ва бигу шумо амал намоед пас Худованд ва паёмбараш ва муъминон амалҳои шуморо мебинанд. Ва шумо ба сӯи донои ошкору ниҳон бозпас мегардед пас ӯ шуморо ба ончи мекардед огоҳ менамояд»** (Тавба 103-105).

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# ЗАКОТ

## Хутбаи аввал

Ҳамд танҳо барои Худованд. Салоту саломи Худованд бари касе, ки баъдаш паёмбаре нест.

Аммо баъд... Эй мардум аз Худованд дар ҳама ҳолат битарсед ва закоти моли худро барои покиихуд адо намоед ва барои бештар садақа кардан кӯшишҳо намоед. Закот далели имон аст ва он сеюмин рукни Ислом аст.

Эй мусалмонон! Худованди ҳакиму доно чи ҳикматҳои волое дорад, ки закотро машруъ гардонидааст. Худованд ба закот амр намудааст зеро бо додани закот фоидаҳои азим ва оқибатҳои накӯ ҳосил мешавад ва асари он ҳам дар диҳанда ва ҳад дар гиранда диа мешавад агар он холис барои ризои Худованд ва барои пайравӣ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад. Молро барои ризои Худо сарф кардан бо вуҷуди дӯст доштани мол нишонаи имон ва сабаби комёбӣ ба савоби азим ва мукофоти гароне аз ҷониби Худованди бениёз аст. Худованд мефармояд:

ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُم بِٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ سِرًّا وَعَلَانِيَةً فَلَهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٢٧٤﴾

**«Ва касоне, ки амволи худро шабу рӯз, ошкору ниҳон нафақа мекунанд пас барои онҳост аҷрашон дар назди парвардигорашон ва нест ҳаросе барои онҳо ва на онҳо ғамро мебинанд»** (Бақара 274).

Закот соҳибашро аз гуноҳҳо пок месозад ва ӯро аз бахилию ҳорисӣ ва дигар ахлоқи паст ҳифз мекунад ва аз беҳтарин мардум мегардонад, ки лоиқи ҳамҷивор буданро ба Худованди мутаол дар ҷаннатулфирдавс мегардонад. Худованд дар қазо навиштааст, ки бахил ҳаргиз ҳамҷивори ӯ намешавад. Дар ао намудани закот инсон аз бисёре аз азобҳои гуноҳ раҳо ёфта чандин мусибату балоҳо аз сараш дур мешаванд. Худованд мефармояд: **«Ту аз амволи эшон садақа бигир, ки бо он эшонро тоҳиру пок месози ва барои**

**онҳо дуо намо. Ҳамонон ки дуои ту барояшон оромибахш аст ва Худованд шунаво ва доност»** (Тавба 103).

Дар баровардани закот мол покиза шуда он аз талафу нести дар амон мемонад, ки ин ба сабаби омадани баракат аст дар амвол ва зуд нумув кардани он. Дар саҳиҳи Муслим омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«ҳаргиз мол аз садақа кардан кам намешавад»* Худованд мефармояд:

قُلۡ إِنَّ رَبِّي يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦ وَيَقۡدِرُ لَهُۥۚ

وَمَآ أَنفَقۡتُم مِّن شَيۡءٖ فَهُوَ يُخۡلِفُهُۥۖ وَهُوَ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ٣٩

**«Ва ҳар он чизеро, ки нафақа мекунед пас Худованд онро бармегардонад. Ва ӯ беҳтарин ризқдиҳандагон аст»** (Сабаъ 39). Яъне Худованд дар ивази он аз он беҳтареро бармегардонад. Дар ҳадиси саҳеҳ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шудааст, ки фармуданд: *«Худованди таоло мегӯяд: Эй фарзанди одам молатро (барои Худо) бидеҳ, бароят медиҳанд Худованди мутаол бой аст ва ончи дар назди ӯст тамом шудани нест, ӯ каримест, ки бо фазлаш миннат мегузорадва сипоспазираст, ки савоби нафақаро чанд баробар медиҳадҳам дар дунё ва ҳам дар охират»* (Табаронӣ, тасҳеҳи Албонӣ). Ҳамчунин аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуданд: *«Ҳар кӣ закоти молашро адо намояд аз ӯ бадии он дур мешавад»*

Эй мусалмонон! Моле, ки закоташ дода намешавад балоест бар болои соҳибаш, ки ӯро дар дунё бадбахт ва дар охират гирифтори азоб мекунад. Дар саҳеҳайн омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«Ҳар киро ки Худованд мол додааст ва ӯ закоти онро намедиҳад дар рӯзи қиёмат он ба сурати мори сиҳ мешавад ва ӯро аз рӯхсораш мегирад ва мегуяд ман моли туям.* Сипас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин оятро хонданд: **«Ҳаргиз гумон набаранд ононе, ки ба ончи Худованд ба онҳо додааст бахилӣ мекунанд, ин кор барояшон хуб аст. Балки ин кор барояшон хеле бад аст. Ончизеро, ки бахилӣ кардаанд рӯзи**

**қиёмат дар гарданашон овезон карда мешавад»** (Оли Имрон 180)*»*

Ҳадиси саҳиҳе аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рифот шудааст, ки фармуданд: *«Ҳеҷ тиллодору нуқрадоре нест, ки ҳаққи онро адо намекунад магар инки дар рӯзи қиёмат бароят лагандҳое аз оташе месозанд, ки аз оташи дӯзах гармтар аст пас бо он руй тан ва пӯсташро доғ мекунанд. Ҳарбор ки сард шуд боз аз нав онро гарм мекунанд дар як рӯзе, уки миқдораш баробари панҷоҳ ҳазор сол аст то инки Худованд қазоватро дар байни мардум анҷом диҳад пас чораи ӯро мебинанд ё ба дӯзах меравад ё ба ҷаннат»* (Муслим).

Эй бандагони Худо! Аз Худованд битарсед ва бо хушии дил закоти молатонро адо намоед то хайру баракати онро дар дунё ба даст оварда дар охират аз савоби он бархурдор шавед. Барои шумо ҳамин оят кофист, ки Худованд мефармояд:

وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِلزَّكَوٰةِ فَٰعِلُونَ ﴿٤﴾ وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِفُرُوجِهِمۡ
حَٰفِظُونَ ﴿٥﴾ إِلَّا عَلَىٰٓ أَزۡوَٰجِهِمۡ أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ فَإِنَّهُمۡ غَيۡرُ
مَلُومِينَ ﴿٦﴾ فَمَنِ ٱبۡتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡعَادُونَ ﴿٧﴾
وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِأَمَٰنَٰتِهِمۡ وَعَهۡدِهِمۡ رَٰعُونَ ﴿٨﴾ وَٱلَّذِينَ هُمۡ عَلَىٰ
صَلَوَٰتِهِمۡ يُحَافِظُونَ ﴿٩﴾ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡوَٰرِثُونَ ﴿١٠﴾ ٱلَّذِينَ
يَرِثُونَ ٱلۡفِرۡدَوۡسَ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿١١﴾

**«Ва онҳое, ки закотро адо мекунанд. Ва онҳое, ки андомҳои худро нигоҳ медоранд. Магар барои ҳамсарон ё зердастонашон, ки онҳоро маломат карда намешавад. Пас ҳар кӣ ғайри инро талаб намояд пас онҳоянд ситамгарон. Ва касоне, ки ба амонат ва аҳдашон пойбанданд. Ва касоне, ки**

**намозҳояшонро муҳофизат мекунанд. Онҳоянд меросбарон. Касоне, ки ҷаннатро мерос мебаранд ва дар он ҷовидон мемонанд»** (Муъминун 4-11).

Худоё бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад салавот бифирист ҳамчунон ки бар Иброҳим ва оли Иброҳим салавот фиристодаи. Ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад баракат деҳ ҳамчунон ки бар Иброҳим ва Оли Иброҳим баракат додаи. Ҳамонон ки ту сутудашуда ва бузургӣ.

Худоё барои занону мардон ва мурдаю зиндаҳои муъмин ва муслим мағфират намо.

Худоё Ислом ва мусliminро пирӯз бигардон. Ва хоор намо ҳар кӣ ин динро хор сохт.

Худоё ба ҳоли мо раҳм намо, ки ту раиҳими ва моро азоб мадеҳ, ки ту тавонои.

Худоё рӯйҳоямонро сафед намо дар он рӯзе, ки рӯйҳо сафеду сиёҳ мегарданд.

Худоё моро икром намо ва хорамон масоз. Моро афзун намою кам макун. Моро ихтиёр намо ва бар болои мо касеро ихтиёр макун.

Худоё мо ба сӯи ту аз палидии бадбахтӣ ва қазои бад ва маломати душманон паноҳ мебарам. Худоё туро ҳамд мегуят то рози шави ва ҳамд мегӯям чун розӣ шуди ва ҳамд мегӯям баъди ризоят.

Худоё кори ин умматро дуруст намо то аҳли тоатат сарбаланду аҳли маъсият ҳидоят ёбанд ва дар ин уммат амри маъруф ва наҳе мункар бошад.

Пок аст Парвардигорат, Парвардигори азиз аз ончи васф мекунанд. Салом бар ҳамаи паёмбарон ва ҳамд барои Парвардигори оламиён.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *«»* ().

Суханамро ба поён расонида барои худам ва барои шумоён аз Худованд омӯрзиш металабам. Аз ӯ омӯрзиш бихоҳед, ки ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст.

# Мундарича


ПЕШГУФТОР ... - 2 -
ФАЗИЛАТИ МАСҶИДҲО ... - 3 -
ҲУҚУҚИ МАСҶИДҲО ... - 5 -
ҲУКМИ НАМОЗИ ҶУМЪА ... - 6 -
ФАЗИЛАТИ РӮЗИ ҶУМЪА ... - 7 -
ФАЗИЛАТИ КАСЕ, КИ БА НАМОЗИ ҶУМЪА МЕРАВАД ... - 7 -
ХУСУСИЯТҲОИ РӮЗИ ҶУМЪА ... - 8 -
ОДОБИ РӮЗИ ҶУМЪА ... - 9 -
АҲАМИЯТИ ХУТБАИ ҶУМЪА ... - 11 -
СИФАТҲОИ ХАТИБИ ҶУМЪА ... - 12 -
ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪЛИФИ ИН КИТОБ ... - 16 -
РАВИШИ ҶАМЪОВАРӢ ВА НАҚШАИ КОРӢ ... - 17 -
ПАЙРАВ БОШЕД, НА БИДЪАТКОР ... - 19 -
ПАЙРАВ БОШЕД НА БИДЪАТКОР ... - 25 -
СОДАГИИ ИСЛОМ ... - 28 -
СОДАГИИ ИСЛОМ ... - 35 -
ПУРРАГӢ ВА ОСОНИИ ИСЛОМ ... - 38 -
ДАР БОБИ РӮЗАДОРӢ ... - 43 -
ПУРРАГӢ ВА ОСОНИИ ИСЛОМ ... - 46 -
АҚИДАИ ДУРУСТ ВА ВАЙРОНКУНАНДАИ ОН ... - 48 -
АҚИДАИ ДУРУСТ ВА ВАЙРОНКУНАНДАИ ОН ... - 54 -
НИШОНАҲОИ ХУДОВАНД ДАЛЕЛИ ҚУДРАТИ ӮСТ ... - 59 -
ХУТБАИ АВВАЛ ... - 59 -
НИШОНАҲОИ ХУДОВАНД ДАЛЕЛИ ҚУДРАТИ ӮСТ ... - 65 -
ТАКРИМИ ХУДОВАНД БАРОИ ИНСОНИЯТ ... - 70 -
ХУТБАИ АВВАЛ ... - 70 -
ТАКРИМИ ХУДОВАНД БАРОИ ИНСОНИЯТ ... - 78 -
ИМОНИ БА ТАҚДИР ... - 81 -
ИМОНИ БА ТАҚДИР ... - 86 -
ОСОНТАРИН ВА ПОКТАРИН ИБОДАТ ... - 89 -
ОСОНТАРИН ВА ПОКТАРИН ИБОДАТ ... - 96 -
ТАФСИРИ ОЁТЕ АЗ СУРАИ ТУР ... - 107 -
ДАЪВАТ БА АДОЛАТ ВА БАЁНИ АНВОИ ОН ... - 109 -
ДАЪВАТ БА АДОЛАТ ВА БАЁНИ АНВОИ ОН ... - 115 -
РОСТ БУДАН ... - 117 -
РОСТ БУДАН ... - 122 -
ПОКИИ ДИЛ ВА ТАБОҲИИ ОН ... - 124 -
ДИЛИ ПОКУ ДИЛИ ВАЙРОН ... - 131 -
ТАҚВО САРЧАШМАИ ҲАМАИ НАКӮИҲОСТ ... - 134 -
ТАҚВО САРЧАШМАИ ҲАМАИ НАКӮИҲОСТ ... - 141 -
ОФАТИ ФИРЕФТА ШУДАН БА ДУНЁ ... - 144 -
ҲАЗАР АЗ ФИРЕФТА ШУДАН БА ДУНЁ ... - 149 -
ТАШВИҚ БА АМАЛҲОИ ШОИСТА ... - 151 -
ДАЪВАТ БА НАКӮКОРӢ ... - 157 -
ФАЗИЛАТИ «ЛО ИЛОҲА ИЛ-ЛАЛЛОҲ» ВА ТАЛАБОТИ ОН ... - 161 -
ФАЗИЛАТИ «ЛО ИЛОҲА ИЛ-ЛАЛЛОҲ» ВА ТАЛАБОТИ ОН ... - 168 -
МАЪНОИ КАЛИМАИ ШАҲОДАТ ВА ТАЛАБОТИ ОН ... - 171 -
МАЪНОИ КАЛИМАИ ШАҲОДАТ ВА ТАЛАБОТИ ОН ... - 179 -
ҲАЗАР АЗ ШИРК ... - 183 -
ҲУШДОР ДОДАН АЗ ШИРК ... - 191 -
МУҲАББАТИ ХУДО ВА РАСУЛИ ХУДО ... - 193 -
МУҲАББАТИ ХУДО ВА РАСУЛАШ ... - 202 -
ВУҶУБИ ИБОДАТИ ХУДО ВА МАЪНОИ ОН ... - 206 -
ВУҶУБИ ИБОДАТИ ХУДО ВА МАЪНОИ ОН ... - 211 -
САМАРАИ ИМОН ВА ҶОЙГОҲИ МӮЪМИНУ МУНОФИҚ ... - 214 -
САМАРАИ ИМОН ВА ҶОЙГОҲИ МӮЪМИНУ МУНОФИҚ ... - 220 -
ЧАНД НАМУДИ МУОМИЛАҲОИ ҲАРОМ ДАР САВДО ... - 223 -
ЧАНД НАМУДИ МУОМИЛАҲОИ ҲАРОМ ДАР САВДО ... - 230 -
РИБО АНВОИ РИБО ВА ХАТАРИ ОН БАР МИЛЛАТ ... - 234 -

ХАТАРИ РИБО ВА АНВОЪИ ОН БАР УММАТИ МУСАЛМОН - 241 -
СИФАТҲОИ МӮЪМИНОН - 245 -
СИФАТҲОИ МӮЪМИНОН - 250 -
ШАРҲИ ҲАДИСИ АБУЗАР - 253 -
ШАРҲИ ҲАДИСИ АБУЗАР - 260 -
ҲУШДОР АЗ ОТАШИ ДӮЗАХ ВА САБАБҲОИ ДАРОМАДАН ДАР ОН - 263 -
ҲУШДОР АЗ ОТАШИ ДӮЗАХ - 270 -
ВА САБАБҲОИ ДАРОМАДАН ДАР ОН - 270 -
БА ХУД ЗАРАР РАСОНИДАН ҲАРОМ АСТ - 275 -
БА ХУД ЗАРАР РАСОНИДАНИ ИНСОН ҲАРОМ АСТ - 281 -
БА ҶО ОВАРДАНИ ФАРИЗАҲО ВА ДУРӢ АЗ МУҲАРРАМОТ - 284 -
БА ҶО ОВАРДАНИ ФАРИЗАҲО ВА ДУРӢ АЗ МУҲАРРАМОТ - 291 -
БЕМОРӢ ВА ВАФОТИ ПАЁМБАР - 294 -
ФАТАРИ БЕМОРӢ ВА ВАФОТИ ПАЁМБАР - 300 -
МАСЪУЛИЯТИ МӮЪМИН ДАР ЗИНДАГӢ - 304 -
МАСЪУЛИЯТИ МӮЪМИН ДАР ЗИНДАГӢ - 310 -
ТАШВИҚИ РОСТӢ ВА ҲАЗАР АЗ ДУРӮҒ - 313 -
ТАШВИҚИ РОСТӢ ВА ҲАЗАР АЗ ДУРӮҒ - 319 -
ОФАТИ ЗАБОНҲО - 323 -
ОФАТИ ЗАБОНҲО - 329 -
ОДОБУ АҲКОМИ РОҲ - 332 -
ОДОБУ АҲКОМИ РОҲ - 337 -
НАКӮӢ БО ВОЛИДАЙН - 341 -
НАКӮӢ БО ВОЛИДАЙН - 347 -
СИЛАИ РАҲМ - 350 -
СИЛЛАИ РАҲМ - 357 -
ХОНАИ БОСАОДАТ - 362 -
ХОНАИ БОСАОДАТ - 368 -
МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ҲАЁТИ ОИЛАВӢ - 373 -
МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ҲАЁТИ ОИЛАВӢ - 382 -
ПОКРО АЗ НОПОК ҶУДО КАРДАН - 387 -
ПОКРО АЗ НОПОК ҶУДО КАРДАН - 392 -
ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ИСЛОМ - 395 -
ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ИСЛОМ - 402 -
БАРТАРИИ ИНСОН АЗ ДИГАР ҲАЙВОНОТ - 406 -
БАРТАРИИ ИНСОН АЗ ДИГАР ҲАЙВОНОТ - 412 -
ХУДРО БА КУФФОР МОНАНД КАРДАН - 415 -
ХУДРО БА КУФФОР МОНАНД КАРДАН - 422 -
ҲАҚИҚАТИ ИМОН - 425 -
ҲАҚИҚАТИ ИМОН - 432 -
ТАВБА ВА ШАРТҲОИ ОН - 438 -
ТАВБА ВА ШАРТҲОИ ОН - 443 -
БАДИИ ГУНОҲ - 448 -
БАДИИ ГУНОҲ - 454 -
АМРИ МАЪРУФ А НАҲЙИ МУНКАР - 458 -
АМРИ МАЪРУФ ВА НАҲЙИ МУНКАР - 464 -
ДУО ВА ФОИДАҲОИ ОН - 467 -
ДУО ВА ФОИДАҲОИ ОН - 474 -
ТАҲОРАТ БАРОИ НАМОЗ - 476 -
ТАҲОРАТ БАРОИ НАМОЗ - 482 -
ДАР НАМОЗ ЧӢ ҶОИЗ АСТ ВА ЧӢ ҶОИЗ НЕСТ - 485 -
ДАР НАМОЗ ЧӢ ҶОИЗ АСТ ВА ЧӢ ҶОИЗ НЕСТ - 492 -
ЭҲТИМОМ БА ҚУРЪОН - 494 -
ЭҲТИМОМ БА ҚУРЪОН - 499 -
КӮШИШҲО ДАР ДАҲАИ АХИРИ РАМАЗОН - 503 -
КӮШИШҲО ДАР ДАҲАИ АХИРИ РАМАЗОН - 510 -
ДАҲҲАИ ЗУЛҲИҶҶА - 514 -
ВА АҲКОМИ ИД ВА ҚУРБОНӢ - 514 -
ДАҲАИ ЗУЛҲИҶҶА ВА АҲКОМИ ИД ВА ҚУРБОНӢ - 520 -
ДИН КАМОЛ АСТУ ТАМАССУК - 525 -
ДИН КАМОЛ АСТУ ТАМАССУК - 530 -
ҲУКМ ТАНҲО БАРОИ ХУДОВАНД АСТ - 532 -
ҲУКМ ТАНҲО БАРОИ ХУДОВАНД АСТ - 538 -
ТАШВИҚ БА САБУК НАМУДАНИ ИЗДИВОҶ - 540 -

ТАШВИҚ БА САБУК НАМУДАНИ ИЗДИВОҶ ..... - 545 -
ХОНАИ МУСАЛМОН ЧӢ ГУНА БОЯД БОШАД ..... - 548 -
ХОНАДОНИ МУСАЛМОН ЧӢ ГУНА БОЯД БОШАД..... - 555 -
ЗАН ДАР ИСЛОМ..... - 558 -
ЗАН ДАР ИСЛОМ..... - 565 -
ҲУШДОР АЗ МАСТКУНАНДАҲО ВА МАВОДИ МУХАДДИР ..... - 569 -
ҲУШДОР АЗ МАСТКУНАНДАҲО ВА МАВОДИ МУХАДДИР ..... - 574 -
НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ИСЛОМ ..... - 577 -
НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ИСЛОМ ..... - 584 -
ХИСЛАТҲОИ ИМОНӢ ..... - 587 -
ХУТБАИ АВВАЛ..... - 587 -
ХИСЛАТИ АВВАЛ ..... - 588 -
ХИСЛАТИ ДУЮМ..... - 590 -
ХИСЛАТҲОИ ИМОНӢ ..... - 594 -
ҲАЁ ВА ФОИДАҲОИ ОН..... - 597 -
ҲАЁ ВА ФОИДАҲОИ ОН..... - 602 -
НАФАҚА ДАР РОҲИ ХУДОВАНД..... - 604 -
НАФАҚА ДАР РОҲИ ХУДОВАНД..... - 612 -
ҶИҲОД БО НАФСУ ШАЙТОН ..... - 615 -
ҶИҲОД БО НАФСУ ШАЙТОН ..... - 624 -
БАРОДАРИИ ИМОНӢ ВА САМАРАИ ОН ..... - 627 -
БАРОДАРИИ ИМОНӢ ВА САМАРИ ОН ..... - 634 -
ТАШВИҚ БА АМАЛИ ШОИСТА ..... - 638 -
ТАШВИҚ НАМУДАН БА АМАЛИ НЕК ..... - 644 -
ИДИ РАМАЗОН ..... - 646 -
ИДИ ҚУРБОН..... - 656 -
ИДИ ҚУРБОН..... - 661 -
СУХАНРОНӢ ДАР МАВЗӮЪИ МУҲАРРАМ..... - 665 -
СУХАНРОНИҲО ДАР МАВЗӮИ МОҲИ МУҲАРРАМ..... - 670 -
ҲОЛИ ДУНЁ ВА ПАДРУДИ СОЛИ ҲИҶРӢ ..... - 674 -
ҲОЛИ ДУНЁ ВА ПАДРУДИ СОЛИ ҲИҶРӢ ..... - 681 -
РӮЗА ГИРИФТАН ВА МӮҶИБОТИ ОН..... - 685 -
РӮЗА ГИРИФТАН ВА МӮҶИБОТИ ОН..... - 691 -
АҲКОМИ РӮЗА ВА РУХСАТҲОИ ОН ..... - 694 -
АҲКОМИ РӮЗА ВА РУХСАТҲОИ ОН ..... - 701 -
АМОНАТ..... - 705 -
АМОНАТ..... - 712 -
ЗАКОТ..... - 715 -
ЗАКОТ..... - 721 -